Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносӣ ба номи Аҳмади Дониш

Ҳайдаршо ПИРУМШОЕВ

д

# ТАЪРИХИ ДАРВОЗ

## *(аз қадим то замони муосир)*

*Муҳаррири масъул: доктори илмҳои филологӣ, профессор Худоӣ ШАРИФОВ*

Душанбе
«Ирфон»
2008

ББК 63.3(2) Тоҷик П - 49

Муқарризон: доктори илмҳои
таърих, профессор *М.Ҳ.Маликов* доктори илмҳои
таърих, профессор *С.Р.Муҳиддинов*

Муҳаррир: *Абдугаффор Шарифов* П - 49 Пирумшоев Ҳ. Таърихи Дарвоз. - Душанбе:

«Ирфон», 2008. - 704 с.

Китоб аввалин кӯшиши ҷиддиест барои равшан кардани таърихи яке аз мулкҳои бостонии кӯҳистони тоҷик - Дарвоз. Дар он ҳаводиси сиёсӣ, раванди ҳаёти иқтисодиву иҷтимоӣ ва фарҳангии ин шоҳигарии мустақил дар асрҳои миёна (ҳудуди кунунии ноҳияҳои Тавилдара, Дарвоз, Ванҷи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва вулусволии Дарвози Ҷумҳурии Исломии Афғонистонро дар бар мегирифт), давраи чун бекигарӣ дар ҳайати аморати Бухоро қарор доштанаш, рушди бисёрсамтаи он дар замони шӯравӣ ва уфуқҳои нави созандагии ин диёр дар даврони истиқлолияти комили Ҷумҳурии Тоҷикистон ба доираи таҳлили воқеъбинонаи илмӣ кашида шудааст.

П - 49 Пирумшоев Х. История Дарваза. - Душанбе: «Ирфон», 2008. - 704 с.

Книга является первой серьезной попыткой освещения истории таджик- ского горного владения Дарваз. В ней научно анализируется политические события, социально-экономические и культурные перемены, происходившие в средневековом периоде существования самостоятельного Дарвазского шах- ства (в состав которого входили нынешные территории Тавильдаринского, Дарвазского, Ванчского районов Республики Таджикистан и Дарвазской во- лости Исламской Республики Афганистан), после его присоединения в каче- стве бекства к Бухарскому эмирату, развитие района в годы Советской власти и перспективы его роста после приобретения Республикой Таджикистан под- линной независимости.

0503000000 - 022
П---------------------------------2008
М 501 (12) - 2008

18БК 978-99947-55-95-0 ББК 63.3(2) Тоҷик

© Ҳайдаршо Пирумшоев, 2008

МУАЛЛИФ БА ХОДИМИ СИЁСӢ ВА ҶАМЪИЯТӢ ОДИЛ БЕРДИЕВ ВА ДИГАР ШАХСИЯТҲОИ ДАРВОЗ, КИ БАРОИ ЧОПИ КИТОБ КӮМАКИ БЕМИННАТИ ХУДРО ДАРЕҒ НАДОШТААНД, ИЗҲОРИ СИПОС МЕНАМОЯД.

# ПЕШГУФТОР

Аз замонҳои қадим Дарвоз ҳамчун як минтақаи ҷуғрофӣ ва сиёсии таърихӣ бо хусусиятҳои хоси иқлим, шароити зиндагӣ ва урфу одати мардум шинохта шудааст. Дарвоз аз ҷиҳати ҷуғрофӣ дар водии дарёҳои Панҷ ва Хингов ҷойгир шуда, муддате тобеияти миқдоре аз водии Сурхобро ҳам аз ҷиҳати сиёсӣ дар ихтиёр дошт. Ҳудуди Дарвоз дар водии дарёи Панҷ аз маҷрои рӯди Язгулом то кӯҳи Девдара, ки дар миёнаи деҳаҳои Зуғари тобеи Дарвоз ва Шовуни тобеи Кӯлоб ҷойгир аст, тӯл мекашид ва соҳилҳои чапу рости ин дарёро фаро мегирифт. Кӯҳи Девдара гӯё санги дари бастаи Дарвоз буд, ки рафту омадро ба ҷониби Кӯлоб душвору муҳмал карда буд ва дар замони истиқлоли Тоҷикистон бо саъйи Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон онро бури- да роҳ кушоданд. Водии Хингоб дар болооби худ, дар минтақаи Вахёи Боло ба бунбаст мерасад ва дар поёни он дар ҳудуди деҳаи Кафтаргу- зар, ки аз ҳайси номаш вуруд ба он мушкиле дошт, ҳудуди Дарвози қадимиро мебандад. Миёни водии Панҷ ва водии Хингов як-ду ағбаи мушкилгузар мавҷуд буд, ки зимистон онҳо бо зиёдии барфу шиддати сармову ях баста мешуданд. Ҳамин тангнои баста аз ҷаҳони беруна ва раҳгузари қудратҳои азими сиёсӣ барои Дарвоз шароити мавҷудияти мустақили сиёсӣ ва иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва этнографии онро дар мудда- ти мадиде таъмин кард.

Қобили қайд аст, ки рӯй овардан ба таърихи пурғановати халқамон маҳз дар замони истиқлолият беш аз пеш суръат гирифтааст. Ин беса- баб нест. Таърихогаҳӣ яке аз омилҳои ҳалкунандаи худшиносии мил- лист. Дар madди назари сиёсати давлатӣ қарор ёфтани омӯзиши таъри- хи миллат низ аз ҳамин зарурат бар меояд. Таърихи мукаммали мил- латро бошад, бе таҳқиқи тамоми манотиқи кишвар таълиф намудан ғайри имкон аст. Аз ин нуқтаи назар, қолаби анъанавии таърихнависи- ро, ки дар доираи шаҳрҳои марказӣ, таҳқиқи ҷузъиёти зиндагии намо- яндагони силсиласулолаҳои бегонатабори истисморгар сурат меги- рифт, шикастан лозим меояд ва муаррихон бояд бештар ба омӯзиши ҳаёт, мақому манзалат, ҳамбастагии фарҳангии тамоми минтақаҳои тоҷикнишин дар ин ё он давраи таърихӣ, ҷиддан рӯ оваранд.

Китоби «Таърихи Дарвоз» нишондиҳандаи ин қолабшиканист. Ин асари таърихӣ аз рӯи бандубаст хамосаест дар қолаби илмӣ. Дар он ба таври воқеъбинона ҳаёти сокинони ин гӯшаи дар гузашта дурдасти кӯҳистони тоҷик, ки дар тӯли ҳазорсолаҳо тозагии ирқӣ ва анъанаҳои хоси давлатдории тоҷиконро аз замонҳои хеле қадим то миёнаи қарни
XIX нигоҳ дошта тавонистаанд, инъикос ёфтааст. Аз мазмуни китоб бармеояд, ки мардуми ин диёр дар тамоми раванди тӯлонии таърих аз мустақилияти сиёсии хеш дифоъ намуда, робитаҳои доимии иқтисодию фарҳангиро бо дигар ҳамхунон - тоҷикони манотиқи марказӣ нигоҳ дошта тавонистаанд.

Китоб нигораи гуногунранги азимеро мемонад, ки дар он хусусияти ҳар давру замон, хоҳ давраи шоҳигарӣ, хоҳ бекигарӣ ва хоҳ замони шӯравию даврони соҳибистиқлолии Тоҷикистон бо таҳаввулоти воқеии сиёсӣ, иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ба назар мерасад. Дар он хонанда метавонад ба ҳаёти фоҷиабори давраи парокандагии феодалӣ, кашмакашҳои бардавоми дарборӣ, задухӯрдҳои тӯлонӣ бо ҳамсоядавлатҳои минтақа барои нигаҳдошти мустақилият, давраи зӯран тобеъ намудани шоҳигарии Дарвоз ба аморати Бухоро, истисмо- ри феодалӣ ва фармонфармоии амалдорони манғит, марзбандии беадо- латонаи давлатҳои абарқудрати Инглису Русия (соли 1895) ва ба Афғонистон додани тоҷикони қаламрави Дарвози соҳили чапи дарёи Панҷ, барқароршавии ҳокимияти шӯравӣ, дастовардҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва фарҳангии диёр дар замони шӯравӣ, ахиран дурнамои руш- ди диёр дар замони истиқлолияти комил возеҳан шиносоӣ дошта бо- шад.

Қисми дуввуми китоб ба таҳлили фаъолияти фарзандони барӯманди диёр, ки дар рушди иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва илмиву фарҳангии ноҳия, вилоят ва ҷумҳурӣ саҳмгузории бевосита доранд, бахшида шудааст. Ин таърихи давраҳои наву муосири Дарвозро равшантар ва мазмуни китобро ғанитару қавитар гардонидааст.

Таърихи Дарвоз таърихи як ҳиссаи ҷуғрофии Тоҷикистони имрӯза аст ва донистану шинохтани он тасаввуроти моро дар бораи кишвари худ ғанитар мегардонад. Дар тӯли асрҳои миёна, баъди сукути аморати Сомониён дар Осиёи Миёна ва Хуросон сулолаҳои гуногуни туркина- жод ҳукумат доштанд. Онҳо, гарчи аз суннатҳои фарҳангӣ ва урфу одати мардуми тоҷик баҳра бардошта ва худ дар кору кирдор тағйироте ба сӯи тамаддуни мардуми бумӣ карда буданд, дар масъалаҳои фарҳангу забон бегонагӣ изҳор мекарданд. Дар ин миён якчанд шоҳигарӣ ва аморатҳои маҳаллӣ ба вуҷуд омаданд, ки аз қавми тоҷик бархоста ва суннатҳои миллии худро нигаҳ медоштанд. Салоти- ни Ғур дар асри XII, подшоҳони Карт дар Ҳирот дар замони муғулҳо ва шоҳони Бадахшон аз ҷумлаи онҳо мебошанд. Шоҳигарии Дарвоз то асри XVI аз замонҳои қадим мавҷуд буд ва таърихи ривоятиву воқеии

он маълум аст. Аз оғози асри XVI таърихи пайваста ва шахсияти ашхо- си ҳукуматгари он маълум аст, то ин ки дар соли 1878 аморати Бухоро бо кумаки Русия риштаи вуҷуди ин подшоҳонро гусаста, сукути аба- диашонро воқеият доданд.

Ба вуҷуд омадани подшохии Дарвоз барои ривоҷи як муҳити фарҳангии хоси тоҷикӣ аз лиҳози нигоҳ доштани суннатҳои тамаддуни миллӣ, ривоҷи пешаю ҳунарҳо, фарҳанги адабию мусиқӣ мусоидат кард. Дар асри XIX ва аввали асри XX дар шоҳигарии (сипас бекига- рии) Дарвоз як маркази фарҳангии комил ташаккул ёфт, ки навозанда- гону сарояндагон, аҳли илму дониш ва шоирони номовари худашро дошт. Суннатҳои фарҳангии Дарвоз ба маҷрои фарҳангу адаби тоҷикӣ пайваста, дар ривоҷи он саҳми арзандае гузоштаанд, нақши онҳо дар оҳангҳои мусиқӣ, ҳунари сарояндагӣ ва шеъру адаб имрӯз ҳам ба мушоҳида мерасад. Дар забон ва урфу одати мардуми Дарвоз, ба саба- би камтар омезиш ёфтан бо забонҳои ғайр, нафосати забони адабии тоҷикӣ, вожаҳои қадимӣ бештар боқӣ мондаанд.

Дар солҳои истиқлолияти Тоҷикистон таваҷҷуҳ ба таърихи миллати тоҷик ва кишвари Тоҷикистон афзуд. Чопи асарҳои Президенти мам- лакат Эмомалӣ Раҳмон дар алоқа бо таърихи Тоҷикистон, таҷдиди на- шри китоби «Тоҷикон»-и Бобоҷон Ғафуров ба нияти таҳкими худогоҳоии миллӣ анҷом ёфтанд. Дар баробари ин китобҳои зиёде дар мавзӯи таърихи маҳаллӣ навишта шудаанд, ки баъзе аз онҳоро мо ди- даю мутолиа кардаем, аз вуҷуди баъзеҳо хабарҳо шунидаем ва миқдори дигарро надидаю аз вуҷудашон хабар надорем. Таърихи Ви- лояти мухтори Бадахшони кӯҳӣ ба забони русӣ бо номи «Шуғнониҳо» мутолиа кардем, китобе бо номи «Ванҷ» чоп шудааст, аз чопи энсик- лопедияи Кӯлоб, Энсиклопедияи Истаравшан хабар дорем, вале онҳоро надидаем. Рӯй ба шинохту донистани таърихи халқу кишвари худ овардан маънои саъйи худогоҳӣ кардан аст. Донишу таҷриба аз гузашта бояд гирифта шавад, вагарна ба дигарон рӯй овардан лозим мешавад. Таърихи Дарвоз як ҳиссаи таҷрибаи таърихии халқи тоҷик аст, ки тариқи зиндагӣ, доду ситад, ҳунару компронию хушкомӣ, саъю кӯшиш ва завқу фаросат меомӯзад. Чопи китоби таърихи Дарвоз иззати гузаштагон, эҳтироми саъю кӯшиш, бузургию шаън ва мушкилоти мардуми ин диёрро ба ҷой меорад ва ибрату ватандӯстӣ меомӯзад.

Китоби «Таърихи Дарвоз»-ро ин фақир ба сифати муҳаррири тариқи сухан, сабки навиштору тасҳеҳи забон мутолиа кардам. Гарчи дар баё- ни баъзе ҳодисаҳо ба нависандаи китоб назари интиқоду тасҳеҳ изҳор кардаам, чун муаррих нестам, дар сабки таълиф, тариқи тавзеҳи воқеият, вусъату паҳнои ҳаводис, шарҳи кирдору рафтори шахсиятҳо ва дигар чизҳои марбути таърихнигорӣ ба кори нависанда мудохила накардаам. Ҳамаи навиштаҳо аз мавқеи сароҳати далоил, равиши таълиф, принсипҳои илмӣ ибтикороти муаллиф мебошанд. Назари ӯро

ба баъзе ҳодисаҳо ва далелҳо қобили дастгирӣ написандидам, вале ба хотири истиқлоли назари нависанда мудохиларо ба кори вай раво на- дидам.

Таълифи як китобе ба ин ҳаҷму бузургӣ сабру бардошт, заҳмати фа- ровон, майлу рағбатро талаб мекунад. Бинобар ин ба Ҳайдаршо Пи- румшоев барои ин заҳмату душвориро таҳаммул кардан ва чунин як китобе ба вуҷуд овarданаш изҳори сипос ва мунатдорӣ кардан даркор аст. Дар чунин китоби захим иштибоҳҳо аз лиҳози далоил, санадҳо, мавқеи назарҳо, принсипҳои нигориш ва ғайра аз камбудию норасоиҳо ба куллӣ барӣ будан мушкил аст. Муҳим ин аст, ки маводи фаровони таърихи тӯлонӣ ҷамъоварӣ ва ба таври илмӣ баррасӣ шудааст. Дар заминаи ин китоб мо аминем, ки дар оянда китобҳои нав навишта меша- ванд ва фикру мулоҳизаҳошонро ҷиҳати такмили минбаъдаи ин китоб мутахассисин ва хонандагон дареғ намедоранд.

*Худои ШАРИФОВ*

| | | | | |
|---|---|---|---|---|

*Ҳар ҷилва, ки дар пеш аст, гардаш*
*ба цафо дарёб,*
*Фардоии ин олам бе дина намебошад.*
Бедил

# МУҚАДДИМА

Таърихи ҳар халқ муҳимтарин воситаи тайиди мақоми ӯ дар таъри- хи тамаддуни башар ва беҳтарин василаи тарбияи худшиносии миллӣ, рушди иқтисодӣ ва иҷтимоию фарҳанги мебошад. «Воқеан, - таъкид мекунад Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон, - таърихро хотираи ин- соният меноманд. Афроде, ки аз сарнавишти миллат, таърихи гузаштаи сарзамин ва марзу буми аҷдодӣ, мероси бойи фарҳангӣ ва расму оини ниёгон, дастовардҳои бузург ва шахсиятҳои оламшумули қавму қабоили хеш огоҳӣ надоранд, ҳеҷ гоҳ инсони комил ва фарзанди барӯманди замони худ шуда наметавонанд»[1].

Таҳлили маънии мантиқии маъхазҳои бостонӣ дарак медиҳад, ки дар гузаштаи хеле дур мушоҳидаю дарки воқеии ҳаводис ба таври шифоҳӣ аз насл ба насл мегузашт. Аз замони ихтироъ ва истифодаи хат сабти донишҳои таърихӣ барои халқи тоҷик пурра ба расмият да- ромада, дар дараҷаи ташаккули Тамаддуни ориёӣ нақши ҳалкунанда бозидааст. Тахмин мешавад, ки ҳанӯз дар ибтидои ҳазорсолаи якуми пеш аз милод, чанд аср қабл аз ба империяи Ҳахоманишҳо зӯран ҳамроҳ намудани аввалин воҳидҳои мустақили давлатдории тоҷикон - шоҳигарии Бохтар (болооби Амударё), Суғд (водиҳои Зарафшону Қашқадарё), Хоразм (поёноби Амударё) ва ғайра[2], донишҳои таърихии маскунини ин воҳаҳо хеле қавӣ будаанд. замони ҳукмронии Ҳахоманишҳо (асрҳои У1-1У пеш аз милод) ба рушди донишҳои таърихӣ бештар тавсеъа бахшид. Китобат шудани матни Авесто гувоҳи равшани дурустии ин назар аст. Тасарруфи Юнону мақдуниҳо равиши ин анъанаро то андозае суст карда бошад ҳам, нигаҳдории хотираи таърихиро шикастан натавонист. Дар кадом зина қарор доштани донишҳои таърихии давраи Кушониёнро, ба сабаби набудани маъхазҳои мӯътамад, возеҳан муайян намудан хеле душвор аст, вале мантиқи бозёфтҳои бостоншиносӣ аз қавӣ буданӣ онҳо дарак медиҳад.

Эҳё ва рушди тозаи донишҳои таърихи мардуми эронӣ ба давраи Сосониён (асрҳои 111-У11 милодӣ) рост меояд. Аз нав эҳё шудани мат- ни пурраи Авесто, ки мувофиқи ривоятҳо онро мақдуниён сӯхта бу-

данд аз талоши фаҳмиши таърихии мардум гувоҳӣ медиҳад. Вале бо амри тақдиру қонуни таърих баъди ҳуҷуми арабҳо ва ба тасарруфи онҳо даромадани Мовароуннаҳру Хуросон ва тамоми паҳнои Эронза- мин аз нав ва беш аз пеш, хавфи ҷидди сукути хотироти таърихӣ таҳдид мекард. Арабҳо дар ҷараёни паҳн кардани дини ислом, кӯшиши зиёде ба харҷ медоданд, ки донишҳои таърихии пешинаро тамоман ба гӯшаи фаромӯшӣ партоянд. Бо ин мақсад онҳо таърихи ҳамаи халқҳои ба тасарруфашон даромадаро падидаи номатлуби зиддиисломӣ эълон намуда, замони тоисломии таърихро чун «аҳди ҷоҳилия» муаррифӣ намуданд. Аз ҳама ҳузновар ин аст, ки китоби муқаддаси «Авасто»-ро, ки беҳтарин нигаҳдорандаи хотираи таърихии мардуми ориёинажод буд, аз нав сӯзонданд. Аммо хотираи қавии таърихии мардум бо ин амал аз миён бурда нашуд. Падидаҳои таърихӣ дар шакли ривоёту достонҳо аз даҳон ба даҳон, аз насл ба насл мегузаштанд ва бо фарора- сии шароити мусоид дар «Худойнома»-ву «Шоҳнома»-ҳо аз нав эҳё ва дар хотираи авлодон ҷой мегирифтанд.

Аҳди Сомониён бешак, замони эҳёи беҳтарин суннатҳои таърихнависӣ, оғози рушди беамсоли донишҳои таърихӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ ва тамоми Шарқи мусулмон ҳисоб меёбад. Ин мавҷи огоҳии таърихии дар замони Сомониён ба ҷунбиш омада, ба ҳамаи тундбодҳои таъриху даргириҳои хуношоми сиёсӣ, турктозию табдили силсилаи сулолаҳои аҷнабӣ нигоҳ накарда, то ба имрӯз эҳсос мешавад. Истиқлолияти Тоҷикистон, фазои мувофиқи худшиносии миллӣ ба он мавҷи худогоҳии таърихӣ маънии тоза додааст.

Ҳоло, ки сухан аз боби роҳи ифтихорманди рушди донишҳои таърихӣ меравад, бояд хизмати иддае аз таърихнависони касбиеро, ки бо заҳмату бурдборӣ ва назари равшан ин донишҳоро аз замони Сомо- ниён бардошта, донишу биниши нав ба онҳо зам намуда, то ба мақоми тадқиқоти воқеъбинонаи илми - академӣ расондаанд ба ёд биёрем. До- нишмандони барҷастаи таърих ал-Бухорӣ, Наршахӣ, Табарӣ, Балъамӣ, Фирдавсӣ, Утбӣ, Берунӣ, Байҳақӣ, Гардезӣ, Ҷузҷонӣ, Ҷувайнӣ, Раши- дуддин Фазлуллоҳ, Шомӣ, Ҳофизи Абру, Абдурразоқи Самарқандӣ, Мирхонд, Хондамир, Биноӣ, Ҳофизи Таниш, Муншӣ, Аҳмади Дониш, Мирзо Азими Сомӣ ва боз даҳҳо дигарон дар тӯли асрҳои X-X1X таво- нистаанд муттасилан донишҳои таърихиро такмил диҳанд. Маҳз дар заминаи мероси бузурги ҳамин таърихнависону таърихогаҳони ном- дор, донишҳои таърихӣ дар қарни XX, вобаста ба он таъғйиротҳои сиёсӣ, иҷтимоию фарҳангӣ ва усули ҷадиди методологии таҳқиқоти таърихӣ, ки бо дастовардҳои пешқадами таърихнигории умумибашарӣ мусаллаҳ гардидааст, ба фазои воқеии илмӣ ворид гашта, таърихи пурғановати тоҷикон ба ҷаҳониён муаррифӣ шудааст. Тадқиқотчиёни таърих С.Айнӣ, Б.Ғафуров, Б.Искандаров, М.Эркаев, Б.А.Литвинский, Е.А.Давидович, А.Мухторов, Н.Неъматов, Р.Масов, В.А.Ранов,

О.Маҷлисов, А.Ҷалилов, Т.Каримов, Ғ.Ҳайдаров, М.Бобохонов, ва би- сёр дигарон роҳи бисёрасраи таърихи созандагони асили неъматҳои моддӣ ва фарҳангии минтақаро хеле амиқ ба риштаи таҳқиқ кашида- анд. Дар ин маврид аз хизмати ховаршиносони бузурги рус В.В. Бар- толд, М.С.Андреев, А.А.Семёнов ва дигарон низ ёдовар шудан лозим аст, зеро онҳо масъулияти равшангарии таърихи бостонии халқи тоҷикро ба ӯҳда гирифта барои тарбияи мутахассисони воқеӣ ва кас- бии ин соҳа саҳм гузоштаанд. Табиист, ки хизмати онҳо дар роҳи руш- ду такомули илмии таърихнигории миллии тоҷик ҳеҷ гоҳ сарфи назар нахоҳад шуд.

Бале, кам нест хизмати муҳаққиқин дар омӯзишу таҳлили давраҳои гуногуни таърихи халқи тоҷик ва халқҳои дигари минтақа. Асарҳои бунёдии дар давраи Шӯравӣ ва замони истиқлолият рӯи чоп омада, дастовардҳои назарраси таърихнигории Ватанӣ мебошанд. Вале ҳанӯз кам нестанд масъалаҳои таҳқиқ нашуда ва ҳалталаби таърихие, ки за- рурати омӯхтанашон бараъло эҳсос мешавад. Дар ин маврид қабл аз ҳама, бояд аз сатҳӣ будани маълумоти таърихӣ дар бораи он ноҳияҳое ёдовар шавем, ки асоси воҳидҳои маъмурии ҷумҳуриро ташкил наму- даанд.

Лозим ва зарур аст, ки таҳқиқи таърихи халқи тоҷик дар пайвастагӣ бо шаҳрҳо ва марказҳои таърихан муҳими сиёсӣ ва иқтисодию фарҳангии тамоми минтақаи Осиёи Миёна, омӯхта шавад. Табиист, ки маҳз авзои шаҳрҳо инъикосгари қариб тамоми самтҳои зиндагии мар- дум ва давлат дар ин ё он даврони таърихӣ буданд; онҳо дар худ рушди сиёсӣ, зинаҳои иқтисодӣ, ва сатҳи фарҳангии ҷомеаро возеҳтар нишон дода метавонанд. Ба ибораи дигар, дар авзои онҳо чун оина воқеъияти замон барои тадқиқотчӣ намоён мегардад. Бо вуҷуди ин назари ҳангоми омӯхтани таърихи як халқ ё давлат асосан ё танҳо ба ҳолати шаҳрҳои марказӣ эътибор додан раво нест. Дар шаҳрҳое, ки мавқеи марказии сиёсӣ доранд, гарчи бештар суннатҳои хосу таърихан ба вучуд омадаи ин ё он халқ ба назар мерасанд, дар натиҷаи гирудорҳои сиёсӣ бештар махлут мегарданд ва ҳатто хавфи табдили куллии ин суннатҳои хоси халқӣ ба вуҷуд меояд. Дар ин ҳолат раҳобахши сарватҳои моддиву фарҳангӣ фақат сокинони шаҳрҳои музофотию паҳноҳои рустоии атрофашон мебошанд. Маҳз амвоҷи ноаён, вале муттасили ғайримарказӣ он фазои тамаддуниро боз бо суннатҳои тару тозаи дар тӯли асрҳо камолёфтаи хеш шодоб месозанд. Ҳамин талаби пойдории музофотӣ ва рустоии анъанаҳои иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангӣ (мутаассифона баъзеҳо фақат ба маънавиёт маҳдуд меша- ванд) буд, ки русуми коҳида ва пасти ба талаботи маънавии халқамон номувофиқ пойдор шудан натавонистанд ва аҷнабиёни ғолибу ҳукмфармо маҷбуран худро ба ин русуми мардумӣ мувофиқ карданд. Баъзе тадқиқотчиён, мутаассифона, зӯр зада исбот карданӣ мешаванд,

ки гӯё дар як миллат ду тарзи маънавиёт вуҷуд дошта метавонад: маънавиёти музофоти ё рустоӣ ва маънавиёти шаҳрӣ. Ин тарзи биниш ё фаҳмиш мутлақо асоси воқеӣ надорад. Ҳамчунин мавқеи маънавиёт- ро барои эронинажодон нисбат ба иқтисодиёт баландтар гузоштан бе- пояю ғайриилмист. Чунин тарғибгарон намефаҳманд, ки асосҳои маънавии як халқ мутафарриқ буда ё шуда наметавонанд, агар онҳо дар мӯътақидоти мазҳабӣ аз ҳам тафовут дошта бошанд ҳам. Маъна- виёти миллӣ музофӣ ва шаҳрӣ шудан наметавонанд; ин мафҳумҳо фақат ба русум ва одоб алоқа доранду бас.

Аз ин лиҳоз шаҳргароён ҳамаи дастовардҳои таърихии халқро ба марказе ё шаҳре вобаста карда, яқинан тангии назари таърихӣ аз худ нишон медиҳанд. Таърихи дақиқи миллатро фақат дар ҳамбастагии зин- дагонии шаҳру деҳот, дар ҳаммаслакии шаҳриёну деҳотиён бояд ҷуст. Ин ду тарзи мавҷудияти иҷтимоиро муқобил гузоштан аз номукаммалии дониши эшон нисбати таърихи миллат гувоҳӣ медиҳад. Донишмандони муҳаққиқ бо ин роҳ намераванд, чунки шаҳр, ҳатто пойтахти давлат ҳеҷ гоҳ ба сари худ намоёнгари таърихи миллӣ шуда наметавонад.

Аз диди иқтисодӣ ҳам чунин пурсиш ҷоиз аст, ки оё марказ бидуни ҳамбастагӣ бо музофоту деҳот, махсусан дар асрҳои миёна мавҷуд бу- да метавонад? Аз ҷиҳати фарҳангӣ низ дар ҳама давру замонҳо, гарчи шаҳрҳо маркази тамаддуну фарҳанг буданд, вале шукуфоии онҳо бар асари заҳмати музофотиёне ба даст меомад, ки шавқи беандозаи дони- шу илм ё ҳунар онҳоро ба шаҳр меовард ва шаҳрнишин шуда, дар ривоҷи он саҳмгирӣ мекарданд. бегумон шавқи касб музофотиеро ба шаҳр мебурд, ки дар ватани сукунат фаъолияти касбии хешро ба мо- нанди имкониятҳои шаҳр сайқал дода наметавонист. Бартарии шаҳр аз ин ҷиҳат ва қувваи ҷозибаи он то имрӯз эҳсос мешавад.

Аз ин рӯ китоби мазкур дар баробари таълифоти ба таҳлили авзои таърихию фарҳангии ин ё он ноҳия бахшида шуда, арзи ҳастӣ намуда, маънои тавсифи беасос ё дурӯғини як воҳиди сиёсии таърихӣ, маъмурӣ ё ҷуғрофии маҳалро надошта, кӯшишест дар ҷодаи вусъат додани та- саввуроти таърихӣ бо асосҳои илмӣ нисбат ба маълумоти сарсарии маҳалу ноҳияҳо, ки то кунун аз доираи баррасии илмӣ дар канор мон- даанд. Чунин таҳқиқот имкон медиҳад, ки аз доираи расмии таърихнависӣ дар атрофи шаҳрҳои марказӣ баромада, воқеъияти таърихи мавҷудияти қавму миллат дар заминаи таҳқиқи тамоми воҳидҳои маъмурӣ ва давлатии ҳудуди Тоҷикистон барқарор карда ша- вад ва дар заминаи чунин тадқиқоти бунёдию фарогири тамоми давраҳои таърихӣ, аз аҳди қадим то замони нав таърихи халқи тоҷик воқеияти илмии худро ёфта бошад.

Акнун Тоҷикистони соҳибистиқлол роҳи бебозгашти сохтмони ҷомеаи демократиро интихоб намудааст, нақшаи пешрафти он аз тара- фи Сарвари давлат тарҳрезӣ шуда, барномаи дурнамои рушди

иқтисодию сиёсӣ ва фарҳангӣ дар амал тадбиқ мегардад. Таъмини пешрафти ҷомиаи нав дар заминаи таҳқиқи таърихи кишвару миллат имконият пайдо мекунад. Маҳз таърихи воқеан ба таври илмӣ омӯхта шуда барои ташаккули худогоҳии миллӣ воситаи таъсирбахш шуда ме- тавонад. Бидуни худшиносии амиқи миллӣ рушди ҳамаҷонибаи ҷомеа аз имкон берун аст. Ҳоло дастоварди муҳимтарин дар ин ҷода, рӯи чоп дидани се ҷилди тадқиқоти шашҷилдаи ниҳоят бунёдӣ - «Таърихи халқи тоҷик» ҳисоб меёбад. Ҷилдҳои дигар бошанд омодаи чопанд. Вале табиист, ки дар чунин як тадқиқоти мукаммал низ тамоми масои- ли мубрами таърихро ҳаллу фасл намудан аз имкон берун аст.

Илм дониши дақиқ аст, чи қадар, ки пеш равад, боз масъалаҳои тадқиқталаб кам нею бештар мегарданд. Дар илми таърихнигории муо- сири тоҷик дар радифи масоили ҳалталаб бештар зарурати омӯзиши мукаммали таърихи водиҳо, ноҳияҳои кӯҳистон, ки то кунун ҳадафи тадқиқоти ҷиддӣ набудаанд, ба назар мерасад. Китоби мазкур низ дар назардошти чунин зарурат таълиф шудааст.

Ин нусха, ки дар даст доред, китоби дуввумин аз таҷрибаи муаллиф дар ин самт мебошад. Соли 2004 очерки таърихии илмӣ-оммавии «Ванҷ» дар Москва рӯи чоп дид ва аз ҷониби хонандагон, то ҷое мо иттилоъ дорем, хуш пазируфта шуд. Китоби акнун таълифшуда, бо ҷанбаи бештару амиқтари илмиаш аз пешина фарқ дорад. Ҳангоми шиносоӣ бо мазмуни китоб, хонанда огоҳӣ хоҳад ёфт, ки муаллиф кӯшидааст то хусусиятҳои суннатии хоси мардуми Дарвозро ба монан- ди меҳнатқаринӣ, меҳмондӯстию одоби муошират, дилбастагӣ ба илму фарҳанги миллӣ, зебоипарастӣ ва ғайраро, ҳамчун як чузъи рӯзгори мардуми диёр самимӣ ва равшан изҳор намояд. Аз диди муаллиф, маҳз дар таҳқиқи амиқтари таърихи тамоми манотиқи кишвар ва муқоисаи онҳо бо якдигар барои омӯзиши пурраю воқеъбинонаи таърихи халқи тоҷик заминаи қавитаре пайдо хоҳад шуд.

Муаллиф то ҷое имкон дошт, шарҳи таърихи Дарвози асрҳои миёна, арафаи инқилоб, даврони Шӯравӣ ва замони истиқлолияти ҷумҳуриро рӯи қоғаз овардааст. Чунин таҳлил ва гузориши пурраи таърихи ин диёри бостонӣ бори аввал дар таърихнигории тоҷик анҷом дода шуда- аст. Албатта дар ин ҷода хизмати муҳаққиқон Н.А.Кисляков, Б.И.Искандаров, О.Р.Маҷлисов, М.Р.Раҳимов Ҳ.Пирумшоев, Ш.И.Исмоилов хеле ҷолибу назаррас бошад ҳам, вале вобаста ба мавзӯъ, мақсаду ҳадафи дар маркази тадқиқоташон қарорёфта, ин муаллифон фақат ба таҳқиқи баъзе аз ҷузъиёти таърихи Дарвоз маҳдуд шудаанд

Чизи дигаре ки ҳангоми мутолиаи китоб хонанда эҳсос хоҳад кард, нисбатан васеъ гирифтани доираи шарҳи воқеаҳо ва падидаҳои муҳимми таърихист. Чунин муносибат бо ин сабаб аст, ки дар доираи танги таърихи маҳал дарёфту шарҳи қонуниятҳои муайянкунандаи ра-

ванди таърих номумкин аст. Маҳдуд шудан дар доираи рӯйдодҳои маҳал маънои васли (монтаж) механикии воқеаву ҳодисаҳои ҳамон доираи ҷуғрофӣ ё ҳудуди маҳалро дорад. Чунин тарзи гузориши масъ- ала танҳо амали оддии кишваршиносона буда, ба таҳлили назариявии масъалаҳои мавриди омӯзиш қарорёфта имкон намедиҳад. Таърих бо- шад бе таҳлили назариявӣ аз ҳикоя ё афсонае беш нест. Аз ин рӯ, дар китоб масъалаҳои зайл мавриди таҳқиқ қарор ёфтаанд: парокандагии феодалӣ, зиддиятҳои дарборӣ, суқути шоҳигарии Дарвоз, марзбандии ноодилонаи ҳудуди Дарвоз соли 1895, усули андозситонӣ ва истисмо- ри феодалӣ, сабабҳои ривоҷи зиддиятҳои иҷтимоӣ, ғалабаи низоми на- ви ҷамъиятӣ, сохтмони ҷомеаи нави сотсиалистӣ ва ҳусну қубҳи он, бозсозӣ ва оқибати он ва дурнамои рушди Дарвоз дар ҳамбастагӣ бо ҳамаи тоҷикони дар раванди эҳёи давлатдории миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Ин усули таҳлил аз табиати талаботи илмӣ маншаъ меги- рад. Усули дигари омӯзиш ва таҳқиқи мавзӯъ вуҷуд надорад.

Дарвоз чун ҷузъи маълуми табиию таърихии сукунати халқи тоҷик аз қадимулайём ба гӯшаи канории ҷуғрофӣ буданаш ва мушкилоти мавҷуда дар нигоҳ доштани алоқаи зичу қавӣ бо ҳамқавмони водини- шини худ нигоҳ накарда, аз беҳтарин зинаю лаҳзаҳои тақдирсоз ва аз тундбодҳои ҳаводиси тақдирсӯзи батакрор ба сари сокинони асилу бу- мии Осиёи Марказӣ омада, дар канор намондааст.

Кашмакашҳои дохилӣ, талошҳои дарборӣ, ҳуҷуми аҷнабиён, табди- ли фоҷиаангези сулолаҳои қавмҳои бегонаи бодиянишин барои тақдири мардумони ин сарзамин бетаъсир намондаанд. Вале бо истис- нои баъзе лаҳзаҳо, халқи шуҷоъ, озодихоҳ ва озодандеши ин мулк ҳамеша мустақилияти кишвари худ, хонадонии(сулолавӣ) қавми хешро дар тӯли асрҳои миёна нигоҳ медошт.

Шароити носозгори табии ва ҷуғрофӣ, дурӣ аз марказҳои иқтисодиву фарҳангӣ, зиндагонии сокинони маҳаллиро дар ҳадди хоҷагидории натуралӣ (маҳдудияти истеҳсолоти ғайримолӣ фақат дар доираи зарурияти истеъмолии худ) ва анъаноти авлодии кӯҳнапарастӣ (патриархалӣ) нигоҳ медошт. Вале мавҷудияти ин суннатҳо ҳаргиз да- лели маҳдудияти равобити сокинони шоҳигарӣ ва баъдан бекигарии Дарвоз бо ҳамқавмони водинишини худ - бунёдгарони марказҳои муҳимми иқтисодиву фарҳангии Осиёи Марказӣ буда наметавонад. Сокинони ин диёри афсонавӣ дастовардҳои бузург ва фоҷиаҳои азими таърихиро дар тамоми давраҳо бо бародарони ҳамнажоду ҳамхуни худ бо ҳам дидаанд. Хонандаи борикбину ҳассос аз мазмуни китоб ин ҳамбастагии ногусастаниро эҳсос хоҳад кард.

Гарчи мулки Дарвоз таърихи тӯлонии сиёсию иҷтимоӣ дорад ва дар ҳамаи бурду бохтҳои таърихию фарҳангии тоҷикон шарик аст, вале то замони Шӯравӣ ва эҳёи давлатдории навин ин ҳамбастагиро равшан ва амиқ эҳсос намудан хеле мушкил буд. Парокандагии феодалӣ, мавқеи

ҷуғрофӣ, хусусан дурӣ аз марказҳои тамаддунсози миллӣ имкон наме- дод, ки падидаи тамаддунии ниҳоди халқи диёр пурра зоҳир гардад. Баъди сукути иҷбории шоҳигарӣ ва ба зери тасалути манғитҳо дарома- дани Дарвоз ин диёр истиқлоли хоси мулкҳои тоҷикнишини давраи парокандагии феодалиро бо як қисми ҳудуди таърихии хеш (тибқи шартномаи муштараки миёни Русия ва Англия дар соли 1895) аз даст дод. Тобеъ кардани ин мулк ба аморати Бухоро (1878), аз як тараф, па- дидаи хайр, яъне пайвастани онҳо ба доираи васеъи ҳамфарҳангону ҳамхунону ҳамнажодони худ - тоҷикони аморати Бухоро бошад, аз та- рафи дигар маънии ба зери тасарруфи ҳокимони бегонатабор, яъне манғитҳо даромаданро дошт.

Маҳз ба туфайли тағйироти инқилобии замони Шӯравӣ ва тақсимоти миллӣ-ҳудудии соли 1924, ки аз эҳёи давлатдории нави тоҷик дарак медод, давраи нави ҳаёти мардуми ин диёр оғоз ёфт. «Инқилоб, - таъкид намудааст, Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон, - Тоҷикистонро соҳиби ҳудуд кард ва аз зери фишори бадхоҳонаш озод намуд. Барои мардум танг ҳам бошад, майдони кор ва эҷоду фаъолият муҳайё сохт. Оҳиста-оҳиста дар водиҳои нообод ва кӯҳистонҳои дурдаст деҳаҳо ва шаҳру ноҳияҳои обод бунёд гаштанд. Мактабу маориф ва илму фарҳанг босуръат инкишоф ёфт. Фарзандони халқи тоҷик бо мададу дастгирии бародаронаи олимони русу украин ва дигар халқҳо дар кашфи нодиртарин соҳаҳои илм ангуштнамо шуданд. Вале ба назари мо, аз ҳама муҳимаш он буд, ки дар он даврон забони тоҷикӣ аз нав ҷон гирифт ва тавассути софкории адибону олимон, заҳмати пайвастаи зиёиён хеле суфтаву ҷолиб гашт. Эҳсоси ифтихор ва худшиносии миллат дар тоҷик қувват гирифт. Дар радифи дигар ҷумҳуриҳо Тоҷикистон дар тамоми соҳаҳо рӯ ба тараққӣ овард ва ба як мамлакати ободу зебо табдил ёфт».[3]

Акнун ба давраи барои тоҷикон тақдирсоз, ба фазои мустақилияти комил ворид шуда ва бо ташаббусу ибтикори амалии Президенти мам- лакат Эмомалӣ Раҳмон дурнамои рушди иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии мамлакат возеҳан муайян гаштааст, халқи заҳматкаши Дар- воз дар кори амалӣ гаштани нақшаҳои барои миллат тақдирсоз ҳамрайъии пурра зоҳир менамояд. Шоҳроҳи азиме, ки ин диёрро бо ҳамаи минтақаҳои Тоҷикистон ва хориҷи он мепайвандад, далели рав- шанест аз таъмини пешравии бемайлони ин диёри бостонӣ.

Дарвоз бо мафҳуми ифтихоромези ба номаш муносиб, ба дарвозае табдил ёфтааст, ки нафақат тамоми қисмати шимолӣ-ғарбию ҷануби- шарқии ҷумҳуриро тавассути ин роҳ бо ҳам пайвастааст, балки ба дар- возаи тарафайни тамоми кишварҳои хориҷи наздик ва нисбатан дури аз ҳарду самт ба Тоҷикистони азиз алоқаи дӯстию ҳамсоягӣ дошта, таб- дил ёфтааст. Ин худ далелест ниҳоят умедбахш ва аз имконияти рушди қавӣ дар ҳама ҷанбаҳо даракдиҳанда.

Мавриди истифода қарор ёфтани пули азими болои дарёи Панҷ Дарвози Тоҷикистонро бо Дарвози Афғонистон пайваст ва бе муболиға пайвандгари мардумест, ки ба туфайли шартномаи беадолатонаи маз- кури Англияю Русия соли 1895 иҷборан чудо карда шуда буданд. Дар замони Шӯравӣ бошад, алоқаи тарафайн тамоман қатъ гардида буд. Аҳамияти сиёсӣ, иқтисодӣ ва чанбаи фарҳангии ин шаҳпул ва боз пулҳои дигар, ки ду давлати бо ҳам дӯст, ҳамтаъриху ҳамтақдиру ҳамфарҳанг - Точикистону Афғонистонро бо ҳам пайвастаанд, бо мурури замон возеҳу амиқтар ба назар хоҳад расид.

Муаллиф ҳаддалимкон кӯшидааст таърихи ин диёри бостониро дар сатҳи мувофиқ бо маъхазҳои муътамади ба даст омада аз давраи қадим то ба замони муосир, ки то кунун ҳадафи таҳқиқот қарор наёф- тааст, пешкаши ҳамдиёрон, мутахассисони ин соҳа ва доираи васеи хонандагон гардонад. Аз боби таълифи китоб сухан ронда бахусус таъкид намудан лозим меояд, ки мероси гаронмояи муҳаққиқони тоинқилобии Русия - саёҳону олимони равияҳои мухталиф, ҳарбиён (аз мавқеи стратегии ин давлати абарқудрати мустамликахоҳ, ки аз рақобати Англия дар ҳарос буда, ҳарчӣ бештар мехост доири минтақаи барои ҳарбиёну чуғрофиёшиносон маъмул - Помиру назди Помир шиносоии бештаре дошта бошанд), чун маъхази боэътимод васеъ мавриди истифода қарор ёфтаанд. Онҳо, ки аз рӯи нақшаи ба- рои мутлақияти Русия ва доираҳои ҳарбии он мамлакат мувофиқ кор мебурданд, бештар мекӯшиданд, то ки маълумоти чамъовардаашон дақиқ ва аз доираи воқеъият берун набошад, чунки маълумоти онҳоро боз борҳо такроран месанчиданд. Аз ин лиҳоз дар муқоиса бо якдигар таҳлил намудани далелҳои онҳо дар ҳуччатҳои расмӣ, аз қабили баё- нот, рапорт, маълумотнома, ахбор, ҳисобот ва ғайрирасмӣ, аз чумлаи қайдҳои сафар, рӯзнома, мактубҳо, қайди хотирот, билохира асарҳои нисбатан мукаммали тадқиқотӣ аз диди муаллиф чун манбаи бебаҳои илмӣ мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Дар китоб кам нестанд манбаҳои дохилӣ, ки мавриди арзёбию таҳлили доманадор қарор ги- рифтаанд. Албатта, ба манбаъҳои бунёдии ин асар, сатҳи таҳлили ил- мии онҳо, хулосабарориҳо ва натичагириҳои илмии муаллиф мута- хассисон ва хонандагони доною нуктасанч ҳангоми мутолиаи китоб баҳои муносиб хоҳанд дод.

Муаллиф, то то чое ки мантиқи мавзӯъ бардошт дорад, кӯшиш ба харч додааст, ки дар таҳлили таърихи диёр дар доираи ҳудуди чуғрофӣ ва таърихии замони шоҳигарӣ, бекигарӣ ва давраи нави Дарвоз маҳдуд нашуда, мавзӯҳо дар ҳамбастагии ногусастанӣ бо тақдири таърихии точикони дигар минтақаҳо мавриди таҳқиқ қарор диҳад. Маҳз аз ҳамин мавқеи манзару дидгоҳи умумӣ метавон қонунияти раванди таърих, воқеъияти замон ва мақоми мардуми Дарвозро дар доираи таърихи умумии точикон муайян намуд.

Қисми дуюми китоб ба шиносоӣ бо шахсиятҳои маъруфи диёр, ки дар таърихи муосир, хосатан ҳаёти сиёсӣ, иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии ноҳия, вилоят ва ҷумҳурӣ саҳмгузории бевосита доранд, бахшида шудааст. Аз назари муаллиф, бе инъикоси фаъолияти чунин шахсиятҳо, таърихи диёр мантиқан пурра буда наметавонад.

Ба маврид аст, ки аз як таърихчаи каминаро барои таълифи китоб водоркарда ёдовар шавам. Аввалин фотеҳаро барои оғози таълифи ин китоб аз профессор Одил Маҷлисов гирифтаам. Устоди равоншод ҳанӯз сӣ сол қабл, замони ҷиддан пешаи илмӣ ихтиёр намуданам, хоҳиш карда буданд, ки ба ин мавзӯъ таваҷҷӯҳ дошта бошам. Гарчи аз ҳамон замон борҳо нияти таълифи чунин асарро карда будам, вале корҳои дигари ҷамъиятӣ, маъмурӣ ва тадқиқотӣ пеш омада амалӣ шудани ин иқдомро ақиб мегузоштанд.

Шахсияти дигари аз ин ният бохабар ва каминаро ба анҷоми он ҳидояткунанда, донишманди барои аксари таърихнависони миёнсолу ҷавони ҷумҳурӣ азиз, устоде, ки аз реҳлаташон як сол сипарӣ шуд, Ҳақназар Назаров буданд. (Ёди ҳарду устоди зиндаёд ба хайр, рӯҳашон шоду хонаи охираташон obод бод!). Вале бо тақозои тақдир боз ҳамон корҳои рӯзмарра пеш меомаданду аз рӯи зарурати касбӣ ҷараён гириф- та, ҷои нақша ва хоҳишҳои қалбиро танг мекарданд. Билохира, ҳангоми сафар ба ҷашни 80-солагии ВМКБ (соли 2005) дар шаҳри Хоруғ устоди ҳамсафарамон Одил Бердиев ҳини сӯҳбат ин масъаларо ба миён гузоштанд ва ин дафъа, нимшӯхӣ намояд ҳам, бо қиёфаи хеле ҷиддӣ ва бо як навъ оҳанги гилааомез моро бо носипосӣ нисбати таърихи диёр низ маломат карданӣ шуданд. Ба ростӣ гилаи бамаврид ва асосноки ин фарзанди бошарафи Дарвоз моро водор сохт, то азми қатъии анҷоми ин иқдом кунем.

Табиист, ки ин нахустиқдом аз камбудию нуқсони касбӣ батамом орӣ буда наметавонад. Аз ин лиҳоз бо умеди дар оянда боз мукаммал- тар шудани мазмуну сифат ва муҳим аз ҳама, пурратар таҳлил гарди- дани маводи манобеъ, саҳфаҳои то кунун норавшан ё ба тамом ба гӯшаи фаромӯши афтидаи ин диёри зебоманзар ва ё рӯзгори ашхоси шинохтаи он, муаллиф эродҳои холисонаи хонандаи гиромиро бо ка- моли майлу сипос мавриди қабул қарор хоҳад дод.

Дар анҷоми ин аввалсухан, камина муносиб медонам ба устодони гиромиқадр, олимони дақиқназар Раҳим Масов ва Худоӣ Шарифов ки бо маслиҳат ва таҳрир ба такмили мавод ва сабки сухан кӯмак карда- анд, инчунин ба адиби соҳибравия, устод Мӯъмин Қаноат, устоди мушфиқ, табиби ҳозиқ, гиёҳшиноси номӣ Юсуф Нуралиев, ходими сиёсӣ ва давлатӣ, марди хирадманд Одил Бердиев, ки мулоҳизоту тавсияҳои ниҳоят муфиди эшон бешак қимати таҳлилӣ ва баъзе аз хулосабарориҳои китобро афзудаанд, сидқан арзи сипос намоям.

# ҚИСМИ АВВАЛ

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | | "Г1ЙЙ^ |

# *Боби I.* ДАРВОЗ ДАР ЗАМОНИ БОСТОН ВА АСРҲОИ МИЁНА

## НАЗАРЕ БА ТАБИАТУ ҶУҒРОФИЯ ВА ҲУДУДИ ТАЪРИХИ

Гарчи дар баъзе лаҳзаҳои таърихӣ дар ин сарзамин тағйироти ҳудуд ва давлатию маъмурӣ ба назар мерасад, мустақиман ҳудуди доимӣ ё анъанавию маъмурии он, ҳатто баъди пурра тобеъ шудани шоҳигарии Дарвоз ба аморати Бухоро ва табдили он ба бекигарӣ (соли 1878), то Шартномаи сарҳадии байни Русия ва Англия (соли 1895) бетағйир монда, бо чунин фаҳмиши ҳудудӣ шинохта мешуд:

Дар шимолу ғарб сарҳади Дарвоз то қаламрави бекигарии Қаротегин мерасид. Хати ҳудуди он аз зинаҳои болои пиряхи Федченко, қад-қади теғаҳо то қуллаи Пётри 1 (Қаротегин) дар ғарб тӯл мекашид. Қаторкӯҳҳои Қаротегин водии дарёи Сурхобро аз водии Хингоб чудо менамоянд. Аз даҳ ағбаи Дарвозу Қаротегин (Рашт)-ро бо ҳам пайваст- кунанда, барои алоқаи доимиро нигоҳ доштан ағбахои Лӯлихарв, Кам- чирак ва Ёфуч барои робита муносибтар буданд. Рафту омад ба воситаи ағбаи Ёфуч тамоми зимистон низ қатъ намешуд. Ҳудуди шоҳигарӣ ва баъдан бекигарии Дарвоз дар шимоли - ғарбӣ аз деҳаи Посвун ибтидо гирифта, қад-қади сохили рости Хингоб то болоби он тӯл мекашид.

Дар ғарб ҳудуди чуғрофӣ ва маъмурии Дарвоз то сарҳадоти бекигариҳои Балчувону Кӯлоб мерасид. Дар инчо қаторкӯҳи Дарвоз торафт паст шуда, ба водии Кӯлоб мепайвандад. Хатти сарҳади Дарвоз дар ин самт аз деҳаи Талбар ба воситаи кӯҳҳои Банди Сари Об гузашта ғарбтари ағбаи Качпитов ба воситаи қуллаи Варчуч, ғарбтари дарёи Оби Равнов, болои теғаи Ҳазрати Шо (Кӯҳи Ҳазрати Лангар), ба воси- таи ағбаҳои Варчучу Валвалак ва теғаи кӯҳи Фурӯш то дарёи Панч, каме поёнтар аз деҳаи Зиғар мегузарад. Дар чануб сарҳади мулки Дар- воз то ба сарҳадоти Бадахшон тӯл мекашид. Хатти марзи он аз чануб ва чанубу шарқии деҳаи ҳудуди Афғонистон - Дешара, қад-қади дарёи Зирнут то болооби он ва аз он чо бо кӯҳҳои Сафедхирс ва ағбаи Иш, кӯҳҳои Мадуд, Пат ва Ғаздара гузашта ба воситаи теғаи қуллаи Кама- линг, ағбаи Равончо то Жумарчи боло тӯл мекашид (тибқи шартномаи

муторакаи байни Россия ва Англия оиди хатти сарҳади қаламрави Дар- воз аз соли 1895 қисмати чапи соҳили Панҷ чун қаламрави Афғонистон ва хатти сарҳадии бекигарии Дарвоз дар соҳили рости ин дарё, аз резишгоҳи дарёи Бартанг то Оби Ниов ё Зиғар муқаррар шуданд).

Дар шарқ сарҳади Дарвоз то ҳудуди Рӯшон, (ки баъдтар бо хатти сарҳадии Русия дар Помир рост меомад), аз доманаи қуллаи кӯҳи Ка- малинг (дар соҳили чапи Панҷ) ба воситаи ағбаи Вардуду дарёи Танг- шив гузашта, то қуллаи кӯҳи Хоҷаи Мадатманд ва аз он ҷо ба самти шимолу шарқ аз рӯи соҳили рости дарёи Тангшиву ағбаи Бодомбуч, то дарёи Панҷ тӯл мекашид. Хатти сарҳади Дарвоз аз ин ҷо ба воситаи овринги Хингак, қуллаи Язгулом, дар шимолу шарқ ба воситаи ағбаҳои Ёдудӣ, Камчдара то пиряхи Федченко тӯл мекашид.

Қайд намудан ҷоиз аст, ки дар асрҳои миёна ҳудуди шоҳигарии Дарвоз вобаста ба иқтидори иқтисодию ҳарбӣ ва фаъолияти сиёсии соҳибмулконаш тағйир меёфт. Масалан, дар миёнаи қарни XIX ба са- баби бо маслиҳати тарафайн муттаҳид шудани мулки (шоҳигарии) то кунун мустакили Ванҷ бо шоҳигарии Дарвоз ҳудуди мулк қариб ду ба- робар васеъ шуд. Ҳатто замонҳое будаанд, ки каламрави кишвар аз ҳисоби ғасби шоҳигарию мулкҳои ҳамҷавору ҳамсоя муваққатан васеъ шуда, баъди муддате дар ихтиёри шоҳони Дарвоз боз ҳамон худуди маъмурии пешина боқӣ мемонд. Аз диди кунунӣ қаламрави мустақими шоҳигарии Дарвоз ҳудуди имрӯзаи ноҳияҳои Тавилдара, Дарвоз, Ванҷ, водии Вахиё ва тамоми соҳили чапи дарёи Панҷ, аз қалъаи Кӯф то Жу- марчи боло, ки ҳоло қисме худуди Ҷумҳурии Исломии Афғонистон мебошанд, дар бар мегирифт.

Тибқи маълумоти солхои 80-уми асри XIX ҳудуди масоҳати бекига- рии Дарвоз қариб 400 верст (402,2 километр) тӯл ва аз 120 то 600 верст арз дошт. Ба тахмини капитани Штаби генералии рус Кузнетсов, ки дар ин ҷо мустақиман тадқиқот бурдааст, ҳудуди умумии бекигарӣ 16 875 версти квадратиро ташкил мекард[1], ки ба 17 000 километри квадратӣ баробар аст (Ба маврид аст, барои муқоиса қайд намоем, ки масоҳати ноҳияи Дарвози кунунӣ ҳамагӣ 2 824,5 км.кв.-ро ташкил медиҳад. Яъне масоҳати имрӯзаи ин ноҳия дар шашяки ҳудуди шоҳигарии Дарвоз қарор дорад).

Аз шаш бештар панҷ ҳиссаи мулки Дарвозро кӯҳҳо ташкил меку- нанд. Аз тангнои дараҳои сершумори онҳо рӯдҳои бешумор ва се да- рёи нисбатан бузурги ин сарзамин, яъне Хингоб, Ванҷоб ва оби Язгу- лом ибтидо мегиранд.

Аз замонҳои хеле қадим то миёнаи солҳои 90-уми асри XIX қисми дарёи Панҷ (болооби Амударё), ки аз қаламрави Дарвоз мегузарад ҳудуди онро ба соҳилҳои росту чап чудо мекард. Паҳнои ин дарёи бу- зурги пуртуғён, ки қаъри кӯҳҳоро шикофта мегузарад якхел нест. Агар дар баъзе ҷойҳо паҳнои об, аз соҳили рост то чапи он, 100-150 метр ва

аз ин ҳам зиёд бошад, дар мавзеъҳои дигар аз тангнои кӯҳҳо гузашта, масофаи байни соҳилҳо то ба 20-30 метр наздик мешавад. Фақат дар қаламрави Дарвоз дарёи Панчро зиёда аз 35 шохоби калону миёнаи та- рафи рост ва 40 шохоби тарафи чап сероб менамуданд. Аксаран аҳолии мулки Дарвоз аз қадимулайём водиҳои ҳосилхезу зебоманзари дарёҳои ба Панч ва Хингоб чоришаванда ва шохобҳои онҳоро иқоматгоҳи доимӣ ва авлодии хеш интихоб намудаанд.

Дарёи Хингоб низ бо шохобчаҳояш қариб ба пуррагӣ аз ҳудуди Дар- воз чорӣ буда, фақат мачрои поёнии он аз деҳаи Посвун сар карда то резишгоҳи он ба дарёи Сурхоб аз қаламрави шоҳигарии (сипас бекигарӣ) Қаротегин мегузашт. Ин дарё аз пиряхҳои Гармо ва кӯҳи Ло- зур (кӯҳи яхбаста) ибтидо гирифта, баъди бо ҳам омехтани дарёҳои Бохуд ва Гармо номи Хингобро мегирад, чунки талу теппаҳои дар мачрои дарё чойгир буда, обро бо гили худ ҳамранг гардондаанд. Да- рёи Хингобро қариб 60 шохоби тарафи рост ва 50 шохоб, ки аз қуллаи кӯҳҳои пиряхпӯши Дарвоз ибтидо мегиранд, шодоб гардонидаанд. Ка- лонтарини ин шохобҳо Оби Мазор, Оби Сағирдашт ва Оби Гурумбак мебошанд. Шохоби калонтарини тарафи рости Хингоб оби Дараи Сағрун (Суғурон), Оби Пашиғар, Оби Юзманд (ё Узманд), Оби Шакоб ҳисоб меёбанд.

Ҳамчунин ҳамаи водиҳои дарёҳои Ванч ва Язгулом низ дар қаламрави Дарвоз чой доштанд. Ин ду дарё аз Кӯҳи Лозур (Қуллаи Академияи фанҳо) ва Пиряхи Федченко ибтидо мегиранд.

Мардумшиноси рус граф А.А.Бобринской соли 1898, яъне се сол пас аз марзбандии сарҳадӣ байни Русия ва Англия (1895) ба қисми чанубӣ- шарқии аморат - Бухорои Шарқӣ, хосатан бекигарии Дарвоз сафари илмӣ намуда, дар баробари дигар маълумот, мавқеи чуғрофии онро хеле пурра қаламдод кардааст. Табиист, ки дар қайдҳои сафарии ӯ амлокдориҳои собиқи он (Хоҳон, Кӯф, Шикай, Жумарч ва қисми чапи соҳилипанчии амлокдории Қалъаихумб) ки дар асоси ин шартномаи му- торакаи сунъӣ ва ниҳоят ноодилона ба қаламрави Афғонистон гузашта буданд, сарфи назар шудаанд. Бинобар мушоҳидаи мустақими он сайёҳу мардумшинос мавқеи чуғрофии бекигарии Дарвоз, ки онро «Дарвози шимолӣ» ном бурдааст (қисми соли 1895 ба Афғонистон гузаштаи Дар- возро чун «Дарвози чанубӣ» меномад), дар қисми рости дарёи Панч, пасхами ғарби кӯҳҳои Помир чой гирифтааст. Ин диёри кӯҳӣ аз водиҳои байникӯҳии дарёҳои Хингоб, Ванч, Язгулому Панч таркиб ёфтааст. Ду қаторкӯҳи баланди Дарвоз ва Ванч чун бахшгоҳҳои обтақсимкунии бай- ни водиҳои ин дарёҳо ҳисоб меёбанд. Ба ин ду қаторкӯҳ боз сеюм - қаторкӯҳи Пётри 1-ро ҳамроҳ намудан лозим меояд, ки дар сарҳади ши- молии Дарвоз чой дошта, водии Хингобро аз водии Сурхоби Қаротегин чудо мекунад. Ҳар се қаторкӯҳ дар саргаҳи Ванч бо якдигар гиреҳ хӯрда, бо кӯҳҳои Помир омезиш меёбанд. Дар сарҳади ғарбӣ қаторкӯҳи

Дарвоз паст шуда, ба суфакӯҳҳо ва сипас ба арракӯҳ ё қаторкӯҳҳои хур- де, ки нишебиҳои соҳилии водиҳои Ёхсу, Қизилсуи кучак ва дигарҳо ташкил мекунанд, мерасанд, Дар ҳудуди бекигарии Кӯлоб онҳо ба пас- хамию теппаҳо табдил меёбанд. Ҳамин тариқ сарҳадоти Дарвоз дар ши- мол ба Қаротегин, дар шарқ ба суфакӯҳҳои Помир, дар ҷануб ба дарёи Панҷ, ки дар соҳили чапи он қисми ба Афғонистон додашудаи Дарвози таърихӣ ва Бадахшон ҷой доранд, дар ғарб ба қаламрави бекигариҳои Кӯлобу Балҷувон мерасанд.[2]

Ба ҳамин монанд, ҳанӯз дар ибтидои солҳои 80-уми асри XIX мавқеи ҷуғрофии шоҳигарии Дарвозро дар «Қайдҳои сафари»-и хеш Г.А.Арендаренко хеле мӯъҷазу содда ба тариқи зайл муайян намуда- аст: «...аз давраҳои хеле қадим то замони аз тарафи амири Бухоро зӯран тобеъ кардан, Дарвоз мустақилияти худро нигоҳ дошта, ҳудудаш дар шимол то сарҳади Қаротегин, дар ҷануб то Бадахшон, дар шарқ то Шуғнон ва дар ғарб то Кӯлоб тӯл мекашид»[3].

Аз вазъи ҷуғрофӣ ва иқтисодию иҷтимоии Дарвози пешазинқилобӣ дар китоби Гулшанӣ «Таърихи ҳумоюн» маълумоти ҷолиб кам нест, вале баъзе навиштаҳои ин муаллиф асоси воқеӣ надошта, бофтаи хаёли нависанда мебошанд. Баъзан эҳсос мешавад, ки маълумоти нисбати баъзе мавзеъҳо ин намояндаи расмии дарбор, надими амир Абдулаҳад (1885-1910) оварда, натиҷаи мушоҳидаи шахсӣ набуда, ҳосили пурсу Ҷӯҳоеанд, ки аз ривояти шахсони дуюму сеюм хулосабарорӣ шудаанд. Аз ин лиҳоз маълумотҳои ҷуғрофии муаллифи номбурда дар нисбати саёҳону тадқиқотчиёни рус заифтар ба назар мерасанд.

Дар шарҳи мавзеи Дарвоз Гулшанӣ чунин овардааст: «Шаҳри ин вилоят мусаллас-ул-кул дар васати се кӯҳи рафеъ ва даруни як сой воқеъ аст. Се ҳудуди шарқӣ ва шимолию ҷанубии онро кӯҳҳои рафеъ иҳота намудааст: шарқи он шӯъбаи кӯҳи Боми Дунё, яъне кӯҳи Помир ва шимоли он низ силсилаи кӯҳи мазкур аст ва ба кӯҳи шимолии он маъдани шомақсуд аст, ки аз он тасбеҳ менамоянд. Ва кӯҳи ҷанубии он маъдани ёқут ва онро кӯҳи Нашвомум[4] меноманд»[5].

Гулшанӣ хулосаи худро нисбати мавқеи ҷуғрофии Дарвоз ин тавр ҷамъбаст намудаст: «Шаҳри Дарвоз ба тарафи кунҷи ҷанубу шарқии Қаротегин ва кунҷи шарқу шимолии Бадахшон ва ба ғарби кӯҳи Поми- ру Дашти Олой ва шарқии тавобеи Ҳисору Хатлон воқеъ аст»[6]. Аз ин навиштаҳо ва дигар ахбори Гулшанӣ дар мавриди ҷуғрофияи Дарвоз ба хулосаи дақиқ расидан хеле мушкил аст.

Табиати кӯҳсор, зинаҳои номутаносиби ҷойгиршавии деҳот аз сатҳи баҳр, қуллаҳои кӯҳҳои сар ба фалаккашидаи абадан зери қабати ғафси пиряххои азим, доманакӯҳҳои зимистон сарду тобистон тафсони ин ҷо сабаби иқлими хеле тағйирёбанда ва мутафовити фаслҳои сол шуда, дар навбати худ ба низоми набототу ҳайвонот ва ҳатто ба тарзи зинда- гии сокинони бумии ин мавзеъҳои баландкӯҳ таъсир расонидаанд.

Агар зимистони деҳаҳои Зиғару Нулванд ҳамагӣ 2-3 моҳ идома дошта бошад, дар Пашиғар, Сағирдашт, Работ, болооби Ванчоб то 5-6 моҳ тӯл мекашад.

Дар баъзе мавзеъҳои кӯҳдоман иқлими ниҳоят хушк сабаби камрустанӣ шудани онҳо гашта бошад, кам нестанд водиву талу теппаҳои намноке, ки бо дарахтзору анбӯҳи рустаниҳои дигар пӯшида шудаанд. Бахусус ин табиати зебову дилрабои қаламрави собиқ Дарво- зи таърихӣ дар водиҳои Хингоб ва қисмати болоии Ванчоб бараъло ба назар мерасад. Вобаста ба бардошти шароити иқлимии мавзеъҳо чунин навъҳои дарахти мева аз қабили себ, чормағз, ангур, анор, анчир, нок, тут, зардолу, шафтолу, олу, гелос ва гайра парвариш меёбанд (дарах- тони мевадори худрӯй ва чангалӣ низ хеле зиёданд), ки аз қадимулайём қисми муҳимми захираи ғизоии сокинони бумиро ташкил медоданд.

Табиати дилрабои Дарвозро аз диди худ ба риштаи тасвир оварда А.А.Бобринской менигорад: «Сайёҳатчии тамоми рӯз аз кӯҳу шаххо гузашта, аз баландии қуллаи кӯҳ бо дидани деҳоти ободд, ки чои барои дамгирӣ интихоб мешавад, чун чазираест дар байни кӯҳҳои сар ба фа- лак кашида ва аз он ҳаловати махсус мегирад. Ин гӯё мукофотест ба- рои заҳматаш. Алалхусус аз деҳоти дар наздикии дарёи Панч чойдошта, ки дар сояи дарахтони бузурги чинор, чормағз ва арарҳои аз ҳама баланд қоматафрохта биноҳо «ғарқанду» сабзаи густурдаи тару тозаи атрофи хонаҳо, ки аз барашон чӯйборҳои мисли шаддаҳои нуқрагин оби мусаффои чун булӯр кафк зада аз кӯҳ чорӣ мешавад чашми кас сер намешавад. Қад-қади пайроҳаҳо, аз назди боғҳо гузашта кас рустаниҳои гуногун, чун буттаҳои зирг, зелол, хуч ё настаран, анор, дарахтони аз меваи пурбори зардолу, олуча, тути сафеду сиёҳ, муруду себро мебинад, ки ҳар кадоме чилои махсуси худро дорад ва роҳгузарро дар ҳайрат мегузорад. Аз ҳар тараф садои парандагони кӯҳӣ ба гӯш мерасад. Дар ин муҳите, ки кас аз бӯи меваю гиёҳҳо маст мешавад, як фазои осоишу оромии томи фароғатбахш хукмфармост»[7].

Табиати дилфиребби Дарвозро бешубҳа шоири шаҳири точик Абдуса- лом Деҳотӣ ниҳоят воқеъбинона ба риштаи тасвир даровардааст. Гарчи ин чакидаи хомаи адиб дар байни сокинони Дарвоз шӯҳрати хосса дорад бамаврид аст бори дигар онро манзури хонандагон намоем:

## ДАР ШАЪНИ ДАРВОЗ

*Ду-се рӯзе шудам меҳмони Дарвоз,*
*Намудам сайри ҳар бӯстони Дарвоз,*

*Ба дил ҳамчун баҳорон сайцалам дод*
*Тамошоҳои кӯҳистони Дарвоз.*

*Ба як су барфу як су пухта гелос,*
*Аҷаб фаслест тобистони Дарвоз!*

*Шукуфта мисли руи духтаронаш*
*Чамащои анористони Дарвоз.*

*Ба васфи чашмаву обаш чӣ гуям? -*
*Ҳазорон салсабил цурбони Дарвоз!*

*Бихон, тоҷики дарвозӣ, газалҳо Зи ҷуши*
*дил дар ин даврони Дарвоз!*

*Мисоли шабпарак душман гурезад Зи*
*нури байрацн рахшони Дарвоз.*

*Расад гар душмане, гураш биёбад Зи*
*цаъри Панҷи пуртугёни Дарвоз.*

*Агар номанд: Кони Ҳусну Хубӣ - Чунин*
*номе шавад шоёни Дарвоз!*

*Ба дидан сода, аммо дилрабоед,*
*Чӣ сеҳр аст ин, сияҳчашмони Дарвоз!*

*Деҳотиро хуморӣ кард як умр Тамошои*
*шумо, хубони Дарвоз!*

Қалъаихумб, 16 июни соли 1938[8].

Дар ин шеър тасвири ду сифати хоси диёри Дарвоз хеле барҷаста ба назар омадаанд: шоир, аввало, табиати биҳиштосои ин диёри кӯҳиро васф карда бошад, сониян, беолоишии қавмию нажодии сокинонашро ситоиш намудааст.

Дар мулки Дарвоз анвои гуногуни зироатҳои ғалладона ба монанди гандум, ҷав, арзан, нахӯд, боқила, мош, зағир, қуноқ, арзан, ҷуворимакка ва ғайра кишт мешуданд. Зироатҳои полезии харбуза, тарбуз, каду, бодиринг, инчунин, навъҳои гуногуни сабзавот кишту парвариш меёфтанд. Навъи пахтаи чойдорӣ - ғӯза парвариш ёфта, то чое талаботи аҳолиро бо навъҳои матои пахтагӣ таъмин менамуд. Дар шароити нигаҳдоштани бетағйири хочагии натуралӣ ва муносибатҳои патриархалӣ чорводорӣ дар баробари зироаткорӣ муҳимтарин василаи таъмини ғизо ва пешбурди зиндагию рӯзгордории мардуми ин диёри кӯҳистон маҳсуб меёфт.

Сокинони бумии Дарвоз аз қадимулайём точикон буданд, ки дар деҳкадаҳои доманакӯҳӣ ва ҳамвориҳои соҳили рудҳо чой гирифта, ба мушкилиҳои табиати саркаши диёр нигох накарда, бо ғурури ифтихори озодихоҳона, бо машғулияти авлодии зироаткорӣ, чорводорӣ ва ҳунармандӣ (косибӣ) зиндагӣ ба сар мебурданд.




*Харитаи имрӯзаи ноҳияи*

## ГУЗАШТАИ ДУРИ ДИЁРИ ДАРВОЗ ДАР РИВОЯТУ УСТУРАҲО

Таърихи қадимаи Дарвоз ба сабаби дастрас набудани маъхазҳои дақиқу мӯътамад аз доираи назари тадқиқотчиёни касбӣ берун ва то кунун норавшан мондааст. Аз ин лозим медонем, ба баъзе ривояту тахминҳо ва хулосаҳои тақиқгарону саёҳони рус, ки то андозае зами- наи воқеъӣ доранд, такя карда, дар ин мавзӯъ ибрози назар намоем. Онҳо рочеъ ба ин замони таърихии диёри бостонӣ ба ривоятҳои аз ка- лонсолону донандагони таърихи гузаштаи ин ошиён, ки аз падару бо- боёни хеш шунидаанд (яқинан ин шунидаҳо аз чандин авлоди гузаш- таи дур расидаанд) такя карда, хулосабарорӣ намудаанд.

Албатта, маҳдудияти чамъоварии далелу асноди маъхазҳо барои баёни мутассилу пайдарҳами раванди ҳаводиси таърих ва рӯйдодҳои ба ин диёри кӯҳистони точик мутааллиқ имкон намедод. «Боиси таас- суф аст, - мегӯяд олими низомии рус Д.Н. Логофет, - ки маълумот дар бораи ин давлатҳо (мулкҳои дар гузашта мустақилу ниммустақили кӯҳистони Бухорои шарқӣ ва Помирро дар назар дорад - Ҳ.П.), ниҳоят пароканда буда, имкон намедиҳад то қисмати таърихии онҳоро равшан созем»[9]. У бо таваччӯҳи хосса изҳор доштааст, ки омӯзиши нисбатан пурраи таърихи гузаштаи дури ин диёр то андозае пардаи ғуборро аз рӯи таърихи пайдоиши славянҳо низ хоҳад бардошт. «Барои мо русҳо,

- навиштааст Д.Н.Логофет, - ин чойҳо аз он лиҳоз диққатовару чолибанд, ки дар гузаштаи дур гузаштагони мо, гуннҳои сафед, скифҳо ва сарматҳо дар ҳамин мавзеъҳо сукунат доштанд... Тадқиқоти антропологӣ ва лингвистии Дарвоз, Шуғнон ва Рӯшон метавонад то андозае ғубори атрофи масъалаи пайдоиши славянҳоро аз миён бардо- рад»[10].

Капитан П.А.Кузнетсов чунин ривояти шунидаашро овардааст, ки шоҳони Дарвоз Искандари Румӣ (Византия)-ро саравлоди худ медони- станд ва шачараи онҳо дар навбати худ гӯё ба Искандари Мақдунӣ ме- расид. Ҳарчанд қисми зиёди муаллифони навиштаҳои тоинқилобии рус ба дурустии ин ривоят бо чашми шубҳа менигаристанд, вале дар мав- риди замони ба тасарруфи Искандари Мақдунӣ афтидани Осиёи Миёна вучуд доштани мулки мустақили Дарвоз эътимоди қавӣ доштанд. Ма- салан, Б.Н. Литвинов самти ҳаракати Александри Мақдуниро аз рӯи маълумоти дар даст доштааш муайян намуда, бо қатъият баён медорад, ки ин лашкаркаши бузурги даврон, худ дар Дарвоз набудааст, вале як отряди чудогонаи ӯ зери фармондеҳии Кратер, ки роҳи Ҳиндустонро ба воситаи ин минтақа кушоданӣ буд, аз ин чо гузаштааст. «Бешак, - менависад муаллиф, - Дарвоз дар чунин ҳолат чун дарвозае хизмат карда метавонист, ки аз роҳи он сафи лашкари ғосиби бузург мегу- зашт»[11]. Муаллиф шубҳаи худро нисбати аз ин диёр гузаштани Искан- дари Мақдунӣ чунин изҳор доштааст:

«Маълум нест, ки чиро ба асос гирифта, хонҳои (ҳокимон - Ҳ.П.) ин чо худро авлоди ӯ (Искандар - Ҳ.П.) донистаанд. Ё хаёлест, хоҳишест барои Осиёи Миёна хос, ҳамаро бо номи қаҳрамони афсонавӣ нисбат додан, ё шояд баъди суқути шоҳигарии Юнону-Бохтар боқимондаи аз таъқибот раҳоёфтаи давлатдорон ба ин чои хилвати душворгузар ома- да, сабаби ақидаи ба авлоди Зулқарнайн мансубият пайдо кардани хо- надони маҳаллӣ гаштаанд»[12]. Дар ин масъала навиштаҳои Д.Н. Лого- фет гарчи ҳақиқати мутлақ буда наметавонанд, вале эҳсоси барои хо- нандаи борикбин чолиб буданашон водор месозад, ки аз он гуфтаҳо сарфи назар накунем. Тибқи ақидаи ӯ Искандари Мақдунӣ Қалъаихумбро бо чанг ишғол намуда, муддати мадиде дар ин чо қарор дошт. Баъди хуручи худ воҳиди мустаҳками ҳарбӣ (гарнизон) боқӣ гу- зоштааст[13]. Барои тақвияти назари худ ба он далел такя дорад, ки ҳангоми дар Қалъаихумб буданаш дар дасти сокинони маҳалӣ сиккаҳои қадимаи зиёд ва ашёи дигареро дидааст. Мувофиқи навиштаҳои ӯ марди бузургсоле дар пешаш тугунчаеро кушодааст, ки дар он, ба ғайр аз 3-4 сикка (танга), қариб бист дона ашёи зебу зинна- тии аз сангҳои қимматбаҳои бо санъати баланд суфташударо нигоҳ ме- дошт. Бо хоҳиши Д.Н. Логофет ҳамсафаронаш як сиккаи тилло, як ни- гини аз ёқут ва се нигини аз ақиқ зебоиёфтаро бо қиммати 300 танга (45 сӯми русӣ) харидаанд. У итминони қавӣ изҳор намудааст, ки ҳамаи

инҳо аз давраи юриши Искандари Мақдунӣ ва ворисонаш боқӣ монда- анд. «Фаровонии сиккаҳои давраи Искандари Мақдунӣ, ки дар Дарвоз мушоҳида мешавад, - менависад муллиф, - исботи айёнии дар Қалъаихумб муддате ба сар бурдани мақдуниён мебошад»[14]. Ҳамчунин қайд намудааст, ки дар сиккаҳои дидаи ӯ «номҳои шоҳони Бохтар» сабт шудаанд. Дар хиште, ки аз даруни чоҳе берун овардаанд, ӯ номи Базелеус Деметрийи якум - асосгузори давлати Ҳинду-Парфиягиро хондааст[15].

Бояд қайд кард, ки шачараи шоҳони Дарвозро ба Искандари Мақдунӣ расондан на танҳо ба муаллифони русу аврупоӣ, инчунин ба таърихнависони минтақаи Осиёи Марказӣ низ мансубият дорад. Маса- лан, Маҳмуд ибни Валӣ (асри XVII) дар китобаш «Баҳр-ул-асрор» то- беъияти Дара ва Дарвозро ба Балх нишон дода, қайд кардааст, ки ин мулкҳоро дар замонҳои қадим ҳокимоне (шоҳоне) зери итоат даровар- да, худро аз авлоди Искандари Зулқарнайн муаррифӣ кардаанд. Дар ин мулкҳо конҳои зиёди тиллое ҳаст, ки коркарди онҳо дар ихтиёри ҳокиму пешвои ҳар ду вилоят - шоҳ Бобур мебошад[16]. Бояд қайд кард, ки силсилаи шачараи шоҳони Дарвозро ба Искандари Мақдунӣ (356- 323 пеш аз милод) расондан ба ривояте асос ёфтааст, ки Марко Поло ба он ишора намудааст. Мувофиқи он ривоят гӯё насли шоҳони тамо- ми минтақаи Бадахшон, минчумла Дарвоз аз издивочи Искандар бо духтари Дорои III оғоз ёфтааст[17].

Ин ақидаро чуғрофиядону таърихнависи охири асри XIX - ибтидои
XX Муҳаммад Содиқхочаи Гулшанӣ низ чонибдорӣ намудааст. У бар ин ақидааст, ки мулки Дарвоз дар замони қадим мутааллиқи Искандa- ри Мақдунӣ буда, зерпояи мавчудияташ низ ба он замон мансубият до- рад. Гулшанӣ, инчунин, ишора намудааст, ки то замони ба аморати Бухоро ҳамроҳ кардан ин сарзамин мустақилияти худро нигоҳ дошта тавонистааст. «Шаҳри Дарвоз, - нигоштааст муаллиф, - шаҳрест қадим ва биноест азим аз чумлаи осор ва абнияи мулки искандари Зулқарнайн аст. Ин вилоят дар авоили қарни ҳозир (охири асри XIX) як ҳукумати худсарӣ буд, ки ба ҳиммати волои ҳазрати амирулмӯъминин чаноби олӣ марҳум (амири Бухоро - Музаффарро, ки солҳои 1860-1885 ҳукмронӣ кардааст дар назар дорад. - Ҳ.П.) замимаи давлати Бухорои Шариф гардид»[18].

Маълум аст, ки баъди вафоти Искандари Мақдунӣ (соли 323 то ми- лод), империяи ӯ ба зудӣ завол ёфта, дар байни сарлашкаронаш тақсим шуд. Аз чумла соли 306 то милод Селевк Бохтарро забт карда, ба ҳайати давлати бузурги Селевкиён дохил кард. Соли 250 то милод во- лии Бохтар Диодот аз заъфи империяи Селевкиён истифода бурда, аз ҳайати он баромад ва ба подшоҳии Юнону Бохтар асос гузошт. Ин давлат дар нимаи дуюми асри II то милод дар натичаи тохту този қабилаҳои бодиянишини Тахориён (Ючиҳо) барҳам хӯрд. Аз он давра

сиккаҳои (танга) тиллоии зиёде дар ҳудуди имрӯзаи Точикистон даст- раси бостоншиносон гаштааст, ки дар як тарафи онҳо силсилаи шоҳони Деодот, Деметрий, Евтимид, Евкрадит насб шуда бошанд, дар тарафи дигарашон симои худоҳову каҳрамонони асотирии Юнон: Аполлон, Артемид, Афина, Деметра, Геката, Гелиос, Геракл, Зевс, Ни- ка, Псейдон оварда шудаанд. Пайдо шудани чунин сиккахо дар Дарвоз эҳтимолан аз ҳақиқат дур нест. Вале дар ин чо шояд чунин саволе мантиқан ба миён ояд: оё сиккаву навиштаҳое, ки Д.Н. Логофет мушоҳида намудааст (ба ҳар ҳол дигар муаллифон дар ин бора маълу- моте надодаанд), сохтакорие аз тақлидкорони шоҳони Юнону-Бохтар нестанд? Дар ин чо боз як чиз дурустии хулосаҳои Д.Н. Логофетро зе- ри шубҳа мегузорад. Худи Қалъаихумб чун пойтахти шоҳигарии Дар- воз бо зарурати замон аз ибтидои асри XVII арзи вучуд намудааст (пойтахти қадимаи Дарвоз дар 6 км шарқтари он чойгир буд ва бо шарҳи ба ин чо кӯчондани пойтахт, мувофиқи мантиқи шарҳи мутта- сили давраҳои таърихӣ, хонанда шиносӣ пайдо хоҳад кард). Пас чаро мақдуниҳо пойтахти кӯҳнаи Дарвоз (Каррон)-ро қароргоҳи худ инти- хоб накардаанд? Умуман, суолҳо нисбат ба чавобҳо, дар ин масъала зиёдтаранд. Вале аз ин гуфтаҳо эҳтимоли қавие бармеояд, ки мулки Дарвоз анъанаҳои давлатдории хеле қадимаро дорост. Гарчи далели мӯътамаде то кунун боқӣ намондааст, вале ривояту тахминҳои мавчуда аз эҳтимолияти қавии дар замони Искандари Мақдуни вучуд доштани воҳиди давлатдории Дарвоз дарак медиҳанд.

Суннатҳои давлатдориро дар Дарвоз П.А. Кузнетсов ба оғози давраи насронӣ баробар донистааст[19]. Муаллифи номбурда ривояти маъруфи сокинони Дарвозро овардааст, ки мувофиқи он тахминан 1300 сол қабл ду бародар Қаҳқаҳа ва Шаҳшаҳа аз Бадахшон баромада, кӯшиши соҳибмулк шудан карданд. Қаҳқаҳа шоҳигарии Дарвоз ва мулку музофотҳои он замон дар тобеъият ӯ карор доштаи Вахш, Кӯлоб (Хат- лон), Хоҳон, Роғ, Ҳисор, Қаротегин ва Рӯшонро мутеи худ кард. Шаҳшаа бошад ҳокими Бадахшону Вахон, Шуғнон, Сариқол, Қундуз ва Читрол гардид. То замони ин маълумотро рӯи коғаз овардани муал- лиф, гӯё дар Читрол ҳукмронии намояндагони авлодии хонадони Шаҳшаҳа идома доштааст. Шоҳони собиқи Дарвоз бошанд, аз рӯи баъзе маълумотҳои шифоҳии ба ӯ расида, аз авлоди Қаҳқаҳа будаанд[20].

## ТАЪРИХИ АСРҲОИ МИЁНАИ ДАРВОЗ ДАР МАЪХАЗҲО ВА ХУЛОСАҲОИ ОЛИМОН

Шарқшиноси рус И. Минаев ба таърихи қадими мулкҳои ҳавзаи Амударё таваччӯҳ намуда, шоҳигарии дар навиштаҳои саёҳи Чин Сю- ан-Сзан зикр шударо чун диёри Кумедҳое, ки Птолемей ба он ишора кардааст, медонад. Аз ин водиҳо корвонҳои точирон аз Бохтар ба Се-

рика мерафтанд, ки ин масирро ба Дарвозу Рӯшон айният додан ба ҳақиқат наздик аст[21].

Гарчи маълумоти мазкур аз лиҳози манбаъ асоси қавӣ ва раднопазир надоранд, дар мачмӯъ аз воқеъияти бебаҳси пайдоишу ташаккули анъ- аноти хеле қадимаи давлатдории диёри Дарвоз гувоҳӣ медиҳанд. Шоҳони Дарвоз ҳанӯз қабл аз ҳучуми арабҳо ба Осиёи Миёна тибқи зарурати парокандагии сиёсии замон мувофиқ, истиқлоли ҳокимияти худро таъмин намуда буданд. Дар арафаи оғози футуҳоти араб ин па- рокандагии сиёсӣ, ки дар солҳои охири ҳукмронии Ҳайтолиён ё Хуннҳои сафед (асрхои У-УГ) ва Хоқонати турк (солхои 551-744) ба- рои он заминаи мувофиқ пайдо шуда буд, хеле фаъол гардид.

Б. Ғафуров вазъи сиёсии Мовароуннаҳри арафаи ҳучуми арабҳоро таҳлил намуда, аз мавчудияти мулкҳои мустақили зиёде дарак медиҳад ва дар ин зимн Дарвозро бо пойтахташ Каррон низ ном мебарад[22]. Тах- мин кардан мумкин аст, ки деҳаи имрӯзаи Кеврон номи ҳамон пойтах- ти қадимиро нигоҳ доштааст. Дар наздикии харобаҳои пойтахти бос- тонии Дарвоз - «Қалъаи кӯҳна» қарор доштани деҳаи номбурда, худ далелест, ки ба ин фарзия тобиши воқеъӣ медиҳад.

Албатта, он чӣ аз Қалъи кӯҳна то кунун боқӣ мондааст, барои хуло- саи дақиқ баровардан имкон намедиҳад. Бостоншиноси точик Ю. Яъқубов мавқеи чуғрофии қалъаи шоҳони Карронро (Муаллиф ба шак- ли Қаррон овардааст) аз рӯи харобаҳои мавчуд муайян намуда чунин менигорад: «Қалъа дар масофаи 1 километр аз Рузвай ва 2 километр аз Кеврон дар болои кӯҳи Зоғик дар баландии 500-600 м. аз сатҳи дарёи Панч чой дорад. Қалъа мавқеи стратегии хуб дорад ва аз он ҳамаи роҳҳои ба сӯи он меомада, аз масофаи 4-5 километр назорат мешаванд.

Болои кӯҳ, чои қалъа нисбатан кушода буда, ҳудуди 10-15 га замин- ро ташкил менамояд. Гирдогирди қалъа бо девори сангини 4 метр паҳноӣ дошта, иҳота шудааст».[23] Олим дар асоси мушоҳидаҳои худ тахмин мекунад, ки «ин чо як баландии аз сангу хок иборат вучуд до- рад ва шояд дар гузаштаи дур, яъне пеш аз ислом дар ин чо бурчи ота- ши муқаддас, маъбади зардуштиён будааст. Дар замони ислом эҳтимолан ба манораи азони намоз табдил мешавад»[24]. Олим дуруст қайд кардааст, ки ҳақикати ин баландиро «ковишҳои бостоншиносӣ маълум месозанд». Ин хулоса худ ба зарурати ковишҳои бостоншиносӣ дар ин мавзеи ёдгории нодири таърихӣ дарак медиҳад.

Дар ин чо зикри чунин нукта бамаврид аст, ки сайёҳ ва чуғрофиёдони бузурги эронинажоди арабизабон Ибни Хурдодбеҳ (820- 912/913) аз ҳачми хирочи яке аз намояндагони хонадони Тоҳириён Абдуллоҳ ибни Тоҳир (828-844) барои солҳои 211-212 (826-827) дар аморати хеш (ҳудуди Мовароуннаҳру Хуросон) ёдовар шуда, дар қатори дигар навоҳию вилоёт ҳачми хирочи барои Каррон таъйиншу- даро «чаҳор ҳазор дирҳам» нишон додаст[25].

Ба ақидаи ховаршиноси бузург В.В.Бартолд ҳудуди давлати Каррон қаламрави шоҳигариҳои баъдинаи Рӯшону Дарвозро дар бар мегирифт. Маълумоти мазкур далолат бар он медиҳад, ки Дарвоз бевосита дар ҳудуди қаламрави он аморат набошад ҳам, тобеъияти худро пазируф- тааст.

Гарчи маъхази мутаммаде то кунун пайдо нашудааст, вале аз хуло- саи мантиқии вазъи замон бармеояд, ки Дарвоз дар аҳди Сомониён мустақилияти фарогири ҳудуди давлатиро соҳиб бошад ҳам, узви қаламрави он салтанати бузурги точикон маҳсуб будааст.

Баъди сукути Давлати Сомониён то кадом андоза зери тобеъияти Ғазнавиён мондани Дарвоз маълум набошад ҳам, тахмин меравад, ки расман аз ҳудуди чунин давлати пурвусъат берун буда наметавонист. Ҳамзамон мавқеи канорагии чуғрофии он имкон намедод, ки тасаллути мутлақ дошта бошад. Гарчи вазъи айёми Дарвози давраи баъди Сомо- ниёнро ба сабаби то ҳол дастрас набудани далелҳои манобеи мӯътамад равшан кардан имкон надорад ва танҳо дар ҳадди ихтилофоти ҳудудии байни Ғазнавиёну Ғуриён қарор гирифтанаш ҳақиқати бебаҳс буда ме- тавонад. Дар замони Ғуриён (1149-1215), алалхусус дар давраи салта- нати намояндаи хеле машҳури ин сулола султон Ғиёсуддин (1163- 1203) Дарвоз ба қаламрави давлати онҳо ворид шуда буд. Дар «Табақоти Носири»-и муаррихи асрҳои XII-XIII Сирочуддини Ҷузчонӣ чунин омадааст: «Ва чун малик Фахруддин бад-он тахт бин- шаст, атрофу билод ва мамолики чиболи Шуғнону Тахористон, то ба Дарвозу Булӯр ва атрофи Туркистон то ҳадди Вахшу Бадахшон ҳама дар забт омад. Ва Малик Фахруддинро фарзандон шоиста дарраси-
данд»[26].

Ин мулк бо номи «Дарвоз» дар давраи Темур ва темуриён бо номи кишваре маъруф буд[27].

Аниқ муайян кардани давраи пайдоиши таркиби «Дарвоз» чун исми хос ва номи ин диёр, масъалаи бисёр мушкил ва сарбаста мебошад. Асли пайдоиши худи калимаро муайян намудан, дар назари аввал гӯё мушкилие надорад. Вай аз ду реша ва як ибораи точикӣ: «дар» ва «воз», ки маънии дари боз ё дари кушода дошта, дар ҳамбастагӣ бо вожаи «дарвоза» - меоянд, таркиб ёфтааст. Вале кай чун чойгузини номи «Каррон» ба сифати майянкунандаи номи ин диёри бостонӣ қабул шуданаш, дақиқсанчиро тақозо мекунад. Ақидае вучуд дорад, ки гӯё бо чунин ном ин мулки кӯҳистон ҳанӯз то ҳучуми арабҳо ба Осиёи Миёна иштиҳор ёфтааст. Барои хонандаи ба таърихи диёр таваччуҳдошта аз ҳама муҳим он аст, ки ибораи «дарвоз» бидуни шубҳа точикист ва беасос ба сифати номи диёр қабул нашудааст. Мавқеи чуғрофии Дарвози марказӣ ба ин фаҳмиш мувофиқат мекунад. Барои сокинони диёр мавқеи чуғрофии он муқаррариву он қадар таҳлилталаб набошад, барои ононе, ки аз қадим, бо сабабҳои гуногун,

ба воситаи ағбаи душворгузари Хобу Работ ба қисми марказии Дарвоз ворид мешуданд, ҳатман аз мушоҳидаи чунин манзара сарфи назар карда наметавонистанд: Баъди фаромадан аз нишебии роҳи ағбаи Хобу Работ ва расидан ба мавзеи Тангии Мурғон, дар чое, ки дарёчаи Хобу- Работ ба руди мусаффои Хумбов (Хумбоб) мерезад, тангное пеш меояд ва он шабеҳи дарвозаест. Баъди он водии нисбатан васеи Дарвози миё- на, ки то замони таъйини ҳудуди сарҳадии он дар соли 1895 байни Англияву Русия, ҳарду соҳили дарёи Панчро то сарҳади шоҳигарии Рӯшон дар бар мегирифт, намудор мегардад. Шояд ҳамин чиз боиси номи Дарвозро гирифтани ин сарзамин шудааст. Ба ин асоси воқеии чуғрофӣ ном гирифтани Дарвоз боз чунин далел гувоҳӣ медиҳад, ки то кунун сокинони Рӯшону Шуғнон мардуми Дарвозро «дарвозаен», яъне дарвозагиҳо ном мебаранд.

Дар мавриди пайдоиши ин ном дар адабиёти илмии мавчуда ақидаҳое низ ҳастанд, ки асоси ривоятӣ ё асотирӣ дошта, чун ҳақиқати мутлақ пешниҳод нашуда бошанд ҳам, барои бо пардаи муҳобот пӯшонидани руйдодҳои эҳтимолии таърихӣ оварда шудаанд. Б.Л.Громбчевский, тарафдори ақидаи аз калимаи дарвоза маншаъ ги- рифтани номи ин диёр бошад ҳам, лозим донистааст, ки ахбори ривоё- ти аз таърихдонони маҳаллӣ шунидаашро ба хонанда пешниҳод намо- яд. «Дар замони пайғамбар Муҳаммад, - менависад ӯ, - барои ғасби Дарвоз домодаш Алӣ фиристода шуд, вале аҳолии маҳаллӣ ба ҳадди имкон бо қӯшунҳои араб қаҳрамонона муқобилият нишон додаст, ки Алӣ натавонистааст мамлакатро бо қувваи лашкар ишғол намояд. Он гоҳ ӯ ба қароре омадааст, ки роҳи фиребро ба кор барад. Ба тамошои дорбозӣ иштиёқ доштани аҳолии Осиёи Марказиро ба назар гирифта, бо либоси дорбозӣ ба пойтахти ин мулк омада, банд кашида (аз рӯи ривоят ӯ гӯё аз як қуллаи кӯҳ ба қуллаи муқобили он, ки дар маркази Дарвоз ба ҳам хеле наздиканд ва аз тангнои доманаашон дарёи азими Панч мегузарад - Ҳ.П.), дар болои он рақсидааст. Дар ҳолате, ки мар- дум аз санъаташ ба вачд омада, аз ӯ чашм намекананд, чангиҳои араб ба дарвозаи шаҳр наздик мешуданд. Алӣ, ки ин наздикшавиро аз болои банд мушоҳида мекард, ба онҳо ишораи ба ҳучум гузаштанро дода, гӯё монда шуда бошад аз банд фуромад. Дар ҳолате, ки ҳоким барои ин ҳунарнамоии волояш шахсан тӯҳфа доданӣ буд, бо зарбаи ханчар ӯро аз пой афтонд. Дар ин ҳолат қӯшунҳои араб ба шаҳр ворид гашта аҳолиро аз дами теғ гузаронида, мулкро тобеъ намуданд. Аз ҳамон вақт ин диёр номи Дорбозро гирифтааст, ки бо мурури замон ба ибо- раи «Дарвоз» табдил ёфтааст»[28].

Дар бораи ин ақида ҳаминро гуфтан лозим аст, ки вай асоси воқеӣ надорад. Аввало Ҳазрати Алӣ ба ин диёр наомадааст. Сониян худи ибораи «дорбоз», мантиқан ва мазмунан ба мафҳуми «дарвоз» нафақат умумият, балки қаробате дошта наметавонад. Гузашта аз он, кам не-

станд номи мавзеъ ё чойхое, ки ба ин маънеи мутақобил (антоним) до- ранд. Ба хонанда возеҳ аст, ки дар манотиқи точикнишину форсизабон чандин деҳа ва музофот бо унвони «дарбанд» номгузорӣ шудаааанд.

Дар масъалаи ба доираи тасарруфи ҳокимияти муғулҳо даромадани тобеоти Дарвоз далеле дар даст надорем. Аксари муаллифон дар чунин ақидаанд, ки лашкари Чингизхон ё дастае аз он аз қаламрави Дарвоз нагузаштааст. Вале ин қазия маънои онро надорад, ки диёр аз тобеъия- ти истилогарони муғул пурра эмин мондааст. Дар деҳаи Кулумбаи Бо- ло то ба имрӯз дар масофаи 2 км нишонаҳои коркарди тилло боқӣ мон- даанд, ки тибқи ривоятҳои аз авлод ба авлод гузашта, дар онҳо гӯё навкарони Чингизхон тилло истеҳсол мекарданд ва халқи маҳалӣ низ мачбуран ба ин фаъолият сафарбар шудааст. Ин худ далелест аз эҳтимолияти қабулу эътирофи ҳокимияти муғулҳо, гарчи он тобеъият амалан расмияти зоҳирӣ дошт.

Чунончӣ дар боло қайд шуд, агар аз баъзе лаҳзаҳои тобеъияти муваққатии Дарвоз сарфи назар намоем, ин мулк то давраи ба аморати Бухоро ҳамроҳ шуданаш (1878) ҳамеша мустақилияти худро нигоҳ ме- дошт. Ҳаминро ба назар гирифта, Б.Н.Литвинов навиштааст: «Агар ба таърихи на он қадар мураккаби Дарвоз назар намоем, он гоҳ бо тааччуб мебинем, ки ин шоҳигарии аз чиҳати шумораи аҳолӣ хеле хурд, фақат ба наздикӣ (давраи ба Бухоро ҳамроҳ намуданашро дар назар дорад - Ҳ.П.) мустақилияти худро аз даст додааст»[29]. Ҳатто дар давраи Темуру темуриён, мутааллиқи қаламравашон бошад ҳам, то- беъияташ фақат бо ном буд. «Дар замони Темур, - менависад капитан Кузнетсов, - Дарвоз мисли Бадахшон дар қаламрави мулкҳои васеи зери тобеъияти ӯ қарор дошта бошад ҳам, аз тарафи шоҳони худаш идора карда мешуд»[30]. Абдурраззоқи Самарқандӣ дар баробари воқеаҳои соли 784 ҳичрӣ (1381 м.) рух дода, қайд кардааст, ки ҳангоми ба муҳосира гирифтани Калот, Темур дар лашкари худ дастаҳои аз со- кинони Дарвоз, Қаротегин ва Бадахшон ташкил додаро нигоҳ ме- дошт[31]. Вале ин далели тобеъияти пурраи ин минтақа буда наметаво- над. Шояд ҳокимони мулкҳои номбурда, ки аз иқтидори ҳарбии Темур нағз хабардор буданд, тобеъияти худро эълом дошта, ихтиёран барояш отрядҳои ҳарбӣ фиристодаанд ва бо ҳамин амали худ мулкашонро аз тасарруфу ғорати лашкари он ғосиб эмин нигоҳ доштаанд.

Аз Дарвози замони Темуру Темуриён ёдовар шуда, чанд нуктаи чолибро пеш овардан лозим меояд; аз чумла бояд қайд кард, ки Дарвоз бо чунин ном нахустин маротиба дар сарчашмаҳои хаттии ҳамин давра ёдовар шудааст, сонияи, аввалин кас аз шоҳони Дарвоз, ки номаш дақиқ сабт ёфта ва то замони мо расидааст, низ мутааллиқи ҳамин дав- ра мебошад.

Ба ин асари таърихии Шарофуддин Алии Яздӣ «Зафарнома», ки со- ли 1425 дар Шероз бо супориши писари Темур - Шоҳрух (1409-1447)

ва ба ривояти дигар бо фармоиши набераи Темурланг - Султон Иброҳим байни солҳои 1419-1424 дар асоси ҳуччатҳои расмии дарборӣ ва нақли ҳамсафони Темурланг бо забони форсӣ-точикӣ навишта шу- дааст, далолат мекунад. Дар ин асар давраи ҳукмронии амир Темур, гарчи дар камоли маддоҳу хушомад тасвир шудааст аҳамияти хеле қавии маъхазиро дорост ва ба бисёр чузъиёти ҳаводиси сиёсии он за- мони пурошӯбу ҳассос равшанӣ меандозад.

Аз мазмуни асар бармеояд, ки дар нимаи дуюми асри XIV Мовароуннаҳр ва дигар вилоятҳои атрофи он, баъди суръат гирифтани бӯҳрони давлатдории чингизиён, мустақиман ба доираи тохту тоз ва задухӯрдҳои ҳокимони муғултабор кашида шуданд. Аз ин кашмакашҳо ҳокимони Хатлон дар канор монда наметавонистанд. Аз рӯи маълумо- ти Шарофуддини Яздӣ ҳокими онвактаи Хатлон Кайхусрав аввал бо амир Ҳусайн ҳамкорӣ дошт, вале баъди ишғоли Бадахшон аз чониби ин амири носипос ба хиёнат гумонбар шуда, бародари ӯ Кайқубоди Хатлониро ба қатл расонд. Ин сабаби ба тарафи Туғлуқ Темурхон гу- заштани Кайхусрави Хатлонӣ ва ҳамроҳи ӯ солҳои 1360-1361 бар зид- ди амир Ҳусайн чангиданаш гаштааст.

Кайхусрав дар қатори асосгузори давлати Темуриён - Темурланг писари Тарғой барои ишғол намудани Мовароуннаҳр ба Туғлуқ Те- мурхон ёрӣ расондааст. Маҳз барои ҳамин хизматаш Темурланг ҳокими Шаҳрисабз таъйин гардид. Дере нагузашта, дар байни амир Темур ва амир Ҳусайн задухӯрдҳои шадид ба амал омад ва Кайхусрави Хатлонӣ худро чун иттифоқчии содиқ ба амир Темур нишон додан та- вонист. Ин ҳамкорӣ дар оянда ба алоқаи хешӣ табдил ёфт. Темурланг духтари Кайхусрави Хатлонӣ - Руқияро барои писараш Чаҳонгир хостгорӣ намуд ва ҳамин тариқ дар байни ҳокими Хатлон Кайхусрав ва Темурланг қаробати хешӣ оғоз ёфт ва дар задухӯрдҳои байни Темуру Ҳусайн ду ҳазор сарбози Кайхусрав дар сафи лашкари Темур мечангиданд.

Минбаъд, вақте ки аз зиддияти байни Темуру Ҳусайн истифода бур- да, шоҳи Бадахшон - Шайх Алии Бадахшонӣ ба Қундуз ҳамла оварда онро ғорат кард, ин амали шоҳи Бадахшон душманони дерина - Тему- ру Ҳусайнро аз нав ба ифоқа овард. Кайхусрав, ки ба хиёнати Ҳусайн муросо карда наметавонист, дар вақти дар Бадахшон будани ин «иттифоқчиён» ҳамроҳи Шайх Муҳаммади Баён дар Хатлон исён ба- рангехт. Ин ҳаракат фақат ба муқобили Ҳусайн равона шуда буд, вале Ҳусайн маккорона амал намуда, тавонист, ки Темурро бар зидди ин ҳокими Хатлон хезонад. Темур ба муқобили ӯ лашкар кашида, соли 1369 Кайхусрави Хатлонӣ ва Шайх Муҳамад Баёнро шикаст дод. Шайх Муҳаммад аз Сайҳун гузашта ба тарафи Тошканду Утрор фирор кард. Кайхусрав бошад, ба тарафи Олой рафт. Дар ин давра муноқишаи Ҳусайну Темур боз аз нав авч гирифт. Оқибат Темурланг қалъаи

Ҳиндувони Балхро, ки қароргоҳи асосии амир Ҳусайн ҳисоб меёфт, муҳосира намуда, муқовимати лашкарашро шикасту худашро асир ги- рифт. Кайхусрав аз ин истифода бурда, ба Темур аз нав наздикӣ чуста ӯро фаҳмонда тавонист, ки барои қатли бародараш Ҳусайнро бахшида наметавонад, барои ҳамин хоҳиш намуд, ки онро ба дасташ диҳад. Амир Темур ин хоҳишашро рад намуд, вале бо кадом воситае ба ӯ му- яссар шуд, ки Ҳусайнро ба қатл расонад. Ин сабаби аз нав авч гириф- тани хусумати Темур ба Кайхусрав гардид. Бо фармони Темур Кайхус- равро асир карда ба Самарқанд бурда ба навкарони Ҳусайн супориданд ва дар он чо ба қатл расонда шуд.

Амир Темур ба чои ӯ дар Тумони Хатлон хеши Кайхусрав Муҳаммад Миркаро ҳоким таъйин намуд. Гарчи ин ҳокими нави Хат- лон дар юришҳои ғоратгаронаи Темур, аз чумла соли 1383 дар забти Систон, баъдтар дар муҳосира ва ишғол намудани қалъаи Боязид шир- кат дошт, кӯшиши озодихоҳӣ низ ҳеч гоҳ ӯро тарк накардааст. Аз исё- ни Муҳаммад Мирка (ё Мирак) огоҳ шуда, Темур ба муқобили ӯ амир- зода Умаршайхро мефиристад ва ӯро шикаст медиҳад[32]. Дар «Зафар- нома» думболагирии Муҳаммад Мирка аз тарафи Умаршайх ба тариқи зайл омадааст:

«Ва пасон амирзода (ба Мирка) наздик расид... Аз қуввати давлати ҳазрати соҳибқирон иқди чамъияти мухолифон аз ҳам фурӯ гусаст ва ба мучарради овозаи вусули асокири гардунмаосир ҳазимат ёфта, мутавфаррику пароканда гаштанд. Ва Миркаро чун оташи нахвату ис- тибкор, ки аз боду ғурур... боло гирифта буд, фурӯ нишаст, шикаст. Шикаставу хоксор аз оби Вахш аз Тошкупрук гузашта, ба чониби Хат- лон гурехт. Шоҳзода ба таъчили тамом дар ақиби ӯ равон шуд ва аз Ҳисор бо роҳи Тиркании Қабчиғой (^^ <^^£) шитофта ба канори оби Вахш расид ва ба шино аз об бигзашт. Мираки рӯй аз давлат бар- тофта рӯй ба савби ҳимояти шоҳ Ҷалолуддин оварда ба Дараи Дарвоз °^) рафта буд»[33]. Вале шояд ба сабаби эҳсоси хавфи ҳучуму вайрон кардани мулкаш аз тарафи амир Темур буд, ки шоҳи Дарвоз Ҷалолуддин ӯро қабул накард. Ва ин дар китоби мазкур чунин омада- аст: «Ҳар оина шоҳ Ҷалолуддин дасти рад ба синаи умеди Мирка боз ниҳод ва ӯро ба қалъа роҳ надод, чи яқин медонист, ки ниҳоли ҳимояту раъояти бедавлатони саргаштарӯзгор чуз нақбату адбор самарае бор наёварад... чун Мирка хоибу хосир аз Дараи Дарвоз боз гашт, бештари навкаронаш, ки мулозим буданд, даст аз ӯ боздошта ва сари худ ги- рифтанд. Ва чун лашкари мансур (сарбозони Умаршайх) дар кӯҳу дашт ва росту чап ва пешу пас дар талаби ӯ (Мирка. - Ҳ.П.) бисёр биштоф- танд ва аз ӯ хабаре наёфтанд, амирзода Умаршайх дар Хатлон ба мав- зеи Қабчиғоқ (сЗ/*^) дар Оқсарой, ки қасри Мирка буд нузул фармуд ва мунтазир мебуд»[34]. Билохира Миркаро асир гирифта, ба Оқсарой (шояд баъди Ҳулбук дуввумин қасри ҳокимони Хатлон буд) нарасонда,

бо ишораи Умаршайх ҳамроҳи бародараш Абулфатҳ ба қатл расонда шуданд[35].

Ҳамин тариқ, аз ин ахбори матни «Зафарнома»-и Шарофуддин Алии Яздӣ чунин хулоса бардоштан мумкин аст:

а) дар муборизаҳои шадиди миёни Ҳусайн ва Темурланг ҳокими Хатлон мустақиман ширкат доштааст, ва ин аз нуфузу иқтидори ин давлат дар он замон шаҳодат медиҳад. Тобеъияташ то сукути ҳукмронии Кайхусрави Хатлонӣ будааст;

б) шоҳигарии Дарвоз бо ҳамин ном маъруфият ёфта, ҳанӯз истиқлолияти худро аз Темур нигоҳ медоштааст. Номи «Дараи Дар- воз» аз мавқеи кӯҳистониаш ба вучуд омадааст;

в) Шоҳи Дарвоз Ҷалолуддин аз чумлаи шоҳони ин мулки мустақили бостонӣ мебошад ва дар маъхазҳои асримиёнагии дастрас аввалин шоҳест, ки сабти номаш во мехӯрад;

г) аз қудрати шоҳигарии Дарвози замони авчи салтанати Темур ва нуфузи шоҳ Ҷалолуддин, дар дарбори ӯ паноҳ чустани ҳокими ба таъқибу думболагирии амир Темур дучоршудаи Хатлон Муҳаммад Мирка (ё Мирак) шаҳодат медиҳад.

Вале хулосаҳои боло чунин маъно надоранд, ки Дарвоз дар замони Темуру Темуриён истиқлолияти комил ва дастнорасии худро нигоҳ дошта тавонистааст. У ба монанди дигар мулкҳои минтақа ба тобеъия- ти Темуриён, чи хеле дар боло ишора рафт, афтода буд, вале ин то- беъияти зоҳирӣ буд. Ин сарзаминро дар он замон, зери итоати сиёсии он империяи абарқудрат бошанд ҳам, шоҳони сулолаҳои маҳаллӣ идо- ра мекарданд.

Чунин ҳолат дар давраи ба зери тасарруфи Абдуллохон даромадани Бадахшон (соли 1584) низ мушоҳида мешавад. Дар ин масъала навиштаҳои амалдори ҳарбӣ-маъмурӣ ва тадқиқотчии рус Г.А. Аран- даренкоро овардан ба маврид аст. «Дарвоз, - қайд кардааст ӯ, - умеди Абдуллохонро, ки дар он сарватҳои зеризаминӣ ёфтану ба Ҳиндустон роҳ кушодан дошт ва ба нияти ичрои ин мақсад тавонист ҳатто дар роҳи Бадахшон корвонсаройҳои хиштин созад, ба зудӣ аз ҳукмронии бухороиҳо раҳо ёфта, зери маъмурияти шоҳон аз сулолаи пештараи хеш қарор гирифт»[36].

«Шоҳон ин хонигариро (шоҳигарии Дарвозро дар назар дорад - Ҳ.П.) ниҳоят муттасилу тӯлонӣ идора намудаанд ва хотираи халқ қариб сад нафари онҳоро, ки паси ҳам ба тахт нишастаанд, нигоҳ ме- дорад. Ҳамин маром то ба тахти Бухоро соҳиб шудани Шайбонии шӯҳратманд Абдуллохон, ки дар чустучӯи роҳ ба Ҳиндустон ва бойга- рии маъдании гӯё дар қаъри замини Дарвоз буда, ин мулкро ба худ то- беъ намудааст, идома дошт». Муаллиф бар ин ақидааст, ки номи деҳаи Работ (Рубот) аз работи (истгоҳи лашкар) дар назди ӯ сохтаи Абдулло- хон мондааст. Номбурда инчунин ин «хати муҳими ҳаракатро ба тар-

тиб дароварда, чандин корвонсаройҳо бино ва воҳиди расмии маъмурӣ
- нозирони роҳро таъйин намуд»[37].

Баъзе аз муҳақиқин чунин ақидае доранд, ки гӯё Абдуллохон яке аз соҳибмулкони намоёни Дарвоз Шоқирғизро дар ин қисми қаламрави худ ҳоким таъйин намудааст. «Аз гузаштаи дур, - менависад Г.А. Арандаренко, - маълум аст, ки Дарвоз чанд сол зери ҳукмронии волӣ ва хеши маъмуриятчии борикбин - хони Бухоро Абдулло, Қиргизхон (Шоқирғиз - Ҳ.П.) қарор дошт»[38]. П.А. Кузнетсов ҳатто кӯшиш карда- аст, ки шачараи хешигарии Шоқирғизро бо Абдуллохон муайян намо- яд. «Дар замони ҳукмронии Бухороро дар даст доштани Абдуллохон, яъне 350 сол қабл, - менависад муаллиф, - дар хонигарии (шоҳигарӣ) Дарвоз Шоқиргиз ҳокимият меронд, ки модарашро Абдуллохон ба занӣ гирифта буд»[39]. Рочеъ ба валиаҳди Абдуллохон будани Шоқирғиз дар Дарвоз С.Д. Масловский низ изҳори назар намудааст[40].

Навиштаву хулосаҳои бо ному фаъолияти Абдуллохон вобастаро чун ҳақиқати маҳз қабул намудан лозим нест. Чунин муносибат кар- данро шарқшиноси бузург В.В. Бартолд низ таъкид намудааст. Ҳанӯз дар очерки таърихии «Точикон», ки соли 1925 рӯи чопро дидааст, ака- демик В.В. Бартолд дар масъалаи Бадахшонро забт намудани Абдул- лохон таваққуф намуда, қайд кардааст, ки ин кишвар то ғасби Абдул- лохон (то соли 1584) да зери ҳокимияти Темуриён қарор дошт. Ба ақидаи тахмини ӯ, вилоятҳои душворгузари Дарвозу Қаротегин «аз ӯзбекон соҳибихтиёр мондаанд»[41]. В.В. Бартолд ба ахбори муаррихи асри XVII Маҳмуд ибни Валӣ такя карда, навиштааст: «Фақат соли 1047 (1637/38) ба ӯзбекон бори нахуст қӯрғони Қалъаихум (шаҳри асо- сии Дарвоз), тобеъ гардид; саркардаи ӯзбекон Боқӣ атолиқ аз қабилаи ойратҳо; ҳоким (ҳокими Дарвоз - Ҳ.П.) Шоғариб кушта, каллааш ба Бухоро фиристода шуд; ба чои ӯ яқинан чун вассали ӯзбекон, барода- раш Шоқиргиз, ки аз хурдӣ дар дарбори ӯзбекҳо (дар Балх) зиндагӣ дошт, таъйин карда шуд»[42]. Ин гуфтаҳо (агар аз он чи нисбати Шоқиргиз оварда шудааст, сарфи назар намоем), асоси воқеъӣ дошта, бештар аз ҳақиқати ҳол дарак медиҳанд. Дар масъалаи хулосаҳои ба давраҳои Темуру Абдуллохон вобаста ҳаминро гуфтан лозим аст, ки ҳар муҳаққиқ бояд муҳоботи солноманависони бо ин ё он сабаб ба кирдору фаъолияти ин ду шахсият алоқамандро дар шарҳи воқеаҳо пай барад ва эхсос намояд. Дар ин масъала бори дигар ба тачриба ва хуло- саи В.В. Бартолд рӯ меорем, ки таъкидан фармудааст: «Дар Туркистон мекӯшанд, ки ривоятҳо оиди ин ё он воқеъаву корномаҳои таърихиро бо номи Темуру Абдуллохон ... вобаст намоянд»[43]. Чунин «анъана» барои шарҳи воқеъаҳои таърихи Дарвоз низ истисно буда наметавонад.

Вале аз мантиқи ахбори ба шахсияти Шоқирғиз мансуб бармеояд, ки падари ӯ точик, аз намояндагони сулолаи шоҳони маҳаллӣ ва мода- раш духтари яке аз саркардагони авлодии қирғизҳои Ҷиргатол будааст.

Шоқирғиз ном гирифтанаш низ аз эҳтироми падараш нисбат ба авлоди модариаш бармеояд. Тахмин кардан мумкин аст, ки падари Шоқирғизро ҳамсулолагони наздикаш аз тахт афтонда ва ӯ дар байни хешовандони занаш панаҳ ёфтааст. Бо фаро расидани шароити мусоид ӯ бо кӯмаки хешовандони занаш - қирғизҳо дар кашмакашҳои дарбо- рии байни талошмандони тахти Дарвоз ғолибият ба даст оварда писа- рашро соҳибтахт кардааст. Аз эҳтимол дур нест, ки Шоқирғизи ба ка- моли балоғат расида, бо саъю кӯшиши худ соҳиби тахт шудааст.

нати мусулмонӣ дар ин минтақа кӯмак расонад. Дар чавоб ба ин бо су- пориши махсуси шоҳ барои ба мусулмонӣ рӯй овардани мардуми Дара, Читрол ва Бошқир яке аз уламои Балх Поянда Муҳаммад бакавул бо ду нафар аз хизматгузорони дини ислом фиристода шуданд[2].

Бояд қайд кард, ки навиштаҳои Маҳмуд ибни Валӣ, ки худ бевосита шоҳиди ин воқеъият набуда, аз рӯи шунид хулоса кардааст, ба ҳақиқат рост намеоянд. Ислом дар ин минтақа хеле пештар паҳн шуда буд. Чӣ тавре дар боби аввали ин китоб ишора рафт, Каррон (Дарвоз) дар асри Х яке аз мулкҳои дар тобеъияти Сомониён буда ҳисоб меёфт ва ба онҳо андоз низ медод. Аз ин чо мантиқан хулосае бармеояд, ки дар ҳамон вақт дини ислом дар ин минтақа паҳн шуда буд. Тахмине, ки гӯё сокинони ин чо то охири замони асримиёнагӣ ғайримусулмон ё «сиёҳпӯшон» будаанд, пояи илмӣ надошта, ривояте беш нест. Ин тах- минрро аъзои сафорати Русия бо сардории А.Ф.Негри дар Бухоро Е.К.Мейендорф соли 1820 низ шунидаву дар китобаш «Саёҳат аз Оренбург ба Бухоро» овардааст. Ба назари мо шояд тахмини то давраҳои охир ба ислом рӯ наовардани мардум ба сокинони Ҳиндукуш ва Кашмир тааллуқ дошт, ки дар баъзе манбаъҳо чун «кофир» ё «сиёҳпӯшон» ёдовар шудаанд. Аз сабаби ба Помир ва Бадахшон аз чиҳати чуғрофӣ наздикӣ доштан, саёҳони ин минтақа саҳван сокинони Дарвозро низ ба сиёҳпӯшон нисбат додаанд.

Дар ин давра, вобаста ба қонуниятҳои замони парокандагии феодалӣ, сокинони диёр аз низоъҳои дохилӣ, мудохилаи ярoқноки кишварҳои ҳамсоя ва дигар хонигариҳои минтақа, берун монда наме- тавонистанд. Бесабаб нест, ки маҳз дар ҳамин давра гоҳо васеъ шудану аз ҳудуди маъмулӣ баромадан ва ба маротиб вусъат ёфтани қаламрави давлатии Дарвоз ба назар мерасад. Дар замоне боз то ҳудуди таърихии худ маҳдуд шуданаш низ бараъло мушоҳида мешавад. Зарурати пой- тахтро аз чои муқаррарӣ ба дигар чой кӯчондани шоҳони Дарвоз низ ба аввали ин давра рост меояд.

Аксари ахбори маъхазҳо ва хулосаи муҳаққиқони марбут ба таъри- хи ин давра чунинанд, ки авчи шӯҳрат ва устувории мавқеи сиёсии шоҳигарии Дарвоз ба замони ҳукмронии Шоқирғиз рост меояд. П.А. Кузнетсов дар асоси сӯҳбатҳои бардавом бо солхӯрдагону донандаго- ни таърихи Дарвоз хулосае пешниҳод намудааст, ки мувофиқи он ин шоҳигарӣ дар давраи ҳукмронии Шоқирғиз ҳам аз лиҳози иқтисодӣ ва ҳам ҳарбию сиёсӣ ба авчи аъло расидааст. Аввал Шоқирғиз тавони- стааст, ки Қаротегин, Вахш (шояд муаллиф Вахиёро дар назар дошта бошад. Ҳ.П.), Рӯшон, Шуғнон ва Вахонро ба зери ҳукмронии худ да- рород. Сипас, баъди фавти ҳокими Бадахшон Мирёрбек «Бадахшон ба Шоқирғиз ҳамроҳ шуд»[3].

Ин хулосаи Кузнетсов назари каме пештар ба қалам додаашро рочеъ ба ин масъала ботил месозад. Аввалан, ин муаллиф Шоқирғизро чун

волии Абдуллохон муаррифӣ намудааст. Акнун бо итминон қайд ме- кунад, ки баъди вафоти Мирёрбек Бадахшонро низ ба худ ҳамроҳ на- мудааст. Далелҳои мавчуда бошанд ин қазияро ба осонӣ ботил месо- занд. Мирёрбек, ки худ аз авлоди сайидони Самарқанд будааст, соли 1068 (1657/58) гӯё бо даъвати худи саркардагону сокинони аз низоъҳои дохилӣ ба дод омадаи Бадахшон тахти ин давлати нисбатан иқтидормандтари кӯҳистонро соҳиб гаштааст. Вале дере нагузашта кашмакашҳои дарборӣ ӯро мачбур сохтаанд, ки Бадахшонро тарк кар- да, ба Ҳиндустон муҳочират намояд. Ин рафтори Мирёрбек низоъҳои дохилиро боз бештар тезонд. У аз нав даъвати қотеъонаи бадахшониҳоро қабул намуда, дувум дафъа соҳиби тахт гардид. Ба то- беъияти расмии худ ба Аштархониёни Бухоро нигох накарда, Мирёр- бек тавонист, ки дар тамоми муддати ҳукмронии қариб нимасраи худ (соли 1706-1707 вафот кардааст) мустақилияти нисбӣ ва низоми мувофиқи давлатдориро нигоҳ дорад. Давраи ҳукмронии Абдуллохони II бошад ба нимаи дуюми асри XVI рост меояд, ки фарқияташ хеле зи- ёд аст. Аз мантиқи ин санад бармеояд, ки Шоқирғиз ворис ё волии Аб- дуллохон буда наметавонист. Ин қазияро шиносоии амиқ бо давраи ҳукмронии Шоқирғиз дар Дарвоз тақвият мебахшад.

Бо камию нокифояги ахбори маъхазҳо, ихтилофоти мундаричаву мантиқи матнҳо нигоҳ накарда, таҳлили маводи мавчуда далолат бар он дорад, ки Шоқирғиз дар солҳои ҳукмрониаш мавқеи сиёсӣ ва ҳарбии Дарвозро дар ин минтақаи кӯҳистон ва берун аз он ба мақоми хеле назаррас бардоштааст. Баландии эътибори ин шахсро хулосаи му- аллифони қаблӣ то андозае равшан намояд ҳам, таҳлили ахбори рочеъ ба ин замон, мақоми ӯро боз ҳам барчастатару воқеъбинона нишон хоҳад дод.

«Ин шоҳ (Шоқирғиз - Ҳ.П.), - навиштааст П.А. Кузнетсов, - одами далеру чанговар буд, барои раъияти худ корҳои зиёду хуберо анчом додаст». Ба гуфтаи ин муаллиф, баъди Шоқирғиз бародарзодаи ӯ Маҳмудшо муддати 60 сол дар Дарвоз ҳукмронӣ кардааст. «Дар давраи ҳукмронии ӯ, - идома медиҳад муаллифи номбурда, - Бадахшон, Ва- хон ва Шуғнон аз Дарвоз чудо шуда, аз чониби шоҳони худ идора ме- шуданд. Вахон ва Шуғнон аз ҳамон вакт ба Бадахшон ё Дарвоз, вобас- та ба иқтидору доираи таъсирашон андоз медоданд»[4].

Дар бораи дигар ворисони наздики Шоқирғиз то имрӯз маълумоти дақиқе ба даст наомадааст. Тахмин меравад, ки дар асри XVIII шоҳигарии Дарвоз дигарбора ба сатҳи иқтидори сиёсӣ ва ҳарбии дав- раи Шоқирғиз нарасидааст.

## ҚАЛЪАИХУМБ - ПОЙТАХТИ ШОҲИГАРИИ ДАРВОЗ

То асри XVII пойтахти шоҳигарии Дарвоз, чи хеле дар боло ишора рафт, бо номи Каррон 6 км дуртари шимоли-шарқии Қалъаихумб дар баландии аз чиҳати ҳарбӣ-мудофиавӣ (стратегӣ) хеле бобу муносиб чой гирифта буд. Қалъа аз ҳама тараф бо девори устувори аз сангу гил со- хташуда муҳофизат мешуд. Таърихи бино ёфтани ин қалъа маълум нест. Фақат аз истифодаи анъанаҳои хеле қадимаи сохтмони чунин иншооти побарчои манзилию мудофиавии харобаҳои он тахмин меравад, ки қалъа таърихи хеле қадимиро доро буда, сохтани он ба давраҳои аввали асрҳои миёна рост меояд. Албатта, ин мулоҳизаҳо аз каринаҳои меъморӣ тахмин шудаанд. Хуб мешуд, агар дар харобаҳои ин қалъа, ки дар байни сокинони маҳаллӣ бо номи «Қалъаи кӯҳна» аз давраи холиву «нодаркор» шуданаш маъруфият дорад, тадқиқоти мукаммали бостоншиносӣ гузаронида, мутахассисон санади пайдоиши онро ба тав- ри илмӣ асоснок менамуданд. Ин иқдом дар шинохти таърихи бостонии точикон саҳифаи чолибе хоҳад кушод. Сокинони қадимаи кӯҳистон, ба дурдастию мушкилии бероҳӣ ва дигар душвориҳои рӯзгор нигоҳ накар- да, дар ин чойҳо сукунати доимӣ ихтиёр намуда, анъаноти «авастоӣ» ва этникӣ-нажодии худро қариб беолоиш нигоҳ доштаанд.

Кушодани сабабҳои ба чои нав кӯчонидани пойтахт низ аз аҳамият холӣ нест. Дар ин масъала низ тахминҳои гуногун мавчуданд. Баъзеҳо дар ин ақидаанд, ки аз чиҳати чойгиршавии табиию ҳарбӣ ё стратегӣ чои пойтахти нав - Қалъаихумб мувофиқу муносибтар будааст. Вале аз диди мо ин ақида асоси воқеӣ надорад. Мавқеи стратегии пойтахти собиқ - Карронро борҳо таҳқиқотчиёни рус, ки худ аксаран намоянда- гони доираҳои ҳарбӣ буданд, қайд намудаанд. Дар ҳақиқат Қалъаи кӯҳна дар баландие чой дошт, ки аз тарафи шимол ӯро кӯҳи баланди касногузар, аз чануб дарёи пуртуғёни Панч ҳифз менамуданд. Аз ғарб кадом қувваи истилогаре, ки аз ағбаи Хобу Рубот фуромада тангнои ба дарвоза шабоҳатдоштаро мегузашт, албатта шоҳ имкон дошт онро дар назди қалъа нигоҳ дошта муҳофизати мулкро таъмин намояд. Аз тара- фи шарқ низ ин қалъа бе душворие низ муҳофизати худро таъмин кар- да метавонист. Пойтахти нав - Қалъаихумб бошад, дар назди тангное чой дошт, ки дар сурати якбора аз ағба фуромадан ё аз самти ғарб, аз деҳаи Умарак пайдо шудани ғосибон фавран мудофиаро таъмин наму- дан мушкил буд. Ба ҳақиқат рост омадани ин хулосаро ҳучуми ногаҳонии қӯшунҳои амири Бухоро зери фармондеҳии Худойназар атолиқ зимистони 1977-78 собит намуд. То ба худ омадану чорабиниҳои мудофиавиро таъмин намудани фармондеҳони дар ғафлатмондаи қӯшунҳои шоҳ, сарбозони Бухоро Қалъаихумбро ишғол намудаанд. Аз ин нигоҳ пойтахтро ба Қалъаихумб кӯчондан яқинан аз зарурати стратегӣ бар наомада, сабаби дигар доштааст.

Маълум аст, ки, яке аз сабабҳои аввалиндарачаи интихоби чойи со- хтмони шаҳр махсусан пойтахт ба дарачаи кофӣ мавчудияти манбаъи об мебошад. Бидуни мавчудияти чунин манбаъ пойтахти аввалаи Дар- воз табиист, ки вучуд дошта наметавонист. Тахмин меравад, ки дар иб- тидо қалъаро аз об чашмаи калоне таъмин мекард. Ин манбаи ҳаётан муҳими об бо сабаби табиие хушкидааст. Дар ҳолати муоинаи чиддии харобаҳои Қалъаи кӯҳна шояд нишонаҳои он пайдо гарданд. Ба анде- шаи мо сабаби асосии ба чои нав кӯчонидани пойтахти Дарвози бостонӣ хушкидани манбаъи таъминкунандаи оби қалъа мебошад. Ин фарзияро ривояти дар хотираи мардуми диёр то ба имрӯз пойдор мон- да низ тақвият медиҳад.

Албатта, то кадом андоза ба ҳақиқат наздик будани ривояти мавчуда, ҳукми қотеъона баровардан аз рӯи мантиқи илмӣ норавост, вале ба эътибор нагирифтани он низ беэътиноиест нисбати қимати маъхазҳои шифоҳии таърихӣ. Муҳаққиқон нағз медонанд, ки ҳаводиси гузаштаи дури ин ё он халқ бештар дар шакли нақлу ривоятҳои устуравӣ аз насл ба насл гузашта нигоҳ дошта мешавад. Дар ҳар сурат мо аз ривоятҳое, ки яке аз шахсиятҳои фарҳангии диёр, таърихогоҳу сиёсатшинос, сармутахассиси Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Точикистон Комёб Ҷалилов нисбати таърихи Қалъаи кӯҳнаи Дарвоз ҳангоми сӯҳбатҳои тӯлонӣ аз забони солорсоло- ни диёр шунидаву рӯи қоғаз овардаст, сарфи назар карда наметавонем. Шояд дар он гуфтаҳо ҳақиқате нуҳуфта бошад, ки онро дар оянда ковишҳои бостоншиносӣ тасдиқ намоянд.

Дар он ривоятҳо Қалъаи кӯҳна бо номҳои Қалъаи Шаҳшаҳа, шаҳри Кевроно, Қалъаи Нусай ёд мешавад. Сокинони имрӯзаи Дарвоз вайронаҳои онро чун Қалъаи Шаҳшаҳа ё Қалъаи Кӯҳна ном мебаранд. Аз рӯи ривоят Шаҳшаҳа (аз рӯи ривояти капитани рус Кузнетсов шуни- да, ки дар боло ишора шуд, на Шаҳшаҳа балки Қаҳқаҳа ба шоҳигарии Дарвоз асос гузоштааст), асосгузори қалъа худ аз авлоди фиръавн буда, чои қалъаро дар баландие интихоб намудааст, ки аз болои он чор самти атрофаш ба осонӣ мушоҳида шавад. Дар ҳақиқат ҳангоми ба болои вайронаҳои имрӯзаи дизи қалъа баромадан, кас метавонад дуриҳои чор тарафи онро бе малол мушоҳида намояд: аз тарафи шимол Орҳангу Хуф, аз тарафи чануб - тамоми дараи Ҷавай (Ҷавайдара), аз ғарб - то охири деҳаи Зинг ва аввали мавзеи Сангев, дар самти шарқ бошад, та- моми манзараи Кайванду Каймадуд бемалол назора мешавад. Ин чои интихоби бино аз мавқеи ниҳоят мувофиқи ҳарбӣ-стратегии қалъа дало- лат мекунад. Дар ривоятҳо омадааст, ки гӯё бо фармони бунёдгари қалъа - Шаҳшаҳа дар сохтмони он як намуд сангҳои муқаддаси аз Ванч бо амадҳо (салҳо) ба воситаи дарёи Панч овардаро истифода бурдааст.

Тибқи ривоятҳо дар чои ҳозираи вайронаҳои Қалъаи кӯҳна шаҳри калоне будаасту аз байнаш дарёе мегузаштааст, ки аз чашмаи Развон

ибтидо гирифта, шаҳрро пурра аз об таъмин мекардааст. Вале кадом гуноҳи содир кардаи Шаҳшаҳа ғазаби Худоро оварда бошад, ки оби чашма хушкидааст. Гӯё аз оби таҳшингаштаи он чашмаҳои Зоғик, Дашти Ҷомашевун, Були ва Рузвай пайдо шудаанд. Бо фармони Шаҳшаҳа, барои аз вайроншавӣ раҳо намудани шаҳри беобмонда аз оби Девдараи Мдверг чӯй канда ба шаҳр, ки он замон Кевроно ном доштааст об биёранд (ин ҳам тақвияти ақидаест, ки дар байни номи шаҳри қадимаи Кевроно, Каррон ва деҳаи имрӯзаи Киврон умумияте вучуд дорад). Вале баъди чандин қарнҳо бар асари сели бузурге гӯё ин чӯйбор пурра вайрон шудааст. Ин дафъа аз дарёи Нусай, ки имрӯз дар Рузвай чорист ва дар замони қадим аз назди мавзеи Зулманди имрӯза мегузаштааст, чӯйбор канда қалъаро обёрӣ кардаанд. Вале баъди чанде ин чӯйбор ва деҳаи Нусайро низ сел батамом вайрон кардааст. Аҳолии ин деҳа ба Рузвай ва дигар деҳаҳои атроф кӯч бастаанд. Акнун ба шаҳр аз дарёи Рузвай об овардаанд. Вале бо амри тақдир ин кӯшиши нав низ муваққатӣ буда, баъди чанде бо туфайли офати нави табиӣ - сели бу- зурге ҳам деҳаи Рузвай ва ҳам чӯйбори шаҳр пурра вайрон шудаанд. Аҳолии боқимондаи Рузвай ва Нусай акнун чойҳои дигарро обод карда сукунати доимӣ ихтиёр намудаанд. Деҳаҳои кунунии Рузвай ва Нусай (Нусайи соҳили чапи дарёи Панчи қаламрави Афғонистон) бо ҳамон номи деҳаҳои вайроншудаи қадимӣ номгузорӣ шудаанд. Нусайи қадима тибқи ривоятҳо болотар аз Говкурумбҳои (харсангҳои сел ғелонда оварда) назди деҳаи Рузвайи кунунӣ чой доштааст. Ягона ни- шонаи он деҳаи калон чанд кӯҳандарахтони тути то ба наздикӣ дар ончо буда, ки бо номи тутҳои Нусай маъруф буданд, ҳисоб меёфтанд.

Баъди ин дафъаи навбатӣ беоб мондан низ сокинони қалъа ва мавзеи атрофи он худро боз чанд муддате нигоҳ дошта тавонистанд. Гӯё бо заҳмати устоҳои моҳир чархи бузурге сохта, дар қирраю парраҳои он матоҳои ғафси пахтагине васл карда будаанд. Вақти гардиши чарх матоҳо ба дарё ғӯтида оби чаббидаашро боло мебардошт, сипас аз бай- ни ғӯлачӯбҳои ҳаллочии бузург мегузашт ва ҳамин тариқ оби ба новачӯбҳо фишурдашударо ба шаҳр равон мекарданд. Он қуллае, ки ҳаллочӣ насб шуда буду аз он бо новаҳо об ба чӯйбор чорӣ мешуд то кунун дар байни халқ чун Кӯи (кӯҳи) Об ва Дараи Обкаш ёд мешаванд. Вале бо ин усул шаҳр ва қалъаро аз об дурудароз таъмин намудан ниҳоят душвор буд Дар чунини ҳолати ногувор шаҳр боз қариб як аср худро нигоҳ дошта тавонистааст. Оби дарёи Панч бошад бо мурури замон мачрояшро кофта то рафт паст ва баровардани об душвор ме- гашт. Сокинони шаҳрро танқисии об мачбур мекард, ки ба деҳоти ат- роф кӯч баста зиндагии доимӣ ихтиёр кунанд. Оқибат шоҳ мачбур шуд, ки Қалъаро ба чои нав кӯчонад[5].

Дар ин чо ба маврид аст бори дигар ба ихтилофи дар ривоят чойдошта рӯ оварем: чи тавре дар боло ишора рафт, мушоҳид ва

тадқиқотчии рус капитан Кузнетсов солҳои 90-уми асри XIX ба сифати асосгузори қалъа ва давлати қадимаи Дарвоз аз мардуми таърихогаҳи маҳаллӣ номи Қаҳқаҳаро шунидааст. Баъди зиёда аз як аср, тадқиқотчии дигари рус, ходими илмии Институти шарқшиносии Ака- демияи илмҳои Федератсияи Русия ҳангоми сафари касбии худ, ки солҳои 2003-2006 дар ноҳияҳои сарҳадии Точикистону Афғонистон дар минтақаи ВМКБ гузаронидааст, аз сокинони маҳаллӣ ҳамон риво-ятро ба тариқи зайл шунидааст:

«Дар байни кӯҳҳои деҳаи Рузвайи Дарвоз харобаҳои қалъае мавчуданд. Аз рӯи ривоятҳо дар он паҳлавоне бо номи Қаҳқаҳа зиндагӣ мекардааст. Боқимондаҳои қалъа ва нишонаҳои чархе, ки он аз дарёи Панч ба қалъа об мекашидааст то охири асри XX мавчудияти худро нигоҳ доштаанд... Қаҳқаҳа хоҳари ниҳоят соҳибчамоле дошта, худ ба ӯ ошиқ шудааст. Ҳазрати Алӣ бо писаронаш Ҳасан ва Ҳусейн ба ин чо омада, дар муҳориба Қаҳқаҳаро ба қатл расонда, дар ин мулк пайравии ислом - мусулмониро барқарору пойдор намудааст. Дар Рузвай боқимондаи панчсад марқад мавчуд аст. Аз рӯи ривоятҳо онҳо марқади шаҳидонеанд, дар ин муҳориба барои тарафдории ҳазрати Алӣ ба муқобили кофирон чангидаанд...» (Ниг.: Емельянова Н. Дар- ваз. Религиозная и культурная жизнь таджико-афганского пригранигра- чья. - Москва, 2007. - С.28). Яъне бар хилофи шунидаҳои Комёб Ҷалилов, ки ба сифати асосгузори қалъа Шаҳшаҳаро овардааст, капи- тани тоинқилобии рус Кузнетсов ва тадқиқотчии муосир Надежда Емелянова аз маълумотдиҳандагон номи Қаҳқаҳаро шунидаанд. Аз рӯи шуниди мо низ бештар дар ривоятҳо номи дуюм во мехӯрад. (Дар ин радиф бояд боз изҳор дошт, ки бо чунин ном боз чандин қалъаҳои қадима ёд мешаванд, аз чумла дар вайронаҳои пойтахти қадимаи Иста- равшан - Бунчикат (Шаҳристон) бостоншиносон, хосатан академик Нӯъмон Неъматов, Қалъаи Қаҳқаҳаро таҳқиқ намудаанд). Ин ихтилоф албатта ҳалкунанда набуда, чузъист. Муҳим он аст, ки аз мазмуни ин ривоятҳо возеҳан таърихи ниҳоят қадимӣ доштани бунёди қалъа ва мавчудияти шоҳигарии Дарвоз бармеояд.

Акнун суоле пайдо мешавад: кай ва аз тарафи ки пойтахти шоҳони давраи охириасримиёнагии Дарвоз - Қалъаихумб бунёд шудааст? Ба он хушбахтона чунин дубайтии шоир, солноманависи гумноме, шояд ху- ди асосгузори қалъа бошад, чавоб додаст:

*Шаҳ сохт бинои цалъаро дар боге,*
*Офат нарасад ба мевааш аз зоге.*
*Таърихи биноги, Қалаихум кардам,*
*Дар синаи душманон нщодам доге.*

Калимаи охири ин дубайтӣ «доғе», соли бунёди бинои Қалъаихумб буда, аз рӯи ҳисоби абчад ба соли 1015 ҳичрӣ рост меояд, ки мутано- сибан ба соли 1606-1607-ти милоди баробар аст[6]. Ин санади мӯътамад, ки бидуни шубҳа соли бунёди бинои қалъаест, ки ба унвони Қалъаихумб чун исми пойтахти шоҳигарии Дарвоз муқаррар шуд. То интихоби ин мавзе чун пойтахт ва сохтани қалъа, ин чо деҳаи ахолиниттти н шояд бо номи Хумб ё Хамб вучуд доштааст.

Гурӯҳе аз муҳаққиқони тоинқилобии рус ба ривоёти сокинони маҳаллӣ такя карда, кӯчондани пойтахт ва бунёдгузории қалъаи онро ба Шоқирғиз нисбат медиҳанд, вале онҳо ба асноди замони хукумати Шоқирғиз рост намеоянд. Тибқи далелҳои дар даст доштаи мо солҳои хукумати ин шоҳ ба 1638-1668 рост меоянд. Яъне Шоқирғиз зиёда аз 30 сол пас аз пойтахт интихоб шудани Қалъаихумб ба тахти шоҳии Дарвоз соҳиб шудааст. Табиист, ки ӯ барои ободу зебо намудани он, аз чумла васеъ кардани боғи шоҳӣ, ки онро девори сангӣ иҳота намуда буд ва бо унвони «Боғи ирам» ёд мешавад ва шояд дар кори анчом до- дани сохтмони қалъа саҳми чиддӣ гузоштааст.

Номгузорӣ шудани пойтахти нави Дарвоз, аз кучо маншаъ гирифта- ни таркиби «Қалъихумб» низ ниёз ба санчиши дақиқ дорад. Қалъихумб дар соҳили рости дарёи Панч ва соҳили чапи шохоби он - Хумбов (дар нуктаи пайванди онҳо) чой дорад. Хумбов низ мисли Қалъаихумб, ки аз ҳамбастагии ду калимаи гуногунмаъни: «қалъа» ва «хумб» таркиб ёфтааст, ибораест, ки «хумб» ва «об»-ро ифода мекунад. Умумияти ин ду ибора дар қисмати «хумб»-и онҳост, ки ба гумони мо то кунун таҳлили воқеан ба маънӣ мувофиқи худро наёфтааст.

Тадқиқотчиёни тоинқилобии рус назари худро рочеъ ба номгирии пойтахти шоҳигарии Дарвоз бо чунин далел асоснок намудаанд, ки он аз хуми калони сангине дар инчо мавчуд буда бармеояд. Яке аз тадқиқотчиёни ба тарзи зиндагию анъаноти хоссаи сокинони ин диёр таваччуҳи махсус зоҳир намуда Г.А.Арандаренко мебошад. Номбурда чунин назари қатъӣ пешниҳод намудааст, ки гӯё «Қирғизхон аз сабаби дар ин чо мавчуд будани кӯзаи калони аз санги хоро сохта шуда, пой- тахти худро Қалъаихум номгузорӣ намудааст». Ба шуниди ӯ ин хуми бузургро гӯё ҳамсафону хизматгузорони Искандари Мақдунӣ, ки «дар ин зиндони ҳазрати Сулаймон» (аз сабаби канорагиву бероҳагӣ ба чу- нин баҳои рамзӣ муносиб донистаанд) сохтаанд[7]. Тадқиқотчии дигар Б.Л.Громбчевский мулоҳизаҳои худро дар бораи Қалъаихумб баён дошта, қайд намудааст, ки дар ин шаҳрча, дар тарафи рости роҳ санги хеле бузурги дарунковок - хуми шикастаи қадимае хоб рафтааст. Рӯи онро ҳангоми дар посбонӣ будан сарбозон, чун курсӣ истифода меба- ранд. Як пораи он сангкӯза дар девори тарафи чапи роҳ гузошта шуда- аст. Аз кучо пайдо шудан ва кӣ сохтани онро касе намедонад. Дар он ягон навиштачот ҳаккокӣ нашудааст ва нақше ба назар намерасад. У

низ баромади номи Қалъаихумбро ба ҳамин хуми сангӣ нисбат дода- аст. «Эҳтимолан, - менависад ӯ - то аз чониби паҳнкунандагони дини ислом - арабҳо забт шудан, дар ин чойхо буддоия ё браҳмания эътибор доштааст ва ин қуттӣ ё хуми азими сангӣ барои сӯхтани часади фавти- дагон истифода мешудааст. Ин албатта фикри шахсии ман аст, дар ривоятҳои дар байни халқ мавчуд буда, рочеъ ба ин масъала маълумоте боқӣ намондааст»[8].

Силсилаи назароти муҳаққиқони рус рочеъ ба сабаби чунин ном ги- рифтани пойтахти шоҳигарии Дарвозро ба ёд оварда, аз андеша ва навиштаҳои шарқшиноси номдор А.А.Семёнов, ки фикри муаллифони зикршударо қувват медиҳад, сарфи назар кардан маънии то ба охир на- кушодани ҳамфикрии онҳо нисбати ин чузъиёти таърихи Дарвозро до- рад. У тозагӣ ва сердолу дарахтии ин шаҳрчаи барояш фараҳбахшро қайд намуда, изҳор доштааст, ки мекӯшад, то оиди хуми номбурда, аниқтараш аз мавчудияти ду хум бештар маълумот диҳад, «чунки шаҳр номи худро аз онҳо гирифтааст (Қалъаи хумб дар фаҳмиши форсӣ маънии «қалъаи чом, кӯза»-ро дорад). Дар бораи ин ашёи тамошобоби Қалъаихумб зумрае аз сайёҳатчиёни дар Дарвоз буда ёдовар шудаанд. Хумҳо дар охири кӯча, дар чое, ки хонаи (казарма) сарбозон сохта шу- дааст, дар соҳили дарёчаи Қалъаихумб (Хумбовро дар назар дорад Ҳ.П.), дар назди резишгоҳи ӯ ба Панч чойгиранд. Ҳарду аз санги як- лухти бепайванд сохта шудаанд, диаметри (қутри) доираи онҳо ба яку- ним - ду оршин (газ ё олчин - андозаи дарозӣ, ки ба 71 см баробар аст - Ҳ.П.) ва чуқуриашон ба ним оршин мерасад. Як хум бо гӯшаи шика- стааш дар кӯча хоб рафта, дигараш чанд сажен (1 сажен ба се оршин ё ба 2,13 м баробар аст - Ҳ.П.) дуртар аз якум дар девори сангини кадом касе гузошта шудааст, ки фақат як кунчаш ба назар мерасад.

Донишмандони маҳалӣ - муллоҳо, мирзо ва худи мир мегӯянд, ки ин хумҳо тибқи фармони Искандари Мақдунӣ ҳангоми ба ин чо юриши ҳарбӣ карданаш бо дасти девҳо сохта шудаанд. Шояд хонҳои мустақили пештараи Дарвоз, ки худро аз авлоди ин Мақдунии бузург ҳисобида, бо эчоди чунин ривоят дар ин кӯзасангҳо иқтидори саравло- ди худро нишон доданӣ буданд. Баъзе аз сайёҳони ба инчо сафар дош- та, чунин ривоятро аз даҳони мардум шунида дар навиштаҳояшон чой додаанд.

Дар байни мардуми оддӣ бошад, ривояте сайр дорад, ки гӯё онҳоро 200 сол пештар ҳунарманди қошқарие барои тайёр намудани ранг ва ранг додани матоъҳои пахтагин сохта, мардуми таҳчоиро бо ин санъа- ти ҳунармандӣ шинос намудааст. Ин ривоятро як гурӯҳи точикони маҳаллӣ, ки дар тамошои сангҳо ҳамроҳӣ доштанд, нақл кардаанд. Ха- бари онҳо дар бораи бо дасти девҳо сохтани ин сангхумҳо камтаъсир- тар бошад ҳам, аз диди мо ба ҳақиқат наздиктар аст. Ин фикрро боз чунин далел тақвият мебахшад, ки ин қисми Дарвоз бо санъати балан-

ди истеҳсоли матои рангаи пахтагӣ дар тамоми Бухорои Шарқӣ маъруфият пайдо кардааст»[9].

Ҳамбастагии ибораҳои «қалъа» ва «хум» чун тавлидгари номи пой- тахти Дарвоз ба назари таърихӣ ва мантиқии аксари онҳо созгор омада бошад ҳам, вале на барои ҳама ҳақиқати бебаҳс қабул шудааст. Маса- лан, Д.Н. Логофет дар китоби хеш «Дар кӯҳҳо ва даштҳои Бухоро»[10], хулосаи дигарро пешниҳод намудааст. Ба ақидаи ӯ номи Қалъихумб аз таркиби «Қалъаи хуб» гирифта шудааст. Яъне қалъаест, аз дигар қалъаҳо хубтару беҳтар. Албатта, ин ақида аз диди мо қобили қабул набошад ҳам, онро сарфи назар кардан норавост.

Аз рӯи маълумоти мавчуда, ин маркази аввалдарачаи маъмурии Дарвозро Қалъаихум не, балки бештар Қалъаихумб ном мебаранд. Аксари тадқиқотчиёни тоинқилобии рус низ дар ҳамин шакл номи онро овардаанд, яъне ба «хум» овози «б» илова мешавад, ки дар мачмӯъ чун «хумб» меояд. Дар инчо ба маврид аст қайд кунем, ки дар забони классикӣ вожаи «хумб» чой дорад ва он низ фаҳмиши «хум» омадааст. Масалан, дар луғати Муҳаммадҳусайни Бурҳон, «Бурҳони қотеъ» омадааст: «Хумб ба маънии хуми бузург аст ва онро ба арабӣ дан гӯянд»[11]. Дар луғати номбурда «хунб» низ бо ҳамин маънӣ оварда шудааст[12]. Ин ҳам водор месозад, ки хулосаи дар боло ишора шудаи муаллифони номбурдаи рус асос дорад ва пурра аз тарафи дониш- манди маъруфи точик Худоӣ Шарифов дастгирӣ ёфтани ақидаи онҳо низ бесабаб нест. Вале дар ин масъала, гарчи ақидаи худро чун ҳақиқати бебаҳс пешниҳод карданӣ набошем ҳам, мехостем назари эҳтимолии хешро аз хонандаи нуктасанчу соҳиби андешаи мантиқӣ, пинҳон надорем.

Дар шеваи Дарвозу Ванч, водии Кӯлобу қисман Қаротегин чои ҳамворро «хамб» мегӯянд. Ба чои «фаромадан» ё «фуромадан» онҳо бештар ибораи «хамбидан»-ро истифода мебаранд, ки ин маънии аз баландӣ ба поён ё ба пастӣ фуромаданро дорад. Имрӯз низ ин калима дар гӯиши мардум маъмул аст. Масалан, ба чои «аз кӯҳ фуромадан», «аз кӯҳ хамбидан», «аз бом хамбидан», «аз мошин хамбидан» ва мо- нанди он мегӯянд. Аз мафҳуми ин калима ё вожа низ сарфи назар кар- дан чоиз нест. Аз он эҳтимолияти мантиқие бармеояд, ки баъди пой- тахт ё қалъаи собиқро аз баландӣ ба чои ҳамворӣ кӯчондан шояд ибо- раи «қалъаро аз баландӣ ба хамбӣ» кӯчондан мавриди истифода шуда бошад. Чунки ин ҳам ба воқеияти ҳол мувофиқат мекунад.

Барои касони ба мавзеъҳои чуғрофии кӯҳистон шинос истифодаи калимаҳои «хамб»-у «хамбак» ё «дашт»-у «даштак» чун номи чойҳо як чизи муқаррарист. Масалан, Дашти Лич (ё Луч), Сағирдашт (Дарвоз), Даштаки деҳаи Водхуд, дашти Сурхсангов, дашти Сари Сих, Дашти Бовуд, Палдаштҳо (Ванч) ва ғайра аз ин қабиланд. Ё номҳои калимаи «хумб» («хум») сохта ба монанди Хумдара, Хумби Варӣ, Хумроғӣ,

Хумби Роғ ва ғайра, ки дар ягонтои инҳо хуме пайдо накардаанд ва чу- нин ном гирифтаанд. Табиист, ки маҳз барои дар ҳамворӣ ё хамбии по- ёни чуқурӣ чой доштанашон сабаби чунин ном гирифтан шудааст. Ми- соли дигари тақвиятдиҳандаи ин ақида калимаи «хамбан» мебошад. Аз қадимулайём сокинони Дарвоз зарфи ночунбони бузурги захираи ғизоро дар анбори оила, ки «ганчур»-аш меномиданд, нигоҳ медош- танд. Девори бинои ганчурро, барои аз рутубату намӣ эмин доштани маводи хӯрока, чун орд, талқони тут (тутпист), талқони себ (себпист), меваи хушки тут, зардолу, пораи себ (себпора) ва ғайра одатан аз за- мин тахмин ним метр баланд, дар болои ғӯлачӯбҳо ва равчӯбҳои ғафси бадошт мебардоштанд. Ин зери холии ганчурро «бурғавч» меноми- данд. Дар даруни бинои ганчур аз ду тарафи пойгаҳ (рост ва чап), дар болои шифт ду девори тунуктари мувозии баландиашон тахминан 1,2- 1,3 м сохта, байнашонро низ бо девор, ба чуқуриҳои қуттишакли му- раббаъ чудо намуда, хамвор ва сахту суфта меандовиданд. Дар ҳар ка- доми ин «қуттӣ»-хо навъи чудогонаи маводи хӯрокиро нигоҳ медош- танд. Ҳамин зарфи мураббаъро «хамбан» мегуфтанд. Дар «Луғат»-и С.Айнӣ шарҳи «хамба» ва «ханба» чун «охури хиштин, чӯбин, ки дар вай ғаладона захира кунанд», омадааст[13]. Чи хеле мебинем, дар ин чо низ ибораи «хамб» истифода шудааст, ки маънии «чуқурии тагаш ҳамвор»-ро медиҳад. Дар Қаротегин деҳаҳои Пасихам, Хами Бушоли Боло, Хами Бушоли Поён номгузорӣ шудаанд. Ё Рӯи Хамб дар Зинг, Хамбо дар деҳаи Работ, Качхамб, Хамби Беминнат, Хамби Гавҳар, Хамби Зовю, Хамби Наврӯзгоҳ дар деҳаи Хоб, Хамби Вирагӣ дар деҳаи Зев, Хамбаки Эло дар деҳаи Гишони Дарвоз ва ғайра аз қабили онҳост. Ибораи «пастхамӣ» ҳам, ки дар забони адабии точик мавқеи побарчо дорад, низ далелест барои тақвият бахшидани хулосаи мо нисбати маънибандии номи пойтахти шоҳони Дарвоз - Қалъаихумб. Табиист, ки ин аз худи қонунияти забон, хусусияти лаҳчавию кӯтохтшавии он бармеояд ва ивазшавии ибораи «хамб» ба «хумб» мантиқи муқаррарист.

Барои тақвияти ин ақида зарурияти боз баргаштан ба идомаи ҳамон ривоятҳои халқиест, ки Комёб Ҷалилов гирд овардаю дар шакли дастхат ба муаллиф пешниҳод кардааст, пеш меояд. Аз чумла ӯ ривоятҳои халқиро доир ба зарурияти кӯчонидани қалъа чунин қаламдод намудааст:

«Тақрибан 600 сол пеш (аз рӯи далелҳои амиқи таърихӣ, ки аз маз- муни дубайтии дар боло оварда шуда бармеояд, 400 сол пеш. - Ҳ.П.) қалъа аз оби бо фир (чархро дар назар дорад. - Ҳ.П.) маҳрум шуда ва тақрибан боз сад соли дигар нимавайрону нимаобод мемонад.

Оқибат шоҳони Дарвоз мачбур мешаванд пойтахти мамлакаташонро ба дигар чой гузаронанд. Чун бисёре аз дарбориён ба Рузвай, Кеврон ва асосан ба маҳалли нав - Хумиварӣ (Хумбиварӣ. - Ҳ.П.) кӯчида буданд, шоҳон низ қалъаи худро дар Боғи Хам (боғи ҳамвор ё паст), ки баъдан

бо номи Қалъаи Хум ва ҳатто Хумб машҳур шуд, гузаронидаанд. Ба гуфти куҳансолон оҳиста-оҳиста тамоми чӯбу санги қалъаро (Қалъаи кӯҳнаро. - Ҳ.П.) канда ва аз он Қалъаи Хумро обод кардаанд»[14].

Дар ҳар ҳолат, сарфи назар аз кадом мафҳуме, ки номгузорӣ шуда бошад, худи чойгиршавии табии Қалъаихумб, ки пастхамии миёни кӯҳҳост, дар мачмӯъ, ба мафҳуми серпаҳлӯгии номаш мувофиқат ме- кунад.

## АЗ ШОҚИРҒИЗ ТО ИСМОИЛШО

Таърихи сиёсии Дарвози охири асримиёна монанди дигар сарзамину давлатҳои минтақа аз ҳудуди қонунмандиҳои замони парокандагии феодалӣ берун будан наметавонист. Муборизаи беисти намояндагони сулолаи ҳукмрон барои соҳиб гаштан ба тахти шоҳӣ, кӯшиши хонигариҳои ҳамсоя барои зери тасарруфи худ даровардани кишвар сабаби харобии мулк, торочу гирифтори қашшоқии мардуми бе ин ҳам аз камзаминию мушкилоти табиати кӯҳистон танқисии иқтисодӣ дош- та мегаштанд. Албатта аз диди бартарияти давлати мутамарказ ин па- рокандандагии халқи точикро ба давлатчаҳои хурд ва мунокишаи дои- мии миёни онхо бояд маҳкум кард. Вале воқеъияти парокандагии фео- далиро сарфи назар кардан, маънии ба қонунияти замон сарфаҳм на- рафтанро дорад. Аз ин рӯ ба задухӯрдхои доимии байни давлату давлатчаҳои мансуби як халқ, маду чазри ҳудуди онҳо амри таърих бу- да, дер ё зуд рӯй додани онҳо ва ба тағйири муносибатҳои иқтисодӣ, костагии хочагии натуралӣ, вусъати муносибатҳои молию пулӣ, инчу- нин, ба дарки зарурати тамаркузи давлат аз чониби халқу ҳокимони он вобастагии қавӣ дорад. Аз ин мавкеъ набояд задухӯрду талошҳои ин давлату давлатчаҳоро барои дифои нигаҳдоштани истиқлолият аз ҳамқавмони соҳибмулк ё дар мавриди мусоиди тасарруфи онҳо ва ба ҳудуди маъмурии худ дароварданашон аз дарачаи дарки заруаи имрӯзаи нигоҳдоштани ягонагии Ватан дид. Ин хусуматҳову рақобатҳоро воқеъияти замони парокандагии феодалӣ тақозо мекард.

Дар ин самт сухан ронда, боз аз як ҳақиқат набояд сарфи назар кард, ки дар мавриди талоши ачнабиёни бегонанажод баҳри тасарруфи киш- вари онҳо, баҳри дифоъ аз озодии хеш сокинони ин давлатчаҳо ва ҳамсояшонро ба ҳам муттаҳид месохт. Агар имконияти мустақиман бо душман чангиданро надошта бошанд (дурӣ аз майдони набард, надош- тани иқтидори ҳарбию иқтисодии муносиб, барои хуручи мустақил ширкат дар амалиётҳои ҳарбӣ) ҳам, ҳаддалимкон ба онҳо кӯмак мекар- данд. Ҳадди ақал ба бародарони аз таъқиботи душман ба ин чо фирор намудаву чон ба саломат бурда сарпаноҳ дода, захираи бе ин ҳам но- кифояи ғизоии худро бо ҳам медиданд. Таърихи Дарвоз дар ин масъала намунаҳои зиёде дар ихтиёр дорад.

Ҳангоми шиносоӣ бо таърихи Дарвоз, гарчи дар даст далели мӯътамаде надорем, аз мазмуни ахбори пароканда бармеояд, ки шоҳ ба талаби гурӯҳи мухолифин, алалхусус дар мавриди чун қувваи чиддии воқеӣ будани он итоат мекард. Ин гуна изҳороти рӯирости мардум чиҳати маҳкум кардани кирдори бечои шоҳ, аз чумла дар мавриди аз меъёри муқаррари зиёд гирифтани андоз ва худсарии амалдорони дар- бор дар ичрои дигар мачбуриятҳои низоми феодалӣ зоҳир мегардид, то андозае аз мавчудияти чузъиёти соддаи демократияи феодалӣ дарак медиҳад. Албатта, чунин ихтилофи миёни шоҳ ва фуқаро бе мудохилаи намояндагони наздики дарбор аз авлодони сулолаи ҳукмрон, ки барои тахт талош мекарданд, рӯй намедод. Гоҳо ин ихтилофҳо ба андозае те- зу тунд буданд, ки ба табдили соҳибони тахти шоҳӣ оварда мерасон- данд. Дар чунин ҳолатҳо гурӯҳе аз тарафдорони талабгори нави тахт ба болои кӯҳи пушти қалъа баромада, бо тамоми овоз дод мезаданд: «Ба- ро шоҳ, мо туро намехохем!»[15]. Ҳолатҳое буданд, ки шоҳ мачбуран ба ин талаб итоат мекард.

Давлати шоҳии Дарвоз монанди дигар мулкҳои ҳамсоя дуру дароз дар ҳолати суботу оромӣ қарор гирифта наметавонист. «Ҳеч гоҳ дар за- мони ҳокимияти шоҳони маҳаллии Дарвоз, - менависад Г.А.Аран- даренко, - кӯҳистониён оромиро намедонистанд, гоҳо дар натичаи каш- макашу задухӯрдҳо хешони наздики ҳокимон музофотҳои алоҳидаи мамлакатро (Хулоз, Вахиё, Ванч) зери итоати худ гирифта, бо ёрии ҳамдигар Қалъаихумбро ишғол мекарданд, гоҳо дар натичаи кӯшишҳои пайгиронаву ғаюрона ба шоҳ муяссар мешуд, ки мулкҳои ҳамсоя - Шуғнонро бо Рӯшон, Қаротегин, Балчувонро, зери итоати худ дароранд, дар онҳо низ ҳамеша олигархияи бенизом ҳукмронӣ дошт ва ин имкон медод, то дарвозиҳои тоқатовар нақшаҳои ғоратгаронаи ҳокимони худро ба чо оваранд»[16].

Ин талошҳои бардавом намояндагони хонадони шоҳӣ, ки аксаран бо задухӯрдҳо анчом меёфтанд ва кӯшишҳои вусъат додани қаламрави мамлакат аз ҳисоби мулкҳои ҳамсоя барои мардум нафақат бори гаро- ни моддӣ, балки чоннисориҳои зиёд ба вучуд меоварданд. Агар ба ин боз ҳучумҳои фочиабору ғоратгаронаи хонигариҳои қавитару дуру на- здикро зам намоем, вазъи ниҳоят сангину тоқатшикани рӯзгори аҳли заҳмат бараъло равшан мегардад. Ин гаронии тоқатфарсои зиндагиро фақат тамкину тоқати зодагони озодипарасти кӯҳсорон бардошта ме- тавонистанд.

Гарчи маводи муътамаде аз зиндагии ҳар яке аз шоҳони Дарвоз ва сиёсати ичтимоиашон дар даст надорем, ҳамин ахбори ками дар ихтиёр доштаамон бешак аз вазъи номусоиди сиёсӣ ва ичтимоии давлату дав- латдорон шаҳодат медиҳад. Полковник Г.А. Арандаренко ва капитан П.А. Кузнетсов ба маълумоти ба даст овардаашон такя карда, кӯшиш ба харч додаанд, ки ҳаддалимкон соҳибони тахти шоҳии охири асрҳои

миёнаи Дарвозро муайян намоянд. Г.А. Арандаренко «аз овардани маълумоти пурра доири Дарвози баъди ҳукмронии Шоқирғиз худдорӣ намуда, фақат шоҳони асилзодаву қадиминасли» асри Х1Х-ро қаламдод намудааст. Ба ақидаи ӯ дар хотираи халқ номи Мизробшо (1812-1822) боқӣ мондааст. Баъди ӯ чунин соҳибтахтон Дарвозро идо- ра кардаанд: Шотурк (1822-1830), Иброҳимшо (1830-1837), Султоншо (1837-1845), Исмоилшо писари Иброҳимшо (1845-1863), Шоидарвоз писари Исмоилшо (1863-1870) ва шоҳи охирин Сирочуддин писари Султоншо (1870-1876)[17].

П.А.Кузнетсов, шояд бо сабаби дар бораи солҳои ҳокимияти шоҳони Дарвоз маълумоти дақиқ надоштан, аз таъйини замони ҳукумати онҳо сарфи назар намуда, фақат солҳои ҳукуматашонро, аз сӯҳбат бо донандагони куҳансоли маҳаллӣ пешкаши хонандагон мена- моянд. Вале асоси ривоятии ахбор қимати маълумоти ин муаллифро коста нагардонид, чунки алҳол аз ин беҳтару бештар далеле дастрас нест. Аз ин рӯ зарурати бозгӯии ин ахборро мантиқи ин китоб тақозо менамояд. П.А.Кузнетсов аз шахсияти барчаста будани Шоқиргиз ёдо- вар шуда, роҷеъ ба ҳокимияти ворисонаш ва шоҳони минбаъдаи Дар- воз ин маълумотро, ки аз иқтибоси пурраш худдорӣ кардан мушкил аст, пешниҳод кардааст:

«Баъди Шоқиргиз бародарзодааш Маҳмудшо ба сари тахт омада, 60 сол салтанат кардааст. Дар давраи ӯ Бадахшон, Вахон ва Шуғнон аз Дарвоз чудо шуда, аз чониби шоҳони маҳаллӣ идора карда мешуданд. Аз ҳамин давра Вахон ва Шуғнон вобаста ба иқтидору нуфузашон, ба Бадахшон хироч медоданд, ба замми ин ҳамасола ба хони Кӯқанд тӯҳфаҳо мефиристоданд. Шоҳи навбатии Дарвоз бародари Маҳмуд Та- наи Фузашо буд, ки ҳамагӣ 4-5 сол ҳукмронӣ намудааст. Баъди вафоти ӯ писари Махмудшо Мухаммадхоншо соҳиби тахт эълон шуд, вале бо сабаби хурдсолиаш мамлакатро амакбаччааш Мизробшои Калон идора мекард. Дере нагузашта ӯ Муҳаммадхонро кушта пурра ҳокимиятро ба дасти худ гирифт. Мизробшо 15 сол ҳукм ронда, аз худ хотираи неке боқӣ гузоштааст. Баъди вафоти Мизробшо идораи давлат ба дасти ба- родари модариаш Шоидарвоз гузашт, ки 8 сол ҳукм рондааст. У одами ниҳоят бадчаҳлу маккор ва сарватпараст будааст. Сипас ба тахт писари Шоидарвоз Шотурк соҳиб шуда, 5 сол ҳукмронӣ кард. Уро бародараш Мизробшои кӯчак (Мизробшои хурдӣ - Ҳ.П.) иваз намуд, ки 2 сол соҳиби тахт буд. Баъдан бародари калонии ӯ Шосулаймонхон ба сари ҳокимият омада, 7 сол ҳукмронӣ кардааст. Сипас бародари Мизробшо Иброҳимхон соҳибтахт шуда 13 сол салтанат рондааст. Баъди ӯ писа- рамакаш Султон Маҳмудшо 9 сол давлатдорӣ дошт. Дар давраи ӯ хони Қӯқанд Махмуд Мадуллохон (Мухаммад Али хон ё Мадалихон - 1822- 1842 - Ҳ.П.) бо шоҳи Дарвоз дар ҳолати низоъ буда, бо сардории Муҳаммад Машир атолиқ ба самти Қаротегин лашкар кашид. Он замон

Қаротегин дар тобеъияти Дарвоз буд. Дар наздикии Ғарм бо қӯшунҳои Дарвоз задухӯрди сахт ба амал омад. Кӯшунҳои Дарвоз ба он тарафи Сағирдашт ақибнишинӣ намуданд. Аз Сағирдашт Муҳаммад Машир ба Қалъаихумб сафир фиристода, ба дарбори Қӯқанд рафтани Султон Маҳмудшоро талаб кард. Дар сурати ичро нашудани ин амр ӯ ваъда дод, ки Қалъаихумбро хароб хоҳад кард. Султон Маҳмудшо ноилоч ба тарафи Қӯқанд барои вохӯрӣ бо хон ба сафар баромад, вале дар рох, дар наздикии Шоҳи Мардон вафот ёфт»[18].

Яке аз мушоҳидачиёни ин ҳодисаҳо, Қори Эмомалӣ бо тахаллуси Комӣ (ваф. 1855) ба ин воқеаҳо таваччӯҳ намуда, дар «Таърихи манзу- ма», нокомии шоҳи Дарвоз Султон Маҳмудшоро чунин қаламдод кар- дааст:

*Чун муцобили шоҳи Фаргона,*
*Бар сари Ғарм боша (д) Дарвоз.*
*Шуд нагашта ҳанӯз сафи циттол.*
*Рост оҳанги ҳарб ношуда соз,*
*Шоҳи Дарвоз карда рӯ бар пушт,*
*Пушт бурду бедилон ҳамроз.*
*Гашта бигрехт баҳри таърихаш,*
*Коми аз гайбам омад ин овоз:*
*Сохт аз Ғарму Ҳоиту Сарипул,*
*По зи ҳар як бурун шаҳи Дарвоз.*

Барои сарфаҳм рафтан аз ин санаи таърихии воқеа Комӣ шарҳашро чунин овардааст: «Махфӣ мабод, ки ҳар як аз ибораи «Ғарм» ва лафзи «Ҳоит» ва ҳарфи пе, ки ба исқоти матлаи «Сарипул» иборат аз он аст, ба манзили моддаи торих воқеъ шуда ва ишорат намуда ба исқоти се ҳарфи зо, ки ба интиқоди матлаи «пои шоҳи Дарвоз» иборат ишорат ба он аст, аз мачмӯи маводи мазкур. Пас маҳсул ҳазору дусаду чиҳилу нӯҳ хоҳад буд, ки адади торихи мазкур аст»[19]. Санади 1249 ҳичрӣ, ки Комӣ ба он ишора намудааст, ба соли 1833/34 милодӣ баробар аст.

Ин санад ё ба қавли Комӣ мегӯяд: «Таърихи фатҳи билоди Қаротегин», боз дар абёти ӯзбекии асари мазкур чунин ба такрор ома- даанд:

*Фатҳу нусрат ила Фаргона сипоҳ Ғарм ӯза,*
*Етгоч ул-мулк улди мафтуҳ шаҳи Дарвоз дог.*
*Ким цилиб идбора ицболин бадал Ғарм устидин,*
*Қочти тошлаб ҳар на борин узни илоб беярог.*
*То хирад устоди таърихин деди Коми менга,*
*Югуранда Ғарм дан торти шаҳи Дарвоз аёг.*

Комӣ шарҳи таъйини санади ишорашударо чунин овардааст: «Мутаъаччиб мабод, ки ибораи Ғарм моддаи таърих воқеъ шуда ва

ишорат намуда ба дахли лафзи йу, ки шонздаҳ адад аст дар он ва ҳам бо исқоти ҳарфи зо, ки ба интиқоти матлаи «пои шоҳи Дарвоз» ишорат ба он аст аз он. Пас маҳсули ҳазору дусаду чиҳилу нуҳ хоҳад буд, ки ададӣ таърихи матлуб аст»[20].

Ин муаллиф санади вафоти шоҳи Дарвоз Султон Маҳмудшоро, ки ноилоч ба назди хони Қӯқанд сафар карда, дар роҳ фавтида буд, дар ду қитъаи дигар чунин овардааст. Қитъаи аввал:

*Ба азми остонбӯсии шоҳи мулки Фаргона,*
*Шаҳи Дарвоз чандин кӯҳу дарё ва давон бигзашт.*
*Вале бо хокбӯси боргоҳи хусравӣ восил*
*Нагашта, ҷон ба дасти ҷонситон дод, аз ҷаҳон бигзашт.*
*Пайи таърихи фавташ сар ба ҷайби фикр мебурдам,*
*Ҳамин як байти мавзун аз хаёли ман равон бигзашт:*
*Шаҳи Дарвоз андар мулки Хӯцанд омаду аммо Миёни шаҳрро*
*нодида аз ҷону ҷаҳон бигзашт.*

Ва шарҳашро чунин овардааст: «Пӯшида намонад, ки ин чо моддаи таърих мутандида воқеъ шуда, яке лафзи «шоҳи Дарвоз», дигаре ибо- рати «мулки Қӯқанд» ва ишорат воқеъ шуда ба исқоти ҳарфи ҳо, ки «миёни шахр» ибора аз он аст. Ва ҳам ба исқоти лафзи «чони чаҳон» баъд аз таркиби модайни мазкурайн. Пас, маҳсул ҳазору дусаду панчоҳу панч хоҳад буд, ки ададӣ таърихи вафоти шоҳи мазкур аст»[21]. Санади овардаи Комӣ ба соли 1839/40 милодӣ рост меояд.

Ин санад дар қитъаи дуввум чунин омадааст:

*Ҳар кӣ дар ин дори фонӣ омад аз дасти аҷал,*
*Аз ҷаҳон ӯ норасида бар сари мацсуд рафт.*
*Дошт дар дил шоҳ Маҳмуд, ин ки созад дар ҷаҳон,*
*Дида худро дар рикоби шаҳриёр ӯ зуд рафт.*
*То ки андар мулки Хӯцанд омад аз Дарвоз, лек Аз шаҳи*
*Фаргона нодида атову ҷуд рафт.*
*Яъне андар роҳ ҷоми марг аз дасти аҷал,*
*Нӯш карду аз ҷаҳон, он оцибатмаҳмуд рафт.*
*Баҳри таърихи вафоти ӯ хирад гуфто, ки нест Васфи беҳад*
*гар бигӯӣ: оцибат Маҳмуд рафт.*

Шарҳашро чунин овардааст: «Пӯшида намонад, ки (дар) ибораи «оқибат Маҳмуд рафт» моддаи таърих воқеъ шуда наваду шаш адад, ки «васфи беҳад» ишорат ба он аст соқит шавад, низ ҳазору дусаду панчоҳу панч ҳосил ояд»[22]. Яъне дар ин чо низ Комӣ дубора ба соли 1255 ҳичрӣ ишора намудааст, ки ба соли 1839/40 баробар меояд.

Аз мазмуни ин мисраъҳо, ба ғайр аз таъйини соли амалиёти чангии Дарвозу Қӯқанд дар Қаротегин, ки бо ғалабаи лашкари Қӯқанд анчом

ёфт ва вафоти шоҳи Дарвоз Султон Маҳмудшо боз ду хулосаи дигар бармеояд: аввалан, онҳо хусусияти мадҳӣ дошта, далел бар онанд, ки муаллиф яке аз хизматгузорони дарбори хон буда, нисбати шоҳи Дар- воз бадбиниашро пинҳон надоштааст. Сониян, фосилаи байни чангу даъвати шоҳи Дарвоз ба Қӯқанд қариб ҳафт сол мебошад. Аз ин фоси- лаи нисбатан тӯлонӣ хулосае бармеояд, ки эҳтимол шоҳи Дарвозу хони Қӯқанд дуввумбора байни ҳамдигар амалиёти чангӣ доштаанд. Дар ин маврид аз мавчудияти хусумати тӯлонии тарафайн низ набояд сарфи назар кард. Ба ҳар ҳол ин далел аз мавчудияти зиддияти тӯлонии миёни шоҳони Дарвозу хонҳои Қӯқанд мебошад.

Аз хусуси муносибати сиёсии Дарвозу Қӯқанд ёдовар шудан ба мав- рид аст, ки дар таъсису ташаккули хонигарии Қӯқанд ё Хӯқанд мавқеи точикони Қаротегин, Дарвозу Ванч, дигар шоҳигариҳои Помири Ғарбӣ (Рӯшон, Шуғнон, Вахон) ва Бадахшон ниҳоят назаррас будааст. Ака- демик Б. Ғафуров аз хусуси дар асри XVIII пайдо шудани заминаҳои ҳалкунанда барои ташкилёбии хонигарии Қӯқанд сухан ронда, аз чумла қайд кардааст: «Дар ин роҳ қадами нахустинро Олимхон (1800- 1810) гузошт. У бо мақсади баромадан аз тобеияти ашрофи ҳарбии феодалӣ дастаҳои махсуси низомӣ ташкил намуд, ки комилан аз точикони кӯҳистон - дарвозиҳо, қаротегиниҳо ва шуғнониҳо фароҳам омада буд. Ин даста вазъияти имтиёзнокро соҳиб гардида, дастаи асо- сии қӯшуни аз аҳолии маҳаллии ӯзбек ташкилшуда ҳисоб мерафт[23].

Чунин сафарбаркуниҳои ихтиёрӣ ва баъзан ичбории (дар ҳолатҳои ғалабаи муфаққатӣ) точикони кӯҳистон дар замони ҳукмронии Умар- хон (1810-1822) ва Мадалихон (1822-1842) низ васеъ мушоҳида мешу- данд. Аз доираи чунин сарбозони кӯҳистонӣ дар хонигарии Қӯқанд баъзан шахсиятҳои баландмартабаи ҳарбӣ ва сиёсӣ мебаромаданд. Яке аз чунин шахсиятҳо лашкаркаши бомаҳорати хони Қӯқанд Қаноатшоҳи парвоначӣ буд. Аз рӯи баъзе ақидаҳо ӯ аз намояндагони хонадони шоҳҳои Дарвоз буда, бо кадом сабабе дар хизмати Мадалихон қарор доштааст. Қаноатшоҳ солҳои 1846-1847 ҳокимии шаҳри Туркистонро ба ӯҳда доштааст.

Нуфузу эътибори Қаноатшоҳ дар ҳаёти сиёсии хонигарии Қӯқанд махсусан солҳои 50-60-ум хеле боло рафт. Дар ин солҳо чун ҳокими Тошканд борҳо ба қаламрави қирғизу қазоқҳо юриш кардааст. Борҳо ба ҳайси фармондеҳи қӯшуни Қӯқанд ба ҳучуми отрядҳои ҳарбии рус ҳангоми забти қалъаҳои Уч Алмато, Тухмак (Токмак), Аштек (Кастек) муқобилияти бобарор намудаст. Қаноатшоҳро Худоёрхон соли 1862 барои гуфтушунид ба Бухоро фиристод. Дар Бухоро ӯ қурбони хусума- ти сиёсии байни хони Қӯқанду амири Бухоро гашта, кушта шуд[24]. Ин худ мисоли равшанест, аз мавқеи муҳими точикони кӯҳистон дар ҳаёти сиёсии тамоми минтақа.

## ДАРВОЗ ДАР ДАВРАИ ҲУКМРОНИИ ИСМОИЛШО

Ҳукми шоҳони Дарвазро чи хеле, ки дар боло ишора рафт, капитан Кузнетсов нисбатан пурра муайян намуда, аз чумла чунин қайд карда- аст: «Баъди вафоти Султон Маҳмудшо тахти Дарвозро бародараш Аҳмадшо соҳиб шуд, вале аз сабаби золимиаш халқ аз ӯ норозӣ шуда, баъди 2 сол аз Кӯлоб бародарзодааш Исмоилшоро даъват кард. У бо отряди дар Оқсу чамъ намудаи худ Қалъаихумбро ишғол кард ва Аҳмадшоро ба қатл расонда, идораи шоҳиро ба даст гирифт. У 17 сол ҳукмронӣ карда, аз худ чун одами чиддӣ, адолатпеша ва инсондӯст хо- тираи неке боқӣ гузоштааст. Аз Шуғнон ва Вахон ӯ андоз меситонд. Ин 35 сол қабл буд (соли 1857 - Ҳ.П.)»[25]. Аз навиштаҳои ин муаллиф саволе бар меояд: Бо кадом сабаб Исмоилшо дар Кӯлоб иқомат дош- таасту ӯро аз он чо барои соҳиб шудан ба тахт даъват намудаанд? Гар- чи дар ин бора далели қавие дар даст нест, аз мантиқи рӯйдоди ҳаводиси оянда чунин хулосае бармеояд, ки таҳдиди эъдом дар задухурдҳои шадиди дарборӣ ӯро мачбур сохтааст, ки ба назди ҳокими Балчувон фирор намуда, дар он чо паноҳ чӯяд. Шояд ҳамин дастгирӣ буд, ки баъди ба сари қудрат омадан, дар давраи барои ҳокими Балчувон хеле заруpи мубориза ба муқобили ҳокими Ҳисор (дар поён шарҳи ин ҳамкории ҳарбӣ ва оқибати он оварда мешавад) чун иттифоқчии боэътимод Исмоилшо нақши ҳалкунанда бозидааст.

Силсилаи шоҳони минбаъдаи Дарвозро Кузнетсов чунин муайян намудааст: «Баъди вафоти Исмоилшо ҳокимият ба дасти писари кало- нии Султон Маҳмудшо - Иброҳимшо - шахсияти сустирода ва фосиқ гузашт. Дар ин давра ҳокимони Ҳисор ва Кӯлоб майли мустақилият намуда, ба амири Бухоро Саид Музаффар чанг эълон карданд (тибқи ахбори мавчуда ташаббуси зӯран тобеъ кардани Ҳисору Кӯлоб ва ди- гар мулкҳои Бухорои Шарқӣ аз худи амир, ки дар ин амал аз тарафи генерал-губернатори Туркистон фон-Кауфман дастгирии пурра меёфт, сар зада буд - Ҳ.П.). Саид амир Музаффар шахсан худаш Ҳисорро иш- гол намуд. Ҳокимашро ба қатл расонда, сипас лашкарашро барои забти Кӯлоб фиристод. Ҳокими Кӯлоб гурехт ва мулкаш ба тобеъияти амора- ти Бухоро гузашт. Инро дида, ҳокими Қаротегин ба назди амир рафта тобеъияти худро изҳор дошт. Бародарони Иброҳимшо исён бардошта, ӯро дар охири соли сеюми ҳукмрониаш аз Дарвоз ронданд. Иброҳимшо ба Бухоро фирор намуда, баъди чанде дар он чо вафот кард. Ба ҳокимият пурра бародараш Сирочуддиншо соҳиб шуд»[26].

Шоҳе, ки иқтидори шоҳигарии Дарвозро дар муқобили ҳукуматҳои ҳамсоя ба дарачаи чашмрас расонд, Исмоилшо мебошад. Чи хеле дар боло ишора рафт, Г.А. Арандаренко давраи ҳукмронии ӯро солхои 1845-1863 таъйин намудааст. Ин муаллиф чунин ахбори муҳим дода- аст: «Дар давраи Исмоилшо ба дарвозиён иқбол даст дод, ки натанҳо

Қаротегин ва Шуғнонро волинишини худ гардонанд, инчунин, мудда- ти дароз набошад ҳам, Кӯлобро бо Ҳисор хирочдиҳандаи худ ку- нанд»[27].

Яке аз сабабҳои муҳимми қувват гирифтани Дарвоз дар давраи ҳукмронии Исмоилшо ба ин шоҳигарӣ ихтиёран ҳамроҳ шудани Ванч ҳисоб меёбад. Аз рӯи маълумоти мавчуда, Ванч то охири солҳои 40- уми асри XIX мустақилияти худро нигоҳ медошт. Мавчудияти шоҳигарии Ванч то кунун дар хотираи мардуми қисмати марказии ин ноҳия боқист. Ҳарчанд роҳи асосии ба самти қалъа баранда ва худи қалъаи Ванч ҳанӯз дар солҳои аввали ҳокимияти Шӯравӣ аз байн рафта бошанд ҳам, ҳанӯз қалъа чун чои шоҳ (ша) ё мир ва роҳи асосии он чун «шаҳраҳа» ёд мешавад. Ин шоҳигариро низ намояндагони ҳамон суло- лае, ки худро чун авлоди Шоҳ Искандар муаррифӣ намуда, ҳукмронии шоҳигариҳои Каротегин, Дарвоз, Рӯшон, Шуғнон, Вахон ва Бадах- шонро ба зима доштанд, идора мекарданд. Рочеъ ба ҳамроҳшавии Ванч бо Дарвоз, ки пайвастани ихтиёрӣ буда, аз зарурати замон бармеомад, сухан ронда, аз як маълумоти ин иқдоми ихтиёриро радкунанда низ сарфи назар намудан аз диди ҳақиқатнигории таърихӣ норавост. Оли- ми табиатшиноси рус А.Э. Регел дар ибтидои солхои 80-уми асри XIX ба Қаротегину Дарвоз сафари касбӣ дошта, дар қайдҳояш овардааст, ки Дарвоз «Чиҳил сол қабл (ин ба ибтидои солхои 40 рост меояд - Ҳ.П.), баъди чанги дувоздаҳсола Ванчро забт намуда, бисёре аз сокинонашро ба Бухоро фурӯхт. Чангҳо бо Қаротегин низ воқеият доштанд. Соли 1868 ба муҳобили Шуғнон юриш карда шуд, вале бо шикасти дарвози- ён анчом ёфт ва чанговаронаш ба Бадахшон ва Қошғар фурӯхта шу- данд»[28].

Ин суханони муаллиф маъхази ирчоъ надоранд ва аз муҳоботи хаё- лии нависанда беш нестанд. Аввало он давраеро, ки муаллиф дар назар дорад, пеш аз ҳукмронии Исмоилшо буд ва Дарвоз ба чунин амал иқтидори кофӣ надошт, сонииян худаш ҳадафи ҳучуми хони Қӯқанд қарор ёфта буд.

Маҳз Исмоилшо (дар баъзе маъхазҳо - Шоисмоил), ки худ сиёсат- мадори пухта буд, тавонист, ки алоқаи наздики хешӣ бо шоҳи Ванч, ҳаммазҳабии сокинони ҳарду шоҳигарӣ ва аз ҳама муҳимтар хавфи ҳадафи тасарруфи давлатҳои нисбатан пурқувваттари ҳамсоя (пеш аз ҳама Бухорову Қӯқанд ва Афғонистон, ки дар он таъсири Англия эҳсос мешуд) қарор ёфтанро асос намуда, ин ду шоҳигариро бо ҳам пайван- дад. Ҳамроҳшавии ихтиёриро боз чунин далел собит месозад, ки ин тобеъят то давраи ҳамроҳ намудани шоҳигарии Дарвоз ба аморати Бу- хоро то андозае рамзӣ (номиналӣ) буд. Баъди қабули ин «тобеъият» низ Ванчро амалан ҳокимони маҳаллӣ - мирҳо идора мекарданд.

Қобили қайд аст, ки баъди ҳамроҳ шудани Ванч, иқтидори шоҳигарии Дарвоз хеле афзуд. Ба сафи лашкари Исмоилшо чавонони

ҳузарби ванҷӣ ворид гашта, имконияти ҷангии ӯро ба маротиб афзу- данд. Беҳуда нест, ки маҳз ҳамин боварӣ ба кувваи лашкари худ ва им- конияти ғалаба Исмоилшоро муваққатӣ бошад ҳам, ба фатҳи Рӯшон, Шуғнон, Қаротегин, Ҳисор бархезонд ва имкон дод то Кӯлобу Балчувонро низ ба доираи таъсири худ дарорад. Маҳз бо назардошти ин вазъият намояндаи расмӣ-маъмурии Русия дар Туркистон Г.А. Аранда- ренко (генерал-майор, губернатори вилояти Фарғона) қайд намудааст: «Дар давраи Исмоилшоҳ ба дарвозиҳо тақдир даст дод, ки ҳокимияти худро натанҳо дар Қаротегин ва Шуғнон ворид созанд, инчунин тӯлонӣ ҳам набошад, аз Кӯлобу Ҳисор боҷ ситонанд»[29]. Тибқи маълумоти тадқиқотчии то замони шӯравии рус Б.Н. Литвинов, дар давраи идора- кунии Исмоилшо Дарвоз «ба авҷи аълои тараққиёти худ соҳиб шуд»[30].

Ба таърихи хукмронию фаъолияти Исмоилшо таърихшиноси намоё- ни Тоҷикистони шӯравӣ Н.А. Кисляков (1901-1973) таваҷҷуҳи хосса зоҳир намудааст. У ба ахбори ҷамъовардаи хеш такя карда, лаҳзаеро бознамоӣ мекунад, ки қудратмандии ин шоҳи Дарвоз гувоҳӣ медиҳанд. Тибқи навиштаҳои ӯ ва далоили дигар маъхазҳои мавҷуда вусъати ну- фузу таъсир ва паҳнои ҳокимияти Исмоилшо чунин сурат гирифтааст:

Ҳокими Балчувон Каттабек аз қабилаи қатаған аз номӯътадили ав- зои сиёсии Ҳисор дар солҳои 40-50-уми асри XIX истифода бурда, со- ли 1841 ба қаламрави он аз самти Норак ва Кофарниҳон ҳуҷум кард. Каттабек ба ғалабаи осону ба даст даровардани ғаниматҳои зиёд бова- рии қавӣ дошт. Вале ғорат намудани чанде аз деҳоти дар роҳи ҳуҷум қарор дошта, аз ҷумла деҳоти Ромит сабаби шиддат гирифтани муқобилияти аҳолӣ гардид. Ба замми ин ба қароргоҳи муваққатии лашкари Каттахон қӯшуни ҳокими Ҳисор Абдулкаримхон расида ба ҳуҷум гузашт. Дар натиҷа сарбозони Каттахон шикасти сахт хӯрда, ху- ди ӯ асир афтид. Мушкилии вазъиятро фаҳмида писари Каттахон Миз- робшо таъҷилан ба ҳокими Ҳисор нома фиристода ӯро қатъиян огоҳ кард, ки «дар ҳолати ба қатл расондани падараш як қисми қаламрави Ҳисорро ғорат ва вайрону валангор хоҳад кард». Вале бо талаби қатъии ромитиён, ки ғоратгариҳои Каттахон ғазабашонро ба ҳадди их- тиёр бароварда буд, ин ҳокими ғосиб ба қатл расонда шуд[31].

Мизробшо барои қасоси падарашро гирифтан бо Исмоилшо гуфту- шунид карда (чунин рафтор бори дигар тасдиқ менамояд, ки Исмоил- шо аз таъқиби ҳамсулолагонаш-талошмандони тахти Дарвоз ба ҳимояи ҳокими Балчувон дар Кӯлоб паноҳ бурдааст), ӯро барои якҷоя ба мул- ки Ҳисор лашкар кашидан розӣ кунонд. Исмоилшо Тавилдарaро қароргоҳи маъмурии хеш интихоб карда, дар Қалъаихумб ба сифати волӣ писарашро таъйин намуда, ба Ҳисор лашкар кашид. Ба сабаби мавҷуд набудани маъхази боътимоди хаттӣ вусъати фаъолияти ҷангии Мизробшоро дар ин амалиёти якҷояи ҳарбии зидди Ҳисор муайян на- мудан хеле душвор аст, вале аз натиҷаи корзор бармеояд, ки Исмоил-

шо дар он мавкеи ҳалкунанда доштааст. У Файзободро ба осонӣ ишғол намуда, фавран ба тарафи Душанбе ҳаракат кард. Ин бесабаб набуд. Душанбе дар он замон баъди пойтахти мулки мустақили Ҳисор аз рӯи нуфузи сиёсию иқтисодӣ дар чои дуввум қарор дошт. Исмоилшо ба Душанбе ворид шуда, шаҳрро оташ зад. Ин амал ҳокими Ҳисорро ба тахлуқа афтонд. У пойтахтро ба ҳоли худ гузошта, роҳи гурезро пеш гирифт. Аз ин истифода бурда, Исмоилшо Ҳисорро ишғол кард ва онро ба сарбозонаш ба ғорат дод. У ғанимати зиёди (аз чумла чорво) ба даст овардаашро ба Кӯлоб фиристода, ният дошт, ки онро чун пойгоҳи (база) чорводории Дарвоз қарор диҳад. Худи Исмоилшо бо ғанимати зиёде ба Тавилдара баргашт.

Дере нагузашта ҳокими Балчувон Мизробшо вафот кард. Бародари хурдиаш Сарабек (дар баъзе маъхазҳо Сарахон) ҳокимии Кӯлобу Балчувонро ба даст гирифт. (Тибқи маълумоти муҳаққиқ Ғ. Ғоибов, баъди Мизробшо бародараш Қамчинхон се сол ҳукмронӣ кардааст[32]. Ба тахмини мо, Қамчинхон фақат ҳокими Балчувон будааст). Аз вазъ- ият истифода бурда, ҳокими Ҳисор Абдулкаримбек ба Сарабек қаробат чуст ва ӯро барои ба муқобили собиқ иттифоқчии Мизробшо Исмоил- шо якчоя ҳучум овардан розӣ кунонд. Худи Сарабек низ ба ин амал ҳавасманд буд. У намехост, ки дар иттифоқи ҳарбии Кӯлобу Дарвоз мавқеи дуйюмдарача дошта бошад. Ғурури бузургманишии Исмоилшо ӯро ба ҳоли бехудӣ меовард.

Акнун ду ҳокими бо ҳамдигар аҳди бародарӣ бастаи Кӯлобу Ҳисор, бо лашкари зиёде ба қаламрави Дарвоз ҳучум намуданд. Аз рӯи баъзе маълумотҳо Исмоилшо самти ҳучуми онҳоро муайян карда, қӯшуни худро ба Обигарм овард. Дар инчо муҳорибаи шадиде ба амал омад, ки ба шикасти Исмоилшо анчом ёфт.

Парии Ҳисорӣ, монанди дигар сокинони Ҳисор ҳучуми Исмоилшо ва молу амволи ҳамроҳи ҳокими Кӯлоб - Сарахон ба ғоратбурдаашро дар хотир дошта, ҳиссиёти бадбинии худро пинҳон намекард ва акнун аз ин ғалабаи Ҳисору рақиби дирӯза ва иттифоқчии имрӯзаашон хеле фараҳманд буданд. У ҳиссиёти хушнудии худро нисбати ғалабаи сар- лашкарони Ҳисор Муҳаммадҳакимбийю Қосимбий, шикасти Исмоил- шо ва ақибнишинии ӯро дар чунин мисраъҳо баён доштааст:

*Бифармуд аз хашм дар корзор,*
*Сипаҳдори лашкар сипоҳи Ҳисор.*
*Кашад бар сари ёгии баднщод.*
*Занад сар зи гардан теги ҷщод.*
*Ба фармудаи подшоҳи замон,*
*Шуд омода лашкар зи пиру ҷавон.*
*Ҳама ҷамъ гаштанд хурду бузург,*
*Чи Хатлону Деҳнав, чи тоҷику турк.*

*Бад-ин гуна лашкар ба чандин алам,*
*Расиданд то балдаи Обигарм.*
*Баромад ба сад узру бидид ин ҳашам,*
*Амон хост бар ҷону бидод Обигарм.*
*Шаҳисмоил он шоҳи баргаштабахт,*
*Ҷудогашта аз давлату тоҷу тахт.*
*Дар ин ҳол омад, шуд огаҳ зи кор,*
*Зи кайфияти лашкари бешумор.*
*Намудӣ ба чашмаш ҷаҳон растахез,*
*Гирифти ба якбора роҳи гурез*[33].

Аз мазмуни ин мисраъҳо бармеояд, ки лашкари иттифоқчиён нисбат ба қӯшуни Исмоилшо ба маротиб зиёд будааст. Ба замми ин ӯ аз шоҳигариҳои Қаротегину Рӯшон, ки он вақт зери итоаташ қарор дошта бошанд ҳам раҳоӣ мечустанд, дастгирӣ ёфта натавонист.

Исмоилшо ба Тавилдара ақибнишинӣ кард. Кӯшиши дар он чо чиддан ба такмили лашкар машғул шудан ва ба ҳучум гузаштан бенатича анчом ёфт. Иттифоқчиён қалъаи Тавилдараро, ки мудофиаи онро Исмоилшо ва писараш Шоидарвоз таъмин карданӣ буданд, ба муҳосира гирифтанд. Исмоилшо нобаробарии қувваҳоро дида мачбур шуд, ки ба иттифоқчиён таслим гардад. Уро бо тамоми аҳли оилааш асир гирифта, ба Ҳисор бурданд.

Аз чунин сурат гирифтани воқеа бохабар гашта, дар Қалъаихумб чанде аз ҳамсулолагони тахтхоҳи дарбор писари Исмоилшо Юсуфхон- ро, ки чун валиаҳд таъйин шуда буд, кушта часадашро ба дарёи Панч партофтанд. Исмоилшои маҳбус ин амали манҳуси наздиконашро шу- нида, чун рамзи азодорӣ як қабза риши дарози (аз рӯи ривоятҳо на кам аз се қабза будааст) худро буридааст. Баъди чанде, часади писарашро, ки дар Кубодиён аз дарё берун кашида буданд, оварда ба пешаш гу- зоштанд. У навҳаи чонхароше карда, ришашро боз як қабза болотар бурид. Баъди чанде, тибқи ҳукми Сарахону Абдукаримбек Исмоилшо- ро бо писараш Шоидарвоз ба қаламрави Афғонистон бадарға наму- данд. Пас аз ду соли сарсониҳо ӯ дар Бадахшон вафот кард. Дар ин за- мон писарамакаш Иброҳимшо ҳакимиятро ба даст гирифта буд.

Бояд қайд кард, ки аз рӯи ривояте дар деҳаи Тӯдаи Ҳисор шоҳони Дарвоз зиндагӣ доштаанд. Дар ҳақиқат то ба имрӯз дар ин деҳа қабристоне мавчуд аст, ки дар хотири халқ чун қабристони шоҳони Дарвоз боқӣ мондааст. Гӯё ҳамроҳи онҳо дар ин чо шоир Давлатшоҳи Дарвозӣ низ зиндагӣ карда, шеърҳои беҳтаринашро дар Тӯда эчод кар- дааст. Устод Мӯъмин Қаноат низ бо ёрии мӯйсафеди ҳамин маҳалла Ҳочи Султони Нақим ба он қабристон рафта мазори шоҳони Дарвозро зиёрат кардааст[34]. Ин ривоят асоси воқеӣ дорад. Чи тавре дар боло ёдо- вар шудем, ҳангоми дар асири нигоҳ доштани Исмоилшо часади писа-

раш Юсуфхонро оварда дар пешаш гузошта буданд. Табиист, ки он часадро дар Ҳисор ба хок супурдаанд. Номи қабристони Шоҳони Дар- возро гирифтан низ ба ҳамон Юсуфхон мансубият дорад. Аз рӯи мантиқи раванди ҳодисаҳои баъди шикасту асир шудани Исмоилшо шояд дар миёни асирон фарзандони шоҳон будаанд ва фарзанду набе- рагони ин авлод чун авлоди шоҳони Дарвоз дар ҳамин қабристон мад- фун шудаанд. То ба имрӯз боқӣ мондани ривояте, ки авлодони шоҳони Дарвоз дар Ҳисор зиндагиву фаъолият доштаанд, аз ҳамон асл маншаъ гирифтааст.

Писари Исмоилшо Шоидарвоз баъди вафоти падараш аз Афғонистон ба Ванч гузашта, баъди чанде дар атрофи худ чавонони ин диёрро чамъ намуда, тавонист лашкари пурқуввате ташкил диҳад. Бо ин қӯшун ӯ аз Қалъаи Ванч ба Қалъихумб лашкар кашид. Иброҳимшо фаҳмид, ки пеши роҳи Шоидарвозро гирифта наметавонад, пойтахтро тарк намуда, бо қӯшуни дар ихтиёраш буда, ҳамроҳи наздиконаш ба Сағирдашт гурехт. Лашкари Шоидарвоз бе монеа Қалъаихумбро ишғол карда, бо як қисми сарбозонаш барои дастгир кардани Иброҳимшо ба сӯи Сағирдашт шитофт. Иброҳимшо дар наздикии қалъаи Сағирдашт хати мустаҳками истеҳкомӣ-мудофиавӣ сохта, бо сарбозону наздиконаш камин гирифт. Вале ба қӯшуни Шоидарвоз муқобилияти чиддие нишон дода натавонист.

Аз рӯи маълумоту ривоятҳо, дар ин чо азбаски ғалабаи Шоидарвоз яқин буд, лашкари Иброҳимшо ба ақибнишинӣ майл мекард. Ин вазъ- иятро мушоҳида карда, барои рӯҳияи лашкарро бардоштан, яке аз фармондеҳони часури Иброҳимшо Ёқсучӣ (шояд на исмаш, балки нис- бааш бошад) бо найзааш ба майдон баромада гуфтааст: «Агар дар лаш- кари Шоидарвоз ягон ҳарифи ба ман мувофиқ бошад, барои қувваозмоӣ барояд. Якка ба якка мечангем, то пеши ин хунрезиро ги- рем». Сарбози часури Шоидарвоз Мирмӯҳточ ин даъватро кабул наму- да, ба майдон баромад. Ҷанги тан ба тан бо найзапартоиҳои тарафайн оғоз ёфт. Бояд қайд кард, ки Мирмӯҳточ - падари яке аз заминдорони калон Фирӯзшо ва бобои сарварони қувваҳои аксулинқилобии Дарвоз Ғайратшою Диловаршо мебошад.

Эҳтимол дар ин ҳарб Мирмӯҳточ бартарӣ дошт, ки Иброҳимшо баъди ин ба Қалъаи Сағирдашт ақиб нишаста, бе муқобилияти иловагӣ нияти аз он чо баромада рафтанро хабар дод. Бо боқимондаи лашкараш ӯ ба Тавилдара рафта, дар он чо қарор гирифт. Шоидарвоз бошад, ба Қалъаихумб баргашт.

Дар ин маврид бояд ёдовар шуд, ки дар кори муваққатан ба ифоқа омадану Сағирдаштро тарк кардани Иброҳимшо хизмати эшони Ми- рафзал (амаки эшони Султон) то андозае ҳалкунанда буд. Вале бо ин муқовимати Иброҳимшо хотима наёфт, зеро баъди як сол Шоидарвоз ба Тавилдара лашкар кашида Иброҳимшоро пурра торумор кард[35].

Аз тафсилоти ин вақоеъ чунин хулоса бармеояд, ки солҳои 60-уми асри XIX солҳои мубоизаи шадиди байни намояндагони хонадони шоҳони Дарвоз, бародарон Султонмаҳмуд, Исмоилшо ва фарзандона- шон - яъне амакбачаҳо ҳисоб меёбад.

Ба бартарии қувваҳои Шоидарвоз нигоҳ накарда, муборизаҳо дар оянда низ идома ёфтанд. Эҳтимол бо ёрии ҳокимони Кӯлобу Ҳисор ба тахти шоҳигарии Дарвоз писари Султонмаҳмуд - охирин намояндаи сулолаи шоҳони Дарвоз Сирочуддиншо соли 1870 соҳиб шуда, то аз тарафи қӯшунҳои амири Бухоро ғасб намудани ин мулк ҳукм рондааст.

Бо шиносоӣ бо қиссаи яккатозии Исмоилшо, муваффақияту нокомиҳои ӯ ва амали хунини намояндагони хонадони шоҳони Дарвоз хонанда то андозае таъсири мардуми Ванчро эҳсос мекунад. Ҳамроҳ шудани Ванч бо Дарвоз назаррастарин дастоварди сиёсии Исмоилшо ҳисоб меёбад. Ин дастоварда ба маротиб афзудани нуфузи сиёсӣ, иқтисодӣ ва ҳарбии ӯро таъмин намуд. Илова бар ин дар ҳолате, ки та- моми қаламрави Дарвоз ба дасти рақибони дарбории Исмоилшо гузаш- та буд ҳам, Ванч нафақат ҳукмронии онҳоро напазируфт, балки барои аз нав ба тахт соҳиб шудани валиаҳди қонунӣ - писари Исмоилшо Шоидарвоз, нақши ҳалкунанда бозид. Вале минбаъд мудохилаи ҳокимони ҳамсоя барои аз нав мустаҳкам шудани ҳокимияти мустақими писару наберагони Исмоилшо имкон надод. Ба замми ин бояд илова кард, ки маҳз шучоату мардонагии сокинони Ванч нагу- зошт, ки алангаи ин фочиаҳои дарборӣ дар диёрашон доман паҳн на- мояд. Ин ақидаро раванди воқеаҳо оянда тақвият мебахшанд.

## МУЛОҲИЗАҲО ДАР БОРАИ САНАДИ САЛТАНАТИ ШОҲОНИ ДАВРАИ АХИРИ ШОҲИГАРИИ ДАРВОЗ

Соҳиби тахт шудани шоҳони охирини Дарвоз ба даврае рост омад, ки кӯшишҳои футуҳоти Русияи подшоҳӣ дар Осиёи Миёна оғоз ёфта ва ба муваффақияти ҳалкунанда низ расида буд. Кӯшиши амири Бухоро Сайид Музаффар барои бо набарди ғалабаовар истиқлолияти кишвар ва ҳудуди аморатро нигоҳ доштанӣ буд, мувофиқи мақсад анчом на- ёфт. Дар натичаи шикасти қатъӣ чанде аз музофотҳои аз чиҳати иқтисодию стратегӣ (ҳарбӣ) хеле муҳим, ба монанди Хучанд, Уротеппа, Панчакент, Самарқанд ва Каттақӯрғон, мувофиқи шартно- маи 23-ми июни соли 1868 байни Русиву Бухоро, ба ҳайати Русия гу- заштанд. Истиқлолияти аморати Бухоро ба таври расмӣ нигоҳ дошта шуда бошад ҳам, амалан ин давлат ба тобеъияти бечунучарои (протек- торат) империяи абарқудрати Русия гузашт. Акнун амири аз ноилочӣ ба доираҳои ҳукмрон ва сарварони ҳарбӣ-дипломатии рус ба сифати «дӯсту иттифоқчӣ» кашида шуда, бо розигию дастгирии онҳо, чун

чуброни вилоятҳои аз дастрафтааш, барои зӯран тобеъ кардани мулкҳои мустақилу ниммустақили Бухорои Шарқӣ оғоз кард.

Вале қабл аз даст задан ба таҳқиқи ин раванд лозим аст андозаи ба ҳақиқати воқеъӣ мувофиқ омадани ахбори тақвимии (хронологӣ) давраҳои ҳукмронии шоҳони сулолаи маҳаллӣ, ки аз тарафи тадқиқотчиёни рус ба қайд гирифта шудаанд, мавриди таҳлил қарор ёбанд.

Ба маълумоти муҳаққиқон дар бораи таърихи давраи охирҳои асри- миёнаи Дарвоз шинос шуда, хонанда ба таври табиӣ, аз баъзе чузъиёти номутаносибу ихтилофдориашон сарфи назар карда наметавонад. Ин вазъият моро водор месозад, ки тахминӣ бошад ҳам, солҳои ҳукмронии шоҳони баъди Шоқирғиз соҳиби тахт шударо муайян кунем.

Ҳамин тариқ, тибқи хулосаи В.В. Бартолд, агар санаи ҳукмронии Шоқирғиз ба 1638-1668 рост ояд, пас аз рӯи ҳисоби қиёсии ахбори П.А. Кузнетсов, таърихи хонадони шоҳони Дарвозро тақрибан ба тариқи зайл муайян кардан мумкин аст:

| № | Исми шоҳон | Миқдори солҳои ҳукмронӣ | Санаи ҳичрӣ | Ба чунин солҳо мутобиқат мекунанд |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Шоқирғиз | 30 сол | 1047-1078 | 1638-1668 |
| 2 | Маҳмудшо | 60 сол | 1078-1140 | 1668/69-1728/29 |
| 3 | Танаи Фӯзашо | 4-5 сол | 1141-1146 | 1729/30-1734/35 |
| 4 | Муҳаммадхоншо | 26 сол | 1147-1175 | 1734/35-1761/62 |
| 5 | Мизробшои аввал | 15 сол | 1176-1191 | 1762/63-1777/78 |
| 6 | Шоидарвози I | 19 сол | 1192-1202 | 1778/79-1787/88 |
| 7 | Мансурхон | 8 сол | 1203-1211 | 1788/89-1796/97 |
| 8 | Шотурк | 5 сол | 1212-1217 | 1797/98-1802/03 |
| 9 | Мизробшои сонӣ | 2 сол | 1218-1220 | 1803/04-1805/06 |
| 10 | Султони хурдӣ (кӯчак) | 7 сол | 1221-1230 | 1806/07-1814/15 |
| 11 | Шоиброҳимхон | 13 сол | 1231-1244 | 1815/16-1828/29 |
| 12 | Султон Маҳмудшо | 9 сол | 1245-1254 | 1829/30-1838/39 |
| 13 | Шоаҳмад | 2 сол | 1255-1257 | 1839/40-1841/42 |
| 14 | Исмоилшо* | 17 сол | 1258-1276 | 1842/43-1859/60 |
| 15 | Иброҳимшо | 3 сол | 1277-1280 | 1861-1863/64 |
| 16 | Шоидарвози II | 4 сол | 1281-1285 | 1864/65-1868/69 |
| 17 | Сирочуддиншо | 9 сол | 1286-1295 | 1869/70-1878 |

(*тибқи маълумоти Г.А. Арандаренко, Б.Н. Литвинов ва диг. ҳукмронии ӯ ба солҳои 1845-1863 рост меояд)

Табиист, ки дар ин чадвали таърихи хонадони шоҳон бо ҳам мувофиқ наомадани санадҳо бо маълумоти чанде пеш ишорашудаи Г.А. Арандаренко ба назар мерасад. Бояд қайд кард, ки ихтилофи назар аз набудани манбаъҳои боэътимоди хаттӣ сар задааст. Маълумоти шифоҳии дастраси ин муаллифон гардида, заминаи қавӣ надошта, то андозае дар пояи тахмину фарзияҳо қарор ёфта бошад ҳам, ҳаргиз қиммати маъхазии онҳо ва хизмати муаллифоне, ки ин шунидаҳоро сабт карда, дастраси муҳаққиқон ва ҳавасмандон гардонидаанд, коста нахоҳад шуд.

Дар муқоиса ахбори П.А. Кузнетсов бо дигар манбаъҳо мӯътамадтар аст, чунки дар натичаи сӯҳбату муқоисаҳои тӯлонии назари мардуми маҳаллӣ ба даст омадаанд. Чунин ба назар мерасад, ки дар рӯйхати ӯ шоҳе аз хонадони шоҳони дарвозӣ берун намондааст. Вале гумон ме- равад, ки дар таъйини таърихи солҳои салтанаташон на ҳама чиз аз воқеият сар зада ва эътимобахш буда метавонад. Масалан, Г.А. Аран- даренко солҳои ҳукмронии Исмоилшоро 1845-1863 муайян кардааст. Капитан Кузнетсов бошад, фақат 17 сол соҳиби тахт буданашро нишон медиҳад. Мувофиқи ҳисоби тахминии боло солҳои 1843-1860 нишон дода шудаанд. Чунин номувофиқӣ шояд аз он чо сар задаст, ки Г.А. Арандаренко дар бораи баъзе аз намояндагони хонадони ҳукмрон маълумот наёфтааст. Масалан, дар навиштаҳои ӯ дар бораи Шоидарво- зи аввал, ки баъди Мизробшои Калон ва Иброҳимшо, ки баъди Шоис- моил ду сол ҳукумат рондааст, маълумоте наомадааст. Ё шояд дар ду соли охири ҳукмронии Исмоилшо, ки Тавилдараро маркази шоҳигарӣ қарор дода буду дар Қалъаихумб писараш Юсуфхон чун валиаҳд ҳокимият меронд, аз хаёл баромадаву мӯҳлати ҳукмронии Иброҳимшои бо кӯмаки иттифоқчиён - ҳокимони Кӯлобу Ҳисор баъди шикаст хӯрдани Исмоилшо ба тахт соҳиб шуда, аз будаш зиёд мавриди эътибор будааст. Гумон меравад, ки П.А. Кузнетсов ду соли дар Та- вилдара будани шоҳи қонунӣ Исмоилшоро низ ба давраи ҳукмронии Иброҳимшо нисбат додааст. Ба ҳар ҳол санади муаяншудаи ҳукмронии Исмоилшо - 1845-1863 ба ҳақиқат наздиктар мебошад.

Ин номувофиқии маълумоти ду муаллифро Н.А. Кисляков мавриди таҳлил қарор дода, назари чолибе дар ин масъала пешниҳод кардааст. Чунонки ӯ қайд мекунад, «Г.А. Арандаренко ба сифати шоҳи навбатии Дарвоз писари Исмоилшо Шоидарвозро ном бурда, солҳои ҳукмронии ӯро 1863-1870 муайян кардааст. Кузнетсов бошад, чун шоҳи навбатии баъди Исмоил писари Султон Маҳмуд Иброҳимшоро шинохта, дар бо- раи Шоидарвоз тамоман ҳарфе накушодааст». Баъдан ин муаллиф ра- ванди воқеаҳои ба Исмоилшо ва ашхоси баъди ӯ бо ҳар восита соҳиби тахт шударо бо ҳамон мазмуни дар боло қаламдод шуда овардааст.

Дар бораи замони ҳукмронии шоҳони Дарвоз сухан ронда бояд фаромӯш накунем, ки баъзе аз муҳаққиқон ба ривояте такя карда, ка-

сони ба ин хонадон иртибот надоштаро дар радифи шоҳон муаррифӣ мекунанд. Масалан, муҳаққиқи тадқиқгари доираҳои адабии Бухорои Шарқӣ ва Бадахшону Помир шодравон А. Абибов дар маҷмӯаи «Ганчи парешон»[36], ки қисми аввалаш ба шарҳи ҳаёту эҷодиёти шоирони дои- раи адабии Дарвоз бахшид шудааст, Субҳонқулихонро нодуруст чун шоҳи Дарвоз муаррифӣ намуда, давраи ҳукмрониашро охири асри XVIII таъйин кардааст[37]. Номбурда ин саҳвро дар китоби дигараш «Доираҳои адабии Бухорои Шарқӣ (асри XIX - ибтидои асри XX)» такрор мекунад. А.Абибов дар боби «Доираи адабии Дарвоз» - қотеъона чунин менависад: «Шаҳи Дарвоз Субҳонқулихон, ки дар охирҳои асри XVIII ҳукмронӣ кардааст, дар дарбори худ шоирони зиёди маҳаллиро фаро гирифта, худаш ва писараш низ ба шеъру шоирӣ машғул будаанд»[38].

Дар замони ишора шуда, чунончи дар боло омад, дар тахти шоҳии Дарвоз Мансурхон менишаст. Муҳаққиқ баъди чанде дар бораи шоири охири асри XVIII - ибтидои асри XIX Субхонқулии ибни Сайидшоҳ, ки бо тахаллуси Қулӣ шӯҳрат пайдо кардаву соҳибдевон будааст ва монанди Субҳонқулихон исмаш дар маъхазҳо омадааст, хабар дода, менависад: «Қулӣ дар ноҳияи Шикайи Дарвоз ҳоким будааст, ки мувофиқи истилоҳи ҳамон вақт онҳоро «шаҳ» мегуфтаанд»[39]. Ин ҷо низ иштибоҳ ба назар мерасад. Дар он замон фақат ҳокими тамоми Дарвоз бо унвони «шаҳ» ё «шоҳ» (шо) соҳиб буд, маъмурини ноҳияҳоро «ҳоким» ё баъзан «мир» мегуфтанд.

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | | 'Г1ЙЙ^ |

# *Боби III* БА ТАСАРРУФИ АМОРАТИ БУХОРО ДАРОМАДАНИ ДАРВОЗ

## ЗАМИНАҲОИ ЗЕРИ ТАСАРРУФИ БУХОРО ҚАРОР ЁФТАНИ ДАРВОЗ

Оғози забткориҳои Русия дар Осиёи Миёна барои дигаргунсозиҳои сиёсӣ, иқтисодию ичтимоӣ заминаи устувор эчод кард. Аз раванди футуҳоти Русия аморати Бухоро дар канор монда натавонист.

Нақшаи тасарруфи Осиёи Миёна дар доираҳои ҳарбию дипломатии Русия хеле пештар пешбинӣ ва тарҳрезӣ шуда бошад ҳам[1], барои амалӣ шудани он дар миёнаи солҳои 60-уми асри XIX шароити мусоид фароҳам омад. Соли 1964 отрядҳои ҳарбии Русия дар ду самт (аз қалъаи Верное (феълан ш. Алмата) ва аз Қизилорда) ба амалиёти ҳарбӣ оғоз намуда, моҳи май Авлиёота, июн қалъаи Туркистонро ишғол кар- данд. 21 сентябр баъди Чимкентро ба даст даровардан, қувваҳои ҳарбии ду самти стратегӣ амалан бо ҳам пайвастанд ва барои фатҳи Тошканд, ки он вақт дар ҳайати хонии Қӯқанд буд, сафарбар шуданд. Якуми октябри соли 1864 барои ичрои ин амал генерал М.Г.Черняев ба самти Тошканд хурӯч кард. Вале ҳучуми аввал барояш бебарор анчом ёфт. Бори дуввум бо тайёрии ба маротиб чиддӣ 29-уми апрели соли 1865 Черняев барои ишғол кардани шаҳри аз чиҳати ҳарбию стратегӣ бисёр муҳимми Осиёи Миёна - Тошканд ба ҳучуми қатъӣ гузашт. У дарғоти канали Анҳорро, ки аз дарёи Чирчиқ шаҳрро бо об таъмин ме- кард баста, шаҳрро ба муҳосира гарифт ва сипас ба ҳучум гузашт. Ба муқобилияти сахти сокинони шаҳр нигоҳ накарда, шаби 14 ба 15-ми июн ба Черняев муяссар шуд, ки ба ин шаҳр ворид гардад. Ҷангҳои шадид дар дохили шаҳр се рӯз идома ёфтанд. Ниҳоят, баъди 17-ми июн лашкари рус муқобилияти муҳофизони Тошкандро шикаст. Черняев бо намояндагони шаҳр шартнома имзо кард, ки мувофиқи он Тошканд мулки мустақил эълон шуд. Ин ба замоне рост омад, ки зиддияти бар- давоми байни Бухорову Қӯқанд ҳамоно идома дошт. Бухоро аз фурсат истифода бурда, барои забт намудани Хучанд ба муқобиди Қӯқанд лашкар кашида, ҳамзамон аз Черняев талаб кард, ки аз Тошканд

қӯшунашро бароварда, шаҳрро ба ихтиёри ӯ гузорад. Ин талаби амири Бухоро баҳонаи ба таври расмӣ моҳи октябри соли 1865 ба ҳайати Ру- сия дохил намудани Тошканд, инчунин амалиёти тарафайни ҳарбии байни қӯшунҳои русу аморати Бухоро гардид.

Черняев ба чанг омода шудани амир Музаффарро фаҳмида, моҳи январи соли 1866 ба самти Ҷиззах, ки ба қаламрави аморат дохил буд, бо отряди начандон калони ҳарбӣ ҳаракат кард, вале ба муқобилияти сахти сокинони Ҷиззах дучор шуда, ғайри чашмдошт шикаст хӯрд. Ба- рои бебарории ин амалиёти ҳарбӣ Черняевро аз вазифаи фармондеҳӣ озод карда, ба чои ӯ генерал Д.И. Романовскийро таъйин намуданд. Ин ҳодиса амирро, ки аз иқтидори ҳарбии қӯшуни рус ва тактикаи чангии он бехабар буд, ба дарачаи боварибахш рӯҳбаланд кард. Бо лашкари зиёди хеш амир Музаффар 8-ми майи соли 1866 дар муҳорибаи Эрчор (роҳи Ҷиззаху Қӯқанд) шикасти сахт хӯрда ба Самарқанд гурехт. Ак- нун барои қӯшуни рус роҳ ба сӯи Хучанд кушода шуд. Бисту якуми май русҳо шаҳрро ба муҳосира гирифта, онро бо тӯпҳо гулӯлаборон карда, харобу валангор намуданд. 24-ми май шахр ишғол карда шуд. Аз рӯи баъзе маълумотҳо аз муҳофизони шахр 2,5 ҳазор нафар ба ҳалокат расид[2]. Бистуҳаштуми май Нов, 2-юми октябр Уротеппа (Ис- таравшан) бо талафоти зиёде ба дасти қӯшунҳои рус гузаштанд. Шика- сти навбатии лашкари амир дар Ҷиззах 18 октябри соли 1866 бо ҳалокати 2,5 ҳазор курбоншудагон анчом ёфт.

Соли 1867 дар асоси ҳудуди вилояти Туркистон, ки соли 1865 дар ҳайати генерал-губернатории Оренбург таъсис шуда буд ва дигар музофотҳои аз соли 1847 ва баъд забт шуда, воҳиди сиёсии генерал- губернатории Туркистон таъсис дода шуд. Ба ҳайати ин воҳиди муҳими тозабунёди Русия аввалан ду вилоят: Сирдарё бо марказаш Тошканд ва Ҳафтруд бо марказаш Верний (феълан Алматои Қазоқистон) дохил мешуданд. (Минбаъд аз ҳисоби музофоту ноҳияҳои нав тасарруф шуда, вилоятҳои Самарқанд ва Фарғонаву Закаспия (Он тарафи бахри Каспий) таъсис ёфта, шумораи ин вилоятҳо ба панчто расонида шуд). Бо таъсиси генерал-губернатории Туркистон (14 июли соли 1867) ба сифати генерал губернатор ва фармондеҳи Округи ҳарбии Туркистон генерал-адъютант барон фон Кауфман, ки тачрибаи бойи ташкилотчигии маъмурӣ ва ҳарбӣ дошт, таъйин гардид. Ба ӯ ҳуқуқ дода шуда буд, ки дар кишвар мувофиқи вазъият, бо салоҳдиди пурраи худ амал намояд.

Амири Бухоро ҳамоно муносибати оштинопазирии хешро нисбати амалиёти забткоронаи Русия идома медод. Акнун ҳадафи мубориза Самарқанд қарор ёфта буд. Якуми майи соли 1868 дар баландии Чӯпонатои назди Самарқанд дар байни қӯшунҳои рус ва сарбозони амир муҳорибаи шадиде рӯй дод. Амир шикасти сахт хӯрд ва Самарқанд низ ба қаламрави Русия гузашт. Натичаи ин чанг ба иловаи

аз даст додани Самарқанд барои Бухоро имзо намудани шартномаи тиҷоратии байни Русияю Бухоро аз 11 майи соли 1868 гардид. Мувофиқи ин шартнома савдогарони Русия ҳуқуқи дар тамоми қаламрави аморат озодона машғули тиҷорату савдо шуданро гириф- танд. Вале ин шартнома пеши роҳи амалиёти забткоронаи Русияро дар заминҳои Бухоро гирифта натавонист. Понздаҳуми май Ургут, 18 май Каттақӯрғон аз тарафи аскарони рус забт шуданд. «июни сол 1868 дар наздикии Зирабулоқ охирин муҳорибаи байни Русия ва Бухоро бо ши- касти ҳалкунандаи қӯшунҳою дастаҳои ихтиёриёни амири Бухоро анҷом ёфт. Баъди ин шӯриши Самарқанд низ аз тарафи ҳарбиёни рус бераҳмона пахш карда шуд. Акнун амири дар ҳолати ногувор қарорёфта маҷбур шуд, ки 23 июни соли 1868 ба шартномаи байни Ру- сияву Бухоро имзо гузорад. Мувофиқи он Бухоро ба тобеъияти пурраи ғайрирасмии (протекторат) Русия гузашт. Ин шартнома бо баъзе сабабҳои сиёсӣ аз тарафи императори Русия ба имзо нарасида бошад ҳам, аз тарафи амири Бухоро бе чунучаро риоя мешуд. Шартномаи воқеан расмии навбати дар байни Русияву аморати Бухоро 28 сентябри соли 1873 дар Шаҳрисабз ба имзо расид. Ин шартномаи расман «дӯстӣ», амалан тобеъияти Бухороро ба Русия ба расмият даровард. Албатта, Русия метавонист аморати Бухороро бе мушкилии зиёди ҳарбӣ пурра ба қаламрави худ ҳамроҳ намояд, вале бо чунин сабабҳои сиёсию стратегӣ ва дипломатӣ ин корро накард: а) хавфи бо ҳам бархӯрдани сарҳади Ҳиндустони тобеи Англия бо Русия, зарурати нигоҳ доштани ҳад - минтақаи муштарака ё буфериро ба миён овард; б) нигоҳ доштани ҳадди эътидоли норизоии давлатҳои абарқудрат аз ин амали забткорона ва хавфи дар ҷудоии байналмиллал мондан; в) аз байн набурдани Бухоро ҳамчун кишвари мустақил ва яке аз марказҳои муҳимми динии ҷаҳони ислом ва муқобилияти муташаккилонаи му- сулмононро ба вуҷуд наовардан; г) аз тарафи амир пурра эътироф шу- дани тобеъияти худ зарурати аз байн бурдани амморатро аз миён бар- дошта буд. Акнун амир Музаффар аз тарси тамоман бетахт мондан эмин гашта, тавонист аз ин «дӯстии беғаразона» истифода барад. У бо дастгирии бевоситаи генерал-губернатори Туркистон хавфи табадду- лоти аз ҷониби писараш Абдумалики исёнбардоштаро аз байн бурд ва ба ивази музофотҳои аз даст рафтааш ба амалиёти зӯран ҳамроҳ наму- дани мулкҳои мустақилу ниммустақили Бухорои Шарқӣ оғоз намуд.

Ҳамин тариқ, баъди ба Русия ҳамроҳ кардани Осиёи Миёна ва ба фармонфармоии (протекторат) он баста шудани аморати Бухоро (1868), ба ивази тобеияти бечунучаро ба мутлақияти подшоҳии рус, амир Музаффар (1860-1885), барои ба зери тасарруфи худ даровардани мулкҳои мустақилу ниммустақили Бухорои Шарқӣ, розигии генерал- губернатори Туркистон К.П. фон-Кауфманро гирифта, бо ёрии ӯ мулкҳои ин минтақаро паси ҳам зӯран ба худ тобеъ кард.

Дар арафа ва замони амалиёти ҳарбии Русия мулкҳои мустақилу ниммустақили Бухорои Шарқӣ Шаҳрисабз, Китоб, Бойсун, Деҳнав, Қӯрғонтеппа, Ҳисор, Кӯлоб, Балчувон, Қаротегин, Дарвоз ва Помири ғарбӣ дар ҳолати парокандагӣ қарор доштанд. Дарачаи пасти истеҳсолоти низоми феодалӣ, дар баъзе аз ин мулкҳо ҳанӯз боқӣ монда- ни муносибатҳои патриархалӣ, табиист, ки ба пешравии истеҳсолот му- соидат намекард. Ба замми ин афту дарафт ва чангҳои харобиовари бай- ни ҳамдигар, ҳадафи таҳдиду хурӯчи хонигарихои нисбатан мутамарка- зу бузургтари ҳамсоя шудан, инчунин, муборизаҳои беисти намоянда- гони хонадонҳои ҳукмрон барои ҳокимият ин мулкҳоро дар ҳолати ха- робиву қашшоқии бардавом нигоҳ медоштанд. То оғози амалиёти за- бткоронаи Русия дар минтақа ин мулкҳо, алалхусус онҳое, ки дар қисми ба аморати Бухорову хонигарии Қӯқанд наздик чой гирифта буданд, борҳо ҳадафи ҳучуми ғоратгаронаи ин ду давлат шуданд. Муборизаи соҳибтахтони ин ду кишвар барои васеъ кардани қаламрави давлати худ дар бисёр мавридҳо ба ҳучуму чангҳои ғоратгаронаи онҳо табдил меёфт ва баробари муборизаи озодихоҳонаи сокинони мулки ғасбшуда, яке аз сабабҳои ҳалкунандаи ба осонӣ аз зери тасарруфи онҳо раҳо ёфтану мустақилияти хешро нигоҳ доштани ин мулкҳо мегардид.

Акнун амир Музаффар дар шахсияти генерал-губернатор такягоҳи боэътимод пайдо карда буд ва дар охири соли 1866 ва ибтидои 1867 Қаршӣ ва Шаҳрисабзро пурра ба тобеъияти худ даровarда, ба водии Ҳисор ҳучум кард. Аз ин ҳодиса огоҳӣ ёфта ҳокими Ҳисор Абдулка- рим додхоҳ аз ҳисоби сарбозони худ, дастаҳои ихтиёрии аз Бойсуну Деҳнав чамъ карда ва лашкари ҳокими Кӯлоб Сарахон (Сарабек), ки барои амалиёти ҳамдастона ба ин чо омада буд, лашкари нисбатан сершумореро ба муқобили қӯшунҳои амир сафарбар карда тавонист. Албатта қувваи асосии ин лашкарро ҳисориён ташкил медоданд. Беса- баб набуд, ки чамъи ин лашкарро дар якчоягӣ қувваҳои зиддиамирии ҳисориён мешинохтанд. Амалиёти чангӣ, ба муқобилияти сахти ҳисориҳо нигоҳ накарда, бо ғалабаи қӯшунҳои амир анчом ёфт. Ваҳшонияти сарбозони амир дар поёни ин чанг ҳадду андоза надошт. Мувофиқи маълумоти устод С.Айнӣ фақат баъди ишғол намудани қалъаи Деҳнав, ки мудофиачиёнаш шаш рӯз ҳучуми пай дар пайи лаш- кари амирро гардонда тавонистанд, ҳазор нафар асиронро дар пеши чашми амир, албатта бо фармони ӯ, сар буриданд[3]. Сипас қӯшуни амир ба самти Ҳисор ҳаракат намуда, қалъаҳои Регар, Қаротоғ ва ғайраро вайрону валангор кард. Ҳокими Ҳисор Абдулкарим, ки умеди ғалаба ва ҳатто муқобилиятро батамом аз даст дода буд, бо ҳамроҳии иттифоқчиаш Сарахон ба Кӯлоб гурехта, хост, ки дар он чо паноҳ ёф- та, чон ба саломат барад. Вале Сарахон, барои худро дар назди амир сафед кардану аз чазо эмин мондан, Абдулкаримро асир карда ба назди амир Музаффар фиристод. Дар Дарбанди Бойсун бо ҳукми амир аввал

ҳамсафони наздики Абдулкарим, сипас авлодону аъзоёни аз 14-сола болои хонаводаашро дар пеши назараш аз дами теғ гузаронида, ахиран худашро ба қатл расонданд.

Баъди ин юриши ғалабаовар амир дар мулкҳои ба тасарруфаш да- ромадаи Бойсун, Деҳнав, Ҳисор ва Файзобод аз ҳисоби наздикони худ ҳоким таъйин намуда, ба Бухоро баргашт. Вале ин дастболой ҳанӯз маънои ғалабаи пурра ва қатъии ӯро надошт. Аз чумла ҳокими Кӯлоб Сарахон ва беки ба тозагӣ таъйингардидаи Ҳисор аз итоат ба ӯ сар пе- чиданд. Ба замми ин исёни писараш Абдумаликтӯра, ки аз муборизаи котеъонаи зидди Русия даст кашидану тобеъияти пурраи худро шинох- тани падараш норозӣ буд, мавқеи сиёсӣ ва пояҳои ҳокимиятдории амирро хеле ноустувор гардониданд. Акнун ӯ ягона илочи халосиро аз ин вартаи барояш махуф дар дастгирии бевоситаи генерал-губернатори Туркистон медид. Барои пеш бурдани сиёсати мустамликадории ҳокимияти подшоҳии рус низ ин ҳолати ногувори амир ва ягона такягоҳ эътироф шудани Русия мусоидат мекард.

Бо дастгирии генерал-губернатор К.П.Кауфман, ки бевосита бо ам- ри ӯ отрядҳои ҳарбии рус шӯриши Абдумаликро пахш намуда, пойгоҳи асосиаш Китобу Шаҳрисабзро аз нав тобеъи аморат намуданд, амир Музаффар дуввумбора соли 1870 ба сӯи Ҳисор лашкар кашид. Дар ин самт ӯ муқовимати қӯшуни бекҳои ба тозагӣ худаш таъин на- мудаи Шерободу Деҳнавро бераҳмона пахш карда, ба Ҳисор наздик шуд. Барои фатҳи маркази ин мулк ба амиру сарбозони сершумор ва бартарии чандинкаратаи яроқаш нигоҳ накарда, 15 рӯз беист мубори- заи шадид бурдан лозим омад.

Амир бо ваҳтттонияти зиёде муқобилияти ҳисориёнро паҳш намуд. Ба ғайр аз ҳалокшудагони майдони ҳарб, ки шумораашон аз 5 ҳазор кам набуд, баъди ишғол кардани қалъаи Ҳисор бо фармони ӯ зиёда аз 2 ҳазор занону кӯдаконро дар ҳавзи пуроб ғарқ кунонда бо азоби сахте ба ҳалокат расониданд. Ҳамин сол амир бо сардории Яъқуббек қӯшбегӣ ба муқобили ҳокими Кӯлоб Сарахон, ки дар он вақт мулкҳои Қӯрғонтеппаву Қабодиёнро низ дар итоаташ нигоҳ медошт, лашкар фиристод. Дар ин чо боз бояд ёдовар шуд, ки соли 1868 Сарахон бо мақсади Қаротегинро забт намудан ба соҳили Хингоб лашкар кашид, вале оғози амалиёти чиддии ҳарбии амир барои тасарруфи нави ко- теъонаи мулкҳои аз итоаташ баромадаи Бухорои Шарқӣ барои амалӣ шудани ин кӯшиш роҳ надод. Сарахони ҳангоми забти дуввумбораи Ҳисор[4] аз ваҳшонияти амир ба тахлуқа афтода, бе муқобилият мул- кашро тарк намуда, бо ҳамроҳии наздиконаш ба Афғонистон фирор кард. Ин ҳодиса ба Яъқуббек имкон дод, ки бе ягон амалиёти чангӣ Кӯлобу Балчувонро ба қаламрави аморати Бухоро ворид созад[5]. Амир ба сифати бек дар ин мулкҳои ғасбшуда шахсони наздику боварино- каш: Начмиддинхочаро дар Кӯлоб, Сайидниёз Кийкчиро дар Балчувон ва Яъқуббек қушбегиро дар тамоми водии Ҳисор таъйин намуд. У мах- сусан барои «хизмат»-аш дар маъракаҳои забткоронаи ҳарбӣ ба

Яъқуббек ҳуқуқи қариб номаҳдуди идораи бекигарии аз чиҳати ҳудуд хеле васеи Ҳисор, инчунин фармонфармоии тамоми минтақаи ба их- тиёри аморат гузаштаро дод[6].

Акнун аз мулкҳои Бухорои Шарқӣ фақат шоҳигариҳои Қаротегину Дарвоз пурра набошад ҳам истиқлолияти пештараи худро нигоҳ ме- доштанд, вале акнун хавфи ба доираи тасарруфи аморати Бухоро аф- тидан онҳоро ҳарчи бештар таҳдид мекард. Аз тарафи дигар вазъи сиё- сии ин шоҳигариҳо хеле ноустувор буд. Доир ба хокимони охирини Қаротегин дар ахбори мавчуда ихтилофҳо ба назар нарасад ҳам, баъзе нуктаҳои баҳсталаб мушоҳида мешаванд. Масалан, аз маълумоти Н.А. Кисляков бармеояд, ки солҳои 1870-1876 ҳокими Қаротегин Раҳимхон

- писари бародари калонии амир Музаффар Муқимхон будааст. У майли истиқлолияти Қаротегинро таъмин намудан доштааст. Аз ин ни- ят амир хабар ёфта, ба чояш писари амакаш Сайидхонро таъйин наму- дааст. Ин амал боиси норозигии халқи маҳаллӣ гардид. Мардум талаб карданд, ки амир Раҳимхонро ба чояш баргардонад[7]. Мувофиқи шарҳи Б.Ғ. Ғафуров Раҳимшо аз задухӯрдҳои дохилӣ истифода бурда, ҳокимияти Қаротегинро ба даст гирифт ва бо нияти устувор гардони- дани мавқеи худ ҳар замон тобеъияташро аз аморати Бухоро намоиш- корона нишон медод ва ин сабаби афзудани ихтилофи миёни Бухоро ва Қӯқанд гардид. Вале бо дахолати бевоситаи генерал-губернатор ин их- тилоф то ба дарачаи задухӯрди яроқнок нарасид. Ҳокими нави Қаротегин Саид Муҳаммадаминшо кӯшиш мекард, ки мустақилияти худро таъмин намояд ва ин ба маъмурини Туркистон нописанд омад ва бо ёрии онҳо дере нагузашта ба чои ӯ боз ҳамон Раҳимшо (Раҳимхон), ки дар Бухоро иқомат дошт, ҳокимиятро соҳиб гашт[8].

Дар ин чо бояд ёдовар шавем, ки кӯшиши муқовимати аҳолии Қаротегинро ба муқобили сиёсати забткоронаи амири Бухоро экспе- дитсияи намоишкоронаи ҳарбӣ-илмии губернатори вилояти Фарғона генерал Скобелев дар соли 1876 ба самти Қаротегину Помир тамоман заиф кард. Аз ин вазъияти мувофиқ истифода карда, амир Музаффар соли 1877 барои пурра тобеъ намудани Қаротегин зери фармондиҳии Худойназар атолиқ лашкар фиристод. У бе ягон муқобилият Қаротегинро чун воҳиди маъмурии бекигарӣ ба ҳайати аморати Бухоро шомил намуд ва ба сифати беки аввалини он бо ҳуқуқи намояндагии дар тамоми бекигариҳои Бухорои Шарқӣ имтиёздошта таъйин шуд. Акнун, тибқи нақша, тобеъ кардани охирин мулки мустақили Бухорои Шарқӣ - Дарвоз масъалаи марказӣ ва ҳалталаби сиёсати забткоронаи амири Бухоро гардида буд. Вале қабл аз таҳлили амали амир дар ин самт, мантиқи мавзӯъ талаб мекунад, ки вазъи сиёсии Шоҳигарии Дар- воз дар арафаи ҳадафи ҳучуми қӯшуни амир қарор гирифтанаш шарҳи мухтасари худро ёбад.

## ВАЗЪИ СИЁСИИ ШОҲИГАРИИ ДАРВОЗ ДАР АРАФАИ ХУРУҶИ ҚУШУНИ АМИРИ БУХОРО

Баъди Исмоилшо мубориза байни талошмандони авлодии шоҳон барои тахт хеле шиддат гирифта буд, ки ин на фақат ҳокимияти марказӣ, инчунин, иқтидори мудофиавии шоҳигариро суст мекард. Дар замони салтанати шоҳони охирини Дарвоз ин вазъият бараъло мушоҳида мешуд.

Чи тавре ки дар боло ишора рафт, соли 1869 охирин намояндаи хо- надони шоҳони Дарвоз, писари Султон Маҳмуд - Сирочуддин соҳиби тахт гардид. Дар ёди мардум то солхои 40-ми асри XX баъзе намоян- дагони дигари ин хонадон, ки дар ин ё он музофоти Дарвоз дар арафаи тобеъ шудан ба аморати Бухоро вазифаи волӣ ё дигар мақоми маъмурӣ доштанд, боқӣ мондаанд. Искандархон писари Исҳокхон, ки идораи маъмурии водии Хингобро ба ӯҳда дошт, Шо Яъқубхон (аз рӯи баъзе хабарҳо писари Шоидарвоз), Муҳаббатхон ва дигарон аз қабили он ме- бошанд.

Дар давраи ҳукмронии Сирочуддиншо ба сифати волӣ (чойнишин) дар Тавилдара аввал бародари хурдиаш Сулаймоншо (марқадҳои ӯ ва Шоидарвоз дар деҳаи Лангари назди Тавилдара мавчуданд), сипас пи- сараш Афзалхон таъйин шуда буданд[9].

Дар замони ҳукумати Сирочуддиншо, гарчи Дарвоз истиқлолияти расмии худро нигоҳ медошт, вале ӯ лозим медонист, ки барои худро аз хавфи ҳучуми Бухоро нигоҳ доштан ба амир Музаффар ба таври доимӣ тӯҳфаю инъом фиристад. «Ин сиёсати Сирочуддиншо, - менависад Г.А. Арандаренко, - ба он оварда расонд, ки ӯ дар аввал ба вассал (му- теъ) табдил ёфта, сипас пурра ҳокимиятро аз даст дод»[10]. Ин назарро тақвият дода, Кузнетсов навиштааст: «Ду шоҳи охирини Дарвоз дар масъалаи мустаҳкам нигоҳ доштани ҳокимият шахсиятҳои сусту беи- рода баромаданд. Барои ҳокимияти худро нигоҳ доштан, аз амири Бу- хорову хони Қӯқанд ёрӣ мечустанд ва мекӯшиданд, ки ба ивази тӯҳфаю инъомҳои арзиши баланд дошта, ба дастгириашон ноил гар- данд. Ҳатто духтарону писаронро аз аҳолӣ зӯран гирифта ба Бухорову Қӯқанд мефиристоданд ва бо ин амал халкро ба муқобили худ мехе- зонданд. Баъзе бекигариҳои (миригариҳо. - Ҳ.П.) дар ихтиёрашон бу- да, аз сабаби норозигии хеш нисбати ҳокимони Дарвоз аз ҳайати он баромада, қисман ба Бадахшон (дар мисоли Роғ), қисман ба Бухоро (Қаротегин ва Оқсу) ҳамроҳ мешуданд, як қисмашон хонигарии мустақил шуданд, масалан, Рӯшон. Буданд қисмҳое, ки ахиран ба зери тасарруфи хонигариҳои ҳамсоя гузаштанд. Ҳокимони охирини Дарвоз бошанд, то дарачае бечораву бемадор буданд, ки заминҳои чудошудаашонро баргардонда наметавонистанд. Ҳамин тариқ, дар их- тиёри охирин шоҳи Дарвоз фақат Қалъихумб, Ванч, Язгулом, ҳамаи

амлокдориҳои соҳили чапи Панч бо Хоҳон дар якчоягӣ бо Хуллозу Ва- хиё монда буданду халос»[11].

Дар асоси ахбори дар даст доштааш капитан Кузнетсов шахсияти Сирочуддиншоро чунин қаламдод намудааст: «У одами сустирода бу- да, ҳокимияти марказиро пурра дар дасти худ нигоҳ дошта наметаво- нист, мекӯшид, ки ба амир наздик шуда, ҳокимиятро нигоҳ дорад ва то андозае ба ин ноил ҳам гашт. Вале халқи озодипарасти Дарвоз ин раф- тори ӯро напазируфта, аз итоаташ берун мерафт. Сирочуддин акнун роҳи халосиро дар қаробат бо Афғонистон мечуст. Ин рафтори ӯ нияти амирро, ки ҳатман ҳамроҳ кардани Дарвозро дар нақша дошт, те- зонд»[12].

Доир ба фаъолияти Сирочуддиншо дар давраи оғози ҳучуми сарбо- зони амир ба Дарвоз низ маълумоти то андозае ихтилофомез мавчуд аст. Н.А.Кисляков қотеъона набошад ҳам, фарзияе пешниҳод намуда- аст, ки мувофиқи он шоҳ то оғози ҳучуми Худойназар атолиқ ба Бухо- ро даъват шудаву дар ончо зӯран нигоҳ дошта шудааст. Вале Кузнет- сов ба таври боварибахш арза медорад, ки Сирочуддиншо дар он вақт дар Қалъаихумб буда, бевосита дар сафарбар намудани қувваҳои му- дофиавии хеш ба муқобили ғосибони манғит ширкат доштаасту баъди шикаст хӯрдан ба Қӯқанд, ба назди Ҳудоёрхон гурехта, аз он чо чун асир ба Бухоро фиристода шудааст. Ин ақидаи охирин ба ҳақиқат рост намеояд, чунки як сол пеш аз ҳучуми лашкари амир ба шоҳигарии Дар- воз хонигарии Қӯқанд аз тарафи ҳукумати подшоҳии Русия барҳам до- да шуда буд ва русҳо Худоёрхонро дар асорат нигоҳ медоштанд. В.Ф.Ошанин бошад, дар ин ақида буд, ки Сирочуддиншо дар худи Дарвоз асир афтода, аз ҳамон чо ба Бухоро фиристода шудааст[13].

Аз таҳлили маводи мавчудаи маъракаи муқобилият ба кӯшуни амир мустақиман ширкат доштан ва ё надоштани Сирочуддиншоро возеҳ муайян кардан хеле мушкил аст. Оё ӯ тавонистааст, ки бо воситае раҳо ёфта, ба Дарвоз баргардад ва ба муқовимати минбаъдаи сокинони мул- каш ҳаддалимкон роҳбарӣ намояд? Ҳақиқати онро танҳо аз таҳлили ҳамаи ахбори ба чанг ва забти Дарвоз бавосита ё бевосита алоқаманд метавон дарёфт.

Капитани рус Покотило, ки дар миёнаи солҳои 80-уми асри XIX (1876), ҳангоми сафари хизматӣ дар ҳарду соҳили дарёи Панчи қаламрави бекигарии Дарвоз буд, натичаи сӯҳбату мушоҳидаҳои бево- ситаи худро рочеъ ба ин масъала дар навиштаҳои соли 1887 рӯи чоп омадааш чунин иброз доштааст: «12 сол қабл (1876 - Ҳ.П.) ҳокими мустақили Дарвоз Сирочхон (Сирочуддиншо - Ҳ.П.) парвоначӣ (унво- ни амалдорие, ки қабл аз тасарруфи Дарвоз чун нишонаи «дӯстӣ» ами- ри Бухоро барояш тақдим доштааст - Ҳ.П.) буд, ки дар Қалъаихумб иқомат дошт. Хешони ӯ (намояндагони хонадони шоҳони Дарвозро дар назар дорад - Ҳ.П.) се миригарии (амлокдори) тарафи чапи дарёро

идора мекарданд. Миригарии Хохонро - Изатуллохон, Хуфро - Ал- файзхон ва Шикайро - Азимхон ба ӯҳда доштанд. Вақте ки 10 сол пеш (1878 - Ҳ.П.) Дарвоз аз тарафи Бухороиҳо ишғол карда шуд, худи шоҳро ба Бухоро бурданд. Ба туфайли дастгирии генерал-губернатори Туркистон ҳоло дар Бухоро дар озодӣ зиндагӣ дорад: дар давраи амири марҳум (Музаффар - Ҳ.П.) зиндонӣ буд. Хешонаш ба ҳар тараф гурех- танд. Алфайзхон ва Изатуллохон ба Афғонистон рафтанд»[14].

Рочеъ ба фишори рӯзафзуни амири Бухоро ба Дарвоз пас аз ичборан ба ҳайати аморат дохил кардани мулкҳои Бухорои Шарқӣ, маълумоти зиёде боқӣ мондааст. «Ворисони Исмоилшо, - менависад Г.А. Аранда- ренко, - барои аққалан дар дасти худ нигоҳ доштани қисмати марказии Дарвоз бо ҳар восита кӯшиш мекарданд ба амири Бухоро наздик ша- ванд. Ин сиёсатро пеш бурдани Сирочуддиншо ба он оварда расонд, ки ӯ аввал ба мутеъият (вассал) табдил ёфта, барояш ба Шаҳрисабз тортуқ меовард, сониян мустақилиятро батамом аз даст дод. Музаффархон рут- баи шоҳияшро барҳам дода, худашро дар Бухоро нигоҳ доштааст»[15].

Ин суханони муаллифи номбурдаро тақвият дода, Б.Н. Литвинов навиштааст: «Баъди Шоҳисмоил ворисонаш эҳсос карданд, ки афзуда- ни иқтидори мулкҳои ҳамсоя барои нигаҳдошти истиқлолияташон хавфи чиддӣ эчод мекунад, бинобар сабаб ба тобеъияти номиналии (ғайрирасмии) Бухоро гузаштанро авлотар донистанд. Ин тобеъият то- рафт бештар характери расмӣ гирифта, Дарвоз аз истиқлолияти худ пурра маҳрум шуд. Охирин намояндаи сулолаи шоҳӣ Сирочуддиншоро намояндагони ҳокимияти амир ба Бухоро фиристоданд ва аз рутбаи шоҳӣ маҳрум намуда, дар он чо барои зиндагии муқимӣ нигоҳ дош- танд»[16].

Дар ин масъала аз иқтибоси боз аз як хабари арзиши манбаи дарачаи аввал дошта худдорӣ кардан наметавонем. Дар гузоришномаи раиси идораи вилояти Фарғона ба унвони губернатори ҳамин вилоят (қайди санадаш нест), чунин омадааст: «Дарвоз дар зери ҳукмронии Муҳаммадсирочхон (Сирочуддиншо - Ҳ.П.) мулки мустақил ҳисоб ме- ёфт. Ҳашт сол қабл аз ин, вақте амири Бухоро Кӯлобро ишғол кард, Сироч муносибаташро бо амир хеле хуб ба роҳ андохт, ҳар сол ба на- здаш бо ҳадяҳо меомад ва аз амир ҳадя гирифта бармегашт. Соли гузаш- та моҳи сентябр Сироч аз рӯи анъанаи қабулшуда, боз ба назди амир ба Шаҳрисабз рафт, вале ӯро ба ҳабс гирифта ба Бухоро фиристоданд

Сипас амир моҳи декабр (1877 - Ҳ.П.) дар зери фармондеҳии Ху- дойназар додхоҳ (баъди забти Дарвоз амир ба ӯ унвони «оталиқ» до- даст - Ҳ.П.) барои тасарруфи Дарвоз лашкар фиристод» [17].

Ба тобеъияти ғайрирасмиро аз Бухоро пазируфтани Сорочуддиншо инчунин маълумоти шифоҳии солхӯрдагони таърихогаҳи Дарвоз, ки солҳои 40-50-уми асри гузашта ба яке аз тадқиқотчиёни шинохтаи таърихи охириасримиёнагии Бухорои Шарқӣ Одил Мачлисов баён

доштаанд, далолат мекунад. Тибқи ахбори сабт кардаи ӯ ба чунин натича мерасем, ки баъди ба зери ҳокимияти амири Бухоро афтидани бештари мулкҳои Бухорои Шарқӣ, Сирочуддиншо ва дигар амалдоро- ни маҳаллӣ ҳар сол ба амир дар шакли тортуқ ҳадяҳои қиматбаҳо ме- бурданд. Амир низ аз тарафи худ ба онҳо, вақти бозгашт молу маводи барояшон зарурӣ инъом мекард ва ҳатто баъзан расман ба рутбаҳои амалдории аморат сазовор мегардонд. Онҳо ба диёри худ баргашта бо виқору ифтихор либосҳои инъом кардаи амирро пӯшида, ба унвонҳои маъмурии аморат сарфароз гаштанашонро тарғиб намуда, амирро си- тоиш мекарданд ва ба тортуқбарии навбатӣ тайёрӣ медиданд.

## ХУРӮҶИ ҲАРБЙ ВА ТОБЕЪ КАРДАНИ ДАРВОЗ

Як сол қабл аз оғози хурӯчи лашкари амир ба Бухоро гурӯҳи аз пеш- тара дида сершумортари амалдорони Дарвоз бо сардории Сирочуддиншо бо тортуқи аз молу амволи зиёди қимматбаҳо иборат буда сафар кард. Амир онҳоро тибқи таассуроти худашон хуш пази- руфта, вақти бозгашт ба ҳар кадоме инъоме бахшид. Аз ин иқдом онҳо рӯҳбаланд шуда, тирамоҳи соли оянда (1877) шумораи вакилони Дар- воз аз ҳисоби амалдорони марказӣ (бийю додхоҳ, қаравулбегиву мирохурҳо, қозиву тӯқсабоҳо ва ғайра) ва маҳаллӣ (миразору муллоҳо ва ҳатто баъзе аз арбобони маҳалҳо) дучанд афзуд. Дар Дарвоз фақат бародарони Сирочуддиншо ва чанде аз амалдорон монда буданд.

Ин дафъа интизории мардуми Дарвоз аз бозгашти боғурури аъёну ашрофи худ бо сардории шоҳ хеле тӯл кашид. Зиёда аз ду моҳ аз онҳо дараке набуд. Баъд маълум шуд, ки бо фармони амир ҳамаи онҳоро дар Бухоро нигоҳ дошта, барои ғасби Дарвоз бо сардории Худойназар лашкар фиристодаанд.

Хотироти мардум ахбори муаллифонеро, ки аз торафт суръат ёфта- ни нуфузи Бухоро, сониян, ба тобеъияти ғайрирасмӣ ва ахиран ба то- беъияти ичбории расмӣ афтидани шоҳигарии Дарвоз далелҳо оварда- анд, тақвият мебахшад.

Иқтибосҳои боло аз қотеъона ба тобеъияти ғайрирасмии Бухоро аф- тидани Дарвоз далолат кунанд ҳам, ба саволи дар арафаи ҳучуми қӯшуни амир дар кучову дар кадом вазъият будани шоҳи охирини Дар- воз Сирочуддиншо чавоби саҳеҳ дода наметавонанд. Аз ин чост, ки ҳангоми амалиёти ҳарбии лашкари Бухоро барои забти пойтахти Дар- воз ва музофотҳои шарқии он эҳтимолияти ширкат доштанаш то андо- зае ба ҳақиқат наздик менамояд.

Тибқи баъзе гузоришҳои муҳаққиқони мавзӯъ барои шикасти муқовимати сокинони Дарвоз ва забти қотеъонаи он амири Бухоро таҳти фармондеҳии Худойназар атолиқ се маротиба лашкар кашидааст.

Дафъаи аввал соли 1877 бо як эътимоди худбинона ба ғалабаи осон бо як дастаи сарбозони 150 нафара ҳуҷум карда, шикасти сахт хӯрд. Вале ин ғалаба Сироҷуддиншоро рӯҳбаланд карда наметавонист ва ҳаросашро бештар кард. Шоҳ бараъло эҳсос мекард, ки эҳтимолияти ҳуҷуми навбатӣ вуҷуд дорад ва шикасти ногузир ӯро дар пеш аст. Би- нобар сабаб ба макри Худойназар, ки гӯё ӯро амир барои маслиҳати беғаразона хондааст, афтида, Сироҷуддиншо ба Шаҳрисабз барои му- лоқот ба назди амир Музаффар меравад ва дар он ҷо ӯро асир карда ба Бухоро фиристоданд. Дере нагузашта Худойназар бо лашкари нисба- тан пуқувваттари иборат аз 1,5 ҳазор сарбоз ба ҳуҷум гузашт, вале ба муқобилияти сахти мардум дучор шуда ин дафъа низ шикаст хӯрд. Ху- дойназар маротибаи саввум аз ғазаби амир хавф бурда, бо лашкари сершумору қатъияти тамом зимистони охири соли 1877-ибтидои 1878 ба самти Қалъаихумб ба ҳаракат даромада, аввал қалъаи хеле мустаҳками Кафтархонаро забт намуда, сипас Қалъаихумбро ба муҳосира гирифт[18]. Аз сафарбар шудани лашкари сершуморе хабари соли 1878 додаи В.Ф. Ошанин шаҳодат медиҳад. «Сарбозҳои зиёде, - навиштааст ӯ, - ки пештар дар қалъаҳои Ҳисор (Регар, Ҳисор, Қаратоғ ва ғайра) ҷойгир буданд, низ ба Дарвоз фиристода шудаанд ва ҳамаи ин вилоят қариб аз қӯшун холӣ карда шудааст»[19]. Дере нагузашта, ҳамин муаллиф чунин вазъиятро дар Қаротегин низ мушоҳида намуда, чунин қаламдод кардааст: «Ҳамаи қӯшуни дар Ғарм ва дигар қалъаҳо ҷойгир бударо зимистони гузашта ба Дарвоз сафарбар намуданд, Ху- дойназар додхо акнун дар он ҷо сарфармондеҳ ҳисоб меёбад... Шоҳи Дарвоз асир афтида, дар Бухоро ба ҳабс гирифта шудааст»[20].

Ин амалиёти ҳарбии Худойназарро П.А. Кузнетсов чунин қаламдод намудааст: «Амири Бухоро Сайид Музаффархон барои ба ҷазо расони- дани Шо Сироҷуддин 18 сол пеш аз тарафи Балҷувон бо сардории Ху- дойназар аталиқ отряди ҳарбӣ фиристод. Отряд тирамоҳ ба ҳаракат да- ромада ба воситаи ағбаи Полезак ба Тавилдара омада, дар ин ҷо зиёда аз як моҳ қарор дошт. Зимистон (1877-1878 - Ҳ.П.) аз ағбаи Гишон гу- зашта, ин отряд ноайён ва ба таври ногаҳонӣ ба Қалъихумб наздик шуд. Сироҷуддиншо қалъаро бе муқобилият партофта, худ ба Ванҷ ва аз он ҷо ба Қӯқанд ба назди Худоёрхон гурехт. Бухориён ба ҷуз кӯдакони хурдсолаш, ки ба Бухоро фиристода шуданд, дигар тамоми аҳли оилаашро аз дами теғ гузарониданд. Ин юриши (поход) ҳарбии зиёда 5 моҳ идома ёфта, бо назардошти мушкилоти роҳу хунукии зи- мистон хеле моҳирона анҷом дода шуд. Анҷоми истиқлолияту оғози тобеъияти шоҳигарии Дарвоз ба аморати Бухоро аз ҳамин давра ибти- до гирифт. Акнун шоҳигарии собиқ ба бекигарии аморати Бухоро таб- дил дода шуд»[21].

Дар бораи амалиёти ҷангии лашкари Бухоро ва шоҳигарии Дарвоз дар яке аз ҳуҷҷатҳои идораи маъмурии вилояти Фарғона чунин омадааст:

«Амир моҳи декабр (1877 - Ҳ.П.) бо сардории Худойназар додхоҳ барои ишғол намудани Дарвоз қўшун фиристод. Бародари миёнаи Сироч (Сирочуддиншо - Ҳ.П.) Файзхон барои нигоҳ доштани лашкари бухориён ба ағбаи Вахиё бародари хурдӣ Мавчудхонро бо 300 йигит фиристод, вале сербарфии зимистон онҳоро дар доманаи ағба нигоҳ дошт. Моҳи марти ҳамин сол (1878 - Ҳ.П.) бухориён ба баландии ағба баромада, Мавчудро ба сафедсанг танг карда шикаст доданд ва худашро асир гирифта, бемамоният Дарвозро (Қалъаихумбро дар назар дорад - Ҳ.П.) ишғол намуданд. Файзхон бо аҳли оилааш ва Сиралӣ (Шералӣ - Ҳ.П.) ба тарафи Шуғнон гурехт. Вале дар роҳ Файзхон аз думболагирии ғосибон дар ҳароси чон афтида, аҳли хонаводаашро партофта, бо баро- дарзодааш Искандархон ва 20 нафар одамони содиқаш пои пиёда дар муддати 21 рўз худро ба Учқўрғон расонда, бо ҳимояи намояндагони мо (русҳо - Ҳ.П.) шаби 27 май (1878 - Ҳ.П.) ба Марғелон ворид шуданд»[22].

Дар асоси маълумоти гирдовардаи хеш Н.А. Кисляков амалиёти чангии лашкари Бухороро барои тасарруфи Дарвоз дар навиштаҳояш хеле чолиб инъикос намудааст.

«Юриши зимистонаи Худойназар ба Дарвоз, - навиштааст муаллиф, - бо мутттkилихои зиёди худ фарқ мекард, чунки зимистони соли 1877- 1878 ниҳоят сербарф буд ва бо машаққати зиёде лозим омад ба ағбаи Гишун бароянд. Қўшунҳои Худойназар дар деҳаҳои Пастелак (Пастайлоқ - Ҳ.П.) ва Сафедсанги доманаҳои шимолии қаторкўҳи Дар- воз муддати зиёде қарор гирифтанд. Чанговарони дарвозӣ кўшиш наму- данд, ки ба амалиёти ҳучум гузаранд. Нақл мекунанд, ки шоҳбача Мавчудхон, писарамаки Сирочуддинхон аз Дарвоз ба Пастелак ҳаракат намуда, дар он чо бо яроқи хеле номукаммали аз камонҳои пилтагии маҳаллӣ, ханчару найза иборат буда, Худойназарро ба муҳориба каши- дааст. Вале аз сабаби нобаробарии яроқи чангӣ ва шумораи лашкар Мавчудхон шикаст хўрда ҳангоми рў ба гурез ниҳодан аз тарафи одамо- ни Худойназар дастгир мешавад. Дар натича Дарвоз ишғол карда шуд. Афзалхон ба Фарғона фирор кард. Вале ба лашкари амир пурра тобеъ намудани Дарвоз фақат баъди шикаст додани қўшунҳои боқимондаи шоҳ дар назди деҳаи Киврон, ки болотар аз Қалъаихумб дар соҳили Панч чой дорад, муяссар гардид. Аз тарафи дарвозиён дар ин муҳориба яке аз фармондеҳони (саркардагон) ҳарбӣ Оламиён шучоату мардонагии баланд нишон дод. Фақат баъди дар майдони ҳарб ҳалок шудани ў ба бухориён муяссар гардид, ки ғалаба ба даст оранд»[23].

Аз рўи маълумоти ин муаллиф чунин хулоса бармеояд: аввало қўшунҳои шоҳи Дарвоз то ҳадди имкон истиқлолияти мулкашонро ҳифз намудаанд. Дар ин амал табиист, ки ба рўҳияи озодипарастии ба халқи ин диёр хос такя мекарданд; сониян, мудофиаи Қалъаихумбро Сирочуддиншо нею Афзалшо ба ўҳда доштааст; ахиран гўё муқо- билияти сокинони тамоми Дарвоз бо шикасти сарбозони боқимондаи

шоҳ бо сардории Оламиёни (дар баъзе хабарҳо Оламгир) шучоъ тамо- ман қатъ шуда, онҳо пурра мутеъ гаштани хешро аз ҳокимияти манғитиён шинохтаанд.

Вале аз мантиқи дигар ахбори дастрас чунин бармеояд, ки он бозгӯиҳои дар боло иқтибосшуда, ҳарчанд дар ҳоли набудани манбаъҳои нисбатан қавии хаттӣ пурқиммату муҳим бошанд ҳам, ра- ванди воқеаҳоро, нафақат пурраю мукаммал инъикос карда натавони- стаанд, балки дар баёни баъзе чузъиёти рӯйдодҳо ба ихтилофи назар роҳ додаанд.

Албатта, аз ихтилофоти назари муаллифони ишора шуда, сарфи на- зар кардану якбора хулосаи аз мачмӯи ахбори онҳо ба миён омадаро ба хонанда пешниҳод намудан, барои нависандаи ин сатрҳо хеле осонтар мебуд. Вале зарурати кушодани ихтилофи назарҳо дар мавриди ҳаводиси дар он давраи таърихӣ дар шоҳигарии Дарвоз ба вуқӯъ пай- васта, аз талаби тадқикоти илмӣ-академикӣ бармеояд. Ин тарзи муно- сибат, аз яктараф дарачаи хизмати ин ё он муаллифро дар омӯзишу таҳқиқи воқеҳо муйян намояд, аз тарафи дигар, ин ихтилофи назар бо- яд барои хонандагон, алалхусус мутахассисон пинҳон намонад. Било- хира, чунин муносибат нисбат ба ахбори сарчашмаҳо ва натичаҳои ко- ри тадқиқотчиён таваччуҳи олимонро ба давоми таҳкими масъала фаъолтар менамояд. Аз ин рӯ, мо диди худро ба воқеаҳои давраи охири истиқлолияти шоҳигарии Дарвоз, алалхусус раванди тасхири он, ки аз талаби мантиқии маводи хаттию шифоҳӣ бармеояд, дар шакли хеле кӯтоҳ ба хонанда пешкаш намоем.

Фармондеҳи қӯшуни амир Худойназар, баъди бемамониат ишғол кардани шоҳигарии Қаротегин қотеъона гумон мекард, ки фатҳи Дар- воз барояш аз саёҳати омирона беш нахоҳад буд. Беҳуда нест, ки ӯ чу- нончи аз мазмуни матни дар боло ишорашуда бармеояд, бори аввал бо дастаи хеле хурду назарногир нияти фатҳи Дарвоз намуда, то ба қаламрави шоҳигарӣ нарасида, зарба хӯрду пас гашт. Бори дуввум бо боварии қавӣ аз асир будани Сирочуддиншо дар Бухоро ва аз ӯҳдаи мудофиа набаромадани писараш истифода бурданӣ шуда, Худойназар бо лашкари 1,5 ҳазора ҳучум кард. Вале ба муқобилияти сахти аҳолии маҳаллӣ дучор шуда, мачбур шуд, ки ба Қаротегин баргардад. Ахиран бо лашкари бисёрҳазора зимистони солҳои 1877-1878 ба ҳучуми қатъӣ гузашт. Эҳтимол асир будани шоҳи Дарвоз ва ё эътирофи тасаллути Бухоро ба Худойназар боварии бо лашкари андак ба расмият овардани тобеъияти Дарвозро ҳосил кунондааст. Аммо муқовимати мардум дар ин маврид сарфи назар шуда ва Худойназарро ба иштибоҳ овардааст.

Дар Дарвоз аз ин хурӯчи Худойназар пешакӣ огоҳӣ ёфта, қӯшунҳои шоҳ бо сарварии Мавчудхон, писарамаки Сирочуддиншо ба ағбаи мушкилгузари Гишун рафта, камин гирифтанд. Бо пайдо шудани сар- бозони амир муҳорибаи хеле шадид сурат гирифт. Муҳофизон қӯшуни

Худойназарро чанд муддат дар камари кӯҳи Сафедсанг ва Пастайлоқ нигоҳ дошта тавонистанд. Вале нобаробарии қувваҳо муҳофизонро мачбур сохт, ки ақибнишинӣ кунанд. Ҳангоми дунболагирӣ, якчанд зарба хӯрда, Мавчудхон асир афтид. Акнун роҳ ба Қалъаихумб кушода буд. Ба муқобилияти чиддӣ нигоҳ накарда, қӯшунҳои амир қалъаро ба муҳосира гирифтанд. Албатта, набудани шоҳ, ки бешак метавонист мудофиаро қатъитар ташкил намояд, бараъло мушоҳида мешуд. Аф- залшо, ки дар набудани падараш мулкро идора мекард, натавонист ин мудофиаро қавитар ташкил кунад. Дере нагузашта, ӯ бо ҳамроҳии дас- таи муҳофизон қалъаро партофта, ба тарафи Ванч ақибнишинӣ ихтиёр кард. Худойназар Қалъаихумбро ишғол карда, ба думболагирии аска- рони шоҳ шитофт. Афзалшои бетачрибаро наздик омадани сарбозони амир ва эҳсоси хавфи чиддии ба асорат афтодан ба хулосае овард, ки зану фарзандонашро партофта, бо бародарзодааш Искандаршо ва 20 нафар аз одамони содиқаш ба воситаи Шуғнон ба Учқӯрғон равад. Аз он чо ӯ бо ёрии намояндагони генерал-губернатории Туркистон ба Марғелони Фарғона муҳочират кард.

Мувофиқи баъзе маълумотҳо Сирочуддиншоҳ гӯё бо кадом воситае тавонист, ки ҳангоми ақибнишинии сарбозону дигар муҳофизони Дар- воз худро ба диёраш расонад ва сарварии қӯшунҳои шоҳиро ба дасти худ гирифта, ақибнишинии ичбориро идома диҳад. Аз эҳтимол дур нест, ки ин хабарро барои бардоштани рӯҳияи муҳофизони озодихоҳи Дарвоз паҳн карда буданд. Дар наздикии деҳаи Кеврон задухӯрди ша- диде ба амал омад. Яке аз саркардагони лашкари Сирочуддиншо Ола- миён ё Оламгир ғаюрию шучоати баланд нишон дода, тавонист ба ғосибон зарбаи сахт занад. Фақат баъди ҳалок шудани ӯ қӯшуни амир тавонист лашкари рӯҳафтодаи шоҳи Дарвозро шикаст ва таъқиботи сарбозони боқимондаро идома диҳад. Дар ин чо аз шучоати чангии дастаи ихтиёрии аз амлокдории Моймай (соҳили чапи Панч), ки ба ёрии лашкари шоҳ ба соҳили рости Панч гузашта, дар назди Кеврон шикаст хӯрда буданд[24], ёдовар шудан лозим аст.

Аз ин воқеаҳо саркардагони Ванч хабардор шуда бо тезӣ аз ҳисоби чавонони умедбахш дастаи калони ихтиёриёни мусаллаҳ ташкил наму- да, ба роҳи Дарвоз баромаданд. Ин гурӯҳ бо боқимондаҳои сарбозони шоҳ пайваста, пешравии қӯшуни амирро боз дошта тавонистанд. Дар деҳаи Курговад дар байни размандагон задухӯрди хеле пуршиддат рӯй дод. Баъд аз ин иқтидори ҳарбии сарбозони амир чиддан заиф гардид. Ба қаламрави Ванч нарасида, бо фармони Худойназар, бухориён ама- лиёти чангии худро қатъ намуда, ба Қалъихумб баргаштанд. Аз рӯи ривояти шифоҳии мардум гӯё қӯшунҳои амир то маркази Ванч - Қалъаи Рохарв расида, дар наздикии он шикаст хӯрданд ва аз он чо ба Қалъаихумб баргаштаанд. Ҷанги муқобили манғитҳоро шоири маъруф ҳамзамону шоҳиди ин воқеаҳо Мулло Ёр, ки худ чанде хизматгузори дарбори Сирочуддиншо буд, чунин тасвир кардааст:

*Кори ӯзбак ҳамагӣ ҳиллаи беҷо бидабас,*
*Оқибат ҳосили кораш раҳи Вахё бидабас.*
*Ҷанги Дарвоза бидохтаст Карими катасар,*
*Ки ба ин омаданаш ахмақи гумро бидабас.*
*Ҳайфи он рӯзи давидан, ки набим Қалъаихумб,*
*Агане ай сари кӯ вақти тамошо бидабас.*
*Нисфи мардум, ки бимурданд таги тири камон,*
*Сабаби чанди дигар тармаву сармо бидабас.*
*Мурдаи мардуми Дарвоза ба шоту барамен,*
*Бурдани мурдаи ӯзбак ба ҷуволо бидабас.*
*Мун будума, ки та Зогурсира чкмез каран,*
*Бо чунин тарс, ки андар дили ощо бидабас.*
*Амзашун зон, ки паси гулханашон гашта ҳалок,*
*Ванҷӣ бай мангита як марги муфоҷо бидабас.*
*Мурдаро бор каран мардуми ӯзбак ба ҷувол,*
*Ту бигӯӣ вадилум харбузасавдо бидабас.*
*Ёрии сурхсар ин байта бароe мегуфт,*
*То буган мардуми Дарвоз, ки мирзо бидабас.*

Албатта, барои хонандаи ба гӯиши ниҳоят ширину гӯшнавози Ванчу Дарвоз нобалад фаҳмидани мазмуни ин шеър мушкилиҳо дорад. Аз ин лиҳоз барои осон кардани маънои сатрҳои шоир лозим донистем, ки ба хонанда дар шакли луғатномаи хеле оддӣ чунин калимоти лаҳчавиро шарҳ диҳем: бидабас - будасту бас; катасар - каллакалон; гумро - гумроҳ; набим - набудам; агане - агар не, вагарна; кӯ - кӯҳ; шоту - шатапоя, нардбон, ба маънии тобут омадааст; чувол - қанор; чкмез - чакидани пешоб, дар ин чо ба маънии аз тарс нигоҳ дошта натавонистани пешоб омадааст; амзашун зон - ҳамин қадар заданд, чунон за- данд; бай - барои; марги муфочо - марги ногаҳонӣ; вадилум - бо ди- лам; Ёрии сурхсар - шоир, ки худ зардина буд, зардӣ ё сурхии мӯи са- рашро дар назар доштааст.

Аз мазмуни ин шеъри шоир бармеояд, ки манғитҳо забти Дарвозро хеле пештар дар назар доштаанд. Карим ном касе, ки чун «Карими ка- тасар» ишора шудааст, эҳтимол аз одамони таҳчоии ба ивази молу пул ба хиёнат даст зада, чун роҳбалад қӯшуни амирро бо сардории Худой- назар бо роҳи Вахиё ба сӯи Дарвоз бурдааст. Шоир бо таассуф қайд мекунад, ки ҳангоми ҳучуму забти Қалъаихум ӯ дар он чо набудааст, вагарна аз қуллаи кӯҳ шучоату қаҳрамонии муҳофизони қалъаро наззора мекард. Нисфи мардум агар аз тиру туфанг мурда бошад, нисфи дигар таги барфу тарма монда, ҳалок шудаанд (маълум аст, ки воқеа зимистон руй додааст). Чунин ишораи шоир, ки мурдаи шаҳидони Дарвозро дар тобут мебурданду ғосибон ин имкониятро наёфта, мурдаҳояшонро дар чуволҳо андохта саросемавор аз майдони ҳарб ме-

баровярданд ва он ба чуволҳои пури харбузаи барои савдо бароварда шабоҳат дошт, аз шиддати муҳориба гувоҳӣ медиҳад. Чӣ тавре дар бо- ло ишора рафт, дастаи ихтиёрии аз Ванч омада, ба дунболагирии сар- бозони амир хотима гузошт. Гарчи ақибнишинии боқимондаҳои қӯшуни шоҳ ва дастаи ихтиёриён то Ванч идома ёфт, қувваи ғосибон то дарачае заиф гашта буд, ки мачбур шуданд, ба Қалъаихумб баргар- данд.

Албатта аз мазмуни шеър дар кучо гузаштани задухӯрди ҳалкунандаи дастаи ванчиёну сарбозони амирро муайян намудан душ- вор аст. Шояд он дар ҳамон муҳорибаи Курговад ё дар назди қалъаи Рохарв ба амал омада бошад. Вале муҳим он аст, ки шоир часорату мардонагии он дастаро ба муқобили ғосибон хеле моҳирона тасвир на- мудааст. Ибораҳои «то Зоғурсира чкмез каран» (шоир ағбаи Зоғурсиро, ки дар байни Тавилдараю Кулумбаи Поёну Кулумбаи Боло аст дар на- зар дорад), «Ванчи бай манғита як марги муфочо бидабас», «Мурдаро бор каран мардуми узбак ба чувол», «Ту бигӯи вадилум харбузасавдо бидабас», аз шучоати дастаи ванчиён ва ба таҳлука афтидани манғитиёну талафоти калони онҳо гувоҳӣ медиҳад.

Ба рӯй додани чанги пуршиддат дар назди қалъаи Рохарв як ҳуччати муҳим то замони мо расида равшан гувоҳӣ медиҳад. Таачубовар он аст, ки дар он имзову мӯҳри худи Сирочуддиншо мавчуд аст.[25]

Матни ҳуччат чунин аст:

«Ҳувал ҳаййул қаййум.

Абулмузаффар ва-л Мансур Сайид шоҳ Сулаймоншоҳ баҳодур сул- тон бародарони фалакрифъати гардунмадор ва фарзандони хуршед- шавкати саодатшиор ва вузарои кофӣ райъи кифоятшиор ва умарои соҳибтадбири шучоаткирдор мирон ва оқсақолони дувоздаҳҳазори Дарвоз, хусусан уммол ва аъёни чумҳурисакана ва умуми мутаватти- наи қаламрави Ванч иттилоъ ёфта бидонанд, ки аз мабодии тулӯъи оф- тоби давлати ҳазрати Шоҳнаврӯзмуҳаммад валади Ашӯр аксар ва аглаб маротиби ақидат ва ихлос ва маросими ризочӯӣ ва ихтисос азҳару ми- нашшамс ба тақдим расонида ва чонсупор буда, хусусан дар чанги қалъаи Ванч дар хидмат моҳиравор шуда, биноъан алайҳи осори мароҳими султонӣ шаммаи макрамати хоқониро партавфурӯзи аҳволи мумӣ гардонида хоки хонаи падарашро куллан ва тамоман маъа оби рӯди қаламрав, ки воқеъ аст дар Сардараи Гӯшхон маъоф ва маркуъулқалам гардонида, арзонӣ доштем. Сабили сиғору кибори чумҳурисакана ва умуми мутаваттинаи ҳазораи Ванч ва бад-ин мучиб муқаррар шумурда ва таъин дониста аз фармони вочибулазъон таҳаррури тачовуз нур занад ва авлоду набойири моро бар авлоду на- бойири мумайиилайҳи дахле ва мудохилате набошад. Чун ба тавқеъи рақеъи рафеъимунийъи аъло музаййин ва мучалло гардад, эътимод на- моянд ва дар аҳд шиносанд.



هو الحی القیوم

برادران فلک رفعت گردون مدار

خورشید شوکت سعادت شعار و وزرای کافی رای

و امرای صاحب تدبیر شجاعت کردار و میران و آقسقالان

*(Бойгонии шӯъбаи таърихи асрҳои цадим, миёна ва нави институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии АФ, таҳти рацами 4394)*

Санаи 1286.

Матни мӯҳрҳо:

1. Муҳаммад Сирочхон ибни султон Маҳмудхон -1278 (1861/62)
2. Сулаймоншоҳ ибни султон Маҳмудхон - 1287 (1870/71)
3. Сулаймон - 1281 (1865/66)»

Мазмуни он ва мӯҳри Сирочуддиншоху Сулаймоншоҳ гувоҳи он аст (дар муҳри шоҳ санаи 1278 (1861/62) соли валиаҳд эълон шудани Сирочуддиншоҳ мебошад), ки маҳз аз муҳорибаи зидди манғитиёни дар назди қалъаи Рохарв сурат гирифта сухан меравад. Дар ин чо иштибоҳе буда наметавонад, чунки дар давраи ҳукмронии Сирочуддиншо, пеш аз ин воқеа, ба қалъаи Рохарв ғосибе аз ҳамсояҳо ҳучум накардааст.

Аз мазмуни ин ҳуччат инчунин бармеояд, ки Сирочуддиншо худ роҳбарии муқобилиятро дар Ванч ба ӯҳда дошта, барои шучоату мардонагӣ дар муҳофизати қалъаи Ванч аз душманон, яъне манғитиён ба сокини деҳаи Гишхуни Ванч Наврӯзмуҳаммад, ки дар масоф захм бардошта буд, хонаву замини падариашро бо обрави (оврави) масофа- аш дар ҳуччат нишондода ҳадя карда, аз тамоми андоз озод намудааст. Вале асноде, ки баъдан ба мутолиаи хонанда меоянд ин хулосаро рад мекунанд. Саволе ба миён меояд, ки дар ҳоли асоси воқеӣ надоштани ширкати мустақими Сирочуддиншо дар чанги зидди манғит имзою мӯҳри ӯ чӣ гуна дар ин ҳуччат пайдо шудаанд? Албатта, ба ин савол чавоб ёфтан ниҳоят мушкил аст. Метавон тахмин кард, ки шояд вақти сафари Бухоро (дар арафаи ҳучуми Худойназар) Сирочуддиншо дар Бухоро маҳтал нашавам гуфта, мӯҳрро ба дасти писараш Афзалшо (чун ворис тахт ҳам буд) додааст, ки то омадан аз номи падар идораи қонуниро дар ихтиёр дошта бошад. Ҳангоми аз тарс фирор кардани Афзалшо аз эҳтимол дур нест, ки мӯҳр дар дасти кадоме аз ҳамсулолагон (Сулаймоншоҳ?) ё чанговари шучое афтида, онро чун далели боэътимоди гӯё сарварии муқовимати раъиятро ба ӯҳда дошта- ни шоҳ истифода намудаанд. Ин амал бешак воситаи беҳтарини нигоҳ доштани рӯҳияи муборизони озодихоҳонаи мардум ба муқобили манғитиён буда метавонист.

Мавзӯи муқобилияти шадиду шучоати мардуми Ванч ба муқобили ғосибони манғит аз назари академик Б. Ғафуров дур намондааст. У ра- ванди баъди забти Қалъаихумб ҳарчи бештар вусъат ёфтани муқобилияти зидди манғитиён ва алалхусус нақши ванчиёнро дар он чунин ба қалам додаст:

«Вале муборизаи асоратнописандонаи мардуми ин диёр бо ҳамин (забт намудани Қалъаихумб - Ҳ.П.) қатъ нагардид. Ба сарлашкарон ва сарбозони амир барои фурӯ нишондани муқовимати сокинони баъзе маҳалҳои Дарвоз боз ба харч додани чаҳду кӯшишҳои пур аз заҳмату ранч лозим омад. Махсусан аҳолии водии Ванч ба муқобили истилога-

рон бебокона чанг мекарданд. Бисёрии онҳо дар қалъаи дастнораси Рошорв (қалъаи Рохарв - Ҳ.П.) ба камин нишаста, ба душман зарбаҳои сахт мерасониданд. Фақат пас аз он ки озуқа ва муҳиммоти қалъанишинон ба охир расид ва ҳамчунин саркардаҳои феодалу ба амир фурӯхташуда ба таслим қарор доданд, Рошорв дарвозаи худро ба бухороиҳо боз кард»[26].

Албатта, назари олими номдорро зери шубҳа гузоштан хуб нест, ва- ле бояд иқрор шуд, ки Б.Ғафуров ба далелҳое такя доштааст, ки ҳамон вақт ба ӯ дастрас буданд. Устод аз мавқеи онҳо ба таслим шудани қалъаи Рохарв ишора кардааст. Маълумоти дар солҳои баъди таълифин тадқиқоти устод ба даст омада, гарчи ба такрор хулосаҳои ӯро таъкид менамоянд ба иловаи баъзе чузъиёти воқеа далолат мекунанд, ки ин аз табиати раванди таҳқиқи илмӣ бармеояд. Аз ин лиҳоз ба далелҳои боло такя карда, ба гуфтаҳои Б.Ғафуров чунин нуктаи назар мухтасар, вале барои равшан кардани раванди воқеаҳо зарурро илова менанамоем: қалъаи ба муҳосира гирифтаи Ванчро манғитиён забт карда натавони- ста, бо сабаби суст шудани иқтидори чангӣ, мачбур шуданд, ки ба Қалъихумб баргарданд.

Ҳамин тариқ, Худойназар ба чуз Ванч дигар дар тамоми қаламрави шоҳигарии Дарвоз ҳокимияти амирро барқарор кард. Дар Қалъихумб пойгоҳи ҳарбии муқимии амoратро ташкилу чо ба чо карда, худ ба Бу- хоро баргашт. Барои хизматҳояш, бахусус барои таъмин намудани ғалабаи Бухоро аз болои шоҳигарии Дарвоз ӯ ба унвони баланди оталиқ соҳиб гашта, беки Қаротегин таъйин шуд.

Ванч ҳамоно мустақилияти худро нигоҳ медошт. Баъзе намояндаго- ни маъмурияти шоҳи собиқ, ки дар он чо ҳокимиятро нигоҳ медош- танд, ахиран ба хулосае омаданд, ки дигар имконияти аз нав ба тахт баргардондани шоҳ ё ворисонаш нест. Онҳо Ванчро тарк намуда, ба воситаи ағбаи Старғ ба Фарғона (ҳудуди генерал-губернатории Турки- стон) кӯч бастанд.

Аз боби тақдири шоҳи охирини Дарвоз Сирочуддиншо сухан ронда, бамаврид аст, андаке аз тақдири минбаъдаи зану фарзандонаш, ки ҳангоми ишғол намудани Қалъихумб ба дасти ғосибони манғит афтида буданд, сӯҳбат кунем.

Дар Бойгонии давлатии Ҷумҳурии Узбекистон (фонди «Қӯшбегии амири Бухоро») бо унвони «Аризаи ҳокими Ҳисор оиди чустучӯи аҳли оилаи Сирочуддин парвоначӣ, сардори шӯриш дар Бухорои Шарқӣ ва фиристодани онҳо бо рикоб» ҳуччате нигоҳ дошта мешавад (дар болои чузви баста ибораҳои ибтидоюю анчоми амал бо санадҳои 1295 ҳичрӣ ва 1878 милодӣ ишора шудааст), ки то андозае ба чӣ гуна сурат гирифта- ни тақдири баъзе аз намояндагони хонаводаи шоҳ равшанӣ меандозад.

Албатта, мухтасар овардани мазмуни аризаи беки Ҳисор (дар ҳуччат чун «ҳоким» ишора шудааст), ба матлаб мувофиқтар аст, вале барои

хонандаро бо табиати ғуломонаву тамаллуқкорона ва чоплусии маъму- рони аморати Бухоро, инчунин ҳирси шавҳатпарастии худи амир каме ҳам бошад бо далели расмӣ шинос намудан, бозгӯии пурраи ин санад- ро лозим донистем. Дар он омадааст:

«Ҳувал-фаийоз. Бисмиллоҳи хайрул асмо.

Ризочӯйи ин ғуломи чонсупор, хизматгори фармонбардор замири хайрхоҳ

*Арзадошт*

Ба зӯр ва борёфтагони остони муродрасони малоикпосбони сикан- дарнишон, олиҳазрати баҳромсавлати доромартабати нӯшервон маъда- лати чамчоҳи анчумсипоҳ, хуршедкулоҳ, фалакборгоҳ, залли Оллоҳтаъоло, фид-дорийни ал-арзайн халоиқпаноҳ, филоламин носир ул-мила ва шарийъа ва аз-дин хулоса олираҳа ва саъйи, авлоди хазрат сайид ул мурсалин, фурӯғи дидаи чаҳони боқӣ, қуввати бозуи мусал- мон. Ба сад гуна ачзу одоби зарравор, билғубори осор, замини адаб бо лаби убудият бӯсида, чунин арза медорам, ки соҳибо, банданавозо, тасаддуқи сари азизи мубораки чаноби олиҳазрат соҳибам садҳазорон мартаба шавам. Биҳамдуллилоҳи валмина ба фазл ва карам ва ба ҳамин давлати абадмуддати фирӯзманзалати худододи зафарниҳоди қавибунёд, уламои фузало, сайиди содот, фақири фуқаро, ғариби ғурабо, бевафою бечорагони атрофу чавониб.

Аз рӯи меҳрубонии олӣ кӯчбор (кӯчи асирони хонаводаи Сирочуддиншоро дар назар дорад - Ҳ.П.) ба Қаротегин будааст. Ҳокими Қаротегин ҳам кӯчи бойи (Дар ҳуччатҳои расмии ба маъму- рияти аморат хос буда, Сирочуддин бештар шоҳ нею чун «бой» ё «парвоначӣ», - яъне ҳамон унвоне, ки амир дар арафаи оғози амалиёти забткорона, ҳангоми намоиши дӯстонааш ба ӯ дода буд, ишора меша- вад - Ҳ.П.) мазкури ғуломи фармонбардор аз рӯи хати аморатпаноҳи мазкур, супориши олиро ба чои нишон дода, кӯчи бойи мазкурро таъкид ва таҳқиқ намуда, эҳтиёт карда пурсидам[аз] амалдорони Оқсу. Сирочуддиншо би парвоначии мазкур дар ин вилоёт зан ва як келин дошт. Як зани парвоначии мазкур духтари Мирабдулқодири Мутавафо ва як занаш духтари Сайидбек ишик оқобошӣ мебошад, ки парвоначии мазкур дар вақти ба Дарвоз будан, ишик оқобошии мазкурро ҳабс на- муда. Навъе шуда аз ҳабси ӯ баромада махлас ёфта, ба Хӯқанд рафта буд ва парвоначии мазкур бо Салимшо ном писараш ақд намуда. Он вақт духтари мазкур хурд буда, ба ҳадди булуғ нарасида. Писари пар- воначии мазкур ба ӯ дастдарозӣ накарда, то ба чо бокира мебошад мегӯянд, тасаддуқ шавам. Як келини дигарашро аз тавобеи Дарвозу Вахиё пурсидам. Амалдорон, оқсақолон, мӯйсафедони Дарвоз то Ва- хиё Чаноби Олӣ мавлоямро дуо карда мегӯянд, ки ҳеч кадоми моён ке- лини дигари парвоначии мазкурро намедонем, ки ба кучо бошад.

Афзалшо ном писари калонии парвоначии мазкур маъа кӯчҳояш дар вақти фатҳи Дарвоз бо ҳамроҳии Маҳмудшо ном амакаш ба хиттаи

Хӯқанд рафта будааст. Оламдоро, тасаддуқ шавам, як зани Сирочуддин би, парвоначии мазкур, ҳамшираи Сафаралибек ишик оқобошӣ мебошад. Аз давлати саросари хосияти Ҷаноби Олӣ, баъд аз фатҳи вилояти Дарвоз Худойназар бий атолиқи мутавафо ба ҳамин ҳамшираи ишик оқобошии мазкурро, ки зани парвоначии мазкур ба Ҷаноби Олӣ, ҳазрати ғуфронмакони турамарқада арзи ғуломӣ намуда, ба марҳамати олӣ ба ақди худ дароварда гирифта ба Қаротегин бурда, як сол хоначой шуда нигоҳ дошта, атолиқи мутавафои мазкур чӣ ранг малол гардида, рухсат карда. Заъифаи мазкур муддати панч сол шуда ба Дарвоз омада, ба хонаи акааш ишик оқобошии мазкур нишастааст гуфта амалдорон, оқсақолон, мӯйсафедони Дарвоз.

Бо ҳамин тариқа шуда буд, мегӯянд ғуломнавозо, онҳо ҳама, ки ба хатти аморатпаноҳ Муҳаммадшариф парвоначии ғуломи шоҳ се зани Сирочуддиншо парвоначӣ дохил буд. Бинобарон бандаи очизи нодону нотавон ба чандин тарси бисёр, ҳамшираи Сафаралибек ишик оқобошии мазкурро ҳамроҳи додараш маъа ду зан ва як келини парвоначии маз- кур, ду зани ишик оқобошӣ, як зану як очизаи Мирзо Содиқ мирохур ғуломашонро чамъ намуда аз давлати Ҷаноби Олӣ ҳазратам ба ҳамаи онҳо дода, одам ҳамроҳ карда, ба аморатпаноҳ Муҳаммад Юсуф бий девонбегии ғуломашон-ҳокими Балчувон хат карда будам. Душанбе бисту якуми моҳи шаъбон кӯчҳои бой [ва] номбурдагони мазкурро бо ҳамроҳии додарҳояшон ба чониби Бухорои шариф фиристода.

Он чӣ дида ва шунида, худ ба Ҷаноби Олӣ маълум шавад гуфта, аз рӯи ғуломӣ ва нодонӣ арзи бандагӣ намудам. Илоҳи то чаҳон бошад, ҳазрати соҳибам ба давлати иқбол саломат буда, шоду хуррам бошанд.

Омин ё раббул-оламийн

Ат-тафсир, ат-тафсир»[27].

Баъди ҳуччати мазкур дар ҳамин бастаи бойгонӣ боз як ҳуччати ди- гар бо чунин мазмун омадааст:

«Ба зурваи борёфтагони остони муродрасони малоикпосбон, сикан- дарнишони олиҳазрат, баҳромсавлат, дороматлаб, нӯшервон маъдалат, чамчоҳи анчумсипоҳ, хуршедкулоҳ, фалакборгоҳ, залли оллоҳи таъо- ло, фиддорин иларзин, халоиқпаноҳ фи оламйин носирул мулла ва ша- рийъа бад-дин, хулоса олӣ таҳа ва ёсин, авлоди ҳазрати сайидулмурса- лин, фурӯғи дидаи чаҳони боқӣ, қуввати бозуи мусулмонӣ, ба сад ҳазор гуна ачзу одоб, зарравор билғуборосор, замини одоб ба лаби убудият бӯсида, чунин арза медорам, ки соҳибо, банданавозо, тасаддуқ шавам сари азизи чаноби олиҳазрат. Соҳибам, сад ҳазорон мартаба шавам биҳамдулиллоҳи вал-мина, ба адлу карам ва ҳамин давлати абадмуддати фирӯзманзалат, худодода, зафарниҳод, қавиюлбунёд, уламо, фузало сайиди содот, фақири фуқаро, ғарибӣ ғурабо, беваю бе- чорагони атрофу чавониб, оянда ва раванда ва ғуломонашону сарбо- зийа дар маъди амният ва фароғат ба осоиши дороманиш буда, ба хо-

тири ҷамъии тамом ва осудагии ҳол ба дуои саломатии зоти муборaки олӣ иттиол доранд. Алалхусус ин ғуломи нодон шабонарӯз дасти дуо ба даргоҳи нодири зулчалол ва донои кулли ҳол бардошта, саломатӣ ва бақои давлати фатҳнусрати ҳазрати залли илоҳи соҳибам ва мавлоямро талаб намуда, ғайр аз ғуломӣ ва дуогӯӣ ва хизматгорӣ дигар пеша ва андеша ба хотири худ роҳ надода, дуо гирифта, дуо менамоям бо уме- ди комил. Тасаддуқи сари муборакатон шавам, аз рӯи амри муборaки олӣ аз аморатпаноҳ Муҳаммадшариф парвоначӣ ғуломашон ба ин ғуломи ризочӯи хат омад, ки аз ваҷҳи кӯчи бой Сироҷуддин парвоначӣ [супориш ва] меҳрубонии олӣ шуд.

Ба аморатпаноҳон ҳокими Дарвоз ва Балчувон ва ҳокими Деҳнав ва Қаршӣ хат кунед, ки кӯчи бойи мазкурро ҳокими Дарвоз ба ҳокими Балчувон фиристода, ҳокими Балчувон ба ҳокими Деҳнав расонида, ҳокими Деҳнав ба Қаршӣ расонида, ҳокими Қаршӣ ба Бухорои Шариф мерасонанд. Кӯчи бойи мазкур се зан, ду келини парвоначии мазкур, ду зани Файзулло ишшик оқобошӣ, ду зан, ду писари Шоҳмурод тӯқсабо, як зан, як очизаи Мирсодиқ (дар ҳуҷҷати боло Мирзо Содиқ омадааст - Ҳ.П.) мирохур, ҳамин номбурдагон будааст.

Аз рӯи меҳрубонии олӣ, кӯчи бойи мазкурро одам ҳамроҳ карда ба ҳокими Балчувон фиристонид. Аз даруни кӯчи мазкур чаҳор зан ва чаҳор писари Сӯфишоҳ ишик оқобоши ва Шоҳимардон туқсабои маз- кур ба Қаротегин будааст. Ҳокими Қаротегин ҳам кӯчи бойи мазкурро ҳамроҳ карда мефиристонанд.

Ҷаҳонпаноҳо, тасаддуқ шавам, хати аморатпаноҳ парвоначии маз- кур - ғуломашонро одами ин ғуломи ризочӯӣ гирифта овард, ки ғуломи хайрхоҳи фармонбардор аз рӯи хати аморатпаноҳи мазкур су- пориши олиро бо ҷону дил қабул намуда, дафъатан амалдорон, оқсақолон, мӯйсафедони ин вилоро ҷамъ намуда хати парвоначии маз- кур ғуломашонро нишон дода, кӯчҳои мазкуронро таъкид ва таҳқиқ намуда, эҳтиёт карда пурсидам. Амалдорон, оқсақолон, мӯйсафедони ин вило ғуломашон ҷаноби олиро дуоҳо намуда мегӯянд, ки Сироҷуддин би парвоначиии мазкур дар ин вило се зан ва як келин дошт. Як зани парвоначии мазкур духтари Абдулқодири мутавафо ва як занаш духтари Муҳаммадшариф махдум ном мебошад, тасаддуқ шавам. Як келини парвоначии мазкур духтари Саидбек ишик оқобошӣ мебошад, ки парвоначии мазкур дар вақти ба Дарвоз буданаш ишик оқобошии мазкурро ҳабс намуда, навъе шуда аз ачси ӯ баромада мах- лас ёфта ба Хӯқанд рафта буд. Он ҳин духтари ишик оқобошии маз- курро парвоначии мазкур ба Салимшо ном писараш ақд намуда. Он вақт духтари мазкур хурд буда, ба ҳадди булуғ нарасида. Писари пар- воначии мазкур ба ӯ дастдарозӣ накарда. Пас то ҳол бокира мебошад мегӯянд, тасаддуқ шавам. Ва як келини дигарашро ҳарчанд Вахиёро пурсида тараддуд кунонидам, амалдорон, оқсақолон, мӯйсафедони

Дарвоз то Вахиё Ҷаноби Олӣ мавлоямро дуо карда мегӯянд, ки ҳеч ка- домашон келини дигари парвоначии мазкурро намедонем, ки ба кучо бошад. Афзалшоҳ писари калонӣ бо ҳамроҳии Маҳмудшоҳи амакаш гурехта ба Хӯқанд рафта будаст. Олами мадоро, тасаддуқ шавам, як зани Сирочуддиншоҳ парвоначии мазкур ҳамшираи Сафаралибек ишик оқобошӣ мебошад. Аз давлати ҳамин ҳамшираи ишик оқобошии мазкурро, ки зани парвоначии мазкур аст, ба Ҷаноби Олӣ, ҳазрати ғуфронмакони навара маркадаҳу арзи ғуломӣ намуда, зани мазкур чӣ ранг малол гардида, рухсат карда. Заифаи мазкур муддати панч сол шуда ба Дарвоз омада, то Дарвоз ба ҳамин тариқа шуда буд мегӯянд. Ғуломнавозо, он ҳангоме, ки бо хати настаълиқа сиёҳ (?), ҳамшираи Сафаралибек ишик оқобошӣ мазкур ба шаҳр чамъ намуд аз давлат...» (охири ҳуччат дарёфт нашуд - Ҳ.П.)[28].

Аз ахбори ин аснод чунин хулоса бармеояд: а) ин мактубҳо чанде пас баъди ба амал омадани воқеаҳои Дарвоз навишта шудаанд. Шояд ба амир хабар расонда бошанд, ки на ҳамаи асирагон то дарбори ӯ ра- сидаанд. Аз ин рӯ амр намудаст, ки то ба охир ин масъаларо таҳқиқ намоянд; б) фиску фасод чунон қалби нопоки амирону маъмурони дар- борро тасхир намудааст, ки ҳиссиёти шаҳвониро аз рукнҳои аввали давлатдорӣ, ҳалли масоили рӯзмараи сиёсӣ ва иқтисодию ичтимоӣ бо- ло мегузоштанд.

Баъди забт намудан ва ба воҳиди маъмурии аморати Бухоро яъне бекигарӣ табдил додани шоҳигарии Дарвоз муборизаи мардуми озодихоҳи ин диёр қатъ нашуд. Хавфи авч гирифтани муқовимати зид- ди низоми сиёсии манғитиён ҳамеша вучуд дошт. Ду писари Сирочуддиншо, ки ба қаламрави Афғонистон фирор карда буданд, ба- рои халқи Дарвозро ба муқобили низоми амирӣ бархезондан кӯшиш мекарданд. Вале ба сабаби ба ихтиёри қувваҳои ҳифзи сарҳадии Русия гузаштани хати сарҳадии аморати Бухоро ва надоштани қувваи кофӣ охирин намояндагони сулолаи маҳаллии шоҳони Дарвоз нияти худро амалӣ карда натавонистанд.

Мардуми Ванч бошанд, боз ду соли дигар тобеъияти аморати Бухо- роро напазируфта, бо чанде аз маъмурони шоҳи Дарвоз истиқлолияти худро нигоҳ доштанд. Фақат баъди талабҳои асосии онҳоро қабул на- мудани намояндагони расмии Бухоро, аз чумла чанд сол озод будан аз андоз ва ба мирони маҳаллӣ додани ҳуқуқи идоракунӣ, барои чун воҳиди маъмурӣ (амлокдорӣ) дар ҳайати бекигарии Дарвоз будан розигӣ доданд.

Далеле, ки ванчиён гарданкашии худро баъди шинохтани ҳокимияти манғития низ идома медоданд, муносибати онҳо ба Давлатдодхоҳ шуда метавонад. Давлат ном амалдор чун аввалин намо- яндаи аморат дар Ванч ба вазифаи додхоҳӣ таъйин гашта буд. Дар муддати ду соли фаъолияташ ӯ худсарию золимиро пеша кард. Соки-

нони диёр ба амир ариза фиристода бо қатъият талаб карданд, ки ӯро ба чазо расонад. Бо фармони амир Музаффар ӯро ба Бухоро даъват на- муда бо чӯб заданд ва ба зиндон партофтанд. Ба чояш Қосим додхоҳ фиристода шуд. Ин амалро Мулло Ёр дар сатрҳои охирини ҳачвияи ба ҳамон Давлатдодхоҳ бахшидааш чунин овардааст:

*Қатра гар якҷо шавад Ёрӣ, занад селоб ҷӯш,*
*Худ ба зӯри мардуми Дарвоз мебошам гувоҳ.*

Тақдири ояндаи Сирочуддиншо ва дигар наздикони фироркардааш- ро ҳуччатҳои хеле боэътимоди дар Бойгонии марказии давлатии таърихии Ҷумҳурии Узбекистон (Фонди 1 - Шӯъбаи коргузории Гене- рал-губернатории Туркистон) мафҳуз буда, хеле равшан инъикос на- мудаанд. Онҳо ба иштирок доштан ё надоштани ин шоҳи охирини Дарвоз дар муқобилияти зиддиманғитии ҳамдиёрон низ чавоби саҳеҳ медиҳанд.

Чи тавре ки дар боло ишора рафт, ҳангоми ишғол намудани Қалъаихумб ва думболагирии муҳофизони он, чанде аз наздикони Сирочуддиншо ба тарафи Фарғона фирор намуданд. Дар рапорти гу- бернатори ҳарбии вилояти Фарғона ба унвони генерал - губернатори Туркистон аз 21 сентябри соли 1978 зери рақами 1047 омадааст:

«14 сентябри соли равон, ба қишлоқи Учқӯрғони уезди Марғелон,55 зодагони Дарвоз омадаанд, аз чумла: бародарзодаи дар уезди Марғелон иқоматдоштаи шоҳи Дарвоз Абдулфайзхон - Абзалхон (Афзалхон - Ҳ.П.) бо 5 бародарони хурдаш, 14 зан ва 35 нӯкарон.

Аз рӯи аризаашон, ҳамаи онҳо баъди торумор шудани Дарвоз ба қаламрави Афғонистон фирор намуда, аз он чо ба Шуғнон рафта, ак- нун ба ин чо омадаанд.

Ин хабарро расонда аз Шумо, Ҷаноби олимақом, хоҳиш дорам, ки барои ҳар кадом, то пайдо кардани кору ба хоҳиши худ дар вилоят зин- дагии муқимиро ихтиёр кардан, барои 50 сӯмӣ кумакпулии яккарата расондан ичозат диҳед.

Имзои губернатори ҳарбӣ.

21 сентябри соли 1878. ш. Марғелон»[29].

Дар чавоби худ аз 15 декабри соли 1878 ба ин аризаи губернатори вилояти Фарғона барои кумакпулӣ ичозат дода, генерал-губернатори Туркистон фон-Кауфман аз чумла қайд намудааст: «Ба ҳар кадом 50 сӯми дода, таъкид карда шавад, ки минбаъд онҳо ба ёрии пулии мо умед набанданд»[30].

Тақдири ояндаи худи Сирочуддиншоро бошад, дигар ҳуччатҳои бойгонии номбурда равшан месозанд. Аз чумла барои озод намудани Сирочуддиншоъю наздиконаш аз маҳбаси Бухоро губернатори вилояти Фарғона ба унвони сардори идораи Агентии сиёсии Русия дар Бухоро

Н. В. Чариков оиди гузоштани ин масъала дар назди амири нав - Абдулаҳадхон (1885-1910), ки баъд аз вафоти амир Музаффар (1860- 1885) ба тахт нишаста буд, ду маротиба мактуб навиштааст.

Мактуби аввал аз 12 ноябри соли 1885. - № 10513 дар чунин мазмун омадаст:

«Оғои Мӯҳтарам, Николаи Валериевич (Чариков - Ҳ.П.)!

Истиқоматкунандагони вилояти ба ман боваркардашуда, собиқ шоҳи Дарвоз Абулфайзхон (ин чо иштибоҳ рафтааст: номбурда шоҳ набуд - Ҳ.П.) ба ман изҳор кард, ки бародараш Муҳаммад Сирочхон (собиқ шоҳ - Ҳ.П.), 8 сол боз дар Бухоро дар маҳкама ба сифати маҳбус нигоҳ дошта мешавад. Писаронаш Муҳаммад Яҳёхон ва Муҳаммад Рисхон (эҳтимол Ризохон бошад - Ҳ.П.) низ дар ҳамин шаҳр зери назорати политсия зиндагӣ мекунанд. Дар айни ҳол Абул- файзхон барои озод кардану ба шаҳри Марғелон фиристодани номбур- дагон дархост пешниҳод намудани маро хоҳиш дорад.

Инро ба маълумоти Ҷанобашон расонда мехостам аз Шумо пурсам, оё имконияте вучуд дорад, ки ичрокунандаи вазифаи генерал- губернатор ба ҳукумати Бухоро барои ҳалли хоҳиши Абулфайзхон таъсир расонда тавонад. Ба ҳар ҳол номбурда ба илтифоти амири нав боварӣ дорад.

Бо ҳурмату садоқати бепоён»[31]. Имзо.

Матни мактуби дуюми губернатори ҳарбии вилояти Фарғона аз 19 ноябри соли 1885, № 10720 ба агенти сиёсии Русия дар Бухоро Н. В. Чариков (мардуми таҳчоӣ ӯро Чоруқов ном мебурданд), чунин аст:

«Ҷаноби оқои Николай Валериевич!

Истиқоматкунандагони вилояти ба ман боваркардашуда, зодагони Дарвоз Маҳмудхон ва Муҳаммад Афзалхон, ба ман мурочиат намуда иброз доштанд, ки бародари аввал ва падари дуюм, Муҳаммад Сирочуддинхон, собиқ ҳокими Дарвоз, ки қариб 9 сол пеш аз тарафи амир ба Бухоро бурда шудааст ва то кунун дар ҳабс аст. Аз ин рӯ мудо- хилаи ҳукумати моро барои озод намудану ба уезди Марғелон, ки дар ин чо аҳли оилааш зиндагӣ ба сар мебарад, фиристодан хоҳиш доранд.

Илова ба мактубе, ки 12 ноябри моҳи чорӣ таҳти рақами 10513 ба Ҷанобашон ирсол доштам, эҳтиромона хоҳиш мекунам аз имконияти дар ихтиёр дошта истифода бурда, дархостатонро ба ҳукумати Бухоро аз лиҳози ба чо овардани хоҳиши ин ду аҳли Дарвоз дареғ надоред.

Бо ҳурмату садоқати бепоён: - имзо»[32].

Аз матни ҳуччати дигар бармеояд, ки дархости дар ду мактуби гу- бернатори ҳарбии вилояти Фарғона ба сардори Агентии сиёсии Русия дар аморат оиди ба таври расмӣ озод намудани собиқ шоҳи охирини Дарвоз - Сирочуддин ирсол шуда ба ҳадаф расидааст.

11декабри соли 1885 рӯйхати 5 нафар бо фармони амир Абдулаҳад аз маҳбусии 8 сола 9 декабри соли 1885 озодшудагони Дарвоз ба дасти

намояндаи Русия дар Бухоро - Н. В. Чариков расид. Дар ҳуччат номи ин озодшудагон сабт гаштааст:

1. Сӯфишо ишикоғобошӣ,
2. Файзулло ишикоғобошӣ,
3. Шарифмурод мирохур,
4. Мирзоназар,
5. Сирочуддин парвоначӣ[33].

Дар ҳуччати дигаре, ки дар дастгоҳи идораи генерал-губернатори Туркистон (Тошканд) 23 декабри соли 1885 (№ 720) барои расондан ба дасти губернатори вилояти Фарғона тайёр шудааст, омадааст:

«Бо супориши генерал-губернатори Туркистон, ки аз натичаи мактубҳои губернатори Фарғона аз 12 ва 19 моҳи ноябр зери рақамҳои 10513 ва 10720 бармеояд, ифтихормандам, хабар диҳам... собиқ ҳокими Дарвоз Муҳаммад Сирочуддин рӯзи 9-ми моҳи равон аз маҳбас озод карда шуд ва изҳор дошт, ки барои иқомати доимӣ дар Буҳоро мемонад. Амири Бухоро бо унвони парвоначӣ ӯро ба хизмат гирифта, ба хонаю маъош таъмин намуд. Ҳамроҳи Сироҷуддин парвоначӣ чу- нин ашхоси дар назди ӯ буда: Сӯфишо ишикоғобошӣ, Файзулло ишикоғобошӣ, Шоҳмурод мирохур ва Мирзоназар озод гардиданд» [34].

Аз мазмуни ин ҳуччатҳо бармеояд, ки Сирочуддиншо ҳангоми ҳучум ва забти Дарвоз аз тарафи қӯшунҳои амир зери фармондиҳии Худойназар дар маҳбаси Бухоро нигоҳ дошта мешуд. Вале эҳтимолияте чой доштанаш мумкин аст, ки ҳангоми амалиёти ҳарбии қӯшуни амири Бухоро зери фармондиҳии Худойназар наздикони дар- бор ин ҳақиқатро аз мардум пинҳон дошта, овоза паҳн кардаанд, ки Сирочуддин бо кадом воситае аз маҳбас раҳо ёфта ё гурехта омадаасту шахсан ба муқовимати раъияташ роҳбарӣ мекунад. Ин худ ягона роҳи дурусти сафарбар кардани мардуми Дарвоз бар зидди аморати манғития буда метавонист. Маҳз хамин овозаи гӯё ҳузури шоҳ дар мамлакат ва роҳбарии амалиёти зидди қӯшунҳои манғитияро ба даст гирифтанаш буд, ки муқобилияти халқро қавитар гардонда, хайёли чо- кари амир - Худойназарро ки бовариаш ба бе мамоният ишғол кардани Дарвоз қавӣ буд, ботил сохт. Ҳатто ҳамин ғалабаи анчоми мантиқии худро наёфтаи (қалъаи Ванчро ишғол карда натавониста баргаштанд) манғитиён барояшон хеле гарон афтод. Сабаби аз тарафи амир дуру дароз дар маҳбас нигоҳ доштани шоҳ Сирочуддинро низ дар хавфи гарданкашӣ ва исёни мардуми ин диёр бояд чуст.

Ба саволе, ки чаро Сирочуддиншо баъди аз маҳбас озод шудан ба Фарғона ба назди боқимондаи аҳли хонаводааш нарафта, дар Бухоро иқомати доимӣ ихтиёр намудааст, ба сабаби набудани далели мӯътамад чавоби аниқу саҳеҳ додан мушкил аст, таҳлили раванди воқеаҳо чунин тахминро тақозо мекунад, ки амири нав аз мадди назари худ дур кардани собиқ шоҳи Дарвоз хавфнок дониста бо вазифаю хона

таъмин намуда, дар Бухоро нигоҳ доштааст. Албатта, бадгумонии амирро Сирочуддин бараъло пай бурда бошад ҳам, чун шахси аз нозукиҳои сиёсат бохабар, медонист, ки дар чунин вазъият нияти му- холифат кори бемаънист. Дар ақибгоҳи амир қувваи қавитару шикаст- нопазир - намояндаи расмии ҳукумати Русия - генерал-губернатори Туркистон мавчуд аст. У барои ин вассали итоаткори худ яъне амири Бухоро, тайёр аст ҳамагуна ёрӣ расонад. Барои ҳамин Сирочуддин ба тақдир тан додани худро авлотар донист.

Дар бораи давоми рӯзҳо ва ҳаёту фаъолияти Сирочуддиншо маълу- моти дигаре дар даст надорем. Аз рӯи базе хабарҳо ӯ соли 1889 дар Бу- хоро вафот кардааст. Писараш Афзалшо - ягона намояндаи сулолаи шоҳони Дарвоз дар Учқӯрғони вилояти Фарғона зиндагии муқимӣ их- тиёр намудааст.

Яке аз охирин намояндагони хонадони сулолаи шоҳони Дарвоз Мулло Садруддин валади Ҷалолуддин, ки дар доираҳои адабии охири асри XIX - ибтидои асри XX бо тахаллуси Маҳзун, чун шоири барка- мол машҳур буд, бо кадом воситае чон ба саломат бурда, дар ватани ачдодӣ зиндагию фаъолият дошт. Амир Абдулаҳад дар Дарвоз монда- ни Мулло Садриддинро хавфнок دониста, ӯро расман ба Чорчӯйи Туркманистони ҳозира муҳочир кардааст[35]. Тақдири оянадаи ӯ маълум нест. Табиист, ки дар ғурбат шоири ҳассос ба зиндагии дилхоҳу мӯътадиле ноил шудан наметавонист.

Сокинони Дарвоз, ки зӯран тобеи амирони манғит карда шуда бу- данд, муқобилиятро ҳамоно идома медоданд ва дере нагузашта, бо мақсади қатъи ҳукмронии онҳо шӯриш бардоштанд. Ошӯб дар амлокдо- рии Моймай сар шуд, вале Худойназар атолиқ дар назди деҳаи Кеврон ба шуришчиён зарба зада онро хобонд. Сарбозони амир баъди пахши ин қиёми халқ чанд рӯз ба таъқибу қатли бераҳмонаи шӯришчиён машғул буданд. Яке аз ҳамсӯҳбатони Одил Мачлисов - Мулло Абдураҳмони 95- сола аз деҳаи Ғӯмай (соли 1954 дар шаҳри Душанбе вафот намудааст), ки он вақт 19-солаю шоҳиди воқеа будааст, таъқиботу куштори сарбо- зони амирро дар муддати се рӯзи баъди пахши шӯриш чунин шарҳ до- даст. Одамонеро, ки баъзан ҳатто дар гӯрҳои кӯҳна худро панаҳ карда буданд, ёфтаву ба қатл расондаанд. Вале ин ҳолат бадбинии сокинони озодихоҳи диёрро комилан нашикаст. Муқобилияти шадид се моҳ, яъне аз моҳи март то охирҳои майи соли 1878 идома дошт.

Олими рус В.Ф.Ошанин аз сокинони маҳаллӣ оиди идомаи муқобилияти аҳолии Дарвоз маълумот гирифта, қайд намудааст, ки амир аз ноилочӣ аз ҳисоби гарнизонҳои Ҳисору Қаротегин дар Қалъаихумб дар давраҳои аввал то 5 000 сарбозро нигоҳ медошт[36]. Баъди каме муътадил шудани вазъ шумораи онҳоро то 1300 -1500 кам кард. Муқовимати мардум бар зидди низоми амирӣ дар тӯли ҳукмронии манғитиён ҳама вақт ба мушоҳида мерасид.



*Сарбозони амири Бухоро дар пойгоҳи Қалъаихумб (охири асри X\X) (Аз китоби В.И.Липский, «Горная Бухара. Результаты трехлетнего путе- шествия по Средней Азии в 1896, 1897 и 1899 гг». - Ч.З., СПб, 1900.)*

Баъди расман тобеъ кардани Дарвоз раванди амалиёти низомии амо- рати Бухоро барои ба қаламрави худ ҳамроҳ кардани мулкҳои мустақилу ниммустақили Бухорои Шарқӣ, ки аз охири солҳои 60-ми асри XIX оғоз шуда буд, анҷом ёфт.

## ОМИЛҲОИ ШИКАСТ ВА СУҚУТИ ШОҲОНИ ДАРВОЗ

Таҳлили воқеъбинона нишон медиҳад, ки музаффарияти амир Му- заффар дар болои мулкҳои мустақилу ниммустақили Бухорои Шарқӣ, алалхусус шоҳигарии Дарвоз ҳаргиз далели маҳорати лашкаркашӣ ва хиради сиёсию маъмурии ӯ набуда, чунин сабабҳои ҳалкунанда дошта- аст:

1) Бесарусомонии сиёсӣ, сустии иқтисодӣ, ки ба нигаҳдошти муносибатҳои патриархалӣ-авлодӣ дар ҳамбастагӣ бо муносибату тар- зи истеҳсолоти феодалӣ асос ёфта буд, заифӣ ва ба талаби замон мувофиқ набудани иқтидори ҳарбии ин мулкҳои ҳанӯз дар гирдоби фочиабори парокандагии феодалӣ чойдошта;

2) Ба мувофиқа наомадани ҳокимони мулкҳои Бухорои Шарқӣ ба- рои ҳифзи дастачаъмона ва амали якчояи зидди лашкари аморат;

3) Ба ивази пулу мол ва ваъдаи мансаб аз амир ба хиёнат даст задану тамоми вазнинии ҳифзи диёрро ба гардани мардум партофтани замин- дорону маъмурони сарватманду болонишини ин мулкҳо;

4) Аз кадом самте ба амали забткоронаи амир нанигарем, бартарии нақши ҳалкунандаи Русия дар фаъолияти ӯ бараъло ба назар мерасад. Дар он замон Русия ҳанӯз аз ҳалли масъалаи Помир хеле дур буд, шар- тномаи солҳои 1872-1873 байни Англияю Русия мудохилаи диплома- тиву харбии Англияро дар минтақа хеле фаъол намуд. Ин давлати абарқудрат Афғонистонро то андозае ба тобеъияти дипломатию сиёсии худ кашида, ба мудохилаи фаъолонаи дипломативу ҳарбӣ дар Помир сафарбар кард. Ҳукуматдорону ҳарбиёни инглис зери ниқоби ҳифзи мустамликаи калонтарину бойтаринашон - Ҳиндустон сиёсати ғаразноки худро дар ин минтақа пиёда месохтанд. Русия бошад, акнун кори ба тасарруф даровардани Осиёи Миёнаро анчом дода, чиддан ба масъалаи Помир машғул шуданӣ буд. Дар ин марҳала мутлақияти подшоҳӣ ба воситаи вассали худ - Бухоро ҳозир буданашро дар Дарвоз таъмин намуда, бо ин амал бояд мавқеи ҳарбӣ-стратегиашро дар мав- зеи барои Англия ниҳоят хавфнок, дар доманаи Ҳиндукуш мустаҳкам мекард. Барои ичрои ин нақша ҳукумати марказии Русия ба воситаи намояндаи ҳарбиву маъмурии худ генерал-губернатори Туркистон амалиёти ҳарбии амир Музаффарро ҳамачониба дастгирӣ мекард, ки ин дар фатҳи Дарвоз аз тарафи амир омили ҳалкунанда буд.

## НАТИҶАИ ТОБЕЪ ШУДАНИ ДИЁР БА АМОРАТИ БУХОРО

Бо фаъолияти амир дар кори ба аморати Бухоро тобеъ кардан ва ҳамроҳ намудани мулкҳои мустақилу ниммустақили Бухорои Шарқӣ, алалхусус Дарвоз шинос шуда, табиист, ки хонанда зарурати ба ин па- дидаи таърихӣ баҳо доданро эҳсос мекунад. Хонанда амали амири Бу- хороро чун ғасби кишвар қатеъона маҳкум карда муқовимати озодихоҳонаи мардумро бо ифтихор чун ҳақталошӣ ва қаҳрамонона баҳо медиҳад. Чунин муносибат ва арзгузорӣ комилан дуруст аст. Вале барои мутахассони таърих пӯшида намемонад, ки парокандагии феодалӣ барои ҳамаи кишвару халқҳои дар зинаи муайяни мавчудияти таърихӣ ба гирдоби он афтида давраи мудҳиштарини таърихӣ маҳсуб меёбад. Ҳамаи вазнинии бори талошҳои беохиру хунрезиҳои аҳли хо- надон барои ҳокимият, задухурдҳои бардавоми федалон барои васеъ кардани замин, ва монанди он, инчунин, рафтори ғоратгаронаю хароб- коронаи онҳо пеш аз ҳама бар дӯши аҳли заҳмат меафтад. Агар ба ин боз тохтутозҳои ғоратгаронаи ҳамсоягон ва ачнабиёни бегонанажодро, ки маҳз дар замони бӯҳронҳои шадиди парокандагии феодалӣ авч ме-

гиранд, зам кунем, онгаҳ вусъати фочиабору тоқатфарсои ин падидаи номақбули таърихӣ бараъло равшан мегардад.

Аз ин лиҳоз кӯшиши тамаркузи давлату халқият дар ҳама ҳолат ама- ли хайру тақдирсоз ҳисоб меёбад. Бояд ба масъалаи ҳамроҳ намудани Бухорои Шарқӣ ба аморати Бухоро низ аз ин манзар нигариста, ба он чун падидаи мақбули тақдирсози халқ баҳо дод. Вале ҳангоми мушах- хас ба ин ҳодиса, яъне ҳамроҳ кардани мулкҳои Бухорои Шарқӣ ба аморат баҳо додан аз як ҳақиқати дигар сарфи назар намудан мувофиқи адолати таърихӣ нахоҳад буд. Ташаббускори ин тамаркуз амири манғитӣ ҳаргиз ба гӯшаи хотир овардан наметавонист, ки бояд чун ҳимоятгари манфиати мардум амал кунад. Барои ӯ, бо кадом роҳу усуле набошад, чои музофотҳои аздастрафтаашро аз ҳисоби ғасби ин мулкҳои Бухорои Шарқӣ пур кардан ва доираи истифодаашро васеъ намудан буду халос. Аз ин чост, ки муборизаи сокинони ин мулкҳо, аз чумла мардуми шоҳигарии Дарвоз, ки ба муқобили манғитиён нигаро- нида шуда буд, чун амали озодихоҳона ва одилона бояд баҳо гирад. Мардум мулки худро аз ғасби бегонагон шучоатмандона дифоъ мекар- данд. Ҳазорон курбониҳо аз фочиаи ба сари халқи ин диёр омада дарак медиҳанд. Қаҳрамонии муҳофизони диёр дар ёди наслҳо чун амали ҳақталошӣ ва мояи ифтихор ҳасту боқӣ хоҳад монд.

Дар ибтидои хучуми манғитҳо ҳисси ҳифзи диёр шоир Муллоёрро водор кардааст, ки ғосибонро маҳкуму муқовимати шоҳро тараннум намояд. Вале ба зудӣ фаҳмид, ки шоҳи Дарвоз низ дар истисмори раъият аз амир кам нест. Ин ҳиссиёти худро дар мисраъҳои зерин чу- нин овардааст:

*Аз ҳаводис, ачабо хаставу нолон шудаам,*
*Хотирозурдаву бо ҳоли парешон шудаам.*
*Ёрӣ бо ин ҳама ошуфтагӣ дар охири кор,*
*Аз санои шаҳи Дарвоз пушаймон шудаам.*

Муллоёр каси ниҳоят ҳассосу бебок буд, зулму ситами манғитиёнро ба аҳли заҳмат дида, ҳиссиёти нафрату бадбинии хешро пинҳон дошта наметавонист. Мисраъҳои зерин гувоҳи часорати шоир ва бепарда маҳкум кардани ҳокимияти манғития мебошанд:

*Олам аз шӯру шари мангитиён лабрез аст,*
*Ханчари наҳси замон аз ду бараш хунрез аст.*
*Аз бари кӯҳу даман роҳату осоиш рафт,*
*Хирмани кӯфтаи мардум ҳама бе без аст.*
*Ёрӣ осоише аз умр ба Дарвоз мачӯ,*
*Ки дар ин чо дами селоваи даврон тез аст*

Аз мазмуни шеъри дигари шоир бармеояд, ки ӯ ба Бухоро сафар кардаву он чоро пур аз фисқу фуҷур ёфтааст. Ин мушоҳидаашро дар шеъри ба унвони «Ноумедӣ» навиштааш чунин баён кардааст:

*Ноумедам ҳама аз мулки Бухор,*
*Нимараҳ мондаам бо дидаи чор.*
*Мулку авзои малик бегона,*
*Н-омадам ҳамдиёри хеш дучор.*
*По куҷое кашему сар ба куҷо,*
*Набувад пеши чашм гайри губор.*
*Мо гарибй диёри хештанем,*
*Бар гарибон куҷост сабру царор.*
*Ку шиносу даре, ки сар кӯбем,*
*Дида осоишоте як мицдор.*
*Соддалавҳӣ бас аст, эй Ёри,*
*Лутф з-ин мардумон умед мадор.*
*Бори реҳлат ба мулки дигар банд,*
*То ки гардӣ зи бахт бархурдор.*

Чунин мисраъҳо низ ба ҳамин мазмун наздиканд:

*Агар бо чашми ибратбин ту ин дунёи дун бинӣ,*
*Зи бедоди шаҳони фитна толеъ сарнагун бинӣ.*
*Худоё навҳагар набвад халоицро дар ин даврон,*
*Ба ҳар ҷое назар афтад, фигону ҷӯи хун бинӣ.*[31]

Вале ин суханон фақат баёни як қисми ҳақиқат мебошанд. Қисми дигарашро дар воқеъияти сиёсӣ, иқтисодӣ ва ичтимоии замон бояд чуст. Дар шароити авчи талошҳои мустамликахоҳонаи давлатҳои абарқудрат кишварҳои қафомондаи феодалӣ мустақилияти худро нигоҳ дошта наметавонистанд. Акнун бо амри таърих, хонигарии Қӯқанд пурра ва ҳудуди хонигариҳои Бухорову Хева қисман ба дасти Русия афтида буданд. Табиист, ки онҳо вобаста ба талабу талоши сиё- сию маъмурӣ, иқтисодиву ичтимоии мустамликадорон идора ва истис- мор карда мешуданд. Ҳамроҳ кардани мулкҳои Бухорои Шарқӣ низ, чи хеле дар боло қайд шуд, аз хоҳишу дастгирии Русия вобастагӣ дошт. Он чи дар ин чода амалӣ гашт, гузашта аз нияту сиёсати Русия ва ами- ри Бухоро барои халқи точик дар ин марҳила бурди таърихӣ буд. Гар- чи илми таърих калимаи «агар»-у фарзияҳоро намеписандад ва фақат ба воқеъияти реалӣ сару кор дошта, ҳадафаш муайян намудани қонунияти рӯйдоди воқеаҳост, агар ин раванд самти дигар мегирифт, эҳтимол фочиабортар мешуд.

Ба Бухоро пайвастани Дарвоз мисли дигар мулкҳои ҳамсоя маънои баъди чудоиҳои ичбории бардавоми чандинасра боз бо ҳам пайвастани

шохаҳои парокандаи халқи точикро дошт. Муҳим боз он буд, ки ба ха- робии иқтидори иқтисодию фарҳангии асримиёнагии худ нигоҳ накар- да, Бухоро то кунун асолати фарҳангии худро нигоҳ медошт. Ҳукуматдории қариб ҳазорсолаи бегонагон суннатҳои шаҳрдорию шаҳрнишинии точиконро дигар кардан натавонистанд. Аксари мутлақи сокинони ин сарзаминро точикон ташкил медоданд. Аз тара- фи дигар, дар ҳудуди Бухоро ҳам пайвастани точикони кӯҳистон барои ҳалли тақдири ояндаи онҳо, бахусус ва аз ҳама муҳим барои эҳёи дав- латдории точикон заминаи мусоиде фароҳам овард. Вале ин раванди дар оянда тақдирсоз бидуни хоҳишу фаҳмиши амиру амалдоронаш, ки аз ҳирсу тамаъ ва фисқу фасоди ба табиати низоми давлатии теократии феодалӣ хос берун буда наметавонистанд, пиёда шуда фосилаи дарозе- ро тай кардан лозим омад.

# *Боби IV* БЕКИГАРИИ ДАРВОЗ (ОХИРИ АСРИ XIX - ИБТИДОИ АСРИ XX)

## СОХТОРИ СИЁСӢ ВА МАЪМУРӢ

То замони ба аморати Бухоро ҳамроҳ намудан, шоҳигарии Дарвоз, чи хеле ки дар боло ишора шуд, агар лаҳзаҳои тобеъияти зоҳирӣ ва муваққатии онро ба давлатҳои муқтадири ҳамсоя сарфи назар намоем, қариб дар ҳама ҳолат мустақилияти сиёсии худро нигоҳ медошт. Ин шоҳигариро монанди дигар мулкҳои Қаротегин, Рӯшон, Шуғнон ва Вахон шоҳон (ё ша) идора мекарданд, ки аз намояндагони хонадонҳои маҳаллӣ буда, (онҳо ва ҳокимони Бадахшон худро аз авлоди Исканда- ри Зулқарнайн ё Искандари Румӣ медонистанд) ва ҳокимияти мутлақ доштанд. Сохтори давлатии ин кишварҳо асосан феодалӣ буда, дар ни- зоми онҳо муносибатҳои авлодию патриархалӣ низ равшан ба назар мерасиданд. Қариб ҳамаи мансабҳои давлатӣ дар дасти хешу ақрабои шоҳ ва заминдорони калон нигоҳ дошта мешуданд.

Баъди шоҳ ё ша(ҳ) дар зинаи дуюми давлатдорӣ мансаби вазир қарор дошт. Воҳидҳои маъмурии маҳаллиро мирон ва миразорҳо (мири ҳазор) идора мекарданд, ки дар ихтиёри худ мансабдорони дигарро нигоҳ медоштанд. Баъди ин маъмурони соҳиби мансаб дар зинаҳои муҳими сиёсӣ намояндагони дин чой доштанд. Дар мақоми баландта- рини динӣ шайхулислом қарор дошт ва аз мушовирони аввалин- дарачаи шоҳ ҳисоб меёфт (дар шоҳигариҳои Помири Ғарбӣ, албатта, бо истиснои Дарвоз, ба ин дарача намояндагони олимартабаи тариқати исмоилия - пирон ё эшонҳо соҳиб буданд). Таъйини мансабдорони динӣ, албатта, ба маслиҳати онҳо вобаста буд. Дар ҳар воҳиди маъмурӣ ва деҳаҳои калони сераҳолӣ қозӣ, раис, муфтӣ бо мулозимо- нашон таъйин мешуданд, ки коргузорон ва таъминкунандагони адлу адолатгустарии ҳуқуқи шариатӣ ҳисоб меёфтанд. Гурӯҳи коргузорони бонуфузи муссисаҳои диниро уламо меномиданд. Ин тарзи идора ба- рои нигаҳ доштону истифодаи бемамониати аҳли заҳмат аз тарафи феодалону мансабдорони динӣ мусоидат мекард. Табақоти ичтимоӣ низ ба ин талабу сохтори давлатдорӣ мувофиқат доштанд. Дар шарои-

ти нисбатан побарчо мондани муносибатҳои патриархалӣ судхӯрону савдогарон ҳанӯз аз доираи табақоти феодалон чун тоифаи ичтимоӣ чудо нашуда буданд. Асосан заминдорону чорводорони калон ба ама- лиёти савдоӣ даст мезаданд.

Ҳамроҳ намудану чун воҳиди маъмурӣ ба қаламрави аморати Бухо- ро пайвастани мулкҳои Бухорои Шарқӣ сохтори идоракунии маъмурии онҳоро куллан тағйир надод. Ин тағйирот фақат аз иваз намудани ҳокимони пештара ба бекҳо иборат буд. Шоҳигарии собиқи Дарвоз ак- нун ба бекигарӣ табдил додашуда, ба чои шоҳ ё ша(ҳ) намояндаи бево- ситаи амир, яъне бек ҳукмронӣ мекард. Яъне амир дар ин чо монанди дигар мулкҳои Бухорои Шарқӣ, ки ба қаламрави давлати худ ичборан пайваста буд, сохтори маъмурии барояш мувофиқро пиёда сохт. Барои дарки пурраи ин тарзи ҳокимият лозим аст, ки мухтасаран ба шарҳи низоми сиёсӣ ва маъмурӣ аморати Бухорои давраи охири феодалӣ мурочиат кунем.

Дар сари давлати Бухоро амир қарор дошт. У ҳукмрони мутлақ бу- да, дар назди худ амалдорони соҳиби рутбаҳои баланди давлатиро чун мушовир нигоҳ медошт. Амир аслан ба корҳои идора кардани давлат хеле кам машғул шуда, қариб тамоми масъулияти идораи ичроияи дав- латии аморатро ба ихтиёри қӯшбегӣ вогузошта буд. Ин вазифаи ниҳоят масъулиятнок дар зинаи идораи давлатӣ дар чои дуюм (баъди амир) қарор дошт. Амир аз табадулот хавф бурда, ҳеч гоҳ ба аҳли хонадон ва ҳатто ба фарзандонаш ин амали олиро раво намедид. Чун анъана акса- ран ба ин вазифа ё точик ва ё ғуломи озодшудаи форсро таъйин мена- муд. Ин, аз як тараф, барои бехавф нигоҳ доштани ҳокимият лозим бошад, аз тарафи дигар, ин зарурат аз он бармеомад, ки ин тоифа ғолибан саводи мукаммали динию дуниявиро соҳиб буданд ва ба нозукиҳои давлату давлатдорӣ пурра сарфаҳм рафта, онҳоро моҳирона ба чо меоварданд.

Дастгоҳ мустақиман дар ихтиёри қӯшбегӣ қарор дошта аз 125 амал- дори масъули баландрутба иборат буд. Дар дасгоҳи ӯ аз чумла чунин соҳибмансабон бо коргузорони дар ихтиёр доштаашон фаъолият ме- карданд: ҳисобчӣ, ки воридоту содироти хазинаро ба ҳисоб мегирифт, хазиначӣ (нигаҳдорандаи бойгарии амир), мирохурбошӣ (сардори са- исхонаи амир), муншӣ - котиб сардори шуъбаи коргузорӣ ва ғайра. Ҳамчунин қӯшбегӣ идораи шаҳри Бухоро ва 9 тумони атрофи онро ба зима дошт. Мувофиқи маълумоти мавчуда аз давраи ба ҳайати Бухоро ҳамроҳ кардани Дарвоз дар аморат вазифаи қӯшбегиро шахсони зерин ба ӯҳда доштаанд: Соли 1882 мулло Муҳаммад баъди Муҳаммадшо қӯшбегӣ, ба ин вазифа таъйин гардида, то соли 1885 хизматгузорӣ на- мудааст. Сипас ин амали олиро Ҷонмирзо (1885-1901), Остонақул (1901-1911), мирзо Насрулло (1911-1918), мирзои Урганчӣ (ҳамагӣ се моҳ - 1918) ва Усмонбек (1918-1920) ба зима доштаанд.

Ба ҳайси сарвари олирутбаи сохтори ичроияи давлатӣ - қӯшбегӣ чунин амалдорони идораҳои марказии аморатро зери итоати бевоситаи худ нигоҳ медошт:

1) Тӯпчибошӣ бо дастгоҳи худ иборат аз 50 амалдор, таъмини беха- тарии арк ва истиқоматгоҳи амирро ба ӯҳда дошт;

2) Лашкарбошӣ - бо 20 амалдор. То давраи ба Русия ҳамроҳ наму- дани Осиёи Миёна ин вазифа аз бонуфузтарин амалҳои давлатдории аморат ҳисоб меёфт. Ба ин чангу чидолҳои беисти давраи пароканда- гии феодалӣ мусоидат мекард. Акнун, ки ҳамаи ин муноқишаҳо аз байн рафта буданд, фақат ягона майдони корнамоии қушунҳои амир паҳши шӯришҳои халқии зидди феодалӣ ва режими амирӣ боқӣ монда буд;

3) Миршаб - бо 70 амалдораш мубориэаи зидди ҳаннотон, дуздону ғоратгарон, риояи бечунучарои қоидаҳои шабгардӣ, нигаҳдошти маҳбасҳо ва дигар иншоотҳои шаҳри Бухороро таъмин мекард;

4) Қӯшбегии поён (закотчӣ) ё девонбегӣ - бо 100 амалдори дар их- тиёраш буда чамъ овардани андозу ба хазина ворид намудани маблағи лозимаро ба ӯҳда дошт;

5) Мироб - бо 20 амалдораш аз болои таъминоти об дар шаҳри Бу- хоро ва атрофи он назорат мебурд. Сохтмони иншоотҳои обёрӣ ва ис- тифодаи оқилонаю одилонаи онҳо ба фаъолияти ин амалдори соҳибнуфуз вобастагӣ дошт;

6) Қозикалон - бо 150 мансабдори динии дар ихтиёраш буда, бояд риояи бечунучарои талаботи шариатро дар системаи додрасӣ ва судӣ таъмин мекард. Аз рӯи фаҳмиши кунунӣ ин амали диниву давлатӣ бештар ба вазири адлия шабоҳат дорад. Ба ин вазифа соҳибони унвонҳои баланди динӣ, монанди «аълам» ё «садр» таъйин мешуданд;

7) Раис - бо 100 амалдори шариатшиносаш вазифаи политсия, назо- рат аз болои талаботи шариатии корҳои савдо дар бозор, нигаҳдошту фаъолияти мазору масчид ва мадрасаю мактабҳоро ба ӯҳда дошт. Дар ин вазифа амир мувофиқи анъана бояд беҳтарин донандаи нозукиҳои шариат, монанди садр, файз, муҳтасиб ё дигар соҳибони унвони эъти- рофу эътибори расмӣ доштаро таъйин мекард.

Ин вазифаҳои баланди маъмурӣ ва ҳуқуқии марказиро, ки аз мавчудияти ҳамбастагии дуниявию динӣ дар сохтори идоракунии Бухо- ро (мисли дигар давлатҳои феодалии теократӣ равшан дарак медиҳанд), қайд карда, набояд боз аз чунин вазифаҳои ғайримаъмурӣ, вале расмӣ- динии ба анъанаҳои давлатдории аморат хос сарфи назар кард:

а) Дар дарбор маслиҳатчии махсуси амир доир ба масъалаҳои шари- ат аз чумлаи беҳтарин уламои шариатшинос - «охунд» ё «аълам» нигоҳ дошта мешуд, ки ҳангоми гузаронидани маъракаҳои расмӣ дар назди амир нишаста, қабули ин ё он масъалаи заруриро аз рӯи талаботи шариат қиёс мекард;

б) Шайхулислом - намояндаи олии судии исломӣ, ки ҳангоми гу- заштани маъракаҳои расмӣ дар тарафи чапи амир чой гирифта доир ба ин ё он масъалаи рӯзмарра дар асоси талаби шариат маслиҳат медод. Шайхулисломро вазири дасти чапи амир низ ном мебурданд. Ба ин амали ғайримаъмурӣ ва ифтихории баланду бонуфузи динӣ асосан соҳибони унвонҳои расмии динӣ, ба монанди «садри аъзам» ва «хочаи саодат» таъйин мешуданд;

в) Муфтии аълам - вазифаи баландтарини маслиҳатӣ дар назди қозикалон доир ба талаботи шариат, тавофуқи масъалаҳои баррасӣ ва кабулшаванда дошт. Алалхусус ёрии муфтии аълам ҳангоми тартиб додану пешниҳод намудани низомномаҳои ҳуқуқӣ барои қозикалон мушоҳида мешуд[1].

Гарчи бо талаби қоидаҳои давлатдорӣ дар сари ин мансабҳо бояд одамони донишманду дар сиёсату раъиятпарварӣ хирадманд мениша- станд, дар амал дар замони ҳокимияти манғитиён появу аркони қавоиди давлатдорӣ ба андозае рӯ ба таназзул ниҳода буд, ки шахсони ба мансаби давлатӣ мувофиқ маъмулан сарфи назар шуда, ришваю чоплусӣ, фасодпешагию авомфиребӣ воситаи воқеии ба ин зинаҳои мансабу амалдорӣ расидан буд. Алалхусус замоне, ки аморат дар зери султаи Русия қарор гирифта, зарурати пешбурди мустақили сиёсати хоричӣ ва ҳифзи бехатарии кишвар аз байн рафта буд, ташвиши ягонаи давлатдорӣ барои аҳли дарбор ва қабл аз ҳама худи амир аз чамъ овар- дани андоз, пешгирии норизоии раъият ва таъмини пурраи талаби на- фсонию шаҳвонӣ иборат буд.

Шахсияти донишманди баркамол, аллома Аҳмад Махдуми Дониш, ки табиати аҳли дарбор ва давлатдории «Бухорои шариф»-ро на аз шунидаҳо, балки дидаву мушоҳидаҳои худ мешинохт, воқеияти онро ба риштаи таҳқиқу таҳлил кашида менависад:

«Ва завоиду бидъ дар асри ин амир (Музаффар - Ҳ.П.) зиёда аз ҳадд шоеъ шуда. Аввалан, дар сипоҳ танхоҳе, ки ба як ясавул кифоя наме- кард, онро ба чаҳор нафар қисм намуданд ва ҳамчунин дар маносиби тадрисию имоматӣ аз чаҳор нафар то чиҳил нафар шарик шуданд, ки боз дарсҳо ногуфта буд ва масчидҳо бенамоз монда ва ҳамчунин дар соири идорот ихтилоти фоҳиш роҳ ёфта, ки дар баъзе мавоқеъ одамон, ки ҳеч ба мактаб нарасида буданд, ба мансаби қузот ва раёсат расиданд ва ба даҳяки темурӣ бисёрии атфоли абчадхон дохил шуданд, бо он ки дар сари ҳар кадом мумаййизу муваккале насб буд, аз фарти бенизо- мию издиҳом боз одамони ғайр тадохул меёфтанд ва баъзе бо овози баланд мумаййизро тарсонида ба маъхазе мерасиданд.

Ва билчумла турфа фитрате дар милати ислом зоҳир шуд, ки дар ҳеч асру замон касе нишон намедиҳад ва дар таворих (ҳам) нанавиштаанд. Амиру вазир ва уламою умаро ҳама қадам ба қадами ҳам буданд ва олиму мутааллим ҳамшакли якдигар ва ҳамаи ҳимматҳо мақсуру мах-

сур бар касби нон буд, то замоне, ки кафоф ба чӯъ кунад таҳсил наме- шад, магар ба мазаллату хорӣ, ки онро аҳли он айни обраву давлат ме- донистанд. Ва ҳама вазеъу шариф чомаҳои барчаста пӯшида ва бар аммома (ҳо) таровату заҳомат дода, ҳеч касе дар назари дигаре дар на- меомад ва ҳар касе ғайри худ дар чаҳон касеро намедид ва ҳама сар- гарм (дар) тараддуди ин ки султон ӯро бишносад ва қозӣ дар паҳлӯи хеш нишонад ва ба раис ҳамкоса (ва ассас ҳамсоя) бошад.

Пас агар ҳолати султонро тафтиш кунӣ, фосиқе, золиме, саффоке ва қозӣ марди муртаде, ҳаромхӯре ва ғосибе ва раис касе к...фурӯши бе- диёнате (ва ассас) мухмири муқаммире (қиморбоз) саркардаи роҳзанон ва саркардаи соруқон (дуздон) мебуд...»[2]. Чунин мисолҳо дар навиштаҳои Мирзо Абдулазим Сомӣ, Мирзо Сирочи Ҳаким, Садрид- дин Айнӣ, Абдурауфи Фитрат ва ғайра мушоҳидони воқеъияти ҳол аз чумлаи олимону фозилони Бухорои тоинқилобӣ хеле зиёданд[3].

Сохтори идоракунии маъмурии бекигариҳо низ ба ҳамин сохтори марказии ҳокимияти давлатӣ ва маъмурии аморат мувофиқат мекард. Дар охири асри XIX - ибтидои асри XX аз чиҳати тақсимоти ҳудудӣ- маъмурӣ аморати Бухоро 28 бекигарӣ ва 9 тумонро дар бар мегирифт. Бояд қайд кард, ки баъзан ҳудуди бекигарӣ, вобаста ба нуфузи беку хоҳиши амир, тағъйир меёфт. Бекигариҳоро бек, ки бевосита бо фармо- ни амир таъйин мешуд, идора менамуданд. Бек дар қаламрави зери итоаташ ҳокими қариб мутлақ буд. Бо хамроҳ намудани мулкҳои Бухо- рои Шарқӣ ва таъсиси низоми бекигарӣ дар ин минтақа амир вазифаи ноибро чорӣ намуда, вобаста ба дарачаи хизмату эътибори шахсияти бекҳо дар давраҳои гуногун ин мансабро ба беки Ҳисор Яъқуббек (1868- 1878), сипас ба беки Қаротегин Худойназар оталиқ (1878-1886) ва ахи- ран ба беки Ҳисор Остонақул қӯшбегӣ (1886-1906) раво дид.

Бекро амир бо салоҳдиди худ таъйин мекард. Мувофиқи қоидаи таб- дили бекҳо, ки дар аморат ба ҳукми анъана даромада буд, беки собиқро бидуни ҳисобот ё расман супоридани ҳуччатҳои (ба чуз «китоби за- кот») ба дафтари кориаш муносибат дошта, амир сабукдӯш карда, ба чояттт беки навро таъйин менамуд. Чун қоида бек бо аҳли оилаву на- здикони сершумораш ба чои таъйиноти нав - маркази бекигарӣ кӯчида, оғозу идомаи фаъолият мекард. Дар итоати бек амалдорону хизматгузорони зиёде карор доштанд. Шумораи шогирдпешагон (амалдорони супоришҳои бекро ичрокунанда) аз 50 то ба 200 нафар мерасид, ки мартабаи мирохӯрӣ (рутбаи миёна - пет аз тӯқсабо) дот - танд. Ба замми ин аз 200 то 300 ва аз ин ҳам ба маротиб зиёд навкар дар наздашон омодаи хизмат буданд. Ба нишондоди Г.А. Арандаренко шумораи навкарон дар бекигарии Дарвоз солҳои 80-уми асри XIX то ба 600 нафар мерасид[4]. Шумораи навкарон махсусан дар солҳои охири режими амирӣ зиёд шуда буд. Ин анъанаро мушоҳида намуда А.А. Семёнов чунин қайд кардааст: «Ба ҳар шаҳре, ки губернатори (бек -

Ҳ.П.) нав таъйин шуда равад, дар хизматаш чун коргузори расмӣ на- здикони зиёд ва дар итоаташ чокарони сершумор фаъолият меку- нанд»[5]. Ҳамчунин дар назди бек аз ҳисоби сокинони маҳаллӣ аз 5 то 15 оқсақоли бо фармони амир таъйиншуда фаъолият мекарданд, ки рутбаҳои аз қаравулбегӣ то бийро соҳиб буданд. Бек, ба чуз ин намо- яндагони маҳаллии аз тарафи амир таъйиншуда, тамоми амалдорони дигари зери итоаташ бударо ба ихтиёр иваз карда метавонист[6].

Барои идоракунии бекигариро таъмин намудан, дар назди бек чунин амалдорони расмӣ фаъолият доштанд:

1. Девонбегӣ ё закотчӣ, ки чамъоварии андоз ва дигар мачбуриятҳои феодалиро ба ӯҳда дошта, ичрои онҳоро бо ёрии зердастонаш, яъне ар- бобу ясавулҳо таъмин мекард.

2. Мирзои муншӣ - коргузори саводноку хаттоте, ки ба навиштани мактубу дигар ҳуччатҳои хусусию расмии бек машғул буд.

3. Миршаб ё қӯрбошӣ - бо чанд ясавулу навкари дар ихтиёраш буда бехатарии қалъаву истикоматгоҳи бек, маҳбасу анбори яроқ ва умуман низоми пойтахтро шабу рӯз бояд таъмин мекард.

4. Мироб - масъулини таъминоту тақсимоти об, нигаҳдошти иншо- оти обёрӣ ва таъмиру сохтмони онҳо. Зери итоаташ тақсимотчии об, чанд арбобу оқсақол ва мирзо хизматгузорӣ доштанд.

5. Амин (сардор) - корҳои сохтмон, хочагии қалъаву шаҳр, сафар- бар намудани аҳолӣ барои ичрои мачбуриятҳои меҳнатие, ки аз тарафи бек муаян карда мешуданд, ба чо меовард. Дар итоаташ чанд арбоб фаъолият мекарданд.

6. Пойгирчӣ - амалдори чамъоварии закоти савдо ва чорвои барои фурӯш ба бозор воридшударо ба ӯҳда дошт.

Дар системаи идораи маъмурии бекигариҳо мавқеи намояндагони дин низ хеле қавӣ буд. Қозӣ, муфтӣ ва раис бо коргузорони дар итоа- ташон буда бояд корҳои ҳуқуқию судӣ, нормаҳои ахлоқӣ ва ақоиду итоаткории ба талаботи муносибатҳои феодалӣ созгорро таъмин мена- муданд[7].

Капитан Кузнетсов мушоҳидаҳои худро рочеъ ба сохтори маъмурии Дарвоз чунин иброз доштааст: «Дар назди бек ва итоати он издиҳоми амалдорони Бухоро, аз чумла 5 бий, 5 пагосӣ (ишикоқобошӣ), 3 тӯқсабо, шумораи номаҳдуди мирохӯрон, қаровулбегӣ, чебачӣ, мирзобошӣ, чирикости (сардори қӯшун) ва навкарон қарор доштанд» [8]. Мансаби баландтарин дар хизмати беки Дарвоз додхоҳ ҳисоб меёфт. Амалдорони хурди чебачӣ, қаравулбегӣ ва мирохурро худи бек таъйин мекард. Рутбаҳои аз ин баландтари амалдорон бо фармони амир дода мешуданд. Ҳар яке аз ин амалдорон дар ҳизмати худ, вобаста ба рут- баю мансабашон, шумораи муайяни навкаронро нигоҳ медоштанд.

Аз рӯи маълумоти ба мо дастрас, ки метавонад нопурра бошад, ами- рон вазифаи бекии Дарвозро, аз замони ба тобеъияти пурраи аморат

гузаштан то замони шӯравӣ (1878-1920) ба чунин амалдорон раво дидаанд: баъди ба даст овардани ғалаба дар Дарвоз амир Музаффар ғосиби ин мулк Худойназар атоликро, ки беки Қаротегин буд, чун мукофот барои хизматаш ҳамзамон беки Дарвоз низ таъйин кард. Баъди он ки писари ин беки ду бекигарӣ андози солонаи (1878) аз кӯчиёни қирғизи назди Амударё ҷамъ намударо аз худ карда ба Кобул гурехт, амир ба тариқи ҷазо барои Худойназар фақат бекии Қаротегинро раво дида, Абдураҳмонхоҷаро беки Дарвоз таъйин кард[9]. Соли 1880 бекии Дарвозро Раҳмонқулбек ба ӯҳда дошт. Солҳои 1881-1886 дар сари ин вазифа Муҳаммад Муродбек ҷой дошт. Соли 1899 беки собиқи Қӯрғонтеппа Мирзо Юлдош тӯқсаборо амир ба ин вазифа тайин намуд[10]. Тибқи маълумоти барон Черкасов аз соли 1906 «Абдусаттор бий 5 сол боз дар вазифаи беки Дарвоз фаъолият дорад»[11]. Соли 1917 ин вазифаро Тӯробқулбек ба зимма доштааст[12].

Бояд қайд кард, ки дар Дарвоз калимаи бекро қариб батамом истифода намекарданд. Ба ҷои он калимаи «мир» маъмул гашта буду бекро мири Дарвоз мегуфтанд. Вобаста ба ин боз бояд аз он ёдовар шуд, ки амлокдори Ванҷро низ бо ҳамин унвони «мир» ном мебурданд, яъне мири Ванҷ. Ҳол он ки амлокдорӣ чун ҷузъи маъмурӣ дар тобеъияти мири (беки) Дарвоз қарор дошт. Боз як хусусияти ин вазифаи маъмурӣ дар Ванҷ дар он зоҳир мегашт, ки мирро аз ҳисоби шасиятҳои бонуфузи маҳал бо роҳи интихобот (раъйпурсӣ) пешбарӣ мекарданд. Баъди тасдиқи ин номзад аз ҷониби мири (беки) Дарвоз фаъолияти маъмурии мири Ванҷ оғоз меёфт. Албатта, пеш аз гузаштани маъракаи интихоби мир номзадии он мавриди маслиҳату розигии беки Дарвозу шахсиятҳои бонуфузи ин водӣ қарор мегирифт. Аз тарафи дигар ин амал то



*Мири охирини Ванҷ – Гулпочо.*

андозае аз муросокории маъмурони аморат ба мардуми соҳибэътибори ин диёр шаҳодат медиҳад. Ин ҳам як роҳи нисбатан муносиб ва мусолиҳатомези нигоҳ доштани мардум дар шинохти низоми амирии сокинони маҳал ҳисоб меёфт.

Дар бораи хусусиятҳои сохтори идораи маҳаллӣ сухан ронда бояд боз аз он ёдовар шуд, ки дар мавзеъҳои Порёби боло, Порёби поён ва соҳилҳои Хингоб бо истилоҳ вазифаи «мирони халқӣ» ё «мири дари хона» фаъолият доштанд. Ин амалҳо вазифаи расмии маъмурӣ набуда, чун рамзи нигаҳдории анъанаҳои маҳаллии аз давраҳои мустақилияти мулк боқимонда нигоҳ дошта мешуданд. Ин вазифаҳо то андозае хусусияти кори ҷамъиятиро дошта, шахсиятҳои ба обурӯю нафузи баланд ба он соҳиб гардида ба тариқи пурсупос интихоб мешуданд ва чун «намояндаи мири қурғон» (беки Дарвоз) фаъолият мебурданд. Бек дар мавриди зарурӣ барои салоҳи корҳо бо онҳо маслиҳат мекард. Ба ибораи дигар, ин шахсиятҳо чун органи маслиҳатии маҳал дар сохтори маъмурии бекигарии Дарвоз фаъолият доштанд. Ин ҳам як роҳи таъмини маҷрои нисбатан ороми идоракунии ин диёр барои ҳокимияти манғитиён лозим буд. Вале ин тавофуқ бо анъаҳои халқӣ, мардуми диёрро дар итоати ғуломона нигоҳ дошта наметавонист ва дар ин бора хонандаи гиромӣ дар бобҳои ояндаи китоб огоҳӣ хоҳад ёфт. Чунин номгузорию номгирии ба анъанаҳои маъмурии замони истиқлолият мувофиқро дар мисоли «миразор», «арбоб» ва ғайра мушоҳида кардан мумкин аст. Баъди бек дар зинаи дуюм қозӣ қарор дошт. Ҳамаи қозиён ва раисони бекига-



*Дарвозаи Қалъаи Ванҷ, ибтидои асри XX*

риро амир бо фармони худ таъйин мекард. Мавқеи қозиро дар сохтори маъмурию динии бекигарӣ А. В. Нечаев бо мушоҳидаи бевоситаи худ такя карда, чунин муқаррар намудааст: «Дар бекигариҳо бек ягона хӯчаин нест. Дар ҳар як бекигарӣ қозӣ фаъолият мекунад, ки дар итоа- ти бек қарор надорад. Қозӣ вазифаи сарварии муассисаи судиро дар ихтиёр дорад: ӯ судя, як навъ нотариус, дар айни замон ӯ чун жандарм
- гумоштаи шӯъбаи хуфия вазифадор буд, ки аз фаъолияти ночои беку маъмурини он ба амир хабар диҳад[13].

Ҳамин хел ё бо ҳамин монанд мавқеи қозиро боз чанде аз мушоҳидони рус аз чумлаи тадқиқотчиён ва сайёҳон муайян намуда- анд[14]. Чи хеле дар боло ишора рафт, қозӣ дар ихтиёри худ чанд хизмат- гузори расмӣ дошт, аз чумла муллозимон ва мирзо (котиб). Дар таф- тишу муайян намудани чазо ӯ бояд бечуну чаро ба талаби шариат ито- ат мекард. Дар Бухоро муассисаи қабули аризаи норизоӣ (апеллятсионӣ) ва бекоркунандаи ҳукм ба чуз амиру қозикалон набуд. Вале онҳо аз болои фаъолияти беку қозиёни бекигарӣ ва одилонаву шариатӣ будани ҳукми онҳо қариб тамоман назорат намебурданд. Дар мавриди фавқулъода, агар ба ин кор даст мезаданд, онгоҳ ҳукми онҳо охирин ва котеъона ҳисоб меёфт[15]. Фаъолияти қозиёнро мушоҳида на- муда, капитан Василев чунин қайд кардааст: «Онҳо (қозиҳо) аз руи за- рурат ба маҳалҳои бекигарӣ рафта, аз рӯи салоҳдиди худ корҳои чиноиро бо ҳукми қотеъона ҳал мекунанд»[16].

Гарчи аксари муаллифон аз боби мустақилияти қозиён сухан меро- нанд, вале дар бораи ба корҳои судӣ бевосита дахолат намудану онҳоро ба дасти худ гирифтани бек низ далелҳо кам нестанд. Баъзе муҳаққиқон дар ин ақидаанд, ки қозӣ то андозае дар итоати бек қарор дошт. Аз чумла А. Снесарев навиштааст: «Ҳокимияти судӣ дар дасти қозӣ қарор дорад, ки он ҳам мисли бек дар маркази бекигарӣ зиндагӣ мекунад ва ба ин чо ҳамроҳи бек аз Бухоро фиристода мешавад ва ҳамчунин дар ҳар амлокдорӣ 1 ё 2 қозӣ таъйин мешавад, ки онҳо мус- такилият надоранд. Дар ҳама корҳои судие, ки ягон даромади назаргир оварда метавонанд, ҳатман беку амлокдор шарик мешаванд. Аз ҳар мурофиаи судӣ ҳаққи маъмурият чудо карда мешавад»[17]. Дар ин бора капитан Кузнетсов навиштааст: «Қозӣ мустақилона фақат чиноятҳои сабук ва мунокишаҳоро ҳал мекунад. Агар касе аз тарафҳо ба ҳукми қозӣ розӣ набошад, метавонад ба бек мурочиат намояд. Бек бошад, дар навбати худ метавонад, ҳалли ин масъаларо ба қозии дигар супорад»[18]. Баъзан бек аз шикояти қозӣ ба амир хавф бурда, роҳи муросоро пеша мекард. «Аз ин чо, - менависад А. В. Нечаев, - зарурате бармеояд, ки бек даромади худро бо қозӣ тақсим кунад»[19].

Дар бисёр мавридҳо бек ва қозӣ «дӯсти»-и худро намоишкорона нишон медоданд. Ин гургошноии онҳоро П. Гаевский чунин қаламдод намудаст: «Байни қозию бек дӯстии самимона вучуд надорад, ҳар ду

гӯё нисбати ҳамдигар муомилаи хуб зоҳир намудаву эҳтиёткорона амал мекунанд, вале фаъолияти якдигарро зери назорати сахт қарор дода, ҳар ду таёранд, ки дар вақти вохӯрии хосса бо амир дигарашро сахт пешпо диҳад»[20].

Дар асарҳои тадқиқотчиёни рус мисолҳои зиёде ёфтан мумкин аст, ки аз сӯйистифодаи вазифа ҳангоми тафтишоту муайян намудани ҳукми суд гувоҳӣ медиҳанд. «Масъалаҳои ҳуқуқӣ ва судӣ, навишта- аст Д.Н. Логофет, барои тамоми раъияти мамлакат аз сухани хушку холӣ беш нест»[21].

Мурофиаи судӣ бе ришва намегузашт. Чун қоида кори судиро касе мебурид, ки ба бек ё қозӣ бештар пул ё дигар навъи пора дода метаво- нист. А.А. Семёнов, ки худ ғаразнокиву беадолатиҳои судиро на аз рӯи шунид, балки аз мушоҳидаи тӯлонӣ медонист, чунин навиштааст: «На бо роҳи судӣ, на бо чорабинии дигар пеши беадолатиҳои ҳукумат- доронро гирифтан мумкин нест. Аз ҳар амалдори хурд ҳамеша хешу шиносони зиёде пайдо мешуд, ки бо хоҳиш ё бо тӯҳфае дар пеши гу- бернатор (бек Ҳ.П.) ӯро сафед кунанд. Губернатор (бек) бошад дар дарбор шиносу наздикони худро дорад, ки бо ёрии онҳо ё ришваи хуби ба қӯшбегию дигар шахсияти бонфузи назди дарбор пешниҳод карда- аш ба осонӣ метавонад масъаларо ҳал намояд ва гунаҳгор ҳамеша беайб мебарояд»[22].

М.А. Варигин, ки худ шоҳиди гузаштани «мурофиаи судӣ» ва амалӣ шудани ҳукм дар яке аз бекигариҳои Бухорои Шарқӣ будааст, чӣ гуна сурат гирифтани онро чунин ба қалам медиҳад: «Рӯзҳои бозор (яъне ҷумъа Ҳ.П.) «маъмури худдонам»-и Бухоро шикояткунандагону гунаҳсодиркардагонро қабул намуда, амали судиро ба чо меорад. Ҳанӯз аз пагоҳии барвақт, чашми рӯз накушода (то намози субҳ), касо- ни корафтода бо тӯҳфаҳои худ, ки бе он ягон маросим (расмию ғайрирасмӣ Ҳ.П.) намегузарад, берун аз қалъа дар интизори қабули бек бо як оромии ташвишовар менишастанд. Баъди намозгузорӣ ва чойнӯшӣ бек, қозӣ ва наздиконашон дар сӯҳбатҷои байни қӯрғон ба қабули интизоршудагон оғоз намуданд.

Ясовулбошӣ бо чӯбдастаи дароз, ки рамзи такаббуру худнамоиаш ҳисоб меёфт, ҳочагмапдопро ба дохили қӯрғон даъват намуд. Ин лаҳза хизматгузоре як банд химчаҳои нам ва ғафсу чандир оварда монд.

Даъватшудагон аз рӯи навбат тӯҳфаҳои овардаашонро гузошта, бечуръатона ибрози мақсад мекарданд. Бек бо як оҳанги ғуруромезу **ово и**



**қ> и**

шон) бояд оромии шаҳру бекигарӣ, низоми савдо дар бозор, ичрои фарзу суннатҳои динӣ ва ғайраро таъмин менамуд, ҳамчунин аз болои фаъолияти мактабу мадрасаҳо, таъмиру сохтмони роҳу кӯпрукҳо ва дигар бинову иншоотҳои маъмурӣ-чамъиятӣ назорат мекард. Дар сура- ти вайрон намудани қоидаҳои шариатии савдо ва ба чо наовардани ка- воиду талаботи динии хоси аҳли ислом раис ба чазои чисмонӣ додан ва то 100 танга чарима ситондан ва зиндонӣ кардан ҳуқуқ дошт. Раис бо роҳи ҳарчӣ бештар раводиди чазо ва таҳдид ришва меситонд. Дигар манбаъи даромади ӯ аз ҳисоби маъмурон буд. Онҳо хабари фаъолия-ташонро ба беку амир хабар додан хавф бурда, ба ӯ чун ҳадя ришва медоданд.

Дар кори ғорат кардану бо роҳҳои гуногун аз аҳли заҳмат ришва си- тондан муфтӣ низ ширкат дошт. Барои рафтори ношояму ғайришариатии сарватдорону амалдоронро ҳақ баровардан, ривояти мувофиқ ёфтану вобаста ба чиддияти масъала аз онҳо музд ситонданро муфтӣ вазифаи марказии фаъолияти расмии худ ҳисоб мекард. Бояд қайд кард, ки дар чаҳони ислом мақоми муфтӣ хеле баланд аст. Дар аморати Бухоро, гарчи нисбат ба беку қозӣ ва ҳатто раис эътибори ӯ поинтар бошад ҳам, аз рӯи талаботи расмӣ бояд қозӣ ягон кори судиро бе фатвои муфтӣ анчом намедод. Корафтодагон бояд аввал назди муфтӣ рафта дар шакли хаттӣ фатво мегирифтанд, сипас барои муайян намудани чазои муносиб ба назди қозӣ ҳозир мешуданд (чинояти ка- лон содиркардагонро, албатта, ба зурӣ дасгир карда, ба назди қозӣ ме- оварданд ва ба маҳбас партофта, барои муайян намудани гуноҳашон кор мебурданд). Дар ҳуччат муфтӣ дарачаи ба талаботи шариат (тала-боти Қуръон ва Ҳадисҳо) мувофиқат накардани амали содиршударо муайян менамуд ва ин санад дар рафти тафтишоту ҳукм баровардани қозӣ чун ҳуччати муҳимми расмӣ ба инобат гирифта мешуд. Вале, чи тавре дар боло ишора рафт, ба пешбурди корҳои судӣ нафақат қозӣ, балки бек, ки аз ин амал манфиат мечуст, бевосита шарик мешуд ва ҳатто тамоми ташаббусро ба дасти худ мегирифт. Ин далели он аст, ки муфтӣ пурра дар тобеъияти бек қарор дошт. Ба ин анъанаҳои хоси со- хтори маъмурии аморати бухоро мусоидат мекарданд. Дар бекигариҳои Бухорои Шарқӣ муфтиро бек таъйин мекард[28], аз ин лиҳоз ӯ чун сарвари идора ё воҳиди динӣ-маъмурӣ мустақилона амал кардан наметавонист.

Ҳамин сохтори маъмурии хоси бекигарӣ дар шакли барои идораку- нии маҳал мувофиқу нисбатан пасттар дар низоми амлокдориҳо низ чорӣ мешуд. Дар зинаи болои идораи амлокдорӣ амлокдор қарор дошт. Таъйиноту аз вазифа сабукдӯш намудани амлокдор пурра ба бек вобас- та буд. Амлокдор дар воҳиди маъмурии зери итоаташ ҳукм меронд. У бевосита ба бек итоат мекард. Гарчи тамоми самтҳои идора ва хочагидориро дар даст дошт, вале вазифаи муҳимтаринаш таъмини

саривақтӣ ва пурраи ҷамъоварии андоз ҳисоб меёфт. Аз рӯи маълумоти капитан Кузнетсов солҳои 1892-1893, яъне дар арафаи муторакаи сарҳади Помир, мувофиқи шартномаи байни Англияю Русия (соли 1995) дар бекигарии Дарвоз аз 7 амлокдории Ванч, Қалъаихумб (ҳарду тарафи соҳили Панҷ), Шикай (ҳарду тарафи соҳили Панҷ), Жумарч, Моймай, Куф ва Хоҳон (ҳар чори ин амлокдориҳо дар соҳили чапи Панҷ чогир буданд, ки баъди муторакаи мазкур ба Афғонистон дода шуданд. Аз соҳили рост фақат ба ҳайати амлокдории Куф деҳаҳои Роғ ва Зиғар дохил мешуданд). Ба ғайр аз ин 7 амлокдорӣ дар ҳайати беки- гарии Дарвоз боз ду шӯъбаи маъмурӣ - Язгулом ва Тангшив (дар по- ёноби дарёчаи Тангшив, соҳили чапи Панҷ чойгир буда, ба амлокдо- рии Қалъаихумб тааллуқ дошт)[29]. Бояд қайд кард, ки бо кадом сабабе капитан Кузнетсов 4 амлокдории водии Хингоб, яъне Чилдара (ё Ху- лоз), Тавилдара, Вахиёи Боло (ё Лочург) ва Сағирдаштро дар ин радиф номбар накардааст. Язгуломро чун ҷамоаи Язгулом ном мебурданд.

Н. Латифов, ки роҷеъ ба ҳаёти иҷтимоӣ ва иқтисодии Дарвози ара- фаи инқилоботи шӯравӣ тадқиқот бурдааст, ба маълумоти дастраси муҳаққиқони тоинқилобию шӯравӣ ва далелҳои шифоҳии аз сӯҳбати бузургсолони аз воқеъияти он замон шиносоии пурра дошта, монанди Р. Маҳмадуллоев, Саидаброр Ҳусейнов (аз ноҳияи Қалъаихумб, феълан Дарвоз), Муллодавлат Абдуллоев, Давлатмир Гулов, Авсалом Раззоқов (аз ноҳияи Ванч) такя карда, ба 11 амлокдорӣ ва 2 шӯъбаи маъмурӣ чудо шудани бекигарии Дарвозро тасдиқ кардааст. «Ҳамаи қаламрави Дарвоз, - менависад ӯ, - ба 13 воҳиди маъмурӣ - 11 амлокдорӣ ва ду шӯъба чудо мешуд. Амлокдориҳо дар ҳудуди Дарвоз ин тавр чойгир буданд: дар соҳилҳои дарёи Хингоб 4 амлокдорӣ - Чилдара, Вахиёи Боло, Сағирдашт (Тавилдараро муаллиф аз ёд баро- вардааст - Ҳ.П.). Дар соҳилҳои дарёҳои Ванчу Панҷ 7 амлокдорӣ: Ванч, Жумарч, Моймай, Қалъаихумб, Шикай, Куф, Хоҳон ва ду шӯъба: Язгулом ва Тангшев» [30].

Дар амлокдориҳо низ нафақат чунин вазифаҳои маъмурӣ ва соҳибмансабон монанди: девонбегӣ, муншӣ, мироб, қозӣ, муфтӣ ва раисҳо фаъолият мебурданд, инчунин вазифаю амалҳои ба ин воҳиди маъмурии истеҳсолкунанда мувофиқ, монанди:

доруғa - намояндаи расмии давлатӣ, ки миқдори замини дар дасти деҳкон буда ва ҳосили онро пешаки муайян мекард. У инчунин аз бо- лои ҷамъоварию нигаҳдошт ва ғундоштани ҳосилу пардохти саривақтии андоз назорат мекард, аз баровардани ғалладона аз хирман, то қабули андоз онро мӯҳр монда, нигаҳдошти пурраю беосебашро таъмин мекард;

мушриф - назоратчӣ, амалдори дастгоҳи андозғундорӣ, намояндаи амлокдор, ки ҳангоми аз бод баровардани ғалла то иҷрои андозҳои му- айяншуда назорати пурраи ҳосилро таъмин мекард;

миразор (мири ҳазор) - амалдори маҳаллӣ;

арбоб - вазифадори хурди маъмурӣ, сардори деҳа, дар шаҳр ташкилотчӣ ва нозири мачбуриятҳои ҳашарӣ барои сохтмону таъмири чӯйборҳои обёрикунандаи зироат. Бояд қайд кард, ки дар бекигарии Дарвоз ин ду амали маъмурии маҳаллӣ - миразору арбоб ба чои амалҳои амину оқсоқолони дигар бекигариҳо фаъолият доштанд.

Дар амлокдорӣ ба ғайр аз қозӣ, ки бо фармони амир таъйин мешуд, дигар ҳамаи вазифадорони маъмурӣ аз тарафи бек ва бо салоҳдиди пурраи ӯ таъйин мегардиданд. Ҳарчанд миразорону арбобон бояд ба тариқи раъйпурсӣ интихоб мешуданд, вале амалан ва маъмулан онҳоро худи бек пешниҳод намуда, риокорона натичаи барояш дилхоҳи инти- хоби беракобатро таъмин мекард. Аз хусуси таъйиноти марказии қозиёни амлокдориҳо ёдовар шуда, қайд намудан чоиз аст, ки доири қозиҳои қаламрави Дарвоз аз давраи ба зери тасарруфи манғитиён гу- заштани ин мулк то ғалабаи инқилоби Бухоро маълумоти пурра ва му- шаххасе дар даст надорем. Он чизе ки то имрӯз дастраси олимон гаш- тааст, хеле сатҳиву пароканда мебошад. Устод Одил Мачлисов дар ки- тоби хеш «Муносибатҳои аграрӣ» ба маъхази дар ихтиёр дошта такя карда, чунин қозиёни амлокдориҳои Дарвозро, ки соли 1910 дар давраи фаъолияти қозии бекигарии Дарвоз мулло Ғиёсиддин ва раисии мулло Муҳамад Азим сари ин амал будаанд, нишон додаст:

1) Мулло Абдураҳмон - қозии Тавилдара ва Вахиёи Поён.
2) Мулло Мирхоча - қозии Вахиёи боло.
3) Мулло Мирзо - қозии Ванч.
4) Мулло Рӯзӣ - қозии Чилдара.
5) Мулло Муҳаммад Шариф - қозии Сағирдашт.
6) Мулло Муҳаммад Тоҳир - қозии Қалъаихумб[31].

Ҳамаи ин маъмурони маҳаллии номбаршуда, дар итоаташон, вобас- та ба зинаи вазифадорӣ, чандин кормандони зердастро нигоҳ дошта, фаъолияташонро пиёда месохтанд.

Дар амлокдориҳо низ монанди бекигариҳо амлокдор ва арбоб фаъо- лияти озод дошта, дар чаҳорчӯбаи қонуни муайяне маҳдуд намешу- данд. Ба ғайр аз бек дигар амалдоре дар бекигарӣ ба кори амлокдор мудохила карда наметавонист.

Аз боби сохтори маъмурии марказӣ ва маҳаллии аморати Бухоро сухан ронда, бояд махсусан аз он ёдовар шуд, ки ҳамаи намояндагони сершумори амалдорону хизматгузорони онҳо аз давлат расман маош нагирифта, аз ҳисоби вазифа ва амали тамаъчӯёна зиндагии камташ- виши худро дар сатҳи талаби замон пурра таъмин менамуданд.

Дар муқобили ин соҳибмансабон ва хизматгоронашон табақаи дига- ри ичтимоӣ - истеҳсокунандагони неъматҳои моддӣ, таъминкунанда- гони дастаи сершумори амалдорони маъмурию динӣ ва ҳарбӣ аҳли

фуқаро қарор дошт. Ин табақаи заҳматкашон, дар Дарвоз ба чунин гурӯҳҳо тақсим мешуд:

1) Фақирои (фақирони ё фақирҳои) мирӣ - кишоварзони безамине, ки коркарди бевоситаи заминҳои мир (бек)ро ба сифати чоряккор ба ӯҳда доштанд. Ба ғайр аз қисми асосии маҳсулоти ба даст овардаашон, ки ба фоидаи бек мерафт, аз ҳисоби он қисми даромади ночизи худ боз андозу маҷбуриятҳои дигари ба давлатдории феодалӣ хос бударо иҷро мекарданд.

2) Фақирҳои танхо - бунаҳое (оила, хонавада), ки якҷоя бо замини дар ихтиёр дошта, ба амалдорон ва ё ашхоси «хизматнишондода» аз тарафи амир ё бек чун тӯҳфа ба сифати танхоҳ дода мешуданд. Ин гурӯҳи кишоварзон аз ҳисоби маҳсулоти истеҳсол намуда, андозу маҷбуриятҳоро ба давлат нею ба танҳохдор (танхоҳхӯр) пардохт ме- намуданд. Дар бекигарии Дарвоз анъанаи торафт зиёд шудани фақирои танхо ба мушоҳида мерасид. Масалан, аз руи маълумоти М. Раҳимов, агар дар солҳои аввали баъди забти Дарвоз аз тарафи амора- ти Бухоро ба сифати танхо қаравулбегӣ 2-3 хоҷагӣ, ба мирохӯр - 5- 10, тӯқсабо - 10-15, бий - 14-20 хоҷагӣ (буна) ба сифати танхо дода шуда бошад, пас солҳои баъдина шумораи хочагиҳои ба ин танходо- рон гузашта, аз 40 то 60 кам набуд. «Ҳамаи онҳо, - менависад муал- лиф, - ин танхои калонро пас аз бурдани «тортуқ» ё «тӯҳфа» барои бек ба даст медароварданд... Феодали хоҳиши танхогирӣ дошта, ба бек 1000 танга, як асп бо зину афзолаш, сару пои қимат, 4-6 гӯсфанд ва ғайра пешкаш мекард» [32]. Аз рӯи маълумоти мавҷуда бисёре аз деҳаҳои ин бекигарӣ, аз чумла Сафедорон, Тавилдара, Хост, Гишун, Зев ва дигарҳо ба сифати танхо ба яке аз амалдорон Маҳмуд Амин- шои тӯқсабо дода шуда буданд[33]. Дар сафи танходорон намояндагони дин низ кам набуданд. Дар бекигариҳои Қаротегин ва Дарвоз Аббос хоча писари Абдусаттор хоча судур (яке аз рутбаҳои баландтарини динӣ дар аморат) яке аз заминдорони калон ҳисоб меёфт. Дар ин ду бекигарӣ ба сифати танхо зиёда 400 хочагиҳои деҳқононро дар ихти- ёр дошт. Дигар намояндаи бонуфузи дин Мулло Курбон, ки аз Дарвоз ба Қаротегин кӯч баста буд, ба ғайр аз 200 ман замини худӣ боз танхохӯри зиёда аз 200 хочагиҳои деҳқонӣ ҳисоб меёфт[34].

3) Фақирои холис - деҳқононе, ки аз ҳисоби замини давлатӣ (шоҳӣ, баъдан амирӣ) ба пораи замине соҳиб буда, тамоми андозҳои давлатию маҳаллиро пардохт мекарданд. Онҳо дар мавриди зарурӣ аз меҳнати ҳамдеҳагон ба тариқи ҳашар истифода мебурданд. Агар деҳқони ба ёрӣ даъватшуда бо олоти кори худ (гови чуфт, юғу омоч, белу каланд ва ғайра) меомад, аз рӯи анъана ҳуқуқи баробаршарикӣ дошт. Деҳқони баробаршарик, вобаста ба андозаи хизматаш маҳсулот гирифта, андозу мачбуриятҳоро мепардохт. Замини фақирони холис аз чиҳати андоза гуногун буда, аз як пораи хурд (чакал) то майдони кишти ба 15 ман

(ботмани бухорой, ки дар Дарвоз бо мафҳуми «ман» маъмул буд, ба андозаи вазни 6-8 пуд мерасид) сарфи тухмӣ дошта баробар меомад. Ин гурӯҳи кишоварзон ҳақ доштанд, ки аз ҳисоби замини нокорами аз деҳа дур пораи замини лалмӣ азхуд кунанд. Бояд қайд кард, ки шумо- раи фақирони холис дар солҳои аввали ба аморат ҳамроҳ кардани Дар- воз хеле зиёд буда, дар натичаи ба дигар гурӯҳҳои фуқаро гузаронда- нашон муттасилан кам мешуданд.

4) Фақирои кадиқӣ - деҳқононе, ки ба ғайр аз кулбаи (кад) истиқоматӣ моликияти дигаре надошта, аз ҳисоби дар замини мулкии ҳамдеҳаашон кор кардан рӯз мегузарониданд. Сафи ин гурӯҳ аз ҳисоби безамину муфлисшавии хочагиҳои камзамин зиёд мешуд. Соҳиби за- мин ё чи тавре дар Дарвоз мегуфтанд, хокдор баъзан дар пораи замини аз деҳа дури худ фақири кадиқиро шинонда кор мефармуд. Мӯҳлати нигоҳ доштани деҳқони кадиқӣ ба соҳиби замин (хокдор) вобаста буд. Агар корат ба дарачаи барои заминдор мувофиқ пет мерафт, феодал хонаводаи деҳқони кадиқиро дар ин замин солҳои дароз нигоҳ медошт.

5) . Фақирои обхӯр - гурӯҳи фуқарое, ки ба ғайр аз истифодаи оби нӯшокӣ дар деҳа ва кулбаи вайрона чизи дигаре дар ихтиёр надоштанд. Онҳо аксаран он бунаҳое буданд, ки бо сабабе (гунаҳкор кардан, қарздор шудан ва ғайра) пораи заминашонро аз даст дода, барои рӯзгузаронии оила мувақатан ба корҳои «шарики», «шарикҳашарӣ» ба ҳамдеҳагони нисбатан дастрас, чӯпонӣ, даравгарӣ, хирманкӯбӣ, ҳезумкашӣ, ва дигар навъҳои мардикорӣ даст зада, қути лоямут пайдо мекарданд.[35]

## ВАЗЪИ ИҶТИМОЙ ВА ИҚТИСОДИИ БЕКИГАРИИ ДАРВОЗ

### АҲОЛӢ

Мувофиқи сиратҳои мардумӣ (этникӣ) тамоми аҳолии бекигарии Дарвоз саросар аз таҳчой иборат буд. Сокинони ин диёр хусусиятҳои нажодӣ ва антропологии ба қабилаҳои ориёӣ хосро дар баробари дигар сокинонони кӯҳистони Точикистон қариб беолоиш нигоҳ доштаанд. Аз рӯи хулосаи мутахассисони касбии қиёфашинос (антрополог) онҳо мо- нанди дигар точикон ва ӯзбекони ба точикон ҳамбастагии хунию авлодӣ дошта, аз чиҳати антропологӣ ба нажоди аврупоии брахисефалӣ (одамоне, ки бари косаи сарашон нисбат ба қади онҳо ва- сеътар аст), ки аз қадимтарин сокинони Мовароуннаҳр маҳсуб меша- ванд, тааллуқ доранд. Ҳайати ин нажод ба се навъи сират (симо) чудо мешавад: кӯҳистонӣ, наздипомир ва даштӣ. Сокинони Дарвоз ба зер- намуди аввал - кӯҳистонӣ нисбат ёфта, ба гуфтаи муҳаққиқи маъруф, қиёфашиноси (антрополог) халқҳои Осиёи Миёна Л.В.Ошанин, «кӯҳистониён намунаи хоссаи нажоди мовароуннаҳрии Осиёи Миёна мебошанд»[36].

«Шакли зоҳирии дарвозиҳо ва қаротегиниҳо, - навиштааст дар иб- тидои асри XX табиб, антрополог ва мардумшинос А.Шишов, - қариб фарқ намекунад: пӯсти гандумгун, мӯйҳои росту зичи сиёҳ, хурмоӣ, зард; чашмони сиёҳ ва дорчинранг, мешӣ; рӯи дурусту назаррабо, пе- шонаи васеъ ва бинии рости нӯгаш хамшуда; қомати аз миёна баланд- тару боқувват ва синаи барчаста, мушакҳои бақуввату борики соқҳои по; қомати росту бештар лоғарандом, кулӯлаи фарбеҳ ба назар намера- сад. Дар байни занони Дарвоз ва Қаротегин бениҳоят нозанинон кам нестанд»[37].

Албатта, мулки Дарвоз аз раванди муҳочирати ихтиёрӣ ва ичбории минтақа дар канор буда наметавонист. Мисолҳои дар ин ё он замон сар задании бенизомиҳои сиёсӣ дар минтака, турктозиҳои беохир, задухӯрдҳои байни хонигариҳо, ҳадафи тасарруф қарор гирифтани мулкхои мустақилу ниммустақили кӯҳистон, кашмакашҳои сиёсии байни намояндагони сулолаҳои ҳукмрон барои соҳибтахтӣ ва ғайра кам нестанд, ки сабаби авчи кӯчбандии одамон аз як мулк ба мулки ди- гар шудаанд. Табиист, ки ба Дарвоз омадану дар ин чо зиндагии доимӣ ихтиёр кардани одамон аз музофотҳои марказии Осиёи Миёна ва аз ин чо ба мулкҳои дуру наздик муҳочир шудани иддае аз сокинони маҳаллӣ ҳодисаи муқаррарӣ буд. Вале ин муҳочиратҳо ба ҳайати этни- кии ин диёр таъсири назаррас расонда наметавонист. Ҳатто муҳочирони бегонанажоде, ки аз таъқиботи сиёсӣ ба ин чойҳо омада, худро ба ҳимояи мардуми ин диёр дода буданд, баъди чанд муддате алоқаи хешовандӣ пайдо намуда, баъди ду ё се насл батамом худӣ ме- шуданд. То имрӯз одамоне ҳастанд, ки ривояти аз кишварҳои дур ба ин чо омадани авлоди пешинаашонро аз рӯи шунид дар хотир нигоҳ ме- доранд. Албатта, хеле чолиб мебуд, агар ин раванди таърихии тағйири макон кардан возеҳтар омӯхта мешуд. Он гоҳ шояд баъзе саҳифаҳои торики таърихи алоқаҳои сокинони Дарвоз бо бародарони ҳамнажоду ҳамзабону ҳамфарҳанги дигар минтақаҳои дуру наздики Осиёи Марказӣ равшан мешуд. Маълумоте, ки алҳол дар ин мавзӯъ дастрас аст, аксаран дар заминаи тахмину фарзияҳо қарор дорад.

Вақте сухан аз боби таърихи қадими ин диёр мерафт, ишора ба он ривоятҳое шуд, ки гӯё Искандари Мақдунӣ бевосита дар тасарруф на- мудани Дарвоз ширкат доштааст. Ҳатто ӯро шоҳони ин мулк аз авлоди сарсулолагони худ мешумориданд. «Ҳамин тарик, - навиштааст граф А.А. Бобринской, - дар асоси ривоятҳои кӯҳистониён тахмин кардан мумкин аст, ки ба ин кишвари кӯҳӣ, аз Ҳиндукуш дар чануб то кӯҳҳои Зарафшон дар шимол, муҳочирон ба ин мавзеъҳои кӯҳӣ аз ғарб ворид мешуданд. Ҳамчунин ба ин чойҳо барои иқомати доимӣ аз шимолу чануби кӯҳҳои атрофро печида, мусофирон меомаданд ва ба сокинони муқимии аз қадимулайём дар ин кишвари кӯҳистон сукунати дошта, ҳамроҳ мешуданд»[38]. Дар давраи ҳучуми арабҳо ба Осиёи Миёна (асрҳои У11-УШ) ба ин чо мавчи гурезагон ворид мешуд. Табиист, ки

ин диёр ҳангоми хуруҷу (1218-1220) ҳукмронии муғулҳо (то солҳои 80- уми асри XIV) ба Мовароуннаҳру Хуросон гурезагони зиёдеро пази- руфтааст. Хуруҷи муғулҳо ба Эрони марказӣ, шикасти давлатҳои кӯчаки ин ҷо ва аз ҷумла ассасинҳо, ки зери ҳукмронии равияи мазҳабии исмоилия ҳанӯз аз асри VII вуҷуд дошт, сабаби ба вилояти Форс, Ҳиндустон, ба Бадахшон, Кӯлобу Дарвоз ва дигар ҷойҳо кӯч бастани қисми аҳолии ин кишварҳо шуда буд. Дарвоз мисли дигар мулкҳои душворгузари кӯҳӣ табиист, ки паноҳгоҳи касони аз таъқиботи ваҳшиёнаи турку турктозиҳои даврони Темуру Темуриён (солҳои 80-уми асри XIV - асри XV), Шайбониён (асри XVI), Ҷониён- Аштархониҳо (1599-1753) ва билохира Манғитиён (1753-1920) ба ин тангнои кӯҳҳо рафта ҷон ба саломат мебурданд. Кам нестанд, мисолҳои ба ин диёр бо сабабҳои гуногун аз билоди Қошқар, Хуросон, Самарқанд ва ғайра кӯчида, зиндагии доимӣ ихтиёр карданд. Паноҳҷӯиҳои мазҳабиро низ бояд дар назар дошт. Олимони мардум- шиноси замони Шӯравӣ ба далелҳои ҳангоми экспедитсияҳои солҳои 50-60-уми асри гузашта ба даст овардаашон такя намуда, то андозае ба раванди муҳоҷирати замони охири асрҳои миёна равшанӣ андохтаанд. Мувофиқи ин хабарҳо кӯчидан аз як ҷо ба ҷои дигар дар дохили манотиқи Дарвоз низ мудом раво дошт. Аз рӯи маълумоту хулосаи онҳо дар ин давра ба қаламрави Дарвоз омадану аз ин ҷо кӯчбандӣ ба мулкҳои ҳамсояи дуру наздик як чизи муқаррарӣ шуда буд. Масалан, аҳолии қисми соҳили рости Дарвоз бо мулкҳои ҳамсоя алоқамандии зич дорад. Аҳолии Порёви Боло қисман ванҷӣ буданд. Дар деҳаҳои гу- ногуни Ванҷ низ кӯчбастагон аз Қалъаихумбу дигар қисматҳои Дарво- зи миёна кам набуданд. Қисми мардуми Ванҷи болоро вахиёҷиёни ба ин ҷо кӯчбаста ташкил медиҳанд.

Баъди сарҳадҷудокунии соли 1895 муҳоҷирати оммавии дарвозиёни соҳили чап ба соҳили рост хеле суръат гирифта буд. «Дар он тарафи сарҳади нави Дарвоз, ё қисмати чапи дарёи Панҷ, - навиштааст А.А.Бобринской, - Дарвози ҷанубӣ ҷой гирифтааст,ки аз рӯи маълумо- ти мардуми таҳҷой, агарчанде серодамтару зиндагии нисбатан беҳтаре доранд, вале аз ин ҷудокунии иҷборӣ ва ба дасти афғонҳо афтидан дар шигифт буда, гурӯҳ-гурӯҳ маҳалли истиқоматии худро партофта ба соҳили рост гузашта, дар қаламрави Бухоро зиндагӣ ихтиёр мекунанд»[39]. Муаллиф ин мушоҳидаашро дар китоби дигараш тақвият бах- шида чунин қайд кардааст: «Ҳаракати сокинони Дарвози ҷанубиро со- ли 1895, ки баъди шартномаи марзбандӣ ба Афғонистон дода шудааст, барои баргаштан ба Бухоро ман чун муҳоҷирати оммавӣ меҳисобам»[40].

Аз ин қайдҳои муаллиф хулоса кардан мумкин аст, ки сокинони соҳили чап аз ин марзбандӣ норозӣ буда, аз ҳокимияти афғонҳо дида, режими амириро авлотар мешумориданд. Сабаб ин буд, ки дар қисми Бухорои Шарқӣ бештар тоҷикон зиндагӣ доштанд ва тарзи идораи маъмурӣ низ то андозае ба анъанаҳои бобоӣ мувофиқат мекард. Аз тар-

фи дигар, бедодгариҳои амалдорони афғон ҳанӯз пеш аз бастани ин шартнома дар Помир ба ҳама маълум шуда буданд.

Ҳамбастагии зичи авлодии сокинони Қади Шикай бо мардуми ноҳияҳои ҳамчавори Шурободу Мӯъминободи Кӯлоб то имрӯз барқарору устувор мондааст. Ин ҳамбастагии авлодӣ анъанаҳои чан- дасра дорад. Дар Дашти Ҷум кам нестанд оилаҳое, ки чанд насл пеш- тар аз Дарвоз ба ин чо кӯч бастаанд. Ё баръакс дар баъзе аз деҳоти Дарвоз авлодони собиқ сокинони Даштичуму Мӯъминобод зиндагии доимӣ ихтиёр карда буданд. Ҳангоми сӯҳбати мардумшиносони касбӣ бо аҳолии маҳаллӣ дар солҳои 50-ум маълум шуд, ки дар баробари со- кинони муқимӣ дар деҳоту маҳалҳои Дарвоз кам набуданд оилаҳое, ки дар давраҳои гуногун авлодонашон аз мулку маҳалҳои ҳамсоя ба инчо омада, тақдирашонро ба ин макону сокинонаш пайвастаанд. Дар қатори онҳо оилаҳое буданд, ки ба ривояти авлодон ҳанӯз дар давраи шоҳигарии Дарвоз бо сабабҳои гуногун аз худи шаҳрҳои Бухоро ва Самарқанд ба инчо кӯч баста, иқомати доимӣ ихтиёр кардаанд. Ҳатто дар деҳаи Работ баъзе оилаҳо худро авлодони собиқ бошандагони Самарқанду Қошқар муаррифӣ намудаанд. Бо ҳамин далел бисёре аз сокинони Порёви Боло чадди худро аз Рӯшону Ванч, деҳоти соҳили чапи Панч (Ғӯч, Моймай) ва Самарқанду Қошқар муаррифӣ намуда- анд. Чунин мисолҳоро нисбати Дарвоз ва мулкҳои ҳамчавору нисбатан дури он хеле зиёд овардан мумкин аст[41].

Аз номи (топонимика) маҳалу чойҳо тахмин кардан мумкин аст, ки дар ин чо ҳанӯз дар замонҳои қадим зиндагӣ мекарданд. Номҳои мар- думи деҳаҳо, ба монанди Ҷорф, Зиғар, Шкев, Вишхарв, Всхарв, Ро- харв, Садвад, Старғ ва ғайра ба он далолат мекунанд., ки аз забони қадимаи Эронии Шарқӣ ба мо мерос мондаанд. Худи номи «Ванч»-ро А. Девонақулов «чун маҳсули калимаи санскритӣ (Ҳиндии қадим)» шарҳ дода, бо итминони пурра қайд мекунад, ки «ба шарофати талаф- фузи арабӣ «Ван» ё худ «Ванна» ба «Ванч» табдил ёфтааст. Агар дар шакли аввалааш ин номи кишварамон ба забони ориёии қадим тааллуқ дошта бошад, пас бар асари махлут шудан дар давраҳои минбаъда «Ван»-и Ориёнӣ ба «Ванч»-и арабишуда мубаддал гаштаст»[42]. Албатта дар ин чо аз фаҳмиши «ван» - дарахт ва «ванван» - чангал низ сарфи назар кардан лозим нест.

Дар ҳақиқат хусусиятҳои хоси мардуми муқимии Дарвозро мисли дигар навоҳии Точикистон аниқу бехато муайян намудан нафақат кори ниҳоят заҳматталаб, балки аз сабаби набудани маъхазҳои мӯътамади хаттӣ ҳатто номумкин аст. Ба таври умумӣ ва тахминӣ ҳам бошад, ма- води ҳангоми пурсучӯ аз тарафи мардумшиносони тоинқилобии рус ва замони шӯравӣ, ки рӯи чоп дидаву ба риштаи таҳлил кашида шудааст, имкон медиҳад, ки ба тахмин бошад ҳам, баъзе чиҳатҳои он муайян гардад. Аз ин хотир ба гуфтаҳои боло боз як далели ҳангоми сӯҳбат бо мардум ба даст овардаи мардумшиноси рус граф А.А.Бобринскойро

дар бораи раванди муҳочират ба Дарвоз ва аз ин чо ба дигар чойҳо кӯч бастани баъзе аз сокинонаш илова мекунем.

«Дарвозиҳо, - менависад А.А.Бобринской, - мисли дигар кӯҳистониёни Зарафшон, Қаротегин, Рӯшон, Вахон ва Бадахшон бо ифтихори хоса худро точик муаррифӣ мекунанд... Оиди ачдодонашон дарвозиҳо ду ривоят пеш меоранд: 1) онҳо то қабули ислом ба ин чо аз мавзеи соҳилҳои Оқсу (Ёхсу) омадаанд. Ин ривоятро дар тамоми Дар- воз аз чумла дар қисмати шарқии он шунидан мумкин аст.. Ҳамчунин сокинони водии Ванч мегӯянд: «Гузаштагони мо ба ин чо аз Хингоб омадаанд, ба Хингоб бошад, онҳо аз Ёхсу муҳочир шудаанд». Сокино- ни водии Панч мегуянд: Гузаштагони мо ба соҳили рости Панч вақте кӯчидаанд, ки соҳили чапро муқочирони аз соҳилҳои миёнаи Хингоб омада пурра банд карда буданд. Ба он чо бошад, аз Ёхсу омада буда- анд». Умуман, аз рӯи ривоятҳо тахмин кардан мумкин аст, ки ба Дар- возу Қаротегин асосан сокинони водии Ёхсу муҳочир шуда дар ин чойҳо зиндагиро ихтиёр кардаанд[43].

Муаллифи номбурда ин мушоҳидаашро дар дигар асари мардумши- носиаш, ки баъди 8 сол рӯи чоп дидааст, чунин қайд менамояд: «Дар Шуғнон ва Вахон ривояте паҳн шудааст, ки мувофиқи он сокинони муқимии ин чо аз қадимулайём дар ин мавзеъ сукунат дштаанд... Дар Вахон ва қисман дар Итттkотттим, чи хеле дар Дарвоз мушоҳида наму- дем, оиди муҳочирати оммавӣ ва фардӣ дар байни сокинони маҳаллӣ ривоят меравад. Дар Қаротегин аз ҳисоби муҳочирони Дарвоз, водии Ёхсу ва Хуталон деҳаҳо мавчуданд. Ҳато дар деҳаи бароямон но- маълуми қаторкӯҳи Ҳисор ривояте шунидем, ки сокинонаш аз Дарвоз омадаанд»[44].

Акнун саволе бармеояд, ки сабаби аз водии Ёхсу ба Дарвозу Қаротегин кӯч бастани точикон дар чӣ будааст. А.А.Бобринской му- аммои онро дар тохтутози бодиянишинон чустааст. Аз хулосаи қайдҳои ӯ бармеояд, ки ҳангоми суръат гирифтани фишори фочиабори онҳо сокинони муқимии қисми чанубӣ-шарқии пастхамиҳои Трансок- сиана (он сӯи Окс - Амударё) ба чануб ҳаракат карда, дар соҳилҳои Ёхсу қарор мегирифтанд, ки он ба мавзеъҳои мушкилгузари кӯҳӣ наздикӣ дошт. Такрори ин тохтутозҳои хунину фишороввариҳои бераҳмона мачбур месохт, ки точикон боз чойҳои бо заҳмати сангину хуни дил ободкардаи худро ба ачнабиён партофта, ба воситаи кӯҳу дараҳои мушкилгузару баъзан тамоман бероҳа роҳи гурезро пеш ги- рифта, чон ба саломат баранд. Чунин муҳочиратҳои ичборӣ борҳо так- рор шудаанд. «Дар кадом давра ин муҳочиратҳо оғоз ёфта, кай хотима ёфтаанд, - менависад А.А.Бобринской, - муайян намудан ниҳоят душ- вор аст. Тахмин меравад, ки ин ҳаракат аз замонҳои хеле қадим шурӯъ шудаву батакрор гузаштааст, вале авчи мавчи турктозиҳои ба Трансок- санияю (Мовароуннаҳр - Ҳ.П.) Бохтария ба давраи ҳаракати фаъоли туркҳо дар ишғоли минтақа ба асри VI рост меояд. Ин фочиа дар дав-

раи ҳучуми арабҳо (аз асри VII сар карда), ки бо зарби теғ дини ислом- ро чорӣ мекарданд, беш аз пеш суръат гирифт... Тохтутози Чингизхон, юришҳои фочиабори Темури ланг, зиддияту талошҳои беисти Балху Бухоро ва форсҳо дар минтақа, зиддиятҳои доимии байнихудии мулкҳои мустақилу ниммустақили Тирмизу Вахшу Ҳисор ва ғайра са- баби идомаи мутассили гурезаҳо ба водиҳои кӯҳистони Қаротегину Дарвоз гаштаанд»[45].

Аз натичаҳои боло бармеояд, ки ҳамаи гурезаҳои дар Дарвоз ва ди- гар минтақаҳои кӯҳистон сукунати доимӣ ихтиёр карда точик буданд ва бо ин роҳ ирсияти нажодии худро нигоҳ доштаанд. Дар бораи ра- ванди муҳочиршавӣ сухан ронда, бояд як ҳақиқати дигарро сарфи на- зар накунем. Муҳочирони ба ин мавзеъ омадаро чун аввалин ашхоси ба сукунати доимӣ ин диёр асос гузошта, эътироф кардан, ба ҳақиқат рост намеояд. Ба замми ин бояд қайд кард, ки калимаи Ёхсу точикӣ нест ва чун номи мавзеи чуғрофӣ хеле дертар пайдо шудааст. Ин ба хулосае меорад, ки ин муҳочиршавии онҳо ба Дарвоз хеле дертар сурат гирифтааст ва онҳо на дар ҳама қаламрави Дарвоз паҳн шудаанд. Ма- салан, мардуми деҳаи Хоб ва қисман Зингу Умарак аз муҳочирони Ёх- су бошанд, дар Ҷорф, Курговад, деҳаҳои ноҳияи Ванч касе баромади худро аз Ёхсу намедонад.

Аз рӯи мантиқи зиндагӣ дар кӯҳистон шахсони ба ин чо чун гуреза омада, ҳеч гоҳ дар чои тамоман холӣ зиндагии худро таъмин намуда, чон ба саломат бурдан наметавонистанд. Сониян, дар шароит кӯҳистон бе сохтани иншооти обёрӣ, кишти ғаллаву дигар зироати ғизоӣ зиндагӣ кардан номумкин аст. Аз ин чост, ки гурезаҳо ё муҳочирон ҳадди аввал дар деҳоти нисбатан обод, зери ҳимояю сарпарастии сокинони маҳаллӣ, ки як бурда нони худро аз бародарони ба тариқи гуреза омада дареғ намедоштанд, қарор гирифта, барои обод намудани қитъаи нави замини кишт камар мебастанд. Пазироию меҳмоннавозии кӯҳистониён низ беасос набуда, аз ҳамон заруряти бо ҳам дидани маводи бе ин ҳам нобасандаи ғизоӣ маншаъ гирифтааст.

Муайян намудани шумораи аҳолӣ низ яке аз масъалаҳои ниҳоят мушкили таърихи ин диёр мебошад. Чи тавре ки маълум аст, то инқилоб на дар Дарвоз ва на дар тамоми қаламрави аморати Бухоро барӯйхатгирии аҳолӣ боре ҳам гузаронида нашудааст. Ин чорабинии ба давлатҳои нисбатан пешрафтаи Аврупову Русияи охириасримиёна- гию давраи нав маъмул, яъне кӯшиши муайян намудани шумораи аҳолӣ ва ахиран гузаронидани маъракаи бисёрчабҳаи барӯйхатгирии аҳолӣ барои аксари давлатҳои мусулмон алалхусус барои хонигариҳои Осиёи Миёна то давраи ҳамроҳ ин минтақа ба Русия бе- гона буд. Баъди ҳамроҳ намудану таъсис додани генерал- губернатории Туркистон дар ҳудуди он соли 1897 аввалин барӯйхатгирии аҳолӣ гузаронида шуд. Дар Бухоро бошад, мисли ди- гар давлатҳои ҳанӯз дар таъсири хурофоти динии асримиёнагӣ монда,

ҳатто кӯшиши тахминӣ муайян намудани шумораи аҳолӣ ба назар намерасид. «Шумурдани одамон, - менависад Д.Н. Логофет, - аз рӯи шарҳи уламои мусулмон ва рӯҳониён хилофи дини ислом аст. Бино- барин на ҳукумати Бухоро, на маъмурияти олии марказӣ шумораи аҳолиро муайян карда наметавонанд ва доири тавлиду муриши он та- саввуроти тахминие ҳам надоранд»[46].

Аз ин чост, ки раванди таҳқиқи ин масъала ягона манбаи нисбатан мӯътамаде, ки мо ба он такя карда метавонем, маълумоти аз худ боқӣ гузоштаи олимону саёҳатчиёни тоинқилобии рус мебошад. Табиист, ки онҳо низ аз имконияти васеи бо усули оморӣ муайян намудани шумо- раи аҳолӣ аз амалдорони маҳаллӣ дида бештар маҳрум буданд. Гарчи ҳисоби онҳо тахминист, вале то андозае ба ҳақиқат наздик буда, имкон медиҳад, то ба ҳалли масъала тахминӣ бошад ҳам, қадре наздик шавем. Албатта, усулҳои муайян кардани шумораи аҳолӣ, ки онҳо мавриди хулосабарорӣ қарор медоданд, хеле зиёданд, вале бештар ба чунин принсипҳо (усулҳо) такя мекарданд:

1) муайян намудани андозаи майдони зисти мардум дар чойҳои ахолинитттин;
2) шумораи ҳавлӣ ва хонаҳо дар ҳамон майдон;
3) миқдори обе, ки барои обёрии замин сарф мешавад;
4) миқдори миёнаи хонаҳои як гузари шаҳр;
5) шумораи миёнаи сокинони хонаҳо;
6) муқоисаи маълумоти ба даст омада, бо маълумоти ҳамин гуна маҳалҳои қаламрави генерал-губернатории Туркистон. Дар Туркистон омӯзишу тартиб додани чунин маълумоти оморӣ, яке аз вазифаҳои муҳимми маъмурини маҳалҳо ҳисоб меёфт ва тачрибаи кофии барӯйхатгирии аҳолӣ низ доштанд[47]. Вале ин усули муайян кардан аз рӯи гуфти худи ҳамон тадқиқотчиён фақат хулосаи тахминӣ дода мета- вонад[48].

Бояд қайд кард, ки барои муйян намудани шумораи миёнаи нуфуси ҳар хонавода байни тадқиқгарони рус ихтилофоти чиддӣ чой дорад. Масалан, Д.Н. Логофет шумораи истиқоматкунандагони як ҳавлиро 6 нафар таҳмин намудааст[49]. Аз муаллифи номбурда хеле пештар Г.А. Арандаренко, капитан Кузнетсов ин тахминро пешниҳод намуда бу- данд. Капитан Стеткевич ва П. Гаевский ба ҳар хона рост омадани 5 нафарро тахмин намудаанд[50]. А.Е. Снесарев тахмин мекард, ки дар Қаротегин бошандагони ҳар ҳавлӣ аз 7-10 нафар иборатанд[51]. С.И. Гу- лишамбаров, гарчи фикри худро рочеъ ба шумораи истиқомат- кунандагони ҳар ҳавлӣ пешниҳод накарда бошад ҳам, чунин ақида дошт, ки тадқиқотчиён шумораи миёнаи аҳолиро ба ҳар ҳавлӣ хеле кам нишон додаанд. Дар ин ҳисоб маъмулан духтарон дохил намешуданд[52], зеро падару модарон аз амали ночои амалдорони калону ҳариси маҳаллӣ ва марказӣ ҳаросида дар бисёр мавридҳо дар оила мавчуд бу- дани духтарони ноболиғу наврасро пинҳон медоштанд.

Аз ҳамин гуна маълумоти то андозае носаҳеҳи назари тадқиқот- чиёни тоинқилобии русро нисбати шумораи аҳолии бекигарии Дарвоз охири асри XIX - ибтидои асри XX чанде дар ихтиёр дорем ва наму- нае манзури хонандагон намуданро лозим медонем.

Тибқи маълумоти ба генерал-губернатори Туркистон пешниҳод на- мудаи сарвари идораи Намояндагии сиёсии (Политическое агентство) Русия дар Бухоро соли 1894 шумораи аҳолии бекигарии Дарвоз - 65 000 муайян шудааст[53]. Капитан Кузнетсов соли 1892 шумораи аҳолии бекигариро - 55 000 тахмин кардааст. Ю.И. Пославский бошад, маълумоти дар ҳуччатҳои Штаби генералии Русияи подшоҳӣ чой до- даро овардааст, ки мувофиқи он соли 1908-1909 аҳолии бекигарии Дарвоз 53 000 нафар будааст[54]. Дар ин мусоҳибот нобарбарии рақамҳо бараъло ба назар мерасад. Дар онҳо, аз як тараф, ҳисоби тахминӣ, аз тарафи дигар, таъсири марзбандии сарҳадии соли 1895 байни Русияю Англия, ки мувофиқи он амлокдориҳои қисми соҳили чапи дарёи Панчи Дарвоз расман ба қаламрави ҳудуди Афғонистон ҳамроҳ карда шуданд, равшан эҳсос мешавад.

Баъзе далелҳои дигар ба ҳалли ин нобаробарии маълумоти мавчуда таъсири амиқ нагузоранд ҳам, (онҳоро бештар пурихтилоф мегардо- нанд), вале аз овардани онҳо худдорӣ карда наметавонем. Онҳо низ бояд аз назари хонанда пинҳон намонанд. Муаллифи «Таърихи Ҳумоюн» Муҳаммадсодиқи қаровулбегӣ, ки бо тахаллуси Гулшании Бухороӣ машҳур шудааст, дар китоби ба амир Абдулаҳад (1885-1910) бахшидааш - «Таърихи Ҳумоюн» (соли таълифаш - 1908/1909) чунин овардааст: «Ҷамъияти куллии Дарвоз 25 ҳазор хонавор аст. Аммо та- моми саканаи Дарвоз, маъа қасаботи он 50 ҳазор аст»[55]. Ба ин далелҳо боз маълумоти расмии маъмурияти марказии аморатро овардан чоиз аст. Мувофиқан дар солҳои 1914-1917 шумораи аҳолии бекигарии Дарвоз - 41 960 нафар муайян шудааст[56], ки ин ба ҳақиқат наздик буда наметавонад. Чи хеле, ки дар боло ишора рафт, аҳолии маҳаллӣ ба маъмурони амир дар ин бора маълумоти аниқ пешниҳод намекард, чунки ба воситаи он боз хавфи зиёд намудани андози сарикасӣ зам мешуд. Маъмурон низ аз чунин тачрибаи ҳисоботи оморӣ (стастикӣ) фарсаххо дур буданд. Мантиқи баҳисобгирии амалдорони Бухоро ва муносибати аҳолӣ нисбат ба онҳо моро ба хулосае мерасонад, ки дар ҳар хонавода мекӯшиданд, аъзоёни оиларо аз будаш камтар нишон диҳанд. Табиист, ки ин нишодиҳанда чун далели мӯътамад кабул шуда наметавонад. Аз ин лиҳоз, бо ҳам нисбатан мувофиқ омадани маълу- моти Штаби генералии Русия ва Гулшанӣ (3 000 нафар фарқият мушоҳида мешавад), аз диди мо тахмини ба воқеъият наздиктар аст. Аз он чунин хулоса бармеояд, ки шумораи сокинони бекигарии Дарвози ибтидои асри XX беш аз 50 ҳазор нафар будааст.

Дар бораи шумораи аҳолии маркази бекигарӣ - Қалъаихумб низ маъхазҳо маълумоти мухталиф медиҳанд. Ягонагии ақида фақат

ҳангоми муайян намудани шумораи ҳавлиҳо ба назар мерасад. Аз рӯи ҳисоби онҳо дар охири асри XIX - ибтидои асри XX дар инҷо ҳамагӣ 100 ҳавлӣ (хонавода) мавҷуд будааст[57]. Шумораи сокинони Қалъаихумбро Л.Ф. Костенко ҳамагӣ 500 нафар муайян намудааст[58], ки ба ҳақиқат рост намеояд. Аввало ӯ худ дар Қалъихумб набудааст ва ин маълумотро бо пурсиш ба даст овардааст. Сониян, маълумоти ӯ ба соли аввали (1879) баъди ба зери тасарруфи манғитҳо афтидани Дарвоз баробар меояд. Шояд сокинони Қалъаихумб ҳангоми муҳосира аз ҷониби асокири амирӣ ва муқобилияти шадиди сокинони ин шаҳрак кам шуда бошанд. Ба зами ин шумораи сарбозони амир, ки дар инчо нигоҳ дошта мешуданд, ба назар гирифта нашудааст. Дар ҳар сурат Л.Ф. Костенко аҳолии пойтахти бекигарии Дарвозро аз будаш кам ни- шон додаст. А.А. Семёнов сокинони Қалъаихумбро то 1 500 нуфус тахмин намудааст[59]. Аз диди Д.Н. Логофет бошад, дар ин ҷо 1 000 на- фар одам сукунат дошт. Ба ақидаи мо маълумоти А.А. Семёнов ба ҳақиқат наздик аст, чунки: а) муаллифи мазкур аз дигарон дида, чун донишманди касбӣ маълумоти зиёдтар дошт; б) ӯ дар Қалъаихумб бе- восита чанд вақт қарор дошта дақиқсанҷӣ намудааст; в) ба ин миқдори аҳолӣ, олим шумораи сарбозони амирро низ ҳамроҳ намудааст.

Тадкиқотчиёни тоинқилобии рус Г.А. Арандаренко, Капитан Куз- нетсов, Н.Н. Покотило, Б.Л. Громбчевский, Н. Февралёв, В.И. Масал- ский, А.А. Семёнов, М. С.Андреев ва дигарон дар ахбори пароканда ва зиддиятноки худ, барои муайян намудани шумораи тахминии аҳолии амлокдориҳои бекигарии Дарвоз саҳмгузорӣ намудаанд. Натиҷаи кӯшишҳои онҳо дар маҷмӯъ чунин аст:

| № | Амлокдорӣ ва ҷамоа | Шумораи деҳа | Шумораи буна | Шумораи аҳолӣ |
|---|---|---|---|---|
| 1. | Чилдара | 25 | 632 | 3 800 |
| 2. | Тавилдара | 62 | 1 100 | 7 700 |
| 3. | Лоҷирг | 29 | 337 | 4 380 |
| 4. | Сағирдашт | 17 | 400 | 2 800 |
| 5. | Ванҷ | 49 | 272 | 3 800 |
| 6. | Жумарч | 23 | 244 | 1 700 |
| 7. | Моймай | 18 | 165 | 1 650 |
| 8. | Қалъаихумб | 63 | 2 170 | 12 600 |
| 9. | Шикай | 24 | 604 | 4 300 |
| 10. | Куф | 24 | 675 | 4 540 |
| 11. | Хангон | 19 | 334 | 3 300 |
| 12. | Ҷамоаи (шӯъба) Язгулом | 9 | 133 | 1 050 |
| 13. | Ҷамоаи Тангшев | 1 | 6 | 60 |
| | Ҷамъ: | 363 | 7 072 | 51 680 |

Ин ҳисоб дар арафаи тақсимоти сарҳадӣ, ки мувофиқи шартномаи байни Англияю Русия соли 1895 (то чудо кардану ба Афғонистон до- дани амлокдориҳои соҳили чапи Панч) амалӣ шуда буд, аҳолии беки- гарии Дарвоз тахминан 51 ҳазору 680 нафарро ташкил медод. Ин рақамҳо табиист, ки ба маълумоти умумии барои тамоми бекигарӣ дар боло оварда шуда мувофиқат намекунанд. Дар далелҳои аз ин пештар омада, шумораи аҳолии бекигарӣ барои солҳои 1908-1909 50-53 ҳазор нафар муйян шудааст. Дар ин чо бошад, қариб ҳамин миқдор барои солҳое нишон дода шудааст, ки ҳанӯз амлокигариҳои соҳили чапи Панч чудо карда нашуда буданд. Агар онҳоро аз ин рӯйхат бардорем, он гоҳ шумораи аҳолии бекигарии Дарвоз баъди ин тақсимоти сарҳадӣ ҳамагӣ камобеш - 40 ҳазорро ташкил медиҳад. Вале ин рақам аз диди мо хеле кам буда, ба ҳақиқат рост намеояд.

Сабаби онро дар нисбатан кам нишон додани шумораи сокинони амлокигариҳо бояд чуст. Албатта, тадқиқотчиёну намояндагони ҳарбию саёҳатчиёни касбии рус ба ҳар як деҳаи дурдасти ин амлокдориҳо рафта, аҳолиро аниқ муайян карда наметавонистанд ва чунин зарурат ҳам барояшон пеш наомада буд. Ҳатто агар чунин зару- рат пеш меомад ҳам, дар шароити дар таассуби сатҳи асримиёнагӣ қарор доштани аморати Бухоро ичрои он ғайри имкон буд. Аз инчост, ки шояд баъзе деҳоти дурдаст аз мадди назар афтида, ё шумораи соки- нон аз будаш кам нишон дода шуда бошанд. Ин аз диди мо сабаби кам нишон додани шумораи умумии аҳолӣ гаштааст.

Ба ҳар сурат таҳлили маводи маъхазҳои мавчуда хулосаеро, ки дар иб- тидои асри XX шумораи аҳолии бекигарии Дарвоз беш аз 50 ҳазор на- фарро ташкил медод, бе баҳс набошад ҳам, тақозо ва тасдиқ менамояд.

## КИШОВАРЗӢ ВА СОХТОРИ ЗАМИНДОРӢ

Дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX дар бекигарии Дарвоз нигаҳдории низоми анъанавии давраи шоҳӣ ва дигаргунсозиҳои за- миндории давраи ҳукмронии Манғитиён чорӣ шуда, ба талаби сохтори феодалӣ ва мавчудияти муносибатҳои авлоди патриархалӣ пурра мувофиқат мекарданд.

Гарчи вазъи масъалаҳои аграрӣ дар аморати Бухоро ба таври умумӣ ва бо баъзе чузъиёт ба ин ё он андоза зери назари тадқикотчиёни тоинқилобии рус[60] ва муҳаққиқони шӯравӣ[61] қарор ёфтааст, то кунун доир ба баъзе тарафҳои ҳаётан муҳимми ичтимоии суннатӣ ва хусусиятҳои мавчудияти онҳо дар ин ё он минтақаи мамолики исломӣ ҳалли пурраи худро наёфтаанд. Тибқи талаби мавзӯъи баҳс ва ҳадафҳои ба омӯзиши таърихи Дарвоз мансуб мо аз таҳлили назари муҳаққиқон ва таҳқиқи пурраи ин масъалаи мураккаб, ки худ таҳқиқи

махсус ва чиддиро талаб дорад, худдорӣ менамоем. Аз диди мо шарҳи мухтасари хусусиятҳои заминдорӣ дар Дарвоз ва кори кишоварзӣ ба мантиқи умумии мавзӯъ ба андозаи зарурӣ мувофиқат карда метаво- над.

Вобаста ба ин мавқеи назар, агар аз баъзе чузъиёти анъанавии ша- роити хоси кӯҳистон сарфи назар намоем, шаклҳои асосии заминдории расмии аморати Бухорои охири асри миёна дар бекигарии Дарвоз мушоҳида мешуданд. Аз рӯи маълумоти муҳаққиқони тоинқилобӣ ва хулосаҳои олимони давраи Шӯравӣ дар бекигарии Дарвоз чунин шаклҳои моликияти замин, ки ба талаботи моликияти феодалӣ ва қоидаҳои шариат чавобгӯ буданд, арзи ҳастӣ доштанд:

1. **Замини шоҳӣ ё замини мирӣ (**дар бекигариҳои қисми марказӣ ва шимолу ғарбии Аморати Бухоро онҳоро бештар бо мафҳуми «замини султонӣ» ном мебурданд. Ин заминҳо дар асл замини давлатӣ ҳисоб ёфта, бевосита дар ихтиёри бек, амлокдор ва дигар амалдорони калон қарор доштанд. Маҳсулоти аз ин шакли моликияти замин рӯёндашуда қисман ба амлокдор ва бештар ба фоидаи бек мерафт. Заминҳои мири- ро асосан заминҳои ҳосилхезтарини амлокдориҳо ташкил медоданд. Бек ва амалдоронаш барои зиёд намудани ин шакли заминдорӣ, ки қисми асосии даромадашон аз он вобаста буд, пайваста мекӯшиданд. Онҳо бо зӯрию фиреб заминҳои ҳосилхезтари деҳқононро кашида ба замини шоҳӣ ҳамроҳ менамуданд. Дар бисёр мавридҳо ба соҳиби за- мин пули ночизе дода, барои «қонунӣ» намудани ин амали ғоратгаронаи худ ҳуччати хариду фурӯш тартиб медоданд. Бо ин воси- та шумораи фуқарои камзамину безамин то рафт меафзуд. Дар ин заминҳо деҳқонон ба тариқи ҳашар бо чуфти гов, омочу юғи худ кор мекарданд, ин намуди ҳашарро «ҳашари мирӣ» мегуфтанд. Дар ин маврид ҳатто таъмини хӯрок низ аз ҳисоби худи ҳашарчиён буд.

Дар бекигарии Дарвоз ба ғайр аз заминҳои кишти шоҳӣ ё мирӣ боз чарогоҳҳои мирӣ («чарохургоҳи мирӣ») мавчуд буданд, ки беҳтарин чарогоҳҳоро дар бар мегирифтанд. Ҳамчунин ҳосилхезтарин боғҳо ва заминҳои полизӣ бо мафҳумҳои «боғи мирӣ» ва «полези мирӣ» низ моликияти давлатӣ, шоҳӣ ё мирӣ буда, ҳатто касонеро, ки коркарди ин заминҳо ба зиммашон афтида буд «одамони мирӣ» мегуфтанд. Деҳқонони барои кор дар замини мирӣ сафарбар шуда, барои ҳосили баланд гирифтан ба замин пору кашонда, дар фасли баҳор чандин ма- ротиба аз шудгор мегузаронданд ва киштгардон мекарданд. Ҳол он ки заминҳои худро аз як ё бисёр - ду бор зиёд чуфт рондан наметавони- станд. Тамоми ҳосили аз ин шакли заминдорӣ гирифта, ҳатто бо коҳаш дар зери назорати сахти амалдорон батамом ба ихтиёри бек ё амлокдор мегузашт. Деҳқон ба ивази ин заҳматаш аз ҳисоби ин заминҳои мирӣ пули пучаке ба даст намеовард. Ин заҳмати ройгон як навъи мачбурияти феодалӣ ҳисоб меёфт.

2. **Замини вақф**. Ин навъи моликияти замин дар Дарвоз бештар бо мафҳуми «замини мазорӣ» маъмул буд. Ин заминҳо моликияти қонунии масҷиду мадраса, ин ё он мазору каландархонаҳо ва ғайра ҳисоб ёфта, дар давраҳои гуногун аз тарафи заминдорони калон ба тариқи тӯҳфа ё ҳадя расман бахшида шудаанд. Заминҳои вақф чун манбаи даромад ва сарват аз ҷониби эшонҳо, шайхҳои мазорҳо, мудар- рисони мадраса, эмомони масҷидҳои соҳибвақф истифода бурда ме- шуданд. Дар ин заминҳо деҳқонон бе ягон музд «барои савоб» кор кар- да, тамоми маҳсулотро ба амалдорони муассисаи соҳиби вақф месупо- ранд. Ҳолатҳое мешуд, ки замини вақф ба моликияти муттавалӣ, шайх ё мударрис табдил ёфта, сафи феодалонро зиёдтар мегардонданд. Аз рӯи баъзе маълумотҳо соҳибони вақф ва чанде аз эшону шайху дигар хизматгузорони дин аз феодалони дунявӣ камтар замин надоштанд.

3. **Мулк ё мулки мероси**. Дигар заминҳои мулки хусусӣ ба ҳамин навъ ё шакли заминдорӣ доҳид мешуданд. Дар Дарвоз чунин заминҳоро, вобаста ба сабабу воситаҳои ба даст овардани ин навъи замин, бо мафҳумҳои: «замини худӣ», «мулки падарӣ», «мулки бобигӣ» ё «хоки падар», «хоки бобигӣ» ном мебурданд. Ин заминҳо пурра дар дасти соҳибмулконашон (сокинони маҳаллӣ) қарор дошта, чун моли мерос аз падар ба фарзанд мегузаштанд. Соҳиби ин навъи замин ё хок пурра их- тиёр дошт, ки онро ба гарав монад, фурӯшад ё ба иҷора диҳад. Муваққатан ба ихтиёри дигар кас гузоштани замини меросиро ба «орият додан» мегуфтанд. Соҳибзамине, ки аз андозу маҷбуриятҳо озод набуд, аз рӯи қоидаи шариат бояд аз даҳ як ҳиссаи даромад (дар амал ба маро- тиб аз ин микдори муайяншуда зиёд)-ро чун андоз - «ушр» мепардохт.

4. **Замини омма**. Заминҳои умумӣ, обшинавӣ, ин навъи заминҳоро бештар бо мафҳуми «замини хосу ом» ном мебурданд. Ба он дашту пуштаҳои ғайри қобили кишт, айлоқу чарогоҳҳо ва ғайра тааллуқ дош- танд, ки аз рӯи қоидаи асрҳо ба ҳукми анъана даромада, онҳо ба қисми мирӣ (шоҳӣ) ва раъиятӣ чудо мешуданд. Дар охири асри XIX ва ибти- дои асри XX истифодаи онҳо дар чунин шакл қарор дошт:

а) «Айлоқ» - чарогоҳи нисбатан сералафи дур аз деҳа. Ин чарогоҳҳо ба ном умумӣ бошанд ҳам, амалан чун чарогоҳи бек ё амлокдор ҳисоб ёфта, истифодаи онҳо барои дигарон мамнӯъ буд.

б) «Чарогоҳ» ё «чарохургоҳ» - марғзор, дашту дараҳои чарогоҳбоби назди деҳа, ки дар онҳо подаю рамаи аҳли деҳа ва амалдорон низ, ки подабон доштанд, то вақти ба айлоқ бурдан ва давраи аз айлоқ баргар- дондан мечариданд. Ба ин навъи чаргоҳҳо ҷои тобистон нигоҳ доштани чорвои аҳли деҳ - девлоххо, ки дар масофаи ба деҳа (қишлоқ) нисбатан наздик ҷой доштанд, низ дохил мешуданд;

в) «Ҷангали омма» - бешаю дарахтзорҳои на он қадар калон (дар Та- вилдараю баъзе аз қисматҳои Вахиё ва Ванҷи Боло ҷангалу бешазорҳо нисбатан зиёдтар буданд). Чунин ҷойҳо дар байни деҳаҳои наздик

тақсим шуда, чун чарогоҳ ва чои ҳезумтайёркунӣ мавриди истифода қарор доштанд. Азбаски тақсимоти ҳудудии расмӣ мавчуд набуда, дар бисёр мавридҳо аз рӯи хоҳиши арбобу маслиҳати намояндагони бону- фузи ҳамсоядеҳаҳо амалӣ мешуд, ҳангоми алафдаравӣ ва ҳезумтайёркунӣ дар байни сокинони деҳаҳо мубоҳисаҳо сар зада баъзан то ба низоъу талаби markup азнавтақсимкунӣ оварда мерасонд. М.Р. Раҳимов маълумоти аз солхӯрдагон - иштирокчиёну шоҳидони ин кашмакашҳои ҳамсоядеҳавӣ гирифтаашро чунин ба қалам додаст: «Яке аз ин низоъҳои ба задухӯрди калон табдилёфта, - менависад ӯ, - соли 1919 дар байни сокинони Сафедорон, аз як тараф ва деҳаҳои Паси Кӯҳ ва Фаркинг, аз тарафи дигар, барои буттазори мавзеи Ҷангалак, ки дар истифодаи уму- мии деҳаҳои Паси Кӯҳ, Фаркинг, Сафедорон ва Гурбадара буданд, сар зад. Буттазор ба деҳаҳои Паси Кӯҳ ва Фаркинг наздиктар буд. Аз ин рӯ сокинони ин ду деҳа Ҷангалакро пурра аз худ карданӣ шуда, борҳо аз сафедорониён ва гурбадарагиҳо талаб намуда буданд, ки дар мавзеи номбурда сӯзишворӣ тайёр накунанд. Боре оқсоқолони Паси Кӯҳ ва Фаркинг дар буттазор мардикорони бойи Сафедорон Мулло Қосимро дастгир намуда, ҳезуми тайёр намудаашонро кашида, худашонро зери шатаю шаллоқ гирифтанд. Дар чавоб Мулло Қосим сокинони маҳаллаи худро ба «ғазои худоӣ» даъват намуд. Сафедорониҳо бо чизи ба даст афтода мусаллаҳ шуда, ба деҳаи Паси Кӯҳ ҳучум карда, ба хонаҳои со- кинонаш даромада, дегу табақ ва дигар асбобу ускунаи хочагидориро шикаста, гунаҳгоронро лату кӯб намуданд. Пасикӯҳиҳо мачбур шуда, амон чустанд ва дигарбора ба ҳезумчамъкунии сафедорониён монеъгӣ намекарданд»[62]. Чунин мисолҳо кам нестанд.

Бояд қайд кард, ки дар баъзе мавридҳо чарогоҳҳои умумии ба деҳа наздики киштбоб ба сокинони деҳа (аксаран ба заминдорони калон) тақсим шуда ба мулки хусусӣ табдил меёфтанд[63]. Аз рӯи хулосаи му- тахассисон се роҳи ба моликияти хусусӣ табдил ёфтани заминҳои давлатӣ ва обшинавӣ («замини хосу ом») вучуд дошт: а) бо роҳи меҳнат карда киштбоб намудани замини санглоху корношоям; б) бо роҳи хариду фурӯши заминҳои давлатӣ ва обшинавӣ (оммавӣ) ба шах- сони алоҳида; в) бо роҳи ҳадя намудан барои ин ё он хизмат аз тарафи давлат (амир ё дар бекигариҳои дурдасти Бухорои шарқӣ бештар худи бек) ба амалдори давлати ё феодали маҳаллӣ[64]. Вале дар ҳар ҳолат ин замини ба мулки хусусӣ табдил ёфта аз андоз озод карда намешуд.

Дар ин масъала аз баъзе хусусиятҳои ба бекигариҳои Бухорои Шарқӣ хос бояд ёдовар шуд. Аз рӯи хулосаи мутахассисон дар раванди хусусигардони нисбат ба бекигариҳои қисми марказӣ ва шимоли- ғарбии аморати Бухоро бекҳои Бухорои Шарқӣ бештар ҳуқуқи мустақилона амал кардан доштанд. Дар бекигариҳои ба маркази амо- рат наздик ба иловаи беку амлокдор ва қозӣ, инчунин, намояндаи дав- лат (амир) ба амалиёти хариду фурӯши замин шарик мешуд. Дар Бухо-

рои Шарқӣ бошад, фақат беку амлокдор ин корро ба чо меоварданд. Дар бекигариҳои ба марказ наздик аввал ҳуччати зарурати хариду фурӯшро тартиб дода, пас бо ичозати намояндаи расмии давлат ин кор анчом меёфт. Дар Бухорои Шарқӣ, алалхусус дар Қаротегин ва Дарвоз бо як ибораи дар ҳуччат сабт шудаи бек: «додем» масъала ҳалли худро меёфт. Бар хилофи бекигариҳои марказӣ, ки дар ончо замини беоб би- сёр буду барои заҳмати коркарди он ҳавасманду харидор кам ёфт ме- шуд, дар шароити иқлими намноки баладкӯҳ замини лалмӣ ҳосили ба- ланд медод. Феодалон барои ба моликияти хусусӣ табдил додани ин заминҳо ҳавасмандии зиёд изҳор менамуданд. Беҳуда нест, ки дар солҳои охири асри XIX ва ибтидои асри XX дар вазъияти афзоиши муносибатҳои сармоядорӣ ва молию пулӣ ба таври оммавӣ ба моли- кияти хусусӣ табдил ёфтани қисми зиёди заминҳои давлатӣ (шаҳӣ ё мирӣ) дар бекигариҳои Қаротегину Дарвоз ба мушоҳида мерасид. Бек ва амлокдорон аз ин амалиёт даромади калон ба даст меоварданд. Ба- рои фош нашудани амали заминчаллобӣ ба қозӣ, муфтӣ ва дигар сар- кардагони дину шариат замин чудо мекарданд ё чанд хочагиеро ба си- фати танхо ба «тӯҳфа», саҳеҳтараш, ришва медоданд[65].

Гарчи аз безаминӣ мушкилӣ доштани деҳқонон дар ҳамаи қаламрави аморати Бухоро эҳсос мешуд, дар Бухорои Шарқӣ, алалху- сус дар бекигарии Дарвоз ин танқисӣ бештар эҳсос мешуд. Шароити танги кӯҳистон, дар чое, ки заминҳои киштбоби обӣ фақат дар соҳили Ванчобу Панчу Хингоб ва шохобчаҳои онҳо чой доштанду заминҳои лалмӣ дар баъзе аз талу теппаҳои доманакӯҳҳои отрофи наздику дури деҳот, табиист, талаботи деҳқонро ба замин, ба ин воситаи ягонаи зин- дагии чомеаи дар сатҳи асримиёнагӣ қарордошта қонеъ карда намета- вонист. Ба зами ин қисми асосии заминҳои ҳосилхез дар дасти феода- лони маҳаллӣ қарор дошта, амалдорони марказӣ бо сардории бек та- моми заминҳои «шоҳӣ» ё «мирӣ»-ро дар ихтиёри худ нигоҳ медош- танд. Ҳатто дар амлокдории нисбатан серзамини Сағирдашт шумораи деҳқонони камзамин ва безамин аз хонадонҳои таъминоти миёнаи за- мин дошта ба маротиб зиёд буд.

Аз рӯи маълумоти ба даст овардаи М.Р.Раҳимов зиёда аз 10% хонаводаҳо безамин буданд. Ин хочагиҳои гурӯҳи безамин аксаран та- моман бе чорво буда, қисме аз онҳо аз 1-2 сар чорвои майда зиёд на- доштанд. Ин гурӯҳи деҳқонон ба сифати батрак дар хочагии бойҳои маҳаллӣ кор карда, зиндагии қашшоқона мегузаронданд, ё ба мардикорӣ рафта, бо мушкилиҳои зиёде талаботи аз ҳадди ақал хеле пасттари рӯзгорашонро таъмин мекарданд.

Гурӯҳи дуюмро хочагиҳои камзамин ташкил медоданд, ки қисме аз онҳо на гови чуфту на олоти мукаммали (юғ, омоч ва ғайра) меҳнатро соҳиб буданд. Ҳамаи бойгариашон аз 3-4 сар чорвои майда беш набуд. Аз ин рӯ онҳо низ чун дигар батракҳо дар хизмати бойҳо буданд. Ин

гурӯҳи мардум гоҳо қарздор шуда он пораи замини дар ихтиёр дош- таашонро низ аз даст медоданд. Фақат қисми ками хочагиҳои камза- мин як сар ҳайвони корӣ (гови чуфт) 4-5 чорвои хурд ва аз 0,5 то 5-6 ман (ман-қариб 1 га) замин доштанд. Ҳангоми пеш омадани зарурати кишту кор ё шудгори замин аз якагови ҷуфти ҳамдеҳа ё хешонро бо навбат истифода мебурданд. Ин тарзи қӯш кардани гови ҷуфтро бо гӯиши маҳаллӣ алғов мегуфтанд.

Гурӯҳи сеюмро деҳқонони миёнаҳол ташкил мекарданд. Ин хоҷагиҳо ба чуфти гов, 40-50 сар чорвои майда ва то 10-14 ман замини кишт доштанд. Вале онҳо низ талаботи хоҷагии худро бемалол таъмин карда наметавонистанд. Онҳо дар ягон ҳолати тангдастӣ, аз чумла хушксолӣ, аз бой ё амалдор қарздор шуда, қисми заминашонро аз даст медоданд.

Ба гурӯҳи чорум бойҳо дохил мешуданд. Хоҷагии онҳо дорои 6-7 ҷуфт барзагов, 250-300 сар бузу гӯсфанд, 10-15 гови дӯшоӣ, якчанд сар асп, аз 30 то 45 ман замини кишт, олоти кори кишоварзӣ ва ғайра буд. Хоҷагии онҳо нисбат ба бойҳои қисми марказӣ ва шимоли-ғарбии амо- рат аз ҷиҳати иқтидори молу амвол дар дараҷаи пасттар қарор дошта бошад ҳам, вобаста ба шароити ҷуғрофию табиӣ ва камзаминии кӯҳистон дар муқоиса бо дигар тоифаҳои камбизоати иҷтимоӣ хеле сарватманд ба назар мерасиданд[66].

Вале ин ҳолат ҳаргиз маънои онро надорад, ки дар Дарвоз феодало- ни калон набуданд. Албатта, буданд, вале нисбат ба Ҳисору дигар бекигариҳои қисми марказии аморат хеле камтар. Аз рӯи маълумоти ба таври шифоҳи аз калонсолони шоҳиди замон ҷамъовардаи О. Маҷлисов заминдори калон аз деҳаи Найгуфти амлокдории Лоҷирг Муҳаммад Нӯъмон бий бо сарватмандии худ шӯҳрати зиёд пайдо карда буд. У ҳар сол бо аъзои оилаву бародарҳояш як маротиба бо тортуқи калон ба саломи (таъзими) амир мерафт. Тортуқи ин мулкдор аз мӯинаҳои қимат, ҷомаю хилъати пашмин, ҷӯробҳои бофти аъло, пис- таю бодом ва дигар навъи меваи хушк, як миқдор тиллои дар дарёи Хингов гурӯҳи тиллошӯёнаш ҷамъ оварда ва ғайра иборат буд. Амир ҳайати онҳоро хуб қабул намуда, вақти бозгашт ба ҳамаашон сару тани арзишманд инъом мекард. У аз худи амир рутбаи калони дарбории ишикоғобошӣ гирифта буд. Ин феодал ҳамроҳи хешони наздикаш қариб ҳама замину оби водии болооби Хингобро (Хингов)ро соҳиб шуда буд. Дар камари кӯҳи Замон ва дашти Варомунг ҳайвоноти мӯинадор парвариш мекард[67]. Н.А. Кисляков 50 хонавода (буна) дош- тани ӯро муайян намудааст[68]. Дигар мулкдори калони Дарвоз эшони Султон ҳисоб меёфт, ки ӯ замину хоҷагиҳои соҳилҳои қисми ҷанубии водии Хингобро соҳиб шуда буд. Ба зами ин дар Қаротегину Ҳисор низ хок (замин) дошт[69]. Одил Маҷлисов ва Назришо Латифов чун соҳибмулкони калони бекигарии Дарвоз Ҳокимбек, Саидбек, Хоҷа

додхо, Шогадо бийро номбар намудаанд. Ҳокимбек дар деҳаи Ҷорф 80 ман, дар Висхарв - 50 ман, дар Рузвай - 30 ман замин дошт, ки аз онҳо ҳар сол 300 - 350 паймона (1 паймона ба 2,5 пуд баробар аст) ғалла ва ҳамин қадар тути хушкондашуда мегирифт[70]. Сайидбек - яке аз феода- лони маҳаллӣ, ки ҳанӯз то давраи ба тобеъияти аморати Бухоро гузаш- тани Дарвоз аз чумлаи заминдорони ин шоҳигарӣ ҳисоб меёфт, баъди ба аморат ҳамроҳ намудани он бо роҳи мустақиман ба амиру бек риш- ва (дар шакли тортуқ) додан ҳудуди заминҳояшро бамаротиб васеъ кард. Дар охири асри XIX - ибтидои асри XX Сайидбек ва бародараш калонтарин заминдорони бекигарии Дарвоз ҳисоб меёфтанд. Сайидбек дар дасти худ 2 800 ман замини обӣ ва лалмиро нигоҳ медошт[71].

Раванди камзамин ва безаминшавии фуқаро дар охири асри XIX - ибтидои асри XX то рафт бештар суръат мегирифт. Шаклҳои бегонашавӣ ё ба дигар даст гузаштани замин гуногун буд. Аз диди му- таххасисон маъмултаринашон ба тариқи зайл сурат мегирифт:

а) ба мерос гузаштани замин;

б) хариду фурӯши замин.

Бояд қайд кард, боён бисёр кам замин мефурӯхтанд. Хатто агар за- рурати фурӯши заминашон пеш ояд, онро нисбат ба хочагиҳои камза- мин 2-3 маротиба қиматтар мефурӯхтанд. Фақирони камзамин баъзан дар ҳолати ноилочӣ монда (қарздорӣ, бо ягон баҳонае гунаҳкор кардан ва ғайра) мачбур мешуданд, ки заминашонро бо нархи ночизе ё ба ива- зи чизе аз даст диҳанд.

в) гарав мондани замин. Ин яке аз шаклҳои маъмули аз тарафи боён кашида гирифтани замини деҳқони камбағал буд;

г) ба истифодаи мувақатӣ (орият) додани замин. Дар бисёр мавридҳо пас гирифтани замин кӯшиши беҳуда буд. Шахси ба орият гирифта бо роҳи ришва додан ба бек ё амлокдор онро расман моликия- ти худ мегардонд[78].

Сохтори идоракунии феодалӣ, ки дар ҳамбастагӣ бо муносибатҳои патриахалӣ тарзи истисмори барои худ мувофиқро эчод карда буд, дар бекигарии Дарвоз бараъло ба назар мерасид. Онро дар нигаҳдошти чу- нин шакли истисмор, монанди «шарикӣ», «ҳашар» ва тарзи андозситонӣ равшан мушоҳида кардан мумкин аст.

Шиносоӣ бо ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва ичтимоии бекигарии Дарвоз воқеан бартарии пурра ва тақдирсози кишоварзиро дар рӯзгори марду- ми ин мулк собит месозад. Ба камзаминӣ, мушкилоти чуғрофию иқлимӣ нигоҳ накарда, сокинони меҳнатқарини ин диёри кӯҳсор ҳамеша худро бо маводи хӯрока то андозае таъмин мекарданд. Ба тақдири ин мардуми ба диёрашон ҳамеша ифтихор дошта, дар қитъаҳои хурди замини байни дараҳою кӯҳдомани соҳили шохобу шохобчаҳои тарафи росту чапи Панч, қариб тамоми навъи зироати ғалладона ва полезиро рӯёндан мумкин аст. Тачрибаи чандҳазорсолаи

зироаткорию чорводорӣ то андозае сайқал ёфтааст, ки бе муболиға он- ро санъати волои кишоварзӣ бояд номид. Зарурат мардумро водор со- хтааст, ки ҳар қадам чои барои зироаткорию боғдорӣ мувофику номувофиқ мавриди истифода қарор ёбад. Ибораи «замин сохтан» дар Дарвоз хатои лафзӣ нест. Дар ҳақиқат мардуми ин диёр мисли дигар ҳамсояҳои Помиру Бадахшон ба тамоми маънӣ замин месохтанд. Дар шароити асримиёнагӣ, вақте заминҳои нисбатан киштбоб дар дасти феодалони маҳаллӣ ва амалдорони марказӣ қарор доштанд, фуқаро мачбур буданд, ки хурдтарин ҳамвориҳоро то дарачае аз санг тоза кар- да, ягон навъи зироат мекоштанд.

Ба деҳқон лозим меомад, ки барои таъмини озуқаи оилааш ва пар- дохти андозу мачбуриятҳои сершумори феодалӣ тамоми сол бо меҳнати пурмашаққати кишоварзӣ машғул шавад. Гарчи дар шароити устувори хочагии натуралӣ дигар пешаҳои пешбурди рӯзгор, аз чумла касбҳои гуногуни ҳунармандӣ мавчуд бошанд ҳам, мавқеи марказии шуғли сокинони Дарвоз монанди дигар мулку бекигариҳои ҳамсоя зи- роаткорию чорводорӣ ташкил мекард. Ҳамчунин барои Дарвоз боғдорӣ аҳамияти ҳаётан муҳим дошт. Меваи хушк, алалхусус тут ва талқони серғизои он (тутпист) дар ҳолатҳои камчинии орд ба чои нон мавриди истеъмол қарор мегирифт.

Иқлими Дарвоз хеле ноҳамвор ба назар мерасад. Дар байни деҳаҳои пасти доманакӯҳ ва нисбатан миёнаву баландкӯҳ фарқи иклим 10-15 дарача ва баъзан аз ин бештар буда, вобаста ба талаби минтақа кишти навъҳои гуногуни зироат ба роҳ монда мешавад. Аз ин чиҳат Дарвоз дар баробари он минтақаҳои нодирест, ки қариб тамоми навъҳои зиро- атро рӯёндан мумкин аст. Ҳамин тавр ҳам буд. Мардуми меҳнатқарини водии Хингоб, дарёҳои Панчу шохобҳояш - дарёҳои нисбатан хурдта- ри Ванчу Язгулом, Пшихарву Курговад, Ҷорфу Хумбов ва ғайра, во- баста ба имконияту бардошти минтақавии иқлими диёр кишту кор, ва чи тавре ишора рафт, ҳарчанд ба ивази заҳмати ниҳоят вазнин бошад ҳам, қариб тамоми навъҳои зироатро рӯёнда, нафақат зиндагии хона- водаи хешро, балки, инчунин, пардохти андозу мачбуриятҳои миён- шикани фодалиро низ, бо мушкилии зиёд ҳам бошад, таъмин мекар- данд. «Зироаткорӣ - асоси зиндагии зодагони кӯҳистон аст, - менави- сад А.А.Бобринской, - вале ба ҳамаи заҳмати ӯ нигоҳ накарда, камии замин, парваришу нигаҳдошти шумораи на онқадар зиёди чорво, киш- ту кори навъи зироати гуногун (гандум, чав, боқило, лӯбиёгӣ, дар соҳили Панч - пахта, зағир, офтобпараст, канадона ё беданчир ва ғайра) талаботашро қонеъ карда наметавонад. Нарасидани гандумро аз ҳисоби харида ворид намудан аз Кӯлобу Қаротегин, қисман меваи хушк, алалхусус тут чуброн мекунанд».

Тибқи хулосаи ӯ зироаткорӣ талаботи аҳолиро таъмин карда наме- тавонист, аз ин лиҳоз барои дастоварди дигар воситаҳои хӯрокворӣ во-

дор месохт. Дар Дарвоз ба чуз водии Ванч дигар мавзеъҳо ба маводи иловагии ғизоӣ эҳтиёч доштанд[73].

Ин мушоҳидаи А.А.Бобринской ва боз чанде аз саёҳатчиёни рус, ки Ванчро ягона амлокдории худро аз маводи ғизоӣ пурра таъминкунанда номидаанд, маълумоти Гулшаниро оиди «зироат надоштани Ванч» бо- тил месозад. «Аҳолии ин қасаба (Ванч. - Ҳ.П.), - навиштааст Гулшанӣ,

- ҳама точиканд, зироат низ надоранд. Ҳар кадоми онҳо чанд адад буз доранд, бо шири онҳо иктифо (қаноат. - Ҳ.П.) менамоянд. Ва аз асчори мусмира (дарахти самардор. - Ҳ.П.) ва мевачот дар ин чо сивои ашчори тут чизи дигар мавчуд нест. Ва ҳар кадоми онҳо чанд дарахти маъдуд дар тарсеи чаҳобоғи соири булдон ва амсори мустамликаи худ доранд ва каси дигар(ро) аз он истифода бурдан мумкин нест. Дар мавсими тоби- стон меваи онро хушк карда мемонанд ва дар ҳангоми барфу сармо онро сабаби маош менамоянд ва аз он меваи хушк сади боб чӯъ (гуруснагӣ. - Ҳ.П.) менамоянд. Бо истилоҳи аҳолии он чо онро тутпус меноманд ва дар Бухорои Шариф онро тутмавиз мегӯянд. Ва ҳангоми сармову зими- стони ин чо тӯлонӣ аст, дар аксари сана нузули барф мавчуд аст. Ҳар сол се моҳ фурсати тобистону гармо дорад. Аҳолии ин чо лиҳозо дар камоли фақранд. Зару сим дар ин чо ҳукми анқоро дорад... Ва баъзе мардумони ба сини шайхухат расидаи онҳо сикаву мӯҳри тиллоро нади- даанд ва баъзе хариду фурӯхти худҳо муоваза менамоянд. Ва ин қитъа аз шаҳру маркази ҳукумати Дарвоз даҳрӯза роҳ аст ба одами пиёда (ин масофа ҳамагӣ 100 км буда, пиёда аз ду рӯз камтар вақт сарф мешавад. - Ҳ.П.). Ва дар он чо аспу саворӣ низ нест, аз сабаби суубати роҳи он, ки дар он чо ба саворӣ рафтан мумкин нест. Ва ин қитъа наздик аст ба ви- лояти Сарикули тавобеи Тибету Хитой ва наздик ба вилояти Дашти Олой тавобеи Русия (куллан нодуруст. - Ҳ.П.) Ва чамъиятиончо тахми- нан панч ҳазор хонавор мавчуд аст. Ватан аз буюти (хонаҳо. - Ҳ.П.) онҳо ва маскани онҳо ҳама омода аз санг аст»[74]. Зарурияти овардани чу- нин иқтибоси тӯлонӣ ва таҳлили он, аз диди мо барои хонандаи дигар минотиқи аз ҳақиқати ҳол ноогоҳу маълумоти Гулшаниро чун маъхази эътимодбахт қабулкунанда зарур аст.

Ба касони аз ҳақиқати ҳол дар он замон ва имрӯз огоҳ пӯшида нест, ки аз ҳисоби майдони кишт ва ҳосилнокии замин Ванч ба дигар амлокдориҳои на фақат Дарвоз, балки аз тамоми минтақаи Помиру Ба- дахшон бартарӣ дошт. Дар қисми Ванчи боло, ки замини чарогоҳи кофӣ дорад, сокинонаш соҳиби чорвои (гов, бузу гӯсфанд) талабота- шонро пурра таъминкунанда буданд. Беҳуда нест, ки ҳамаи муҳаққиқони рус, ки бо амлокдории Ванч шиносоии амиқ доштанд, онро чун «макони ғаллаи Дарвоз» («житница Дарваза») муаррифӣ на- мудаанд. Аз чумла А.К.Разгонов, ҳангоми саёҳати худ дар Бухорои Шарқӣ ва Помир ба чунин хулоса расидааст, ки «водии соҳилҳои дарёи Ванч хеле васеъ буда, роҳҳояш барои боркашонӣ бо ҳайвоноти боркаш

хеле муносиб мебошад. Водии Ванҷ аз зисти осудаҳолонаи аҳолиаш ба кас таасуроти хуб мебахшад»[75].

Дар ин мавзеъ ба иловаи тут қариб ҳамаи анвои дигари меваи дар Бухоро маълум мерӯяд. Дуруст аст, ки тут ва талқони он - тутпист ва дигар меваҷот дар шакли хушку тар чун маводи ғизоӣ зиёд истифода мешуданд, вале ин ҳаргиз чунин маъно надорад, ки тутпист ягона ғизои мардум бошад. Ин маълумоти Гулшанӣ дар қатори маълумотҳои дигараш ба он гувоҳӣ медиҳад, ки бисёр маълумоти дар китобаш ҷой дода маҳсули мушоҳидаи бевоситаи ӯ набуда, аз бофтаи хаёлоташ беш нест. Уро дар қатори «чуғрофияшиносони намоён» муаррифӣ намудан низ ба ҳақиқат рост намеояд.

Агар касе ба ин шубҳа дошта бошад, боз як мисоли мушаххас аз мавқеи ҷуғрофии Ванҷ, ки онро муаллифи «Таърихи ҳумоюн» муайян кардааст, меорем: «Қасабаи Ванҷ, - менависад ӯ, - ба тарафи шарқии Дарвоз, ба таҳти ақабаи Боми Дунё воқеъ аст ва дар он ҷониб манбаи дарёи Омуя ва Ҷайҳун ва онро чашмаи Панҷ мегӯянд, аз қуллаи шоми- хи кӯҳи Боми Дунё набаъон менамоянд. Аз андак масофат панҷ чашма ба як ҷо ҷамъ мешавад ва ғарбан чараён менамояд ва онро чашмаи Панч мегӯянд ва он қасабаро Ванч меноманд, ки он муҳаррифи Панч аст. Оби аввали наҳри Ҷайҳун ҳамин аст»[76]. Аз ин гуфтаҳо шарҳи но- дурусти чуғрофӣ додани муаллифро мушоҳида кардан мушкилие на- дорад. Агар Гулшанӣ худ бевосита водии Ванчро медид, медонист, ки ба истиснои Водхуду Пшихарв, ки дар соҳили рости Панч ва Язгулом, ки дар водии шохоби тарафи рости Панч - дарёи Язгуломиоб чойгиранд, Ванч дар ду соҳили яке аз шохобҳои калони тарафи рости Панч - Ванчоб чой дораду аз қадим бо ҳамин ном маълум будааст. Чу- нин иштибоҳҳо дар китоби мазкури ин муаллиф хеле зиёд ба назар ме- расанд.

Дар Дарвоз навъҳои зироати хӯшадор, монанди гандум, чав, арзан, қуноқ, чуворӣ; лӯбиёгӣ: нахӯд, лӯбиё, мош, наск, мушунг, мулк ва боқило рӯёнда мешуд. Аз анвои сабзавот бошад, лаблабу, сабзӣ (зар- дак) ва пиёз дар ҳамаи минтақаҳо парвариш мекарданд. Ҳамчунин намудҳои гуногуни зироати полезӣ, аз қабили харбуза, тарбуз, боди- ринг, каду дар ин диёр хеле нағз рӯида парвариш меёфт.

Боғдорӣ яке аз шуғлҳои табии мардуми Дарвоз ҳисоб меёфт. Дар ин диёри биҳиштосо, дар чое, ки камтарин хоку имконияти сабзиши да- рахт бошад, дарахти мевадиҳандаю бемеваи худрӯй ё боғу роғи бо заҳмат обод намудаи мардуми меҳнатқарин ба назар мерасад. Дар Дар- воз чунин анвои дарахтони мевадор аз қабили: анор, анчир, ангур, бо- дом, гелос, зардолу, каён, муруд (амруд ё амрӯт), нашпотӣ, нок, олу, олуча, олуболу, санчид (чигда), себ, тут, чормағз, шафтолу нағз парва- риш меёбад. Дар бораи мевачоти Дарвоз сухан ронда, аз ду хусусияти он бояд ёдовар шуд: а) ҳар навъи меваи номбаршуда дар навбати худ

зернамудҳои хеле зиёде дорад. Фақат зардолу дар ду деҳаи Водхуду Язгуломи Ванч аз рӯи гуфти деҳконони асил зиёда аз 30 навъ дошта- аст. Ин мисолҳоро нисбати мевачоти дигар амлокдориҳои Дарвоз низ овардан мумкин аст; б) дарахтони мевадиҳандаи дар шароити иқлими Дарвоз парвариш ёфта, гарчи нисбат ба водиҳо дертар ба ҳосил мера- санд, умри зиёде дида, баъзан зиёда аз як аср ва аз ин ҳам беш аз ҳосил намемонанд. Дар ин минтақа то имрӯз дарахтони туту зардолу ва чормағзу анчире ҳастанд, ки 3-4 насли мардум аз меваашон баҳравар шудаанд.

Доир ба навъу ҳачми маҳсулоте, ки аҳли заҳмати Дарвоз ба даст ме- овард, маълумоти мухталифе боқӣ мондааст, ки дар мачмӯъ барои ши- носоии сатҳи ҳам бошад, имкон медиҳад. Мутахассиси ҳарбии рус, ки дар ибтидои асри XX бо шароити Дарвоз шиносии бевосита пайдо кар- да буд, қайд намудааст, ки майдони умумии ин бекигарӣ 2,5 ҳазор вёр- ста ё чақрими (вёрста ба 1, 06 км баробар аст) мураббаъро ташкил ме- кард[77]. Аз руй маълумоти ҳукуматии Ҷумҳурии Шӯравии Халқии Бу- хоро дар ибтидои асри XX масоҳати умумии Дарвоз ба 1 422 188 таноб (як таноб ба 1/4 гектар баробар аст) рост меомад[78]. Бояд қайд кард, ки ҳар ду маълумот ба замони баъди муторакаи сарҳадии Русияю Англия, ки қисмати чапи дарёи Панч ба Афғонистон гузашта буд, тааллуқ до- ранд. Яъне ин рақам нисбат ба сатҳи ҳудуди пеш аз соли 1895 Дарвоз камтар мебошанд.

Пурра ва бехато муайян намудани масоҳати умумии замини кишт низ хеле мушкил аст. Дар шароите, ки маълумоти оморӣ чун кисми таркибии талаботи давлатдорӣ дар системаи идоракунии аморати Бу- хоро қабул нашуда буд, ҳалли амиқи масъаларо ёфтан ниҳоят мураккаб аст. Агар ҳатто кӯшише дар ин самт мешуд, онро тарзи анъанавии андозситонӣ, албатта, халалдор мекард. Кӯшиши кам нишон додани замини кишт на фақат аз тарафи деҳқонон, инчунин, аз тарафи амалдо- рон низ ба назар мерасид. Ба марказ аз будаш кам маълумот дода, аз он қисми ба рӯйхати замини кишт нагузашта, ба нафъи худ андоз месито- ниданд.

Дар маълумоти омории комиссияи расмии ҳукумати Русия, ки зери роҳбарии К.К. Пален дар Туркистон гузаронида шуд, дар бораи амора- ти Бухоро низ баъзе рақамҳо омадааст. Мувофиқи он дар Бухорои Шарқӣ имконияти ба кишт тайёр намудани 1 250 ҳазор десятина (андо- заи русии масоҳати замин. 1 десятина ба 4 таноб ё 1, 09 гектар баробар аст) будааст. Вале аз он фақат 840 ҳазор десятина кишт карда мешуду халос[79]. Албатта, ин мутахассис дурнамои имконияти кишоварзиро дар назар доштааст. У ишора ба он дорад, ки дар ҳолати маблағгузрии зарурӣ ва сохтану ба кор андохтани иншооти обёрӣ боз 410 ҳазор за- минро ба кор андохтан мумкин аст. Вале ин имконият ҳеч гоҳ ба гӯшаи хаёли амир ва маъмурони он наздик намешуд.

Аз рӯи ҳисоби муҳандиси рус Ю.А. Пославский, ки ба соли 1917 рост меояд, бекигариҳои Қаратегину Дарвоз якчоя 200,4 ҳазор десяти- на замини фаъоли кишт доштаанд. Аз ин миқдор 54,6 ҳазораш зимини обӣ ва 145 ҳазор лалмӣ буд[80]. Бояд қайд кард, ки дар Дарвоз, аз сабаби камчинии замин камтарин имконияти заминазхудкуниро истифода ме- бурданд. Бо ин сабаб ҳато хурдтарин порчаи замини аз истифода берун мондаро ёфтан ниҳоят душвор буд. «Дар ин чо (Дарвоз - Ҳ.П.), - ме- нависад Б.Л. Громбчевский, - бар хилофи Вахш ва Қаротегин, хар як порчаи замин кишту ҳосилаш оличаноб парвариш меёбад»[81]. Дар ин чо ба маънии том заминдорони калон ба назар намерасиданд[82]. Оилаи иборат аз 6 нафар дар як сол то 100 пуд орд истеъмол мекард[83]. Дар Дарвоз то марзбандии соли 1895 як млн пуд ғалла истеҳсол мешуд[84], ки ин ба 16 ҳазор тонна баробар меояд. Агар онро ба аҳолии Дарвоз тақсим кунем, онгоҳ ба сари ҳар кас қариб 300 кг мерасид. Вале бо та- ассуф бояд қайд кард, ки аз ин миқдор камаш 70% сарфи андози давла- тию мачбуриятҳои феодалӣ мешуд.

Чи тавре зикри он рафт, чорводорӣ низ яке аз соҳаҳои муҳимми таъминкунандаи зиндагию рӯзгордории мардуми кӯҳистон ҳисоб ме- ёфт. Шароити сахти кӯҳистон, нарасидани алафу дигар навъҳои хӯроки ҳайвонот имкон намедод, ки ин соҳаи муҳимми хочагидорӣ чун соҳаи сердаромад равнақ ёбад. Ба ин ҳолат тангии, аниқтар набудани бозору муносибатҳои савдо сабаб мешуд мекард. Равнақи чорводорӣ дар та- моми бекигарӣ як хел набуд. Дар амлокдориҳои Сағирдашту Тавилда- ра ё дар қисми Ванчи Боло, ки нисбатан барои нигаҳдории чорво ба чиҳати фаровонии алаф шароит мусоидтар буд, табиист, сокинони ин минтақаҳо бештар чорво нигоҳ медоштанд. Дар ин чойҳо баъзе аз дав- латмандон 400 ва аз ин бештар бузу гӯсфанд, 12-14 барзагови чуфт, 8- 10 сар асп, 7-8 модагови дӯшоӣ, 2-3 маркаб ва мурғи зиёде парво ме- карданд[85]. Дар дигар минтақаҳои камалаф бошад, аз ин миқдор хеле камтар чорво нигоҳ дошта метавонистанд.

Чорводорӣ нафақат мардумро бо маводи ғизо таъмин мекард, инчу- нин қисми асосии пӯшоки гарму пайафзоли кӯҳистониён (чоруқ, ху- мак, мӯкӣ, маҳсӣ ва ғайра) аз маҳсули он тайёр мешуд.

## НИЗОМИ АНДОЗСИТОНӢ

Ҳайати сершумори амалдорон ва ашхоси вазифадор дар аморати Бухоро барои аҳолии меҳнаткаши шаҳру деҳот бори ниҳоят гарон буд. Тамоми амалдорону дастгоҳнишинони онҳо, ки дар боло ишора рафт, аз давлат ҳеч гуна музд намегирифтанд ва ба даромади аз аҳолӣ беин- софона ситондашуда зиндагӣ мекарданд. Ба ақидаи Д.Н.Логофет маъмурияти Бухоро, ки дар системаи иқтоъ тарбият ёфтааст, бо тамо-

ми чидду чаҳд ба зудтар бой шудан мекӯшад[86]. Аз бек сар карда то амалдорони охирин - чомапӯшон ҳамаро тороч мекунанд, ки аз ин са- баб аҳолии камбағалу бенаво дар ҳар музофот қудрати андоз додан на- дорад[87].

Дар хусуси андозбандӣ ва андозгирӣ ҳаминро қайд кардан лозим аст, ки андози хироч, закот ва дигар андозҳо ба қоидаҳои шариат мувофиқат намекарданд ва ба салоҳдиди ашхоси амалдор комилан во- баста буданд. Тақрибан ҳамаи сайёҳон ва муҳаққиқон беадолатии аз андоза беруни амалдоронро дар хусуси андозгирӣ мушоҳида кардаанд. И.И.Гейер дуруст қайд кардааст, ки вазифаи асосӣ ва марказии бек чамъоварии андозҳо буд[88].

Оиди танзими андоз ягон қонуне вучуд надошт. Қоидаҳои шариатии андоз мавчуд бошанд ҳам, онҳоро сарфи назар намудан барои маъму- рини аморат ва амалдорони бекигарӣ мушкилие эчод намекард.

Ҳачми андозҳо, усули ситондани онҳо дарачаи истисмори аҳли заҳматро айён иникос карда, сатҳи зиндагиро муайян менамояд ва ба тезу тунд шудани зиддиятхои ичтимоӣ муносибати бевосита дорад. Албатта, ин масъаларо муфассалтар таҳлил намудан бамавқеъ мебуд, вале қабл аз ҳама, ба маълумоти муҳаққиқони рус, ки шоҳиди бевосита буданду амалиёти ашхоси чамъкунандаи андозҳо ва қоидаи умумии андозгириро дар Бухорои Шарқӣ мушоҳида намудаанд, истинод кар- дан лозим меояд.

Маҳдудияти назар ва нодурустии мавқеъҳои методологӣ ба муҳаққиқон имкон надодааст, ки моҳияти ичтимоии андозҳо, пайдоиш ва такомули онҳоро вобаста ба инкишофи чамъияти синфӣ ошкор на- моянд. «Характери чамъоварии андозҳо, - менависад М.А. Варигин, - бештар ба мукофоти ҳарбӣ шабоҳат дорад, на ба амали олиҳимматонаи хӯчаин»[89].

Шариат чунин шаклҳои андозро раво медонад:

а) хумс - андози мулки хусусӣ (панчяки даромад);

б) закот - маблағе, ки мувофиқи шариати ислом бояд аз ҳар навъи даромад ва доройӣ ба нафъи қашшоқону фақирон дода мешавад;

в) закот ал-фитр - андозе, ки баъди адои моҳи рамазон барои камбағалу бенавоён дода мешавад;

г) садақа - пул ва чизе, ки ба фақирон ва бенавоён чун хайрот дода мешавад;

д) чизя - андозе, ки дар мамлакатҳои мусулмонӣ аз ғайри мусулмо- нон ситонда мешуд;

е) хироч (хароч) - андоз аз замин ва маҳсули он, андози сарикасӣ;

ё) ушр - андози маҳсулоти замин (даҳяк)[90].

Дар асарҳои тадқиқотчиёну муҳаққиқони рус, ки аз хусуси андозҳо сухан меравад, номи «хумс» чун яке аз анвои андозҳо во намехӯрад. Ин навъи андозро онҳое бояд медоданд, ки даромадашон аз

харочоташон бештар буд. Хумс, мувофиқи қоидаи шариат, аз ҳафт на- въи молу мулк ва даромад ситонда мешуд: 1) аз музди меҳнат; 2) аз конҳо; 3) хазинаҳо; 4) аз молу мулке, ки бо роҳи қонунӣ ба даст даро- варда шудааст; 5) аз чизҳои гаронбаҳо; 6) аз ғанимати ҳарбӣ. Дар ин чо бояд аз як чиз ёдовар шуд. Ислом, аз як тараф, чангро маҳкум кунад, аз тарафи дигар, ба даст овардани ғанимати чангӣ ва аз он пардохти ан- дозро қонунӣ карда, бо ин амал чангиданро низ чун амри воқеъӣ дар назар дорад; 7) аз замине, ки мардуми ғайри ислом аз аҳли мусулмон мехаранд[91].

Чи тавре дида мешавад, баъзе аз ин анвои молу мулк ва даромадҳо дар шароити Бухорои Шарқӣ набуданд ва ба муҳаққиқони рус мушоҳидаи чиддӣ бурдану рафти ситондани хумсро ба ҳисоб гирифтан хеле душвор буд. Онҳо шояд ин навъи андозро аз дигар андозҳо чудо карда натавонистаанд. Вале академик Б Ғафуров возеҳ нишон додаст, ки дар бекигарии Ҳисор деҳқонон барои истифодаи заминҳои обӣ хумс, яъне панчяки ҳосилотро ва аз заминҳои лалмӣ ушр - даҳяки ҳосилотро медоданд[92]. Дар хусуси закот-ал фитр ва садақа маълумот тақрибан оварда намешавад. Ин навъи андозро ҳисоб кардан ҳам ниҳоят душвор буд.

Муҳаққиқони рус ба закот, ки дар системаи андозситонии давлатҳои мусулмон мавқеи муҳимро ишғол мекунад, бештар диққат додаанд. Шариат чизҳои аниқро, ки аз онҳо закот ситондан мумкин аст, дар на- зар гирифта муайян кардааст ва ҳамаи мусулмонони эътиқодманд - дорандагони манбаъҳои даромад (замин, об, осиёб, чорво, савдо), ба ғайр аз касалмандону қарздорон бояд дар чаҳорчӯбаи талаботи он қоида амал намоянд. Барои закот аз чорвои калон шариат чунин қоидаро муайян намудааст: аз 5 то 25 уштур барои ҳар як панчтоиаш - як буз ё як гӯсфанд, аз 26-35 сар уштур як уштури дусола, аз 36-44 - як уштури сесола, аз 45-60 - як уштури чорсола, аз 61-75 - як уштури панчсола, аз 76-90 - ду уштури дусола, аз 91-120 - ду уштури дусола, аз 121 зиёд - аз ҳар чил уштур як уштури сесола. Агар ҳисоб аз рӯи 50 равад, пас аз ҳар 50 уштур як уштури чорсола закот дода мешуд. Шу- тури барои ичрои закот пешниҳод шуда бояд мода бошад. Гарчи ин навъи ҳайвонот дар шароити Бухорои Шарқӣ кам ба назар мерасид ва дар Дарвоз қариб тамоман набуд, чун дар радифи анвои андоз чой до- рад, лозим донистем, ки аз ин ҳайвони барои арабҳои кӯчӣ маъмул сарфи назар накунем.

Барои гову бузу гӯсфанд шариат чунин қаидаи пардохти андозро муайян намудааст: барои 30 сар гов - як гӯсолаи ду сола ё барои 40 сар гов - як гӯсолаи сесола, аз 60 сар гов - ду гӯсолаи сесола; ҳамин тариқ, аз рӯи 30 ё 40 сар чорво закот ситонда мешавад. Барои бузу гӯсфанд бошад, чунин закот муқаррар шудааст: аз 40 сар гӯсфанд (ё буз) - як сар гӯсфанд (ё буз), агар миқдори ин навъи чорво аз 40 сар кам бошад,

мувофиқи шариат закот ситонда намешавад; аз 121 сар гӯсфанд - ду гусфанд, аз 201 гӯсфанд - сето, аз 301 - чорто ва ҳамин тавр аз ҳар 100 сар яктоӣ гӯсфанд ё буз закот ситонда мешавад. Дар савдо закот ҳамон вақт ситонда мешавад, ки агар 40 танга дар як сол 200 танга афзоиш диҳад. Дар он сурат соҳиби пул вазифадор аст, ки аз ҳар 20 танга як танга закот диҳад. Нисбат ба андози замин (ҳироч) ва ушр низ чунин қоидаҳо мавчуданд.

Шариат аз 9 навъи маҳсулот андоз гирифтанро тавсия додаст, ки чунинанд: 1) гандум, 2) чав, 3) хурмо, 4) ангур ё мавизи он,5) тилло, 6) нуқра, 7) уштур, 8) гов, 9) бузу гӯсфанд.

Фарқи байни андози закот ал-фитр (фитри рӯза) ва садақа дар он аст, ки миқдори пардохти аввалинро шариат нишон додаст. Мувофиқи он аз ҳар аъзои болиғи оила бояд охирин рӯзи моҳи рамазон ба миқдори як саа (ба 3 кг гандум ё арзиши он баробар аст) барои эҳтиёчмандон дода мешавад. Садақа бахшидан бошад, ихтиёрӣ буда, пурра ба ҳиммати садақадиҳанда ҳавола мешавад[93].

Маълумоти муалифони тоинқилобиро бо қоидаҳои шариат оиди си- тондани закот муқоиса карда, боварӣ ҳосил кардан душвор нест, ки дар Бухорои Шарқӣ, аз чумла дар бекигарии Дарвоз ин қоидаҳои андозситонӣ дағалона вайрон карда мешуданд. Аксарияти муаллифони рус фақат дар хусуси андозҳое навиштаанд, ки худашон шоҳиди си- тондани онҳо будаанд ё дар ин бора маълумоти муфассал гирифтаанд. Шиносоӣ бо маъхазҳои дастрас ба хулосае меорад, ки навъҳои андоз дар тамоми бекигариҳо якхела набуда, фарқияти чашмрас доштааст. Гарчи маълумоти боқӣ гузоштаи тадқиқотчиёни тоинқилобии рус дар бораи тамоми анвои андозҳо далели пурраву раднопазир буда намета- вонанд, амали наҳси маъмурону заминдорон ва хусусияти ғоратгаронаи андозҳоро хеле воқеъбинона инъикос кардаанд.

Тибқи маълумоти ба табъ расонидаи Г.А. Арандаренко, ки ба солҳои 80-уми асри XIX таaллуқ доранд, дар бекигарии Қаротегин ба андозаи даҳяк ҳиссаи зироати ғаладона ва ба миқдори умумӣ 75 ҳазор ботман (як ботман ба 8 пуд баробар буд) ё ба ҳисоби пул 30 ҳазор сӯм, 10 740 сар бузу гӯсфанд (ҳар сар ба арзиши як сӯм) ё 10 740 сӯм ва 3 ҳазор аз заршӯӣ (истеҳсоли тилло) хироч ситонда мешуд. Дар Дарвоз бошад, 25 ҳазор ботман зироати ғалладона (ба ҳисоби пул 20 ҳазор сӯм), 6 ҳазор сар бузу гӯсфанд (6 ҳазор сӯм), аз заршӯӣ 5 ҳазор сум хироч ситонда мешуд. Ғайр аз ин 1/ 20 ҳиссаи ҳосилоти тут барои ан- доз рӯёнида мешуд. Ҳамагӣ дар Қаротегин андоз 43 700 сӯм, дар Дар- воз 31 000 сӯмро ташкил медод. Муаллиф қайд кардааст, ки аз ин миқдори андоз 3/4 ҳиссааш барои ҳокимияти маҳаллӣ ва хизматгузо- рони онҳо дода мешуд. Вале ин ҳисоби ӯ аз диди мо пурра буда наме- тавонад, чунки амалдорони маҳаллӣ ҳама вақт миқдори андозро аз бу- даш ба маротиб кам нишон дода, зиёдатиашро азхуд мекарданд. Инак,

аз рӯи ҳисоби ин муаллиф, ба хазинаи амир аз Қаротегин 10 ҳазор сӯм, аз Дарвоз 6 ҳазор сӯм даромади холис ворид мешуд.

Пас, маблағи нишондода нисбатан кам ба назар мерасад. Вале агар ба ин харочоти тортуқ (пешкаш)ро зам кунем, онгоҳ маълум мешавад, ки ба хазинаи амир маблағи хеле калон аз ҳисоби ин ду бекигарӣ ворид мешуд. Масалан, беки Қаротегин ҳар сол камаш ду-се бор ба амир инъом ё тортуқ пешкаш мекард, ки он аз 9 бӯғча (дар ҳар бӯғча нӯҳтои хилъати арзишашон то 100 сӯм, 9 асп бо зину афзоли қиммат, 2-5 гов- меш ё қӯтос, як халта тангаи нуқраи бухории - арзишаш аз 4 то 10 ҳазор сӯмина иборат буд. Арзиши умумии тортуқ 10-15 ҳазор сӯмро ташкил медод[94].

Ба назар гирифтан лозим аст, ки ин далелҳо ба ибтидои солҳои 80- уми асри XIX мансубанд. Он вақт системаи андоз дар Дарвоз ва Қаротегин қариб батамом дар ҳамон дарачаи пеш аз ҳамроҳ кардан ба аморати Бухоро нигоҳ дошта шуда буд. Минбаъд ҳачми андозҳо мут- тасил меафзуд. Дар ин хусус маълумоти муаллифони баъдина шаҳодат медиҳанд, алалхусус чунин далел, ки агар беки Дарвоз аввали солҳои 80-ум аз пешниҳоди тортуқ озод бошад, пас дар охири солҳои 80-ум (соли 1889) Б. А. Громбчевский ба Дарвоз сафар карда, тортуқ бурдани бекро мушоҳида кардааст. Тибқи маълумоти ӯ бек ҳар сол, вақти ба Шаҳрисабз омадани амир ба зиёраташ рафта камаш 7 асп бо зину аф- золи қиммат, 7 бӯғча (ҳар кадом иборат аз 9 сару по либоси барои амир муносиб) тортуқ мебурд[95].

Маълумоти капитан Кузнетсов, ки ситондани андозро дар Дарвоз инъикос намудаанд, хеле чолиб мебошанд. У қайд намудааст, ки андоз дар ин бекигарӣ аз хироч иборат мебошад ва 1/10 ҳиссаи ҳосил бо маблағи беш аз 200 ҳазор тангаро медиҳад[96]. Закот, яъне андоз аз савдо ва чорво дар ин бекигарӣ аслан вучуд надорад. Сабабаш эҳтимол аз набудани муносибатҳои мӯътадили тичоратӣ, аниқтараш, ниҳоят суст будани муносибатҳои молию пулӣ ва нисбатан кам будани саршумори чорво бар меояд. Аз тарафи дигар, мувофиқи далели муаллифи мазкур, чунин навъҳои андози ғайриқонунӣ ва аз тарафи амир муқаррарнашуда мавчуд буданд: дудона - аз ҳар ҳавлӣ ду матои арзишаш 80 тинӣ, ки андозаи ҳар яке 12 газ (ченаки дарозӣ, як газ - тахминан 91,5 см) ги- рифта мешуд. Агар матоъ набошад, ба чояш як буз (Вахёи Боло); шӯра
- аз ҳар хонавода як порча матоъ ба чои борут барои милтиқ; таноби (пилтаи) милтиқ - аз ҳар хонавода як матоъ (дар замони шоҳӣ ин андоз ба 7 оршин (1 оршин ба 72,12 см баробар буд) барои таноби (пилтаи) милтиқ; мирдархонӣ (мири дари хона) - андоз барои анвои ғайриманқул, ҳар деҳа (қишлоқ) бояд 12 порча матоъ медод[97].

И.И. Гейер маълумоти Кузнетсовро тасдиқ карда, андешаҳои хешро нисбати назорати чиддии ҳокимият ва қоидаҳои ситондани андозро дар аморат иброз доштааст. Аз рӯи гуфтаҳои ӯ, бекҳо одатан ба амир дар

бораи масоҳати замини кишт ва ҳосил маълумот медоданд. Мавридҳое буданд, ки маълумотро худи амир ба воситаи амалдорони салоҳиятдораш тафтиш мекард. Ҳосили ба ҳисоб гирифташударо ба миқдори 1/10 ҳиссаи даромади умумӣ андоз мегузошт. Деҳқонон то ғаллаи кӯфтаро тафтиш кардани амлокдор ҳуқуқи фурӯхтан надош- танд. Ба ҳар як хӯчаин ҳуқуқи бо пул ё маҳсулот чамъ овардани андоз дода мешуд. Андозро бекҳо бо маҳсулот мегирифтанд ва амалдорони мӯътамади амир онро ба харидорони пешниҳодкардаи бекҳо фурӯхта пул мекарданд[98].

А.А. Семёнов ҳангоми сафараш ба аморати Бухоро (охири солҳои 90-уми асри XIX) он ҳақиқатеро мушоҳида карда буд, ки бекҳо ҳар сол мебоист ба қӯшбегӣ аз 6 то 10 лак (як лак - сад ҳазор) андоз медоданд. Илова бар он, ин андоз бояд на бо тангаи амирӣ, балки бо пули русӣ дода мешуд[99], ки он ба 16 ҳазор сӯми русии арзиши ҳамонвақта баро- бар буд.

Сиёсати андозситонии маъмурияти Бухоро дар мисоли бекигариҳои Бухорои шарқӣ дар очерки ҳарбӣ-чуғрофии А.Е. Снесарев возеҳ инъи- кос ёфтааст[100]. Маълумоти ӯ оиди масъалаи мазкур аҳамияти махсус доранд. Аввалан аз он сабаб, ки муаллиф кӯшидааст, ба таърихи пай- доиши ин андозҳо хуб диққат дода, тағъйироти аз замони Муҳаммад Пайғамбар (с) то давраи нав дар системаи андозситонӣ ба амал омада- ро баррасӣ кунад, сониян, тарзи ситондани андозҳои мухталифро аз меҳнаткашони Бухорои Шарқӣ дар аввали асри XX равшантар тавзеҳ диҳад.

А.Е. Снесарев тағйиротро дар ситондани закот тафсир дода, зикр мекунад, ки асрҳои охир аз амволи ғайриманқула закот ситонда нашу- да, фақат аз рамаи чорво ситонда мешавад ва ҳоло қонунҳои закот хеле кӯҳна шудаанд ва мазмуни ибтидоии худро гум кардаанд. Ғайр аз ин онҳо бо хоҳиши ҳоким тез-тез тағйир меёбанд. Муаллиф қайд мекунад, ки дар Бухоро закот аз он сабаб на бо мол, балки бо пул ситонда ме- шуд, ки ҳукумати Бухоро хеле барвақт нархи гӯсфандро 33 танга (4 сӯму 94 тин) ва бузро 18 танга (2 сӯму 70 тин) муқаррар карда буд (пештар ишора рафта буд, ки дар солҳои 80-ум дар Қаротегину Дарвоз гӯсфанду буз ҳамагӣ як сӯм арзиш доштанд).

Закотчӣ пули закотро аз ҳамаи амлокдориҳо чамъ намуда ба бек ме- супурд. У дар навбати худ онҳоро ба хазинаи амир интиқол медод. Муаллиф қайд мекунад, ки набудани ягон назорат, дурустии маблағи аз хирочу закот чамъ овардашуда куллан ба вичдони бекҳо вобастагӣ дошт. Онҳо барои бевосита дар амалиёти андозғундорӣ иштирок наму- дан ҳавасманд буданд. Оиди масъалаи хироч бошад, А.Е. Снесарев кайд мекунад, ки дар Бухоро он ба ҳамон андозае, ки шариат муқаррар карда буд, боқӣ мондааст, яъне заминдор аз ҳосили замини обёриша- ванда аз панч як ҳисса ва лалмӣ - аз даҳ як ҳисса хироч медиҳад[101].

Хироч на бо маҳсулоти истеҳсолшуда, балки бо пул дар давоми зими- стон аз рӯи маълумотномаи нархҳои бозор, ки амири Бухоро тасдиқ мекард, чамъ оварда мешуд.

Дар баробари хироч дигар андозҳои ғайриқонунӣ, ки шариат пешбинӣ накардааст, ситонда мешуданд. А.Е. Снесарев дуруст қайд мекунад, ки ин андозҳо аз сохтори маъмурияти хонии Бухоро пайдо шудаанд, ки дар он ашхоси маъмур аз ҳукумат ҳеч гуна музд намеги- рифтанд ва аз ҳисоби аҳолӣ рӯз мегузарониданд. Як қатор андозҳо бо ин принсип асос ёфтаанд, ки таснифу расмияти қатъии онҳо ба собиқ беки Қаротегин Худойназар атолиқ нисбат дода мешавад. Андозҳои зерин аз чумлаи онҳо буданд:

1) закоти чакана - аз ҳар сар ним танга аз онҳое ситонда мешуд, ки дар хочагӣ камтар аз 40 сар гӯсфанд ё буз доштанд (чи тавре пештар ишора рафт, дар ҳолати аз 40 сар кам будан бояд андоз ситонда наме- шуд);

2) қӯшпулӣ - аз ҳар чуфт барзагови корӣ 2-8 танга;

3) яксира - дар баробари қӯшпулӣ деҳқон аз ҳар барзагов нархи як ботман гандум, вале агар ҳамагӣ як барзагов дошта бошад, арзиши ним ботман гандумро медод;

4) кафсан - аз ҳар ботман ғалла (ба истиснои хирочи додашуда) ба- рои амлокдор якпудӣ (панчсер - сангест вазнаш баробари як пуд) чудо мекарданд;

5) миробона - андоз ба манфиати мудири системаи обёрӣ ё тақсимкунандаи об, яъне мироб;

6) кафсандорға - андоз ба манфиати намояндаи бек ё амлокдор, ки ғалларо мӯҳр монда, то пурра ситонда шудани андозҳо нигоҳ медошт;

7) аминона - андоз барои дар бозор фурӯхтани маҳсулоти барзиёд;

8) осиёбпулӣ ва обчувозпулӣ - андоз аз осиёб (аз 20 то 100 танга дар як сол), аз як обчувоз арзиши як ботман биринч;

9) танобпулӣ ва алафпулӣ - андоз аз боғҳои мева ва аз заминҳои юнучқа, аз ҳар таноб (64 қадам Х 64 қадам) дар як сол аз 16 то 18 тан- га, вале аз кишти юнучқа ба андозаи чор танга ба манфиати бек ситон- да мешуд;

10) Боч (харчи гумрукӣ) - андозе, ки барои аз пул (кӯпрук) ё дигар пунктҳои муҳим гузаронидани рама ситонда мешуд. Аз ҳар шутури бордор ба андозаи 2 танга (30 тин), аз ҳар аспи бордор як танга, аз ҳар маркаби бордор 0,5 танга боч меситонданд[102].

Албатта, А. В. Снесарев ҳамаи навъҳои андозҳои дар Бухорои Шарқӣ ситонда мешударо пурра номбар накардааст, вале ба мушоҳидаҳояш такя намуда, хулоса бардоштааст, ки дар ихтиёри нис- фи аҳолии Бухоро баъди ичрои чунин андозҳо ва қонеъ гардонидани нафси анбӯҳи муфтхӯрон, на танҳо ягон изофае барои зиндагӣ наме- монд, ҳатто чизи боқимонда барои хӯрду хӯрок базӯр мерасид[103]. Ба-

рои тақвияти хулосаи ин муаллиф хеле бамаврид аст, мушоҳидаи муҳаррири рӯзномаи «Туркестанские ведомости» Н.А. Маевро, гарчи он дар водии Ҳисор сурат гирифта бошад ҳам, аз воқеъияти Дарвоз дур буда наметавонад, ба хотир биоварем. «Дар қишлоқи Эрназар, - мена- висад ӯ, - дар ҳузури халқ амлокдор аз хирман ҳосил бардошт. Дар хирман як ботман, яъне 8 пуд чуворӣ буд.

1. Амлокдор мӯҳри хирманро бардошт, миқдори чувориро тафтиш кард ва ҳиссаи худашро, ки 2 пуд буд гирифт.
2. Доруға дар домани куртааш як пуд гирифт.
3. Фиристодаи эмоми масчид ҳам як пуд гирифт.
4. Амин (сардор) як пуд гирифт.
5. Нонвой, ки ҳамроҳи амлокдор омада буд, наздашон нон гузошту 20 қадоқ (409,5 грамм - Ҳ.П.) гирифт.
6. Чилимдор ба амлокдор чилим доду вай ҳам дар тӯрбааш 20 қадоқ гирифт.
7. Лӯлие назди амлокдор эзори нави чит ва тоқӣ гузошту 30 қадоқ чуворӣ гирифт.

Баъди ҳамаи тақсимот дар хирман як пуду 20 қадоқ чуворӣ монд. Амлокдор онро ба 5 тӯда тақсим карду як ҳиссаашро барои хироч ги- рифт, ки он 10 қадоқ буд. Ба деҳқони соҳиби чуворӣ ҳамагӣ як пуд ра- сид»[104]. Ягона тасаллои муаллифи некхоҳ ба деҳқон ин аст, ки ӯ ба зи- ракии деҳқон умед мебандад; яъне вай мумкин аст шабона, дар арафаи ғундоштани ҳосил миқдори муайяни чувориро пинҳон карда бошад. Вале шиносоӣ бо тартиботи маъмурияти Бухоро, назорати чиддии ҳокимияти маҳаллӣ, чунин имконияти деҳқонро қатъиян истино меку- нанд[105].

Ин «саҳна»-ро дар мисоли Дарвоз, шояд бо андаке тағйирот, дар вақти пардохти андози ушру баъди он бараъло мушоҳида кардан мум- кин буд. Дар ин чо, пас аз баромадан аз бод ғалларо дар шоҳидии на- мояндаи бек дар хирман ғарам намуда, мӯҳр мегузоштанд (болои ғарами ғалларо бо каҳбода - аниқтараш коҳи ба чанг табдилёфта, ту- нук мепӯшонданд. Дар ҳолати андаке расидан ба ғарам, гандумдонаҳо мелағжиданд ва мӯҳр вайрон мешуд. Онгоҳ тамоми маҳсулоти хирман аз тарафи намояндагони бек мусодира карда мешуд) ва баъди онро ку- шодан гирифтани ушр ва дигар ин навъи тақсиму тарака сар мешуд. То оғози мӯҳркушоӣ дар сари хирман гурӯҳи амалдорон: миразор (мири ҳазор), мушриф, арбоб, як қатор намояндагони дин (қозӣ, раис, муфтӣ, эмоми масчид ва ғайра), баъзан худи амлокдор ҳозир шуда, ба нигаҳдошти пурраи ғаллаи дар хирман буда боварӣ ҳосил мекунанд ва миқдорашро муайян намуда, ба тақсимот оғоз мекунанд. Маҳсулот бо табақи чӯбини калон («табақи вардоранда», яъне бардоранда, ки дар он қариб як пуд меғунчид) чен карда мешуд. Нуҳ табақро соҳиби маҳсулот барои худ гирифта, даҳӯмашро алоҳида барои ушр чудо ме-

кард (даҳяк). Чанд табақ чудо шуданаш вобаста ба ҳачми маҳсулот буд Баъди ба анбори чамъоварии ушр фиристодан, соҳиби хирман аз ҳиссаи барои худ чудо намуда, як табақӣ барои амалдорони ҳозирбуда, аз чумла: «миразоруна» - барои мирҳазор; «мушрифуна» - ҳаққи муш- риф; «арбобуна» - ҳаққи арбоб; «раисуна» - ҳаққи раис; «ҳаққи Оллоҳ», «ҳаққи Худо» - барои мактабдори деҳа чудо мекард. Дар ҳолати ҳозир набудани мансабдорони номбурда, «ҳаққашон» ба хонаҳояшон расонда мешуд. Ҳамчунин дар ҳачми як-ду тоқӣ соҳиби раҳмдили маҳсулот албатта, барои гадову камбағалони ҳангоми тақсимот ҳозиршаванда садақа мекард[106].

Доир ба шумора ва навъи андозҳои (ба чуз андозҳои шариатӣ) дар аморати Бухоро ба ҳукми анъана даромада маълумоти аниқ дарёфтан ниҳоят душвор аст, чунки вобаста ба шароити чуғрофию иқтисодӣ ва навъу ҳачми истеҳсолот дар ҳар бекигарӣ бо баъзе фарқиятҳои чиддии чузъӣ амал мекард. Тибқи маълумоти мавчуда, дар аморат аз чунин навъҳои даромад ва кору фаъолияти зиндагии мардум андоз меситони- данд:

1. Хироч - андоз аз замини кишт, ки ба он ушр ҳам дохил мешуд.
2. Алафпулӣ - музд (ҳақпулӣ) барои кишти юнучқа ва истифодаи чарогоҳҳои доманакӯҳ.
3. боғпулӣ - андоз аз токзор.
4. Чорбоғпулӣ - андоз аз боғи мева.
5. Ачноспулӣ - андоз аз полезу сабзавотпарварӣ.
6. Қовунпули - андоз аз харбузаву тарбуз.
7. Ускунапулӣ - андоз аз шинодани ниҳолу пайванд кардани он.
8. Санчидпулӣ - андоз аз дарахтони санчид.
9. Чӯбпулӣ - андоз аз чӯби сохтмон ва тайёр намудани ҳезум.
10. Баргпулӣ - андоз аз пиллакорӣ.
11. Қӯшпулӣ - андоз аз чуфти гов.
12. Яксара (яксира) пулӣ - андоз аз як сар барзагови чуфт.
13. Закот - андози ҳайвонот.
14. Ҳавлипулӣ - андоз аз хона.
15. Аминона - андоз аз истифодаи об ва фурӯши мол дар бозор.
16. Тагичойпулӣ - андоз аз чои фурӯши мол дар бозор.
17. Чуил - як навъ андози ҳарбӣ.
18. Бақияпулӣ - андоз барои сохтмони иншоотҳои обёрикунанда.
19. Шох ва мехпулӣ - андоз аз маводи барои сохтмони хона исти- фодашаванда (қамиш, шохча ва мех).
20. Лабакипулӣ - андоз барои тозакунии чӯйборҳо.
21. Ҷӯйчапулӣ - андоз аз чӯйборе, ки аз чӯи калон ба замини худ кашида мешавад.
22. Чиғирпулӣ - андоз аз чархи оббардор.
23. Осиёбпулӣ - андоз аз осиёбу ордкунӣ.

24. Обчувозпулӣ - андоз аз чувози баринчтозакунӣ.

25. Кемапулӣ - андоз аз гузаштану гузаронидани бор бо кема аз дарё.

26. Фарсахпулӣ - андоз барои роҳи омма.

27. Ҷизяпулӣ - андоз аз раъияти ғайримусулмон.

28. Арабпулӣ - андоз аз қабилаи арабҳои дар қаламрави Бухоро иқоматдошта.

29. Мерганпулӣ - андоз аз шикор.

30. Аворизот - андоз дар ҳолати фавқулъоддаи ҳарбӣ.

31. Қарачилик - андоз барои нигаҳдошти оромӣ ва таъмини хизмати полисӣ дар шаҳрҳо.

32. Ҳашар - хизмати баршинавӣ (кори мачбурии бемузд барои за- миндорону амалдорон).

33. Улавгирӣ - бо ҳайвони боркаши худ бори амалдорону хӯчаинонро кашидан. Дар сурати надоштани ҳайвони боркаш музди улав («улав» ё «улоғ» калимаи туркӣ буда, маънои ҳайвони боркаш, бахусус маркаб - харро дорад) ситонда мешуд[107].

Бояд қайд кард, ки ба чуз ин номгӯи андозҳо боз дигар навъи анвои андозҳое буданд, ки ба ин рӯйхат ворид нагаштаанд, Аз чумла: закоти чакана - андоз аз 40 кам саршумори чорвои майда; андоз аз фурӯши моли майда-чӯйдаи дастӣ, ки дар бозор фурӯхта мешуд; котибона - ан- доз барои музди котиботи амир ва бекҳо; миробона - андоз барои миробҳо; хидматона - музди гузаронидани чорабиниҳо барои амир ва ғайра[108]. Ба зами ин дар Бухорои Шарқӣ, аз чумла дар Қаротегину Дар- воз боз андозу мачбуриятҳое ситонда мешуданд, ки чанде аз онҳо дар қатори он чи зикрашон рафт, қайд нагардидааст.

Қабл аз саҳеҳтар муайян намудани баъзе аз анвои андозҳои хоси бе- кигарии Дарвоз лозим меояд, каме ҳам бошад, ба вазъи заминдорию системаи андозгузории замони шоҳӣ ёдовар шавем.

Қобили қайд аст, ки дар шоҳигарии Дарвоз, аз як тараф, захираи за- мини бекорхобидаи барои азхудкунӣ муносиб хеле зиёд буд, аз тарафи дигар, андозҳо дар нисбати давраи бекигарӣ он қадар вазнину миён- шикан ба назар намерасиданд. «Ҳамаи замини бекорхобида, - менави- сад Н.А. Кисляков, - замини шоҳӣ ҳисоб меёфт. Замин бисёр буд; ҳар кас метавонист замини бекорхобидаро ба кор андозад («ялмӣ канад»). Хариду фурӯши замин қариб тамоман вучуд надошт. Андоз ва мачбуриятҳои ба зиммаи деҳқон бор шуда, дар муқоиса бо замони баъдина (давраи бекигарӣ - Ҳ.П.), нисбатан сабуктар буданд. Ушр 1/ 10 қисми ҳосилро ташкил мекард; 1 танга - «подшоҳпулӣ» (аз рӯ ри- вояти мавчуда, гӯё гирифтани танга аз вақти ба тобеъияти муваққатии ҳокими Балх афтидани Дарвоз оғоз ёфта бошад. Ҳатто баъди ба ҳукми анъана даромадани ин андози пулӣ, дар баъзе чойҳо боз давраи зиёде ба чои он андози натуралӣ: банд, қурут, равғани зард, оҳан, пашм, ме- ваи хушки тут ва ғайра ситонда мешуд); «амал» - як гӯсфанд аз ҳар

хочагӣ; «ҳезум» - 3 банд (бор) ҳезум; «дудуна» (дудона) - як матои карбосӣ (4 метр) медоданд» [109].

Аз рӯи хулосаи ин муаллиф баъди Дарвозро забт намудани Бухоро ин диёр ба доираи хочагии молӣ кашида шуда, муносибатҳои патриархалӣ то рафт бештар вайрон мешуданд. Акнун ба аҳолии Дар- воз лозим меомад, ки нафақат талаботи амалдорони пештараи худро, ки ба рутбаҳои ҳукумати амирӣ соҳиб шуда ба федалону танходорони калон табдил ёфта буданд, инчунин талаботи худи амир, аҳли дарбор ва амалдорони онро таъмин намояд. Акнун «амал»-ро бо маҳсулот не, балки бо пул ичро мекарданд. Шумораи андозситонон ва танхохӯрон то рафт меафзуд ва вобаста ба он нарх пайваста боло мерафту вазни андозҳо сангинтар мешуд. Азхудкунии замин то рафт аз тарафи феодаҳо сурат мегирифт, аҳолии бекигарӣ низ меафзуд. Ҳамаи ин ба то рафт қиматшавии замин дар ин диёр мусоидат мекард[110].

Фарқияти тартибу миқдори андозситонии давраи шоҳӣ дар муқоиса бо бекигарии Дарвоз ва сабабҳои афзоиши шумораву қиммати андозҳо, ки дар боло ишора шуд, барои дарки амиқтари хусиятҳои ситемаи ан- дозситонии давраи амирӣ дар ин диёр бештар мусоидат мекунад. Ин хусусиятҳоро баъзе аз чузъиёти маълумоти шифоҳию хаттии дар ин мавзӯъ пайдо кардаи М.Р.Раҳимов ва Н.Латифов чашмрастар карда ме- тавонанд.

М.Р.Раҳимов чунин анвои андозҳои дар 4 амлокдории водии дарёи Хингоби бекигарии Дарвозро муайян кардааст:

1. «ушр» - андоз аз даҳяки ҳосил ҳам аз замини обӣ ва ҳам лалмӣ;

2. «амал» - андоз аз ҳар хочагӣ як гӯсфанд ё буз. Дар ҳолати надош- тан як карбос (8 чӯвгаз - қариб 24 метр);

3. «закот» - аз ҳар 40 сар чорвои майда - як сар;

4. «закоти қунурға» ё «чорвои қунурға» - дар ҳачми як сар гӯсфанд ё буз барои зиёфати амалдороне, ки бо супориши бек аз роҳи ба хонаи андоздиҳанда наздик мегузаранд;

5. «чорвои утохӣ» - андоз аз ҳайвонот барои сарбозони бек ё амлок- дор. Аҳолии ҳар деҳа барои бек ва амлокдор ҳар сол ду гӯсфанди забҳшуда ё зинда бо як сабад нон мефиристоданд;

6. «дудуна» - ин андоз дар давраи шоҳӣ дар шакли маҳсулот ва дар давраи амирӣ бо пул дар ҳачми 1-2 танга аз ҳар хона ситонда мешуд;

7. «рӯғани мирӣ» - ҳар сол як кӯзача, дар ҳачми як килограмм равғани зард аз ҳар хочагӣ (буна) барои бек;

8. «маскаи қунурға» - андози солона дар ҳачми ду кафлез (ҳар ка- доме 0,5 кг) равғани зард барои амалдорони давлатие, ки аз ҳудуди амлокдорӣ мегузаранд;

9. «пашми мирӣ» - аз ҳар хочагӣ 10 қадоқ (4,5 кг) пашм барои бек. Дар баъзе деҳаҳо банд, матои пашмин, чакман, хӯрчини пашмин, на- мад ва ғайра мегирифтанд;

10. «андози оҳанӣ» - ин навъи оҳанро ба андозаи 7,5 фунт (3 кг) бештар аз деҳаҳои ба Ванч наздик, ҳанӯз аз давраи шоҳӣ инчониб ме- гирифтанд. Дар Ванч ин андозро «хумс» мегуфтанд. Дар дигар амлокдориҳои бекигарии Дарвоз, ки оҳану асбобу ускунаи оҳаниро аз Ванч ба ивази маҳсулот ё моли дигар мегирифтанд, ин андозро бо ашёи оҳанӣ (путку досу белу каланд ва ғайра) ичро мекарданд;

11. андози чизҳои чӯбина аз қабили кафши чӯбин, панчшоха, табақу коса ва ғайра аз ҳар хонавода ситонда мешуд;

12. «меваи мирӣ» - ин андоз аз соҳибони боғи мева дар шакли тар ва бештар хушкмеваи себ, зардолу, гелос, олу, муруд, чормағз ва ғайра ситонда мешуд;

13. «тиллои шаръӣ» - тиллои қонунӣ ё шариатӣ аз аҳолии Вахёи Бо- ло, ки шуғли тиллошӯӣ низ доштанд, аз ҳар хонавода дар ҳачми «яку- ним тилло» (5,5 грамм) мегирифтанд;

14. Аз деҳаҳои Ғулён ва Ҳавдак ҳар сол дар фасли баҳор аз аҳолӣ барои бек як сабад бехмеваи ёбой - «мунгак» чамъоварӣ намуда, дар шакли обчӯш ё хом барои бек ба Қалъаихумб мефиристоданд.

Мавриди қайд аст, ки дар амлокдории Ванч аз рӯи мачбуриятҳои андозии деҳаҳои соҳили чапи Ванчобро «давлатшаҳӣ» ва соҳили рост- ро «доройӣ» мегуфтанд. Ин маънои онро дошт, ки андози соҳили чап барои беки Дарвозу амири Бухоро ситонда шуда, андози соҳили рост бошад, пурра ба ихтиёри мири Ванч ва амадорони ин амлокдорӣ мегу- зашт.

Ба ғайр аз ин андози зикрашон рафта, боз андозу мачбуриятҳои зиё- да, аз қабили «фитри рӯза», «ҳаққи муаззин», «ҳаққи эмоми масчид», «ҳаққи тақсиму тарака», «ҳаққи тақсими мерос», «никоҳуна», «ҳукмуна», ки ба фоидаи қозӣ ва дигар намояндагон аз масъулини дин мерафт ва ғайра, инчунин, агар боз «ҳаққи чаноза», «пешнамоз» ва ғайра харочоти ҳатмии анъанавиро ба ҳисоб гирем[111], он гоҳ вазнинии ин андозу мачбуриятҳои расмию ғайрирасмӣ бараъло ба назар мерасад.

Ин анвои андозу мачбуриятҳо ва боз чандин иловаҳои маҳз хоси бе- кигарии Дарвозро Н. Латифов дар асоси пурсучӯю вохӯриҳо бо шоҳидони ҳол ва дарёфти баъзе маъхазҳо қаламдод намудааст[112]. Барои маълумоти саҳеҳтар гирифтани хонанда аз такроран омадани (дар муқоиса бо маълумоти қаблан қайд шуда) баъзе анвои андозу мачбуриятҳо сарфи назар накарда, номгӯи андозбандиеро, ки ин муал- лиф овардааст, бо иловаҳоюю шарҳу тавзеҳот пешкаши хонандаи гиромӣ мегардонем. Зарурати ин бозгӯиро, аз як тараф, навиштаҳои муллиф, ки дар мачмӯаи илмии барои солҳои 50-ум нисбатан назарногири музофо- тии Донишкадаи давлатии Кӯлоб ним аср қабл (1957) бо теъдоди хеле кам бо забони русӣ чоп шуда ва дастраси доираи хеле маҳдуди хонанда- гон гаштааст, аз тарафи дигар, баъди ӯ касе аз мутахассисон ин масъа- ларо чиддан ҳадафи таҳлил қарор надодааст, тақозо дорад.

Инак, аз рӯи маълумоти ба ин муаллиф дастрас шуда дар бекигарии Дарвози ибтидои асри XX чунин намудҳои андозситонӣ ва ичрои мачбуриятҳои дигари феодалӣ расман қабулу ба ҳукми анъана дарома- да буданд:

1. Ушр - андози молӣ (натуралӣ), ки аз даҳяки маҳсулоти ғалладона ситонда шуда, кисман ба Бухоро ва қисман ба фоидаи бек мерафт.

2. Закот - андози молу амвол, қабл аз ҳама аз 1/ 40 саршумори чор- во. Ин навъи андоз дар давраи шоҳӣ гирифта намешуд. Ҳатто дар солҳои аввали зери ҳукмронии манғитиён гузаштани Дарвоз ахолии ин бекигарӣ аз ин навъи андоз озод буд. Бо мурури устувору қатъӣ шуда- ни тобеъият ба ҳукми расмӣ даромад. Закот ҳамчунин аз фурӯши ам- волу замин ситонда мешуд.

3. Амалиёна - андоз аз ҳисоби замини кишт. Нисбати ин андоз му- аллиф дастури муайянкунандаи қоидаҳои андозситониро, ки роҳбарияти Отряди сарҳадии Хоруғ барои бекигариҳои назди сарҳад солҳои 1900-1903 ба 4 дарача чудо карда қабул намудааст, ба асос ги- рифта бо чунин чузъиёташ овардааст[113]:

Ба дарачаи аввал хочагиҳое дохил мешуданд, ки ҳар сол зиёда аз 50 пуд ғаллаи тухмӣ мекоранд; ба дарачаи дуввум - аз 25 то 50 пуд; сав- вум - камтар аз 25 пуд; чаҳорумро - хочагиҳои безамин ташкил мекар- данд.

**Аз ҳар се хоҷагии дараҷаи аввал чунин андозҳо ситонда мешуд:**

а) як сар гов бо арзиши 6 сӯму 40 тин;

б) як сар ҳамин хел чорвои арзишаш пасттар;

в) чор гӯсфанди ҳар кадом 1 сӯму 20 тин арзиш дошта;

г) чор табақча равғани ҳар як дар ҳачми 5 қадоқа (409,5 грамм);

д) як матои пашмини бофти чойдории навъи якум («рағза») бо ар- зиши 4 сӯму 80 тин;

е) як матои пашмини бофти чойдории навъи дуввум бо арзиши 1 сӯму 20 тин;

ё) як пӯсти савсори арзишаш 1 сӯму 40 тин;

ж) як матои карбосӣ бо арзиши 4 сӯму 40 тин;

з) оҳан барои наъли асп бо арзиши 80 тин;

**Андози солонаи се хоҷагии дараҷаи дуввум чунин буд:**

а) як сар гови чуфти арзишаш 6 сӯм;

б) се сар гӯсфанд, арзиши ҳар кадом - 80 тин;

в) се табақча равған, ки ҳар яке 60 тин арзиш дошт;

г) як матои пашмини бофти маҳаллӣ бо нархи 4 сӯму 80 тин;

д) як дона пӯсти савсори 1 сӯму 40 тин арзиш дошта;

е) матои карбос бо арзиши 3 сӯм;

ё) як чуфт наъли асп бо арзиши 40 тин.

**Аз ҳар се хоҷагии дараҷаи саввум чунин навъи андазҳои солона ситонда мешуд:**

а) як пӯсти гов бо арзиши 1 сӯму 20 тин;
б) се сар гӯсфанди ҳар кадоме 40 тин арзиш дошта;
в) ду табақча равғани зард, ҳар яке 40 тин арзиш дошта;
г) як матои пашмини бофти маҳаллӣ - арзишаш 1 сӯму 20 тин;
д) матои пахтагини 1 сӯму 80 тин арзиш дошта;
е) як дона пӯсти савсор бо нархи 1 сӯму 40 тин;
ё) як чуфт наъли асп - 40 тин.

**Бояд ҳар хонаводаи дараҷаи чаҳорум чунин андоз медод:**

а) матои пашмини бофти маҳаллӣ.

Ҳар андози нишондода ё дар шакли молӣ (маҳсулот) ё арзиши пули- аш ситонда мешуд.

Бояд қайд кард, ки дар Рӯшону Шуғнон ва Вахон, ки расман дар ҳайати аморати Бухоро бошанд ҳам, бевосита таҳти таъсири идораи Отряди Помир қарор доштанд, пардохти анвои андози «амалиёна» («амалот») нисбатан сабуктар буд. Дар Дарвоз бошад, ичрои онҳо ваз- нинтар буд. Масалан, дар деҳоти назди Қалъаихумб (Рузвай, Кеврон, Умарак ва ғайра) аз ҳисоби ин андоз «коҳ» ё «коҳпулӣ», банд (арғамчини пашмин), тӯрба, чӯроб ва даспӯшаки пашмин, аз Ванч бо- шад, оҳан меситонданд[114].

4. Дудона - андози дудбаро, аслан онро барои чамъоварӣ ва исти- фодаи ҳезум дар хочагӣ меситонданд. Аввал онро бо ду матои пахтагӣ пардохт мекарданд. Аз ибтидои асри XX ба чои матоъ аз ҳар буна 2-4 сӯм гирифта мешуд.

5. Алафпулӣ (хасуна) - андоз барои истифодаи чарогоҳ ва чамъоварии хошок барои зимистонгузаронии чорво, аз хочагӣ се порча карбос ё 4-5 сӯм дар як сол гирифта мешуд.

6. Осиёбпулӣ (музди осиёб) - андоз аз соҳибони осиёб 5-6 танга дар як сол. Соҳиби осиёб бошад, дар навбати худ аз онҳое, ки ғалла, тут- пист (талқон ё орди тут), севпист (талқони себ) ба миқдори 1/ 20 ҳисса мегирифт.

7. Танобпулӣ - андоз аз боғҳои мева ва умуман дарахтони мева ҳар сол 1-3 танга. Ин навъи андоз дар давраи шоҳӣ низ гирифта мешуд, ва- ле ба маънои таноби милтиқ (пилтаи милтиқ).

Андозҳои номбаршуда расмӣ, қонунӣ буда, дар ҳузури амалдорон: амлокдор, мушриф, қозии деҳа, миразор ва оқсақоли деҳа гирифта ме- шуданд. Даромади ин андозҳо ба хазинаи амир ворид мешуд. Албатта, андозғундорон «ҳаққи хизмат»-и худро фаромӯш намекарданд.

Навъҳои дигари андозу аниқтараш «ҳақчамъкунӣ» ва мачбуриятҳо, ки дар зер номбар мешаванд, бевосита муттаалliқи бек буданд:

8. Аз ҳезум ва маводи рӯшноидиҳанда таъмин намудани бек.

9. Ҳар моҳ ба Қалъаихумб фиристодани 5 қадоқ собуни истеҳсоли чойдорӣ аз тамоми деҳаҳои Дарвоз.

10. Шарти ҳатмӣ будани серӯза хизмати намояндаи ҳар буна дар як сол барои бек.

11. Ҳангоми аз Бухоро ба Помир рафтани амалдорони соҳибмартаба, аҳолии Дарвоз вазифадор буд, ки онҳоро аз роҳбалад, борбардор, аспи саворӣ, гӯпсар (сал) барои убури дарёҳо таъмин намояд.

Ҳамчунин аз деҳқонон ҳар гуна молиёт барои бек, амлокдор ва ди- гар амалдорни маҳаллӣ меситонданд, аз чумла:

12. Мирона - ҳаққи бек дар ҳачми 0,5 чоряк (2,5 - 3 кг) аз ҳар пай- мона (табақи чӯбини ғунчоишаш - 19-20кг).

13. Потахсӣ (сарона) - ҳангоми сайру гардиши бек дар деҳаҳои ин ё он амлокдорӣ барояш гӯсфанд ва ҳатто гов пешкаш мекарданд.

14. Мушрифона (кафсан) - ҳаққи андозчин ё чамъоварикунандаи андоз (мушриф); барои мушрифи бек - 1/14 ҳиссаи маҳсулоти ғалладона, барои мушрифи деҳа - 2-4 тоқӣ (тӯпӣ) ғалла.

15. Котибона - ҳаққи котиб (мирзо) - 1чоряк (5-6 кг) аз ҳар бардош- ти хирман.

16. Ҳақулло (ҳаққи Аллоҳ) - барои баракату ҳалол намудани маҳсулоти ба даст даровардa, соҳиби ғалла баъди ҳар хирманбардорӣ се тоқӣ ғалла барои мулло ё дигар намояндаи дин мефиристод.

17. Фитри рӯза - дар баробари поён ёфтани моҳи рамазон аз 3 то 5 тоқӣ ғалла ба муллои деҳа чун андози фитр дода мешуд.

18. Никоҳона - ҳаққи никоҳ барои қози ҳангоми хондани хутбаи никоҳи навхонадорон; як гӯсфанд барои наварӯс, якчанд коса равған барои никоҳ бо зани шавҳардида (бевазан). Дар ибтидои асри XX никоҳона бо пул адо карда мешуд. Барои наварӯс - 40 танга, барои арӯси шавҳардида - 20 танга (як тангаи нуқрагин арзиши 12-20 тини русӣ дошт).

19. Хизматона - музди қозӣ барои тафтишу муайян намудани чазо - 4-5 танга.

20. Мӯҳрона - 1 танга барои мӯҳргузорӣ дар ҳуччати расмӣ.

21. Музди тилло - андоз аз заршӯи дар ҳачми 2-3 танга, вале ба чояш тилло мегирифтанд.

Бо мурури рушди муносибатҳои савдоӣ, бештар ворид шудани тан- гаи бухорӣ ва пули русӣ боз чунин андозҳои навӣ пулӣ дар Дарвоз во- рид шуданд:

22. Тарозупулӣ - андоз барои тарозу дар бозори Қалъаихумб (дар дигар чойҳои бекигарӣ бозор набуд) - аз 0,5 то 1 танга.

23. Рушқапулӣ - андоз аз замини юнучқа 1/ 5 ҳиссаи дарави юнучқа ё 3 танга.

24. Обпулӣ - андози об, аз ҳар хочагӣ ба миқдори 0,5 - 1танга дар як сол.

25. Раҳпулӣ - андоз барои ҳуқуқи рафтан ба дигар бекигариҳо. Асо- сан аз онҳое ситонда мешуд, ки ба мардикорӣ мерафтанд (ҳачми ин навъи андоз муайян нашуд).

26. Ҷуфтона - андоз барои гови чуфт[115].

Агар ба ҳамаи ин боз чунин андозу мачбуриятҳои ғайришариатӣ, монанди «арбобуна», «мирҳазоруна», «қозиюна», «раисуна», «муф- тиюна» ва дигар амалдорону намояндагони расмии динӣю маъмури- ро[116], ки дар вақти хирманбардорӣ ҳозиру ноҳозир «ҳаққаш»-ро меги- рифт зам намоем, ин ҳисоб боз метавонад чанде афзояд. Вале бо ин ҳам ситондану сӯийистеъмоли амалдорон хотима намеёфт. Барои гуноҳи ночизе ва ё тӯҳмате амлокдор ва қозӣ тайёр буданд, ки гуноҳи азимтаре ба сари шахс бор карда, ба фоидаи худ як гӯсфанд ва ҳатто гов ситонанд. Агар гуноҳ чиддитар мебуд, метавонистанд, ба бединию даҳригӣ гунаҳгор карда, то сангсору мусодираи молу мулк ҳукм баро- ранд. Ҳамчунин баҳудаву беҳуда ба меҳмонӣ рафтани амалдоронро баъзан шоҳидон ба «ҳучуми малах» баробар мекарданд. Амадорони марказ бо майли тамом ба Қаротегину Дарвоз сафари хизматӣ мекар- данд. Баъзан ба сифати роҳбаладі расмӣ барои бемамонат сурат ги- рифтани сафарҳои хизматии намояндогони доираҳои илмӣ ва ҳарбии рус шарик шуда, ҳангоми ин сафарҳо бо дасти холӣ рафта, бо халтаҳои пурбор бармегаштанд.

Олими табиатшинос В.И.Липский қайд кардааст, ки «то анчоми са- фар бори ночизи амалдори Бухоро ба бори як асп ва аз ин беш табдил меёфт. Баъзан аспи пиру фарсудаи худро амалдор бо аспи бидави шах- си таҳчоӣ бе хоҳиши соҳибаш иваз мекард. Тӯҳфаи дар як чо гирифта- ро ӯ дар чои дигар мефурӯшад. Баъзан ин амалдорон аз номи мо ба ҳаннотӣ даст мезананд. Чизи дар як сафар чамъ оварда, бемалол ба як сол ва аз он беш мерасад. Ана барои чи амалдорон нисбати ин сафарҳо ҳавасмандӣ ва омодагӣ доштанд» [117].

Дар ин кор онҳо аз сафарҳои расмӣ ва касбии олимону намояндаго- ни доираҳои ҳарбии Русия хеле моҳирона истифода мебурданд. «Му- таассифона, - менависад капитани Штаби генералии Русия Н.Н. Поко- тило, ки худ шоҳиди ҳол буд, - меҳмоннавозии Бухоро ба дӯши табақаи камбағал хеле гарон меафтад, гузашта аз он, чун манбаи фоида ва сарватғундорӣ барои амалдорони Бухоро хизмат мекунад»[118]. Дар ин бора возеҳтар Д.Н. Логофет ишора намудааст. Ба гуфтаи ӯ «на як- бору ду бор мушоҳида мешавад, ки амалдори бухороӣ ба масофаи 60- 80 вёрст (верста ё чақрим ба 1,06 км баробар аст - Ҳ.П.) аз деҳаи худ дур рафта ҳафтаҳо омадани меҳмони Русиягиро интизор мушавад ва гӯё барои зиёфати ӯ аз аҳолӣ гӯсфанду мурғ чамъ мекунад». Аҳолии маҳаллӣ ин сафарҳоро ба ҳучуми малах ташбеҳ медиҳад. Намояндаго- ни маъмурияти Бухоро тӯҳфаи ночизе (ба меҳмонони рус - Ҳ.П.) пеш- каш намуда, аз аҳолӣ арзиши даҳкаратаи онро меситонанд[119].

Ин амалро соли 1916 тадқиқотчии рус Я.И.Беляев дар дурдасттарин деҳа - Поймазори амлокдории Ванч мушоҳида намудааст. Якчанд амалдори бек барои гузаштан аз пирях ва ағбаи Гармо ба ёриаш фири- стода «ба поймазориҳои бечора чун яғмогар муносибат намуда, аз онҳо

гӯсфанд, равған ва дигар чизҳо ба фоидаи худ ҷамъ намуданд»[120].

Да

р ҳуччати поён тариқи ситонидани ушр аз чамоаи Язгулом оварда шудааст:

(Бойгонии шӯъбаи таърихи асрҳои қадим, миёна ва нави институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии АФ, таҳти рақами 6294) Матни акс чунин аст:

«Номгӯи ушр

Мулло Шоҳмуҳаммад: як паймона ва ду чоряк гандум, панч чоряк нахуд.

Одина: ду паймона ва ду чоряк гандум, панч чоряк нахуд

Шайх: Як паймона гандум, чор чоряк нахуд.

Нодиршоҳ: Ду паймона ва як чоряк гандум, шаш чоряк нахуд.

Давлат: як паймона ва як чоряк гандум.

Раҳмат: Панч чоряк гандум, се чоряк нахуд.

Назаршоҳ: як паймона ва чоряк гандум, ду чоряк нахуд.

Назармуҳаммад: ҳашт чоряк гандум, панч чоряк нахуд.

Ёрмуҳаммад: се чоряк гандум.

Қадамшоҳ: як паймона ва се чоряк гандум, се чоряк нахуд.

Сафармуҳаммад: як паймона гандум, ду



(Бойгонии шӯъбаи таърихи асрҳои қадим, миёна ва нави институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии АФ, таҳти рақами 4408)

Матни акс чунин аст:

«Он чи номгӯи ушри тут ба-дон аз мушриф Абдулкамон

Аз Ғаффор ду паймона тут. Аз Шукрихудо як паймона панч чоряк тут. Аз Хаёл ду паймона тут. Аз Мирак як паймона тут. Аз

Азизмуҳаммад як паймона тут. Аз Назармуҳаммад панч чоряк тут. Аз Санавбаршоҳ панч чоряк тут. Аз Гулмуҳаммад як паймона тут. Аз Ми- ралибек як паймона тут. Аз Носир як паймона тут. Аз Ҳазорбек як паймона тут. Аз Муҳаммадалӣ як паймона тут. Мулло як паймона тут. Аз Неъматхудо як паймона тут. Аз Чӯпон панч чоряк тут. Аз Абдурра- сул як паймона тут. Аз Нурон як паймона тут. Аз Мирзобадал як пай- мона тут. Аз Додхудо як паймона тут. Аз Ҷалолӣ панч чоряк тут. Аз Муллочон як паймона тут. Аз Муллочӯпон панч чоряк тут. Аз Алимуҳаммад як паймона панч чоряк тут. Аз Сафармуҳаммад ду пай- мона тут. Аз Мардихудо як паймона тут. Аз Муллозоҳир як паймона тут. Аз Муҳаммадқодир як паймона панч чоряк тут. Аз Неъматазиз як паймона тут. Аз Раҳмонқул як паймона тут. Аз Давронбек як паймона тут. Аз Шамсмуҳаммад панч чоряк тут. Аз Амрихудо як паймона панч чоряк тут. Аз Сайидшоҳ як паймона панч чоряк тут. Аз Раҳматихудо як паймона тут. Аз Муллошариф панч чоряк тут. Аз Насруддин панч чоряк тут. Аз Неъматшоҳ як паймона тут. Аз Нуралишоҳ як паймона тут. Аз Мардихудо як паймона тут. Аз Усточавон панч чоряк тут. Аз Завқибек панч чоряк тут.»

Албатта мисолҳои боло ҳадди ниҳоии истисмори аҳли заҳмат буда наметавонанд. Ришвахӯри чун вазифаи асосии фаъолияти ҳар як амал- дор ба ҳукми анъана даромада буд. Порагирӣ кори ошкоро буда, яке аз манбаъҳои муҳимми даромаду сарватчамъкунии амалдорони ҳамаи зинаҳои маъмурӣ ва динӣ-маъмурӣ ҳисоб мееёфт. Дар мавзӯи истисмо- ри феодалӣ сухан ронда, бояд аз хотир набаровард, ки дар бекигариҳои Бухорои Шарқӣ, алалхусус дар Дарвоз мачбуриятҳои зиёди истифодаи муфти қувваи корӣ ба чашм мерасид. Дар ин мулки кӯҳистон кадом навъи кори сохтмоне набошад, бо мушкилии зиёде даст медод. Аз ин сабаб дар кори ҳашару бемузд барои соҳиби амалу заминдорон вақти бештару беҳтари кори деҳқон сарф мешуд. Масалан, дар айни чӯшу хурӯши корҳои кишоварзӣ деҳқонони нисбатан бақувваттарро ба роҳу кӯпруксозиҳо, барои бек ё дигар амалдор хонаю меҳмонхонасозӣ, ҳезумкашӣ мачбуран сафарбар мекарданд. Ба Бухоро ва Ҳисор бо ҳайвони боркаши худ ба улав, барои ба беку дигар саркардагон овар- дани биринчу матои шоҳӣ, дигар навъи газвору пойафзол ва ширинии дар ин чо ё истеҳсол намешуда ё бо сифати пасттар истеҳсол шуда мардумро мефиристоданд. Дар мавриди ҳамаи ин заҳмату харчи вақтро музду мол ва пули аз дастрафта ҳисоб кардан, ба болои он ан- дозу мачбуриятҳои номбурдаро зам намудан вусъати воқеии вазни ис- тисмори ҳокимияти амирӣ аз болои аҳли заҳмату меҳнатқарини ин ди- ёрро тасаввуркардан мумкин аст. Шояд ҳаминро дар назар дошта, ака- демик Б. Ғафуров чунин хулоса кардаст:

«Хусусан аҳволи аҳолии оммаи васеи мардуми Бухорои Шарқӣ бағоят вазнин буд. Қариб тамоми аҳолии ин маҳалҳоро точикон таш-

кил мекарданд. Ҳукумати амирӣ аслан Бухорои Шарқиро чун мустам- ликаи худ қарор дода, дар ин чо нисбат ба қисми ғарбии аморат тарти- боти сахттаре чорӣ намуд. Табақаҳои ашрофи қадимаи ин чо, сипоҳ ва нӯкарҳо, рӯҳониён, заминдорони калон ва бойҳо ба такягоҳи аморат табдил ёфта буданд. Ба ин гурӯҳи болонишини истисморкунанда аз баҳодур ё аламон (аз поин нахустин мансаби аморати Бухоро) то додхоҳ (дар дарачабандии мансабҳо - ёздаҳумин) ҳар гуна рутба ва мансабҳо дода мешуд. Мансабҳои олитар фақат ба сипоҳиёни дарбори амир бахшиш мегардид. Амир ба ивази маош ба ин сипоҳиён андози тамоми як деҳаро мебахшид. Деҳқонони ин қишлоқ амалан дар ҳолати крепостнӣ буданд»[121]. Воқеияти рӯзгордории мардуми бекигарии Дарвоз мутлақо дуруст будани хулосаи ин олимро тақвият медиҳад.

Аз далелҳои овардашуда бармеояд, ки шумораи аниқи андозу мачбуриятҳои натуравию баршинавии дар аморати Бухоро ба расмияту ҳукми анъана даромадаро муайян кардан хеле мушкил аст. Ва хулосаи мо номгӯи онҳо, бо назардошти хусусиятҳои ҳар бекигарӣ, алахусус бекигариҳои Бухорои Шарқӣ аз 50 беш аст.

Сарфи назар аз баъзе камбудӣ, ихтилофу ба якдигар мувофиқ на- омадан маълумоти муҳаққиқони рус дар мачмӯъ моҳияти ичтимоии сиёсати андозгирии аморатро мукаммал шарҳ медиҳанд. Д.Н. Логофет андозҳои сершуморро номбар карда навишта буд, ки «дар Бухоро фақат аз ҳаво андоз ситонда намешавад»[122]. «Ҳама чизе, ки замин ва заҳмати инсон мерӯёнанд, - менависад М.А. Варигин, - ҳама, ба чуз ҳаво дар Бухоро андоз бор карда шудааст. Ба зами ин дар «Бухорои шариф» чаримаҳои ғайриқонунӣ, мусодираи ғоратгаронаи молумулк васеъ истифода мешаванд»[123].

Аниқ муайян кардани даромади амир аз андозҳо низ душвор аст (Аслан дар аморат, агар закоти аз точирони хоричӣ ситонда шударо ба ҳисоб нагирем, дигар манбаи даромад ҳам набуд). Ин масъала, ба са- баби набудани манбаи оморӣ (статистикӣ) мӯътамад, то имрӯз аниқ ҳал нашудаст. Ба дурустии ҳисоботи тартибдодаи амалдорони Бухоро бовар кардан душвор аст. Ба ақидаи шоҳидони чудогонаи рус ба дар- хости Агентии сиёсии Русия дар Бухоро низ ҳамин гуна маълумоти шубҳанок медоданд. Аз рӯи маълумоти расмӣ, ки намояндаи ин Аген- тии сиёсӣ гирифта, ба генерал-губернатори Туркистон барои тартиб додани ҳисоботи соли 1894 пешниҳод кардааст, бочу андози солона дар аморат 2 159 250 сӯмро (ҳисоб бо арзиши пули русӣ оварда меша- вад) ташкил додаст. Аз ин маблағ 605 750 сӯмаш аз ҳисоби бекигариҳои Бухорои Шарқӣ ворид мегардид. Мувофиқи ҳуччат, барои ҳар бекигарӣ ин маблағ ба андозаи зерин таъйин мегардид: Бойсун - 18 759 сӯм, Деҳнав - 45 000 сӯм, Қабодиён - 6 000 сӯм, Қӯрғонтеппа - 6 000 сӯм, Ҳисор - 400 000 сӯм, Кӯлоб, Балчувон, Дарвоз якчоя - 100 000 сӯм, Қаротегин - 30 000 сӯм[124].

Ҷавобҳои қӯшбегии Бухоро ба дархости ҳамон Агентии сиёсӣ дар соли 1912 оиди даромади амир низ шубҳаноканд. Мувофиқи ин ҳуччат андози савдо - 715 ҳазор сӯм, закот (аз боғот ва чорво) - 510 ҳазор сӯм, хироч (андози замин) - 1 850 ҳазор сӯм, закоти савоим (аз чорво) - 27 ҳазор сӯмро ташкил медод. Инак, чамъи маблағ ҳамагӣ - 3 345 ҳазор сӯм буд[125].

Аз рӯи маълумоте, ки ба Вазорати корҳои хоричии Русия намоянда- гони расмии ҳукумати Бухоро иттило додаанд, даромади солонаи амо- рат 2,5 миллион сӯмро ташкил медод. Ин маблағ ба тариқи зер тақсим мешуд: барои амир - қариб 900 ҳазор сӯм, барои нигаҳдошти қӯшун (артиш) - 1,2 миллион сӯм ва, ниҳоят, барои рӯҳониён - 100 ҳазор сӯм[126]. Вале Д.Н. Логофет бо қатъият тасдиқ мекунад, ки ин рақамҳо шубҳаовар ва бардурӯғанд, чунки мушоҳидаҳои ӯ дар тӯли чандин сол оиди интиқоли андоз аз бекигариҳо ба рақамҳои дигар далолат меку- нанд. Тамоми маблағи аз аҳолӣ рӯёнда мешуда, аз рӯи ҳисоби муалли- фи номбурда, «соле ба 18 миллион сӯм мерасад ва ин ба ҳақиқат коми- лан мувофиқат мекунад, чунки дар ҳолати 2 800 ҳазор будани аҳолии хонигарӣ (аморат - Ҳ.П.) ин нишондиҳанда ҳосил мешавад»[42].

Сарфи назар аз ба ҳақиқат наздик будан далелҳои овардаи Д.Н. Логофетро низ бо дилпурӣ қабул кардан мумкин нест. Бо вучуди ин муҳосиботи муаллиф назар ба маълумоти амалдорони Бухоро рочеъ ба андозаи даромади амир ба ҳақиқат наздикtаранд. Агар ҳатто даро- мади амирро зиёд нишон дода бошад ҳам, вале на ба он дарачае, ки қӯшбегӣ ва дигар маъмурини Бухоро дар маълумоти худ кам карда нишон додаанд. Ба замми он, мутахассиси намоёни точик оид ба таърихи аморати Бухоро Б.И. Искандаров рақами овардаи Д.Н. Лого- фетро (18 млн сӯм) рад накардааст ва зери шубҳа нагирифтааст[128]. Гузашта аз ин, боз далеле ҳаст, ки ба хазинаи амир аз ин миқдор низ бештар маблағ ворид мешудааст. Беҳтарин донандаи воқеъияти ҳоли аморати Бухоро устод Садриддин Айнӣ дар асараш «Таърихи инқилоби Бухоро» навиштааст: «Ба ҳисоби тахминӣ соли 1913 даро- мади ҳукумати Бухоро 30 миллион сӯм буд. Ин маблағ фақат ҳисоби маблағе буд, ки ба хазинаи амир ворид мешуд, пулҳое, ки маъмурон ва одамони онҳо аз халқ мегирифтанд, ба ин намедарояд»[129]. Табиист, ки як қисми томи он аз ҳисоби бекигариҳои Бухорои Шарқӣ, аз чумла Дарвоз, ворид гашта буд. Бояд қайд кард, ки хазинаи амир аз хазинаи давлат чудо набуда, тамоми маблағи ворид гашта, пурра дар ихтиёр- дории амир қарор дошт.

Аз гуфтаҳои боло, бешак, хулосае бармеояд, ки намояндагони маъмурияти Бухоро, қабл аз ҳама амир ва бекҳо, халқро истисмор на- муда, маблағи зиёде ба даст медароварданд. Вале аз он барои беҳбудии ҳаёти ичтимоии раъият, ободонии кишвар ва маоши хизматӣ чизе харч нашуда, батамом сарфи исрофкориҳои амиру аҳли дарбор мешуд. Ба

гуфтаи М.А. Варигин «тамоми тадбири ободонию равнақи кишвар ба сифр баробар буд»[130]. Д.Н. Логофет, ки бо андозу мачбуриятҳои амо- рат хуб шиносӣ дошт, навиштааст: «Қариб бо тамоми боварӣ бояд гуфт, ки барои аксари аҳолӣ василаи зиндагӣ базӯр мерасад. Дар айни замон ҳокимияти давлатии Бухоро қатъиян ба аҳолӣ чизе намедиҳад: на маълумот, на ёрии тиббӣ, на роҳҳои алоқа, дар натичаи ин бояд ик- рор шуд, ки ҳокимияти мавчуда ҳатто хурдтарин зуҳуроти орзӯ барои ояндаи нек дода наметавонад»[131]. А.С. Снесарев бо тааччуб чунин изҳор доштааст: «Ҳар кас бешубҳа ба худ савол медиҳад, ки ҳокимияти Бухоро ба аҳолӣ чӣ медиҳад? Дар ин асно ба сари хонанда фикри беҳдошти маорифи халқ, ободонии шаҳрҳо, ёрии тиббӣ ва ғайра меояд. Мутаассифона хеле кӯтоҳ чавоб додан лозим меояд:

Қатъиян ҳеч чиз»[132].

Гарчи чунин тасдиқоту мисолҳо дар навиштаҳои муаллифони тоинқилобии рус хеле зиёданд, бо он чи дар боло аз гуфтаҳои онҳо ишора шуд, таваққуф намуда, барои тақвияти хулосаи онҳо боз ба ус- тод С.Айнӣ рӯ меорем, ки манбаъҳои мадохилу ҳадафҳои махоричи ҳукумати Бухороро хеле воқеъбинона ва илмӣ ба риштаи таҳлил каши- дааст. Аз чумла устод менигорад:

«Мадохили ҳукумати амири Бухоро расман ва асосан аз ҳисоби хироч ва закот буд. Хироч аз заминҳои корам гирифта шуда, закот аз молҳои тичорати дохилӣ ва хоричӣ, аз рама ва галаҳои дар даштҳо ча- ранда гирифта мешуд.

Дар замони амир Музаффар бо раҳнамоии қозӣ Садриддин ба бозорҳо ба номи «аминона» андозе вазъ карданд.

Хироч, ки дар замонҳои собиқ дар миқдори муайян ва сабуктаре ги- рифта мешуд, дар замонҳои охир ба дарачаи гирифтани тамоми маҳсули деҳқон расида буд.

Закот, ки шаръан соле як бор аз рӯи ҳисоби муайяне (ҳадди маълуми мол, ки додани закот бар он вочиб аст) гирифта мешуд, вақтҳои охир соле даҳ бор ҳам гирифта шуд. Аз мардикороне, ки пулашон ба сад танга ҳам намерасид, закот гирифта шуд... Манбаи дигари воридоти мамлакат аз тортуқ (ҳадя) - ҳои қозиҳо, раисҳо, миршабҳо ва аз ин қабил маъмурон буд»[133].

Аз хусуси масрафи амир аз он маблағе, ки вориди хазина мегашт, устод чунин хулосаи воқеъбинона намудааст:

«Масорифи асосии ҳукумати Бухоро маблағҳое буд, ки ба сарбоз ва элнӯкарҳо (нӯкарҳо аз қабилаҳои кӯчӣ - Ҳ.П.) пардохта мешуд.

Пеш аз инқилоби соли 1917 сарбози амир шаш ҳазор нафар буда, моҳона ва дигар харочоти онҳо як миллион сӯм тахмин мешуд. Элнӯкарҳо ҳазор нафар буда, харочоташон тахминан сад ҳазор сӯм буд. Хилъат ва маблағҳое ҳам, ки ба саркардагони ба тақоуд (нафақа) баромада ва муллоҳо дода мешуд, тахмин соле як миллион буд.

Бо ҳамин ҳисоб масорифи умумии амир солона ду миллиону дусад ҳазор сӯм буда, харочоти дигар (яъне аз 30 миллион - 27 миллиону 800 ҳазораш - Ҳ.П.), зебу ороиши дарбор ва разолатҳое аз қабили ишратҳои шабонаи махсус буданд.

Ба маъмурони идораҳои мулкӣ, ба хидматгорони дарбор, ба қозӣ, раис ва бекҳо ва ба одамони онҳо ҳеч маоше дода нашуда, тамоми маишати онҳо ба таври ғайримаҳдуд ба гардани фуқаро бор мешуд.

Аммо барои соҳиби аслии мамлакат - барои халқ, ки хазинаи ҳукуматро пур ва шиками тамоми маъмуронро сер мекард, як пул ҳам сарф намешуд.

Ба корҳое аз қабили маорифи халқ, нигаҳдории тандурустӣ, таъмири роҳҳои умумӣ, тақсими об, дастгирӣ ба камбағалон ва ёрӣ ба деҳқонон пул сарф кардан он сӯ истад, ҳатто номи ин қабил масъалаҳо ҳам дар миён набуд.

Хулоса, аз 30 миллион сӯме, ки ҳар сол чамъ мешуд, як қисмаш фақат ба айшу ишрати амир сарф шуда, дигараш барои муҳофизати тахти амирӣ аз шӯришу исёнҳои эҳтимолии мардум захира мешуд.

Дар ҳукумати Бухоро, чунонки ҳеч як идораи мунтазаме набуд, даф- тари мадохил ва махоричи мунтазаме низ вучуд надошт. Бинобар ин тамоми рақамҳои дар боло нишон додашуда тахминӣ ва қиёсӣ мебо- шанд. Инро низ бояд қайд кард, ки ҳисоби боло ба пеш аз инқилоби марти (феврали - Ҳ.П.) 1917 оид мебошад, пас аз ин бо зиёд шудани мадохил барои сарф кардан ба зидди инқилоб махорич низ зиёд шуд»[134]. Ин иқтибоси тӯлонии суханони устод, худ ба шарҳу эзоҳи иловагӣ эҳтиёч надорад, чунки мухтасаран, вале ниҳоят возеҳ аз ис- тисмору исрофкориҳои бемақсаду разилона ва ваҳшиёнаи амиру дигар маъмуронаш дарак медиҳад.

Табиист, ки дар заминаи ҳамаи ин чабру ситам, кинаю нафрати халқи маҳнаткаш нисбат ба амалдорону феодалон то рафт меафзуд.

## МУБОРИЗАИ ХАЛҚ БА МУҚОБИЛИ АСОРАТИ ИҶТИМОИИ АМОРАТ

Ба аморати Бухоро зӯран тобеъ намудани мулкҳои мустақилу ниммустақили Бухорои Шарқӣ ва сохтори идоракунии онҳоро барои истисмори номаҳдуди режими амирӣ мувофиқ сохтан, маънии беш аз пеш мустаҳкам гаштани низоми идоракунии феодалӣ ва ба маротиб афзудани истисмори ичтимоиро дошт. Беҳуда нест, ки мардум, гарчи аз ин пеш ба Бухорои «Шариф чун маркази исलому дин» таваччуҳ зоҳир мекарданд, акнун чӣ будани истибдоди манғитияро дида, чунин тобеъиятро қатъиян пазируфтан намехост. «Халқ, - менависад М.А. Варигин, - нисбати амир эҳтиром надорад... Амир ин бадбиниро пурра

эҳсос мекунад, вале боварӣ дорад, ки дар мавриди зарурӣ сарнайзаҳои рус ӯро ҳифз карда метавонад»[135]. Ин воқеъиятро муборизаи муттаси- ли сокинони Дарвоз, ки аз рӯзҳои аввали тобеъ намудани он ибтидо гирифта буд, возеҳан собит месозад.

Капитан Кузнетсов дар яке аз мактубҳои худ ишора кардааст, ки аҳолии Дарвоз «қариб ба ом амиррс

Деҳқонони деҳаҳои Лочирг, Лангар, Сарха ва ғайра ҷамъ омада қарор карданд, ки қалъаи Лочирг - қароргоҳи амлокдорро оташ зананд. Онҳо бо шохаву белу каланд мусаллаҳ шуда, бо бандчаҳои хасу хошоки дар роҳ барои иҷрои ин мақсад ҷамъ оварда ба сӯи қалъа ҳаракат наму- данд. Ба маслиҳати қозӣ, ки онҳоро аз ин райъашон баргардонданӣ буд, гӯш надода қалъаро оташ заданд. Дар ин асно навкарони зиёди амлокдор, ки аз мақсади деҳқонон пештар хабар ёфта буданд, бо яроқ ба қалъа шитофта, муқобилияти шӯришчиёнро шикаста, оташро хомӯш карда тавонистанд. Бисёре аз ташаббускорони ин ҷунбиши халқи бераҳмона ба ҷазо расонда шуданд[141].

Чунин ҷунбишҳо дар дигар амлакдориҳо низ ба назар мерасиданд. Аз ҷумла дар байни сокинони амлокдории Ванҷ нақлу хабарҳои зиёде аз хусуси сарпечии сокинони он аз иҷрои андозҳои ғайришариатӣ гувоҳӣ медиҳанд. То ба имрӯз ибораи барои сокинони миразории Во- дхуд раводидаи амалдорони андозғундори амирӣ - «Водхуд сари худ» дар хотири мардум пойбарҷост, ки худ шаҳодатест аз ғуруру сарпечии онҳо аз иҷрои андозу маҷбуриятҳои ғайришариатие, ки дар бораи онҳо дар боло ишора шудааст.

Шиддат ёфтани ҳаракатҳои инқилобӣ дар Русия ва қаламрави он Туркистон барои аморати Бухоро бетаъсир намемонд. Ин ҳолат дар давраи инқилоби аввали Русия солҳои 1905-1907 бараъло мушоҳида мешуд. «Аз соли 1907, - навиштааст Д.Н. Логофет, - дар аморати Бу- хоро дар байни аҳолӣ ҷунбишу изтироби номуайяне мушоҳида карда мешуд... дар аснои андозғундорӣ задухӯрдҳои ҷанҷандон калон тез-тез рӯй медодагӣ шуда, қариб ба ҳодисаи доимӣ мубаддал гашта буданд... Эҳтимолияти бетартибию бенизомӣ дар фазо дар шакли хабарҳои тах- луқаомези характери номуайяндоштае ба гӯш мерасид. Мо ки дар деҳаи дурдасти Бухорои Шарқӣ будем, аз одамон хабарҳои мухталифи тоза мешунидем. Гоҳ мегуфтанд, ки дар бекии Ҳисор бенизомӣ рух дода амлокдорро лату кӯб намудаанд, ё хабаре паҳн мешуд, ки дар Деҳнав закотҷиро ба ҷазо расондаанд. Норозигии ваҳмангез аз бекҳо бо тттикоятхои зиёде нисбати амалдорони хурд омехта шуда, билохира возеҳан аз хусуси эҳтимолияти сар задани шӯриш дар хонигарӣ гапу овозаҳо паҳн мешуданд»[142]. Аз ин вазъи барои амалдорону тамоми ре- ҷими амирӣ ташвишовар бекигарии Дарвоз дар канор буда наметаво- нист.

Бояд қайд кард, ки дар ҳаракатҳои халқӣ мардикорон мавқеи пешсафӣ доштанд. Ба тахмини баъзе тадқиқотчиён ҳар сол аз мардони қобили меҳнати бекигариҳои Бухорои Шарқӣ, аз танқисии рӯзгор ва камзаминӣ то 15-20% ҷун мардикори доимӣ ё ба сифати коргари мавсимӣ барои дарёфти музди ночизе ба шаҳрҳои марказии Бухоро, генерал-губернатории Туркистон ва ҳатто то Қафқоз муҳоҷират мена- муданд[143]. Онҳо дар корхонаҳои саноатӣ кор карда, ба истисмори сах-

ти соҳибкорон ва сармоядорон дучор гардида, нобаробарии ичтимоиро бо ёрии коргарони касбии рус ва намояндагони дигар халқияту миллатҳои Русия бештар эҳсос мекарданд. Онҳо табиист, ки аз таъсири мавчи ҳаракатҳои инқилобии ибтидои асри XX дар канор монда наме- тавонистанд. Ба замми ин ҳангоми бозгашт ба диёр на ҳамаи он музди ночизи бо сад машаққат ба даст овардаашонро то манзили зист расонда метавонистанд. Баъзан баъди бочи гумрукӣ ва андози бераҳмона си- тондаи закотчии маҳаллӣ дар бисоти мардикори аз чунин роҳи дур баргашта андаке пулу моли овардааш мемонду халос. Дар ин бора ус- тод С.Айнӣ мушоҳидоти хешро чунин қаламдод намудааст: «Мардуми кӯҳистон ба вусъати хоки диёр ва ҳосилхезии он нигоҳ накарда, фақир, мӯҳточ ва гуруснаву бараҳна монда мачбур мешуданд, ки ҳар сол ба вилояти Фарғона рафта ҳаммолӣ ва мардикорӣ кунанд. Ин бечораҳо пас аз он ки бо арақи чабин панч - даҳ танга пул чамъ карданд, бо ка- шиши меҳри ватан ва қавму ақрабо ба зодгоҳи худ бармегаштанд. Ам- мо ҳамин ки аз ҳудуди Фарғона баромада ба хоки Бухоро қадам гузош- танд, навкарони хунхори ҳокимони чаббор ин бечорагонро дастгир на- муда, бо «исми шарифи» закот чизу чораи хуби ба назар намоёнашон- ро аз дасташон мегирифтанд. Ин бечораҳо каму беш чизҳои аз яғмо бозмондаи худро чамъ карда, ҳамин ки ба зодгоҳи худ омаданд, ба во- ситаи сардорни қабила ва амалдороне, ки ҳамкори ҳокимон мебошанд, ҳар рӯз ба сарашон чанчоле барпо мегардид ва то тамом шудани он пул ва ашёе, ки аз Фарғона оварда буданд, ин тӯҳматҳо давом мекард. Фақири бечора дар хонаи худ, назди зану фарзандони худ чои худро гарм накарда, «ҳубби ватаним чиқордӣ кӯтаним» гуфта, боз мачбур ба гурехтан ба Фарғона мегардид. Агар яке аз онҳо аз хешовандони на- здики худ, модар ва хоҳари худро ҳамроҳ бурданӣ шавад, ҳокимҳо роҳ намедоданд, зеро медонистанд, ки агар дилбастагони ин бечораҳо дар он чо набошанд, онҳо ҳаргиз ёди ватан нахоҳанд кард ва ҳокимон аз даромади бузурге маҳрум ҳоҳанд шуд»[144].

Дарвоз аз радифи ин гуфтаҳои устод С.Айнӣ истисно буда намета- вонист. Солхӯрдагони ноҳияи Дарвоз, ки худ шоҳиди ҳол будаанд, солҳои 40-50-уми асри гузашта, ҳангоми сӯҳбат борҳо дар ҳузури зода- гони диёр - олимони шинохта Одил Мачлисов, Муҳаммаднаим Раҳимов, Назришо Латифов аз чунин бедодгариҳо ёдовар шудаанд. Масалан, ҳангоми сӯҳбат бо Назришо Латифов мардикорони собиқ аз деҳаи Вишхарв ба кадом ҳолат дучор шудани худ ва дигар ҳамдеҳагонашонро баъди баргаштан аз мардикорӣ хотироташонро чу- нин овардаанд: «Тахминан солҳои 1916-1917 мардикоре бо исми Наза- ров Шафеъ аз қишлоқи Убағун аз Фарғона ба деҳаи худ баргашт. Баъди ба амалдорон аз рӯи қоидаи ба ҳукми анъана даромада додани тӯҳфаҳо, рӯзи дигар худ бо калӯшу маҳсии нав ба кӯча баромада, ба танхоҳдораш, ки чун «буна» ӯро дар тобеъияташ нигоҳ медошт - Та-

валло эшик оғобошӣ вохӯрд. Дидан замоно танходор аз худ баромада дод зад: «Шафеи пойлуч бо маҳсӣ мегардад! Вой бар ҳоли мо!» Баъди ин бо баҳонаи ба Қалъаихумб барои салом ба назди мир (бек. - Ҳ.П.) рафтанаш, калӯшу маҳсии Шафеъро кашида гирифта дигар барнагар- донд». Ба ҳамин монанд мӯзаҳои М. Розиқовро (ҳамсӯҳбати муаллиф - Ҳ.П.) Сайфиддин тӯқсабо ва болопӯши пашмини (палто) Р.Шарифовро Кабир Қаровулбегӣ аз худ намуданд. Ин мисолҳоро дар дигар чойҳои бекигарии Дарвоз мушоҳида кардан мушкилие надошт»[145]. Маҳз чунин мардикорон, ки бевосита ба ҳаракатҳои инқилобии шаҳрҳои марказии саноатӣ шиносоӣ доштанд, ба зулму истисмори тоқатшикани амалдо- рону феодалони маҳаллӣ тоб наоварда, дар чунбишҳои халқӣ ташаббу- скориву пешсафӣ нишон медоданд.

## ҲУНАРМАНДӢ

Аз қадимулайём ҳунармандӣ ё косибӣ яке аз тарафҳои хеле муҳими шуғли мардуми кӯҳистон ҳисоб меёфт. Муносибатҳои патриархалӣ, хочагии натуралӣ, мавчуд набудани бозори дохилӣ, мушкилоти ба роҳ мондани савдои берунӣ, вобаста ба ин характери молӣ пайдо накарда- ни истеҳсолоти ҳунармандон, ниҳоят заиф будани тақсимоти меҳнат ва дар ин замина ҳанӯз аз кишоварзӣ чудо нашуда ба шуғли касбӣ табдил наёфтани он ва ғайра, ки аз воқеияти замон бармеомад, пешрафти бе- майлони онро халалдор мекарданд. Вале мардуми табиатан зебоипара- сти диёри Дарвоз ба туфайли заҳмати мутассил ин шуғли ачдодиро сайқал дода, бо санъати баланди ҳунармандии хеш, нафақат дар Бухо- рои Шарқӣ, балки, инчунин, дар тамоми минтақа ва ҳатто берун аз он шӯҳрат пайдо карда буданд. Тамоми навъҳои истеҳсолоти ҳунармандӣ ва косибиро дар ин чо мушоҳида кардан мумкин буд. Агар аз берун ворид шудани баъзе навъҳои молҳои ниҳоят пурарзишу баландсифати барои қобилияти харидории феодалону сарватмандон ва амалдорони маҳаллӣ мувофиқро сарфи назар намоем, ҳунармандон билкул зарура- ти рӯзгор ва хочагидорӣ, инчунин талаботи рӯзгордории мардумро пурра таъмин менамуданд.

Бояд қайд кард, ки доираи истеҳсои маҳсулоти ҳунармандӣ дар қаламрави бекигарии Дарвоз ниҳоят васеъ буда, таҳлили пурра ва до- манадорро тақозо мекунад. Ҳамаи онро дар ин китоб ғунчондан зару- рат надорад. Аз ин лиҳоз бо тақозои вазифа ва ғунчоиши ин китоб бо шарҳу тавзеҳи баъзе навъҳои ниҳоят заруру маъмули ин соҳаи шуғли аҳолӣ иктифо мекунем.

**Бофандаги**. Ин навъи фаъолияти меҳнатии ниҳоят зарурии ачдодӣ дар тамоми қаламрави Дарвоз васеъ паҳн шуда буд. Дастгоҳи бофанда- гии анъанавиро қариб дар ҳамаи хонаҳои сокинони Дарвоз дидан мум- кин буд. Як-ду тан аз мардони хонавода, баъди ғунучини пахтаи

маҳаллӣ - ғӯза, хушкондану аз ҳаллочӣ гузаронидан ва аз тарафи занон дар чарха ресидани риштаи зарурӣ аз нахи он дар рӯзҳои аз корҳои кишоварзӣ фориғи зимистон ба бофтани матои пахтагин (дар шароити мавчуд будани захираи кофӣ матои пашмин) машғул шуда, талаботи зарурии хонаводаро таъмин мекарданд.

Кам набуданд ҳунармандони ин соҳа, ки ба ивази чизе (чорво, маво- ди дигари ғизоӣ) барои ҳамдеҳагони худ матоъ мебофтанд. Дар баро- бари ин деҳқонони вобаста ба зарурат муваққатан ба бофандагӣ машғулшаванда, бофандагони касбӣ низ буданд. Онҳо бештар дар деҳаҳои серодам ва маркази бекигарию амлокдориҳо фаъолият дош- танд.

Шарқшиноси маъруф А.А.Семёнов натичаи мушоҳидоти худро дар Дарвози ибтидои асри XX чамъбаст карда, кайд намудааст, ки ин диёр яке аз марказҳои муҳимми бофандагии Бухорои Шарқӣ ҳисоб меёбад. Матои пахтагини сафед ё рангаро, ки либоси асосии тамоми кӯҳистониён аз хурд то калон ҳисоб меёбад, дар ҳамаи хонаҳо мебо- фанд. Ресмон, ришта ё калобаи онро занон тайёр карда, бофтанаш пур- ра ба зиммаи мардон меафтад[146]. Дар ин диёр мисли дигар чойи Осиёи Миёна аз мӯина (пашм) ҳаргуна матои пашмину нимпашмин мебоф- танд[147]. Бахусус бофтани чӯробҳои пашмин бо нақшу нигори ачибу ғалатӣ дар ин чо ба ҳукми анъана даромада буд ва то имрӯз ин шуғли авлодӣ пойбарчост[148].

Аз пашм тайёр намудани матои рағза, ки барои дӯхтани чакман ис- тифода мешуд, бахусус дар деҳаҳои баландкӯҳи Равнов, Варчуч ва



*Намудҳои гуногуни чодар (ибтидои асри XX).*

Пшихарв бофтани ин навъи матоъ ба хукми анъана даромада буд. Ҳамчунин аз матои пурдошти пашмин палос ё шолча, чодар, рағзаи чувол, пайтоба, айили асп, хӯрчин ва дигар маҳсулоти барои либоси болопӯшу рӯзғордорӣ муҳим тайёр мекарданд. Дар ин радиф аз чодари (палос) аз пат - ми (мӯи) буз бофта, ки онро «чодари бузмӯгӣ» мегуфтанд, ёдовар шудан лозим меояд. Ин навъи маҳсулот барои густурдан ба фарши андоваи гилин дошта ё ба сифати полони асп мавриди истифода қарор меёфт, зеро ин навъи чодар намнокиро аз худ намегузаронд. Пушти аспи бо ин полон пӯшондашуда ҳатто муддати тӯлонии дар зери борон мондан тар намешуд[149].



Азбаски бофандагӣ чун яке аз навъҳои дар он замон ниҳоят зарурии ҳунар ва шуғли авлодӣ имрӯз бар асари пешрафти техникӣ қариб бата- мом аз байн (агар аз чӯроббофию баъзе аз либоси болопӯши пашмини бофти дастӣ сарфи назар кунем) рафтааст, лозим меояд, ки хонандаро ба баъзе аз нозукиҳои ин фаъолияти бобоӣ шинос намоем.

Ашёи хоми барои бофандагӣ зарур навъи пахтаи чойдорӣ (маҳаллӣ) - ғӯза ҳисоб меёфт, ки онро дар Дарвозу Қаротегин пахтаи чиртик (чртик) мегуфтанд. Дар Дарвоз, махсусан дар деҳоти соҳили Панч кишти пахта чун зироати техникии анъанавӣ ривоч пайдо карда буд. Дар заминҳои соҳили Хингоб, ки ба сабаби сардии иқлим ҳосили дилхоҳ дода наметавонистанд, пахта хеле кам кишт карда мешуд. Со- кинони ин минтақа онро бештар аз Қаротегин, бахусус аз Пунбачӣ (Нурободи имрӯза) мегирифтанд. Дарвоз нафақат талаботи худро ба ин навъи зироат таъмин мекард, балки, инчунин, нахи онро ба бозорҳои Қаротегин, аз чумла: Ғарм, Ҳоит ва Қалъаи Лаби об барои фурӯш ме- баровард. Дар Дарвози соҳили Панч, дар ибтидои асри XX (пеш аз инқилоб), - ишора намудааст А.А. Семёнов, - пахта ё ғӯза «чои тамо- ми дигар зироатҳои ғалладонаро қариб танг намуда, дар катори дарах- тони тут яке аз нишондиҳандаҳои хоси ин қисмати Дарвоз ҳисоб меё- бад. Дар ин чо ба истеҳсоли пахта аҳамияти аввалдарача дода, сокино-




*Намудҳои либоси маҳалли (асри XIX- ибтидои асри XX)*

наш ифтихори худро пинҳон надошта мегӯянд, ки фақат «мо дарвозиҳо матои (хушсифат - Ҳ.П.) пахтагин бофта метавонем»[150]. Бояд қайд кард, ки пахтакорӣ дар Дарвоз бо мурури то рафт бештар ворид шуда- ни молу матои гуногун рӯ ба таназзул ниҳода, дар ибтидои солҳои 50- уми қарни гузашта батамом қатъ шуд. Ханӯз соли 1928 кишти пахта дар Дарвоз (он вақт тумони Қалъаихумб) 13,6% тамоми кишти заминҳои обиро ташкил медод, ки 647 десятина (андозаи русии масоҳати замин буда, як десятина ба 1,09 гектар ё 4 таноб баробар аст) заминро дар бар мегирифт[151].

Коркарди пахтаи навъи чойдорӣ ё ғӯза хеле заҳматталаб буд. Азба- ски пахта пурра намешукуфт, онро дар аксар мавридҳо хушконда дастӣ аз кӯрак чудо мекарданд. Баъди то охир хушкондан, барои пун- бадонаааашро чудо кардан онро аз ҳаллочӣ гузаронида, дар болои бӯрё ё матое паҳн карда, бо химчаи сахти ирғай (шаппачӯб), ё бо камонғӯлаки махсуси тори (зеҳ) таранги аз рӯдаи чорво (буз ё гӯсфанд) тайёршуда дошта (камони шапанда, паянда, паангӣ ё паяндагӣ) суст

мекарданд. Ин амал санъати махсусро талаб мекард. Шахси соҳиби ин касбро паянда ё шапанда мегуфтанд. У ҳангоми ба пахтаи ғарам ё паҳнкардашуда наздик расондани камон бо ғалтакчӯби махсус (кӯва) ба зеҳ мезад ва дар навбати худ зеҳ бо ларзиши баланд ба пахта ё пашм расонда шуда, онро суст ва тунук мекард. Сипас онро пилтамол карда, барои аз чарха гузаронидан тайёр намуда, барои нам нагирифтан дар сабадчаҳо нигоҳ медоштанд. Кори муҳимми пеш аз бофтан чарха ре- сидан ва бо ин восита тайёр кардани нах (ришта) буд. Ин кори нозуку заҳматталаб ба зиммаи занҳо меафтид. Аз ин нахи тайёр ҳунарманди касбӣ (касе, ки матоъро фақат барои фурӯш истеҳсол мекард) ё аксаран деҳқони муваққатан аз кори саҳроӣ фориғ дар дастгохи махсус, ки он- ро «сари кори бофандагӣ»,«дӯкони бофандагӣ», «сари кори карбосбофӣ», «чоҳи бофандагӣ» мегуфтанд, матоъ мебофт. Агар ба бофтани матои пашмин машғул мешуданд, дастгоҳро дӯкон, чоҳ ё «са- ри кори рағзабофӣ» меномиданд.

Яке аз корҳои заҳматталаб дар истеҳсоли матоъ ранг додани он буд. Рангҳои гуногунро аз ҳаргуна рустанӣ тайёр мекарданд. Масалан, ран- ги сурхро аз рӯян мегирифтанд. Ин навъи рустаниро кишт намуда, баъди се сол дар моҳи қавс (тахминан аз 10 ноябр то 8 декабр) реша- ашро аз замин канда мехушконданд. Сипас онро майда карда, аз хока- аш ранги сурх тайёр мекарданд. Баланду паст кардани ранг ба миқдори хока вобаста буд. Барои гирифтани ранги зард маҳлули аз чоғари да- рахти чормағз, тут, зардолу, гули рустаниҳои испарак, ҳасанак ё аз решаҳои шилхаву зелол гирифтаро истифода мекарданд. Ранги кабуд ё нилобиро аз решаи рустании торон, пӯсти (пучоқ) ҳанӯз норасидаи (ҳанӯз нахушкида) мегирифтанд. Ранги сиёҳро аз пӯчоқи анор ва хокаи оҳан мегирифтанд. Ҳамин тарик дигар навъҳои рангро истеҳсол наму- да[152], бо ин роҳ ҳунармандони Дарвоз матоҳои ниҳоят хушрангу бозор- гир аз қабили алача беқасаб, алифтор ва ғайра истеҳсол мекарданд.

**Оҳангарӣ**. Коркарди оҳан ва аз он тайёр намудани олоти истеҳсолот, асбобу ускунаи рузғордорӣ яке аз хунарҳои ачдодии мар- думи Дарвоз буда, аз қадимулайём шӯҳрати ин диёрро ба дуриҳои дур бурдааст. Дар тамоми Бухорои Шарқӣ аз рӯи маълумоти шоҳидон ду маркази хунармандӣ - Қаротоғ ва Қалъаихумб дар касби оҳангарӣ мавқеи пешсафӣ доштанд. Олими рус Г.Е. Грум-Гржимайло беасос қайд накардааст, ки дар коркард ва истеҳсоли маҳсулоти оҳангарӣ Ҳисор ба дарачаи Қалъаихумб намерасад. Маҳсули дасти устоҳои ин маркази ҳунармандӣ берун аз кишвар шӯҳрат пайдо кардааст. Ба гуф- таи ӯ кордҳои дар ин чо тайёр шуда, ба коркарди оддии ҳунармандон нигоҳ накарда, ниҳоят хубанд[153]. Баъзе аз саёҳону тадқиқотчиёни рус бар ақидае будаанд, ки гӯё пештар дар давраи парокандагии феодалӣ, замоне, ки чангҳои байни мулкҳои ҳамсоя қариб беист идома доштанд, талабот барои тайёр намудани шамшеру ханчар хеле зиёд будааст ва

устоҳои моҳир онҳоро бо сифати баланд месохтанд. Д.Н. Логофет ҳангоми сафар аз Деҳнав ба Ҳисор аз роҳбалади таҳчоӣ шунидааст, ки пештар устоҳои Ҳисору Қалъаихумб шамшеру ханчарҳои хеле зиёду бо сифати ниҳоят баланд истеҳсол мекарданд. Акнун чангҳои пештара аз байн рафтаанд ва эҳтиёч ба ин навъи яроқ намондааст. Дар баробари ин санъати баланди касбӣ низ рӯ ба таназзул ниҳодааст. Ба чои ханчару шамшери баландсифат, устоҳо корду оҳани испор (чуфт) ме-сохтанд[154].

Дар дигар навиштаҳои муаллифи номбурда омадааст: «Ба ғайр аз наъл, табар, оҳани испор, каланд, дос, ки дар тамоми деҳаҳову шаҳрҳо устоҳои маҳаллӣ аз оҳани нисбатан сусттар (нармоҳан) месозанд, дар Ҳисор, Қалъаихумб ва Ғарм корду теғу ханчарҳои ниҳоят аълосифат тайёр мекунанд. Аз он чо ин моли бозоргузар дар тамоми хонигарӣ паҳн карда мешавад»[155].

Дар бораи санъати баланди касбии устоҳои оҳангари Дарвоз сухан ронда, бояд аз як ҳақиқат ёдовар шуд, ки усули димишқии коркарди оҳанро фақат дар Дарвозу Қаротоғ истифода мебурданд. Усули ном- бурда ин тавр сурат мегирифт: Оҳани аълосифатро гирифта, усто онро дар коргаҳ то дами суп-сурх шудан тафсонда, бо путк кӯфта, ба тунука табдил медод ва онро ба чои об дар равған хунук карда, ба ҳамин мо- нанд боз як тунукаи дигар тайёр мекард, сипас ҳарду тунукаро тафсон-да ба ҳам мепечонд. Дар натичаи аз нав кӯфтан онро ба як тасмаи тунукагӣ табдил дода ва боз тоб медод. Ин амалро чиҳил маротиба такрор карда, ҳар замон ба чои об онро дар равған хунук мекард. Дар натича шамшери пӯлодини ниҳоят тунуку қайиш ва сахте тайёр ме- шуд. Дастаи онро аз устухони фил месохтанд, дар даста барои ҳалқа кардану нӯки шамшерро даровардан сӯрохии ғилофмонанд месохтанд. Ин гуна шамшерро дар миён низ ҳалқа карда гаштан ва дар мавриди зарурӣ кушодан хеле муносиб буд. Ин усулро барои он димишқӣ ме- гуфтанд, ки чунин тарзи сохтани шамшерро дар шаҳри Димишқ (пой- тахти Сурия) дар асрҳои миёна истифода мекардаанд. Шамшери бо ин усул сохтаашро усто дар назди харидор месанчид. Чунин шамшер бо як задан ғӯлаоҳани баробари ангуштро мебурид ва дамаш намегашт. Аз ӯҳдаи ин кор ҳар устои қаторӣ баромада наметавонист.

Чунин ҳунармандон хеле кам буданд. Онҳо тамғаи худро доштанд, ки аз рӯи он дар ҳар кучо ҳунари кадом усто буданашро муайян мекар- данд. Масалан, дар шамшере, ки чунин тамғааш ба шакли се ҳилоли ба анъанаи усто мувофиқ дар назди даста, нишонаҳои шакли ситора, бо- домча ё худ номи усто ҳаккокӣ шуда буд, маънии онро дошт, ки ин шамшерро фалон ҳунарманд сохтааст ва дар сурати бо як зарба сари душманро аз тан чудо накардан ва дамаш гаштан зани усто се талоқ хоҳад шуд. Яъне усто ба сифати баланди маҳсулоташ кафолат медод. Яке аз чунин устоҳои соҳибмактаби Қалъаихумб Устодавлат буд, ки

дар айёми пиронсолӣ ҳам (то солҳои 30-уми асри гузашта) шуғли касб дошта, нафақат дар хонигариҳои Осиёи Миёна, балки, инчунин, дар давлатҳои ҳамсояи Ҳинду Чин шӯҳрат доштааст. Табиист, ки моли чу- нин ҳунармандон хеле камёфту қимат ва ба арзиши чанд асп баробар будааст. Аз рӯи баъзе маълумотҳо дар арафаи инқилоб дар Қалъаихумб
7 устои соҳибмактаб фаъолият мекарданд, ки дар тамоми минтақа шӯҳрат доштанд. Онҳо милтиқ, корд, ханчар, дудама, асоханчари ба- ландсифат месохтанд. Анъанаи баланди касбии он ҳунармандонро шо- гирдонашон то солҳои 40-ум - ибтидои солҳои 50-ум идома медоданд.

Аз рӯи мушоҳидаи А.Шишов дар Ҳисор, Кӯлоб ва Дарвоз ду навъи милтиқ истеҳсол мекарданд: «камуни фаранг» (милтиқи франсузӣ ё аврупоӣ) ва «камуни сиёҳ» (милтиқи чойдорӣ). Милтиқи фарангӣ нис- бат ба милтиқи сиёҳ сабуктару мили дарозтар дошта нишонрастар буд[156].

Касби устоӣ анъанаи авлодӣ буда, аз падар ба писар ҳамроҳи коргаҳ ба мерос мегузашт. Дар баробари ин шахсиятҳои барчастаи касбӣ мак- таби худро доштанд, ки он таълимгоҳи ҳақиқиро мемонд. Ҳастанд далелҳое, ки барои аз ин таълимгоҳ гузаштан ва «дасти пир гирифтан» падарони ҳавасмандии писаронашонро нисбати ин касб эҳсос намуда (аксаран падарони худ шуғли ин касб дошта), онҳоро то Бухорову Фарғонаву Тошканд мебурданд[157]. Мӯҳлати тахсил шартан муайян на- буд, аксаран 3-4 сол ва баъзан то 5-6 сол ва аз ин зиёд. Ин бештар ба қобилияти шогирд ва дарачаи касбии устод вобаста буд. Дар тамоми давраи таълими касб кардан шогирд дар хонаи устодаш зиндагӣ дошта, дар корҳои зарурии рӯзгордорӣ низ ба ӯ шарикӣ мекард. Падари устои оянда сари чанд вақт, вобаста ба имконият, бо тӯҳфаю (одатан либос - сарупо) озуқаворӣ барои усто ба аёдати фарзанд рафта, аз ҳолу аҳвол ва дарачаи касбомӯзиаш бевосита ошноӣ пайдо мекард. Бо супориши усто шогирд дар назди падар амалан дарачаи дастоварди касбии худро нишон медод. Баъди анчоми таълим падар бо тӯҳфаҳои ба дарачаи касбӣ ва нуфузи усто мувофик ва молу чорво (аксаран гов) ба хонаи усто омада, зиёфати калон мeoрост. Баъди анчоми ин тааммул устод дар ҳузури мардум ба шогирд, - «Ҳазрати Довуд - пири оҳангарон, камари туро бандад, дар касбат барака диҳад», - гуфта фотеҳа медод. Ин расм дар Дарвоз бо номи «камарбандон» маъмул буд. Ба диёр бар- гаштани ҳунарманди «дасти пир» ё дуои пир гирифта, чун падидаи хе- ле муҳим аз тарафи ҳамдеҳагон истиқбол мешуд. Падари устои чавон боз зиёфат ороста, дар назди ҳамдиёрон нафақат аз рисолати касбӣ ё фотеҳаи пир гирифтани фарзандашро қайд мекард, инчунин бо як иф- тихори махсус тӯҳфаҳои ба устои чавон додаи устодашро, ки аз сарупо ва муҳимтар аз ҳама асбобу ускунаи барои коргаҳ ниҳоят муҳим ибо- рат буданд, намоит медод. Албатта, ин таълими касбӣ яктарафа набуд. Ба назди устоҳои овозадори Дарвоз низ аз ноҳияҳои дуру наздик шо-

гирдон омада, дар асоси талаботи «Рисолаи оҳангарӣ» тарбияву таҷрибаи мукаммали касбӣ мегирифтанд.

Барои сохтани маҳсулоти аълосифати пӯлодин оҳани мувофиқ да- рёфт кардан лозим меомад. Хушбахтона, дар Дарвоз аз ин ҷиҳат танқисӣ эҳсос намешуд. Аз қадимулайём истеҳсоли чунин оҳан дар Ванҷ ба дараҷаи зарурии эҳтиёҷ ба роҳ монда шуда буд. Ба истиснои Қаротоғ, ки дар наздикиаш кони оҳани нисбатан пастсифаттар мавҷуд буд ва барои сохтани асбобҳои рӯзгордорӣ истифода бурда мешуд, ди- гар тамоми марказҳои коркарди оҳани Бухорои Шарқиро аз ин навъи фузулоти ниҳоят баландсифати табиӣ Ванҷ таъмин мекард.

Истеҳсоли оҳан ё оҳангудозӣ аз касбҳои хеле қадимаи мардуми во- дии Ванҷ буд. Ба туфайли олимону сайёҳони тоинқилобӣ ва солҳои ав- вали баъдиинқилобии рус доир ба заҳмати истеҳсолкунандагони оҳан дар Ванҷ маълумоти зиёде боқӣ мондааст, ки дар асоси онҳо ин шуғли ниҳоят зарурии бобоиро нисбатан возеҳ қаламдод намудан мумкин аст. Бино ба мушоҳидаи олимони равияҳои мухталифи табиатшиносӣ ва таъриху мардумшиносӣ Б.Л. Громбчевский, П.Е.Косяков, Н.Косинен- ко, Д.И.Мушкетов, Д.Д.Наливкин, М.С.Андреев ва дигарон, ки дар охири асри XIX - ибтидои асри XX дар ин диёр мушоҳидаҳои илмӣ кардаанд, истеҳсоли оҳан аз шуғлҳои асосии сокинони Ванҷ ва соҳаи сердаромаду то дараҷае зарурати иҷтимоии истеҳсолкунандагонро таъминкунанда ба шумор мерафт.

Гарчи маъдани оҳан дар бисёр ҷойҳои водии Ванҷ ёфт мешуд, мар- кази асосии истеҳсоли он деҳоти Техарв, Потов ва Пойимазор ҳисоб меёфтанд. Тибқи маълумоти Б.Л. Громбчевский оҳани аз ҷиҳати сифат беҳтарин дар Ҳарамдараи Ванван истеҳсол карда мешуд, ки дарёфту гудозиши он аз замонҳои хеле қадим ибтидо гирифтааст.

Оҳансанг ё маъданро бо зоғнӯлу (каноч) мисрони ҷойдорӣ сокинони маҳаллӣ аз кон берун меоварданд. Оҳанро дар кӯраҳое (одитарин печи домнагӣ), ки аз санги ба ҳарорати баланд тобовар сохта мешуданд, бо роҳи ҳашар мегудохтанд.

Олими бузурги мардумшинос М. С.Андреев, ки рафти истеҳсоли оҳанро бевосита мушоҳида кардаст, чунин менигорад:

«Дар кӯҳҳои Ванҷ тоҷикон маъдани оҳанро дар ҳар куҷо пайдо кар- даанд, вале конҳои асосӣ ва муҳимтарин сетоанд: 1) кони Техарв; ҷои аз ҳама зиёд оҳанистеҳсолкунӣ дар наздики деҳаи Техарв, 2) Пойима- зор - дар болооби Ванҷ ва 3) дар назди деҳаи Потов... Маъдани беҳтарин аз рӯи сифат маъдани Техарв, баъди он маъдани Потов ҳисоб меёбад. Дар конҳои Техарв, ки дар кӯҳ воқеанду аз ҳар тараф нақб канда шудаанд, аз равшании шамъ истифода бурда мешавад. Ба ҳисоби миёна барои дурусттар дидани маъдан камаш аз 4 шамъ истифода ме- шавад. Маъданро бо табар мекананд. Як одам дар як рӯз аз 20 то 40 пуд маъдан канда ҷамъ оварда метавонад. Аз ин мебарояд, ки кор он

қадар вазнину пурмашаққат набудаст (дар ин чо муаллиф, бешубҳа қуввату қобилияти кории ба мардуми ин диёр хос бударо ба назар на- гирифтааст. - Ҳ.П.). Ду нафар ба кандани маъдан машғул мешаванд. Се ё чор нафар, аз ҳама кам - ду нафар маъданро аз нақб берун меба- роранд. Баъди он ки миқдори барои кӯраи гудозиш мувофиқи маъдан (аз 20 то 50 пуд, ки ба миқдори захираи ҳезум ва ангишти чӯб (лахча) вобаста буд) чамъ шуд, гурӯҳи одамон онро пуштора, ба воситаи пайроҳаҳои душворгузар, ки барои ин аз шикорчӯб (асои дароз аз ғалтаки чӯби сахт, ки дар охираш оҳани нӯктез васл шуда буд ва ба за- мин ғӯтида бехатарию мувозинати шикорчӣ ё кӯҳгардро нигоҳ ме- дошт. - Ҳ.П.) истифода карда, мекашонданд. Гурӯҳи барои кандани маъдан сафарбаршуда одатан аз 5 то 20 нафар иборат аст. Агар ин ода- мон аз деҳаи Техарв набошанд, маъданро бор карда ба деҳаҳои худ ме- баранд...

Давраи мувофиқи аз кон кандани маъдан ва истеҳсоли оҳан охирҳои тирамоҳ, вақте ки корҳои саҳрой ба охир мерасанд, сар мешавад. Дар ин давра мардум гурӯҳ - гурӯҳ ба кандани маъдан ва гудозиши он машғул мешаванд. Онҳое, ки ин корро тирамоҳ анчом дода наметаво- нанд, аввали баҳор ба ин кор машғул мешаванд.

Аз қисми болои водии Ванч сар карда, то деҳаи Бунай истеҳсоли оҳан, баъди захираи маҳсулоти кишоварзӣ, муҳимтарин воситаи даро- мади иловагӣ ҳисоб меёбад, ки зиндагии мардумро таъмин менамо- яд»[158].

Тибқи маълумоти олими номбурда дар Ванчи боло, дар он чое, ки захираи ҳезуму ангишт кофист, қариб ҳар соҳибхона кӯраи оҳангудозии худро дошта, ба иштироки бутуни ҳамаи аъзоёни оила ё ҳашар оҳан истеҳсол менамуданд. Дар қисми поёнии водии Ванч, ки захираи ҳезум камтар аст, чанд хонавода якчоя ба тариқи шарикӣ ба кандани маъдан ва гудохтани оҳан машғул мешуданд. Масалан, дар Техарв, агар як кӯра ба 6 хонавода рост ояд, дар деҳаи поён - Бунай ба 18 хонавода рост меомад.

Миқдори аз кон баровардани маъдан ва истеҳсоли оҳан, пеш аз ҳама, ба захираи ҳезуму лахча (ангишти ҳезум) вобаста буд. Ба ҳисоби миёна дар кӯраҳои дастчамъӣ аз 25 то 50 бори пуштораи маъдан, ки онро «марсанг» (бори пуштораи як мард, ки тахмин ба 3 пуд баробар буд) мегуфтанд, маъдан рехта ва гудохта мешуд.

Кӯраи оҳангарӣ ба заминкане шабоҳат дошт, ки дарозиаш 3,5 ва ба- ландиаш ба 2,5 метр баробар буда, бо сангу лой девор карда шуда буд. Бо мурури аз замин баланд шудан девор танг шуда, шакли гунбазро мегирифт. Дар пойгаҳаш чуқурие канда шуда буд, ки хамираи оҳани гудохташуда дар он чамъ мегардид. Баъди гузоштани қабати ҳезуму (барои ин кор бештар мувофиқ ҳезуми арча ҳисоб меёфт) маъдан да- рашро бо санг девор карда меандовиданд. Дар чанд чои девор найчаи

(булӯл) аз гили ба ҳарорати баланд тобовар тайёр карда андохта, нӯки он бо пӯсти бузие, ки барои дам кардан мувофиқ карда шуда буд, васл мегардид. Баъди сӯхта аз кор боромадани булӯл, онро вобаста ба сатҳи хамираи оҳан, баландтар чойгир менамуданд ва дар як ҳашар, вобаста ба ҳачми оҳани гудохташаванда, аз 10 то 30 булӯл аз кор мебаромад. Мӯҳлати тафсондану беист алов монда дам кардан аз 3 то 5 рӯз давом меёфт. Агар кӯра калонтар мебуду маъдану ҳезум бештар истифода бурда мешуд, мӯҳлати гудозиш аз 8 то 10 рӯз тӯл мекашид. Дар тамо- ми давраи идомаи ин амал маъдану лахча аз дарича (мӯрӣ) ба даруни кӯра партофта мешуд. Баъди анчоми кор, кӯраро то хунук шудан дам медоданд. Ин ҳам 3-4 рӯз мӯҳлатро талаб мекард. Сипас девори дари кӯраро гирифта, оҳанро берун мекарданду бо путк қабатҳои болоии онро чудо менамуданд. Азбаски оҳан қабат ба қабат мебаст, онҳоро порча-порча чудо намуда, барои фурӯш омода мекарданд. Қабати аз ҳама сахти оҳан, яъне мағзаш, ки ниҳоят сахт буду «қурч»-аш мегуф- танд, ба пӯлоди асил шабоҳат дошта, дорои арзиши баланд буд. Онро фиристодагони оҳангарони номии аз давлату мулкҳои дигар омада, ба ивази молу маводи ниёзи мардуми диёри истеҳсолкунандагонаш ги- рифта бо худ мебурданд[159]. Қайд кардан ба маврид аст, ки нишонаҳои кони оҳан ва оҳангудозӣ дар Ҷорф низ мавчуданд, вале шояд аз сабаби камии миқдор, мушкилии истеҳсолу сифати ба талаби оҳангарони асил чавобгӯ надоштанаш, мавриди истифодаи васеъ қарор наёфта буд.

Ҳамин тариқ Ванч мулкҳои мустақилу ниммустақили Бухорои Шарқӣ ва Помирро дар тамоми давраҳои таърихи асрҳои миёна, то чо- ряки якуми асри XX аз оҳан таъмин мекард. Оҳани онро то қаламрави Қӯқанду Қошғар мебурданд. «Оҳани Ванч, - навиштааст Б.Л. Громб- чевский, - дар Осиёи Миёна ва берун аз он шӯҳрати баланд дорад»[160]. Савдогарон аз бекигариҳои Бухорои Шарқӣ ва дигар мулку давлатҳои ҳамчавору дур барои оҳан ба Ванч меомаданд. Гарчи дар худи Ванч устоҳои оҳангар кам набуданд, вале қурчро бо нархи баланд барои устоҳои номдори Қалъаихумб ва дигар марказҳои калони ҳунармандӣ ва савдоӣ мебурданд.

Дар худи Ванч низ кори оҳангарӣ хеле васеъ ривоч ёфта буд. А.А. Семёнов ба маҳсулоти ҳунармандни маҳаллӣ баҳо дода қайд намудаст, ки «маҳсулоти оҳании ҳунармандони ин диёр бо мустаҳкамӣ ва хуш- сифатии худ фарқ мекунад»[161]. Аз рӯи мушоҳидаи мутахассисон дар инчо номгӯи махсулоти зиёди рӯзгордорӣ, аз чумла дос, каланд, корд, теғи сартарошӣ, ханчар ё дудама, ошбур, табар, теша, каноч, зоғнӯл, занчири дар, чармбур, качик, оҳани лачом, ӯзангӣ, наъл, қайчӣ ва боз даҳҳо навъи асбобу усканаи зарурии хочагидорӣ сохта мешуд.

Ҳамин тариқ, ҳатто ин шарҳи мухтасари вазъи оҳангарӣ, ки дар бо- ло ишорааш рафт, аз равнақи назарраси ин навъи ҳунармандӣ дар бе- кигарии Дарвоз шаҳодат медиҳад. Ҳарчанд меҳнатқаринии мардуми

дар тӯли қарнҳо ҳунари комили коркарди оҳанро нигоҳ медошт, вале ҳанӯз пойбарҷо будани хоҷагии натуралӣ, характери молӣ пайдо на- кардани маҳсулоти истеҳсолшуда, вобаста ба он тангии бозору пастии қобилияти харидории мардум, пешравии бемайлони ин шуғли аҷдодиро ҷиддан халалдор мекард.

**Кулолгарӣ**. Ин навъи ҳунармандӣ, ки дар тамоми давраҳои таърихӣ барои ҳамаи халқҳо шуғли маъмултарин ва зарууртарин ҳисоб меёбад, то солҳои 50-ми қарни XX, яъне то замони нисбатан пурра таъмин гаштани талаботи халқ бо молҳои истеҳсолоти саноатӣ дар рӯзгордории мардуми кӯҳистон мавқеи ҳалкунанда дошт.

Гарчи ҳунармандони соҳаи кулолгарӣ хеле зиёд будаанд, онҳо дар ҳамаи бекигариҳои Бухорои Шарқӣ фаъолият доштанд, Дарвоз дар са- фи пештарини онҳо ҷой дошт. Д.Н. Логофет аз мушоҳидаҳои хеш ху- лоса бароварда, қайд кардааст, ки ин навъи ҳунармандӣ дар тамоми қаламрави аморати Бухоро васеъ ривоҷ дорад, вале аз ҷиҳати миқдору сифат бартарии Қаротоғ, Ҳисор, Дарвоз ва Балҷувон бараъло эҳсос мешавад[162].

Азбаски кулолгарӣ мавҷудияти гили махсусро талаб мекунад ва он- ро на дар ҳама ҷо ёфтан мумкин аст, ин касб дар ҷойҳое равнақ меёфт, ки хоки мувофиқ ва барои пухтани маҳсулоти сафолин миқдори зару- рии сӯзишворӣ (бештар саргини хушккардаи чорво - тапак) мерасид. Ба чунин талабот дар бекигарии Дарвоз деҳаҳои Висхарв, Ёгед, дар бо- лооби дарёи Хумбов - Гишон, Хост, Рубот ва Сағирдашт ҷавобгӯ бу- данд. Деҳоти номбурда калонтарин марказҳои истеҳсоли ин навъи маҳсулоти ҳунармандӣ ҳисоб меёфтанд.

Бояд қайд кард, ки бархилофи дигар марказҳои кулолгарии аморати Бухоро, ки дар тайёр намудани маҳсулоти зарурӣ аз чархи кулолгарӣ истифода мебурданд ва ҳамаи амалиётро мардҳо иҷро мекарданд, дар Қаротегину Дарвоз бе истифодаи чарх танҳо занҳо ба ин кор машғул мешуданд. Аз рӯи анъанаи ба баъзе ривоятҳо асос ёфта ҳангоми иҷрои ин кор бояд ягон мард на фақат наздик намебуд, ҳатто аз дур ҳам худро нишон намедод, чунки гӯё пою қадами мардон ба бебарорӣ дар ин ко- ри муқаддас меовардааст. Ҳатто дар мавриди аз деҳа дур будани гили мувофик, ки онро «хокканик» мегуфтанд, занҳо худ рафта онро канда ба маркабҳо бор карда меоварданд. Ҳамчунин асбоби тайёркардаро на дар хумдон (печҳои сафол ё хиштпазӣ), балки дар ҳавои кушод оташ гиронда мепухтанд ва онро пӯр мондан мегуфтанд.

Пеш аз лой кардан хокро кӯфта майда мекарданд, дар мавриди даркорӣ ба қадри муйян қуми майда ҳамроҳ менамуданд. Баъди лойро тайёр кардан барои расидан онро чанд рӯз нигоҳ медоштанд, баъзан дар ҳолати нимтар барои то охир майда кардани қуми дар лой буда ва қаиш (тасма, часпак) шудан дар тахтасанги хамвор бо кулӯласанги ди- гар малиш медоданд ё дар чувоз мекӯфтанд. Барои мустаҳкам шудан

ва накафидани маҳсулоти кулолӣ ба лой то андозае пашми буз илова мекарданд. Баъди ичрои ин корҳо ё талаботи дигари лозима ягон тағора ё кӯзаи шикастаро чаппа монда хокистар мепошиданд, сипас дар болояш гилро бо ғафсии дилхоҳ андовида, то қариб нимхушк шу- дан нигоҳ дошта, чудо мекарданд. Бо ин амал таги кӯза ё асбоби дига- ри ба нақша гирифтаро таёр карда, ба ғафсии он мувофиқ лой часпон- да, деворашро тайёр карда, ба маҳсулоти оянда шакли дилхоҳ медо- данд, агар кӯзаи дастадор ё офтоба бошад, дастак ва най мечаспонданд. Барои лой молидан ва андовидани маснуоти тайёршаванда аз қошуқчаи бедаста истифода мебурданд. Пеш аз пухтан маҳсулоти тай- ёршударо дар чои соя ва баъзан дар хонаҳо, ки дар фасли тобистон чои зисти сокинонашон дар ҳавои кушод (дар суфаву кати зери дарахтони боғ) мегузашт, мехушконданд. Баъди аз тамоми чунин зинаҳои заҳматталаб (ба ин сир давондану ранг додан низ илова мешуд) гузаш- тан он занҳои ҳунарманд ба амали охирин, ки эҳтиёткории ниҳоят зи- ёдро талаб мекард, яъне ба пухтани маснуоташон даст мезаданд[163]. Баъди ин заҳмати ба дасти эҳтиёчмандон ба чойҳои дур расонда фурӯхтан ё ба маҳсулоти дигари дилхоҳ иваз намудани дастранчи занҳои меҳнатқарину зебопарасти диёр ба зиммаи мардон меафтод. Истеҳсоли зиёда аз 40 навъи ин маснуоти ҳунармандӣ (аз чойнику оф- тоба то кӯзаву косаву табақҳои гуногунҳачм, аз сокини шамъгузорӣ, бозичаҳои кӯдакона, то хумҳои калонҳачму сандуққҳои орододашуда барои нигаҳдошти либосворӣ, чарчинворӣ анвои дигари қиммати рӯгордорӣ дошта ва ғайра) аз истифодаи васеи маҳсулоти кулолӣ дар рӯзғордории сокинони ин минтақаи кӯҳсор дарак медиҳад.

**Чармгари** низ шуғли қадимаю ниҳоят зарурии рӯзгори сокинони Дарвоз ҳисоб меёфт. Шароити табии барои зиндагии муқаррарӣ нисба- тан номусоиди кӯҳистон зарурати аз пӯст тайёр намудани пойафзолу баъзе навъҳои пӯстину болопӯшро аз замонҳои дури ачдодӣ ба ҳукми анъана дароварда буд. Аҳамияти пӯсту маводи чармин танҳо бо ҳамин маҳдуд намешуд. Устоҳои касбии ба чарм сарукор дошта (чармгарон) дар ҳамаи маҳаллу деҳот буданд, ки мувофиқи талаботи ҳамдеҳа- гонашон аз пойафзол (мӯзаву мӯкию чоруқ) то зину пӯстину борхалтаи чармин ва ғайра маҳсулоти зарурӣ тайёр мекарданд. Навъҳои маҳсулоти чармини аз дасти ин ҳунармандон баромад хеле зиёд буданд. Онҳо дар ҳамаи соҳаҳои хочагӣ истифода мешуданд. Дар ҳар деҳа якчанд устои чармгар бо дӯхтани асбоб ва пойафзоли чармин машғул буданд.

Вале устодони маълуму машҳури ин касб бештар дар маркази бекигарӣ - Қалъаихумб ва амлокдориҳо фаъолият доштанд. Маҳз дар ин марказҳо аз чумлаи амалдорон, бою феодалон ашхосе иқомат дош- танд, ки имконияту қобилияти харидориашон ба маротиб баланд буд. Ин навъи маҳсулоти ҳунармандӣ бештар дар ин марказҳо характери оммавӣ пайдо карда метавонист. Аз тарафи дигар, савдогарон чунин

молҳои хушсифатро фақат дар ягона бозори Қалъаихумб дастрас ме- карданд. Ҳамаи ин барои ба маркази хеле муҳимми коркарди пӯст ва истеҳсоли маҳсулоти чармин табдил ёфтани маркази маъмурии Дарвоз

- Қалъаихумб мусоидат мекард. Маҳз дар инчо чармгарону ҳунармандони моҳири кафшу мӯзадӯзӣ, камарбанди оддиву шикорӣ, ҳунармандони зину авзори баландсифат, болочилди рангдида ва бо нақшу нигор ороёфтаи муқоваи китоб ва ғайра тайёркунанда шуғли ин касби заҳматталаб доштанд.

**Коркарди чӯб**. Чун муҳимтарини воситаи таъмини шароити зисти мардум чӯбу маводи чӯбин ба инсон пайванди азалӣ доранд. Аз ин лиҳоз вобаста ба тараққиёти чомеа истифодаи чӯб аз доираи зарурати табиии худ - чун воситаи сӯзишворӣ, манзилсозиву мевадиҳӣ ва ғайра баромада, ба асоси маводи муҳимтарини рушди ҳунарҳои зебо табдил ёфтааст. Аз ин нишонаи қонунияти умумии рушди чомеи инсонӣ Дар- воз дар канор буда наметавонист. Усули истифода ва коркарди чӯб дар ин диёр низ хусусиятҳои худро дорост. Аз ин лиҳоз омӯхтани чараёну дастоварди ин шуғлу ҳунари ачдодӣ дар худшиносии таърихии милла- ти точик аз аҳамият холӣ нахоҳад буд.

Саёҳону олимони тоинқилобии рус ба коркарди чӯб дар Дарвоз таваччӯҳ зоҳир намуда, борҳо аз равнақи ин шуғли оммавӣ ва касбии мардуми диёр ёдовар шудаанд. Тибқи маълумоти онҳо гарчи ҳунармандони ин соҳаро дар ҳамаи деҳоти Дарвоз дидан мумкин бо- шад ҳам, деҳаи Пшихарв (феълан чузъи чамоаи Водхуди ноҳияи Ванч) дар ин чода пешсафӣ дошт. А.А. Семёнов Пшихарвро чун маркази муҳимтарини истеҳсоли косибии маҳсулоти чӯбӣ қаламдод намуда, возеҳан ишора кардааст, ки ҳунармандони он тамоми Қаротегин ва Дарвозро аз навъҳои куногуни ин маҳсулот таъмин мекард. Дар Ванч бошад, аз химчаҳои бед ва қамиш сабаду сабадчахои гуногунҳачми ба- ландсифат мебофтанд[164]. Масулоти ҳунармандони Пшихарв ба ғайр аз қаламрави бекигарии Дарвоз (Дарвозу Ванчу Вахиё) дар Қаротегину Рӯшону Шуғнон ҳам паҳн мешуд[165].

Аз рӯи тачрибаи устоҳои Пшихарв ва деҳоти гирду атроф чӯби ин чо нисбат ба чойҳои дигар барои коркард хеле нарму қаиш будааст. Сабабашро дар табиати барои парвариши дарахтони чӯбашон барои коркард муносиб донистаанд. Деҳаи Пшихарв дар дараи чуқури беша- мол, ки аз байнаш дарёчаи ҳамном чорӣ шуда, дарачаи барои дарахтон мусоиди намнокиро таъмин менамояд, чойгир аст. Шоҳидон аз устоҳои ин деҳа борҳо шунидаанд, ки «чӯби ин чо мулоимай, чунки дар ин чо шамол нест; чӯби қишлоқҳои дигар намешавад»[165]. Албатта, ин хулосаи катъии онҳо то андозае муҳобот ҳам буд, чунки дар амлок- дории Ванчу дигар чойҳо аз чӯби сахти чормағзу тут ва зардолу косаву қошуқу табақ ва асбобҳои мусиқӣ метарошиданд, ки қимати хеле ба- ланд доштанд. Дуруст аст, ки чӯби чойҳои дигар мисли сафедору ара-

ри Пшихарв мулоиму қаиш набуда, барои сохтани тахтаҳои тунуки ба таври дилхоҳ ҳалқа ё қатшаванда қариб имкон намедод. Аз ин чост, ки гаҳвора, таванг ё табанг (сандуқи мудаввар), сандуқ, шамъдон (сокин), лавҳи китобмонӣ, қуттиву қутичаҳо ва дигар маҳсулоте, ки ранг дода- ву бо санъати баланд кандакорӣ мекарданд ё гул медавонданд, бештар дастранчи устоҳои Пшихарв буданд. Дар инчо ҳамчунин навъҳои хеле зиёди қошуқ, кафлез, коса, табақ, кафши чӯбин, панчшоха барои бод кардани ғалла, тахтабели нӯктез барои ҳангоми обмонӣ банд бурида, ба паҳнои замини кишти зироат роҳ кушодан, бели чӯбини дастадор (фияк) барои пурра бод дода ғалларо тоза кардан, тахтабели нисбатан калон (курчак) барои дар фасли зимистон аз барфи баланд тоза карда- ни боми хона ва роҳравҳои назди он, чархдӯл ё кӯп бо чархчӯбаш ба- рои дӯғкашӣ ва маскачудокунӣ, бозичаҳои нақшу зиннатдодаи кӯдакона, шона, қулфи чӯбин барои дари ганчур (бинои нигоҳ дошта- ни захираи озуқа), дастгоҳи бофандагӣ, чархаву ҳаллочӣ, дастгоҳи ба воситаи об чархзанандаи табақу косатарошӣ, дӯлу нову чархи осиёб ва дигар асбобу анчоми зарурии рӯзгордорӣ ва олоти меҳнат тайёр наму- да, талаботи мардуми диёр ва ҳамсоябекигариҳоро конеъ мекарданд.



*Намунаи дарвозаҳо (асри* XIX)

Аз рӯи ривояти дар миёни мардум маъруф, ки онро мардумшиносо- ни тоинқилоби даврони шӯравӣ ба қайд гирифтаанд, гӯё ба ҳунари ба- ланди чӯбкоркунӣ дар деҳаи Пшихарв яке аз саравлодони Усто Шаша ном ҳунарманди солхӯрда (то ибтидои солҳои 50-ми асри гузашта дар қайди ҳаёт буд) Нурмуҳаммад асос гузоштааст. Аз мазмуни ривоят бармеояд, ки устои номбурда авлодан аз наздикии Бухоро аз деҳаи шайххҳои ҳазрати Баҳоваддин буда, бо кадом кори номақбуле гунаҳкор ва аз ончо бадарға шудааст. Ин шахс бо машақати зиёде ба Дарвоз омада, бо ичозати шоҳ дар Пшихарв иқомати доимӣ ихтиёр намудааст. Аз кай ва бо кадам гуноҳ ба инчо бадарға шуданашро касе аз ровиён аниқ гуфта натавонистааст[167].

Хонасозӣ ва истифодаи чӯбҳо дар сохтмон, коркарди онҳо низ заҳмату санъати баландро талаб мекард. Дар ҳамаи деҳаҳо устоҳои чӯбтарош буданд, ки мувофиқи эҳтиёчи мардум фаъолият дошта, онҳо равчӯбу марза, кландак, дару дарвоза, кавши чӯбӣ, дастаи досу табар, юғу сипор (омоч), ҳалочӣ, чархаю дук, ғаҳвора, сандалӣ, шона ва дигар чизҳои ниёзи мардумро тайёр мекарданд.

Устоҳои тачрибадор дар кандакории дару санчу сутун ва сарсутунҳои хонаву айвонҳои амалдорону давлатмандони маҳаллӣ саъати баланди дуредгарию кандакорӣ нишон медоданд. Асбобу ускунаи дуредгариву кандакориро бо хоҳиши (баъзан бо нақшаи худи ҳунармандони ин касб), устоҳои моҳири оҳангарӣ таёр мекарданд. Номгӯи онҳо хеле зиёд буда,





*Намунаи шаҳсутуни хонаҳо.*

барои ин ё он амали мураккаби касбӣ мувофиқ тайёр карда мешуданд. Аз чумла арраи калони дусара (арраи поӣ), ки аз ду тараф даста дошта, онро дукаса кор мефармуданд, арраи дастӣ, теша, тешаи новак (барои чуқур ё ковок таршидани асбоби чӯбин, аз қабили асбоби мусиқӣ, табақу косаву қошуқу кафлез ва ғайра), тешаи чапновак, тешаи каркӣ (аз номи шаҳри Каркӣ), пойтеша ё пайтеша (тешаи калоне, ки бо он чӯбғӯллаи калонро аз чор қиррааш тарошида рост ва чортарош меку- нанд. Онро бо лаҳчаи маҳаллӣ «таш» низ ном мебурданд), ранда (леса), досранда (барои пӯст канда сафеду нисбатан суфта кардани ғӯлачӯб), корд, качкорд ё зурунди қошуққан, чармбур, парма, обпарма, искана ба- рои чуқур кофта бо ҳам пайвастани чӯбтахтаҳо, болға, сӯяни оҳан ва чӯб (чӯбсов) ва ғайра аз қабили онҳост.

**Тиллошӯӣ ва заргарӣ**. Гарчи дар бораи вусъати ин шуғли қадимаи ачдодӣ маълумоти мӯътамаде дар даст надорем, то дарачае ки огаҳем, дар Дарвоз ин навъи ниҳоят нозуки ҳунармандӣ то андозае равнақ дошт. Шиносоӣ бо маълумоти олимону сайёҳони тоинқилобии рус огаҳӣ ва боварии моро боз қавитар мегардонад. Д.Н. Логофет мушоҳидаи худро дар ин бора чунин ба қалам додаст: «Ҳунармандони бо тилло сару кор дошта дар тамоми шаҳрҳои Бухоро чой доранд, онҳо бештар камарбанди бо сагакҳои тилло ва нуқра ороёфта, зебу зинати занона дар шакли дастпона, гӯшвораю чалла тайёр мекунанд. Ҳамаи ин маҳсулоти онҳо нақшу ороиши хосу фарқкунандаи худро дорост.»[168].

Албатта, ин гуфтаҳо ба Дарвоз низ алоқамандии бевосита доранд, чунки ин мулк аз қадимулайём чун макони дорои конҳои зиёди тилло ёд мешавад. Дар ин бора чунин гуфтаҳои аъзои сафорати Русия бо сар- дории А.Ф. Негри дар Бухоро солҳои 1820-1821, капитани Штаби генералӣ Е. К. Мейендорфро овардан ба маврид аст:

«Дар байни Ҳисор ва Дарвоз чунин кӯҳҳои мушкилгузаре ҳаст, ки савори асп рафтан имконияти надорад, онҳоро аксаран дар лачом ги- рифта пеш мебаранд. Роҳҳо аз байни шаху оврингҳо мегузаранд. Аз чуқурии доманакӯҳи бари онҳо дарёи пурталотуми Дарвоз (Панчро дар назар дорад. - Ҳ.П.) мегузарад. Дарвоз дар мавчҳояш тилло мебарад. Бухороиҳо (дар ин чо муаллиф иштибоҳ кардааст, он замон Дарвоз ба Бухоро тобеъ набуда, истиқлолияти худро нигоҳ медошт. - Ҳ.П.) инро дида ҳарисона худро дар зери хавф монда, кӯшиши зиёд ба харч медиҳанд, ки заррачаҳои ин фулузоти (металл) қиматро ба даст даро- ранд. Заршӯён бо ин усул кор мекунанд... Аз ҳама бештар аз машки (саночи) аз пӯсти гӯсфанд ё буз тайёр карда истифода мебаранд. Дар ончое, ки гардани ҳайвон буд, сӯрохии пӯстро нигоҳ дошта, дигар чойҳояшро барои ҳавогузар набудан маҳкам мебанданд. Сипас ӯро ба дарё мепартоянд ва обро бо омехтаи регу резаҳои тилло боло кашида ба осони заршӯи мекунанд»[169].

Агар Е. К. Мейендорф дар бораи тиллои Дарвоз аз сӯҳбат бо ашхо- си бо ин диёр шиносоӣ дошта маълумот гирифта бошад, саёҳатчиёну мутахассисони оянда аз ин вазъ дар асоси мушоҳидоти бевоситаи худ хулосабардорӣ намудаанд. Дар ин масъала ҳатто аз тарафи баъзе сар- моядорони рус кӯшиши харидорӣ намудани ичозатномаи коркарди тиллоро дар Дарвоз ба назар мерасад. Масалан, чунин иқдоми чиддиро дар мисоли рафтори дворянин Н.Н. Левашов дидан мумкин аст. У, баъди азназаргузаронӣ ва омӯзиши чиддии дарёҳои Сариоби амлокдории Сағирдашт ва Хингоби Вахиёи Боло, ба қароре омад, ки аз амир ҳуччати расмӣ гирифта, ба истеҳсоли тилло машғул шавад. Ин хоҳишашро ба воситаи идораи расмии Русия дар Бухоро - Агенти сиёсӣ ба амир расонд. Бисту ҳаштуми июли соли 1901 Н.Н. Левашов ба бекигарии Дарвоз омада, дар дарёи Обиравнови амлокдории Ши- кай ва амлокдории Сағирдашт чои қуллаи барои тиллошӯӣ чудо кард. Вале аз сабаби мушкилоти молиявӣ амалан фаъолият кардан натаво- нист. У ҳатто қарзҳои гирифтаашро гардондан имкон наёфта, соли 1903 вафот кард.

Баъди чанд вақти вафоти Н.Н. Левашов, соли 1910 модари солхӯрдааш кӯшиши бо ёрии сармоягузорони хоричӣ ба роҳ мондани истеҳсоли тиллоро дар он чойҳое, ки писараш ичозатнома дошт, оғоз кард. Амир ба ин кор розигӣ дода буд, вале ин дафъа низ тақдир ба онҳо даст надод. Кампири солхӯрда ба оғози иқдом нарасида вафот кард[170]. Ҳамин хел қитъаҳои барои истеҳсоли тилло, нуқра, мис ва оҳан муносиб дар 5 чойи Дарвоз муайян гардида буданд, вале ба саба- би мушкили роҳ ва мушкилоти молиявӣ онҳо ба кор даровarда нашу- данд. Монанди пештара ба ин кор танҳо тиллошӯёни маҳаллӣ даст ме- заданд, вале ба сабаби набудани тачҳизоти техникии ба талаботи замо- ни сармоядорӣ чавобгӯ ва дар дарачаи ниҳоят паст будани тарзи истеҳсолот ба натичаҳои бештаре соҳиб шудан ғайри имкон буд. Аз рӯи маълумоти тахминии мавчуда истеҳсоли солонаи тилло дар амора- ти Бухоро ба 8 пуд баробар буд. Аз ин 6 пуд дар Кӯлобу Балчувон ва боқимонда дар Дарвозу Қӯрғонтеппа истеҳсол мешуд[171]. Албатта, ин рақам ба ҳақиқат баробар буда наметавонад, чунки дар Бухоро, гарчи қитъаҳои кони тилло дошта моликияти амир эълон шуда буданд, амир истеҳсолоти онро ба роҳ мондан наметавонист (ба ҳар ҳол дар ин чода кӯшише ҳам аз тарафи амир ба мушоҳида нарасидааст). Чи хеле дар боло зикри он рафт, амир аз истеҳсоли тилло андози калон мегирифт. Аз ин рафтори амир ҳаросида аксари тиллошӯён мекӯшиданд, ки пинҳонӣ кор кунанд ва тиллои ба дастовардаашонро ба заргарони маҳаллӣ, тиллочаллобони ҳинд ва бештар ба афғонҳо фурӯшанд. Онҳо дар навбати худ ин захираро ба хоричи Бухоро мебурданд. Инро шоҳидони чунин додугирифт таъкид намудаанд. Аз рӯи маълумоти онҳо ба хазинаи амир қисми хеле ками тиллои истеҳсолшуда ворид

мешуд, ба маротиб зиёдтараш ба дасти бекҳо меафтид, чунки онҳо мустақиман аз болои фаъолияти заршӯён ба воситаи гумоштагони худ назорат мебурданд ва бо роҳҳои гуногун ба қисми зиёдаш соҳиб шуда, онро ба афғонҳо мефурӯхтанд. «Аз афғонҳо бошад ин тиллои соф ба дасти англисҳо меафтид»[172]. Ин далелҳо моро ба хулосае меорад, ки яқинан миқдори истеҳсоли тилло нисбат ба рақамҳои дар боло нишон дода хеле бештар буд.

Бо итминони комил бояд қайд кард, ки ҳунари заргарӣ ҳам дар Дар- воз низ ривочу равнақ дошт. Дар ин чо низ чун анъана тӯйҳои арусӣ бе чарчинвории мувофиқ намегузаштанд. Агар барои оилаҳои камбизоат тилловорӣ камтар дастрас бошад, албатта чизе аз моводи зиннати арӯсии оддии нуқрагин ё мисин ёфт мешуд. Чунин чарчинвориҳо та- биист, ки аксаран аз тарафи ҳунармандони диёр сохта мешуданд.

Дар баробари навъҳои ҳунармандии дар боло зикр шуда, дар беки- гарии Дарвоз ҳамчунин равғанкашӣ, осиёбсозиву ғаллаордкунӣ, тайёр намудани ранг барои матоъҳо ва дигар маҳсулоти косибӣ, пойафзолдӯзӣ, собунтайёркунӣ ва ғайра васеъ ба роҳ монда шуда буд.

Бо мурури ҳарчи бештар аз Русия ба аморати Бухоро ворид шудани молҳои хушсифату арзони мануфактурӣ баъзе аз навъҳои истеҳсолоти косибии маҳаллӣ, аз қабили бофтани матоъҳои пахтагин, дӯхтани пой- афзол ва сохтани молу моводи рӯзғордории оҳанӣ, мисин ва чуянӣ рӯ ба таназзул мениҳод. Албатта, ин раванд дар Дарвозу Қаротегин нис- бат ба дигар бекигариҳои марказӣ сустар бошад ҳам, ба фаъолияти ко- сибон бетаъсир буда наметавонист. Дар ин бора Н. Бурдуков дуруст қайд кардааст, ки «маҳсулоти косибӣ дар назди омили пурқуввати истеҳсолоти бозаргонӣ, механикӣ ва капиталистӣ ниҳоят заиф буда, рақобат карда наметавонист. Акнун ҳочатманд аз бозор дар шакли тай- ёри фабрикӣ молу маҳсулотеро ба даст меоварл, ки қаблан барои хуш- сифат бароварданаш тамоми ҳунарашро сарф мекард»[173]. Албатта, ду- рию мушкилгузар будани роҳ, пастии имконияти харидории мардуми ин ду бекигарӣ ва вобаста ба ин ниҳоят маҳдуд будани бозор хоҳиши савдогаронро барои бештар ба ин чо овардани молҳои истеҳсоли мануфактурӣ ё фабрикиро хеле маҳдуд мекард. Аз ин рӯ, мисли пеш- тара маҳсулоти косибии маҳаллӣ то солҳои аввали Ҳокимияти Шӯравӣ мавқеи худро мустаҳкам нигоҳ медошт, вале онро дар ҳудуди ҳамин ду бекигарӣ низ танг карда буд. Чунин маҳдудияти бозор табиист, ки ба сифати маҳсулоти ҳунармандии маҳаллӣ бетаъсир намемонд.

**Шикорчиги**. Оиди косиб ва вазъи ҳунармандӣ дар бекигарии Дарвоз сухан ронда, боз аз як шуғли анънавии мардуми ин диёр - шикорчигӣ набояд сарфи назар кард. Ин пеша ба мардуми кӯҳистон, аз як тараф, ғизои иловагӣ, аз тарафи дигар, пӯсту мӯинаи аълосифат медод.

Дарвоз монанди дигар минтақаҳои кӯҳистон макони навъҳои зиёди ҳайвоноту парандаҳои ваҳшӣ аз чумла оҳу (нахчир), заргӯш, хирс,

гург, рӯбоҳ, паланг, дала, қашқалдоқ, кабк, бедона ва ғайра буда, аз қадимулайём шикорчигӣ яке аз навъҳои хеле ифтихорманди шуғли мардуми ин диёр ҳисоб меёфт. Дар ҳар деҳа чандин кас ба шикор сару коре дошта, шикорчиёни касбӣ ё мерганҳои номдор хеле кам буданд. Ба дараҷаи шикорчии касбӣ расидан, аз рӯи фаҳмиши мавҷуда, ки асо- си ривояти ё асотирӣ дорад, на ҳар кас расида метавонист. Ин ҳунар чун анъана авлодӣ буда, расидан ба санъати баланди касбии шикорчигӣ заҳмати зиёдеро талаб мекард.

Шикор шуғли муқаддас ҳисоб меёфт. Шикорчӣ аз ҳар ҷиҳат бояд одами ростқавлу тоза ва мисли оҳангар фотеҳа ё дасти пир дошта бо- шад. Аз рӯи ривоятҳои маъмули ин диёр ва дигар ҳамсоямулкҳо ба ин шуғл низ монанди оҳангарӣ Ҳазрати Довуд асос гузоштааст (дар баъзе аз мулкҳои Помиру Бадахшон ба сифати пири мерганҳо ё шикорчиён Ҳазрати Хизрро парастиш мекунанд[174]). Ҳама вақт дар оғози шикор ва рафти он, барои бобарории кор порае аз Оёти Қуръонро қироат наму- дану фотиҳа гирифтан ва борҳо номашро ёдовар шудан, ба ёрию мада- ди рӯҳи он ҳазрат умед бастан лозим буд. Одатан яке аз

танба ё истиноди боэътимод ҳисоб меёфт. Борхалтаи чармин бошад, тӯшаи роҳро тозаву хӯрданибоб нигоҳ медошт. Албатта, мерган ба та- лаби мушкилиҳои роҳу бероҳагиҳои мушкилгузар вобаста ба фасли солу мавзеи шикор либосу пойафзоли мувофиқ мепӯшид (масалан, дар фасли зимистон пӯстин, чакмани пашмин ё чомаи нисбатан кӯтоҳи ғафсу бадошт барои дар барфи сахту ях налағжидан ва ба таги пойаф- зол як навъ чангаки оҳанӣ мебастанд). Борут ва тирро худи шикорчиён аз маводи лозимаи дар кӯҳистон буда, аз чумла шӯраву олтингӯгирд ва лахчаи (ангишт) арчагӣ борут (дору) ва аз қӯрғошими (сурб) маҳаллӣ ё баъзан аз Ҳисору Фарғона ва дигар чойҳо (қӯрғошими тоза) савдогарон оварда тир тайёр мекарданд.

Аз рӯй анъана мерганҳо дукаса ё баъзан танҳо ба шикор мебарома- данд. Албатта дар шароити кӯҳистон дукаса шикор кардан бехавфтару осонтар буд. Ҳеч набошад аз ҳучуми ҳайвони даранда (гург, паланг, хирс), ё тасодуфан лағжида захм бардошта, аз ҳаракат мондану ёрии саривақтӣ нагирифтан эмин медошт.

Навъи ҳайвоноти шикоршаванда хеле зиёд буд. Аз чумла гургу рӯбоҳ, палангу хирс ва амсоли ин даррандаҳои хурдтар. Онҳо, аз як тараф, барои пӯст, аз тарафи дигар, барои нигоҳ доштани саршумор ё мувозинати лозимии чонварони аҳамияти ғизоӣ дошта, (оҳу, заргӯш ва ғайра) ҳадафи тири мерганҳо мешуданд. Бояд қайд кард, ки равғани хирсу суғур чун дору барои табобати баъзе касалиҳо мавриди истеъмол қарор ёфта буд.

Ба ғайр аз милтиқ, ки одатан барои ҳайвоноти азимчусса ва сайди хеле маъмул - бузи кӯҳӣ ё нахчир истифода мешуд, боз асбоби дигари шикорӣ аз қабили қапқон (барои ҳайвоноти нисбатан хурдтари мӯинадор - рӯбоҳ, дала, сағур ё суғур), сангдом (доми сангин, чукурие кофта дар болояш тахтасангро моил карда, маводи хурданибоби ҳайвони ҳадафи шикор қарорёфтаро гузошта, тахтасангро дар болои сутунчаи чӯбине, ки бо андак расидан ё ресмону чӯбчаи аз он то маво- ди хӯрокаи назарфиреб гузошташударо зер кардан поя дафъатан аз чояш мепариду санг болои чуқурии ҳайвони шикорӣ ба он воридшуда- ро мепӯшонд), қил (ҳалқаҳои аз думи асп тайёркарда, дар гирди қафаси кабки хонагии дар он буда мегузоштанд, ҳангоми садо додани кабки хонагӣ пои баъзе аз кабкҳои ваҳшии дар гирдаш чамъ гашта ба қил ан- дармон мешуданд ва шикорчии камингирифта дарҳол баромада онҳоро гирифта сар мебурид), чапарак, чордум ва ғайра асбобҳои сайдгирии ихтирооти маҳаллӣ васеъ истифода бурда мешуд. Чунин усули исти- фодаи тарзи маҳаллии шикор дар моҳигирӣ низ ривоч дошт. Сабадҳои даҳонашон нимбофтаро дар шохоби нисбатан моили дарё мехобон- данд, моҳиҳо бо чараёни тези об ба даруни он афтода, худро берун кардан наметавонистанд ва моҳигир қариб бе заҳмати чиддие соҳиби ин маводи хӯрокаи серғизои табиӣ мегашт.

Дар Дарвоз ҳамчунин шикори саги обӣ ё самури обӣ, ки дар дарёи Панч афзоиш дошт, шӯҳрат пайдо карда буд. Ҷои мавчудияташро му- айян намуда, дар лаби дарё чукурие кофта, кӯзаеро мегузоштанд ва дар дарунаш пораи гӯшт ё рӯдаи чорворо чой намуда, дар боло тахтасанги нишеберо болои пояи ноустувори чӯбин мегузоштанд, ҳамин ки ин чонвари хушмӯина барои хӯрдани чизи дар кӯза буда вориди он ме- шуд, бо чунбиши андаке поя лағжида санг даҳони кӯзаро мепӯшонд ва чонвар дастгир мешуд. Барои сайди кабку кабӯтар аз парандагони шикорӣ, монанди чонвару боша низ истифода мебурданд.

Ба ғайр аз усули тоқашикор ва шикори дукаса тарзи шикори коллек- тивона низ дар Дарвоз паҳн шуда буд, ки онро бо ибораҳои маҳаллӣ «қнрғашикор» (қунурғашикор), «шикори халқия» (деҳаи Ёгед), «қабалшикор» (Ванч) ном мебурданд. Ин навъи шикорро бештар барои шикори оҳу истифода мебурданд. Одатан мергани калон баъди муайян намудани рамаи оҳувон дар масчид ё ягон хона мардони ҳамдеҳаро чамъ намуда, бо маслиҳат нақшаи шикор ва вазифа, чои камингирии ҳар кас ё гурӯҳро муайян мекард. Одатан шикор дар ҳудуди он шикорчое, ки ба деҳа тааллуқ дошт ва чун қаламрави он шинохта ме- шуд мегузашт. Албатта, ба истиснои амалдорон. Онҳо кучоеро, ки ба- рои ин навъи шикор интихоб мекарданд, соҳибихтиёр буданд.

Саҳарии барвақт, пеш аз бомдод, иштирокчиёни шикор одатан аз 10 то 20 нафар, баъзан аз ин ба маротиб зиёд, то 80 ё 100 нафар (аз чавонони 15-16 сола то нисбатан солхӯрдагон) иборат бо чизи дар их- тиёр дошта (милтиқ ё асоҳои дарози то 4 метра) мусаллаҳ шуда, бо са- гони дар деҳа буда ба чои зарурӣ ҳозир шуда, бузҳои кӯҳиро аз ҳар та- рафе, ки эҳтимолияти раҳо шуданро доранд, печонда дар муҳосира ме- гиранд. Бо мурури паҳн шудани рӯшноӣ шикорчиён ҳалқаи муҳосираро танг мекунанд. Одамони бе милтиқ бо ёрии сагҳо ва асодастаҳо оҳувонро тарафи милтиқдорон танг мекунанд, онҳо бо- шанд, дар навбати худ ин чонварони ниҳоят чолоки ба онҳо наздикшу- даро ҳадафи тир мегардонанд. Дар чунин шикори коллективона сайди зиёде (тибқи маълумоти мавчуда аз 10 то 70-то) ба даст меомад[175]. Аз рӯи анъана гӯшти ин сайдҳоро дар байни тамоми ҳамдеҳагон тақсим мекарданд (албатта, ба амалдорон бештар мерасид). Онҳо дар навбати худ аз он хӯрок пухта якчоя худоӣ мекарданд.

Ҳамин тариқ, аз далелҳои боло чунин бармеояд, ки шикорчигӣ яке аз шуғлҳои муфиди мардуми Дарвоз буда, дар таъмини ғизои сокинони меҳнатқарини ин диёри баландкӯҳ мавқеи хеле намоён доштааст. Аз рӯи тарзи муносибат ба ин касби ачдодӣ, ки аз кишоварзиву чорводорӣ кул- лан фарқ мекард, воқеан ҳам шуғли ҳунармандиву касбӣ буд. Ин навъи ҳунарӣ монанди дигар навъҳои касбӣ, нуфузу эътибори сокинони диёр- ро дар минтақа ва берун аз он дар пояи хеле назаррас нигоҳ медошт.

## МУНОСИБАТҲОИ САВДОИ

Тарзи истеҳсолоти феодалӣ дар ҳамбастагии қавӣ бо муносибатҳои патриархалӣ дар таърихи тӯлонии давраи шоҳигарӣ ва ҳатто солҳои аввали баъди ба аморати Бухоро ҳамроҳ кардани Дарвоз, ба пайдоишу ташакули муносибатҳои молию пулӣ монеаи ҳалнопазир эчод мекард. Вале бо мурури замон он тағйироте, ки баъди ҳамроҳ кардани Осиёи Миёна ба Русия ва тобеияти (вассал) худро ба он империяи абарқудрат қабул кардани амир дар ҳаёти сиёсӣ, ичтимоию иқтисодӣ ва мадании аморати Бухоро ба вуқӯъ пайвастанд, барои бекигариҳои Бухорои Шарқӣ, аз чумла Дарвоз бетаъсир монда наметавонистанд.

Муносибатҳои савдоӣ дар арафаи ба аморати Бухоро ҳамроҳ намуда- ни мулкҳои Бухорои Шарқӣ дар ҳолати ночунбон қарор дошт. Нишонаҳои то андозае характери молию пулӣ пайдо намудаи хочагиҳо фақат қисми ғарбии кишвар, ки чунин шаҳрҳое монанди Деҳнав, Ҳисор, Қаратоғ, Қабодиён марказҳои нисбатан фаъоли савдо ҳисоб меёфтанд, мушоҳида мешуданд (дар миёнаи асри XIX фақат дар Ҳисор сиккаи худӣ гардиш дошт). Вале онҳо ҳанӯз нишонаи пайдо шудани тағйироти чиддӣ дар ин самти муҳимми фаъолияти чомеа буда наметавонистанд.

Тибқи маълумоте, ки шоҳидони ҳол - тадқиқотчиёну сайёҳони тоинқилобии рус боқӣ гузоштаанд, муносибатҳои савдоӣ дар бекигариҳои Бухорои Шарқӣ дар солҳои 70 - нимаи авали 80-ум ҳанӯз дар дарачаи хеле паст қарор ёфта буданд. Ин муносибатҳо алалхусус дар Қаротегину Дарвоз дар ҳолати ибтидоӣ арзи ҳастӣ менамуданд.

Аз рӯи талаби шариат савдо ва амалиёти тичоратӣ бояд дар бозор сурат мегирифт. Ин бесабаб набуд. Аввало, дар бозор нарх муайян мешавад ва дар ҳузури шоҳидон (алалхусус даллол, ки то андозае нар- хро мувофиқи арзиши мол муайян мекард), сониян ва аз ҳама муҳим, маҳз дар бозор савдо дар пеши назари нозири расмӣ - амин мегузашт ва ӯ бе монеа аминона (андоз аз савдо) гирифта метавонист. Маҳз ҳамин анъанаро аз шариатбохабарони маҳаллӣ пурсида ва худ ба мушоҳида гирифта, Д.Н. Логофет қайд кардааст, ки чун қоида амалиё- ти савдо дар бозорҳо ва корвонсаройҳои махсус чорӣ мегардид. Чунин амалиёт дар хонаи касон қариб тамоман ба назар намерасад. Номбурда сабабашро чунин шарҳ додаст: 1) моли барои фурӯш оварда бояд дар пеши чашм бошад; 2) фурӯшанда ва харидор бояд арзиши молро ду- руст муайян карда тавонанд, то ки зарар набинанд (ба ин кор фақат бо- зор имконият медиҳад); 3) хариду фурӯши мол бояд ҳатман дар пеши назари шоҳид (шояд даллол дар назар дошта шудааст) рӯй диҳад[177]. Гарчи ин муаллиф аз мақсади ниҳоии маҳз дар бозор сурат гирифтани созиши савдо ёдрас нашудааст (шояд ба ин тарафи нозукии масъала эътибор надода бошад), вале ҳамаи ин муносибатҳо мусаллам будани роли аввалиндарачаи андозро пӯшида наметавонад.

Аз тарафи дигар, сустию назарногирии муносибатҳои молию пулӣ маънии тамоман мавчуд набудани савдои дохилӣ ва алоқаи тичоратӣ бо мулкҳои ҳамчавору дурро надорад. Савдо ҳадди ақал дар шакли та- бодули маҳсулоти зарурӣ чун яке аз рукнҳои муҳимтарини фаъолияти одамон дар ҳамаи давру замонҳо вучуд дошт. Гарчи далели мӯътамади бевосита аз савдо ё шакли оддии он - мол ё табдили маҳсулоти Дарво- зи давраи шоҳигарӣ надорем, аз мантиқи воқеъияти замон хулосае бармеояд, ки савдои дохилӣ ва алоқаи савдоии берунӣ, албатта, вучуд дошт. Агар муносибатҳои савдо дар ин мулк намебуд, бешубҳа, маҳсулоти косибчигии кишвар, масалан, шамшеру ханчари бо усули димишқӣ сохта, ё навъҳои гуногуни матои ранга дар хоричи дури он, чунончи дар боло қайд шуд, бозоргир буда наметавонистанд. Барои тақвияти ин хулоса ба маълумоти доир ба алоқаи савдои Қаротегин бо мулкҳои ҳамсоя доштаашон такя кардан лозим меояд.

Амалдори ҳарбӣ ва маъмурии рус аз генерал-губернатории Турки- стон К.А. Абрамов дар «Қайдҳо оиди Қаротегин», ки ҳанӯз то давраи ба Бухоро ҳамроҳ намудани ин мулк навиштааast, ишора мекунал: «Шикори ҳайвоноти ваҳшӣ (дар Қаротегин. - Ҳ.П.) хеле ривоч ёфта- аст_ Пӯсти савсорро дар бозори Ҳисор бо нархи 40-60 тин (арзиши русӣ. - Ҳ.П.), пӯсти самури обиро (саги обӣ) бо нархи 1 суму 20 тин мефурӯшанд»[178]. Аз ин хулосае бармеояд, ки қаротегиниҳо барои фурӯши мӯина ба бозори Ҳисор мерафтаанд. Ин суханашро Г.А. Аран- даренко бо ахбори ба тариқи пурсучӯ ба даст овардааш, тасдиқ намуда, афзудааст, ки қаротегиниҳо барои тайёр намудани матоъ пахтаро аз бозорҳои Уротеппа, Ҳисор ва Қӯқанд ба ивази равғани шамъ мегиранд. Ҳар тобистон савдогарони Уротеппа, Ҳисор ва Қошғар «бо оҳан, матои пахтагин, тик, алача, адрас, тамоку, зину авзоли асп, рӯймол, сӯзан, сақич, шона, оиначаҳои оддӣ, собун, пойафзоли мардонаву занона ба Ғарм рафта... як қисми молашонро бо пул ба ҳоким (ша) ва хизматгу- зорони наздикаш мефурӯхтанд, қисми зиёдашро ба чорвои калон ва хурд, пӯсти хирс, суғур, паланг, мӯинаи рӯбоҳ, савсор, силовсин, саги обӣ иваз мекарданд» [179].

Маълум аст, ки борҳо шоҳигарии Қаротегин дар тобеъяти Дарвоз қарор дошт ва чунин алоқаҳои савдоӣ табиист, ки барои Дарвоз ҳам бегона набуданд. Аз ин рӯ чунин алоқаи савдоро бидуни шубҳа ба Дарвоз низ нисбат додан асоси мантиқӣ дорад. Вале ин шакли нисба- тан содаи муносибати савдоӣ ҳанӯз аз характери молӣ пайдо кардани истехсолот ва аз ташаккули қавии муносибатҳои молию пулӣ дарак намедиҳад.

Ин муносибатҳо бо тақозои зарурати таърихӣ ва мусоидате ки ба он сиёсати мустамликадории мутлақияти рус дар охири асри XIX - ибти- дои асри XX комилан майл ба тағйирот ва афзоиш суръат намуданд. Дар зери тобеъияти (протекторат) Русия қарор гирифтани аморати Бу-

хоро, пурра ба талаботи рӯзафзуни тарзи истеҳсолоти сармоядорӣ мувофиқ сохтани соҳаҳои муҳимми хоҷагии халқ барои пешрафти муносибатҳои молию пулӣ дар минтақа такони ҷиддӣ ва ҳалкунандае дод. Вале тағйироти муносибатҳои истеҳсолӣ дар тамоми қаламрави Бухоро ҳамвор ба амал намеомаданд. Онҳо ба бекигариҳои дурдасти Бухорои Шарқӣ бо суръати нисбатан сусттар ворид мешуданд.

Бояд қайд кард, ки то охири солҳои 70-уми асри XIX дар Ғарм бо- зор набуд. Маҳсулоте, ки савдогарони ба ин ҷо омада ба ивази моли овардаашон мегирифтанд, табдили онро дар майдони назди қалъа ё ди- гар ҷои ба он мувофиқи шаҳр анҷом медоданд. Дар солҳои 80-ум бо- шад, шоҳидон ривоҷи назарраси савдоро дар бозори Ғарм мушоҳида кардаанд. Аз ҷумла худи Г.А. Арандаренко мушоҳидаҳояшро, ки дар ин солҳо бевосита ҳангоми сафар ба Ғарм дидааст чунин баён мекунад: «Чунон ки ба пойтахти бекигарӣ хос аст, Ғарм акнун бозори худро до- рад, ки рӯзҳои панҷшанбе дар он савдои калон баргузор мегардад. Алҳол ин ягона бозорест барои тамоми Қаротегин ва Дарвоз»[180]. Дар он ҷо, ба ғайр аз молҳои аз Туркистон оварда, асп, чорвои калону хурд, гандум, ҷав ва дигар маҳсулоти ҳунармандии истеҳсоли маҳаллӣ ба савдо мерафт[181].

Ҳамин тариқ, дар ибтидои солҳои 80-уми асри XIX аз бекигариҳои Бухорои Шарқӣ фақат дар Дарвоз бозори доимоамалкунанда набуд ва ба гуфтаи шоҳиди бевоситаи ҳол, олими табиатшиноси рус А.Э. Регел дар ин ҷо он замон ҳанӯз савдои мустақил вуҷуд надошт[182]. Шоҳидони баъдина қайд кардаанд, ки аввалин бозор дар Қалъаихумб дар ибтидои солҳои 90-уми асри XIX кушода шудааст[183]. Дар рӯзҳои аввали кушодашавӣ то ба ҳукми анъана даромадани мавҷудияти он ҳаҷму на- въи молҳои савдо хеле маҳдуд будааст[184]. Ба ҷуз маҳсулоти кишоварзӣ, дар ин бозор молҳои истеҳсоли маҳаллӣ, асосан маҳсули дасти оҳангарони моҳир, як миқдор чити истеҳсоли англисӣ, ки шояд аз Ҳиндустон оварда шуда бошад ва боз баъзе чизҳо ба савдо монда шуда буду халос[185]. Капитан Кузнетсов, ки нисбат ба дигарон ба воқеъияти ҳоли Дарвози ибтидои солҳои 90-уми асри XIX бештар шиносоӣ дошт, қайд кардааст, ки ҳоло ба пайдо шудани бозор нигоҳ накарда, дар Қалъаихумб савдо пурра характери табдили молро дорад. У арзиши молҳои барои мубодила гузоштаро чунин муайян намудааст: Як бот- ман гандум, ҷав ва тут - 3 сӯму 20 тин, як ботман пахта (ғӯза) - 8 сӯм, як ботман арзан - 2 сӯм, як ботман биринҷ - аз 12 то 16 сӯм, як сар гӯсфанд - аз 60 тин то 1 сӯму 60 тин, модагов аз 5 то 8 сӯм, барзагов - аз 6 то 12 сӯм, асп - аз 16 то 50 сӯм[186]. Аз ин рақамҳо маълум мешавад, ки дар ин ҷо нархи маҳсулоти маҳаллӣ ё худӣ ҳанӯз ба арзиши аслии мол мувофиқат накарда, хеле арзон будааст. Ҳол он, ки дар нисбати чунин рақамҳо маҳсулоти савдои бекигариҳои марказӣ ва ғарбии Бу- хоро ба маротиб қиматтар буд. Дар фурӯши молҳои истеҳсоли саноатӣ

ё мануфактурӣ, ки аз дигар чо ворид мешуданд, вазъият баръакс буд. Вобаста ба дурии роҳу аз дасти чанд савдогар гузаштанашон, онҳо дар бозори Қалъихумб арзиши чанд карат болотар соҳиб мешуданд.

Бояд қайд кард, ки барои ба чараёни муқаррарии бозорӣ ворид шу- дани муносибати сокинони маҳаллӣ вақти зиёде лозим нашуд. Таъсири рӯзафзуни муносибатҳои молию пулӣ, ки дар рафти мувофиқ омадани истеҳсолоти аморати Бухоро ба талаботи сармоядории Русия торафт бештар эҳсос мешуд, барои бекигарии Дарвоз низ бетаъсир монда на- метавонист. Дар як муддати кӯтоҳ анвои моли ба бозори Қалъаихумб воридшаванда хеле зиёд гардид. Ба ғайр аз маҳсулоти кишоварзӣ ва косибии маҳаллӣ, миқдори молҳои нисбатан арзони саноатии Русия, аз қабили матоъҳои ранга, асбобхои рузгордории чӯянӣ, шишагӣ ва ҳатто молҳои аз хоричи дур воридшударо доимо дарёфтану харидорӣ кардан мумкин буд. Б.Н. Литвинов соли 1894, ҳангоми дар Қалъаихумб будан ва вазъи бозорро мушоҳида намуданаш, таачуби худро аз зиёд будани молҳои дорои тамғаи англисӣ (матои дастархонӣ, чойи кабуд, набот ва ғайра), пинҳон дошта натавонистааст[187].

Бояд қайд кард, ки Русия ба ворид шудани моли давлатҳои дигар ба қаламрави аморати Бухоро муросо карда наметавонист. Бесабаб набуд, ки дар як муддати кӯтоҳ миқдори солонаи моли саноатии ба аморати Бухоро воридшавандаи Русия ба маблағи умумии 20 миллион сӯм ба- робар шуд[188]. Ба замми ин соли 1894 ба доираи низоми гумрукии Русия расман кашидани Аморати Бухоро, куллан ва қатъиян пеши роҳи ба аморат ворид гаштани молҳои саноатии дигар мамлакатҳоро аз тариқи қаламрави Ҳиндустону Эрон ва Афғонистон боз дошт. Вобаста ба чиддан амалӣ гаштани ин сиёсат ҳачми воридоти моли Русия ба Бухо- ро бо суръати зиёд меафзуд. Ҳамин чиз дар содироти маҳсулоти Бухо- ро ба Русия низ мушоҳмда мешавад. Масалан, агар соли 1865 аз Бухо- ро ба Русия бурдани мол дар ҳачми 3 306 000 пули тилло бошад, ҳачми моли аз Русия ба Бухоро воридшуда ба маблағи 1 913 000 сӯм баробар буд. Солҳои 1900-1904 ба ҳисоби миёна ҳар сол аз Бухоро ба Русия ба маблағи 23 700 000 пули тилло мол интиқол дода мешуд. Аз Русия ба Бухоро бошад, ба маблағи 23 200 000 мол ворид мегашт[189]. Албатта, аз ин воридоти моли Русия ба аморати Бухоро Дарвоз дар канор монда наметавонист. А.А. Семёнов беасос қайд накардаст, ки дар Қалъаихумб ҳама вақт моли Русияро дидан мумкин аст[190]. Табиист, ки он молҳо аз сабаби мушкилии роҳ то ба бозори ин маркази Дарвоз ра- сидан қариб аз даҳ даст мегузаштанд[191].

Албатта, ҳарчӣ бештар ворид шудани моли саноатӣ ба Бухорои Шарқӣ, аз чумла ба Дарвоз, барои нигаҳдошту рушди маҳсулоти коси- бии маҳаллӣ зарбаи сахт буд. Бисёре аз навъи маҳсулоте, ки барои тай- ёр карданашон ҳунармандон дар тӯли қарнҳо заҳмати хешро дареғ на- медоштанд ва бо як ғуруру ҳисси қаноатмандӣ онро сайқал медоданд,

ба рақобати моли санотӣ тоб наоварда, тадричан аз байн мерафтанд. Вале буданд навъи маҳсулоте, ки ба ин фишор нигоҳ накарда, чун пештара назаррабоию бозоргирии худро нигоҳ медоштанд. Аз чумла дар бозорҳои қисми марказӣ ва ғарбии аморати Бухоро, Туркистон ва берун аз онҳо маҳсулоти дастранчи «оҳангарони Дарвоз, заргарони Қаротегин, матоъҳои нимабрешимии Ҳисор, алалхусус алочаро дидан мумкин аст, ки точирони Бухоро бо майли том онҳоро ба савдо меба- роранд»[192].

Ҳамин тариқ, аз ин мулоҳизаҳо чунин хулоса бармеояд, ки ба ҳамаи монеаву мушкилиҳои табиию (роҳҳои мушкилгузар ва аз марказҳои муҳимми савдо дар канор мондан) ичтимоӣ (тобеъияти феодалӣ) ва дарачаи пасти муносибатҳои истеҳсолӣ (тарзи истеҳсолоти феодалӣ дар ҳамбастагӣ бо муносибатҳои патриахалӣ), пойбарчоии хочагии натуралӣ, чой надоштани муносибатҳои молию пулӣ ва дар ин замина ниҳоят маҳдуд будани бозори савдову муносибатҳои тичоратӣ нигоҳ накарда, вобаста ба талаби замон муносибатҳои оддии савдо дар шакли мубодилаи мол дар Дарвоз ҳама вақт чой доштанд. Дар охири асри XIX - ибтидои асри XX, бо мурури ҳарчӣ бештар ба доираи таъсири Русияву муносибатҳои истеҳсолии ба талаби замони сармоядорӣ мувофиқ кашидани аморати Бухоро барои афзоиши муносибатҳои савдоӣ дар бекигарии Дарвоз шароити куллан мусоидтаре фароҳам ме- омад. Дар ибтидои солҳои 90-уми асри XIX дар Қалъаихумб кушода шудани бозор ва торафт дар он бештар суръат ёфтани савдо ин хулоса- ро пурра тасдиқ менамояд.

Вале нисбатан афзоиш ёфтани муносибатҳои савдоӣ талаботи соки- нони Дарвозро қонеъ карда наметавонист. Маҳсулоти маҳаллӣ ҳанӯз характери молӣ пайдо накарда буд. Қабилияти харидории мардум низ дар дарачаи хеле пасту маҳдуд қарор дошт. Ин талаботу ба Дарвоз овар- дани моли саноатии ниёзи мардум ва пасандози ночизи пулиро шуғли мардикорӣ то дарачае таъмин мекард. А.А. Бобринской мушоҳидаҳои худро дар ин бобат чунин ба қалам додааст: «Ҳунари тиллошӯӣ дар кӯҳистон хеле паҳн шудааст, аз сабаби кам ба даст омаданаш даромади назаррас дода наметавонад. Дар Ванч бошад, эҳтимол аз сабаби дуру дароз нигоҳ доштани анъанаи оҳанистеҳсолкунӣ нафақат барои ба роҳ мондани истеҳсолоти олоти на он қадар хушсифати зарурӣ, аз қабили белу каланд, зоғнӯлу табар ва ғайра, инчунин маҳсулоти нисбатан хурду заҳматталаб, аз қабили қайчӣ, теғи мӯйсаргирӣ, кордҳои гуногун истеҳсол намуда, ба савдогарони аз амлокдориву бекигариҳои ҳамчавору нисбатан дур омада, ба ивази молу маводи овардаашон медо- данд. Дигар воситаи ба даст омадани маблағи муайяни таъминоти рӯзгор ин мардикорӣ буд. Ҷавонони қобили кор аксаран ба Фарғона ва дигар шаҳру навоҳии Туркистон сафар намуда, корҳои вазнину каммуз- дро аз қабили посбонӣ, боркашӣ ва ғайраро ичро карда, бо пасандози

ночизе ба диёр баргашта, талаботи ҳадди аққали зиндагию рӯзгордории хешро таъмин мекарданд. Дар Дарвоз талаботи сокинон ба истеҳсолоти ҳунармандии маҳаллӣ, аз чумла пӯшок, пойафзол, молҳои зарурии рӯзгордорӣ то андозае таъминоти худро меёфт»[193].

Ин ахбори овардаи олими рус худ гувоҳи равшани он аст, ки дар пешрафти муносибатҳои савдоии Дарвоз мисли дигар бекигариҳои Бу- хорои Шарқӣ мавқеи мардикорон хеле назаррас будааст.

## МАДАНИЯТИ МОДДӢ ВА МАЪНАВӢ. САТҲИ ФАРҲАНГӢ ДАР БЕКИГАРИИ ДАРВОЗ

Маданияти моддӣ ва маънавӣ дар ҳама давру замонҳо оинаест, ки ҳамаи чузъиёти ҳайёти чомеаро бо тамоми ҳусну қубҳаш равшан инъ- икос менамояд. Ин беҳтарин ченакест барои бехато муайян кардани дастовардҳои сиёсӣ, сатҳи иқтисодию ҳалли масоили ичтимоӣ дар зинаҳои инкишофи таърихӣ, нишонаи воқеии мақоми халқи кишвар дар тамаддуни башар. Равшану возеҳ аст, ки дастовардҳои итлмию маданӣ илмӣ ва фарҳангии халқ беҳтарин ва муфидтарин воситаи ши- нохтани сатҳи худогоҳии миллӣ масҳуб мешаванд.

Албатта, аз чузъиёти ҳайёти мадании мардуми Дарвоз ёдовар шудан ҳаргиз маънои дар он чустани падидаи барои ҳамсоямулкҳо ва тамоми халқи точик фарққунандаро надорад. Чунин иқдом тамоман хилофи дарки амиқи конунияти пайдоиши халқияту ташаккулёбии миллати точик мебашад. Аслан ҳадафи мо аз чустучӯи ҳамин чузъиёт дар муқоиса бо мақоми умумии тамаддуни халқи точик ва кӯшиши ичмолии дар мисоли Дарвоз нишон додани ҳамбастагии қавию таъри- хии тамоми точикон беш нест.

Дарвоз аз қадимулайём макони зисти точикон буда, дар тамоми таърихи тӯлонии хеш онҳо аз махлутшавӣ бо ҳамсояҳои кӯчии туркта- бор, ки дар баъзе аз сарзаминҳои ҳамсоя бо сабабҳои таърихии тақдир рӯй дода буд, дар канор мондаанд. Ин асолати қавмӣ ё нажодӣ то за- мони ба аморати Бухоро ҳамроҳ кардани Дарвоз идома дошт. Баъди ғасби кишвар аз чониби манғитиён дар пойтахти он - Қалъаихумб, ба- рои нигоҳ доштани имкони муқовимати мардум бо низоми сиёсию ичтимоии аморат, гарнизони ҳарбӣ нигоҳ дошта мешуд. Саркардагони артит ва сарбозони қатории он аз қабилаи манғиту дигар намояндаго- ни қабилаҳои ӯзбек буданд. Табиист, ки онҳо бо суннатҳои таърихии точикони ин бекигарӣ таъсири амиқе расонда наметавонистанд.

Нишонаҳои асосии маданияти моддӣ шаҳрсозию дастовардҳои ҳаётан муҳимми таъмини маишат мебошанд. Дар Дарвоз ин дастовардҳо, ба мақоми болотарини сатҳи камолоту нотакрор нарасида бошанд ҳам, ҳамаи талаботи рӯзмарраи ҳаёти мардумиро таъмин кар- да, аз санъати баркамоли ҳунармандону косибон дарак медоданд.

Дар бекигарии Дарвоз ягона маркази ба талаботи маданияти шаҳрӣ ҷавобгӯ Қалъаихумб буд. Албатта, аз рӯи фаҳмиши имрӯза онро шаҳр гуфтан муҳобот ба назар мерасад. Вале аз як ҳақиқати барои ҳамон давраи таърихӣ расман эътироф гашта чашм пӯшидан аз фаҳмиши сар- сарии масъала ё тамоман нафаҳмидани он беш нест. Аз ин рӯ, пеш аз ба таҳлили бевоситаи мундариҷаи ин боби кор гузаштан, зарурати хо- нандаро бо фаҳмиши таърихию классикии «шаҳр» шинос кардан лозим меояд.

Аз диди имрӯза ба ҳаёти шаҳрҳои Бухорои Шарқӣ ошноӣ пайдо карда, кас ба шаҳр будан ва чун шаҳр эътироф шудани онҳо ба назари шубҳа менигарад. Дар ҳақиқат онҳо аз ҳар ҷиҳат гӯё хеле назарногир буданд. Барои бехато муайян намудани фаҳмиши «шаҳр» ва ченакҳои мувофиқи он мухтасар ҳам бошад, ба таърихи ин мафҳум рӯй овардан зарур аст.

Бояд қайд кард, ки аз ҷиҳати илмӣ ва бехато муйян намудани қолабҳои статуси шаҳр кори басо мушкилест. Ин қолабҳо барои ҳар давраи таърихӣ ҳархелаву тағйирёбандаанд. Барои тамоми мамолики дунё, аз ҷумла Шарқ яке аз нишонаҳои муҳимми шаклгирии шаҳрҳо пайдо шудани табақаҳои иҷтимоӣ ва ҷудо шудани ҳунармандӣ ҳамчун соҳаи махсуси истеҳсолоти ҷамъитӣ[194] аз дигар касбҳои ниҳоят зару- рии одамон ҳисоб меёбад.

Барои ҳамаи ашхоси ба ин ё он дараҷа ба таърихи шаҳрҳо шиносоӣ дошта пӯшида нест, ки дар ҷараёни тараққиёти ҷомеа вазифаи иқтисодӣ ва ғайриқтисодии ҳаёти шаҳрӣ тағйир меёбад. Ин тағйирот ба таҷдиди назари фаҳмиши «шаҳр» оварда мерасонад. Фаҳмиши «шаҳр» дар ҳар замон ва ҳар ҷомеа мазмуни дигар гирифта метаво- над[195]. Масалан, ба фаҳмиши аввалаи шаҳр дар Руси Қадим қария ё ҷои аҳолинишин набуда, аз девори он (ограда) ба вуҷуд омадааст (яъне «город» аз мафҳум ё решаи «ограда» пайдо шудааст. Полез, ки бо за- бони русӣ чун «огород» тарҷума мешавад, низ аз ҳамин реша - «огра- да» калимасозӣ шудааст). Ба ҳамин маънӣ мувофиқ «ҳисор»-и арабӣ фаҳмиши «шаҳр»-ро гирифтааст. Вале бо мурури замон ин фаҳмиш тағйир меёбад. Алакай дар асри **XVIII** на ҳамаи нуқтаҳои (пунктҳо) ахолини**<u>ттт</u>**ин, ки гирдашонро девори шакли (тип) «шаҳрӣ» печонда буд, шаҳр номида мешуданд. Акнун «шаҳр» гуфта ҳамон пунктҳои аҳолинишинеро мегуфтанд, ки вазифаи маркази маъмурии музофот ё ноҳияро ба ҷо меовард. Ҳамин тариқ дар асри **XVIII** ғолибан маркази маъмурӣ бо номи шаҳр ифода меёфт. Дар мамолики Шарқи мусулмон низ ҳанӯз дар асрҳои миёна шаҳр гуфта, маркази маъмурӣ дар назар дошта мешуд. Нишондиҳандаи асосии шаҳр мавҷуд будани масҷиди ҷомеъ бошад ҳам, вазифаи маъмурӣ аз он бартарӣ мегирифт[196].

Шарқшиноси барҷастаи рус В.В. Бартолд ба сарчашмаҳои боэътимо- ди асримиёнагӣ такя карда дар асараш «Оиди таърихи Марв» чунин

нақшаи классики шаҳрсозиро овардааст, ки ба ҳамаи шаҳрҳои дунёи ис- лом хос буда аз чунин қисмҳои барои шаҳр хеле муҳим 1) куҳандиз (қалъа), 2) шаҳристон ва 3) работ иборат аст. Маҳз ҳамин тарҳу тартиби шаҳрсозӣ, фаҳмиши шаҳри асримиёнагии шарқу мамолики мусулмонро бештар ифода мекунад. Қалъа метавонист дар маркази шаҳр (шаҳристон) ё дар кунчи аз чиҳати стратегӣ муҳими он чой дошта бо- шад. Работ дар гирди девори шаҳр чой мегирифт. Дар баъзе шаҳрҳои калон шаҳристону работро якчоя бо фаҳмиши арабӣ чун «балда», «ба- лад» ё «билод» ном мебурданд, ки он ба маҳалли аҳолинишин, шаҳр ё дар мавридҳои муайян чун кишвар ё сарзамин фаҳмида мешуд. Деҳаҳои гирду атрофии шаҳрро бо мафҳуми «рустоқ» ифода мекарданд[197].

Албатта, чунин тарҳу тартиби шаҳрсозӣ на барои ҳама шаҳрҳои Бу- хорои Шарқӣ мувофиқ меомад. Шароити кӯҳистон имкон намедод, ки доимо қалъа дар маркази шаҳристону болои теппа сохта шавад (дар баъзе мулкҳои мустақили асримиёнагӣ ҳатто зарур мешумориданд, ки қалъаро дар болои теппаи сунъӣ, чи тавре ки дар Ҳисору Қӯрғонтеппа ва дигар чойҳо ба мушоҳида мерасад). Аз ин рӯ дар сохмони чанде аз шаҳрҳои ин минтақа (Балчувон, Ғарм, Қалъаихумб ва ғайра) аз ин нақшаи анъанавии шаҳрсозӣ сарфи назар шудааст. Релефи кӯҳии маҳал зарурати ба талаботу анъанаҳои классикӣ мувофиқ сохтани қалъаву шаҳристон, инчунин ҳатмӣ будани иншооту истеҳкомҳои мудофиавӣ- ҳарбӣ ва работро аз байн бурдааст. Вале новобаста аз «нағунчидани» ин шаҳрҳо дар чаҳорчӯбаи анъанавии шаҳрсозӣ ва ҳатто маҳдудияти масоҳат, нисбатан кам будани нуфуси шаҳрнишин (аҳолӣ) онҳоро аз қатори шаҳрҳои нисбатан маъмули аморати Бухоро «берун» карда на- метавонист.

Аз ин нигоҳ Қалъаихумб ба ҳамаи талаботи шаҳрӣ пурра ва расман чавобгӯ (дар давраи мустақилият - пойтахти шоҳигарӣ, баъди ҳамроҳ кардани Дарвоз ба аморати Бухоро - маркази бекигарӣ) буд. Ба замми ҳамаи ин талаботу расмиятчигии маъмурӣ Қалъаихумб ҳамчунин мар- кази аввалдарачаи иқтисодӣ-ҳунармандӣ, савдо ва фарҳангии Дарвоз ҳисоб меёфт.

Дуруст аст, ки баъди инқилоб Дарвоз аз ин имтиёзҳои расмию маъмурии ба шоҳигарӣ ва баъдан ба бекигарӣ мансуб буда, барканор гардонда шуд ва табиист, ки пойтахташ - Қалъаихумб он атрибутҳои ба шаҳр хос бударо аз даст дода, ба маркази ноҳия, ба шаҳраки оддии кӯҳистон табдил ёфт.

Дар ин маврид ногуфта намонад, ки фаҳмишу арзишҳои шаҳрию шаҳрсозӣ дар замони нав куллан тағйир ёфтаанд. Аз ин хусус дар «Эн- циклопедияи советии точик» омадааст: «Шаҳр маркази калони аҳолинишинест, ки сокинони он дар соҳаҳои саноат, савдо, хизматрасонӣ, идоракунӣ, илм ва маданият кор мекунанд. Шаҳрҳо одатан маркази маъмурӣ ва мадании районҳои атрофи худ мебошанд.



*Пойтахти бекигарии Дарвоз - Қалъаихумб, соҳили рости дарёи Панҷ, дар охири асри XIX. (Аз китоби В.И.Липский, «Горная Бухара. (Результаты трехлетнего путешествия по Средней Азии в 1896, 1897 и 1899 гг». - Ч.З., СПб, 1900.)*

Ба шаҳр зичии аҳолию биноҳо (бештар биноҳои серошёна) хос аст. Омилҳои асосии ба категорияи шаҳрҳо дохил намудани маҳалҳои аҳолинишин чунинанд: шумораи аҳолӣ ва машғулияти он, мавчудияти корхонаҳои саноатию хизмати маишӣ, фонди манзили давлатӣ, макта- бу донишкадаҳои олӣ, муассисаҳои савдо, хӯроки умумӣ, истироҳатию табобатӣ, маданию маърифатӣ, идораҳои хочагии коммуналӣ ва ғайра. Ба категорияи шаҳрҳо дохил намудани маҳалҳои аҳолинишин, одатан аз рӯи тартиби муайяни қонун анчом ёфта, сарҳади шаҳр муқаррар карда мешавад»[198]. Табиист, ки аз рӯи ин талабот аксари марказҳои расмии маъмурии собиқ мулкҳои мустақилу ниммустақили то давраи ҳамроҳ намудан ба аморати Бухоро ва баъди ба бекигарӣ табдил дода- ни онҳо аз чумла Ғарму Қалъаихумб ва дигар мулкҳои қаламрави ку- нунии Вилояти мухтори кӯҳистони Бадахшон (Рӯшону Ишкошиму Ва- хон) низ статуси расмии шаҳр будани худро аз даст доданд.

Акнун, ки то андозае ба шарҳи хеле мухтасару кӯтоҳи мафҳуми шаҳру шаҳрсозии давраи асримиёнагию замони нави минтақа хонанда шиносоӣ пайдо кардааст[199], бар мегардем ба баёни вазъи тоинқилобии маданияту огоҳии фарҳангии мардуми диёри зебоманзари Дарвоз.

Қалъаихумб ба сайёҳону тадқиқотчиёне, ки бевосита аз он дидан кардаанд, таассуроти хубе бахшидааст. Аъзои Шуъбаи туркистонии Ҷамъияти чуғрофии рус М.А. Кирхгоф дар маърӯзаи худ оиди сафари Помир соли 1899 хотироташро нисбати Қалъаихумб чунин нигошта- аст: «Ин шаҳрча аз рӯи намуди зоҳирии худ ба навъи муқаррарии деҳоти Осиёи Миёна монанд нест: кӯчаҳои он росту паҳн буда, дар ду тараф дарахтон шинонда шудаанд; ҳато аз тарафи кӯча тирезаҳо ба назар мерасанд»[200], (ки ин барои шаҳрҳои Осиёи миёна ғайри муқаррарист. - Ҳ.П.). Таассуроти мусбати худро нисбати Қалъаихумб А.А. Семёнов ин тавр баён доштааст: «Пойтахти тамоми Дарвоз ва дар айни замон ягона шаҳри он - Қалъаихумб, ки дар бисёр мавридҳо со- кинони ин чо (дигар бекигариҳои Бухоро дар назар дошта шудааст. - Ҳ.П.) онро «Дарвоз» ҳам ном мебаранд, бо рустаниҳои гуногун, боғҳои сабзу хушманзараш, ки аз миёни анбӯҳашон чо-чо хонаҳои сафедкар- дашуда намудоранд ва аз ин манзар қишлоқҳои дигари дуртари поёнии лаби дарё ва болоии дар доманкӯҳҳо паҳн шуда, ба ҳар нафари сафари ин чо дошта, таассуроти хеле хуб мебахшад»[201]. Ва боз илова мекунад: «Тозагии намунавӣ дар шаҳр ҳар каси ба ин чо омадаро ба вачд мео- рад. Ин тазагию озодагӣ чиддан нигоҳ дошта мешавад: рӯзе чанд маро- тиба ба кӯчаҳо об мепошанд. Ахлот ва дигар ҳар гуна ифлосиҳо барта- раф карда мешаванд, дарахтонро мисли ноҳияҳои дигари Бухорои Шарқӣ, аз ҳар осеб ғамхорона ҳифз карда, сари вақт об мемонанд, аз ин чост, ки шаҳрро пурра кабудизор фаро гирифтааст»[202]. Ҳамин му- носибати дилсӯзонаи сокинони Қалъаихумб нисбати тозагии он тадқиқотчию сайёҳи дигари рус Б.Н. Литвиновро низ бетараф нагу- зоштааст. У таассуроти аз мушоҳидаи шаҳр бардоштаашро чунин қаламдод намудааст: «Ба он нигоҳ накарда, ки Қалъаихумб шаҳри дурдасттарини қисмати шарқии Бухорост, аз ҳама марказҳои мо дида, бештар ба шаҳр шабоҳат дорад. Кӯчаи калони тарафи бозор васеъ, тоза ва рост мебошад; Хоначаҳо гарчи монанди дигар чойҳо (марказҳои Бу- хорои Шарқӣ. - Ҳ.П.) назарногиранд, вале тозаву озода ба назар мера- санд. Қисми зиёди онҳо, аз чумла биноҳои бозор ва иморатҳои (казармаҳо) барои ду ротаи Баталиони ҳафтуми Бухоро сохташуда, бо гачи сафед андовида, бо ранги хокистарӣ ва нақши гӯё аз рӯи як қолаби ягона барои тамоми шаҳр оро ёфтаанд.. .»[203].

Аз иншоотҳои назарраси таърихӣ шоҳидон бештар аз қалъа, боғи калони шаҳр, ки онро ба таври рамзӣ «Боғи ирам» низ меномиданд ва санги таърихии хуммонанде, ки дар боло сифаташ рафта буд, ёдовар шудаанд. Бояд гуфт, ки боғи номбурда дар шаҳр ягона набуд аз рӯи сифати шоҳидон тамоми шаҳр пурра «боғи калони яклухтро ме-
монд»[204].

Қалъа дар соҳили рости дарёи Панч дар назди резишгоҳи дарёи кӯҳии Хумбов чой дошт. Дарозиаш 40 сажен (ченаки русӣ, як сажен ба

се оршин ё ба 2, 134 метр баробар аст) ва паҳнояш ба 30 сажен баробар меомад. Қалъа аз санг сохта ва девораш бо лой андовида шуда буд. Ба- ландии девораш - 5 оршин, паҳноиаш ба 2,5 оршин мерасид. Дар бурҷҳои девор 6 манора мавҷуд буд. Хонаи бек дар дохили қалъа ҷой дошт[205].

Аз рӯи маълумоти шоҳидон дар охири асри XIX, ба ғайр аз боғ, чи- зе аз давраи шоҳигарӣ боқӣ намонда буд. «Қасри шоҳ, - навиштааст А.А. Семёнов аз дарун таъмиру тармими ҷиддӣ шуда ва чи тавре ки дар яке аз дарҳояш бо форсӣ кандакорӣ намудаанд, 20 сол пеш қариб аз нав сохта шудааст (онро ҳангоми забт кардани Қалъаихумб сарбозо- ни амир вайрон карда буданд. - Ҳ.П.). Масҷиди шаҳрро бо қандили биринҷиаш ҳангоми мо дар он ҷо будан аз таъмиру навсозии ҷиддӣ гу- зарондаанд» [206].

Қалъаихумб ба маҳаллаҳо, (шояд бо таъсири амалдорони Бухоро онҳоро, «гузар» ҳам мегуфтанд), ҷудо мешуд, ки онҳо чунин ном дош- танд: маҳаллаи Сари Ҷегунӣ (тахмин меравад, ки то сохтану сераҳолӣ шудан ин ҷо майдони чавгонбозии ҷавонон будааст), Сариду (Сари деҳа), Пуниду (Поёни деҳа), Ғӯли Ҳавдак, Сангов, Кӯли Устовун (шо- яд шакли ба шеваи маҳаллӣ мутобиқшудаи маҳаллаи устоҳо - оҳангарон бошад). Маҳалла ё гузарҳо ба қисмҳо ё маҳалҳои хурдтар ҷудо мешуданд. Масалан, маҳаллаи Сари Ҷегунӣ, ки ҳарду соҳили Хумбоврο дар бар мегирифт, ба маҳалҳои Чорбоғ, Қӯли мазор (дар онҷо Мазори Хоҷа Зуҳуриддин ҷойгир аст), Лаби Хумбов ва Таи Чанор (маҳали серодамтарини Қалъаихумб, ки дар он Масҷиди маҳалла ҷойгир буд. Феълан қисми марказии Қалъаихумб, ки дар он муассисаҳои маъмурии ноҳиявӣ, нуқтаҳои асосии савдо ҷойгиранд). Ба ғайр аз Чорбоғ, ки дар соҳили рости Хумбов воқеъ буд, дигар ҳамаи маҳалҳои дар боло номбаршуда дар соҳили чап ҷой доштанд[207].

Маҳалла ё гузари Пуниду дар наздикии қалъа ҷойгир буд. Гузари Сариду, ки онро баъзан гузари Боло низ ном мебурданд, дар қисми шимоли шарқии Қалъаихумб ҷой дошт. Ҳудуди гузар ё маҳаллаҳои Ғӯли Ҳавдак (дар баъзе навиштаҳо чун «Гавдак»[208] омадааст), Сангов ва Қӯли Устовун соҳилҳои назди дарёи Панҷро фаро мегирифтанд. Аз рӯи маълумоти мардумшиносони тоҷик дар маҳали Ғӯли Ҳавдак беш- тар аҳли фуқаро иқомат доштанд. Дар Сангов бошад, қисман одамони номдору ашрофзодагон, вале аксаран шаҳрнишинони оддию камбизоат зиндагӣ мекарданд. Дар Кӯли Устовун бошад, бештар устоҳои обгуза- рону салсози касбӣ зиндагӣ мекарданд. Онҳо дар таги тахтахимчаҳои бофта - чапар ё чапаракҳои бо ҳам пайвастшуда чанд саноч (гӯпсар) васл намуда, кема (сал) тайёр карда, корафтодагонро аз як соҳил ба соҳили дигари Панҷ мегузарониданд[209].

Гуфтаҳои боло тасдиқи онанд, ки Қалъаихумб тамоми аъаноти шаҳрдорию шаҳрсозии охири асримиёнагии ба шароити минтақа хосро

дар худ нафақат тачассум мекард, балки дар ин чода то андозае нисбат ба бекигариҳои ҳамсоя пешсафиро нигоҳ медошт.

Ҳамаи дастоварду муносибати озодаи сокинони Қалъаихумб нисба- ти пойтахти худ фақат барои ин чо хос набудаанд. Чунин муносибат дар маркази амлокдориҳою тамоми қаламрави бекигарӣ равшан мушоҳида мешуд. Ҳамаи ин ва боз чандин сифатҳои дигар, аз чумла боғдорию зироаткорӣ ва чорводорию ҳунармандӣ, ки дар боло шарҳи мухтасари онҳо рафт, маҳсули заҳмати сокинони меҳнатқарин буда, аз маданияти баланди касбию ҳусни одоби онҳо дар шароити мушкили кӯҳистон дарак медиҳад.

Дар деҳоти Дарвоз низ муҳити зист ба талаботи чуғрофӣ ва зарурати таъминоти зиндагии мардум мусоидат мекард. Мардумшиносу антро- полог А.Шишов дар ин бора тассуроти худро чунин ба қалам додааст;

«Деҳаҳоро дар Дарвоз ва Қаротегин дар ҳарчо дидан мумкин аст. Баъзе дар чуқурии дара, дар соҳили дарё ва шохоби он; дигарҳо қариб дар баландиҳои назди қуллаҳои барфпӯши кӯҳҳо, дар чойҳои аз тар- маю селфуроиҳо бехавф доман паҳн кардаанд. Аз рӯи шумораи ҳавлиҳо (аз 10 то 100 ҳавлӣ ё буна) деҳаҳо бузург набошанд ҳам, хеле серодаманд. Чунки дар кӯҳистон хонадор намудани писар ва чудо кар- дани хочагии он, чи тавре ки дар водиҳо чой дорад, ба ҳукми анъана надаромадааст. Дар он чо як навъ қонуни кооперативӣ (зисти якчояи оила бо заҳмати коллективонаи оилавӣ дар самтҳои хочагидорӣ ва таъминоти ичтимоӣ) вучуд дорад. Аз ин рӯ ҳавлиҳои алоҳида кам ба назар мерасанд ва хонаҳои зисту биноҳои чорвою рӯзгордорӣ ба якди- гар хеле наздик сохта мешаванд»[210].

Бо ибораи дигар гӯем, тарзи сохтмони манзил аз воқеъияти муносибатҳои патриархалӣ ва ниҳоят кам будани майдони замини кишт бармеомад. Аз тарафи дигар ба ин анъана шароити табии кӯҳистон, мушкилии ҳалли нисбатан пурраи масоили умдаи зиндагию рӯзгордорӣ, ҳисси кӯмаки авлодию ҳамсоявӣ мусоидат мекард.

«Ниҳоят оддист ҳаёти зодагони кӯҳ, - навиштааст А.А.Бобринской,
- тарзу анъанаҳои дигари зиндагиро орзу намекунанд ва чунин ба на- зар мерасад, ки онҳо дорандаи хиради волоянд, аз қисмат розию бо та- моми ҳастӣ ва сидқан оила, боғу роғ, Ватани ачдодӣ, кӯҳҳои ҳайратангези Дарвозро дӯст медоранд»[211].

Дар ниҳоди мардуми Дарвоз аз қадимулайём шавқи донишандӯзӣ бараъло мушоҳида мешавад. Боиси таассуф аст, маълумоти амиқи оморие аз хусуси сатҳи саводнокию саводомӯзии сокинони ин диёр дар даст надорем (ин нафақат барои Дарвоз, инчунин барои тамоми амора- ти Бухоро ва минтақаи Осиёи Марказӣ хос буд), вале, бо итминони ко- мил гуфта метавонем, ки аксари мардум (ба хусус мардон) бо саъю та- лоши хеш ба гирифтани хату савод соҳиб мешуданд. Ба ғайр аз он, ки дар назди ҳар масчид мактаби саводомӯзии ибтидоӣ фаъолият мекард,



*Хонаҳои истиқомати бо биноҳои дигари рузгордори.*

мактабҳои хонагӣ ҳам кам набуданд. Тартиби таълими мактабӣ дар ин диёр аз тартиботи таълимии дар шаҳру деҳоти марказии Бухоро кам фарқ дошт.

Ба ғайр аз мактабҳои одии таълимӣ, ки дар ҳамаи деҳоти хурду мавҷуд буданд, таълими нисбатан баландтарро дар мадрасаи Қалъаихумб гириф- тан мумкин буд. Мадрасаи номбурда дар назди масҷиди маҳаллаи Пуни- ду фаъолият мекард ва дар минтақаи соҳили рости дарёи Панҷ аз рӯи маълумоти мавҷуда дар ин сатҳ ягона ҳисоб меёфт. Бояд қайд кард, ки анъанаи дар мадрасаҳои Бухоро ва дигар шаҳрҳои марказӣ имконияти нисбатан васеи таълимгирӣ доштан, зарурати дар маркази Дарвоз ташкил кардани мадрасаи сатҳи таълимии дараҷаи мадрасаҳои марказии аморат- ро аз байн бардошта буд. Аксаран ҷавонони лаёқатманди Дарвоз, баъди фаро гирифтани дараҷаи миёнаи таълим барои идомаи таҳсил ба Бухоро ва дигар шаҳрҳои марказӣ мерафтанд.

«Қобилияти зеҳнии кӯҳистониён, - навиштааст амалдор ва полков- ники рус Г.А.Арандаренко, - дар тезфаҳмӣ, майли баланди мушоҳида- корӣ, хотираи васеъ ва қавии ба дарвозиёну қаротегиниҳо хос буда, дар аз ёд донистани шаҷара, қиссаву ривоятҳои дароз мушоҳида мешавад. Рағбати онҳо ба илм хеле зиёд аст.Ҷавонони зиёде мадрасаҳои Бухоро- ву Самарқандро дар мӯҳлати хеле кӯтоҳ хатм мекунанд, ҳол он ки таҳсили водинишинон дар ин мадрасаҳо 16-25 сол тӯл мекашад»[212].

Ин мушоҳидаҳои донишманди рус чунин хулосаро тақвият медиҳанд, ки дар Бухоро хатми мадраса кардани мардуми ин диёр, як одати муқаррарӣ будааст. Бесабаб нест, ки то имрӯз номи хатмкарда- гони зиёди мадрасаҳои Бухорою Самарқанд ва дигар мадрасаҳои бо- нуфузи шаҳрҳои марказии минтақа ва берун аз он дар хотири

ҳамдиёрон мондаанд. Аз чумла аз як деҳаи Водхуди амлокдории Ванч Мулло Абдулло (мударриси калони мадраса дар Бухоро), Мулло Умар, Мулло Дӯст, Мулло Шафеъ, Мулло Рофеъ, Мулло Ниёз, Мирзо Раҳмат, Мулло Собир, Мулло Насриддин, Мулло Мӯъмин, Мулло Давлат ва дигарон, ки дар Бухоро ва дигар марказҳои фарҳангии минтақа дарачаи баланди дониши онҳоро эътироф мекарданд, кам на- буданд. Ин гуна касон дар амлокдории Қалъаихумб ба маротиб зиёд буданд. Дар дигар амлокдориҳо низ даҳҳо хатмкардагони мадрасаҳои марказӣ аз ғояҳои пешқадами илмию маорифпарварии замон бархӯрдор шудаву бо ифтихор онҳоро дар деҳоти дурдаст тарғиб ме- карданд. Баъзе аз ин гуна касони пешқадам дар солҳои 20-30-юми қарни гузашта қурбони таъқиботи репрессиявӣ гардиданд. Кайҳо вақти он расидааст, ки бегуноҳии он бечорагон ва шахсиятҳои илмию фарҳангии замон буданашон тасдиқ гардад.

Дарвоз яке аз марказҳои ниҳоят муҳими фарҳангии минтақаи кӯҳистон ҳисоб меёфт. Истеъдоди мардуми ин диёри биҳиштосо дар соҳаҳои гуногуни ҳунармандӣ, ки дар боло ба онҳо ишора рафт, инчу- нин дар завқи сухану маънирасӣ бараъло мушоҳида шудааст. Аз ин рӯ, бемуҳобот Дарвоз диёри адибхезу адабпарвар аст. Ҳатто шиносоии рӯякӣ ба сатҳи маърифатии мардуми одии водиҳои мутааллиқи ин шоҳигарӣ ва сипас бекигарӣ моро ба хулосае меорад, ки дар ниҳоди ҳамагон табиатан завқи сухану шеърофарӣ вучуд доштааст. Фарҳангогоҳии зодагони ин мулки кӯҳистони точик касро дар ҳайрат мегузорад. Мавчудияти ин анъанаҳо то имрӯз ҳам бараъло мушоҳида мешаванд. Ҳангоми сӯҳбат ҳатто кишоварзи зоҳиран аз илму адаб бе- хабар метавонад дар чараёни сӯҳбат соатҳои дароз аз Ҳофиз, Саъдӣ, Бедил, Хусрави Деҳлавӣ, Лоҳутӣ, Муҳаммад Иқбол, Мирзо Турсунзо- да, Мӯъмин Қаноат, Лоиқ... бо лаҳни зебои ба худ хос садҳо абёт қироат кардаву чун мутахассиси касбӣ шарҳи маънӣ намояд. Қадри суханро мардуми ин диёр бо зарурати давру замонҳо дар худ парвари- даанд. Ба дурии худ, аз марказҳои муҳимми адабии минтақа нигоҳ на- карда, дар Дарвоз як доираи адабии ба худ хос ва мактаби қавии шоирӣ дошт.

Гарчи имрӯз дар бораи замони оғозу ташаккули назми точикӣ дар ин диёр маълумоте дар даст надорем, аз ашъори шоирони замонҳои охири тоинқилобӣ маълум мешавад, ки бидуни мавчудияти суннатҳои адабии дерина ва таҳкурсии амиқи адабӣ дар асрҳои XVIII - XIX та- шаккул ёфтани мактаби адабии Дарвоз номумкин буд.

Баъди тадқиқи тӯлонии ҳавзаҳои адабии Бухорои Шарқӣ шодравон Амирбек Ҳабибов ба чунин хулосае омадааст, ки «аз охирҳои асри XVIII то ибтидои XX Дарвоз доираи адабии худро доштааст. Шоирони ин ноҳия бо шоирони доираҳои адабии Қаротегин, Қӯқанд, Бухоро ва Бадахшон алоқаи наздики эчодӣ доштаанд»[213]. Мо, вобаста ба талаботи

ин китоб асосан ба тадқиқоти олими номбурда такя карда, бо шарҳи ҳоли ниҳоят мухтасари шоирони Дарвоз ва зикри намунаҳо аз ашъо- рашон иктифо мекунем.

Яке аз шоирони соҳибдевони ин диёр Убайдуллоҳи Зиғарӣ, ки бо тахаллуси **Ҳабои Дарвози** шеър мегуфт ва замони зиндагиаш солҳои 1786-1844 тахмин шудаст, мебошад. Аз рӯи маълумоти дар китоби «Суханварони Дарвозӣ»-и Аҳмад Начиби Байзоӣ Ҳабо, ҳангоми фавти бародараш Ҳикматуллоҳ, соли 1265 (1848-49) дар қайди ҳаёт будаву барояш марсияе бахшидааст. Аз ин чо бармеояд, ки шоир баъди ин са- на муддате дар қайди ҳаёт будааст. Мавзӯи шеърҳояш замонавӣ буда, бештар ба ашъори Ҳофизи Шерозӣ пайравӣ кардааст. Намунаи зерин гувоҳест аз ҳунари баланди шоирии Ҳабои Дарвозӣ:

*Гуфтам, ки дилам бастаи он мӯ нашавад, шуд,*
*Сар зери хами теги ду абрӯ нашавад, шуд.*
*Девонаву савдоию мачнуни фирорӣ,*
*Аз гамзаи он наргиси чоду нашавад, шуд.*
*Бо зоҳиди саччода нагуфтем сабаби дил,*
*То моили он цомати дилчӯ нашавад, шуд.*
*Ҳар ошици гамдида гаме гуфт, нагуфтам,*
*То дар газаб он турки шарархӯ нашавад, шуд.*
*Гуфтам, ки Ҳабо рафт ба саҳрои хаёлат,*
*Дар бодияе ҳамдами оҳӯ нашавад, шуд.*

Ба дӯстдорони назми нимаи авали қарни XIX ному ашъори Ҳомидхоча ибни Раҳматуллоҳ (1795-1868) зодаи Тавилдара, ки бо та- халлуси **Вола** шеър эчод мекард, маълуму машҳур буд. Аз мазмуни ашъори Вола бармеояд, ки ӯ низ ба сабки ашъори Ҳофиз пайравӣ ме- кард. Дар яке аз мухаммасхои ба шеъри Ҳофиз бастааш омадааст:

*...Бувад ин Вола камтар аз сагони орифон ҳарчанд,*
*Ба амри шаҳ ба сӯи Хоча шуд лекин таваччуҳманд.*
*Чӣ мумкин варна дар абъёти ӯ ҳарфе кунад пайванд,*
*Ба шеъри Ҳофизи Шероз мехонанду мерацсанд,*
*Сищчашмони кашмириву туркони самарцандӣ.*

**Мулло Муҳаммад Нодир**, ки ҳамзамону дӯсти Вола будааст, беш- тар дар пайравии Мушфиқӣ ва Савдо шеър эъчод мекард. Дар ширин- гуфторию маҳфилоройӣ ба ӯ касе баробар шуда наметавонист. Ин сифа- ти ӯ дар ашъораш мушоҳида мешавад. Ғазали зерин намунаест аз табъи хушгуфтори шоир:

*Турфа шӯхе, ки бувад бурдани хобаш галатӣ,*
*Чин зада бар рухи худ зулфи дутобаш галатӣ.*

*Бо рацибон ҳама дам бодаи гулгун бихӯрад, Ба*
*мани сӯхтадил нозу итобаш галатӣ.*
*Бӯи гулзори ҷамолаш на ҳамин мушки Хутан,*
*Рӯҳбахш аст, вале атру гулобаш галатӣ. Догам*
*аз ишци паричеҳра, ки номаш галатӣ,*

*Бодапаймо саname нашъаи ҷомаш галатӣ.*
*Ба нигоҳе дили сад шефта дар дом кашад,*
*Турфа сайёди ситампеша, ки домаш галатӣ.*
*Нарасидам ба маромаш на ба зорӣ, на ба зар,*
*Кас надидаст чунин шӯх маромаш галатӣ.*
*Дилписанд аст, вале турфа нишасте дорад,*
*Хушхиром аст, вале тарзи хиромаш галатӣ.*
*Гар, ки ин шеър писанд аст ба ҷонон Нодир,*
*Фикри шеъри дигаре кун, ки тамомаш галатӣ.*

Шоири охири асри XVIII - нимаи авали асри XIX Субҳонқулии иб- ни Саидшоҳ, ки бо

*Эй фитна, бар миён зада домон, чи мерави? Дер омадию зуд шитобон чи мерави?*
*Аз у*

*Тараққӣ дар шукуфтан дораду ёдаш дили тангам,*
*Гули боги баҳорам согари майхона ҳамрангам.*
*Зи доги нотавонӣ гирди ҷуди хеш дилгирам,*
*Тунукзарфам, ҳарирам, шишаам, омодаи сангам.*
*Чу булбул кай кунам изҳори болу пар дар ин гулшан,*
*Хамӯшам, заҳрпӯшам, бехудам, чун гунча дилтангам.*
*Чӣ сон созам талоши шӯхию рафтор сӯи ӯ,*
*Заифам, нотавонам, дар раҳаш чун лошаву лангам.*
*Ба қонуни дили худ мезанам Мизроб аз нохун,*
*Навои сози базмам, бар сари як нола дар чангам.*

Шоири соҳибдевони асри XIX - ибтидои асри XX Саидхоча писари Ҳомидхоча (Вола), зодаи Вахиё буда, бо тахаллуси **Маҳҷур** эчоди шеър дошт. Ин ғазал намунаест аз хирвори ашъораш:

*Тири нигоҳат, эй маҳ, дар синаҳо нишаста,*
*Дилҳо чу лола пурхун, бо догҳо нишаста.*
*Ҳар як гадои кӯят аз рӯи интизорӣ,*
*Дар каф асо гирифта, дар кӯчаҳо нишаста.*
*Аз мавҷи хуни дилҳо бар чашми ошиқонат,*
*Ранги ҳинои дастат бар дидаҳо нишаста.*
*То дар чаман даромад он ёри баргузида,*
*Гулҳо ба ҷои бистар дар зери по нишаста.*
*Ҳар кӯзаи сафолин ҷоми шароб набвад,*
*Май ихтиёр дорӣ, дар шишаҳо нишаста...*
*Маҳҷур, базми дилкаш дар бӯстони шоҳист,*
*Ҳар ҷо гуласт булбул дар богҳо нишаста.*

Шоири соҳибдевони асри XIX Дарвоз Қурбон писари Назаралихони Ҷавайӣ бо тахаллуси **Котиб** эъчоди шеър доштааст. Инак, намунае аз ашъораш:

*Ситамгаре, ки саломаш наметавонам гуфт,*
*Ҳалоки рӯяму номаш наметавонам гуфт.*
*Асиру бандии ишқи чу золиме шудаам,*
*Ки ҳоли худ ба гуломаш наметавонам гуфт.*
*Ҳадиси оҳи дилам мавҷиби парешонист,*
*Ба зулфи голияфомаш наметавонам гуфт.*
*Мухолифанд рақибон чанд дар кӯяш,*
*Ки дар кучҷост мақомаш наметавонам гуфт.*
*Ғаме, ки хос бувад, Котибо, зи ҳазрати дӯст,*
*Ба пеши мардуми омаш наметавонам гуфт.*

**Шаҳ Туркхон**, ки худ машқи шеър мекард, дар кори дастгирии на- моядагони аҳли адаби ҳамзамонаш (охири қарни XVIII - нимаи авва- ли қарни XIX) ҳиссагузории назаррасе доштааст. Боиси таассуф аст, ки аз ашъораш ба чуз чанде аз байтҳои пароканда ба дасти тадқиқотчиёни муосир чизи мукаммалтаре нарасидааст.

Шоир **Мирзо Маҳмуд**, ки дар дарбори шаҳ Туркхон ба сифати мирзо ифои вазифа кардааст, чун хаттоти моҳир берун аз шоҳигарии Дарвоз низ маълумият дошт. У дар Ҳиндустон таҳсил намуда саводи мукаммале ба худ касб карда буд. Бесабаб нест, ки дар эчодиёташ бештар пайравӣ ба сабки ҳиндӣ ба назар мерасад. дар жанрҳои гуногун ҳунари волои шои- рии классикӣ ин шоири баркамол шеър гуфтааст, вале намунаҳои ашъори бо шеваи ниҳоят ширину гӯшнавози дарвозӣ сурудааш касро ба вачд ме- оварад. Ғазали зерин намунаест аз ашъори лаҳчавии ӯ:

*Зо дучорум санами хосасухан бонамаке,*
*Офати ҷону дилум, ишвагари камгапаке.*
*У рамия зи муну мун зи гамаш мураи зор,*
*Ёфт мазмуни муну гашт бигуфт нармакаке:*
*«Ту чӣ дориву дилут аз паи мун чун хун аст»,*
*Гуфтумуш: - ҷалд марав, дамта бигӣ як дамаке.*
*Гуфт: - хап шав, бубом ай сари бунг бингараме,*
*Ала пац-пац ту биё, то ки набинад касаке.*
*Эй, ки ҷунум садцат, мумаву бобам садцат,*
*Гуфт * - аҳ ай муни саркал, ки бумураст мараке.*
*Ба худову сари бобам, ки навомем ай ту,*
*Мезанум куртама чок ҳолӣ, бадар шав мараке.*
*Гуфтум: - эй ҷуни ширин, оруми ҷунут на мунум?*
*Қаҳ-цаҳ ханда кару гуфт: - биё як шаваке.*
*Гуфтумуш: - шав, ки биёюм, ту чӣ гав-гав накумӣ?*
*Гуфт: - не-не, ҳама хованд, биё нармакаке.*
*Рафтуму шодикунон ҳалца задум дар кӯяш,*
*Сина бар сина ниҳодум ду лаба бар лабаке.*
*Сахт огӯш гуруфтум, ки наҷунбӣ ай ҷош,*
*Гуфт: - ноҷом гуруфтӣ, чӣ кунум, ац мунаке.*
*Умри Маҳмуд ба шаст умаву ҳафтод расӣ,*
*Арзи аҳвол намудум ба ӯ як шабаке.*

Албатта, фаҳмидани калима ва ибораҳои ибораҳои лаҳчавӣ барои мардуми кӯҳистони ба ин шева ошно мушкилие надоранд, вале барои хонандаи аз нозукиҳои шеваи ин диёр дуртар лозим медонем, ки баъзе аз онҳоро маънидод намоем:

Зо - зад, пеш омад; рамия - рамидаст; мура - мурда; чалд - тез; дам- та - даматро; бубом - падарам; бунг - бом; бингараме - нигоҳ мекунад,

менигарад; пақ-пақ - хам-хам; мумаву бобам - модару падарам; марак - мардак; навомем - намехоҳам; ғав-ғав - ғавғо; ақ - оҳ, вой.

**Ғабро** низ аз шоирони соҳибдевони Дарвоз буда, баъди дар Қаротегин вазифаи тӯқсабогиро ба зимма доштан, бо амри тақдир солҳои зиёд аз ёру диёр чудо умр бурдааст. Ҳатто девони ашъорашро дар Чорчӯи Туркманистон китобат кардааст. Аз қасидаи дар он ба мадҳи амир Музаффар гуфтааш бармеояд, ки ӯ дар замони амири ном- бурда (1860-1885) эчоду зиндагӣ доштааст. Аз табъи баланду худододаш ин ғазал гувоҳ аст:

*Маҳи ман ба маҳфил имшаб зи чи белицо нишаста,*
*Ба тарици дилнавози ба раҳи вафо нишаста.*
*На шикебе дар дили ман, на фарогате ба ҳолам,*
*Чи циёмат аст, ё раб, ба сари бало нишаста.*
*Манаму ҳамон чафокаш, туию ҳамон ситамгар,*
*Рухи ман ба хок доим, ту ба изу чо нишаста.*
*Бираву бигуи цосид зи дили ҳазин паёме,*
*Ба умеди руи зебо ба раҳи шумо нишаста.*
*Ба саҳар машоми чонам зи чи тоза гашт, ё раб,*
*Магар он, ки буи дилбар ба рухи сабо нишаста.*
*На маро хабар зи чоят, на намуди нацши поят,*
*Ба чунин хаёлу ҳоле, ки пари кучо нишаста.*
*Зи чафои шоҳ мурдам, ба ки ман паноҳ гирам,*
*Паи цатлам он ситамгар ба сари сипоҳ нишаста.*
*Чи шавад, ки як нигоҳе фигани ба ҳоли мискин,*
*Сари фикр то ба зону ба раҳат гадо нишаста.*
*Агар аз бацо бичӯӣ на хушию нест масти,*
*Ба бисоти ҳастӣ, Ғабро, ба ҳаво ҳабо нишаста.*

**Мулло Ёр** ё **Ёри** аз бузургтарин шоирони давраҳои охири шоҳигарии Дарвоз ва ибтидоӣ қарни XX аст. У зодаи деҳаи Ғӯмаяки амлокдории Ванч буда, аз мазмуни ашъори парокандаи то замони мо расидааш бармеояд, ки соҳиби дониши комил будааст. Ба гуфтаи баъзе мутахассисон ӯ нафақат шоири соҳибдевон, балки инчунин дониш- манди маъруф буда доири баъзе аз равияҳои илмию фалсафӣ низ тадқиқот бурдааст. Вале чои таассуф аст, ки ба чуз намунаҳои паро- кандаи аз забони мухлисони сершумори диёраш ба рӯи қоғаз омада, осори пурраи ӯ яқинан боқӣ намондааст. Ғазали зерин намунаест аз ашъори дилчаспи ӯ:

*Дар чаман аз рашки цаддат сарвро бунёд сӯхт,*
*То кунад ёд аз хиромат цомати шамшод сӯхт.*
*Оташи ишцат зи бас к-аз манцали дил шӯъла зад,*
*Дар гулӯ ҳангоми цатлам ханчари чаллод сӯхт.*

*Фитратам азбаски расвоипараст афтодааст,*
*Фазъи бебоконаи ман шеваи иншод сӯхт.*
*Ҳеҷ кас тӯҳматнишони доги маҳрумӣ мабод,*
*Бесутунро сина бар ҷон кандани Фарҳод сӯхт.*
*Аз фиреби ҷилваи дунёи дун, Ёрӣ, маноз,*
*К-ин арӯси бевафо сад хонаи домод сӯхт.*

**Баҳрии Дарвозӣ** (**Баҳрин**) аз зумраи шоирони бузургноми ин диёр буда, дар Дарвоз ва дар тамоми Бухорои Шарқӣ, инчунин, берун аз он шӯҳрат доштааст. Исми шоир Абулҳақ аст. У зодаи деҳаи Сангевн буда, солҳои ҳаёташ 1860-1915 ё 1916 муайян шудааст. Шоири оянда дониши аввалияро дар назди донишманди маъруфи диёр Махдуми Аълам гирифта, сипас дар мадрасаи Кӯкалтоши Бухоро идомаи таълим доштааст. Азбаски дар Бухоро ҳасудони наздик ба дарбор аз истеъдоди фавқулъодда ва зеҳни тавонои ӯ хавф мебурданд, барои дар Бухоро монданаш халал расонданд. У ба диёри худ баргашта, мадрасаи кӯҳнаро аз таъмир баровarda, чун мударрис ба толибилмо- ни диёраш таълим медод. Дар шоирӣ ӯ бештар ба сабки қадимаи хуросонӣ пайравӣ мекард. Чун намуна ин ғазали шоирро пешкаши хонанда менамоем:

*Ман агар ёд аз он хастаи гамнок кунам,*
*Сар ба саҳро заназму ҷомаи тан чок кунам.*
*Дили шӯридаам аз дард ба худ мепечад.*
*Тани коҳида цариб аст, ки дар хок кунам.*
*Умрҳо мегузарад, эй маҳи тобанда, бие,*
*Дида то чанд ба ҳиҷрони ту намнок кунам.*
*Корам охир шуду як бор надидам рӯят,*
*Дог бар сина шудам наъра ба афлок кунам.*
*Даҳр бар мо зи чӣ носохтаниҳо дорад,*
*Пас аз ин гусса шарар бар дили чолок кунам.*
*Социё, косаи мо пур зи маи рангин кун,*
*То шавам сархушу ҳар дам сифати ток кунам.*
*Баҳрӣ, аз кулфати айём пурандӯҳ мабош,*
*Ғаму шодӣ гузарон аст, чаро бок кунам.*

Ҳамчунин бояд аз чунин шоирони шинохтаи Дарвоз, монанди Ис- моилбек, ки бо тахаллуси **Ҳайрат** маълум аст, Қозӣ мулло Вафо - **Ваҳшӣ**, **Комил**, Сайид Малак ибни Шохфақир - **Маслак**, **Фитрат**, **Шамсиддин**, Ғуломшоҳ - **Завқӣ**, **Омӣ**, Муҳаммад Саидбек - **Дарвозӣ**, Мулло Садриддин - **Маҳзун**, **Роҷӣ**, **Ноҷӣ**, **Хокӣ**, **Ғофил**, Мирзо Иззатшоҳ - **Иззат**, Мулло Саид Аҳмад - **Орӣ**, Абдуллобеки Бузургхоча - **Мазлум**, **Мавлавӣ Ҳиҷрӣ** (**Хирад**), **Ҳусайнӣ** ва дигарон

ёдовар шуд, ки дар асрҳои XIX - ибтидои XX зиндагӣ карда аз худ осори пурқиммате боқӣ гузоштаанд. Бояд бо изҳори таассуф қайд кард, ки то ба имрӯз ба ҷуз таълифоти умумии А. Ҳабибов[214], тазкираи дар Афғонистон чоп шуда ва баъзе мақолоти С. Мергановро[215], ки бешак падидаҳои назаррасанд, ашъори мукаммали ин шоирони аксаран соҳибдевон дастраси мутахассисон ва завқмандони шеъри волои тоҷикӣ нагаштаанд. Кайҳо вақти он расидааст, ки ашъори ҳар яке аз ин шоирон дастраси мардум гарданд.

Дар Тоҷикистони имрӯзаи соҳибистиқлол ба табъ расидани ин ме- роси гаронмоя бешак амали пурарзише барои тарбияи худшиносии миллӣ хоҳад шуд.

# *Боби V*

# ДАРВОЗ ДАР ОҒОЗИ ДАВРОНИ ШӮРАВӢ

## МАНШАЪ ВА САБАБҲОИ САР ЗАДАНИ ИНҚИЛОБ

Рӯйдодҳои инқилобии ибтидои асри XX, ки тамоми қаламрави Ру- сияро фаро гирифтаанд, ба аморати Бухоро бетаъсир намонда бошанд ҳам, дарачаи пасти огоҳии сиёсии мардум, тартиботи маъмурии феодалӣ, таъсири хурофоти мазҳабӣ ва омилҳои дигар дар аморати Бу- хоро пеши роҳи ин ҳаракатҳои инқилобиро медоштанд. Вале ин оромии нисбӣ маънои онро надошт, ки амир аз ӯҳдаи нигоҳ доштани тарзи сун- натии сохтори давлатӣ баромада метавониста бошад. Инқилоби аввали Русия (солҳои 1905-1907), агарчи дар зоҳир барои Бухоро такони чиддие нарасонд, вале таъсираш, чи хеле, ки қаблан ишора шуд, то андозае дар тамоми қаламрави аморат, аз чумла Бухорои Шарқӣ эҳсос мешуд. Таби- ист, ки ин ҳодиса барои пешравии афкори чамъиятю сиёсӣ дар қаламрави аморат бетаъсир буда наметавонист. Чунин таъсир дар пеш- равии маорифпарварӣ ва чунбишҳои чадидия бараъло мушоҳида меша- вад. Таъқиботи амир авзои ин чунбишҳоро нигоҳ доштан наметавонист.

Дар соли 1909 аз тарафи амир бастани мактабҳои усули нав сабаби ташаккули чадидия ҳамчун ҳаракати ислоҳотчигии чамъиятӣ-сиёсӣ гардид. Дар ин чабҳа махсусан мақоми Мирзо Абдулвоҳиди Мунзим (1877-1934) ва Садриддин Айнӣ (1878-1954) хеле назаррас буд.

Устод С.Айнӣ марому талабҳои чадидонро, ки ҳанӯз дар шакли бар- номаи мушаххас пешниҳод нашуда буданд, чунин ба қалам додаст:

«Хулосаи программа ва маромномаи нонавишта аз ин иборат буд:

**1.** Дар байни аҳолӣ беилмӣ ва бефикриро нест кардан, барои ин ба ривочи мактаби ибтидоӣ кӯшидан, адабиёти нав ва матбуоти ҳарррӯзаро дар байни мардум паҳн кардан;

**2.** Ба уламои паскаш мубориза бурдан, бо ин мақсад разолати уламо ва мадрасаҳоро пеши назари мардум кушода нишон додан, ба кушода шудани фикри талабагони мадраса, хусусан фарзандони уламо кӯшида, масъалаҳои ислоҳи мадорисро пеш бурдан;

**3.** Зулм ва фасоди арбоби ҳукуматро ба халқ кушода нишон додан, бо ин мақсад муомилаи ҳоким ва қозиҳоро нисбати халқ, хусусан

деҳқонон ва фақирони деҳа ба халқ фаҳмондан, ба қадри имкон ҳуқуқи деҳқонони фақир ва зулмдидаро мудофиа кардан;

**4.** Исрофҳо ва разолатиҳои амир ва аҳли дарборро ба халқ кушода нишон додан, мувофиқи майл ва кайфи худ ба сарф кардани байтулмол ҳақ надоштани амир ва одамони вайро ба халқ фаҳмондан;

**5.** Исроф ва бидъатҳои байни аҳолиро барҳам додан, дар одатҳои расмшуда, дар тӯй ва азо ба қадри имкон роҳи машрӯъ пеш гирифтан;

**6.** Аз байни аҳолӣ таассубҳои чоҳилона, низоъҳои мазҳабӣ, рақобатҳо ва нисбат ба ҳамдигар ифтихор ва калонгириҳоро барҳам додан, барои амали гардондани фикрҳои болоӣ омода ва тайёр кардани афкори умумӣ.. ^»[1]

Бо қатъият метавон гуфт: ин таҳлили афкору талаби чадидия, ки ус- тод С.Айнӣ овардааст ба шарҳи иловагӣ эҳтиёч надорад.

Мутаассифона, дар адабиёти илмии давраи Шӯравӣ ба истиснои адабиётшиноси маъруф Холиқ Мирзозода ва файласуф Иброн Шари- фов, тадқиқотчиён тарафҳои тараққихоҳонаи (прогрессивӣ) ин чунбишро нодида гирифта, онро бо ҳаракати ғаразноки пантуркистӣ пурра омехта, зери тозиёнаи танқид қарор дода буданд. Албатта, қисме аз чадидон бо равияи пантуркизм гаравида буданд ва туркпарастӣ ҳам хеле ривоч дошт. Вале ҳамаи чадидонро як хел гунаҳкор донистан ха- тои маҳз аст. Ба мутахассисон ва ҳамаи доираҳои зиёиён маълум аст, ки устод С.Айниро чурми яке аз фаъолтарин намояндагони чадидия гунаҳгор карданӣ ҳам шуданд. Хушбахтона аз диди нав таҳлил наму- дани чадидия ин тарзи муносибати бадхоҳонаро қатъиян ботил сохт. Дар тадқиқоти солҳои охир рӯи чоп дидаи муҳаққиқин то андозае ба ҳар намояндаи он баҳои мушаххас ва воқеӣ дода шудааст[2].

Албатта, муайян кардани вусъати таъсири ғояҳои маорифпарварӣ дар Дарвоз ба сабаби дар даст набудани далелҳои мӯътамад хеле мушкил аст. Вале ҳақиқати мусалламро набояд сарфи назар кард, ки зодагони ин диёр дар мадрасаҳои Бухоро таҳсил доштанд, ва ҳатто баъзеҳо ба сифа- ти мударрис фаъолият мекарданд. Табиист, ки онҳо аз доираи таъсири равандҳои тозаи фикрӣ дар канор буда наметавонистанд. Фақат аз як амлокдории Ванч дар арафаи инқилоб Мулло Шафеъ, Мулло Рофеъ, Мулло Дӯст, Мулло Собир, Мулло Абдусамад, Мулло Насриддин, Дав- лат Абдуллозода, Мулло Одина, Ирфони Беназир ва боз чандин нафар мадрасаҳои Бухороро хатм намуда, чун донишманду соҳибмактаб шӯҳрат пайдо карда буданд. Чунин донишмандон дар амлокдориҳои ди- гари Дарвоз ҳам кам набуданд. Онҳо аз падидаҳои нав ва хоҳиши ислоҳотталабии чомеа дар канор буда наметавонистанд. Масалан, аз муносибати маҳкумкунанда нисбат ба режими амирӣ доштани Давлат Абдуллозодаи водхудӣ мазмуни шерҳо ва фаъолияти чамъиятиаш дар солҳои авали барқароршавии Ҳокимияти Шӯравӣ маълум мегардад, ки ӯ ба гурӯҳи пешқадами равияи чадидия алоқаи бевосита доштаст.

Инқилоби дуввуми Русия (феврали соли 1917) ва вожгун гаштани тахти подшоҳӣ барои аморати Бухоро ва шахсан худи амир бетаъсир намонд. Ҷунбишихои инқилобии маҳалҳои руснишини Бухоро монан- ди Когон, Тирмиз, Каркӣ, Чорҷӯи нав ва ғайра таваччӯҳи халқҳои маҳаллиро нисбати зарурати дигаргунсозиҳои ичтимоӣ зиёд мекард. Ҷавонбухориён ҳарчи бештар масъалаҳои ислоҳотро пеш мегузоштанд. «Аз он чумла, - менависад С.Айнӣ, - дар Когон ва дар таҳти дарвозаи Бухоро низ чамъомад ва митингҳо барпо гардид. Дар ин чамъмадҳо рафиқони мусулмон ва аврупоии фуқарои рус нутқҳои оташин эрод намуда, аз аҳамияти инқилоб ва аз таъсироти он ба истиқбол маълумот дода, ислоҳи корҳои Бухороро ҳам, ки дар зери фишори зулм хароба- зор гашта, мардумонаш ба ғуломӣ афтодаанд, аз бақо ва камоли ин инқилобу ҳуррият мешумурданд... Ҳукумати Бухоро ба чамъомадҳое, ки дар вокзали таҳти дарвоза мешуданд, одамони махсус монда, фуқарои худро аз иштирок дар онҳо манъ ҳам карданӣ ҳам шуд. Локин аҳолӣ, хусусан чавонон, мисли дег дар чӯш буданд ва тадбирҳои ҳукумат барои пешгирӣ мисли сарпӯше буд, ки ба болои деги дарчӯш мегузоранд ва он чӯши онро боз ҳам шиддатноктар мекунад. Ҷавонони Бухоро бо шунидани хабари инқилоби Русия чамъомади ниммахфие ташкил карданд»[3].

Ҳукумати Бухоро, ки аз ин тавр сурат гирифтани муқобилияти ом- ма, алалхусус чавонон ба тахлуқа афтода буд, барои нигоҳ доштани ҳокимияти худ ба гузаронидани ислоҳоти авомфиребонае низ розигӣ дод.

Ин ҳуччати ислоҳотии аз тарафи амир Олимхон ба имзо расида, рӯзи чумъаи 7 апрели соли 1917 соати 10 рӯз дар меҳмонхонаи Раҳимхонӣ дар байни намояндагони халқ (дар ҳузури худи амир) қироат карда шуд. «Ҷавонҳо нусхаи фармонро дар майдони Регистон хонда, садои «зинда бод амир Олим!»-ро ба осмонҳо бардоштанд»[4]. Ҷавонон ҳатто қарор доданд, ки намоишҳо ташкил дода, аз як тараф ба ин восита аҳамияти онро ба мардум фаҳмонанд, аз тарафи дигар «аз номи чамоат ба амир ташаккур баён намуда, дар роҳи ичрои фармони ислоҳот ба вай қувват, шавқ ва ғайрати маънавӣ дода, чиддитар гардо- нидани ӯро дар ин роҳ»[5] мусоидат намоянд. Барои ичрои ин мақсад, рӯзи шанбе 8 апрели соли 1917 чавонон мачлиси серодаме ташкил на- муданд. Вале худи ҳамин рӯз бо ташаббуси садрнишинони дарбор, ҳомиёни дину шариат, баъзе аз давлатмандону сипоҳиён ва ҳатто аз унсурҳои нобакору гузаро аксулнамоиш гузаронида шуд. Устод С.Айнӣ, ки худ шоҳиди бевоситаи ин амали онҳо буд, навиштааст, ки роҳбарони аксулҳаракат «ба гарданашон фӯта андохта, бо нидоҳои зе- рин халқро меошӯбониданд: «Во шариато, во дино, во Қуръоно! Эй мусулмонҳо, дин аз даст рафт, шариат тамом шуд, акнун рӯи занҳоятонро мекушоянд, ба номуси духтаронатон тачовуз мекунанд,

фарзандонатонро дар мактаби кофирӣ мехононанд... Эй аҳли имон ва шариат ғайрат кунед, ба ғазо ҳозир шавед! Ҷадидҳо байроқ бардошта баромаданд. Ҷаноби олиро бекор мекунанд. Баъд ҳарчи хоҳанд дар ҳаққи мусулмонон мекунанд. Ҳозир фаранчии занон ва духтарони дар сари роҳашон вохӯрдагиро гирифта партофта истодаанд».

Ба гуфтаи муаллиф ин даъват дар як муддати кӯтоҳ (ҳамагӣ 15 дақиқа) ҳазорон мулло ва мардуми авомро дар атрофи хонақоҳи Девонбегӣ ҷамъ кард. Аҳли издиҳом бо дӯғу таҳдид сарою дӯконҳоро бастанд. Намояндагони халқро ба назди амир фиристоданд. Маҳрам ва ҳудайчиёни амир онҳоро хуш пазируфта, ба назди қушбегӣ фиристо- данд. У бошад барои иҷрои талабашон ваъда дод[6]. Намояндагони ҷавон хабари ин балворо шунида, пароканда гаштанд ва ҳатто ҷанде барои ҷон ба саломат бурдан ба балвогарон шарик шуданд. Аксари ҷавонон, ки аз оқибати фоҷиабори муқобилият хавф мебурданд, ба Ко- гон ба зери ҳимояи идораи Русия рафтанд.

Аз натиҷаи ин ҳодисаҳо бармеояд, ки мазҳакаи ислоҳотбозии амир ва наздиконаш сохтаю қалбакӣ будааст. У бо эълони ислоҳот худро «дӯсту ҳомии халқ» нишон дода, пеши ҷунбишҳои ислоҳотталабиро мегирифт. Аз тарафи дигар, бо ин роҳ қувваҳои иртиҷопарастро, ки бешак дар аморат бештару пурқувваттар буданд (оммаи дар зери таъсири рӯҳониён монда, ба моҳияти ислоҳот сарфаҳм рафта намета- вонистанд) барангехта, бо ин баҳона фармони ислоҳотиро бекор мекард. Акнун ин амал дасти амиру давлатдоронашро барои таъқибу пахш намудани қувваҳои озодандеш мекушод.

Ҳамин тавр ҳам шуд. Ҳазорон муқобилони истибдоди амирӣ ва хайрхоҳонашон қурбони таъқибу ҷазодиҳиҳои ваҳшиёна гаштанд[7]. Ҷазои нисбати С.Айнӣ раводидаи (75 ҷӯб) он манҳусон яке аз ҳазорон далели амали зишту ваҳшиёнаи онҳо буд нисбати равшанфикрони за- мон.

Вале ҳамаи кӯшишу ваҳшонияти амиру амалдору навкаронашон ва шариатпаноҳони иртиҷопарасти онҳо пеши роҳи ҷунбишҳои озодихоҳонаи халқро гирифта наметавонист, Ба ин ҷунбишҳо ғалабаи инқилоби Октябр дар Русия такони ҳалкунанда дод.

Гирдоби бӯҳрони инқилобӣ бо тезӣ, баъди ғалабаи он дар қисми ав- рупоии Русия губерняҳои дурдасти он аз ҷумла генерал-губернатории Туркистонро ба доираи худ кашид. 28 октябри соли 1917 дар Тошканд шӯриши инқилобӣ сар зад. 29 октябр аввалин ҷаласаи Кумитаи инқилобӣ даъват шуда, дар бораи ба дасти худ гирифтани ҳокимият эъломия қабул намуд. 11 ноябри соли 1917 дар Хуҷанд ҳокимият ба дасти шӯроҳо гузашт. Ин воқеаҳоро дар Бухорои Нав бо хушнудӣ пеш- воз гирифта, дар он ҷо низ Кумитаи инқилобӣ таъсис намуданд. Ба ҷунбишҳои ҷиддии инқилобӣ дар шаҳру маҳалҳои руснишини қаламрави Бухоро нигоҳ накарда, дар аморат ба қувват гирифтани

таъсири шӯроҳо имконият дода нашуд. Дар ин амал ба ғайр аз муқобилияти тамоми соҳибмансабон ва сарварони мазҳабии аморат инчунин намояндагони собиқ маъмуру (мансабдорон) аксулинқилоб- чиёни Русия, ки дар Бухоро паноҳ ёфта буданд, фаъолият нишон до- данд.

Ҳамин тариқ, баъди инқилоби Октябр дар Русия дар ҳудуди гене- рал-губернатории Туркистон, ҳамчунин дар Помир 30 августи соли
1918 ва ба тобеъияти сардори Комиссарони ҳарбии Ҷумҳурии мухтори Туркистон гузаштани он, боз чанд муддат сохтори давлатдории амирӣ дар Бухоро худро нигоҳ дошта тавонист. Вале хабари инқилоб, ки ба тезӣ дар тамоми қаламрави Бухоро паҳн шуда буд, табиист барои мар- думи аз режими амирӣ дар азият буда, бетаъсир намемонд. Ин ҳабарро мардикорон ва ононе, ки ба корҳои ақибгоҳ дар давраи Ҷанги якуми ҷаҳонӣ (1914-1918) сафарбар шуда буданд, ба тамоми Бекигариҳои Бу- хорои Шарқӣ, аз чумла то Қаротегину Дарвоз расонданд. Яке аз чунин мардикорон аз деҳаи Рузвайи бекигарии Дарвоз Давлат Азимов буд, ки тобистони соли 1918 ҳамроҳи чанде аз ҳамдиёрон барои барқарошавии Ҳокимияти Шӯравӣ дар Фарғона, Қӯқанд ва Андичон ширкат доштаву ба воситаи ағбаи Висхарв бо машаққати зиёде ба деҳааш баргашта буд, дарёфт, ки алакай мардуми ин чо аз воқеаҳои инқилобии Русияю Тур- кистон хабардор буданд. Онҳо аз деҳаҳои наздику дур, аз Зиғар то Пшихарв ба наздашон омада, мехостанд, ки ҳар чӣ бештар доири ин воқеаҳо бевосита аз шоҳидон маълумот бишнаванд[8].

Ҷумҳурии Мухтори Шӯравии Сотсиалистии Туркистон (ҶМШСТ)- ро дар ҳайати Ҷумҳурии Шӯравии Федеративии Сотсиалистии Русия (РСФСР), анчумани У фавқулоддаи Шӯроҳои кишвари Туркистон, 30 апрели соли 1918 эълон кард. Ҳукумати шӯроҳо дар як муддати кӯтоҳ, ба муқобилияти сахти аксулинқилобчиёни дохилӣ ва душманони берунӣ нигоҳ накарда, ба дигаргусозиҳои назарраси иқтисодӣ, ичтимоӣ ва маданӣ соҳиб шуд. Ин пешравии давлати навтаъсиси шӯроҳо барои аҳолии дар ҳолати беҳуқуқии асримиёнагӣ мондаи амо- рати Бухоро бетаъсир намемонд. Вале ин таъсир ҳанӯз ҳалкунанда бу- да наметавонист. Ҳатто аввалин кӯшиши роҳбарияти шӯроҳои Турки- стон барои бо роҳи «мудохилаи сабук» дар аморат ғалабаи инқилобро таъмин кардан бенатича анчом ёфт.

Чи тавре ки маълум аст, баъди ғалабаи инқилоби Октябр дар Русия, яке аз ҳуччатҳои муҳими ҳокимияти навтаъсиси Шӯроҳо «Декларатси- яи ҳуқуқи халқҳои Русия», ки аз тарафи раиси Шӯрои Комиссарони Халқи Ҷумҳури Федеративии Шӯравии Сотсиалистии Русия (РСФСР)
В.И. Ленин 2 (15) ноябри соли 1917 ба имзо расида буд, ҳуқуқу озодии ҳалқҳоро то ҳадди аз ҳайати Русия баромадану давлати мустақил таш- кил намудан муайян мекард. Ҳуччати дигар Мурочиатномаи Шӯрои Комиссарони Халқии РСФСР «Ба ҳамаи меҳнаткашони мусулмони Ру-

сия ва Шарқ», аз 3 декабри соли 1917 қабул шуда, аз фурӯ пошидани системаи мустамликадории Русия дар Осиёи Миёна, ки аморати Бухо- ро низ аз он берун набуд, хеле муҳим ҳисоб меёфт. Мувофиқи ин ҳуччатҳо роҳбарияти Русияи Шӯравӣ бо Бухоро шартномаҳои пеши- наи нобаробари мутлақиятро бекор карда, дар асоси принсипҳои неки ҳамсоягӣ алоқа барқарор кард. Вале амир ба ҳамаи ин бо чашми ҳарос ва нобоварӣ менигарист. Баъдтар ин ҳаросашро амир дар «Хотираҳо» - яш чунин ба қалам додаст: «То замони будани давлати императорӣ ба асокир ва олоти ҳарбӣ давлати Бухоро эҳтиёч надошта, бо осудаҳолӣ ҳукмронӣ намуда ва ба ободии мамлакатҳо мекӯшидем. Баъд аз инчу- нин инқилоби давлати Рус (иқилоби февралро дар назар дорад. Ҳ.П.) ин бандаи даргоҳи илоҳӣ ба саришта ва тарадуди давлати худ саъйи болиғ намудам»[9]. У бо Ҳукумати муваққатии Керенский забон ёфта- нашро низ чунин қайд намудааст: «Ин давлати муваққатиҳошон чанд моҳ давом намуд. Аз тарафи ҳукумати чумҳури Керенский мазкур Преображенский ном яке вукалои вазири мухтор гардида гуфтушунид ва муоҳидаи давлатайнро ичро намуда, истиқлоли давлати Бухороро бо ин бандаи очиз доди муоҳада намуда, имзо кард, вопас мурочаат на- муд... Зоти шоҳонаам, баъд аз истиқлоли давлати Бухороро ҳосил на- мудан, ҳамроҳи давлати Афғонистон равобити дӯстӣ ва ошноӣ зуҳур оварда, аз тарафи давлати Бухоро вазир Тӯрахӯча ва Муллоқутбиддинро ба давлати Афғон фиристодам»[10].

Амир мурочиатномаи раиси Шӯрои Коммиссарони Халқии Турки- стон Ф.И. Колесовро, ки дар он сухан дар бораи эътироф намудани қоидаҳои нави давлатдории тарзи шӯравӣ ва барқарор намудани алоқаи неки ҳамсоягӣ мерафт, нафақат қабул накард, инчунин нисбати дар вилоятҳои ҳамчавори аморат барқарор намудани ҳокимияти Шӯравӣ норозигӣ изҳор намуд[11]. У барои «эмин доштани» аморат аз таъсири ҳокимияти болшевикон бо қувваҳои аксулинқилобии Русия, давлатҳои империалистии сиёсати зиддиинқилобии Русияро пешба- ранда пешаи ҳамкорӣ намуд. Алалхусус ҳамкорӣ бо Англия хеле бо тундии намоишкорона буд. Дахолати рӯирости англисҳо ба воситаи Афғонистон ба Бухоро бараъло мушоҳида мешуд. Дар ин бора намо- яндаи расмии Кумитаи Ичроияи Марказии Туркистон дар назди ҳукумати РСФСР баҳори соли 1918 изҳор карда карда гуфтааст, ки «фаъолияти зидди шӯравии Англия дар Бухоро то рафт бештар суръат мегирад. Дар Бухоро аллакай миқдоре ярок, лавозимоти ҳарбӣ ва отрядҳои афғон, ки англисҳо дар Афғонистон сафарбар намудаанд, пайдо шудаанд»[12]. Ибтидои моҳи Марти соли 1918 дар Бухоро 2 000 «ихтиёриёни афғон» фаъолият доштанд, ки дар зери роҳбарии мута- хассисони ҳарбии англис таълим мегирифтанд[13]. Ба ин амали зидди шӯравӣ худи амир иқрор шудааст. Аз чумла ӯ дар «Хотираҳо» чунин изҳор кардааст:

«Ҳамин ки давлати Афғонистон ҳамроҳи давлати Бритония муҳориба тамом намуданд (ҷанги Англияю Афғонистонро дар назар дорад, ки ахиран англисҳо дар ин кишвар таъсиргузор гашта буданд. - Ҳ.П.), баъдан аз тарафи давлати афғон ҷенерол Муҳаммадвалихон ва- зири мухтор гардида ба давлати муқаддаси Бухорои Шариф омада (бо) зоти шоҳонаам... мулоқот карданӣ шуда, аз тарафи олиҳазрат амири Афғон тӯҳфаи бисёр оварда, ба ин бандаи оҷиз таслим намуда, ҳамроҳи вазири мухтор мулоқот намудам. Дар аснои мусоҳибат аз ин бандаи оҷиз мақсади шахсӣ суол намуд. Ба ҷавоби он гуфтам: айни машвара ҳамин хоҳад буд, ки ҳамроҳи балшувик оғози ҳарб намоям, зеро ки ҳамин фурсат ниҳоят далолат дар заъфи душман дида мешавад. Вақтро ғанимат донистан лозим, лобуд аст.»[14].

Ҳамин тариқ, муносибати байни роҳбарияти Русияи шӯравӣ бо намояндагӣ аз масъулину маъмурини Ҷумҳурии Мухтори Туркистон бо амиру дарбориёнаш то рафт тезу тунд мешуд. Дар рафтори душма- нонаи амир пешвоёни мазҳабӣ нақши муҳим доштанд. Бо иғвои онҳо амир таъқиботи ашхоси ба давлати тозабуниёди шӯроҳо тавҷҷуҳ дош- таро зери таъқибу фишори сахт гирифт. Ҳадафи асосии ин таъқибот ҷавонбухориён қарор ёфтанд.

Қайд кардан ба маврид аст, ки ҷавонбухориён бо мақсади муттамар- каз намудани фаъолияти сиёсии худ ва фишороварӣ ба амир барои гу- заронидани ислоҳот ҳанӯз дар моҳи марти соли 1917 аз ҷиҳати ташки- ли ҳизби худро пурра таъсис намуданд. Комитети Марказии ҳизби онҳо дар ҳайати Абдувоҳид Бурҳонов (раис), Абдурауф Фитрат (ко- тиб), Усмон Хоҷаев (хазинадор) ва аъзоён Муҳиддин Рафъат, Аҳмадҷон Абдулсаидов, Файзулло Хоҷаев ва Ҳомид Хоҷа интихоб гардиданд[15]. Як қисми ин номбаршудагон аз оилаи тоҷирон буданд. Онҳо дар фаъолияти худ барои гузаронидани ислоҳот маҷбур кардани амир ба кумаки Ҳукумати Муваққатии Русия умед баста буданд. Вале баъди суқути он ин умедашон барбод рафт.

Баъди ғалабаи Инқилоби Октябр амали тактикаи онҳо куллан тағйир ёфт. Акнун дар ин кор бо дастгирии болшевикон ба ҳадаф расиданӣ буданд. Ин масъала дар чандин ҷаласаҳои Кумитаи марказии ҳизби ҷавонбухориён мавриди муҳокима қарор гирифт. Билохира роҳбарияти ин ҳизб ба хулосае омад, ки ҷавонбухориён ба маъмурини Туркистони Шӯравӣ такя карда, бояд ба муқобили режими амирӣ ҷиддан фаъолият намоянд. Бо маслиҳати аъзои Коллегия доир ба корҳои Бухоро З.И. Преображенский КМ ҷавонбухориён барои бо раиси Шӯрои Комисса- рони Халқии Туркистон Ф.И. Колесов ин масъаларо муҳокима наму- дан, бо сардории Файзулло Хоҷаев ба Тошкент ҳайати намояндагон фиристода шуд. Дар рафти гуфтушунид раиси ҳайати намояндагони ҷавонбухориён Ф. Хоҷаев Ф.И. Колесовро бовар кунонд, ки дар Бухо- ро ҷавонбухориён то 30 ҳазор тарафдорон доранд ва аз ҷумла 4 ҳазор

инқилобчиёни мусаллаҳ тайёранд, ки бо даъвати роҳбарият ҳамоно ба муқобили амир бархезанд. Акнун вазифа аз сарнагун кардани амиру режими он иборат шуд. Мувофиқи маълумоти петттниход намудаи А. Хочаев барои ба ҳучум гузаштан фақат дастгирии Туркистон дар кори амалан чудо кардани яроқу ба даст гирифтани роҳбарии умумӣ дар рафти амалиёти яроқноки зиддиамирӣ лозим аст. Ҳамин тариқ, масъа- лаи бо амали якчояи Туркистони шӯравӣ ва чавонбухориён афтондани амир аз ҳар ду чониб ягона роҳи ҳалли қазия пазируфта шуд.

Ин қарорро комиссари фавқулъоддаи Шӯрои Комиссарони РСФСР дар Осиёи Миёна П. Кобезов низ тарафдорӣ кард. Мувофиқи гуфту- шуниди пешакӣ саршавии амалиёти якчоя ибтидои моҳи март муайян гардид. Ф.И. Колесов мувофиқи ваъда фақат **200-300** милтиқу ба ҳамон мувофиқ тир чудо карда буд. У бо дилпурӣ ҳамаги бо **50** нафар сарбо- зони барои муҳофизати шахсиаш чудошуда, ба Бухорои Нав ворид гардид. Аз омадани Колесов қувват гирифта, ба ниҳоят кам будани қувваҳояш нигоҳ накарда, ӯро роҳбари Штаби инқилобӣ интихоб на- муданд. Кумитаи инқилобӣ дар ҳайати 7 нафар бо сардории Ф. Хочаев, ки дар он А. Фитрат, Ато Хочаев, Бурҳонов, Агдоров, Қорӣ Юлдош Пулодов ва Фазлиддин Махсум ширкат доштанд, таъсис дода шуд. Дар аввал Ф.И. Колесов ва Штаби инқилобӣ бо роҳи осоишта маъаларо ҳал карданӣ шуда, дар шакли талабномаи қатъӣ бо амир мурочиатнома фиристоданд. Вале амир ин талабҳоро, ки аз маҳдуд кардани ҳокимияташ дарак медоданд, қабул накард.

Ба чавоби амир қонеъ нашуда, Ф.И. Колесов ва Ф. Хочаев ба қароре омаданд, ки 2 март ба самти Бухорои Кӯҳна ба ҳучум гузаранд. Отряди Колесов, ки ҳамагӣ аз **400-500** гвардиячиёни сурх иборат буд, 3 март ба пойтахти аморат наздик шуд. Бо сар шудани амалиёти ҳарбӣ шумораи қӯшунҳои Колесов ба 2 ҳазор расид (албатта аз ҳисоби чавонбухо- риён), вале ин лашкар барои ғалаба кардан басанда набуд. Ба ин нигоҳ накарда, ҳучумкунандагон ба баъзе муваффақиятҳо ноил шуда, амирро барои гузаронидани гуфтушунид розӣ кунонданд. Аз рафти гуфтушу- нид истифода бурда, амир тавонист, ки ба муқобили Колесов қувваи зиёде сафарбар намояд. Аз рӯи маълумоти мавчуда, қувваи сафарбар- намудаи амир ба **35** ҳазор аскар мерасид, ки дар он аз чумла **10** ҳазор афғонҳои «ихтиёрӣ» таҳти фармондеҳии англисҳо бар зидди Колесов ва чавонбухориён иштирок мекарданд[16]. Баъди шиддат гирифтани муҳориба захираи тири гвардиячиёни сурх тамом шуд, қувваҳои амир ба ҳучум гузаштанд. Қувваҳои Колесов шикаст хӯрданд. Бо боқимондаи отряди худ ӯ ба тарафи Бухорои Нав ва баъдан ба Самарқанд ақибнишинӣ кард. Дар маҳалҳои руснишини Бухорои Кӯҳна, истиқоматгоҳҳои назди хати роҳи оҳан аҳолӣ хеле зиёд талаф дидаву бераҳмона ғорат карда шуданд. Таъқиби саросари чавонбухориён пурзӯр гардид. Аз тарафи сарбозони амир, мутаассибо-

ни мазҳабӣ ва афғон, ҳазорҳо куштаву захм бардоштанд, Ҷавонбухориёни бадастафтида бераҳмона қатл карда мешуданд. Даҳҳо ҳазор барои чон ба саломат бурдан ба Туркистон фирор карданд.

Хабари шикаст хӯрдани Колесов ва ваҳшонияти амир аҳолии Турки- стони Шӯравиро бетараф нигоҳ доштан наметавонист. Дар шаҳрҳо отрядҳои ихтиёрии зидди аморат ташкил меёфтанд. 17 март қӯшунҳои шӯравӣ отрядҳои беки Карминаро шикаст дода, ба сӯи Бухоро ҳаракат намуданд. Ба амир нотаи расмии эътирозӣ фиристода, қотеъона талаб карда шуд, ки фавран амалиёти ҳарбиро қатъ намояд. Амири дар ҳарос афтода ба гуфтушунид розигӣ дод. 25 марти соли 1918 Дар Қизилтеппа шартномаи байни Бухоро ва Туркистони Шӯравӣ ба имзо расид. Мувофиқи он амир бояд отрядҳои ба ин задухӯрд сафарбаркардаашро беяроқ мекард; Офитсерон - гвардиячиёни сафеди рус, ки ба қисмҳои артиши Бухоро фармондеҳӣ мекарданд, бояд ба намояндагони маъму- рияти Туркистон дода мешуданд; амир бояд барои шикастани корхонаю роҳҳои оҳан, алоқа ва дигар молу амволи ба торочрафтаи раияти русро дар Бухоро чуброн мекард. Аз рӯи ин ҳуччат амир бояд комиссари шӯравиро чун намояндагии Русия дар Бухоро ба расмият мешинохт[17].

Ҳамин тариқ воқеаи дар боло зикршуда, ки дар таърих бо таъбири «Мочарои Колесов» («авантюраи Колесов) ё «Воқеаи Колесов» ёд мешавад, чун яке аз иштибоҳҳои нобахшиданӣ аз тарафи роҳбарияти давлати навбунёди шӯравии Русия эътироф шудааст. Мочарои Коле- сов возеҳан исбот кард, ки дар шароити набудани вазъияти инқилобӣ ғалабаи инқилобро таъмин намудан қатъиян ғайри имкон аст. Коле- сови ба фитнаи чавонбухориён дода шуда, фаҳмида натавонист, ки барои онҳо фарқ надошт, бо ёрии шӯроҳо ба сари ҳокимият меоянд ё бо ёрии қувваи дигар. Онҳо аввал ба ҳукумати муваққатии Керенский умед баста буданд. Воқеаҳои оянда нишон доданд, ки зумрае аз чавонбухориёни ба барпокунандагони асили Ҳокимияти шӯравӣ ҳамроҳӣ дошта, дар солҳои аввали ин ҳокимият ба хиёнат даст за- данд. Албатта, бо ин чурм оҳоро гунаҳкор донистан аз рӯи адолат нахоҳад буд. Онҳо чун зодагони замону макони худ - аморати Бухоро табиист, ки аз муносибатҳои асримиёнагӣ ҳанӯз пурра озод буда на- метавонистанд ва ҳатто пешқадамтаринашон дар доираи дарки муносибатҳои сармоядорӣ маҳдуд мешуданд. Аз ин лиҳоз дар нисба- ти режими амирӣ ба ҳаракати онҳо чун амали тарақихоҳона (прогрессивӣ) бояд баҳо дод. Ҳамчунин бояд қайд кард, ки кам набу- данд он чавобухориёне, ки дар барқарор кардани Ҳокимияти Шӯравию пешрафти давлати шӯроҳо хизмат кардаанд. Баъди шикасти воқеаи Колесов чавонбухориён ба таъқиботи сахти амир дучор гашта буданду дар ҳолати пинҳонкории сахт ва аксаран берун аз Бухоро дар ҳудуди Ҷумҳурии Мухтори Шӯравии Туркистон фаъолияти зидди режими амириро идома медоданд.

Табист, ки амири Бухоро Ҳукумати ҶМШС Туркистон ва тамоми Русияи шӯравиро сабабгори авч гирифтани чунбишҳои инқилобӣ дар Бухоро ҳисоб карда ҳисси бадбинию муҳобилиятнишондиҳии худро пинҳон намедошт. Чунин сиёсати амир аз ба ҳабс гирифтани намоян- дагони Русия дар бекигарии Дарвоз низ мушоҳида мешуд. Масалан, беки Дарвоз Туробқули - бий дар мактуби чавобиаш ба унвони сардо- ри Отряди Помир аз 10-ми рамазони соли 1336 (16 июли соли 1918) навиштааст, ки мактубашро оиди дар қаламрави Дарвоз ғайб задани 4 сапёри рус бо асбобҳои хизматиашон 9 рамазони 1336 (15 июли соли 1918) гирифтаст ва чунин арза медорад: «Чор нафар сапёр бо асбобу ускунаашон, як нафар муаллим, офитсер Крюков бо се сарбоз вақти воқеаҳо (воқеи Колесовро дар назар дорад. - Ҳ.П.) дар Дарвоз пайдо шуданд. Русҳо дастгир карда шуданд. Баъди онҳоро ба ҳабс гирифтан одами бисёре чамъ шуда ба онҳо дарафтоданд. Дар натича 5 нафар кушта шуда, чизи доштаашонро дарафтодагон дар байни худ тақсим карданд. Се сапёр, ки мусулмониро қабул намудаанд зиндаю саломат кор мекунанд. Сапёри чорум бошад аз пайи кори худ ба Кӯлоб рафта- аст ва дар борааш чизе маълум нест»[18]. Аз рӯи ин маълумот шумораи асирафтодагон на 4 ё 5, балки 9 нафар будааст. Аз ин амали беки Дар- воз огоҳ шуда, намояндаи (резидент) дар Бухоро буда, 14 августи соли
1918 ба қӯшбегии амир Усмонбек доири ин беэътиноии беки Дарвоз навишта талаб кардааст, ки беки номбурдаро аз вазифа озод намуда, асирони рус ба маҳали наздиктарини руснишин расонда шаванд[19].

Вале бо ин масъала ҳал нашуд. Намояндаи Русия дар Бухоро 4-уми ноябри соли 1918 аз нав ин масъаларо ба қӯшбегӣ гӯшрас кард. Дар мактуб аз чумла омадаст: «Бо супориши Шӯрои Комиссарони халқи Ҷумҳури Туркистон ба Шумо мерасонам, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тур- кистон талаб мекунад: «дар мӯҳлати 2 ҳафта ҳукумати Бухоро бояд маҳбусҳои Русия - 4 сапёр, офитсер ва муаллимро, ки дар Дарвоз маҳбусанд, озод намуда, бо кафолати бехатарӣ ба ихтиёри мо расонад. Огоҳ менамоям, ки дар ҳолати ба ичро нарасонидани ин талаб Ҳукумати чумҳурӣ дар ҳалли ин масъала фаъолияти хешро озод эълон намуда, та- моми чавобгарии оқибати онро ба зиммаи ҳукумати Бухоро мегузо- рад»[20]. Вале ягон чавобе аз аморат гирифта нашуд. Ҳукумати Туркистон боз бори дигар 15 ноябри соли 1918 бо чунин қатъият ба унвони қӯшбегӣ мактуб ирсол намудааст[21]. 7 декабри соли 1918 беки Дарвоз дар мактуби худ изҳор доштааст, ки се сапёр исломро қабул намудаанд ва дар ин бероҳагии зимистон аз Дарвоз баромада наметавонанд[22]. Баъди чанде (20 декабр) боз мактуб навишта хабар додааст, ки ин се са- пёр барои дар қаламрави аморат иқомати доими намудан забонхат дода- анд[23]. Дар чавоби охирини беки Дарвоз Туробқул аз 7-ми октябри соли
1919 ба унвони қӯшбегӣ омадааст, ки сапёрони рус Косушкин, Пятаков ва Лебедев ба Бухоро фиристода шудаанд ва дар Дарвоз дигар

маҳбусони рус нестанд[24]. Ин як чузъиёти хурдест аз авчгирии зиддияти байни ҳукумати инқилобии Русия ва аморати Бухоро.

**25** сентябри соли **1918** дар Тошкент чамъомади **86** нафар собиқ аъзои Ҳизби чавонбухориён, ки зери фишори амир аз Бухоро фирор карда буданд, аз мавқеи Сотсиал - инқилобчиён (эсер) баромада, ҳизби нав бо номи «Ҳизби чавонбухориён - коммунистон - болшевикон»-ро таъсис доданд.

Ҳамин тариқ, Ҳизби коммунисти Бухоро (ҲКБ) ташкил ёфт. Ин ҳизб дар шаҳри Самарқанд, Бухорои Нав, Бухорои Кӯҳна, Чорбоғи Нав, Каттақӯрғон, Каркӣ ва дигар чойҳо шӯъбаҳои худро дошт. **23** октябри соли **1918** дар чаласаи навбатии Кумитаи маркази (ҲКБ) барномаи ҳизб қабул карда шуд. Он дар асоси барномаи Ҳизби болшевикони Русия тартиб дода шуда буд. Мувофиқи он ҳизб бояд барои сарнагун намуда- ни тартиботи амирӣ дар Бухоро ва бунёди чумҳурии халқӣ; мусодираи замини амиру бекҳо ва дар байни деҳқонон тақсим намудани он; суди интихобӣ; баробарҳуқуқии ҳамаи халқияту миллатҳо, зану мард, озодии сухан ва матбуот; таълиму табобати бепул ва ғайра мубориза мебурд.

Анчумани якуми (муассисон) Ҳизби Коммунистии Бухоро (ҲКБ), ки **30** - юми майи соли **1919** дар Тошкент даъват шуда буд, то **11** июн идома дошт. Анчуман ба М. Бурҳонов ва А. Фитрат супориш дод, ки барномаи ҳизбро такмил диҳанд. **26-27** июли соли **1919** анчумани **II** ҲКБ (дар Тошкент) хулосае пе**ттт**ниход намуд, ки байни Ҳукумати ами- рии Бухоро ва Ҳукумати Шӯрави Русия муносибати дӯстӣ буда наме- тавонад. Аз ин пештар **2** июли соли **1919** дар Бухорои Кӯҳна шӯриши калоне сар зад. Гарчи ин шӯришро амир хобонда,**5** ҳазор одамро ба ҳабс ва **63** нафарро дар майдони Регистон ваҳшиёна ба қатл ҳукм карда бошад ҳам, вазъият ҳамоно шиддат мегирифт.

Анчумани **III** фавқулоддаи ҲКБ **(26-31** декабри соли **1919)** кумитаҳои ҳизбро вазифадор кард, ки ташвиқоти инқилобиро дар Бу- хоро пурзӯр намоянд.

То ин вақт дар Русия чанги ҳамватанӣ (гражданӣ) қариб поён ёфтаву қувваҳои аксулинқилобӣ асосан маҳв шуда буданд. Ба замми ин **2** фев- рали соли **1920** хони Хева сарнагун шуда, ба чои он Ҷумҳурии Халқии Шӯравии Хоразм ташкил ёфт. Ҳамаи ин мавқеи Бухороро, ки дар минтақа ягона маркази аксулинқилобчиён қарор ёфта буд, то рафт танг мекард. Аз вазъият истифода бурда, фаъолияти Ҳизби чавонбухориён қувват мегирифт. Фарқи барномаи онҳо аз ҲКБ дар он буд, ки барно- маи коммунистон дар асоси барномаи Ҳизби Коммунистии (болшевикӣ) Русия тартиб дода шуда буд. Бояд қайд кард, ки фарқияти барномавии онҳо барои якчоя ба муқобили аморат мубориза бурдан монеъ шуда наметавонист.

Дар ин вақт дар аморат ҳарчӣ бештар қувваҳои зиддиинқилобӣ чамъ мешуданд. Амир низ барои афзудани иқтидори ҳарбии худ ҳаматарафа

чорачӯӣ мекард. Моҳи июли соли 1920 ҳайати қӯшуни амир аз 13 220 сарбози савора, 1 200 пиёданизом, 70 000 ополчинаи (отряди ихтиёрӣ) ба тозагӣ сафарбаршуда (аз чумла 25 000 он аз ҳисоби бекигариҳои Бу- хорои Шарқӣ) иборат буд[25]. Албатта, нисбати чунин амали амир сар- варони ҳарбию ҳизбии шӯравӣ бетараф буда наметавонистанд.

## СУҚУТИ АМОРАТИ БУХОРО

Анчумани IV ҲКБ (16-18 августи соли 1920, дар Чорчӯи Нав гу- зашт) пурзӯршавии бӯҳрони инқилобиро ба назар гирифта лозим шу- мурд, оммаро барои афтондани режими амирӣ ба мубориза яроқнок даъват намояд. Дар ҳақиқат акнун дар Бухоро зиддияти ичтимоӣ ба авчи аълои худ мерасид. Ба маротиб афзоиш додани артиш ва нигаҳдошти он аз ҳисоби зиёд намудани андозу мачбуриятҳо аҳли заҳматро ба ҳадди охирини қашшоқию бенавоӣ оварда расонд. Тамо- ман суст шудани алоқаи иқтисодӣ бо Русияи баъдиинқилобӣ, ниҳоят маҳдуд шудани бозори маҳсулоти кишоварзӣ пастравии истеҳсолотро тезонд. Аз рӯи маълумоти мавчуда, майдони кишти пахта соли 1918 дар ҳачми 50% соли 1913 қарор дошт, соли 1919 истеҳсоли пахта дар муқоиса ба соли 1913 ҳамагӣ 20% ва соли 1920 - 7% ташкил медод. Истеҳсоли пӯсти барраи қарокӯлӣ дар ҳачми 5% ва пашм дар ҳамин давраи ишора шуда ҳамагӣ 40% истеҳсол мешуд. Солҳои 1917-1919 ба бозори хорича баровардани (ба Русия) баровардани пахта - 20, пӯсти қарокӯл - 10, пашм - 5 баробар кам шуд. Табиист, ки вобаста ба ин нархи ин маҳсулот ва дигар навъҳои он хеле паст фуромада, озуқаворӣ ва молҳои саноатии аз Русия ворид мешуда, дар солҳои 1919-1920 то 14 баробар боло рафт[26]. Ҳамаи ин ва боз даҳҳо мисолҳои дигари аз пурра касодшавии истеҳсолот даракдиҳанда, то рафт бештар аз қувват гирифтани бӯҳрони шадиди сиёсӣ ва ичтимоӣ дар Бухоро шаҳодат ме- дод. Амир сабаби ин нобасомониҳоро дар сиёсати роҳбарияти Турки- стони шӯравӣ чуста, барои аз ин вазъи ногувор баромадан ҳарчӣ беш- тар ба ёрии англисҳо ва отряҳои ҳарбии аз афғонистон умед мебаст. Дар чунин ҳолат роҳбарияти ҳизбӣ ва маъмурии Туркистон ва умуман Русияи Шӯрави бетарафиро нигоҳ дошта натавонистанд.

25 августи соли 1920 бо амри фармондеҳи Фронти Туркистон М.В. Фрунзе ва аъзои Шӯрои Ҳарбии Фронт В.В. Куйбишев «Дастур ба ас- карони фронт барои кӯмак расондан ба меҳнаткашони шӯриш- бардоштаи Бухоро» қабул карда шуд. Ин дастур бо суханони зер оғоз ёфт: «Мардуми Бухоро, ки асрҳо боз аз тарафи амир, амалдорони шаҳватпараст ва боён истисмор карда мешуд, байрақи мубориза ва озодиро бардошта, ба муқобили истисморгарони худ ба шӯриш бархо- станд... Дар мубориза барои расондани кӯмаки бародаронаи инқилобӣ фармон медиҳам». Дар ин дастур барои шаби 28 ба 29 август оғоз на-

мудани амалиёти ҳарбӣ дар тамоми отряду қисмҳои дар Бухорою Самарқанд, Чорҷӯю Когону Каттақӯрғон буда сухан мерафт.

28 августи соли 1920 бо фармони таъчилии Штаби Фронти Турки- стон барои гузаронидани «Амалиёти Бухоро» зери фармондиҳии М.В. Фрунзе се гурӯҳи (гурӯҳҳои Чорчӯй, Когон, Самарқанд) амалкунанда ташкил ёфт. Баъди фатҳи Чорчӯи Кӯҳна, Қарокӯл, Хатирчӣ, Зиёвиддин, Кармина ва Қаршӣ, ки то бегоҳи рӯзи 29 август ба анчом расонда шуд, гурӯҳи самарқандии аскарони сурх, ки 29 август ба ҳаракат дароварда шуда буд, ба муқобилияти сахти сарбозони амир нигоҳ накарда, Китоб, Шаҳрисабз ва Ғузорро то 31 август ба зери итоати худ даровард.

Мувофиқи дастури номбурда фармондеҳи Фронти Туркистон М.В. Фрунзе забти шаҳри Бухорои Кӯҳнаро пурра ба ӯҳдаи гурӯҳи Когон гузошт. 29 август саҳарии барвақт хурӯч ба сӯи бинои тобистонаи амир Ситораи Моҳи Хоса (Ситорамахоса) оғоз ёфт. Дар як муддати кӯтоҳ деҳаҳои байни Бухорои Кӯҳна ва Нав (Когон) ба дасти аскарони Сурх гузаштанд. Аскарони Сурх ба Бухорои Кӯҳна наздик шуданд. Ба муқобили охирин маркази муқовиматгоҳи амир бо иқтидори хеле пурзӯри техникӣ (11 аэроплан, миқдори зиёди тӯпҳои дурзан, поезди зиреҳпӯш ва ғайра) аскарони Сурх ба ҳучум гузаштанд.

Амир Олимхон тавонист, ки аз Бухоро гурезад. У якуми сентябр ба во- ситаи Вобканд ба Ғиждувон омад. 2 сентябр Ғиждувонро тарк намуда, аз байни деҳаҳои Соктаре ва Ғиштӣ аз дарёи Зарафшон гузашта, ба самти Бухорои Шарқӣ ҳаракат кард. Аскарони Сурхи ба думболгирии ӯ шитоф- та, 11 сентябр бечанг Дарбанд ва қариб бемамониат Бойсунро ишғол на- муданд. Вале аз сабаби нарасидани озуқа ва маводи лозимии силоҳ, аз он чо дунболагириро қатъ намуда, ба қафо баргаштанд. Аз ин ҳолат амири гуреза каме ба худ омада, бе ягон хавфи чиддӣ ба Душанбе омад. Дар ин чо барои чашми мардумро тарсондан 26 нафар сокинони маҳаллиро бо тӯҳмати «хайрхоҳӣ нисбати инқилобчиён» ба қатл ҳукм кард.

14 сентябри соли 1920 дар Бухорои Кӯҳна мачлиси якчояи КМ ҲКБ, Кумитаи Инқилобии Умумибухороӣ ва Шӯрои Нозирони Халқ даъват гардид, ки дар он ҳайати органи олии қонунбарор - Кумитаи Инқилобии Умумибухороӣ ва ҳукумати Бухоро - Шӯрои Нозирони Халқ иборат аз 11 нозирони халқӣ бо сардории Файзулло Хочаев инти- хобу тасдиқ карда шуданд.

6 октябр дар Бухорои Кӯҳна, дар собиқ қасри тобистонаи амир - Ситорамахоса бо иштироки 1950 намоянда Қурултои аввалини намо- яндагони халқии Умумибухороӣ даъват шуд. Дар он таъсисёбии Ҷумҳурии Халқии Шӯравии Бухоро расман эълон гардид[27].

Ҳамин тариқ, инқилоби халқии Бухоро бар хилофи давраи «Мочарои Колесов» ин дафъа дар шакли Ҷумҳурии шӯравии халқӣ ғалаба кард. Ин фақат ибтидои гузариш ба чумҳурии шӯравии сотсиалистӣ буд. Табиист, ки ин инқилоб дар шароити мудохилаи бе-

воситаи Англия ва дастнигари ӯ Афғонистон бе мудохилаи Русияи Шӯравӣ ғалаба карда наметавонист. Ин кӯмак дар тамоми давраи барқароршавии ҳокимияти халқӣ дар тамоми Бухоро эҳсос мешуд. 3 ноябри соли 1920 дар байни Ҷумҳурии Шӯравии Русия ва Ҷумҳурии Халқии Сотсиалистии Бухоро «Созишномаи ҳарбӣ-сиёсӣ» ва «Шарт- номаи муваққатӣ оиди маҳалҳои руснишини Бухоро» баста шуданд. Мувофиқи он шаҳрҳои Бухорои Нав, Чорҷӯй, Термез, Каркӣ, ки қаламрави Русия ҳисоб меёфтанд, бо тамоми корхонаву иншооти шаҳрӣ пурраю бечуброн ба ихтиёри ҶХШБ дода шуданд. 4 марти соли
1921 бошад, «Шартномаи иттифоқчигӣ» ва «Созишномаи иқтисодӣ» байни Русияю Бухоро баста шуданд. Дар асоси онҳо, ба мушкилоти худ нигоҳ накарда, Русияи Шӯравӣ ба Бухоро то миёнаи соли 1921 дар ҳачми 1,5 ҳазор оршин (1 оршин ба 71 см баробар аст) матои мануфактурӣ, 10 ҳазор пуд сӯзишворӣ, 2 млн маҳсулоти барои он вақт хеле муҳим - қуттии гӯгирд ва дар ҳачми 5 миллиард сӯм ёрии бебоз- гашт расонид[28]. Ин хел мисолҳо кам нестанд.

Дар нимаи дуюми моҳи сентябри соли 1920 амир тамоми сарварони қувваҳои ба ӯ содиқи Бухорои Шарқӣ ва дастаҳои аксулинқилобии аз ҳудуди Русия (Туркистон) ва Хива ин чо гурехтаро ба қурултой (анчуман) даъват кард. Дар он намояндагони гвардиячиёни сафеди рус, душманони инқилоб аз Афғонистон ва ғайра низ иштирок доштанд. Дар қурултой қарор қабул карда шуд, ки ба муқобили сохти Шӯравӣ бояд тамоми қувваҳои аксулинқилобӣ якчоя фаъолият дошта бошанд. Амир дар ин амал ба кӯмаки Англия низ умед мебаст.

Бойгарие, ки амир ҳангоми гурехтан аз хазина гирифта буд, ҳини убур кардани дарёи Зарафшон онро аз даст дода, ба Душанбе қариб бе захираи лозимӣ омад. Бинобар ин лозим шумурд, ки аз ҳисоби зиёдтар аз муқаррарӣ ситондани андоз аз аҳолии Бухорои Шарқӣ ҳаддалимкон маблағи барои харидани яроқу дигар лавозимотро пайдо намояд (маса- лан, аз як бекигарии Қаротегин барои амир охири соли 1920 - 800 сар асп ва 300 бӯғча тӯҳфаҳои қимматбаҳо чамъоварӣ карда овvarданд). Ин амал норозигии аҳолии бекигариҳои Бухорои Шарқиро нисбати он боз зиёдтар кард. Беҳуда нест, ки чунбишҳои зидди амир дар ин минтақа то рафт бештар суръат мегирифтанд. Акнун ба Ҳукумати Халқии Шӯравии Бухоро лозим меомад, ки минтақаи Бухорои Шарқиро низ аз ин амири манҳус ва сохтори он раҳо созад.

## БАРҚАРОР ШУДАНИ СОХТОРИ ШӮРАВӢ ДАР БУХОРОИ ШАРҚӢ

8 декабри соли 1920 Кумитаи Марказии Ҳизби Коммунисти Бухоро ба ҳамаи аҳолии Бухорои Шарқӣ мурочиат намуда, даъват ба амал овард, ки тартиботи амириро сарнагун созанд. Барои барқарор намуда-

ни тартиботи инқилобӣ 17 декабри соли 1920 дар Қаршӣ қӯшуни инқилобии Сурх бо унвони Экспедитсияи (эъзомия) Ҳарбии Ҳисор ташкил дода шуд. Ба ҳайати он 1087 чанговари низомӣ, 1 928 нафар навдаъватшудагон, 35 нафар аъзои Отряди Шӯъбаи Махсус дохил ме- шуд. Барои отряд 1 830 сар асп, 22 адад пулемёт чудо карда шуд. Ин шумора ва миқдори лавозимоти дигар вобаста ба рафти амалиёт мета- вонист тағйир ёбад.

Амалиёти чангӣ дар Бухорои Шарқӣ мураккабиҳои худро дошт. Ба ғайр аз мушкилиҳои роҳ, гоҳо ба сабаби набудани роҳ, чандин мароти- ба лозим омад, ки бо машаққати зиёде муқобилияти яроқноки тараф- дорони амирро фурӯ нишонанд. Ҳамчунин баъзе аз ашхоси тасодуфию туфайлии ба вазъи сиёси пурра сарфаҳм нарафта, ки ба амалиёти От- ряд ҳамроҳ шуда буданд, мушкилиҳо эчод мекарданд.

14 феврал соли 1921 Отряди Экспедитсионии Ҳисор аз Бойсун ба роҳ баромада, 15 феврал ба муқобилияти сахти дастаи ба амир содиқи Деҳнав дучор шуд. Шикасти ин даста пеши роҳи аскарони Сурхро ба Душабе кушод.

16 феврал Юрчӣ, Сари Осиё ва Сари Чӯй ишғол карда шуданд. Аз- баски дастаҳои калони сарбозону тарафдорони амир дар Ҳисору Каротоғ мустаҳкам мавқеъ гирифта буданд, фармондеҳони Отряд ба хулосае омаданд, ки ба Деҳнав баргашта, тайёри пухта бинанд. Баъди каме дамгирӣ аскарони Сурх аз Деҳнав баромада Регарро қариб бема- моният ишғол намуданд. Сарбозони амир дар ин чо ба задухӯрди ка- лон дучор шуда, 28 нафар талаф дода, қисми боқимондаашон ба Ҳисор ақиб нишаст. Дар чанги Ҳисор сарбозони амир талафоти чиддӣ дода, шикаст хӯрданд. Дар ҳамин рӯз Қаротоғу Ҳисор аз тарафи аскарони Сурх ишғол карда шуданд. Баробари шунидани ин хабар Олимхон ҳамон рӯз (20 феврал) бо наздикони худ ва 300 шутури пурбор, бо баҳонаи зиёрати мақбараи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ба Кӯлоб гу- рехт. У наздикони худ Иброҳимбек ва Давлатмандбийро бо рутбаи девонбегӣ сарфароз намуда, хоҳиш кард, ки бо кадом воситае набошад, пеши роҳи аскарони Сурхро гиранд. Вале дастаҳои онҳо аз гурехтани амир огоҳӣ ёфта, ба роҳбарони худ итоат накарда, пароканда мешу- данд. Ин имкон дод, ки 21 феврали соли 1921 соати 10 пагоҳӣ Душанбе бе муқобилият ишғол карда шавад.

Дар маҳалҳои ишғолнамудаи аскарони Сурх Кумитаҳои инқилобӣ таъсис ёфтаву ба фаъолият оғоз карданд. Баъди ин қувваҳои инқилобӣ ба самтҳои водии Вахш ва Кӯлоб ҳаракат намуда, 24 феврал Қӯрғонтеппа, 6 март Қабодиён, 9 март Сарой Камарро ишғол наму- данд. Дар ин чойҳо низ Кумитаҳои инқилобӣ ташкил карда шуданд. Сипас аскарони Сурх якчоя бо дастаҳои фидоиён Фархор, Сайёд, Чӯбакро ба даст дароварда, ба Кӯлоб наздик шуданд. Қисми дигари отряди аскарони Сурх, ки ба самти Кӯлоб ҳаракат намуда, амири гуре-

заро дунболагирӣ мекарданд, 23 феврал Кофарниҳон, 24 феврал Фай- зободро ишғол намуданд. Амир ба воситаи Пули сангин (Норак) аз Вахш гузашта, кӯпрукро вайрон кард. Ба аскарони Сурх лозим омад, ки то аз нав сохтани кӯпрук таваққуф намоянд.

Кӯпруки Пули Сангинро барқарор намуда, қисмҳои ба самти Кӯлоб ҳаракаткунандаи аскарони Сурх 15 март Кӯлобро бе чанг ишғол наму- данд. Тарафдорони амир ба муқобилият чуръат накарда, пароканда шуданд. Амир худаш пештар 4 марти соли 1921 дар гузаргоҳи Дарқади назди Чӯбак дарёи Панчро убур карда, ба хоки Афғонистон фирорӣ шуд.

Бояд қайд кард, ки баъди суқути ҳокимияти амир ва расман эълом доштани Ҷумҳурии Халқии Шӯравии Бухоро Бухорои Шарқӣ чун воҳиди сиёсию маъмурии соҳиби як навъ мухторият эълон шуд. Тамо- ми ҳокимият дар ин минтақа ба ихтиёри Комиссияи фавқулъодаи дик- татории Кумитаи марказии ичроияи Бухоро доир ба корҳои Бухорои Шарқӣ гузашт. Комиссияи диктаторӣ қариб ваколати номаҳдуд дошта, ба ҳамаи тарафҳои ҳаёти сиёсӣ-маъмурӣ ва иқтисодию ичтимоӣ дахо- лат карда метавонист. Дар назди Комиссияи фавқулъоддаи диктаторӣ шӯъбаву кумитаҳо амал намуда, барои ҳалли масоили рӯзмарраи иқтисодӣ, тиббию маориф фаъолият мебурданд. Мубориза и муқобили аксулинқилобӣ ба зиммаи Шӯъбаи муҳофизии (охрана) Бухорои Шарқӣ ва Трибунали ҳарбӣ-инқилобӣ гузошта шуда буд. Дар маҳалҳо органи Комиссияи диктаторӣ кумитаҳои инқилобӣ ва ваколатдорони шӯъбаҳои вилоятӣ, тумонҳо ва кентҳои Комиссияи диктаторӣ амал ме- карданд.

Ба ғайр аз Шӯъбаи муҳофизат дар Бухорои Шарқӣ шӯъбаҳои махсу- си қисмҳои армияи Сурх амал мекарданд, ки вобаста ба вазъи ҳол ва вазифаи ба зимаашон гузошта, дар ин ё он маҳал нигоҳ дошта мешу- данд. Дар ин шӯъбаҳо, ба ғайр аз русҳою точикон, намояндагони дигар халқияту миллатҳо адои хизмати ҳифзу мустаҳкам намудани сохтори давлатдории Шӯравиро анчом медоданд.

Раванди ғалабаи ҳокимияти Шӯравиро дар тамоми қаламрави амо- рати Бухоро, алалхусус дар Бухорои Шарқӣ мавриди омӯзиш қарор дода, аз мавқеи чавонбухориён дар ин чойҳо набояд сарфи назар кард. Баъди ғалабаи шӯроҳо нияти ниҳонии онҳо то рафт бештар аён мешуд. Акнун аксаран пешвоёнашон нафақат мавқеи Русияро дар ин чо танг карданӣ буданд (агар онҳо ба манфиати мустақилияти Бухоро кор ме- бурданд, албатта, фаъолияти ватанхоҳонаашонро аҳли захмат бешак дастгирӣ мекард. Русия ҳам, ки мустақилияти ин давлати акнун демо- кратию халқиро расман эътироф дошт, аз рӯи рафти воқеаҳо онро пуштибонӣ менамуд), инчунин барои ҳокимият бо ҳам часпу талош доштанду дар ичрои нақшаҳои ба сари қудрат омадан, аз ҳеч чиз рӯй намегардонданд.. Яке аз барқароркунандагони Ҳокимияти Шӯравӣ дар

Туркистону Бухоро Я.А. Мелкумов, ки ба фаъолияти баъдиинқилобии чавонбухориён аз наздик шинос буд, хулосаашро нисбати онҳо чунин қаламдод намудааст:

«Ба Афғонистон гурехтани амир босмачиёни тамоми территорияи Осиёи Миёнаро аз роҳбарии марказонидашуда маҳрум кард. Ва агар хоинии чавонбухориён намешуд, ба босмачигарӣ ҳамчун ҳаракати ом- мавии сиёсӣ дар территорияи Осиёи Миёна ҳанӯз дар соли 1921 хоти- ма додан мумкин буд. Аммо сиёсати риокоронаи чавонбухориён дар ҳукумати Республикаи Бухоро ба анчоми мубориза хеле халал расонд.

Дар соли 1921 босмачигарӣ дар Осиёи Миёна ба марказчаҳои алоҳида тақсим шуд. Ҳаракати босмачиён дар Хоразм, Фарғона ва Бу- хорои Шарқӣ хеле вусъат ёфта буд. Дар муборизаи махфиёнаи худ ба- рои ҳокимият чавонбухориён ба босмачиён умед баста буданд ва аз ин рӯ ба тезтар барҳам додани дастаҳои босмачиён манфиатдор набуданд. Худро тарафдори Ҳукумати Советӣ нишон дода, чавонбухориён сиёса- ти онро ҳарчониба вайрон мекарданд»[29].

Ташаббускорону ташкилкунандагони аввалин дастаҳои аксулинқилобӣ, ки дар гуфтори шифоҳӣ ва адабиёти илмӣ, алалхусус адабиёти давраи Шӯравӣ бо ибора ё мафҳуми «босмачӣ» ё «босмачигарӣ» («босмач», аз калимаи туркӣ - «босмоқ» буда, маъниат ҳамла овардан, пахш кардан мебошад) шӯҳрат пайдо кардааст, инҳо буданд: дар Ҳисор - Темурбек, дар Душанбе - Раҳмон додхоҳ, Балчувон - Давлатмандбий, Кӯлоб - Ашур тӯқсабо, Қизилмазор - Туғай, Данғара - Абдуқаюм парвоначӣ, Лақай - Иброҳимбек, Файзо- бод - Ғаюрбек, Қаротегин - Фузайл Махсум, Дарвоз - Эшони Султон. Аз фаъолияти онҳо истифода бурда, дар дигар чойҳо низ бо ташаббуси феодалони маҳаллӣ ва ҳомиёни динӣ дастаҳои хурди босмачиён таш- кил ёфтанд. Ҳамаи ин дастаҳо зери шиори «ғазовот» (мубориза, разм дар роҳи дин) амал мекарданд.

## ДАРВОЗ БАЪДИ СУҚУТИ АМОРАТИ БУХ^РО ВА ДАВРАИ БАРҚАРОРШАВИИ НИЗОМИ ШӮРАВЙ

Баъди шикаст хӯрдани амир ва фирор карданаш аз Душанбе дастаҳои зидди шӯравӣ дар бекигариҳои Қаротегину Дарвоз мавқеъ гирифтанд. Дар водии Хингоб, ки ба қаламрави бекигарии Дарвоз мансуб буд, яке аз заминдорони калон - Эшони Султон дастаи калони пайравонашро чамъ карда (муридонаш аз Душанбе барои ӯ яроқ овар- да буданд), дар Тавилдара ва Чилдара пойгоҳи чангии мустаҳкам ташкил дод. Ба он чо амалдорони собиқи маҳаллӣ, аз чумла қозӣ Қурбон, Ниёз тӯқсабо, Акбар тӯқсабо, Сайид урокро даъват карда, ба муқобили ҳокимияти Шӯроҳо «ғазо» (чанги муқаддас) эълон намуд.

Дар пайравӣ ба ин даъвати Эшони Султон дастаҳои муқовимат за- миндорони калони маҳаллии Дарвоз бо сарварии бародарон Ғайратшо ва Диловаршо аз Қалъаихумб ва Шоҳназрӣ додхоҳ бо писаронаш Аб- дуллобек ва Қосимбек аз деҳаи Тоғмай ташкил карданд. Ҳамин тариқ, то ба Дарвоз ворид шудани қувваҳои асосии аскарони Сурх дастаҳои мухолиф мавқеи худро мустаҳкам намуданд.

Барои муқовимати ин дастаҳоро шикастан ва пурра аз онҳо озод на- мудани Қаротегину Дарвоз аз Душанбе 13 марти соли 1921 штаби Бри- гадаи якум дар зери фармондиҳии Я.А. Мелкумов ва комиссар Дяко- нов ба ин самт ба роҳ баромад. Баъд аз фатҳ кардани Янгибозор (Кофарниҳон, феълан Ваҳдат), Файзобод, 16 март Оби Гарм ишғол карда шуд. Дар ин чо Мелкумов бо вакилони халқии Қаротегин, ки бо хоҳиши ҳарчи зудтар озод намудани Ғарм омада буданд во хӯрда, ваъда дод, ки хоҳиши онҳо бо нақшаи аскарони Сурх мувофиқат меку- над ва ичро хоҳад шуд.

18 март полки савораи аскарони Сурх роҳи Ғармро пеш гирифт, ва- ле ҳаракати онро пулу гузарҳои аз тарафи мухолифин вайрон карда, халалдор мекард. 23 март ба назди роҳбарияти полк гурӯҳи нави намо- яндагони сокинони Қаротегин омада, ёрмандии худро пешниҳод кар- данд. Ҳамроҳи ин ихтиёриёни маҳаллӣ аскарони Сурх ба маркази бе- кигарии Қаротегин - Ғарм наздик шуданд. Задухӯрди шадиде ба амал омад. Дар натича дастаҳои Фузайл Махсум (зодаи деҳаи Метаниёни Қалъаи Лабиоби Қаротегин), Кӯри Шермат (сардори дастаҳои аз Фарғона омада), Нурмат мингбошӣ, Аскар полвон ва ғайра шикаст хӯрда, талафоти зиёде доданд. Дар Ғарм бо сардории Умаров Кумитаи инқилобӣ ташкил дода шуд. Фузайл Махсум ба тарафи Чиргатол гу- рехт. Боқимондаҳои дастаи Кӯри Шермат ба тарафи Олой рӯ ба гурез ниҳоданд. Полки якуми савораи аскарони Сурх ӯро дунболагирӣ наму- да, баъди дар ду шабонарӯз 130 км роҳро тай намудан, аз Олой гузаш- та, дар назди Катта Қорамуқ ба дастаи он зарбаи сахт зад. Ба худи Кӯри Шермат муяссар гардид, ки ғанимати бо ғорат ба даст овардаи худро (5 ҳазор сар гӯсфанд, 40 сандуқи пур аз молу амволи қиматнок, ки аз корвони амири гуреза дуздида буд) партофта, ба тарафи Фарғона гурехта пинҳон шавад. Замони бозгашт аскарони Сурх ба дастаи 200 нафараи мухолифин дар Қалъаи Лаби об шикасти сахт расонданд[30].

Ҳангоми чанги полкҳои якуму дуюми савора бо дастаҳои Фузайл Махсум дар Чиргатол, полки сеюми савора барои аз дастаҳои Эшони Султон озод кардани Чилдараю Тавилдара шитофт. Дар Тавилдара дастаи 600 нафараи Акбар тӯқсабо мавқеъ гирифта, бояд роҳи Дарвоз- ро мебаст. Дар маҳаллаҳои шарқии он, тахмин 26-28 км роҳ то Қалъаихумб, се дастаи Эшони Султон мавқеъ гирифта буданд.

Эшони Султон бо амири бетахт - Олимхон, ки акнун дар Афғонистон зери ҳимояи англисҳо қарор дошт, мукотиба барқарор

карда буд ва аз ӯ дастур мегирифт. Эшон ба дастгирии бевоситаи амир умед баста буд, ба илова намояндаи худ Мулло Баротро ба Кӯлоб фи- ристод. Ин қосид бояд ба сардорони дастаҳои дигар хабар медод, ки бо тоза шудани ағбаи Хобу Рубот аз барф Эшони Султон бо дастаҳои худ дар Дарвоз, Фузайл Махсум дар самти Қаротегин ва дигар дастаҳо дар Кӯлобу Балчувон бояд дар як вақт ба амалиёти ҳарбии зидди аскарони Сурх шурӯъ кунанд. Ибтидои моҳи майи соли 1921 дастаи Эшони Сул- тон иборат аз 3 ҳазор нафар бар зидди қувваҳои инқилобӣ бархоста, дар соҳили чапи Сурхоб деҳаи Хостро ишғол намуд. У барои тарсон- дани аҳолии маҳаллӣ ба террори сахт даст зад.

Барои маҳви дастаи Эшони Султон қисмҳои артиши Сурх шаби 8-9 майи соли 1921 дар ҳайати полки дуюми савора, ду баталиёни Полки сеюми тирандоз, бо гурӯҳи пулемётчиён ва пайгирон, взводи дуюми Ба- тареяи савораи кӯҳгард ва эскадрони комендантӣ таҳти фармондиҳии сардори дивизия В.М. Ионов аз Ғарм баромада, ба дастаҳои Эшони Султон зарбаи сахт заданд. Эшон Султон зиёда аз 400 нафар сарбози дастаи худро талаф дода, ба деҳаи Сари Пул гурехт. Дар ин чо дастаи 500-600 нафараи қӯрбошӣ Акбар тӯқсабо, ки дар Пушён амалиёт ме- бурд, ба ихтиёри ӯ гузашт. 17 май Эшони Султон ба аҳолии Муминобод ба муқобили Ҳокимити Шӯроҳо бархостан даъват кард. У акнун мақсад дошт, ки гарнизони дар Кӯлоб чой гирифтаро ҳам ба даст дарорад[31].

Дар чунин вазъияти ҳассос барои дастгирии қувваҳои аксулинқилобӣ, гумоштаи Англия, афсари мочарочӯи Туркия Салим- пошо бо дастаи нағз мусаллаҳшудаи 1 200 нафара ба Дарвоз фиристода шуд. Яке аз роҳбарони Экспедитсияи Ҳисор Я. А. Мелкумов, ки барои ғалабаю барқарор намудани Ҳокимияти Шӯравӣ дар Бухорои Шарқӣ мавқеи ҳалкунанда доштааст, рочеъ ба фаъолияти якчояи Салимпошо ва Эшони Султон чунин гуфтааст: «Салимпошо роҳи кӯҳиро дар назди Чилдара вайрон карда, ағбаи Камчароғро ишғол намуд ва дар ин чо дар таҳти фармондиҳии Эшони Султон 750 савора гузошт. Бо ҳамин воси- та ӯ роҳи ақибнишиниро дар дасти худ нигоҳ доштан мехост.

Отряди Эшони Султон дар нишебии ақиби ағба мавқеъ ишғол кард. То мавқеъҳои душман нишебии як километрае мавчуд буд, ки дар он чо аз тири босмачиёни мудофиакунанда чои пинҳоншавӣ набуд.

Қувваҳои боқимондаи Салимпошо дар қишлоқи Дубеда чамъ оварда шуданд, ки босмачиён ҳучуми қӯшунҳои моро аз самти чанубӣ-ғарбӣ нигарон буданд, бинобар ин, дар инчо ҳам истеҳкомҳо барпо мекар- данд.

Ин маълумотҳоро гирифта, ман (Мелкумов. - Ҳ.П.) ба Панкеев фар- мон додам, ки бо як эскадрон ва 4 пулемёт ағбаи Камчароғро забт на- мояд. Дар давоми 4 рӯз эскадрон сахт, вале бемуваффақият чангид.

Командири корпус Ионов ба Ғарм омад. У ба мо хабар дод, ки дар водии Кӯлоб вазъияти хеле вазнин ба вучуд омадааст. То мумкин аст

тезтар душманро дар ағбаи Камчароғ нест карда, полки 2-йуми савора бо батареяи Дяконов бо ёрии бригадаи 3-йуми савора фиристда шавад.

Эскадронҳои дигари полки 2-йуми савора ва нимбатареяро ба сӯи ағба фиристода, штаби бригада низ ба он чо равон шуд. Дар ағба Пан- кеев маро пешвоз гирифта, вазъиятро баён кард. Қарор дода шуд, ки фавран ба ҳучум сар карда шавад.»[32]

Ҳамин тариқ 19 майи соли 1921 отряди комдив (фармондеҳи диви- зия) В.М.Ионов дар ағбаи Камчароғ дастаҳои Эшони Султонро шикаст дода, таъқибкунон барои аз аксулинқилобчиён озод намудани Чилдара, Ёзғанд ва Тавилдара шитофт. Эшони Султон дар назди деҳаи Тавилда- ра аз дарёи Хингоб гузашта, кӯпрукро сӯзонд ва аз чунин сурат гириф- тани воқеъа (яъне аз даст рафтани ағба) ба Салимпошо хабар расонд. Кӯпрукро барқарор намуда, сарбозони инқилобӣ таъқиботро идома до- данд. Дар задухӯрдҳои назди Тавилдара сардорони дастаҳои аксулинқилобӣ Мирзо Набот, Бузург ва дигарон ҳалок шуданд. Са- лимпошои дар таҳти хавфи ҳучум монда, истеҳкомҳои дар Дубеда со- хтаашро партофта, ба тарафи Қалъаихумб ҳаракат кард. У акнун муқобилияти чиддӣ нишон дода наметавонист.

Дар Қаротегину Дарвоз сохтори идоракунии Шӯравӣ барқарор кар- да шуд. Замину моли ба амалдорону давлатмандони маҳаллӣ тааллуқ дошта, ки партофта ба Афғонистон гурехта буданд, ба дасти аҳли заҳмат гузашт. Аҳолӣ ҳар чӣ бештар аз мақсаду мароми ҳокимияти нав огоҳ мешуд, бо дилгармӣ аз ӯ пуштибонӣ мекард. Дар деҳоту маҳалҳо сарбозони инқилобиро бо хушнудӣ пешвоз мегирифтанд. Дар қатори инқилобхоҳони маҳаллӣ Шонеъмат Раҳматов аз Дарвоз ва Давлат Аб- дуллозода (Мулло Давлат) аз Ванч фаъолияти назаррас доштанд. Онҳо ба қувваҳои инқилобӣ роҳбаладӣ намуда, вазъи сиёсӣ ва мақсади аска- рони сурху фидоиёни маҳаллиро ба халқ мефаҳмонданд.

Бояд қайд кард, ки дар Қаротегин, қисми ғарбии қаламрави Дарвоз моҳҳои апрел - майи соли 1921 Ҳокимияти Шӯравӣ ғалаба карда бо- шад ҳам, ба сабаби муқобилияту хиёнати амалдорони пештараи амирӣ, ки ба хизмати шӯроҳо даромада буданд, дар Бухорои Шарқӣ ҳаракати зидди шӯравӣ ҳамоно пурқувват буда, боз шиддат мегирифт. Бесабаб набуд, ки дар қисмати марказии Дарвоз - Қалъаихумб Ҳокимияти Шӯравӣ баъди торумор намудани дастаҳои зиддиинқилобӣ моҳи авгу- сти соли 1923 барқарор карда шуд[33].

Ҳаракати зиддишӯравӣ дар минтақа махсусан моҳи ноябри соли 1921, вақте, ки гумоштаю чосуси разведкаи немису англис, амалдори ҳарбии Туркия Анварпошо аз тарафи амири тахтро аз даст дода - Олимхон сарфармондеҳи тамоми қувваҳои исломии минтақаи Осиёи Миёна таъйин шуд, тезу тунд гардид. У тамоми дастаҳои Туғай, Сара, Эшони Султон, Давлатмандбий ва ғайраро зери итоати худ гирифта, аз ҳисоби силоҳи навини англисӣ пурра яроқнок намуд. Ин мочарочӯи

гузаро мақсад дошт, ки «Давлати бузурги мусулмонӣ» ташкил намуда, ба ҳайати он Бухоро, Хева ва Туркистон, хулоса тамоми Осиёи Миёна- ро ворид намояд.

Доир ба шахсияти Анварпошо бояд илова кард, ки ӯ яке аз ишти- рокдорони инқилоби чавонтуркон буда, соли 1908 ба ҳайси яке аз сар- дорони ҳизби чавонтуркии «Ваҳдат ва пешравӣ» фаъолият дошт. Моҳи январи соли 1913 бо ҳамроҳии Талъатпошо ва Ҷамолпошо табаддулоти давлати гузаронида, дар ҳайати ин сеҳокимиятии (триумвират) ғайрирасмӣ тамоми ҳокимияти Туркияро ба даст гирифт. Дар солҳои Ҷанги якуми чаҳон Анварпошо вазифаи чонишинии сарфармондеҳи қӯшунҳои Туркияро ба ӯҳда дошта, дар куштори умумии (генотсид) халқи арман ташаббусу роҳбарӣ намудааст. Бо фармони ӯ қӯшунҳои Туркия сулҳи Брест-Литовскро вайрон намуда, бо мақсади идомаи забткориҳои зидди Русияи шӯравӣ Бокуро ишғол карда буданд. Акнун ин чоҳталаби турк аз вазъи ноҳамвори минтақа истифода бурда, бо ҳаммаслакони сершумори пантуркисти худ барои ба даст овардани ҳокимият ба Осиёи Миёна ворид шуд[34].

Моҳи октябри соли 1921 Анварпошо ба Бухоро омад. У аз тарафи чанде аз масъулини баландмартабаи ҶХСБ хуш пазируфта шуд. Онҳо ҳатто ба ӯ пешниҳод намуданд, ки вазифаи сарфармондеҳии артиши халқии Бухороро ба зима гирад. Аз рӯи маълумотҳо Анварпошо бо Раиси Шурои нозирони Ҷумҳурии Бухоро Файзулло Хочаев ва Орифов (нозири ҳарбӣ) се маротиба вохӯрӣ доштааст, дар рафти ин вохӯриҳо ва мулоқот бо сарварони ташкилотҳои зиддиинқилобию намояндагони чосусии хоричӣ нақшаи ба тарафи қувваҳои аксулинқилобӣ кашидани кормандони масъули ҳукумати Бухоро ва қисмҳои артиши инқилобӣ, инчунин чорабиниҳо доири забту тобеъ намудани гарнизони Душанбе тарҳрезӣ шудаанд. Баъди чандин баромаду суханрониҳои авомфиребо- на Анварпошо дар Бухоро 8 ноябри соли 1921 бо ҳамроҳии офитсеро- ни Туркия Ҳочӣ Салимбек (Салимпошо), Бартинли Муҳиддин, Нафти- бек, Халилбек ва дигарон бо баҳонаи сафари шикорӣ ба Бухорои Шарқӣ роҳ пеш гирифтанд[35].

Мувофиқи нақшаи ниҳоят васеи Анварпошо (ӯ худро домоди халифа, волии амир Олимхон дар Бухоро ва сарфармондеҳи қувваҳои мусаллаҳи ислом эълон карда буд) Бухорои Шарқӣ, ки аз як тараф, вобаста ба мушкилии роҳҳо ва шароити табии барои муқовимати дуру дароз хеле мувофиқ ва аз тарафи дигар, дар ин чо алакай мустаҳкам чой гирифтани қӯвваҳои аксулинқилобӣ мавқеи муносиб барои муқобилият доштанд. Аввали декабри соли 1921 Анварпошо зиёда аз 20 сардори дастаҳои аксулинқилобӣ, аз чумла Иброҳимбекро ба Кӯктош даъват кард. Дар ин машварат бо баҳонаи чамъоварии озӯқа ва хӯроки чорво Алиризо ва До- ниёр ширкат доштанд. Дар ҳамин чамъомад нақшаи ба даст даровардани гарнизони Душанбе тарҳрезӣ шуд.

9 декабр Усмонхоча Пӯлодхочаев бегоҳӣ бо баҳонаи зиёфат комис- сари ҳарбии гарнизони Душанбе Морозенко, чонишинаш Мухин ва консули генералӣ Нагорний ва чанде дигар аз масъулини гарнизонро даъват намуда, Пӯлодхочаев, Али Ризо, Фарух Халил ва Дониёр бо зӯри яроқ онҳоро то бевақтии шаб нигоҳ дошта, мачбур карданд, ки Морозенко ва Мухин ба ҳуччати оиди яроқи дар гарнизон бударо ба ихтиёри Али Ризо ва Дониёр додан имзо гузоранд. Гӯё онҳо ин супо- ришро бевосита аз органҳои болоии Бухоро ва Русия гирифта бошанд. Баъди қатъиян чавоби рад гирифтан онҳо Морозенко, Мухин ва На- горнийро ба ҳабс гирифта, ба беяроқ намудани баталиони 3-йуми пол- ки 7-ум оғоз намуданд. Вале аскарони баталиони дуюм аз ин хиёнат огоҳ шуда, муқобилияти сахт нишон доданд. Онҳо қисми яроқро нигоҳ дошта ва маҳбусонро озод карданд. Хоинон У. Пӯлодхочаев ва Али Ризо аз ногузирии шикасту фош шуданашон тарсида, бо чандин сандуқ бойгарӣ гурехтанд. Ин бойгариро баъди чандин рӯз сарсониҳо дар кӯҳҳои Боботоғ яке аз дастаҳои босмачиён аз дасти онҳо ба яғмо бурд.

Дар нимаи дуюми моҳи декабри соли 1921 10 ҳазор аксулинқилоб- чиён гарнизони Душанберо ба муҳосира гирифтанд, ки он ду моҳ тӯл кашид. Аскарони Сурхи гарнизон ба ҳамаи мушкилихои тоқатшикан нигоҳ накарда, фишори душманро мардонавор мегардонданд. Фақат баъди гирифтани фармон 15 феврали соли 1922 мудофиачиён бо ҳамроҳии ихтиёриён аз Душанбе баромада, ба Бойсун рафтанд. Дар он чо бо қисмҳои дигари аскарони Сурх пайваста ба муқобили Анварпошо муборизаро идома доданд. Ҳамин тариқ, баъди аз Душанбе рафтани қисмҳои лашкари Сурх, қисми зиёди Бухорои Шарқӣ ба дасти қуввахои аксулинқилобӣ гузашта буд. Анварпошо тавонист, ки бо сардорони та- моми дастаҳои босмачиёни Бухорои Ғарбӣ - Самарқанд, Фарғона, Хо- разм алоқа барқарор намуда, бунёди муқовимати чиддиро гузорад.

Комёбии муваққатии аксулинқилобчиён бо сардории Анварпошо баъди ақибнишинии аскарони Сурх аз Бухорои Шарқӣ, барои рӯҳбаландӣ ва зиёд намудани дастаҳои аксулинқилобӣ мусоидат кард. Бо дастгирии кишварҳои хоричӣ ва фаъолияти чавонбухориёну чанде аз чадидон, барои ба амал баровардани нақшаи Анварпошо Мулло Абдулқаҳҳор дар Бухорои Кӯҳна ва Кармина, ҳамчунин дар вилояти Самарқанду ноҳияи Каттақӯрғон шӯриш бархезонд. Ҳамин тариқ моҳи марти соли 1922 хатти фронти аксулинқилобчиён тамоми вилоятҳои Фарғонаву Самарқанд ва Бухорои Шарқиро фаро гирифта буд, ки ҳамаи он зери фармондиҳии Анварпошо қарор дошт. Ин мочарочӯи касбӣ то дарачаи ба ғалабаи худ боварӣ пайдо карда буд, ки моҳи майи соли 1922 аз Ҳукумати Шӯравии Русия қотеъона талаб намуд, ки қӯшунҳояшро аз ҳудуди Осиёи Миёна баровардa «Давлати бузурги мусулмонӣ»-ро ба расмият шиносад. Ин вазъият ҳукумати шӯравии Русияро водор сохт, ки фавран чораҳои фавқулъодда андешад.

Вазъи мураккаби Бухорои Шарқиро ба назар гирифта, барои фаъол- тар кардани муборизаи зидди аксулинқилобиён ва қавитар сохтани му- ассисоти Ҳокимияти Шӯравӣ 8 январи соли 1922 Кумитаи ичроияи Марказии умумибухороӣ Комиссияи диктатории фавқулодда доир ба корҳои Бухорои Шарқиро созмон дод.

Бюрои сиёсии Ҳизби Коммунистии (болшевикии) Русия 22 феврали соли 1922 масъалаи «Вазъияти Бухоро»-ро муҳокима карда, нақшаи чорабиниҳо пешниҳод намуд. Аз чумла, бояд татттктилотхои ҳизбии маҳаллиро мустаҳкам ва корҳои тарғиботи сиёсӣ-инқилобиро пурзур мегардонданд. Барои ичрои ин мақсад Туркбюрои КМ Ҳизби Комму- нистии (болшевикӣ) ба Бюрои Осиёи Миёнаги КМ ҲК(б) (ЦК РКП(б)) табдил дода шуд. Акнун муборизаи зидди аксулинқилобчиён дар ҳамбастагии зичи ташкилотҳои ҳизбӣ, ҳарбӣ ва гурӯҳҳои фидоии меҳнаткашони Туркистон, Бухоро ва Хева мегузашт[36]. Ин имкон дод, ки бо дастгирии бевоситаи аҳли заҳмати маҳаллӣ дастаҳои аксулинқилобии Анварпошо (июл - августи соли 1922), Салимпошо (июли соли 1923), Кӯри Шермат ва дигарон торумор карда шаванд.

Ба ҳучуми қатъӣ гузаштани қисмҳои Армияи Сурх ва қисмҳои ҳарбии ҶХШБ ба муқобили Анварпошо 15 июни соли 1922 оғоз ёфт. Зарба дар ду самт чараён дошт. Колоннаи чап ҳучумро аз Бойсун сар карда ба самти Деҳнав, Ҳисор, Душанбе, Файзобод ҳаракат намуд. Ко- лоннаи рост бошад, ҳучумро аз Шербоду Тирмиз ба самти Қабодиён, Қӯрғонтеппа, Кӯлоб ва Балчувон пеш мебурд. Дар рӯзи аввали ҳучум дастаҳои Анварпошо дар назди Бойсун зарбаи сахт хӯрданд. Зиёда аз 200 чангӣ талаф дода, анбори яроқи англисӣ ва 300 аспро партофта, бо суръати тез ақибнишинӣ карданд. Ҳучумро идома дода, колоннаи чапи Қӯшунҳои Сурх Деҳнав, Юрчӣ, Регар, Қаротоғро ишғол намуда, баъди муҳорибаи ниҳоят пуршиддати якрӯза 14 июл Душанбе озод карда шуд. Колоннаи рост 3 июл Ҷилликӯл, 4 июл - Қӯрғонтеппа, 17 июл Кӯлобро ишғол намуда, роҳи Чӯбак ва Баҳоракро, ки эҳтимолияти аз он чо ба Афғонистон убур кардани Анварпошо мавчуд буд, гирифтанд. Дар Балчувон Анварпошо, баъди муқобилияти серӯза шикаст хӯрда, бо дастаи боқимонда 500 нафараи худ ба деҳаи Обдара (12км дуртар аз Балчувон) ақибнишинӣ кард. 20 июли соли 1922 Балчувон аз тарафи қувваҳои инқилобӣ ишғол карда шуд. 4 августи соли 1922 Анварпошо дар деҳаи Обдара бо боқимондаи дастаи худ, аз сабаби дигар роҳи гу- рез надоштан. ба муҳорибаи охирин кашида шуда, панч тир хӯрд. Дав- латмандбийи ба ёрии ӯ шитофта низ захми марговар бардошт ва ҳарду ҳалок гаштанд. Ҳамин тариқ, амалиёти тахтхоҳонаи ин мочарочӯи касбӣ барояш ба таври фочиавӣ анчом ёфт[37].

Акнун баъди дар Бюрои сиёсии ҲК(б) Русия дидани «Масъалаи Бу- хоро», муборизаи зиддибосмачиён дар ҳамбастагии зичи ташкилотҳои ҳизбӣ, ҳарбӣ ва гурӯҳҳои фидоии меҳнаткашони Туркистон, Бухоро ва Хева мегузашт. Ин имконият дод, ки бо дастгирии бевоситаи аҳли

заҳмати маҳаллӣ дастаҳои ғоратгари аксулинқилобии Анварпошо, Са- лимпошо, Кӯри Шермат ва дигарон торумор гарданд. Шикасти дастаҳои Анварпошо ва Иброҳимбек талошҳои чангии дигар дастаҳои маҳаллиро суст ва то андозае пароканда кард. Масалан, дар охири соли

1922 миқдори қувваҳои зиддишӯравии Бухоро аз 18 000 савора ба 2 500 нафар фаромад.

Баъди торумор намудани дастаҳои Анварпошо ва Иброҳимбек ва аз онҳо тоза шудани ноҳияҳои марказӣ маркази муҳимтарини қувваҳои аксулинқилобӣ дар ҚаротегинуДарвоз боқӣ монда буд. Барои торумор намудани дастаҳои дар Қаротегин мавқеъ дошта, Отряди экспедитсио- нии Қаротегин ташкил карда шуд. Дар арафаи оғози амалиёти экспе- дитсияи номбурда, дар вилояти Ғарм сардорони дастаҳои аксулинқилобӣ Фузайл Махсум ва Диловаршоҳ Ғайратшо қувваи зиё- де доштанд. Фақат дастаи Фузайл Махсум аз 1 500 нафар чанговари нағз мусаллаҳшуда иборат буд. Онҳо дар соҳилҳои Сурхоб чойгир карда шуда буданд. Ба замми ин баъди шикаст хӯрдани дастаҳои аксулинқилобӣ дар Масчоҳ боқимондаи онҳо зери роҳбарии сарвари босмачиёни вилояти Самарқанд Холбутта ҳамроҳи қурбошӣ Даврон- бек, аз ағбаи Пакшив гузашта, ба Ғарм омаданд. Ҳамчунин ба ин чо бародарони беки Масчоҳ Аҳмадхоча бо дастаҳои худ ба воситаи ағбаи Дубурсӣ омада ба дастаҳои Фузайл Махсум омехтанд. Холбутта бо дастаи иборат аз 300-400 нафар чангӣ то омадани аскарони Сурх дар деҳаҳои Шингличу Биёвак қарор дошт.

Бояд қайд кард, ки дар байни дастаҳои босмачиён норизоӣ ва хусу- мати миёни якдигар то рафт меафзуд. Ба хиёнат айбдор кардани ҳамдигар то ба дарачаи таъқибу кушторҳои байнихудӣ мерасид. Маса- лан, Салимпошо ва Фузайл Махсум чун «хиёнатчиён» Кӯри Шермат ва Эшони Султонро нобуд карданӣ шуданд. Кӯри Шермат аз таъқибот худро раҳо карда, ба Афғонистон гурехт. Салимпошо ба Тавилдара омада, Эшони Султонро ба ҳабс гирифт. Бародараш Сулаймонро низ Фузайл Махсум дар водии Хингоб асир гирифта, ба Тавилдара овард.

Салимпошо, Фузайл Махсум ва Дониёр тамоми амалдорону муллоҳои бонуфузро ба Тавилдара даъват намуда, Эшони Султон ва бародараш Эшони Сулаймонро бо айби «ба тарафи сурхҳо гузаштан» гунаҳкор дониста, ба катл ҳукм карданд. Аз рӯи маълумоти овардаи Н.А. Кисляков ҳарду бародарро дар майдони Тавилдара охири тирамоҳи соли 1922 ба дор кашиданд[38]. Дар ин чо мавриди қайд аст, ки аз рӯи ёддошти иштирокчии бевоситаи муборизаи зидди аксулинқилобчиён Д.Г. Шегер (матни он дар ин китоб оварда мешавад) Эшони Султон дар исёни Дарвоз моҳи ноябри соли 1923 иштирок на- мудааст. Агар ин хел бошад, Эшони Султонро Салимпошо (Дар матни Кисляков оварда - Самипошо) ва Фузайл Махсум на соли 1922, балки соли 1923 бояд ба қатл расонда бошанд.

Ҳучуми аскарони Сурх ба Ғарм аз ду самт сурат гирифт: а) Отряди экспедитсионии Қаротегин бо сардории К.Н. Шведсов аз шимоли - ғарбӣ ба воситаи кӯҳҳои Туркистон ва Зарафшон (дар ҳайати он бисёр точикони кӯҳистони Зарафшон, аз чумла Бобокалонов, Ашуров, Ҳакимов, Ҷӯраев, Исмоилов, Пӯлодов, Муҳаммадкулов, Турдимуро- дов, Султонов, Бердиев ва дигарон - ҳамагӣ 500 нафар амал мекар- данд); б) гурӯҳи ҳарбӣ зери фармондеҳии Баринов аз Душанбе, аз сам- ти ғарбӣ ба ҳаракат даромад. Дар деҳаи Санги Маликӣ ин ду гурӯҳ бо ҳам пайваста, ба ҳучум гузаштанд. Баъди задухӯрдҳои шадиди 12- соата 19 июли соли 1923 Ғарм озод карда шуд. Дар он чо ба тезӣ кумитаҳои инқилобӣ ташкил ёфтанд. Раиси вилоятии Кумитаи инқилобии вилояти Ғарм Шамсидинов, аъзоён - Мирқурбонов, Мир- саидов, Аҳмад Бобомуродов, Камол Ҷӯрабоев таъйин гардиданд. Раиси Кумитаи инқилобии Тумони Обигарм Ҷӯрагул Раззоқов, муовинаш Берди Ғолибов, раиси Кумитаи инқилобии кенти Ванч Бой Сафаров, ба сифати раиси кенти Рохарв Маҳмадаёз Қирғизбеков, аъзои он Усмон Мирзоев таъйи шуданд[39].

Ин сохтори маъмурӣ-инқилобии шӯравӣ қонунан амалӣ шуда буд, вале муқобилияти боқимондаи дастаҳои зидди Шӯравӣ ҳамоно идома дошт. Аз чумла дастаҳои Фузайл Махсум (ӯ худро беки Қаротегин эълон карда буд) тамоман заиф шуда бошанд ҳам, ҳанӯз дар Қаротегин амал мекарданд. Вале ба зарбаҳои пай дар пайи отрядҳои аскарони Сурх ва дастаҳои ихтиёриёни инқилобии маҳаллӣ ин гурӯҳҳо талафоти зиёде дода, бо боқимондаҳои қувваҳои ночизи худ, бо мақсади пайва- стан бо дигар дастаҳои дар Дарвоз буда, ақибнишинӣ намуданд. То ба ҳучуми қатъӣ гузаштани аскарони Сурх ва дастаҳои ихтиёриёни инқилобӣ қувваҳои мухолифин дар ҳудуди Дарвоз ба таври зайл мавқеъ гирифтанд: Дар доманакӯҳи Пётри Бузург - юзбошӣ Одина Маҳмуд бо наздиконаш Зухурбек, Ниёз Тӯрақул ва Мулло Саидалӣ бо шумораи умумии дастаашон иборат аз 150 нафар, юзбошиҳо Қосимбек ва Муҳаммаднабибек бо дастаи 60-80 нафара дар Вахиё (деҳаи Қалъаи Лочирг), қурбошӣ Раҳмонбердӣ бо дастаи 40-50 нафара дар деҳаи Та- вилдара мавқеъ гирифтанд. Вале қувваҳои асосиву умедбахши аксулинқилобчиёни Дарвоз дар Қалъаихумб ва атрофи он чой дош- танд. Онҳо ба даҳ даста чудо шуда буданд.

Аскарони Сурхи экспедитсияи Қаротегин ҳамроҳ бо фидоиёни их- тиёрии маҳаллӣ 2 августи соли 1923 ба самти Қалъаихумб ба ҳаракат даромаданд. Дар як муддати кӯтоҳ онҳо тавонистанд Чилдара ва Та- вилдараро озод карда, 12 август маркази Дарвоз Қалъаихумбро ишғол намоянд[40]. Фузайл Махсум бо боқимондаи дастаи худ, ки дар байни онҳо норозигӣ зиёд шуда қариб ба исён мерасид, 23 август ба соҳили муқобили Панч фирор кард.

Аз даст додани Қалъаихумб баъзе сарварони боқимондаи дастаҳои босмачиро ба хулосае оварда натавонист. Дар моҳи ноябри соли 1923

дастаи Қосимбек ба Кеврон ворид гашта, дар он чо мустаҳкам шуд. Дере нагузашта ба ӯ падараш Шоназрӣ ва дастаи Диловаршо ҳамроҳ шуданд. Онҳо Қалъаихумбро дар муҳосира гирифта, роҳи Тавилдараро вайрон карданд. Ният доштанд, ки ақибгоҳашонро бехавф гардонда, Ванчро ишғол намоянд. Вале отряди аскарони Сурхи дар Қалъаихумб буда, ҳучуми онҳоро рад мекард. Ба ёрии муҳофизон Полки 7-уми ти- рандоз бо сардории Барановский ва Домеровский шитофт ва 21 ноябри соли 1923 Қалъаихумб, сипас Ванч аз босмачиён тоза карда шуданд.

Дар рафти амалиёти аз босмачиён тоза намудани вилояти Ғарм, ки тумони Дарвоз ба он шомил буд, саҳми чунин фидоиёни маҳаллӣ, мо- нанди Маҳмад Давлатов, Собир Раупов, Ташриф Шарифов, Восеъ Эҳсонов, Улфатшо Меҳралишоев, Ҷорубкаш Сафоев, Қирғизбек Қонунов, Рачаб Шарифов, Давлат Абдуллозода, Ҷӯрақул Раззоқов, Қаландар Собиров ва бисёр дигарон хеле зиёд аст. Вале дар ҳама ҳолат, ғалабаи инқилоб дар Бухорои Шарқӣ бе дастгирии ҳалкунандаи аскарони Сурх номумкин буд

Албатта, сарҳадвайронкуниҳо ва кӯшишҳои минбаъдаи бенатича барои сарнагун намудани сохти Шӯравӣ то охири солҳои 20-ум - иб- тидои солҳои 30-ум ба назар мерасанд. Баъзе аз ин кӯшишҳои ба Дар- воз бевосита алоқадоштаро ёдовар хоҳем шуд.

Барои он, ки хонандаи гиромӣ, аз рафти воқеаҳои минбаъда дуруст- тар воқиф гардад, мо зарур донистем, ки бе тағйироту шарҳи иловагӣ, хотироти чанде аз тарҳрезону иштирокчиёни бевоситаи амалиёти зид- дибосмачиёни минтақаро бозгӯи намоем.

Дар хотироти хеш бо унвони «Исёни Қалъаихумб» фармондеҳи взводи савораи Полки 9-ми тирандоз Шегер Дмитрий Гаврилович, ки дар мубориза зидди дастаҳои босмачиёни Иброҳимбек, Раҳмон Додхоҳ, Ғаюрбек, Афғончаи Калон, Афғончаи Хурд ва ғайра иштирок намудааст, чунин менависад:

«...Дар моҳи ноябри соли 1923 Полки 9-ми тирандози Туркистон дар территорияи Қаротегину Дарвоз меистод, ки ин полк дар деҳаҳо хизмати гарнизониро ба чо меовард. Баталиёни 2-ми полки мо дар деҳаҳои Чилдара, Сағирдашт, Қалъаихумб ва Ванч хизмати гарнизони- ро ичро мекард. Штаби баталиён ва ротаи 4-ум дар Қалъаихумб меи- стоданд.

Тирамоҳи ҳамин сол солдатҳое, ки дар соли 1900-1901 таваллуд ёф- та буданд, аз армия чавоб дода мешуданд. Қариб 60-70 фоизи ҳайати шахсии баталиёни мо низ чавоб дода шуд. Дар айни замон ба Ғарм, ба штаби полки 9-ми тирандози Туркистон барои пурра кардани полк ас- карони сурхи чавон омаданд.

Аз Қалъаихумб бештар аз 100 нафар аскарони Сурх чавоб шуданд. Командири баталиён Бахтадзе ва ичрокунандаи комиссари ҳарбии ба- талиён Ворогушин чавобшудагонро то худи Ғарм гусел карданд. Як

қисми командирон барои қабул кардани аскарони Сурхи чавон бо ҳамроҳии чавобшудагон рафтанд. Дар Қалъаихумб аз ҳайати шахсӣ ҳамагӣ 60 кас монда буд. Ва аз ин қариб 50 фоизашро ҳайати команди- рони миёна ва хурд ташкил медоданд. Романов (командири ротаи 4- ум) муваққатан сардори гарнизон, Хомякин командири взводи пуле- мётчиён роҳбари сиёсӣ таъин карда шуда буданд. Акчурин дар участ- каи Қалъаихумб вакили Дивизияи 3-юми тирандози Туркистон буд.

Дар ин вақт дар территорияи Қаротегину Дарвоз дастаҳои босма- чиёни қурбошӣ Фузайл Махсум, Давлатмандбий, Дониёр курбошӣ, Алӣ қурбошӣ, Эшони Султон амал мекарданд.

Дар гарнизони Қалъаихумб кам мондани аскарони Сурхро фаҳмида, сардорони босмачиён дастаҳои худро дар пунктҳои аҳолинишини бай- ни Қалъаихумбу Ванч ғун кардан гирифтанд.

Тақрибан 15-20 ноябр дар болооби дарёи Панч дастаи 15 нафараи босмачиён ба назар намуд. Барои нест кардани ин даста вакили шӯъбаи махсуси дивизия Акчурин бо ҳамроҳии сардори милитсияи Қалаихумб аз дунболи он баромаданд. Отряд аз 12 нафар иборат буд. Ин гурӯҳ мебоист чои исти босмачиёнро муайян ва онҳоро нест мекард.

Отряди Акчурин дар пунктҳои аҳолинишини дар байни Қалъаихумб ва Ванч воқеъбуда ду рӯз истод. Акчурин дар мактубчаи ба номи Ро- манов навиштааш хабар медод, ки отряди гурӯҳи 13-15 нафараи бос- мачиёнро дар таҳти фармондиҳии Давлатмандбий дидааст ва ин гурӯҳи босмачиён чанг накарда, бо соҳили Панч боло баромада рафтааст ва Акчурин қарор додаст, ки рӯзи дигар ба Қалъаихумб бармегардад. Аммо отряди Акчурин ба Қалъаихумб барнагашт, дар худи ҳамон рӯз отряд аз тарафи босмачиён нобуд карда шуда буд.

Пагоҳӣ босмачиён отряди Акчуринро тирборон карда, гӯё ки ақиб нишаста истода бошанд, бо соҳили дарёи Панч боло баромада рафтанд. Отряди мо онҳоро назорат накарда ва посбонҳоро низ намонд. Дастаи босмачиён тақрибан дар соати яки рӯз, ба назди деҳа баргашта омад. Босмачиён либоси деҳқононро пӯшида, ба даҳ хар ҳезум бор карда, дар таги онҳо аслиҳаро пинҳон намуда, ба деҳа даромаданд, ки дар он чо отряди Акчурин буд. Дар деҳа ба дастаи босмачиён 10-12 нафар ҳамроҳ мешаванд, ки ин одамон ба Ҳокимияти Советӣ зид буданд.

Барои аскарони Сурх хӯрок тайёр мекунанд, вакили деҳа Акчурин ва сардори милитсияро барои хӯрокхӯрӣ ба хоначаи алоҳида таклиф мекунанд. 2 милитсионер ва 12 аскари Сурхро ба болои палосҳои на- зди хонача партофта шинонда, хӯрок медиҳанд. Ҳамаи камонҳои от- рядро дар назди девори хонача мегузоранд, ки дар паҳлуи онҳо, дар болои палосҳо одамон менишастанд. Хӯрокхӯрӣ сар шудан, ҳамоно босмачиёни мусаллаҳшуда ба назди хонача омада, аз девор мегузаранд ва бо ишораи шартӣ якбора аз ақиби хонача, аз ду тараф ҳамла карда, ба аскарони Сурх рӯ ба рӯ омада, тир холӣ кардан мегиранд. Заду хӯрди дастбагиребон сар мешавад. Ҳар дуи милитсионер ва даҳ аскари

Сурх кушта мешаванд. Ду аскари Сурх милтиқҳоро гирифта, шаш бос- мачиро мекушанд. Онҳо аз девор гузашта, тирпаррон карда ба самти Қалъаихумб оқиб менишинанд. Босмачиён аз паси онҳо таъқиб меку- нанд. Дар вақти говгум яке аз аскарони Сурх аз шикамаш тир мехӯрад ва ба худ наомада мемирад. Аскари дуюм милтиқи аскари ҳалокшударо гирифта, ба сӯи Қалъихумб равон мешавад. Дар ҳамин шаб ӯ қариб ба Қалъихумб мерасад. Вале вақте, ки тирҳояш тамом мешаванд, ӯро ҳам босмачиён мекушанд.

Дар баробари нест кардани гурӯҳи аскарони Сурх ва милитсионе- рон, як қисми босмачиён ба хонача ҳамла меоваранд. Лекин Акчурин ва сардори милитсия босмачиёнро бо оташи наганҳо пешвоз мегиранд ва бештар аз як соат худро муҳофизат мекунанд. Вақте ки тирҳои онҳо тамом мешаванд, босмачиён Акчурин ва сардори милитсияро ваҳшиёна кушта, часади онҳоро пора-пора мекунанд.

Баъди ин воқеа унсурони ба Ҳокимияти Советӣ бегона дар пуктҳои аҳолинишин байни Қалъаихумб ва Ванч буда, дастаҳои босмачиён ташкил карданд.

Дар рӯзи сеюми нобуд карда шудани отряди Акчурин аз сардори гарнизон Романов супориш гирифтам, ки бо ҳамроҳии командири взводи пулемётчиён Хомякин дарҳол ба хамон деҳае, ки дар он чо гурӯҳи мо нобуд карда шуда буд, рафта чои исти дастаи босмачиёнро аниқ кунем ва дар кадом шароит нобуд карда шудани дастаи Акчурин- ро бифаҳмем.

Отряди мо, ки аз 30 кас иборат буда, ду пулемёти станокдор (поя- дор. - Ҳ.П.) ва ду пулемёти дастӣ дошт, дар соати шаши бегоҳи ба соҳили Панч ба самти боло нигоҳ карда, ба роҳ даромад. Дар як шаб мо фақат 25-27 км пеш рафтем, зеро роҳ дар бисёр чойҳо вайрон карда шуда буд. Сапедадам босмачиён моро дида монда, аз милтиқҳо тир холӣ кардан гирифтанд. Отряди мо аз пулемётҳо оташи чавобӣ кушо- да, дар теппаҳое, ки нишебиҳои рост фаромадагӣ дошт, хатти мудо- фиаро ишғол намуд.

Отряд нуқтаҳои оташкушо гузошта, худро пинҳон кард ва бо вохӯрӣ бо босмачӣ худро тайёр карда истод.

Қариб 300 нафар босмачиён аз паҳлуи чапи мо давр зада гузаштанӣ шуданд. Бештар аз 2 километр аз мо дуртар, аз болои қаторкӯҳҳо роҳ мерафтанд, ки бо дурбин онҳоро возеҳ дидан мумкин буд. Як қисми босмачиён тақрибан 50-70 кас аз мо ним километр дуртар, дар пояи харсангҳо истода, гоҳ-гоҳ тир мекушоданд. Барои мо вазъияти ноқулае ба амал омад, босмачиён отряди моро иҳота карда гирифта, аз Қалъаихумб бурида гирифтанашон мумкин буд. Бо Хомякин маслиҳат карда, қарор додем, ки чангкунон ба тарафи Қалъаихумб ақиб мени- шинем. Босмачиён отряди моро то худи бегоҳӣ таъқиб намуданд ва фақат 5 километр пештар аз Қалъаихумб таъқибкуниро бас карданд.

Мо аспро аз даст додем, ки лағжида ба дарёи Панч афтид. Як аскари Сурх сабук ярадор шуда буд, мувофиқи маълумотҳое, ки пас аз исёни Қалъаихумб гирифта шуда буданд, отряди мо 3 босмачиро кушта, ҳашт нафарашонро ярадор карда будааст.

То соати 8 бегоҳӣ бе талафот ба Қалъаихумб баргаштем. Аз рӯи маълумотҳои агентурӣ муайян карда шуд, ки баъди ба назди Қалъаихумб омадани дастаи босмачиёни Эшони Султон онҳо ният доштаанд, ба гарнизон ногаҳон ҳамла оварда, онро муҳосира ва дар зарфи як-ду рӯз нобуд кунанд. Баъд онҳо ротаҳои аскарони пиёдаи гарнизонҳои Ванч ва Сағирдаштро нобуд карданӣ будаанд. Ду рӯзи тамом гарнизони Қалъаихумб дар деворҳо тиркаш - камингоҳҳо барои пулемётҳо ва ғайра месохт. Мо дар паси деворҳои сангин чор тӯпи сад- дюма гузоштем.

Рӯзи дуйюм пас аз баргаштани мо аз амалиёт тақрибан дар соати 10- и пагоҳӣ босмачиён дар болои харсангҳо, дар наздикии Қалъаихумб мустаҳкам чойгир шуда, ба сӯи казармаҳо ва батарея оташи сахт кушо- данд. Ғайр аз ин аз болои кӯҳ ба сӯи мо сангҳоро ҳам ғелонданд, ки сангҳои аз болои кӯҳ ғелондаашон селобаи сангҳоро ҳамроҳи худ ги- рифта мефарояд ва онҳо тӯпҳоро аз кор мебароранд. Вале онҳо хато карданд, сангҳо ба девор қариб тамоман намерасиданд. Тӯпҳои мо мавқеъҳои босмачиёнро ба зери оташ гирифтанд, ҳама ҳафт пулемёт ҳам тирпаррониро сар кард. Босмачиён тирпаррониро бас карда, дар ақиби харсангҳо пинҳон шуданд.

Тақрибан соати 4-и рӯз босмачиён аз сари нав аз милтиқҳо оташи сахт кушода, ба сӯи батарея сангҳоро ғелондан гирифтанд. Баъд онҳо бо мақсади якбора ҳамла оварда забт намудани мавқеи мо дар самти чанубӣ-шарқӣ чамъ омадан гирифтанд. Пас аз як соат босмачиён ба боғ ҳучум сар карданд. Ба баъзе босмачиён муяссар шуд, ки ҳатто то деворҳо наздик ҳам оянд. Аммо душман ба оташи ду пулемёт ва карте- чи ду тӯп дучор гардид ва талафоти калон дода, ба мавқеи аввалаат ақиб нишаст. Гурӯҳи 18-20 нафараи босмачиён, ки ба тарафи боғ зада даромада буд, комилан қир карда шуд. Баъд аз ҳамин воқеа дар давоми
7 рӯзи ояндаи муҳосира, босмачиён дигар ҳучум накарданд. Гарнизон- ро иҳота карда, онҳо ба хатти мудофиаи мо гоҳ-гоҳ тир холӣ мекар- данд. Пагоҳии рузи 7-ми муҳосира мо овози тирҳои тӯпро шунидем: овози милтиқу пелемётҳо шунида мешуданд - маълум шуд, ки қисмҳои полки 7-уми Дивизияи 3-юми тирандозии Туркистон ба ёрии мо омада истодаанд. Рӯзи 8-ум қисмҳои полки 9-ум ва 7-уми тирандозӣ ба Қалъаихумб даромаданд. Вохӯрӣ бо қисмҳои омадагӣ хеле хурсан-диовар буд. Маълум шуд, ки аскарони Сурхи аз гарнизони мо рафтагӣ, иҳота карда шудани Қалъаихумбро фаҳмида ихтиёран баргаштаанд, то ки гарнизони мо аз муҳосира халос карда шавад. Пас аз 5 рӯз мо онҳоро боз ба Ғарм гусел кардем. Ба ман ва Хомякин супориш доданд,

ки чавобшудагонро то ба Ғарм гусел кунем. Баъд аскарони Сурх ба Душанбе рафтанд, ман ва Хомякин дар мактаби назди полки Ғарм ба муддати се моҳ инструктор шуда мондем.

Дар чангҳои назди Қалъаихумб ва байни Қалъаихумбу Ванч, дар ағбаҳои кӯҳии Тавилдара ва Сағирдашт бештар аз 270 босмачӣ кушта, қариб 400 нафарашон ярадор карда шуданд. Дар исёни контрреволютсионӣ ҳамагӣ зиёда аз 3 000 нафар босмачиён иштирок карда буданд. Пас аз торумор карда шудани ин исёни зиддиинқилобӣ дар Қаротегиру Дарвоз дастаҳои калони босмачиён намонданд.

Дар кори торумор кардани исёни Қалаихумб аҳолии камбағали маҳаллӣ, инчунин, Комитети револютсионии маҳаллии Қалъаихумб ёрии калон расонданд. Раиси Комитети револютсионӣ як дақиқа ҳам аз гарнизон дур намерафт. Пас аз Қалъахумбро иҳота кардани босмачиён ӯ ба воситаи хаткашонҳо ба Тавилдара, Ғарм, Хоруғ, Ховалинг ба тезӣ хабар расонд...»[41]

Гуфтаҳои болоро боз як маълумоти дигар - хотираҳои яке аз инқилобчиёни фаъоли Помир Азизбек Наврӯзбеков, ки онҳоро А. Дё- мочкин сабт намудааст, то андозае пурра мегардонанд. Дар онҳо аз чумла омадааст: «Тирамоҳи соли 1923 дастаи Диловаршо, ки аз тарафи аскарони Сурх думболагирӣ мешуд, ба воситаи ағбаи Сағирдашт ба Қалъаихумб ворид гашта, дар он чо аз наздик омадани аскарони Сурх огоҳ шуда, ба тарафи Ванч ҳаракат намуд. У барои аз ин дунболагирӣ раҳо ёфтан яке аз оврингҳои мушкилгузарро вайрон карда, роҳи таъқибкунандагонро баст. Аскарони Сурх ноилоч ба Қалъаихумб бар- гаштанд. Ин Диловаршоро рӯҳбаланд карда, амали зиддиинқилобиро тавонист то андозае фаъолтар кунад. Дастаи ӯ ба Ванч омада ба ғорату куштори мардум даст зад. Инро шунида, сардори полки сарҳадчиёни Хоруғ Иван Иванович Кузнетсов нест кардани ин дастаро ба зиммаи худ гирифт. Отряди савораи Кузнетсов, ки ба он Азизбек Наврӯзбеков роҳбаладӣ мекард, баъди паси сар намудани роҳи мушкилгузари Хоруғ

- Ванч ба маркази тумони Ванч наздик шуданд.

Кузнетсов қарор дод, ки аз ақиб гузашта ба Диловаршо ногаҳон зар- ба занад. Ҳамин тариқ, дар торикии шаб ба муқобили мачрои дарёи Панч, ки тирамоҳ камоб мешавад аз ақиби дастаи бо фароғат хобраф- таи Диловаршо гузашта, мавқеи қулайро ишғол карда, мили пулемётҳоро ба сӯи мавқеи босмачиён рост намуданд. Ҳоло субҳ на- дамида садои милтиқу пулемёт баланд шуд. Босмачиёни ба воҳима аф- тодаи қурбошӣ Диловаршо талафоти калон дода, ба тарафи Водхуд гу- рехтанд. Қалъаи Ванч озод карда шуд. Кузнетсов Диловаршоро то Даштак дунболагирӣ намуда, ба ӯ хеле наздик расида буд, Акнун бояд намегузошт, ки ӯ ба соҳили Афғонистон гузарад. Вале ҳамин, ки аспи тездави Кузнетсов ба масофаи тири туфанги (маузер) худ наздик шуда, барои тир кушодан нишон гирифт, кадоме аз босмачиёни дар паси сан-

ге камин гирифта, ба сӯяш тир кушода ӯро аз зин афтонд. Ҳамин тариқ ба Диловаршо муяссар гардид, ки бо дастаи хурду харобшудаи худ ба Афғонистон гузарад. Кузнетсови ярадоршуда, баъди чанде ба худ омад. Отряди аскарони Сурх ба Хоруғ баргашт»[42].

Бояд қайд кард, ки нисбати тамоман торумор шудану ба ҳалокат расидани Диловаршо дар адабиёти илмӣ баъзе фикрҳои мухталиф ба назар мерасад. Масалан, аз чӣ бошад, ки М. Назаршоев санади шика- сти дастаҳои бародарон Диловаршо ва Ғайратшоро соли 1929 нишон додааст[43]. Шояд олим дар ин хулосаи хеш ба ёддошти дар боло қайд шудаи Азизбек Наврӯзбеков, ки онро А. Дёмочкин рӯи қоғаз оварда- аст, такя карда бошад. Дар китоби «Очерки таърихи Точикистони Шӯравӣ» дар ин бора омадааст: «Дастаҳои босмачии аз Ғарм ронда шудаи Фузайл Махсум ва худи он дар Дарвоз панаҳ ёфтанд. Вале дар заду хӯрдҳо бо қисмҳои Артиши Сурх, ки 11 август (1923. - Ҳ.П.) маркази Дарвоз - Қалъаихумбро ишғол карда буданд, шикаст хӯрда ба Афғонистон гурехт. Дигар сарвари босмачиҳо, беки собиқи Дарвоз Диловаршо кушта шуд.

Ғарм ва Қалъаихумб, ки мувақатан аз тарафи босмачиён ишғол кар- да шуда буданд, аз нав Шӯравӣ гаштанд. Ҳамин тариқ, тобистони соли 1923 дар кори торумор намудани босмачиён дар Точикистон муваффақияти калон ба даст дароварда шуд»[44].

Тадқиқотчии ғалабаи Ҳокимияти Шӯравӣ дар Қаротегину Дарвоз Ш. Исмоилов доири шикасти Диловаршо овардааст, ки «дар моҳҳои июл ва август дастаҳои босмачигарии Фузайл Махсум, Ғайратшо, Ди- ловаршо ва ғайра бомуваффақият аз байн бурда шуданд»[45]. Ин хулоса дар охирин асари тадқиқотии академикӣ - «Таърихи халқи точик» низ тасдиқи худро ёфтааст. Мувофиқи он Диловаршо баъди шикаст хӯрдан дар Қалъаихумб, бо боқимондаҳои дастаи хеш ба Ванч рафта, дар роҳ, дар наздикии Кеврон яке аз оврингҳоро тарконда, хост пеши роҳи ас- карони Сурхро бандад. «Он вақт вазифаи тамоман аз байн бурдани босмачиёнро дар Ванч сардори полки сарҳадӣ дар Помир И.И. Кузнет- сов ба зимаи худ гирифт. Ба воситаи пайроҳаҳои кӯҳӣ ҳаракат намуда, отряди ӯ ба водии Ванч расид. Бо ҳамлаи ногаҳонии худ ба босмачиёни дар ғафлатмонда ҳучум карда, шикасти қатъӣ дод, чанде чон ба сало- мат бурда, ба Афғонистон фирор намуданд. Дар ин задухӯрд Дило- варшо низ ба ҳалокат расид»[46].

Гуфтаҳои боло дар соли 1923 ба ҳалокат расидани Диловаршо ва Ғайратшоро собит месозанд. Боз ҳаминро илова кардан лозим меояд, ки аз рӯи ёддошти баъзе аз солхӯрдагони деҳаи Водхуди ноҳияи Ванч (Пирумшо Роҳатови 92 сола ва дигарон) Ғайратшо дар ағбаи Узбай, Диловаршо дар назди овринги Каведаи Даштаки деҳшӯрои Водхуд тир хӯрда ҳалок шуданд ва часадашонро дар дарёи Панч партофтаанд.

Мавриди қайд аст, ки босмачигарӣ дар Бухорои Шарқӣ дар се марҳалаи асосӣ гузаштааст: 1) аз тирамоҳи соли 1921 то миёнаи соли

1923, давраи авчи ин ҳаракати аксулинқилобӣ, ки ба он асосан намоян- дагони мочарочӯи хоричӣ роҳбарӣ мекарданд; 2) аз нимаи дуюми соли
1923 то охири соли 1924 - давраи таназзули босмачигарӣ ва анчоми чанги шаҳрвандӣ (гражданӣ) дар Точикистон; 3) аз соли 1925 то миёнаҳои соли 1926 - давраи тамоман торумор шудани дастаҳои босмачигарӣ. Кӯшиши нави босмачиён барои аз нав сар кардани ама- лиёти босмачигарӣ солҳои 1929-1930 ба сабаби тамоман решакан на- мудани амалиёти номатлуби босмачигарӣ дар Точикистон гардид (дар ин мавзӯъ поёнтар сухан меравад). Бояд қайд кард, ки дар ҳамаи ин давраҳо Дарвоз яке аз нуқтаҳои марказии амалиёти чангии байни дастаҳои босмачиён ва аскарони Сурх қарор дошт.

Баъди пурра шикаст хӯрдани дастаҳои яроқноки босмачиён дар пе- ши Ҳокимияти Шӯроҳо вазифа меистод, ки сохтори идоракуниро пурқуввату хочагии дар солҳои муқовимати сиёсию ҳарбӣ харобшуда- ро аз нав барқарор намояд.

Бисёр заминҳои корами ҳосилхез аз бесоҳибӣ аз коркард берун мон- данд. Аз рӯи маълумоти нопурра фақат дар қисми Бухорои Шарқӣ аз аҳолӣ барои амири гурезаи дар Афғонистон паноҳ бурда, 3 млн пули тилло чамъ карда фиристода шудааст. Дар муқоиса бо рақамҳои соли
1919 соли 1925 саршумори чорво дар Бухорои Шарқӣ ба чунин миқдор кам шуд: асп - ба 48 937 сар, гов - ба 10000 сар, гӯсфанд - ба 4 880 000 сар, буз - ба 2 200 000. Аз рӯи маълумоти мавчуда, фақат дар ноҳияи Қӯрғонтеппа аз 36 деҳаи 3 500 хочагӣ дошта, фақат 5 деҳа бо 450 хочагӣ, дар Сарои Камар аз 60 деҳа 37-то тамоман холӣ шуданд. Чунин ҳолат дар дигар вилояту тумон ва кентҳо низ ба мушоҳида мерасиданд. Майдони кишт дар Точикистон (бе округи Хучанд) соли 1925 дар нис- бати соли 1914 ба чунин фоиз поён рафта буд: замини умумии кишт - 46,12%, замини лалмӣ - 71,48%, замини обӣ - 21,23%, истеҳсоли ган- дум - 51,8%, пахта - 50,2%; саршумори умумии чорво - 52, 1%-ро ташкил мекард[47]. Аз рӯи маълумоти мавчуда фақат дар Қаротегину Дарвоз босмачиён аз аҳолии маҳаллӣ қариб 40 000 чорвои калону хурд, аз чумла 3 000 аспро зӯран кашида гирифта буданд, садҳо хочагиҳо ғорат шудаву хонаҳо валангору ба коми оташ афтоданд, босмачиён қариб 2 000 одамро ба ҳалокат расонданд, майдони кишт, алалхусус аз ҳисоби заминҳои обӣ хеле кам, иншоотҳои обёрикунанда хароб шуда буданд[48]. Албатта, кам набуданд, онҳое, ки бе гуноҳ ба босмачигарӣ айбдору ба қатл расонда шуда буданд.

Ҳамаи ин харобиҳоро дар кӯтоҳтарин замон аз нав барқарор наму- дану барои пешравии иқтисодию ичтимоӣ заминаи мусоид фароҳам овардан лозим буд. Бояд қайд кард, ки Ҳокимияти Шӯроҳо ҳатто дар давраи авчи баланди чанги шаҳрвандӣ аз камтарин имкониятҳо исти- фода бурда, фаъолияти бунёдкорӣ ба харч медод.

Баъди ба мачрои осошта даромадани ҳаёт, Ҳокимияти Шуравӣ им- кон пайдо кард, ки низоми дар давраи босмачигарӣ канда шудаи со-

хтори маъмурии навро аз нав барқарор намояд. Дар маҳалҳо барои ишғоли вазифаҳои масъули маъмурӣ интихобот гузаронда шуд. Дар вилояти Ғарм, ки тумони Дарвоз (Қалъаихумб) ба он шомил буд, низ аз сардорони деҳа сар карда, то Кумитаи инқилобии вилоят интихоб шу- данд. Раванди интихобот ин тавр сурат гирифт: аввал дар маҷлиси деҳқонони деҳа, сардори деҳа ва намояндагони барои интихоботи маҷлиси кентӣ интихоб мешуданд. Дар ин зинаи номбурдаи маҷлис раисони кумитаҳои иҷроияи кентӣ (кентисполком) ва вакилони маҷлиси тумонҳоро интихоб мекарданд. Ҳамин тариқ, Кумитаи иҷроияи тумон ва интихобкунандагони (вакилони) Кумитаҳои иҷроияи вилояти ва вакилони анҷумани умумибухороии Шӯроҳо интихоб ме- шуданд.

Баъди гузаштани интихоботи вазифадорӣ дар сохтори идоракунии маҳаллӣ фаъолияти Кумитаи иҷроияи вилояти Ғарм ба маротиб беҳтар гардид. Дар қарори Комиссияи диктаторӣ аз 28 январи соли 1924, ки аз рӯи маърӯзаи раиси Кумитаи иҷроияи вилояти Ғарм Нусратулло Мах- сум ва намояндагони Шӯрои ҳарбӣ-инқилобии Бухорои Шарқӣ Ефи- менко тартиб ёфта буд, гуфта шудааст, ки «Комиссияи диктаторӣ бо қаноатмандӣ ба кори Кумитаи иҷроияи вилояти Ғарм баҳои баланд медиҳад»[49].

Дар баробари ба маҷрои доимии созандагӣ гузаштани фаъолияти меҳнаткашони минтақаи Бухорои Шарқӣ ва аз байн рафтани хавфи ҷиддии хурӯҷи душманони дохилӣ ва хориҷии Ҳокимияти Шӯроҳои маҳаллӣ, ҳамчунин болоравии фаъолияти сиёсии деҳқонон, моҳи июли соли 1924 Кумитаи Иҷроияи Марказӣ бо қарори Комиссияи фавқ- улъоддаи диктаторӣ кори худро қатъ намуда, ба ҷои он муваққатан Кумитаи марказии Иҷроияи Бухорои Шарқӣ ташкил дода шуд.

Тобистони соли 1924 интихоботи шӯроҳои маҳаллӣ бо рӯҳбаландии якдилонаи тамоми меҳнаткашон гузашт. Аксари раисони Кумитаҳои иҷроияи кентӣ ва деҳшӯроҳои интихобшуда, намояндагони деҳқонони маҳаллӣ буданд.

Ҳамин тариқ, баъди ғалабаи Ҳокимияти Шӯравӣ, мувофиқи тақсимоти нави маъмурӣ, дар ҳудуди бекигариҳои собиқи Қаротегин ва Дарвоз вилояти Ғарм таъсис ёфт, ки он дар навбати худ ба тумону кентҳо ҷудо мешуд. Соли 1924 мувофиқи ин тақсимоти маъмурӣ ви- лояти Ғарм чунин тумонҳоро дар бар мегирифт: Ғарм, Қалъаихумб, Ҷиргатол, Қалъаи Лабиоб, Оби Гарм, Ҳоит. Соли 1925, баъди гузашта- ни Тақсимоти ҳудудии миллӣ, вилояти Ғарм дар ҳайати чунин тумонҳо вуҷуд дошт: Ванч, Ғарм, Дарвоз, Ҷиргатол, Қалъаи Лабиоб, Қалъаи Ҳоит, Оби Гарм. Аз рӯи маълумоти расмии моҳи апрели соли 1927 дар тумонҳои ин вилоят баъзе тағйирот ба амал омада буд ва дар ҳайати чунин тумонҳо қарор дошт: Ғарм, Ҷиргатол, Қалъаихумб, Оби Гарм, Тавилдара, Ҳоит. Баъди ба ҷои тумонҳо таъсис ёфтани ноҳияҳо

(районҳо) ва вилояти Ғармро ба округ табдил додан, дар ҳайаташ чу- нин ноҳияҳо расман шомил буданд: Ғарм, Ҷиргатол, Қалъаихумб, Та- вилдара ва Ҳоит[50]. Аз ин маълумот бармеояд, ки мувофиқи тақсимотҳои маъмурии замони Шӯравӣ ҳудуди қадимӣ ё классикии шоҳигарии Дарвоз ва бекигарии замони аморати Манғития батамом шикаста шуда, ба тумону кентҳои чудогонаи ишорашуда дар ҳайати вилояту округи Ғарм чун як воҳидӣ маъмурӣ - тумон ва сипас ноҳия (район) нигоҳ дошта шудааст.

Аз диди мо чунин амал аз анъанаҳои давлатдорию маъмурии дар тӯли қарнҳо ташаккул ёфта сарфи назар кардан буд, ки ҳамбастагию пешравии иқтисодии ин диёрро то андозае халалдор кард. Дар ягон шакли дигар («музофот», «диёр», «ҳавза» ва ғайра) номгузорӣ карда, ҳудуди таърихӣ ва анъанавиро нигоҳ доштан шояд ба мақсад мувофиқтар буд. Дар бораи тағйиротҳои маъмурии минбаъда, вобаста ба шарҳи раванди таърихи навтарини Дарвоз хонанда шиносоии амиқ пайдо хоҳад кард.

Акнун чунин ба назар мерасид, ки мачрои ҳаёти осоиштаи заҳматкашонро чизе халалдор карда наметавонад. Мардум барои барқарор намудани оқибатҳои чанги шаҳрвандӣ талош меварзиданд. Дигагунсозиҳои Ҳукумати Шӯравӣ дар оғоз халқро рӯҳбаланд мекард. Қурултои умумибухороии Шӯрои намояндагони халқ ба дастовардҳои баъдиинқилобӣ такя карда, бо қарори худ номи Ҷумҳурии Халқии Шӯрави Бухороро ба Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Бухоро иваз намуд.

Агарчи баъзан сарҳадвайронкуниҳою қасосгириҳои дастаҳои босма- чиёни, ки дар хорича паноҳ ёфта буданд, фазои осоиштаро халалдор мекарданд (аз рафти кӯшишҳои бевосита ба Дарвоз алокаманд баъдан ёдовар хоҳем шуд), вале мачрои осоиштагӣ ва саъйи созандагии халқ аз хотима ёфтани чанги шаҳрвандӣ шаҳодат медод.

Пеш аз он ки ба идомаи рӯйдоди баъзе воқеаҳои назаррас ва рафти дигаргунсозиҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва ичтимоию фарҳангӣ шурӯъ намо- ем, мехостем, ба таври хеле фишурда, нуқтаи назари хешро нисбати қонунмандии воқеаҳои ибтидои асри XX, алалхусус ғалабаи инқилобу чанги шаҳрвандии (граждан̣ӣ) баъди инқилобро изҳор намоем. Чунин зарурат аз ин тақозо мешавад, ки нисбати чараёни чунбишҳои халқӣ, ғалабаи инқилоб, чанги шаҳрвандии солҳои 20-ум дар қаламрави Точикистон аз тарафи баъзе «муаррихон»-и таърихбехабар кӯшиши диди ноқиси худро ба хонанда бор кардан ба назар мерасад.

Камина, назари хешро рочеъ ба ин мавзӯъ дар чанде аз навиштаҳоям (аз чумла дар китобҳои «Ҷовидон дар ёдҳо» (Душанбе, 2000. - С.93- 103), «Ванч». (М., 2004. - С.71-77) баён кардаам, вале ба сабаби ба доираи васеи хонандагон дастрас набудани онҳо зарурати такрори фи- шурдаи ин хулосаҳоро ба мақсад мувофиқ медонам.

Маълум аст, ки илми таърих, гарчи ба қатори илмҳои чамъиятӣ до- хил мешавад, вале илми дақиқ аст. Дақиқиаш на он чост, ки асосашро солу моҳу дигар санадҳои муҳимми таърихии дар доираи замону макон амиқан ба вуқӯъ пайваста ташкил медиҳанд ва ин падидаҳо дар саҳифаҳои он бардавом ва бетағйир мемонанд. Инҳо як ҳиссаи дақиқ будани таърих мебошанд. Асоси илми таърихро дуруст ва воқеан дақиқ ба таври илмӣ шарҳ додани қонунияти падидаҳо ё воқеаҳои таърихӣ ташкил медиҳад. Дуруст кушодану боз намудани чигили воқеаҳо бошад, ба таҳлили куллӣ ё комплексии ҳодисаҳои таърихӣ во- баста аст. Маҳз гузоришу таҳлили комплексӣ имкон медиҳад, ки зами- наю сабабҳо ва ҳамбастагии тасалсули воқеъот, зарурати дар ин ё он давраи таърихӣ амри воқеъ гаштани онҳо амиқан муайян карда шавад. Ҳамаи ин бидуни мусаллаҳ будани таърихнигор бо усулу методологи- яи мавзун, дарки материалистии раванди таърих даст намедиҳад. Ва- зифаи таърихнавис низ дар асоси принсипи олии барои олими асил за- рур - ҳақиқатнигории комил - историзм, амиқ, беолоиш, бетаҳрифу бемуҳобот, бе санохонии аз ҳад зиёд ё қасдан баҳои сазовор надодан ба ин ё он воқеаи таърихӣ, бе пурра ба шахсияти дилхоҳ вобаста кардану ба талаботи сиёсӣ мувофиқ сохтани он ва дигар муносибатҳое, ки ҳақиқату дақиқии таърихро халалдор менамоянд, ба таҳлилу тадқиқ ва таҳқиқи воқеъияти таърихӣ сару кор доштан аст. Таърихнавис бояд до- вари ҳақчӯю ҳақгӯ бошад. Маҳз ҳамин тасвири ҳақиқию роҳи дурусти шарҳи воқеаҳои таърихиро таъмин карда метавонад.

Аз тарафи дигар, илми таърих ҳам монанди илмҳои дигар дар як зи- на шах шуда намемонад. Вай дар ҳаракат аст, вобаста ба талаби замон ва мачрои ба ҳаёти чомеа чавобгӯ пеш меравад. Дар асоси далелу маъхазҳои нав назар ва хулосаҳои пешина тағйир меёбанд. Илми таърихшиносӣ ва таърихнигорӣ аз талаботи идеологии замон ба пуррагӣ сарфи назар карда наметавонад. Ҳамаи ин тағйироту муноси- бат ва талаботро нисбати илми таърих ва сабақҳои таърихӣ дар ин ди- гаргуншавию «дигаргунсозиҳо»-и солҳои 90-ми (алалхусус нимаи ава- ли он) асри гузашта пурра эҳсос намудем.

Аз оғози даргириҳои сиёсӣ, бозиҳои сабукфикронаи демократӣ, ҳаракатҳои ғаразноки дарёфти «ҳақиқати таърихӣ», аз як тараф ба арзишҳои бадастомадаи ин раванди илмӣ таъсири манфӣ расонда бо- шанд, аз тарафи дигар, принсипи озодфикрӣ, гуногунаандешӣ ба оли- мони асил имкон дод, ки дар асоси муносибати воқеъбинона нисбати омӯзиши таърих ба дастовардҳои хеле назаррас ноил гарданд. Бесабаб нест, ки маҳз дар ин давра, таърихшиносӣ ва таърихнигории точик ба зинаи хеле баланди худ, ба дарки шартҳои (принсипи) ҳақиқатнигории воқеии таърихӣ - историзм расид.

Вале дар баробари ин чунин «тафтишотчиён»-и воқеаҳои таърихӣ ва «муайянкунандагон»-и дарачаи омӯзиши онҳо, алалхусус даврони

Шӯравӣ пайдо шуданд, ки ба ҳамаи воқеоти ин ин давра (аниқтараш ҳуснашро дидан намехостанд) тангназарона ва муғризона менигаранд. Ҳатто назарҳое ҳам пайдо шуданд, ки гӯё дар замони Шӯравӣ чанги шаҳрвандии (гражданӣ) солҳои 20-уми асри XX таҳлили воқеӣ наёфта- аст. Инчунин, назарҳое ҳам пайдо шудаанд, ки иртиботи ин воқеаҳоро ба чанги гражданӣ зери шубҳа мегиранд. Гузашта аз ин, саволе гузош- таниананд, ки оё воқеаҳои фочиавии дар он замон рух дода ба мафҳум ё худ падидаи «чанги гражданӣ» чавобгӯ ҳастанд ё не? Ҳатто баъзан зӯр зада амали ғоратгаронаю ваҳшиёнаи босмачиёнро чун ҳаракати «миллӣ-озодихоҳӣ» исбот карданӣ ҳам мешаванд. Масалан, Абдуқодир Холиқзода, ки худро «олим - таърихчии касбӣ» муаррифӣ мекард, баъди чандин «далелҳои шаръӣ» хулосаи худро чунин оварда- аст: «...Бинобар мо ҳақ дорем, ки ин хатои муҳаққиқонро ислоҳ созем ва ба чои истилоҳҳои таҳқиромези «босмачӣ» ва «босмачигарӣ», «мучоҳид» ва ҳаракати «миллӣ-озодихоҳӣ»-ро ба кор барем. Ҳаракати миллӣ-озодихоҳӣ баъди аз тарафи болшевикон ғасб намуда- ни Бухоро ва дар он чо арзи вучуд намудани ҳукумати лӯхтакмонанди бо истилоҳ «халқӣ» чашми мардуми сарзамини Осиёи Миёнаро ба- раъло кушод. Онҳо аз нияти разилонаю маккоронаи болшевикон, ки дар зери пардаи суханони ширини «озодию истиқлолият» пинҳон бу- данд, огоҳӣ пайдо намуданд ва дар ҳақиқат дарк намуданд, ки истиқлолият, дин ва фарҳангашон ба нобудӣ хоҳад расид. Ин бологи- рии худшиносию ғурури миллии мардуми ин сарзамин буд»[51].

Ин гуфтаҳо аз маҳдудияти касбии ин «олим» дарак медиҳанд. У ху- даш сарфаҳм нарафтааст, ки «болоравии худшиносию ғурури миллии мардуми ин сарзамин гуфта» тамоми Осиёи Миёнаро дар назар дорад ва бо ин фаҳмиш маҳз нақшаю мароми пантуркизмро тарғиб мекунад. Агар мақсадаш аморати Бухороро ҳифз кардан бошад, пас ҳанӯз ба он сарфаҳм нарафтааст, ки он давлати точикон набуд. У бо тамоми ҳастӣ зӯр мезанад исбот намояд, ки фаъолияти Анварпошо, Салимпошо, Иброҳимбек, Кӯри Шермат ва дигар дасисабозони гузарову тахтхоҳро чун «ҳаракати миллӣ-озодихоҳӣ» ба хонанда муаррифӣ намояд. Аз мантиқи гуфтаҳояш бармеояд, ки ӯ ҳанӯз ба мафҳумҳои «миллат»-у «худшиносии миллӣ» сарфаҳм намеравад. Пас чӣ чои аз боби ҳаракати миллӣ-озодихоҳӣ ҳарф задани ӯ ва чунин муаллифон. Бо ҳамин маънӣ ва аз он ақидаи тамоман ғалатарро журналистон Х.Атовулло, М.Нозимова, А. Шерхонов аз Маркази тадқиқоти журналистии Точикистон пешниҳод кардаанд. Ба фикри онҳо «дар Точикистон, ки нируҳои болшевикӣ бо тиру туфанг ин сарзаминро забт карда, сабаб- гори аслии аз шаҳр - пойтахтҳои хеш - Самарқанду Бухоро бенасиб мондани точикон гардиданд, то ҳол бинобар дар улуми таъриху сиёсат мавқеи мустаҳкам доштани коммунистони имрӯзу дирӯз, перомуни ҳаракатҳои озодихоҳона алайҳи сурхҳо, хомӯшии сарде ҳукмфармост.

Баъзеҳо дар ин назаранд, ки сабабгори аслии ин, шиори ҳаракатҳои озодихоҳонаи ҳаракати муқовимати солҳои бисту сӣ аст, ки дар таърихнигории шӯравӣ чун «ҳаракати босмачигарӣ» муаррифӣ меша- вад. Ҳаракати ба истилоҳ «босмачигарӣ», зери шиори «талош барои арзишҳои исломӣ», «ҳифзи ислом», «мубориза барои ислом» сурат ги- рифта буд ва чун дар давоми солҳои охир дар сиёсати чаҳони абарқудратон ба он талош доранд, ки терроризм ва исломро чун ҳаммаъно муаррифӣ намоянд, пуштибонӣ аз размандагони роҳи озоди- ро ҳам шояд то як андоза пуштибонӣ аз ҳаракатҳои террористӣ талаққӣ созанд». Муаллифон бо як ифтихор аз он ёдовар мешаванд, ки гӯё аз тарафи собиқ қозии чумҳурӣ Тӯрачонзода ва яке аз пайравони ақидавии ӯ Ҳимматзода талош барои ҳақиқати таърихӣ, яъне чун «ҳифзи Ватан аз истилои бегона» муаррифӣ кардани ҳаракати бо истилоҳ «босмачигарӣ» хеле тавсияи неку лоиқи дастгирӣ буд, вале он ба «вокуниши сахти таърихнигорони коммунисти точик рӯ ба рӯ шуд»[52]. Азбаски худи ҳамин навиштаҳо аз доираи танги дарки воқеияти таърихии ин муаллифон дарак медиҳанд ва ин масъала то ан- дозае дар китоб шарҳи худро ёфтааст, аз таҳлили ақидаи онҳо худдорӣ намудан авлотар аст. Модоме аз ихтилофи назар сухан меравад, лозим меояд то андозае аз «қаҳрамони миллӣ» сохтани яке аз амалдорони маҳаллӣ - Фузайл Махсум, ки ба муқобили сохтмони чомеаи нав ша- дидан мубориза бурдааст, такроран ёдовар шуд. Зарурати ба фаъолия- ти аксулинқилобии ӯ бештар таваққуф кардан аз он бармеояд, ки дар мисоли ин шахсият баъзе аз муаллифон муборизи шадиди «миллӣ- озодихоҳӣ»-и точиконро нишон доданӣ мешаванд. Бояд қайд кард, ки дар байни сарварони дастаҳо ва тамоми размандагони аксулинқилобӣ мавқеи ҳалкунандаро намояндагони қабилаҳои кӯчӣ ва муқимии ғайри точик ишғол мекарданд. Фузайл Махсум, инчунин, боз чанд нафаре, аз қабили Эшони Султон, Ғайратшо, Диловаршо ва дигар точикон дар ин муқовимати сиёсӣ ва ҳарбӣ мавқеи нисбатан назаррасеро соҳиб шудан наметавонистанд. Аз тарафи дигар, дар бораи худшиносии миллии онҳо чои баҳс ҳам нест. Модоме худи точикон дар он вақт ҳоло чун миллият ташаккул наёфта буданду ҳатто давлати худро надоштанд ва аввалин нишонаҳои эҳёи давлатдории худро акнун пайдо мекарданд, пас аз кадом муборизаи миллӣ-озодихоҳиву ҳифзи давлат сухан мера- вад. Аз тарафи дигар, ҳадафу кӯшиши ин «муборизони роҳи озодӣ» яқинан ҳифзи манфиати халқи заҳматкаш набуд. Ин ҳақиқат дар фаъо- лияти худи Фузайл Махсум бараъло мушоҳида мешавад. Барои бештар дарк намудани ин ҳақиқат, ба навиштаҳои муаллифе, ки тавсифи чу- нин «қаҳрамони миллат»-ро ба авчи арш расондааст, диққат додан ло- зим меояд.

«Асри бист, - менависад собиқ корманди сатҳи баланди ноҳиявии қизби коммунист ва феълан «тадқиқгари таърих» Н. Наботов, - дар са-

росари чаҳон, бахусус Русия бо чунбишҳои сиёсӣ ва шӯришҳои халқӣ оғоз ёфт ва ин чунбишҳо ва нооромиҳо кишвари Точикистонро дар ка- нор намонд. 21 феврали соли 1921 отрядҳои армияи сурх бо як чаҳиш ба Душанбе дохил шуда, ҳукумати болшевиконро таъсис доданд. Фур- сате нагузашта отряди аскарони сурх бе пешниҳоди ягон намуди со- зишнома ва бе эъломия ба ноҳияҳои гирду атроф лашкар кашида, чони садҳо одамонро қурбон карданд, то сохтори шӯроро анчом диҳанд. Фузайл Махсум, ки амири кишвари Қаротегин буд, барои ҳифзи нангу номуси салтанат ва хоки ачдодони худ ба майдони ҳарбу зарб баро- мад»[53].

Пеш аз он ки ба таҳлили мадҳияи муаллиф гузарем, лозим меояд то бо иқтибоси нисбатан тӯлоние боз чанде аз навиштаҳояшро дар ин боб манзури хонанда гардонем. У менигорад: «Фузайл соли 1886-ум дар деҳаи Метаниёни ноҳияи Қалъаи Лаби об (ҳозира Точикобод) дар ои- лаи марди миёнаҳол чашм ба дунё кушод... Фузайл чавони бақувват, чашмони сиёҳ, абрувони хамидаи ғафс, сафедпӯст, риши сип-сиёҳ, дасту бозуи пурзӯр, синаи паҳн, чанголҳои уқобмонанд дошт. Дар гӯштингирӣ ва бузкашӣ иштирок карда доим ғолиб мебаромадааст. Соли 1907 ба Намангон ва Фарғона рафта, дар заводи пахта кор ме- кард. Ҳамин ки коркарди пахта ба охир мерасид, бо корвони зиёди ас- пу уштур, бо матоъҳои пахтагӣ, чит, сатин, сон зарфҳои кулолӣ, дегу чойнак ва дигар асбобҳои рӯзғор бор карда ба Афғонистон мерафтанд. Дар савдогарӣ ҳунари хубе дошт. Дар бозгашт чизҳои қимматбаҳо оварда, дар бозорҳои Тошканду Бухорову Самарқанд мефурӯхтанд. Зиндагии орому осуда ба сар мебурданд. Шӯҳрату шаҳомати Фузайл дар Намангону Фарғона тез паҳн мегардад ва ин овозаҳо то кишвари Қаротегин мерасанд.

Мири Ғарм - Абдулмӯъмин бисёр вақти худро дар қалъаи Лаби об мегузаронид... Чеҳраи нӯронии Фузайл ба мири Ғарм - Абдулмӯъмин маъқул мешавад ва аз ӯ хоҳиш мекунад, ки дигар ба мардикорӣ нара- вад, каме сабр кунад, намояндаи амир таъин мегардад.

Дар ҳама сӯҳбатҳо Фузайлро даъват мекард ва танҳо ба танҳо аз би- сёр воқеаҳо гуфтугузор мекарданд Фузайл амалдори калон ва намоян- дам мири Ғарм дар Қалъаи Лаби Об, Ғарм, Дарбанд, Чиргатол, Дарвоз таъин гардид... Фузайл Махсум хислатҳои хуби одамгарӣ дошта, беҳад меҳмоннавоз, адолатпарвар ва дастгири мазлумону ятимон ва мискину гадоён будааст.

Соли 1910-ум Абдулмӯъмин ба дигар кор гузашт ва Неъматулло додхоҳ ҳокими Ғарм таъин гардид. Бисёр амалдоронро аз мансаб дур карда (аз чумла Фузайл Махсумро. - Ҳ.П.), одамони худро ба чои онҳо таъин мекунад.

Соли 1915 Раҳмонқул-додхоҳ амири Рашт таъин гардид. Рӯзе супо- риш медиҳад, ки Махсуми Фузайлро ба наздаш даъват намоянд...

Раҳмонқул - додхоҳ барои боздиди амири Бухоро азми сафар карда, Фузайлро таклиф мекунад, ки ҳамроҳаш биравад... Амир Олимхон бо Фузайл сӯҳбати дароз карда, аз бисёр ҳодисаҳо мепурсад ва чавоби аниқ мегирад. Чеҳраи Фузайл ба Саид Олимхон бисёр маъқул мегардад ва ба ӯ унвони баланди «бий», яъне полковник сарфароз мегардонад... Пас аз чанд вақт Раҳмонқул-додхоҳро аз мансаб дур карданд. Авлиёқулбек мири Ғарм таъин гардид (1916-1918).

Фузайл аз роҳбари Авлиёқулбек қаноатманд набуд ва ин хабарҳоро ба амир Олимхон расонид. Амир Олимхон маслиҳат ороста, хост, ки Фузайл Махсумро мири Раштонзамин таъин намояд... Пас аз он қадар норозигӣ ва воҳима (ки гӯё Фузайл Махсум якрав буда, Қаротегинро аз аморат чудо мекунад. - Ҳ.П.) амир Олимхон тарсид ва розигии худро надод...

Абдулҳафиз 21 феврали соли 1921 шабона хоки Раштонзаминро тарк карда, бо сармояи бисёре баромада рафт. Ҳамаи ин кирдорҳои бекҳо ва дарбориёни амир олимхон дар дили Фузайл нақши худро гу- зошт ва нисбати онҳо нобоварӣ изҳор кард. Аз ҳамон лаҳза дар мулки Раштонзамин ба арсаи сиёсат қадам ниҳод. Амалдорон, бойҳо мулло ва арбобҳои Ғарму Дарвоз Фузайл Махсумро мири Қаротегин эълон кар- данд. Вале дер шуда буд.

Ҳамаи ин нохушиҳо (инқилоб ва фирор кардани Амир Олимхон. - Ҳ.П.), дар дили амир Фузайл кинаю адоватро зиёд кард. Моҳи августи соли 1921 тамоми водии Қаротегин аз дастаи босмачиён озод гардид, дар ҳама чо Шӯроҳои инқилобӣ ташкил дода мешуданд. Қисмҳои Ар- мияи Сурх ба дигар водиҳои чумҳурӣ рафтанд.

Аввали соли 1922 агенти империалистӣ бо сардори Анварпошо ба назди Фузайл омада, пули бисёр ва яроқи бешуморе оварда доданд. Фузайл сарбозонашро чамъ карда, дар рӯзҳои башумор тамоми Шӯроҳои инқилобиро несту нобуд кард.

29 августи соли 1923 маркази Ғарм ва ноҳияҳои гирду атроф озод гардиданд. Дигар босмачиҳо намонданд. Фузайл тарафи Балчувон рафт, вале ба ҳамлаи ногаҳонии аскарони сурх дучор гардида, аз дас- таш сахт ярадор гардид ва бо ҳамроҳии бародараш Садод ба Афғонистон гузашта рафт... Фузайл Махсум шаш сол дар Мазори Ша- риф зиндагӣ кард... 15 апрели соли 1929 бо отряди хурде (бо сардории Фузайл Махсум. - Ҳ.П.) аз 30 нафар афғонҳо ва узбекҳо иборат бу-

данд, сарҳади Точикистонро дар деҳаи Тоғмай вайрон карда, аз дарёи Панч гузашта, вориди Қалъаихумб ва Тавилдара гардиданд. Дар муд- дати чор рӯз ҳамаи ашёи мактаб, дастгоҳҳои шӯроҳоро оташ зада, чан- дин одамони бегуноҳро лату кӯб карданд... Вақте ки ин хабар ба роҳбарони чумҳурӣ расонида шуд, ҳеч кас бовар накард, ки Фузайл аллакай ба Ҳоит гузаштааст. Дар Ҳоит се муаллимаи чавоне, ки ҳеч гуноҳ надоштанд, Маълумбибӣ Қосимова, Оламбибӣ Гадоева,

Сайрамбибӣ Абдуллоеваро ба дор овехтанд, барои он ки тарсу ваҳмро дар байни мардум, махсусан занон, пурзӯр гардонанд. Ин ҳам бо дасти ҳамон манғитҳо ва ачнабиён оғоз гардид... Рӯзи 3 майи соли 1929 аз саркардаҳои босмачиён касе намонд, ҳама несту нобуд гардиданд. Ин табаддулоти Фузайл 18 рӯз давом кард. Вале пояҳои сиёсати давлати Шӯравиро ба ларза андохт. Фузайл Махсум бори охирин 4 майи соли 1929 ба зодгоҳаш деҳаи Метаниён рафта расид. Пагоҳӣ ба сари қабри падару модараш рафта, дуову дуруд хонда, авфи гуноҳ мепурсад ва ҳамон рӯз ба воситаи ағбаи Кофагузар гузашта, ба Бурхи Валӣ мерасад ва аз он чо ба Афғонистон гузашта меравад... Фузайл Махсум 25 мар- ти соли 1958 дар сини 72 солагӣ дар Мазори Шариф чон ба ҳақ супо- рид»[54].

Хонандаи дақиқназар, мебинед, ки ҳатто дар он чӣ иқтибос шуда, кадом саҳву ғалатҳое рафтааст, ки аз тангназарӣ ва таърихбехабарии муалллиф гувоҳӣ медиҳад:

1) Муаллиф дар байни инқилобу чунбишҳои халқӣ фарқияте наме- бинад;

2) Аморат якто буд - Аморати Бухоро. Аз ин рӯ, Фузайл Махсум «амири кишвари Қаротегин» буда наметавонист. Қаротегин баъди ба аморати Бухор хамроҳ кардан (солҳои 70-ми асри XIX) ба яке аз бекигариҳои аморат табдил ёфта, аз оддитарин мустақилият маҳрум гашта буд. Аз ин лиҳоз Фузайл Махсум ҳеч гоҳ «барои нангу номуси салтанат (салтанати вучуд надошта. - Ҳ.П.) ва хоки ачдодони худ ба майдони ҳарбу зарб баромад»-а наметавонист;

3) Каси ба воқеъияти тоинқилобии Бухоро ва кишвари Туркистон ҳатто шиносоии рӯякӣ дошта, мефаҳмад, ки мардикори дар Фарғона қути лоямут пайдокунанда, наметавонист бо корвони савдоии пурбори аспу уштур ба Афғонистон рафта, аз он чо «чизҳои қимматбаҳо овар- да», дар бозорҳои Тошканду Бухорову Самарқанд фурӯшад ва зинда- гии «орому осуда» ба сар бурда, бо ин роҳ «шӯҳрату шаҳомати худро дар Намангону Фарғона паҳн карда то, ба кишвари (!?) Қаротегин» ра- сонад. Муаллиф бояд медонист, ки он вақт Бухоро дар доираи гумру- кии Русия буда, барои ба Бухорову Туркистон ба воситаи Ҳиндустон ё Афғонистон ворид шудани молҳои саноатии англисӣ бо ҳар роҳ монеа эчод мекард. Худи Афғонистон кадом «молҳои қимматбаҳо» истеҳсол мекард фақат ба муаллифи мақола маълум асту халос;

4) Ба гуфтаи муаллиф «Фузайл Махсуми хислатҳои хуби одамгарӣ дошта, беҳад меҳмоннавоз, адолатпарвар ва дастгири ятимону мискину гадоён»-ро ҳоким ё мири Ғарм Абдулмӯъмин ба амали калон, намоян- даи мири Ғарм дар Қалъаи Лаби Об, Ғарм, Дарбанд, Ҷиргатол, Дарвоз таъин намудааст. Доири «адолатпарварӣ»-аш поёнтар тавққуф хоҳем кард. Бубинед, ки чанд бор ба такрор «мир», «ҳоким»-и Ғарм мегӯяд. Ҳол он ки Қаротегин бекигарӣ буда, онро бек идора мекард ва Ғарм

маркази бекигарӣ ҳисоб меёфт. Аз тарафи дигар Дарвоз аз лиҳози маъмуриятдорӣ худ бекигарии воҳид буда, ба Қаротегин тобеъияте на- дошт. Аз ин чост, ки Беки Қаротегин наметавонист Фузайл Махсумро дар Дарвоз мансабдор таъин намояд;

5) Амир Олимхон ҳеч вақт «машварат ороста» Фузайл Махсумро «мири Раштонзамин» таъин карданӣ набудааст. Чунки ба мансаби бекӣ кам андар кам бегонаҳоро таъин мекарданд. Ғолибан намояндагони манғития - аз хешону наздикони амир ба ин мансаб мерасиданд. Чи тавре муаллиф менависад, баъди ғалабаи инқилоб моҳи феврали соли 1921 ва Қаротегинро тарк намудани бек Абдулҳафиз «амалдорон, бойҳо, мулло ва арбобҳои Ғарму Дарвоз Махсум Фузайлро мири Қаротегин эълон карданд». Аз ин мебарояд, ки ӯро амири гуреза ба таври расмӣ таъин накарда, балки беки худкома таъин карда будааст;

6) Ба гуфтаи худи муаллиф «аввали соли 1922 агенти империалистӣ бо сардории Анвар-пошо ба назди Фузайл омада пули бисёр ва яроқи бешумор оварда доданд, Фузайл сарбозонашро чамъ карда, дар рӯзҳои башумор тамоми Шӯроҳои инқилобиро несту нобуд кард». Баъди шикастхӯрӣ ба Афғонистон фирор кард. 15 апрели соли 1929 бо отряди хурди 30 нафараи иборат аз афғону ӯзбекҳо (!), сарҳадро вайрон карда вориди Қалъаихумб ва Тавилдара гардид. «Дар муддати чор рӯз ҳамаи ашёҳои мактаб, дастгоҳҳои шӯроҳоро оташ зада, чандин одамони бегуноҳро лату кӯб карда», сипас ба Ҳоит гузашт. «Дар Ҳоит, - мена- висад худи муаллиф, - се муаллимаи чавоне, ки ҳеч гуноҳ надоштанд» ба дор овехтанд, то ки «тарсу ваҳмро дар байни мардум ва махсусан занон пурзӯр гардонанд». Бо ҳамин амал бори дигар Фузайл Махсум хислатҳои хуби «одамгарӣ», «беҳад меҳмоннавозӣ» ва «дастгири яти- мону мискинону гадоён» будани худро ин паҳлавони ба гуфтаи муал- лиф «синаи паҳну чанголҳои уқобмонанд дошта» исбот намудааст. Албатта, боз аз дигар «корнамоиҳои ин муборизи миллӣ-озодихоҳӣ» аз қабили ба хиёнат даст зада куштани яке аз ҳаммаслаконаш Эшони Сул- тону наздиконаш ва боз мисолҳои зиёде овардан мумкин аст.

Ба гуфтаи чунин «таърихшиносон», модоме, ки дар маркази мубо- риза қувваҳои ҳарбӣ-инқилобии Русия бо дастаҳои иртичоъпарасту аксулинқилобчиёни маҳаллӣ бошанд, пас ин чанги гражданӣ буда на- метавонад.

Чанги гражданӣ бо маънии классикӣ ва аслиаш чангест дар байни ду қувваи мухталифе, ки ба онҳо шаҳрвандони (гражданинҳо) як мамла- кат шомиланд ва ҳарду тараф ҳадафҳои сиёсӣ доранд, сар мезанад. Дар ҳолате, ки дар он чанг мудохилаи рӯирости қувваҳои ҳарбии Русия, натанҳо ба назар мерасид, инчунин, онҳо гӯё чун қувваи ҳалкунанда амал мекарданд, пас ин чанги гражданӣ набуда, фақат мудохилаи ҳарбии берунист. Аз рӯи ин мантиқ муборизаи онҳое, ки ҳамчун бос- мачию босмачигарӣ ном мебаранд, дар амал аз муборизаи озодихоҳӣ ё

бо ибораи дигар аз муборизаи миллӣ-озодихоҳӣ беш нест. Ҳарчанд мекӯшем, ин фикрронихоро ба қолаби мантиқии анъанавии таърих- дарккунии замони Шӯравӣ ҳамл намоем, онҳоро бепоя шумурда наме- тавонем. Мудохилаи аскарони Сурхи инқилобии Русия дар барқарор намудани Ҳокимияти Шӯравӣ дар Осиёи Миёна, аз чумла дар ҳудуди Точикистон, барои касе пинҳон буда наметавонад. Ин амал дар тамоми тадқиқоти ба ин мавзӯъ бахшида бо далелҳои мӯътамад қайд шуда-аст[55]. Ин ҳатто ба хонандаи мактаб ҳам маълум аст.

Вале агар кӯшиши баёни ҳақиқатро дошта бошем, бояд дар омӯзиши ин масъала аз як чиз сарфи назар накунем. Осиёи Миёна баъди ба Русия ҳамроҳ кардан, ба як чузъи ҳудудии империяи номбур- да табдил ёфта буд. Мустақилияти Бухоро низ то андозае зоҳирӣ буд. Аз инчост, ки тамоми минтақа ё кишвар аз ҳаводиси дар Русия ба вуқӯъпайваста, дар канор монда наметавонист.

Инқилоби Бухоро ё натичаи мантиқии зиддиятҳои ичтимоии худи аморат буд, вале он берун аз таъсиру дастгирии қувваҳои инқилобии Русия ғалаба карда наметавонист. Дар ин чо, аз як тараф, аз заминаҳои ичтимоию сиёсии худи аморат сарфи назар кардан хато бошад, аз та- рафи дигар, дастгирии қувваҳои инқилобии Русияро ба инобат наги- рифтан, маънии ба вазъияти сиёсии Осиёи Миёна, аз чумла Бухорои он давра ва зарурати мудохилаи қувваҳои инқилобии Русия сарфаҳм на- рафтанро дорад.

Имрӯз бисъёре аз тадқиқотчиён мекӯшанд, камбудии пешгузашта- гони худро оиди муносибати ғояҳои маорифпарварӣ, ҳаракати чадидия, фаъолияти чавонбухориёнро дар такони ҳаракати инқилобӣ ва то андозае таёр намудани инқилобро билкул рад кунанд ва онҳоро чун қувваҳои куллан мухолиф қаламдод намоянд. Ин дуруст аст. Гарчи фаъолияти сиёсии ин қувваҳо дар қолаби назарияи инқилобии болшевикӣ намеғунчад, онро аз раванди ташаккули ғояҳои инқилобии Русия чудо кардан мумкин нест. Агар ин хел бошад, пас ғалабаи инқилоб нафақат дар Туркистон, инчунин, дар аморати Бухоро амри тасодуф набуда, аз раванди қонунии қавоиди инқилоби Русия маншаъ гирифтааст ва робитаи мантиқии онро надидан, маънии аз вазъи сиё- сии он давра тамоман бехабар буданро дорад.

Шояд аз диди имрӯза дар он мантиқи вайрон шудани адолати таъри- хиро низ дарёфт кардан мумкин бошад, вале вазъи воқеии ҳамонвақтаи Бухоро ва Русия он чизро талаб мекард, ки амалан дар Бухоро рух дод. Дигар хел шуданаш мумкин набуд, чунки, аз як тараф, дар Бухоро ҳаракати зидди амирӣ то рафт суръат мегирифт, аз тарафи дигар, барои пеши роҳи ин ҳаракатро гирифтан амир аз ҳеч қувва рӯй намегардонд. Вазъи ба амал омадаро аз шоҳиди бевоситаи воқеаҳо устод С.Айнӣ ка- се бештару беҳтар таҳлил накардааст. Ба касони ба гуфтаҳои боло шубҳа дошта, тавсия мекардем, ба китоби ин адибу дар ҳамон давра

таърихнависи баркамол «Таърихи инқилоби Бухоро», ки дар айни чараён гирифтани воқеаҳо таълиф шудааст, бодиққат шинос шаванд[56].

Ба чазою кушторҳои бераҳмонаи амир боз мудохилаи давлати бу- зурги сармоядор Англия ва дастнигарони он Туркияю Афғонистон ам- ри воқеъ гашта буд. Дар чунин ҳолат бетарафӣ барои Русияи акнун аз мушкилиҳои баъдиинқилобӣ ва чанги гражданӣ (1918-1920) баромада, бохти сиёсиву иқтисодӣ ва стратегӣ мегардид. Дар ин вазъи ба вучудомада бе мудохилаи Русияи Шӯравӣ низ кафолати оромии Бухо- ро ва мустақилияти онро амир ё ягон қувваи дигари сиёсии дохилӣ до- дан наметавонист. Аз ин лиҳоз инқилобу мудохилаи бевоситаи қувваҳои инқилобии Русия барои Бухоро амри тасодуф набуда, аз воқеъияти замон бармеомад.

Аз гуфтаҳои боло бармеояд, ки Инқилоби халқии Бухоро бидуни пухта расидани вазъияти инқилобӣ амри воқеъ буда наметавонист, ва- ле бе мудохилаву дастгирии Русия ғалаба кардани он номумкин буд. Инқилоб ягона роҳи ҳалли мантиқии зиддиятҳои дохилӣ, раванди воқеаҳои берунии ба он алоқаманд ва ягона ҳукми одилонаву оқилонаи таърих буд. Аз ин лиҳоз тафтиши (ревизия) имрӯзаи он ва пешниҳодоти тадбири аз диди кунунӣ мувофиқ, ягон поя ё мантиқи илмӣ надоранд. Раванди таърих ягона ҳақиқатест, ки баъди ҳукмаш дигар ягон фарзияро қабул намекунад ва ибораи «агар» барояш бегона аст. Вале сабақҳои онро воқеъбинона омӯхтану дар оянда, вобаста ба талабу зарурати замон идора намудани раванди воқеаҳо ва ба мачрои барои чомеа муфиду созанда равон кардани онҳо зарурати бебаҳс ме- бошад.

Ашхоси инқилоби Бухороро чун фоидачӯиву мудохилаи ғаразноки Русия маънидодкунанда бояд аз чунин ҳақиқат огоҳ бошанд, ки ягон инқилоб, агар заминаи мувофиқи воқеӣ ва субъективӣ надошта бошад, бо дастгирии ягон кувваи беруна ғалаба карда наметавонад. Дар Бухо- ро воқеаи Колесов, ки дар боло шарҳи он рафт, мисоли равшан буда метавонад. Ё шикасти Инқилоби Саври Афғонистон, ки бе вазъияти инқилобӣ фақат бо мудохилаи бевоситаи Иттифоқи Шӯравӣ гузарони- да шуд, боз як нишондиҳандаи дурустии ин қазия ҳисоб мешавад.

Муборизаи шадиди баъди ғалабаи инқилоб дар Точикистон сурат гирифта, аз кадом самте, ки ба ӯ нанигарем, чанги гражданӣ буд. Ин чанги заҳматкашон алайҳи қувваҳои аксулинқилобие буд, ки бо қувваю дастгирии бевоситаи гумоштагони хоричии худ такя мекар- данд. Ба замми ин қариб тамоми сарварони дастаҳои босмачӣ аз амал- дорону думравони амиру дар асл ғайриточик буданд. Агар чунбиши онҳоро муборизаи озодихоҳӣ хонем, пас бояд ба саволе чавоб ёфт, ки чӣ гуна озодӣ? Агар озодӣ боз аз нав барқарор намудани ҳокимияти манғитҳо бошад, пас ин амал чӣ навъ озодихоҳӣ буда метавонист? Ба кадом маъние ҳаракати босмачигариро шарҳ надиҳем, барои халқи

точик муборизаи озодихоҳӣ буда наметавонад. Аз тарафи дигар, шир- кату ёрии қувваҳои инқилобии Русия дар ин чанги дохилӣ аз ширкату ёрии дигар қувваҳои хоричии аксулинқилобӣ зиёд набуд. Агар гап дар бораи лузуми кадоме аз ин қувваҳо барои точикон равад, касе, ки ақли солиму андаке фаҳмиши таърихӣ дошта бошад, бидуни шубҳа мефаҳмад: дахолати Русия барои халқи мо тақдирсоз буд. Ин хулосаро дастовардҳои халқи точик ва дигар халқҳои минтақа дар замони Шӯравӣ барҳақу равшан собит сохтанд.

Агар дар ин чо ташаббусу дастгирии бевосита фақат аз тарафи Ар- тиши Сурх мебуд, он гоҳ шубҳаи мо асос пайдо мекард. Вале пӯшида нест, ки нисбат ба сарбозони инқилобии Русия шумораи хоричиён ва зархаридони онҳо дар дастаҳои босмачиён бамаротиб зиёд буд. Аз та- рафи дигар, агарчи баъзе аз таърихбехабарон ба саркардагони дастаҳои босмачиён унвони «қаҳрамони миллат», сарварони муборизаи миллӣ- озодихоҳӣ часпонданианд, бояд ба як далел таваччуҳ кунанд: аксари мутлақи дастаҳои босмачӣ ё аксулинқилобӣ точик набуданд ва ҳимоя намудани точиконро дар гӯшаи хотир ҳам надоштанд. Дар қувваҳои инқилобӣ бошад, баръакс, аксар точикон буданд. Далели равшани онро ҳар хонанда метавонад, дар китоби беҳтарин мутахассиси ин соҳа шод- равон Мулло Эркаев «Таърихи чанги гражданӣ дар Точикистон»[57] бе мушкилӣ дарёбад.

Аз ин чост, ки чанг дар байни ду қувваи мухталифи як сарзамин ме- рафт. Ҳарду тараф ба дастгирии қувваҳои борояшон муфиди бегона такя мекарданд. Ин нишондиҳандаи воқеиест барои ҳамаи давлатҳои дар ин ё он давраи таърихӣ ба гирдоби чанги гражданӣ кашидашуда. Таърихи кадом давлатеро, ки нагиред, чанги дохилии он бе мудохилаи қувваҳои мухталифи беруна нагузаштааст.

Дар чанги граждании солҳои 90-уми асри гузаштаи (1992-1997) Точикистон низ айнан ду қувва ширкат дошт: 1) қувваи зидди ҳокимияти конститутсионӣ, ки аз иртичопарастону ифротиёни исломӣ, миллатчиёни шадид, маҳалгароёни пастфитрат, мансабталошони сар- ватпараст, ки худро равшанфикрону ҳомиёни демократия муаррифӣ намуда, зери шиори «демократия, озодию баробарӣ» баромад карда, дар айни замон ҳар кадоме аз ин қувваҳои номбурда, ҳадафҳои сиёсии худро дошт. Ин ҳадафи онҳоро ба ҳайати ҳукумат ва корҳои маъмурии марказию маҳаллӣ (аз ҳисоби 30 фоиза) ворид шуданашон пурра собит сохт; 2) ҳомиёни асили сохти конститутсионӣ, муборизони роҳи нигаҳдошти якпорчагии Точикистон, истиқлолияти воқеии он, ки зери парчами ҳифзи ғояҳои сотсиалистӣ, интернатсионализм ва давлати ҳуқуқбунёди воқеӣ ва муҳофизати принсипҳои дунявии он баромад мекарданд.

Дар ин набарди шадиди сиёсию ҳарбӣ низ ширкати қувваҳои беруна равшан мушоҳида мешуд. Магар он қуваҳои «равшанфикру демократ»

дар амали ватанфурӯшию миллаткушии зиддиконститутсионии худ ба қувваҳои хориҷӣ такя накардаанд? Оё каманд он мисолҳое, ки ба ғайр аз дастгирии иқтисодию техникӣ, иштироки фаъоли он гумоштагони ачнабиро рӯирост дар набардҳо нишон медиҳанд?

Аз тарафи дигар, оё қувваҳои муҳофизи Ватану миллат ва сохти конститутсионӣ бе дастгирии нисбатан беғаразонаю хайрхоҳонаи ҳамақидаҳои бурунмарзии худ, алалхусус Русия, ки бевосита ёрии иқтисодӣ ва техникию ҳарбии худро барои нигоҳ доштани якпорчагии Точикистон, барқарор намудани адолати миллию сиёсии он дареғ на- медоштанд, дар як муддати кӯтоҳи таърихӣ ғалабаи комил ба даст да- роварда метавонистанд?

Дар ҳарду ҳолат, албатта, манфиатчӯӣ чой дошт. Вале манфиати та- рафдорони қувваҳои иртичоию чудоиандоз, дар ҳеч сурат, ҳаргиз ба манфиати нуфузи геополитикии Русия дар ин минтақа ҳамрадифу ҳамоҳанг буда наметавонист. Онҳо батамом мухолифи якдигар буданд. Қувваҳои иртичопараст ба ивази фочиаи чудоиандозӣ ва тобеъияти миллии Ватан ба давлатҳои нисбати Точикистон дар дарачаи пасттари сиёсӣ ва иқтисодию фарҳангӣ қарорёфта, соҳиби вазифаю сарват шуданӣ буданд. Вале қувваҳои муқобили онҳо дар муҳофизати адолати сиёсӣ, ичтимоӣ ва миллӣ ба давлате такя мекарданд, ки мафиати гео- политикии он ба манфиати сиёсию иқтисодӣ ва истиқлолияти миллии Ватани азияткашидаамон мувофиқат мекард.

Дар ҳарду ҳолат аз чанги граждании солҳои 20 ва солҳои 90-уми ас- ри гузашта дар Точикистон як умумияти муборизa, як шабеҳияти уму- мии мудохилаи қувваҳои мухталифи хоричи мамлакат эҳсос мешавад. Вале дар ҳар маврид бояд як меъёру ҳақиқати баҳодиҳӣ бошад. Агар мудохила ба нафъи миллату давлат бошад, он албатта чун ёрии беғаразонаву дӯстона қабул мешавад. Ва агар ба мақсади манфиатчӯии ошкорову чудоиандозӣ ва дигар омилҳои ғаразноку хатарнок бошад, бешак ин мудохила амали душманона аст. Аз инчост, ки дар ҳарду маврид мудохилаи Русия барои точикон дӯстонаю тақдирсоз буд.

Шиносоии амиқ ба ҳақиқати таърихӣ ба хулосае меорад, ки дар ҳарду ҳолат тамоми нишонаю омили ба чанги шаҳрвандӣ (гражданӣ) пурра ба назар мерасанд. Фарқияти замонию хронологӣ тақозо дорад, ки онҳоро чун «Ҷанги шаҳрвандии якум» ва «Ҷанги шаҳрвандии ду- юм»-и Точикистон ном барем.

Бояд ёдовар шуд, ки қонунияти ғалабаи инқилоб ва раванди чанги якуми гражданӣ дар Точикистонро насли калони таърихшиносони Ватанӣ то дарачае пурра собит сохтаву насли миёнаи олимони Шӯравӣ онро такмилу тасдиқ намудаанд. Барои касони ба ин ҳақиқат бо шӯбҳа назаркунанда маслиҳат медиҳем, ки бо китобҳои ба таҳлили ин давра дахлдори олимони Шӯравӣ - С.Айнӣ, М. Эркаев, Б. Искандаров, Р.Масов, Т. Каримов, А. Макашов, Р. Абулҳаев, Ш. Исмоилов, М. На-

заршоев, Н. Ҳотамов, ҳамчунин тадқиқотчиёни ӯзбек А. Эшонов, Х. Иноятов ва дигарон дурусттар шинос шаванд[58].

Ба ақидаи мо аз мавқеи номуайяни мафкуравӣ ба хизматии илмии тадқиқотчиёни замони Шӯравӣ хурдагирӣ намудан аз рӯи адолати илмӣ нест. Вале афсӯс, ба касе пӯшида нест, ки баъзе ашхоси бо ном идеологҳои таърихи таърихбехабар ба дастовардҳои бузурги дониш- мандони давраи Шӯравӣ санги маломат партофта, қимати асарҳои онҳоро, ки дар асоси методологияи материалистӣ ба таълиф расидаанд, паст заданӣ мешаванд. Ин «таърихдонон»-и гӯё ба ягон идеология по- банд набуда, бояд донанд, ки таърих илми марказии чомеашиносист ва чомеа дар ҳама давру замонҳо бе идеология, бе чаҳонбинии барои за- мон мувофиқ, вучуд дошта наметавонад. Онҳое ки консепсияи таърихии тадқиқотчиёни Шӯравиро зери танқид гирифта, худ намефаҳманд ё фаҳмидан намехоҳанд, ки аз идеология гурехтан низ худ идеология аст. Ё ашхоси зидди идеологияи материалистӣ бароянда, ба кадом шакле худро муаррифӣ накунанд, ин чизро пинҳон дошта наметаво- нанд, ки идеодогияи ғайриматериалистии аз чониби онҳо тарғибшаванда дар илми таърих замоне чой дошта бо услуби навини таърихшиносӣ муқобилият кардан натавониста, аз байн рафт. Ҳоло он- ро аз фаромӯшхонаи таърих баровarда, рангу чилои нав додан, фоидае надорад. Ҷамъияти кунунӣ дар асоси кушоишҳои нави техникӣ ва қудрати ақлонии (қобилияти баланди ақлонӣ, зеҳнӣ, мантиқӣ ва илмӣ) худ чунон пеш рафтааст, ки даъватҳои «ғайрисиёсӣ» ё «ғайриидеологӣ»-и илм, алалхусус илми таърих ба чуз ҳарзагӯии на- вбатии «илмӣ» беш нестанд. Чун ин «идеология» фақат дар давраи гардишҳои навбатии сиёсӣ, ки ба чоҳталабию сарватғункунӣ асос ёфта, ба фаҳмиши беасосу бепояи «демократияи мутлақ» ва «иқтисоди бо- зор» часпонда фаҳмонданӣ мешаванд, дер ё зуд ба бунбасти идеологӣ мебарад. Он гоҳ чои холишударо фундаментализми динӣ ё диктатураи муштзӯрони қаллоб ишғол менамояд.

Кӯшиши баъзе аз гурезаҳои идеологие, ки аз арзишҳои анъанавии идеявӣ-сиёсӣ рӯ тофта, ба назарияи «ғайрисиёсӣ» ё «ғайриидеологӣ»-и худ мардумро ба фундаментализми исломӣ ва демократиябозӣ, ба гир- доби фочиабори чанги шаҳрвандӣ кашиданд, ба ягон каси солимфикр пӯшида нест. Ҳамчунин ба ҳеч кас пинҳон буда наметавонад, ки муҳимтарин омили ваҳдатсози ин давра даъват ба сабақҳои таърих буд ва ҳаст, ки бо ташаббуси Президенти мамлакат Э. Ш. Раҳмонов ва беҳтарин таърихдонону чомеашиносон ба яке аз рукнҳои муҳимми сиёсати расмии давлатӣ табдил ёфтааст.

Яке аз дастовардҳои барои халқҳои Осиёи Миёна, алалхусус точикон муҳими сиёсӣ ва тақдирсози фаъолияти Ҳокимияти Шӯравӣ тақсимоти миллӣ-ҳудудии соли 1924 ҳисоб меёбад. Дар атрофии ин масъала то ба имрӯз назарҳои зиёду мухталифе пешниҳод шудаанд.

Бояд қайд кард, ки бо айби мутасаддиёни худию бегона ин амали Ҳукумати Шӯравӣ, ки бешак беҳтарину савобтарин иқдоме буд дар роҳи ҳалли масъалаи миллӣ, бар зарари тоҷикон анҷом ёфт[59]. Ба ҷои соҳибдавлат шудани халқи муқимии ин сарзамин - тоҷикон, ки дар та- маддуни башар нақши пойдор гузоштааст, ба онҳо дар ин тақсимоти бешак ғаразноку ноодилона, моҳи октябри соли 1924 фақат ҳуқуқи мухторият дар ҳайати Ҷумҳурии Сотсиалистии Ӯзбекистон насиб до- ниста шуд. Он вақт ба ин имконияти аздастрафта на ҳама сарфаҳм ме- рафтанд. Бисёриҳо ҳатто шукронаи онро доштанд, ки тоҷик баъди бе- давлатии қариб ҳазорсола соҳиби як навъ мухторияти маҳдуд гашта- аст. Вале олимони ховаршиноси рус ва он касоне, ки аз тақдири таъри- хии тоҷикон бохабар буданд ва ба ин маърака бо чашми ҳақбинона ме- нигаристанду ба адолати таърихӣ умед мебастанд, ҳанӯз ҳамон вақт анҷоми ноодилонаи онро маҳкум мекарданд, аммо дасткӯтоҳ буданд.

Акнун дар пеш дастоварди бузургтаре - таъсисёбии Ҷумҳурии Шӯравии Сотсилистии Тоҷикистон буд. Ҳоло заминаҳои сиёсию иҷтимоӣ ва иқтисодию фарҳангӣ барои расидан ба ин зинаи тақдирсози эҳёи давлатдории тоҷикон тайёр мешуданд. Вале боз ҳамон сарварони дар аввали солҳои 20-ум саркӯбшудаи аксулинқилобчиён, ки дар кишварҳои ҳамсоя, алалхусус дар Афғонистон паноҳ бурдаву аз амалу манбаъҳои маишии зиндагӣ (ба ҷуз он музде, ки ба ивази идомаи амалиёти харобкунандаи зиддишӯравӣ аз хӯҷаинонашон - дасисабозо- ни империализми англис мегирифтанд) маҳрум гашта буданд, баъзан назми ҳаёти осоиштаи аҳолии ноҳияҳои сарҳадиро халалдор мекар- данд. Онҳо сарҳадшиканӣ карда, ба ғорату қатли фаъолони шӯроҳо даст мезаданд.

Мавриди қайд аст, ки дар мушкилтарин давраи даргириҳои сиёсӣ, задухӯрдҳои шадиди яроқнок, ҳукумати марказӣ аз камтарин имкониятҳо истифода бурда, ба аҳолии маҳаллии ғоратшудаю ба танқисии сахти озуқаворӣ дучоргардида кӯмак мерасонд. Соли 1924 Кумитаи иҷроияи марказии Бухоро барои аҳолии Бухорои Шарқӣ ба маблағи зиёда аз 800 000 сӯм қарзи бебозгашт ҷудо кард. Моҳи апрели соли 1924 Комиссияи диктаторӣ барои ба деҳқонон тақсим кардани 50 000 сӯм қарзи бебозгашт комиссия таъсис намуд. Аз ин миқдор 9 000 сӯм барои вилояти Ғарм ҷудо карда шуд. Дар ҳамин сол филиали Бонки тиҷоратии Осиёи Миёна барои вилояти Ғарм 39 900 сӯм ба си- фати қарз ҷудо кард. Илова бар ин идораҳои молиявии марказӣ барои деҳқонони ин вилоят боз 11 000 сӯм пул ҷудо намуданд. Барои ҳангоми мубориза ба муқобили босмачиён аз аҳолии маҳаллӣ гириф- тани маводи хӯрок моҳи январи соли 1924 Шӯрои меҳнат ва Мудофиаи ИҶШС (СССР) 500 000 сӯм барои деҳқонони Бухорои Шарқӣ ҷудо карда шуд, ки як миқдори онро барои дастгирӣ намудани хоҷагихои харобшудаи вилояти Ғарм фиристоданд. Ҳамчунин аз ҳисоби Шӯрои

инқилобӣ-ҳарбии Бухоро тибқи қарори анчумани IV Шӯрои умумибухороӣ барои кишти деҳқонон 200 000 пуд ғаллаи тухмӣ чудо карда шуд. Аз 50 000 пуд барои Бухорои Шарқӣ чудо шуда, 2 000 пу- дашро ба деҳқонони вилояти Ғарм фиристоданд. Ба замми ин дар соли хочагии 1923-1924 вилояти Ғарм аз тамоми андоз озод карда шуд[60]. Албатта, аз истифодаи ҳамаи навъҳои кӯмаки дар боло ишорашуда тумонҳои ин вилоят - Дарвозу Ванч дар канор монда наметавонистанд.

Кӯмаки ҳукумати Бухорову Русия ба Бухорои Шарқӣ, аз чумла ба вилояти Ғарм бо ончи гуфтем, маҳдуд намешуд. Соли 1923 ба вилояти Ғарм ба маблағи 16 ҳазор сӯм ва соли 1924 ба маблағи 70 450 сӯм мол кашонда шуд, ки як қисми он ба деҳқонон бепул ва як қисмаш ба маҳсулоти кишоварзӣ иваз карда шуд. Бо ин восита намояндагони сав- дои давлатӣ тавонистанд, ки дар ин чо 1 700 пуд гандум ва 600 пуд чав захира намоянд. Бо ин роҳҳо истеҳсоли маҳсулоти косибӣ қувват ги- рифт. Дар соли 1924 фақат дар вилояти Ғарм 129 корхонаи косибӣ аз нав ба кор дароварда шуд[61].

Ҳамин тариқ, ба мушкилиҳо нигоҳ накарда, дар Ҷумҳурии мухтори Точикистон, сохтори ҳизбию маъмурӣ пурра шакл гирифт. Ин ба тала- би чомеаи навбунёд, ки амсолашро таърих намедонист, мувофиқ буд Ҷаласаи якуми раёсати Кумитаи инқилобӣ, ки 7 декабри соли 1924 баргузор гашта буд, масъалаи сохтори дастгоҳи идоракунии чумҳуриро гузошта, комиссариатҳои халқии соҳавӣ ва муассисаҳои чумҳуриявиро таъсис дод. Вобаста ба ин масъалаи сохтору чобачогузории кормандо- ни Кумитаҳои инқилобии маҳалливу вилоятҳо ба зуддӣ ва пуррагӣ ҳал карда шуд. Яке аз масъалаҳои муҳиму рӯзмарра ҳар чи тезтар барҳам додани дастгоҳи кӯҳнаи маъмурӣ бо оқсақолону мингбошиҳояш, ам- локдору қозиёнаш, ки ҳанӯз дар қисми Бухорои Шарқӣ нигоҳ дошта мешуд, иборат буд. Кумитаи инқилобии чумҳурӣ 9 апрели соли 1925 вазифаҳои оқсақол ва мингбошӣ ё миразорро (мири ҳазор) барҳам до- да, ба чои онҳо кумитаҳои инқилобии деҳагиро чорӣ намуд. 21-уми майи ҳамон сол амали амлокдор низ бекор карда шуда, вазифаҳои ӯ ба Комисариати халқии молия ва сохторҳои маҳаллии он вогузошта шуд. Солҳои 1925-1926 як қатор қонуну қарор ва дастурҳо, аз қабили «Дар бораи ҳуқуқҳои меҳнаткашон ва қонунияти инқилобӣ», «Дастурҳои шӯроҳои чамоатӣ (деҳавӣ)», «Дастури Комиссариати корҳои дохила», «Дастури судҳо ва қозиҳо» ва ғайра қабулу амалӣ гаштанд.

Дар ин солҳо аввалин мактабҳои Шӯравӣ, пунктҳои тиббӣ дар мар- казу вилояту тумону волостҳо барои заҳматкашон ва фарзандонашон дарҳои худро кушоданд.

Ин дигаргунсозиҳои давлатӣ-маъмуриро Раиси Кумитаи инқилобии Точикистон Нусратулло Махсум дар маърӯзаи ҳисоботии худ дар анчумани якуми Шӯроҳои ҶМШС точикистон чунин овардааст: «Пас аз интихоботи моҳҳои август - октябри соли 1926 дар натичаи амалӣ

гаштани ин маъракаи муҳим то имруз 254 дастгоҳи шӯравии ҷамоатӣ ва деҳавии дорои 1518 аъзо, 75 комиҷроия дар кентҳо бо 675 аъзо, 10 комиҷроияи тумонӣ бо 285 аъзо, 6 комиҷроияи вилоятӣ ва як комиҷроияи вилояти мухтор бо 245 аъзо дорем. Умуман 354 датгоҳи шӯравӣ (марказҳои идоракунии шӯравӣ) ба кор оғоз намуд, ки дар он 2723 шаҳрванд фаро гирифта шудаанд»[62].

Ҳамин тариқ, дар Ҷумҳурии мухтори Тоҷикистон заминаҳои мувофиқи сиёсию иқтисодӣ ва иҷтимоию маданӣ барои гузариш ба зи- наи дигари тақдирсози эҳёи давлатдории тоҷик то рафт пурратар фароҳам меомад. Албатта ҳамаи ин дигаркунсозиҳои муҳим барои собиқ бекигарии Дарвоз, ки акнун мувофиқи тақсимоти нави воҳиди ҳудудӣ-маъмурӣ фақат дар доираи қаламрави амлокдории собиқ Қалъаихумб қарор дода шуда буд, таъсири амиқ гузоштанд.

Ин гӯшаи Тоҷикистон чун узви ҳудудии он аз ҳамаи кору фаъолияти созандагии кишвар бархурдор буд. Сокинони дар тӯли асрҳо аз шоҳроҳи дастовардҳои бузурги тамаддуни таърихӣ то андозае дар ка- нор монда, ба туфайли инқилоб тақдири худро ба он мустақиман пай- вастанд.

Албатта, ба маҷрои осоишта гузаштани ҳаёти халқҳои азияткашидаи Осиё Миёна, аз ҷумла Бухоро баъди солҳои даҳшатбори ҷанги гражданӣ, душманони дар хориҷа будаи низоми шӯравиро, ки бо сабабҳои муйян ҳалқаи сустаринашро дар Бухорои Шарқӣ медиданд, бештар безобита мекард. Тақсимоти миллӣ-ҳудудӣ, онҳоро ба маҷрои яъсу ноумедӣ партофта бошад ҳам, қарздорӣ дар пеши хоҷагони хориҷиашон, ки таи ин чанд давраи пас аз саркӯб шудан дар Ватану дар муҳоҷират ба сар бурдан, қути лоямуташонро таъмин мекарданд, маҷбур месохт тарки одат накарда, умеди хӯҷаинонашонро оиди шика- сти Шӯроҳо ба якборагӣ барбод надиҳанд.

Гарчи то ибтидои соли 1924 дар Осиёи Миёна хавфи хурӯҷи тозаи амалиёти босмачигарӣ аз миён бардошта шуда бошад ҳам, баъзе аз гурӯҳҳои хурди ҳанӯз то охир саркӯб нашудаву ба хориҷи мамлакат, алалхусус ба Афғонистон фирор карда, аз мавҷудияти худ дарак медо- данд. Баъди нокомии амалиёти дастаҳои аҷнабиасоси Анварпошо ва Са- лимпошо фармондеҳии қувваҳои боқимондаи аксулинқилобиёни тамо- ми минтақаи Осиёи Миёна, ки такягоҳи ҷиддие надоштанд, ба дасти Иброҳимбек гузашт. У аз англисҳо, ки штаби асосиашон дар Машҳад ҷой гирифта буд, бевосита дастур мегирифт[63]. Тартиби расмии ба дасти Иброҳимбек пурра гузаштани ҷилави умумии фармондиҳӣ ин тавр сурат гирифта буд: Соли 1924 дар Афғонистон дар ҳузури амири собиқ Олим- хон ҷаласаи сарварони дастаҳои аксулинқилобии дар он ҷо маконгириф- та баргузор гардид. Дар ин ҷамъомад намояндагони мочарочӯи англис бо сардории ҷосуси касбӣ Лоуренс (бо лақаби Эшони Қозӣ) иштирок доштанд. Дар ҷаласа нақшаи ба ҳудуди Осиёи Миёна даромадани

қувваҳои аксулинқилобӣ бо сардории Иброҳимбек ва Ҷунайдхон тарҳрезӣ карда шуд. Акнун Иброҳимбек волии амири тахт аздастдода - Олимхон дар Бухоро эълон шуд. Вале ӯ дар натиҷаи амалиёти ғоратгаронааш акнун он нуфузи пештараашро аз даст дода буд. Ҳатто лақайҳои ҳамдиёраш, ки дар қаҳтии зимистони соли 1923 ва баҳори со- ли 1924 аз кӯмаки озуқавии органҳои маъмурии Ҳокимияти Шӯравӣ бархурдор шудаву аз амали хайрхоҳонаи онҳо воқиф гашта буданд, рафтори хунхоронаи ин «ҳамдиёрашон»-ро маҳкум мекарданд. У дигар дар ин ҷо ва ноҳияҳои дигари Бухорои Шарқӣ такягоҳи боэътимоде ёф- та наметавонист. Соли 1924 амалиёти ҷангии Иброҳимбек бо дастаи 600 нафарааш дар ноҳияҳои Лақай, Боботоғ, Бойсун омад накарда, аз тарафи артиши инқилобии Сурх зарбаи сахт хӯрда, аз нав ба Афғонистон фирор карда буд.

Соли 1926 дар хориҷа Иброҳимбек боз аз ҳисоби ачнабиён ва гурезаҳои аксулинқилобӣ дастаҳои худро пурра карда, ба амалиёти на- ви ҷангӣ гузашт. Вале дар ин амалиётҳо боз аз нав саркӯб шуда, тамо- ми базаю такягоҳҳои ҳарбии худро дар кӯҳҳои Қаратоғу Боботоғ, Чал- тав ва ғайра аз даст дод. Вале ин дафъа ҳам тавонист худашро саломат ба соҳили чапи Панч кашад. Охирин ҳамлаи Иброҳимбек соли 1931 буд. У дастаи ибора аз 2 000 ҷангии худро ба се гурӯҳ ҷудо карда, бо 800 нафари он охири моҳи марти соли 1931 аз соҳили Афғонистон дар Фархор аз дарёи Панч гузашт. Ду дастаи дигараш, ки ба ҳамлаи сарҳадчиёни Шӯравӣ бархурданд, дарёро убур карда натавонистанд. Иброҳимбек ба ҳамлаи сафшикани аскарони Сурх ва дастаҳои ихтиё- рии маҳаллӣ «калтакдорони Сурх» дучор шуда, бо боқимондаи дастаи худ ба кӯҳҳои Боботоғу Бойсун паноҳ бурд. У акнун фурсати муносиб мечуст, ки боз имкон ёфта, ба Афғонистон фирор кунад. Моҳи июни соли 1931, ҳангоми ба сарҳад наздик шудан аз тарафи дастаи ихтиёрии муҳофизони Ҳокимияти Шӯравӣ бо сардории Муқим Султон ва сарбо- зони Полки савора зери фармондиҳии Абдулло Валишев дастгир шуда, ба органҳои дахлдори ҳуқуқӣ супорида шуд.

Солҳои 1925-1926 дар Туркманистон яке аз сардорон собиқи дастаҳои тоинқилобии роҳзани туркман, ки ба қабилаҳои хамсояи худ ва ӯзбеку қарақалпоқ ҳуҷум карда ғорат менамуд - Ҷунайдхон (Ҷунайд Қурбон Мамед) амалиёти зиддииинқилобӣ мебурд. Ҳанӯз дар солҳои 1915-1916 ӯ чанд маротиба ба Хева хуҷум карда, ҳокимиятро гирифтанӣ шуд. Вале кораш барор накард. Ҷунайдхон соли 1918 бо 1600 савораи яроқноки худ ба Хева ворид шуда, хон Исфандиёрро то- беъ намуд. Вале ӯро дар тахт нигоҳ дошта, худаш фармонфармоӣ ме- кард. Баъди инқилоби Хива ӯ ба амалиёти чиддии аксулинқилобӣ шурӯъ намуд. Ин ташкилотчии фаъоли амалиёти босмачигарӣ ҳанӯз соли 1924 аз тарафи артиши Сурх зарбаи сахт хӯрда, дастгир шуда буд, Вале ба авф шуданаш нигоҳ накарда, боз амалиёти аксулинқилобии

худро идома дод. У ҳам дар ҳудуди Афғонистон панаҳ бурда, дар он чо дастаҳои нав ташкил карда, сарҳадро вайрону ҳаёти осоиштаи мардум- ро халалдор мекард.

Мавриди қайд аст, ки ҳанӯз дар моҳи августи соли 1926 дар байни Иттиҳоди Шӯравию ва Афғонистон шартномаи дӯстию ба кишвари якдигар ҳучум накардан баста шуда буд. Вале ба сабаби бесалоҳиятии ҳукумати Ағонистон, аниқтараш мудохилаи Англия, фақат дар чор моҳи охири соли 1926 ба ҳудуди Ҷумҳурии Туркманистон 21 маротиба аз тарафи афғонистон сарҳадшиканӣ намуда, дастаҳои босмачиён во- рид гаштаанд. Гарчи зарба хӯрданашон доимо идома меёфт, вале чу- нин амал боз такрор мешуд. Баъди шикасти навбатӣ, охири соли 1927 Ҷунайдхон ба Эрон фирор кард. Кӯшишҳои ояндаи У соли 1929 ва со- ли 1931, ки дастаҳои зарҳариди худро ба Турманистони Шӯравӣ са- фарбар карда буд, ба шикасти охиринаш анчом ёфтанд.

То соли 1929 дар ҳудуди Осиёи Миёна ҳаракати босмачигарӣ қариб батамом шикаст хӯрда буд. Аз рӯи маълумоти мавчуда дар ҳудуди ҶШС Узбекистон тақрибан 60 босмачӣ амал мекард, дар қаламрави ҶШС Туркманистон - 70 нафар, дар ҶМШС Точикистон бошад - беш аз 300 нафар амал мекарданд. Баъзан аз ҳисоби аз хорича (асосан Аз Афғонистон) ворид шудани дастаҳои яроқнок, ки дар боло ишора шуд, шумораи душманони амалкунандаи зидди шӯравӣ бамаротиб меафзуд.

Суръат гирифтани фаъолияти Иброҳимбеку Ҷунайдхон соли 1929 сабаби ба ҳаракат омадани дастаҳои парокандаи дар Афғонистон қарор дошта гардид. Моҳи апрели соли 1929 аз Афғонистон сарҳадро шика- ста, зиёда аз 10 дастаи босмачиён бо сарварии Усмонбек қӯрбошӣ, Эшони Исҳоқ, Чори Қаюм, собиқ сардори босмачиёни Фарғона, Кӯри Шермат, собиқ беки Қаротегин Фузайл Махсум ба қаламрави ҶШС Точикистон гузаштанд. Акнун онҳоро на майли гирифтани ҳокимият (онҳо медиданд, ки Ҳокимияти Шӯроҳо мустаҳкаму пойбарчо шудааст ва афтонданаш бо чунин қувва яқинан номумкин аст), балки аз як та- раф, ҳирси ғорат кардани молу амволи халқу давлат дар ноҳияҳои сарҳадӣ ва аз тарафи дигар, ба хӯчаинони ачнабии худ, пеш аз ҳама, ба намояндагони иғвоангези англис барои идомаи муборизаи зидди шӯроҳо умед бахшидан ба ин амали нопок водор карда буд. Бесабаб нест, ки ҳодисаҳои вайрон кардани сарҳад дар Помир ва дигар ноҳияҳои назди сарҳадӣ зуд - зуд такрор меёфт.

Ҳамин тариқ, чи тавре ки дар боло ишора рафт, моҳи апрели соли 1929 дар қатори дигар дастаҳои зиддишӯравӣ аз Афғонистон ба қаламрави Дарвоз дар деҳаи Ҷорф дастаҳои серодами Фузайл Махсум ва Кӯри Шермат гузаштанд. Онҳо тавонистанд, ки Қалъаихумбро ба даст даророанд ва дар муддати 4 рӯз аҳолиро дар зери шиканча гирифта, мағозаву дороии биноҳои маъмурӣ ва молу амволи сокинони ин марка- зи тумонро ба ғорат баранд.

Кӯри Шермат 15 апрел бо дастаи худ ба сӯи Ванч роҳ гирифт. Дар деҳаи Зулмобод (феълан Пачшанбеобод) бо аҳолии маҳаллӣ задухӯрди сахте сурат гирифт. Ба дастаи Кӯри Шермат давлатмандону рӯҳониёни матаассиби собиқ бекигарии Дарвоз ҳамроҳ шуда буданд. Ин дастаи ғоратгар чандин фаъолони сохти шӯравиро ба қатл расонд[64]. Муқобилияти сахти сокинони Ванч бо роҳбарии фаъолон, ки ба он коммунистон У. Мирзоев, С.Муҳаббатов, Ю. Қудратов, Д. Азизов ва дигарон то андозае вусъат гирифт, ки дастаи Кӯри Шермат шикасти қатъӣ хӯрда, босмачиён беяроқ карда шуданд[65].

Дар рафти ин ҳодисаи хунин яке аз мубориозони фаъоли роҳи озодӣ ва зидди душманони сохти Шӯравӣ, котиби Кумитаи комсомолии во- лости Ванчи Вилояти мухтори Бадахшони Кӯҳӣ Панчшанбе Саидаҳмадов ба ҳалокат расид.

Бюрои ҳизби коммунисти (б) Вилояти мухтори Бадахшони Кӯҳӣ ҳанӯз қабл аз сар задани ин воқеаҳо «вазъияти Ванч»-ро муҳокима на- муда, бо қарори худ аз 10 январи соли 1929 қайд карда буд, ки дар дастгоҳи идораи волости Ванч таъсири намояндагони иртичопарасти муттаассиб ва амалдорони тоинқилобӣ зиёд ба назар мерасад. Барои беҳтар намудани фаъолияти ин сохтор дар ҳайати Нурмамад Ғуломшоев, Гришко аз ичроияи вилоятӣ, Готфрид ва Наврӯзбеков аз ташкилоти ҳизбии Отряди Помир гурӯҳи корӣ фиристода шуд.

28 май пленуми Кумитаи ичроияи вилоят махсус маърӯзаи ҳисоботи оиди кори Кумитаи ичроияи Ванчро муҳокима намуда, маърӯзачиён Боймамадов ва Настасиенко қайд намуданд, ки бо омадани комиссия аз бюрои ҳизбӣ, шӯбаи махсус, Кумитаи ичроияи вилоятӣ ва корҳои анчомдодаи онҳо, аз чумла баъди аз вазифа озод намудани котиби ичроияи Ванч Зиёратуллоев ва муовини ӯ вазъият дар Ванч беҳтар шуд. Ҳамчунин кори шӯроҳо дуруст ба роҳ монда шудаанд.

Дар деҳшӯроҳои Техарв ва Водхуд барои вайрон кардани сиёсати ҳизб ва фаъолияти шӯроҳо интихоботи нав гузаронида шуд. Комисси- яи замин иваз ва ҳайати (шумораи) аҳолӣ аниқ гардид.

Пленум фаъолияти Кумитаи ичроияи волости Ванчро таҳлил наму- да, қайд кард, ки бо иваз кардани кормандони Кумитаи ичроияи Ванч, кори кумита «беҳтар гардид». Дар қарори пленум оиди фаъолияти Ку- митаи ичроияи Ванч (аз январи соли 1929 то якуми июни соли 1930) қайд шудааст, ки чорабиниҳои комиссияи ба Ванч фиристода шуда, натичаи хуб додаанд. Фаъолияти одамони содиқи ҳизб ва Ҳокимияти шӯравӣ хеле беҳтар гардид. Дар соҳаи иқтисодӣ ва мадании ин волост пешравӣ ба назар мерасид. Кӯшиши босмачиён пурра бартараф карда шуд. Ба корҳои роҳбарикунандаи ҳизбию шӯравӣ деҳқонони заҳматкаши маҳаллӣ чалб карда шуданд[66].

Чи тавре дар боло ишора рафт, соли 1924 дар Осиёи Миёна тақсимоти миллӣ-ҳудудӣ гузаронида шуд. Дар рафти тайёрӣ ва гузаро- нидани ин маъракаи муҳими сиёсӣ ва тақдирсоз бо мудохилаи ғаразноки чанде аз аъзои комиссияи тақсимотӣ аз чумлаи туркгароёни ӯзбек ва ҳамфикрони онҳо аз чумлаи точикони худро расман ӯзбек муаррифӣ намуда (Абдулло Раҳимбоев, Файзулло Хочаев) ва бечуръатии ҳайати зеркомиссияи точикӣ (Ч. Имомов, А. Ҳочибоев, М. Саидчонов), ки хеле баъдтар, ҳамагӣ 3 рӯз пеш аз муҳокимаи мутора- каи сарҳадҳо барои Вилояти мухтори Точикистон ба кори Комиссия ҳамроҳ карда шуда буданд, ба ҳалли одилони ин масъала барои точикон имкон надод.

Шашуми сентябри соли 1924 ҳудуди Вилояти мухтори Точикистон аз тарафи Комиссияи ҳудудудмуайянкунӣ тасдиқ шуд. Қарори онро 7 сентябр Бюрои осиёимиёнагии Кумитаи марказӣ маъқул шуморид. Ва- ле мудохилаи қатъии Раиси Кумитаи марказии ичроияи Бухорои Шарқӣ Нусратулло Махсум (Лутфуллоев), ки баъди ба Тошкент ома- дан бо протоколи Комиссия шинос шуда буд, ба ин қарор тағйироти чиддӣ даровард. У бо мактуб ба И.В. Сталин мурочиат карда қайд на- муд, ки «масъалаи ба манфиати точикон дахл дошта, ғайриодилона ҳалли худро ёфтааст». Маҳз ҳамин мудохилаи Нусратулло Махсум буд, ки Комиссия қарори худро тағйир дода ба чои вилояти мухтор таъсис додани Ҷумҳурии мухтори Точикистонро ба мақсад мувофиқ донист[4].

Бисту шашуми октябри соли 1924 Пленуми Кумитаи марказии Ҳизби коммунисти (болшевикӣ) Русия (КМ РКП(б)) масъалаи тақсимоти миллӣ-ҳудудии Осиёи Миёнаро муҳокима кард. 27 октябр Сессияи дуйюми Кумитаи ичроияи марказии (КИМ) ИҶШС қарорҳои КИМ-и ҶМШС Туркистон, қурултойҳои 5-ми Шӯравии Умумибухороӣ ва 5-ми ШӯравииУмумихоразмиро тасдиқ карда, пешниҳоди Сессияи дуйюми КИМ-и Федератсия Шӯравии Сотсиали- стии Русияро қонеъ намуд. Моҳҳои ноябр - декабри соли 1924 масъа- лаи пурра ба расмият даровардани сохтори давлатии чумҳуриҳои на- втаъсисёфта дар Осиёи Миёна пурра анчом ёфт.

Мувофиқи он Ҷумҳуриҳои Шӯравии Сотсиалистии Узбекистон ва Туркманистон таъсис ёфтанд. Точикистон чун Ҷумҳурии мухтор ба ҳайати ҶШС Узбекистон шомил гардид. Ин чумҳурии навтаъсис, аз эҳёи давлатдории точик дарак медод. ҶМШС Точикистон ба ғайр аз чанде бекигариҳои собиқи Бухорои Шарқӣ, ки чун вилоятҳои Душан- бе, Қӯрғонтеппа, Кӯлоб, Ғарм, ҳамчунин ноҳияҳои Уротеппа, Панчакент, Вилояти мухтори Бадахшони кӯҳиро (ВАБК) дар бар меги- рифт. Чун воҳиди маъмурӣ ВАБК тибқи қарори Президиуми КИМ ИҶШС аз 2 январи соли 1925 таъсис ёфта, ба ҳайати ҶМШС Точикистон дохил гардид. Хучанд, Нов, Исфара, Конибодом, Ашт (аз

соли 1926 чун округи Хучанд) то соли 1929 бевосита дар ҳайати ҶШС Узбекистон нигоҳ дошта мешуданд.

26 ноябри соли 1924 Кумитаи инқилобии ҶМШС Точикистон - ор- гани олии муваққатии ҳокимияти давлатӣ таъсис дода шуд. Дар мурочиатномаи худ аз 7 декабри ҳамин сол ба тамоми заҳматкашони чумҳурӣ Кумитаи инқилобӣ аз ташкилёбии Ҷумҳурии Мухтори Шӯравии Сотсиалистии Точикистон хабар дод. Дар мурочиатнома ҳамчунин вазифаҳои муҳимтарини чумҳурии навтаъсисёфта, аз қабили таъмин намудани ҳаёти осоишта, барқарор кардани хочагии халқ ва чорачӯиҳо доири маҳви бесаводӣ сухан мерафт.

Ҳудуди умумии ҶМШС Точикистон 135 620 километри мураббаъ буда, аҳолиаш ба 739,5 ҳазор нафар мерасид, ки аз он 65,4%-ро точикон ташкил медоданд[5].

Дар чумҳури Кумитаи инқилобӣ аз 5 феврали соли 1925 ба фаъоли- ят оғоз намуд. Пойтахти ҶМШС Точикистон Душанбе интихоб карда шуд. Бояд қайд кард, ки Кумитаи инқилобии чумҳурӣ 15 мартро чун рӯзи расман эълон кардани ҶМШС Точикистон қабул кард. Ба ин му- носибат барқияи табрикии Котиби генералии КМ РКП (б) И. В. Сталин ирсол шуд.

Эълон шудани ҶМШС Точикистонро дар қатори дигар вилоятҳо со- кинони вилояти Ғарм, ки тумони Дарвоз чун воҳиди маъмурии он ҳисоб меёфт, бо хушнудӣ ва ифтихори хосса истиқбол намуданд. Дар ҳама чо намоишҳои идона барпо шуданд.

Дар нисбати точикон, ба ҳамаи қубҳи худ нигоҳ накарда, тақсимоти миллӣ-ҳудудӣ барои ин халқи қариб ҳазор сол заҳри бедавлатиро ча- шида, падидаи таърихии тақдирсоз ҳисоб меёбад. Ин зинаи ҳалкунандае буд дар эҳёи давлатдории точикон ва ба мустақилияти воқеӣ соҳиб гаштани халқе, ки дар тамаддуни башар нақши пойдоре гузоштааст.

Солҳои 1926-1929 дар ҶМШС Точикистон сохтори маҳаллӣ ба чу- нин воҳидҳои маъмурӣ тақсим мешуд:

а) Дар қисми аз ҳисоби Ҷумҳурии Халқии Шуравии Бухоро, ки ба ҳайати ҶМШС Точикистон гузашта буд: вилоят-тумон-кент-чамоат;

б) Дар қисми худудии аз ҳисоби Ҷумҳӯрии мухтори Туркистон ба ҶМШС Точикистон ҳамроҳ шуда ба: вилоят-волост - деҳа чудо мешуд.

Моҳи ноябри соли 1926 кентҳо чун воҳиди маъмурӣ барҳам дода шуданд. Ҳамин тариқ дар ҳарду қисмати Точикистон чунин тарзи идо- ракунии маҳалии сезинагӣ қарордод шуд: вилоят-волост-деҳа барои ноҳияҳои шимолӣ; вилоят-тумон-чамоат барои дигар ноҳияҳо.

Дар ин давра, вобаста ба тақсимоти ишорашуда ҶМШС Точикистон 22 тумон, 18 волост, 200 чамоатро дар бар мегирифт. Моҳи декабри соли 1927 Президиуми КИМ-и ҶМШС Точикистон шумораи нави шӯроҳои чамоатиро тасдиқ намуд. Мувовиқи он шумораи онҳо аз 274

ба 312 расонда шуд. Акнун онҳо аз рӯи ҳудуд хурд, вале ба халқ наз- диктар шуданд. Дар миёнаи соли 1929 ҳамаи вилоятҳо ба округ табдил дода шуданд[6].

Дар тақсимоти маъмурии маҳаллӣ дар ҶМШС Точикистон борҳо тағйироти чузъӣ ба амал омадааст. Ин барои вилояти Ғарм, ки тумони Дарвоз (Қалъаихумб) дар ҳайати он чой дошт, истисно набуд. Чи тавре пештар ёдовар шудем, баъди ғалабаи инқилоби Бухоро сохтори ҳудуду сохтори маҳаллии маъмурӣ куллан тағйир дода шуд. Ба чои беки- гариҳои Қаротегин ва Дарвоз вилояти Ғарм таъсис ёфт. Амлокдориҳои даврони амирӣ ҳам аз чиҳати шумора ва ҳам аз чиҳати ҳудуд тағйир до- да шуда, воҳиди нави маъмурӣ тумонҳо таъсис ёфтанд. Солҳои 1920-1924 вилояти Ғарм, ки воҳиди маъмурии Ҷумҳурии халқии Шӯравии Бухоро ҳисоб меёфт, тумонҳои Ғарм, Ҷиргатол, Оби Гарм, Тавилдара, Қалъаи Ҳоит, Дарвоз ва Қалъаи Лабиобро дар бар мегирифт. Соли 1924 - соли аввали таъсисёбӣ дар ҳайати вилояти Ғарм дар қатори ин тумонҳо Тавилдара нишон дода нашудааст. Шояд он замон ин тумонро барҳам дода ҳудудашро ба тумонҳои ҳамсоя ҳамроҳ карда бошанд. Мувофиқи санадҳои соли 1925 ба ҳайати вилояти Ғарм туманҳои Ванч, Ғарм, Дарвоз, Ҷиргатол, Қалъаи Лабиоб, Қалъи Ҳоит ва Оби Гарм дохил шудаанд. Соли 1927 дар номгӯи тумонҳо аз нав Тавилдара ҳамроҳ шуда, Ванчу Қалъаи Лабиоб нишон дода нашудаанд. Ванч аз ин давра, чун во- лост солҳои 1926-1930 ба ҳайати Вилояти мухтори Бадахшони Кӯҳӣ шомил шуда буд. Тумони Қалъаи Лабиоб бошад, барҳам дода шуда, ҳудудашро дар байни тумонҳои ҳамсоя тақсим карданд. Соли 1929 то таъсисёбии ҶШС Точикистон Вилояти Ғарм дар қатори дигар вилоятҳо ба округ табдил ёфт ва ба чои тумонҳо номи ин воҳидҳои маъмурӣ ба районҳо (ноҳия) иваз шуданд. Акнун ба ҳайати округи Ғарм ноҳияҳои Ғарм, Ҷургатол, Қалъаихумб, Тавилдара ва Ҳоит дохил шуданд. Аз ах- бори боло бармеояд, ки дар тамоми давраи мавчудияти ҶМШС Точикистон Дарвоз (Қалъаихумб) чун воҳиди маъмурӣ (тумон ва район) ба қаламрави вилояти (округи) Ғарм дохил мешуд.

Чи тавре хонанда пай бурд, акнун номи Қалъаихумб ҳамчун номи район (ноҳия) расман қабул шуда буд. Ин бесабаб набуд. Аз як тараф, ҳудуди пештараи шоҳигарӣ ва сипас бекигарии Дарвоз ба якчанд воҳидҳои маъмурии нав чудо карда шуда, акнун тумон ва аз соли 1930 ноҳия (район) фақат дар ҳудуди қаламрави соҳили рости дарёи Панчи собиқ амлокдории Қалаъаихумб маҳдуд гардида буд, аз тарафи дигар, ба роҳбарияти ҳизбию давлатӣ бетағйир нигоҳ доштани номи Дарвоз, ки аз воҳиди маъмурии тоинқилобӣ дарак медод, номувофиқ менамуд.

Албатта, дар ҳамин ҳадд метавонем, тағйироти маъмурии дар оянда сурат гирифтаро дар ҳамбастагӣ бо бобҳои дигари китоб ба хонанда муаррифӣ намоем, вале аз диди мо самти дурусти гузориши масъала метавонад, канда шуда, коҳиш ёбад. Аз ин қарор бояд тағйироти

маъмурии дар тамоми давраи баъдиинқилобӣ ба вучуд омадаро яклухт азназар гузаронем.

Мувофиқи далелҳои расмӣ ҳайати ин воҳиди маъмурӣ дар солҳои оянда ба тариқи зайл сурат гирифт: 14 декабри соли 1930 тумони Қалъаихумб ба ноҳияи Қалъаихумб иваз шуда, ба он волости пештараи Ванчи (бо бардоштани имтиёзи воҳиди волостӣ) аз ҳайати Вилояти мухтори (автономӣ) Бадахшони Кӯҳӣ чудо кардаро пайваста, бевосита ба тобеъияти мустақими ҶШС Точикистон гузарониданд. Ин шакли мавчудияти воҳиди маъмурӣ барои Қалъаихумб то соли 1938 нигоҳ дошта шуд. Тағйироти минбаъда ин буд, ки тибқи Қарори Кумитаи ичроияи марказии ҶШС Точикистон аз 29 майи соли 1933, № 46, Ванч чун воҳиди навтаъсиси маъмурӣ - ноҳия (район) бо марказаш деҳаи Рохарв (бо тағйири номи он ба Ванч) аз ҳайати ноҳияи Қалъаихумб чудо карда шуд. Ноҳияи Ванч дар асоси Қарори Президиуми Кумитаи ичроияи марказии Шӯроҳои ҶШС Точикистон аз 11 августи соли 1937, № 43 бо деҳшӯроҳои Ванч, Водхуд, Рованд, Техарв, Жовуд ва Язгулом ба ВАБК (ВМКБ) ҳамроҳ карда шуд.

Солҳои 1938-1939 ноҳияи Қалъаихумб дар ҳайати округи Ғарми ҶШС Точикистон нигоҳ дошта мешуд. Солҳои 1939-1957 ин ноҳия дар тобеъияти вилояти Ғарми ҶШС Точикистон ва аз 26 августи соли 1957 ноҳияи Қалъаихумб ба ҳайати ВАБК гузаронида шуд.

28 сентябри соли 1955 ба сабаби барҳам додани ноҳияи Тавилдара (ин ноҳия солҳои 1920-1924 дар ҳайати тумони Дарвози вилояти Ғарм; солҳои 1924-1929 чун тумони воҳиди ҳамон вилоят; 1929-1931 - тумо- ни округи Ғарм; 1931-1938 чун воҳиди маъмурӣ - ноҳия бевосита дар тобеъияти чумҳурӣ буд; 1938-1939 ноҳия дар ҳайати округи Ғарм; 1939

- дар ҳайати Вилояти Ғарм буд. Эҳёи навини ин ноҳия ба давраи истиқлолият рост меояд) деҳшӯроҳои Сағирдашт ва Пуштароғ ба ноҳияи Қалъаихумб ҳамроҳ карда шуданд. Баъди чанде тибқи фармони расмии органи олии қонунбарори чумҳурӣ аз 29 ноябри соли 1955 деҳшӯроии Пуштароғ барҳам хӯрда ин деҳа ба ҳайати деҳшӯрои Сағирдашти ноҳияи Қалъаихумб ҳамроҳ карда шуд. Дар асоси Указӣ (фармони) Шӯрои Олии ҶШС Точикистон аз 25 майи соли 1956 деҳшӯрои Ёгед барҳам хӯрда деҳаҳои он - Шкев, Ёгед, Шурговад ва Равнов ба ҳайати деҳшӯрои Нулванд, Паткнов, Дуробак ва Сангев ба ҳайати деҳшӯрои Қалъаихумб гузаронида шуданд.

Чунин тағйиротҳои чузъи ва саросарӣ солҳои оянда низ гузаронида шуданд. Дар асоси Указӣ Президиуми Шӯрои Олии ҶШС Точикистон аз 28 июли соли 1956 деҳаи Пшихарв аз ҳайати деҳшӯрои Вишхарв чудо ва ба ҳайати деҳшӯрои Водхуди ноҳияи Ванч ҳамроҳ карда шуд. Аз ибтидои солҳои 60-ум роҳбарияти ИҶШС бо ташаббуси котиби ав- вали КМ КПСС (ҲКИШ) маъракаи васеъгардонии воҳидҳои маъмури- ро пеш гирифтанд. Аз таъсири ин сиёсати нави марзбандии маъмурии Ҷумҳурии Точикистон низ дар канор буда наметавонист.

Тибқи Указн Президиуми Шурои Олии ҶШС Точикистон аз 4 янва- ри соли 1963 ноҳияҳои Қалъаихумб ва Рӯшон чун воҳиди маъмурӣ барҳам хӯрда, ба ноҳияи Ванчи ВАБК ҳамроҳ шуданд. 4 декабри соли 1964 деҳшӯрои Хости ноҳияи Ванчро расман бекор карда, деҳаҳои Зев ва Хобро ба деҳшӯрои Қалъихумб, деҳаи Руботро бошад, ба ҳайати деҳшӯрои Сағирдашт гузарониданд. Билохира дар асоси Указн Прези- думи Шӯрои Олии ҶШС Точикистон аз 6 январи соли 1965 ноҳияи Қалъаихумб аз нав дар ҳайати деҳшӯроҳои Вишхарв, Қалъаихумб, Нулванд, Сағирдашт таъсис ёфта, аз ҳайати ноҳияи Ванч бароварда шуд. Дар асоси ин Указ Рӯшон, ки дар як вакт бо Қалъаихумб ба ноҳияи Ванч ҳамроҳ карда шуда буд, дар заминаи деҳшӯроҳои Баррӯшон, Бар- танг, Басид, Рӯшон ва Шидз аз нав чун ноҳия таъсис ёфта, аз ноҳияи Ванч чудо карда шуд[7]. Ахиран дар доираҳои расмӣ, ба чӣ сабаб бошад зарурат пайдо шуд, ки номи ин ноҳияро аз нав тағйир дода, боз аз нав Дарвоз номгузорӣ намуданд. Чунин номгузорӣ ба маънои сиёсӣ ва чуғрофии таърихӣ ё классикии он мувофиқат намекунад. Ҳудуди куну- нии ноҳияи Дарвоз фақат ба қисми соҳили рости дарёи Панчи амлокдо- рии тоинқилобии Қалъаихумб ва як қисми амлокдории Сағирдашт баро- бар буда, масоҳати камтар аз шашяки ҳудуди собиқ шоҳигарии Дарвоз- ро дорад. Аз ин лиҳоз бетағйир мондани номи Қалъаихумб барои ин ноҳия ба ҳақиқати ҳол бештар мувофиқат мекунад.

Дар инчо бамаврид аст, ки номгӯи деҳаҳои деҳшӯроҳои (феълан деҳчамоа ё чамоат) ноҳияи Дарвозро муаррифӣ намоем, то хонанда та- вонад, ҳудуди имрӯзаи Дарвозро ба замони шоҳигарӣ ва давраи беки- гарии он муқоиса намояд.

**Деҳчамоаи (чамоат) Вишхарв** бо марказаш Ҷорф чунин деҳаҳоро дар бар мегирад: Ҷорф, Бровг, Вишхарв, Висхарв (деҳаи Сари Висхарв, ки ҳоло одам надорад), Кеврон, Курговад, Пошхарв, Тоғмай, Хурк ва Ғож (ин деҳа низ имрӯз беодам аст)

**Қалъаихумб**. Маркази чамоат - Қалъаихумб. Деҳаҳои чамоат: Қалъаихумб, Анчирак, Даштилуч, Дробак, Зев, Зинг, Паткуноб, Рузвай, Сангевни Дароз, Хек, Хумбиварӣ, Хушарвак, Ширг, Хост, Гишун.

**Нулванд**. Марказаш Сангевн. Деҳаҳои дар ҳайати ин чамоат буда: Сангевн, Ёгед, Жаг, Зиғар, Нулванд, Пунишор, Ушхарв, Хостав, Шкев, Шурговад.

**Сағирдашт**. Марказаш Сағирдашт. Деҳоти дар ҳайаташ буда: Сағирдашт, Инкӯҳ, Қалаиҳусейн, Камчак, Кулумба, Кулумбаи боло, Лухч, Оҳангарон, Рубот, Садиқа, Саидон, Сайёд, Сафедорон, Хур, Чухкак, Шоҳорун.

Хеле коста гардидани ҳудуди классикии Дарвозро қайд намуда, ба маврид аст, ки аз қисмҳои аз шоҳигарӣ ва баъдан бекигарӣ чудо карда, ба таври хеле кӯтоҳ ҳам бошад, ёдовар шавем. Чи тавре хонанда огаҳӣ дорад, баъди дар байни Русия ва Англия ба имзо расидани шартномаи

тақсимоти сарҳадӣ дар Помир, соли 1895 ҳудуди қисми чапи дарёи Панчи Дарвоз пурра ба ихтиёри Афғонистон гузашт. Дар асоси ин тақсимоти ниҳоят ноодилонаи ду давлати абарқудрати империалистӣ точикони минтақаи Помиру Бадахшон ва аз бекигариҳои Бухорои Шарқӣ Дарвоз, бар хилофи хоҳиши худ, ичборан ба ду қисм чудо кар- да шуданд. Тарафи рости соҳили Панч ба ихтиёри аморати Бухоро, ки худ дар зери тобеъияти (протекторат) Русия карор дошт ва соҳили чап ба Афғонистони асосан тобеъияти Англияро пазируфта, дода шуданд.

Аз рӯи маълумоти мавчуда, ба тобеъияти Афгонистон чунин амлокдориҳои Дарвоз дода шуданд:

1. **Амлокдории Хоҳон** бо деҳаҳои Хоҳон, Парихон, Гулмонак, Качӣ, Дарбандак (Камар), Кӯлдара, Тан, Сафедсанг, Гузун, Лухмон, Селдун, Зрич, Говреша, ки ин 13 деҳа аз 531 хочагӣ иборат буда, шу- мораи умумии аҳолиашон тахмин ба 1 593 нафар мерасид.

2. **Амлокдории Кӯф** бо деҳаҳои: Пфои Марз, Дроч, Шихарв, Чит- нев, Бохарв, Корнев, Пошар, Пуфи, Нухшор, Калъаикӯф, Шуфон, Пидей, Нишур, Явгар, Имч, Пасфитак, Хирм, Якром, Убагин, Дарем. Ҳамагӣ ин 20 деҳа аз 457 хонавода иборат буда, шумораи умумии аҳолиашон ба 1 371 мерасид.

3. **Амлокдории Шикай** аз ин 11 деҳа иборат буд: Пуфлон, Мшити, Дарюн, Водхич, Рованак, Арзинг, Моймаяк, Ҷерф, Ғӯмай, Зинчира, Шиназм, Санглич, Шаброғ (аз ин миқдори 13 деҳа дар 2-тоаш: Водхич ва Шаброғ шумораи маскунин нишон дода нашудаанд, шояд истиқоматкунандагони онҳо мавсимӣ буданд). Дар 11 деҳаи дигар 448 хонавода буда, шумораи умумии сокинонашон ба 1 384 нафар мерасид.

4. **Амлокдории Жумарч** аз 5 деҳа (Жумарч, Варфад, Омурн, Ғӯмай, Варм) иборат буда, дар 255 хонаводаи онҳо 765 аҳли нуфус будааст.

5. **Қисмати чапи дарёи Панҷи амлокдории Қалъаихумб**, ки ба ихтиёри Афғонистон гузашт, чунин деҳаҳоро дар бар мегирифт: Дудеҳа, Ходара (Кудара), Ҳуванд, Занг, Наргов, Мунав, Нусай, Жавай Зиғар, Удрум, Зин, Дирав, Возарт, Шириён, Хиркад, Париат, Убагн, Жумарч, Рузваяк, Моймай, Чайроғ, Ҷиюншоӣ, Султонбахтӣ, Ворис, Чоштак. Деҳоти номбурда аз 929 хонавода дошта, шумораи сокинона- шон аз 2 787 нафар иборат буд[8].

Аз амлокдориҳои дигаре, ки баъди сарҳадмуайянкунии соли 1895 дар ихтиёри бекигарии Дарвоз монда буданд, баъди инқилоб аз ҳудуди он куллан чудо тақсимбандӣ шуда, чунин воҳидиятҳои маъмурии маҳаллиро (тумону волост ва ноҳия) ташкил мекарданд, ки ҳам ному ҳудуд ва ҳам мансубияташон ба ин ё он вилоят қавӣ набуда, борҳо тағйир ёфтааст:

1. **Ванч**. То соли 1920 амлокдории Қалъаи Ванчи бекигарии Дарво- зи аморати Бухоро. Солҳои 1920-1924 чун тумони Ванч дар ҳайати ви- лояти Ғарми Ҷумҳури Халқии Шӯравии Бухоро чой дошт. Солҳои

1925-1926 Ванч чун чузъи тумони Қалъаихумби вилояти Ғарми ҶМШС Точикистон ҳисоб меёфт. 1926-1930 волости Ванч дар ҳайати ВАБК (ВМКБ) буд. 1930-1933 Ванч чун қисми ҳудуди ноҳияи Қалъаихумб бевосита дар тобеъияти чумҳурӣ буд. Тибқи Қарори Ку- митаи Ичроияи Марказии ҶШС Точикистон аз 29 майи соли 1933, №46 расман ноҳияи Ванч таъсис ёфта, то соли 1937 дар тобеъияти бе- воситаи чумҳурӣ қарор дошт. Дар асоси Қарори Президиуми КИМ-и Шӯроҳои ҶШС Точикистон аз 11 августи соли 1937, № 43 ноҳияи Ванч бо ҳамаи деҳшӯроҳояш: Ванч, Водхуд, Рованд, Техарв, Жовуд ва Язгулом расман ба ҳайати ҳудудии ВАБК (ВМКБ) гузаронида шуд. Бояд қайд кард, ки дар ин ноҳия дар солҳои баъдӣ боз якчанд тағйироти чузъии таркиббандии маъмурии дохилӣ ба назар мерасад. Аз чумла, бо сабаби пурра муҳочир кардани сокинонаш дар асоси Ука- зи Президиуми Шӯрои Олии ҶШС Точикистон аз 5 ноябри соли 1954 деҳшӯрои Язгулом барҳам ёфта, ҳудудаш ба деҳшӯрои Водхуди ноҳияи Ванч ҳамроҳ карда шуд.

Вобаста ба масъалаи муҳочирати ичбории сокинони Язгулом ба ноҳияи Куйбишеви водии Вахш бояд иқрор шуд, ки то андозае шитоб- корию беадолатӣ зоҳир гардид. Аввало, бояд ин амал дар асоси дуруст фаҳмондани зарурати чунин муҳочират ва бо роҳи ихтиёрӣ сурат ме- гирифт. Мисолҳои муҳочирати ихтиёрии сокинони деҳаҳои дурдасти бероҳаву мушкилгузари ноҳияҳои ВМКБ ба ноҳияҳои навбунёди во- дии Вахш кам нестанд, вале бе таёрии кофӣ, таъчилан пурра мардуми деҳоти нисбатан ободро ба чои ноообод кӯчондан аз рӯи адолати ҳуқуқӣ набуд. Сониян, барои муҳочиршудагон дар чои нави зист шароити нисбатан мӯътадили зиндагӣ муҳайё намудан лозим буд. Муҳочирати аҳли Язгулом барои мардуми ин диёри кӯҳӣ фочиабор омад. Ба иқлими гарму тоқатфарсои ҳанӯз нообoди водии Вахш тоб наоварда, бисёре аз солхӯрдагону кӯдакон фавтиданд. Намояндагони мардуми муҳочиршудаи водии Язгулом норозигии худро нисбати ин амали номақбули доираҳои расмӣ пинҳон надошта, дар назди биноҳои ҳизбию ҳукуматии чумҳурӣ намоишҳои эътирозӣ ташкил намуда, та- лаб мекарданд, ки барои баргаштани хоҳишмандон ба диёри авлодӣ ичозат диҳанд. Ҳукумати чумҳурӣ, ки акнун аз ин иқдоми нодуруст хулоса бароварда буд, барои баргаштани хоҳишмандон ичозат дод. Ҳарчанд қисме аз муҳочирон дар ноҳияи Куйбишев (ҳозира ноҳияи Ҷомӣ) зиндагии муқимиро ихтиёр карда, барои ободии он ҳисса гузош- тaанд ва имрӯз низ дар соҳаҳои гуногуни ичтимоӣ ва иқтисодии ин ноҳияи водии зархези Вахш ширкат доранд, баргаштагон диёри ачдодии худро аз нав обод карданд. Расман ин масъала бо Указы Пре- зидиуми Шӯрои Олии ҶШС Точикистон аз 5 сентябри соли 1956 оиди аз нав барқароркунии деҳшӯрои Язгулом дар ҳайати деҳаҳои Андар-
баг, Барнавад, Убагн, Бургуз, Заич, Жамаг, Жаваг, Вишхарв, Будун ва

Мотравн бо маркази деҳшӯро дар Андарбаг анчом ёфт. Албатта, мисо- ли муҳочир кардани мардуми Язгулом ҳеч гоҳ маънои тамоман маҳкум намудани сиёсати муҳочиркунии ҳизби коммунист ва ҳукумати марка- зии чумҳуриро надорад. Баръакс, ин сиёсати барои замон тақдирсоз буд. Бо садҳо далел натичаи онро дар пешравии чумҳурӣ, обод гардон- дани водиҳои киштбоби бекорхобида, пайдоиши шаҳру деҳоти нав, дар мачмӯъ дар беҳдошти сатҳи иқтисодию ичтимоии Точикистони азиз собит сохтан мумкин аст. Вале норасоиву камбуду шитобкориҳо буданд, ки мушкилиҳо ба сари мардум бор овარданд.

Тағйироти дигари нисбатан назарраси чузъиёти маъмурии ноҳияи Ванч он аст, ки дар асоси Указн Президиуми Шӯрои Олии ҶШС Точикистон аз 18 июли соли 1956 деҳаи Пшихарвро аз ҳайати деҳшӯрои Вишхарви ноҳияи Қалъахумб чудо карда, ба деҳшӯрои Во- дхуди ноҳия Ванч ҳамроҳ намуданд.

Дигар тағйироти нисбатан чиддии маъмурӣ дар рафти маъракаи но- матлубу ба зуди ислоҳталабе, ки Ҳукумати марказии Умумииттифоқӣ оиди васеъ кардани сохторҳои ҳудуди - маъмурӣ дар ибтидои солҳои 60-ум пеш гирифта буд, ба назар мерасад. Чӣ тавре ишора шуд, тибқи Указн Президиуми Шӯрои Олии ҶШС Точикистон аз 4 январи соли 1963 аз ҳисоби васеъшавии ҳудуди деҳшӯроҳо ва барҳам додану ба ноҳияи Ванч ҳамроҳ намудани ноҳияҳои Қалъаихумбу Рӯшон, ҳудуди ноҳияи Ванч қариб се баробар (аз 4 430 $км^2$ то 13 125, 1 $км^2$) васеъ гар- дид. Бояд тазаккур дод, ки ин сохтори ҳудудӣ-маъмурии нав дер напо- ид. Хатоии содиршударо ба назар гирифта, тибқи Указн Президиуми Шӯрои Олии ҶШС Точикистон аз 6 январи соли 1965 ноҳияҳои Қалъаихумбу Рӯшон аз нав барқарор шуданд.

Чунин тағйирот минбаъд дар ҳайати деҳшӯроҳо низ ба назар мера- сад. Масалан, дар асоси указҳои Президиуми Шӯрои Олии ҶШС Точикистон аз 25 апрели соли 1966 деҳшӯрои Водхуд (дар ҳайати деҳаҳои Баравн, Бунига, Вравз, Даштак, Лахш, Лугад, Узбай, Пшихарв ва нуқтаи обуҳавосанчии Хумроғӣ, ки аз деҳшӯрои Ванч чудо карда шуданд) ва аз 20 январи соли 1967 деҳшӯрои Жовуд (дар ҳайати деҳаҳои Баравн, Бунай, Жовуд, Потов, Рав ва Убгои аз деҳшӯрои Те- харв чудо шуда) аз нав таъсис ёфтанд.

**Тавилдара**. То соли 1920 Тавилдара яке аз амлокдориҳои бекигарии Дарвози Аморати Бухоро ҳисоб меёфт. Солҳои 1920-1924 дар ҳайати тумони Дарвози вилояти Ғарми Ҷумҳурии Халқии Шӯравии Бухоро қарор дошт. 1924-1925 тумони Тавилдара чун воҳиди маъмурии Ви- лояти Ғарми ҶМШС Точикистон маҳсуб буд. Солҳои 1929-1931 - ба ҳайси тумони округи Ғарми ҶШС Точикистон. 1931-1938 ноҳияи Та- вилдара дар тобеъияти бевоситаи чумҳурӣ буд. Соли 1937 аз ноҳияи Тавилдара чамоатшӯроҳои Арғанкун, Миёнаду ва қисми дуйюми Лочирк ба ноҳияи Сангвор дода шуданд. Ноҳияи Тавилдара дар ҳайати

8 деҳшӯро: Сафедорон, Сағирдашт, Пуштароғ, Гурхамб, Деҳи Калон, Хамдара, Ҳафтчироғ ва Чилдара нигоҳ дошта шуд. Соли 1940 аз ҳисоби Деҳшӯрои Чилдара деҳшӯрои нав - Сурхав таъсис ёфт. Соли 1950 тамоми сокинони Сурхав ба таври муташаккилона ба ноҳияи на- вободи Кировобод (собиқ ноҳияи Сароикамар) кӯчонда шуданд. 1938- 1939 - ноҳияи Тавилдара дар тобеъияти округи Ғарм буд. Соли 1939 чун ноҳия дар тобеъияти Вилояти Ғарм қарор дошт. Солҳои 1951-1952 сокинони деҳшӯроҳои Хамдара ва Ҳафтчироғ ба водии Вахш муҳочир карда шуданд. Соли 1952 ноҳияи Сангворро барҳам дода, худудашро аз нав ба ноҳияи Тавилдара омехтанд. Соли 1955 ноҳияи Тавилдара расман барҳам хурда, ахиран, соли 1991 аз нав таъсис ёфт.

**Сангвор**. То соли 1920 чун амлокдории Вахиёи Боло дар ҳайати бе- кигарии Дарвози аморати Бухоро чой дошт. Солҳои 1920-1924 дар то- беъияти тумони Дарвоз, вилояти Ғарми Ҷумҳурии Халқии Шӯравии Бу- хоро буд. 1924-1929 дар ҳудуди тумонҳои Дарвоз ва Тавилдараи вилоя- ти Ғарм ҶМШС Точикистон, 1929-1931 қисми тумони Тавилдара, окру- ги Ғарми ҶШС Точикистонро ташкил мекард. Солҳои 1931-1936 - дар ҳайати ноҳияи Тавилдара, ки бевосита тобеи чумҳурӣ буд, чой дошт. Соли 1936 аз ҳисоби чанд деҳшӯроҳои ноҳияи Тавилдара ноҳияи Сан- гвор дар асоси Қарори Кумитаи Ичроияи Марказии ҶШС Точикистон аз нав таъсис ёфт. Солҳои 1936-1938 ноҳияи Сангвор дар тобеъияти бево- ситаи чумҳурӣ қарор дошт. 1938-1939 - дар ҳайати округи Ғарм (аз соли 1939 вилояти Ғарм) буд. Соли 1952 ноҳияи Сангвор ба таври расмӣ барҳам хӯрда, ҳудудаш ба ноҳияи Тавилдара омезиш ёфт.

**Нулванд**. Соли 1942 аз ҳисоби як қатор деҳшӯроҳои ноҳияи Қалъаихумб дар тобеъияти вилояти Ғарм ноҳияи Нулванд таъсис ёфт. Соли 1953 ин ноҳия барҳам дода шуда, Нулванд чун деҳшӯро ба ҳайати ноҳияи Қалъаихумби вилояти Ғарм ҳамроҳ карда шуд. Дар асо- си Указиі Президиуми Шӯрои Олии ҶШС Точикистон аз 25 майи соли 1956 деҳшӯрои Ёгед барҳам хӯрда, деҳаҳои он: Шкев, Ёгед, Шурговад ва Равнов ба деҳшӯрои Нулванд ҳамроҳ карда шуданд. Ҳамин тариқ деҳшӯрои Нулванд бо марказаш Сангевн дар ҳайати деҳаҳои Сангевн, Ёгед, Жаг, Зиғар, Нулванд, Пунишор, Ушхарв, Хостав, Шкев, Шурго- вад пурра ба расмият даромад.

Чи тавре аз хулосаи навиштаҳои боло бармеояд, тақсимоти маъму- рии даврони Шӯравӣ яклухтии ҳудудии собиқ шоҳигарӣ ва баъдан бе- кигарии Дарвозро комилан дигар намуда, воҳидҳои маъмурии нав - ноҳияҳои (солҳои 20-ум волосту тумонҳо) Тавилдара, Сангвор, Қалъаихумб ва Ванч таъсис дода шуданд. (Сангвору Тавилдара борҳо ба ноҳияи Ғарм пайваставу чудо карда шудаанд).

Табиист, ки пурра ғунчонидани таърихи замони шӯравӣ ва кунунии ин ноҳияҳо дар ҳамбастагии ҳудудию маъмурии ҳозира мавриди таҳлил қарор ёфта наметавонад. Мантиқ дар алоҳидагӣ омӯхтани

онҳоро тақозо дорад. Доир ба ноҳияи Ванч, чӣ тавре дар боло ишора рафт, соли 2004 очерки муфассале таълиф шуда, ба дасти хонанда ра- сидааст. Ҳавзаи Хингоб-Вахё ва Тавилдара ба омӯзиши махсус ниёз дорад. Имрӯз барои Точикистон ва берун аз он номҳои олимони ин ди- ёр **Мӯсо Диноршоев, Ҳақназар Назаров, Иброн Шарифов, Сӯхроб Шарифов, Зокир Вазиров, Сироҷиддин Бандаев** ва дигар шахсиятҳое, ки дар рушди кишоварзӣ ва иқтисоди чумҳурӣ саҳми на- заррас доштаанд, аз қабили **Талбак Садриддинов, Додихудо Раҳматов** ва амсоли онҳо возеҳан маълуманд. Ҳадафи таҳлили амиқ қарор ёфтани даврони шӯравӣ ва кунунии ин диёр асоси воқеӣ дорад.

## ИБТИДОИ ДИГАРГУСОЗИИ СОТСИАЛИСТИИ ХОҶАГИИ ХАЛҚ

Аввалин чорабиниҳои шикасти муносибатҳои анъанавии хочагидорӣ, ҳалли масоили беҳдошти ичтимоӣ дар Бухорои Шарқӣ баъди ғалабаи инқилоб, дар давраи мудҳиштарини авчи чанги шаҳрвандӣ, ки дар таърих бо номи ҳаракати босмачигарӣ шӯҳрат пай- до кардааст, оғоз ёфта буд. Ҳукумати навтаъсиси Ҷумҳурии Халқии Шӯравии Бухоро бо ёрии Русия ва дигар чумҳуриҳои Иттиҳоди Шӯравӣ такя карда, барои беҳдошти вазъи иқтисодӣ ичтимоии тумону вилоятҳои Бухорои Шарқӣ кӯшиши зиёде ба харч медод.

Набудани роҳи оддии аробагард кумаки саривақтиро ба маротиб мушкил мегардонд. Вале ба ин нигоҳ накарда, Комиссияи Диктаторӣ 26 июли соли 1923 дар бораи ба вилояти Ғарм кашондани молҳои зарурӣ қарор қабул кард. Мувофиқи он комиссияи махсус таъсис ёфта, ба зимааш ҳалли ин масъала гузошта шуд. Бо ташаббуси аъзоёни ко- миссия аз Қарши ба Ғарм дар 42 асп ва 22 маркаб бори зарурӣ фири- стода шуд. Ба зами ин барои нисбатан мӯътадил гардонидани ҳолати боркашонӣ ва дарёфти воситаҳои (ҳайвоноти) боркашӣ барои вилоятҳои Кӯлоб, Қӯрғонтеппа ва Ғарм дар ҳачми 30 000 сӯм маблағ чудо карда шуд[9].

Соли 1924 ба аҳолии Бухорои Шарқӣ ба маблағи 800 000 сӯм пул ва мол чудо карда шуд. Моҳи апрели ҳамин сол Комиссияи Диктаторӣ барои деҳқонон дар ҳачми 50 000 пул қарзи бефоиза чудо намуд, ки аз ин 9 000 барои вилояти Ғарм буд. Дар худи ҳамин соли 1924 филиали Бонки тичорати Осиёи Миёна ба вилояти Ғарм 39 900 сӯм, баъди чанде боз 11 000 сӯм қарзи бефоизаи дарозмуддат чудо намуд. Ҳамчунин Шурои Меҳнат ва Мудофиаи ИҶШС 500 ҳазор, тибқи қарори анчумани Шӯроҳои Умумибухорои 200 ҳазор пуд ғалла, бо ташаббуси Шӯрои Ҳарбӣ-инқилобии Бухорои Шарқӣ 50 ҳазор пуд ғалла барои Бухорои Шарқӣ чудо кард. Чунин мисолҳо кам нестанд. Албатта, аз ҳамаи ин анвои қарзу ёрии ройгон муқдори муайяне барои вилояти

Ғарм, аз чумла ба тумони Қалъаихумб мерасид. Аз кӯмаки бевосита ба ин вилоят низ ахбори зиёде мавчуд аст. Масалан, тибқи қарори Комис- сияи Диктаторӣ аз 10 январи соли 1924 барои вилояти Ғарм 2 000 пуд қарзи бебозгашти тухмии ғалла дода шудааст. Солҳои 1923-1924 тамо- ми аҳолии Вилояти Ғарм аз андози давлатӣ озод буд.

Бо молҳои зарурии аҳолӣ таъмин намудани сокинони вилоят ҳамеша дар маркази диққати ҳукумати марказӣ қарор дошт. Солҳои 1923 - 1924 ба Бухорои Шарқӣ ба миқдори 1 450 ҳазор сӯм мол фири- стода шуд, ки он бо нархи аз 10 то 45% нисбати арзишаш арзон ба фурӯш гузошта шуд. Соли 1923 ба вилояти Ғарм дар ҳачми 16 000 сӯм мол ворид карда шуд. Соли 1924 бошад шӯъбаи савдои давлатии Бухо- рои Шарқӣ ба вилояти Ғарм дар ҳачми 70 450 сум мол ворид карда буд. Моли воридшударо аксаран бо маҳсулоти кишоварзӣ иваз мекар- данд. Ҳамин амалиёт буд, ки соли 1924 дар вилоят номояндагони Сав- дои давлатӣ 1700 пуд гандум, 600 пуд навъҳои дигари ғалладона чамъ оварданд. Чунин мисолҳо кам нестанд[10].

Маҳз натичаи ҳамин кӯмак буд, ки ба халалдор намудани ҳаёти осо- иштаи сокинони Бухорои шарқӣ дар гирудорҳои инқилобӣ нигоҳ на- карда, истеҳсолот рӯ ба афзоиш мениҳод. Масъалаи мубрами рӯз дар Бухорои Шарқӣ ва тамоми ҶХШ Бухоро ҳар чӣ тезтар ҳал намудани масъалаи аграрӣ ҳисоб меёфт. «Қонуни асосӣ оиди заминсозӣ ва исти- фодаи замин дар ҶХШ Бухоро», ки аз тарафи КИМ-и Шӯроҳои Умумибухорой соли 1923 қабул карда шуда буд, то андозае масъалаи истифодаи заминро ба эътидол овард. Гарчи масъалаи тамоман барҳам додани заминдории феодалиро ба миён нагузошта бошад ҳам, вале пе- ши роҳи дар оянда нигоҳ ва ривоч додани хочагиҳои калони заминдо- рии шахсиро маҳдуд кард. Акнун оилаҳои деҳқонии дорои 5 нафар хӯранда, ки дар ихтиёр 30 таноб (1 таноб бо 0,24 гектар баробар аст) замин доштаад, дар ҳамин ҳачми майдон маҳдуд мешуданд. Аввалин чорабиниҳо барои тақсими заминҳои амирӣ ва бекҳо дар байни деҳқонони камзамин ва безамин гузаронида шуданд. Нахустин иттиҳодияҳои деҳқонии «Ҷуфтгарон» ташкил ёфтанд. Давлат то рафт бештар барои пешравии хочагиҳои деҳқонӣ кӯмак мекард, аз чумла ба таври ройгон деҳқонони эҳтиёчмандро бо ғаллаи тухмӣ таъмин мекард. Вале хочагиҳои дар натичаи чанги ҳамватанӣ харобшударо аз нав барқарор намудан заҳмати ниҳоят сангинро талаб мекард. Ба ҳамаи чорачӯиҳо нигоҳ накарда, солҳои 1923-1924 майдони кишт ҳанӯз 40% майдони кишти соли 1914-ро ташкил медод. Саршумори чорво бошад, акнун ба 50% давраи пешазчангӣ расида буд[11]. Вале пешравии бо суръат қариб дар ҳамаи соҳаҳои хочагӣ ва сохтмони маданӣ мушоҳида мешуд. Ҳунармандию косибӣ ба кор даромад. Дастгоҳҳои косибии оҳангарӣ, бофандагӣ, рангдиҳӣ, чармгарӣ, равғанбарорӣ ва ғайра дар маркази вилоятҳо ва деҳаҳо ба таври чашмрас фаъолият намуда,

истеҳсолотро ба роҳ монда тавонистанд. Дар як худи вилояти Ғарм аз рӯи маълумотҳо 1291 нуқтаҳои косибчигӣ амал мекарданд[12].

Тақсимоти миллӣ-ҳудудии Осиёи Миёна ва таъсиси Ҷумҳурии Мух- тори Шӯравии Сотсиалистии Точикистон, чи тавре дар боби пештар ишора рафт, гарчи барои точикон марҳилаи пурра барқарор намудани адолати таърихӣ нагардида бошад ҳам, падидаи ниҳоят чиддиву тақдирсозе буд. Сохтори нави ташкилотҳои ҳизбию муассисаҳои идо- ракунии шӯравӣ барои пешравии тамоми соҳаҳои хочагии халқ ва со- хтмони маданӣ заминаҳои мусоидтаре фароҳам меовард. Мувофиқи қарори Кумитаи инқилобии ҶМШС Точикистон моҳи апрели соли 1925 дастгоҳи анъанаҳои маъмурии тоинқилобии оқсоқолон ва моҳи май - амлокдорон барҳам дода шуда, ичрои вазифаи онҳо, ки асосан аз гирифтани андоз иборат буд, ба зимаи кормандони Кумитаи инқилобӣ ва Комиссариати халқии молия гузошта шуд. Идораи қозиёт, аз сабаби дар Точикистон ҳанӯз дар низоми ичтимоӣ устувор будани рӯҳияи динӣ, то тирамоҳи соли 1928 нигоҳ дошта шуд. Ҳамин тариқ, тадричан аз байн бурдани боқимондаҳои дастгоҳи идоравии тоинқилобӣ эътибо- ру нуфузи Ҳокимияти Шӯроҳоро баланд мекард. Моҳҳои ноябр- декабри соли 1925 анчуманҳои шӯроҳои вилоятҳои Ғарм, Ҳисор, Кӯлоб ва Қӯрғонтеппа ва Помир гузаронида шуданд. Дар онҳо Куми- таи ичроияи Шӯроҳо интихоб шуданд, ки онҳо кумитаҳои инқилобиро иваз карда, ҳокимиятро ба даст гирифтанд. Натичаи интихоботи шӯроҳо 1-12 декабри соли 1926 даъват намудани Анчумани якуми Му- ассисони шӯрои депутатҳои коргару деҳқон ва аскарони сурх буд. Рӯзи якуми анчуман Декларатсия дар бораи таъсисёбии ҶМШС Точикистон қабул карда шуд. Декларатсия аз таъсиси расмии чумҳурӣ ва роҳи тараққиёти сотсиалистиро пеш гирифтани он дарак медод.

Анчумани муассисон тамоми ҳокимиятро ба Кумитаи Ичроияи Мар- казии ҶМШС Точикистон дода, онро ӯҳдадор кард, ки дар асоси Кон- ститутсияи ИҶШС ва ҶШС Узбекистон Конститутсияи ҶМШС Точикистонро тартиб диҳад. 12 декабри соли 1926 чаласаи аввали сес- сияи якуми КИМ-и ҶШС Точикистон корашро оғоз кард. Дар чаласа интихоботи Президиуми КИМ гузаронида шуда, ҳукумати Точикистон - Шӯрои Комиссарони Халқ ташкил ёфт. Раиси КИМ Нусратулло Махсум (Лутфуллоев) ва Раиси Комиссарони Халқ Абдуқодир Муҳиддинов ин- тихоб шуданд. Ҳамин тариқ, анчумани Муассисони Шӯроҳои Точикистон раванди ба дасти шӯроҳо гузаштани ҳокимиятро анчом дод[13]. Тамоми дигаргунсозиҳои сотсиалистии минбаъдаи ҶМШС точикистон ба фаъолияти КИМ ва комиссариатҳои халқӣ, ки зери роҳбарии ҳизби коммунист кору пайкор доштанд, вобастагӣ дошт.

Дигаргунсозиҳои чашмрас дар вилояти Ғарм, ки тумони Қалъаихумб дар ҳайаташ буд, мушоҳида мешуданд. Органҳои ҳизбӣ ва шӯравии вилоят барои ба деҳқонони камбағал додани замин тадбирҳои

муҳимро анчом доданд. Аз чумла моҳи феврали соли 1925 барои му- ташаккилона гузаронидани маъракаи кишту кор дар вилоят комиссияи махсус таъсис дода шуд. Мувофиқи қарордоди он аз ҳисоби заминҳои собик амалдорони амир, бойҳои маҳаллӣ, ки ба Афғонистон фирор карда буданд, ба деҳқонони эҳтиёчманд замин чудо карда, тақсим на- муданд. Дар вилоят маъракаи интихоботии соли 1925 низ дар асоси принсипҳои демократӣ гузаронида шуд. Ба ҳайати Кумитаи ичроияи вилояти Ғарм 25 % камбағалон, 65 -70% миёнаҳолон ва 4% амалдорони собиқи амир интихоб шуданд.

Маъракаи интихоботии соли 1927 боз муташаккилонатар гузашт. Дар асоси қарори бюрои ҳизбии вилояти Ғарм аз 8 июни соли 1927 якмоҳаи (аз 10 июн то 10 июл) маъракаи фаъол шудани кори шӯроҳо гузаронида шуд. Дар мачлису митингҳо, пленумҳои шӯроҳои чамоатӣ, Кумитаҳои ичроияи тумонҳо 609 баромаду маърӯзаҳо шунида шуданд, ки дар онҳо нақшаҳоиояндаи дигаргунсозиҳои сотсиалистӣ муҳокима карда мешуданд. Дар ин чамъомадҳо аз рӯи маълумоти мавчуда 25 630 нафар аз сокинони вилоят иштирок доштанд. Аз чумла чунин маърӯзаҳо дар Қалъаихумб низ гузаронида шуданд. Бояд қайд кард, ки рӯз то рӯз фаъолияти занҳо бештар ба назар мерасид. Дар ин тумон аз ҳисоби занҳо ба ташкилоти ҳизбӣ оиди қабули онҳо ба сафи ҳизби коммунист ариза ворид мешуд[14].

Солҳои 1927-1929 дар чумҳурӣ ду маъракаи аз нав интихоб кардани шӯроҳо гузаронида шуд. Азнавинтихобкунии солҳои 1927-1928 бо тайёрии пухта сурат гирифт. 3 ноябри соли 1927 барои такрор нашуда- ни хатоҳои интихоботҳои пештара (дар онҳо бештар намояндагони гурӯҳҳои майлони зиддишӯравӣ дошта интихоб шуда буданд, ки дар фаъолияти хеш ба таъсири қувваҳои аксулинқилобӣ роҳ медоданд. Аз ин сабаб коршиканӣ, хиёнат, торочгарии молу мулки чамъиятӣ, тарғиботи зиддишӯравӣ ва ғайра рӯирост ба назар мерасид). Дар ин азнавинтихобкунӣ 43% интихобкунандагон иштирок карданд. Аз чумла 14,6% интихобкунандаро занон ташкил медоданд, ки дар ҳайати депутатҳои шӯроҳои интихобшуда 7,3% ташкил карданд[15].

Вале ин интихобот натичаи дилхоҳ додан натавонист. Аввалан шу- мораи иштироки аҳолӣ дар интихобот кам буд, сониян, интихобот гурӯҳҳои зиддишӯравиро пурра рафъ кардан натавонист. Аз ин рӯ моҳи ноябри соли 1928 маъракаи нави интихоботи шӯроҳо оғоз ёфт. Дар ибтидо Кумитаи ҳизбии Точикистон «Ба тамоми заҳматкашони Точикистон» мурочиатнома қабул кард. Дар он таъкид шуд, ки «маъра- каи пешазинтихоботӣ бояд ба фишори пурзӯри душмонони синфӣ ва боз ҳам мустаҳкам гардидани мавқеи пролетариат, батракҳо, камбағалон дар иттифоқ бо миёнаҳолон табдил ёбад»[16].

Натичаи ин интихобот аз болоравии фаъолияти сиёсии аҳолии маҳаллӣ дарак медод. Дар интихобот 42,9% интихобкунандагон ишти-

рок намуданд. Азчумла занон 24,5 %-ро ташкил медоданд. Дар натича 75,7% депутатҳоро деҳқонон, 21,4% - батракҳо, 14,6% ро занон таш- кил медоданд. Ҳайати шӯроҳои чамоатӣ низ 71,8% иваз шуд[17].

Аз торафт бештар ба эътидол омадани вазъи сиёсӣ ва ичтимоӣ иш- тироки фаъоли занон дар ташкилотҳои ҳизбӣ ва шӯравӣ дарак медод. Агар дар интихоботи соли 1927-1928 дар вилояти Ғарм 900 зан ишти- рок дошта бошад, соли 1928-1929 ин миқдор ба 6 670 расид. Дар ҳайати 71 шӯрои чамоатии вилоят 1494 аъзо, аз чумла 1 348 ё 90,1% мардон, 148 нафар занон иштирок доштанд, ки аз чумла 9,9 %-ро занон ташкил мекарданд[18].

Дар асоси қарори КИМ-и Шӯроҳои ҶМШС Точикистон аз 2 июли соли 1927 курсҳои кӯтоҳмудати кормандони маҳалли ҳизбӣ ва шӯравӣ ташкил ёфтанд. Моҳи октябри соли 1927 дар шаҳри Душанбе курсҳои котибони шӯроҳо, ҳисобчиён ва кормандони ҳуқуқ оғози фаъолият на- муданд. Ҳамчунин курсҳои тайёркунандаи мутахассисони ба талаби замон мувофиқ дар вилояту тумонҳо кушода шуданд. ба ин восита му- тахассисони маҳаллӣ бештар ба кор чалб мешуданд.

Соли 1929 принсипи нави ташкили ноҳия чорӣ карда шуд. Мувофиқи он ҳамаи вилоятҳои чумҳурӣ округ номгузорӣ шуданд, ки онҳо дар навбати худ аз ноҳияҳо ташкил меёфтанд. Ҳамин тариқ, мувофиқи ин таркиббандӣ ҶМШС Точикистон округҳои Кӯлоб, Панчакент, Ғарм, Ҳисор, Қӯрғонтеппа ва Вилояти мухтори Бадахшони кӯҳиро дар бар мегирифт. Ҳамаи ин корҳо барои баланд шудани сатҳи худшиносии миллӣ ва дар ояндаи наздик таъсис ёфтани ҶШС Точикистон заминаи мӯътамад тайёр мекарданд.

Бояд қайд кард, ин тадбирҳо дар шароите гузаронида мешуданд, ҳаракати аксулинқилобӣ ҳанӯз идома дошт ва раванди дигаргунсозиҳои сотсиалистиро чиддан халалдор мекард. Акнун мебо- ист ба ҳамаи ин мушкилиҳо нигоҳ накарда, таҳкурсии боэътимоди иқтисодӣ, ки асосӣ ин гузаришро таъмин мекард, сохта мешуд. Бале, мушкилиҳо хеле зиёд буданд ва аксаран онхо ба сабаби ба вазъият ду- руст сарфаҳм нарафтани деҳқонони худро ҳанӯз дар итоати заминдо- рони хурду бузург эҳсос мекардагӣ вобаста буд. Масалан, дар Дарвоз заминҳои зиёди лалмии дар доманакӯҳҳои Сағирдашт, ки то инқилоб моликияти амалдорони амир ҳисоб меёфтанду ба тариқи «шарикӣ» деҳқонони камзамину безамини маҳаллӣ киштукори оҳоро ба ӯҳда доштанд ва аз маҳсулоти ба дастомада миқдори ночизе насибашон ме- гашт. Акнун баъди шикаст хӯрдани дастаҳои аксулинқилобӣ ва ба Афғонистон фирор намудани боқимондаҳои онҳо ин заминҳо ба камбағалон дода шуданд. Вале баъди киштукор ва ҳосилғундорӣ мо- нанди замони гузашта онҳо худро тобеъ ҳисоб карда, қисми асосии ҳосилро ба соҳибони собиқи ин заминҳо ба Афғонистон мефиристо- данд.

Вобаста ба ин масъалаҳо ба аҳолӣ вазъият ва ғалабаи бебозгашти Ҳокимияти Шӯроҳоро фаҳмондан лозим буд. Дар ҳалли ин масъала ва умуман аз рӯҳияи деҳқонон дур намудани ҳароси бозгашти гумошта- гони амир ташкили милитсияи халқӣ роли ҳалкунанда бозид. Дар Қалъаихумб солҳои 1929-1930 милитсияи халқӣ таъсис ёфта, фаъолона ба ичрои вазифаи худ - таъмини бехатарӣ ва осоиштагии мардум оғоз намуд. Дар он солҳои таҳлукабор, ки аксулинқилобиён гарчи нокомии сиёсии худро пурра медонистанд, ба иғвои хӯчаинони ачнабии худ ба сарҳадшиканӣ даст мезаданд. Аввалин милитсионерони тумон - ноҳияи Қалъаихумб Рӯстам Кӯлобӣ, Азиз Юнус, Зайд Шоев, Латиф Каримов, Шер Беков, Шокарим Каримов, Хушвахт Шарифов ва дига- рон дар нигоҳ доштани тартиботи чамъиятӣ ва гирифтани пеши роҳи сарҳадшиканӣ хизмати босазое анчом додаанд[19]. Давлат барои беҳдошти зиндагии камбағалон ҳеч чизро дареғ намедошт. Хочагиҳои камбизоат аз андоз озод карда шуданд. Фақат дар вилояти Ғарм со- ли1929 20 ҳазор хочагиҳо аз андоз пурра озод карда шуданд, ки 70% хочагиҳои деҳқониро ташкил мекарданд. Инро дар тамоми Точикистон мушоҳида кардан мумкин буд. Масалан, солҳои хочагии 1926-1927 ба хочагии кишоварзии ҶМШС Точикистон 4,2 млн сӯм маблағ сарф шу- да, даромади аз андоз гирифташуда бошад, ҳамагӣ 0,2 млн сӯмро таш- кил мекард. Солҳои 1927-1928 бошад 6,4 млн ва даромади аз андоз ги- рифта 1,3 млн сӯмро ташкил мекард[20].

Яке аз роҳҳои бо маҳсулоти кишоварзӣ таъмин намудани аҳолӣ муҳочирати ихтиёрӣ аз деҳоти камзамини баландкӯҳ ба водиҳо ҳисоб меёфт. Аз рӯи маълумоти Н.А. Кисляков фақат дар солҳои 1927-1928 аз вилояти Ғарм 1 307 хочагии деҳқонон ихтиёран муҳочир шуданд. Барои ин муҳочират давлат 427 ҳазор сӯм чудо кард[21]. Вале аз рӯи маълумоти дақиқтари баъдина солҳои 1927-1928 аз ин вилоят 1 575 хочагӣ ба вилоятҳои Қӯрғонтеппа ва Ҳисор муҳочир шуда бошанд, солҳои 1928-1929 ин рақам 1 096 хочагиро ташкил мекард. Фақат аз тумони Қалъаихумб шумораи муҳочиршудагон дар ин ду давра 175 ва 124 хочагиро ташкил мекард. Аз ин ҳисоб бармеояд, ки солҳои 1927- 1929 аз тумони Қалъаихумб ба вилоятҳои Қӯрғонтеппаву Ҳисор 299 хочагӣ ихтиёран муҳочир шудаанд[22].

Аз пешравии вазъи иқтисодӣ-ичтимоии вилоят зиёдшавии бучаи ви- лояти дарак медиҳад. Аз рӯи маълумоти оморӣ солҳои 1927-1928 қисми даромади буча 114, 2 ҳазор ва харочоти он 324, 9 ҳазор сӯмро ташкил медод. Солҳои 1928-1929 ин миқдор мутаносибан ба 122, 8 ва
454,6 ҳазор сӯм расонда шуд. Дефитсити харочотро давлат мепӯшонд. Ба замми ин ҳар сол маблағи қарзи давлатӣ барои пешравии соҳаи кишоварзӣ зиёд мешуд, ки қисми зиёдаш қарзи бебозгашт ҳисоб ме- ёфт. Ҳамчунин барои эҳтиёчмандон ғаллаи тухмӣ чудо карда мешуд. Ҳамин ёрмандии беғаразона буд, ки дар арафаи таъсиси ҶШС

Тоҷикистон таъмири иншоотҳои обёрикунӣ (ирригатсионӣ) васеъ кар- дани майдони кишт, афзудани саршумори чорво ба дараҷаи пешазинқилобӣ расид ва баъзе рақамҳои дигар, аз ҷумла истеҳсоли косибӣ, роҳсозӣ, кашондани молҳои саноатӣ (мануфактура, пойафзол, асбобҳои рӯзғори металлӣ, чой, қанд, керосин ва ғайра), ташкили маъракаҳои маданӣ-равшаннамоӣ, маориф ва ғайра пешравӣ дар дараҷаи қобили қиёс мушоҳида мешавад. Масалан, соли 1926-1927 ба вилоят дар ҳаҷми 184 ҳазор сӯм мол кашонда шуд. 1927-1928 - дар ҳаҷми 622 909 сӯм, 1928-1929 бошад, ин рақамҳо ба 1 246 149 сум ра- сонда шуданд[23].

Ба сабаби набудани истеҳсоли мануфактурӣ ё саноатӣ косибии маҳаллӣ бояд ҷавобгӯи талаботи мардум мешуд. Дар ин соҳа низ пеш- равии бемайлон мушоҳида мешавад. Аз рӯи маълумоти мавҷуда, солҳои 1926-1927 12 ҳазор корхонаҳои косибӣ ба рӯйхат гирифта шу- дааанд, ки дар онҳо тахмин 18-19 ҳазор одам кор карда дар ҳаҷми 4 млн сӯмина маҳсулот истеҳсол мекарданд. Аз соли 1926 дар артелҳо мутаҳид шудани корхонаҳои косибӣ оғоз ёфт. Соли 1928 дар ҶМШС Тоҷикистон 41 артел фаъолият дошт, ки дар онҳо 6 ҳазор одам кор ме- карданд. Бо ҳамроҳ намудани округи Хуҷанд соли 1929 ба ҳайати ҶМШС Тоҷикистон асоси иқтисодии ҷумҳурӣ хеле мустаҳкам ва васеъ гардид. Беҳуда нест, ки истеҳсоли саноат ба 98% соли 1913 расонда шуд. Истеҳсоли маҳсулоти саноати калон бошад, нисбат ба давраи пешазҷангӣ 8,2 маротиба афзоиш ёфт. Соли 1929 шумораи коргарону хизматчиён дар хоҷагии халқи ҷумҳурӣ ба 21 ҳазор нафар расид, аз ин ҳисоб 3,4 ҳазор дар саноат, зиёда аз 7 ҳазор - дар сохтмон,5 ҳазор - дар соҳаи кишоварзӣ, 1,3 ҳазор - дар соҳаи нақлиёт ва алоқа фаъолият доштанд[24].

Якуми ноябри соли 1925 аввалин автомобил ба Душанбе омад. То якуми октябри соли 1926 тӯли роҳҳои автомобилгарди ҷумҳурӣ ба 138 км расонда шуд. Моҳи маи соли 1929 шӯъбаи тоҷикии «Автопром- торг»-и Узбекистон 19 автомашинаро барои Душанбе ва Хуҷанд ҷудо кард. Сохттмони роҳ ва шумораи автомобилҳо бемайлон меафзуд[25].

Ҳалли масъалаи аграрӣ барои ҷумҳурӣ масъалаи умдатарини рӯз буд. Ҳанӯз системаи нимфеодалии заминдорӣ ва истисмори деҳқонон аз байн нарафта буд. Дар ин самт ҷорачӯиҳои мушаххас гузаронида мешуданд. Дар съезди якуми Муассисони шӯроҳои ҶМШС Тоҷикистон 10 декабри соли 1926 Декларатсия оиди милликунонии замин, об, бойгарии зери замин ва ҷангал қабул карда шуд. Ин қонун маънии барҳам хӯрдани моликияти шахсӣ ва ба моликияти давлатӣ табдил додани замину об ва дигар бойигариҳои табииро дошта, барои он замон аз аҳамияти бузурги сиёсӣ ва иҷтимоӣ-иқтисодӣ холӣ набуд. Беҳуда нест, ки шаклҳои нави истифодаву коркарди замин, аз қабили «селхозкооператсия» (фаъолияти муштараки кишоварзии хоҷагиҳо),

«Қӯшчӣ» (аз соли 1927 «Иттифоқи чуфтгарон»), «ТОЗ»-ҳо («коркарди рафиқонаи замин») ва билохира ба таври оммавӣ гузаронидани маъра- каи коллективонидани хочагии қишлоқ аз чузъиёти ислоҳоти аграрӣ ҳисоб меёфтанд. Албатта, аз ҳамаи ин тадбирҳою дигаргунсозиҳои аҳамияти ҳалкунандаи иқтисодию ичтимоӣ дошта вилояти Ғарм ва тумонҳои дар тобеъияташ қарордошта, аз чумла Қалъаихумб дар канор монда наметавонистанд.

Мувафаққияти хеле назаррас дар соҳаи маориф ба даст дароварда шуд. Ҳанӯз 7 декабри соли 1924, дар аввалин мурочиатномаи худ ба халқ, Кумитаи инқилобӣ дар бораи таъчилан ба роҳ мондани кори мао- рифи халқ эълон дошт. Барои амалӣ гаштани иқдоми сохтмони маданӣ 14 декабри соли 1924 Комиссариати халқии маориф таъсис дода шуд, ки он дар навбати худ очилан лоиҳаи «Роҳҳои асосии тараққиёти сис- темаи маорифи халқи Точикистон»-ро кор карда баромад. Ташкил на- мудани таълими оммавӣ дар чумҳурӣ вазифаи аввалдарача эълон шуд. Бояд мактабҳо тамоми бачаҳои синнимактабӣ ва курсҳои маҳви бесаводӣ тамоми афроди болиғи саводнадоштаро фаро мегирифтанд. Албатта, ҳамаи ин тадбирҳоро фавран амалӣ сохтан кори ниҳоят муш- кил ва ҳатто номумкин буд. Базаи таълимӣ ва мутахассисон намераси- данд. Дар он чойҳое, ки мактабҳои усули кӯҳна фаъолият доштанд, он- ро идома медоданд. Дар соли хониши 1925 / 26 мактабҳои шуравӣ дар Точикистон ҳамагӣ 3% баччаҳои синни мактабиро фаро гирифта таво- нистанд. Мавриди қайд аст, ки аз рӯи маълумоти барӯйхатгирии аҳолӣ соли 1926 дар миқёси ИЧШС миқдори босаводон ба 51, 1% аҳолии синни аз 9 то 49 сола баробар буд. Дар ЧМШС Точикистон бошад, ин рақам ҳамагӣ ба 1, 9% мерасид[26].

Дар соли хониши 1924/ 25 дар ЧМШС Точикистон ҳамагӣ 31 мактаб фаъолият дошт. Дар соли хониши 1928/ 29 шумораи онҳо ба 317 расид. Аз чумла 8 интернат, ки фарзандони оилаҳои камбизоат ва бепарасто- ронро фаро гирифта буданд, фаъолият доштанд. Дар ҳамин соли хо- ниш 10 мактаби духтарона кушода шуд. Дар айни замон дар ҳудуди чумҳурӣ 1677 мактаби усули кӯҳна фаълият дошт[27].

Соли 1926 дар вилояти Ғарм ҳамагӣ 4 мактабу 1 хонаи бачагон фаъолият мекарданд, ки 170 хонандаро фаро мегирифтанд. Дар соли хониши 1927-1928 дар 40 мактаби вилоят 402 хонанда таҳсил доштанд. Соли хониши 1928-1929 бошад шумораи мактабҳо ба 51 ва хонандагон ба 2070 нафар расид.

Аз рӯи маълумоти мавчуда соли 1926 аввалин мактаб дар маркази тумони Қалъаихумб кушода шуд. Соли таҳсили 1926/27 дар деҳаҳои Зинг, Рузвай, Киврон ва соли таҳсили оянда - 1927/28 дар Ёгеду Чорф аввалин мактабҳои таълимии шӯравӣ дарҳои худро барои хонандагон - фарзандони аҳли заҳмат боз намуданд. Соли хониши 1929/30 бошад, мактаб-интернати Қалъаихумб барои 120 хонанда, ки аксаран

кӯдакони бепарастор ва аз оилаҳои камбизоат буданд, кушода шуда ба фаъолияти таълимӣ оғоз намуд. Соли 1931 ин интернат ба деҳаи Кев- рон кӯчонда шуд[28].

Аз таърихи мактаби аввалини Қалъаихумб, ки имрӯзҳо мактаби миё- наи рақами яки маркази ноҳияи Дарвоз ҳисоб меёбад, ёдовар шуда қайд кардан чоиз аст, ки соли 1926 комиссияи босалоҳият аз вилояти Ғарм бо сардории намояндаи шӯъбаи маорифи вилоят Ёқуби Бурҳонӣ ва аъзоёни он Ёқуб Сангин ва Давлат Азизов ба Қалъаихумб (он вақт тумони Қалъаихум воҳиди маъмурии вилояти Ғарм ҳисоб меёфт) омада, ташки- лёбии мактаби аввалини ин ноҳияро расман эълон намуданд. Вазир Ҳабибов, Шариф Ғафуров, Умар Бурхвалишоев, Нур Худоиев, Низом Хочаев аз чумлаи 8 нафар нахустталабагони мактаб буданд. Аввалин муаллимони мактаб Гадоев Кишвар аз Кеврон, Раҳмонов Шайх, Алиев Валӣ аз Хумбиварӣ ва Саидоғои эронӣ буданд. Соли 1930 шумораи хо- нандагон ба 30 нафар расид, ки дар байнашон ягон духтарбачча набуд[29].

Ҳамчунин дар ин радиф ба маврид аст, ки аз таърихи фаълияти мак- таби деҳаи Зинг, ки онро Х. Ватанов ба таври хеле мухтасар, вале дақиқан овардааст, ёдовар шавем. Дар ин деҳа мактаб аз соли 1926 фаъолият дорад. Аввалин таълимдиҳанда ва тарбиятгарони ин мактаб Раҳматулло Ибратуллоев аз Хумбиварӣ, Ғайратшо Давлатов аз Анчирак, Умар Узоқов аз Самарқанд буданд, ки ба нахустин хонандагон - фар- зандони сокинони заҳматкаши деҳа Ватан Қодиров, Мирмаҳмад Шари- фов, Замон Худоиев, Ислом Мансуров, Сафар Давлатов ва аввалин дух- тарбаччаи мактабхон Парчам Диловарова буданд. Соли 1930 дар макта- би деҳаи Зинг 50 нафар хонандагон, аз чумла 26 нафар духтарон таҳсил мекарданд. Ин мактаб аз рӯи сифати таълим дар ноҳия дар қатори пеш- сафон буд. Бесабаб нест, ки хатмкунандагони он Ислом Мансуров, За- мон Худоиев, Сафаралӣ Рақибов, Ислом Чалолов, Зуҳур Расулов, Ватан Қодиров, Чивоншо Мирзоев ба мактабҳои навтаъсисёфтаи деҳаҳои Ру- бот, Сангевн, Хек, Зев, Ширг, Хост, Уғр, Гишон, Хоб ба сифати муал- лим тавсия гирифта, дар таълиму тарбияи фарзандони сокинони деҳоти номбурда ҳиссагузор буданд[30].

Дар чумҳурӣ ҳамчунин шумораи мактабҳои маҳви бесаводӣ то рафт меафзуд. Соли хониши 1925/26 дар чумҳурӣ 63 мактаби маҳви бесаводӣ (ликбез) 1496 саводомӯзони калонсолро фаро гирифта бу- данд. Соли хониши 1927/28 ин рақамҳо мутаносибан ба 271 ва 7400 расиданд. Соли хониши 1928/29 бошад, дар чумҳурӣ 318 мактаб (курс) фаъолият дошта, 9 400 хонанда, аз чумла 110 занонро фаро гирифта буданд. Ҳамин сол аввалин мактаби маҳви бесаводӣ барои занон дар Хоруғ кушода шуд, ки дар он 9 зан оғози саводомӯзӣ намуданд. Чунин мактабу синфҳои (курсҳо) маҳви бесаводӣ дар тумонҳои (аз соли 1930 ноҳияҳо) вилояти Ғарм, аз чумла Қалъаихумб фаъолона амал мекар- данд.

Пешравии соҳаи маориф, пеш аз ҳама, ба ҳачми маблағгузорӣ вобастагӣ дошт. Дар соли хониши 1926/ 27 ин соҳа дар ҳачми 5694 сӯм маблағгузорӣ шуда бошад, барои соли хониши навбатӣ - 95 000 сӯм чудо карда шуд[31].

Таъмин намудани муассисаҳои давлатию корхонаҳо бо ихтисосман- дон яке аз вазифаҳои ниҳоят рӯзмарраи роҳбарияти чумҳурӣ ҳисоб ме- ёфт. Соли 1926 аз 790 аз чумлаи химатчиёни чунин муассисаҳо ҳамаги 12% точикон кор мекарданду халос. Чунки пайдо намудани мутахасси- сони саводнок ниҳоят мушкил буд. Вазъият водор месохт, ки курсҳои кӯтоҳмуддати таёр намудани мутахассисон ташкил дода шавад. Соли
1925 дар Душанбе курси семоҳаи педагогӣ кушода шуд. Соли 1928 дар Точикистон курсҳои зиёди кӯтоҳмуддат барои тайёр намудани мута- хассисони соҳаҳои гуногуни хочагии халқ кушода шуданд. Аз чумла курси педагогӣ дар Ғарм амал мекард, ки дар тайёр намудани муали- мони тахассуси ибтидоии омӯзгорӣ барои тумони Қалъаихумбу волос- ти Ванч саҳмгузорӣ дошт.

Аввалин техникуми занонаи педагогӣ моҳи ноябри соли 1927 кушо- да шуд. Соли хониши 1928 - 29 шумораи техникумҳои педагогӣ ба сето расид.

Роли муҳимро дар кори тайёр намудани мутахассисон соҳаи маори- фи ҶМШС Точикистон Институти точикии маорифи халқ (Точикинпрос), ки тибқи қарори Кумитаи инқилобии ҶМШС Точикистон аз 31 декабри соли 1924 дар Тошканд кушода шуда буд, ичро мекард. Соли 1924 дар ин муассисаи таълимӣ - 130 ва соли 1926
- 171 фиристодагони Точикистон таҳсил мекарданд. Аввалин хатмкар- дагон соли 1927 ба чумҳурӣ баргаштанд.

Самти муҳимми таёр намудани мутахассисони дарачаи баланди кас- биро ҳамасола фиристодани чавонони болаёқат барои таҳсил ба муассисаҳои таълимии чумҳуриҳои иттифоқӣ, ба хусус - шаҳрҳои Мо- сква, Ленинград, Тошканд, Самарқанд мегузашт. Дар соли хониши 1927/28 - 486 нафар фиристодагони Точикистон дар мактабҳои олии коммунистӣ (комвузҳо), муассисаҳои олии таълими техникӣ (втузҳо), донишкадаҳо, техникумҳо, факултаҳои коргарӣ (рабфак) ва курсҳои дигар таҳсил доштанд[32]. Ба замми ин аз ҳисоби мутахассисони худи чумҳуриҳои дигар барои кор ба Точикистон касони зиёде фиристода мешуданд. Дар соли 1925-27 нафар, соли 1927 - 192 нафар, аз чумла 133 нафар аз Федератсия Русия омада дар соҳаҳои гуногуни хочагии халқи ҶМШС Точикистон ба кор шурӯъ карданд[33].

Дар кори баланд бардоштани савияи донишу дастовардҳои мадании чумҳури мавқеи воситаҳои ахбор, қабл аз ҳама, матбуоти даврӣ хеле калон буд. Саҳми рӯзномаи «Овози точик» ки аз моҳи августи соли 1924, баъди таъсисёбии ҶМШС Точикистон чопаш оғоз ёфт, инчунин «Иди точик», аз 15 марти соли 1925 (баъди чанде ин рузнома бо унво-

ни «Бедории точик» мебаромад), аз 8 октябри соли 1928 номи рӯзномаи мазкурро бо «Точикистони сурх» иваз намуданд, дар инти- шори мафкураи чавобгӯи замон, расондани рӯйдодҳои муҳимми умумибашарӣ, умумииттифоқӣ ва дохиличумҳуриявӣ хизмати бебаҳое гузоштаанд. Дар ин маврид аз нашри мачаллаҳои «Дониш ва омӯзгор», «Роҳбари дониш», «Ширинкор», ки дар Самарқанд чоп мешуданд, ёд овардан лозим аст. Кино ва радио чун воситаҳои муҳимми таблиғотию тарбиявӣ торафт бештар дар ҳаёти мардум мавқеъ пайдо мекарданд. Аввалин муассисаҳои илмӣ низ дар Точикистон дар ҳамин давра арзи вучуду оғози фаъолияти тадқиқотӣ намуданд.

Дар ҳаёти мадании ҶМШС Точикистон то рафт мавқеи адабиёти бадеӣ устувор мегашт. Бо асарҳои ба талаби замон мувофиқ шоирони баркамол Пайрав Сулаймонӣ, Муҳаммадчон Раҳимӣ, Муҳиддин Амин- зода, Суҳайлӣ Ҷавҳаризода то рафт бештар шӯҳрат пайдо мекарданд. Соли 1926 мачмӯаи шеърҳои Абулқосим Лоҳутӣ «Адабиёти сурх» аз чоп баромад, ки он дар ҳаёти мадании халқи точик падидаи хеле на- заррас ҳисоб меёфт.

Устод Садриддин Айнӣ ба насри реалистӣ асос гузошт. Чопи рома- ни дар солҳои 1927-1928 навиштаи адиб «Дохунда», повести «Одина» (1927) ва чандин ҳикояҳои солҳои 1928-1929 ба дасти хонандагон ра- сидаи устод аз пайдоиш ва ташаккули адабиёти навини точик бараъло дарак медоданд.

Дастовардҳои санъати миллии касбӣ ва фаъолиятмандии бадеӣ хеле назаррас буданд. Соли 1928 дар шаҳри Самарқанд Институти мусиқӣ ва хореографӣ кушода шуд, ки дар он гурӯҳи чавонони точик таълими касбӣ мегирифтанд. Соли 1929 дар Душанбе мактаби мусиқӣ ва дар Хучанд техникуми мусиқӣ кушода шуданд. Дар солҳои 1926-1927 дар Душанбе, Ғарм, Хоруғ ва солҳои 1928-1929 дар Уротеппа, Обигарм, Ҳоит, Қалъаихумб, Точикобод дастаҳои худфаъолиятии бадеӣ таъсис ёфтаву сайқали ҳунар доштанд. Соли 1929 дар асоси якчоя кардани чанд маҳфили драммавӣ дар Душанбе Театри коргарчавонони Точикистон ташкил ёфт. 7 ноябри соли 1929 дар Душанбе Театри дав- латии Точикистон таъсис шуд. Аввалин филми хроникӣ - киножурна- ли «Советский Таджикистан» моҳи октябри соли 1929 намош дода шуд[34].

Табиист, ки тумони Қалъаихумб ба дурдастию мушкилии роҳ нигоҳ накарда, аз чунин дастовардҳо дар канор монда наметавонист.

Соли 1925 дар маркази вилоят як касалхона ва дар тумонҳои Қалъаихумб ва Ҳоит яктоӣ пункти тиббӣ фаъолият доштанд. Солҳои 1928- 1929 дар Ғарм ба ғайр аз касалхона ду амбулатория ва як дорухо- на дар хизмати мардум қарор доштанд. Ҳамчунин нуқтаҳои тиббӣ дар Қалъаихумб, Ҳоит, Ҷиргатол ва Тавилдара бо имконияти бештар фаъо- лият доштанд[35]. Чунин намунаҳои пешравӣ дар дигар соҳаҳои хочагии

халқи вилояти Ғарм ва тумони Қалъаихумб низ мушоҳида мешуданд. Ҳамаи ин корҳо дар вазъияте анчом дода мешуданд, ки ҳаракати аксулинқилобиён ё босмачигарӣ ҳанӯз пурра қатъ нашуда буд. Чи тав- ре дар боби пешин ишора рафт, дастаҳои боқимондаи онҳо, ки дар Афғонистон дар ҳолати дастнигарии давлати Англия мавчуд буданд, аз имконияти ғалаба даст шуставу дилхунук гашта бошанд ҳам, барои аз даст нандодани боварии хочагонашон баъзан сарҳадшиканӣ карда, ҳаёти осоиштаи аҳолии деҳоти қисми сарҳадии Точикистони шӯравиро халалдор менамуданд. Вале ҳар замон зарба хӯрда, бо боқимондаи дастаҳои худ боз ба тарафи чапи соҳили Панч убур карда, чон ба сало- мат мебурданд. Аҳли заҳмат, ки дар шахсияти Шӯроҳо такягоҳу ҳомии мӯътамади худро ёфта буд, то рафт бештару қавитар фаъолияти созан- дагии худро идома медод. Ин ташаббусу ғурури созандагӣ дар мисоли тумони Қалъаихумб бараъло мушоҳида мешуд.

Ҳамаи ин дастовардҳо заминаи мӯътамаде гаштанд, барои гузариши ҶМШС Точикистон ба Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистӣ.

## НОҲИЯИ ҚАЛЪАИХУМБ ДАР СОЛҲОИ СИЮМ

Дар солҳои сиюм дар Точикистон дигаргунсозиҳои муҳими сиёсӣ, иқтисодию ичтимоӣ ва фарҳангӣ, ки аз нақшаи азими сохтмони чомеаи сотсиалистӣ дар миқиёси Умумииттифоқ бармеомаданд, зина ба зина тадбиқи амалии худро ёфта, то рафт бештар мардумро ба мачрои созандагӣ мекашиданд. Падидаи бузургтарини тақдирсоз барои халқи точик таъсисёби Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Точикистон ва ба узвияти баробарҳуқуқи Иттифоки Ҷумҳуриҳои Шӯравии Сотсиалистӣ (СССР) қабул гардидани он ҳисоб меёбад. Ноҳияи Қалъаихумб таби- ист, ки чун воҳиди маъмурии он аз ин дигаргунсозиҳо дар канор буда наметавонист.

Дастовардҳои назарраси сиёсӣ, иқтисодӣ, ичтимоӣ ва фарҳангии солҳои бистумро муқобилияти шадиди аксулинқилобиён (босмачиён) то андозае халалдор карда бошад ҳам, чиддан пеши роҳи онҳоро ги- рифтан натавонистанд. Акнун барои ба зинаи нави сохтори давлатӣ расидан, ки аз эҳёи нави давлати точикон дарак медод, имконияти воқеӣ пайдо шуда буд. Масъалаи аз Ҷумҳурии мухтор ба Ҷумҳурии комилҳуқуқи Иттифоқӣ табдил додани Точикистон бо тамоми масъу- лият ва чиддият пешниҳод карда шуд. Дар ин кори тақдирсоз хизмату қаҳрамонии Нусратулло Махсум (Лутфуллоев) ва Шириншо Шотемур (барҳақ адолати таърихӣ барқарор шуда, онҳо ба унвони олии ифтихорӣ - Қаҳрамони Точикистон мушарраф гаштаанд), бебаҳост. Бояд махсусан қайд кард, ки ин заруратро дар мақомоти волои давла- тии Умумииттифоқ, аз чумла шахсан И.В.Сталин низ хуб мефаҳ- миданд.

12 июни соли 1929 КИМ-и ИҶШС (СССР) ахбори ҳукумати ҶМШС Точикистонро дар бораи дастовардҳои иқтисодӣ, ичтимоӣ ва маданӣ шунида, дар бораи ба Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии ҶШС (дар аб- ревиатураи даврони Шӯравӣ - РСС) Точикистон табдил додани он қарор қабул кард.

Барои баррасии қатъӣ ва қонунии масъала Президиуми КИМ-и ҶМШС Точикистон анчумани III фавқулоддаи Шӯроҳои Точикис- тонро даъват кард ва он 15 октябри соли 1929 баргузор гардид. Дар рӯзи дуюм - 16 октябр анчуман Деклартсия оиди Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Точикистонро қабул намуд ва Ҳукумати Точикистонро вазифадор кард, ки Конститутсияи онро тартиб дода, ба муҳокима гу- зорад.

Ба ҳайати ҶШС Точикистон Вилояти мухтори Бадахшон Кӯҳӣ, округҳои Хучанд (маросими расмии ба ҳайати ҶМШС Точикистон гу- заштанаш 2 октябри соли 1929 анчом ёфта буд), Уротеппа, Ҳисор, Ғарм, Қӯрғонтеппа, Кӯлоб ва Панчакент шомил шуданд.

Дар бораи ВМКБ ва ворид кардани он ба ҳайати чумҳурӣ ба маврид аст, ки аз баъзе чузъиёти раванди он он ёдовар шавем. Баъди инқилоб ҳудуди Помир то соли 1923 дар ҳайати вилояти Фарғонаи ҶМШС Тур- кистон бо номи «Ноҳияи Помир» чой дошт. 15 августи соли 1923 Пре- зидиуми КИМ-и ҶМШС Туркистон унвони «Ноҳияи Помир»-ро ба «Вилояти Помир» иваз намуд. 26 августи соли 1923 «Қоидаи муваққатӣ оиди Кумитаи инқилобии вилояти Помир» қабул карда шуд, ки мувофиқи он то тасдиқи ин қарор аз тарафи Президиуми КИМ-и ИҶШС Помир чун «Округи Помир» муаррифӣ шавад.

Комиссия маркazии Точикистон оид ба тақсимоти миллӣ дар маърӯзаи ба Бюрои сиёсии (Политбюрои) КМ Ҳизби коммунисти (бол- шевики) Русия (РКП (б)) аз 5 октябри соли 1924 пешниҳод намудааш навишта буд: «Комиссияи миллии Точикистон масъалаи Помирро муҳокима намуда, зарур мешуморад, ки дар ҳудуди ҳамаи Помир ви- лояти мухтор таъсис намуда, ба ҳайати ҶМШС Точикистон ҳамроҳ карда шавад». Бюрои сиёсии КМ РКП (б) ин пешниҳодро маъкул шу- морид. дуюми январи соли 192 5[36] тибқи қарори КИМ-и ИҶШС (СССР) Вилояти мухтори Бадахшони Кӯҳӣ (ВАБК) таъсис ёфта, онро ба ҳайати ҶМШС Точикистон ҳамроҳ намуданд[37].

Моҳи Марти соли 1931 анчумани Умумииттифоқии Шӯроҳо қарори сессияи 2-ми КИМ-и ИҶШС-ро оиди қабули ҶШС Точикистон ба ҳайати Иттиҳоди Ҷамоҳири Шӯравии Сотсиалистӣ (СССР) тасдиқ на- муда, бо ҳамин тартиб маросими хеле барои халқи точик муҳиму тақдирсози таърихӣ - таъсис ва ба ҳайати Умумииттифоқ қабул шуда- ни ҶШС Точикистон расман поён ёфт.

Ҳамин тариқ, ташкили ҶШС Точикистон барои таърихи бостонии халқи точик, як падидаи бузургу нодири тақдирсоз аст. Ин ба ҳар

маъно марҳилаи ҳалкунандае буд, барои эҳёи давлатдории точикон, марҳалаи оғоз ва бунёдгузории давлати миллӣ ва ворид шудан ба шоҳроҳи васеи истиқлолияти комили давлатӣ буд.

Боиси таассуф аст, ки дар замони истиқлолият мо ин марҳилаи муҳимми таърихамонро ба гӯшаи фаромӯшӣ гузоштаем. Ҳатто ҳафтодсолагии (соли 1999) ин санаи барои миллату давлат муҳим дар сатҳи расмӣ тачлил нашуд. Ба чуз як мақолаи ба ин санад бахшидаи камина[38], на сиёсатмадоре ва на олиме, ки аз он ёд кунад ё тадқиқи мақоми таърихии онро таъйин кунад, пайдо нашуд. Ин як навъ нишо- наи беэътиноӣ нисбат ба ин марҳилаи муҳимми таърихи халқ ва давла- ти точик мебошад.

Бояд рӯирост иқрор дошт, ки чунин аз ёд баровардан тасодуфӣ на- бояд бошад. Шонздаҳуми октябри соли 2004 санаи ин солнома ба 75 расид, вале боз ҳамон мӯҳри хомӯшӣ бар лабҳо бетағйир монд. Соли 2004 80 -солагии шаҳри Душанбе чун пойтахти чумҳурӣ дар сатҳи хеле бошукӯҳи расмӣ чашн гирифта шуд. Ин чашн, албатта, хеле хуб ва ба адолати таърихӣ мувофиқ гузашт. Тадқиқоти назаррасу арзандае низ ба ин муносибат дар Москва ба рӯи чоп омад (камина низ яке аз муал- лифони он аст) [39]. Вале таачубовар он аст, ки аз таъсиси пойтахт дар сатҳи расмӣ ёд шуду таъсиси ҶМШС Точикистон, ки эҳёи давлатдории точикон аз он ибтидо ёфтааст, боз бо мӯҳри хомӯшӣ пӯшонда шуд. Бо- яд гуфт, ки бо ёд накардани мо чои чунин санаҳо дар хотираи таърих заиф не, қавитар хоҳад шуд. Ба ин мулоҳизаҳо боз як нуктаи дигар илова кардан лозим меояд. Гумон меравад, ки ба пиндошти баъзеҳо аз аҳли сиёсат ва зумрае аз олимони «тозаназар»-и таърих ва рӯзноманигорон Истиқлолияти 9-ми сентябр ба дастомада амри тасо- дуф будаву пояи таърихӣ надорад. Чунин фаромӯшхотириҳо бар зара- ри худогоҳии таърихӣ ва худшиносии миллист. Бояд таърихшиносону таърихомӯзони имрӯза ва минбаъда ба чунин лаҳзаҳои таърихи миллат ба дидаи бетарафию хунукназарӣ нанигаранд.

Албатта, бо тақозои замон имрӯз ба дигаргунсозиҳои иқтисодӣ, ичтимоӣ ва фарҳангии даврони шӯравӣ, аз чумла дастовардҳои солҳои 30-ми асри гузашта баҳои мухталиф медиҳанд. Бисёре аз таърихбеха- барон мехоҳанд, ба он давра аз ченаки танги идеологии диду назари худ баҳо диҳанд. Албатта, замона ноҳамвориҳои зиёде дошт, таҳкурсии чомеаи навро сохтан мушкилиҳои зиёдеро пеш меовард. Аз чумла коллективонии хочагии қишлоқ, ки дар фаҳмиши деҳқонони маҳаллӣ намеғунчид, нисбат ба дигар чойҳо дар ноҳияҳои кӯҳистон мушкилиҳои хоси худро дошт. Бесабаб набуд, ки ин маърака дар мавзеҳои Ғарму Помир нисбатан тӯлонитар идома ёфт. Ин мушкилиҳо дар мавриди индустрикунонии мамлакат ва амалӣ гаштани инқилобӣ маданӣ низ ба назар мерасиданд. Вале ба ҳамаи он нигоҳ накарда, пешравии чомеа бараъло эҳсос мешуд.

Панчсолаи якум (1928-1932) дар сар то сари Иттиҳоди Шӯравӣ та- шаббуси бузурги меҳнатиро ба вучуд овард. Соли 1932 нақшаи ин панчсола пеш аз мӯҳлат, дар зарфи 4 солу се моҳ ба ичро расид. Албат- та метавонем қаҳтии фочиабори соли 1933 ва ғайраро ба ёд оварда он чомеаи навбунёдро бо садҳо иллат гунаҳкор кард. Вале таърих чунин хушксоли қаҳтиҳоро бисёр медонад, ки натичаашон аз он даҳшатноктар будааст. Агар ҳамон мутамарказии умумидавлатӣ наме- шуд, шояд натичаи ин қаҳтӣ ба маротиб даҳшатноктар буд. Ба ҳар ҳолат мачбуран маҳсулоти кишоварзии Точикистонро ба марказ касе набурдааст. Ибтидои солҳои 30-ум дар тамоми сарорсари Иттиҳоди Шӯравӣ беҳосилию қаҳтӣ мушоҳида мешуд.

Аз дигар дастовардҳои замон индустрикунонӣ ҳисоб меёбад. Нақшаи индустрияикунонӣ, алалхусус, индустрияи вазнин ва зарурта- рини соҳаи он - машинасозӣ 157% ичро гардид. Умуман, дар се самти ҳалкунандаи сохтмони таxкурсии боэътимоди чомеаи сотсиалистӣ: индустриякунонӣ, коллективонидани (чамъиятӣ, гурӯҳӣ, дар якчоягӣ мавриди кору истифода қарор додани хочагиҳои деҳқонӣ) хочагии қишлоқ (ё хочагиҳои деҳот), инқилоби маданӣ, дастовардҳои аҳли заҳмат ва зиёиёни шӯравӣ чаҳонро ба ҳайрат оварда буданд. Яке аз беҳтарин нишонаҳои ниҳоят муҳимми ин пешравӣ ичрои пеш аз мӯҳлати накшаи электриконии мамлакат (ГОЭЛРО), ки соли 1920 тасдиқу барои 20 сол пешбинӣ шуда буд, ҳисоб меёфт.

Дар зарфи ин панчсола дар Чумҳурии Точикистон заводҳои пахта- тозакунии Қӯрғонтеппа, Кӯлоб, Сарои Камар, Комбинатҳои шоҳии Хучанду Душанбе, заводи консерваи мевагии Хучанд, корхонаҳои зиё- ди хӯрокворӣ дар Уротеппа, Панчакент, Кӯлоб, Қӯрғонтеппа ва боз даҳҳо корхонаву иншоотҳои обёрикунанда ва роҳҳо сохтаву ба исти- фода дода шуданд. Моҳи августи соли 1931 аввалин мошин ба воситаи роҳи Уш ба Хоруғ омад. Фурудгоҳи калони ҳавоӣ дар Сталинобод (Душанбе), фурудгоҳҳои маҳаллӣ Кӯлоб, Ғарм, Хоруғ сохта шуда, ин шаҳрҳоро бо марказ ва марказро бо дигар шаҳрҳои марказии ИЧШС пайвастанд.

Мутахассисони соҳавӣ аз ҳисоби аҳолии маҳаллӣ тарбия меёфтанд. Шумораи коргарони саноатӣ аз 1146 нафари соли 1928, соли 1933 ба 5017 нафар расид, ки нисфи онҳоро коргарони маҳаллӣ ташкил медо- данд. Дар корҳои сохтмон бошад, соли 1932 зиёда аз 40 000 коргар фаъолият дошт, ки аз онҳо 97%-ро коргарони маҳаллӣ ташкил мекар- данд. Аз 18 000 коргарони совхозҳо бошад, 94% коргарони маҳаллӣ, аз чумла - 37 %-ро занон ташкил мекарданд[40].

Дар солҳои панчсолаи якум 41,9% хочагиҳои яккадасти деқонӣ ба хочагиҳои коллективӣ муттаҳид шуда буданд, ки онҳо 65,3% замини корамро дар бар мегирифтанд. Дар охири панчсола дар чумҳурӣ 24 истгоҳи машинию тракторӣ (МТС), 44 совхоз фаъолият доштанд. Май-

дони кишт то рафт васеъ мешуд. Агар соли 1928 Замини кишти чумҳурӣ 543, 3 ҳазор гектор бошад, соли 1932 ин нишондиҳанда ба
801.6 ҳазор гектор расид. Дар ҳамин давра истеҳсоли пахта аз 38,6 ба
50.6 ҳазор тонна расонда шуд[41]. Чунин пешравиҳо дар соҳаи роҳсозию нақлиёт низ мушоҳида мешуд. Дар ин панчсола сохтмони роҳ аз 1644 ба 400 км, шумораи автомобилҳои боркаш бошад ба 550 адад расид[42].

Чунин рақамҳо, бо суръати бештар дар тамоми соҳаҳои хочагии халқ ва рушди фарҳангӣ дар солҳои панчсолаи дуюм (1933-1937) ва дуюним соли панчсолаи сеюми пешазчангӣ (1938 - июни соли 1941) ба мушоҳида мерасид.

Бояд тазаккур дод, ки пеш аз тахлили вазъи иқтисодӣ, ичтимоӣ ва фарҳангии ноҳияи Қалаъихумби солҳои 30-юм аз рӯи талаби мавзӯъ мавриди ичолатани мулоҳиза бошад ҳам бояд хонанда бо дигаргун- созиҳои бисёр чиддии чумҳурӣ дар солҳои 30-юми асри гузашта шино- сои пайдо кунад. Бидуни чунин ҳамбастагӣ ва бе дарки амиқи тадбирҳою ичрои нақшаҳои расман дар маркази чумҳурӣ тархрезӣ шу- да, бе маблағгузорию роҳбарии бевоситаи ҳизбию давлатӣ, бе таъмини тахассусию техникӣ ноҳия наметавонист, ба пешравии самтҳои асосии хочагию фарҳангӣ соҳиб шавад.

Яке аз нишонаҳои муайянкунандаи суръати баланди истеҳсолот ҳачми маблағгузорист. Аз рӯи маълумоти мавчудаи оморӣ солҳои
1929- 1940 ҳачми умумии маблағгузории ЧШС Точикистон 1 900 мил- лион сӯмро ташкил мекард, ки ин нисбат ба ҳамаи ҳачми фондҳои хочагии чумҳурӣ то ташкилёбии ЧШС даҳ баробар зиёд буд. Дар муқоиса бо соли 1928 фонди асосии саноатӣ соли 1940 34, 4 баробар афзуд. Бояд қайд кард, ки ба соҳаи кишоварзӣ ва сохтмони иншоотҳои обёрӣ (ирригатсионӣ) 50% маблағгузории панчсолаи якум, барои сано- ат - 20%, барои роҳсозӣ ва нақлиёт - 15%, барои сохтмони манзил ва маориф - 14% масраф шуд. Дар панчсолаи дуюм вобаста ба зарурати талаботи соҳавии хочагии халқ ин рақамҳо чунин тағйир ёфтанд: барои кишоварзӣ - 32%, саноат - 25%, барои сохтмони мактаб, беморхона, биноҳои хочагии коммуналӣ ва сохтмони манзил - зиёда аз 19%, со- хтмони роҳ ва харидани воситаҳои нақлиёт - 16%. Маблағгузории соҳаи маориф нисбат ба панчсолаи якум чор баробар афзоиш ёфт. Дар панчсолаи сеюм (1938-1842) барои саноат 30% аз ҳачми маблағгузории чумҳурӣ пешбинӣ шуда буд. Барои кишоварзӣ - 21%, барои маориф, тиб хочагии коммуналӣ ва сохмони манзил - 23% дар назар дошта шу- да буд, вале саршавии Чанги Бузурги Ватанӣ (1941-1945) онро халал- дор кард[43].

Панчсолаҳои пешазчангӣ дар ҳақиқат намунаи беҳтарини афзоиши суръати истеҳсолот буданд. Ҳамин дастовардҳои бузурги истеҳсоли ба Иттиҳоди Шӯравӣ имкон доданд, ки иқтидори мудофиавии мамлакат ба талаби замон мувофиқ шуда, дастгоҳи ниҳоят пурзӯри чангии Гер-

манияи фашистиро нигоҳ дорад ва истеҳсолотро ба зудӣ ба маҷрои ҳарбӣ гузошта, ғалабаро таъмин карда тавонад. Ин кӯшиши рӯзафзуни созандагӣ, пешрафти бузурги истеҳсолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон возеҳ ба назар мерасиданд.

Дар ҷумҳурӣ солҳои мухторият истеҳсоли солонаи маҳсулот ба 360 ҳазор сӯм баробар бошад, соли 1940 ин рақам ба 26 миллиону 300 ҳазор сӯм расид. Сохтмону тараққиёти соҳаҳои гуногуни саноат, аз ҷумла истеҳсоли масолеҳи бинокорӣ, металлургияи ранга, металкоркунӣ, кор- карди чӯб, истеҳсоли маҳсулоти хӯрокворӣ (нонпазӣ, қаннодӣ, консервабарорӣ, шаробпазӣ ва ғайра) бо суръат пеш мерафт. 30% маблағ ба сохтмони корхонаҳои нахӯстамали истеҳсолӣ сарф мешуд[44].

То соли 1940 дар ҷумҳурӣ 8 заводи пахтатозакунӣ сохта як заводи мавҷуда аз нав пурра ҷиҳозонида шуд. Ин имкон дод, ки дар муқоиса бо давраи пешазинқилобӣ ҳаҷми маҳсулоти корхонаҳои пахтатозакунӣ 95 маротиба афзояд.

Солҳои 1927-1932 аввалин корхонаҳои коркарди абрешим ва истеҳсоли матои шоҳӣ - Комбинати абрешими Ленинобод ва фабрикаи пиллакашии Душанбе сохта ба кор даровaрда шуданд. Аз суръати ба- ланди пешравии ин соҳа чунин далел гувоҳӣ медҳад, ки нисбат ба соли 1933 (он вақт корхонаҳо бо иқтидори пурра ба кор даромада буданд) соли 1940 ҳаҷми маҳсулоти истеҳсолшуда 5 баробар зиёд шуд. Аз ҷумла коркарди пилла 3, 8; истеҳсоли матои абрешимин қариб 12 ва ҳосилноки меҳнат 2, 6 маротиба афзуд. Истеҳсоли ангишт нисбат ба давраи тоинқилобӣ 41, нафт - 36 маротиба афзуд[45].

Барои тараққиёти рӯзафзуни саноат, нақлиёт ва соҳаи кишоварзӣ корхонаҳои барои таъмиру тармими мошинаву заводҳо мувофиқ таш- кил кардан лозим меомад. Бо ин мақсад дар пойтахти ҷумҳурӣ шаҳри Сталинобод заводи механикӣ, таъмири автомобилӣ (авторемзавод), Тоҷикдеҳэлектро, дар Қӯрғонтеппа заводи таъмири автомобил ва ғайра сохта шуданд. Агар ченаки истеҳсоли маҳсулоти саноатии масолеҳи сохтмонӣ барои соли 1913 сад фоиз қабул карда шавад, он гоҳ соли 1927 он 660, соли 1938 - 840 ва соли 1940 - 5550% афзуд. Чунин суръ- ат дар дигар соҳаҳои хоҷагии халқ низ мушоҳида мешавад. Ковишҳои геологӣ имкон доданд, ки чандин навъи конҳои фулузоти рангаю қимматбаҳо ва камёб кашфу коркарди маҳсулоташон шурӯъ гардад.

То ибтидои панҷсолаи якуми (1928-1932) тарақиёти хоҷагии халқи ИҶШС ва ҶШС Тоҷикистон, ба истиснои баъзе корхонаҳои хурди кор- карди пахта ва бофандагӣ дар ҷумҳурӣ саноати сабук низ ба маънои пурра вуҷуд надошт. Акнун то соли 1940 навъҳои гуногуни саноати сабук чандин маротиба афзоиш ёфтанд. Соли 1939 дар Сталинобод ду фабрикаи бофандагӣ, заводҳои чармгарӣ ва пойафзол, дар Ленинобод дар асоси артелҳои мавҷуда фабрикаи бофандагӣ, нассоҷӣ ва пойафзолбарорӣ сохта ба кор даровaрда шуданд.

Яке аз вазифаҳои муҳимми ин давра сохтмони корхонаҳои саноати хӯрокворӣ ҳисоб меёфт. Ҷумҳурӣ дар ин самт бояд дар муддати кӯтоҳ талаботи худро таъмин мекард. То ибтидои солҳои 40-ум даҳҳо корхонаҳои орду нонпазӣ, консерваву шаробистеҳсолкунӣ дар шаҳру ноҳияҳои марказӣ ва шимолӣ сохта ва ба истифода дода шуданд. Ҳаҷми маҳсулоти ин соҳа соли 1940 нисбат ба соли 1927 зиёда аз 940 баробар афзуд.

Бояд қайд кард, ки аз чиҳати чойгиршавии чуғрофии корхонаҳои саноатӣ нобаробарӣ ба назар мерасид. Сабаби вазъият ба зарурати дар чойҳои барои сохтмони корхонаҳо мувофиқтар (аз чиҳати қувваи коргарӣ, ашёи хом, наздикии роҳу нақлиёт ва дигар шароитҳои барои соҳтмони корхонаву ба роҳ мондани истеҳсолот мусоид) сохта мешу- данд. Бесабаб набуд, ки то соли 1940 қариб 44% корхонаҳои саноатии чумҳурӣ аз рӯи ҳачми истеҳсолот дар Сталинобод ва 32% дар Ленино- бод чой доштанд. Ин рақамҳо дар ноҳияҳои води Вахш - 14%, вилояти Кӯлоб - 6%, дар вилояти Ғарм ва вилояти мухтори Бадахшони Кӯҳӣ ҳатто дар соли 1949 мутаносибан ба 2,5 ва 1,5% рост меомаданд[46].

Соҳаҳои нақлиёт, хочагии роҳ ва алоқа бо суръати муқоиса- нашаванда пеш мерафтанд. Соли 1929 ба Сталинобод бори аввал қатора (поезд) омад, ки он пойтахти чумҳуриро бо тамоми шаҳрҳои саноатии минтақавӣ ва марказии кишвар мепайваст. Акнун ҳазорҳо тонна молҳои саноатӣ, сӯзишворӣ, нуриҳои маъданӣ ба мамлакат во- рид мешуданд. Сохтмони роҳи оҳани ҳудуди чумҳурӣ, ки барои бор-кашонии дохилӣ лозим буд, оғоз ёфт. Дар як муддати кӯтоҳ то ибтидои Ҷанги Бузурги Ватанӣ дарозии роҳи оҳани камбари чумҳурӣ ба 314 ки- лометр расид.

То инқилоб дар ноҳияҳои марказӣ ва чанубии Точикистон ҳатто роҳи аробагард мавчуд набуд. Акнун то ибтидои панчсолаи якум дар Точикистон 4004 километр роҳи автомобилгард мавриди истифода қарор дошт. Соли 1935 роҳи автомобилгарди Сталинобод - Қӯрғонтеппа - Ҷилликӯл, соли 1937 роҳи Сталинобод - Обигарм ба истифода дода шуданд.

14 декабри соли 1939 Шӯрои Комиссарони Халқи ҶШС Точикистон ва КМ ПК (б) Точикистон оиди сохтмони роҳи Помир қарори мушта- рак қабул намуданд. Қарори таърихии КИМ-и ИҶШС ва КМ ҳизби ИҶШС аз 28 феврали 1940 оиди сохтмони роҳҳо дар Точикистон барои сохтмони ин роҳ асоси расмӣ ва ҳалкунанда гардид, ки онро бо маблағи зарурива маводи техникӣ таъмин мекард.

Ба туфайли меҳнати шучоатмандонаи аҳолӣ (24 000 деҳқонон) то охири соли 1940 ин роҳ кушода шуда, тамоми минтақаи Помиру Қаротегинро бо маркази чумҳурӣ пайваст. 12 октябри соли 1940 авва- лин қатораи (колонна) автомобилҳо аз Сталинобод ба Хоруғ расид. Ҳамин тариқ роҳи калони автомобилии Сталинобод - Хоруғ, ки 567 км

дарозӣ дорад, дар муддати 104 рӯз сохта, ба истифода дода шуд. Анчоми ин роҳ такони бузурге барои пешрафти иқтисодӣ, ичтимоӣ ва фарҳангии ин минтақаи кӯҳистони точик дод.

Албатта дар сохтмони ин роҳ дар қатори ҳазорон нафар ҳамватанон ва намояндагони чумҳуриҳои дар он вақт бародари Умумииттифоқ садҳо сокинони ноҳияи Қалъаихумб фаъолона ширкат доштанд. Мух- бири рӯзномаи ноҳияи Қалъаихумб «Дарвози Советӣ» С.Диловаров соли 1977 маълумоти ҳини сӯҳбат бо яке аз он роҳсозони фаъол Алам Сурхов, ки зиёда аз 30 соли фаъолияти меҳнатиашро дар ин чода сарф намуда, аз мутттқилихои сохтмони ин роҳи кӯҳистон ёдовар шудааст, ба хонанда пешниҳод намуда қайд мекунад, ки соли 1940 дар бунёди роҳи калони Помир тамоми чумҳурӣ саҳмгузорӣ дошт. Ба сабаби набудани техникаи зарурӣ ҳар қадами он бо машаққати зиёде кушода мешуд. Аз лаҳзаҳои зиёди корномаи хотирмони ин роҳсози тачрибадори мушкилҳои ба зиёд дучоршуда, барои намуна мухбир чунин қиссаи кори овринги «Зелолак»-ро овардааст. Дар яке аз оврингҳои касногуза- ри ҳудуди ноҳияи Ванчи роҳи Помир Алами чавон бо рафиқонаш нӯги арғамчинро ба танаи ягона буттаи ғафси зелоле баста, нӯги дигарашро дар миён маҳкам карда, овезону алвончхӯрон девораи кӯҳи хороро, ки рост ба дарёи пурталотуми Панч мефуромад, бо мисрону путк шикоф- та моддаи тарканда (аманол) чой мекард. Аз зарби путк ва хароши сангпораҳо дастҳо хуншор мешуданд. Бо чунин заҳмати мушкилу ха- тарнок кӯҳро таркonданд. Акнун аз он овринги касногузар осоре боқӣ намондааст, роҳи мошингард ҳамвору бехавф аст. Аз зелоли дар он вақти ниҳоят зарурӣ кор дода, фақат ном мондааст. Ин қитъаи роҳ аз ҳамон вақт «Овринги Зелолак» ном гирифтааст. Ин мисол лаҳзаи муқарраристе, ки дар он маърака ҳар рӯзу ҳар соат роҳсозон рӯбарӯ мешуданд.

Мавриди ёдоварист, ки Алам Сурхови солхӯрда то охири солҳои 70- ум ба касбаш содиқ буда, ғайратмандона дар роҳ кор кардааст. Ду фар- зандаш - Зиёратшо ва Мирзошо касби падарро интихоб кардаву роҳсоз шудаанд. Онҳо соҳиби обрӯю эътибори хосса гаштаанд. Падару писа- рон аз тарафи Вазорати нақлиёт ва хочагии роҳ автомобили сабукрави тамғаи «Москвич» тӯҳфа гирифтаанд. Ҳамчунин онҳо чандин ифтихорномаҳои дарачаи баланди расмӣ қадршиносӣ шудаанд[47].

Яке аз бригадаҳои калони роҳсозӣ дар деҳаи Кеврон ташкил ёфтаву фаъолият дошт. Ба он Улфатшо Гадоев сардорӣ мекард. Прораби ин бригада Дорошенко, таркишгар Кучов ва масъулияти техники он ба зиммаи Конников гузошта шуда буд. Аз рӯи чамъбасти мусобиқа ин бригада борҳо ғолиб баромад. Бесабаб набуд, ки яке аз аъзоёни он Сайдалӣ Муродов ба гирифтани Ордени Ленин мушарраф гардид. Дар қатори пешсафон сокини деҳаи Тоғмай Мирзомиддин Мирзоширинов низ чой дошт, ки аъзои бригадаи пешқадами комсомолӣ буда бо

ҳамкоронаш аз деҳаи Даштаки Ванч ба Тоғмай моддаҳои тарканда ме- кашонданд. Дар сохтмони роҳ мутахассисони рус, украин, тотор, ӯзбек, арманӣ ва дигар намояндагони Иттифоқи сермиллати Шӯравӣ дар фазои дӯстиву рафоқат меҳнат мекарданд. Ҳамин ҳамдастиву ҳамбастагӣ буд, ки ҳачми чандсола кор ҳамагӣ дар муддати чанд моҳ анчом дода шуд. Қобили қайд аст. Ки дар ин роҳсозӣ усули ҳашар ва- сеъ истифода мешуд. Ҳар як қитъаи роҳ ба мардуми ягон деҳа ё чамоат вобаста шуда буд. Онҳо масъул ва дар мавриди зарурӣ мачбур буданд, ки он ҳачми муайяншудаи корро ба ичро расонанд.

Аз роҳсозони қитъаи Дарвоз барои меҳнати шоён 105 нафар бо Ука- зи Президиуми Шӯрои Олии Ҷумҳурӣ аз 28 августи соли 1940 бо Ифтихорномаҳои (Грамота) Фахрии Президиуми Шӯрои Олии ҶШС Точикистон мукофотонида шуданд, ки 83 нафарарашон зодагони Дар- воз буданд[48].

То соли 1941 дарозии умумии роҳҳои автомобилгарди чумҳурӣ ба 8203 км расонда шуд, ки 843 км он сангфарш шуда буд.

Дар шароити кӯҳистони Точикистон автомобил воситаи муҳимтарини нақлиёт ҳисоб меёбад. Аз ин лиҳоз дар баробари суръат ёфтани маъракаи роҳсозӣ ба чумҳурӣ то рафт бештар ворид гаштани автомобилҳо мушоҳида карда мешуд. Агар соли 1929 дар чумҳурӣ ҳамагӣ 29 автомобили боркаш бошад (автомобили сабукрав набуд), дар ибтидои соли 1941 дар роҳҳои Точикистон ҳазорҳо автомобил борҳои муҳимми хочагии халқ, мизочу мусофиркашӣ мекарданд. Ин худ сохтмони чандин корхонаву нуқтаҳои таъмиру хочагидории авто- мобилиро талаб мекард. Дар як муддати кӯтоҳ дар ин самт кори зиёде ба анчом расонида шуд. Ҳамчунин барои тайёр намудани мутахасси- сони (ронандаю таъмиргарон) маҳаллӣ шароити мусоид фароҳам омад.

Хатти ҳавоии Сталинобод - Хоруғ хеле пештар кушода шуда буд. Соли 1929 дар Хоруғ аввалин самолёти «Р-5», ки онро ҳавопаймо К. Баранов идора мекард, ба замин фуромад. Бори дуввум ба ин чо само- лёт 18 августи соли 1930 омад. Аз соли 1932 ин роҳ барои парвози доимӣ кушода шуд. Акнун корафтодагон нафақат таъчилан ба марказ парвоз карда метавонистанд, инчунин, воситаҳои ахбори умум, рӯзномаю мачаллаҳо дар вақташ ба ин чо мерасиданд.

То инқилоб дар бораи хизмати оддии алоқа аҳолӣ тасаввуроте на- дошт (агар хаткашонҳои амиру ҳокимонро сарфи назар кунем), соли 1929 дар чумҳури 46 муассисаю шӯъбаи алоқа амал мекард. Соли 1940 ин рақам ба 259 расид. Дар солҳои авали Ҳокимияти Шӯравӣ, то соли 1929 ҳамагӣ 87 нуқтаи қабули радио мавчуд бошад, то соли 1940 онҳо ба чандин ҳазор расиданд. Акнун хатти телеграф ноҳияҳоро бо марказ мепайваст.

Ба хочагии коллективӣ (дастчамъӣ) гузаштани кори деҳқонони мам- лакат марҳилаи нави хочагидорӣ буд, ки ба тезӣ дар сар то сари Давлати

Шӯравӣ аз соли 1928 чорӣ мешуд. Вале дар Точикистон ба сабаби тайёр набудани заминаи воқеӣ ва субъективӣ коллективонӣ дертар аз ибтидои солҳои 30 оғоз ёфт. То тирамоҳи соли 1930 дар чумҳурӣ 28 135 хочагии колективӣ мавчуд буд, ки ҳамагӣ 13,6% хочагии деҳқонии чумҳуриро ташкил мекард. Тарзи хочагидории дастачамъии кишоварзӣ солҳои си- юм тадричан дар вилояти Ғарм ва ВАБК паҳн мешуд. Соли 1932 шумо- раи колхозҳо дар чумҳурӣ 11 маротиба афзуд. Онҳо 41,9 фоизи хочагии деҳқонӣ ва 65, 3 фоизи замини киштро муттаҳид карда, тамоми хочагиҳои пахтакорӣ ба доира колхозӣ даромадаанд.

Ташкилкунандаи аввалин колхозҳо дар Дарвоз А. Юнусов, Д. Ази- зов, Р. Кӯлобиев, Ш. Раҳматов, Н. Давлатов, А. Фатҳуллоев, Г. Ёрмуҳаммадов, С.Лақаев, Б. Иматов ва дигарон буданд.

Аввалин стансияҳои мошинӣ-тракторӣ (СМТ ё МТС) дар Точикистон соли 1930 сохта шуданд. Соли 1932 чумҳурӣ дорои 19 СМТ буд, ки ба шумораи умумии 1 284 трактор ба 1200 колхози пахта- кор хизмат мерасониданд. Соли 1940 дар чумҳурӣ шумораи колхозҳо ба 3 093 расид, ки 195,8 ҳазор хочагии деҳқононро муттаҳид менаму- данд. Ҳасилнокии меҳнат дар колхозҳо то рафт баланд шуда, соли 1939 даромади пулии колхозҳо ду баробар афзуд[49].

То инқилоб дар ҳудуди Точикистон чанд мактаби ҳамагонӣ (дар ноҳияҳои шимолӣ, ки тобеъи генерал-губернатории Туркистон буданд), ки дар онҳо 369 хонанда аз оилаҳои сарватманд таҳсил мекарданд, вучуд дошт. Ҳукумати аморати Бухоро барои беҳдошти маориф тамо- ман маблағгузорӣ намекард. Амири охирин - Олимхон дар тамоми дав- раи ҳукмронии худ (1911-1920) фақат як мадраса сохта буду халос.

Баъди инқилоб то таъсиси ЧШС Точикистон барои пешрафти мао- риф заминаи мӯътаммаде фароҳам омада буд. Акнун давлат имкон дошт, ки ба ин соҳа ҳиссаи маблағгузориро зиёд намояд. Барои соли хониши 1929/30 аз бучаи давлат 12 385,4 ҳазор, соли 1933/34 - 42 942,5 ҳазор, соли 1939 - 191 945,5 ҳазор сӯм чудо карда шуд, ки аз бемайлон зиёдшавии ҳачми маблағгузорӣ ба ин соҳа дарак медиҳад. Ин маблағгузорӣ ба афзудани шумораи мактабҳо ва хонандагон мусоидат мекард. Соли хониши 1929/30 аз чумлаи 541 мактаби чумҳурӣ, 528-тоаш ибтидоӣ, 11-то 7-сола ва 2 -тоаш мактаби миёна буданд. Соли 1933/34 шумораи мактабҳо ба 2 403-то расид, ки аз онҳо 2368 - ибтидоӣ, 31 - 7 сола, ва 4-то миёна буданд. Барои соли хониши 1939/40 бошад нишондиҳандаҳо чунинанд: аз 2 852 мактаб 2407 - ибтидоӣ, 394 - 7-сола, ва 51 мактаби миёнаи таҳсили ҳамагонӣ буданд. Вобаста ба ин шумораи хонандагон низ афзуда буд, ки онро чунин рақамҳо тасдиқ мекунанд: Соли 1913 шумораи талабагон дар ҳудуди чумҳурӣ ҳамагӣ 0,37 ҳазор бошад, соли 1928 - 13,79 ҳазор, 1932 - 125 ҳазор, 1937 - 221 ҳазор ва соли 1940 ин шумора ба 277, 4 ҳазор хонан- да расид[50].

Албатта, аз ин муваффақиятҳо Қалъаихумб дар канор буда намета- вонист. Чи тавре ки пештар ёдовар шудем, нахустин мактаб дар ин чо соли 1926 кушода шуд, ки он 8 нафар хонандаро барои таҳсил чалб кард. Муаллимони аввалин К. Гадоев, Ш. Раҳмонов, В. Алиев ва Саидоғои эронӣ ба талабагон то соли 1930 аз рӯи китоби «Калиди илм» ва дигар китобҳои бо ҳуруфоти форсии арабиасос машғулият мегуза- рониданд ва соли 1930 то соли 1940 таълим дар асоси алфавити лотинӣ мегузашт. Баъдтар чунин мактабҳо дар деҳаҳои Хумбиварӣ, Зинг, Руз- вай, Кеврон ва соли таҳсили 1927/28 дар деҳаҳои Ёгеду Ҷорф кушода шуданд. Аз фаъолияти мактабҳо сухан ронда, аз як фочиа ёдовар шу- дан бамаврид аст. Ҳангоми соли 1929 аз сарҳад гузаштан Фузайл Мах- сум дар Дарвоз ва ба қатлу ғорат даст задани дастаи он соли 1929 чан- дин касони фаъоли сохтори шӯравӣ, аз чумла муаллими мактаби Қалъаихумб Абдуллои эронӣ ба қатл расиданд.

Соли хониши 1929/30 дар Қалъаихумб интернат (хонаи бачагон) таъсис ёфт, ки дар он 120 хонанда таҳсил мекард. Тарбиягирандагони ин интернат бештар баччаҳои бепарастори деҳоти Ванч, деҳаҳои Кев- рон, Висхарв Курговад ва ғайра буданд. Муаллимони интернат Юсу- фов Қудрат аз Ванч, Ҷорубов Ҷонмаҳмад аз Курговад, Абдуллоев Сат- тор ва нахустин зани омӯзгори ин диёр - муаллима Давлатова Омина аз Ванч, таълиму тарбияи хонандагони интернатро ба зимма доштанд. Интернат соли 1931 ба Кеврон кӯчонда шуд[51].

Соли 1937 ба чои мактаби ибтидоӣ дар Қалъаихумб мактаби 7-сола кушода шуд, ки 100 хонандаро ба таҳсил фаро гирифта буд. Дере нагу- зашта чунин мактабҳо дар Зинг, Кеврон, Ҷорф, ва Бровг оғози фаъоли- ят намуданд. Мактаби аввалин бошад, соли 1953 аз мактаби 7-сола расман ба мактаби миёнаи таълими умумӣ табдил ёфт. Соли 1956 35 нафар (15 нафар писарон ва 20 нафар духтарон) нахустин хатмкунан- дагони мактаби миёнаи Қалъаихумб соҳиби номаи камол гаштанд[52].

Мактаби деҳаи Зинг соли 1940 ба мактаби 7-сола табдил ёфт. Дар он 103 нафар талабагон идомаи таҳсил доштанд. Бояд қайд кард, ки дар он вақт ҳатто муаллимони дорои маълумоти миёнаи касбӣ намерасид. Бо кушодани Омӯзишгоҳи педагогии Ғарм сол то сол мутахассисони дорои маълумоти миёнаи махсус зиёд мешуданд. Барои таҳсили рӯзонаю ғоибонаи чавонони маҳаллӣ шароити мусоид фароҳам оварда шуда буд. Хатмкунандагони ин омӯзишгоҳ дар зодгоҳи худашон фаъо- лона машғули кори омӯзгорӣ буданд. Аввалин муаллими маълумоти миёнаи касбӣ доштаи мактаби Зинг, хатмкардаи Омӯзитттгохи педаго- гии Ғарм аз деҳаи Ҷорф Мадалӣ Набиев буд.

Муаллимони мактаб Ҷивоншо Мирзоев ва Тоҳир Қосимов соли 1956 аввалин шуда, соҳиби маълумоти олии касбӣ гашта буданд. Аз соли 1941 то 1953 дар ин мактаб аввалин муаллимаи забони русӣ Бутаева Клавдия Егоровна фаъолияти омӯзгорӣ дошт. Ин зани ниҳоят ҳалиму

ба касбаш содиқ дар таърихи маданию маърифатии деҳаи Зингу мао- рифи ноҳияи Дарвоз нақши сазоворе гузоштааст. Мактаби номбурда соли 1964 чун мактаби миёна ба расмият даромад[53].

Барои ба тамоми зинаҳои маълумот соҳиб шудан дар чумҳурӣ охири солҳои 30-юм қариб ягон монеаи чидди намонда буд. Ҷавонони коргар метавонистанд, аз истеҳсолот чудо нашуда идомаи таҳсил намоянд. Соли хониши 1939/40 шумораи мактабҳои коргарчавонон ба 579-то расида буд, ки дар онҳо 33 076 нафар аз истеҳсолот чудо нашуда таҳсил мекарданд. Даҳҳо муассисаҳои томактабӣ нигоҳубини кӯдакони хурдро, ки падару модаронашон ба кору таҳсил банд буданд, ба ӯҳда доштанд[54].

Дар чумҳурӣ аввалин мактабҳои олӣ ва миёнаи махсуси омӯзгорӣ кушода шуданд. Соли хониши 1929/30 ҳамагӣ 4 омӯзишгоҳи омӯзгорӣ дар чумҳурӣ ба тайёр намудани муаллимон машғул буданд. Соли 1931 аввалин донишкадаи олӣ дар чумҳурӣ - Донишкадаи омӯзгории Ста- линобод (Душанбе) ва баъди як сол (1932) чунин донишкада дар Лени- нобод (Хучанд) кушода шуданд. Дар соли хониши 1939/40 дар Ҷумҳурӣ ду донишкадаи олии омӯзгорӣ, се донишкадаи дусолаи муаллимтайёркунӣ ва 11 омӯзишгоҳи педагогӣ фаъолият карда, таъли- му тарбияи мутахассисони касбии омӯзгориро ба ӯҳда доштанд.

Чунин муваффақиятҳо дар пешрафти илм низ ба назар мерасиданд. То инқилоб ягон муассисаи илмӣ вучуд надошт. Аз солҳои 30-юм марказҳои муҳими илмӣ таъсис ёфта, оғози фаъолият намуданд. Авва- лин муассисаи илмӣ таъсиси Кумитаи точикшиносӣ дар назди Комис- сариати халқии маорифи ҶШС Точикистон буд, ки аз соли 1930 то 1932 фаъолият дошт. Соли 1932 Институти илмӣ-тадқиқотии давлатӣ оид ба масъалаҳои таърих, забон, адабиёт ва мардумшиносӣ (этногра- фия) таъсис ёфт, ки то соли 1934 фаъолият дошт.

Соли 1932, тибқи қарори Ҳукумати Умумииттифоқ дар чумҳурӣ, Базаи точикистонии Академияи илмҳои ИҶШС таъсис ёфт, ки омӯзиши равияҳои гуногуни илмии чумҳурӣ саҳми ҳалкунанда гузош- тааст. Соли 1934 дар ин база бахшҳои (сектор) таърих, забон ва адаби- ёт кушода шуданд. Соли 1941 дар асоси бахшҳои номбурда дар ҳудуди ин база Институти таърих, забон ва адабиёт ташкил ёфт. Филиали Точикистонии АИ ИҶШС соли 1941 дар ҳайати худ 128 ходими илмӣ ва илмӣ-техникӣ, аз чумла як академик, 5 доктори илму профессор, 23 номзади илм, 43 ходими калони илм, 43 ходими хурди илмӣ, 28 ходи- ми илмӣ-техникиро дошт[55].

Дар чумҳурие, ки то инқилоб ягон китоб чоп намешуд, соли 1929 56 номгӯй китоб (281 ҳазор нусха) ва соли 1940 зиёда аз 370 номгӯйи китобҳо дар ҳачми умумии 38 миллион нусха ба табъ расид.

Ин солҳо даҳҳо муассисаҳои маданӣ-равшаннамоӣ, клубу китобхонаҳо ва ғайра барои аҳолии чумҳурӣ хизмат мекарданд. Мах-

сусан занҳо ба кор ва ҳайёти чамъиятӣ фаъолона чалб мешуданд. Соли хониши 1929/30 дар мактабҳои ибтидоӣ 2976 духтарон таҳсил мекар- данд. Соли 1933 шумораи онҳо ба 39 526 ва соли 1936/37 дар тамоми мактабҳои чумҳурӣ 72 335 нафар духтарон машғули таҳсил буданд.

Албатта, аз ҳамаи ин дастовардҳои иқтисодӣ ва ичтимоию фарҳангӣ вилояти Ғарм ва ноҳияҳои дар тобеъаш қарордошта аз чумла ноҳияи Қалъаихумб дар канор набуданд.

Яке аз падидаҳои назарраси фарҳангӣ ташкили чопи рӯзномаи ноҳиявӣ ҳисоб меёбад. Қарори расмӣ барои таъмини нашри рӯзномаи ноҳиявӣ ҳанӯз соли 1932 қабул шудаву ҳатто сармуҳаррири он Рӯзӣ Розиев низ таъин шуда буд. Вале аз сабаби набудани дастгоҳ рӯзномаро муҳаррир наметавонист аз чоп барорад. Инро ба назар ги- рифта, соли 1934 роҳбарони ноҳия Шодмонбеков ва Саидаҳмадов аз зодаи Дарвоз Мирзобароти Забирзода, ки дар Сталинобод иқомату фаъолияти корӣ дошту худ одами бофарҳангу масъулиятшинос буд, хоҳиш намуданд, ки ин масъулиятро ба зимма гирад. Баъди шиносоӣ бо бинои матбаа, соли 1935-ум М. Забирзода ба Сталинобод баргашта, бо ёрии корманди матбааи чумҳуриявӣ Коровлёв мошинаи чопкунии навъи «Американка»-ро ба қисмҳо чудо намуда, дар ҳолати бероҳагӣ бо машаққати зиёде ба Қалъаихумб оварданд, Акнун аввалин рӯзнома бо унвони «Ҳаракати стахановчиён» (аз чӣ бошад, ки ба котиби дуюми кумитаи ноҳиявии ҳизби коммунист Силевия «Дарвози Советӣ» ном гирифтани рӯзнома маъқул нашуд) аз чоп баромада дастраси сокинони ноҳияи Қалъаихумб гардид. Баъдтар ин рӯзнома борҳо тағйири ном намуда, бо унвонҳои «Бо роҳи Ленин», «Дарвози Советӣ», «Дарвози шӯравӣ» нашр мешуд[56].

# *Боби VII*

# НОҲИЯИ ҚАЛЪАИХУМБ ДАР ЗАМОНИ ҶАНГИ БУЗУРГИ ВАТАНИ ВА БАРҚАРОРКУНИИ БАЪДИҶАНГИ

## НОҲИЯ ДАР СОЛҲОИ ҶАНГ

Ҷумҳурии Точикистон чун дигар чумҳуриҳои Иттиҳоди Шӯравӣ бо як рӯҳбаландию ҳисси ифтихор натичаи меҳнати бурдборонаи халқро дар нимсолаи якуми соли 1941 чамъбаст мекард. Вилояти Ғарм низ, ки дар рафти ичрои нашаҳои панчсолаҳои якӯму дуюм ва нисфи ав- вали пачсолаи сеюм (1938-1942) ба дастовардҳои хеле назаррас соҳиб шуда буд, акнун роҳбарияти он дар ичрои нақшаву ӯҳдадориҳои ни- маи дувуми он саъйи талоши комил дошт. Вале бо амри таъриху тақдир, аниқтараш ба туфайли сиёсати забткоронаи давлатҳои империалистӣ, алалхусус Германияи фашистӣ ба сари тамоми халқи шӯравӣ фочиаи нисбат ба давраи чанги граждании баъдиинқилобӣ даҳчанд вазнинтару хавфноктар - Ҷанги Бузурги Ватаниро бор кард.

Ин чанг имтиҳони ниҳоят чиддие буд барои тамоми халқҳои Иттиҳоди Шӯравӣ. Акнун тамоми сиёсат ва иқтисодиёту маънавиёт, тамоми фаъолияти ҳар фард ба як самт равона карда шуда буд - ғалаба аз болои вабои аср-фашизм. Акнун ҳама кору шиорҳои ба созандагӣ даъваткунандаи пештараро як шиор, як даъват иваз намуд: «Ҳама барои фронт, ҳама барои ғалаба!» Акнун замон дар ҳама самтҳо, ҳам дар майдони ҳарб, ҳам дар майдони меҳнат, заҳмати қаҳрамононаро тақозо дошт. Халқи точик, монанди ҳамаи халқҳои бародари Иттиҳоди бузурги шӯравӣ якдилона ба муқобили фашисто- ни истилогар баромада, дар тамоми самтҳои тақдирсози чабҳаю ақибгоҳ диловариву қаҳрамонӣ нишон медод. Зиёда аз 200 ҳазор фар- зандони халқи точик дар сафҳои Қувваҳои Мусаллаҳи Иттиҳоди Шӯравӣ шучоатмондона алайҳи машинаи пуриқтидори фашизм чангидаанд. 60 ҳазори онҳо дар набардҳои шадид шаҳид гаштаанд.

Зиёда аз 55 ҳазор фиристодагони Точикистон барои шучоату қаҳрамонӣ дар набардҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ бо ордену медалҳо мукофотонида шудаанд. 54 нафарашон бо баландтарин унвони диловарӣ - Қаҳрамони Иттифоқи Шӯравӣ созовор гашта, 19 нафар диловарон - ба гирифтани ҳар се дарачаи ордени «Шараф», ки расман ҳамвазни унвони Қаҳрамонист, лоиқ дониста шудаанд. Аз чумҳурӣ 45 ҳазор нафар барои кор дар корхонаҳои маҳсулоти ҳарбӣ-мудофиавӣ истеҳсолкунандаи Федератсияи Русия, ба Уралу Сибир сафарбар шу- даанд. Хизмати онҳо низ аз хизмати чанговарони чабҳа кам нест.

Вазъи фочиабор мардумро водор сохт, ки барои истеҳсолотро дар сатҳи баланд нигоҳ доштан, тамоми имконияти будаву набударо ис- тифода баранд. Дар ҳоле, ки чавонони қобили меҳнат ба чабҳа сафар- бар шуда буданд, тамоми вазнинии истеҳсолот ба дӯши занону кӯдакони синни мактабӣ ва пиронсолон афтода буд. Дар тамоми колхозҳои чумҳурӣ даҳрӯзаҳои зарбдори ғунучини ҳосил гузаронида мешуд. Масъалаи ёрии ҳаматарафа ба фронт, масъалаи марказии та- моми муҳокимаронииҳои ҳизбию комсомолӣ, аз ташкилотҳои ибтидоӣ сар карда, то кумитаҳои марказӣ ва тамоми чаласаю чорабиниҳои давлативу маъмурӣ гашта буд.

Дар солҳои чанг, аз чумҳурӣ ба фронт 151 вагон тӯҳфа, ба Фонди мудофиа ба маблағи 30,5 миллион сӯм гӯзаронида шуд. Бо ташаббуси пешқадамони истеҳсолот ва ташкилотҳои чамъиятӣ барои сохтани колоннаи танки «Колхозник Таджикистана» («Колхозчии Точикистон») ва Эскадрилияи ҳавоии (авиаэскадрилияи) «Советский Таджикистан» («Точикистони Шӯравӣ») 14 милион сӯм ва ба маблағи 45 милион сӯм облигатсияи заёми давлатӣ - вомбарг (қарзи дароз- муддате, ки ба ивази қоғази қурбноки расмӣ давлат аз шаҳрвандон мегирад), чамъ карда шуд.

Нисбати оилаву фарзандони чанговарони дар чабҳа буда, ғамхории махсус зоҳир карда мешуд. Дар соли аввали чанг Кумитаи ичроияи шаҳри Сталинобод (Душанбе) барои оилаҳои дар чабҳа буда 2 500 хона (квартира) чудо намуда, 1500 нафарро бо чои кор таъмин намуд. Роҳбарияти шаҳр соли 1943 ба маблағи 10 миллион сӯм барои оилаҳои ҳарбиёни дар чабҳа буда, кӯмакпӯлӣ чудо намуда, 4 500 кӯдаки онҳо дар яслию боғчаҳои кӯдакона чоӣ дода шуданд. Чунин иқдом дар тамоми шаҳру навоҳии чумҳурӣ ба назар мерасид.

Дар ҳамаи ин корҳо саҳми меҳнаткашони вилояти Ғарм маълум буд. Аз рӯзҳои аввали шунидани хабари чанг, бо ғайрати дучанд меҳнат карда, нисбат ба давраи осоиштагӣ ба маротиб ҳачми истеҳсолотро зиёд намуданд. Колхозҳои вилоят, ки асоси истеҳсолоташонро зироаткорию чорводорӣ ташкил медод, дар кори таъмини шаҳрҳои чумҳурӣ аз маводи ғизо, ғаллаву гӯшт, маҳсулоти шир ва равған бо чидду чаҳди том заҳмат мекашиданд. Қисми зиёди

чавонон ва мардони сиҳату солим, ба чабҳа сафарбар шуданд. Мар- дум барои ёрӣ ба фронт ҳеч чизро дареғ намедоштанд. Мардуми ви- лояти Ғарм барои соҳтмони колоннаи танкӣ ва эскадрилияи ҳарбӣ- ҳавоӣ 3 миллион маблағ чамъоварӣ карданд. Ба Фонди Мудофиа меҳнаткашони вилоят 8 миллион сӯм гузарониданд. Ҳамчунин ба чабҳа маводи зиёди хӯрока ва пӯшоки гарм фиристода шудааст[1]. Дар ҳамаи ин ҳиссаи меҳнаткашони ноҳияи Қалъаихумб кам нест.

Бояд қайд кард, ки ҳатто дар давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ мушкилиҳои иқтисодии баъзе ноҳияҳои кӯҳистони чумҳуриро ба на- зар гирифта, ҳукумати маркази лозим шумурд, ки аз якуми октябри соли 1942, то охири соли 1944 колхозҳои ВМКБ (ВАБК), ноҳияҳои Қалъаихумб ва Масчоҳро аз андози даромад озод намоянд. Вале ин пеши роҳи ташаббусу масъулиятшиносии мардуми саховатниҳоди кӯҳистонро гирифта наметавонист. Дар Қалъаихумб аз ҳамаи навъҳои маҳсулоти хочагии қишлоқ нақшаҳои бе ин ҳам баланди ба шароити чанг мувофиқ пурраю барзиёд ичро карда шуданд. Яке аз навъҳои маҳсулоти барои саноати ҳарбӣ хеле заруру арзиши стратегӣ дошта пилла буд, ки истеҳсоли он дар ҳачми 111,1 фоиз ичро шуд[2].

Албатта, пурра муайян кардани ҳачми тамоми ҳамаи маҳсулот ё арзиши он ва маблағи пулию қарзие (заём), ки барои чабҳа аз ноҳияи Қалъаихумб чамъоварию фиристода шудааст, кори ниҳоят мушкил аст, чунки маълумоти омории дақиқе дар ин хусус боқӣ намондааст. Барои чунин маълумоти омориро омода сохтану пурра нишон додан барои он давра аҳамият надошт, ҳар оила, ҳар фард мекӯшид, ба ғайр аз маҳсулоти ғизо ашёи беҳтарину арзишмандтарини хонаводаро ба чабҳа барои ғалаба фиристад. Дар бораи пешниҳоди қарз ё заём ҳамин далел шаҳодат медиҳад, ки то моҳи июни соли 1942 нақшаи гирифтани заёми давлатӣ 72 фоиз ичро гардид[3]. Яқинан хато намера- вад, агар харочоти хонаводагию маводи барои чабҳа фиристодаро мусовӣ ё 50 дар 50% муайян кард. Инро аз ёрии яклаҳзаинаи ба муно- сибати иди 26-солагии Октябр (соли 1943) бахшидаи сокинони ноҳия хулоса кардан мумкин аст. «Колхозчиён ва колҳозчизанони райони Қалъаихум, - навиштааст мухбири рузномаи вилоятӣ - «Болшевики Ғарм» Н. Қурбонов, - аз ғалабаҳои Армияи Сурхи диловар рӯҳбаланд шуда, ба муносибати наздик шудани иди 26 солагии Револютсияи Ка- бири Сотсиалистии Октябр ба чанговарон ва офитсерони диловари Армияи Сурх посилкаҳо ташкил карда, фиристонида истодаанд.

Бисёрии колхозчиёни район ба Армияи Сурх пӯшокҳои гарм тайёр мекарданд. Колхозчиён ва колхозчизанони район дар байни якчанд рӯз 110 чуфт чӯроб, 31 чуфт дастпӯшак, 7 кг равған, 137 кг тут, 446 кг себи қоқ, 50 кг олуча, 156 кг зардолуи қоқ, 219 кг чормағз, 10 кг қурут ва барои харида гирифтани посилкаҳо ва либосҳо маблағи 3162 сӯм пули нақд ва садҳо дигар чизҳо супориданд»[4].

Заҳматкашони Қалъаихумб барои сохтмони Колоннаи танкӣ ва эс- кадрилияи самолёти қиркунанда 102 600 сӯм гузарониданд[5]. Чунин фаъолон монанди Хошок Зиёев - 11 000 ва Норкалла Туфонов - 3 000 пули нақд ба Фонди Мудофиа гузарониданд. Чунин ташаббускорони ғамхору ҳимматбаланд кам набуданд[6]. Табиист, ки ин аз ҳисоби кам шудани маводи пӯшок ва ғизои мардум, пеш аз ҳама, пиронсолону кӯдакон буд. Бесабаб нест, ки шумораи фавти одамон аз гуруснагӣ афзуд. Ин даҳшат буд, вале бе ин мушкилиҳои тамоми Иттиҳоди Шӯравиро ба гиродоби худ кашида, ғалабаро таъмин кардан номум- кин буд.

Ҷанговарони диёр низ дар қатори ҳазорон баҳодурони чабҳа аз ин ёрии ҳамдеҳагон илҳому ғайрат гирифта боз бештар душманро саркӯб мекарданд.

Дар мактуби гурӯҳи чанговарони точик ба унвони котиби аввали Кумитаи Марказии Ҳизби коммунисти Точикистон Д.З.Протопопов ирсолшуда омадааст: «Ғалабаҳои пай дар пайи Армияи Сурх гувоҳи равшани он аст, ки чабҳа ва ақибгоҳ якчоя амал мекунанд. Тамоми халқи шӯравӣ нафаққат ба воситаи меҳнати қаҳрамононаи худ дар истеҳсоли миқдори зарурии яроқу озуқа инчунин бо охирин пасандо- зи пулие, ки ба чабҳа ирсол менамояд иқтидори техникии Армия Сурхро афзун мегардонад. Дар рафти муҳориба барои ҳифзи Ватани Шӯравӣ мо захм бардошта будем, акнун дар госпитал мебошем. Ҳоло шифо ёфта, боз ба чабҳа барои саркӯб кардани фашистон бармегар- дем, то замини муқадасамонро аз он душманони малъун тоза намоем.

Мо ҳеч гоҳ заҳмату ғамхории шуморо нисбати Армияи Сурх фаро- муш нахоҳем кард. То метавонед мородастгирӣ намоед, то мо ҳарчӣ тезтар душманро торумор созем. рӯзи ғалабаи қатъи аз болои душман дур нест.

Бо саломи самимона сержанти калони гвардия аз райони Қалъаи Хумб Кӯлобиев Рӯстам ва дигарон»[7] (имзо).

Дар тамоми давраи чанг аз Дарвоз ба чабҳа зиёда аз 700 нафар чавонон дар майдони ҳарб ширкат дошта, аксаран ба гирифтани ор- дену медалҳо сазовор шуданд[8].

Бояд қайд кард, ки аз намояндагони дар чабҳа иштирок намудаи Дарвоз, фақат 274 нафар шаҳидшудагон (рӯйхати онҳоро дар замимаи китоб нигаред) ва 154 нафар аз чабҳа баргаштагон (рӯхати баргашта- гон каме поёнтар оварда шудааст) дар ҳуччатҳаи комиссариати ҳарбии ноҳия ва бойгонии вилоятӣ маълумот боқӣ мондааст.[9] Қисми зиёди онҳо дар набардҳо ҳалоку бедарак шудаанд. Ин маънои онро дорад, ки баъди муҳорибаҳои даҳшатнок часади на ҳар фавтидаро шинохтан мумкин буд. Ё чанговари ҳангоми убур кардан аз дарё ғарқшударо ёфтан мумкин набуд. Ҳамин нобудшавии беасар дар дастаҳои хурди партизанӣ ва ҳангоми ба разведка рафтан низ бисёр

рӯй медод. Табиист, ки ҳангоми пайдо накардани нишонаи шахс ба наздиконаш, бо таъбири русии «пропал без вести» (бедарак гум шуд) ҳуччати расмӣ фиристода мешуд.

Фақат аз як мактаби деҳаи Зинг дар ибтидои чанг муаллимон Сӯфиев Нуриддин, Сафаров Лоиқ, Кабиров Худоӣ, Раҳимов Мирзо- шариф, Ниёзов Давлатбек, Собиров Салмон, Маҳмадов Банда, Мир- зоев Ҷивоншо ба чабҳа рафтанд. Аз онҳо Раҳимов Мирзошариф ва Сӯфиев Нуриддин дар майдони чанг шаҳид шуданд. Омӯзгорони аз чабҳа бо ордену медалҳои шучоату далерӣ даракдиҳанда баргашта, дар барқароркунии баъдичангӣ ва бурдбориҳои меҳнатии баъдина фаъолона иштирок намудаанд.

Қисми зиёди чанговарон, ғолибони аз чанг бо ордену медалҳо бар- гашта, ки дар хочагии халқ барои инкишофи иқтисодӣ, ичтимоӣ ва фарҳангии ноҳия кор мекарданд, чун ветеранҳои чангу меҳнат ба обрӯю эътибори хосса соҳиб шудаанд.

Насли имрӯзу баъдинаи сокинони Дарвоз ва тамоми чумҳурӣ бо номи чанговароне, ки аз чабҳа ғолиб баргашта, фаъолияти худро ба- рои обод кардани диёр бахшидаанд, ҳеч гоҳ фаромӯш нахоҳанд кард. Аз ин хотир, сабти номи чунин чанговарони шучоъу номдорони чабҳаи меҳнатро дар китоб вочиб медонем:

Абдуллоев Иқбол (Қалъаихумб), Афғонов Кӯсик (Ёгед), Афғонов Амир (Ҷорф), Баротов Зикрихудо (Қалъаихумб), Бердиев Ботурбек (Ҷорф), Акобиров Машраб (Сағирашт), Акрамов Маҳрам (Хумби варӣ), Амирбеков Искандар (Ёгед), Амиров Саидамон (Чухкак), Амо- нов Раҳмон (Сағирдашт), Амрихудоев Саидалӣ (Ҷорф), Бачачонов Балачон (Умарак), Бобоев Ҷӯрачон (Ёгед), Баҳодуров Ҳуснидин (Ёгед), Боркашов Шералӣ (Нулванд), Бурҳонов Кабут (Сангев), Вазиров Катта (Қалъаихумб), Давлатов Ҳочат (Қалъаихумб), Давлатов Эшон (Чухкак), Дайхудоев Фазлихудо (Ҷорф), Додоев Амрулло (Сағирдашт), Додоев Назар (Қалъаихумб), Ёғиев Ҷангӣ (Умарак), За- биров Абдурозиқ (Қалъаихумб), Варваков Ҷӯрачон (Қалъаихумб), Баҳодуров Иззатшо (Қалъаихумб), Гадоев Шер (Қалъаихумб), Гирда- ков Шариф (Вудзуп), Гулаков Хушак (Сағирдашт), Зайниддинов Ша- роф (Қалъаихумб), Зиёев Қосим (Хек), Зокиров Мир (Ёгед), Ибодов Насрулло (Қалъаихумб), Ибронов Абдураҳмон (Қалъаихумб), Иброҳамов Амиршо (Қалъаихумб), Иброҳимов Назрулло (Қалъаихумб), Иброҳимов Муҳаммадӣ (Қалъаихумб), Изатуллоев Ҳикматулло (Рузвай), Икромов Раҳмон (Қалъаихумб), Илёсов Идӣ (Қалъаихумб), Имматшоев Мӯҳточ (Қалъаихумб), Исломов Хушвахт (Қалъаихумб), Исматуллоев Неъматулло (Рузвай), Кабиров Худоӣ (Зинг), Калонов Ғозӣ (Қалъаихумб), Каримов Тулфор (н. Дарвоз), Хушнудов Раҳмат (Умарак), Каримов Шокарим (Вишхарв), Каримов Мирзо (н.Дарвоз), Кенчиков Аҳмад (Зев), Кулобиев Рустам

(Қалъаихумб), Маҳмадзиёев Шариф (Қалъаихумб), Маҳмадкаримов Шокарим (Аробак), Маҳмадов Банда (Қалъаихумб), Маҳмадов Бекна- зар (Сағирдашт), Масҳабов Аксар (Рубот), Мақсудов Одина (Қалъаихумб), Мирзоев Саттор (Сағирдашт), Мирзоев Шомаҳмад (Қалъаихумб), Мирзоев Ҷивоншо (Умарак), Муриватов Акбар (Қалъаихумб), Муриватов Анвар (Қалъаихумб), Миров Алишӣ (Нул- ванд), Муҳтасимов Шонозим (Дуробак), Назаров Ғазо (Қалъаихумб), Нидоев Рустам (Кулумбаи боло), Ниёзмаҳмадов Давлатёр (Зинг), Ниёзов Ғиёс (Қалъаихумб), Нодиров Мирзо (Камчак), Нозилов Гадо (Сафедорон), Носиров Собир (Қалъаихумб), Нуров Латиф (Сағирдашт), Нуров Мирак (Чухкак), Равшанов Дӯст (Умарак), Раҳимов Карим (Лухч), Раҳимов Карим (Сангев), Раҳимов Мирзо (Кеврон), Раҳимов Нурулло (Сағирдашт), Раҳимов Наврӯз (Техарв), Раҳимов Шозамон (Кулумбаи боло), Рашидов Назрӣ (Қалъаихумб), Рачабов Гадоалӣ (Сағирдашт), Резвонов Зуҳур (Саидон), Ризоев Мир- зо (Қалъаихумб), Разоқов Аҳмад (Қалъаихумб), Саидов Музофир (Қалъаихумб), Саидов Нуриддин (Қалъаи Ҳусайн), Саидов Салом (Чухкак), Саидраҳимов Файз (Қалъаихумб), Саидов Додарбек (Қалъаихумб), Сайфуллоев Дарвозӣ (Қалъаихумб), Сайфуллоев Ато (Хек), Саноев Сабриддин (Ёгед), Сафаров Баҳром (Чухкак), Сафаров Шариф (Ҷорф), Сафаров Шариф (Қалъаихумб), Сияев Алихон (Қалъаихумб), Собиров Пирак (Дарвоз), Собиров Салмон (Қалъаихумб), Собиров Содиқ (Қалъаихумб), Собиров Шириншо (Қалъаихумб), Собиров Хоркаш (Қалъаихумб), Соҳибназаров Ҷангӣ (Тишон), Солеҳов Амрихудо (Умарак), Солеҳов Додо (Қалъаихумб), Тошев Амрулло (Қалъаихумб), Убайдов Сайфулло (Қалъаихумб), Фақиров Бухорӣ (Сағирдашт), Фатҳуллоев Шариф (Кулумбаи боло), Хабиров Носир (Қалъаихумб), Халифаев Худойдод (Ҷорф), Ҳасанов Талаб (Кеврон), Хингов Толиб (Қалъаихумб), Хисравов Шарифбек (Зинг), Холов Саидмурод (Тоғмай), Ҳомидов Азиз (Сағирдашт), Ҳомидов Раҳматулло (Бровг), Худоиев Мурипват (Хумбиварӣ), Ҳусайнов Малла (Сағирдашт), Хушаков Назрӣ (Сайёд), Хушвахтов Иззат (Сағирдашт), Хукшнудов Раҳмат (Умарак), Чамаров Атобек (Қалъаихумб), Чиллаев Давлатёр (Қалъаихумб), Шарипов Бегак (Қалъаихумб), Шарипов Давлат (Қалъаихумб), Шарипов Иди (Қалъаихумб), Шарипов Пирӣ (Қалъаихумб), Шарипов Шораҳмат (Қалъаихумб), Шехов Амрихудо (Қалъаихумб), Шириншоев Равшан (Қалъаихумб), Шоҳасанов Суннат (Қалъаихумб), Шодиев Аваз (Ума- рак), Шоев Азамат (Чухкак), Шоимардонов Фаттоҳ (Қалъаихумб), Шокаримов Муҳаммадкарим (Қалъаихумб), Шоназаров Раҳим (Қалъаихумб), Юсупов Худойдод (Сайёд), Ғайратов Хучашо (Ёгед), Ғоибов Назар (Сағирдашт), Ғуломов Аҳмад (Умарак), Қадамов Кавг (Қалъаихумб), Қаландаров Нурӣ (Сайёд), Қаландаров Шӯхӣ (Сафедо-

рон), Қаҳоров Алӣ (Қалъаихумб), Қодиров Собир (Қалъаихумб), Қурбонов Гулмаҳмад (Зинг), Қурбонов Носир (Рубот), Қурбонов Рачаб (Қалъаихумб), Ҷаронов Мирсунбек (Қалъаихумб), Раҳмонов Х (Дарвоз), Ҷабборов Ҷ. (Дарвоз), Бӯйдоқов К. (Дарвоз), Ғафуров М. (Дарвоз), Ризоев Маҳмадулло, Зуҳуров Алиаҳмад, Воҳидов Изатшо, Нуров Ёрмаҳмад, Ғарибов Пир, Раҳматуллоев Давлачо, Раҳимов На- зар (ҳама аз Ҷорф) ва дигароне, ки дар ин рӯйхат аз сабаби набудани маълумот ворид нагаштаанд.

Бояд қайд кард, ки ҳам дар чабҳа ва ҳам дар меҳнат корнамоии Ғозӣ Ниёз, Ҷаъфар Ҷабборов, Ғозӣ Назаров, Қосим Зиёев ва даҳҳо дигарон намунавӣ буда, номи онҳо абадӣ дар таърихи диёр сабт гаштааст.

Дар байни ҳазорон чавонону миёнсолоне, ки бо роҳи даъвати расмӣ ва ихтиёрӣ ба чанг рафта дар майдони набард шучоату далерӣ нишон додаанд, даҳҳо зодагони Дарвозро номбар кардан метавонем. Дар байни онҳо Ғозӣ Ниёз ситораеро мемонад, ки бо гузаштани вақт ҳарчӣ бештар чилло дода, ба чашму дилҳо айёнтар мегардад.

Дар қатори фарзандони шучои диёр, ки дар набардҳои Ҷанги Бу- зурги Ватанӣ корнамоӣ нишон додаву баъди ғалаба барои обод наму- дани зодгоҳаш хизмати намунавӣ ва беминати хешро дареғ надошта- аст, Ҷаъфар Ҷабборов мебошад.

Ғолиби чанг, марди шучои кӯҳистон Ғазо Назаров, ки сари сина- ашро ордену медалҳо зеб медоданд, бо сари баланд ба диёраш - деҳаи Қалъаихумб баргашта, бо ҳамон ғайрати чанговарона ба меҳнати осо- ишта машғул шуд. Солҳои тӯлонӣ чун корманди узели алоқаи ноҳия дар вилоят мавқеи пешсафиро нигоҳ дошта дар байни ҳамдиёрон ба обурӯю эътибори хосса соҳиб гашта буд[10].

Корнамоии чангии ин сарбозони шучои Дарвоз дар таърихи диёр абадӣ хоҳад монд. Месазад барои човидон гардонидани хотираи онҳо ва ҳамчунин саҳмгузорони аз байн бурдани сохтори феодалӣ-амирӣ тадқиқоти мукаммалтаре анчом дод, ки ба хотираи некашон мувофиқат карда тавонад.

## АВЗОИ СОЛҲОИ БАЪДИ ҶАНГ

Дар солҳои баъди чанг тамоми фаъолияти мардум барои ҳарчӣ тез- тар ба мачрои осоишта равон кардани хочагии халқ ва боло бардош- тани иқтисодиёти мамлакат, ки ҳалли масъалаҳои ичтимоию маданӣ ба он вобастагии зич дошт, бояд равона карда мешуд.

Нақшаи барқароркунии хочагии халқи Точикистон, ки Шӯрои Олии чумҳурӣ 8 августи соли 1946 қабул карда буд, як чузъи муҳимми нақшаи панчсолаи 4-уми Умумииттифоқӣ (1946-1950) ҳисоб меёфт.

Гарчи хати чанг (фронт) аз Точикистон ҳазорҳо километр дур буд, нафаси наҳсу хуношоми он воқеаи хонумонсӯз барои ин чумҳурӣ бе- таъсир намонд. Истеҳсоли саноат соли 1945 нисбат ба соли 1940 20 - 25% кам шуда буд. Ин осеб дар соҳаи кишоварзӣ низ равшан мушоҳида мешуд. Акнун аз рӯи нақшаи пачсола ҳачми истеҳсолот дар ҳамаи соҳаҳо дар як муддати кӯтоҳ ба давраи пешазчангӣ расонда ва аз он бояд пеш мегузашт. Ҳачми маблағгузории чумҳурӣ дар ин панчсола 1,2 миллиард сӯм пешбинӣ шуда буд.

Ба туфайли ташаббусу меҳнати бурдборонаи аҳли заҳмат чумҳурӣ дар муддати кӯтоҳтарин ба чунин дастовардҳо ноил гардид:

Соли 1948 истеҳсолоти саноатӣ ба дарачаи соли 1940 расонда шуд. Ҳачми умумии маҳсулот ҳамин сол нисбат ба соли 1940 3% зиёд гар- дида, саноати чумҳурӣ ба маблағи 32 миллион сӯмина аз нақшаи муқарраршуда бештар даромад дод. Дар солҳои панчсолаи чорӯм дар Точикистон 14 корхонаи калони саноатӣ сохта ба истифода дода шуд. Соли 1950 шумораи коргарону хизматчиёни саноат нисбат ба соли
1940 19% зиёд шуда ба 178 ҳазор расид, ки ин нисбат ба соли 1940 34 ҳазор нафар зиёд буд. 39% коргарону хизматчиёни саноатиро занон ташкил медоданд. Корхонаҳои бофандагӣ аз ҳисоби сарфи мавод ма- тои иловагӣ мебофтанд. Моҳҳои март-апрели соли 1949 аз ҳисоби сарфакорӣ нисбат ба нақшаи панчсола 13 600 метр барзиёд матои шоҳӣ истеҳсол шуд. Дар панчсола истеҳсоли қувваи барқ 2,7% зиёд шуда, 165,5 млн киловатт-соатро ташкил мекард. Истеҳсоли ангишт 1,8 баробар зиёд шуда соли 1950 он ба 449,3 ҳазор тонна расонда шуд. Соли 1950 дар муқоиса бо соли 1946 пойафзоли чармин - 769 ҳазор чуфт ё 2,1 баробар зиёд; равғани рустанӣ - 12,84 ҳазор тонна ё зиёда аз 2,7 баробар, гӯшт - 9,85 ҳазор тонна ё 1,6 баробар; консерва
30 миллион кӯттии шартӣ ё аз нақша 2 баробар зиёд истеҳсол карда шудааст. Аз рӯи тамоми нишондиҳандаҳо ҳачми истеҳсоли маҳсулоти саноати чумҳурӣ дар иохири панчсола нисбат басоли 1940 1,5 баробар афзуд. Чунин дастовардҳо дар соҳаи кишоварзӣ низ ба- раъло мушоҳида мешуданд.

Дар ду соли аввали ин пачсолаи азнавбарқароркунии хочагии халқ аз рӯи тамоми нишондиҳандаҳо истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ аз давраи пешазчангӣ пеш гузашт. Соли 1948 колхозҳои чумҳурӣ нисбат ба даромади нақша 183 млн сӯм даромади иловагӣ гирифтанд. Аз чумла 147 колхоз зиёда аз миллион сӯм даромад гирифта, чун «хочагиҳои миллионер» ном бароварданд. Соли 1950 дар муқоиса бо соли 1940 29, 8 ҳазор гектар замин зиёд шуда, майдони умумии замини кишт ба 836,9 ҳазор расонда шуд. Майдони замини пахта соли 1950 нисбат ба соли 1940 20 ҳазор га зиёд шуда, ба 126 ҳазор га ра- сонда шуд, ҳосилнокии замини пахта бошад, ба чои 14,5 сентнери ба нақшагирифта, ба 23 сентнер аз ҳар гектар расид. Хизмати пахтако-

рон аз тарафи роҳбарияти ҳизбу роҳбарияти ИҶШС қадр карда шуда, 159 пешкадами ин соҳа ба унвони баланди Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ сарфароз гардонида шуданд. Дар ин давра зиёда аз 4 ҳазор пешқадамони истеҳсолот аз Точикистон бо ордену медалҳо му- кофотонида шудаанд[11]. Шумораи стансияҳои мошинӣ-тракторӣ ва мутахассисони соҳаи кишоварзӣ дар ин панчсола аз нақшаи пешби- нишуда зиёд шуданд. Чунин дастовардҳо дар ҳама соҳаҳои хочагии халқ мушоҳида мешуданд[12].

Ба туфайли пешравии истеҳсолот имконияти баланд бардоштани дарачаи ичтимоиёти халқ фароҳам омад. Солҳои 1948-1950 се маро- тиба нархи молҳои сермасрифи саноатию кишоварзӣ арзон карда шуд, ки ба болоравии музди меҳнат ва қобилияти харидории мардум мусоидат намуд. Дар ин панчсолаи барқароркунӣ хочагии халқи Ҷумҳурии Точикистон ба дастовардҳои намунавӣ дар соҳаи илму фарҳанг ноил гардид. Соҳаи маориф бемайлон пеш мерафт. Шумораи мактабҳои олӣ ва донишчуён афзуд. Соли 1948 Донишгоҳи давлатии Точикистон таъсис дода шуд. Соли хониши 1940/41дар 6 мактаби олии чумҳурӣ 2 343 донишчӯ таҳсил мекард. Соли таҳсили 1950/51 дар 8 мактаби олӣ 7 103 донишчӯ идомаи таҳсил доштанд. Дар охири 5-солаи панчӯм (1955) шумораи донишчӯёни макотиби олӣ дар чумҳурӣ ба 14 433 расид. Шумораи хонандагони мактабҳои миёнаи махсус бошад дар ин давра ба 10 775 нафар расида буд. Дар ин зами- на шумораи олимони соҳаҳои гуногун меафзуд. Ин пешравт имкон дод, ки соли 1951 Филиали Точикистонии Академияи илмҳои ИҶШС ба Академияи илмҳои ҶШС Точикистон табдил дода шавад. Ҳамин- гуна дастовардҳо дар инкишофи адабиёту санъат низ мушоҳида мушоҳида мешуданд.

Аз чунин пешравиҳо вилояти Ғарм ва ноҳияи Қалъаихумб дар ка- нор монда наметавонистанд. Ин нақшаю ташаббусҳои меҳнатӣ аз та- рафи сокинони меҳнатқарини ноҳияи Қалъаихумб ҳамачониба дастгирӣ ёфтаву сармашқи кор гашта буданд.

Дар рӯзномаи вилоятии «Болшевики Ғарм» аз 24 августи соли 1946, ки як саҳифаи пурра зери сарлавҳаи умумии «Калаихумбский район в борьбе за пятилетку» («Ноҳияи Қалъаихумб дар мубориза баҳри ичрои панчсола») ба ичрои нақшаҳои панчсолаи ноҳияи Қалъаихумб бахшида шудааст, аз тарафи маъмурони ноҳия нисбати вазъи истеҳсолот ва имконияти пурраю барзиёд ичро намудани нақшаи панчсолаи чорӯм (1946-1950) маълумотҳои хеле саҳеҳ оварда шудаст. Раиси Кумитаи ичроияи ноҳия Д. Каримов ба муваф- фақиятҳои назаррас соҳиб гаштани ноҳияро қайд намуда, таъкид кар- дааст, ки онҳо ҳанӯз ба талаботи барқароркунии баъдичангӣ чавобгӯ буда наметавонанд. Вале боварииаш аз ичрои нақшаҳо қатъист. Аз ба- ланд шудани истеҳсоли навъҳои муҳимми зироати кишоварзӣ,

чорводорӣ ва ғайра ёдовар шуда, бахусус суръати сотмони биноҳои маданӣ-равшаннамоӣ, аз нав сохтани истгоҳи хурди барқиро қайд на- мудааст. Тибқи маълумоти ӯ «азнавсозии истгоҳи барқии маркази ноҳияро дида, ҳатто намояндагони маркази вилоят ҳасад мебаранд. Ба ғайр аз бинои клуби ноҳиявӣ, ки сохтмонаш ба наздикӣ хотима меё-
бад, дар ноҳия боз 74 бино аз чумла 9 бинои нави мактабӣ сохта ме- шавад. Вале ин ҳанӯз аввали кор аст»[13].

Барои баланд бардоштани ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ, хошоктайёркунӣ, зиёд намудани саршумори чорво ҳиссаи бригадаҳои комсомолӣ бо сардории Носир Ҳайдаров аз колхози ба номи Ленин, Хабиров ва Носир Собиров аз колхози «Ҳайёти нав», Шарипов - раи- си колхози ба номи Молотов ва ғайра хеле калон аст. Онҳо нақшаҳои кории коллективи худро то 150-200% ичро мекарданд[14]. Яке аз соҳаҳои муҳиму сердаромади ноҳия пиллапарварӣ буд. 25 июл авва- лин шуда дар вилоят ноҳияи Қалъаихумб уҳдадории пилласупориро пурраю барзиёд ба ичро расонда, ба давлат 5,5 тонна пиллаи хушси- фат супорид. Дар ин чода бояд аз хизмати пешқадамони истеҳсолот Шукро Вазирова, нақшаи шахсии хешро 400%, Саноат Неъматов - 293%, Носир Ҷобиров - 251% ва боз чандин колхозчиён, ки ӯҳдадориҳои худро 150-200% ичро карда буданд, ёдовар шуд. Кол- хозчиёни ноҳия нақшаи истеҳсоли ғалларо пурра ба ичро расонда, зиёда аз 90 сентнер ғалла ба ҳисоби соли оянда (1947) гузарониданд. Ҳамин хел рақамҳо дар фурӯши гӯшт, зиёд шудани саршумори чорво ва ғайра мушоҳида мешуданд. Дар кори ба роҳ мондани истеҳсолот хизмати раисони колхози «Роҳи нав» - Набӣ Ятимов, ба номи Кага- нович - Шариф Каримов намунавӣ ҳисоб меёфт[15].

Бояд қайд кард, ки бори заҳмати истеҳсолиро нафақат мардон, ин- чунин занон ба дӯш доштанд. То ба имрӯз занони фаъоли ҳаракати стахановчигӣ (А. Г. Стаханов, ангишткани Донбасс, ки шаби 30-31 август дар як смена (5 соату 45 дақиқа) 102 тонна ангишт канда, 14 нормаро ичро кардааст. 19 сентябри соли 1935 бошад, ӯ 227 тонна ан- гишт канда рекорди нав гузошт. Ин ташаббуси ӯ дар оянда ба ҳаракати стахановчигӣ асос гузошт) Зила Хаилова аз колхози «Роҳи Ленин», Озода Зарипова аз колхози «Комсомол», Парча Дорова аз колхози «Роҳи Сталин», ки ба чои 25 рӯзи меҳнати муқаррарӣ аз 120 то 250 рӯзи меҳнат мегирифтанд. Пиллапарварони звенои Давронбибӣ Расулова аз колхози «Комсомол» ба чои 260 килограмми нақшавӣ 360 килограмм, звенои Хошокова аз колхози НКВД ба чои 220 нақшавӣ - 305 килограмм пилла ба давлат супориданд. Ҳамчунин аз хизмати пиллапарварон Заро Суннатова аз артели колхози «Ком- сомол», Нақиева аз артели колхози Карл Маркс, Ҳалимахон Бердиева аз колхози ба номи Ворошилов накшаҳои худро аз 150 то 253% ичро намуданд[16]. Шояд дар паси баъзе ин рақамҳо то андозае муҳобот низ

чой дошта бошад, вале чун омили ҳавасмандӣ, даъваткунанда ва сафарбаркунандаи рушди истеҳсолот зарурияти он эҳсос мешуд.

Чунин пешравиҳо дар соҳаи маориф, хизмати маишӣ низ равшан мушоҳида мешуданд. Ба ҷуз клуби ноҳиявии ба ҷои бинои кӯҳна аз нав сохташуда, боз бинои «Чойхонаи сурх» бо тамоми хонаҳои баро- яш зарурӣ, аз қабили сартарошхона, ошхона ва ғайра қомат афрохт. Соҳаи кооператсия косибчигӣ низ бемайлон пеш мерафт. Дар маркази ноҳия сеххои пайафзолтайёркунӣ ва таъмири он, дӯзандагӣ, оҳангарӣ, бофандагӣ, сартарошӣ ва ҳатто постайёркунӣ мавҷуд буданд. Дастаи ҳаваскорони бадеӣ бо сардории Хосият Бозорова, ки зиёда аз 20 ҳунарманд аъзо дошт, акнун театри ҳаваскориро мемонд. Ин даста дар байни деҳқонон, коргарон, зиёиён ва ҳарбиёни комендатура бо консертҳои ниҳоят дилнишину касбӣ баромад мекард. Фақат дар ним соли 1946 ин даста 35 маротиба консерт нишон додаст. Махсусан аъзоёни даста Хосият Шоболова, Саидамир Бобиев, Сунат Неъматов, Ҷавлон Қодирова дар байни тамошобинон шӯҳрати хосса доштанд[17].

# *Боби VIII* НОҲИЯ ДАР СОЛҲОИ ПАНҶОҲУМ ВА ШАСТУМИ АСРИ XX

## ДАСТОВАРДҲОИ ИҚТИСОДИ

Дар солҳои панчоҳум ва шастуми, асри гузашта, гарчи Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шӯравӣ ба доираи сиёсати бо ном «чанги сард» кашида шуда, барои нигаҳдошту рушди бемайлони яроқнокшавии бошитоб маблағи бузурге ба харочот медод, ба ин нигоҳ накарда, вазъи мӯътадили ичтимоӣ ва мачрои созандагиро дар тамоми қаламрави Иттиҳоди Шӯравӣ нигоҳ медошт. Рафти ичрои нақшаи панчсолаи панчум (1951-1955) шаҳодати равшани ин пешравист дар тамоми самтҳои хочагии халқи ИҶШС.

ҶШС Точикистон табиист, ки ба ин мачрои пешравию созандагӣ шарик буда, ба дастовардҳои азими истеҳсолӣ, фарҳангию илмӣ ноил гаштааст. Фақат аз номгӯи марҳилаҳои истеҳсолӣ ва рақамҳои омории чумҳурӣ дар ин ду даҳсола садҳо саҳифаро пур кардан мумкин аст. Дар ин давра дар ҳамаи самтҳои истеҳсолот пешравӣ ба назар мерасад.

Дар ичрои нақшаҳои азими панчсола коргарони корхонаҳои саноатӣ пешсаф буданд. Ҳачми маблағгузорӣ барои саноати чумҳурӣ дар ин панчсола нисбат ба панчсолаи чорӯм 3 баробар афзуд. Дар ин муддат зиёда аз 40 корхона ва сеххои пуриқтидор сохтаю ба истифода дода шуданд. Соли 1955 дар муқоиса бо соли 1950 ҳосилнокии меҳнат 30% ва ҳачми умумии истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ 84% афзоиш ёфт. Бо суръати баланд воситаҳои истеҳсолот пеш рафтанд. Истеҳсоли маҳсулоти машинасозӣ ва металлкоркунӣ 2,4 баробар зиёд шуд. Вале мисли пештара соҳаи асосии истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ саноати са- бук ва хӯрокворӣ ҳисоб мефтанд. Вазни қиёсии ин навъи истеҳсолот 81% ҳачми умумии маҳсулоти саноатиро ташкил медод.

Дар ин панчсола усули индустриявии сохтмон ба роҳ монда шуд. Дар пойтахт заводи конструксияи оҳану бетонӣ ба кор даромад. Дар чумҳурӣ якчанд заводи бетонии бо тачҳизоти нав чиҳозонидашуда ба кор даромад. Истеҳсоли умумии маводи саноатии сохтмон дар ин панчсола 3,4 маротиба афзуд. Истеҳсоли қувваи барқ нисбат ба соли

1950 1,7 маротиба афзуда, соли 1955 ба 295 миллион киловатт-соат ра- сид.

Дар соҳаи кишоварзӣ тағйиротҳои куллӣ ба вучуд омаданд. Яке аз онҳо ҳамроҳ намуда, калон кардани колхозҳо буд. Васеъ истифода бурдани техника, аз чумла дар обмонии қатравӣ ва ба чои чӯйборҳои доимӣ дар пахтазорҳо қубурҳои муваққатии чандирӣ гузоштан, аз пешравии соҳаи аграрӣ дарак медод. Майдони заминҳои пахта зиёд ва истифодаи усулҳои пешқадами агросаноатӣ шарти зарурии пахтакорӣ гардиданд. Аз ин чост, ки соли 1952 нақшаи ба давлат фурӯхтани пахта 108, 6% ичрошуда, ҳосилнокии меҳнат аз ҳар гектар ба 27,8 сентнер расонда шуд. Соли 1955 Точикистон зиёда аз 400 ҳазор тонна пахта истеҳсол кард. Чунин пешравиҳо дар дигар навъҳои хочагии кишоварзӣ: полезӣ, боғу токпарварӣ, соҳаи чорводорӣ низ ба назар ме- расиданд.

Ҳамаи ин заминаи мӯътамаде гардид барои қабули нақшаи панчсолаи нав - панчсолаи шашӯми тараккиёти хочагии халқ (1956- 1960). Фақат дар соли 1956-1957 барои тарақкиёти саноати чумҳурӣ 612 миллион сӯм чудо карда шуд. Дар ин муддат 32 корхонаи саноатӣ, аз чумла яке аз калонтарин истгоҳҳои барқии Осиёи Миёна - «Дӯстии хаққо»-и Қайроқум ба кор даромаданд. Обанбори дар ин замина со- хташуда имкон дод, ки зиёда аз 350 ҳазор гектар замини бекорхобидаи Точикистон, Узбекистон ва Қазоқистон обёрӣ шаванд. Соли 1958 ни- бат ба соли1955 истеҳсоли қувваи барқ 3 баробар зиёд шуда, ҳачми со- лонаи он ба 859,8 миллион киловатт-соат расонда шуд. Истеҳсоли ан- гишт 35% зиёд шуда, дар ин се соли аввали 5-сола 2 215 ҳазор тонна ангишт истеҳсол карда шуд. Истеҳсоли семент аз 24,5 ҳазор тоннаи соли 1955, соли 1958 ба 48,9 ҳазор тонна расонда шуд. Дар ин панчсола фабрикаҳои пойафзоли Ленинобод, тачҳизоти мебелии Сталинобод, заводҳои равғанкашии Конибодому Қӯрғонтеппа ва ғайра со- хта ба истифода дода шудаанд. Истеҳсоли маҳсулоти саноатии Точикистон дар се соли аввали 5-сола 30%, ҳосилнокии меҳнат - 16% афзуд. Соли 1956 - 415,4 ҳазор тонна пахта истеҳсол шуд. Ҳамин сол 49 нафар пешқадамони истеҳсолот ба гирифтани унвони олӣ - Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ ноил гардида, зиёда аз 2 ҳазор соҳиби ордену медалҳо шуданд.

Соли 1956 аз ҳисоби ба кор андохтани заминҳои даштии Дилварзин ва Сомғор 50 ҳазор гектар замини кишт зиёд гардида обёрӣ кардани Мирзочӯл оғоз ёфт. Соли 1958 меҳнаткашони Точикстон 421,2 ҳазор тонна ҳосили пахта рӯёнданд. Сохтмони манзил, ободу зебо гардони- дани шаҳру деҳот суръат гирифт. Соли 1955 хати мусофиркаши нақлиёти барқӣ (троллейбус) ба истифода дода шуд. Ҳачми маблағгузорӣ ба муассисаҳои маданӣ-равшаннамоӣ сол аз сол зиёд мешуд. Аз 642 миллиони соли 1953 ин рақам соли 1958 ба 1044 милли-

он сӯм расонда шуд. Соли 1958 барои тараққиёти маорифи халқ 657,8 миллион сӯм сарф шудааст. Аз 20 394 муаллими соли 1958 - 8 681 на- фарашон маълумоти олӣ ва олии нопурра доштанд. Дар 7 мактаби олии чумҳурӣ 17 ҳазор донишчӯён, аз чумла 10,6 ҳазор писару духта- рони маҳаллӣ таҳсил мекарданд. Садҳо чунин дастовардҳоро аз соҳаи илму фарҳанг ба ёд овардан мумкин аст[1].

Солҳои 60-ум, агар аз бӯҳрони озуқавии ибтидои ин даҳсола сарфи назар кунем (бо айби роҳбарияти умумииттифоқ - хосса Хрушчёв, ки зиёдтар ба кишти чуворию зироати хӯроки чорво диққат додаву ба кишти ғалладонаву нақшаи рушди он то андозае беэътиноӣ зоҳир кар- да буд, ҳачми истеҳсоли маҳсулоти нонӣ талаботро конеъ карда наме- тавонист), воқеан, давраи пешравиҳои чиддӣ дар тамоми самтҳои хочагии халқ ҳисоб меёбад. Азнавбарқароркунии баъдичангӣ, сохтмо- ни заминаҳои мӯътамади иқтисодӣ, ичтимоӣ ва илмию фарҳангӣ дар солҳои 50-ум барои таъмини бемайлон ва суръатафзои тамоми соҳаҳои ҳаёти давлати шӯроҳо мусоидат мекард.

Маҳз дар ин даҳсола Иттифоқи Шӯравӣ аз рӯи бисёр нишон- диҳандаҳо дар дунё ба мақоми пешсафӣ расида, бо дастовардҳои техникӣ ва истеҳсолии худ (кашфи кайҳон, истифодаи қувваи атом дар ҳаёти осоиштаи созандагӣ, истеҳсоли оҳану пӯлод, нефту газ ва ғайра) чаҳонро дар ҳайрат гузошта буд. Беҳуда нест, ки халқҳои аз итоати мустамликадорон озодшуда ва онҳое, ки муборизаи озодихоҳиро идо- ма медоданд, ба Давлати Шӯравӣ чун ба ҳимоятгари боэътимоди худ умед мебастанд ва ҳаматарафа чонибдорӣ низ меёфтанд.

Анчумани ғайринавбатии XXI Ҳизби коммунист, рақамҳои контро- лии хочагии халқи ИЧШС-ро барои 7-сола (1959-1975), ки номи нақшаи 7-соларо гирифта буд, муҳокима намудаву маъқул шуморид ва барои амалӣ гаштани онҳо чораҳои даркорӣ пешниҳод карда шуд. Мувофиқи нақшаи 7-сола ҳамаи чумҳуриҳои иттифоқӣ бояд дар ҳамбастагии зич, чун комплекси ягонаи хочагии халқи мамлакат амал карда, барои ба дарачаи чумҳуриҳои пешқадам расонидани чумҳуриҳои аз чиҳати иқтидори саноатӣ нисбатан суст, саҳмгузорӣ мекарданд.

Анчумани XXII ҲКИШ, ки моҳи январи соли 1961 баргузор гардид, барномаи сеюми Ҳизби коммунисти ИЧШС-ро қабул ва дурнамои тараққиёти мамлакатро муайян кард. Ин барнома, ки аз рӯи мақсаду вазифа бояд сохтмони коммунизмро муайян мекард, аз бисёр чиҳат ғайриилмӣ ва як намоиши беасосу худхоҳонаи сарвари ҳизбу давлати ҳамонвақта Н. С.Хрушчёв буда, табиист, ки натанҳо амалӣ нагашт, балки ба идеали дурнамои коммунистон зарбаи сахти идеявӣ зад. Вай бори дигар собит сохт, ки саҳлангорӣ дар сиёсат, алахусус дар тадбиқи амалии нақшаҳои идеологияи ҳукмрон ба гароние қодир аст, ки ҳеч амали ғаразноки душманон ба ӯ баробар шуда наметавонад. Табиист,

ки нақшаи сохтмони фазаи коммунизми ҷомеаи сотсиалистӣ, ки Хрушчёв пешниҳод карда буд, амалӣ шуда наметавонист, вале то ан- дозае барои пурратар сафарбар кардани фаъолияти созандагии аҳли меҳнат мусоидат намуд.

Мувофиқи барномаи пешбинишудаи нақшаи 7-сола барои тараққиёти хоҷагии халқи Тоҷикистон бояд 8,6 миллиард сӯм ҷудо карда мешуд, ки ин ба ҳаҷми маблағгузории тамоми давраи мавҷудияти Тоҷикистони аҳди Шӯравӣ баробар буд. Вале вобаста ба талаботи рӯзмарраи Тоҷикистони он давра ҳаҷми ин маблағ ба 10 мил- лиард сӯм расонда шуд[2].

Дар давоми 7-сола дар ҷумҳурӣ зиёда аз 200 корхонаи ба талаби за- мон мувофиқ сохтаю ба истифода дода шуд. Аз ҷумла сохтмони истгоҳи барқии Сарбанд идома ёфта, ва ба анҷом расид, навбатҳои қуввадиҳандаи истгоҳи барқии гармидиҳандаи Душанбе (ТЭС), ком- бинати сементу шифер, комбинати гӯшт дар Ленинобод, заводҳои равғанкашӣ ва консерваи Қӯрғонтеппа, саноати Электротехникӣ дар Адрасмон, Исфара ва дигар ҷойҳо, оғози сохтмони пуриқтидори барқии Норак, аввалин корхонаи металлургияи рангаи ҷумҳурӣ - Заво- ди алюминийи Регар ва дигар корхонаҳои бузург оғоз ёфт.

Дар ин 7-сола вазни қиёсии маҳсулоти саноатӣ дар доираи системаи умумии истеҳсолот 54,5% зиёд шуд, ки ин маънии ба сатҳи ҷумҳурии индустриалӣ-аграрӣ баромадани Тоҷикистонро дошт. Маҳз дар ин дав- ра базаи техникии колхозҳо дучанд мустаҳкам шуд. Онҳо ба даҳҳо ҳазор техникаи кишоварзӣ соҳиб гаштанд. Сохтмони каналҳои Дил- варзин ва Янтоқ барои ба кор даровардани заминҳои бекорхобида им- конияти васеъ фароҳам овард.

Солҳои 1959-1960 ба соҳаҳои қафомондаи истеҳсолот 120 мутахас- сис барои роҳбарӣ сафарбар карда шуд, ки ба суръатгирии боз зиёдта- ри афзоиши мусоидат кард.

Музди миёнаи меҳнати деҳқонон хеле зиёд шуд. Ташкилотҳои со- хтмони байниколхозӣ ташкил шудаву то рафт қувват мегирифтанд. Агар соли 1959 дар ҷумҳурӣ 9 ташкилоти сохтмони байниколхозӣ бо- шад, соли 1965 чунин сохтмонҳо дар тамоми ноҳияҳои ҷумҳурӣ мавҷуд буданд.

Аз соли 1961 андози даромад аз кормандони маоши ҳадди аққалгиранда барҳам дода шуд. Даромади коргару зиёиён то 28,6% аф- зуд. Музди меҳнати колхозчиён ду баробар зиёд шуд. Дар ин давра ин- теллигенсияи (зиёӣ) миллии тоҷик ташаккул ёфт. Шумораи зиёиён то рафт меафзуд. Дар ҷумҳурӣ махсусан дастовардҳои илмӣ назаррас бу- данд.

Соли хониши 1958/59 дар 7 мактаби олии ҷумҳурӣ 18 152 донишҷӯй таҳсил мекард. Соли 1965/66 ин рақамҳо ба 44 505 нафар расид. Чунин тамоюли болоравӣ дар мактабҳои миёнаи махсус низ мушоҳида ме-

шуд. Соли хониши 1958/59 дар 25 мактабҳои миёнаи махсус 12 153 хонанда таҳсил мекард. Соли хониши 1965/66 шумораи чунин мактабҳо ба 30, шогирдон ба 23 001, соли хониши 1970/71 шумораи ин мактабҳо ба 36 ва хонандагон ба 35 280 нафар расид[3]. Ин рақамҳо аз болоравии шумораи ихтисосмандони сатҳи олӣ ва миёнаи соҳаҳои гу- ногуни (120 наъии ихтисос) гувоҳӣ медиҳад.

Агар соли 1939 ба ҳар 1000 нафар колхозчӣ 3 ихтисосманди дарачаи олӣ ва ба ҳамин миқдор коргарон 46 нафар рост ояд, соли 1970 ин рақам 462 нафар барои сокинони деҳот, 557 нафар барои шаҳриён рост меомад[4].

Ҳамаи ин нишондиҳандаҳо ба андозаи муайян дар вилоятҳои Ғарм, ВАБК, ва ноҳияи Қалъаихумб, ки то 26 августи соли 1957 дар ҳайати вилояти Ғарм буда, ҳамин сол ба ҳайати ВАБК гузаронида шуд, ба- раъло ба назар мерасанд.

Меҳнаткашони ноҳияи Қалъаихумб аз рӯи маълумоти расмӣ нақшаю ӯҳдадориҳои панчсолаи чорӯми (1946-1950) азнавсозии баъдичангиро бомуваффақият чамъбаст намуданд.

Аз рӯи маълумоти мавчуда соли 1950 дар колхозҳои ноҳия 2 465 нафар одам зиндагӣ мекард, ки аз онҳо 1 700 нафарашон қобили меҳнат буданд. Дар ин ноҳия ҳамагӣ 2 950 гектар замини барои кишт мувофиқ мавчуд буда, аз он 2 777 гектар кишт карда мешуд. Аз ин миқдор 2 607 гектар кишти ғалладона ва 80,23 гектар кишти зағирро дар бар мегирифт. Дар колхозҳои ноҳия 527 гов ва 9 577 бузу гӯсфанд,
49 асп, 78 маркаб ва 1836 парранда парвариш меёфт[5].

Соли 1949 даромади пулии ҳамаи 12 колхози ноҳия (Калинин, Хру- шчёв, Жданов, Молотов, Сталин, Ворошилов, 8 март, Будёний, Ленин, Правда, Роҳи нав, Каганович) 712 711 сӯм, арзиши асосии воситаҳои истеҳсолот - 5 113 309, музди рӯзи меҳнат - 0,55 тинро ташкил ме- кард. Дар ноҳия 2 клуб, 27 мактаб (аз онҳо 21 ибтидоӣ, 6-то миёна), 27 чойхонаи сурх фаъолият доштанд[6].

Меҳнаткашони ноҳия ба ҳисоби соли 1951 12 сентнер гӯшт,592 кил- лограмм равған, 3 371 дона тухм, 318 килограмм пашм супориданд. Соли 1950 аз пилла колхозҳои ноҳия ба маблағи 284 916 сӯм даромади иловагӣ гирифта, ҳаққи заҳмати колхозчиён ба маблағи 1 035 875 сӯм рост омад. Барои меҳнати зарбдорона ба 187 пиллапарвари пешқадам ба маблағи 16 500 сӯмина мукофоти молӣ (саноатӣ) тақдим шуд. Аз бурдбории кирмакпарварони ноҳия далели дар муддати се сол дар дас- ти худ нигоҳ доштани байрақи сурхи сайёри вилоят шаҳодат медиҳад[7]. Дар слёти пешқадамони хочагии қишлоқ аз 15 моҳи марти соли 1951 раиси кумитаи ичроияи ноҳия Раҳмонов бо маърӯза баромад карда, меҳнати зарбдоронаи звеноҳои пиллакории ноҳия Юсуфчон Ҷобиров, Гулсон Сафарова ва масъулиятшиносии мудири шӯъбаи абрешимчи- гии ноҳия Додихудо Юсуфовро махсус қайд кардааст, ки номбурдагон

ҳамасола нақшаи ба ӯҳда доштаашонро 200% ичро менамоянд[8]. Чунин мисолҳо доир ба фаъолияти ҳамасолаи зарбдорони ноҳия дар тамоми давраи солҳои 50-ум хеле зиёданд. Колхозҳо аз ҳар чиҳат мустаҳкам шуданд, ҳосилнокии меҳнат афзуд. Ташаббуси Валентина Гаганова (бригадири дастгоҳи ресмонресии фабрикаи бофандагии Вишневолот- ский (вил. Калинин, феълан Твер), Қаҳрамони меҳнати сотсиалистӣ (1959), соли 1958 бо ташаббуси бригадаи қафомандаро ба пешқадам табдил додан баромад карда пайравони зиёде дар миқёси умумииттифоқ пайдо намуда, ба ҳаракати Гагановчигӣ асос гузошт) дастгирӣ ёфта, дар ВАБК 200 нафар пайравон пайдо намуд. Соли 1961 дар вилоят 22 бригада барои унвони «Бригадаи меҳнати коммунистӣ» талош меварзиданд. Ҳамин ташаббуси Гагановаро дар Қалъаихумб 26 нафар пайравӣ намуданд. Ба бригадаҳои қафоманда ба кор гузашта, онҳоро ба сафи пешқадамон бароварданд[9]. Дар қатори дигарон барои Бригадаи меҳнати коммунистӣ, кирмакпарвари номӣ - Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ Фотима Сӯфихонова талош варзидаву ба он чун яке аз аввалинҳо ноил гаштааст. Звенои ин зани меҳнатқарин аз ҳар қуттӣ тухми гирмак 130 килограмм пиллаи аълосифат мегирифт[10]. Сардори звенои кирмакпарварии колхози «Дарвоз» Қ. Муродов аз ҳар қуттӣ 115-125 килогроамми пилла ба даст меовард[11].

Албатта, ҳамаи ин дастовардҳо сатҳи зиндагии мардумро нисбат ба давраи чангу солҳои аввали баъди чанг беҳтар карда бошанд ҳам, масъалаҳои ҳалталаби ичтимоӣ ҳанӯз кам набуданд. Дар шароити кӯҳистон тамоми раванди истеҳсолот дастӣ буда, аз аъзоёни колхоз заҳмати пурмашаққати чисмониро талаб мекард.

Солҳои 60-ум барои ноҳияи Қалъаихумб солҳои пешравии бемай- лону дастовардҳои барои чунин диёри кӯҳистон аз ҳар чиҳат намунавӣ ҳисоб меёбанд. Табиист, ки нишондиҳандаҳои истеҳсолии ҳар яке аз хочагиҳои коллективӣ гуногун буда, аз шароити ба ин ё он соҳаи кишоварзӣ мувофиқи табиию чуғрофӣ вобастагӣ дошт. Масалан, кол- хози «Сағирдашт» доимо пешсафиро дар чорводорӣ ва маҳсулоти он нигоҳ медошт. Ин колхоз дар миқдори махсулоти шир, дар ичрои фурӯши гӯшт, пашм, пӯст, картошка, асал ва ғайра дар вилоят мавқеи пешсафӣ дошт. Дар шароити Точикистон аз ҳар модагов дӯшидани 1-
1,4 тонна шир бешак дастоварди хеле баландест, ки чорводорони Сағирдашт нишон медоданд. Соли 1965 ба чунин дастовард говчӯшон М. Назарова, Т. Амруллоева, Т. Бурҳонова, Г. Саидова соҳиб гашта- анд[12]. Ин рақамҳо нисбат ба сатҳи миёнаи ноҳия, ки соли 1965 ба 571 литри шир рост омадааст[13], хеле баланд ба назар мерасанд.

Соли 1965, соли чамъбасти нақшаҳои 7-сола (1959-1965) ҳисоб ме- ёфт. Дар мачлиси машваратии пешқадамони хочагии қишлоқи ноҳия раиси Кумитаи ичроия Қ. Ҷӯрахонов дар бораи «Ҷамъбасти соли хочагии 1965 ва вазифаи коркунони хочагии қишлоқ дар соли 1966»

маърӯза карда, аз чумла қайд кардааст, ки меҳнаткашони ноҳия «соли охири 7-соларо хуб чамъбаст карданд». Тибқи маълумоти овардаи ӯ дар ноҳия нақшаи ба давлат фурӯхтани гӯшт - 106 фоиз, шир - 94%, пашм - 119,5%, тухм - 106%, пилла - 104%, картошка - 100 фоиз ичро гардиданд. Дар ин рақамҳо, аз рӯи қайди маърӯзачӣ саҳми баъзе аз колхозҳо хеле назаррас буд. Аз чумла, колхози «Сағирдашт» (раисаш А. Ҷӯрахонов), назар ба соли 1964 823 сентнер гӯшт, 160 сентнер пашм, 100 сентнер шир, 35 ҳазор дона тухм зиёдтар фурӯхт. Колхозҳои ба номи Ю. Фучик, «Дарвоз», ба номи Ленин ҳам нисбат ба соли 1964 хеле зиёдтар маҳсулоти чорво фурӯхтанд. Ин имкон дод, ки даромади пулии колхозҳо хеле зиёд гардад. Аз чумла колхозҳо ба маблағи 216 747 сӯм пули иловагӣ гирифтанд[14].

Суханони раиси Комичроияи ноҳияро чонишинаш Ҷ Ёғиев дар маърӯзааш дар сессияи шашӯми шӯрои ноҳиявӣ (даъвати 10-ум) тақвият бахшида, қайд кардааст, ки меҳнаткашони ноҳия тамоми нақшаю ӯҳдадориҳои соли охирини нақшаи 7-соларо бомуваффақият чамъбаст намудаанд. Дар қатори дигар дастовардҳо кори чамъияти матлуботро мавриди баррасӣ қарор дода, аз чумла қайд кардааст, ки шӯъбаи чамъияти матлуботи ноҳия (сардораш Қ. Раҳмонов) «нақшаи гардиши молро 110,4 фоиз ичро намуда, нисбат ба соли 1964 143 ҳазор сӯм зиёд мол фурӯхт. Дар соли 1965 якчанд бино сохта, онҳоро ба истифодабарӣ дод». Дар бораи вазъи маориф маълумот дода, аз чумла қайд кардаст, ки дар соли таҳсили 1965/66 дар ноҳия 40 мактаб, аз чумла 22 мактаби ибтидоӣ, 15 мактаби 8-сола, 3 мактаби миёна, 2 ин- тернати давлатӣ, 1 боғчаи баччагона фаъолият мекунанд. Шумораи умумии хонандагон ба 2 711 нафар мерасад. Бо мақсади ба як баст (смена) гузаштани таълим дар мактабҳо, бо ташаббуси правленияи колхозҳои «Дарвоз», «Гулистон», ба номи Калинин, ба номи Ю. Фу- чик, «Сағирдашт» биноҳои наву синфхонаҳои иловагӣ сохта, ба исти- фода дода шуданд. Тибқи ин маълумот дар ноҳия дар миёнаи солҳои 60-ум 3 касалхона бо 65 кат, 9 пункти тиббӣ фаъолият намуда, ҳифзи саломатии мардумро ба ӯҳда доштанд[14].

Котиби аввали Кумитаи ҳизбии ноҳия О. Бердиев, дар маърузаи худ натичаи ичрои нақшаҳои истеҳсолии ноҳияро чамъбаст намуда, бо бо- варии том изҳори ақида намудааст, ки дар соли 1966 бояд истеҳсолу фурӯши пилларо ба давлат ба 72 тонна, ғалла - 1905 тонна, гӯшт - 392,6 тонна, шир - 469,3 тонна, картошкаю сабзавот - 440,9 тонна, пашм - 75,1 тонна, тухмро ба 44 500 дона расонанд[16].

Ин нақшаи пешбиникардаи котиби аввал ба асоси ӯҳдадориҳои сот- сиалистии ноҳия доир ба ҳамаи соҳаҳои хочагии қишлоқ гардид. Ба ин гуфтаҳо боз илова кардан лозим меояд, ки соли 1966 бояд 7,2 гектар боғи нав, кишти юнучқа ба 50 гектар, бехмеваи хӯрокӣ ба 7,4 гектар, кишти такрории чуворимакка ба 90 гектар расонда мешуд.

Ҷиҳати аз пештара фарқкунандаи ин ӯҳдадорӣ дар он буд, ки дар он вусъати занбӯри асалпарварӣ ва оғози кишти тамоку ҳамроҳ шуда буд. Колхозҳои ноҳия бояд шумораи умумии занбурҳои асалро ба 401 оила расонанд. Доир ба оғози тамокукорӣ дар ӯҳдадориҳо омадааст: «Мо меҳнатдӯстони хочагии қишлоқи районии Қалъаи-Хум тачрибаи тамо- кукорони пешқадами шаҳри Панчакент ва районии Айниро омӯхта ис- тода аввалин бор ба кишти тамоку, ки сарчашмаи сердаромадтарин ба шумор меравад шурӯъ мекунем. Дар кори нигоҳубин ва парвариши он аз нишондодҳои агротехникӣ дуруст истифода мебарем. Дар соли ав- валини плани панчсола аз ҳар як гектар кишти тамоку ба ҳисоби миёна 10 сентнерӣ ҳосил ба даст меоварем»[17]. Нақшаи соли аввали кишти ин зироати техникӣ дар 5 колхози ноҳия (ба истисноси колхозҳои «Сағирдашт» ва колхози ба номи Ленин) дар 6 гектар муайян шуда, ҳосили умумӣ 60 сентнер муйян карда шуд[18].

Воқеӣ будани ин нақшаро фаъолияти амалии кишоварзони ҳамаи 7 колхози ноҳия (ба номи Ю Фучик, ба номи Киров, «Сағирдашт», «Дар- воз», «Гулистон», ба номи Ленин, ба номи Калинин) собит сохт.

Миёнаи солҳои 60-ум аз ҳар чиҳат барои Вилояти Мухтори Кӯҳис- тони Бадахшон солҳои пешравии иқтисодию ичтимоӣ ва фарҳангӣ ҳисоб меёбад. Рақамҳои дар боло ишора шуда, аз дастовардҳои соҳаи кишоварзии ноҳияи Қалъаихумб, ки аз соли 1957 ин ноҳия воҳиди маъмурии он ҳисоб меёбад, дарак медиҳанд.

Албатта, дар шароити номусоиди кӯҳистон имконияти сохтмони иншооти бузурги саноатӣ мувофиқи мақсад набуд. Гузашта аз он, қувваи барзиёди меҳнатии деҳоти кӯҳистонро фақат бо роҳи қисман муҳочиркунӣ ва истифодаи он дар кори обод намудани водиҳои то ку- нун ноободи барои кишоварзӣ мувофиқ метавонист дурнамои кишоварзӣ, аниқтараш иқтисодии чумҳуриро ҳал намояд. Аз ин рӯ барномаи қисман муҳочиркунии деҳоти камзамини кӯҳистон, ки яке аз масъалаҳои марказии сиёсати аграрии ҳизбию давлатӣ, алалхусус дар солҳои котибии аввали ҳизби коммунисти чумҳуриро ба дӯш доштани ходими бачастаи давлатӣ Бобочон Ғафуров (1946-1956) ҳисоб меёфт, хеле рӯзмарраву оқилона буд. Муҳочирони диёри Дарвоз дар қатори дигар ноҳияҳои кӯҳистони Точикистон дар ободу зебо кардани водии зарнисори Вахш ва дигар ноҳияҳои нав ободшаванда саҳмгузории бе- восита доштанд.

Иншооте, ки дар шароити танги кӯҳистон сохта шуда буданд, симои онро ба куллӣ тағйир додаву ба доираи дастовардҳои техникию коммуникатсионӣ, фарҳангию илмӣ кашида буданд. Сохтмони роҳ, комбинати хизмати маишӣ, муассисаҳои маданӣ-равшаннамоӣ, радио, алоқа, клубу кинотеатр, китобхона, мактаб, нуқтаҳои савдои коопера- тивию давлатӣ, биноҳои маъмурӣ ва ғайра дар ҳаёти сокинони ноҳияи Қалъихумб ва дигар навоҳии ҳамсоя чун анъанаи рӯзгори навини мар- дум қарор ёфта буданд.

## ВАЗЪИ ИҶТИМОИ ВА МАДАНИ

Яке аз масъалаҳои муҳиме, ки дар фаъолияти роҳбарияти ноҳия чои марказиро ишғол мекард, дуруст ба роҳ мондани хизматрасонии моддӣ-маишӣ ба мардум ва кори муассисаҳои маданӣ-равшаннамоӣ ҳисоб меёфт.

Аз рӯи маълумоти расмӣ дар кори шӯъбаи коммуналии ноҳия, гарчи нуқсонҳо, аз қабили баъзе аз

возеҳан иброз медорад. Аз ҷумла ӯ соли 1965 талаф шудани 261 сар гов ва 3 437 моли майдаро қайд кард, ки ин миқдор ба 1 180 сентнер гӯшти тоза баробар буд. У ҳамчунин изҳор доштааст, ки кори ветеринарӣ, сифати кишт, бунёд намудани боғу токзори нав ба талабот ҷавобгӯ нестанд[24].

Аз боби мавҷудияти норасоию нуқсонҳо ҷонишини аввали комиҷроияи ноҳия Ҷ. Ёғиев низ дар сессияи шӯрои ноҳиявӣ ёдовар шуда аз ҷумла нақшаи муайяншударо иҷро накардани комбинати хиз- мати маишӣ, норасоиҳои хизмати зооветеринарӣ, кашолкорӣ дар таъмиру сохтмони бинои мактабҳо, самаранок сарф накардани маблағи барои муассисаҳои маданӣ равшаннамоӣ ҷудо шуда, нарасидани мизу курсӣ дар клубу китобхонаҳо, кори ғайриқаноатбахши баъзе ясливу боғчаҳои колхозҳо ва ғайраро қайд кардааст[25]. Камбудиҳои ҷиддӣ дар соҳаи хизмати тиббӣ ҷой доштанд. Аз ҷумла тибқи маълумоти мавҷуда фаъолияти пунктҳои фелдшерӣ-акушерии колхози ба номи Калинин, колхози «Гулистон» участкаи Кеврон хеле бад ба роҳ монда шуда буд. Дар ин ду нуқтаи тиббӣ ҷои махсус барои қабули беморон мавҷуд на- буда, ин нуқтаҳоро дар хонаҳои шахсӣ ҷой дода буданд. Доруворӣ дар вақташ оварда намешуд, таблиғоти риояи қоидаҳои санитарӣ-гигиенӣ хеле сусту ба талаботи касбӣ ҷавобгӯ набуд[26].

Вале ин нуқсҳои ташкилӣ ва хоҷагӣ дар муқоиса бо он муваффақиятҳои назарраси дар тамоми самтҳои фаъолияти истеҳсолӣ, иҷтимоӣ ва маишию фарҳангӣ ба даст овардаи аҳли заҳмати ноҳия хе- ле ноаён буда, раванди созандагиро халалдор карда наметавонистанд. Инро натиҷаи ҷамъбасти солҳои 1969 ва 1970 бараъло нишон дод.

Тибқи маълумоти маърӯзаи ҳисоботии раиси комиҷроияи ноҳия Қ. Ҷӯрахонов дар сессияи панҷуми шӯрои депутатҳо колхозҳои ноҳия ба номувофиқ омадани обу ҳаво нигоҳ накарда, тамоми нақшаю ӯҳдадориҳои истеҳсолу ба давлат фурӯхтани маҳсулоти кишоварзиро дар соли 1969 пурраю барзиёд иҷро кардаанд. Нақшаҳои умумӣ - 104% иҷро шудаанд. Аз ҷумла истеҳсоли ғалла ва лубиёгӣ - 109% ба шуда- аст. Колхозҳои ноҳия дар майдони 56 гектар тамоку кишт карда, аз он ба давлат 73,8 тонна барги тамоку фурӯхтанд. Кирмакпарварон аз 1100 қуттӣ 74 тонна пиллаи хушсифат истеҳсол намудаанд, ки ба ҳисоби миёна аз ҳар қуттӣ - 62,7 килограммро ташкил мекард. Пешқадамони ин соҳаи истеҳсолот К. Бурҳонова (сардори звенои кирмакпарварии бригадаи рақами 3, колхози ба номи Киров, дорандаи ордени «Байрақи Сурхи Меҳнат». - Ҳ.П.), Қ. Муродов, А. Юсуфҷонова, С.Неъматова, Р. Муродова ва дигарон аз ҳар қуттӣ тухми кирмак аз 100 то 130 килограммӣ пилла гирифтанд[27]. Дар қатори дигар пешравиҳо маърӯзачӣ қайд кардааст, ки «дар давраи ҳисоботӣ корҳои таъминоти иҷтимоӣ, маданӣ, равшаннамоӣ, хизмати маишӣ, молия, тартиботи паспортдиҳӣ, загсу архив, нигаҳдории тандурустӣ ва шӯъбаи маорифи

халқ хеле ба дарачаи баланд бардошта шуданд. Соли чорӣ (1969 - Ҳ.П.) танҳо барои мактабҳои район ба маблаҷи 3 000 сӯм асбобҳои химиявӣ-физикавӣ, ба маблағи 2 300 сӯм асбобҳои физкултурӣ ва ба маблағи 52 350 сӯм асбобҳои таълимию хочагӣ кашонда оварда шуда- аст» [28].

Муваффақиятҳои соли 1969 колхозчиёнро рӯҳбаланд сохта, барои баландтар бардоштани нишондиҳандаҳои соли охирини 5-солаи ҳаштӯм водор намуданд. Меҳнатдӯстони ноҳия аҳд карданд, ки дар соли 1970 истеҳсоли гӯштро ба 4 496 сентнер, ширро ба 3 500 сентнер, пашм - 910 сентнер, тухм - 45 000 дона, пилла - 730 сентнер, тамоку - 869 сентнер, картошка - 1 320 сентнер, сабзавот - 448 сентнер, зироатҳои ғалладон - 9684 сентнер, меваи хушк - 200 сентнер расонда, ба давлат 4 000 сентнер гӯшт, 3 230 сентнер шир, 740 сентнер пилла, 910 сентнер пашм, 42 ҳазор дона тухм, 738 сентнер тамоку, 400 сент- нер картошка, 70 сентнер меваи тар, 200 сентнер меваи хушк, 180 сентнер сабзавот фурӯшанд. Дар назди чорводорон вазифа гузошта шуда буд, ки саршумори гӯсфандро 28 750 сар, саршумори бузро ба
2 145 сар, мурғро ба 2 700 сар расонанд[29].

Соли 1970 дар маркази ноҳия як беморхона барои табобати касалии сил, 2 мактаби 10-сола ва хобгоҳи интернати давлатӣ дар деҳшӯрои Нулванд сохта ба истифода дода мешуданд. Дар нақшаи хочагии халқ кашидани хатти баландшиддати барқӣ ба масофаи 54, 4 километр пешбинӣ шуда буд. Соли 1969 дар масофаи 48 километр ин хат васл карда шуд. Дар деҳаҳои Рузвай, Дашти Лучи колхози «Дарвоз», Сан- гевни колхози ба номи Киров акнун аз қувваи барқ истифода мебур- данд. Дар лоиҳаи нақшаи соли 1970 хатти баландшиддати қувваи барқ бояд боз ба масофаи 26 километр кашида шуда, қисми колхозҳои ба номи Киров, ба номи Ю. Фучик ва «Дарвоз»-ро чароғон мекард. Аз рӯи нақшаи пешбинишуда бояд 3 хонаи 6 квартирадор сохта шуда, 365 нуқтаҳои радио дар колхозҳои «Гулистон», ба номи Калинин ва «Дар- воз» шинонда мешуд. Ҳамчунин дарозии хатти алоқаи телефонӣ зиёд мешуд. Шумораи катҳои касалхонаҳо бояд ба 75 адад мерасид[30].

Дар бораи пешравии соҳаи маориф ҳаминро бояд қайд кард, ки соли 1970 дар ноҳияи Қалъаихумб 42 мактаб, аз чумла 22 мактаби ибтидоӣ,
11 мактаби 8-сола, 7 мактаби миёна, 3 интернат ва 1 боғчаи кӯдакон фаъолият мекарданд. Ба таълиму тарбияи насли наврас 313 нафар му- аллимон, аз чумла 135 нафар дорои маълумоти олӣ, 45 нафар бо маълумоти олии нопурра ва 133 нафар бо маълумоти миёнаи махсуси омӯзгорӣ машғул буданд. Дар қатори муаллимони мавқеи пешсафӣ дошта Н. Мирзоев, М. Холов, Н. Исматов, Қ. Мирзоев, М. Набиев, Ҳ. Бодуров, О. Кабиров, Ш. Ҳакимов, И. Фатҳуллоев, П.Одинаев, М.Усмонов ва дигаронро ёдовар шудан лозим аст[31]. Қобили қайд аст, ки дар ноҳия 15 китобхона ва 12 клубҳо фаъолият доштанд[32]. Аз рӯи

маълумоти соли 1971 бошад шумораи китобхонаҳо ба 16, аз чумла як китобхонаи баччагона, як китобхонаи марказиноҳиявӣ, 7 китобхонаи наздимактабӣ ба хонандагон хизматгузорӣ доштанд, ки ҳачми умумии фонди китобхонаҳои ноҳиявӣ ба 67 686 нусха ва дигар китобхонаҳои оммавию мактабӣ ба 10 465 нусха мерасид. Ин нишондиҳанда нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 2 545 нусха зиёд буд[33].

Аз рӯи маълумоти расмӣ нақшаю ӯҳдадориҳои панчсолаи ҳаштум дар сар то сари Иттиҳоди Шӯравӣ дар ҳама самтҳои истеҳсолот пур- раю барзиёд ичро гардиданд. Ҷумҳурии Точикистон дар ин чода ис- тисно буда наметавонист. Маҳз дар охири ин 5-сола Точикистон аз чумҳурии аграрӣ-саноатӣ ба дарачаи саноатӣ-аграрӣ расонда шуд. Са- ноат дар хочагии халқи чумҳурӣ мавқеи устувори пешсаф пайдо на- муд. Дар панчсолаи ҳаштӯм ҳачми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ, дар муқоиса бо панчсолаи қаблӣ 42% афзоиш ёфт. Ҳачми умумии истеҳсолот 1,5 баробар зиёд шуд, бо ин рақам ҳачми истеҳсолоти саноатӣ соли 1970 ба 60% баромад. Яке аз хусусиятҳои фарққунандаи ин давра боло рафтани ҳачми саноати вазнин ҳисоб меёбад.

Дар ин панчсола 100 корхонаю сехи калон ва соҳаҳои алоҳидаи саноатӣ сохта ба истифода дода шуданд. Аз чумла заводи нурии азотии Вахш, заводи яхдонбарории «Помир», Заводи «Гидроизол»-и Ҳисор, комбинати тозакунии маъдани Анзоб ва ғайра аз чунин дастовардҳои индустриявӣ мебошанд. Қариб дар тамоми корхонаҳои саноатӣ тачҳизоти ба дастовардҳои пешқадами чаҳонӣ чавобгӯ васл карда шуд. Ин имкон дод, ки дар соли 1970 ҳосилнокии меҳнат дар саноат то 16, 7% афзояд. Аз ҳисоби болоравии ҳосилнокии меҳнат истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ 76% афзоиш ёфт. Дар ҳамин соли охири 5-сола 8 ҳазор пешниҳодоти ратсионализаторӣ дар истеҳсолот тадбиқи амалӣ ёфта, аз ин ҳисоб 10 миллион сӯм даромади иловагӣ гирифта шуд.

Ҳамаи ин барои зиёд шудани шумораи коргарони касбӣ заминаи мусоид тайёр мекард. Соли 1959 шумораи умумии коргарони саноатӣ 288, 6 ҳазор бошад, соли 1970 ин нишондиҳанда ба 586 ҳазор нафар расид. Хусусияти фарққунандаи синфи когари точикистон дар гуно- гунмиллатии он зоҳир мегашт. Фақат дар Комбинати бофандагии ма- тои пахтаи Душанбе намояндагони 51, дар сохтмони Истгоҳи барқии Норак зиёда аз 40 миллату халқият фаъолияти корӣ доштанд. Дар ин панчсола маҳсулоти саноати вазнини Точикистон ба бозори хорича роҳ ёфт, ки ин аз болоравии сифати он ва ба талаботи бозори умумичаҳонӣ мувофиқат кардани он гувоҳӣ медиҳад. Масалан, заводи арматураи ба номи Орчоникидзеи пойтахт барои сохтмони корхонаҳои нафттозаку- нии Руминия, Чехословакия, Ҳиндустон ва дигар давлатҳо - ҳамагӣ ба 30 давлати чаҳон маҳсулот интиқол медод. Маҳсулоти «Точиккабел»-и Душанбе ба давлатҳои акнун аз зери юғи мустамлика озодшудаи Африқо фиристода мешуд. Дастгоҳҳои худкори (автоматӣ) заводи

«Текстилмаш»-ро Полша, Булғория, Кореяи Шимолӣ, Венгрия, Ҷумҳурии Демократии Олмон, Марокаш, Лубнон, Ҳиндустон ва дигар давлатҳо харидорӣ мекарданд.

Пешравиҳои муҳиму назарраси чумҳурӣ дар соҳаи кишоварзӣ дар тамоми Иттиҳоди Шӯравӣ ва хоричи он маълум буданд. Яке аз сабабҳои ин рушди кишоварзӣ заминаи техникӣ пайдо кардани он буд. Масалан, шумораи тракторҳо аз 15 066-тои соли 1966 соли 1970 ба 32 619-то расонда шуд. Автомобилҳои боркаш мутаносибан аз 6 698 ба 10 506, мошинаҳои пахтачин аз 915 ба 1 188-то расонда шуд. Майдони замини кишт аз ҳисоби заминҳои навкорами бо иншоотҳои ҳозиразамони обёрикунанда таъминшудаи даштҳои Мирзочӯлу Дил- варзин, водии Ёвону Обикийк, қитъаҳои Қараланг, Гулистон, Қумсангир ва ғайра хеле зиёд шуд. Ба ҳисоби умумӣ аз соли 1959 то 1970 200 ҳазор гектар замини обӣ ба майдони кишти чумҳурӣ илова шуд. Соли 1970 кишоварзони Точикистон ба давлат 726,5 ҳазор тонна пахта, 220 ҳазор тонна ғалла, 197 ҳазор тонна мева фурӯхтанд. Ҳамаи ин ба баландшавии сатҳи зиндагии мардум мусоидат мекард. Музди миёнаи меҳнати коргарону хизматчиёни соҳаҳои гуногуни хочагии халқ аз 78,3 сӯми соли 1960 соли 1970 ба 118 сӯм расид. Музди меҳнати колхозчиён зиёд шуд. Ба замми ин аз ҳисоби фондҳои чамъиятии истеъмолӣ даромади аҳолӣ меафзуд. Ин нишондиҳанда аз 173,9 миллиони соли 1960, соли 1970 ба 523,4 миллион сӯм расид. Ҳачми нафақапулӣ ва шумораи нафақахӯрон дар ин даҳсола хеле аф- зуд. Соли 1960 дар чумҳурӣ шумораи умумии нафақахӯрон 93 ҳазор нафарро дар бар мегирифт, соли 1970 ин рақам ба 283 ҳазор расид, аз чумла 159 ҳазори онҳоро колхозчиён ташкил медоданд. Солҳои 1959- 1970 қариб 10 миллион метри мураббаъ манзил сохта ба истифода дода шудааст, ки аз он зиёда аз 4 миллионаш ба деҳоти колхозӣ рост меояд. Садҳо истироҳатгоҳҳо, санаторияву биноҳои дар сатҳи дастовардҳои чаҳонӣ чиҳозондашудаи ташхиси саломатӣ сохтаву ба истифода дода шудаанд. Соли 1970 940,4 ҳазор нафар ба доираҳои гуногуни таълимгоҳҳо кашида шуда буд, ки ин сеяки аҳолии Точикистонро таш- кил медод. Аз чумла дар мактабҳои миёна соли хониши 1960/61 392,7 ҳазор хонанда бошад, соли хониши 1970/71 шумораи онҳо ба 774,5 ҳазор расид. Соли 1970 дар макотиби олии чумҳурӣ қариб 45 ҳазор ва дар техникуму дигар мактабҳои миёнаи махсус 35 ҳазор хонандагон таҳсил мекарданд. Дао ҳамин сол шумораи кормандони соҳаи илми чумҳурӣ 5,1 ҳазор нафарро ташкил мекард, ки аз онҳо 102 доктор ва 1356 нафар номзадҳои илм буданд. Дар тамоми самтҳои хочагии халқи чумҳурӣ 120 ҳазор мутахассисони маълумоти олӣ ва миёнаи махсус дошта фаъолияти меҳнатӣ доштанд. Садҳо клубу китобхонаю кинотеарҳо дар хизмати халқ буданд. Шумораи нуқтаҳои кинонамоишдиҳӣ аз 1000 зиёд буд. Соли 1970 дар чумҳурӣ 1 163 ки-

тобхона фаъолият дошт, 36 номгӯи мачаллаҳо ва 61 номгӯи рӯзномаҳо аҳолиро аз равнақи фарҳангӣ ва хабарҳои тозаи дохилию чаҳонӣ огаҳӣ медоданд. Ба 10 ҳазор аҳолии чумҳурӣ дар он давра 98 кати беморӣ, 16 духтури тахассуси олӣ дошта ва 51,5 мутахассиси тибби сатҳи маълу- моти миёнаи касбӣ дошта, хизматгузорӣ мекарданд[34].

Табиист, ки аз ин дастовардҳои азими истеҳсолӣ ВМКБ ва ноҳияи Қалъаихумб дар канор буда наметавонистанд. Ба ин ишора карда дар сармақолаи рӯзномаи «Дарвози Советӣ» аз 1 январи соли 1971 омадааст:

«Дар қатори меҳнаткашони Ватани пуршаъну шарафамон меҳнатдӯстони хочагии қишлоқи вилоят ва районамон ҳам меҳнати пурмаҳсул намуданд, колхозҳои район ӯҳдадорӣ ва планҳои ба давлат фурӯхтани пилла, гӯшт, пашм, пӯст, тухм, шир, тамоку, меваи тару хушк ва сабзавотро аз 108 то 138 фоизӣ ба ичро расониданд»[35]. Дар па- си ин фоизҳои умумӣ заҳмати бурдборонаи сокинони меҳнатқарини ноҳия ниҳон аст, ки онро бо овардани баъзе аз рақамҳои омории чаъбасти 5-солаи ҳаштуми ноҳия равшан кардан лозим аст.

Аз рӯи маълумоти маърӯзаи раиси комичроияи ноҳия Қ. Ҷӯрахонов «Ҷамъбасти соли хочагии 1970 ва вазифаҳои меҳнаткашони хочагии қишлоқи район дар соли хочагии 1971» «колхозҳои район плани панчсолаи ба давлат фурӯхтани маҳсулоти хочагии қишлокро дар қисми гӯшт - 108 фоиз, шир - 110 фоиз, пашм - 113,7 фоиз, тухм - 100 фоиз, пилла - 106,2 фоиз, тамоку - 134,4 фоиз, ичро карда, нисбат ба плани панчсола зиёд 375 сентнер гӯшт, 1 542 сентнер шир, 570 сентнер пашм, 226 сентнер пилла, 830 сентнер барги тамоку, 79 сентнер картошка ба давлат фурӯхта шуд. Дар натича даромади пулии колхозҳо дар соли 1970 ба 1 888 300 сӯм расид, ки ин нисбат ба соли 1966 618 ҳазор сӯм зиёд мебошад. Дар 5-сола даромади умумии колхозҳо 34,4 фоиз ва муз- ди меҳнати колхозчиён 35 фоиз афзуд»[36]. Дар ин маърӯза сарвари Куми- таи ичроияи ноҳия, бахусус саҳмгузории чорвопарварони колхозҳои ба номи Ю. Фучик, ба номи Калинин, «Сағирдашт» ва ба номи Ленинро қайд карда, мушаххасан аз фаъолияти пешқадамони соҳа Ф. Қаландаров, Р. Саидов, Ф. Ибодов, Н. Расулов, А. Ҳусейнов, (аз колхози «Сағирдашт»), Б. Исматов, С.Мусаввиров (аз колхози баноми Ю. Фучик), Ш. Наимов (аз колхози «Гулистон»), ки соли 1970 аз ҳар 100 сар меш 95-100 сарӣ бара, ва аз ҳар гӯсфанд - 2,5-3,6 килограммӣ пашм ба даст овардаанд, ёдовар шуда, изҳори сипос намудааст[37].

Албатта, дар паси ин рақамҳо баъзан изофанависӣ ҳам буд, вале ҳар он дастовард дар шароити сахти кӯҳистон заҳмати зиёд талаб мекард. Аз чумла, барои ба замин ғизои табиӣ (пору) додан, занон онро бо са- бади ғунчоишаш 40-50 килограмм вазн дошта, пуштора аз оғилхона то сари замин мекашонданд. Умуман вазни зиёди меҳнати колхозӣ ба зиммаи занон афтода буд. Аз инчост, ки дар ҳамаи ин рақамҳо ҳиссаи занони ноҳия хеле зиёд аст.

Дар маълумоти расмӣ аз фаъолияти намунавии пешқадамони истеҳсолот Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ Ф. Сӯфихонова, Қ. Бурхонова, Ҳ. Лиқоева, Р. Қадамова, С.Саидчалолова ва дигарон бо ифтихормандӣ сухан меравад. Дар ноҳия 8 шӯрои занон ва 19 шӯрои духтарон фаъолият доштанд. Дар мактабҳои ноҳия 40 ва соҳаи тандурустӣ 9 нафар занони маълумоти олидор ба таълиму тарбия ва ҳифзи саломатии мардум саҳмгузорӣ доштанд. Аз чумлаи занон 2 на- фар депутати шӯрои вилоят ва 97 нафар депутати шӯрои ноҳия ва деҳа интихоб шуда, хизмати беминнати ҳамдиёронро ба чо меоварданд[38].

Дар ин панчсола дар ноҳияи Қалъаихумб низ чорабиниҳои расмии беҳдошти сатҳи итимоии аҳолӣ анчом дода шуданд. Ба замми ин дар давоми панчсола ба 1000 нафар коргарон, хизматчиён ва оилаҳои онҳо, ба 3 500 модари серфарзанд танҳо дар давраи ҳомиладорӣ ба маблағи 1 773 130 сӯм ёрдампулӣ дода шудааст, ки ин нисбат ба панчсолаи ҳафтӯм 5,5 баробар зиёд аст[39]. Дастовардҳои меҳнатӣ ва ҳалли рӯзафзуни масоили ичтимоӣ мардуми ноҳияро рӯҳбаланду ҳавасманд намуда, барои дастрас шудан ба марраҳои баландтари истеҳсолӣ водор месохт.

| | | | |
|---|---|---|---|

# *Боби IX* ҚАЛЪАИХУМБ СОЛҲОИ ҲАФТОДУМ ВА НИМАИ АВВАЛИ ҲАШТОДУМИ АСРИ ГУЗАШТА

## ВАЗЪИ ИҚТИСОДИ, ИҶТИМОИ ВА ФАРҲАНГИ ДАР СОЛҲОИ ҲАФТОДУМ

Солҳои ҳафтодум ба ҳамаи камбудию норасогиҳои системаи ниҳоят муттамаркази ҷомеаи шӯравӣ, сиёсати фаъоли хориҷӣ, ки аз талаботу мавқеи «ҷанги сард»-и байни ду система (капиталистӣ ва сотсиалистӣ) бармеомад, ва хароҷоти зиёди ҳарбӣ масраф мешуд, нигоҳ накарда, дар ҳаёти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии Иттиҳоди Шӯравӣ рушду мӯътадилияти дилгармкунанда эҳсос мешуд. Аз ин истифода бурда, механизми мукаммали таблиғотии ҳизби ҳукмрон, ҳамаи дастовардҳоро дар бартарии системаи сиёсӣ, идеологӣ ва пурра моли- кияти давлатӣ будани воситаҳои истеҳсолот медиду роҳбарияти он роҳҳои ба талаби замон мувофиқ кардани сохтори шахшударо намеҷуст. Гузашта аз он, роҳбарияти ҳизбию давлатӣ аз ташаббуси меҳнатӣ ва ифтихори халқ нисбати Иттиҳоди абарқудрати Шӯравӣ сӯйистеъмол мекард. Анҷуманҳои ҳизб, ки дар арафа ё анҷоми нақшаҳои панҷсола даъват шуда онҳоро бо як мароми анъанавии иф- тихоромез аз барзиёд иҷро шуданашон мужда расонда, нақшаҳои нави панҷсолаи навбатиро якдилона маъқул шуморида, барои иҷроиш ба ҳукумат тавсия мекарданд. Албатта, ин тарзи роҳбарӣ дар давраҳои пешин, то миёнаи солҳои 50-ум ягона роҳи муфиди пешравии ҷомеаи сотсиалистӣ буд, ки аз талаби замон бармеомад. Акнун, ки воқеъияти замон сари ҳар чанд вақт гузаронидани ислоҳотро талаб мекард, бояд роҳбарият онро эҳсос мекарду чораи зарурӣ меандешид, вале аз белаёқатӣ ва беэътиноии роҳбарони ҳизбу шӯроҳо масъалаҳои ҳалталаби иқтисодӣ ва иҷтимоӣ ҳарчи бештар зам шудаву ҳалли худро намеёфтанд, ки ин рушди истеҳсолоту таъминоти иҷтимоиро суст ме- кард. Вале ҳанӯз то нуқтаи ниҳоии зиддиятҳо расидан ҳоло вақт буд

ташаббуси меҳнатии халқ ҳамоно идома ёфта то андозае пешравии ҷомеаро таъмин мекард.

Ташаббуси меҳнатии колхозчиён, коргарон ва тамоми кормандони соҳаҳои дигари хоҷагии халқ ноҳияи Қалъаихумбро мисли дигар ҳамватанон аз Ҷумҳурии Тоҷикистону тамоми Ҷамоҳири Шӯравӣ, ки аз иҷрои нақшаҳои панҷсолаҳои қаблӣ рӯҳбаланд гаштаву барои дас- товарди марраҳои нави истеҳсолӣ дар панҷсолаи навбатӣ камари ҳиммат баста буданд, иҷрои нақшаи соли аввали панҷсолаи нуҳӯм да- рак медод.

Тибқи маълумоти дар пленум овардаи котиби дуюми кумитаи ноҳиявии ҳизби коммунист Ғ. Ҷумъаев меҳнаткашони ноҳия нақшаҳои соли аввали панҷсоларо бомуваффақият ҷамъбаст намуданд. Ин имко- ният дод, ки даромади пулӣ 123 ҳазор сӯм зиёд гардад. Фақат аз ҳисоби фурӯши маҳсулоти чорвои хоҷагиҳо 1 131 700 сӯм даромад ги- рифтанд. Саршумори чорво хеле афзуд. Соли 1971 барои ҳавасмандкунии пешқадамони истеҳсолот 28 928 сӯм ҷудо карда шу- даст. Дар асоси ин нишондиҳандаҳо барои бо дастовардҳои нави меҳнатӣ пешвоз гирифтани 50-солагии ташкилёбии ИҶШС (СССР) дар соли дуюми панҷсола бояд истеҳсоли гӯшт ба 684 тонна, шир - 408 тонна, пашм - 108,7 тонна, пилла - 76 тонна, тамоку - 153 тонна ра- сонда аз ин миқдор ба давлат 534 тонна гӯшт, 386 тонна шир, 108,7 тонна пашм, 76 тонна пилла, 154 тонна барги тамоку фурӯхта мешуд[1].

Бояд қайд кард, ки бо баъзе сабабҳои объективӣ дар як қатор соҳаҳои истеҳсолот (истеҳсоли шир, пашм, гӯшт, тухм, тамоку) нақшаҳои қабулшуда иҷро шуда бошанд ҳам, ӯҳдадориҳои ба зимма гирифта иҷро нашуданд. Аз рӯи ӯҳдадориҳои барои соли 1973 қабулшуда, саршумори чорвои калон (гов) дар колхозҳо бояд ба 3 700 сар, аз ҷумла модаговҳо - ба 1 125 сар, гӯсфандон ба 30 752 сар, мурғ - 3000 сар, асп - 314 сар ра- сонда мешуд. Хоҷагиҳо дар ин соли сеюми панҷсола ӯҳдадор шуданд, ки истеҳсоли ширро ба 4 280 сентнер, пашмро ба 854 сентнер, тухми мурғ - ба 67 ҳазор дона, ғалла - 12 410 сентнер, картошка - 1 300 сент- нер, сабзавот ба 555 сентнер расонда шуда, аз он ба давлат 5 730 сентнер гӯшт, 3 810 сентнер шир, 1 084 сентнер пашм, 60, 9 ҳазор дона тухм, 120 сентнер ғалла, 430 сентнер картошка, 280 сентнер сабзавот, 760 сентнер пилла, 2 100 сентнер тамоку мефурӯшанд[2].

Гарчи дар ин сол низ барои барзиёд иҷро шудани нақшаю ӯҳдадориҳо шароити мусоид фароҳам нашуд, вале нақшаҳои муаяншу- даи давлатӣ ба иҷро расиданд. Ҳамин ба марраи ӯҳдадориҳои пешби- нишуда нарасидан буд, ки колхозҳои ноҳия нисбат ба даромади пеш- бинишуда 16 ҳазор сӯм камтар даромад гирифтанд.

Роҳбарияти ноҳия ҳангоми баррасии масъала дар маҷлису ҷамъомадҳои пешқадамони истеҳсолот ба хулосае омад, ки меҳнат- кашони ноҳия нафақат аз ӯҳдаи рафъи ин норасоиҳо баромада метаво-

нанд, инчунин бо баланд бардоштани ҳачми истеҳсолот, камбудии истеҳсоли маҳсулоти дусолаи қаблиро пӯшонда, нақшаю ӯҳдадориҳои панчсоларо пурра ичро карда метавонанд. Дар мачлиси фаъолони ноҳия раиси комичроия Ғ. Ҷумъаев вазъи истеҳсолотро мавриди таҳлил қарор дода, дар ососи пешниҳодоти аҳли толор оиди нақшаҳои соли чорӯми панчсола изҳори боварӣ намуда, аз чумла хулосаҳои худ- ро оиди қабули нақша чунин иброз доштааст:

«Меҳнаткашони район дар соли чоруми панчсола - чашнгирии 50- солагии ташкил ёфтани республика ва ПК Точикистон ӯҳдадорӣ ги- рифтаанд, ки аз ҳар сар модагов 600 килограмм шир, аз ҳар сар гӯсфанд 4 килограммӣ пашм, аз ҳар мокиён 95 донагӣ тухм, аз ҳар сад сар ҳайвоноти наслдиҳанда 88 сари гӯсола, 96 сари барраю бузғола ба даст оварда, истеҳсоли гӯштро ба 6 220 сентнер, ширро ба 5 100 сент- нер, пашмро ба 973 сентнер, тухмро ба 71 ҳазор дона, ғалларо ба 11 ҳазору 100 сентнер, картошкаро ба 1 560 сентнер, пилларо ба 760 сент- нер, меваи тарро ба 1 060 сентнер расонида, ба давлат 560 тонна гӯшт, 435 тонна шир, 1 160 сентнр пашм, 148 ҳазор дона тухм, 2 760 сентнер тамоку, 760 сентнер пилла ва ғайраҳо мефурӯшанд». Доири ин масъала раиси колхози ба номи Ю. Фучик Ғ. Саидалиев, раиси колхози «Сағирдашт» И. Ғайратов, раиси правленияи колхози ба номи Ленин Н. Иброҳимов, сардори управленияи хочагии қишлоқ С.Замонов, раи- си колхози ба номи Калинин Н. Назруллоев бо изҳори боварӣ ва рӯҳбаландии том ин рақамҳоро воқеӣ ва ичрошаванда шуморида, онҳоро чун асоси ӯҳдадориҳои оянда пешниҳод намуданд[3].

Бояд қайд кард, ки пешгӯии раиси комичроия ва раисони правлени- яи колхозҳо беасос набуд ва сарбаландона ичро шуданд. Аксари ӯҳдадориҳои ба зиммагирифта дар арафаи чашни 50-солагии таъсисё- бии Ҷумҳурии Мухтори Точикистон ичро шуданд. Тибқи маълумоти котиби дуюми кумитаи ҳизби коммунисти ноҳия Ғ. Довутиев ноҳия ӯҳдадориҳои ба давлат фурӯхтани гӯшт - 100,7 фоиз, шир - 123,2 фо- из, пашм - 101,1 фоиз, тухм - 133,4 фоиз, пилла - 106,2, ғалла - 102, сабзавот - 100 фоиз ичро гардид. Ин дар муқоиса ба ҳамин давраи соли гузашта, 1 119 сентнер гӯшт, 93 сентнер шир, 33,4 сентнер пилла, 80,7 сентнер пашм 75 ҳазор дона тухм зиёдтар буд[4]. Ин нишондиандаҳоро Идораи омории ноҳия низ тасдиқ намудааст[5]. Чунин рақамҳои пешра- виро дигар маълумотҳо низ тасдиқ мекунанд. Аз чумла дар сармақолаи рӯзномаи ноҳиявӣ омадааст: «Натичаи меҳнати ҳалолу диловаронаи деҳқонони саҳроҳои колхозӣ, - чорводорону кирмакпарварон, тамоку- корону ғаллакорон аст, ки район тавонист план ва ӯҳдадориҳои ба дав- лат фурӯхтани гӯштро 103,7, ширро 123,2, пилларо 106, пашмро 101,3, тухмро 141, 2 фоиз пеш аз мӯҳлат дар арафаи чашни 57-солагии Рево- лютсияи Кабири Сотсиалистии Октябр ичро кунанд, ки ин назар ба со- ли гузашта хеле зиёд аст»[6].

Дар шароити кӯҳистон роҳу роҳсозӣ яке аз корҳои муҳим дар ҳаёти чамъиятист. Коргарон ва ҳайати инженер-техникии участкаи истифода- барии роҳи рақами 3 (сардораш Ҳ. Неъматов) натичаҳои хуб ба даст оварда, таъмири бунёдии (капиталӣ) роҳ, таъмири миёна ва мувофиқ ба фасли зимистон нигоҳ доштани роҳро аз рӯи меъёри технологӣ ва нақшаи пешбинишуда пурра таъмин намуданд. Ба чои 17 километри мувофиқи нақша пешбинӣ шуда 27 километр қисмати роҳ мумфарш карда шуд. Корҳои бетонӣ ва шағалпӯш намудани роҳ аз нақшаи пеш- бинишуда барзиёд ичро шуданд. Дар ин соҳа бояд аз хизмати намунавии механизаторон **Б. Шарофов**, **З. Шамсов**, **А. Қадамов**, **С.Авазов**, **Ҳ. Маҳмадов**, **Э. Назрихудоев**, устоҳои роҳ **Н. Ёғиев**, **Ш. Фаттоҳов**, муҳандис-техникҳо **М. Қадамов**, **Б. Сирочов**, коргарон **Д. Валиев**, **Ш. Собиров**, **Ф. Сӯфиев**, **И. Давлатов** ва дигарон, ки хеле чашмрас буд, бояд ёдовар шуд. Онҳо нақшаю ӯҳдадориҳои худро 105-112 фоизӣ ба ичро мерасонданд[7].

Дастовардҳои муҳим дар дигар соҳаҳо, аз чумлаи сохтмони роҳ, хиз- мати маишӣ, дар муассисаҳои маданӣ-равшаннамоӣ, маориф, тиб ва ғайра мушоҳида шуданд. Масалан, соли 1970 дар ноҳия ҳамагӣ 5 табиби маълумоти олидор фаъолияти касбӣ доштанд, соли 1974 ин рақам ба 10

- нафар расид. Акнун дар ноҳия отряди калони кормандони тиб - 54 на- фар дар хизмати мардум буданд. Табобатхонаҳои ноҳия дорои 90 кати беморӣ буданд. Агар соли 1971 дар ноҳия 11 нуқтаи (пункт) тиббӣ мавчуд бошад, соли 174 шумораи онҳо ба 14-то расонда шуд. Ҳамин сол аз амбулаторияҳои қабулу ташхиси беморӣ 12 ҳазор мурочиаткардагон гузаштаанд. Дар ноҳия аз хизмати табибони баландихтисосу хозиқ **С.Гулбаров**, **Д. Зикрихудоев**, **А. Аҳтамов** баҳрабардорию сипосгузорӣ доштанд. Акнун табибони беморхонаи маркази ноҳия мустақилона ама- ли чарроҳӣ намуда, даҳҳо беморони вазнинро начот бахшидаву аз нав ба фаъолияти меҳнатӣ ҳидоят намудаанд. Аз ин меҳнати содиқонаи соки- нони ноҳия самимияту сипосгузорӣ доштанд[8].

Аҳолии саросар босаводи ноҳияи Қалъаихумбро аз китобҳои гуно- гуни илмӣ, адабӣ, бадеӣ ва ғайра таъмин намудан яке аз вазифаҳои роҳбарията ноҳия ба ҳисоб мерафт. Ҳар сол Управленияи савдои кито- би чумҳурӣ 3,5 - 4 ҳазор китоб ба ноҳия мефиристод. Дар давоми 5- солаи 1971-1975 теъдоди умумии китобҳои барои китобхонаҳо харидорӣ шуда 13 ҳазор нусхаро ташкил медод. Аксари мудирони китобхонаҳо тачрибаи касбӣ дошта, тарғиби китобро фаълона ба роҳ монда буданд. Аз ин чиҳат **Г. Олимова**, **Г. Сатторова**, **Г Айдимама- дова** (аз маркази ноҳия), **М. Гадоиев** (аз деҳаи Курговад), **Р. Иҳмолшоев** (Ёгед), **Акобиршоев** (Дуробак), **О. Шохӯчаева** (Қалъаи Ҳусайн) дар ноҳия ном бароварда буданд[9].

Чунин бурдбориҳо дар дигар соҳаҳо низ мушоҳида мешуданд. Натичаи ҳамин муносибат буд, ки нақшаю ӯҳдадориҳои панчсолаи



Фаёз Қаландаров

нӯҳумро пурра ичро карданд. Ҳарчанд пешқадамони истеҳсолот дар ноҳия хеле зиёд буданду ҳар кадоми онҳо лоиқи ёдоварист, фақат аз баъзе касоне, ки овозаю шӯҳраташон дар миқёси чумҳурӣ паҳн шуда буд, мухтасарон ёдовар мешавем. Яке аз чу- нин касон Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ, сардори звенои кирмакпарварии колхози «Дарвоз» **Фотима Сӯфихонова** буд, ки аз ҳар яки се қуттӣ тухми кирмаки парвариш кардаааш ҳамасола 110-125 килограммӣ пил- лаи хушсифат ба даст меовард. Сарчӯпони овозадори колхози «Сағирдашт» **Фаёз Қаландаров** ҳар сол аз ҳар сар гӯсфанд сад сарӣ барра ва 3,5 - 4 килограми пашм меги- рифт. Номбурда, барои комёбиҳои меҳнатиаш бо ордени Ленин сарфа- роз гашта буд. Ҳамчунин бояд аз дастовардҳои меҳнатии узви колхози «Дарвоз» **Калон Бурҳонова** ёдовар шуд, ки чандин сол пешқадамиро аз даст надода, аз ҳар қутти тухми кирмак 100-115 килограммӣ пилла гирифта, заҳматҳояш бо ордени Байрақи Сурхи Меҳнат мушарраф гар- дидааст.

Ронандаи пешқадами Управленияи истифодабарии роҳи (ДЭУ) ноҳия №3 **Раҳмон Саидшарифов**, сарчӯпони колхози ба номи Ю. Фу- чик **Аҳмад Маҳмадов**, ки аз ҳар сар меш то 100-120 сарӣ барраи ги- рифта солим парвариш мекард, чун анъана пешсафиро нигоҳ медош- танд. Ҳамчунин сарчупонҳои дигари ин колхоз **С.Муродов**, **М. Ако- биров**, **Б. Исматов**, сарчӯпонҳои колхози «Сағирдашт» **А. Ҳусайнов**, **Ш. Шоев**, ширчӯши колхози ба номи Калинин **Г. Шокирова**, кирмак- парварон **К. Бурҳонова** (аз колхози «Дарвоз»), **Г. Давлатова**, **Ш. Хоҷаева**, **Р. Нуруллоева**, **Ё. Наскаков**, **Р. Сурхаков** (аз колхози ба номи Ю. Фучик), **Б. Назриддинова**, **Ҷ. Раҳматова** (аз колхози «Гули- стон), **И. Қадамова**, **А. Ибронова** (аз колхози ба номи Калинин) ҳар сол аз ҳар қуттӣ тухми кирмак то 100-120 килограммӣ пиллаи аълоси- фат ба даст меоварданд. Тамокукорон **Ч. Зикриёева**, **И. Қадамова**, **Р. Муриватова**, **З. Холова**, **Д. Насриддинова**, **О. Зуриддинова**, **О. Қурбонова** (аз колхози ба номи Калинин) аз ҳар гектар замин 35-45 сентнерӣ тамоку рӯёнда ба давлат фурӯхтанд. Бояд қайд кард, ки да- ромади пулӣ аз ҳар як гектар тамокуи ин колхоз ба 10 ҳазор сӯм расон- да шуда, колхоз 71 ҳазор сӯм даромад гирифт. Умуман аз пешравии бемайлони ин колхоз чунин далелҳо шаҳодат медиҳад: соли 1963 да- ромади колхоз аз соҳаи чорводорӣ, пилла ва дигар намуди истеҳсолот 50 323 сӯм бошад, соли 1973 ин нишондиҳанда ба 143 ҳазор расид, аз ин 33 ҳазор даромади соф, яъне нисбат ба соли 1963 - 24 500 сӯм зиёд

буд. Даромади колхозчиён сол то сол зиёд мешуд. Дар баъзе оилаҳо ба сари ҳар аъзои колхоз моҳе аз 130 сӯм зиёд ҳаққи меҳнат рост меомад. Масалан, соли 1973 оилаи чӯпон Борун Собиров 6 800, хонаводаҳои З. Саёрабеков - 6 600, Н. Раҷабов - 5 200 аз рӯи ҷамъбасти сол музд гирифтаанд. Чунин мисолҳо кам нестанд[10]. Ин гувоҳест аз беҳдошти иҷтимоиёти аъзоёни хоҷагиҳои коллективӣ.

Зумрае аз пешқадамони истеҳсолот, мисли мурғпарвари колхози «Сағирдашт» **Баҳрон Ҷамолов**, дорандаи ордени Байрақи Сурхи Меҳнат, говҷӯши колхози ба номи Калинин **Г. Шокирова**, Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ **Фотима Сӯфихонова**, тамокукорон **Г. Давлатова**, **Р. Хушвақтова**, **П. Лоиқова**, **Т. Идиева**, **Ғ. Ёрова** ва дигарон накшаҳои панҷсоларо дар чор сол иҷро намуда, дар пешравии истеҳсолоту иҷрои нақшаи панҷсолаи нӯҳуми ноҳия ҳиссаи арзанда гузоштаанд[11].


Калон Бурҳонова


Аҳмад Маҳмадов

Натиҷаи ҳамин меҳнати бурдборонаи пешқадамони истеҳсолоти ноҳия аз мадди назари роҳбарияти Умумииттифоқу ҷумҳурӣ берун намемонд. Бесабаб нест, ки маҳз дар ҳамин панҷсола барои нишондиҳандаҳои намунавии меҳнатӣ дар ноҳия колхозчизанон **Қадамова Икром** (колхози ба номи Калинин), **Садриддинова Нозиҳамо** (колхози «Дарвоз»), **Хоҷаева Шамсия** (колхози ба номи Ю. фучик), **Шафиева Сафармо** (колхози «Гулистон») бо ордени Байрақи Сурхи Меҳнат, барои хизмати шоён дар соҳаи маорифи халқ - муаллими мактаби ибтидоии рақами 20 **Хонов Асламхон** бо ордени «Нишони фахрӣ», муаллими мактаби миёнаи рақами 1 ба номи Шариф Ҷӯраев - **Орзуев Наврӯз** бо медали «Барои меҳнати шоён», барои дар истеҳсолоти колхозӣ солҳои дурудароз, пурсамар кор кардан, раиси колхози ба номи Ю. Фучик - **Сайдалиев Ғулом** бо Ифтихорномаи (Грамотаи Фахрӣ) Президиуми шӯрои Олиии ҶШС Тоҷикистон қадршиносӣ шудаанд.

То соли 1966 дар мавзеи Даштаки нообод касе зиндагӣ намекард, акнун он маҳаллаи Навобод номгузориву дар ҳақиқат obод шудааст. Сол то сол шумораи биноҳои истиқоматӣ зиёд мешуданд. Соли 1973 дар

инчо боз як бинои истиқоматӣ барои 6 хочагӣ ва як магазини нав сохта ба истифодабарӣ дода шуданд. Дар ин чо се бинои дуошиёна барои 36 хочагӣ ба нақша гирифта шуда буд. Таҳкурсии бинои аввалро гузошта буданд. Дар ояндаи наздик ин маҳалларо бинои идораи деҳшӯрои Қалъаихумб, клубу китобхона ҳусни нав хоҳанд бахшид. Сохтмони хатти обгузар (водопровод) низ дар назар дошта шуда буд[12].

Ҳамаи ин натичаҳо ва дигарҳо аз доираи ин гузориш берун монда- анд, аз кӯшишҳои бобарору созандагии мардуми диёр дар миёнаи солҳои 70-уми асри гузашта гувоҳӣ медиҳанд. Дар даҳсолаи оянда, нақшаҳои воқеан ба ғайрату ташаббуси истеҳсолотии мардуми диёр мувофиқи панчсолаҳои даҳӯм (1976-1980) ва ёздаҳӯм (1981-1985) низ аз бурдбориҳои истеҳсолии ин мардуми меҳнатқарин дарак дода, шаҳодати равшани пешравии суръатафзо дар тамоми самтҳои хочагии халқ ва фарҳанги ин ноҳияи кӯҳистони Точикистон ҳисоб меёбанд.

Чамъбасти бомуваффақияти соли аввали панчсолаи даҳӯм (1976) аз воқеӣ будани нақшаҳои ин марраи меҳнатӣ гувоҳӣ медод. Комёбиҳои меҳнатии соли сипаришударо мавриди таҳлил қарор дода, чонишини раиси комичроияи ноҳия Ч. Ёғиев қайд намудаст, ки меҳнаткашони ноҳия соли нахустини панчсоларо чамъбаст намуда, ба соли нав - соли дуюми панчсолаи сифат ва самаранокӣ қадам гузоштанд. Боиси хурсан- дист, ки ноҳия дар вилоят якумин шуда нақшаю ӯҳдадориҳои ба давлат фурӯхтани маҳсулоти кишоварзӣ баромад. Аз рӯи маълумоти расмии овардаи ӯ, колхозҳои ноҳия ба давлат 6 185 сентнер гӯшт, 3909 сентнер шир, 1 019 сентнер пашм, 46 ҳазор дона тухм, 8 300 сентнер картошкаю сабзавот фурӯхтанд, ки ин аз ӯҳдадорӣ зиёд буд. Дар ин махсусан саҳми колхозҳои ба номи Ю.Фучик ва «Сағирдашт» хеле калон буд.

Колхози ба номи Ю. Фучик ташкили дурусти корро ба роҳ монда, ба давлат фурӯхтани гӯштро 105, ширро 109, пашмро 132, тухмро 106, муваро 100 фоизӣ, картошкаро 2,5 баробар ва ғаларо 3 баробар зиёд ба анчом расонд. Соли 1976 нисбат ба соли гузашта 61 сентнер бештар барги тамоку истеҳсол шуд. Дар колхоз саршумори чорвои калон ба 934 ва моли майда ба 1 748 сар расонда шуд. Бесабаб набуд, ки колхо- зи ба номи Фучик барои нишондиҳандаҳои соли 1975-1976 дар байни хочагиҳои ВАБК ғолиби мусобиқа гардида, бо Байрақи Сурхи Сайёри КМ ПК Точикистон, Совети Вазирони чумҳурӣ ва КМ ЛКСМ Точикистон мукофотонида шуд. Аз рӯи натичаҳои соли 1976 колхоз дар Лавҳаи Фахрии чумҳурӣ сабт гардид. Чунин нишондиҳандаҳоро нисбати колхози «Дарвоз» низ овардан мумкин аст.

Дар ин давра фаъолияти бисёр корхона ва муассисаҳои ноҳия низ хеле назаррас буд. Аз чумла коллективи коргарон ва коркунони ин- женер-техникии участкаи истифодабарии роҳи рақами 3, коргарони узели алоқа, кормандони чамъияти матлубот супоришу ӯҳдадориҳои солонаро барзиёд ичро намуданд. Ин муваффақият водор сохт, ки ба-

рои соли оянда сатҳи баландтари истеҳсолот муқаррар карда шавад. Дар баробари баланд бардоштани ҳачми истеҳсолоти кишоварзӣ хиз- матрасонии маданӣ-маишӣ ба аҳолӣ бояд беҳтар мешуд. Соли 1977 маблағгузории капиталӣ аз ҳисоби давлат 283 ҳазор сӯм муқаррар гардида, дар деҳаи Рубот бинои мактаби 8-сола, 2 хонаи дуошиёнаи дувоздаҳквартирадор, сохтмони хати обгузар (водопровод) дар мар- кази ноҳия бояд анчом меёфт[13].

Ба дастовардҳои истеҳсолии соли 1976 чунин «рапортҳои меҳнатӣ» далолат мекунанд:

«Чорводорону ғаллакорон, кирмакпарварону боғдорони хочагиҳои район ба иди соли нав бо тӯҳфаҳои арзандаи меҳнатӣ омаданд. Онҳо супоришҳои солонаи ба давлат фурӯхтани гӯштро 100,9 фоиз, ширро - 101, пашмро - 101,1, тухмро - 108,1 ва пилларо - 110,7 фоиз ичро кар- данд.

Назар ба ҳамин давраи соли гузашта, колхозҳои район 410 сентнер гӯшт, 26 сентнер шир, 2, 2 ҳазор дона тухм, 134 сентнер картошка, 10 сентнер мева зиёдтар истеҳсол намуда ба давлат супурданд...

Алоқачиён дар ин давра ба чои 66 900 сӯми план, 68 ҳазор сӯмина корҳоро ба анчом расониданд. Ба ғайр аз ин онҳо дар деҳот ва маркази район даҳҳо нуқтаҳои радио ва телефон шинонданд»[14].

Соли 1977 соли 60-солагии Инқилоби Октябр дар ҳама гӯшаю канорҳои давлати паҳновари Шӯравӣ кӯшиши зиёди меҳнатиро ба вучуд овард. Меҳнаткашони ноҳияи Қалъаихумб низ аз ин маърака дар канор буда наметавонистанд. Дар тамоми самтҳои истеҳсолот ва маи- шиву фарҳангӣ ӯҳдадориҳои аз нишондиҳандаҳои қаблӣ хеле баланд- тарро ба ӯҳда гирифта барои ичрояшон аз тамоми имкониятҳо истифо- да мебурданд.

Аз рӯи ӯҳдадориҳои ба зиммагирифтаи меҳнаткашони ноҳия дар ин соли чашнӣ бояд дар соҳаи чорводорӣ саршумори ҳайвони калонро ба
4 000 сар, аз чумла модаговҳоро ба 1 200 сар, бузу гӯсфандро ба 28 600 сар, аз чумла мешу бузҳои наслдиҳандаро ба 16 100 мерасонданд. Сар- шумори мурғ ба 2 000 сар, аз чумла мокиён ба 1 400 сар расонда ме- шуд. Бояд истеҳсоли шир ба 4 100, гӯшт - 6 800, пашм - 790, асал - 80 сентнер, тухм - 49 000 (якчоя бо тухми аз хочагиҳо харида) дона мера- сид. Барои рушди кирмакпарварӣ соли 1977 бояд 7 000 бех ниҳоли тут шинонда, истеҳсоли умумии пилла ба 760 сентнер мерасид. Истеҳсоли ғалларо ба 750 сентнер расонда ба давлат 500 сентнер ғалла, 600 сент- нер картошка, 700 сентнер сабзавот фурӯхта мешуд. Кишти тамоку ба 130 гектар расонда шуда, истеҳсоли умумии ин зироати қимматбаҳо ба
3 100 сентнер мерасид. Мувофиқи нақша дар майдони 10 гектар ниҳолҳои мевадиҳанда шинонда 780 сентнер меваи тар, ё 125 сентнер чормағз истеҳсол намуда ба давлат 120 сентнер меваи тар, 320 сентнер меваи хушк ва 40 сентнер чормағз фурӯхта даромаднокии боғҳо баланд

бардошта мешуд. Бояд дар ин соли чашн даромади умумиро аз маҳсулоти кишоварзӣ ба 2 миллиону 386 ҳазор сӯм ва даромади соф ба 555 ҳазор сӯм расонда мешуд[15].

Ҷамъбасти сол нишон дод, ки аҳли заҳмати ноҳия аз ӯҳдаи ичрои ин ӯҳдадориҳои чашнӣ сарбаландона баромадааст. Дар бораи ин корна- моии меҳнатӣ дар сармақолаи рӯзномаи ноҳиявӣ чунин омадааст:

«Соли 1977 - соле, ки мардуми тараққипарвари рӯи замин 60-умин солгарди Революцияи Кабири Сотсиалистии Октябрро чашн гириф- танд, ба охир расида истодааст. Ин сол дар таърихи тараққиёти Ватани мо саҳифаи нав кушод.

Меҳнатдустони райони мо. дар тамоми чабҳаҳои кор комёбиҳои беназир ба даст овარданд. Аз чумла тамокукорони шӯҳратманди мо байрақи мусобиқаи социалистиро баланд бардошта ба пункти қабул беш аз 340 тонна ҳосили хушсифати тамоку супурданд, ки ин нисбат ба соли гузашта 40 тонна зиёд аст.

Чорводорони район низдар қатори зироаткорону боғдорон соли дуюми панчсолаи даҳӯмро бо тӯҳфаҳои арзандаи меҳнатӣ чамъбаст намуданд.

Самараи меҳнати диловарона ва арақшори даҳҳо нафар чорводоро- ни район, аз қабили дорандагони орденҳои Ленин ва Револютсияи Ок- тябрь Фаёз Қаландаров, Рачаб Саидов, Гулмаҳмад Шарифов аз совхози «Сағирдашт», Бачабек Исматов, Маъбул Акобиров, аз совхози ба номи Ю. Фучик, Устоди чорвои республика Гурез Ҳабибов, Борон Собиров аз совхози «Дарвоз», ва боз даҳҳо дигарон буд, ки соли чорӣ хочагиҳои район бештар аз 6 332 центнер гӯшт, 905 центнер пашм фурӯхтанд. Дар ин комёбии меҳнатӣ ҳиссаи коркунони фермаҳои чорводории совхозҳои «Сағирдашт» ва ба номи Фучик хеле калон аст. Хочагиҳои мазкур ба андозаи 106 - 111 фоизӣ супориши солонаро ичро наму- данд...»[16].

Аҳли меҳнати ноҳия нақшаю ӯҳдадориҳои барои панчсолаи даҳӯми хочагии халқ қабулшударо сарбаландона ичро карданд. Натичаи он дар маърӯзаи котиби аввали кумитаи ҳизбии ноҳия Ҳ. Давлатов дар конфе- ренсияи XVIII ташкилоти ҳизби коммунистии ноҳия чамъбасти худро ёфтааст. Аз рӯи маълумоти овардаи котиб дар ин 5-сола нақшаи ба давлат фурӯхтани ғалла 4 баробар, картошка - 134,8, шир - 104, тухм - 118,7, гӯшт - 105,9, пиллла - 114,8 фоиз ба ичро расид. Нисбат ба нақшаи пешбинишуда ба давлат 124 тонна картошка, 17 тонна мева, 89 тонна шир, 132 ҳазор дона тухм, 34 тонна пашм,55 тонна пилла супо- рида шудааст. Барои обёрӣ кардани заминҳои нав 77 ҳазор сӯм сарф гардид. Совхозҳо ба маблағи 251 ҳазор сӯм аз давлат техникаи хочагии қишлоқ харидаанд. Майдони кишти тамоку дар ин давра 33 гектар зиёд гардид. Нисбат ба панчсолаи гузашта (нӯҳум) аз ҳар сар модагов 186 килограмм бештар шир дӯшида шудааст. Нақшаю ӯҳдадориҳои ба дав-



Зумратмо Холова



Шерали Фаттоҳов



Гурез Ҳабибов

лат фурӯхтани пӯст, мӯина, асал ҳам бомуваффақият иҷро гардидааст. Дар ин давра бисёр объктҳои маъмурИ, маданию маишИ, аз чумла дар деҳаи Даштак хонаи дувоздаҳквартирадор, дар Қалъаиҳусайн мактаби миёна, дар Нулванду Сағирдашт биноҳои ҳаммом, стансияи автоматии телефонИ сохта ба истифода дода шудааст. Майдони ба номи Ленин бунёд гардида, дар он ҷо муҷассамааш гузошта шуд. Бинои ки- нотеатри тобистона аз нав бунёд гардид. Кори роҳу алоқа беҳтар гардид. Ба масъалаи пешрафти кори муассисаҳои савдо, хӯроки умумИ, хизматрасонии маишИ диққати мах- сус дода шуд. Ҷамъияти матлубот нақшаи гардиши молро 102,6 фоиз ва хӯроки уму- миро 112 фоиз ба иҷро расонд. Пешравиҳо дар соҳаи маориф ва тандурустИ низ дида мешуданд[17].

Вале ин рақамҳо маънои онро надоранд, ки кори ҳамаи хоҷагиҳо бенуқсон пеш ме- рафт. Сарвари ҳизби коммунисти ноҳия дар маърӯзаи дар боло ишорашуда аз камбудиҳо сарфи назар накардааст. Аз чумла қайд кар- дааст, ки дар соҳаи кирамакпарварИ ҳанӯз базаи дилхоҳ ташкил нашудааст, камбудИ дар соҳаи картошкаю сабзавотпарварИ мавҷуд аст. Дар ин соҳа ҳанӯз махсус- гардонИ ба анҷом нарасидааст, Ҳосили боғот пурра ҷамъоварИ намешавад, участ- каи хоҷагии ҷангал ба талаби замон ҷавобгӯ нест. Иттиҳодияи ноҳиявии «госкомселхоз- техника», хоҷагии об, вазни қиёсии чорво аз меъёри муқарраршуда паст буда, техникаи кишоварзИ намерасад, заминҳо дар сари вақт шудгор намешаванд, Ба гӯшт супори- дани модаговҳо ба назар мерасад, ҳолати истеҳсоли шир дар баъзе хоҷагиҳо мӯътадил нест, пункти ширқабулкунИ дар ноҳия бад кор мекунад ва дигар камбудиҳое буданд, ки дар маърӯза қайд шудаанд[18].

Вале чи тавре ки аз рақамҳои аз иҷрои ӯҳдадорӣ бармеояд, ин норасоиҳо ба рушди босуръати истеҳсолот таъсир расонда наме- тавонистанд. Дар ноҳия истеҳсоли барзиёд ин камбудиҳоро мепӯшонду натиҷаҳои умумӣ хусусияти мусбат доштанд. Пурраю барзиёд иҷро шудани нақшаю ӯҳдадориҳо ба саҳми онҳо вобастагӣ дошт. Аз ин рӯ корномаҳои меҳнатии зумраеро, ки заҳмати намунавӣ но- машонро дар сатҳи вилояту ҷумҳурӣ бардош- тааст, ба ёд овардан бамаврид аст.



Азизамо Ибронова

Дорандаи унвони баланди «Устоди хиз- матнишондодаи роҳи Республика», коргари Управленияи истифодабарии роҳи (ДЭУ) рақами 3-и ноҳия **Шерали Фаттоҳов** барои ҳамкасбон намунаи ибрат буд.



Маҷнун Шоавлиёкабирова

Дар ин панҷсола низ сарҷӯпони совхои «сағирдашт», дорандаи орденҳои Ленин ва «Револютсияи Октябр» **Фаёз Қаландаров** ба дастовардҳои намунавӣ ноил гардида ғолиби мусобиқа дониста шуд. Дорандаи ордени «Байрақи Сурхи Меҳнат», унвони «Устоди чорвопарварии РСС Тоҷикистон» **Гурез Ҳабибов** тамоми нақшаю ӯҳдадориҳои панҷсолаи худро пеш аз мӯҳлат иҷро намуда ба ғалабаи калони меҳнатӣ ноил гардид.

Меҳнати ҳалолу бобаракати пиллапарвару тамокукори пешқадами совхози «Дарвоз», депутати Шӯрои Олии ҶШС Тоҷикистон **Зумратмоҳ Холова** дар ноҳияю вилоят ҳама хурду бузург медонистанд. Ин зани меҳнатқарин аз ҳар қуттӣ тухми кирмак ҳамасола зиёда аз 100 килограмм пиллаи хушсифат мегирифт. **Азизамо Ибронова** низ ба чунин дастовардҳо соҳиб гашта буд. Дар ин қатор бояд аз хизмати **Маина Маҳтарамова**, ки аз ҳар қуттӣ то 113-115 ки- лограмм пиллаи аълосифат мегирифт, **Чаман Раҳматшоева** (аз колхози «Гулистон»), аз як гектар зиёда аз 35 сентнер тамоку ва аз ҳар қуттӣ тухми кирмак зиёда аз 100 килограммӣ пилла ба даст меовард.



Гулсон Давлатова



Маина Маҳтарамова



Чаман Раҳматшоева



Мавчон Маҳмадшоева

Дар ин панчсола Устоди пилла, Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ **Фотима Сӯфихонова** аз се қуттӣ тухми кирмак зиё- да аз 330 килограмм мегирифт, ки ба ҳар қуттӣ - 110 килограммӣ рост меомад. Пай- равони ин зани қаҳрамони меҳнат, кирмак- парварону тамокукорони машҳур депутати Шӯрои Олии Точикистон **Зумратмо Холо- ва, Сафармо Раҳматуллоева** (аз колхози ба номи Ленин), дорандагони ордени Байрақи Сурхи Меҳнат **Анварбиби Юсуфчонова, Н. Садриддинова** (аз колхо- зи «Дарвоз»), **Г. Давлатова** (аз колхози ба номи Ю. Фучик), говчӯшони пешқадам **К. Бурҳонова, Гулзида Шокирова, Аслам Ризоева** ва дигарон кайҳост, ки бо меҳнати ҳалолу намунавии хеш дар байни ҳамдиёрони хеш иззату эҳтироми баланд пайдо кардаанд[19]. Коргари бригадаи рақами 9 совхози ба номи Ю. Фучик **Мавчон Маҳмадшоева** то соли охири панчсола ҳосилнокии як гектар тамокуро то ба 80 сентнерӣ расонда, аз ҳар қуттӣ (се қуттӣ) тухми кирмак то 120 килограмм пилла ме- гирифт. Дар ин радиф бояд аз заҳмати **Т. Мирова, Г.Амирбе Алимаҳмадова** ва дигарон ёдовар шуд, ки аз ҳар қуттӣ тухми кирмак аз 100 то 133 ки- лограмм пилла мегирифтанд.

Дар тӯли сиюпанч соли фаъолияти хеш дар колхози «Дарвоз» **Калон Бурҳонова** бо меҳнати намунавӣ дар байни ҳамдиёрон обурӯю эътибори хосса пайдо карда буд. Дар ин панчсола низ ӯ яке аз пешсафҳо буд. Ҳар сол 3 қуттӣ тухми кирмак парвариш намуда ба ҳисоби миёна аз ҳар қуттӣ то 110-116 килограммӣ пилла гирифта, аз 0, 9 гектар замини барояш вобаст шуда, ба чои 202 қариб 240 килограмм тамоку мерӯёнд. Заҳмати бурдборонаи Калон Бурҳонова бо орденҳои Байрақи сурхи меҳнат, Нишони фахрӣ ва чандин медалу ифтихорномаҳои сатҳи баланди давлатӣ қадр шудааст[20].

Нишондиҳандаҳои меҳнатии Депутати Шӯрои Олии ҶШС Тоҷикистон, коргарза- ни бригадаи рақами 1 совхози «Дарвоз» **Гулсонбиби Фазлихудоеваро** дар вилоят ба ҳама маълум буданд. У дар тамоми дав- раи панҷсолаи даҳӯм аз ҳар қуттӣ тухми кирмак на кам аз 120 килограммӣ пилла ва аз ҳар гектар замини тамоку 75 сентнери ҳосил мерӯёнд.

Дар кори пеш аз муҳлат ва бо нишондиҳандаҳои намунавӣ ҷамъбаст на- мудани накшаю ӯҳдадориҳои панҷсола заҳмати говҷӯши пешқадами бригадаи ши- ри участкаи Курговад **Маҷнун Шоавлёка- бирова**, аъзои бригадаи рақами 7 совхози «Дарвоз»,кирмакпарвару тамокуі пешқадам **Зумратмо Холова**, аъзои фаъо- ли бригадаи рақами 10 совхози ба номи Фучик **Мавҷон Маҳмадшоева**, кирмак- парвар ва тамокукори номдори бригадаи рақами 3 совхози ба номи Фучик **Гулсон Давлатова**, Депутати Шӯрои Олии СССР (ИҶШС) **Раънoгул Амиршоева**, ки нақшаи панҷсолаи кирмакпарварию тамо- кукориашро ду баробар зиёд ба иҷро ра- сондааст, аъзои бригадаи рақами 4 совхози ба номи Фучик, тамокукору пиллапарвари пешқадам **Якумбиби Раҳмиддинова** ва дигарҳо кам нест.

Шояд дар паси ин рақамҳо, тарғиботи идеологӣ ва изофанависӣ то андозае ҷой дошт, вале ҳамаи ин ба натиҷаи ниҳоӣ таъсири ҳалкунанда расонда наметавонист. Рушди умумии истеҳсолот назаррас буд.

Аз меҳнати намунавии чанде аз занони дар меҳнат ғайрату ҷуръати мардона дошта ёдовар шуда, қайд кардан бамаврид аст, ки дар миёнаи солҳои 70-ум дар ноҳия зиёда аз 1 460 нафар занон дар соҳаҳои гуногуни кишоварзӣ шуғли меҳнат доштанд. 56 на- фар занон дар мактабҳои таҳсили ҳамагонӣ ба ҳайси омӯзгор, 52 нафар кормандони тибби ҳифзи саломатии ҳамдиёронро ба



Раънoгул Амиршоева



Гулсонбибӣ Фазлихудоева



Якумбибӣ Раҳмиддинова



Фазлихудо Дайхудоев



Ғ. Саидалиев



Аҳмад Талбидагиев

ӯҳда дошта аз занон буданд. 109 нафар аз за- нони масъулиятшинос ба депутатии шӯроҳои деҳоти, ноҳиявҷӣ ва вилояти интихоб шуда буданд[21]. Соли 1980 миқдори иштироки занон дар истеҳсолот аз 1 530 нафар гузашта, шумо- раи депутатҳо ба 115 нафар расида буд. То ибтидои соли 1980 дар ноҳия 2 000 нафар за- нон ба гирифтани ордену медалҳо мушарраф гашта буданд. Дар ноҳия беш аз 90 нафар за- нон ба унвони «Қаҳрамонмодар» мушарраф шуда буданд ва ин имкон медод, ки онҳо ба баъзе бартариҳои иҷтимоӣ ноил гарданд.

Чунин дастовардҳо баланди меҳнатӣ дар дигар соҳаҳои хоҷагии халк, маориф ва маданӣ-равшаннамоӣ ба назар мерасиданд. Барои тасдиқи ин суханон ба чанде аз маълу- моти оморӣ, ки ба муносибати 60-солагии Инқилоби Октябр дар рӯзномаи ноҳиявӣ ба табъ расидаанд, рӯ овардан лозим аст.

То рӯзи ҷатттни 60-солагии Инқилоби Ок- тябр кормандони барқи ноҳия ба ҷои 1 мил- лиону 595 ҳазор киловатт соати дар квартали сеюм пешбинишуда, 2 миллиону 148 ҳазор киловатт-соат қувваи электр истеҳсол наму- данд. Сехи дӯзандагии комбинати хизмати маишӣ дар квартали сеюм ба нақша гирифта буд, ки ба маблағи 2 220 сӯм корҳои хизматрасонӣ ба аҳолиро анҷом медиҳад. Дар натиҷаи ташкили хуби меҳнат ба кор- мандон муяссар гардид, ки иҷрои нақшаро ба
5 100 сӯм расонанд, ки ин аз нақшаи пешби- нишуда ба маротиб зиёд аст[22].

Хоҷагиҳои ноҳия супоришҳои солонаи ба давлат фурӯхтани гӯштро 100,9, ширро 101, пашмро 101,1, тухмро 108,1 ва пилларо 110,7 фоиз иҷро намуданд. Назар ба соли гузашта гӯшт - 410 сентнер, шир - 26, картошка - 134, мева - 10 сентнер ва тухм - 2,2 ҳазор барзиёд истеҳсол ва ба давлат фурӯхта шудааст.

Дар сарбаландона ҷамъбаст намудани натиҷаи иҷроиши нақшаю ӯҳдадориҳои панҷсолаи ноҳия саҳми директории совхози ба номи Фучик **Ғ. Саидалиев**, аъзои бри-

гадаи рақами 1 совхози «Дарвоз» подабон ва механизатори пешқадам **Аҳмад Талбидагиев**, сарчӯпони номӣ, дорандаи ордени Ленин **Раҷаб Саидов**, собиқадори ҷангу меҳнат аз деҳаи Ҷорфи деҳшӯрои Вишхарв **Фазлихудо Дайхудоев**, сардори бригадаи корхонаи таъмири роҳи (ДРП-1), Участкаи истифодабарии роҳҳои №3 **Мадали Раҳмоналиев** ва дигарон хеле назаррасанд.



Мадалӣ Раҳмоналиев

Дар ин панҷсола кормандони шӯъбаи алоқа, хизмати маишӣ, тандурустӣ. маориф ва ғайра ғайратмандона меҳнат карда, ба марраҳои баланди қаблан чун нақшаю ӯҳдадорӣ ба зимма гирифта расиданд.

Кормандони алоқа дар ин давра ба ҷои 66 900 сӯми нақша, ба маблағи 68 ҳазор сӯмина корҳоро анҷом додаанд. Даҳҳо нуқтаҳои радио ва телефон васл кардаву ба хизмати мардум монда шуданд[23]. Соли 1976 комбинати хизмати маишӣ ба маблағи 60,2 ҳазор сӯм корҳои хизматрасониро анҷом дода бошад, соли 1977 аз рӯи 10 навъ дар 18 нуқта ба аҳолӣ дар ҳаҷми зиёда аз 91 ҳазор сӯм хизмат расондан ӯҳдадор шуда онро бо муваффақият иҷро намуд. Имкониятҳоро ба назар гирифта, директории комбинат М. Судуров ваъда дода буд, ки дар давоми панҷсола ҳаҷми хизматгузории мардумро ба 559 ҳазор сӯм ё нисбат ба панҷсолаи нӯҳум 212 ҳазор сӯм зиёдтар мекунад[24]. Чӣ тавре натиҷаи панҷсола нишон дод, ин ӯҳдадории корхона асоси воқеӣ доштааст. Яке аз пешқадамони соҳа дар ноҳия, сардори Шӯъбаи алоқаи деҳаи Ҷорф, деҳшӯрои Вишхарв, иштирокчии Ҷанги Бузурги Ватанӣ **Ботур Бердиев** ҳисоб меёфт, ки дар дараҷаи аъло хизмати касбии худро ба ҷо меовард.



Ботур Бердиев

Соҳаи тандурустӣ яке аз самтҳои хизматрасонии афзалиятноки ноҳия ҳисоб меёфт. Базаи моддӣ-техникии муассисаҳои нигаҳдории тандурустӣ то рафт васеъю қавӣ мегардид. Аз маълумоти сардухтури табобатхонаи ноҳия И. Қаноатов бармеояд, ки соли 1977 дар ноҳия се табобатхонаи дар маҷмӯъ дорои 90 кати табобатӣ, 14 нуқтаҳои фелдшерӣ, 2 дорухона, стансияҳои санитарӣ-эпидемиологӣ ҳамеша дар хизмат ва омодаи хизмат буданд. Дар касалхонаи марказӣ 12 навъи хизматрасонии тиббӣ ба роҳ монда шуда буд. Дар назди табобатхона


Пирумшо Ҳошимов

утоқҳои электрокардиографӣ (барои санҷишу ташхиси кори дил), физиотерапевтӣ, лаборатрияи клиникӣ, дастгоҳи ренгенӣ, утоқи дастуру маслиҳатгирӣ (консултативӣ) барои модару кӯдак дар хизмат қарор доштанд. Бовариии мардум ба қудрати мӯъҷизаовари тиб то рафт меафзуд. Агар чанд сол пеш занҳо дар хона бо ёрии момодояҳои таҷрибадори маҳаллӣ таваллуд мекарданд. Акнун аз хизмати беминнати таваллудхонаи марказӣ бархурдор гаштан то рафт бештар амали муқаррарӣ мешуд. Масалан, агар соли 1975 ба таваллудхонаи ноҳиявӣ ҳамаги 92 нафар муроҷиат карда бошад, соли 1976 ин нишондиҳанда ба 148 нафар расида буд. Ҳамин сол дар деҳаи Сағирдашт низ таваллудхона ва нуқтаи фелдшерӣ омодаи хизмат мешуданд[25]. Яке аз табибҳои ҳозиқи бо санъати баланди касбӣ ва хушмуомилагӣ дар байни ҳамдиёрон ном бароварда, ҷонишини сардухтури касалхона **Пирумшо Ҳошимов** буд.

Соли 1977 дар ноҳия 41 мактаб фаъолият мекард, аз чумла 9-тоаш мактаби миёнаи маълумоти умумӣ, 32 мактаби 8-сола, 3 интернати давлатӣ буданд. Ба 3 799 нафар хонандагон ин мактабҳо (1 847 нафарашонро духтарон ташкил мекарданд), 415 нафар муаллимон баландихтисос сабақи фаннию зиндагӣ медоданд. Ноҳия бо муаллимони хизматнишондодаи ҶШС Тоҷикистон **Ҳ. Бодуров, М. Тошев, М. Холов** ва ба ордену медалҳо сазоворгашта ифтихор дошт[26]. Дар ин ҷода аз хизмати софдилонаи сарвари мактаби миёнаи рақами 1 маркази ноҳия, дорандаи нишонҳои «Аълочии маорифи халқи СССР», «Аълочии маорифи халқи Тоҷикистон» ва се карат ғолиби мусобиқаи сотсиалистӣ **Ҷон Аскаров** ёдовар шудан лозим аст.


Ноибшо Акобиршоев

Ба меҳнаткашони ноҳия 35 клубу китобхона, 10 нуқтаи кинонамоитттдихӣ, 2 дастгоҳи киноии сайёр хизмат мерасонданд. 18 китобхонаи ноҳия дорои 90 743 нусха китоб буда шумораи умумии хонандагон-аъзоёни доимиашон ба 6 800 нафар мерасид. Кори намунавии Аълочии маданияти СССР (ИҶШС), мудири китобхонаи Дуробаки деҳшӯрои Қалъаихумб **Ноибшо Акобиршоевро** дар тамоми вилоят эътироф мекарданд.

Ҳамин тариқ, маълумоту рақамҳои омории боло далели онанд, ки нимаи аввали солҳои 70-ум, - панҷсолаи даҳӯми

тараққиёти хоҷагии халқ барои ноҳияи Қалъаихумб бобарор омад. Ба баъзе норасоиҳо нигоҳ накарда, дар маҷмӯъ тамоми нақшаю ӯҳдадориҳои ба зимма гирифтаи худро мардуми меҳнатқарини диёр пурраю барзиёд ба иҷро расонданд.

Дар ин солҳо заҳмати бурдборонаи даҳҳо нафар бо мукофотҳои ба- ланди давлатӣ қадршиносӣ шуданд. Аз чумла барои ба даст овардани муваффақиятҳои калон дар мусобиқаҳои сотсиалистӣ тибқи Указн Президиуми Совети Олии СССР, соли **1976** аз ноҳияи Қалъаихумб бо ордени Ленин - сарчӯпони колхози «Сағирдашт» Саидов Раҷаб, бо ор- дени Байрақи Сурхи Меҳнат - сарчӯпони колхози ба номи Ленин Ҳабибов Гурез, бо ордени Нишони Фахрӣ - колхозчизани колхози «дарвоз» Бурҳонова Калон ва сарчӯпони колхози «Сағирдашт» Шари- фов Гулаҳмад, бо ордени Шарафи Меҳнатӣ дараҷаи **III** - колхозчизани колхози ба номи Фучик Ғуломова Рухсорамо, бо медали «Барои Меҳнати Шуҷоатнок» - колхозчизани колхози «Дарвоз» Маҳмадшоева Мавҷон, бо медали «Барои Меҳнати Шоён» - сарподабони колхози ба номи Фучик Мусаввиров Салом қадр гардиданд. Соли **1979** тамокуко- ри совхози «Дарвоз» Фазлихудоева Гулсонбибӣ бо ордени Шарафи Меҳнат дараҷаи **III,** Тамокукори совхози «Дарвоз» Нодирова Гулбарг бо медали «Барои меҳнати шуҷоатнок» ва тамокукори колхози ба номи Фучик Машрабова Назр бо медали «Барои Меҳнати Шоён» мукофото- нида шуданд. Дар ин радиф мавриди ёдоварист, ки бо ташаббуси соки- нони маркази ноҳия таҳкурсии муҷассамаи аввалин дар Қалъаихумб, муҷассамаи Ленинро бо туфайли меҳнати ройгон - ҳашар дар як муд- дати кӯтоҳ (камтар аз як моҳ) сохтанд. Дар вазъияти тантанавӣ, рӯзи **22** апрели соли **1980,** ба муносибати **100-** солагии зодрӯзи В.И.Ленин, ин муҷассама пардабардорӣ шуд[27].

## НОҲИЯ ДАР НИМАИ АВВАЛИ СОЛҲОИ ҲАШТОДУМ

Бо рӯҳбаландӣ аз иҷрои нақшаҳои панҷсолаи даҳум илҳом гирифта, мардуми ноҳия ба панчсолаи нав - панчсолаи ёздаҳум, ки солҳои **1981- 1985**-ро дар бар мегирифт, ворид шуданд. Табиист, ки нақшаю ӯҳдадориҳои ин панчсола аз панчсолаи қаблӣ баландару доираи истеҳсолот низ фарохтар муайян шуда буд.

Аз рӯи маълумоти чамъбастии ҳамасолаи дар саҳифаҳои рӯзномаи ноҳиявӣ «Дарвози Советӣ» ба табъ расида, дар давоми ин панчсола низ кариб дар тамоми самтҳои тараққиёти хочагии халқи ноҳия пешравиҳо ба чашм мерасиданд. Баъзе рақамҳои оморӣ дастовардҳои ду соли охи- ри ин панчсоларо нишон медиҳанд.

Дар сармақолаи тобрикотӣ ба муносибати соли нави **1985** роҷеъ ба чамъбасти дастовардҳои соли чорӯми панчсолаи ёздаҳум **(1984)** ома-

даст: «Меҳнаткашони қавиродаи мо планҳои ба давлат фурӯхтани картошка, сабзавот, пилла, мева, чормағз, гӯшт, шир, тухм ва пашмро бо сарбаландӣ ба иҷро расонданд... Соли гузашта дар мавзеи Дашти Луч посёлкаи ободу зебо бунёд гашт.

Коргарон ва коркунони инженер-техникии участкаҳои истифодаба- рии роҳҳои рақами 3 ва 62 дар бобати тахту ҳамвор ва мумфарш гар- дондани роҳҳои кӯҳистон вазифаҳои муайянеро ба ҷо оварданд. Кор- кунони муассисаҳои савдо, хӯроки умумӣ, сети электрикӣ, хизматра- сонии коммуналӣ, маданӣ ва маишӣ, маорифи халқ, нигаҳдории тандурустӣ низ комёбиҳои меҳнатиашонро афзун намуданд»[28].

Баъзе аз ин дастовардҳоро ҷонишини раиси комиҷроияи ноҳия А. Нилобеков мушахастар шарҳ дода, қайд кардаст, ки дар поёлкаи Даш- ти Лич соли 1984 12 хонавода дар хонаҳои наву барҳаво бурёкӯбон на- муданд, сокинони ин ҷо соҳиби кинотеатри тобистона шуда, дар соли охири панҷсола бинои мактаб, ошхона, пункти тиббӣ мавриди истифода қарор мегиранд. Мувофиқи нақшаи тараққиёти иқтисоди ва иҷтимоии ноҳия аз тарафи давлат ба миқдори 567 ҳазор сӯм маблағгузорӣ шуда буд. Ин имкон дод, ки дар деҳаҳои Хӯр ва Камчак бинои нави мактаб, хонаи 12 квартира дар маҳаллаи Даштак, биноҳои истиқоматӣ дар Дашти Луч ва дар маркази ноҳия як қатор корҳои сохтмонӣ анҷом ёбанд. Дар ин сол хатти баландшиддати 10 киловатаи Хостав - Зиғар, корҳои сохтмони роҳҳои рақами 8 ба маблағи 1 миллиону 151 ҳазор сӯмина анҷом дода шуданд[29]. Дар маркази ноҳия магазин барои ишти- рокчиёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ, бинои нави боғчаи бачагон сохта ба истифода дода шуданд, сохтмони бинои ошхона - павилион дар соҳили хеле зебои дарёи Хумбов бошад, идома дошта, дарояндаи на- здик мавриди истифода қарор хоҳад ёфт. Стансияи нави мукаммали телефонии дорои 1 500 нуқта ба кор даромад. Ин имкон дод, ки дар хонаҳои сокинони деҳоти Рузвай, Зинг, Зингироғ ва Ширг нуқтаҳои телефонӣ гузошта шуда, онҳо ба хатти алоқаи телефонии ноҳиявӣ ва ҷумҳуриявӣ пайванданд[30].

Бояд қайд кард, ки ин пешравиҳо ба баланшавии сатҳи зиндагии мардум, ҳалли масоили рӯзмарраи иҷтимоӣ мусоидат мекарданд. Ин пешравӣ дар деҳаҳои деҳшӯрои Сағирдашт ба назар мерасад. Дар ду-се соли аввали ин панҷсола роҳҳои асосии ин деҳшӯро мумфарш шуданд. Роҳҳои маркази деҳшӯро ба кӯмаки ҳайати инженерӣ-техникии кор- мандони участкаи истифодабарии роҳҳои рақами 62 мумфарш гарди- данд. Фермаҳои чорводорӣ дар ин ҷо қисман механиконида шуда, дар деҳаи Пастироғ кашари калон барои гӯсфандон сохта шуд. Дар деҳаҳои Қалъаиҳусайн ва Пастироғ, Сайёд, Сағирдашт стансияҳои телевизионӣ шинонда шуданд. Ин имкон дод, ки қариб 90 фоизи соки- нон дар хонаҳояшон аз тамошои оинаи нилгун бахра бардоранд. Зисту зиндагии аҳолии деҳот комилан тағйир ёфт. Телевизору радиоприём-

ник, яхдону мошинаҳои чомашӯӣ, плитаҳои ғазу электрикӣ барои аҳли деҳот чизи муқаррарӣ гаштаанд. Бештар аз 30 нафар сокинони деҳшӯро дар солҳои охир соҳиби автомашинаҳои сабукрав шудаанд. Дар деҳшӯро 6 китобхона, 7 клуб 1 хонаи маданият 9 магазин 1 авто- лавка дар хизмати доимӣ қарор доштанд[31]. Чунин нишондиҳандаҳоро дар мисоли ҳар деҳа ё деҳшӯрои ноҳияи Қалъаихумб мушоҳида кардан мумкин буд. Аз баландшавии дарачаи некуаҳволи халқ боло рафтани қобилияти харидории он шаҳодат медиҳад. Соли 1984 ба аҳолии ноҳия ба маблағи 6 миллиону 700 ҳазор мол фурӯхта шудааст, ки ин 103, 4 фоизи ичрои солонаи нақша ҳисоб меёфт[32]. Ба замми ин пасандозе, ки аҳоли дар кассаи амонатӣ нигоҳ медошт ба маблағи даҳчанд метаво- нист мол харидорӣ намояд.

Натичаи ичрои нақшаи давлатии тараққиёти иқтисодӣ-ичтимоии ноҳия барои соли 1985 ва ӯҳдадориҳои ихтиёрӣ ба ӯҳда гирифтаи аҳли меҳнат хубу барои оянда рӯҳбаландкунанда буданд. Чунин нишондиҳандаҳои оморӣ, ки аз тарафи Инспектураи давлатӣ-омории (статистикӣ) тафтишу таҳлил шудаанд, аз пешравии бемайлони истеҳсолоти ноҳия дарак медиҳанд[33].

**А) Аз рӯи нишондиҳандаи комплекси агросаноати:**

Соли 1985 нисбат ба соли 1984 ба андозаи 2,1 баробар ғалла, 3,3 фоиз картошка, 21,3 фоиз сабзавот, 2 баробар мева зиёдтар истеҳсол гардид.

**Б) Аз рӯи истеҳсоли маҳсулоти чорводори дар совхозҳои ноҳия:**

| Номи маҳсулот | соли 1984 | соли 1985 |
|---|---|---|
| Гӯшт (тонна, бо вазни зинда) | 517 | 593 |
| Шир (тонна) | 557 | 573 |
| Тухми мурғ (ҳазор дона) | 51 | 37 |
| Пашм (тонна) | 67,6 | 58,2 |

**В) Хариди давлатии маҳсулоти хочагии қишлоқ дар ҳама категорияи хочагиҳо (тонна):**

| Номи маҳсулот | соли 1984 | соли 1985 |
|---|---|---|
| 1 | 2 | 3 |
| Тамоку | 249 | 241 |
| Картошка | 189 | 189 |

| 1 | 2 | 3 |
|---|---|---|
| Сабзавот | 87 | 105 |
| Меваи тар | 32 | 44 |
| Гӯшт (бо вазни зинда) | 642 | 630 |
| Шир | 555 | 570 |
| Тухми мурғ (ҳазор дона) | 132 | 160 |
| Пашм | 43,2 | 44,7 |
| Пилла | 82 | 89 |

**Г) Саршумори чорво дар ноҳия (ба ҳисоби ҳазор сар):**

| Номи маҳсулот | соли 1984 | соли 1985 |
|---|---|---|
| Чорвои калони шохдор | 7,7 | 7,6 |
| Аз чумла модагов | 2,6 | 2,6 |
| Гӯсфанду буз | 36,3 | 36,9 |

**Д) Сохтмони асосӣ:**

Совхозҳои ноҳия аз ҳисоби маблағгузории давлатӣ 221 хазор сӯмина фондҳои асосиро ба кор андохтанд. Маблағгузории асосӣ дар хоҷагиҳои ноҳия 199 ҳазор сӯмро ташкил дод.

**Е) Дараҷаи некӯаҳволии халқ:**

Ҳаҷми адои хизмати маишӣ ба аҳолӣ соли 1985 162 ҳазор сӯмро ташкил дод. Ба аҳолии район 19 китобхона, ки дорои 125 ҳазор нусха фонди китоб буданд, хизмат мекарданд. Сети кинодастгоҳҳо ба 13 адад расид.

Хизмати тиббӣ ба аҳолӣ беҳтару дастрастар шуд.

Аз рақамҳои дар боло омада, маълум мешавад, ки дар афзоиши чу- нин навъҳои маҳсулот, монанди тухм, пашм, тамоку, саршумори чор- вои калон нисбат ба соли пешина кам шудааст, вале ҳаҷми умумии истеҳсолот дар аксари навъҳо баланд буда, ба пешравии ноҳия халал нарасондааст. Ин зинаи пешрафти иқтисодию иҷтимоӣ дар сармақолаи рӯзномаи ноҳиявӣ чунин қайд шудааст:

«Дар натиҷаи ташкили дурусти роҳбарӣ, риояи интизоми меҳнат, ба кор андохтани захираю имкониятҳои мавҷуда, аҳли меҳнати деҳот муваффақ гардиданд, ки плану ӯҳдадориҳои ба давлатфурӯшии тамоми маҳсулотҳои хоҷагии қишлоқро пурраю барзиёд ба иҷро расонданд. Дар ин давра (соли 1985. - Ҳ.П.) ба давлат 630,2 тонна гӯшт,570 тонна

шир, 447 сентнер пашм, 160,2 ҳазор дона тухм, 188,9 тонна картошка, 44,2 тонна мева, 105 тонна сабзавот, 4 тонна чормағз, 6 тонна асал,
89,4 тонна пилла ва ғайра маҳсулоти хоҷагии қишлоқ фурӯхта шуда- аст, ки ин нақшаҳои пешбинишуда хеле зиёд мебошад» [33].

Дар ҷамъбасти панҷсолаи сипаришуда ба давлат 2 180 тонна гӯшт, 951 тонна шир супорида шудааст, ки ин аз нишондоди панҷсола 63 тонна гӯшт ва 121 тонна шир зиёдтар аст. Яъне фурӯши гӯшту шир му- таносибан 2-12 фоиз афзудааст[35].

Бояд қайд кард, ки чорводорӣ яке аз соҳаҳои сердаромади хоҷагии ноҳия ҳисоб ёфта ва 58 фоизи даромади умумии совхозҳоро ташкил мекард. Дар ноҳия 23 ферма, 7 бригадаи чорводорӣ, се фермаи комплексӣ дар Шист, Киврон ва Сағирдашт, ки дар давоми панҷсолаи ёздаҳӯм сохтаву ба истифода дода шудаанд, инчунин фермаи бурдоқикунӣ мавҷуд буд. Дар ин соҳа 411 нафар, аз чумла 44 нафар ширдӯшон, 60 нафар подабонҳо ва 280 нафар чӯпонон машғули меҳнат буд. Дар вилоят ва берун аз он шӯҳрати чӯпонон С.Назокатов, депута- ти Шӯрои Олии ҷумҳурӣ Д. Шоев, Р. Саидов ва дигарон маълум буд. Ширдӯшони пешқадам Гулмо Диловарова аз фермаи Кеврони совхози «Дарвоз», Гулихор Бурҳонова аз фермаи Шисти совхози ба номи Фу- чик, Меҳрубонова аз совхози «Сағирдашт» аз ҳар сар модагов ба 1 400
- 1 500 литрӣ расонда буданд, ки ин нишондиҳандаи беҳтарин дар ви- лоят ҳисоб меёфт[36]. Дар пачсолаи гузашта мисли пештара Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ Фотима Сӯфихонова пешсафиро дар соҳаи пиллапарварӣ нигоҳ медошт. Ин зани дар воқеъ қаҳрамони эътироф- шудаи чабҳаи меҳнат, модари 11 фарзанд, аз рӯи чамъбасти панчсола нақшаи истеҳсолиашро 153 фоиз ба ичро расонд. Ҳамин тариқ, хуло- саи умумие бармеояд, ки соли 1986 дар ноҳия 5 совхоз фаъолият дошт. Майдони умумии заминҳои кишт 2308 га (аз чумла заминҳои обӣ 1050 га). Аз ҳамин ҳисоб ғаллазор 878 га, киштзори зироати хӯроки чорво 1307 га, тамоку 123 га, боғи мева 68 га. Саршумори чорвоии ноҳия (1985, ба ҳисоби сар): гов 3950, гӯсфанду буз 27250, парранда (мурғ 1440).

Чунин мувафақиятҳоро дар дигар соҳаҳои хочагидорӣ низ мушоҳида кардан мумкин аст. Масалан, дар шароити кӯҳистон яке аз масъалаҳои ниҳоят чиддӣ, ки фаъолияти дигар соҳаҳо ба он вобастагӣ дорад, роҳсозӣ ва нигаҳдошти онҳо аз харобшавист (дар фасли зими- стон ва баҳор аз тариқи тармаю сел шустану бурдани участкаҳои алоҳида ё афтидану фурӯравии девораҳои болои шаххо бештар дар ағбаи мушкилгузар Хобу Рубот). Аз рӯи рақамҳои расмӣ, нақшаи капиталӣ, миёна ва чории роҳсозӣ аз 100 то 115 фоиз ба ичро расонда шуд. Дар ин давра ба андозаи 500 метр монеаҳои оҳану бетонӣ сохта, бештар аз 1000 адад аломатҳои огоҳкунанда гузошта шуд, 10 километр роҳҳо васеъ ва таъмиру тахту ҳамвор карда шуданд. 8 чои мушкилгу-

зари роҳ аз нав сохта шуд. 8 қубури оҳану бетонӣ гузошта, реконст- руксияи 6 кӯпрук анчом ёфтааст.

Дар ин чода бояд аз хизмати чунин роҳсозони пешқадам монанди булдозеристҳо Н. Давлатов, З. Шамсов С.Саидов, автогредеристон И. Ғозиев Б. Шаропов, ронандагон С.Авазов, И. Амирбеков, М. Шоев, Ш. Саидов, Ҷ. Қадамов, экскваторчӣ Б. Иқболшоев, коргарони оддии му- ассиса Н. Ёғиев, Н. Сайфов, Ч. Ҳилолов, И. Иброҳимов, Ф. Сӯфиев, К. Бӯйдоқов, М. Қурбонов ва дигарон ёдовар шуд, ки нақшаю ӯҳдадориҳои кори хешро бо сифати баланд ва пурраю барзиёд ба ичро мерасониданд[37].

Кормандони чамъияти матлуботи ноҳия низ ба дастовардҳои назар- рас ноил гаштаанд Тибқи маълумоти мавчуда нисбат ба соли 1984 соли 1985 ба маблағи 1 247, 1 ҳазор сӯмина зиёд молҳои гуногун ба аҳолӣ фурӯхта шудааст Дар панчсолаи сипаришуда, нақшаи хариди маҳсулоти хочагии қишлоқро оид ба пашм 107,5 фоиз, картошка 112, 7 фоиз, сабзавот 102,4 фоиз ба ичро расиданд. Гардиши мол нисбат ба соли 1984 26,1 ҳазор сӯмина зиёд буд. Сифати хизматрасонӣ беҳтар шуд. Чунин мудирони нуқтаҳои савдо аз қабили Ҳ. Ёфтаков С.Шокиров, Х. Фозилов, Ш. Амонов, З. Қадамов, Х. Амиршоев ва ди- гарон фаъолияти баланди касбӣ нишон дода ба этироми ҳамдиёрон но- ил гаштаанд[38].

Пешравӣ дар соҳаи маорифу тандурустӣ хеле чашмрас буд. Фақат дар соли хониши 1984 / 1985 барои мустаҳкам намудани базаи таълимӣ ба маблағи 22 700 сӯм асбобҳои айёни ва воситаҳои техникӣ, 100 620 сӯм асбобҳои таълимӣ оварда шуда, дастраси мактабҳо гардиданд. Со- ли хониши 1985-86 дар ноҳия 14 мактаби миёна, 9 мактаби ҳаштсола, 20 мактаби ибтидоӣ, 1 мактаби мусиқӣ ва 1 мактаби спортӣ, мавчуд буд.[39] Соли 1985 дар мактабҳои маълумоти умумии ноҳия 520 нафар муаллимон фаъолият доштанд, ки 95 фоизашон дорои маълумоти олӣ буданд. Дар мактабҳои ноҳия 107 кабинетҳои махсусгардондашудаи фаннӣ амал мекард[40]. Дар ноҳия соли 1985 3 касалхона, 2 амбулатория, 1 поликлиника, 16 пункти тиббӣ, нуқтаи санитарӣ-эпидемиологӣ ва 2 дорухона фаъолият доштанд. Духтурони ҳозиқ Н. Ҳакимов, К. Ҳаёев, Ш. Шокаримов, З. Банаева, С.Навкаров, Х. Амонов, И. Собирова, Л. Қурбонова ва дигарон барои хизмати ҳалолу беминнат ба эҳтироми баланди ҳамдиёрон ноил гашта буданд[41].

Ҳамин тариқ, дар арафаи бозсозии горбачёвӣ дар ноҳия 16 клуб, 19 китобхона, 3 хонаи маданият, ансамбли тарона ва рақс, 3 кинотеатр, 12 дастгоҳи кинонамоишдиҳӣ, меҳмонхона ва 54 мағозаву ошхона ба аҳолии ноҳия хизмат мерасониданд.

Рақамҳои ҳачми истеҳсолотро муайянкунандаи дар боло омада, аз пешравии бемайлони иқтисодиёту ичтимоиёти ноҳия дарак медиҳанд. Худи ҳамин далелҳо аз ботил будани ақидаи баъзе аз ашхоси

ғаразманду таърихбехабар, ки гӯё дар миёнаи солҳои 80-уми асри гу- зашта иқтисодиёти давлати шӯравӣ рӯ ба таназзул ниҳода, ҷомеаи сотсиалистӣ ба бӯҳрони шадиди бебозгашт дучор гашта буду ягона роҳи халосӣ дар парокандашавию аз байн бурдани он низоми давлатдорӣ бошад, воқеан дарак медиҳад. Чунин нишондиҳандаҳои бемайлони пешравӣ ва аз ин ба маротиб бештарро дар миқёси Ҷумҳурии Тоҷикистону тамоми Иттиҳоди Шӯравӣ бараъло мушоҳида мешуд. Албатта ин маънои онро надорад, ки давлати абарқудрати Шӯроҳо аз тамоми қубҳ озод бошад. Камбуду норасоиҳо кам набу- данд. Яъне замон ислоҳоти ҷиддиро талаб мекард, вале на ба он дараҷаи «бозсози»-и бемасъулиятонаи горбачёвӣ.

## МАВҚЕИ ДАРВОЗ ДАР СИЁСАТИ МУҲОҶИРАТИИ ЗАМОНИ ШУРАВИ

Пӯшида нест, ки яке аз самтҳои муҳимми сиёсати иқтисодӣ ва иҷтимоии Ҳукумати Шӯравӣ ва ҳизби ҳукмрон муҳоҷиркунӣ, ба кор андохтани заминҳои бекорхобида ва бо ин восита ҳал кардани таъми- ноти хӯрокворию равнақи зироатҳои техникӣ ҳисоб меёфт. Ҳарчанд имрӯз дар бораи сиёсати муҳоҷир кардан назарҳои мухталиф вуҷуд до- ранд, вале ин ҳақиқат мусаллам аст, ки маҳз сиёсати ба талаби замон муфовиқи муҳоҷиршавӣ ё муҳоҷиркунӣ имкон дод, ки ҷумҳурии дар соҳаи кишоварзӣ дар сатҳи асримиёнагӣ қарорёфтаи солҳои 20 - 30-ми асри гузашта, аз рӯи нишондиҳандаҳои истеҳсолии ин соҳа ба ҷумҳуриҳои пешқадами Иттифоқ баробар шавад. Аз чумла вай ба ба- заи боътимоди истеҳсоли пахтаи аълосифат, боғдорӣ, сабзавоткорӣ ва чорводорӣ табдил ёфт. Барои ин заҳмати деҳқонони зодаи кӯҳистон, аз чумла мардуми муҳоҷиршудаи Дарвоз мусоидат кард.

Бояд гуфт, ки дар давраи аввал зарурати муҳочират ба хоҳиши со- кинони кӯҳистони дар таъсири муносибатҳои патриахалӣ буда, мувофиқат намекард. Аз чои муқимии авлодӣ ба чои дигар муҳочират кардан як фочиаи азим ҳисоб меёфт. Аз ин чост, ки то солҳои 50-ум, то даврае ки бо заҳмати аввалин муҳочирони кӯҳистон водиҳо, алалхусус води Вахш обод шуда, ба гулистон табдил меёфт, муҳочиршавӣ гарчи расман шакли озоду ихтиёрӣ дошт, вале ба нақша гирифтану омода кардани муҳочирон дар доираи расмию таъинотӣ мегузашт. Аз ин чост, ки ин маърака дар чорчӯбаи талаботу тартиботи ичбории давлат қарор дошт.

Ҳарчанд муҳочирати расмӣ (муҳочиршавӣ ё кӯчондани ичборӣ дар солҳои аввали инқилоб, дар замони чанги якуми шаҳрвандӣ бо таъқиботи сиёсӣ ва таҳдиди қувваи яроқнок сурат гирифта буд, вале кӯчондани бо низому тартиби расмӣ дар замони Шӯравӣ аз нимаи

дуюми солҳои 20-ум оғоз ёфт. Дар давраи аввал, гарчӣ ба дурнамои нақшаи роҳбарияти давлату ҳизб даромада бошад ҳам, дар солҳои 1928-1938 суръати оммавӣ гирифт, чунки маҳз дар ҳамин давра зами- наи мувофиқи сиёсӣ пайдо шуда буд. Ин муҳоҷирату кӯчбандиҳо дар аввал бештар дар ноҳияҳои ба марказ наздик ва дорои роҳу нақлиёти мувофиқ ба амал бароварда мешуданд. Дар ноҳияҳои дурдасти сарҳадӣ, аз қабили Дарвоз зарурати таъмини бехатарии сарҳад ва на- будан роҳу нақлиёт ба ҳалли ин масъала имкон намедод. Аз ин ҷост, ки сиёсати расмии муҳоҷиркунӣ дар нроҳияи Қалъахумб дар охири солҳои 30-юм ва солҳои 40-ум ба таври оммавӣ зиёд шуд.

Бояд гуфт, ки аз охири солҳаи 20 нимаи аввали солҳои 30-юм масъалаи аз ҳисоби истеҳсолоти пахтаи дохилӣ конеъ намудани тала- боти саноати бофандагӣ дар сиёсати иқтисодии Ҳукумати Шӯравӣ ба яке аз масъалаҳои муҳим табдил ёфт. Чунин сиёсат ба кор андохтани миқдори зиёди заминҳои бекорхобидаро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тақозо дошт. Маҳз ҳамин зарурат масъалаи нақшаи обёрии заминҳои водии Вахш ва баъзе ноҳияҳои кисмати марказӣ ва ҷанубии чумҳуриро ба миён гузошт.

Соли хоҷагии 1929/1930 ба ноҳияҳои гуногуни ҷумҳурӣ, махсусан ба қисмати марказӣ ва ҷанубӣ 7 404 хоҷагӣ муҳоҷир карда оварда шу- данд. Аз ҷумла 2000 хоҷагӣ аз Узбекистон оварда шуда буданд. Онҳо дар водии Ва<u>хттт</u>, вилояти Кӯлоб ва ноҳияҳои водии Ҳисор ҷой гириф- танд. Тирамоҳи ҳамин сол ба ин ноҳияҳо боз 778 хоҷагиро муҳоҷир карданд[42].

Фақат дар баҳори соли 1935 ба водии Вахш 3 200 хоҷагии муҳоҷир ворид карда шуд. Зарурати масъаларо ба назар гирифта, моҳи январи соли 1936 дар назди Комиссариати халқии замин (Наркомзем) воҳиди нави сохтори идоракунӣ Управленияи оиди азхудкунии водии Ва<u>хттт</u> таъсис дода шуд. Управления соҳиби ҳуқуқи васеъ буда, тамоми масъалаҳои ҷобаҷогузории муҳоҷирон, ташкили хоҷагидории онҳо, ҳаҷми бакорандозии заминҳои кишт ва ғайраро мустақилона ҳал ме- кард.

Солҳои 1935-1936 ба ноҳияҳои водии Ва<u>хттт</u> 3 638 хоҷагии муҳоҷирон ворид карда шуд. Аз ҷумлаи онҳо 3 638 хоҷагӣ аз қисмати Европоии ИҶШС ба а

Ба диққати котиби вилояти Ғарм мерасонем, ки муҳочиркунии соли 1940 аз ноҳияҳои Тавилдара ва Қалъаихумб ниҳоят номуташаккилона гузашт. Ин аз хунукназарии роҳбарияти ноҳияҳо нисбати қарори КМ ҲК (б) оиди обод намудани водии Вахш гувоҳӣ медиҳад.

Муҳочирон ба ноҳияи мо моҳи август омаданд, ки алакай тайёрӣ ба зимистон сар шуда буд. Ҳамаи онҳо бе маводи хӯрока омаданд. Аз ҳисоби давлат таъмин мекунанд гуфта, ҳаққи рӯзи меҳнаташонро на- додаанд, ҳол он, ки дар диёрашон имсол ҳосили баланди ғалладона ги- рифтаанд. Қисми зиёди муҳочиршудагон одамони тасодуфӣ (сартаро- шу косиб ва ғайра) ба кишоварзӣ алоқае надоранд...

200 хочагие, ки соли 1941 ба ин чо бояд муҳочират кунанд, дар заминҳои ҳосилхез чой дода мешаванд. Ба онҳо қарзи лозимии дароз- муддат дода мешавад, ки ба адои он баъди 5-8 сол мепардозанд.

Аз Шумо хоҳиш менамоем, вақти қарори ихтиёран қабул намудани муҳочират ба онҳо бардурӯғ «кӯҳҳои тиллоӣ» ваъда надиҳед. Хоҳиш- мандем ба масъалаи муҳочиркунӣ чиддитар муносибат кунед»[46].

Дар замимаи Қарори ШКХ ва КМ ҲК(б) аз 3 феврали слои 1941, № 57/49 нақшаи муҳочиркунӣ оварда шудааст, ки мувофиқи он дар чумҳурӣ бояд 2000 хочагӣ муҳочир карда мешуд. Аз чумла ба ноҳияи Кировобод аз ноҳияҳои Қалъаихумб ва Тавилдара 125-тои хочагӣ, дар мачмӯъ 250 хочагӣ бояд муҳочир карда мешуданд[47]. Вале чанде нагу- зашта, шояд ба сабаби мушкилиҳои пешомада, роҳбарияти чумҳурӣ ин рақамҳои нақшаро барои Қалъаихумбу Тавилдара 75-тои ихтисор на- муда, фақат 50 хонаводагӣ монд (аз ҳарду ноҳия 100 хочагӣ)[48].

Албатта, дар чои нав таъмин намудани тамоми шароитҳои барои зиндагӣ мувофиқ дар он давра коре буд ниҳоят мушкил ва ичронашаванда. Ҳарчанд ба мушкилии ичтимоӣ дар чои нав дучор на- шудани муҳочирон дар ҳуччатҳои расмӣ гаштаю баргашта таъкид ме- шуд, вале мушкилоти тоқатфарсои зисту зиндагонӣ муҳочиронро гоҳо мачбур мекард, ки боз ба диёри бобоии хеш баргарданд. Масалан дар мактуби расмии котиби кумитаи ҳизбии ноҳияи Сангвор Саидхочаев ба котиби кумитаи ҳизбии вилояти Ғарм Шкарбман аз 28 октябри соли 1941, № 431 омадааст, ки баъзе муҳочирони аз ноҳия дар 4 соли охир (солҳои 1937-1940) кӯч баста, боз ба чойҳои зисти пешинаашон бар- гаштаанд. Аз Шумо хоҳиш менамоем, ки чӣ гуна ба бозгаштагон му- носибат намуданро ба мо маслиҳат диҳед. Ҳамзамон хоҳиш намуда- анд, ки нисбати хонаҳои муҳочирони аз ноҳия рафта чӣ гуна рафтор намоем. Оё мо метавонем маводи сохтмони хонаҳояшонро, ки бо сар- шави боронҳо вайрон мешаванд, барои сохтмони фермаҳои колхозӣ ва ғайра истифода намоем[49]. Чунин мактуб 9 ноябри соли 1941 ба номи котиби аввали Кумитаи Марказии ҲК(б) Точикистон ирсол шудааст. Дар он гуфта мешавад, ки моҳи октябри соли 1940 аз ноҳияи Чиликӯл
12 хонаводаи муҳочиршуда ба диёрашон Сангвор баргаштанд[50]. Ал-

батта ин амал раванди муҳочиркуниро суст накард. Дар телеграммаи навбатии котиби ҳизбии ноҳияи Сангвор ба котиби авали кумитаи ҳизбии вилояти Ғарм Шкарбман омадааст: «Ба Шумо хабар медиҳам, ки аз сабаби набудани роҳ ва нақлиёт 50 хочагии муҳочиршавандаро нафиристодаем, аз 3 то 10 июн (соли 1941) мефиристонем»[51].

Муҳочиркунӣ яке аз масъалаҳои марказии фаъолияти КМ ҲК (б) Точикистон ҳисоб меёфт. Масалан, дар яке аз барқияҳо (телеграммаҳо) аз 31 майи соли 1941 котиби кумитаи ҳизбии вилояти Ғарм Шкарбман ба котибони ҳизбии ноҳияҳои вилоят хабар дода мешавад, ки «рӯзи 9 июн дар КМ ҲК(б) чумҳурӣ маърӯзаи котиби вилояти Ғарм оиди муҳочиркунӣ монда мешавад, аз ин чиҳат то шашуми июн доири ичрои нақша ба ман ахборот диҳед» [52].

Масъалаи муҳочиркунӣ дар солҳои баъдичангӣ, алалхусус баъди анчоми барқароркунии хочагии халқ низ идома дошт. Соли 1950 ба нақша гирифта шуда буд, ки аз ноҳияҳои Қалъахумбу Нулванд, аз ҳар кадом ба миқдори 50 хонавода муҳочир намоянд. Бо сабаби ичрои (шояд барои қабулашон мавчуд набудани шароити мувофиқ) ин нақшаро ба соли оянда мавқуф гузоштанд. Аз Тавилдара бошад, аз 350 хонаводаи нақша ба ноҳияҳои пахтакор 340 хочагӣ муҳочир карда шу- данд[53].

Охирин муҳочиркунии дастчамъона аз ноҳияи Қалъаихумб соли 1970 сурат гирифт. ба сабаби рӯй додани офати табиӣ - фуромадани селу тарма дар баҳори соли 1970 ва хавфи эҳтимолии лағжидани кӯҳ ва зери он мондани деҳаи Умарак роҳбарияти маҳаллӣ ва чумҳурӣ лозим шумурданд, ки расман аҳолии ин деҳаи нисбатан калону сераҳолиро ба чои мувофиқ кӯчонанд.

Дар деҳаи Умарак 130 хонавода зиндагӣ мекард ва решаҳои авло- диашон дар ин деҳаи зебоманзари қисмати марказии Дарвоз ба замонҳои қадим мерасид. Дар як сол аз ҳисоби 17 гектар замини обӣ ва дучанд баробар замини лалмӣ то 300 тонна гандум, 7 тонна пилла истеҳсол намудани сокинони деҳа, нигоҳ доштани 150 чорвои калон, 400 сар чорвои майдаи чамъиятӣ ва садҳо сар чорвои шахсӣ, боғу роғи сермеваю сабзавот, 5 осиёб ва ғайра, хонаҳои барҳавои сохти аврупоӣ, таъминоти аҳолии қобили кор бо фаъолияти доимии меҳнатӣ, сифатҳое мебошанд, ки аз зиндагонии осоиштаи сокинони ин деҳаи ободи дарак медиҳанд. Вале офати ғайричашмдошти табиӣ мардумро водор сохт, ки чорачӯии одилонаи роҳбарияти чумҳуриро маъқул шу- морида, 15-17 моҳи октябри соли 1970 муташаккилона ба совхози «Гу- листон»-и ноҳияи Вахш кӯч банданд. Албатта, ин муҳочират аз муҳочиркуниҳои солҳои 20-40-ум бо муташаккилӣ ва ҳалли бемамо- нияти масоили ичтимоӣ куллан фарқ мекард. Аҳолӣ ба чои нави зисти нисбатан обод кӯчонда шуда, барои бе мушкилӣ идома додани рӯзғор шароити мувофиқ фароҳам оварда шуда буд. Мардуми Умарак чои на-

ви зисти худро дар муддати кугоҳ ба манзили зебои ноҳияи Ваxш таб- дил доданд.

Албатта, ахбори кӯтоҳе, ки аз муҳочирати мардуми Дарвоз дар за- мони Шӯравӣ оварда шуд, тамоми воқеъияти чараёни онро дар бар на- мегирад. Кам нестанд саҳифаҳои ифтихорманди созандагии мардуми муҳочиршудаи диёри Дарвоз дар ободию пешрафти ноҳияҳои маҳалли нави зисти худ, ҳамчунин кам нестанд мисолҳо аз заҳмати сангину баъзан фочиабори ин зодагони кӯҳистон, ки зӯран муҳочир кардаанд. Масалан, дар охири солҳои 30-ум иддае аз хонаводаҳои Дарвозро бо нияти аз сарҳад дур бурдан муҳочир карданд. Муҳочиркунии ичборӣ (бо тӯҳмати аз оилаи кулак будан, ё бо хешони дар Афғонистон бу- даашон алоқа доштан) дар охири солҳои 40-ум низ чой дошт. Баъзе аз хонаводаҳоро мачбуран ба Қазоқистон муҳочир карда буданд.

Барои нисбатан равшан сохтани масъалаи муҳочиркунии расмӣ ва кӯчбандиҳои ихтиёрии сокинони Дарвоз, ки ҳоло дар тамоми навоҳии Точикистон чои иқомати доимӣ ихтиёр кардаву дар тамоми чабҳаҳои ҳаёт ширкати намунавӣ доранд, бояд тадқиқоти махсус анчом дод.

## *Боби X*

# ДАРВОЗ ДАР ЗАМОНИ БОЗСОЗӢ

### ПАНҶСОЛАИ ДУВОЗДАҲУМ ВА МУШКИЛОТИ ОН

Нақшаҳои панчсолаи навбатии тараққиёти хочагии халқи мамлакат
- панчсолаи дувоздаҳум (1986-1990), чунонки аз қарорҳои анчумани XVII ҲКИШ (25 феврали соли 1986 корашро оғоз намуда буд) бармео- яд, бояд чомеаи сотсиалистиро ба фазои боз қавитари созандагӣ ворид месохтанд. Ин роҳи нави рушд аз тарафи сарвари ҳизб Горбачёв - «бозсозӣ» муаррифӣ шуда буд. Ин ибора таваччуҳи оламиёнро ба худ чалб кард ва дар забони ҳамаи халқҳои мутамаддини дунё бе тарчума, дар шакли русии «перестройка» дар саҳифаҳои васоити ахбор ва ада- биёти расмӣ оварда мешуд.

Ба ин азми ниҳоят рӯзмарраи «меъмору сохтмончиён»-и дар назари аввал бинои мӯҳташами чомеаи сотсиализми муттарақӣ Горбачёву пайравонаш дар қатори дигар чумҳуриҳои Иттиҳоди Шӯравӣ халқҳои Точикистон бо дилпурӣ пайравӣ намуданд. Ин мароми умедбахт дар қарорҳои анчумани XX ҳизби коммунисти Точикистон ва пленумҳо возеҳ инъикос ёфтааст. Табиист, ки аз ин мачрои умумии «бозсозӣ» сокинони ноҳияҳои баландкӯҳи ВМКБ, аз чумла Қалъаихумб дар ка- нор монда наметавонистанд.

Бесабаб набуд, ки дар пленумҳои ҳизб, сессияҳои кумитаи ичроияи ноҳия, дар саҳифаҳои рӯзномаи ноҳия баромаду шиорҳои даъватку- нанда аз қабили «Қарорҳои съезди XXVII КПСС-ро дар амал тадбиқ намуда, соли аввали панчсоларо ба соли меҳнати зарбдор табдил медиҳем!», «Комсомолону чавонони районамон қарору ҳуччатҳои қабулнамудаи съезди XXVII КПСС-ро комилан маъқул донистa, бахри дар иамал тадбиқ намудани онҳо дар тамоми чабҳаҳои кор ғайратмандона меҳнат мекунанд», «Меҳнаткашони район! Барои дар амал тадбиқ намудани қарорҳои съезди XXVII КПСС тамоми қувваю қобилиятро ташкилу сафарбар менамоем!» ва ғайраву ҳоказо баланд садо медоданд. Баъзан дар зери шиорҳои зоҳиран ба созандагӣ даъват- кунанда, ашхоси ғаразноку чоҳталабе «роҳҳои мушаххаси тараққиёт»- ро «тавсия» дода, аз ташаббуси аҳли заҳмат ва ташкилотчиёни касбии соҳаҳои гуногуни кор истифода бурданӣ мешуданд. Вале ин ҳанӯз ба

чашм намерасид, чунки се соли аввали ин панчсола дар ҳақиқат солҳои пешравии бемайлон буданду зарари ниҳоии «бозсозандагон» - пайхас намешуд. Фақат ду соли охири панчсола, вақте тартиботи анъанавии иқтисодӣ, усули сотсиалистии идоракунии сиёсӣ ва маъмурии Давлати Шӯравӣ аз тарафи идеологҳои акнун дар мавчи бозсозӣ рӯи об барома- да, монанди Яковлев, Гайдар, Бурбулис, Елсин, Чубайс, Черномирдин ва дигар ҳомиёни демократия рӯ ба вайронӣ ниҳода буд, моҳияти ин нақшаи ниҳоии бозсозандагон то рафт бештар ба аҳли заҳмат маълум мегашт. Вале то пурра айён шудани он ва ба ҳоли парокандагӣ расон- дани Иттиҳоди абарқудрати шӯравӣ вақт буду мардум бо мароми пеш- тара кору фаъолият доштанд. Масалан, аз рӯи азми ихтиёрии меҳнаткашони ноҳияи Қалъаихумб дар соли аввали панчсолаи дувоздаҳӯм (1986) дар ноҳия бояд 800 тонна ғалла, 375 тонна тамоку, 320 тонна картошка, 103 тонна сабзавот, 90 тонна пилла, 582 тонна шир, 612 тонна гӯшт, 62 тонна пашм, 70 000 дона тухм, 100 тонна ме- ва, 8 тонна чормағз истеҳсол менамуданд[1].

Аз дарачаи амалӣ гаштани ин азм ичрои нақшаю ӯҳдадориҳо сол дарак медиҳанд. Ҷонишини якуми раиси кумитаи ичроияи ноҳия А. Ҷӯрахонов соли сипаришударо чамъбаст намуда аз чумла қайд карда- аст: «Ба ёд овардан хуш аст, ки меҳнатдӯстони хочагии қишлоқ соли гузашта байрақи мусобиқаи сотсиалистиро баланд бардошта, қариб ҳамаи намудҳои плану ӯҳдадориҳои сотсиалистии истеҳсолу ба давлат фурӯшии маҳсулоти хочаги қишлокро ба ичро расониданд. Ба давлат зиёда аз 625 тонна гӯшт, 590 тонна шир, 454 сентнер пашм, 132 ҳазор дона тухм, 6 тонна асал, 251 тонна картошка ва 176 тонна сабзавот фурӯхта шуд, ки ин нисбат ба плани пешбинишуда, хеле зиёдтар ме- бошад». Аз дастовардҳои чузъи ёдовар шуда, қайд намудааст, ки говчӯшони пешқадам Гулихор Бурҳонова аз совхози ба номи Фучик, Гулмо Диловарова аз совхози «Дарвоз», Моистон Сафарова аз совхози «Сағирдашт» аз ҳар модагов то 1500 килограммӣ шир чӯшидаанд. Дар деҳаи Хостави деҳшӯрои Нулванд стансияи телевизионии «Орбита» ба кор даромад. Бо истифодаи он шумораҳои стансияхои телевизионӣ дар ноҳия ба 11 адад расид. Дар ин деҳа магазин, дар деҳаҳои Шкев ва Зев мактаб сохта ба истифода дода шудаанд[2].

Соли 1987 соли 70-солагии Инқилоби Кабири Сотсиалистии Октябр ба ташаббуси меҳнатии тамоми хаққои Иттаҳоди Шӯравӣ такони нав дод. Ин барои ноҳияи Қалъаихумб низ истисно набуд. Меҳнаткашони ноҳия барои сазовор пешвоз гирифтани ин санаи таърихӣ ӯҳдадориҳои дар нисбати солҳои гузашта боз баландтаре қабул намуданд[3].

Азбаски санаи 70-солагии Октябри Кабир зинаи баландтарин ва бо тақозои таърих охирини чунин бузургдошт дар сатҳи расмии давлатӣ дар миқиёси тамоми Иттиҳоди Шӯравӣ ҳисоб меёфт (Ҳарчанд солома- ду дар хотираҳо қавӣ мондани ин падидаи ниҳоят бузургу тақдирсози

таърихӣ абадист), ба дастовардҳои ноҳия низ дар ин марраи таърихӣ назар кардан аз рӯи мантиқи кор хоҳад буд.

Дар ноҳия то инқилоб ҳамагӣ як мадрасаи аз дарачаи маълумоти миёна каме боло ва дар қишлоқҳо мактаби хусусии саводи ибтидоӣ мавчуд буду халос. Дар арафаи 70-солагии инқилоби Октябр дар 44 мактаби маълумоти умумӣ зиёда аз 4 500 хонандагон машғули таҳсил буда, 600 омӯзгори соҳибтачриба таълиму тарбияи онҳоро ба зимма доштанд.

Системаи тандурустии ноҳия бо тамоми мафҳум зодаи замони шӯравӣ аст. Дар арафаи чашни 70-солагӣ, 3 табобатхона, 3 амбулато- рия, 20 нуқтаи (пунктҳо) тиббӣ мавчуд буд. Дар ин муассисаҳо бештар аз 120 мутахассисон кору фаъолият доштанд. Дар касалхонаи маркази ноҳия шӯъбаҳои баччагона, терапевт, шӯъбаи касалиҳои сил, чарроҳӣ ва таваллудхона мавчуд буд ва зарурати беморони вазнинро ба маркази чумҳурӣ чумҳурӣ бурда табобат кардан аз байн рафта буд.

3 хонаи маданият, 21 китобхона, 26 клуб, 6 автоклуб, ансамбли та- рона ва рақси назди Хонаи маданияти маркази ноҳия ва мактаби мусиқии баччагонаи назди он аз дарачаи баланди хизматрасонии маданӣ ба аҳолӣ гувоҳӣ медиҳанд. Дар ин давра дар ноҳия 25 нуқтаи хизмати маишӣ, ки дар онҳо зиёда аз 90 соҳибкасбон аз рӯи 13 навъи кор ба сокинони диёр хизматгузорӣ доштанд. 50 фоизи аҳолии ноҳия аз тамошои барномаҳои марказии телевизион баҳравар гашта буданд.

Дастовардҳои меҳнатии сокинони диёр дар ин соли чашнӣ намуна- вию назаррас буданд. Аз чумла, то арафаи чашн ба нуқтаҳои савдо бештар аз 124 тонна сабзавоти тару тоза дохил гардид, ки ин баробари 103, 3 фоизи супориши солона буд. Ба чои 180 тоннаи ба нақша гириф- ташуда, бештар аз 290 картошка истеҳсол карда, ба давлат фурӯхта шудааст, ки ин ба 161 фоизи нақша баробар меомад. Совхози «Занбуриасалпарварӣ» ба нуқтаҳои савдо 5,8 тонна асали хушсифат баровард, ки ин аз нақшаи пешбинишуда зиёд буд. Дар маркази ноҳия
4 стансияи автоматӣ-телефонӣ ба кор даромад. 700 нуқтаи телефонӣ деҳоти ноҳияро ба ҳамдигар ва маркази чумҳурӣ мепайвастанд. Дар ноҳия 2 000 нуқтаи радио хабарҳои рӯзмарраи дохилию хоричиро ба самъи шунавандагон мерасонданд.

Дар ноҳия маҳалли аҳолинишине намонда буд, ки аз қувваи барқ истифода набарад. Чанд сол боз дар ин чо манбаи доимии барқи Норак ба мардум нуру зиё мебахшад. Охирин хатти ин барқ ҳамин сол ба деҳаҳои Хост, Гушун, Убағн кашонда шуд. Дар Дарвоз ба воситаи чуфти гову омоч коркарди замин кайҳо аз байн рафта, қариб тамоман ба гӯшаи фаромӯшӣ расида буд. Соли 1987 - соли чашн дар хочагиҳои ноҳия 88 трактор, 98 автомашинаи гуногунтамға, комбайнҳои ғалладаравӣ, плуг, насосҳои обкашӣ, картошкашинонак ва дигар механизмҳо дар хизмати доимии кишоварзон қарор доштанд.

Сети муассисаҳои савдо сол аз сол зиёд шуда дар ин соли чашн шу- мораашон ба 54 нуқтаи савдо ва хӯроки умумӣ расид. Дар онҳо 190 кормандон барои конеъ намудани талаботи рӯзафзуни мардум кӯшиш ба харч медиҳанд.

Ҳамаи ин нишондиҳандаҳо[4] ва боз садҳо мисоли дигар гувоҳи рав- шанест, ки Дарвоз дар солҳои Ҳокимияти Шӯравӣ аз зулмоти асримиёнагӣ ба дарачаи барои халқи маҳаллӣ ним аср пеш тасавурна- шавандаи пешқадамтарин дастовардҳои илмию техникӣ ва фарҳангии асри XX расидааст. Албатта, ин аз як тараф, бо тарзи зисту истеҳсолоти сотсиалистӣ ба даст омада бошад, аз тарафи дигар, заҳмати халқи меҳнатқарини диёр дар ин чода асоси дастовардҳост. Алалхусус ширкати бурдборонаи чавонон дар ин корҳо лоиқи ёдова- рист. Ҷавононе, ки дар арафаи инқилоб аксаран дар ғарибӣ рӯ ба мардикорӣ меоварданд, акнун онҳо дар сафҳои комсомол муттаҳид шуда, дар диёри худ шуғли фаъолияти созандагии меҳнатӣ доштанд. Ячейкаҳои аввалини комсомолӣ соли 1928 дар деҳаҳои Умарак, Қалъаихумб ва Ёгед ташкил ёфта буданд. Соли 1929 онҳо ҳамагӣ 47 нафар чавононро муттаҳид менамуданд. Моҳи июни соли 1930 мувофиқи қарори бюрои округи комсомолии Ғарм конференсияи на- хустини комсомолии ноҳияи Қалъаихумб баргузор гардид. Соли 1976 дар ноҳия 57 ташкилоти комсомолӣ 3 265 аъзоёни ин ташкилоти бону- фузи чавононро муттаҳид сохта буд, ки аз онҳо 1 683 нафарашон бево- сита дар истеҳсолот фаъолият доштанд[5].

Солҳои оянда, дар баробари то рафт бештар суръат гирифтани бозсозӣ, шикастани қолабҳои анъанавии тарзи истеҳсолот, як навъ бова- риеро дар шуури мардум қавӣ мегардонд, ки гӯё дар «иқтисоди бозор», «худидоракунӣ»-ву «худмаблағгузорӣ» ҳамаро ҳал мекарда бошанд. Дар ибтидо, ки раванди идоракунии иқтисодӣ ва худи базаи иқтисоди ҳанӯз қавӣ буд дар заминаи суръати пештара пеш мерафт, болоравии истеҳсолот ҳамоно идома дошт, вале рахна шудани пойдевораш барои мутахассисони тачрибадор то рафт бештар равшан мегардид.

Боварии интихоби дурусти роҳро дар ноҳия аз сармақолаи барои рӯзномаи «Дарвози Советӣ» таҳия шуда, ки ба пешомади неки соли нави 1990 бахшида шудааст, пайхас намудан мумкин аст. Аз чумла дар он омадааст:

«Ба соли нав қадам гузошта, ба дирӯзаи худ назар меафканему ме- бинем, ки зиндагии мардуми деҳот дар шароити кор ба тарзи худмаблағгузорӣ ва худидоракунии хочагиҳои район то чӣ андоза нисбат ба солҳои гузашта таровати тоза гирифтааст. Танҳо овардани ҳамин факт (далел - Ҳ.П.) басанда аст, ки тамоми хочагиҳо иқтидори иқтисодии худро бо роҳи ичоравӣ ва пудрати коллективӣ баланд бар- дошта, зарари то имрӯз мавчударо пӯшонда истодаанд. Ин пеш аз ҳама аз он далолат мекунад, ки шароити зиндагонии аҳли меҳнат то

рафт беҳбудӣ меёбад. Ба ёд меоварем, ки меҳнаткашони район планҳои истеҳсолу ба давлат фурӯхтани маҳсулоти хочагии қишлоқ: гӯшт, шир, пашм, тухм, сабзавот, мева ва зироатҳои полезӣ, инчунин асал ва ғайраҳоро пураю барзиёд ба ичро расонидаанд»[6].

Нигоҳ доштани раванди пешрафти чомеаро дар мисоли ноҳияи Қалъаихумб мушоҳида кардан мумкин буд. Ҳатто меҳнаткашони ноҳия аз рӯи нишондиҳандаҳои соли 1989 ғолиби мусобиқаи сотсиа- листии умумумииттифоқӣ дониста шудаанд. Аз рӯи чамъбасти ин сол дар соҳаҳои асосии истеҳсолот - чорводорӣ ва зироаткорӣ пешравӣ нигоҳ дошта мешуд. Масалан, ба давлат 614,5 тонна гӯшт, 707,2 тон- на шир фурӯхта шудааст, ин баробари 100,7 - 117,8 фоизи нақша буд. Супориши ба давлат фурӯхтани пашм 106, 6 фоиз, пӯсти калон - 197, пӯсти майда - 106, мӯина - 104,4 фоиз ба ичро расид. Маҳсулнокии чорво нисбат ба солҳои гузашта баландтар шуд. Ягон хочагӣ аз чиҳати ба давлат фурӯхтани маҳсулоти чорво қарздор намонд. Қобили қайд аст, ки дар совхози «Сағирдашт» ба чои 246 тоннаи дар нақша пешбинишуда, 337,5 тонна шир истеҳсол гардид. Ба чои 135 тонна, 309 тонна сабзавоти тару тоза ба нуктаҳои савдо фиристода шуд. Дар боғдорӣ нақшаи истеҳсолӣ 106,6 фоиз ичро гардид. Агар соли 1988 дар ноҳия 240 тонна картошка истеҳсол шуда бошад, соли
1989 ин нишондиҳанда ба 360 тонна расонда шуд. Дар соҳаи асалпарварӣ низ дастовардҳо намунавӣ буданд. Ба 6 тоннаи пешби- нишуда, 22,3 тонна асали аълодарача ба давлат фурӯхта шуд[7]. Ин да- лел бар он буд, ки дар шароити нигоҳ доштани Итиҳоди абарқудрати шӯравӣ аввалин зуҳуроти бозсозӣ ҳанӯз ба пешравии чомеа мусоидат мекард. Вале барои дар оянда то рафт майли кам шудани истеҳсолотро муайян намудан маълумоти иқтисодчии касбӣ доштан шарт набуд.

Майлони сустшавии суръати пешравиро дар кам шудани ҳачми истеҳсоли маҳсулот, ки аз муқоисаи ду соли охири панчсолаи дувоздаҳум (1986-1990) бармеояд, мушоҳида кардан мумкин аст. Натичаи чамъбасти тараққиёти ичтимоӣ-иқтисодии ин ду сол нишон медиҳад, ки гарчи дар баъзе соҳаҳои истеҳсолот майли болоравӣ нигоҳ дошта шуда бошад ҳам, вале дар чанде аз самтҳои муҳимми он нақшаҳои муайншуда ба ичро нарасидаанд. Аз ин рӯ ба муқоисаи самтҳои мухталифи маълумоти омории ноҳия барои солҳои ишора- шуда рӯ меоварем[8].

Тибқи маълумотҳо, гарчи ӯҳдадориҳои шартномавии таъмини маҳсулоти хочагии қишлоқ ва ҳачми даромади аҳолӣ то андозае афзоиш ёфта, нақшаи хизматрасонии пулакӣ ба аҳолӣ ичро гардида бошад ҳам, талаботи аҳолӣ ба мол ва адои хизмат пурра қонеъ гардонда нашуд.

**Нишондиҳандаҳои тараққиёти ичтимоӣ** дар чунин вазъ қарор доштанд:

Шумораи аҳолии ноҳия 1 январи соли 1991 ба 18,4 ҳазор нафар ме расид. Аз ин миқдор соли 1990 - 4.480 нафар дар тамоми самтҳои истеҳсолию гайриистеҳсолии хочагии халқ фаъолияти меҳнатӣ дош- танд. Ин нисбат ба соли 1989 - 280 нафар зиёд буд. Соли 1990 ду сов- хози нав ва идораи сохтмонӣ ташкил ёфт. Пасандози аҳолӣ дар муассисаҳои банки амонатӣ ба 7 миллион сӯм расид. Ба аҳолӣ 24 ки- тобхонаи оммавӣ, ки зиёда аз 123 ҳазор нусха китоб доштанд, 18 клуб,
13 дастгоҳи кинонамоишдиҳӣ, 1 видеотолор, ки аз тарафи идораи кинонамоишдиҳӣ кушода шуда буд, як касалхонаи марказӣ, ду касал- хонаи учаскавӣ, 6 амбулатория, 23 пункти тиббӣ ба хизмати аҳолӣ омода буда, дар онҳо 148 нафар табибон бо маълумоти олӣ ва 112 на- фар бо маълумоти миёнаи тахассусӣ хизмат мекарданд.

Муомилоти чакана ва хизматрасонии пулаки.

Ҳачми умумии муомилоти савдои давлатӣ ва кооперативӣ дар соли
1990 ба 9810, 9 ҳазор сӯмро ташкил кард, ки ин назар ба соли қабл 722 ҳазор сӯм зиёд буд. «Вале дар баробари ин, - омадааст дар аҳбори таҳлилӣ, - дар қонеъ гардонидани талабти аҳолӣ бо молҳои хӯрокворӣ ва саноатӣ, материалҳои сохтмонӣ пурра қонеъ набуда, тақсим кардан аз рӯи норма дар мағозаҳо риоя карда намешавад. Ба аҳолӣ ба маблаған 480,4 ҳазор сӯм хизмати пулакӣ расонида шуд. Ҳачми хизматрасонии пулакӣ нисбат ба соли пешин 14 фоиз афзуд. Нақшаи солона 109 фоиз ичро гардид... Ҳачми хизмати маишӣ ба аҳолӣ 251, 8 ҳазор сӯмро ташкил мекард, ки 105, 9 фоизи нақшаи пешбинишударо ташкил мекард».

Вазъи сохаи маориф.

Соли 1990 дар 17 мактаби маълумоти умумӣ 4 546 нафар хонанда таҳсил дошт. Аз онҳо 348 нафар хатмкунандагон маълумоти миёнаи пурра гирифтанд.

Ду яслӣ-боғчаи доимоамалкунанда, 128 нафар кӯдакони то синни мактабиро фаро гирифта буданд. Таъминоти муассисаҳои мазкур мӯътадил ва аз рӯи баъзе нишондиҳандаҳо аз соли пешин беҳтар буд.

Вазъи Комплекси агросаноатии ноҳия (маҳсулоти чорводорӣ):

| Номгӯи маҳсулот | соли 1989 | соли 1990 | ба ҳисоби фоиз |
|---|---|---|---|
| Гӯшт (бо вазни зинда) | 5 330 | 4 975 | 93 |
| Шир (тонна) | 7 314 | 7 713 | 105 |
| Пашм (сентнер) | 717 | 724 | 101 |
| Тухм (ҳазор дона) | 15 | 27 | 180 |

Истеҳсоли гӯшт дар совхозҳои «Дарвоз» ва «Сағирдашт», истеҳсоли шир дар ҳама совхозҳо ба ғайр аз совхози «Вахё» назар ба соли гузаш- та кам шуд. Дар ноҳия аз ҳар сар модагов ба ҳисоби миёна 972 килограммӣ шир ҷӯттида шудаст, ки ин нисбат ба соли пешин 107 ки- лограмм кам буд.

Саршумори чорво дар совхозҳо ва хоҷагиҳои шахсии деҳқонон

| Намуди ҳайвонот | соли 1989 | соли 1990 |
|---|---|---|
| Гов дар ҳамаи категорияҳои хоҷагиҳо | 8 247 | 8 047 |
| Аз чумла дар совхозҳо | 3 874 | 7 712 |
| Аз аҳолӣ | 4 373 | 4 335 |
| Бузу гӯсфанд дар ҳамаи категорияи хоҷагиҳо | 42 006 | 41 017 |
| Аз чумла дар совхозҳо | 21 672 | 21 296 |
| Аз аҳолӣ | 20 334 | 19 721 |
| Мурғ дар совхозҳо | 638 | 678 |
| Асп дар ҳамаи категорияҳои хочагӣ | 455 | 446 |
| чумла дар совхозҳо | 309 | 333 |
| Аз аҳолӣ | 146 | 113 |

Аз нишондиҳандаҳои боло бармеояд, ки саршумори чорвои калон дар ноҳия 200 сар, бузу гӯсфанд 989 сар кам шудааст. Дар совхозҳои ноҳия нақшаи наслгирӣ ин тавр иҷро шуд: гӯсола - 92 фоиз, барраю бузғола - 102 фоиз. Яъне нисбати соли гузашта соли 1990 29 сар гӯсола камтар гирифта шудааст.

Фуруши маҳсулот ба давлат

| Намуди маҳсулот | соли 1989 | соли 1990 | фоизи таносуб |
|---|---|---|---|
| Чорво ва мурғ бо вазни зинда (тонна) | 5 052 | 4 379 | 87 |
| Шир (тонна) | 705 | 711 | 101 |
| Пашм (сентнер) | 479 | 478 | 96, 9 |
| Пилла (тонна) | 71 | 79 | 112 |
| Сабзавот (тонна) | 309 | 336 | 109 |
| Картошка (тонна) | 360 | 480 | 128 |
| Мева (тонна) | 64 | 81 | 127 |
| Асал (тонна) | 22 | 20 | 90 |

Супориши ба давлат фурӯхтани гӯштро ба ғайр аз совхози «Сағирдашт» ва ширро ҳамаи совхозҳо таъмин намудаанд. Ба давлат назар ба соли 1989 6 тонна шир, 65 ҳазор дона тухм, 8 тонна пилла, 27 тонна сабзавот, 100 тонна картошка, 17 тонна мева зиёдтар фурӯхта шудааст.

**Сохтмони асосӣ**. Соли 1990 Управленияи роҳсозии рақами 15 ҳачми корҳои пудратиро ба маблағи 3 120 ҳазор сумина ба ичро ра- сонд, ки ин 110 фоизи нақшаи пешбинишударо ташкил медиҳад. Аз ҳисоби маблағгузории давлатӣ дар совхозҳо бо маблағи 405 ҳазор сӯмина фоидаҳои асосӣ ба кор даровaрда шуданд, ки ин назар ба соли
1989 291 ҳазор сӯм зиёд буд.

Маълумоти омории дар боло оварда, бори дигар гувоҳӣ медиҳад, ки ҳоло ҳам дар раванди истеҳсоли маҳсулот нишонаҳои пайдоиши иллатҳо чашмрас набуд ва бисёрии нақшаҳои қабулшуда ба туфайли заҳмати мардуми меҳнатқарини диёр ҳатто барзиёд ба ичро мераси- данд. Вале то рафт, дар баробари вайрон шудани нақшаи давлатии истеҳсолот ва ба талаби бозор вогузор намудани он мӯътадилии ичтимоиро халалдор месохт. Тезутундшавии авзои сиёсӣ, сепаратизм (кӯшишиши аз ҳайати Иттифоқ баромадан) ва билохира пароканда шу- дани ИҶШС ба бӯҳрони шадиди сиёсию иқтисодӣ оварда расонд. Вале умеди созандагӣ ва пешравӣ алҳол қавӣ буд.

Ташаббуси «бозсозон» бошад то рафт суръат мегирифту зери ниқоби боло бардоштани принсипи демократӣ дар идоркунию ҳар чӣ зудтар ба иқтисоди бозорӣ ворид гаштан талаби авалдарачаи онҳо гар- дида буд. Истеҳсолот бошад, то рафт заиф, бозор холӣ ва сатҳи ичтимоии рӯзгор паст мешуд. Нарх ҳамоно меафзуду ҳаннотӣ авч ме- гирифт. Тамоми Иттиҳоди нопайдоканори шӯравиро ин вазъият ба ташвиш оварда буд. Дар Дарвоз низ ин ҳолат шояд бештар эҳсос ме- шуд, ки ба ғайр аз маҳсулоти ғизоӣ, ки он ҳам барои талаботи ҳадди ақал басанда набуд, дигар тамоми амволи саноатӣ аз берун ворид ме- гашт. То рафт бештар халалдор шудани пайванди иқтисодӣ бо дигар қисматҳои Точикистону чумҳуриҳои бародар ва сустӣ ёфтани марка- зияти истеҳсолоту иқтисодиёт дар Дарвози дурдаст низ аз назар пинҳон намемонд. Акнун молҳои сермасриф ва ниёзи авалдарачаро кормандон аз мардум пинҳон дошта, бо нархи дучанду даҳчанд ба бо- зор мебароварданд. Аз рӯи тафтишоти назорати халқӣ, ки то ҳол фаъо- лият дошт маълум шуд, ки сари вакт тақсим накардану дар анбор пинҳон доштани мол ба хукми анъана медаромад. Масалан, санчиш дар анборҳои 1-у 2 ва 3 нишон дод, ки дар онҳо миқдори зиёди маҳсулот ва молҳоеро, ки дар дӯконҳо пайдо карданашон ғайриимкон буд, нигоҳ дошта шудаанд. Дар бештари дӯконҳои савдои чамъияти матлубот мол аз харидорон пинҳон дошта мешуд[9].

Табиист, ки ин раванди мӯътадили ичтимоии чомиаро халалдор ме- кард. Беҳуда нест, ки изҳори норозигӣ аз чониби мардум то рафт беш-

тар мушоҳида мешуд. Вазъи номусоидро иштирокчии Ҷунги Бузурги Ватанӣ М. Ҷаронов хеле равшану бамаврид шарҳ додаст. «Ду сиёсат, ду тарзи роҳбариро, - менависад собиқадори чангу меҳнат, - ба хотир меоварам аз носипосии баъзеҳо, ки тавассути телевизор мебинем, нафратам меояд. Тарзи демократии ҳаёт, ошкоргӯӣ, мустақилияти том бароямон муҳайё шуда бошад ҳам, алоҳида одамон демократияро ба анархия табдил медиҳанд. Бо тамоми овоз чор мезананд, ки дар дӯконҳои савдо қанд нест, собун намерасад, равған надорем...

Итминони комил дорам, ки ҳамаи ин «дефитсит»-ҳо муваққатианд ва набояд боиси норозигии мардум аз сиёсати имрӯза гарданд». Аз ин гуфтаҳо бармеояд, ки ин марди пастию баландӣ, гармию сардии ҳаётро бисёр дидаву чашида аз як тараф аз нобасомониҳо дилгир шуда бошад, аз тарафи дигар мехоҳад, ки онҳо сабаби норозигии оммаву вайрон гаштани фазои осоиштаи чомеа нагарданд. Аз ин лиҳоз мардумро ба сабурӣ даъват намудааст. Вале боз муддаояшро пинҳон карда натавониста идома медиҳад: «Ҳамчунин ба редаксия боз як гила дорам. Чанд сол боз барои мо ветеранҳои чанг дар маркази район магазини «Вете- ран» кушода шудааст. Дар тобеи совети қишлоқи мо 14 нафар ишти- рокчиёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ зиндагӣ мекунанд. Ва маълум, ки аз хизмати он баҳравар шуда наметавонем. Зимнан имконият надорем, ки ҳаққи гӯшт, маска, равған ва маводи хӯроквориро сари вақт аз он чо дастрас намоем. Магар имконият нест, ки ҳаққи ветеранҳои чанг, ки дар тобеи совети қишлоқи Нулванд мезиянд, ба нуқтаҳои савдои худи мо фиристода шаванд? Охир инҳо ҳам нуқтаҳои савдои чамъияти матлуботи районанд»[10].

Ин гиламандии собиқадор ва боз даҳҳо мисоли дигаре, ки дар ин чо метавон овард, далел бар он аст, ки шиорҳои «худмаблағгузорӣ» - ю «худтаъминкунӣ»-ҳои давраи «иқтисоди бозоргонӣ» ҳатто макони истеҳсоли маҳсулоти ғизоӣ, ки худи деҳоту кишоварзони он аст, ба касодӣ расонданд. Акнун на фақат чашми собиқадорон, инчунин та- моми деҳқононе, ки шоир Боқӣ Раҳимзода «раззоқи оламашон» хонда буд ба маводи хӯрокае, ки бояд давлат ба воситаи нуқтаҳои савдои точикматлубот оварда таъминашон мекард, чор шуда буд. Ҳомиёни бозсозӣ бошанд, ҳамоно аз фарорасии беҳбуду беҳдошти зиндагӣ, ки гӯё бо суръат гирифтани «иқтисоди бозаргонӣ» ҳаллашро меёбад, чор мезаданд. Вале то касодшавии фарогир ва бӯҳрони шадиди сиёсию иқтисодӣ расидан ҳоло вақт буд. Ҳатто дар баъзе самтҳо пешравӣ ҳам ба назар мерасид.

Нақшаҳои созандагӣ ҳанӯз дилпуркунанда буданд. Масалан, чонишини раиси кумитаи ичроияи ноҳия Ғайниддин Тулфоров дастовардҳои сохтмонро қайд карда, вазифаҳои наздиктаринро дар ин самт дилпурона муайян намудааст. У аз чумла қайд кардаст, ки дар солҳои охир сохтмони манзил чун вазифаи марказии роҳбарияти ноҳия

қарор гирифтааст. Соли 1989 дар сохтмони хонаи 12 квартирадори деҳаи Даштак ба андозаи 67 ҳазор сӯмина корҳои сохтмону васлкунӣ ба ичро расиданд. Маблағи зиёде дар сохтмони беморхонаи Сағирдашт, мактаби миёнаи нопурраи деҳаи Сабзихарв, клубу китоб- хонаи деҳаи Мурғак, мактаби миёнаи деҳаи Курговад сарф гардид. Дар ин давра мактаби миёнаи нопурраи деҳаи Лухч ба андозаи сметавии 19 ҳазор сӯм, чор синфхонаи иловагӣ дар деҳаи Чухкаки деҳшӯрои Сағирдашт, бо арзиши 18 ҳазор сӯм, амбулаторияи тиббӣ дар Курговад бо арзиши сметавии 39 ҳазор сӯм ба истифода дода шуданд. Ҳамчунин бо роҳи ҳашару сохтмони хочагӣ клуб барои 200 чой дар деҳаи Хостав, ҳаммом дар деҳаи Ҷорф, анбори нигоҳдории меваю сабзавот дар деҳаи Қалъаиҳусайн, дӯкони савдо дар деҳаи Чолтов, амбулаторияи тиббӣ дар деҳаи Сайёд, клуб-чойхона дар Хумбиварӣ, сехи тайёр намудани хӯроки чорво бо арзиши сметавии 270 ҳазор сӯм дар Чухкак, гараж дар совхози «Сағирдашт», анбори нигаҳдории картошка дар совхози ба номи Фучик сохта, ба истифода дода шуданд.

Оиди нақшаҳои наздиктарин гуфта шудааст, ки бояд хонаи истиқоматии 12 квартирадор дар Даштак, мактаби миёна дар Курговад, утоқи ренгении касалхонаи маркази ноҳия, касалхонаи участкавии деҳшӯрои Сағирдашт, мактабҳои миёнаи нопурраи деҳаҳои Лухчу Сабзихарв, клубу китобхонаи деҳаи Мурғак, нуқтаҳои фелдшерии деҳаҳои Зиғар, Зинг, Саидону Кеврон пурра ба истифода дода мешуданд, ки ин дар ҳачми 1миллион сӯм маблағгузориро талаб мекард. Ҳамчунин аз худ намудани 90 ҳазор сӯм дар сохтмони хонаи 12 квар- тирадори маркази ноҳия ва 540 ҳазор сӯм барои сохтмони базаи таъмини нефт дар назар дошта шуда буд. Барои ду соли наздик бошад (то соли 1992), ба лоиҳагирии 3 хонаи 12 квартирадор дар деҳаи Зингироғ, меҳмонхона барои 50 чой дар маркази ноҳия, комплекси ҳаммом ва чомашӯйхона барои 40 чой, касалхона барои 135 кати табобатӣ ва поликлиника барои қабули 150 нафар, нонвойхона, мактабҳои миёнаи рақами 1 ва 3, яслӣ-боғчаи бачагон барои 96 чой дар назар дошта шуда буд[11].

Яке аз омилҳои пешравӣ дар давраи бозсозӣ аз диди ташаббускоро- ни он пудрати ичоравӣ ҳисоб меёфт. Тибқи таҳлили сариқтисодчии итиҳодияи агросаноатии ноҳия Д. Дагиев, пудрати ичоравӣ, ки дар ноҳия соли 1987 оғоз ёфта буд, барои дастовардҳои баланди меҳнатӣ имконияти мувофиқ фароҳам овард. Барои тақвияти хулосаи худ далелҳои мушаххас оварда, аз чумла қайд намудааст, ки агар дар сов- хози ба номи Фучик соли 1988 аз ҳар гектар замини картошка, 99 сентнерӣ ҳосил рӯёнда бошанд, соли 1989 ин нишондиҳанда ба 205 сентнер росид. Ичоракорони соҳаи чорводорӣ ширдӯшро аз ҳар сар модагов ба 1 212 литрӣ расонда, арзиши истеҳсолии 1 сентнери онро
16,5 сӯм кам намуданд. Дар совхози «Сарҳадчӣ» ичоракорон Ш. Дав-

латова, Д. Исоева аз ҳар гектар замини помидор ба чои 289 сентнерӣ 422 - 600 сентнерӣ ҳосил гирифтанд. Совхози «Сағирдашт» 391 гектар замину боғро ба ичора дода аз ҳар гектар нисбат ба соли гузашта 150 фоиз бештар ҳосил гирифт. Совхози «Замбуриасалпарварӣ» 100 оилаи замбури асали мавчударо ба пудратчиён вобаст намуд. Аз ин ҳосилнокии меҳнат 19,6 фоиз афзуд. Чунин мисолҳо дар дигар самтҳо низ оварда шудаанд[12].

Ба талаби замон чавобгӯ будани инкишофи пудрати коллективӣ ва тарзи ичоравии истехсолотро ташкилотҳои ҳизбӣ васеъ тарғиб мекар- данд. Дар ҳақиқат чӣ тавре дар боло ишора рафт, ин тарзи истеҳсолот дар солҳои аввал бартарияти худро нишон дода тавонист. Соли 1990 дар чорводорӣ 172 нафар бо роҳи пудрати коллективӣ ва 6 нафар бо тариқи ичоравӣ кор мекарданд. Дар ҳамин замина солҳои 1988-1989 совхозҳои ноҳия аз фурӯши маҳсулоти чорводорӣ ба маблағи 2,8-5,2 миллион сӯм даромад гирифтанд. Соли 1989 нисбат ба соли 1988 аз ҳар сар модагов 257 килоӣ зиёдтар шир дӯшида шудааст. Нисбат ба нақша 107,2 тонна шир, 4,5 тонна гӯшт, 60,2 тонна картошка, 174 тон- на сабзавот зиёдтар ба давлат фурӯхта шудааст[13].

Ҳамин боварӣ ба пудрати ичоравӣ буд, ки бо хоҳиши як гурӯҳ соки- нони деҳоти тобеи деҳшӯрои Сағирдашт, тибқи қарори иттиҳодияи аг- росаноатии ноҳияву вилоят дар ҳайати деҳаҳои Хур, Сайёд, Вучун, Сабзихарф ва Марғак аз 8 марти соли 1990 совхози нави чорводории дар асоси ичоравӣ амалкунанда ташкил ёфт. Директории мактаб Сай- дамир Сафаров, бо як овоз сарвари хочагӣ интихоб шуд. Ба совхози навтаъсиси «Вахё» 350 гектар замини обӣ, 20 гектар боғ, 5 ҳазор гӯсфанд ва 400 сар гов чудо карда шуд. Совхоз асосан ба чорводорӣ махсус гардонида шуда бошад ҳам, роҳбарият барои таъмини озуқа итминон гирифт, ки замини боғу кишти картошкаро зиёд намояд. Ба- рои ичрои ин мақсад бояд заминҳои бекорхобидаи деҳаи навбунёди Марғак, ки аз 200 гектар зиёданд, ба кор андохта мешуданд[14].

Бояд қайд кард, ки дар марҳилаи аввал, вақти ҳанӯз базаи истеҳсолот қавӣ будану аз нуриҳои менералӣ ва дигар имконияти кор- карди замин ва парвои чорво васеъ истифода бурдан имконияти беш- тар фароҳам меовард, ин пешравиҳо ба назар мерасиданд. Бо мурури суст шудани базаи техникию имконияти технологӣ, ҳосилнокии зами- ну маҳсулоти чорводорӣ торафт бештар мекоҳид, ки билохира дар ав- вали солҳои 90-ум ба муфлисшавии истеҳсолот оварда расонд.

Нишонаҳои ин муфлисшавиро дар миқёси чумҳурӣ қарори Шӯрои Вазирони Ҷумҳурии Точикистон «Дар бораи муваққатан маҳдуд кар- дан ва ё батамом баровардани як қисм молҳои истеъмолии халқ ва маҳсулоти хочаги қишлоқ аз ҳудуди чумхурии Точикистон» бараъло нишон дод. Дар асоси ин қарор Кумитаи ичроияи ноҳияи Қалъаихумб қарори дахлдор қабул намуд. Тибқи он аз ҳудуди ноҳия баровардани

як қисм молҳои истеъмолии халқ ва маҳсулоти хочагии қишлоқ аз қабили тамоми намуди маҳсулоти хӯрокворӣ, нӯшокиҳои спиртӣ, молҳои истеҳсоли хоричӣ, телевизор, магнитофон, радио, видеотехни- ка, зарфҳои фарфорӣ ва молҳои электрикӣ манъ карда шуд[15].

Мушкилиҳои пешомадаи истеҳсолот водор мекарданд, ки мардум роҳи мусоиди пешравиро чустучӯ намоянд. Беҳуда нест, ки яке онро дар пудрати коллективӣ ё оилавӣ мечусту дигаре дар ичоракорӣ, сею- ме дар баланд бардоштани нархи маҳсулот, чорум дар барҳам додани шакли коллективии хочагидорӣ ва ҳоказо медид. Масалан, иқтисодчӣ Ҳ. Аҳёев, ки аз торафт бештар коста гардидани истеҳсолоти маҳсулоти кишоварзӣ ба ташвиш омада буд, чунин ибрози ақида намудааст: «...ҳоло дар шароите, ки дар тамоми мамлакат роҳҳои самарабахш гардонидани иқтисодиётро чустучӯ доранд, барои мо тамошогар шу- дан хуб нест. Ба фикрам зарур аст, ки ба чои савхозҳои ҳозира, ки идо- ра карданашон мушкил аст, хочагиҳои ҳатман хурд, аппарати идораку- нии 4-6 кас ташкил карда шаванд. Хубтараш колхозҳои пештара таш- кил карда шаванд»[16]. Албатта, дар ин чо сухан дар бораи дуруст ё но- дуруст будани ақидаи ин иқтисоддони деҳотӣ намеравад. Муҳим таш- виши ӯст, ки ҳазорон чунин роҳбарони қишри поёни истеҳсолотро ба гирдоби худ мекашиду онҳо роҳи халосӣ мечустанд.

Чунин вазъият табиист, ки ҳизби ҳукмрон - ҳизби коммунистро бештар ба ташвиш оварда буд. Акнун, ки чархи гарону тезгарди мо- шини бозсозӣ ба гардиш омада буду механизми нигоҳдорандаи (тор- моз) он кайҳо аз кор баромада, ва дар ҳолати аз итоат баромадан қарор дошт, ҳизбе, ки онро идора мекард, кӯшиш дошт, ки лоақал ин чарх ба бероҳа ва аз он бадтар, ба чуқурии бетаг набарад. Аз ин рӯ, дар баро- бари раёсати олии ҳизб - Бюрои сиёсии ҲКИШ ва КМ ҲК чумҳуриҳо, аз чумла чумҳурии Точикистон, ва ташкилотхои вилоятию ноҳиявии онро бетараф гузошта наметавонист. Ташкилоти ҳизбии ноҳияи Қалъаихумб низ дар ин ҳолат истисно набуд. Ин талош дар матни қабулшудаи «Барномаи амалиёти ташкилоти ҳизби коммунистии ноҳия» бараъло мушоҳида мегардад.

Дар ҳуччат аз чумла қайд шудааст: «Коммунистони ноҳия баҳри он мекӯшанд, ки ҳарчи бештар аз сохти ҳукмравоию бюрократӣ халос шуда, ба сохтмони сотсиализму раъиятпарвару демократӣ шурӯъ на- моянд». Дар «Барнома» самтҳои фаъолияту ҳалли масоиле, ки ҳизб ба- рои онҳо бояд бикӯшад, ин тавр муайян шудаанд:

**Дар соҳаи ичтимой**. Органҳои ҳизбии ноҳия бояд дастгирии мод- дии оилаҳои камбизоатро вазифаи аввалиндарачаи худ ҳисоб карда, роҳи ҳалли онро дар аз ҳисоби оқилона кам намудани маблағгузории бесамара ва харочоти аппарати идора, зиёд намудани маблағгузории муассисаҳои бачагонаю таълимӣ пешниҳод намуданд.

**Дар соҳаи маориф илм ва маданият**. Ташкилоти ҳизбии ноҳия мекӯшад, ки заминаи моддию техникии маориф, илм ва маданият пой-

дор гашта, маблағи бучет афзоиш ёбад, аҳволи моддии кормандони ин соҳа беҳтар, мақоми ичтимоӣ ва муҳити ичтимоии онҳо баланд гардад. Дар соҳаи маънавӣ ҳизб иброз дошт, ки муқобили маъмуриятчигӣ ва саросар тичоратӣ кунондани санъат, маорифу маданият мебошад. Бояд ба эҳёи маданияти пешқадами халқи точик кӯшида, мероси ғании оли- мон, адибонро хубтар омӯхта, омӯзиши забон, таърих ва фарҳанги халқи точик дар мактабҳо чуқур ба роҳ монда шавад.

**Дар соҳаи иқтисодӣ**. Ташкилоти ҳизбии ноҳия тарафдории худро нисбати инкишоф ёфтани шаклҳои мухталифу баробарҳуқуқи молики- ят, интегратсия ва рақобати озодонаи онҳо иброз дошт. Ба ақидаи роҳбарияти ҳизби коммунисти ноҳия бояд ба меҳнаткашон ҳуқуқ дода мешуд, ки корҳонаҳои давлатӣ ва молу мулкро ба ичора гиранд, объектҳои саноат, савдо, адои хизматро бихаранд. Бояд дар ноҳия хелҳои гуногуни моликияти кооперативӣ, шаклҳои омехтаи моликият инкишоф дода мешуданд. Акнун коммунистони ноҳия алтернативаи ягонаи системаи маъмурию имрдиҳии идораи хочагии халкро дар иқтисодиёти бозорӣ медиданд. Акнун ташкилоти ҳизбии ноҳия дар сиёсоти аграрӣ принсипҳои зеринро ба асос гирифт:

«- дар ҳамаи масъалаҳои истифодаи замин амрфармоӣ ва маъмуриятчигӣ истисно карда, ихтиёри хочагидорӣ ба худи деҳқонон дода шавад. Барои инкишофи совхозҳо ва хочагиҳои шахсӣ, оилавӣ, ичоравӣ имконияти якхела муҳайё карда шавад;

- ба ҳар сокини деҳот, ба ҳар касе, ки дар деҳот зиндагӣ ва кор кар- дан мехоҳад, имконият дода шавад, ки ҳавлию замини наздиҳавлигӣ дошта бошад. Зидди он мубориза барем, ки ба ягон кас дар замини киштшаванда барои сохтмон чой чудо карда нашавад;

- баҳри баланд бардоштани самараи иқтисодиёт зарур аст, ки секто- ри роҳбарии хочагии қишлоқ аз нав дида баромада шуда, хочагиҳо ҳачман хурд ва фиданок гардонида шаванд;

- коммунистони ноҳия талаб мекунанд, ки ба бемузд истифодаба- рии чарогоҳҳои тобистона аз тарафи ноҳияҳои республика хотима гу- зошта шавад. Бигузор ин кор дар асоси шартномавӣ ба роҳ монда ша- вад;

- ба ҳамкорӣ бо мамлакатҳои хоричӣ роҳи васеъ кушода, бо Афғонистон алоқаҳои тичоратӣ барқарор карда шавад».

**Дар соҳаи инкишофи чамъияти граждани ва давлати ҳуқуқӣ**, бояд пойдор шудани давлати ҳуқуқие, ки дар он диктатураи ҳар кадом синф, ҳизб, гурӯҳ бюрократияи идоравӣ истисно буда, ба ҳамаи гражданинҳо имконияти дар корҳои давлатӣ ва чамъиятӣ иштирок на- мудан таъмин мегардид. Бояд ҳар сол мақомоти ичроияю амрдиҳӣ дар назди Шӯроҳо аз фаъолияти худ ҳисобот медоданд. Суд ва прокурату- ра бояд мустақилона амал карда мақомашон дар чомеа баланд бардош- та мешуд.

Дар «Барнома» инчунин доири дигар масъалаҳои дохилиҳизбӣ аз қабили навсозии ҳизб, роли ташкилоти ҳизбӣ дар ҳаёти ноҳия, демо- кратикунонии ташкилоти ҳизбӣ ва муносибати ҳизби коммунист бо дигар ташкилотҳои ҷамъиятӣ дигаркунсозиҳои мушаххас пешниҳод шудаанд[17].

Аз мазмуни «Барнома» бармеояд, ки ҳизби роҳбарияти марказиаш тамоми имконияти пешвоии идеологиро аз даст диҳанда, фаъолияти худро бе таҳлили амиқи раванди воқеаҳо, ҳар чӣ бештар ба талаботи нерӯҳои ба решаи муносибатҳои иқтисодии сотсиалистӣ тешазананда мувофиқ мекард.

«Дар назди ҷомеа, - мегӯяд котиби аввали кимитаи ҳизби коммуни- сти ноҳия, - М. Толибов), - ҳоло ҳалли чунин проблемаҳо ба монанди бо молҳои мавриди истеъмоли халқ ва хизматрасонӣ пурра таъмин на- мудани бозор, манзил, бо кор таъмин намудани аҳолии қобили меҳнат, мустаҳкам кардани саломатии аҳолӣ, маданияту маърифат ва як қатор масъалаҳои дигар истодаанд. Ҳамаи онро метавон фақат бо роҳи демо- кратонии муносибатҳои иқтисодӣ ва ривоҷи кордонии сотсиалистӣ, фаъолияти одамон, тавассути муҳайё сохтани шароити ривоҷи шаклҳои гуногуни моликият таъмин намуд. Бидуни гузаштан ба иқтисоди бозорӣ роҳи дигари аз бӯҳрон баровардану беҳтар намудани шароити зисти мардум нест. Иқтисоди бозор мақсади асосӣ не, балки воситаи беҳтар кардани ҳаёти халқ, ҳалли проблемаҳои ҷиддии иқтисодию милӣ мебошад. Моро раванди ҳаёт водор кард, ки ба иқтисоди бозор гузарем»[18].

Бояд гуфт, ки ба талаби демократиябозону «иқтисоддонони бозорӣ» мувофиқ намудани сиёсати худ роҳбарияти ҳизбро аз гунаҳкоркунӣ ба тамоми қубҳи дар ҷомеа пайдо шуда раҳо карда наметавонист. Ҳарчанд ба одамони солимфикр сабаби ин нобасомониҳои иқтисодию сиёсӣ маълум буд, ки аз хиёнати роҳбарияти олии он маншаъ мегирифт, ҳизби то кунун пешво аз чапу рост зери тозиёнаи танқид монда буд. Вале бу- данд одамоне, ки аз ин ҳизб дифоъ мекарданд. Аз ҷумла дар ноҳия Қалъаихумб кам набуданд онҳое, ки ба раванди воқеаҳо ба чашми ҳақиқат менигаристанд. Инро мулоҳизарониҳои иштирокчиёни мизи мудаввари «Ба ҳизб неруи нав бахшем», ки бо ташаббуси кумитаи ноҳиявии ҳизби коммунист гузаронида шуда буд, равшан собит сохт.

Аз ҷумла, котиби дуюми кумитаи ноҳиявии ҳизб С.Носиров чунин қайд намудаст: «Дар ҷамъомадҳо демагогҳо аз камбудиҳо, алалхусус аз танқисии маводи озуқа сухан меронанд, фаъолону ҳизбиён бошанд, ҷавобашонро гардонида наметавонанд. Гӯё, ки ба торочи мамлакат ху- ди ҳизбиён гунаҳкор бошанд. Магар аз ин ҳам далели равшантар шуда метавонад, ки ба муқобили талаву тороч ва бехочагидорӣ пеш аз ҳама ҳизби коммунист ҷанг эълон намуд. Ба назарам фақат он вақт дурри мақсад ба каф меояд, ки имрӯз боз ҳам муттаҳид гардем ва бештар

манфиати халқ, манфиати заҳматкашонро ҳимоя намоем». Иштирок- чии мизи мудаввар З. Раҳмоналиев итминон доштааст, ки «мо демо- кратия гуфта, онро ба анархия табдил додаем».

Аз шиддат гирифтани вазъи иқтисодӣ дар ноҳия ва кӯшиши онро зери назорат нигоҳ доштан, суханони раиси комичроияи ноҳия Ё. Сан- гов гувоҳӣ медиҳанд. У аз чумла чунин қайд намудааст: «Ба комитети ичроия ашхосе ворид мешаванду арз мекунанд, ки дар анборҳои чамъияти матлубот қанду маска ва дигар маводи хӯрокворӣ ғарам хоб рафтааст. Онро ба мағоза намебароранд. Ба чунин ашхос чи гӯям? Ма- гар намедониста бошанд, ки он захира ба аҳолии ноҳияи мо то моҳҳои июн - июли соли оянда зарур аст. Аз ин нигоҳ ба мо зарур аст, ки сис- темаи карточкавиро чорӣ намоем. Вале ин маъние надорад, ки моро ба ин роҳ ҳизб ҳидоят намудааст. Вазъият ва боз ҳамон вазъияти иқтисодӣ, ки имрӯз гирифтори бӯҳрон аст».

Раиси комичроияи деҳшӯрои Қалъаихумб А. Давлатхочаев низ са- баби ҳамаи низоъю нифоқро дар вазъи ногувори иқтисодӣ дидааст. «Шукр, - мегӯяд ӯ, - ки ҳоло мо дар ноҳия то давраи боркашонии соли оянда маводи зарурӣ дорем (ҳоло ҳам ба умед, ки соли оянда мисли солҳои пеш тамоми маводи даркориро аз марказ интиқол медиҳанд. - Ҳ.П.). Ба ҳамаи ин қаноат карда намешавад. Мо бояд мардумро фаҳмонем, ки ҳар қадар беҳтар кор кунем, ҳаётамон ҳамон қадар гуво- ротар мешавад. Бо чангу чанчол, домангирии ҳизб ҳечгуна масъала ҳал намешавад». Фикри омӯзгоронро Н. Зикрихудоев чунин шарҳ додаст: «Дар халқ гуфтаанд: «Ба сари дарахти боровар ҳамеша санг аст». Бозсозӣ, демократия, ошкорбаёнӣ маҳсули амали ҳизби коммунист аст. Имрӯз бошад, ин ганчҳои озодиро дастак карда, борони санги мало- матро ба сари ҳизб ҳаво медиҳем. Аз барои як роҳбари качрафтор ҳизбро бадному беобрӯ кардан ба ҳеч қонун рост намеояд.»[19].

Чамъбасти ин фикррониҳоро дар баромади котиби кумитаи ҳизби коммунисти вилоят Б. М. Мирчонова дар вохӯри бо фаъолони идеоло- гии ноҳияи Қалъаихумб, ки моҳи декабр баргузор гардида буд, ёфтан мумкин аст. «Маҳз натичаи нокифоя будани кори идеологист, - ки қайд намудааст ӯ, - мардум дар ҳама норасогиҳои ҳаёти имрӯза ҳизбро гунаҳкор медонанд. Охир ин мутлақо нодуруст аст. Магар ҳамин ҳизби коммунист набуд, ки қудрат пайдо намуда, хатогиҳои дар тӯли 70 сол ба амал омадаро ба зимма гирифту бозсозии ҳама чабҳаҳои ҳаётро эълон намуд? Магар ташаббуси ҳамин ҳизб набуд, ки мо соҳиби озо- дии комил, демократӣ гардидем?

Оре, бозсозии имрӯза маҳз бо ташаббуси ҳизби коммунист насиби мо гардидааст ва ба мо фаъолони идеологӣ лозим аст, ки ин ҳақиқати таърихиро ба омма дуруст фаҳмонем»[20].

Ҳамин тариқ, соли 1990 - соли серташвишу соли орзуҳои беҳбудии зиндагӣ поён ёфт. Ҳанӯз моҳи феврали ин сол аввалин маротиба

чумҳурӣ ба низои дохилии сиёсӣ кашида шуда буд. Гарчи он вақт Иттиҳоди Шӯравӣ дар низоми пойбарчои пештарааш қарор надошт, вале пеши роҳи нобасомониҳои барояш хавфоварро гирифта метаво- нист. Хомӯш кардану муваққатан боздоштани фишори ҳизбу чамъиятҳои сиёсии навтаъсисро, ки нияти ҳар чи тезтар ба мақсади ниҳоии худ - ба сари қудрати сиёсӣ омадан доштанд, пешгирӣ карда метавонист. Натичаи воқеаҳои феврали соли 1990 дар Точикистон ин- ро бараъло нишон дод. Акнун дар назари аввал гӯё чомеа ба эътидол омадаву ба мачрои муқаррарии ҳаёт ворид гашта буд. Вале ашхоси аз таъриху сиёсат то андозае хабардорро эҳсоси ин «хомӯшии пеш аз тӯфон» ба ташвиш оварда буд. Аз чумҳурӣ кӯч бастани ҳазорон оилаҳои русзабон ва намояндагони дигар ҳалқҳо, ки Точикистонро ва- тани чонӣ қарор дода буданд, аз ҳолати ташвишовари сиёсӣ дарак ме- дод.

Ин гирудори сиёсатбозони навбаромаду ташвишҳои дар пойтахт - Душанбе ба вуқӯъ пайваста, ҳанӯз набзи муқаррарии ҳаёти деҳоти аз марказ дурро, агар душвории озуқаву болоравии нархи молҳои сермас- рифу то рафт кам шудани интиқоли молҳои саноатиро ба ҳисоб наги- рем, гӯё халалдор намекарданд. Ин мӯътадилии нисбиро рафти ичрои нақшаю ӯҳдадориҳои ба зимма гирифтаи меҳнаткашон аз рӯи баъзе навъи маҳсулоти истеҳсол намудаашон гувоҳӣ медод. Ин амал дар ми- соли чамъбати натичаи заҳмати мардуми меҳнатқарини ноҳияи Қалъаихумб дар соли 1990 равшан ба мушоҳида мерасид. Дар сармақолаи рӯномаи ноҳиявӣ - «Дарвози Советӣ» аз чумла омадааст:

«Соле, ки сипарӣ шуд, барои мардуми кӯҳистони Дарвоз соли пур- файзу бобаракат буд. Ҳоло, ки ҳамаи коллективҳои меҳнатӣ бурду бохти худро ба паллаи тарозу гузоштаанд, аён гардид, ки заҳматкашони ноҳия нисбати солҳои пешин беҳтар кор кардаанд, маҳсулоти бештар истеҳсол кардаанд, барои мубаъд хубтар намудани шароитҳои зисту зиндагӣ заминаи мустаҳкаме гузоштаанд.

Маҳз соли гузашта аввалин бор дар тамоми давраи мавчудияташ ноҳия ғолиби мусобиқаи Умумииттфоқӣ гардида, бо Байрақи КМ ҲКИШ, Шӯрои Вазирони ИЧШС, иттифоқҳои касаба, КМ Комсомо- лии Умумииттифоқ ва мукофоти пулӣ сарфароз гардид. Дар нимсо- лаи авали соли 1990 бошад ноҳия ғолиби мусобиқаи вилоятӣ дониста шуд. Як қатор идораю муассисаҳо ғолиби мусобиқаи республикавӣ гардиданд...

Меҳнаткашони хочагии қишлоқи ноҳия тамоми намудҳои истеҳсолу ба давлатфурӯшии маҳсулотро бо сарбаландӣ ичро карданд. Ба давлат зиёда аз план миқдори зиёди картошка, мева, сабзавот, гӯшт, шир, пашм ва дигар маҳсулот фурӯхта шуд. Дар ичрои нақшаҳои пешбини- шуда, алалхусус ҳиссаи меҳнаткашони совхозҳои «Сағирдашт», «Ва- хё», «Занбуриасалпарварӣ», ба номи Фучик бағоят калон аст» [21].

**Аз дастовардҳои дигар боз ҳаминро қайд кардан чоиз аст, ки то соли 1990 дар ноҳия муассисаи сохтмонии худӣ мавчуд набуда, дар вақтҳои зарурӣ аз ҳар чо сохтмончиён даъват мешуанд. Акнун дар ноҳия участ- каи худидоракунии сохтмонӣ ташкил ёфт, ки дар он 105 нафар ба меҳнати доимию муваққатӣ банд буданд. Бо кӯшиши сохтмончиёни ин участка дар арафаи соли нав сохтмони хонаи 12 квартирадори Даштак анчом ёфта ба истифода дода шуд. Ҳамчунин бо заҳмати сохтмончиёни ин корхона барои зарардидагони офати табиӣ аз Хостав барои 5 хочагӣ хона сохтаву боз се хонаи боқимонда дар арафаи ба итмомрасӣ қарор доштанд. Дар Курговад барои 240 нафар хонанда мактаб дарҳои худро боз намуд. Дар деҳаи Вишхарв бинои амбулаторияи тиббӣ мавриди ис- тифода қарор гирифт. Дар деҳаҳои Пошхарв ва Вишхарв истгоҳи хурди намоиши телевизион васл карда шуд. Ба деҳаи Убағни деҳшӯрои Виш- харв хатти баландшиддат ва пастшиддати барқӣ кашида, ду тақсимкунандаи қувваи барқ шинонда шуд. Убағн чароғон гардид[22].**

**Бояд қайд кард, ки ин нишондиҳандаҳои дилпуркунанда дар лаҳзаҳои суқути истеҳсолоти нақшавии сотсиалистӣ буданд. Акнун шароити нави хочагидории ба талаби бозор мувофиқи истеҳсолот та- лаб мекард, ки аз нақшаи муттамаркази сотсиалистӣ даст кашида, ба истеҳсолоти озоди бозорӣ машғул шаванд. Дар он замон барои деҳқони оддӣ зараровар ё фоидаовар будани тарзи истеҳсолоти ба та- лаби бозор мувофиқ чандон фаҳмо набошад ҳам, то рафт бештар суръ- ат гирифтани кӯшиши ғайридавлатӣ гардонидани замин ва ба моли- кияти хусусӣ табдил ёфтани он барои деҳқон хеле гуворою умедбахш садо медод. Ин барои роҳбарияти олӣ ва миёнаи чумҳурӣ низ ягона роҳи ҳалли рӯзмарраи масъалаи аграрӣ ба назар мерасид.**

**Дар миқиёси Умумииттифоқ бошад, қувваҳои марказгурез то рафт хавфи фурӯ пошидани Давлати Шӯроҳоро бештар мекарданд. Роҳбарияти олии ҳизбӣ ва давлатӣ акнун роҳи ягонаи ҳалли масъалаи нигоҳ доштани ИЧШС-ро дар гузаронидани раъйпурсии умумумихалқӣ, ки расман бояд 17 марти соли 1991 гузаронида мешуд, медид. Ҳавзаҳои райъпурсӣ дар тамоми қаламрави мамлакат таъсис дода шуданд. Табиист, ки ноҳияи Қалъаихумб дар ин амали хайр бета- раф буда наметавонист. Бо қарори Президиуми Шӯрои депутатҳои халқи ноҳия аз 2 феврали соли 1991 комиссияи ҳавзаи Қалъаихумб оид ба овоздиҳии умумихалқии бақои ИЧШС дар ҳайати Аброров Ибодул- ло - муаллими мактаби миёнаи раками 1, Давлатов Кишвар - ҳисобчии хизмати маишии фирмаи «Дарвоз», Давлатов Таваккал - устои участ- каи истифодабарии роҳҳои рақами 3, Шарипов Абдулқодир - табиб, корманди ҳифзи саломатии ноҳия, Раҳмонов Ризвон - хизматчии управленияи сохтмони роҳҳои рақами 15, Додарчонов Балачон - аз кормандони маорифи халқи ноҳия, Сайфуллоев Саъдулло хизматчӣ аз кормандони совхози «Дарвоз», Начмуддинов Раҳмуддин - корманди**

**ташкилоти комсомоли ноҳия, Шораҳматов Аъзам - муаллими мактаби миёнаи рақами 2 ва Ҳакимов Қутбиддин - ҳисобчии совхози «Сағирдашт» таъсис дода шуд[23].**

**Дар рафти тайёрӣ ба ин райъпурсӣ мардуми Дарвоз алалхусус аҳли заҳмат боз бори дигар аз дастовардҳои тақдирсози даврони шӯравӣ ёдовар шуда, бо азми қатъӣ тарафдории худро нисбати нигоҳ доштани ИҶШС иброз медоштанд. Инро аз мақолаю мурочиатномаи онҳо, ки дар саҳифаҳои рӯзномаи ноҳиявӣ «Дарвози Советӣ» рӯи чоп медиданд, бараъло мушоҳида кардан мумкин буд. Аз чумла дар сармақолаи ин рӯзнома омадааст: «Ба ин навиштачот: «Оё Шумо нигоҳ доштани Иттифоқи Республикаҳои Советии Сотсиалистиро ҳамчун феде- ратсияи навшудаи республикаҳои баробарҳуқуқи мустақил, ки дар он ҳуқуқ ва озодии одамони ҳамаи миллатҳо пурра кафолат дода мешавад, зарур мешуморед», ҳаматарафа диққат диҳем.**

**Бурду бохти моро дар давоми дар ҳайати Иттифоқ будан ба тарозуи ақл баркашида, сипас калимаи «ҳа» ё «не»-ро ба рӯи бюллетени овоздиҳӣ сабт намоем.**

**Аминем, ки ақли солим боло мегирад ва тамоми мардуми ноҳияи мо ба тарафдории бақои Иттифоқи Республикаҳои Шӯравии Сотсиалистӣ якдилона овоз медиҳанд. Дигар хел шуданаш мумкин нест, чунки дар ин муддати тӯлонии дар ҳайати Иттифоқ буданамон боварӣ ҳосил на- мудем, ки пурқувватии мо дар ягонагии мост» [24].**

**Зарурати нигаҳ доштани Иттифоқро аз номи мардуми диёр котиби аввали кумитаи ҳизби коммунисти ноҳия М. Толибов чунин изҳор доштааст:**

**«Пеш аз ҳама мо бояд иқрор бошем, ки моҳият ва зарурияти мавчудияти Иттиҳоди Шӯравиро ҳамчун федератсияи муқтадири чамоҳири озод нишон дода, бо далоили раднопазир исбот намоем. Ва ин нуқтаро мо дар мисоли Точикистон метавонем дақиқ ва нишонрас баррасӣ намоем. Мардумро бояд ба тафоҳуми он оварда бирасонем, ки тайи солҳои мавчудияти Ҳокимияти Шӯравӣ байни собиқ Бухорои Шарқӣ ва қаламрави Точикистони кунунӣ дар қиёс чӣ табаддулоти ази- ме ва тафрикаи бузурге ба назар мерасад. Ё, ки роҳи тайнамудаи Бадах- шон аз ибтидои арзи вучуд намудани Давлати Шӯроҳо то кунун аз кучо то ба кучост. Ё, ки аз рӯи инсофу хирад, бо истифодаи далелҳои дақиқ дар он хусус фикр ронем, ки ноҳияи мо дар муқоиса бо дигар ноҳияҳои чумҳурию иттиҳод аз диди иқтисодӣ дасткӯтоҳ аст, маводи зарурии та- лаботи мардумиро аз кучо, бо кадом тартиб ва бо кадом андоза меги- ранд? Ҳамин кофист ба мардум бифаҳмонем, ки ноҳияи мо то ҳатто аҳолии хешро бо маводи оддитарин наметавонад таъмин кунад. Ҳамасола аз ноҳияҳои мухталифи мамлакат бештар аз 300 тонна орд, 500 тонна маҳсулоти қаннодӣ, 28 тонна чой, беш аз 200 тонна равғани чорво, қариб 90 тонна равғани растанӣ, ним миллион сӯмина газворҳо,**

беш аз миллион сӯмина либосворӣ, ба маблағи 80 ҳазор сӯм дорувор ва ғайра мегирад. Оё берун аз Иттиҳод мо ин миқдор маводи зарурӣро бо ин фаровонӣ гирифта метавонем? Оё онҳое, ки зидди сиёсати ҳизб ва зидди таълимоти сотсиализм мебароянд, метавонанд, ки эҳтиёчоти аҳолиро бо ҳамин тартиб таъмин намоян? Ҳамаи ин ва боз бисёр далелҳо, ки шаҳодати бартарии кули сохти сотсиалистӣ ва далели рад- нопазири зарурати иттиҳоди тавонои халқҳоянд, бояд аз тарафи мардум дуруст ва аз мавқеи адолат дарк шаванд»[25].

Муддао аз овардани ин иқтибоси тӯлонӣ он аст, ки хонанда боварии халқро нисбати муфид будани нигоҳдошти Иттиҳоди Шӯравӣ эҳсос намояд. Чунин руҳия дар сар то сари Иттиҳоди Шӯравӣ эҳсос мешуд. Инро натичаи райъпурсӣ, ки аксари мутлақи аҳолии қобили овоздиҳӣ будаи мардуми Шӯравӣ тарафдории худро ба зарурати нигоҳ доштани ИЧШС изҳор намуданд, собит сохт.

Дар ноҳияи Қалъаихумб аз 8 129 нафар сокинони ба рӯйхат дохил- шуда, ба тарафдории бақои Иттиҳоди Шӯравӣ 7 616 нафар ва муқобили он ҳамагӣ 246 нафар овоз доданд[26]. Ин овоздиҳӣ собит сохт, ки меҳнаткашони ноҳия зарурати муттаҳидии чумҳуриҳоро чун асоси тараққиёти бемайлони иқтисодӣ ва беҳдошти ҳаёти хубу баробарии ичтимоӣ бе дудилагӣ пазируфтаанд. Вале раванди оянда ҳаводис, ки онро сарварони олии ҳизбӣ ва қувваҳои чоҳталабу чудоиандози чумҳуриҳои чудогона (чумҳуриҳои назди Балтика, Фодератсияи Русия, Украина ва Белорус) ба мачрои бароящон дилхоҳ бурда, ба ин боварии мардум иснод оварданд. Билохира бар хилофи натичаи ин райъпурсӣ Иттиҳоди Шӯравиро ба фурӯпошию нестӣ расониданд, ки натичаи фочиабораш то имрӯз эҳсос мешавад. Вале то ба ин вартаи ногувору фочиабор афтодани мардуми Иттиҳодияи абарқудрат, алалхусус мар- думи шарифи Точикистон ҳоло фосила монда буду мардуми аз натичаи райъпурсӣ дилпур шуда, ҳарчанд нобасомониҳои сиёсию иқтисодӣ ра- ванди зиндагиро халалдор мекарданд, ҳамоно шуғли заҳмати анъанавӣ доштанд.

Аз рӯи нақшаҳои дурнамо, ки ҳанӯз солҳои 80-ум тарҳрезӣ шуда буданд, ноҳия бояд ба яке аз марказҳои ситруспарварии чумҳурӣ таб- дил мeёфт. Табиати баъзе аз минтақаҳои он барои парвариши апелсин, мандарин, лимӯ, мусоидат мекард. Дар барномаи пешазинтихоботии худ номзад ба депутати халқии чумҳурӣ, раиси шӯрои депутатҳои халқии ноҳия Ҳайдаршо Акбаров хеле бамаврид зарурати дигаргунсо- зии структураи хочагидориро пешниҳод намуда қайд карда буд, ки «дар хочагии қишлоқ он зироат ва он соҳаеро пеш гирифтан даркор аст, ки ин замини кӯчаки мо даромади калоне дода тавонад. Гармхонаҳои лимӯъ, апелсин, мандарин дар шароити водӣ то 70 ҳазор сӯм даромад медиҳанд. Лимӯалаф, ки совхози ба номи Фучик аллакаи ба кишти он гузаштааст, то 50-60 ҳазор сӯм даромад медиҳад» [27]. Ин

**гиёҳ ва гиёҳҳои дигари доругӣ бояд чои кишти тамокуи зарароварро гирифта даромади дилхоҳ медоданд. Майдони боғу токзор бояд ба маротиб зиёд шудаву навъҳои меваи хушлаззати маҳаллӣ аз қабили навъҳои гуногуни зардолу, анчиру анор, туту себ, шафтолу ва ғайра меафзуданд. Чорводорӣ бояд ба маротиб меафзуд. Маъмурияти ноҳия махсусан дар давраҳои аввали бозсозӣ ният дошт, ки аз ҳисоби рамаи зиёди аз 10 ноҳияи дигари чумҳурӣ ҳар тобистон ба чарогоҳҳои Сағирдашт оварда, базаи чорводории худро мустаҳкам карда, саршу- мори онро ба маротиб зиёд намояд.**

**Сохтмони роҳи автомобилгарди Қалъаихуб-Кӯлоб низ хеле пештар ба нақша гирифта шуда буд, вале заруратҳои дигари иқтисодӣ онро ба таъхир андохта буданд. Акнун дар арафаи бозсозӣ ва давраи аввали он аз нав ба сари ин масъала баргаштанд. Моҳи майи соли 1991 бо сардо- рии маслиҳатчии Президенти чумҳурӣ оид ба масъалаи сохтмони асосӣ Г.Ф.Муравёв дар нуқтаи охирини роҳ, наздикии деҳаи Овгард мачлиси Штаби махсуси сохтмони роҳи Қалъаихумб-Кӯлоб гузаронида шуд. Дар мачлис котиби аввали ҳизби коммунисти Вилояти Кӯҳистони Бадахшон С.Б. Бекназаров, раиси комичроияи вилоят Ғ. Шаҳбозов, котиби аввали кумитаи ҳизби коммунисти вилояти Кӯлоб С.Мирзошоев, чонишини раиси комичроияи вилоят Ё. Сангов ва мутахассисони сохтмони роҳ аз шаҳрҳои Маскаву Тошканд иштирок намуданд.**

**Дар мачлис қарор шуд, «ки соли равон (соли 1991. - Ҳ.П.) 3 мил- лиону 600 ҳазор сӯм чудо карда шуда, пурра аз худ карда шавад». Бо ин мақсад намояндагони Маскаву Тошканд ваъдаи қатъӣ доданд, ки техникаи иловагӣ чудо мекунанд.**

**Ба ғайр аз ин қарор шуд, ки соли 1993 роҳ кушода шуда, соли 1994 пурра ба истифодабарӣ дода шавад. Ва чунин чорабиниҳои штаб ҳар як квартал, ҳам аз ин тараф ва ҳам аз тарафи Кӯлоб гузаронида шаванд.**

**Роҳбаладии меҳмононро котиби аввали кумитаи ҳизби ноҳия Маҳмадшариф Толибов ва раиси комичроияи ноҳия Ғайниддин Тул- форов ба ӯҳда доштанд. Онҳо ҳамчунин дар назди шахсони масъули вилояту чумҳурӣ ва Иттифоқ бисёр масъалаҳоеро гузоштанд, ки ҳалли ҳаддулимконро талаб доранд»[28].**

**Масъалаи сохтмони роҳи автомобигарди Дарвоз-Кӯлоб рӯз то рӯз баландтару қавитар садо медод. Дар ин радиф бояд қайд кард, ки сохтмони ин роҳ солиёни зиёде дар мадди назари роҳбарияти Умумииттифоқ ва чумҳурӣ бошад ҳам, вале ба сатҳи умдатари талаби замон набаромада буд. Ин вазъият чунин сабабҳои худро дошт:**

**а) аз диди давлат роҳи мазкур ҳанӯз аҳамияти стратегиро соҳиб нашуда буд. Афғонистони дар ҳолати асримиёнагӣ боқӣ монда барои Иттифоқи Шӯравӣ хавфе надошт. Гузашта аз ин Афғонистон ҳамсояи дӯсту беғараз ҳисоб меёфт. Давлати абарқудрате, ки дар он чо таъсиру барои Иттиҳоди Шӯравӣ хавфнок бошад, ҳанӯз вучуд надошт;**

б) зарурати иқтисодии ин роҳ низ эҳсос намешуд. Аввало маҳсулоти аз чиҳати иқтисодӣ ва стратегӣ муҳимме, ки онро зарурати комплекси ҳарбӣ пеш меорад, набуд. Сониян иқтидори нақлиёт, арзонии сӯзишвории он барои таъмини солонаи мардум аз тамоми маводи ғизоиву пӯшока, дар фасли тобистон бо кушода шудани ағбаи Хобу Рубот пурра имкон медод;

в) минтақаи Помир, ки ҳанӯз ба минтақаи саноатӣ табдил наёфтаву барои онро ба чунин минтақа табдил додан нисбат ба водиҳои нисба- тан ҳамвору замини ҳосилхез дошта даҳчанд харочотталаб буд. Аз ин лиҳоз аввал ба он чойҳое диққат дода мешуд, ки бо маблағгузории камтарин истеҳсолотро ба роҳ монда даромади калон гирифтан мум- кин бошад;

г) дар миқёси Умумииттифоқ ҳанӯз зарурати ин роҳро ба роҳи сав- дои байналмиллал табдил додан эҳсос намешуд. Хитой, Покистон, Ҳиндустон ва Афғонистон дар ин чода дар савдои берунии Давлати Шӯроҳо мақоми чиддие пайдо накарда буданд. Бо Хитой аз миёнаи солҳои 50-ум муносибат коҳида буд. Покистон бештар дар таъсири мамолики аъзои НАТО монда буду Иттиҳоди Шӯравӣ бо ин давлат наздикӣ намечуст. Ҳиндустон, ҳарчанд зоҳиран давлати бузург бошад ҳам, аз чиҳати иқтисодию иқтидори саноатӣ суст ҳисоб меёфт ва алоқаҳои дӯстиаш устувор бошад ҳам, шарики боэътимоди савдоӣ шу- да наметавонист. Дар ин чода бештар ба давлатҳои лагери сотсиалистӣ такя кардан барои Иттиҳоди Шӯравӣ авлотар буд;

д) аз ҳама дар ин чода сабаби ҳалкунанда, мустақилона амал накар- дани роҳбарияти худи чумҳурӣ буд. Чӣ тавре маълум шуд, ин роҳ беш- тар аҳамияти чумҳуриявӣ дошт, на умумииттифоқӣ. Роҳбарияти чумҳурӣ бошад, ин масъаларо чиддӣ намебардошту нақшаи кору харочоти заруриро ба Идораи давлатии банақшагирӣ (Госплан) пешниҳоду баррасӣ намекард. Интизорӣ мекашиданд, ки кай ин со- хтмон сохтмони умумииттифоқӣ эълон мешаваду роҳбарияти чумҳуриро аз ташвиши банақшагирию ҳазм намудани маблағи калони аз бучети давлатӣ чудо гардида ба гарданаш бор намешавад. Дар замо- ни шӯравӣ доимо аз ташвиши маблағгирӣ дида, дар сари вақт харчи онро таъмин намудан дар ҳарос мемонданд, чунки барои ин ноӯҳдабароӣ чазо гирифтанашон мумкин буд.

Акнун, ки ба туфайли бозсозии горбачёвӣ, кам шудани маблағгузорию бори маводи зиндагӣ, ки ҳамасола сокинони ВАБК то бастани роҳи мошингард пурра таъмин карда мешуданд, зарурати ҳарчӣ тезтар кушода шудани роҳи Дарвоз-Кӯлобро тақозо дошт. Ак- нун ташаббус ҳарчӣ бештар аз поён бармехост. Чунин талабҳо дар саҳифаҳои матбуоти маҳаллӣ бештару бурротар садо медоданд. Мурочиатномаи чанде аз нафақахӯрони ноҳияи Дарвоз (Т. Авғонов, А. Хонов, М. Бобиев, О. Ҳакимов, Ш. Маҳмадзиёев, И. Насринов, Ҷ.

Ёғиев, Ш. Хисравов, Т. Қосимов) ба тамоми сокинони ноҳияи Дарвози ВМКБ ва Президенти онвақтаи чумҳурӣ Раҳмон Набиевро чун яке аз мисолҳо барои тақвияти ин воқеиятро нишондиҳанда овардан чоиз аст. Дар он аз чумла омадааст:

«Сиёсати иқтисоди бозорӣ чун дар тамоми чумҳурӣ ба ноҳия низ соя афкандааст. Дида истодаед, ки шароити зиндагӣ рӯ ба завол аст. Мардум аз ҳарсола камтар бо ангишт, орд, қанд, намак, чӯб, тахта, шифер, картошка таъмин шуданд. Оянда равшан нест.

Набудани роҳи автомобилӣ дар фасли зимистон ғаму андӯҳи ачдодонамон буду имрӯз аз мост. Ҳар сол чавонони мо дар ағбаи Хобу Рубот дар зери тарма монда, баъзеашон ба коми марг мераванд. Моён дар майдони ҳавоии Душабе сарсону саргардон ҳафтаҳо ва баъзан моҳҳо мунтазири парвози ҳавопаймоем. Мо медонем, ки аз бӯҳрон ба- ромадан ба меҳнати мо вобаста аст, аз органҳои болоӣ ҳам чои шиква надорем, зеро бозор парвои моро надорад. Бо назардошти ҳамин анде- ша мурочиат мекунем:

Барои кушодани роҳи Кӯлоб-Даштичум-Қалъахум 8-10 километр мондаст. Шароиту имконияти дар ду моҳ бо ҳам пайваст кардани роҳ ҳаст. Агар мо дар ҳақиқат авлодони мардуми солҳои 1940 бошем, бояд тарсу ҳаросро як сӯ гузошта, камари ҳиммат бандему зимистону авва- ли баҳор, ки давраи камкорист ин амали хайрро анчом диҳем.

Худ муоина бифармоед, соли 1940 роҳи Душанбе-Хоруғро дар 105 рӯз сохтанд. Вале сохтмони роҳи Кӯлоб-Қалъаихум 13 сол боз идома дорад ва таи ин муддат ҳамагӣ 23 километр роҳ сохтаанд. Кучост ҳиммат, ғайрат, номус, ва мардонагии ба точикон хос буда?

Барои 400-500 коргарро аз хӯрок таъмин кардан бо роҳи хайрия маблағ чамъ намудан имконият аст_ Мо боварӣ дорем, ки мардуми баруманди Иштконтиму Шуғнон, Рӯшону Ванч моро ҳамачониба чӣ аз чиҳати моддӣ ва чӣ аз қувваи корӣ ёрӣ мерасонанд...

Кушодани ин роҳ имконият медиҳал, ки маъданҳои дар тамоми чаҳон маълуму машҳур, вале аз сабаби бероҳӣ бекор хобидаи Бадах- шонро ба манфиати чумҳурӣ истифода барем.

Точикистони мо аз марказҳои саноатии чаҳони мутараққӣ хеле дур аст. Кушодани роҳи мазкур зинаи аввале мегардад дар пайвастани чумҳурӣ тавассути роҳи машҳури Қароқурум бо Покистон ва Ҳиндустон ва Ҳинду Чин. Он гоҳ, чумҳурӣ метавонад, ки тавассути дарёи Ҳинду баҳри Араб ба Ирон ва чаҳони араб низ мубодилаи мол ва равобити мустаҳками иқтисодӣ кунад. Ва ин робита бо ин мамолик та- вассути Узбекистону Туркманистон арзонтар меафтад.

Бинобар ин аз Раиси чумҳур мӯҳтарам Раҳмон Набиев илтимос до- рем, ки ин масъаларо мавриди омӯзишу баррасӣ қарор бидиҳад ва баҳри ҳалли мусбиаш чорае андешад.

Якмоҳа нафақаи худро ба фонди хайрия мебахшем»[29].

**Ин ҳуччати ғайрирасмӣ ва боз даҳҳо далели дигар гувоҳ бар онанд, ки сохтмони роҳи деринтизори Кӯлоб-Дарвоз акнун яке аз корҳои қисматсозу батамом таъхирнопазир гашта буд. Вале то амалӣ гаштани он боз фосилаи дарозу мураккаберо тай намудан лозим меомад.**

**Набзи замон хеле ҳассосу то дарачае идоранашаванда гардида бо- шад ҳам, умеди беҳбуди зиндагӣ ҳоло мардумро рӯҳафтода намекард. Сокинони Дарвоз бо як рӯҳбаландии хосса ба чашни таърихии диёр - 60-солагии таъшкилёбии ноҳия, ки тибқи қарори шӯрои депутатҳои халқии ноҳия аз 25 декабри соли 1990, бо сабаби «душвориҳои шарои- ти иқлимӣ ва бо назардошти афкор, ки аз пурсиши бевоситаи заҳматкашон» бармеомад, бояд моҳи июли соли 1991 баргузор мегар- дид[30], таёрӣ медиданд. Зиёиён бо воситаҳои гуногун, аз тариқи лексию сӯҳбатҳо, конференсияю мизҳои мудаввар, мақолаю гузоришҳо дар саҳифаҳои рӯзномаи ноҳиявӣ «Дарвози Советӣ» роҳи дар муддати 60- сол тай кардаи ноҳия, таърихи замонҳои қадиму асримиёнагӣ ва нави диёрро бо ифтихор ба хонандаю шунавандаҳо муаррифӣ мекарданд. Рӯзнома низ бо равиши замон ва тағйиротҳои забонӣ худро мувофиқ намуда, ба чои «Дарвози Советӣ» аз рӯзи 31 майи соли 1991 аз рақами 39 (3758), бо унвони «Дарвози шӯравӣ» мебаромад. Бояд қайд кард, ки ин рӯзнома нахуст бо номи «Ҳаракати стахановчиён», баъди чанде «Бо роҳи Ленин» интишор мешуд.**

**Акнун номивазкуниҳо дар тамоми Иттифоку чумҳӯрӣ ба ҳукми анъ- ана медаромад. Ноҳияи Қалъаихумб низ аз онҳо қафо мондани набуд. Ин ивазкунӣ аз номи ноҳия оғоз ёфт. Дар Қарори Шӯрои Олии ҶШС Точикистон** «Дар бораи бо ноҳияи Дарвоз иваз кардани номи нохияи Қалъаихуми Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон» **аз 29 июни соли 1991 омадааст:**

«Шӯрои Олии Ҷумҳурияти Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон илтимосномаи Шӯрои депутатҳои халқии вилояти мухтори Кӯҳистони Бадахшонро баррасӣ намуда, карор мекунад:

Номи нохияи Қалъаихуми вилояти мухтори Кӯҳистони Бадах- шон ба нохияи Дарвоз иваз карда шавад.

Раиси Шӯрои Олии ҶШС Тоҷикистон Қ. Аслонов.

**29** декабри соли 1991, шаҳри Душанбе»[31]**.**

**Аз падидаҳои назарраси Дарвоз дар арафаи фурӯпошидани Иттиҳоди Шӯравӣ тачлили 60-умин солгарди таъсисёбии ноҳия, ки 19 июли соли 1991 баргузор гардид, ҳисоб меёбад. Ин тантана диққати мардумро ба гузаштаи дуру ҳозираи ин диёри бостонӣ бурда, муваққатан бошад ҳам, аз ташвишҳои зиёди зиндагӣ дур карда буд. Онро тамоми сокинони диёр бо як ғурури хоса пешвоз гирифтанд. Ҷорабиниҳои чашнӣ бешак дар худогаҳии мардуми шарифи диёр, чун чузъи муҳими худшиносии миллӣ такони чиддӣ бахшид. Дар маърӯзаи идонаи раиси Шӯрои кумитаи ичроияи ноҳия Ёрмаҳмад Сангов, ки**

**барҳақ гузориши хеле ҷиддии илмиро мемонд, аз ҷумла возеҳу нишон- рас қайд шудааст:**

**«Дарвоз, чун як гӯшаи масоҳатан хурди хоки поки мардуми тоҷик, чун як ҷузъи хоки муқаддаси Иронзамини бостон, таърихи куҳан ва анъанаҳои волои фарҳангӣ дорад. Ва маълум аст, ки то замони неҳзати араб ва баъд аз он то солҳои 80-уми қарни XIX милодӣ (бо ис- тисноии давраҳои начандон тӯлонии мутсият) Дарвоз ҳамчун давлати мустақили тоҷикон, ки қодир буд аз истиқлолияти худ дифоъ бикунад, арзи вуҷуд менамуд.**

**Тайи қарнҳои тӯлонӣ замони наҳзати араб ва турктозиҳои Чингизу Темури Ланг ва ворисони хунхори онҳо иддаи зиёде аз мардуми иро- ниасл, ки тобеъиятро ба туркон ба худ муносиб надонистанд, ба кӯҳистон ва аз ҷумла ба Дарвоз муҳоҷират намуданд ва дар ин ҷо мас- кун шуда, забону расму оин ва умуман фарҳанги сирфи тоҷикиро маҳфуз доштанд. Аз ин лиҳоз тамаддуни Дарвоз як падидаи умумитоҷикӣ ва гузашта аз он як падидаи хориқаи умумиеронист.**

**Биноан ба мақсад мувофиқ аст, ки мою шумо имрӯз натанҳо 60- солагии таъсиси ноҳияи Дарвоз, балки 2000-солагии Дарвозро ҳамчун яке аз марокизи фарҳангӣ, этникӣ ва давлатдории тоҷикӣ ҷашн ги- рем»[32].**

**Ҳарчанд то баромадани китоби мазкур тадқиқоте ва ҳатто мақолаи нисбатан мукаммале доири таърихи тамоми давраҳоро фарогири Дар- воз мавҷуд набошад ҳам, вале мазмуни маърӯзаи раиси кумитаи иҷроияи ноҳия, ки бештар аз 15 сол пеш баргузорӣ ёфтааст, бо хулосаҳои ин китоб мувофиқат мекунад. Ин нишонаи таърихогаҳии ӯст. Мақолаи ба ин сана бахшидаву дар қолаби таърихӣ интишор на- мудаи сокини деҳаи Зинг Нурмуҳаммад Бӯров низ хеле ҷолибу касбӣ ва аз ҳама муҳимаш воқеию самимӣ баромадааст[33].**

**Тайёрӣ ба ҷашну дар сатҳи баланд гузаронидани тантанаи ҷашнӣ сокинони диёрро хеле рӯҳбаланд намуд. Кушодани суратҳисоби «Эҳёи Дарвоз» далели равшани он аст. Зодагони Дарвоз, ки берун аз он зиндагӣ ва кору фаъолият доштанд ҷаласа даъват намуда, ба қароре омаданд, ки «барои эҳёи тозаи фарҳангу маданияту адабиёти Дарвоз маблағ интиқол диҳанд». Саҳмгузории созмондиҳандагони «Эҳёи Дар- воз» аз ҷумла: Муҳиддин Исломов - 10 ҳазор сӯм, Қурбонмаҳмад Сан- гов - 5 ҳазор, Саъдон Искандаров, Назрулло Дӯстов, Азамат Худоиев - ҳар кадоме 3 ҳазорӣ, У. Давлатов, Қ. Шифоев, Л. Сангов, А. Аҳмадов, О. Бердиев, О. Шодиев, Д. Ҳайдаров, Қ. Толибов, Н. Наврӯзов, Ю. Ну- ралиев ва боз 25 нафар аз маблағгузорон ба хазинаи созмон аз 50 то 100 сӯмӣ пул гузарониданд. Ба ин суратҳисоб то рӯзҳои ҷашнӣ 49 ҳазор сӯм ворид гашта буд[34].**

**Ин маърака барои иҷрои баъзе аз нақшаҳои давлатӣ, ки ҳанӯз сустӣ ёфтаву вале аз ҷузъи зарурию муянкунандаи истеҳсолот барканор на-**

**шуда буданд, то андозае такон дод. Пурраю барзиёд ичро намудани нақшаи истеҳсоли пиллаю ба давлат фурӯхтани он далели равшани ин рӯҳбаландист**

**Аз рӯи маълумоти идораи пиллахушккунии ноҳия ин соҳа дар чу- нин нишондиҳандаҳо чамъбасти худро ёфтааст (ба ҳисоби кило- грамм):[35]**

| Номгӯи совхозҳо | нақша | ичро | фоиз |
|---|---|---|---|
| «Фучик» | 25 000 | 23 491 | 93,9 |
| «Сарҳадчӣ» | 23 000 | 23 990 | 104,3 |
| «Дарвоз» | 18 000 | 22 536 | 125 |
| «Висхарв» | 2 000 | 2 024 | 101,2 |
| Ноҳия | 68 000 | 72 043 | 105,9 |

**Чи тавре аз ин рақамҳо бармеояд ноҳия нисбат ба нақшаи пешби- нишуда 4,4 тонна пилла бештар истеҳсол намудааст. Ин тӯҳфаи арзан- дае буд ба 60-солагии ташкилёбии ноҳияи Дарвоз.**

**Муайян намудани нишондиҳандаи дигари меҳнатӣ акнун хеле муш- кил буд. Рӯзномаи ноҳиявӣ, ки ҳамасола маълумоти оморӣ ба чоп ра- сонда, таҳлили вазъи ичрои нақшаю ӯҳдадориҳои истеҳсолро ба хо- нандагон пешниҳод мекард, бо мурури замон аз ин ахборот худдорӣ мекард, чунки акнун худи нақша ҳам дурусту ба таври илмӣ муайян намешуд. Иқтисоди бозор дигар ин банақшагириро намеписандид. Дар рӯзнома бошад зери сарлавҳаи «Захираи хӯрокӣ басанда нест», «Саб- завоти кофӣ нагирифтем», «Мева зоеъ рафт», «Чӣ бояд кард?», «Ичоракориро вусъат диҳем», «Замин проблемаи асосӣ», «Дарду ала- ми мардум», «Вазъият носолим - масъулон бепарво» ва ғайра маколаҳои шикояту шикваангез мебаромад. Ҳарчанд баъзе аз муттаса- диён аз муфидияти озод шудани нарх, бештар ба иқтисоди бозор рӯ овarданд, ичоракорӣ роҳи ягонаи даромад ва ғайра чор мезаданд, вале натичаи ниҳоии ҳамаи ин усулҳо то рафт аҳолиро бештар ба вартаи навмедӣ мекашид.**

**Ин ташвиш чун мавзӯи рӯзмарра аз доираи иттилооти рӯзномаи маҳаллӣ низ берун буда наметавонист. «Имрӯзҳо, - омадааст дар яке аз мақолаҳо, - ки нарху наво ба арши аълояш расидааст, масъалаи бозору нархи бозорӣ ҳеч як фарди солимфикрро бетараф монда наметавонад. Аз рӯзҳое, ки мафҳуми «муносибатҳои бозорӣ» дар Итиҳоди Шӯравӣ ба миён омаданду мардум ваъдаи зиёде оиди васоити муносибатҳои бозорӣ баланд гардидани сатҳи зиндагӣ гирифтанд, муддати тӯлоние гузашт.**

**Сатҳи зиндагӣ на инки беҳтар, балки рӯз аз рӯ бадтар шуда истода- аст. Мардум ҳамарӯза ба фиребҳои навбатӣ дакка мехӯранд.[36]».**

**То рафт бештар суръат гирифтани даргириҳои сиёсӣ дар маркази чумҳурӣ дигар ноҳияҳоро низ сироят мекард. Акнун ҳар чӣ бештар чоҳталабону чудоихоҳон заволи Ҳокимияти Шӯроҳоро мехостанд. Дар ин чода қадами ҳакунандаро ичрокунандаи вазифаи Президенти чумҳурӣ, Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Точикистон Қ. Аслонов гу- зошт. Бо ташаббуси ӯ ва дигар пайравонаш тибқи қарори Шӯрои Олӣ аз 31 августи соли 1991 номи «Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Точикистон» ба «Ҷумҳурии Точикистон» иваз карда шуда, 27 октябри соли 1991 рӯзи интихоботи Президенти Ҷумҳурии Точикистон муқаррар гардид. Вале ин чорачӯиҳои сиёсӣ вазъиятро боз мутташаничтар сохта буд. Қарор доири қатъ намудани фаъолияти ҳизби коммунисти чумҳурӣ ва маракаи интихобот ба мансаби Прези- денти иқлими сиёсиро боз бештар тафсонд.**

**Қувваҳои мухталифи сиёсӣ дар Дарвоз низ фаълона амал мекарданд. Аз қарори доири қатъ намудани фаъолияти ҳизби коммунист рӯҳбаланд гашта, филҳол қасди оғози тақсиму таракаи молу амволи ин ҳизби акнун бо туфайли «сарсупорон»-и дирӯзааш аз мавқеи роҳбарияти расмии давлатӣ дур шуда, намуданд. Аз фурсат истифода бурда, зери имзои 110 нафар сокинони маркази ноҳия «Мурочиатнома ба мардуми ноҳияи Дарвоз, ба депутатҳои халқи ноҳия, ба комичроияи ноҳия» қабул карда шуд. Дар мурочиатнома аз чумла омадааст:**

**«... Маълум аст, ки биноҳои кории ҳизбии ноҳияҳо ба ихтиёри комитетҳои ичроияи ноҳияҳо барои истифодабарии мақсаднок дода шуданд. Аз ҳамин сабаб мо, кормандони шифохонаи марказии ноҳияи Дарвоз ба шумо ҳамватанон, депутатҳои халқӣ ва комичроияи ноҳия мурочиат намуда, умеди онро дорем, ки бинои комитети ҳизбии ноҳияро ба ихтиёри шифохона барои истифода супоред» [37]. Албатта дар ҳолати қатъ кардани фаъолияти ҳизби коммунистӣ ба ихтиёри ка- салхон гузаштани бинои ӯ кори хайр буд. Коммунистони қаторӣ низ шояд вазъиятро дуруст дарк карда ин «ташаббус»-ро дастгирӣ мекар- данд. Вале ғараз аз овардани ин далел фақат ба хотири дарки воқеии даргириҳои сиёсии ҳамон замон сурат гирифта мебошад.**

**Моҳи сентябр дар Дарвоз низ гирдиҳамоӣ баргузор гардид. Дар он намояндагони ҳизби демократӣ, ҳизби коммунистӣ, ҳаракати марду- мии «Растохез» баромад намуда талаб намуданд, ки парламенти чумҳурӣ пароканда, вазъяти фавқулодаи шаҳри Душанбе бекор, фар- моиши собик ичрокунандаи вазифаи Президенти чумҳурӣ Қ. Аслонов дар хусуси дар ҳудуди Точикистон қатъ кардани фаъолияти Ҳизби Коммунистӣ аз эътибор соқит дониста шавад[38].**

**Собиқадори чангу меҳнат Г. Калоновро, ки хавфи парокандашавии Иттифоқ ба ташвиш оварда буд, чунин изҳор доштааст:**

**«Бархе аз шаҳрвандони диёри кӯҳистони мо алалхусус чавонон дар ақидаеанд, ки мардуми чумҳурияти мо берун аз Иттифоқ беҳтар зиндагӣ хоҳанд намуд.**

**Ин ақида мутлақо хатост, зеро ашхоси марбути ин ақида аз зиндагии мардуми кӯҳистони пеш аз Инқилоби Октябр, давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва душвориҳои баъдиҷангӣ пурра огоҳ нестанд. Ман ва ҳамсолонам, ки аз дардҳои давраҳои гуногун огоҳем боварии комил дорем, ки пойдории Иттифоқ шарти ҳатмии тараққиёти минбаъдаи та- моми соҳаҳои мост.»[39].**

**Ҳамаи ин далеҳо аз ҳудуди як ноҳияи хурди кӯҳистон ва ҳазорон далели дигар аз Ҷумҳурии Тоҷикистону собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ шаҳодати равшани онанд, ки «бозсозии горбачёвӣ» ба ҷои амали созандагӣ ба василаи харобкунадаи низоми Шӯравӣ ва пошдиҳандаи иттиҳодияи бузурги давлатҳои ҳамтақдир - ИҶШС табдил ёфт.**

**Азбаски ин гардиши то андозае фоҷиабори таърихӣ то кунун дар илм таҳлили амиқи худро наёфтааст ва доири воқеаи муҳимтарини охири қарни гузашта дар адабиёти илмию оммавӣ фикрҳои ниҳоят пе- чидаю мухталиф ҷой доранд, роҷеъ ба ин масъала изҳори ақида наму- дан бамаврид ба назар менамояд. Дар ин хусус муаллифи ин сатрҳо дар китоби «Ванҷ» (М., 2004) ва чанде аз мақолоти хеш ибрози назар дош- таast. Вале ба сабаби камии теъдод ва маҳдудияти имконияти интишо- рашон бори дигар сари ин масъала таваққуф карданро муносиб медо- нем.**

## МУЛОҲИЗОТЕ ЧАНД АЗ БОБИ БОЗСОЗӢ

**Бозсозӣ яке аз воқеъиятҳои муҳимтарини таърихи халқҳоест, ки дар маҷмӯъ «халқи шӯравӣ»-ашон ном бурда, асоси иттиҳодияи бузург - Иттифоқи Ҷумҳуриҳои Шӯравии Сотсиалистӣ (ИҶШС ё маъмулан - СССР)-ро ташкил мекарданд. Ҳарчанд доири ин масъала аз тарафи на- мояндагони равияҳои мухталифи илмӣ, мулоҳизоти зиёде пешниҳод шудааст, вале аз он мулоҳизот то кунун хулосаи амиқи қобили қабуле барнаомадааст. Бо гузашти беш аз ду даҳсолаи оғози он таҳлилҳо ба маротиб печидатару баҳсталабтар гаштаанд. Аз ин ҷост, ки то ба имрӯз ҳадафу натиҷаи бозсозӣ, ҳусну қубҳи он мавриди таҳлили ҷиддии илмӣ қарор наёфтааст.**

**Аз тарафи дигар бе дарки возеҳи ҳодисаҳои давраи бозсозӣ ва баъди он воқеъити давраи муосири Дарвозро, ки воҳиди маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон асту аз раванди воқеаҳо дар канор буда наметавонист, ба риштаи таҳлилу таҳқиқи илмӣ даровардан номумкин аст. Он чи дар ин боб меояд, ба восита ё бе восита ба тақдири таърихи муосири диёри Дарвоз, ки зодагонаш дар тамоми ҷумҳурӣ кору фаъолият мекунанд ва дар пешрафти хоҷагии халқи Тоҷикистон саҳми ҷиддӣ гузоштаанд, во- бастагии қавӣ дорад.**

**Бозсозӣ аз рӯи мафҳуму вазифааш мебоист дар асоси ҷорӣ намудани демократияи ҳақиқӣ, инкишофи босуръати тамоми соҳаҳои хоҷагии**

халқи мамлакатро таъмин мекард. Машинаи идоракунии бюрократӣ ва сахт муттамарказонидашудаи ҳизб, дар давраҳои экстремалии (ҳолати хавфноки ниҳоӣ ва ғайричашмдошт) ҳаёти мамлакат (дар солҳои ҷанги ҳамватанӣ ё граждани, Ҷанги Бузурги Ватанӣ, давраҳои барқароркунии хоҷагии халқ ва ғайра) барои сафарбаркунии қувваҳои меҳнатӣ ва эҷоду созандагии ҷамъият лозим буд, Акнун дар солҳои осоишта бояд тағйир меёфт. Зарурати ба талаби замон мувофиқ намудани сохтори сиёсию маъмурии мамлакат то рафт бештар эҳсос мешуд. Маҳз чунин амали хайр, яъне ба демократияи ҳақиқӣ, ки дар он озодии ҳизбу ҷамъиятҳои сиёсӣ, гуногунмоликиятӣ бояд таъмин карда мешуд, роҳ кушодан, Иттиҳоди Ҷумҳуриҳоро ба давлати ҳақиқатан иттифоқие, ки дар худмуайянкунӣ ва ваҳдати ихтиёрии халқҳо асос ёфта бошад, таб- дил додан, ба прогрессии воқеӣ ноил гаштанро фароҳам меовард.

Аз ин сабаб бозсозӣ иқдоме буд хеле нек, нақшае буд хеле бузург ва ниҳоят прогрессивӣ. Беҳуда нест, ки халқ ин нақшаро бо хушнудӣ па- зируфт, онро давоми инқилоб номид. Ва бо як ҳисси махсус ташаббу- скори он Котиби Генералии Ҳизби Коммунисти Иттифоқи Шӯравӣ М. С.Горбачёвро дастгирӣ кард.

Бале, ҳамин тавр буд.

Мутаассифона, сол паси сол мегузашту аз беҳбудӣ дараке набуд. Ғайричашмдошт рӯз аз рӯз бадшавии вазъи иқтисодӣ, яъне пастшавии истеҳсолот, камшавии молҳои ниёзи мардум, футури идеологӣ, ҷаллобию мардумфиребӣ авҷ мегирифт. Ҳукумат ва ҳизби ҳукмрон то рафт аз ӯҳдаи нигоҳ доштани фишангҳои муҳофизати иҷтимоии раияти қаламрави худ, яъне мардуми тамоми Иттифоқ камтар мебаромадагӣ шуданд. Ин нуқсҳои ҷамъиятро харобкунанда, сабаби асосии дар назди аҳли меҳнат, зиёиёни солимфикр мазмуни аввалаи худро гум кардани «бозсозӣ» гардиданд.

Дар ҳақиқат баҳои мусбат ё манфӣ гирифтани дигаргунсозиҳои таърихӣ ба манфиатбахш будан ё набудани онҳо ба халқ вобастааст. Вақт манфиатбахш набудани роҳи пешгирифтаи меъмори бозсозӣ ва дастаи ӯро, ки мутаассифона тез-тез иваз мешуд, нишон дод.

Раванди амалиёти зери шиори бозсозӣ гузаранда нишон дод, ки вай аз қувваи созанда ва офаранда ба қувваи харобкунанда табдил меёфт. Кор ба дараҷае расид, ки масъалаҳои беҳбудии ҳаёти омма аз рӯи зару- рати ҳалли худ ба қатори масъалаҳои панҷуму шашумдараҷа фуровар- да шуданд. Дар зери фишори бо ном қувваҳои демократӣ ба мадди ав- вал шикастани сохтори идоракуни сиёсӣ ва маъмурӣ баромад.

Насли калон ва миёнаи хонандагони мӯҳтарам шояд нағз дар хотир дошта бошанд, ки дар аввали маъракаи бозсозӣ чунин даъвату шиорҳои барои ҳама гӯшнавозу муқаддас монанди «Ҳар чӣ зиёдтар демократия», «Ҳар чӣ зиёдтар сотсиализм», «Ошкорбаёнӣ», «Плюра- лизми ақидаҳо», «Тезондани суръати истеҳсолот», «Дар маркази

диққат - инсон» ва ғайра пешниҳод карда шуда буданд. Бо мурури за- мон, аз сабаби ноӯҳдабароии роҳбарони бозсозӣ, ки механизми ҳаётӣ гардондани ин мафҳумҳоро кор карда натавонистанд, онҳо таровати чамъиятии худро гум мекарданд ва ғайб мезаданд. Акнун ба чои онҳо шиору даъватҳои «Сотсиализми бозорӣ», «Истеҳсоли бозоргонӣ», «Хусусигардонии моликият», «Ғайридавлатигардонии воситаҳои истеҳсолот» ва ғайра мафҳумҳои барои халқи меҳнаткаш то дарачае бегона, аммо барои гурӯҳе аз корчаллонҳо хеле дилхоҳ пайдо шуданд. Акнун гирдиҳамоию митингбозӣ, ҳаёҳуи мансабталошӣ, қонуншиканию дасисабозиҳои миллӣ, ҳизбию мазҳабӣ ҳамчун ҳодисаҳои муқаррарӣ, нафақат баъзе сиёсатмадоронро ба ташвиш на- меоварданд, балки баръакс, ба онҳо дар муборизаи сиёсӣ рӯҳ мебах- шиданд. Дар навбати худ ин муборизон барои зиёдтар аланга гиронда- ни зиддиятҳои рӯзафзун аз ҳеч чиз рӯй намегардондагӣ шуданд.

Миқёси ҳаёҳую гирудорҳои сиёсӣ аз бинои парламент, ба кӯчаю хиёбонҳои марказӣ ва аз он ба ҳатҳои сарҳадии баъзе чумҳуриҳои то ку- нун бародар гузашт. Характери зиддиятҳо, усули ҳалли онҳо низ тағйир меёфт. Дар он чое ки сухан очизӣ мекард, мушт истифода бурда мешуд ва аз он ба яроқи мукаммалтар гузаштан як қадам роҳ монда буд.

Аз очизии ҳукумати марказӣ, ки ҳалли ҳамаи ин зидиятҳоро ба худи қувваҳои мухолифин ҳавола карда буд, истифода бурда, қувваҳои муқобил аз монеаи охирин ҳам гузаштанд ва задухӯрдҳои яроқноки сарҳадию миллӣ сар шуд. Ҷумҳурии дар даҳсолаҳои пешин ороми Точикистон, аз охири солҳои 80-ум, алалхусус оғози соли 90-уми асри гузашта, дар ин чунбишҳо аз ҳар чиҳат пешсафиро нигоҳ доштанӣ ме- шуд. Воқеаҳои феврали соли 1990 мисоли равшани ин ташаббуси қувваҳои бо ном демократии чумҳурӣ ҳисоб меёбад.

Ин чунбишҳои демократмаобону курситалабон, ки зери шиорҳои гуногун (аз таъсиси давлати «воқеан демократии»-и модели Ғарб то давлати теократии модели шарқии мусулмонӣ), мегузаштанду, вале як марому мақсаду ҳадаф доштанд, яъне ҳокимияти сиёсӣ, то рафт беш- тар ба доираи худ табақаҳои ичтимоиро кашидаву билохира ба гирдо- би афту дарафти яроқнок тела доданд. Дар он садҳо ҳазор бегуноҳон қурбон шуданд. Агар ба ин боз садҳо ҳазор бемуҳофизоне, ки қурбони ғоратгарону авбошон, қаллобону қотилон ва дигар унсурҳои ба дикта- тураи кӯча мансуббударо ҳамроҳ кунем, сафи қурбоншудагон бамаро- тиб меафзояд. Ба замми ин агар тарсу ҳарос, нобоварӣ ба фардо, ки қалби миллионҳо одамони оддиро фаро гирифта буд, сарфи назар на- кунем, он гоҳ бо боварии том гуфта метавонем, ки ба ғайр аз истиқлолияти миллию давлатиро соҳиб шудани чумҳуриҳо, бозсозӣ то ба имрӯз ба мардум, алалхусус ба аҳли заҳмат нафақат натичаи назар- раси ичтимоиеро ба бор наовардааст, балки дар муқоиса бо даврони Шӯравӣ ин нишондиҳанда дар сатҳи муқоисанашаванда пасттаре чой

дорад. Вале дар он давраи ҳассос на ҳама (алалхусус чавонони тангда- стиро надидаву, тачрибаи ҳаётӣ надошта) ба оқибати фочиабори ин раванд сарфаҳм мерафтанд.

Гурӯҳи сиёсатмадорони чадид қувваи бузурги офарандагии халқро фақат барои шикастани сохтори (структура) сиёсӣ, маъмурӣ ва иқтисодии мамлакат сарф карданӣ буданд. Суръати шикастан аз сохтан дида хеле баландтар буд, масофаи байни онҳо то рафт меафзуд. Баъзеҳо ҳатто тасаввур карда наметавонистанд, ки худ дар зери ин вайронаҳо нобуд хоҳанд шуд.

Маҳз сиёсатбозию қонуншиканӣ сабаби асосии пастравии истеҳсолот гашт. Усулҳои нави муомилот ва савдои мол ҳавасмандии истеҳсолкунандагонро то рафт суст мекард. Маҳсулоти ниёзи одамон то ба дасти истеъмолкунанда расидан, асосан аз дасти онҳое мегузашт, ки пеш аз бозсозӣ бо мафҳуми «чаллоб» маълум буданду дар давраи бозсозӣ «корчаллон» ё «бизнесмен» ном гирифтанд, Дар натича корхо- наю дӯконҳои тичоратии бо ном «муштарак» - у, «кооперативӣ» чун замбурӯғҳои баъди борон пайдошуда, моли тайёри дар корхонаҳои давлатӣ истеҳсолшударо мунтазам ба ихтиёри худ мегирифтанд. Яъне ин гурӯҳҳо дар байни корхонаҳои давлатӣ ва харидорон роли тақсимотчии маҳсулоти истеҳсолшударо ичро карда, фоидаи асосиро аз худ менамуданд. Аз ин ҳисоб капиталғункунии ибтидоӣ идома ме- ёфт. Капитали ғункардаи ин гурӯҳ на ба васеъшавии истеҳсолот ё такрористеҳсолкунӣ, балки фақат барои харидани молҳои сермасриф сарф мешуд ва ин сабаби тезондани бозори чаллобон мегардид.

Ҳамин тариқ, чаллобию ҳаннотӣ, мардумфиребӣ ва авчи даромади муфт савдои давлатиро то рафт танг мекард. Ин гурӯҳ мисли касалии саратон то рафт дар чамъият зиёдтар реша давонда, ҳатто қувваҳои муҳофизатии худро аз ҳисоби ришвадиҳӣ, истифодаи муштзӯрони гу- зарои кӯчагӣ ва ғайра мустаҳкаму мукаммал менамуд. Ҳамаи ин амали чиноиро соддалавҳона истеҳсолоти капиталистӣ (сармоядорӣ) мено- миданд ва ба иқтисодиёти бозоргонӣ ба таври худ ворид мешуданд. Бозор бошад ҳамоно холӣ буд. Дар он нафақат имконияти интихоб кардан, инчунин оддитарин маводи зарурии рӯзгорро низ пайдо кардан номумкин буд.

Бозсозӣ, аниқтараш ноӯҳдабарии роҳбарони он мардумро ба кӯчаи сарбастае ворид кард, ки аз он роҳи халосӣ ёфтан ниҳоят душвор гар- дида буд. Нақшаҳои пешниҳодкардаи иқтисоддонон фақат дар баҳри атрофи бозор ҳалқаи аз ғарқшавӣ нигоҳдоранда мегаштанд. Вале халқ, ки маззаи озод эълон шудани нархро чашида буд, ин иқдомро дастгирӣ намекард. Ягона роҳи умедбахш алоқаи истеҳсолии хеле харобшуда, вале то охир канданашудаи байни чумҳуриҳоро нигоҳ доштан ҳисоб меёфт. Беҳуда набуд, ки чумҳурии мо мисли дигар чумҳуриҳои баро- дари мустақилу камбағал аз дунболи Русия худро кашола карда ме- рафт. Харобшавии хочагии халқ бошад, ҳамоно идома дошт.

**Ҳузновар он буд, ки ҳама дар атроф харобкору душман мекофтанд. Гурӯҳе зӯр зада бовар мекунонданд, ки душманро кайҳо ёфтааст. Ин душман ба ақидаи онҳо ҳизби коммунистӣ аст. Аз ин рӯ ҳамаи гуноҳи пешина ва баъдинаро ба сари ӯ мезаданд. Ашхоси ҳизбро ҳадафи ҳучум қарордода, худро демократ эълон мекарданд. Ягона нишонаи ба демократия мансуб будан ҳам ба пиндошти ин гурӯҳ коммунистонро баҳудаю беҳуда зери тозиёнаи танқид гирифтан буд, на барномаи иқтисодӣ ва консепсияи муайяни сиёсию идеологӣ. Аз пешниҳоди бар- номаи иқтисодӣ худро бо он раҳо карданӣ буданд, ки гӯё бозор ё гу- заштан ба иқтисоди бозорӣ ҳамаро ҳал мекарда бошад. Барномаи сиё- сиашон низ хеле кӯтоҳ: - тамоми гуноҳи пастравии истеҳсолоти давраи бозсозӣ, камбудиҳои давраи «идоракуни бюрократию тоталитарӣ», ин- чунин дигар камбудиҳои чузъӣ, ки аз тарафи шахсони алоҳида содир шудаанд ва ғайра «норасогиҳои чамъияти сотсиалистӣ»-ро аз рӯзҳои аввали Ҳокимияти Шӯравӣ ёфта ё бофта ба сари коммунистон зада, илоч карда чилави ҳокимиятро ба даст худ гирифтан.**

**Демократҳо мақоли халқии «кор бе камбудӣ намешавад»-ро нағз донанд ҳам, даст ба сина зада, ба таърихи гузашта «роҳҳои бехато»-ро тавсия менамуданд. Ба ҳар ҳол барои гузаштагон нақшаи алтернативӣ пешниҳод кардан осонтару бехавфтар буд. Дар он хато кунӣ ҳам чавобгар намешавӣ.**

**Ин қабил демократҳо ба таърихи баъдиинқилобӣ фақат бо айнаки сиёҳ менигаристанд. Аз он дигаргунсозиҳои дар миқиёси Умумииттифоқ рӯй дода, ҳатто худро бехабар вонамуд мекарданд. Онҳо чунин ҳақиқати таърихиро ҳеч ба забон оварданӣ набуданд, ки маҳз натичаи инқилоби Октябр буд, ки империяи Русияи қафомондаро ба иттиҳодияи бузурги чумҳуриҳо табдил дод ва аз рӯи иқтидори иқтисодӣ, дар як муддати кӯтоҳ ба қатори давлатҳои пурқувваттарини дунё баровард. Магар натичаи инқилоб набуд, ки ягон масъалаи муҳими умумибашарӣ бе иштироки ин давлати тавоно намегузашт.**

**Акнун он ашхосе, ки аз сустию фаношавии ин собиқ итиҳодияи бу- зург ҳарф мезаданд ва қонунияти фаношавиро исбот карданӣ шуда, айбро ба гардани коммунистону сохтори давлатдории шӯравии онҳо бор мекарданд, ҳатто ба ёд намеоварданд, ки аз охири солҳои 40-ум то миёнаи солҳои 80-ум ин давлат пушту паноҳи халқҳои аз мустамлика раҳошаванда буд. Магар иқтидори иқтисодии ин давлати бузург набуд, ки даҳҳо мамлакатҳои Осиёю Африқо ва Америкаи Лотиниро дар дав- раи муборизаашон барои истиқлолият аз блокадаи иқтисодии мустам- ликадорон раҳо мекард. Онҳоро аз озуқа, техникаи кишоварзӣ, ёрии тиббӣ, ва дар мавриди лозимӣ барои муҳофизати истиқлолият бо аслиҳаи ҳарбӣ таъмин менамуд.**

**Акнун бо шарофати «хирадмандии» пешвоёни бозсозӣ ва ташаббуси демократҳои навбаромад аҳолии чумҳуриҳои мустақили собиқ давлати**

бузург мӯҳточи ёрии гуманитарии на танҳо давлатҳои нисбатан пурқувват, инчунин давлатҳои базӯр худашонро таъминкунанда гарди- да буд. Қабул намудани садақаи ночизи онҳо нафақат ба иззати на- фсашон намерасид, инчунин барои бо ҳисси ифтихор аз тариқи телеви- зон ва матбуот гадо шудани худро тарғиб кардан, илҳом мебахшид.

Ягона чизи тасаллобахше, ки ба ивази ҳамаи ин гирудорҳои сиёсӣ ва харобиҳои иқтисодӣ, насибамон гашта буд, ин истиқлолияти чумҳурӣ ҳисоб меёфт. Вале набояд фаромӯш кард, ки ин истиқлолияти бадастомада низ пеш аз ҳама натичаи ҳамон инқилоби Октябр буд, ки чанобони демократ табадулоти тасодуфиаш меномиданд. Дуруст аст, дар тӯли ин 70 соли баъди инқилоб қурбониҳои зиёди беасос низ кам набуд, ки таърих ва халқ онро фаромӯш нахоҳанд кард. Ҳамаи онро аз рӯи адолат бояд омӯхт ва исбот кард, ки кадоме аз ин қурбониҳо бо амри зарурияти замон, кадоме аз онҳо бо гуноҳи он сарвароне содир шудаанд, ки бо ин восита ҳукмронии худро мустаҳкам ва дастнорас карданӣ буданд.

Ба замми ин аз чунин ҳақиқати талх низ чашм набояд пӯшид, ки ҳаводиси инқилобӣ бе қурбонию хунрезӣ намешавад. Ин ба талабаи мактабхон низ маълум аст. Ҳатто инқилобҳои буржуазие, ки онҳоро баъзе таърихбехабарон ҳамчун идеали ғалабаи демократияи олӣ ме- пиндоранд ва бо ақидаашон роҳи олитарини прогресси чамъиятиро таъмин менамоянд, бе хунрезӣ нагузаштаанд. Ба онҳо маслиҳат медо- дем, ки рӯякӣ бошад ҳам, таърихи Инқилоби буржуазии Англия (солҳои 40 асри XVII), Инқилоби Кабири Франсия (1789-1794), инқилоби солҳои 1948-1949 дар Франсия, Австрия, Венгрия, Германия, Италия ва ғайраро варақ зананд. Онгоҳ мефаҳманд, ки онҳо низ бе хунрезӣ нагузаштаанд. Баъди ғалаба низ инқилоб бояд худро муҳофизат карда тавонад ва ин бе хунрезӣ намешавад. Суханони мо ҳаргиз маънои ҳақ баровардани хунрезиро надоранд, баръакс, гарчи ин ба вазъияти раванди инқилобӣ вобаста бошад ҳам, вазифаи аввалдарачаи ҳар як пешвои чунбишҳои инқилобӣ ба қадри имкон маҳдуд кардани бародаркушӣ ва чанги шаҳрвандист.

Муваффақияти бузурги Инқилоби Октябр низ дар он аст, ки худро муҳофизат карда тавонист, Бо туфайли он нафақат сотсиализми ба ақидаи демократҳо «ноқису нопурра» ғалаба кард, балки ба пайдоиши лагери сотсиализм низ замина гузошт. Ба ашхоси аз чиҳати сиёсӣ со- лимфикр пӯшида нест, маҳз ҳамон сотсиализме, ки чанобони демократ «тасодуфи таърих»-аш мехонанду онро ба гӯшаи фаромӯшӣ доданианд, сабаби асосии демократияи имрӯзаи давлатҳои классики сармоядор гаштааст. Ба таври дигар гӯем, ин худмувофиккунии мачбурии онҳост.

Тарзи хочагидории сотсиалистӣ яқин аст, ки бартарӣ ва имконияти худро дар баланд бардоштани иқтисодиёт, беҳтар намудани сатҳи ҳаёти ичтимоии халқ пурра кушодан натавонист. Дар ин бора бисёр

гуфта шудааст ва такрор шарт нест. Фақат ин нуқтаро бояд иброз дошт, ки он тарзи хочагидории нақшавӣ ва ниҳоят сахт мутамарказо- нидашуда бо мурури замон бояд муттасил тағйир меёфт. Ба усулҳои гуногуни хочагидорӣ ва якдарача мустақилияти идоракунии маҳаллӣ низ роҳ кушода мешуд.

Пӯшида нест, ки сотсиализми мамлакати шӯроҳо чи тавре ки мегӯянд тоталитарӣ ва демократия маҳдуд буд, вале ба ақидаи он демократҳое, ки демократиябозиро демократияи ҳақиқӣ мепиндоранд, ҳеч муросо кардан мумкин нест. Агар пеш халқи шӯравӣ аз маҳдудияти демократия азият мекашид, дар давраи охири бозсозӣ бо- шад аз барзиёдатӣ, идоранашавандагӣ ва ба анархия табдил ёфтани он дар ҳарос афтида буд. Агар ин ду фаҳмиши демократияро бо ҳам муқоиса намоем, аниқ эҳсос мекунем, ки аз маҳдудият дида, барои халқ идоранашавандагии он хавфноктар аст.

Дар ҳақиқат, барои чомеа демократия даркор. Кӣ аз демократияи ҳақиқӣ рӯй мегардонад?! Ҳеч кас! Лекин на ба он тарзе, ки чанобон демократҳо фаҳмиши демократии худро ба халқ бор карданӣ буданд.

Қайд кардан чоиз аст, ки ин тарзи идоракунии ҳомиёни демократия дар он давраи бозсозии чумҳуриҳо ба исбот расид. Вақт нишон дод, ки онҳо аз методҳои демократии то бозсозии комунистон нафақат дур шуданӣ набуданд, инчунин онро боз маҳдудтар карданд.

Таърихи ба демократия майл доштани халқ хеле қадимист. Аз дав- раи ғуломдорӣ сар карда, вобаста ба форматсияҳои чамъиятӣ мазмуну мундаричаи он тағйир меёфту мукаммал мегашт. Фахмиши демокра- тияи комил бояд, ҳамчун шакли давлатдорӣ, дар таъмини иштироки шаҳрвандон дар кори идоракунӣ, баробарии онҳо дар назди қонун, дар ҳуқуқи пурраи сиёсӣ ва озодии шахсиро соҳиб будани онҳо зоҳир ме- гардад.

Кӯшиши тадбиқи демократия дар Русия баъди ғалабаи инқилоби Октябр аз тарафи Ҳокимияти Шӯравӣ ва пешвои он В.И. Ленин нафақат иқдоме буд дар сухан, инчунин ибтидое буд дар ичрои нақшаи бузурги демократикунонии чамъият. Мутаассифона ин нақшаи таъминкунандаи демократияи ҳақиқӣ пурра амалӣ шуда натавонист. Чунки ҳаёти воқеӣ нисбат ба эҳсоси назариявӣ хеле мураккабтар аст. Ҳеч хиради пайғамбарона тамоми проблемаҳои наздиктарини ҳаёти чамъиятиро нишон дода наметавонад. Алалхусус, агар гап дар бораи системаи нави муносибатҳои истеҳсолӣ ва идоракунии чамъиятӣ ра- вад, бо тамоми чузъиётат пурра муайян кардани он корест ҳалнашаванда. Аз ин сабаб дар баъзе мавридҳо худи воқеияти ҳаёт мачбур сохт, ки демократия дар замони Шӯравӣ то андозае маҳдуд карда шавад (дар давраи барқароркунии диктатураи пролетариат ва гу- зарит ба чомеаи сотсиалистӣ, давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва барқарокунии баъдичангӣ). Баъдтар ин маҳдудият ба ҳукми анъана да-

ромад, чунки ин яке аз методҳои нисбатан осони мустаҳкам нигоҳ доштани ҳокимияти марказӣ буд. Аз инчост, ки системаи идоракунии бюрократии идоракунӣ мунтазам аз ҳисоби маҳдуд намудани демокра- тияи воқеан сотсиалистӣ то дарачае қувват гирифта буд, ки аз байн бурданаш заҳмати тӯлонию хеле эҳтиёткоронаро талаб мекард, вале на бо он тарзе, ки Горбачёв ва пайравонаш бо маслиҳати душманони дохилӣ ва хоричи онро дафъатан ва пурра шикастанӣ шуданд.

Вазифаи ташаббускорони асили бозсозӣ дар оғози фаъолият низ аз он иборат буд, ки бо роҳи гузаронидани як қатор ислоҳотҳои сиёсӣ ва иқтисодӣ барои ташаккули демократияи асил - демократияи сотсиалистӣ роҳ кушоянд. Мутаассифона Горбачёв саргарми суханбозиҳо ва даъватҳои беасос шуда, нафақат ин раванди гузаришро таъмин карда натавонист, балки демократияи маҳдудро (албатта, бо мадади демократҳои навбаромад), ба анархия ва аз он бадтар, ба охлократия (диктатураи кӯча) табдил дод. Чунон, ки шайҳ Саъдӣ дар ин боб овардаанд:

*Басо аҳли давлат ба бозӣ нишаст,*
*Ки давлат ба бозӣ бирафташ зи даст.*

Мантиқи демократиябозӣ то рафт бештар ошкор гашта, одамони бовичдон, алалхусус аҳли меҳнатро то дарачае дилбазан кард, ки онҳо тайёр буданд кадом намуди диктатурае, ки набошад қабул намоянд. Одамоне, ки бо меҳнати ҳалол зиндагӣ мекарданд, акнун афсӯси он давраеро мехӯрданд, ки «карахтӣ»-аш ном мебурданд. Дар ҳақиқат аз кадом тарафе, ки набинӣ, зиндагӣ даҳчанд беҳтар буд.

Бо ин ҳаргиз сарварони ҳизби коммунистро, ки худ ба амалдорони пешазинқилобӣ табдил ёфта буданд, сафед карданӣ нестем. Худи ҳаёт ҳам нишон дод, ки аксарияти онҳо аз ҳисоби пули ҳизб ва халқ зинда- гии ҳокимона доштанд. Вале дар рӯзҳои хеле мушкиле, ки демократҳои навбаромад ба сари ҳизб гулӯлаҳои таънаю маломат ме- партофтанд ва онро бо тамоми норасоиҳои чамъият гунаҳкор карданӣ мешуданд, он сарварон аввалин шуда манфиати ҳизбашонро фурӯхтанд. Бо ин исбот карданд, ки ҳеч вақт онҳо дилу ботини коммунистӣ надоштаанд. Онро ҳамчун ниқоб барои мансабгирию сарватғундорӣ истифода кардаанд. Аз ихтилофу бесарусомониҳои чомеа истифода бурда, гурезаҳои ҳизбӣ ба он ташкилотҳои сиёсие ҳамроҳ шуданд, ки имконияти ба ягон мансаби нав таъмин кардани онҳоро дошт. Лекин ҳаёт довари бориксанч аст. Чанде аз ин қабил коммунистон дере нагузашта, аз ҳамаи мансабу имтиёзҳо бенасиб ва дар сиёсат ҳақиру дар ҳаёт фақир гаштанд.

Аз рӯи адолат мебуд, агар ҳамаи ин камбудиҳои ҳизб ба таври му- шаххас нишон дода мешуд ва ашхоси роҳбари онро дар муддати

тӯлонӣ ба ӯҳда дошта, бидуни он, ки имрӯз сафҳои онро тарк карда, ба вазифаҳои дигар соҳиб гаштаанд, аз рӯи адлу инсоф, аз рӯи «вичдони коммунистӣ»-е, ки онро дар вақти ба мансабҳои баланд соҳиб будана- шон дар сухан байроқ карда буданд, чавоб диҳанд.

Тамоми камбудиҳоро ба гардани ҳизби коммунистӣ партофта, муваффақиятҳои бо меҳнати ҳалоли миллионҳо меҳнаткашон, аз чумла коммунистони қаторӣ ба даст овардашударо ба эътибор нагирифтан гуноҳест, ки таърих онро ҳеч вақт нахоҳад бахшид.

Метавон бо садҳо мисол тарзи идоракунии амалдорони ҳизбиро маҳкум кард. Лекин дар баробари ин бо ҳазорҳо далел бартарии идора- кунии сотсиалистиро низ исбот кардан мумкин аст. Як дастоварди бу- зурги ичтимоӣ ва ҳуқуқии одамон дар чамъияти сотсиалистӣ барҳам додани истимори одам аз тарафи одам буд. Дуруст аст, ки қариб қисми асосии аъзоёни чомеа дар сатҳи миёнаи зиндагӣ буданду қисми зиёди даромади воқеӣ ба фоидаи чамъият мерафт. Бале, ба фоидаи чамъият, на ба фоидаи шахсони алоҳида (он қисми даромаде, ки барои сарварон сарф мешуд, нисбатан ночиз буд), мисли давлатҳои сармоядорӣ, ки ди- гаронро дар зери итоати сахти иқтисодӣ нигоҳ медоранд.

Тобеъият ба давлат (ба воситаи корхонаҳо), маънои тобеъият ба чамъиятро дорад, бинобар ба ҳамаи қубҳияти худ нигоҳ накарда, шах- сияти касро паст намезанад. Тобеъияти иқтисодӣ ба соҳибкор ё соҳиби корхона маънои тобеъияти шахсиро дорад. Дар ин навъи тобеъгӣ ҳарчанд музди кор баланд бошад ҳам, коргар аз побандии ботинӣ ё рӯҳӣ халос нест. Ба зами ин, армияи бекорон, бозори васеъи қувваи коргарӣ ӯро доимо дар ҳарос нигоҳ медорад. Фақат сотсиализми асил аз чиҳати ичтимоӣ одамро ба зери ҳимояи худ ба таври қонунӣ гириф- та метавонад. Ҳатто ҳамон сотсиализме, ки онро баъзе аз ҳамзамонону ҳамватанонамон ноқису маҳдуд мепиндоранд, ҳуқуқи одамонро ба меҳнат, манзил, дониш ва ғайра таъмин карда тавонист. Ҳол он, ки дар тараққикардатарин мамлакати сармоядорӣ мисли ШМА доимо аз **10** то **25** миллион одамон бекоранд ва чашмашон ба садақаи (имдодпулӣ ё пособия) сармоядорон чор аст. Ба нақшагири истеҳсолот ва назорати бемайлони маъмурӣ аз болои маҳсулот ва тақсимоти боадолатонаи он- ро низ сотсиализм таъмин карда метавонад. Ҳамин ба нақшагирии му- тамарказ буд, ки дар давраҳои муайян суръати баланди тараққиёти хочагии халқро таъмин мекард.

Ба ҳеч кас пӯшида нест, ки бо чунин суръат пешравӣ ба кам андар ками давлатҳо муяссар гаштааст. Маҳз ҳамин суръат буд, ки Русияи фарсуда ва фаношудаи тоинқилобӣ дар як муддати аз диди таърих на он қадар тӯлонӣ ба қатори давлатҳои аввалдарачаи чаҳонӣ баромад. Магар ҳамон қудрати идракунии сотсиалистӣ набуд, ки Ҳукумати Шӯравӣ дар ним аср бо ҳамаи даҳшату харбиҳои чанги ҳамватанӣ (гражданӣ), Чанги Бузурги Ватанӣ, аз омоч то машинаҳои

**пуриқтидортарини соҳаи кишоварзӣ, аз мамлакати қашшоқи аграрӣ то ба индустрияи дараҷаи баландтарини ҷаҳонӣ, аз торикию ҷаҳолат то ба ром намудани қувваи атому кашфи кайҳон бурда расонд.**

**Мутаассифона, ҳоло бо ташаббуси бисёре аз мутасаддиёни воситаҳои ахбори умум тарғиботи яктарафаи дастовардҳои иқтисодӣва илмию техники давлатҳои тараққикардаи сармоядории классикиро ба роҳ монда, исбод карданӣ мешаванд, ки гӯё дар солҳои Ҳокимияти Шӯравӣ давлат фақат қафо мерафту ягон нишонаи пешравие ба назар намерасид.**

**Вале ҳақиқати таърихро бо ҳеч восита пӯшондан ё пинҳон кардан мумкин нест. Аз иқтидори иқтисодӣ, техникӣ ва илмию фарҳангии Давлати Шӯравӣ ҳатто нишондиҳандаҳои зер, ки қатрае аз баҳранд равшан гувоҳӣ медиҳанд.**

**Дар давраи бозсозӣ анъана шуда буд, ки иқтидори иқтисодӣ ва ҳаҷми маҳсулоту истеъмолотро бо бузургтарин давлатҳои капиталистӣ, аз ҷумла ШМА муқоиса намоянд. Ин анъанаро вайрон накарда, ба далелҳо рӯ меорем:**

**Русияи соли 1913 ҳамагӣ 6 фоизи ангишт, 25,3 фоизи нефт, 14,6 фоизи чӯян, 15,4 фоизи пӯлоди ШМА-ро истеҳсол мекард. То солҳои 80-ум аз рӯи ҳаҷми истеҳсоли ин намудҳои маҳсулот Иттиҳоди Шӯравӣ аз ШМА пеш гузашт. Русияи тоинқилобие, ки ашхосе зӯр за- да, дараҷаи баланди истеҳсоли маҳсулоти кишоварзии онро исбот карданӣ мешаванд, соли 1913 аз ҳар десятина (1,09 га) замин ба ҳисоби миёна ҳамагӣ 45 пуд гандум мегирифт, ҳол он ки ШМА 69 пуд, Англи- яю Германия - 146 пуд, Франсия - 86 пуд ҳосил меғундоштанд.**

**Агар ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти саноатиро қиёс кунем, вазъият чунин аст: соли 1913 Русия ҳамагӣ 15,4 фоизи маҳсулоти саноатии ШМА-ро истеҳсол мекард. Соли 1986 ин нишондиҳанда ба 80 фоиз расид. Ҳамин сол дар ИҶШС 20 фоизи ҳаҷми умумии маҳсулоти саноатии ҷаҳон истеҳсол шуд.**

**Магар ҳамин тарзи истеҳсолоти сотсиалистӣ набуд, ки бойгарии миллии ИҶШС соли 1987 дар муқоиса бо соли 1913 зиёда аз 50 баро- бар афзудааст. Магар бартарияти ҳамин сохт набуд, ки то соли 1930 бекори барҳам дода шуда, то охири Ҷанги Бузурги Ватанӣ аҳолии мамлакат саросар саводнок гардид.**

**Соли 1913 дар тамоми Русия 290 ҳазор одам соҳиби маълумоти олӣ ва миёнаи махсус буданд. Соли 1986 шумораи маълумоти олидорон дар соҳаҳои мухталифи хоҷагии халқ ба 15 миллион расид. Дар худи ҳамин сол мамлакат 1 550 ҳазор олимон кор мекарданд (аз ҷумла 45,7 ҳазор докторҳо, 472,8 ҳазор номзадҳои илм), ки чоряки тамоми олимо- ни ҷаҳонро ташкил мекард. Дар мамлакате, ки то инқилоб зиёда аз 70 фоизи аҳолӣ бесавод буд, дар арафаи базсозӣ дар тамоми нишондиҳандаҳои соҳаи маориф дар дунё ба яке аз ҷойҳои аввал баро-**

мад. Ҳол он ки аз рӯи маълумоти ЮНЕСКО соли 1985 дар чаҳон 900 миллион одам ҳатто аз саводи оддитарин - хондан ва навиштан маҳрум буд. Ин рақам то имрӯз кам тағйир ёфтааст. Аз рӯи маълумоти Европарламент фақат дар мамлакатҳои Европаи Ғарбӣ, ки имрӯз тавсифи онҳоро ба осмон мебардоранд, кариб 20 миллион бесаводон зиндагӣ мекунанд. Аз чумла дар Британияи Кабир 2 миллион, дар Италия 2,5 миллион, дар Франсия 1 миллион ва ғайра[40]

Оё ҳамаи ин аз иқтидори бузурги иқтисодӣ ва илмию фарҳангии собиқ Иттиҳодияи чумҳуриҳо шаҳодат намедиҳад? Акнун, ки ин иқтидори иқтисодӣ бо ташаббуси «прорабу муҳандисон»-и бозсозӣ ва амалиёти қувваҳои марказгурези ҳизбу, ташкилотҳои сиёсии бо ном «қувваҳои демократӣ» хароб шуда буд. Ҷанобони онро ба ин аҳвол ра- сонда, барои аз таърих баровардани ному нишони он давлати бузургу нотакрор, ки то ба наздикӣ пушту паноҳи тамоми мазлумон ва қувваҳои прогрессивӣ ҳисоб меёфт, ҳеч чизро дареғ намедоштанд. Дар ин роҳ онҳо тайёр буданд бо зишттарин ва манфуртарин душманони сотсиализм дар миқёси умумибашарӣ ҳамкорӣ намоянд.

Иттиҳоди бузурги «Ҷумҳуриҳои озод» аз байн рафт. Аз мантиқи чараёни таърих ин чудошавӣ қонунист. Мустақилият низ ҳамон вақт эҳсос мешавад, ки давлати соҳибихтиёр, сохтори сиёсӣ, маъмурӣ, сиёсати мустақили дохилию хоричӣ, аз ҳама муҳимаш мустақилияти иқтисодии худро таъмин карда тавонад. Табиист, ки тарзи идораку- нии ба ИҶШС мансуб буда, ин мустақилиятро то андозае маҳдуд ме- кард. Аз ин нуқтаи назар мустақилияти ба даст овардаи чумҳуриҳо воқеаи прогрессивӣ буд. Бале, прогрессивӣ буд. Чунки исботи про- грессивияти воқеаҳои таърихӣ ба он вобаста аст, то чӣ андоза ин воқеаҳо пешравии чамъият ва осудагии ичтимоии аъзоёни онро дар оянда таъмин карда метавонанд ё ба ҳалли он роҳ мекушоянд. Соҳибихтиёрии ба дастовардаи мо фақат барои мустақилияти сиёсии воқеӣ ибтидо гузошт.

Нигоҳ доштан, ҳифз намудани истиқлолияти бо чунин осонӣ ба дастоварда, (аниқтараш ба дастомада) ва онро ба фоидаи умум истифода бурдан, ба хирадмандии роҳбарон, маслиҳатпазирии нерӯҳои сиёсӣ, билохира ва аз ҳама муҳим, ба ваҳдати миллию халқӣ вобастааст. Яъне ба он вобастааст, ки то кадом андоза қувваи бузурги офаридгори халқ ба мачрои дилхоҳ равон карда мешавад. Довари ин санчиш вақт, натичааш беҳбудии зиндагии одамон ё таъмини одилонаи ичтимоиёт мебошад.

Барои мӯътадил гардондани фазои озоди осоиштагӣ ва пешбурди чомеа ба такрор мегӯем, ваҳдати халқ лозим аст. Дар давлате, ки намо- яндагони халқияту миллатҳои гуногун зиндагию фаъолият доранд, бо- яд ваҳдати халқҳо аз ваҳдати миллӣ (ҳарчанд ҳалкунандаву марказист) боло бошад, ё ҳеч набошад, барои баробарвазнии онро таъмин намудан

бояд кӯшиш ба харч дод. Ин амалро қувваҳои сиёсие таъмин карда ме- тавонанд, ки намояндагонаш манфиати халқро нисбат ба манфиати худ боло гузоранд, нақшаи мушаххаси иқтисодӣ ичтимоию фарҳангӣ дош- та бошанд ва барои амалӣ гаштанаш ҳеч қувваро дареғ надоранд. Аз ин лиҳоз, беҳтарин анъанаҳои меҳнатдӯстӣ, созандагӣ ва гуманистии чу- нин як халқи бостонӣ, монанди точикон, бояд тамоми халқияту миллатҳои чумҳуриро муттаҳид гардонанд, онро ба дарачаи ваҳдати умумихалқӣ бардорад. Дар он сурат мафҳуми «Ватан» барои ҳар фарди чумҳурӣ як хел муқаддас ҳисоб хоҳад ёфт ва омили ҳалкунандаи озоду обод гардондани кишвари маҳбуб хоҳад гашт.

Инчунин, бояд иброз дошт, барои бехато муайян кардани самти ҳаракат ва суръати дилхоҳи пешравӣ шикастани тамоми механизми идоракунии сиёсӣ, маъмурӣ ва пойдевори саноатию хочагидорие, ки солҳои дароз сайқал ёфта, фоидаовар будани худро исбот кардааст, шарт нест. Таърих борҳо нишон додаст, ки ин роҳ ба бероҳагӣ меба- рад. Шахсоне, ки дар шикасти ин механизм, сиёҳ кардани таърих, қадр накардани дастовардҳои падару бобоён, пешравиро таъмин кардани- анд, сахт хато мекунанд. Аслан ин одамонро шавқи пешравӣ не, ҳирси мансабгирӣ роҳнамост. Ин корест ниҳоят хатарнок.

Боиси таассуф аст, ки ин тамоил дар чумҳурии мо чараён гирифт. Роҳбарони ташкилотҳои сиёсии навбаромад: Ҳизби демократӣ, Ҳизби наҳзати исломии Точикистон, Созмони мардумии «Растохез» ба таври чиддӣ дар ин самт ташаббус ва роҳнамоӣ зоҳир мекарданд.

Маҳз бо дастгирии онҳо матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори умум ба минбари зидди дастовардҳои Чумҳурии Точикистон дар солҳои ҳокимияти шӯроҳо табдил ёфтанд. Маҳз бо иштироку роҳбарии бевоситаи онҳо таърифу тавсифи беасосу сохтаи тарзи зисту идораку- нии маъмурӣ, дарачаи маданияту фарҳангшиносии тоинқилобӣ ба авчи фалак бароварда мешуд. Бо ин васила онҳо неруҳои бунёдгари халқро фақат барои шикастани тарзу усулҳои идоракунии мавчуда, барои му- боризаи сиёсию идеологӣ истифода бурдани буданд. Вале ин мубориза беасосу бебунёд буда, ба зудӣ мақсади ниҳоии ин «халқдӯстон»-ро ошкор намуд.

Онҳо бенавоӣ, бандагӣ, ғуломию бедавлатии тоинқилобии точиконро ҳамчун «бойгарӣ»-и аз даст рафта ба чавонон фаҳмонданӣ буданд

Бисёре аз чавонон бошанд, аз маълуму маъмултарин тадқиқоти таърихии тоинқилобӣ, аз чумла рисолаҳои ба таҳқиқи таърихи амиро- ни манғития бахшидаи Аҳмади Дониш («Рисола ё мухтасаре аз таъри- хи салтанати хонадони манғития»), Мирзо Абдулазими Сомӣ («Таъри- хи салотини манғития»), Садриддин Айнӣ («Таърихи амирони манғитияи Бухоро»), тадқиқоти олимони шарқшинос ва саёҳатчиёни тоинқилобии рус Н.Хаников, В.В.Бартолд, М.А.Варигин, капитан Ва- силев, П.Гаевский, Б.Л.Громбчевский, П.А.Кузнетсов, капитан Лили-

**ентал, В.И.Липский, И.В.Мушкетов, В.Ф.Ошанин, А.К.Разгонов, А.Э.Регел, А.А.Семёнов, А.Е.Снесарев, Д.Н.Логофет, А.А.Бобрин- ской, М.С.Андреев ва бисёри дигарон, ки бевосита мушоҳидоти худро ба қалам додаанд, тамоман бехабаранд. Агар ҳатто аз асарҳои чунин муаррихони баъдиинқилобии точик Б.Ғ.Ғафуров, Н.А.Кисляков, З.Ш.Рачабов, Б.И.Искандаров, М.Эркаев, А. Мухторов, О. Мачлисов, М. Назаршоев, Т.Каримов, Ғ.Ҳайдаров, О.Боқиев, Н.Ҳотамов, Ш.Юсупов ва дигарон, ки самтҳои гуногуни ҳаёти тоинқилобию солҳои аввали баъдиинқилобиро тадқиқ кардаанд, шиносой медош- танд, инқадар сабукфикрона ба таърихи замони шӯравии худ сангпартой намекарданд. Бо чунин «чаҳонбинии таърихӣ» ин чавонон албатта асарҳои устод С.Айнӣ, аз чумла «Ёддоштҳо»-и ӯро, ки олимо- ни номӣ қомуси ҳаёти ичтимоии Бухорои тоинқилобиаш хондаанд, дурӯғи маҳз ё муҳоботи хаёлпарастонаи адиб эълон намекарданд.**

**Доираи таърихдонии ин чавононро фаҳмидан мумкин буд, лекин кас аз таърихдарккунӣ ва таърихтаълимдиҳии устодонашон дар ҳайрат мемонад. Устодони ин қабил шогирдон бо кадом воситае, ки набошад, зӯр мезананд, то «бартарӣ»-и ҳаёти тоинқилобиро собит созанд.**

**«Ҳафтод сол пеш аз ин (давраи тоинқилобиро дар назар дорад. - Ҳ.П.) точикон, - навиштааст мунаққид Раҳими Мусулмониён (собиқ Мусулмонқулов), - давлате доштанд бо ном «Аморати Бухоро». Ҳафтод сол пеш аз ин Аморати Бухоро пора-пора шуду як порчаи он номи «Точикистони шӯравӣ»-ро гирифт». Мунаққид ба ин хаёли беа- соси худ такя карда, «осеб»-ҳои точиконро чунин номбар мекунад: қисмат шудан, маҳрумият аз Самарқанд, Бухоро, канда шудани раво- бит аз Эрону Афғонистон. Ба ин қатор ӯ бӯҳрони давраи бозсозиро низ ҳамроҳ кардаст.**

**Ғараз аз овардани ин «нуқсонҳои таърих» ба мунаққид барои он ло- зим буд, ки, диққати хонандаро боз як бори дигар ба «кашфиёти» басо муҳими «назариявӣ»-и худ - яъне таъсири сиёсати «ҳалокатбор»-и бол- шевизмро дар адабиёти чаҳонӣ ва точик «собит» созад. Гарчи аз мизо- ни мантиқ ин шарҳи сиёсӣ ба мақолаи муалиф «Хоча ва тарзи Хочу» (Адабиёт ва санъат. - 23 январи соли 1992. - № 4. - С.14) мутлақо на- часпад ҳам, мунаққид ба оммаи хонандагон кам маълум будани Хочуи Кирмониро дар «шарри ҳизби коммунист» дидааст. Ногуфта намонад, ки яке аз тадқиқотчиёни ашъори Хочуи Кирмонӣ олими Точикистони шӯравӣ Камол Айнӣ, дар Эрон низ олими шинохта аст[41].**

**Акнун ба сари масъалаи ба кадом халқ мансубият доштани аморати Бухоро меоем, ки мунаққид бо зътиқоди комил давлати точикон буда- ни онро таъкид намудааст. Бояд иқрор шуд, ки гарчи таассуфовар бо- шад ҳам, ин ҳақиқат фақат барои таърихи қадим ва асримиёнагии точикон мувофиқат мекунад. Ин фаҳмиши беасоси мунаққид аз ҳисси бадбинию айбчӯиҳояш нисбати чомеаи шӯравӣ маншаъ гирифтааст.**

**Агар гап дар бораи Давлати Сомониён (874-999) равад, ба мутлақо давлати точикон буданаш, шубҳае нест. Ҳамчунин нигоҳ доштани таъсири давлатдории точикон дар сохтори идоракунии давлатҳои Оси- ёи Миёна ва забону фарҳанги онҳо дар солҳои баъдина низ ҳақиқати таърихист. Вале ақидаи давлати точикон будани аморати Бухоро (гар- чи ба хоҳиши мо мувофиқ бошад ҳам) ягон асоси воқеӣ надорад.**

**Дар арафаи истилои Осиёи Миёна аз тарафи Русия дар ин минтақа ба ғайр аз се давлати нисбатан бузург: аморати Бухоро, хонигариҳои Хева ва Қӯқанд, боз чандин давлатчаҳои хурд - мулкҳои мустақилу ниммустақил мавчуд буд. Точикон миқдори муайяни аҳолии нафақат аморати Бухоро, инчунин, дигар хонигариҳоро низ ташкил мекарданд. Ягонтои ин аморату хонигариҳоро давлати точикон ва ҳамчунин дав- лати ӯзбекон ё қирғизу туркманҳо шумурдан чоиз нест, чунки дар қаламрави онҳо намояндагони халқиятҳои номбаршуда ва гурӯҳҳои кӯчию муқимӣ зиндагӣ мекарданд. Бо афтидани давлати Сомониён дар ин минтақа, ва боло гирифтани мавқеи сиёсии муғулу турктаборони кӯчӣ роҳи давлатдорӣ барои точикон батамом баста шуд.**

**Ҳанӯз асри XVI дар қисми зиёди ҳудуди имрӯзаи Точикистон мисли дигар ноҳияҳои Осиёи Миёна, намояндагони қабилаҳои бодиянишини ӯзбек ҳукмрон буданд. Дар се хонигарӣ намояндагони сулолаи туркна- жод бештар аз пешвоёни қабилаҳои ӯзбек ҳукмронӣ мекарданд, ки онҳо низ як халқияти бикрро ташкил намекарданд. Даҳҳо қабилаҳои кӯчии онҳо ҳар кадом бо номи қабилавии худ маълумият доштанду байнашон алоқамандии қавии аз ташаккули халқият далолаткунанда мавчуд набуд. Дар Бухоро охирин сулолаи ҳукмрон манғития буд, ки солҳои 1753-1920 салтанатронӣ намудааст. Бекигариҳои точикнишини Бухорои Шарқӣ: Бойсун, Деҳнав, Қабодиён, Қӯрғонтеппа, Ҳисор, Кӯлоб, Балчувон, Қаротегин, Дарвоз ба аморати Бухоро солҳои 60 ва 70-уми асри XIX бо ёрии генерал-губернатори Туркистон ҳамроҳ карда шуданд.**

**Оиди шаҳрҳои Бухорою Самарқанд бояд чунин ҳақиқатро эътироф кард, ки онҳо баъди таназзули давлати Сомониён мавқеи пешсафи маданӣ ва фарҳангии худро барои точикон дар тамоми даврaҳои ҳукмронии сулолаҳои ғайриточик нигоҳ медоштанд. Вале ин чунин маъно надорад, ки аморати Бухоро маҳз давлати точикон буду онро коммунистон пора карда бошанд. Ин гуна «таҳлил»-и таърихӣ фақат иғвоангезии навбатии зидди шӯравӣ буд. Барои ин усули дилхоҳи гумроҳкунии таърихиро такмил додан, мунаққид метавонист доираи солномаи гуноҳи коммунистонро боз васеътар карда, ҳатто шикасти давлати Сомониёнро ба гарданашон бор кунад. Фақат дар ин ҳолат бо- яд фаромӯш накард, ки ҳақиқати таърих дар банди итоату хоҳиши касе буда наметавонад. Амали ӯ мустақилу дахлнопазир аст.**

**Гарчи беадолатӣ дар давраи тақсимоти ҳудудӣ-миллӣ содир шуда бошад ҳам[42], ба ҳар ҳол он чумҳурие, ки мӯҳтарам Урун Куҳзод кино-**

**яомез «лӯхтакчумҳурӣ»-аш номидааст[43] ва 9 сентябр соли 1991 мустақилияти пурраи он эълон шудааст, ба туфайли ҳамон инқилобе ба даст омадааст, ки чанобон демократҳо «тасодуфи таърих»-аш хонда- анд. Аз ин рӯ, халқи точик ба кадом дарачаи тараққиёте, ки нарасад, барои эҳёи давлаташ бояд аз Инқилоби Октябр сипосгузор бошад.**

**Маҳз ба туфайли инқилоб фишори пантуркизм, ки точиконро ба да- ми ҳалокати ҳудудӣ ва этникию фарҳангӣ наздик оварда буд, суст шуд. Агар хонандаи борикбин диққат дода бошад, тамоми ноҳияҳои Точикистон, ба ғайр аз Помири Ғарбӣ, деҳаю даштҳо, дараю дарёҳои зиёде номи туркӣ гирифтаанд. Аз ин номгузорӣ Қаротегин низ дар ка- нор намондаст. Ин тасодуф нест. Аксари ин чойҳо дар асрҳои XVII - XIX қароргоҳу чарогоҳи кӯчиён гашта, тағйири ном кардаанд. Аз ин мебарояд, ки агар бо амри тақдир Инқилоби Октябр ду-се даҳсола дер- тар мешуд, яқинан имрӯз деҳаи соф точикнишин пайдо кардан намета- вонистем.**

**Баъзе намояндагони доираҳои илму адаб мавқеи точиконро дар ҳаёти сиёсию маъмурӣ ва мадании аморати Бухоро баланд бардоштанӣ шуда, онро бо ду нишондиҳандаи дар назар муҳим исбот карданӣ ме- шаванд: 1. дар дарачаи забони давлатӣ қарор доштани забони точикӣ;**

**2. иштироки бевоситаи намояндаи точикон дар идоракунии аморат.**

**Дар ҳақиқат то миёнаи асри XIX забони точикӣ дар ҳуччатгузорӣ бартарӣ дошт, лекин дар оянда, бо пайдо шудани чараёни миллатчигӣ**

**- пантуркизм, вобаста ба қувватгирии он, мавқеи забони точикӣ то рафт танг карда шуд. Доир ба иштироки точикон дар идоракунии маъмурӣ бояд иброз дошт, ки баъди ба тасарруфи аморати Бухоро аф- тидани мулкҳои мустақили дар шарқи он мавчуд буда, яъне Бухорои Шарқӣ ба чои ҳокимони маҳаллӣ бекҳо таъин мешуданд, ки асосан аз намояндагони манғития, хешу табори амир ё наздиконаш аз қабилаҳои дигари ӯзбек буданд. Барои точикон дар бисёр мавридҳо вазифаҳои қозӣ ва муфтиро раво медонистанд, ки онҳо вазифаи маъмурӣ ҳисоб наёфта, бештар характери динӣ-шариатӣ доштанд.**

**Маҳз ба туфайли Ҳокимияти Шӯроҳо дар як гӯшаи кӯҳистони дав- лати бузурги Сомониён чумҳурии кӯчак бо номи Точикистон эҳё шуд ва точик имкон ёфт нафас рост кунад, соҳибдавлат будани худро баъди қарнҳо аз нав эҳсос намояд. Ин амри тақдиру таърих олитарин бурди ӯст.**

**Таҳрифу суханбозиҳои чанобони демократ оиди ҳаёти осоиштаю серию пурии давраи тоинқилобӣ беасос будаанд. Ин қабил «ҳақталошон» соатҳои зиёд баҳс кунанд ҳам, мисоле ёфта наметаво- нанд, ки дар он амале аз раъиятпарварии амир ва ҳукумати ӯ зоҳир шуда бошад. Оё касе аз онҳо гуфта метавонад, ки дар қаламрави шарқии Бухоро ягон шифохонаи давлатӣ, муассисаи илмию фарҳангӣ ё мадрасаи маълумот нисбатан баланди илмҳои дунвӣ ва дақиқ сохта ба**

**истифодаи халқ пешниҳод шуда буд? Дуруст аст, ки мактабу мадрасаҳои саводи ибтидоӣ ва миёнаи динидиҳанда буданд. Лекин на ба ҳама муяссар мешуд, ки дар онҳо таҳсил намояд. Бинобар дар ноҳияҳо Ҳофизу Бедилхонҳо ангуштшумор буданд. Фақат ба кам ан- дар ками иштиёқмандони илму дониш муяссар мегашт, ки дар мадрасаҳои нисбатан маълуму машҳури Бухоро таҳсил намоянд.**

**Акнун хонандаи гиромӣ биёед бо нигоҳи ҳақбинона барои муқоиса каме бошад ҳам, баъзе дастовардҳои баъдиинқилобии ҷумҳуриамонро ба хотир биёрем:**

**Соли 1989 аз 84 ҳазор муаллими дар мактабҳои таълими умумӣ фаъолиятдошта, 80 ҳазорашон дорои маълумоти олӣ буданд. Соли хониши 1989/90 дар 3101 мактаби миёнаи таълими умумӣ 1258, 8 ҳазор хонанда таҳсил мекард.**

**Дар ҷумҳурӣ дар давраи ишорашуда зиёда аз 940 муассисаҳои томактабӣ дар хизмати халқ буданд. Шумори донишҷӯёни донишкадаҳои олӣ дар соли таҳсили 1989/90 ба 65 586 нафар расида буд. Соли 1989 дар ҷумҳурӣ 14 909 табибони баландихтисос адои хиз- мат менамуданд. Ҳамон сол дар ҷумҳурӣ 1 709 китобхона, 1 429 клубҳои маданӣ-равшаннамоӣ, 13 театри касбӣ мавҷуд буд.**

**Соли 1928-1989 дар ҷумҳурӣ 31, 4 ҳазор номгӯи китобу китобчаҳо бо тиражи умумии 261 миллион нусха чоп шудааст. Фақат соли 1988 - 920 номгӯӣ (бо адади умумии 12 507 ҳазор нусха) ва соли 1989 - 870 номгӯй (11 244 ҳазор нусха) китобу китобчаҳо нашр шудааст.**

**Дар ҷумҳурӣ якҷоя бо мактабҳои олӣ 58 муассисаи илмӣ мавҷуд буд, ки шумораи кормандони онҳо ба 9 069 мерасид. Аз ҷумла зиёда аз 260 доктор ва 3 4000 номзадҳои илм ба корҳои тадқиқотӣ машғул бу- данд. Дар хоҷагии халқи Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон зиёда аз 175 ҳазор мутахассисони дорои маълумоти олӣ кор мекарданд. Аз 425 корхонаи саноатӣ, 207-тоаш ба саноати вазнин мансубият доштанд.**

**Магар ин нишондиҳандаҳо ва боз ҳазор ба ин монанд мисолҳои ди- гар, ки метавонем оварем[44], нишонаи пешравӣ нест? Магар ин бурдбориҳо натиҷаи инқилоб нест?**

**Ташаббуси инқилобиеро, ки қувваи бузурги халқро ба маҷрои муайяни бунёдкорӣ равона карда буд, надидан гуноҳ аст. Дар муддати хеле кӯтоҳи таърихӣ дар ҷои холӣ бунёди чунин шаҳр монанди Душанбе бо ҳамаи корхонаҳои саноатӣ, муассисаҳои илмӣ-тадқиқотӣ, маданию фарҳангӣ ва ҳамчунин шаҳрҳои дигар: Қӯрғонтеппа, Кӯлоб, Хоруғ, Норак, Ёвон, Роғун ва боз даҳҳо шаҳрҳо, магар ин пешравӣ нест? Иншоотҳои обёрикунандаи водии Вахш, нақбҳои обгузари Ёвону Данғара, роҳҳои автомобилгард, заводҳои трансформатории Қӯрғонтеппа, алюминии Турсунзода, химиявии Ёвон, истгоҳҳои барқӣ, комбинатҳои бофандагӣ, қолинбофӣ ва боз садҳо корхонаҳои бузургу**

**миёнаи саноатӣ, нишондиҳандаи прогрессии иқтисодӣ ва илмию техникӣ нест?**

**Бояд дар ёд дошт, ки ҳамаи ин дар чои хушку холӣ сохта шудааст. Қисмати асосии ин сохтмони бузург ба давраи баъдичангӣ рост меояд. Бунёдгари он бобою падароне мебошанд, ки аксаран имрӯз дар қайди ҳаётанд (умрашон дароз бод!). Вале аламовар он аст, ки ба чои меҳнати онҳоро қадр кардан, дар пешашон сари таъзим фуруд овардан, барои меҳнати ҳалолу обод кардани чумҳурӣ онҳо ҳадафи таънаю маломати фарзандону наберагони носипос ва сиёсатбозони бо ном демократ гаштаанд ва то ба имрӯз ин ақида тағйир наёфтааст. Аҳсан ба ин чаҳиши идеологии созандагони чомеаи «озод ва ғайриидеологӣ»-ю демократӣ!**

**Ин чанобон барои «исбот»-и бартарии сохти сармоядорӣ нисбат ба сотсиалистӣ, иқтидори иқтисодии чумҳуриро бо чунин давлатҳои пешқадами капиталистии классикӣ монанди ШМА, Англия, РФГ, Япония, Франсия ва ғайра муқоиса намуда, худ фаромӯш мекарданд, ки ҳар кадоми онҳо зиёда аз ду аср анъаноти истеҳсолии капитализмро соҳибанд. Онҳо то нимаи дуюми асри гузашта соҳиби мустамликаҳои зиёде буда аз ҳисоби истисмори онҳо натанҳо сарвати зиёд, инчунин суръатафзоии истеҳсолоти капитализмро тезонда буданд. Баъди барҳам хурдани сиёсати мустамликадорӣ пешравии иқтисодӣ ва технологӣ ба давлатҳои абарқудрат имкон дод, ки сиёсати мустамли- кадории нав - неоколониализмро васеъ мавриди истифода қарор диҳанд. Акнун онҳо бештар дар давлатҳои собиқ мустамлика ва сусттарақикарда капитали калон гузошта, онҳоро чун манбаи ашёи хом, кувваи арзони коргарӣ ва бозори савдо истифода бурда, даромади калон мегиранд. Ин имкон медиҳад, ки фосилаи пешравии давлатҳои абарқудрати чаҳон ва қафомони давлатҳои сусттарақикарда то рафт меафзояд ва ин тобеъияти иқтисодӣ боз бештар мегардад.**

**Дигар самти муайянкунандаи чанобони демократ бо Эрону Туркия муқоиса намудани иқтидори иқтисодии Точикистон буд. Ин «дилсӯзон»-и миллат фикр намекунанд, ки ин давлатҳои мусулмон садсолаҳо пойдоранду (собиқаи давлатдории Эрон 2,5 ҳазор сол боз идома дорад) мустақилияту давлатдории худро нигоҳ дошта то ба имрӯз сайқал додаанд. Сарватҳои миллию фарҳангии худро нигоҳ дошта, дар он пойдевори мустаҳкам хиштҳои навин мегузоранд. Мо бошем, чӣ тавре дар боло зикри он рафт, дар болои як гӯшаи хеле хур- ди хоктӯда (аниқтараш сангтӯдаю кӯҳсори камзамин) ва вайронаҳои фаромӯшшудаи давлати бузурги Сомониён баъди 930 сол пойдевор гузоштем. Оё он чизе, ки дар муқоиса бо арафаи тавлиди нави давлати точикон доштем кам аст? Фақат номгӯи он муваффақиятҳои иқтисодӣ ва илмию фарҳангии дар тӯли каме бештар аз ним асри баъди ибтидои эҳёи давлатдориамон ба даст овардаро ба қалам диҳем ва ҳақиқатнигорона ба мизони таҳлил баркашем, он гоҳ равшан эҳсос**

хоҳем кард, ки он ба садсолаҳои тараққиёти осоиштаи ҳар як давлати пешрафта баробар аст.

Ин чанобон дидаю дониста нисбати гуфтаҳои мо беэътиноӣ зоҳир намоянд ҳам бояд гуфтаҳои расмии Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон онҳоро ба дақиқназарии таърихӣ водор намояд.

Президент назари одилона ва оқилонаи хешро доир ба давраи Шӯравӣ чунин иброз доштааст: «Чӣ чои пинҳондорӣ? Дар арафаи инқилоб ҳолати сиёсӣ ва ичтимоии мардуми мо ба харобӣ расида буд. Аз фишори бераҳмонаи бадхоҳони қудратманди дохиливу хоричӣ халқи точик рӯ ба таназзул оварда буд. Мавкеи таърихию ичтимоии ӯ аз ҳар чиҳат суст мешуд. Илму адабиёт ва забони пурмояву ширадори точикӣ дар шаҳрҳои бостонӣ шукӯҳу шаҳомати қадимаи худро аз даст медод. Чабру ситами ачнабиён кишварро хароб, мардумро пажмурдаву ноумед сохта, косаи сабрашонро лабрез менамуд.

Ба ин маънӣ метавон гуфт, ки Инқилоби Октябр ба мардуми мо уме- ду умри дубора бахшид. Халқи точик баъди ҳазор сол аз байн афтода- ни сулолаи Сомониён боз соҳибдавлат шуда, дар харитаи сиёсии чаҳон арзи вучуд кард»[45].

Агар касе хоҳад, ки ин пешравиро дар мисоли зинда бубинад, мо- шинсавор қад-қади роҳи Помир ба Бадахшон равад. Онгоҳ бе душворӣ эҳсос менамояд, ки дар тамоми самтҳои зиндагӣ, мардуми Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон нисбат ба ҳамзабонону собиқ ҳамватанони хеш, ки бо амри тақдиру таърих, аниқтараш бо хох<u>**итттт**</u>и мустамликачӯёнаи Русияи подшоҳӣ ва Британияи Кабир дар қаламрави Афғонистон мондаанд, даҳсолаҳо пеш гузаштаанд. Як худи роҳи авто- мобилгардро гиред. Зиёда аз **60** сол бо ин роҳ мошинҳо рафту омад до- ранд, аниқтараш дар замони шӯравӣ пурбор мерафтанду холӣ барме- гаштанд. Дар он тарафи дарё бошад то кунун ҳатто роҳи нисбатан қулаи пиёдагард надоранд. Хонаҳои сокинони тарафи рост баланду барҳаво, бо усули ҳозиразамон сохташуда, дар соҳили чап бошад бо усули асримиёнагӣ ва ба талаботи муносибатҳои патриархалӣ, ки садсолаҳо пеш сохта мешуданд. Дар соҳили рост зиндагӣ бе қувваи барқ тасаввур карда намешавад, дар он тараф торикию зулмоти асримиёнагӣ. Қобили қайд аст, ки **4-5** сол пеш аввалин маротиба аз ҳисоби хатти қувваи барқи Точикистон баъзе аз сокинони соҳили рост дар хонаҳояшон маротибаи нахӯст равшании барқро диданд. Дар соҳили рост мактабу муассисаҳои маданӣ-равшаннамоӣ, дар он тараф саросар бесаводӣ. Хулоса, сокинони соҳили Шӯравӣ аз прогресси техникӣ то андозае баҳравар гашта бошанд, бародарони соҳили муқобил бо ҳамон андоза аз онҳо маҳруманд.

Чунин вазъи ҳаёти ичтимоиро мушоҳида намуда, кас бовар намеку- над, ки **8** даҳсола пеш зиндагии ин авлодону хешони наздик - сокино- ни ҳарду соҳили зӯран чудо кардашуда дар як сатҳ буд.

Ин пешравиро фақат шахсоне дида наметавонанд, ки саводи кофӣ ва дидӣ таърихӣ надоранд, ё аз фаҳмиши адолати ичтимоӣ фосила мечӯянд. Беҳуда нест, ки онҳо Точикистонро чунон ҳақиру бенаво, аз чиҳати иқтисодӣ чунон камбағалу роҳгум нишон медиҳанд, ки гӯё аз рӯи сатҳи зиндагӣ ва иқтидори саноатӣ дар дунё аз ҳама охир қарор ги- рифта бошад. Ба ин нолишҳои сентименталӣ (риққатовар, аламовар, ҳузнангез) нафрати кас меояд. Биёед ба иқтидори иқтисодӣ, бойгарии табии ва аз ҳама муҳимаш ба меҳнатқаринии халқамон аз паси пардаи норасоии бӯҳрони дирӯза ва сатҳи пасти иқтисодии имрӯза нигоҳ на- карда, ба пешомади худ бо диди неку дили гарм ва боварии комил назар кунем. Акнун насибу ризқамонро аз марказ муайян намекунанд. Он сатҳи иқтидори саноатӣ ва кишоварзии имрӯзаамон, ки бешак ба туфай- ли маблағгузорию кӯмаки илмию техникии Иттиҳоди собиқ ба даст омадааст, пурра ба ихтиёрамон гузашт. Ҳатто намунаи хеле фишурдаи дастовардҳои дар боло ишора шуда, ҳуқуқ медиҳад, ки мо иқтидори са- ноатии чумҳуриро нисбат ба аксари давлатҳои хоричии сатҳи миёна бо- ло гузорем. Ин иқтидор бешак имкон медиҳад, ки чумҳурӣ дар як муд- дати кӯтоҳ аз танқисии иқтисодӣ баромада, дар бозори чаҳонӣ мавқеи худро соҳиб мешавад. Афсӯс, ки дар ин бора на фақат кам фикр мекар- дем, инчунин, дар сатҳи зарурӣ нисбати нигаҳдошту ба кор андохтани корхонаҳои боқимондаи саноатӣ чорачӯии қатъӣ зоҳир намекардем. Пеши роҳи боқимондаи корхонаҳои саноатиро низ аз нестшавӣ нигоҳ надоштем. Гузашта аз он, наҳзанию носипосӣ нафақат дар атрофи иқтидори саноатӣ ва умуман вазъи иқтисодии чумҳурӣ, ки дар давраи бозсозӣ ибтидо гирифтаву баъди пош хӯрдани ИЧШС ба авчи аълои худ расида буд (ва то ба имрӯз идома дорад), инчунин дар атрофи дастовардҳои илмию фарҳангӣ низ авч гирифт. Дар ин чода чанобони демократ ва пайравони ғоявии онҳо дар зери ниқоби «роҳи хоси фарҳангӣ» идеяҳои панисломизмро ҳар чи бештар тарғиб менамуданд.

То рафт вусъат ёфтани бӯҳрони иқтисодию сиёсӣ ва талвосаи аз ин бероҳагӣ баромадан, гарчи хеле ҳузновар буда, диққати аҳли чомеаро ба худ банд карда бошад ҳам, аз баъзе тарафҳои барои сохтори чамъиятии ҳақиқатан демократӣ ва ҳуқуқбунёд хеле муҳими раванди воқеаҳо сарфи назар намудан низ гуноҳ аст. Аз ин чиҳат аз байн бар- доштани он маҳдудиятҳои сиёсӣ ва идеологии ба идоракунии пешта- раи бюрократӣ мансуббударо баъди ба даст овардани имконияти мустақилияти миллӣ бурдбории хеле муҳим ҳисоб кардан лозим аст. Шикасти маҳдудиятҳои динию мазҳабӣ низ аз чумлаи онҳост.

Пӯшида нест, ки дини мубини Ислом дар байни аҳолии чумҳурӣ ба истисноӣ яҳудӣ ва насронӣ дини ягонаест, ки таълимоташ ба маънави- ёт ва хуну пӯсти аҳолии маҳаллӣ дохил гаштааст. Баъди аз байн рафта- ни Зардуштия ва Буддоия аҳолии ин сарзамин худро саросар ба ин дин мансуб медонанд.

**Ҳатто дар солҳои мудҳиштарини таъқиботи идеологӣ эътиқоди халқ ба ин дин суст нагашт, чунки аз ҳаёти ичтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангии чамъият дар канор набуд. Бинобар ин дар зоҳир идеологҳои ба мукаммалтарин донишу чаҳонбинии материалистӣ мусаллаҳ буда, дар ботин худро мусулмон мепиндоштанд ва дар риояи маросимҳои динӣ, ки ба ҳукми одату анъана соҳиб гашта буданд, бечуну чаро пайравӣ мекар- данд. Аз ин рӯ, ҳамаи зиёиён ва ҳизбиён низ аз доираи таъсири идеоло- гии исломӣ берун набуданд ва нестанд, чунки ин маънои аз анъанаҳои барои халқ нормаи ҳаёти гашта канорагирӣ карданро дорад. Бинобар аҳолии маҳаллиро ба мусулмонон ва кофирон чудо кардан амале буд носазо ва иғвогарона.**

**Ин қувваи бузурги муташаккилии рӯҳӣ ва аз чиҳати моддӣ бунёдга- ри ислом (меҳнатдӯстӣ, ҳалолкорӣ, ҳалолхӯрӣ, покизагии рӯҳию боти- ниро тарғиб кардан, чаллобию қаллобӣ ва дигар амали носазоро барои мусулмонон маҳкум намудан, чанде аз вазифаҳои марказии ӯ ҳисоб меёбанд), агар ба нафъи халқ истифода карда шавад, онгоҳ бешубҳа, яке аз омилҳои муҳимтарини пешравии чомеа хоҳад гашт.**

**Боиси таассуф аст, ки сарварони дин он рӯзҳо ин нерӯи бузургро барои ваҳдати халқ ва бунёдкорӣ истифода бурданӣ набуданд. Албат- та, таъқиботҳои чандинсолаи идеологӣ, ки ба системаи идоракунии бюрократӣ ва яккаҳукмрони ҳизбӣ хос буд, ҳисси бадбинии намояндагони динро нисбат ба ин усули идоркунӣ ба вучуд наоварда наметавонист. Акнун, ки ислом аз маҳдудияти сиёсӣ ва маъмурӣ озод шуд, баъзе роҳбаронаш имконияти аз маҳдудкунандагони худ - коммуни- стон яксара қассос гирифтанро мечустанд (аниқтараш онро барои ҳадафҳои сиёсии худ истифода бурданӣ буданд). Беҳуда нест, ки дар байни халқ чунин фатво, монанди «нону моли коммунист ҳалол нест», «коммунист мусулмон нест» ва ғайраро паҳн мекарданд. Ҳол он ки аз аъзоёни ҳизб қисмати зиёдаш аз аҳли заҳмат - коргару колхозчиён (59,**
**9 фоиз) буданд, ки андаке бошад ҳам дарки материалистии ҳаётро қабул карда наметавонистанд. Сарварони ҳизба коммунистӣ бошанд, худ аз тарзи идоракунии пештара даст кашида буданд. Аз ин чиҳат та- моми мамониятҳои динию мазҳабӣ ба таври расмӣ бардошта шуданд. Ин имкон дод, ки дар як муддати кӯтоҳ тамоми тамоми воситаҳои тарғиботи динӣ ба чунбиш дарояд, масчиду мадрасаҳои зиёде сохта шуд. Таълими динӣ қариб тамоми аҳолиро фаро гирифт. Ба таври расмӣ ҳам набошад, мактаббачагон ба доираи ин таълимот кашида мешуданд. Нашри адабиёти динӣ дар нашрияҳои давлатию шахсӣ бо суръати баланд ба роҳ монда шуд.**

**Ҳамаи ин дар ҳолате мегузашт, ки муборизаи сиёсӣ то рафт бештар авч мегирифт. Кӯшиши ҳизбу созмонҳои сиёсӣ барои гирифтани ҳокимият фаъол мешуд. Ин барои фаъолияти сиёсии сарварони дин му- соидат мекард. Онҳо иштирокчиёни фаъоли ин раванд гашта буданд.**

Дар ҳолате, ки дар мубориза ба муқобили ҳизби коммунистӣ ҳизби демократӣ ва созмони «Растохез» заифии худро эҳсос менамуданд, та- биист, ки аз қувваи нисбатан пуриқтидортар ва дар байни халқ бештар нуфуз дошта, яъне ислом истифода карданӣ шуданд. Аз рӯи диди онҳо ин ягона имконияте буд, дар ҳалли нақшаи ба даст даровардани ҳокимият. Демократҳо гумон надоштанд, ки баъзе аз роҳбарони дин ҳам, ки худро кайҳо ба гирдоби сиёсат зада буданд, дар талоши ҳокимият нафақат аз онҳо қафо мондан намехостанд, балки мубориза- ро ба фоидаи худ ҳал карданӣ шуданд. Худи вазъият ба ин мусоидат мекард. Шиори ҳизби коммунистӣ - «мубориза барои чумҳурияти мустақили демократӣ ва ҳуқуқбунёд», ки аз рӯи мантиқи аслиаш бояд дар чорчӯбаи сотсиализм таъмин мегашт, шиори ягонаи ҳамаи ҳизбу чараёнҳои сиёсӣ гардид. Барои ҳамин ҳам ин ташаббус дар байни ом- ма, пеш аз ҳама зиёиён дастгирӣ пайдо намуд. Вале фаҳмиш ё мантиқи ояндаи ин шиор аз фаҳмиши ибтидоии худ дур мешуд.

Дере нагузашта ҳомиёни демократия ба демократияи буржуазӣ майл мекардагӣ шуданд ва кор ба ҳадде расид, ки ин демократҳои сармасти муборизаи сиёсигашта рӯи рост демократияю сотсиализмро бо ҳам душман эълон намуданд. Ин барои қуваҳои аксулсотсиалистӣ, ки аз бародарони русиягии худ илҳом мегирифтанд, айни муддао буд.

Раванди воқеаҳои сиёсӣ дар мамлакат, ки махсусан дар парламенти Умумииттифоқу Русия то рафт тезу тунд ва ба фоидаи қувваҳои ҳанӯз барои халқ аз рӯи амал каммафҳуми «демократӣ» ҳал мешуд, чунки шиорҳои пешниҳодкардаашон зоҳиран ба халқ наздик менамуданд. Барои чунин суръат гирифтани вазъият сиёсати ақибнишинии роҳбарони ҳизби коммунистии мамлакат ва чумҳуриҳо, ки ҳамзамон вазифаҳои президентиро низ ба ӯҳда доштанд, мусоидат мекард.

Ҳизби дар амал бесардор ва тамоми вазнинии масоили иқтисодии бозсозиро ба дӯши худ бардоранда ба фишори иттифоқи қуваҳои бо ном демократӣ, ки ғайр аз тезондани муборизаи сиёсӣ ва идеологӣ масъулияти дигаре ба ӯҳда надоштанд, тоб наоварда, ақибнишиниро то ҳадде идома дод, ки дигар ёрои ба ҳуҷум гузаштан дар он намонда буд. Ба ин бепарвогии коммунистони ташкилотҳои сатҳи миёна ва қаторӣ, ки ба фармонфармоии органҳои болоӣ одат карда буданд, низ сабаб шуд. Пешвоёни боло бошанд, ягона роҳи дар сари мансаб монданро ҳарчӣ тезтар аз идеалу вазифаҳои коммунистии худ рӯ гардондану ба мансаби президентӣ соҳиб шудан медиданд.

Баъзеяшон аз ин амал (аниқтараш хиёнат ба ҳизбе, ки чону тана- шонро ба хизматаш бахшида буданд) бурд ҳам карданд.

Мавчи воқеаҳои сиёсии марказ ва Русия, Точикистони аз чиҳати иқтисодӣ камқуввату, аз чиҳати сиёсӣ заифро аз пушти худ мекашид. Қувваҳои дар зери шиори демократия амалкунанда барои мустақилияти иқтисодии чумҳурӣ, вилоятӣ, ноҳиявию корхонавӣ муборизаро то ҳадде расонданд, ки ба шикастани тамоми алоқаи байни истеҳсолӣ ва умуман

касодшавии истеҳсолот оварда расонд. Ачибаш ин буд, ки ба ҳамаи нобарориҳои иқтисодӣ коммунистонро айбдор мекарданд.

Ҳамин тариқ, ихтилофоти сиёсӣ то рафт авч мегирифт ва он бӯҳрони иқтисодию сиёсиро то рафт бештар тезу тунд мекард. Азбаски ба ҳамин вобаста карда, ташвиқоти зиддикоммунистӣ муттасил пеш бурда мешуд, табиист доираи пайравон, алалхусус аз чумлаи баъзе сиёсатбехабарон, наврасону чавонони зудбовар, ки тайёр буданд дар роҳи адолат чоннисорӣ намоянд, васеъ мешуд. Агар чонсупори барои тантанаи демократияи воқеӣ бошад, чунин фарзандон бешак сазовори дастгирӣ ва эҳтироми умум хоҳанд гашт. Лекин таассуфовар он буд, ки қисме аз онҳо худ нафаҳмида, ба роҳе бурда бурда мешуданд, ки хи- лофи ақида ва роҳи падару бобоёнашон буд.

Бӯҳрони иқтисодию сиёсӣ ҳамоно суръат мегирифт. Мавқеи ҳизби коммунистӣ то рафт суст мешуд. Дар пайванди сиёсии қувваҳои бо ном демократӣ мавқеи сарварони расмии дин то рафт бештар боло ме- гирифт. Акнун роҳбари қозиёт рӯи рост ба он коре, ки пештар ҳатто аз фикр кардан дар ин бора метарсид, қатъиян даст заданӣ шуд. Акнун бо саъйи комил муборизаро бурданро барои ҳокимият аз касе пинҳон на- медошт.

Дар чунин шароити пурзӯршавии идеологӣ М. Горбачёв, ки бечуну чаро метавонист ба қудрати қонунӣ ё конститутсионии худ ҳамчун Президенти ИҶШС такя карда, ҳизбро, ки ба туфайли он ба сари қудрат омада буд, ҳимоя мекард. Лекин нафақат ба он чуръаташ нара- сид, инчунин дар як лаҳзаи барои ин ташкилоти дар арсаи байналмилалӣ хеле обрӯманди сиёсӣ мушкил, ки ташаббускори бево- ситаи бозсозӣ буду тақдирашро ҳал карда метавонист, хиёнат карда, аз сарварии он даст кашид. Аз ҳама камбудиҳои содиркардаи Горбачёв ҳамчун сиёсатмадор, ҳаминаш барои ӯ ва ҳизби ба ӯ боваркарда фочиабортар буд. Маҳз ҳамин хато ӯро ба бозичаи дасти рақибони сиё- сиаш табдил дод.

Акнун ин ҳизбро дар Русия дигар «фарзандони содиқ»-аш, ки ба ту- файли он ба сари давлату савлат баромада буданд, ғайриқонунӣ эълон карда, амалиёташро қатъ кунонданд. Дар Русия дасти демократҳо ва дигар ташкилоту ҳизбҳои сиёсии ақидаи зидди киммунистӣ дошта, пурра кушода шуд. Онҳо ба сари вазифа ва қудрати сиёсӣ омаданд. Ҷудо кардани Ҳизби коммунистии Русия аз Ҳизби Коммунистии Иттиҳоди Шӯрав (ки маҳаки ё ядрои ҲКИШ-ро ташкил мекард), бо сардории Г.А. Зюганов, хатогии дуюми ин ҳизб буд, чунки маҳз ҳимин ҳизб тамоми чумҳуриҳоро аз чиҳати сиёсию идеологӣ муттаҳид ме- кард. Чунин сенария дар дигар чумҳуриҳо низ пайравони худро ёфт.

Махсусан амалиёти зидди ҳизби коммунистӣ дар Точикистон авч ги- рифт. Бояд қайд кард, ки дар пешниҳоди чорабиниҳои аз бӯҳрон бар- вардани иқтисодиёти чумҳурӣ демократҳои мо аз аксари чумҳуриҳои ҳамсоя қафо монда бошад ҳам, дар ин амал аз онҳо хеле пеш гузаштанд.

Муҳосираи дарозмуддати сиёсии парламент ва ҳизби роҳбар сар шуд. Дар он ба демократҳои Точикистон бародарони калони онҳо - демократҳои Русия кӯмак мекарданд. Дар ин кор тачрибаи Умумииттифоқ истифода карда шуд. Сарвари чумҳурӣ Қ.Маҳкамов мисли бародари калонаш - Горбачёв, нисбат аз ба вазифаи раиси чумҳур падруд гуфтан, аз сарвари ҳизб даст кашиданро авлотар шумо- рид. Ҳамин тариқ ӯ аз такягоҳи идеологӣ ва сиёсии барои ҳар сарвари давлат дар нигоҳ доштани ҳокимият ҳалкунанда, маҳрум гардид. Би- лохира аз вазифаи Раиси чумҳур низ шармандавор ронда шуд.

Шояд савол афтад: Оё аз рондани Маҳкамов вазъи иқтисодӣ ва сиё- сии чумҳурӣ мӯътадилтар шуд? Ҳаргиз не! Касе ҳисоб накардааст, ки дар ин фосилаи аз амал рафтани ӯ то ба раиси нави чумҳур интихоб шу- дани Р. Набиев, чумҳурии бесоҳиби мо то кадом андоза хароб гаштааст (ин масъала тадқиқ металабад). Ҳаминаш пинҳон нест, ки рақибони сиёсӣ аз рӯи масали «гӯр сӯзаду дег чӯшад» амал мекарданд. Торафт бештар бад шудани вазъи иқтисодӣ ва сиёсӣ ба фоидаи онҳо буд.

Бояд қайд кард, ки мубориза ба муборизаи байни шахсиятҳои сиёсии алоҳида табдил меёфт. Майдони набарди сиёсӣ ба парламент кӯчид. Баъди рафтани Қ. Маҳкамов бояд шахси якум муйян мешуд. Азбаски якумшавандаҳо хеле зиёд буданд, онгоҳ аз рӯи нақшаи муқобилгузории шахсиятҳои нисбатан маълуму машҳури чумҳурӣ сар шуд (аниқтараш, он хеле пештар сар шуда буд, лекин дар чашм наменамуд).

Ба назар чунин мерасад, ки ташкилкунандагони ин муборизаи шахсиятҳо аз рӯи нақшаи махсус амал мекарданд. Насли калон ва миё- наи хонандагони мӯҳтарам шояд ба майдони сиёсӣ аз нав ворид шуда- ни Раиси чумҳур Раҳмон Набиевро дар хотир дошта бошанд, ки дар он ташаббуси худи демократҳо назарас буд. Бар хилофи халқи заҳматкаш, ки ҳанӯз ба кордонию корозмудагии Р. Набиев бовар мекард, ба демократҳо ӯ пеш аз ҳама ҳамчун қувваи зидди коммунистӣ лозим буд. Аз рӯи фаҳмиши онҳо Р. Набиев, ки чанд сол пештар аз сарварии Ҳизби коммунистии чумҳурӣ ноодилона (аз рӯи баъзе маълумот бо иғвои яке аз аъзоёни бюрои КМ ҲК ЧШС Точикистон Г. Бобосодиқова) дур карда шуда буд (ба чояш Қ. Маҳкамов ба ин мансаб интихоб шуд), бояд дар дил нақшаи қассосгирӣ мепарварид. Ва барои ичрои он фурсати муносиб мечуст. Яъне онро ба қуллаи идоракуни давлатие баровараданӣ буданд, ки тачрибаи бои сиёсии худро пурра ба муқобили Қ Маҳкамов истифода бурда тавонад. Беҳуда нест, ки дар матбуот, алалхусус матбуоти бо ном озод, вале дар банди демократҳо, мақолаҳои зиёди шахсияти Р. Набиевро тавсифкунанда ба табъ мера- сиданд. Муаллифон як чизи оддиро фаҳмида наметавонистанд, ки тачрибаи зиндагӣ ва сиёсӣ намегузошт Р. Набиев ба осонӣ ба лаббайгӯи он қувваҳое табдил ёбад, ки акнун худро ба гирдоби сиёсат партофта, самти муайяни шинокуниро наёфтаанд.

**Гарчи дар интихоботи раиси Шӯрои Олӣ ва баъди он дар интихобо- ти парламентии Раиси чумҳур Қ. Маҳкамов дастболо шуда бошад ҳам, чи тавре зикри он рафт, ғалабаи ӯ муваққатӣ буд. Баъди истеъфои мачбурии он (30 августи соли 1991) мубориэаи қувваҳои демократӣ аз нав шиддат гирифт. Аз сустиродагӣ, калавишҳои идеологӣ ва умуман дар муайян намудани самтҳои нисбатан устувори сиёсӣ раҳгум будани Раиси Шӯрои Олӣ Қ Аслонов (баъди Президент интихоб шудани Қ. Маҳкамов, ба ин вазифа интихоб шуда буд), истифода бурда, ба плат- формаи бо ном «қувваҳои демократӣ» муяссар шуд, ки 22 сентябри со- ли 1991 фаъолияти Ҳизби Коммунисти Точикистонро манъ намоянд (ин қарорро сессияи фавқулъоддаи Шӯрои Олӣ 23 сентябр бекор кард, лекин дар зери фишори қувваҳои зиддиҳизбӣ Шӯрои Олӣ тибқи қарори 2 октябри соли 1991 фаъолияти ҳизбро муваққпатан боздошт).**

**Сессияи ба таври таъчилӣ даъватшудаи Шӯрои Олӣ (23 сентябри со- ли 1991) Қ. Аслоноврo, ки тамоман сари калобаашро гум карда, ба кирдорҳои ношоистаи бо ном қувваҳои демократӣ нафақат шарикӣ, бал- ки роҳбарӣ дошт, аз вазифаи Раисии Шӯрои Олии Ҷумҳури Точикистон озод намуд. Бӯҳрони парламентӣ ба авчи аълои худ расид. Намояндаго- ни халқ онро бо роҳи қариб якдилона ба вазифаи Раисии Шӯрои Олӣ интихоб намудани Раҳмон Набиев гӯё ҳал карданд. Дар дақиқаҳои аввал ба назар чунин мерасид, ки қувваҳои демократ ба ин интихоб муқобилияти чуддӣ карданӣ нестанд. Депутатҳо ҳам «ҳал шуд» гуфта нафас рост карданӣ ва қувваҳои демократӣ низ ба тақдир тан доданӣ бу- данд, ки депутати халқии ИҶШС Д. Худоназаров дар парламент баро- мад карда, қарорҳои Шӯрои Олиро зери танқид гирифт ва онҳоро ҳамчун амали ғайриконститутсионӣ шарҳ дод. У ба кори Шӯрои Олӣ мудохила намуда, ишора кард, ки таёр аст, то охир мубориза барад (дар ин амал ӯ ба дастгирии демократҳои Русия умед мебаст).**

**Акнун шахсияте, ки ба муқобили Р. Набиев истифода бурдани он барои демократҳо хеле қулай буд, ёфт шуд. Шояд демократҳои Точикистон бо Д. Худойназаров, ки дар байни демократҳои Русия ну- фузи муайянро соҳиб буд, хеле пештар дар бораи ин ҳамкорӣ забон як карда бошанд. Лекин барои тасдиқи он далеле дар даст надорем. Ҳарчанд ба якдигар ҳусни таваччуҳ доштани онҳо хеле пештар аз ин воқеаҳо маълум буд. Муҳимаш он аст, ки аз чунин амал Д. Худоназа- ров бо чанде аз ҳаммаслакони дар гирдиҳамоии коргарону зиёиён ва дигар сокинони шаҳри Душанбе баъди шикастани пайкараи В.И. Ле- нин дар тахлука афтидааш, рӯҳ гирифтанд.**

**Дар парламент мубориэаи шаддиди навбатӣ сар шуд. Гунаҳгоркунии тарафайн ба авчи аъло расид. Махсусан вақте дар ай- дони Озодӣ гуруснанишиниҳои бардавом (аз 23 сентябр то 7 октябри соли 1991) шуда гузашт, вазъият ниҳоят тезу тунд шуда буд. Гарчанде Р. Набиев бо роҳи қонунӣ Раиси Шӯрои Олӣ интихоб шуда бошад ҳам, имкони кор кардан надошт, аниқтараш демократҳо ба ӯ имкон намедо-**

данд, ба эътидол омадани вазъи сиёсӣ ба фоидаи онҳо набуд. Набиев мачбур шуд, ки ичрои вазифаҳояшро ба зиммаи чонишини Раиси Шӯрои Олӣ А. Искандаров гузорад.

Баъдтар вазъият дар парламент андаке ҳам бошад ором гашт, чунки маракаи интихоботи президентӣ оғоз ёфту, ҳадафи тири қувваҳои сиёсӣ акнун номзадҳо ба раисии чумҳур гаштанд. Аз 9 номзаде, ки ба ин мансаб аз тарафи интихобкунандагон пешниҳод шуда буданд ва ҳар кадом тарафдору рақибони худро дошт, вале ду номзад: Р. Набиев ва Д. Худоназаров диққати қисми асосии интихобкунандагонро ба худ мекашиданд. Мубоҳисаи афкори сиёсӣ ва аксари интихобкунандагони оддӣ дар атрофии онҳо мегузашт.

Дар ин бозӣ демократҳо, ки Р. Набиевро ба гирдоби муборизаи сиёсӣ кашида буданд, акнун мехостанд ӯро дар ин гирдоб ғарқ намо- янд. Чунки ӯ барои онҳо то афтондани Қ. Маққамов лозим буд. Баъди ба иқтидори воқеии сиёсӣ соҳиб шуданаш аз ӯ ҳарос пайдо карданд. Ин ҳарос на барои он буд, ки ӯ тарафдори нигоҳ доштани тарзи идор- кунии сахт муттамарказонидаи коммунистӣ хоҳад шуд, чӣ тавре маълум аст, худи коммунистон ин усули роҳбариро аввалин шуда маҳкум карда буданд ва ба он баргашта наметавонистанд. Онҳоро ди- гар чиз метарсонд. Ба сари ҳокимият омадани Р. Набиев, ки халқ, ҳеч набошад аксари одамон ба ӯ эътиқод доштанд, нақшаи ниҳоияшонро халалдор мекард.

Акнун гирдиҳамоии тӯлонӣ сентябр - октябри соли 1991 муқобилиятро то ҳадди аланга гирифтан чанги шаҳрвандӣ оварда ра- сонд. Инро дар мисоли Дарвоз низ бараъло мушоҳида кардан мумкин буд. Аз далелҳои зиёди мавчуда, барои тасдиқи ин хулоса фақат як на- муна: - «Мактуби кушод» ба унвони роҳбарони чумҳурӣ: Набиев Р., Кенчаев С. ва Мирзоев А., ки депутат А. Амирчонов аз номи интихоб- кунандагонаш пешниҳод намудааст, вазъи дар арафаи таркиши сиёсӣ ва даст ба яроқ задани қувваҳои мухолиф қарор доштани чомеаро возеҳан равшан месозад. Дар он аз чумла омадааст:

Муаллифи «Мактуби кушод» ва интихобкунандагонаш «ҳисоб кар- да баромадаанд, ки чанде аз амалиёти Шумо (роҳбарон. - Ҳ.П.) ба манфиати касоне, ки бе ин ҳам аҳволашон хубу таъминоти моддиашон басанда асту бар зарари заҳматкаши оддие, ки чандест бидуни воситаи зинда мондан маъвои дигар надорад.

Шумо пеш аз тӯй нақора навохта қиматшавии нарху наворо овоза мекунеду савдогарону дароздастон ва мансабдоронро имкон медиҳед, ки молу матоъро бо нархи арзону бебаркаш бурда захира намоянду баъдтар онро дар ину он чо бо нархи миёншикан пешкаши бечорагон созанд. Ачибаш ин аст, ки ба ин кор намояндагони органҳои танобкаш гоҳе таъсир нарасонда, баъзан ҳатто дастгирӣ мекунанд. Чизи дигар ин қабули қонунҳои зиёду қарорҳои бешумори беназорату соҳибнаёфта, ки Раиси Шӯрои Олӣ С.Кенчаев дар мусоҳибааш ба во-

**ситаи радио инро эътироф кард. Ба ин василa онҳо аз боварии мардум мебароянд. Аламовараш он аст, ки баъзан онҳо ҳамдигарро раду бадал ва гоҳо умуман инкор месозанд...**

**Ва инак нархи озод, алалхусус орду қанду дигар маводи зарурӣ ва то кунун ҳаллу фасл нагардидани афзоиши музди меҳнату пули кӯдакон, нафақапулӣ ва ҳоказо... Боз як оҳи чигарсӯз аз дили мардуми заҳматӣ, ки афзудани музди меҳнаташ дарак нест, вале мачбур аст, ки гӯгирди 30 мартиба ва орди чандин маротиба қимматшударо бихарад. Нашавад, ки дуои баде аз қабили «Илоҳӣ оҳ кашум даргирӣ» бикунанд. Охир дуояшон аксар мустачоб мешавад.**

**Сиёсати хусусигардонии муассисаҳои хурду дигар воситаҳо танҳо чун востаи бештар бойшавии дороён мегардад.**

**Нашавад, ки он қатраи охирини косаи лабрези сабру тоқати заҳматкашон гардаду боиси хуручу норозигиашон.**

**Алҳазар аз ин зеро, ки:**

*Вацти зарурат чу намояд гурез,*
*Даст бигирад сари шамшери тез.*

**Ва инак боз як шумхабар дар бобати шарҳи указы Президент оиди надодани ёрдампулӣ ба кӯдакони аз 6 сола болою, аз 50 сӯми ба занони кор намекардагие, ки беш аз 5 кӯдак тарбия карда истоданд. Аҳсант ба муаллифони ин «идея».**

**Пеши роҳи қаҳру ғазаби мардумро гирифтан номумкин мегардад. Пеши селро бо бел гирифтан амрест маҳол»[46].**

**Минбаъд чи тавр суръат гирифтани воқеаҳо ба кассе пӯшида нест ва таҳлили онҳо гузориши масъаларо хеле тӯлони хоҳад кард. фақат зарур аст, батакрор барои насли имрӯз ва фардои точикон ин ҳақиқати ҳузновар ва сабақи талхи таърих таъкид намуд, ки муқовимати фочиабори сиёсӣ ва чанги дуюми шаҳрвандӣ, ки солҳои 90-уми асри гузашта сурат гирифта, хавфи бори дигар воқеан ва чиддан аз байн рафтани давлати точиконро ба миён овард.**

**Ин боз як санчиши талху фочиаборе буд, ки таърих барои точикон раво дид. Акнун нигоҳ доштан ё аз байн рафтани давлати амалан ба тозагӣ эҳёшудаи точиконро ба анчоми одилона ва оқилонаи ин раванди воқеаҳо ва дарки масъулияти фарзандони бо ору номусаш, ба дастги- рию амали бародаронаи давлатҳои ҳамсоя, пеш аз ҳама Русия, ки қисмати таърихӣ моро бо ҳам пайвастааст ва хайрхоҳии ташкилотҳои байналмиллалӣ, кӯмаки башардӯстонаи давлатҳои пешқадами чаҳони кунунӣ вобастагии амиқ дошт.**

**Раҳмон ва қувваҳои оппозитсионӣ зери роҳбарии Сайид Абдуллоҳи Нурӣ) ва дастгирии давлатҳои ҳамсояю бародар, ки тақдир моро зиёда аз 130 сол (аз давраи ҳамроҳ кардани Осиёи Миёна ба Русия) бо ҳам пайваста буд, пеш аз ҳама Федератсияи Русия, инчунин, ташаббуси созмонҳои бонуфузи байналмиллал, аз чумла Созмони Миллали Муттаҳид имкон дод, ки баъди машварати тӯлонӣ ба мусолиҳаву сулҳи қавӣ ва ваҳдати миллӣ соҳиб гардем.**

**Бале, мо хато накардаем, ки дар навбати аввал даҳову заковати халқро мегузорем. Халқеро, ки баъди аввалин падидаҳои эҳёи давлатдорӣ, ба фазои истиқлолияти пурра ворид шудан, ба гирдоби фатвои сиёсатбозони нодурбини маҳалгаро, муллотарошони чоҳталаб, созмондиҳандагони гурӯҳу ҳизбҳои авомфиребе дар мачмӯъ худро қувваҳои демократ эълом дошта ва дигар «ҳаммаслаку ҳаммазҳабон», «дӯстони хайрхоҳ»-у «лофи бародархондагӣ» занандаи хоричи мамла- кат, ки ба чуз ҳирси ғаразмандию манфиатчӯӣ дигар мақсаде надош- танд афтода буд, акнун хираду заковати хешро барои раҳоӣ ёфтан аз ин вартаи даҳшатнок ба мачрои мусоиди нигаҳ доштани давлату созандагӣ мустақиман мавриди истифодаи чиддӣ қарор дод.**

**Имрӯз бисёре ба ном сиёсатдонон чанги шаҳрвандии Точикистонро бо Афғонистон ва дигар давлатҳо муқоиса намуда, тарзу усул ва шеваи намунавии ба сулҳу ваҳдати комил расидани моро чун намунаи беҳтарини аз чанги ҳамватани баромадан тавсияи медиҳанд. Вале дар таҳлили дарёфти амиқи илмии нисбатан ба тезӣ ба ифоқа расидани қувваҳои мухталиф ба саҳлангорӣ роҳ медиҳанд. Маҳз ҳамин омили ҳалкунанда будани халқро, ки Президенти мамлакат борҳо таъкид на- мудааст, барчаста воқеӣ ва асоснок нишон дода наметавонанд.**

**Бояд гуфт, ки дар байни халқи точику точикистониён ва Афғонистон хати мувозӣ (параллел) гузоштан худ нодуруст аст. Аз ди- ди мо яке аз омилҳои ҳалкунандаи нисбатан ба тезӣ ба якдигарфаҳмию сулҳ дар миёни точикон расидан сатҳи баланди дониш ва фарҳанги онҳост. Дастоварди бузурги мо дар даврони шӯравӣ нафақат пешрафти беамсоли иқтисодиёти чумҳурӣ ҳисоб меёбад, инчунин, падидаи аз он баландтар саросар босавод гаштани халқ, аз дастовардҳои фарҳангии умумибашарӣ бархурдор будани он ҳисоб меёбад. Пӯшида нест, ки аз рӯи ин нишондиҳандаҳои сатҳи илмию фарҳангӣ Точикистон ба пешқадамтарин давлатҳои дунё қариб дар як радиф қарор гирифта буд. Аз рӯи нишондиҳандаҳои дарачаи маълумот Бадахшони Шӯравӣ ҳанӯз дар солҳои 70 дар миқиёси Умумииттифоқ ба чои аввал гузаштаву дар миқиёси умумибашарӣ дар қатори пешсафтаринҳо чой гирифта буд. Агар ба ҳисоби миёна ба ҳар ҳазор сокини Иттифоқи Шӯравӣ 483 на- фар каси дорои маълумоти миёнаву олӣ рост ояд, дар Точикистон ин нишондиҳанда ба 420 ва дар ВМКБ ба 525 нафар баробар буд[2]. То соли 1979 зиёда аз 350 нафар муаллимон ба мукофотҳои давлатӣ**

қадршиносӣ шуда буданд. Аз ҷумла 112 - бо Ифтихорномаҳои Шӯрои Олии ҶШС Тоҷикистон, 48 нафар бо унвони ифтихории «Муаллими хизматнишондодаи мактабҳои ҶШС Тоҷикистон», 412 - «Аълочии маорифи халқи Тоҷикистон», 41 нафар «Аълочии маорифи халқи ИҶШС» сазовор дониста шудаанд[3]. Соли хониши 1976/77 дар мактабҳои вилоят аз 3 108 муаллим, 2 251 нафар бо маълумоти олӣ, 290 - олии нопурра, 485 - бо маълумоти миёнаи омӯзгорӣ ва фақат 82 нафар бо маълумоти миёна фаъолият доштанд[4]. Дар ҳамаи сатҳи омӯзиш тарбияи ватандӯстӣ, гуманизми сотсиалистӣ мавқеи марказӣ дошт. Дар ин самту сатҳ байни мову Афғонистон фарқияту фосилаест муқоисанашаванда.

Албатта, дар ин масъала бояд аз омили ниҳоят равшану ҳалкунанда доштани роҳбарияти Ҳукумати коститутсионӣ, пеш аз ҳама, дарки воқеъбинонаи Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон ёдовар шуд. Маҳз ба маҷрои мувофиқи якдигарфаҳмӣ равон кардани раванди музо- кироти сулҳ ва шуҷоати сиёсии ӯ яке аз омилҳои муҳимтарини ҳаллу фасли ин масъалаи тақдирсози таърихӣ гардид.

Дигар омили ниҳоят зарурӣ, ки раванди оштихоҳонаи Ҳукумати қонунӣ ва қувваҳои оппозитсионӣ, сипас фаъолияти Комиссияи оштии миллиро (КОМ) таъмин карда тавонист, Созмони Миллали Муттаҳид ва роҳбарияти расмии давлатҳое буданд, ки ёрии беғаразонаи худро дар кори ба эътидол омадани вазъи сиёсии Тоҷикистон дареғ надоштаанд.

Ҳарчанд чи мутахассисони Ватанӣ ва чӣ хориҷӣ доири таҷрибаи муфиди Тоҷикистон дар кори таъмини муваффақиятноки оштии миллӣ борҳо таъкид намуда, аз истифодаи он дар мамолики гирифтори ҷанги шаҳрвандӣ ҳушдор додаанд, вале ин ҳаргиз маънои онро надорад, ки ҳалли ин масъалаи тақдирсоз барои Тоҷикистон сабук чараён гирифта бошад. Баръакс, дар Ватани мо раванди ҳодисаҳову даргириҳои ошти- нопазир чунон печидаву чигил буд, ки баъзан эҳсоси фурӯ пошидани давлат дар нисбати боварии комил нисбати нигаҳдошти он боло меги- рифт. Ба ғайр аз душманони миллату чоҳталабони дохилӣ, кам набу- данд доираҳои ғаразманди сиёсию ҳарбии хориҷие, ки мехостанд, аз фурӯ пошидани Тоҷикистон манфиат бардоранд. Вайронаҳои онро ба- рои қароргоҳи стратегӣ мавриди истифода қарор диҳанд. Қувваҳои исломгарой кӯшиши зиёде ба харҷ медоданд, ки аз ин шароити нисба- тан барояшон муфиди авҷи даргириҳои сиёсӣ баҳра бардошта, барои ба гирдоби сохтори давлатдории исломӣ ва ҳатто барқарор намудани режими теократӣ кашидани он аз тамоми қувваи аҳриманӣ истифода баранд.

Ин ҷанобони таърихбехабар ҳатто ба гӯшаи хотир оварда наметаво- нистанд, ки аз як тараф, чунин режими давлатдории асримиёнагӣ ба халқи аз дастовардҳои ҷомеаи сотсиалистӣ бархурдор гашта, куллан қобили қабул нест, аз тарафи дигар, ҷумҳуриҳои ҳамсоя - собиқ узви

**баробарҳуқуқи Иттиҳоди Шӯравӣ, аз чумла Русия намегузоштанд, то ин режим ба гардани халқи тамаддунпарвари точик бор карда шавад. Ин тавр сурат гирифтани раванди воқеаҳо барояшон ниҳоят хавфнок буд.**

**Аз ин чост, ки барои ба марраи дилхоҳу тақдирсози сулҳу ваҳдати миллӣ расидан роҳи хеле пурпечу тоб ва ниҳоят мушкилу фочиаборро пушти сар кардан лозим омад.**

**Барои дарёфти нисбатан пурраи вазъи Точикистон аз ибтидо то интиҳои даргириҳои сиёсӣ ва ба мачрои осоиштаи зиндагӣ гузаштан лозим меояд силсилаи воқеаҳои ба сари ин давлати дар арафаи ба фа- зои мустақилият соҳиб шудан ва раванди фочиабори онро (на аз душ- манон ё истилогарони хорич, балки аз мансабхоҳони дохили, ки зери ниқоби ҳизбу созмонҳои дар мачмӯъ демократпеша, вале дар амал ҳокимиятхоҳи беандеша) бори дигар пеши назар орем.**

**Даргириҳои сиёсӣ дар Точикистон тасодуфӣ набуданд. Онҳо, аз воқеъияти замон маншаъ гирифта бошанд ҳам, вале нокомиҳои бозии сиёсии горбачёвии бо ном «бозсозӣ» муаррифӣ шуда, ноӯҳдабароии ташаббускору ҳампешагони бадхоҳаш, ки Иттиҳоди Шӯравиро ба ко- ми ҳалокат тела дода буданду натичаи номатлуби он дар саросари ин иттиҳодияи бузург эҳсос мешуд, ин равандро тезониданд.**

**Пӯшида нест, ки Точикистон аз чиҳати иқтисодӣ дар миқиёси Умумииттифоқ пешсаф набуд. Халқи точик, аз дастовардҳои бузурги иқтисодӣ, ичтимоӣ ва фарҳангии даврони сотсиализм бархурдор гашта бошад ҳам, аз банди психологияи муносибатҳои авлодӣ раҳо наёфта буд. Табиист, ки то кунун аз эҳсоси мукаммали худшиносии миллӣ фарсаҳҳо дурӣ дошт. Онро падидаи маҳалгароӣ, ки дар возеҳан то фурӯ пошидани Иттифоқи Шӯравӣ ба назар мерасиду (ҳар чанд дар шакли гӯё ғурури безарари ба чавонон хос буда, барои барқарор наму- дани нуфузи пешсафӣ дар пойтахти чумҳурӣ - шаҳри Душанбе байни донишчӯёну чавонони зодаи Кӯлобу Помир бошад ҳам) дар арафаи парокандагӣ ва баъди он вақти мустақилиятро ба даст овардан ба яке аз омилҳои муҳимтарини чанги шаҳрвандӣ табдил ёфта буд, равшан со- бит сохт.**

**Аввалин амали зӯран бор кардани талаби худ ба ҳукумати расмии чумҳурӣ аз тарафи созмону ҳизбҳои тарҳрезишудаву ҳанӯз ба расмият надаромада, то фурӯ пошидани Иттиҳоди Шӯравӣ, аввали соли 1990 оғоз ёфт. Намоишҳои дар назари аввал гӯё бехавфи сиёси 11 феврали соли 1991 ба задухӯрдҳои харобиовар, дуздию ғоратгарӣ ва нахустин қурбониҳои беасос табдил ёфт. 13 феврал намоиши бисёрҳазорнафара дар пойтахт ба митинги зиддикоммунистӣ ва зидди роҳбарияти чумҳурӣ, ки аксаран аз минтақаи шимол буданд, гузашт. Муҳаққиқи воқеаҳои солҳои 90-м профессор Иброҳим Усмонов дуруст қайд кар- дааст, ки амалан ин намоиш асоси маҳалгароӣ, вале ниқоби сиёсӣ зид-**

ди бартарии роҳбарияти ҳизбӣ ва давлатии минтақаи Ленинобод буд. Зоҳиран гӯё намоишу бесомониҳои сиёсии 11-17 март бо даъвати ҳаракати мардумии «Растохез» бошад, вале амалан ҳамаи ин зери роҳбарии Қозиёти чумҳурӣ мегузашт[5]. Дар рафти воқеаҳои февралӣ ҳаракати нави халқӣ бо унвони «Кумитаи 17» таъсис ёфт. Дар Душанбе 23 нафар қурбони ин дасисаҳо гардид. Моҳи ноябри соли 1990 дар ав- валин интихоботи Президент, ки онро депутатҳои Шӯрои Олӣ гузаро- нидaнд котиби аввали Ҳизби коммунист Қ.Маҳкамов Президент инти- хоб шуд.

Солҳои оянда воқеаҳо ин тавр сурат гирифтанд: 1991 даргириҳои сиёсӣ авч гирифт, дар онҳо қозиёт ва ҳаракатҳои бо ном демократӣ хе- ле фаъол буданд. Ҳадафи мубориэаи онҳо ҳизби коммунист буд. 23 сентябр ин қуваҳои оппозитсионӣ мучассамаи В.И.Ленинро дар май- дони марказӣ канда ба замин партофтанд ва ин сабаби намоиши эъти- розии 24 сентябр гардид. Дар натича сессияи ғайринавбати ва фавқулъодда Қ.Аслоновро аз вазифаи Раисии Шӯрои Олӣ озод намуда ба чояш Р.Набиевро интихоб кард. Ин боз як сабаби авчи норозигӣ аз тарафи мухолифин гардид. 24 ноябр аввалин интихоботи оммавӣ барои мансаби Президент гузаронида шуд. Аз 9 номзад Р.Набиев бо 58,5% овоз президенти мамлакат интихоб шуд. Рақиби пешсафтаринаш Д.Худоназаров ҳамагӣ 30% овоз гирифт. Ин муқобилияти сиёсӣ қувваҳои ба ном демократиро боз фаъолтар кард. Ҳамин сол Ҳизби наҳзати исломии Точикистон (4 декабри соли 1991) ва Ҳизби демокра- тии Точикистон (3 декабри соли 1991) расман таъсис ёфтанд. Ҳамчунин дар ин солҳо ба ғайри аз созмони мардумии «Растохез» чунбишу созмонҳои «Бохтар», «Самарқанд», «Куруши Кабир», «Суғдиён», «Ваҳдат», «Пайванд», «Лаъли Бадахшон», «Ҳисори Шод- мон», «Меҳри Хатлон», «Зарафшон», «Истаравшан», «Ватан», «Хучандиён», «Ҳамдилон», «Носири Хусрав» ва ғайра таъсис ёфтанд, ки чи тавре аз номашон маълум аст, характери маҳалгароӣ дошта, дар мачмӯъ муборизаи қувваҳои мухталиф ва алалхусус мухолифинро боз фаъолтар гардонда, барои оғози чанги шаҳрвандӣ заминаи мувофиқ тайёр мекарданд.

Соли 1992 раванди нисбатан осоиштаи воқеаҳо ба задухӯрди яроқнок табдил ёфт. Моҳи феврал қувваҳои мухолифин аз намоянда- гон Ҳизби наҳзати ислом, Ҳизби демократӣ, Ҳаракати халқии «Расто- хез» ва дигар гурӯҳҳои муқобили «ҳукуматронии шимолиҳо» муқовиматро пурзӯртар гардониданд. Ҳукумат барои пешгирии муқовимати онҳо «Шӯрои олимон ва адибон»-ро иборат аз 30 нафар дар назди Шӯрои олӣ таъсис дод. Моҳи феврал муқовимати исломга- роён бо сардории Абдуллоҳи Нурӣ дар Қӯрғонтеппа авч гирифт. Таш- кили муҳокимаи кори Вазири корҳои дохилӣ бо ташаббуси раиси Шӯрои Олӣ С.Кенчаев ва аз тариқи телевизион намоиш доданашонро

баҳона карда, гирдиҳамоии дарозмуддати эътирозӣ баргузор карданд. Майдони назди собиқ бинои Кумитаи марказии Ҳизби Коммунисти Тоҷикистон, феълан Қасри Президент ва майдони қаноти рости он, ки номи «Шаҳидон»-ро (ба хотираи қурбоншудагони воқеаҳои феврали соли 1990) аз тарафи қувваҳои мухолифин пурра ишғол шуда, намои- ши эътирозӣ ҳамоно қувват мегирифт. 22 апрел аз тарафи қувваҳои оппозитсионӣ 15 депутати Шӯрои Олӣ ба сифати гаравгон боздошт шуданд. Ҳамин рӯз С.Кенҷаев аз вазифаи Раисии Шӯрои Олӣ истеъфоъ дод. 24 апрел тарафдорони Ҳукумати қонунӣ ва С.Кенҷаев аз вилояти Кӯлоб омада дар майдони марказӣ, ки акнун «Майдони озодӣ» ном гирифта буд,ҷамъ омаданд. Дар пойтахт дар ду майдон ду қувваи муқобил дар ҳолати оштинопазир қарор гирифта, гунаҳгоркунии якди- гарро ба авҷи аъло расонда буданд. Роҳбари Гвардияи президентӣ ге- нерал Б.Раҳмонов ба тарафи мухолифин гузашт. Тоҷикистон дар ара- фаи ҷанги шаҳрвандӣ қарор дошт. Аз фаро расидани он 5 май дар би- нои Парламент ба ҳалокат расидани депутат ва сармуҳаррири рӯзномаи «Садои мардум» Муродулло Шерализода ва дар ноҳияи Ле- нин ба ҳалокат расидани чанд нафар аз тарафдорони ҳукумати қонунӣ дарак медод. Бояд қайд кард, ки иддае аз муҳаққиқон ва рӯзноманигорон маҳз ҳамин рӯзро оғози ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон медонанд.

8 май дар бораи таъсис додани Ҳукумати коалитсионӣ шартнома қабул карда шуд. 10 май аз тарафи қувваҳои мухолифин кӯшиши ба даст овардани бинои Кумитаи бехатарии ҷумҳурӣ ба қурбониҳои на- вбатӣ оварда расонд. 17 май Ҳукумати нав таъсис дода шуд, ба ҳайати он 9 намояндаи мухолифин ворид гардиданд. Вале ин вазъи сиёсиро мӯътадил накарда баръакс муташаниҷтар гардонд. Моҳи июни соли 1992 ҷанги шаҳрвандӣ дар Қӯрғонтеппа ва баъзе минтақаҳои водии Ҳисор аланга гирифт. Ҳукумати марказӣ артиши худро надошт, задухӯрдҳои яроқнок дар байни қувваҳои мухолифин ва отрядҳои их- тиёрии «Фронти халқӣ» мегузашт. 24 август Прокурори Генералӣ
Н.Ҳувайдуллоев ва чанде баъд ҷонишини раиси Кумитаи иҷроияи вилояти Кӯлоб С.Сангов ба ҳалокат расонда шуданд. Р.Набиев, ки дар гарнизони ҳарбии Русия паноҳ ҷуста буд, 7 сентябр дар фурудгоҳ даст- гир шуда, дар ҳузури аъзоёни ҳукумат ва Президиуми Шӯрои Олӣ ӯро маҷбур карданд, то барои ба истеъфо баромадан ариза навишта имзо гузорад.

Дар чунин вазъияти фоҷиабори сиёсию задухӯрдҳои яроқнок 16 ноябри соли 1992 дар шаҳри Хуҷанди бостонӣ дар Қасри Арбоб сессияи таърихӣ ва қисматсози XVI Шӯрои Олии Тоҷикистон оғоз ёфт, ки дар он роҳбарияти нави Парламент ва ҳукумати нав интихоб карда шу- данд. 19 ноябр, пас аз шунидани ҳисоботи А.Искандаров дар бораи фаъолияти думоҳа ва муҳокимаи вазъи ба амаломада, Шӯрои Олии

**ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи бозхонди А.Искандаров аз вазифаи Раиси Шӯрои Олии Тоҷикистон қарор қабул намуд. Ҳамин рӯз Э.Раҳмонов Раиси Шӯрои Олӣ ва Роҳбари давлат интихоб шуд.**

**Вале то ба эътидол овардани вазъи ҷомеа ба Президентиояндаи мамлакат лозим омад, ки мушкилиҳои ниҳоят сангини ҷандинсолаи роҳи оштии миллӣ, гиреҳҳои сарбастаи иқтисодию иҷтимоӣ ва роҳҳои дарёфти дастгирию ҳамкории давлатҳои хориҷиро ҷустуҷӯ ва ҳаллу фасл намояд.**

**Ҳоло ҳамаи ин дар пеш буд. Он рӯзҳо бошад, ҳазорон одамон аз ноҳияҳои Шаҳртӯс, Қабодиён, Панҷ ва Қумсангир дар ҳолате, ки дарёи Панҷро убур карда, садҳо нафар ғарқ гашта буданд, ба Афғонистон фирор намуданд.**

**10 декабр Ҳукумати нав таъсис ёфта аз Хуҷанд ба Душанбе бар- гашт. Қувваҳои мухолифин аз шаҳр баромада, Ғармро қароргоҳи худ интихоб карданд ва режими исломиро барқарор намуданд.**

**Соли 1993 соли мудҳиштарини қариб беҳокимиятӣ, харобию гуруснагӣ буд. Сарварони отрядҳои ҳарбии ба муқобили якдигар раз- манда, ба ҳукумати марказӣ итоат накарда, ба амали худсарона ва қатлу ғоратгарӣ машғул буданд. Сарвазирон тез тез иваз мешуданд. Ба роҳбари давлат Э. Раҳмонов лозим меомад, ки ҷиддану қатъиян лаҷоми роҳбариро ба дасти худ гирифта. бо як шуҷоату дилпурӣ масъалаҳои дар назар ҳалнопазирро яке паси дигар ҳал намояд.**

**Хусусиятҳои фарққунандаи авзои соли 1994-ро таҳлил намуда, И.Усмонов қайд кардааст, ки онҳо дар карахтии истеҳсолот, аз кор мондани саноат, қариб қатъ шудани кори кишоварзӣ, мушкилиҳои сан- гин дар самти молиявию иқтисодӣ бараъло эҳсос мешуданд. Хавфи гу- руснагии оммавӣ то рафт бештар таҳдид мекард. Ба ҳисоби миёна ба сари ҳар кас дар як моҳ 5,7 килограммӣ орд рост меомад. Дастаҳои ҳарбии мухолифин, ки аз Ғарм танг карда бароварда шуда буданд, дар Тавилдара қарор гирифтанд. Дар Кӯлоб дар байни дастаҳои мухоли- фин ва сарҳадбонони Русия задухӯрд ба амал омада, дар натиҷа зиёда аз 20 сарбози Русия ҳалок шуд.**

**Соли 1995 дар Ғарм вазъият дар ҳолати муташанниҷ қарор дошта бошад ҳам, бар хилофи назари баъзе роҳбарони давлатҳои ҳамсоя, ки масъалаи аз Тоҷикистон баровардани қӯшунҳои таъмини сулҳ гузошта буданд, Президенти Русия Елсин аз ҷонибдории ҳукумати қонунии Тоҷикистон изҳорот дод, ки ин аз таъмини рӯзафзуни таъсири ҳукумати қонунӣ ва рӯ ба беҳбудӣ гузоштани вазъият дарак медод. Дар ин шароити музокироти сулҳ ҳамоно идома дошт. Яке аз падидаҳои назарраси ин сол аввалин маротиба 24 май ба Тоҷикистон ташриф овардани Пешвои исмоилиёни ҷаҳон Оғохони IV буд, ки ба минтақаи Помир кӯмаки ниҳоят рӯзмарраи моддию молиявӣ мерасонд. Музоки- роти сулҳ ҳамоно идома доштанд.**

**Бояд қайд кард, ки ҳанӯз соли 1992 бо ташаббуси қувваҳои солими чомеа барои ба эътидол овардани вазъи мураккаби сиёсӣ дар Хоруғ, Сайёд ва Калининобод байни қувваҳои даргир бе иштироки созмонҳои байналхалқӣ вохӯрӣ доир гардида буд, вале онҳо натичаи дилхоҳ дода натавонистанд. Тирамоҳи соли 1992 Э.Раҳмон ду маротиба ба Бишкек сафар намуда, бо Президенти Қирғизистон А.Акаев вохӯрда аз ӯ хоҳиш намуда буд, ки дар масъалаи чалби таваччӯҳи чомиаи чаҳонӣ ба фочиаи Точикистон мусоидат намояд.**

**Сардори ба тозагӣ интихобшудаи давлат Э.Раҳмон гаштаю баргашта таъкид мекард, ки ба музокирот бо ҳамаи неруҳои барои раҳо додани Точикистон аз бӯҳрони сиёсию иқтисодӣ манфиатдор ва барои гуфту- шунид ба хотири созандагӣ омода мебошад. У батакрор мегуфт: то да- ме, ки мо сулҳу оромиро дар хонаи худ барқарор насозем, силоҳро гу- зошта, ба кори созанда шурӯъ накунем, кӯмаки ягон ҳамсоя ҳоли моро беҳ намесозад. У бо тамоми ҳастӣ роҳи халосиро аз ин чанги бемаънии бародаркуш мечуст, нақшаҳои заруриро дар ин чода тарҳрезӣ мекард. Дар тӯли 1880 рӯзи идомаи чанги шаҳрвандӣ (аз 5-уми майи соли 1992 то ба имзо расидани Созишномаи умумии Сулҳ - 27-ми июни соли 1997) ҳамарӯза Сардори давлат дар такопӯи таъмини осоиши мардум буд. У борҳо ба хатари чисмонӣ нигоҳ накарда, бо роҳбарияти қувваҳои оппозитсионӣ, бо ташкилотҳои бонуфузи байналмиллалӣ ва сарварони кишварҳо кӯмаки худро дар таъмини мачрои осоиштаи ҳаёти Точикистон дареғ надошта, гуфтушуниду музокирот мебурд, роҳҳои ҳалли мусолиҳатомези масъаларо баррасию тарҳрезӣ мекард. «Борҳо гуфтаам ва боз ба такрор мегӯям, - навиштааст собиқ Раиси Комиссия Оштии Миллӣ Сайид Абдуллоҳи Нурӣ, - ки самимияту ус- тувории Раиси Ҷумҳур Эмомалӣ Раҳмонов буд, ки раванди музокироти байни чонибҳо ва чараёни барқарории сулҳу суббот дар кишвар бо муваффақият пеш рафт ва анчом пазируфт. Агар майлу хоҳиш, сайъу кӯшиши бузурги Раиси Ҷумҳур намебуд, дар гумон буд, ки сулҳу суб- бот ба ин наздикиҳо дар кишвар барқарор гардад. Ин иқдоми таърихӣ буд аз чониби Э.Ш.Раҳмонов дар лаҳзаи барои миллату кишварамон сарнавиштсоз»[6].**

**Тачрибаи таърихӣ ва зиндагӣ борҳо собит сохтааст, ки роҳи пешаи хусумату нифоқ, рақобату чанг намудан хеле наздику қариб ҳамвор аст, вале роҳи рафъи он, салоҳияту дилгармӣ, ҳамкорию осиштагӣ ниҳоят дуру пурпечутоб буда, кӯҳу кӯтал дорад ва онро тай намудан суботу устуворӣ, дарки масъулияту аз манфиати шахсию ғурури хеш сарфи назар намуданро тақозо мекунад, ба ин фақат мардони асилу хи- радмандон қодиранд. Ин ҳақиқатро бори дигар раванди сулҳофаринии точикон собит сохтааст.**

**Раиси Комиссияи Оштии Миллӣ Сайид Абдуллоҳи Нурӣ ин раванд- ро чунин ба қалам додаст:**

«Баъди он, ки бо миёнчигарии Созмони Миллали Муттаҳид, Ҷумҳурии Исломии Ирон ва Федератсияи Русия аввалин бор 5-ми ап- рели соли 1994 дар Москав намояндагони ду тарафи даргир ба хотири ёфтани роҳи ҳалли мушкилоти точикон дар рӯ ба рӯи ҳам нишастанд, боз 1179 рӯзи дигар лозим шуд, ки билохира чонибҳо ба тафовуқи ниҳоӣ бирасанд. Дар ин муддат ҳайатҳои музокиракунандаи ду чониб
9 даври гуфтушунидро паси сар карданд. Ки баъзе аз ин даврҳо де-се марҳилаи алоҳидаро дар бар мегирифт. Ҳафт маротиба роҳбарони олимартабаи ҳарду чониб дар лаҳзаҳои душвортарини раванди Сулҳ хорич аз кишвар мулоқотҳо оростанд, то фазои сулҳу оромиро дар кишвар ҳарчӣ тезтар таъмин намоянд. Махсусан мулоқоти моҳи декаб- ри соли 1996 дар Хустдеҳи Давлати Исломии Афғонистон барпошуда хеле муҳим буд. Дар он тарафҳо ба қатъи чанг мувофиқа карданд. Дар масъалаи таъсиси Комиссияи Оштии Миллӣ низ созиш ба даст омад. Ғайр аз ин мулоқотҳо дар сатҳи олӣ чандин вохӯриҳову дидорбиниҳои машваратии ҳайатҳои музокиракунанда баргузор гардид. Хуллас тибқи оморе, ки дар даст дорам, аз 1180 рӯзе, ки раванди музокирот таҳти миёнчигарии СММ идома доштааст, 208 рӯзи онро аз субҳ то шом, баъзан шабона низ ҳайатҳои музокиракунандаи ду чониб дар рӯ ба рӯи ҳам дар баҳсу мунозира, дар раду бадали далелу аснод гузаронида- анд.Билохира 27 июни соли 1997 дар Маскав дар вазъияти тантанавӣ дар ҳузури Раиси Ҷумҳури Федератсияи Русия Б.Н.Елтсин, яке аз кишварҳои умдаи нозири сулҳи точикон, вазирони корҳои хоричии ди- гар кишварҳои нозир, бархе аз роҳбарони созмонҳои байналмиллалии саҳим ва кафили Сулҳ, роҳбарони олимартабаи ҳарду чониб ва намо- яндаи махсуси Дабири Кулли СММ дар Точикистон Г.Д.Меррем ба Созишномаи умумии истиқрори Сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Точикистон имзо гузоштанд»[7].

Механизми асоси барои амалӣ гаштани Созишномаи умумии истиқрори Комиссияи Оштии Миллӣ, ки ҳанӯз дар ибтидои чанги шаҳрванди тарҳрезӣ шуда буд, расман таъсис ёфт. КОМ мақоми муваққатӣ буда, дар давраи гузариш барои тадбиқи ҳаматарафаи Созишномаи умумӣ ташкил шуда, бояд фаъолияташро баъди даъвати парламенти нав ва ташкили мақомоти роҳбарикунандаи Мачлиси Олӣ ва гузаронидани интихоботи нави парламентӣ қатъ мекард.

Вазифа ва салоҳияти КОМ дар асоси созишномае, ки миёни Раиси Ҷумҳур ва роҳбари Иттиҳоди нерӯҳои оппозитсияи точик (ИНОТ) дар вохӯрии 23 декабри соли 1993 дар Маскав ба имзо расид. Низомномаи КОМ, протокол дар бораи вазифа ва салоҳияти асосии КОМ ва протоколи иловагӣ муайян карда шудаст. Ҳамаи ин санадҳо қисми таркибии Созишномаи умумӣ ба шумор мераванд[8].

Ба сабаби он, ки доир ба фаъолияти ҳалкунандаи Президенти мамлакат Э.Раҳмон ва роҳбарияти ИНОТ, нақши ташкилотҳои

байналмилалӣ ва давлатҳои дӯсти дар кори таъмини сулҳу суботи кишвар тадқиқоти махсус мавчуд аст[9] ва тарафҳои гуногуни ин пади- даи қисматсоз дар оянда низ аз тарафи мутахассисони равияҳои гуно- гуни илмӣ - таърихнависон, файласуфон, сиёсатшиносон ва ғайра мав- риди омӯзиш қарор хоҳад ёфт, аз диди мо ба ҳадафи марказии тадқиқоти худ - вазъи Дарвоз дар давраи ин раванди ниҳоят фочиабори таърихи миллати точик бештар таваққуф намудан ба мақсад мувофиқ аст.

Чи тавре дар боло ишора рафт, чанги шаҳрвандӣ садҳо ҳазор нафар сокинони Точикистонро гурезаву муҳочири ичборӣ гардонд. Ҳарчанд то имрӯз дар ин бора тадқиқоти мукаммале нашуда, далели мустана- ди ба ҳақиқат мувофиқи оморие пешниҳод нагаштааст, мутахассисон бар ақидаеанд, ки дар давраи ин даргириҳо беш аз 1,5 миллион нафар шаҳрвандони (гражданин) чумҳурӣ чои зисти муқимии худро мачбуран тарк намуда, аз баҳри молу амвол гузашта, таъчилан ба чойҳои барои ҳаёташон бехавфтаре муҳочират намуданд. Аз чумла зиёда аз 60 ҳазор нафар ба Афғонистон, беш аз 400 ҳазор ба чумҳуриҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ (феълан аъзои Иттифоқи давлатҳои мустақил - ИДМ ё СНГ) муҳочират намуданд. Бо мақсади таъмини амнияти хонаводаи хеш зиёда аз 700 ҳазор нафар дар дохили кишвар тағйири чои истиқомат намуданд[10] (аз рӯи дигар маълумотҳо то 1 миллион). Фақат ба Душанбе дар як муддати кӯтоҳ 120 ҳазор кас аз чойҳои чанги ҳамватанӣ доман паҳн карда (бештар аз водии Вахш ва водии Ҳисор) гурезагон ворид гардиданд. Мутахассисони тачрибадор аз чумҳурӣ берун мерафтанд. Аз рӯи ҳисоби тахминӣ ба- рои тайёр намудани ин миқдор мутахассисон на кам аз 3 миллиард сӯм лозим буд. Фақат соли 1992 нисбати соли 1991 ҳачми истеҳсоли маҳсулоти истеъмолии халқ 24,5 фоиз кам шуд. Ба хочагии нақлиёт зарари калон расонда шуд. Қариб 5 ҳазор автомобилҳо, 26 вагони бо- ру мусофиркаш аз кор баровварда шуд. Зарари ин соҳа ба 2 миллиард сӯм баробар буд[11]. Дар рафти ин чанги бародаркуш аз рӯи ҳисоби расмӣ 37 ҳазору 970 хона ба куллӣ сӯхтаву хароб шуда буданд, 10 ҳазору 44 хона ғайриқонунӣ аз тарафи силоҳбадастони «тавоно» ва разолатпешагону хоначаллобони гузаро ғасбу ғайриқонунӣ азхуд карда шуда буданд. Бояд қайд кард, ки аз ин миқдор бо ташаббуси зеркомиссия оиди масоили муҳочирони КОМ, созмонҳои байналмилалӣ ва кӯмаки бевоситаи мақомоти давлатӣ 9 600 хона ба соҳибонашон баргардонда шуданд. Ба муҳочирини баргашта 75 мил- лион чун кӯмакпулии якдаъфаина ва ба маблағи 285 миллион рубли точикӣ қарзи имтиёзнок чудо карда шуд[12]. Ҳазорон чунин мушкило- теро номбар кардан мумкин аст, ки дар давраи идомаи чанги ҳамватанӣ ва алалхусус баъди он - давраи барқароркунӣ паси сар кардан лозим меомад.

**То таъмини мачрои пурраи ҳаёти чомеа ба органҳои олии қонунбарорӣ ва ичроияи чумҳурӣ, алалхусус ба Президенти мамлакат лозим омад, ки ҳазорон чорабинию рафъи мушкилоти ҳамарӯзаи ба дӯш бардоштаро ҳаллу фасл намояд.**

**Аз ҳамаи раванди воқеаҳои чӣ фочиабору чӣ осоиштаи созандагии ба давраи соҳибистиқлолитии Точикистон рост омада, ноҳияҳои Ви- лояти мухтори кӯҳистони Бадахшон, аз чумла Дарвоз дар канор буда наметавонистанд.**

**Мавчи муҳочирони ичборӣ, аниқтараш гурезаҳо - аксаран фарзан- дони он собиқ муҳочирони расмию ихтиёрии солҳои 30-50-уми асри гузашта, ки водиҳои Вахшу Ҳисорро ба базаи асосии кишоварзию са- ноатии чумҳурӣ табдил дода буданд, ба диёри кӯҳистони авлодӣ мушкилиҳои зиёде ба бор овард. Дар шароити нарасидани озуқа, аз ҳисоби гурезагон қариб ду баробар афзудани аҳолии маҳаллӣ вилоятро хавфи қаҳтӣ таҳдид мекард. Вазъи ногувори вилоятро дар арафаи оғози кӯмаки Хазинаи аълоҳазрат Оғохони IV Собиқ Раиси Шӯрои Олии Точикистон, ҳамоҳангсози Хазина дар Точикистон Қозидавлат Қоимдодов чунин ба қалам додааст:**

**«Баробари фурӯ рехтани Иттиҳоди Шӯравӣ зиндагӣ яку якбора дар Бадахшон душвор гардид. Ин амр табиӣ буд, зеро вилояте, ки зиёда аз 80 фоизи маҳсулоти ғизоиву саноатиро аз берун мегирифт, бояд ба чу- нин рӯз гирифтор мешуд. Зеро аз сабаби пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ алоқаи байни чумҳуриҳо канда шуд ва овардани озуқа аз шаҳрҳои Русия тамоман номумкин гардид. Албатта осонтар мебуд агар вилоят аз ҳисоби истеҳсоли моли худ ва ба бозор баровардани он каме борашро сабук мекард, вале мутаассифона, азбаски дар тӯли 70 сол ҳама чиз ба Бадахшон бе ягон душворӣ оварда мешуд, дар вилоят Ҳукумати Шӯравӣ ба сохтмони корхонаҳои маҳаллӣ камтар диққат медод. Вилоят ҳатто ба қувваи барқ низ мӯҳточ гардид, агарчанде, ки Бадахшон аз чиҳати истеҳсоли барқ қуллайтарин чои дунё аст. Таззоди ҳаётро бинед, ки оби Панч худ ҳамчун манбаи даромад, сарчашмаи қувваи барқ роигон чорӣ буду аз марказ бо пули зиёд сӯзишвории дизелӣ харида ба Бадахшони равон мекарданд то хонаи мардумро рӯшан кунанд. Мушкили асосии кор ин буд, ки мардум қобилияти худ- таъминкуниро қариб гум карда буданд. Бадбахтона мардум муносибатҳои оддии савдо ва бозорро ёд нагирифта, ба душвортарин сохти иқтисодии чомеа - яъне иқтисоди бозаргонӣ дучор гардид»[13].**

**Ана, дар ҳамин лаҳзаи басо мушкил ба сари мардум боз қабули хе- шу табори акнун гурезашуда бор шуд. Ба ғайр аз ҳазорон муҳочирони ин диёри бобоиро ягона паноҳгоҳи халосӣ аз таъқиботи исломгароёну курсихоҳони маҳалгаро қарор дода, боз кам набуданд он гурезагоне, ки барои чон ба саломат бурдан дар вилояти Қӯрғонтеппа дарёи азимро убур карда, ба воситаи қаламрави Афғонистон бо машаққати зиёде,**

**пои пиёда худро ба Бадахшони Афғонистон расонда, аз он чо ба минтақаи Помири Точикистон мегузаштанд. Тамоми мардуми вилоят, аз чумла ноҳияҳои Ванчу Дарвоз ин мавчи муҳочиру гурезагонро аз рӯи анъанаи кушодадастию дилгармии ба точикони кӯҳистон хос қабул карда, охирин бурдаи нонашонро аз «меҳмонон»-е, ки баъзан шумораашон аз аъзоёни оилаи худ ба маротиб зиёд буд, дареғ наме- доштанд.**

**Аз ин танқисии ғизоӣ собиқ «хешу таборон»-и соҳили чапи дарёи Панч, ки қариб як аср пеш (1895) тибқи Шартномаи сарҳад- муайянкунии байни Англияю Русия ба Афғонистон ҳамроҳ карда шуда буданд, васеъ истифода мебурданд. Дар ин давра сарҳадро бемаъмони- ят вайрон кардан ба ҳукми анъана даромада буд. Сокинони соҳили чап, ки дар дарачаи ниҳоят пасти зиндагӣ қарор дошта, аз дастовардҳои техникӣ батамом маҳрум будаву қариб молу ашёи саноатии рӯзгордорӣ надоштанд ва ба оддитарин амволи хочагидорӣ мӯҳточ бу- данд, дар аввал ба таври ройгон, сипас баъди камчин шудан, ба ивази маводи ночизи хӯроку пӯшоку пойафзол, дегу табақ, белу каланд, те- шаю табар, кӯрпаю болишт, самовору печка ва ғайраро ба он тарафи соҳил мекашонданд. Кам набуданд ҳолатҳое, ки шабона камераи мо- шинро чун гӯпсар (саноч) истифода бурда, дарёро убур мекарданд ва чизу чораи сокинони деҳоти ба соҳил наздикро дуздида мебурданд. Дар баъзе мавридҳо ҳатто ба ғорату зуроварӣ ҳам даст мезаданд.**

**Бояд қайд кард, ки ин сарҳадкушоиҳо (албатта ғайрирасмӣ) аз як та- раф ба мардуми соҳили собиқ шӯравӣ зарар оварда бошад (ба ғайр аз он чӣ номбар шуд, маводи мухаддир, барои дастаҳои яроқноки мухо- лифин силоҳ низ интиқол дода мешуд), аз тарафи дигар, мардумро бо воқеъити зиндагии бародарону собиқ ҳамватанонашон аз наздик шинос кард. Акнун мардум бо чашми худ медиданд, ки зиндагии сокинони соҳили рост ё собиқ шӯравӣ нисбат ба онҳо ба дарачаи муқоиса- нашаванда бартарӣ дошт.**

**Дар ин чо ба маврид аст, ки камина як мушоҳидаамро арз намоям. Дар миёнаи моҳи августи соли 1994 аз бемории вазнини модар огоҳ шуда, ҳамроҳи бародарам - саррассоми студияи телевизиони чумҳурӣ Салимшо Пирумшоев бо машаққати зиёде (роҳи мошингард баста шу- да, нуқтаҳо ё постҳои силоҳбадасти қувваҳои оппозитсионии зиёде он- ро зери назорати хеш доштанд) бо самолёт ба Хоруғ ва аз он чо бо мо- шин ба зодгоҳамон - деҳаи Водхуди ноҳияи Ванч рафтем. Баъди чанд рӯзи бемордорӣ, модари меҳрубонамон аз дунё даргузаштанд (чояшон Чаннат бод!). Рӯзи маъракаи худораҳматӣ тамоми мардуми деҳа ва деҳаҳои дуру наздик барои дуою фотиҳа омада буданд. Дар он чо бар хилофи шаҳр, ки даррав оши худоиро хӯрда, дуо карда чояшонро ба- рои дигарон холӣ мекунанд, чун анъана ҳама қариб дар як вақт ба сари дастурхон менишинанду бо суханони нек аз марҳум ёдоварӣ намуда,**

бе саросемагӣ сӯҳбатро идома медиҳанд. Ҳамин тавр ҳинни сӯҳбат мавзӯъ тағйир ёфту дар хусуси ташрифи тарафайни бо сокинони соҳили руди Панч - Точикистону Афғонистон ёдовар шуда, ҳар кадоме мехост аз мушоҳидааш чизи чолиберо ёдовар шавад. Баъди муддати мадиде бодиққат гӯш кардан хостам аз ин шоҳидони бевосита вазъи воқеии собиқ хешону ҳамсоягони афғонистониамонро бештар фаҳмам. Ба суоли ба ҳамаи ҳамон қариб сад нафари дар сари як дастурхон ни- шаста додаам, ки кадоме аз шумоён ба он тарафи соҳил нарафтаед? - чунин фаҳмидам, ки ба ғайр аз падари он вақт қариб 80-солаам - собиқ рӯзноманигор, яке аз аввалин сармуҳаррирони рӯзномаи ноҳиявии «Ҳақиқати Ванч», корманди шӯрои маҳаллӣ ва омӯзгорӣ варзида, Пи- румшо Роҳатов (дар синни 92-солагӣ, 9 марти соли 2008 реҳлат наму- данд, чояшон Чаннат бод!) ва тағоям собиқ муаллими мактаби ибти- дои деҳа, ки ӯ низ беш аз 70 сол дошт, дигар ҳамаашон борҳо дар он тарафи соҳил будаанд. Сипас хостам бифаҳмам, ки дар муқоиса онҳо дар вазъи зиндагию маишати ҳарду соҳил чӣ фарқиятеро мушоҳида намудаанд. Чавобҳо гуногун буд. Ҳар кадоме мехост дар мисоле ин фарқиятро фаҳмонад. Яке мегуфт, ки онҳо чандапӯшанду боре либоси шинами зиёиёни мо баринро напӯшиданд. Зиндагиашон хеле қашшоқона асту нону хӯроки болаззатро шикамсерӣ гоҳ-гоҳ мебинанд, хонаву палосашон чиркин ва ғайра. Ин ба таври худ фаҳмондани ҳамсӯҳбатонро чанде тааммул карда, яке аз хешонамон - ронандаи соҳибтачрибае, ки бо мошини боркаши ҳарбӣ тамоми гӯшаю канори Точикистонро гаштааст, Чомӣ Аблодиев бо овози бурруи дигар овозҳоро пахшкунанда гуфт:

- Муаллим, то кадом андоза қафомондагии онҳоро бо сухан фаҳмондан ниҳоят мушкил, балки ғайри имкон аст. Сухане, ки дарачаи пасти зиндагии ниҳоят қашшоқонаю саводу маърифати онҳоро дар нисбати мо ифода карда тавонад вучуд надорад. Ба ҳар ҳол ҳамаи мо агар то пагоҳ гап занем онро пурра фаҳмонда наметавонем. Барои ҳоли онҳоро фаҳмидан рафта бо чашми худ диданатон лозим меояд.

Ин «баҳодиҳӣ»-ҳоро мешунидаму ба худ мегуфтам, кучоянд онҳое, ки даври шӯравиро наҳ мезананд, бошанду шунаванд ё худашон рафта бо чашми сар бубинанд. Он гоҳ шояд эҳсос намоянд, ки мо як халқи ҳарду соҳил дар гузаштаи ба ченаки таърих начандон дур - як аср пеш ба як давлату як диёр, яъне шоҳигарӣ ва сипас бекигарии Дарвоз ман- суб буда ва як дарачаи ҳаёти иқтисодию ичтимоӣ ва фарҳангӣ дошта, бо тақозои қисмат дирӯз ва имрӯз ҳам, баъди ин мушкилиҳои ба сара- мон омада, дар кадом сатҳи нобарбарии муқоисанашаванда қарор до- рем. Ин аз як тараф боиси таассуфу аз дигар тараф бешак мояи ифти- хор аст. Таассуф ба он маънӣ, ки ба туфайли сиёсати беадолатонаи ду давлати абарқудрати мустамликахоҳ бародарони ҳамватану ҳамдиёр аз ҳам зӯран чудо карда шуданд. Ифтихор бошад аз он аст, ки ба туфайли

**баҳравар гаштан аз шарофати инқилоби Октябру дастовардҳои замони шӯравӣ дар ҳама самтҳои зиндагӣ пешравии мо ба садсолаҳо баробар аст. Дар ҳамин замина мо истиқлолияти комилро ёфта, барои бунёди ҷомеаи демократӣ гомҳои устувор мебардорем. Барои ба дараҷаи ку- нунии мо расидани бародарони он тарафи соҳил даҳсолаҳои ҳаёти осо- ишта ва созандагӣ дар доираи давлати воқеан демократӣ лозим аст.**

**Акнун, ки ҷумҳурӣ дар ҳолати фоҷиабори ҷанги шаҳрвандӣ қарор дошту таъминоти иқтисодию вазъи иҷтимоӣ тағйир ёфта буд, ягона умумияти дар ҳарду соҳил эҳсосшаванда танқисии ғизоӣ буд. Дар ин ҷода вазъи мо он замон ногувортар буду моро хавфи қаҳтӣ таҳдид ме- кард. Аз тарафи дигар, дастаҳои силоҳбадасти оппозитсия роҳи ягонаи худии (роҳи дурударози Уш, ки ба воситаи Қирғизистон то Мурғобу Хоруғ, гашти мошинаҳоро таъмин мекард, низ фақат то Рӯшон имкони ҳаракат дошт) пайвандкунандаи ВМКБ-ро бо марказ то Қалъаихумбу Ванҷ дар дасти худ нигоҳ медоштанд. Молу маводи заруриро ба Ко- мендатураи Қалъаихумб, ки яке аз пойгоҳҳои хизмати ҳарбии сарҳадии Русия ҳисоб меёфт, ба воситаи чархболи пуриқтидори боркаши ҳарбӣ**
**- «МИ-8» мекашонд. Баъзан корафтодагон аз ноҳияҳои Ванҷу Дарвоз то Рӯшон низ бо машаққати зиёде экипажро (албатта, бо маблағи ба- рояшон дилхоҳ) барои ба Қалъаихумб рафтан ё аз он ҷо баргаштан розӣ карда, онро чун воситаи ҳоҷатбарорӣ мавриди истифода қарор медоданд. Ин навъ чархбол дар хизмати қисми асосии ҳарбии Русия дар Тоҷикистон - Отряди сарҳадбонони Помир дар шаҳри Хоруғ қарор дошт, ки қариб ҳар рӯз ба он ҷо парида хизмати корафтодагон - мизоҷони маҳаллиро низ ба ҷо меовард. Яъне дар шароити тамоман фалаҷ шудани алоқаи нақлиёти боркашонию мусофирбарӣ, нақлиёти боркаши ҳавоӣ ва автомобилии ҳарбии Русия ягона воситаи нисбатан бехавфу дастраси нақлиётӣ барои мардуми вилоят ҳисоб меёфт.**

**Агар аз ин воситаи на ба ҳама дастраси алоқаи байни ВМКБ бо мар- каз сарфи назар кунем, билкул вилоят дар вазъи қариб ба тамом аз мар- каз канда шуда ва дар ҳолати изолятсионӣ қарор дошт. Силоҳ- бадастони мухолифин аз Орҷоникидзеобод (феълан ноҳияи Ваҳдат) сар карда, қариб ҳама қисмати роҳи Душанбе - Хоруғро дар ихтиёри худ нигоҳ медоштанд. Ҳарчанд дар маркази Дарвоз - Қалъаихумб нуқтаи ҳарбии сарҳадбонони Русия - комендатураи ҳарбӣ ҷой дошт ва дигар постгоҳҳои сарҳадӣ, ки дар онҳо қувваҳои таъминоти бехатарии сарҳад аз тарафи давлатҳои муштаракулманофеи ҳамсоя ҷой дода шуда буданд, вале онҳо дар доираи муайяни ҳуқуқии худ амал карда, ба ни- зоъ ва амалиёти байниҳамдигарии қувваҳои даргири тоҷикон мудохила намекарданд. Сарҳад қариб кушода буду аз ҳарду тарафи соҳили Панҷ сарҳадвайронкунӣ амали муқаррарӣ гашта буд.**

**Баъди баста шудани Созишномаи умумии Сулҳ ва ба фаъолият оғоз кардани Комиссияи Оштии Миллӣ бо ташаббуси тарафайн заду-**

хӯрдҳои қувваҳои расмии мухолифин ва артиши давлатӣ қатъ шуда, масъалаи муттаҳид намудани қувваҳои низомии раванди амалӣ пайдо карда бошад ҳам, қувваҳои силоҳбадаст дар итоати Иттиҳодияи нирӯҳои оппозитсионии точик (ИНОТ) набуда дар шоҳроҳи Душанбе - Хоруғ даҳҳо пости ғайрирасмӣ кушода, ба истинтоқу мусодираи молу амволи корафтодагони мусофир ва террори аҳолии осоишта даст меза- данд. Аз тарафи ин дастаҳо чандин ҳодисаи ба гарав гирифтани намо- яндагони ташкилотҳои байналмиллалӣ, ки дар сохторҳои кӯмаки башардӯстона фаъолият доштанд, ба назар мерасид. Гаравгирии ода- мони нисбатан бонуфузи маҳаллӣ, қатли ашхоси бегуноҳ, ичборан ба дастаҳои худ ҳамроҳ кардани чавонони маҳаллӣ, аз Афғонистон овар- дан ва паҳн кардани яроқи ҳарбӣ ва маводи мухаддир, зӯран аз худ на- мудани чорвои собиқ колхозу совхозҳо ва аҳолии маҳаллӣ амали муқаррарии фаъолияти ин дастаҳои ғоратгари яроқбадаст гашта буд.

Яке аз чунин дастаҳоро собиқ муриди эшони Абдураҳмончон Риз- вон Садиров фармонфармоӣ мекард. Бо анчоми хизмати аскарӣ ӯ ба Омӯзишгоҳи баҳрии Шарқи Дур дохил шуда баъди як сол таҳсилро қатъ намуда, ба зодгоҳаш - Тезгари Поёни деҳшӯрои Гулистони ноҳияи Ленин (феълан Рӯдакӣ) баргашт. Аз бенизомии давраи бозсозӣ истифода бурда, дар давоми 3-4 соли дар соҳаи савдо кор кардан соҳиби тарабхона, сехи дӯзандагӣ ва нуқтаи фурӯши маводи сӯзишворӣ гардид. Бо оғози гирдиҳамоиҳои тӯлонии соли 1992 дар майдони Шаҳидон изҳор намуд, ки мақсади ягонааш «хизмат ба ислом ва пирӯзии ислом дар Точикистон мебошад». У баъди нобуд кардани дастаи ғоратгари қотили овозхони шинохтаи точик Кароматуллоҳи Қурбон нуфуз пайдо карда, дар самти Кофарниҳон ба чои эшони Но- зим қумондон шуд. Ҳукумати муросои миллӣ баъди гузаронидани чандин гуфтушуниди байни қувваҳои парокандаи даргир ба хулосае омад, ки Артиши расмии давлатӣ таъсис дода шавад. Тибқи фармони чонишини Вазири мудофиаи Ҷумҳурии Точикистон Абдусамад Самиев

11 ноябри соли 1992 қумондони ситоди ноҳияи Кофарниҳон, ки дар ҳайати он 439 нафар ифои хизмат доштанд, таъин гардид.

Баъзе аз сарварони ситодҳои дар хизмати Ҳукумати муросои миллӣ буда, аз чумла Ризвон Садиров, Ҳукумати қонунии дар Сессияи XVI Шӯрои Олӣ таъсиёфтаро напазируфта, мавқеи душманонаро ишғол намуданд. Бо ворид шудани қувваҳои ҳукумати қонунӣ ба Душанбе, 10 декабри соли 1992, қувваҳои мухолифин ба Кофарниҳон, аз он чо ба Қаротегин қафо нишастанд. Акнун ин қувваҳои парокандаи зиддиҳукуматӣ бо сардории дастаҳои худ як қисме дар Роҳатӣ, дигаре дар дараи Ромит, саввум дар Қаротегин, чорум дар Бадахшон мубори- заи бенизому рабтро идома медоданд. Ризвон Садиров ба ноҳияи Ғарм омада, бо дастгирии бевоситаи Мулло Аъзам ва Мулло Саъдиддин Ғармро чумҳурии исломӣ эълон намуда, ба сифати сарфармондеҳи

қувваҳои мусаллаҳи ин «чумҳурӣ», ки аз ҳисоби дастаҳои ғоратгар аз Душанбею Ҳисору Кофарниҳон омада, миқдорашон хеле зиёд шуда буд, фаъолият намуд. Як қисми бо ном артиши ӯ дар Тавилдара мавқеъ гирифта чангро идома медод. Ин мавзеъ аз чиҳати стратегӣ муҳим бу- да, роҳи ягонаи самти Помирро дар дасти худ нигоҳ медошт. Баъди дар ин чо аз артиши Ҳукумати қонунӣ зарба хӯрдан, як қисми аскаронаш ақибнишинӣ карда Кабудчарро тарконда, дар Алигалобони ноҳияи Комсомолобод (феълан Нуробод) мавқеъ гирифтанд.

Моҳи феврали соли 1993 шаҳраки Ғарм аз дастаҳои мухолифин озод карда шуд. Қувваҳои оппозитсионӣ ба чанд гурӯҳ чудо шуда, қисме ба Сангвор, қисме ба Точикобод гурехта мавқеъ гирифтанд. Як гурӯҳ бо сардории Р.Садиров ба дар дараи Камаров ва дастаи дигар бо сардории Мардон дар дараи Такоба мавқеъ гирифтанд. Баъди шикастхӯриҳои навбатӣ Ризвон моҳи августи соли 1993 боз ба Ромит омад. Дар ин чо чӯпон бо исми Чомиро ба қатл расонда, 10 ҳазор сар гӯсфандро ба Да- раи Ҳакимӣ ва Мучихарфи Нуробод бурда, ба шахсони дилхоҳ тақсим кард.

Бо қувват гирифтани Ҳукумати конститутсионӣ ва Артиши миллӣ сафи тарафдорони Ризвон то рафт кам мешуд, аз берун ёрии кофӣ ги- рифта наметавонист, ба замми ин пайи ҳам зарба мехӯрд. Ҳамаи ин ӯро водор сохт, ки зимистони соли 1994 ба воситаи пайраҳаҳои сер- барфу душворгузари кӯҳӣ аз Камаров ба Ҳоит, аз он чо ба Точикобод гузарад. Акнун, ки аз муваффақият умедашро канда буд, мачбур шуд, ки бо боқимондаи дастнигаронаш ба Дарвоз ва аз он чо ба Афғонистон фирор кунад. Албатта, дар роҳ барояш душвориҳои зиёде пеш омад. Дар деҳаи Кеврони ноҳияи Дарвоз дар байни дастаи ӯ ва сарҳадбонони Русияю Қазоқистон, ки дар ин нуқтаи сарҳадӣ чой доштанд, чанги шаддиде сар зад, дар натича чанд касро аз дастааш талаф дода, бо боқимондаи зердастонаш ба тарафи Афғонистон убур кард. Дар Толиқони ин кишвар, ки он замон Ҳукумати гурезаҳои точик фаъолият дошт, Ризвони гурезаро нағз қабул намуданд, вале бо мурури замон ҳаракати ӯро барои ташкил намудани артиши нав аз ҳисоби гурезаҳои точику дастаҳои ғоратгарӣ Покистону Афғонистон ва баъзе террори- стони дигар аз мамолики араб дида, роҳбарияти ИНОТ аз Аҳмадшоҳи Масъуд хоҳиш намуданд, ки барои аз байн бурдани хавфи ба амал омада ӯро ба ҳабс гирад. Ҳамин хел ҳам шуд, вале баъди чанде Аҳмадшоҳ ӯро раҳо намуда имкон дод, ки ба мавзеи Баҳораки Бадах- шони Афғонистон рафта мавқеъ гирад ва бо ҳамин роҳи оппозитсияро ба Точикистон баста, даҳҳо намояндагони қувваҳои оппозитсиониро ба қатл расонид. Дар зери фишори ӯ роҳбарияти ИНОТ акнун 50 фоизи курсиҳои давлатиро талаб мекард.

Соли 1995 вақте андаке шиддати даргириҳо сусттар шуда буданд, Тавилдара пурра дар дасти артиши давлатӣ қарор дошт, фазои сиёсиро

фақат тирпарронихои Кофарниҳону Точикобод халалдор мекард. Дар ин давра силоҳбадастони дар байни дастаҳои яроқнок ҳанӯз эътибор дошта: Ҷумъа, Баҳром, Маннон ва чанде, чамъ **30** нафар аз Афғонистон ба Дарвоз омада, боз ба бедодгарӣ даст заданд. Онҳо аз наздикони Риз- вон ва дар итоати бевоситаи ӯ буданд.

Соли **1996** фармондеҳи Гвардияи Президентӣ Ғаффор Мирзоев кӯшиш кард, ки Ризвон Садировро ба Точикистон оварда, ба муқобили мухолифин истифода барад. Ин амали ӯро рӯзноманигори дақиқназар Оламафрӯзи Собир чунин ба қалам додаст:

«**27** ноябри соли **1996** Ризвон ҳамроҳи қисми аввали гурӯҳаш ба Ой- хонум, воқеъ дар ноҳияи Фархор омад. Аз он чо ӯро ба воситаи чар- хбол ба ситоди Горди Президент, ки дар шаҳри Душанбе аст оварданд. Овардани Ризвон Сидировро ба воситаи телевизион намоиш доданд. Ғафор Мирзоев **200** нафар сарбозони ӯро бо силоҳ ва муҳимоти чангӣ таъмин намуда, ба Оби Гарм фиристод. Ба ин баталион бародари Риз- вон - Баҳром қумондон таъин гардид Ба Ризвон бошад, вазифаи чонишинии фармондеҳи Горди Президентиро арзонӣ доштанд. У дар назди роҳбарони мамлакат бо қуръон қасам хӯрд, ки ба Ватан хиёнат намекунад, барои оромӣ, осоштагӣ ва якпорчагии чумҳурӣ хизмат ме- кунад»[14].

То кадом андоза содиқ будан ба ин қасамро фаъолияти ояндаи Риз- вон Садиров нишон дод. Он чи доири фаъолияти ин зодаи бесарусомониҳои сиёсии солҳои **90**-ми қарни гузашта оварда шуд, як мисоли оддӣ, як эпизоди хурдест аз фочиаи бузурги замон, ки диёри Дарвоз аз он нафақат дар канор монда наметавонист, балки чун мавзеи аз чиҳати стратегӣ муносиб, мисли солҳои чанги шаҳрвандии аввал - солҳои **20**-ум, бидуни хохитттти сокинони меҳмоннавозу меҳанпарасташ ба гирдоби ин воқеҳои фочиабор кашида шудаву чандин фарзандони бегуноҳашро аз даст дода буд.

Ҳамин раванди ҳам барои ҳукумати қонунӣ ва ҳам ИНОТ ниҳоят ха- тарнок водор сохт, ки алайҳи ин силоҳбадастони ба амалиёти террористӣ дастзананда, дар ҳамбастагии зич амалиёти ҳарбӣ гузаронанд.

Дар ин чо бамаврид аст қайд кунем, ки аз рӯи маълумоти муҳаққиқи рус Н.Емелянова дар китоби «Дарваз - **религиозная и культурная жизнь таджико-афганского приграничья» (Москва, 2007, с.41)**, соли **1994** дар ҳудуди ноҳияи Дарвоз қариб **4000** яроқбадастон амал мекар- данд, ки дар ҳайати онҳо ба ғайр аз точикон афғонҳо ва арабҳо низ фаъолият доштанд. Халқи маҳаллӣ ба муқобили онҳо аз ҳамаи имкониятҳо истифода бурда мубориза мебурд. Маҳз ҳамин фишори халқ буд, ки силоҳбадастон аз маркази ноҳия ба Сағирдашт ва баъд аз он ба Тавилдара гузаштанд.

**16** сентябри соли **1997** КОМ мурочиатнома қабул намуд. Мувофиқи он аз ашхоси силоҳбадасти гурӯҳҳои мансубияташон номаълум талаб

карда мешуд, ки дар зарфи ду моҳ, яъне то 16 ноябри соли 1998 мансубияти хешро ба ду ҷониби сулҳкунанда - ҳукумат ё ИНОТ маълум намоянд. Дар сурати саркашӣ намудан ва силоҳро напартофтан аз тарафи ҳукумат ва ИНОТ ин дастаҳои ғайриқонунӣ зӯран бесилоҳ карда мешаванд. Чи тавре дар боло ишора рафт, дигар роҳи мусолиҳакорӣ бо ин дастаҳои ғоратгар аз ҷумла дастаи Ризвон Садиров намонда буд, чунки ҳанӯз пеш аз омадани роҳбарияти ИНОТ ба Душанбе ва баъди он дар пойтахт ва ноҳияҳои атроф чандин таркишу террор ба амал оварда шуд. Моҳи феврали соли 1996 ва феврали соли 1997 чанде аз ходимони созмонҳои байналмиллалӣ - нозирони низомии Созмони Миллали Муттаҳид, рӯзноманигорони хабаргузории Федератсияи Ру- сия дар Тоҷикистон ва намояндагони ИНОТ дар комиссияи муштараки оиди назорат ба оташбас чандин шабонарӯз мавриди лату кӯб ва таҳқири гурӯҳи Ризвон қарор гирифта буданд.

Гвардияи Президентӣ ва қувваҳои ИНОТ бо амалиёти якҷоя гурӯҳи ҷинояткори Ризвонро торумор намуданд. Вале худи Ризвон ва чанде аз аъзоёни даста тавонистанд, ки ҷон ба саломат бурда, аз ҳисоби ҷавонони Душанбе ва атрофи он бо роҳи фиребу зӯрӣ сафҳои худро зиёд карда, ба ҷинояткориҳои нав даст зананд. Аз ҷумла 18 ноябри со- ли 1997 ду ходими кӯмакрасони байналмиллалӣ аз шаҳрвандони Фран- сия Карен Манн ва Франк Жанве Дюбреро гаравгон гирифтанд. Азба- ски гуфтушунид натиҷа надод, 2 декабри соли 1997 дар Душанбе ба амалиёти зидди террористӣ гузаштанд. Дар рафти он сардори даста Ризвон ва чанде аз зердастонаш кушта шуданд. Мутаассифона дар чараёни ин амалиёт хонум Карен Манн аз тарафи дастаи боқимонда ва ба тахлуқаафтодаи Ризвон ба ҳалокат расонда шуд. Акнун террористо- ни ҷон ба саломат бурда хавфи ҷиддие эҷод карда наметавонистанд.

Чорабинии муҳимтарини таъмини сулҳу салоҳ дар он давра ба ҳисоб гирифтан ва ба ҳайати Арти<u>ши</u> миллӣ ворид гаштани размандагони ИНОТ буд. Тибқи талаботи «Протоколи масъалаҳои низомӣ» қувваҳои ИНОТ-и дар қароргоҳҳои ҳудуди ноҳияҳои Ванҷ, Ғарм, Ҷиргатол, Комсомолобод, Кофарниҳон, Рӯшон, Тавилдара, Тоҷикобод, Хоруғ ва деҳаи Мағмуруди ноҳияи Ленин ҷамъ оварда шуда, ба қайд гирифта шуда, раванди омезиши онҳо ба артиши ҳукуматӣ оғоз ёфт. Ин раванд дастаҳои дар хориҷа (бештар дар Ҷумҳурии Исломии Афғонистон) будаи ИНОТ- ро низ фаро гирифта буд. Онҳо низ мувофиқи Протокол бояд ба ҳудуди Тоҷикистон интиқол дода мешуданд.

Охири соли 1997 бо иҷозати расмии марзбонони Федератсияи Русия аз тариқи гузаргоҳи Қалъаихумб ба дастаҳои дар вулусволии Дарвоз будаи ИНОТ кӯмаки озуқаворӣ намуданд. Моҳи феврали соли 1998 ба 260 нафар иҷозат дода шуд, ки сарҳадро убур карда ба Тоҷикистон баргарданд ва муваққатан дар Тавилдара ҷойгир карда шаванд. 23 сен- тябрисоли 1998 гурӯҳи 158 нафараи ИНОТ аз тариқи гузаргоҳи Панҷи

**Поён аз Афғонистон ба Ватан баргашта, муваққатан дар Точикобод чой дода шуданд.**

**28 декабри соли 1997 гурӯҳи 50 нафараи ИНОТ ба ҳайати қувваҳои мусаллаҳи ҳукуматӣ ворид шуда, савганди низомӣ ёд карданд. Ин оғози омезиши қувваҳо аз интихоби роҳи бебозгашти осоиштагӣ дарак медод, Албатта, дар оянда низ кӯшиши муташаннич сохтани вазъи сиёсии мамлакат аз тарафи душманони миллат ба чашм мерасид. Аз чумла кӯшиши бебарори қувваҳои зиддиҳукуматӣ бо сардории М.Худойбердиев дар хучанд моҳи ноябри соли 1998 яке аз онҳост. Ва- ле дар муддати кӯтоҳ пурра торумор намудани он аз пурра қувват ги- рифтани артиши давлатӣ гувоҳӣ медод.**

**Аз 6 842 нафар размандагони нерӯҳои мусаллаҳи ИНОТ, ки аз муо- инаи тиббӣ гузаронида шуда буданд, 6 079 нафарашон ба хизмати низомӣ муносиб дониста шуда. 4 498 нафари онҳо савганди низомӣ қабул намуда бо 2 164 силоҳи ба қайд гирифта, ба сафи Қувваҳои Мусаллаҳи давлатӣ шомил гаштанд[15].**

**Тибқи қарори Мачлиси Олии Точикистон, ки онро ичлосияи махсус аз 14-ми майи соли 1999 пешниҳод карда буд. 5 377 нафар аз дастаҳои мухолифин ё ИНОТ мавриди авфи умумӣ қарор гирифтанд[16]. Ин яке аз санадҳои муҳими раванди сулҳу ризоияти чомеа ҳисоб меёфт. Ин ра- вандро аз ҳисоби 30 фоиз ба вазифаҳои расмии маъмурӣ, роҳбарияти муассисаҳои давлатӣ, ки барои намояндагони собиқ мухолифин чудо карда шуда буданд пурра тақвият бахшид. Акнун Точикистон ба ту- файли чорабиниҳои ниҳоят муфиди сари вақтии ҳукумат, алалхусус Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон ба мачрои бебозгашти созандагӣ ва бунёди давлати демократӣ ва дунявӣ ворид гардид.**

**Хулоса, дар тӯли фаъолияти 2 солаву 10 моҳаи КОМ (мӯҳлати фаъо- лияташ 1 апрели соли 2000 қатъ гардид) чунин натичабардории муҳим ба даст омад:**

**1. Раёсати қувваҳои оппозитсионӣ қисмҳои ҳарбии дар ихтиёр дош- таро пурра ба ҳайати Қувваҳои мусаллаҳи чумҳурӣ ворид сохт;**

**2. Тибқи квотаи 30 фоиза намояндагони қувваҳои собиқ мухолифин (оппозитсия) ба ҳайати роҳбарияти давлати ва ҳукуматҳои маҳаллӣ во- рид гаштанд;**

**3. 52 ҳазор гурезагони дар қаламрави Ҷумҳурии Исломии Афғонистон паноҳ бурда, 18 ҳазор гурезагони дар Иттиҳодияи давлатҳои мустақил (СНГ) чой дошта ва 680 ҳазор чои иқомати дои- мии худро ивазкардагони дохили чумҳурӣ ба чойҳои пешинаи худ бар- гардонда шуданд.**

**Албатта бо сабаби набудани маълумоти амиқи оморӣ шумораи гуре- загон ва муҳочирони ичбориро дар доираи ҳар як ноҳияи чумҳурӣ му- айян намудан хеле мушкил аст. Вале якинан тахмин меравад, ки акса- ран аз водии Вахшу Ҳисор аз ҳисоби фарзандони муҳочирони солҳои**

**30-50-ум ва солҳои минбаъда буданд, ки аз авчи ихтилофӣ маҳалгароӣ эмин монда натавониста, дар диёри авлодии хеш муваққатан панаҳ ёф- та буданд. Кам набуданд дар байни онҳо зодагони диёри Дарвоз ва фарзандони онҳо, ки дар ободу зебо намудани водиҳои номбурда, ба макони «тиллои сафед» ва дигар зироатҳои кишоварзӣ, чорводорӣ, ба маркази муҳими саноатӣ табдил додани онҳо саҳмгузории бевосита доштаанду доранд.**

**Вазъи сиёсию иқтисодӣ ва ичтимоии солҳои 90-уми асри гузаштаи диёри Дарвоз ва тамоми чумҳуриро мавриди таҳлил қарор дода, аз кӯмаки башардӯстонаи хеле бамавриди Хазинаи Оғохон ба мардуми Помир сарфи назар кардан маънии аз мавқеи ҳақиқатбаёнии таърихӣ дур шуданро дорад.**

**Ҳамоҳангсози Хазинаи Оғохони IV дар Точикистон, муовини Раиси Шӯрои Олии Точикистон Қ.Қоимдодов дуруст қайд намудааст, ки дар ҳамин лаҳзаҳои барои Бадахшон сарнавиштсоз қуввае лозим буд, то мардуми онро аз гирдоби ноумедӣ бароварда, такони моддиву маънавӣ бахшад. «Яъне мардумро аз гуруснагӣ начот бидиҳад, дилашро ба оян- да гарм созад ва барои сохтани дунёи нав кӯмак бинамояд. Ин қувваи умедбахш, ки онро ҳукумати Точикистон бо хушнудӣ пазируфт, хази- наи ҳазрати Оғохони IV буд, ки ҳамаро бо кӯмаки бекаронаву беғаразонаи хеш ба оянда дилпур сохт... Ҳазрати воломақом Оғохон дар баробари кӯмаки ғизоӣ, инчунин барномаи пешрафти Помирро бо мутахассисони варзида, тартиб доданд, то мардум битавонанд дар кӯтоҳтарин мӯҳлат аз бӯҳрони шадиди иқтисодӣ раҳо ёбанд»[17]. Аз шиддати бӯҳрон далеле, ки охири соли 1993 худтаъминкунии ВМКБ дар сатҳи 15 фоиз қарор дошт[18], бараъло дарак медиҳад.**

**Қобили қайд аст, ки ин барномаи башардӯстонаи Хазинаи Оғохон барои Помир ҳанӯз аз соли 1993 оғоз ёфта, соли 1994 ба барномаи фаъолияти дарозмуддати тараққиёти он табдил дода шуд. Барои ичрои ин мақсад, Хазинаи Оғохон (ХОХ) дар Бадахшон созмони маҳаллии ғайриҳукуматии Барномаи Кӯмаки Пешравии Помирро (БКПП) ба вучуд овард, ки мақсади он нафақат аз назорат кардани тақсимоти кӯмакҳои башардӯстонаи хӯрокаву сӯзишворӣ, инчунин аз амалӣ гаш- тани барномаи худтаъминкунӣ ва бо мақсади тадричан васеъ намудани имконияти ба даст овардани даромад ва сармоягузориҳо дар вилоят иборат буд. Бо ин роҳ мақсад аз тадричан барҳам додани қашшоқшию камбизоатии вилоят иборат буд.**

**Мутахассисон барномаи зарури панч баҳши иқтисодиётро барои ви- лоят тартиб доданд, ки дар маркази он соҳаҳои кишоварзӣ, энергетика, саноати кӯҳӣ, тандурустӣ ва маориф гузошта шуда буд[19].**

ДМИТРИЙ ФЁДОРОВИЧ ЛИСЕНКО соли 1906 дар деҳаи Шеншиновкаи губернияи Курски Русия дар оилаи деҳқон таваллуд шудааст. Фаълояти меҳнатиашро аз соли 1926 чун кишоварзи оддӣ оғоз намудааст. То соли 1937 басифати коргари шахтаи «Диктатураи пролетариат», мудири магазин, сардори шӯъбаи маҳсулоттайёркунии назди Управленияи таъминоти коргарии Магнитсохтмон дар Магнитогорск кору фаъолият намудааст. Аз соли 1931 аъзои ҳизби коммунист. Аз соли 1937 дар Точикистон вазифаҳои мухталифи роҳбарикунандаи ҳизбиро ба дӯш доштааст. Аз чумла: солҳои 1937-1938 - мудири шӯъбаи баҳисобгирии кумитаи ҳизби(б) ноҳияи Ашти ҲК (б) Точикистон; 1938-1940 - муовини мудири сектори махсуси КМ ҲК(б) Точикистонро ба ӯҳда доштааст.

Д.Ф.Лисенко солҳои 1940-1942 - дар давраи мушкилтарини оғозу идомаи Чанги Бузурги Ватанӣ вазифаи масъул - котибии кумитаи ҳизбии ноҳияи Қалъаихумбро ба ӯҳда дошта, дар кори ба мачрои ба та- лаби чабҳа мувофиқ сохтани истеҳсолот хизмати ниҳоят чиддиеро ба ичро расондааст. Мушкилоту иқтидори иқтисодии ноҳияро маълумоти дар тавсифномаи ба Д.Ф.Лисенко навиштаи котиби КМ ҲК(б) Точикистон Шилкин аз 27 декабри соли 1940 омадааст, равшан нишон медиҳад. Муфовиқи он масоҳати ноҳияи Қалъаихумб 2713 километри мураббаъ буда. 9 деҳшӯроро дар бар мегирифт. Аҳолии ноҳия асосан ба зироаткорию чорводорӣ машғул буд. Майдони кишт 3610 гектарро таш- кил медод, дар 97 фоизи он гандум ва чав кишт карда мешуд. Саршумо- ри чорвои ноҳия аз 25 995 сар иборат буд. Коллективонии хочаги қишлоқ 98,2 фоизро ташкил мекард. Дар ноҳия корхонаҳои калони саноатӣ мавчуд набуд. нишондиҳандаҳои умумӣ дар ин сатҳ қарор доштанд: 66 осиёи колхозӣ, ки дар як рӯз 1,5 тонна орд истеҳсол менаму- данд, 1 дастгоҳи электрикӣ бо ду корманд, як кони тилло, ки дар мавси- ми корӣ дар он то 40 нафар коргарон фаъолият мекарданд, 48 000 кг пилла истеҳсол мешуд. Дар ноҳия мактаби миёна ҳанӯз таъсис наёфта буд. Дар 22 мактаби ибтидоӣ (бо 1042 хонанда ва 56 муаллим), 11 мак- таби миёнаи нопурра (бо 853 талаба ва 41 муаллим) фаолият доштанд. Дар ноҳия 1 касалхонаи дорои 25 кат ва ду нуқтаи тиббӣ вучуд дошт, ки дар онҳо 8 корманд (4 хоҳар шафқат ва 4 ёрдамчӣ кор мекунанд, табиби маълумотнок нест) фаолият мекарданд. 1 клуб, 44 чойхонаҳои сурх, 1 рӯзномаи ноҳиявӣ (моҳе 4 рақам чоп мешуд) кори тарғиботу ташвиқотро пеш мебурданд».[3] Ин иқтидорро Д.Ф.Лисенко ба талаби

давраи чангӣ мувофик намуда, пешравиро таъмин карда тавонист.

У солҳои 1942-1944 - ба ҳайси котиби кумитаи ҳизбии ноҳияи Қалъаи Лаби оби ҲК(б) Точикистон ифои вазифа намуда, солҳои 1944-1945 - чун шунавандаи курсҳои ленинии назди КМ ВКП(б) дар шаҳри Москва таълим гирифта, баъди хатми он Д.Ф.Лисенко солҳои 1945-1949 ба ҳайси идоракунандаи (управляющий) Шӯъбаи Уротеппагии Бонки давлатии ҶШС Точикистон ; 1949-1956 - мудири идораи Бонки савдоӣ (Торгбанк) дар Сталинобод ифои вазифа намудааст. Хизмати тӯлонии Д.Ф.Лисенко бо ордену медалҳо қадр шудааст.

П.Д.МЕДЯНСЕВ (МЕДЯНЦЕВ) солҳои 1943-1944 дар ноҳияи Қалъаихумб вазифаи котибии аввали кумитаи ҳизби коммунистро ба ӯҳда дошт. Дар он замони ҳассосу мушкили Ҷанги Бузурги Ватанӣ ӯ тавонистааст ичрои нақшаҳои ниҳоят вазнини давраи чангиро пурраю барзиёд таъмин намояд.

АЛЕКСАНДР ФИЛИППОВИЧ ЛАЗАРЕНКО соли 1909 дар шаҳри Симферопол дар хонаводаи коргари рус ба дунё омадааст. Соли 1925 чун шогирди курраи рехтагарӣ оғози шуғли меҳнат намудааст. Аз соли 1930 аъзои ҳизби коммунист.

Фаъолияти худро дар Точикистон А.Ф.Лазаренко ба тариқи зайл пеш бурдааст: солҳои 1931-1932 - дастурдиҳандаи Савдои точик (Таджик-торг) дар Сталинобод; 1932-1934 - мудири идораи таъминоти ноҳиявии «Тиллои точик» («Таджикзолото»); 1935-1941 - дастурдиҳандаи (инструктор) кумитаи ноҳияи Тавилдараи ҲК(б) Точикистон; 1941-1944 - мудири сектор сипас мудири шӯъбаи ташвиқотӣ-тарғиботии Кумитаи ҳизбии ноҳияи Қалъаихумби ҲК(б) точикистон.

Солҳои 1945-1947 А.Ф. Лазаренко дар вазифаи масъул - котиби аввали кумитаи ҳизбии Қалъаихумби ҲК(б)-ро ба ӯҳда дошта, дар барқароркунии баъдичангии хочагии халқи ноҳия хизмати босазое намудааст.



ДАВЛАТБЕК САИДОВ соли 1910 дар деҳаи Ярхичи амлокдории Ҳоити бекигарии Қаротегин дар хонаводаи кишоварзи камбағал чашм ба дунёи ҳастӣ кушода аз синни 15 солагӣ фаъолияти меҳнатиаш чун деҳқон оғоз ёфтааст. Солҳои 1930-1932 дар сафҳои Артиши Сурх хизмат намудааст. Баъди адои он Д.Саидов солҳои 1932-1940 - котибии кумитаи комсомоли ноҳияҳои Ҳоит (1932-1936), Қалъаи Лаби об (1936-1938), боз Ҳоит (1938-1940) ба ӯҳда доштааст.

Солҳои 1940-1944 Д.Саидов ба ҳайси дастурдиҳанда, сипас мудирии шӯъбаи ҳарбии Кумитаи ҳизбии ноҳияи Қалъаихумби ҲК(б) Точикистонро ба ӯҳда доштааст.

Давлатбек Саидов солҳои 1948-1951 дар вазифаи ниҳоят масъули-котиби аввали Кумитаи ҳизбии ноҳияи Қалъаихумби ҲК Точикистон кору фаъолият дошта, дар ичрои нақшаю ӯҳдадориҳои истеҳсолии ноҳия заҳмати зиёде ба харч додааст.



НАЗОКАТШО ҲАСАНОВ 15 маи соли 1918 дар деҳаи Ҷорфи ноҳияи Қалъахумб, дар оилаи деҳқон ба дунё омадааст. Маълумоти иб-тидоиро дар мактаби ҳафтсола гирифта соли 1936-1938 дар факултаи коргарии (рабфак) Ин-ституги педагогии ш. Душанбе таҳсил намуда-аст. Баъди хатми он фаъолияти омӯзгориаш дар мактаби ибтидоии Эскигузари колхози «Моск-ва»-и ноҳияи Орчоникидзеобод оғоз гаштааст.

Солҳои 1939-1945 дар сафи артиши шӯравӣ адои хизмат намуда, дар ҳайати полки артил-лерии 294, дивизияи 129-и тирандоз алайҳи фашизм далериву мардоиагӣ нишон дода, ду маротиба захм бардоштааст Рӯзи ғалабаро дар Чехословакия пешвоз гирифта моҳи августи соли 1945 ба Точикистан баргаштааст.

Барои хизматҳои шоёнаш дар ҶБВ бар зидди истилогарони фашистӣ дар солҳои 1941-45 бо орденҳои «Ситораи сурх», «Шараф» дарачаи I ва бо 12 медали чангӣ сарфароз гардидааст. Баъди аз чабҳа баргаштан Назокатшо Ҳасанов солҳои 1945-1948 ба ҳайси мудири шӯъбаи ҳарбии Кумитаи ҳизбии ноҳияи Қалъаихумб фаъолият мена- мояд.

Солҳои 1948-1950 дар мактаби ҳизбии чумҳуриявӣ таҳсил намуда, баъди хатми он ба вазифаи мудири шӯъбаи Кумитаи ҳизбии вилояти Ғарм таъин мегардад. Аз моҳи март то моҳи октябри соли 1951 дар ва- зифаи котиби сеюми кумитаи ҳизбии ноҳияи Оби Гарм адои хизмат намудааст. сипас фаъолияти касбии ӯ чунин чараён гирифтааст: солҳои 1951-1953 котиби аввали кумитаи ҳизбии ноҳияи Қалъаихумб таъин мегардад; солҳои 1953-55 мудири шуъба ва раёсати қумитаи ҳизбии вилояти Ғарм; 1955-1958 дастурдиҳанда ва ташкилотчии ҳизби коммунисти ноҳияи Регар; 1958-1985 дастурдиҳандаи комитаи ҳизбии ноҳия, котиби ташкилоти ҳизбии совхози «Орчоникидзеобод», дирек- тори заводи пӯст, директори нашриёти «Коммуна» ва директори хочагии чангали ноҳияи Орчоникидзеобод кор ва фаъолият бурдааст. Дар ҳамаи ва вазифаҳо Назокатшо Ҳасанов ба халқу ватан софдилона хизмат намудааст.

Фаъолияти меҳнатии ӯ бо ордени «Байраҳи сурхи меҳнат», чандин ифтихорномаҳои сатҳи олии чумҳуриявӣ чадрдонӣ шудааст.

Иштирокчии ҶБВ, собиқадори меҳнат, нафақахури дарачаи чумҳуриявӣ Назокатшо Ҳасанов аз 15 майи соли 1988 чаҳонро падруд гуфт вале хотираи неки ӯ дар дили ҳамдиёрон абадӣ боқӣ хоҳад монд



ФАЙЗУЛЛО ЭШОВ соли 1921 дар ноҳияи Шаҳринав ба дунё омада, баъди гирифтани маълумоти мактабӣ соли 1939 фаъолияти меҳнатии худро аз омӯзгорӣ оғоз намудааст. То соли 1943 ба ҳайси директори мактаб дар ноҳияи Ромит фаъолият доштааст. Солҳои 1943- 1944 дар вазифаи муҳаррири рӯзномаи «Болшевики Ромит» кор карда аз онҳо ба корҳои ҳизбию давлатӣ пешбарӣ шудааст. Солҳои 1944-1945 котибии аввали кумитаи ноҳиявии Ромити комсомоли Точикистон ба ӯҳда дошт. Солҳои 1945-1947 мудири Шӯъбаи ташвиқотӣ-таблиғотии кумитаи ҳизбии ноҳияи Ромит. Аз ҳамин сол барои таҳсил ба мактаби олии ҳизбӣ тавсия гирифта, баъди хатми он дар назди КМ ҲК(б) Точикистон, фаъолияти роҳбарии Ф.Эшов ин тавр чараён гирифтааст: солҳои 1949-1953 - котиби аввали кимитаи ноҳиявии Нулванди ҲК Точикистон; 1953-1956 - котиби аввали Кумитаи ноҳияи Қалъаихумби ҲК Точикистон; 1956-1960 - шунавандаи мактаби олии ҳизбӣ дар Тошкент; 1960-1961 - муовини раиси Кумитаи ичроияи ноҳияи Ҳисори Шӯрои депутатҳои меҳнаткашон; 1961-1964 - раиси колхозҳои ба номи Фрунзе ва «Ленинград»-и ноҳияи Ҳисор.

Тибқи тавсифномаи Котиби аввали Кумитаи марказии Ҳизби ком- мунисти ҶШС Точикистон Б.Ғафуров аз 10 октябри соли 1953 «Раф. Эшов дар фаъоляти ҳизбӣ худро фаққат аз тарафи мусбӣ нишон дода- аст. Фаъолияти намунавии хеш тавонистаст тамоми фаъолони ҳизбӣ- шӯравиро барои ичрои корҳоирӯзмарраи сиёсӣ ва хочагӣ равона созад.

Соли 1953 нақшаи тараққиёти чорводории чамъиятӣ дар ноҳия бо нишондиҳандаи зайл ба ичро расидааст:

Соли 1953 нақшаи чорвопарварии чамъиятӣ дар ноҳия ичро шуда- аст: парвариши асп - 186,5 фоиз, чорвои калони шохдор - 93,8 фоиз, бузу гӯсфанд - 95,6 фоиз..., ғаладона - 100 фоиз, пиллапарварӣ - 106,8 фоиз, пашм - 106 фоиз... ба ичро расидааст».[4]

Барои хизмати намунавии тӯлонӣ Ф.Эшов бо ордени Байраҳи Сурхи Меҳнат, ду ордени «Нишони фахрӣ»медалу ифтихорномаҳои сатҳи олӣ муофотонида



АҲТАМ НЕЪМАТОВ соли 1917 дар деҳаи Хоча Аҳрори вилояти Самарқанди генерал-губернатории Туркистон (ҶШС Узбекистон) дар оилаи точики точир ба дунё омадааст. Аъзои ҳизби коммунист аз соли 1939.

Фаъолияти меҳнатии А.Неъматов соли 1935 бо таъин шудан ба вазифаи мудири шӯъбаи пионерии кумитаи комсомоли ноҳияи Сталинобод оғоз гардид. Баъди хизмат дар сафи Қӯшунҳои Шӯравӣ (1938-1942), солҳои 1942-1944 ба сифати котиби кумитаи комсомоли ноҳияи Ёвон, 1944-1946 - котиби якуми кумитаи комсомоли вилояти Сталинобод кор кардааст. Солҳои 1946-1948 - шунавандаи Мактаби ҳизбии чумҳурӣ дар назди КМ ҲК(б) Точикистон, сипас солҳои 1948-1949 - сарварии заводи герани ноҳияи Панчро ба ӯҳда дошт.

Солҳои 1949-1952 А. Неъматов чун котиби дуюми Кумитаи ҳизбии ноҳияи Роҳатӣ, 1952-1953 - котиби аввали кумитаи ҳизби коммуни- стии ноҳияи Кангурт шуда, адои вазифа доштааст.

Баъди хатми Мактаби олии ҳизбии (1953-1956) назди КМ ҲКИШ дар шаҳри Москва, солҳои 1956-1959 - котиби аввали Кумитаи ҳизби ком- мунисти ноҳияи Қалъаихумб интихоб шудааст. Мувофиқи далелҳои дар тавсифномаи котиби КМ ҚК ҶШС Точикистон П.Обносов аз 9 ноябри соли 1959 омада, дар давраи ба сифати котиби аввали Кумитаи ноҳиявии Қалъайхумб фаъолият доштани А.Неъматов ноҳия дар ҳолати болоравӣ қарор гирифта, ба чунин нишондиҳандаҳои нақшавӣ ноил гаштааст: «Нақшаи чорводории чамъиятӣ то 1 ноябри соли соли 1959 то 101 фоиз, аз чумла чорвои калони шохдор - 107 фоиз, гӯсфанд - 96 фо- из, аз чумла меш - 103 фоиз, буз - 99 фоиз. аз чумла модабуз - 117 фо- из, мурғ - 115 фоиз ичро гардидааст.

Нақшаи ба давлат фурӯхтани гӯшт - 100,6 фоиз, шир - 127 фоиз, пашм - 143 фоиз, тухм - 127 фоиз, пӯст - 306 фоиз, пилла - 115,6 фоиз ичро гардидаст...

Акнун Қалъаихумб аз рӯи нишондиҳандаҳои асосӣ дар сафи пеш қарор дорад, КМ ҲК Точикистон ба хулосае омад, ки раф. Неъматовро ба ҳайси котиби аввали Кумитаи ҳизбии ноҳияи аз чиҳати ғаллакорию чорводорӣ калонтарини Вилояти мухтори Бадахшони кӯҳӣ - Ванч тав- сия дода шавад».[5]

1959-1961 - котиби аввали Кумитаи ҳизби коммунисти ноҳияи Ванч ва аз соли 1961 чонишини директои Трести «Хӯроки умуми»-и (обшепит) шаҳри Душанберо ба зимма доштааст.

Хизмати софдилонаи А.Неъматов бо панч медал, Ифтихорномаи Президиуми Шӯрои Олии ҶШС Точикистон қадр шудааст. Борҳо ба

сифати депутати Шӯрои Олии ҶШС Тоҷикистон, аъзои КМ ҲК Тоҷикистон сарбаландона хизмати халқро ба ҷо овардааст.



МИРЗОМУДДИН САЪДУЛЛОЕВ соли 1923 дар деҳаи Мулбини ноҳияи Ромит дар оилаи деҳқон таваллуд шудааст. Фаъолияти меҳнатиашро аз соли 1941 ба сифати муаллими мактаб оғоз намудааст. Солҳои 1942-1944 дар ҷабҳа алайҳи фашистони немис ҷангидааст. Сипас фаъолияти меҳнатии М.Саъдуллоев ба тариқи зайл сурат гирифтааст:

1944- 1946 - котиби аввали Кумитаи комсомоли ноҳияи Ромит; 1946-1948 - шунавандаи Мактаби ҳизбии назди КМ ҲК Тоҷикистон; солҳои 1948-1953 - дастурдиҳандаи (инструктор) шӯъбаи кадрҳо, ёрдамчии аъзои коллегияи ҳизбии назди КМ ҲК(б) Тоҷикистон; 1953-1956 - шунавандаи Мактаби олии ҳизбии назди КМ ҲКИШ дар Москва; 1956-1957 котиби дуюми кумитаи ҳизби коммунисти ноҳияи Октябри шаҳри Душанбе; 1957-1959 - раиси Кумитаи иҷроияи Шӯрои депутатҳои меҳнаткашони ноҳияи Октябри шаҳри Душанбе.

Солҳои 1959-1962 М.Саъдуллоев котибии аввали кумитаи ҳизби коммунисти ноҳияи Қалъаихумбро ба ӯҳда дошта, дар корҳои созанда- гии он солҳо дар ноҳия суръатгирифта саҳми бевосита гузоштааст. Дар тавсифномаи ба М.Саъдуллоев додаи котиби аввали Ҳизби коммуни- сти Тоҷикистон Ҷ.Расулов омадааст: «Дар солҳои фаъолияти раф. Саъдуллоев М. ба ҳайси котиби кумитаи ноҳияи Қалъаихумб иқтисодиёти колхозҳо хеле боло рафтааст. Ноҳия соли 1961 пеш аз мӯҳлат нақшаю ӯҳдадориҳои ба давлат фурӯхтани маҳсулоти зироаткорӣ ва чорводориро ба иҷро расондааст. Аз ҷумла: гӯшт - 107 фоиз, шир - 100,4 фоиз пилла - 100 фоиз ва тухм - 107,2 фоиз иҷро гардидааст. Дар колхозҳои ноҳия саршумори чорвои шохдори калон ва хурд хеле афзудааст» (Бойгонии Институти тадқиқи сиёсии назди Ҳизби коммунисти Тоҷикистон. - Ф.3. - Оп.286. - Рақами баста 1068.
- Вар. 39).

М.Саъдуллоев солҳои 1962-1965 - ташкилотчии ҳизбӣ, котиби ку- митаи ҲК Тоҷикистон дар управленияи истеҳсолии колхозӣ-совхозии Ҷиргатол, 1965-1966 - котибии аввали кумитаи ҳизбии ноҳияи Ҷиргатол ва солҳои 1966-1973 котибии аввали кумитаи ҳизби комму- нисти ноҳияи Ғармро ба ӯҳда доштааст.

Солҳои 1973-1979 М. Саъдуллоев ба ҳайси мудирии Шӯъбаи мао- рифи халқ, фарҳанг, илм ва тандурустии Кумитаи назорати халқии ҶШС Тоҷикистон ифои вазифа намудааст. Хизматаш бо ордену медал ва ифтихорномаҳои сатҳи олии давлатӣ қадр шудааст.



ҚАМАР РАҲМОНОВ аз чумлаи беҳтарин хизматгузорони ҳизбию маъмурии ноҳияи Қалъаихумб ҳисоб меёбад. Соли 1917 дар амлокдории Қалъихумби бекигарии Дарвоз дар оилаи кишоварзи камбизоат чашм ба олами ҳастӣ во намудааст.

Давраи кӯдакию наврасии Қамар ба солҳои пуртахлукаи арафаи инқилобӣ ва давраи барқароркунии Ҳокимияти Шӯравӣ дар Бухорои Шарқӣ, хоса дар Дарвоз рост омад. У ҳарчанд хеле барвақт ба доираи заҳмати рӯзғордории ба шароити кӯҳистон мувофиқ зироаткорӣ кашида шуда бошад ҳам, тавонист то андозае маълумоти мактабии ба талаби замон мувофиқ бигирад. Ҳамин сабаб шуд, ки Қамари чавонро соли 1935 ба кори муаллимӣ чалб намуданд. Аз ҳамин сол ва аз ҳамин вазифаи ифтихорманд дар диёри азизаш фаъолияти меҳнатиаш чиддан оғоз ёфт.

Қобилияти зеҳнию ташкилотчигиашро ба назар гирифта, соли 1937 Қ.Раҳмоновро ба курси таблиғотии (пропагандистӣ) назди КМ Комсо- моли Точикистон тавсия намуданд. Баъди хатми он солҳои 1938-1939 ба ҳайси котибии кумитаи комсомоли ноҳияи Қалъаихумб кору фаъо- лият намуда, аз ҳамин вазифа соли 1939 ба сафи Қувваҳои Мусаллаҳи Шӯравӣ даъват шудааст. Хизмати ҳарбии ӯ ба солҳои мудҳиши аввали Ҷанги Бузурги Ватанӣ рост омад. Соли 1943 ба диёр баргашта ба фаъо- лияти созандагӣ шурӯъ намуд.

Қ.Раҳмонов солҳои 1944-1945 раисии савдову таъмини маҳсулоту воридоти моли ниёзи мардум аз марказ ба ноҳияи (райпо) Қалъаихумбро ба ӯҳда дошт. Солҳои минбаъда раванди фаъолияти ко- рии ин марди начиб чунин сурат гирифтааст:

1945- 1946 - намояндаи управленияи Вазорати корҳои дохилии ви- лояти Ғарм; 1946-1948 - дастурдиҳандаи Шуъбаи ташкилии кумитаи ҳизби коммунисти вилояти Ғарм; 1948-1950 - котиби кумитаи ҳизбии ноҳияи Нулванд; 1950-1951 - котиби кумитаи ҳизбии ноҳияи Қалъаихумб; аз моҳи апрел то августи соли 1951 - раиси Кумитаи ичроияи Шӯрои депутатҳои меҳнаткашони ноҳияи Қалъаихумб; 1951- 1953 - шунавандаи Мактаби ҳизбии назди КМ ҲК (б) Точикистон; 1953-1962 - котиби дуюми кумитаи ҳизбии ноҳияи Тавилдара, котиби Шуъбаи «Ҷамъияти дониш»-и вилояти Ғарм, муовини раиси Кумитаи ичроияи Шӯрои депутатҳои меҳнаткашони ноҳияи Қалъаихумб.

Қамар Раҳмонов солҳои минбаъда низ масъулияти сарварии ҳизбу шӯрои депутатҳои ноҳиявӣ ва дигар коҳои роҳбарию ташкилотчигиро ба ӯҳда дошт. Аз чумла солҳои 1957-1961 - раиси Кумитаи ичроияи

шӯрои депутатҳои меҳнаткашони ноҳияи Қалъаихумб; аз моҳи марти соли 1962 то моҳи январи соли 1963 котиби аввали кумитаи ҳизбии Қалъаихумб; Солҳои 1963-1970 - инспектори ташкилотии кумитаи ҳизбии ноҳияи Ванчи Управленияи колхозӣ-совхозии ВМКБ, сипас раисии Райпои ноҳияи Қалъаихумбро ба ӯҳда доштааст.

Қамар Раҳмонов ҳамаи вазифаҳои ба зиммааш афтодаро бо ҳисси баланди масъулиятшиносӣ ба чо оварда дар байни ҳамдиёрон ва берун аз ноҳияи Дарвоз ба обурӯю эътибор ва эҳтироми хосса соҳиб гашта буд. Хизмати тӯлониаш бо мукофотҳои баланди давлатию ҳизби қадршиносӣ шуданд.



ОДИЛ БЕРДИЕВ соли 1929 дар деҳаи Кӯкянғоқи ноҳияи Ҷалолобод, вилояти Уши Ҷумҳурии Қирғизистон дар оилаи коргар - зодаи деҳаи Ҷорфи Дарвоз Бердӣ Ашуров ба дунё омадааст. Миллаташ точик, аъзои ҲКИШ аз соли 1954.

Аз рӯи нақли амаки Бердӣ ва шаҳодати ҳамдеҳагонаш аз Ҷорф падараш Ашӯр, ки худ табиби халқӣ будааст, бо Бердӣ ном даҳмардаи ӯзбек, ки рамаашро дар сардараҳои сералафи Дарвоз аз чумла деҳаи Ҷорф мечарондааст, ошноӣ пайдо кардаву дар оянда ошноиашон ба дӯстии чонӣ табдил ёфтааст, писарашро бо хоҳиши ҳамон дӯсташ Бердӣ номгузорӣ кардааст.

Фаъолияти меҳнатии О.Бердиев соли 1947 ба ҳайси муаллим, му- дири қисми таълимии мактаби миёнаи ноҳияи Қалъаихумб оғоз ёфт, вале маълумоти омӯзгорӣ ҳанӯз басанда набуд. Инро эҳсос намуда, муаллими чавон Одил ё чӣ хеле дар деҳа дар байни хешону наздикон Одилбекаш мегуфтанд, баҳори соли 1948 роҳ ба сӯи Ғарм,ба омӯзишгоҳи педагогӣ пеш гирифт. Ду соли таълими ғоибона савияи дониши ӯро хеле баланд бардошта тавонист. Баъди хатми омӯзишгоҳ ӯро барои идомаи кори таълим ба деҳаҳои дурдасти Хобу Рубот тав- сия доданд. дар ин деҳае, ки қариб ним сол аз сабаби баландӣ ва зи- мистони тӯлони (зиёда аз 6 моҳ зимистонаш идома мекунад) то соли
1950 кор карда аз он чо ба сафи Қувваҳои Мусаллаҳи Шӯравӣ даъват карда шуд, вале бо амри тасодуф ҳангоми сӯҳбат бо Вазири маорифи чумҳурӣ Неъматуллоев, ки дар комиссияи тавсияи даъватшудагон иштирок дошт ва ҳангоми шиносоӣ фаҳмид, ки баъди даъвати он аз сабаби набудани муаллимон мактабро бастаанд, аз комиссариати ҳарбӣ хоҳиш намуд то онро аз даъвати ҳарбӣ баргардонда ба чои кораш фиристанд. Ҳамин хоҳиши Вазир ба чо оварда шуд ва омӯзгори чавонро боз ба ҳамон мактаби доманаи ағба фиристоданд. Чанде на-

гузашта хоҳиши ин муаллими чавонро ба назар гирифта, ба чояш му- аллими дигар ёфтанду ӯро аввал ба деҳаи Хост ва чанде нагузашта ба мактаби деҳаи Хурк гузарониданд. Акнун метавонист, ки ҳафтае як ё ду бор ба хона баргашта, баъзе камбудиҳошро аз лиҳози шустану иваз намудани либос ё маводи хӯрока таъмин намояд. Дар ин давра ӯ худ- ро чун аъзои фаъоли комсомол, ки аз соли 1947 аъзои ин ташкилоти бонуфузи чавонон нишон дода буд, нишон дод атавонист. Бесабаб набуд, ки ӯпро соли 1953 ба кори роҳбари ин ташкилот тавсия наму- данд. Ҳамин тариқ солҳои 1953-1955 ӯ ба ҳайси котиби кумитаи ком- сомоли ноҳия фаъолият намуд.

Солҳои 1955-1958 ба ҳайси шунавандаи мактаби ҳизбии назди КМ ҲК Точикистон таҳсил намудаву савияи дониши амалию назариявии хешро сайқал додааст. Баъди хотима ёфтани таҳсили мактаби ҳизбӣ ӯро сараввал ба ноҳияи Шаҳринав роҳхат дода дере нагузашта, ба диё- раш - ноҳияи Қалъаихумб фиристоданд. Акнун фаъолияти роҳбариаш дар ноҳия ин тавр чараён гирифт: Солҳои 1958-1960 - сардори инспек- сияи хочагии қишлоқи назди Кумитаи ичроияи шӯрои ноҳиявии депутатҳои меҳнаткашони ноҳияи Қалъаихумб; ҳамин соли 1960 вақте Инспексияи хочагии қишлоқро ба инспексияи мақсулоттайёркунӣ таб- дил доданд Одил Бердиевро ба вазифаи сардори инспексияи байни ду ноҳия Қалъаихумб ва Ванч тасдиқ намуданд. Дере нагузашта ӯро ба вазифаи котиби дуюми Кумитаи ҳизби коммунист, сипас раиси Куми- таи ичроияи ноҳияи Қалъаихумб тавсияю интихоб гардид. Баъди яку- нимсоли ин вазифаро ба дӯш доштан охирҳои соли 1962 маракаи ниҳоят номақбули омехтаю васеъ намудани воҳидҳои маъмурӣ, ки дар тамоми Иттиҳоди Шӯравӣ бо ташабуси Хрушчёв сар шуда буд ВМКБ- ро низ фаро гирифт. Дар се ноҳияи кӯҳӣ: Қалъаихумб, Ванч ва Рӯшон як управленияи истеҳсолӣ бо марказаш дар Ванч ташкил ёфт. Ба чои кумитаҳои ноҳиявӣ (райком), кумитаҳои ҳизбӣ (партком) таъсис дода шуда, мавқеи марказии идоркунӣ ба ихтиёри управленияи истеҳсолӣ дода шуд, ки ин мавқеи ҳизбро суст мекард. Бо тавсияи котиби аввали ҳизби коммунисти ВМКБ пленуми кумитаи ҳизбии вилоят соли 1962 Одил Бердиевро ба вазифаи раиси кумитаи ичроияи акнун ноҳияи ва- сеъшудаи Ванч ва Ширинчон Бегичоновро сардори управленияи истеҳсолии ноҳия интихоб намуданд. Дар ин вазифа Одил Бердиев маҳорати баланди ташкилотчигӣ нишон дод (алалхусус вақте, ки пиря- хи Хирсон лағжида обхезии калон баъзе чойҳои ба соҳили Ванчоб на- здики ноҳияро хароб гардонда буд). Беҳуда нест, ки охири соли 1962 номзадии роҳбари 32 солаи ноҳия Одил Бердиевро сокинони Ванчи Боло ба депутатии Шӯрои Олии Ҷумҳурии Точикистон пешбарию ин- тихоб намуданд. У чун вакили воқеии халқ дар сесияи навбатии Шӯрои Олӣ аз номи мардуми ноҳия ва интихобкунандагон баромад карда, масъалаи ҳарчӣ дар мӯҳлати кӯтоҳтарин бартараф намудани

натичаи офати табии - обхезӣ аз чумла тезонидани сохтмони неругоҳи барқии ноҳияи Ванч, барқарор намудани фурудгоҳ (аэропорт) ва ғайраро ба миён гузошт.

Моҳи октябри соли 1964 пленуми КМ ҲКИШ қарорҳои пленуми ноябрии соли 1962-ро сахт маҳкум карда онҳоро бекор намуд. Ҳамин сол ноҳияҳои омехташудаи Қалъаихумбу Ванчу Рӯшон боз аз нав рас- ман чудо карда шуда, сохтори маъмурии собиқ, яъне ноҳияҳои пешта- ра барқарор карда шуданд. Акнун Одил Бердиев шахсан бо тавсияи Котиби аввали КМ ҲК Точикистон Ҷаббор Расулов ба вазифаи котиби аввали кумитаи ҳизбии ноҳияи Қалъаихумб пешниҳод шуд. Моҳи но- ябри соли 1964 конференсияи ҳизбии ноҳия Одил Бердиевро ба вази- фаи котиби аввали кумитаи ҳизбии ноҳияи номбурда интихоб намуд.

Дар байни котибони аввали кумитаи ҳизбии ноҳиявӣ Одил Бердиев қариб аз ҳама тӯлонитар дар ноҳияҳои аз ҳар чиҳат мураккаби кӯҳистон кору фаъолият бурдааст. Аз чумла: солҳои 1964-1970 - коти- би аввали кумитаи ҳизби коммунисти ноҳияи Қалъаихумб; 1970-1981 - котиби аввали кумитаи ҳизбии ноҳияи Ҷиргатол; 1981-1988. - котиби аввали кумитаи ҳизбии Ғармро ба ӯҳда доштааст.(Пурратар доири фаъолияти роҳбарии Одил Бердиев дар ин вазифаи масъули ҳизбӣ ниг.: Зиёев И. Сирати хеш ба чашми дигарон бояд дид. - Душанбе, 2000. - 118 саҳ.).

Баъди анчоми (аниқтараш шикасти) маъракаи бозсозӣ, муфлисша- вии фаъолити ҳизби коммунист, сипас фурӯ пошидани Иттиҳоди Шӯравӣ ва мустаъқилиятро ба даст даровардани чумҳурӣ Одил Берди- ев солҳои 1991-1993 - мудирии Шӯъбаи Идораи (кабинет) Вазирони Ҷумҳурии Точикистонро ба ӯҳда доштааст.

Одил Бердиев дар ҳар вазифае, ки ба зимма доштааст ҳамеша бо ҳисси баланди масъулиятшиносӣ муносибат намудааст. Маҳз бо ту- файли ин масъулиятшиносӣ ва амали мустақили хеш тавонистааст, ки ноҳияҳои номбурдаро дар чумҳурӣ ба қатори пешсафон барорад.

Хизмати тӯлонии Одил Бердиев бо ду ордени Байрақи Сурхи Меҳнат, ордени «Нишони Фахрӣ», ордени «Дӯстии халқҳо», панч ме- далу чор Ифтихорномаи (Грамота) Президиуми Шӯрои Олии ҶШС Точикистон ва ғайра қадр шудааст.

Ҳоло ин ходими намоёни ҳизбӣ, собиқадори меҳнат, узви Шӯрои мӯйсафедони Ҳаракати ваҳдати миллӣ ва эҳёи Точикистон, зиндагии фаъол ва давлати пирӣ меронад.

ИЗАТУЛЛО ҲАЁЕВ 22 июни соли1936 дар деҳаи Хочаисҳоқи ноҳияи Кӯлоб ба дунё омадааст. Баъди хатми техникуми молияю қарзи шаҳри Душанбе ба ҳайси ревизори калони Шӯбаи молияи кумитаи ичроияи Шӯрои депутатҳои меҳнаткашони вилояти Ғарм оғози фаъо- лияти касбӣ намудааст. Солҳои 1954-1955 вазифаи мудирии шӯъбаи



молияи кумитаи ичроияи Шӯрои шаҳрии депутатҳои меҳнаткашони Навободи вилояти Ғармро ба ӯҳда доштааст. Солҳои 1955-1956 - шунавандаи курси такмили ихтисоси мудирони шӯбаҳои молия дар шаҳри Ленинград. Соли 1956 аз моҳи январ то июл - ревизори управлениияи таъминоти молиявии стансияҳои мошинӣ-тракторӣ (МТС) ва совхозҳои Вазорати молияи ҶШС Точикистон.

Баъди гузаштани таълими касбӣ дар Донишгоҳи давлатии Точикистон солҳои 1956-1961 фаъолияти меҳнатии И.Ҳаёев чунин сурат гирифтааст; 1961-1962 сардори шӯъбаи меҳнат ва музди кори управлениияи Вазорати хочагии қишлоқи ҶШС Точикистон; 1962-1964 - сардори шӯбаи банақшагирию молиявии хочагии намунавии ба номи Ленини ноҳияи Қумсангир; 1964-1965 - муовини раиси колхози ба номи Ленини ноҳияи Қумсангир; 1965- 1966 - сардори управлениияи истеҳсолии хочагии қишлоқи ноҳияи Панч; 1966-1968 - мудири шӯъба оиди хочагии кишлоқу оби Кумитаи назорати давлатии ҶШС Точикистон.

Соли 1968 И.Ҳаёев барои баланд бардоштани савияи донишу маҳорати идоракунии ҳизби ба Мактаби олии ҳизбӣ дар назди КМ ҲКИШ тавсия гирифт. Баъди хатми он соли 1970 ба вазифаи котиби аввали кумитаи ноҳияи Қалъаихумби қизби коммунисти Точикистон интихоб шуда то соли 1973 ичрои онро бар дӯш дошт. Солҳои 1973- 1978 - ба ҳайси раиси кумитаи ичроияи Шӯрои депутатҳои меҳнаткашони ВМКБ кору фаъолият бурдааст. Аз соли 1978 то 1983 И.Ҳаёев вазири гӯшт ва шири саноати ҶШС Точикистон буда, аз соли 1983 то 1986 котибии аввали кумитаи ҳизбии вилояти Кӯлобро ба зим- ма доштааст.

Солҳои бозсозии горбачёвӣ (1986-1990) И. Ҳаёев дар вазифаи ба- ландтарини давлатӣ - Раиси Шӯрои Вазирон кору фаъолият дошт. Соли 1990 - Ноиб-Президент, моҳи декабри 1990 ин вазифа аз нав ба сарвазирӣ иваз карда шуда то моҳи июни соли 1991, яъне то даргириҳои тӯлонии сиёсӣ И. Ҳаёев ифои ин вазифа доштааст. До- рандаи ду ордени «Байрақи Сурхи Меҳнат». Дар солҳои бӯҳрони сиёсӣ дар қатори чанде аз роҳбарони собиқи ҳизб тарки аъзогии Ҳизби коммунист намудааст.

ШАРОФ ШАРИПОВ зодаи Орчоникидзеобод (феълан Ваҳдат) со- ли 1938, аз хонаводаи деҳқон. Маълумоташ олӣ. Аъзои ҲКИШ аз соли 1959. Фаъолияти меҳнатиаш соли 1957 ба ҳайси фелдшери байтории (ветеринар) дар ноҳияи Орчоникидзеобод ибтидо гирифтааст. Солҳои



1958-1963 дар Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон таҳсил намуда, баъди хатми он ба сифати муаллим, муовини директори мактаб кор кардааст. Қобилияти ташкилотчигиашро ба назар гирифта, соли 1964 ба вазифаи дастурдиҳандаи кумитаи ҳизбии ноҳияи Ном- бурда интихоб намуданд ва соли 1965 барои таҳсили касбӣ роҳхат гирифт. Чун шунавандаи мактаби олии ҳизбӣ солҳои 1965-1967 дар шаҳри Тошкент таҳсил дошт. Сипас фаъолияти кории Шароф Шарипов чунин сурат гирифта- аст:

1967-1973 - котиби дуюми кумитаи ҳизби коммунисти ноҳияи Орҷоникидзеобод; 1973-1974 - ба ҳайси котиби аввали ҳизби комму- нисти ноҳияи Қалъаихумб кору фаъолият намудааст. Солҳои 1974-1977 - мудирии шӯъбаи мактубҳои Управления корҳои Шӯрои Вази- рони ҶШС Тоҷикистон ва солҳои 1977-1987 - вазифаи директории сов- хозро дар ноҳияи Орҷоникидзеободро ба ӯҳда доштааст. Хизмати на- мунавии Шароф Шарипов бо ордени Байрақи Сурхи Меҳнат, медалу ифтихорномаҳо қадр карда шудааст.

ҒУЛОМ ҶУМАЕВ соли 1935 дар деҳаи Гу- лёни ноҳияи Тавилдара дар оилаи деҳқон чашм ба дунё кушодааст. Монанди дигар ҳамсолонаш аз ҳамаи зинаҳои таълимӣ гузаш- та, маълумоти олӣ гирифтааст.



Фаъолияти меҳнатиаш соли 1958 аз муалли- мии мактаби миёнаи ноҳияи Қалъаихумб огоз _ ёфтааст. Солҳои 1961-1963 ба ҳайси директори мактаб кор кардааст. Истеъдоди ташкилотчи- гиашро ба назар гирифта ӯро соли 1961 ба кори роҳбари ташкилоти комсомолии ноҳия тавсия намуданд. Аз ҳамин давра фаъолияти Ғулом Ҷумъаев чунин ҷараён гирифтааст: солҳои 1961-1963 - котиби аввали Кумитаи комсомоли ноҳияи Қалъаихумби Иттифоқи Ленинии Комму- нистии ҷавонони (ЛКСМ) Тоҷикистон; солҳои 1963-1964 - котиби Ку- митаи комсомоли Управленияи колхозӣ-совхозии ноҳияи Ванҷи ВМКБ; 1964-1966 - котиби аввали Кумитаи комсомоли ВМКБ.

Ғулом Ҷумъаев солҳои 1966-1968 дар Мактаби олии ҳизбии назди Кумитаи Марказии ҲКИШ дар Москва таҳсин намуда сипас чунин корҳои масъули ҳизбию давлатиро ба зимма доштааст: солҳои 1968- 1970 - мушовири Хонаи маорифи сиёсии Кумитаи ҳизбии ВМКБ Ҳизби коммунисти Тоҷикистон; 1970-1973 - котиби дуввуми кумитаи

ҳизбии ноҳияи Қалъаихумб; 1973-1974 - раиси Шӯрои депутатҳои ноҳиявии ВМКБ; 1974-1978 котиби аввали Кумитаи ҳизби коммунисти ноҳияи Қалъаихумби ҲК Точикистон: 1978-1986 - котиби аввали Кумитаи ҳизбии коммунисти ноҳияи Комсомолобод (феълан Нуробод); 1987-1989 - сардари комбинати пиллахушккунии ноҳияи номбурда; аз соли 1989 - директори совхози «Чилдара»-и ноҳияи Комсомолобод.

Барои хизмати намунавӣ ва бисёрсола Ғулом Ҷумъаев бо чандин ордену медалҳо ва Ифтихономаҳои сатҳи олии чумҳурӣ қадр шудааст. У борҳо ба ҳайси намояндаи халқ дар сатҳи Шӯрои Олии чумҳурӣ, вилоятӣ ва ноҳиявӣ фаъолият доштааст.



ҲИММАТ ДАВЛАТОВ соли 1936 дар Деҳаи Қалъаи Ҳусайни ноҳияи Калъаихумб ба дунё омадаст.

Маълумоташ олӣ. Фаъолияти меҳнатиашро соли 1955 аз сарпионервожати оғоз намуда, то соли 1965 дар вазифаҳои чонишинии директори мактаб, директори мактаби таълимоти ҳамагонӣ дар ноҳияҳои Кировободу Панч адои вазифа намудааст.

Ҷиддияти муносибати мутахассиси чавон Ҳиммат Давлатовро ба назар гирифта, ӯро аз соли 1965 ба вазифаҳои масъули ҳизбӣ пешбарӣ намуданд. Солҳои 1965-1966 дар вазифаи дастурдиҳандаи (инструкто) Шӯъбаи ташкилии кумитаи ҳизбии ноҳияи Панчи Ҳизби коммунисти Точикистон кор карда, фаъолияти ояндааш чунин сурат гирифтааст: солҳои 1966-1969 - мудири шӯбаи ташкилии, дастурдиҳандаи кумитаи ҳизбии ноҳияи Панчи ҳизби коммунисти Точикистон; 1969-1972 - раиси Кумитаи ичроияи ноҳияи Комсомоло- боди (феълан Нуробод) Шӯрои депутатҳои меҳнаткашони ҶШС Точикистон; 1972-1978 - котиби аввали Кумитаи ҳизбии ноҳияи Ком- сомолобод: 1978-1988 - котиби аввали Кумитаи ҳизбии ноҳияи Қалъаихумб.

Фаъолияти минбаъдаи Ҳ.Давлатов дар чунин самт чараён доштааст: солҳои 1988-1991 - раиси кумитаи вилоятии Кӯрғонтеппа доир ба муҳити зист; 1991-1994 - котиби аввали Кумитаи ҳизби коммунисти ноҳияи Комсомолобод; 1994-1997 чонишини Вазири меҳнат ва ҳифзи ичтимоии Ҷумҳурии Точикистон. Аз соли 1997 - раиси Ҳукумати ноҳияи Тавилдараи Ҷумҳурии Точикистон.

Дар тамоми вазифаҳои масъули ҳизбию давлатии ба зимааш гузош- ташуда, Ҳиммат Давлатов намунаи баланди масъулиятшиносии касбӣ, кордонию ташаббуси созандагӣ нишон дода, сазовори ҳурмати соки- нони ноҳияҳои номбурда ва Ҳукумати марказии чумҳурӣ гаштааст.

Хизмати тӯлонии ин марди наҷиб бо ордену медалҳо, ифтихорномаҳою мукофотҳои расмиидавлатӣ қадр карда шудааст.



МАҲМАДШАРИФ ТОЛИБОВ соли 1947 дар ноҳияи Ғарм чашм ба дунё кушодааст. Аъзои ҳизби комунист аз соли 1971. Баъди хатми мактабу гирифтани маълумоти олӣ соли 1973 аз вазифаи агрономии совхози «Дӯстӣ»-и ноҳияи Ғарм фаъолияти меҳнатии худро оғоз намуда, сипас то соли1980 сарагрономии ин совхозро ба ӯҳда доштааст. Солҳои 1980-1982 дар вазифаи директори совхоз, солҳои 1982-1983 ба ҳайси мудири шӯъбаи хоҷагии қишлоқи кумитаи ҳизби коммунисти ноҳия Ғарм кор кардааст.

Солҳои 1983-1986 М. Толибов дар шӯъбаи хоҷагии қишлоқ ва са- ноати хӯроквории КМ ҲК Тоҷикистон ба сифати дастурдиҳанда (инст- руктор) кору фаъолият дошт. Солҳои 1986-1988 - шунавандаи Макта- би олии ҳизбӣ дар шаҳри Ленинград (феълан Санкт-Петербург). Солҳои 1988-1990 М.Толибов вазифаҳои котибии аввали кумитаи ноҳияи Қалъаихумби ҲК Тоҷикистон ва раисии Ҳукумати Ғармро ба ӯҳда дошт.

## РАИСОНИ КУМИТАИ ИҶРОИЯ

Баъди таъсисёбии ноҳияи Қалъаихумб (феълан ноҳияи Дарвоз) - аз соли 1932 то соли 1948 шахсиятҳои маъруф Шамсиддинов (соли 1932), Раҳматов (аз 3 август то 7 ноябри соли 1932), Шоболшо (аз 7 ноябри соли 1932 то соли 1934), Саидов (1934-1935), Сафар Лақай (1935-1940), Қаршӣ Сайдов (аз соли 1940) ва Ёрмуҳаммадов 1947-1948) ба ҳайси раисии Комиҷроияи шӯрои депутатҳои меҳнаткашони ноҳия кору фаъолият бурдаанд. Вале боиси таассуф аст, ки аз замони кору фаъо- лияташон вақти зиёде нагузашта бошад ҳам, дар бойгонии Давлатии ҷумҳурӣ ва ҳизбӣ маълумоте дар бораи онҳо ёфт нашуд.

АБДУҶАМИЛ НИЁЗОВ соли 1898 дар бекигарии Дарвози аморати Бухоро ба дунё омада, дар зодгоҳаш саводи ибтидоӣ гирифта, бо роҳи худомузӣ дониши худро такмил додааст. Дар қатори бисёре аз ҷавонони ҳамдиёри худ аз мактаби мардикории қаламрави генерал- губернатории Туркистон гузашта, аз коргарони муборизи рус сабақи муборизаи инқилобӣ гирифтааст. Бесабаб набуд, ки дар ғалаба ва барқароркунии Ҳокимияти Шӯравӣ дар Дарвоз иштироки фаъол дош-



та, аз ашхоси масъули созмондиҳандаи сохтори идоракунии маҳаллӣ ҳисоб меёфт.

Ҳамин фаъолиятро ба назар гирифта, Абдуҷамил Ниёзовро соли 1925 ба вазифаи дар он давра ниҳоят масъулиятнок - раиси кумитаи иҷроияи тумони (туманисполком) Қалъаихумби вилояти Ғарм таъйин намуданд. Ин вазифа, аз як тараф, донишу малакаи ба талаби замон мувофиқро талаб кунад, аз тарафи дигар, ҷасорату мардонагиро тақозо дошт. Чунки қуваҳои аксулинқилобӣ махсусан дар ин ноҳияи душворгузари Тоҷикистон ниҳоят хунсардона амал мекарданд. Дар нн муддати на онқадар тӯлонии фаъолияти хеш (1925-1927) ба ҳайси раиси кумитаи иҷроия (ба ҷои Ревкоми пештара) ӯ вазъи сиёсӣ ва иқтисодию иҷтимоии тумони Қалъаихумбро то андозае ба эътидол оварда тавонист.

Қобилияти ташкилотчигии Абдуҷамил Ниёзов роҳбарияти ҶМШС Тоҷикистон ва ҶШС Узбекистонро ба хулосае овард, ки ӯро ба корҳои дараҷаи ҷумҳуриявӣ сафарбар намоянд. Соли 1927 Абдуҷамил Ниёзов ба вазифаи Комиссари халқии тандурустии ҶМШС Тоҷикистон таъин гардид. Дар ин соҳа дониши мукаммали касбӣ надошта бошад ҳам, ақлу фаросати расо ва маҳорати баланди ташкилотчигиаш имкон дод, ки ин соҳаро дар дараҷаи талаботи меъёрҳои умумиитифоқӣ нигоҳ до- рад.

Аъзои ҳизби коммунист(б) аз соли 1926. Абдуҷамил Ниёзов чун сардори отряди ихтиёрии зидди дастаи босмачиёни Иброҳимбек барои торумор кардани онҳо саҳмгузорӣ намудааст. Дар анкетаи 8 январи соли 1935 тартиб додашудаи дар Бойгонии марказии давлати мафҳузбуда омадааст, ки ӯ чун вакили анҷумани V Шӯроҳои ҶШС Тоҷикистон ба намояндагии ноҳияи Обигарм фиристода шудаст. Дар онҷо ӯ вазифаи сардории сохтмони роҳро ба ӯҳда доштааст. Дар ҳуҷҷат ҳамчунин омадааст, ки Ниёзов Абдуҷамил дар ҳамаи анҷуманҳо аз аввал то панҷум чун вакил иштирок доштааст.[6]

Абдуҷамил Ниёзов солҳои 1931-1932 ба ҳайси Комиссари кишоварзӣ кору фаъолият намудааст. Вале боз зарурати пешбурди соҳаи тандурустӣ роҳбарияти ҷумҳуриро ба хулосае овард, ки боз аз нав ба вазифаи Комисари халқии тандурустӣ ҶШС Тоҷикистон ӯро таъйин намояд. Қайд намудан ба маврид аст, ки хизмати Абдуҷамил Ниёзов дар таъсисёбии аввалин Донишкадаи тиббии Тоҷикистон ва эҳёи тибби Ибни Сино баъди фаромӯшии зиёда аз нуҳсадсола хеле ка- лон аст. Бесабаб набуд, ки насли калони олимони ин донишкада доимо сипосгузории хешро нисбати хизматӣ ӯ изҳор медоштанд.

Соҳаи тандурустии ҷумҳурӣ дар солҳои масъулияти вазириро ба дӯш доштани Абдуҷамил Ниёзов ба пешравии назаррас соҳиб шуда бошад ҳам, аз шароити мураккаби сиёсӣ истифода бурда, ҳасудони иғвогару номарде, ки ин пешравиро чашми дидан надоштанд, ба органҳои репрессионии он вақт дар мамлакат васеъ фаъолият дошта, ӯро чун «душмани сохти шӯравӣ» маррифӣ намуданд. Барои «исбот»-и ин иддао дар он замони аз ҷиҳати сиёсӣ ниҳоят ҳассос «камбудӣ» пайдо кардан хеле осон буд. Ҳамин тариқ гирдоби шадиди таъқибот дар қатори садҳо ва шояд ҳазорҳо Абдуҷамил Ниёзов ва домодаш Алӣ Хуши адибро низ соли 1937 ба коми худ фурӯ бурд.

Дар урфият мегӯянд, ки ҳақиқатро пинҳон кардан наметавон. Нисбати Абдуҷамил Ниёзов дер ҳам бошад, ҳақиқат чояшро гирифт. Дар маълумоте (справка), ки нисбати аз нав дидани парвандаи ҷиноятии ӯ Коллегияи Суди Олии ИҶШС аз 11 январи соли 1958 таҳти рақами 4н - 011519 / 57 омадааст, чунин ҳукм қабул шудаст:

«Ҳукми Коллегияи ҳарбӣ аз 20 октябри соли 1938 нисбати Ниёзов А. аз рӯи далелҳои нав ифшо шуда, парвандаи ҷиноиро ба сабаби мавҷуд набудани далели ҷиноят қатъ карда шуд.

Ниёзов А. баъд аз вафоташ бегуноҳ дониста шуд.

Раисикунандаи ҳайати суди Коллегияи Ҳарбии Суди Олии ИҶШС полковники адлия (имзо) Сирлинский» (Цырлинский).

Муҳри Коллегияи Суди Олии ИҶШС.

Албатта, ин сафедкуниҳо фақат рамзи ғалабаи ҳақиқат буда метавонист, вале дар паси он фоҷиаи инсонист ва он бояд сабақи таърих гардад. Аз дигар тараф бояд гуфт, ки ибтидои ин фоҷиа оғози абадан зинда мондани номи ин фарзанди бо ору номуси диёр буд. Бале, хизмати Абдуҷамил Ниёзов дар таърихи диёр абадӣ нақш бастааст.



БЕРДЙ АШУРОВ соли 1897 дар деҳаи Ҷорфи амлокдории Қалъаихумб, бекигарии Дарвози аморати Бухоро дар хонаводаи деҳқони камбизоат чашм ба дунёи ҳастӣ кушодааст. Зиндагии мушкили шароити кӯҳистон хеле барвақт, ҳанӯз дар синни 15 солагӣ ӯро маҷбур сохт, ки ба маҷрои мураккаби ҳаёти мустақилона ворид гардад. Соли 1912 ҳамроҳи чанде аз мардикорони таҷрибаи зиндагӣ дошта ба вилояти Фарғонаи генерал-губернатории Туркистон сафар карда, дар Ушу Ҷалолобод ба сифати мардикори бойҳои маҳаллӣ хизмат намуда, тавонист пасандозе барои пешбурди рӯзгори волидайн ҷамъ кунад.

Баъди чанд соли тачрибаи кофии зиндагӣ пайдо кардан, Бердии чавон ба сифати коргари ангишткани кони ангишти Кӯкянғоқи Ҷалолобод ба кор даромад. Ғайрату ҳалолкории ин чавони кӯҳистонро ба назар гирифта, дере нагузашта ӯро ба сифати бригадири участкаи алоҳидаи ин кони ангишт таъин намуданд. Дар давраи фаъолияти кори хеш ба сифати коргар Бердӣ Ашуров аз мактаби хеле қавии зиндагӣ гузашта дар қатори когарони аз чиҳати идеявӣ бештар бедоршудаи Русияи подшоҳӣ ба доираи таъсири ҳаракати инқилобӣ ворид гашт.

Инқилоби Октябр дар ҳаёти ин коргари кӯҳистонӣ таъсири амиқе гузошт. Акнун, ки кони ангишти Кӯкянғоқ миллӣ карда шуда буд, ҳавасмандии коргаронро нисбати заҳматашон бештар кард. Бердӣ Ашуров ҳамроҳи рафиқи наздики худ Савзибек Шодмонбекови поршнёвӣ то соли 1930 кор карда, ба Ҷумҳурии навтаъсисёфтаи Точикистони Шӯравии Сотсиалистӣ баргаштанд.

Азбаски он замон чумҳури ба кадрҳои нисбатан ба талаби замон мувофиқ - коргарони собиқи ба ҳаракати инқилобӣ алоқадошта ва аз чиҳати сиёсӣ бедоршуда эҳтиёч дошт, Савзибек Шодмонбековро, ки он вақт аъзои ҳизби коммунистӣ (болшевикӣ) буд, ба сифати Котиби кумитаи ҳизби ноҳияи Қалъаихумб ва Бердӣ Ашуровро ба ҳайси раиси кумитаи ичроияи шӯрои депутатҳои ҳамин диёри авлодии хеш интихоб намуданд. Давраи вазифадории ин ду рафиқи ҳаммаслаку ҳамтақдир давраи хеле мураккаби сохтмони таҳкурсии чомеаи нав ҳисоб меёфт. Ҳаракати босмачигарӣ завол ёфта бошад ҳам, сарҳадвайронкуниҳо аз тарафи Афғонистон ҳанӯз ба назар мерасиданд. Ҳаракати колхозӣ, ки на ҳама ба маънои он сарфаҳм мерафтанд, вазъиятро то андозае но- устувор гардонда буд.

Ба сарвари депутатҳои ноҳия лозим меомад, ки аз як тараф, барои беҳдошти шароити ичтимоии мардум қуваи хешро дареғ надорад, аз тарафи дигар, аз сабаби ҳанӯз аъзои ҳизб набудан ҳушёрии сиёсиро аз даст надиҳад. Дар ҳақиқат он лаҳзаҳои ниҳоят ҳассос ягона нишондиҳандаи ба замони нав содиқ будан аъзогии ҳизби болшевикӣ ҳисоб меёфт ва ба аъзогии он шомил шудан низ кори осон набуд. Ба хоҳишманд ё номзад лозим меомад, ки аз имтиҳону тафтишоти хеле чиддӣ гузашта, пурра содиқ будани худро собит созад ва инро мурака- бии сиёсии замона тақозо дошт. Ҳатто камтарин ишора ё танқиди ғаразманде мушкилиҳои зиёде пеш меовард. Шояд ҳамин сабабҳо бо- шад, ки Берди Ашурови ҳануз аъзои ҳизб набударо водор сохт, то бо аризаи худ аз вазифаи раисии комичроия барояд. Ин хоҳишашро роҳбарияти вилояти Ғарм, ки он вақт ноҳияи Қалъаихумб воҳиди маъмурии он ҳисоб меёфт, ба назар гирифта ӯро соли 1932 ба вазифаи раисии шӯъбаи матлуботи ноҳия гузарониданд.

Бо оғози сохтмони Роҳи калони Помир тачрибаи роҳбарӣ ва ҳисси маъулиятшиносии Бердӣ Ашуровро ба назар гирифта, бо тавсияи на-

мояндаи КМ ҲК(б) Точикистон Пӯлод Абдуллоев ва котиби аввали кумитаи ҲК (б) вилояти Ғарм И.Г. Шкарбман ӯро соли 1940 ба сифати сармутахассиси сохтмони роҳ таъин намуданд.

Баъди анчоми сохтмони ин шоҳроҳ, дар солҳои ниҳоят фочиабори Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва давраи барқароркунии баъдичангӣ - солҳои 1941-1948 Берди Ашуров раисии правленияи колхози ба номи Ворошиловро ба ӯҳда дошта, дар ичрои тамоми нақшаю ӯҳдадориҳои барзиёди давраичангӣ ва баъдичангӣ бо сарбаландӣ баромадааст. Аз соли 1948 то давраи ба нафақа баромадан (1958) ин шахси меҳнатқарин дар вазифаи корманди (усто) калони роҳу роҳсозӣ хизмати халқи диёрро ба чо овардааст.

Бо туфайли заҳмати тӯлонӣ ва хизмати беминнат ба нафъи халқи диёр Бердӣ Ашуров дар байни тамоми аҳоли ноҳияи Қалъаихумб ва зодагони Дарвоз обурӯю эътибори хосса пайдо карда буд. У аз эҳтироми ҳамдиёрон, ки хурду калон бо самимият Амаки Бердиаш ном мебурданд, меболид ва аз гузаштаю хизмати ба харч додааш ифтихор дошт.

Дили он марди масъулиятшиносу меҳнатқарин 5 декабри соли 1968 аз задан монд. Вале нақши амиқаш аз хотири мардуму таърихи диёр зудуда нахоҳад гашт.



ДОВУТӢ КАРИМОВ соли 1910 дар деҳаи Пшихарви бекигарии Қалъаихумби аморати Бухоро дар оилаи деҳқони камбизоат ба дунё омада, хеле барвақт аз 11 солагӣ ба доираи заҳмати хонаводагии кишоварзӣ кашида шудааст. То 18 солагӣ дар тарбияи падар будааст. Баъди таъсисёбии хочагии коллективӣ ба ҳайси колхозчии колхози ба номи Кагановичи деҳаи Пшихарви деҳшӯрои Курговади ноҳияи Қалъаихумби вилояти Ғарм кор кардааст. Баъди гирифтани маълумоти кофии ибтидоӣ ва шиносоии пурра ёфтан ба кори хочагидории коллективӣ соли 1937 Довутӣ Каримов ба ҳайси раисии колхози ба номи Каганович интихоб шуда, худи ҳамин сол бо тавсияи роҳбарияти ноҳия ӯро ба вазифаи раисии деҳшӯрои Курговад интихоб намуданд. Ин масъулиятро то соли 1939 ба ӯҳда доштааст. Солҳои 1940-1941 ба сифати мудирии райзои Қалъаихумби вилояти Ғарм кор кардааст.

Қобилияти ташкилотчигии Довутӣ Каримовро ба назар гирифта, дар арафаи саршавии Ҷанги Бузурги Ватанӣ ӯро ба вазифаи ниҳоят барои давраи даҳшатбори чанг масъулиятнок - раисии Кумитаи ичроияи Шӯрои депутатҳои ноҳияи Қалъаихумби вилояти Ғарм интихоб наму- данд. Ин масъулияти сангинро ӯ дар тамоми давраи чанг ва

барқароркунии хоҷагии халқи давраи баъдиҷангӣ, солҳои 1941-1947 ба ӯҳда доштааст. Дар давраи роҳбарии шӯроҳои ноҳиявиро ба ӯҳда доштанаш дар тамоми самтҳои хоҷагидорӣ ва фарҳангӣ Қалъаихумб дар нисбати дигар ноҳияҳои вилояти Ғарм мавқеи пешсафиро нигоҳ медошт.

Довутӣ Каримов дар байни ҳамдиёрон ба обрӯю этибори хосса соҳиб буд. Ин самимияти умумро ба туфайли меҳнати ҳалол, хоксорию шикастанафсӣ, масъулиятшиносию хайрхоҳиаш ба даст оварда буд.



ҚУДРАТ ҶӮРАХОНОВ дар қатори фаъолтарин фарзандони диёр тамоми қувваю ғайраташро барои обод кардани ноҳия бахшидааст. У 5 майи соли 1931 дар деҳаи Кулумбаи Болои деҳшӯрои Сағирдашти ноҳияи Дарвоз аз хонаводаи деҳқон ба дунё омадааст. Солҳои 1948-1961 дар вазифаҳои гуногуни ҳизбию маъмурии ноҳияи Қалъаихумб ифои вазифа намудааст. Солҳои 1961-1965 баъди муваққатан муттаҳид намудани ноҳияҳои Рӯшону Қалъанхумб бо ноҳияи Ванҷ вазифаи назорати ҳизбии ноҳияи Ванҷро ба ӯҳда дошт.

Қобилияти ташкилотчигии Қудрат Ҷӯрахоноврo ба назар гирифта соли1965 ӯро ба вазифаи ниҳоят мураккабу гуногунсамта - раисии комиҷроияи шӯрои депутатҳои меҳнаткашони ноҳияи Қалъаихумб интихоб намуданд. Ин вазифаро ӯ то соли 1973 сарбаландона ба дӯш дошта, сипас фаъолияти меҳнатиаш ба тариқи зайл ҷараён ёфтааст: солҳои 1973-1988 - сарвари идораи кинофикатсияи ВМКБ; 1988-1990 - мудири прокати кинои шаҳри Хоруғ ва солҳои 1990-1992 сарварии кинонамоишдиҳии вилоятро ба ӯҳда дошт. Соли 1992 ба нафақа баромад. Моҳи сентябри соли 2003 аз олам чашм пӯшид. Хизмати тӯлонӣ ва намунавиаш бо чандин медалу ифтихорномаҳо қадр шудааст.



САДРИДДИН ЗАМОНОВ 25 феврали соли 1944 дар деҳаи Умараки ноҳияи Қалъаихумб (феълан Дарвоз) таваллуд шудааст. Соли 1960 баъди хатми мактаби миёнаи рақами 1 ба номи Акашариф Ҷӯраев солҳои 1960-1965 дар факултаи зооветеринарии Институти хоҷагии қишлоқ (ҳоло Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон) таҳсил намуда, фаъолияти меҳнатиашро аз вазифаи зоотехникии колхози «Сағирдашт» оғоз намудааст. Солҳои 1965-1966 дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳи ИҶШС хизмат намудааст.

Баъди адои хизмати ҳарбӣ фаъолияти касбии Садриддин Замонов ин тавр сурат гирифтааст:

1966-1970 - сармутахассис оиди тайёр намудани маҳсулоти хочагии қишлоқ дар ноҳияи Қалъаихумб; 1970-1972 - саринспектори қабули маҳсулоти кишоварзӣ; 1972-1973 - инструктори шӯъбаи ташкилии кумитаи ҳизбии ноҳияи Қалъаи Хумб; 1973-1974 - сардори управленияи хочагии қишлоқи ноҳия.

Қобилияти ташкилотчигии Садридин Замоноврo ба назар гирифта, шӯрои депутатҳои ноҳия ӯро соли 1974 ба вазифаи раисии Кумитаи ичроияи шӯрои депутатҳои халқии ноҳияи Қалъаихумб интихоб намуданд. Дар ин вазифа ӯ то соли 1979 фаъолият дошта дар пешравии ноҳия оиди муҳимтарин нишондиҳандаҳои истеҳсолӣ, ичтимоӣ бевосита ҳиссагузорӣ кардааст.

Солҳои 1979-1981 - ба ҳайси шунавандаи мактаби олӣ дар Тошкент такмили ихтисоси ҳизбию маъмурӣ намуда, фаъолияти минбаъдааш ба тариқи зайл идома ёфтааст:

1981-1987 котиби дуюми кумитаи ҲК Точикистон дар ноҳияи Қалъаихумб; 1987-1988 - котиби кумитаи ичроияи шӯрои депутатҳои халқии ноҳияи номбурда; 1988-1991 - мутахассиси калони раёсати кишоварзии ноҳия; аз соли 1991 то лаҳзаҳои вопасини ҳаёт - соли 1997 директории совхози «Сарҳадчӣ»-и ноҳияи Дарвозро ба ӯҳда доштааст.

Чӣ тавре хонандаи закӣ огаҳӣ ёфт, тамоми ҳаёту фаъолияти меҳнатию роҳбарии ин марди шариф дар диёри азизаш гузаштааст. У дар тамоми муваффақиятҳои иқтисодӣ ва маишию фарҳангии Дарвоз, ки то андозае дар қисмати аввали китоб муаррифӣ шудаанд, саҳмгузории бевосита доштааст.



АБДУЛМАЧИД АБДУРОЗИҚОВ 25 марти соли 1945 дар деҳшӯрои Қалъаихумби ноҳияи Қалъаихумб таваллуд шудааст. Баъди хатми мактаби миёнаи раками 1 маркази ноҳия, солҳои 1961-1963 дар Техникуми омории шаҳри Орчоникидзеобод (феълан Ваҳдат) таҳсил намуда баъди як соли кор дар истеҳсолот сипас солҳои 1964-1971 дар Донишгоҳи давлатии Точикистон идомаи таҳсил доштааст.

Баъди хатми донишгоҳ фаъолияташ дар истеҳсолот ва корҳои роҳбарии сатҳи ноҳивӣ ва вилоятӣ чуиии чараён гирифтааст: соли 1971-1973 - иқтисодчии колхози «Дарвоз»-и ноҳияи Қалъаихумб; Соли 1973 - нозири (инспектор) давлатии қабули маҳсулот дар ноҳияи Қалъаихумб; 1973-1974 - дастурдиҳандаи (инструктор) шӯъбаи ташки-

лии кумитаи ҳизбии ноҳияи Қалъаихумб; 1974-1978 - дастурдиҳандаи шӯъбаи хочагии қишлоқи кумитаи вилоятии ҳизби коммунисти Вилояти мухтори Кӯҳистони Бадахшон; 1978-1980 - мудири шӯъбаи хочагии қишлоқи кумитаи ҳизби шаҳри Хоруғ; 1980 - дастурдиҳандаи (инструктор) шӯъбаи ташкилии комитаи ҳизбии ноҳияи Қалъахумб; 1980-1987 - раиси кумитаи ичроияи Шӯрои депутатҳои халқии ноҳияи Қалъаихумб; 1987-1990 - раиси кумитаи назорати халқии ноҳияи Дарвоз; 1990-1994 - Ҷонишини раисикумитаи ичроияи Шӯрои депутатҳои халқии ВМКБ (Раиси комиссияи нақшави ВМКБ); 1994-1997 - Ҷонишини аввали раиси Вилояти мухтори кӯҳистони Бадахшон.

Абдулмачид Абдурозиқов аз соли 1998 ба сифати мутахассиси МСДСП-и Хазинаи Оғохон кор карда, дар беҳдошти самтҳои мухталифи ҳаёти иқтисодӣ ва ичтимоии ҳамдиёрон хизматгузорӣ намудааст.



**ЁРМУҲАММАД САНГОВ** 29 июни соли 1950 дар деҳаи Хумби Валии ноҳияи Дарвоз ба дунё омада, баъди хатми таҳсили мактаби миёнаи рақами якуми маркази ноҳия барои гирифтани маълумоти касбӣ солҳои 1968-1971 дар техникуми политехникии шаҳри Душанбе таҳсил намудааст. Солҳои 1971-1973 дар сафи Қувваҳои мусаллаҳи ИҶШС хизмат намуда, баъди адои он моҳи июли соли 1973 бевосита фаъолияти меҳнатии мутахассиси чавон Ёрмуҳаммад Сангов ба ҳайси сардори хочаги ҷангали ноҳияи Қалъаихумб оғоз ёфт. Сипас мутахассиси умедбахш, ки маълумоти касби худро дар Донишкадаи кишоварзӣ сайқал дода тавонист, дар чунин вазифаҳо кору фаъолит доштааст:

1975-1977 - сарагрономи идораи пиллахушккунии ноҳия; 1977-1979 - директораи идораи пиллахушккунӣ; 1979-1981 - дастурдиҳандаи (инструктор) шӯъбаи ташкили кумитаи ҳизбии ноҳияи Қалъаихумб; 1981-1987 - директори совхози «Дарвоз»; 1987-1990 - чонишини аввали раиси кумитаи ичроия, сипас раиси иттиҳодияи агросаноатии ноҳия.

Солҳои 1990-1995 Ёрмуҳаммад Сангов раисии кумитаи ичроия ва солҳои 1995-1999 - Раисии ноҳияи Дарвозро ба ӯҳда доштааст. Давраи роҳбарии ӯ ба солҳои ниҳоят мушкилу фочиабори чумҳурӣ - чанги ҳамватанӣ рост омад. Маҳз ба туфайли кордонию сиёсатмадории ӯ ин фочиа дар ноҳияи Дарвоз доман паҳн карда натавонист.

Солҳои 1999 - 2005 ин роҳбари кордон ба сифати чонишинии директори генералии Корхонаи Ветнаму Точикистон ифои хизмат наму- да, аз соли 2005 инчониб чун сарвари Комбинати ангишти Равнов кору

**Ба туфайли заҳмати тӯлонию меҳнати бурдборонааш Ёрмуҳамад Сангов дар байни ҳамдиёрон ба обрӯю эътибори баланд соҳиб гаштааст.**



**ҲАЙДАРШО АКБАРОВ 30 сентябри соли 1952 дар деҳаи Курговади ноҳияи Қалъаихумб, вилояти Ғарм (аз соли 1956 дар ҳайати ВМКБ) ба дунё омадааст. Маълумоти миёнаро дар мактаби рақами якуми маркази ноҳия гирифтааст, сипас таҳсилро барои гирифтани маълумоти олии касбӣ солҳои 1969-1974 дар донишкадаи хоҷагии қишлоқ (феълан донишгоҳи аграрӣ) идома дода, баъди он ба ҳайси ҷонишини сардухтури байтории (ветеринарӣ) фаъолияти касби хешро оғоз намудаст. Соли 1977 мутахассиси ҷавону умедбахшро аъзоёни колхози ба номи Ленин якдилона ба ҳайси раиси правленияи колхоз интихоб намуданд. Солҳои 1978-1982 - сарветеринари идораи байторӣ шуда кор кардааст. Таҷрибаи андухтаашро ба назар гирифта, бо тавсияи роҳбарияти ноҳия ӯро соли 1982 ба вазифаи мудири шӯъбаи хоҷагии қишлоқи кумитаи ҳизбии ноҳияи Қалъаихумб интихоб намуданд.**

**Солҳои 1985-1987 - Ҳайдаршо Акбаров чун шунавандаи Мактаби олии ҳизбӣ дар шаҳри Тошканд таҳсил намудааст. Сипас фаъолияти роҳбарии ин мутахассиси кордон ва ташкилотчии моҳир ба тариқи зайл ҷараён гирифтааст: солҳои 1987-1990 - раиси кумитаи иҷроияи Шӯрои депутатҳои халқии ноҳияи Қалъаихумб; 1991-1992 - раиси ку- митаи сохтори давлатии Шӯрои Олии Ҷумҳури Тоҷикистон; 1992-1993**
**- Вазири кишоварзии Тоҷикистон. Солҳои 1991-1995 намояндаи халқ дар органи олии ҷумҳурӣ - депутати Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон кору фаъолият доштааст.**

**Оиди фаъолияти ташкилотчигии Ҳайдаршо Акбаров дар муаррифиномаи пеш аз интихобиаш чунин омадааст: «Ҳ.Акбаров дар тамоми вазифаҳои ишғолкардааш бо ҳисси баланди масъулиятшиносӣ кор кар- да, баҳри беҳбудии зисту зиндагонии мардуми ноҳия корҳои зиёдеро анҷом додааст. Баҳри минбаъд беҳтар намудани сатҳи зиндагии мар- дум мунтазам дар назди органҳои болоӣ масъала гузошта, баҳри ҳалли онҳо кӯшиши зиёде ба харч медиҳад.**

**Дар зинда гардонидани аньанаҳои ниёгон саҳми арзанда дошта, ин- ро бо кори амалии худ нишон медиҳад. У аз вазьи ҳозираи иқтисодию иҷтимоии меҳнаткашони ноҳия пурра огоҳ буда, ҳамчун раиси Шӯрои депутатҳои халқии ноҳия баҳри ба дараҷаи баланд бардоштани иқтисодиёт в беҳтар намудани ҳолати иҷтимоии деҳот чораҳои амалӣ меандешад» (Дарвози Советӣ. - 1990. - 20 июн).**

## РАИСОНИ ҲУКУМАТИ НОҲИЯ



**НУРАЛӢ РИОЕВ 29 ноябри соли 1959 дар деҳшӯрои Қалъаихумби ноҳияи Қалъаихумб (феълан ноҳияи Дарвоз) аз оилаи химатчӣ ба дунё омада, солҳои 1967-1977 таҳсили мактаби рақами якуми маркази ноҳия дошта, маълумоти миёна гирифтааст. Солҳои 1977-1982 дар шуъбаи математикаи факултаи механикаю математикаи Донишгоҳи Давлатии Точикистон (феълан Донишгоҳи давлатии миллии Точикистон) таҳсил намуда, дорои маълумоти олии касбӣ гаштааст. Солҳои 1982-1984 дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳи ИЧШС дар Чернигови Ҷумҳурии Украина хизмат намуда, сипас чиддан фаъолияти касбии меҳнатӣ ин мутахассиси чавон оғоз ёфтааст.**

**Нуралӣ Риоев солҳои 1984-1988 аввал ба ҳайси омӯзгор, сипас дар вазифаи ташкилотчии мактаби миёнаи рақами 65 шаҳри Душанбе кор кардааст. Қобилияти ташкилотчигӣ ва дониши касбии омӯзгори чавон аз назари роҳбарияти ҳизбию шӯравии ноҳияи Роҳи оҳани пойтахт пинҳон буда наметавонист. Бесабаб набуд, ки Нуралӣ Риоевро соли 1988 ба кори ҳизбию маъмурӣ даъват карда, аввал дар вазифаи дастурдиҳанда (инструктор), баъдан мудирии шӯъбаи идеологии куми- таи ҳизбии ноҳияи номбурда интихоб намуданд.**

**Аз ибтидои солҳои 90-уми асри гузашта, фаъолияти ташкилотчигӣ ва роҳбарии ин мутахассиси умедбахш ба тариқи зайл чараён гирифт:**

**1991-1995 - раиси Кумитаи ичроияи Шӯрои депутатҳои халқии ноҳияи Роҳи оҳан; 1995-1996 - сармутахассиси шӯъбаи ташкилии Дастгоҳи ичроияи Президенти Ҷумҳурии Точикистон; аз моҳи августи соли 1996 то 4 марти соли 2005 - раисии ноҳияи Дарвозро ба ӯҳда дошт.**

**Нуралӣ Риоев аз 27 феврали соли 2005 вакили Мачлиси намоянда- гони Мачлиси Олии Ҷумҳурии Точикистон интихоб шуда, хизмати бедареғашро ба манфиати халқи диёру тамоми Точикистон идома медиҳад.**

**САИДҶОН НОСИРОВ 28 майи соли 1954 дар ноҳияи Қалъаихумб ба дунё омада, баъди хатми мактаби миёна, солҳои 1971-1976 дар Донитттгохи хочагии қишлоқи шаҳри Волгоград аз рӯи ихтисоси муҳандис-электрик таҳсил намудааст. Фаъолияти меҳнатиаш соли 1976 аз вазифаи муҳандиси калон-диспетчери (ба танзимдорорандаи ҳаракати автомобилӣ) иттиҳодияи «Точикселхозтехника»-и ноҳияи Қалъаихумб оғоз намудааст. Солҳои минбаъдаи фаолияти меҳнатиаш дар воҳидҳои маъмурӣ ва давлатӣ ба тариқи зайл сурат гирифтааст: солҳои 1977-1978 -**



сармуҳандиси иттиҳодияи «Точикселхоз-техника»-и ноҳияи Қалъаихумб; 1978-1979 - котиби кумитаи комсомоли совхози ба номи Ю.Фучик; 1979-1981 - котиби дуюми кумитаи комсомоли ноҳияи Қалъаихумб; 1981-1982 - дастурдиҳандаи (инструктор) шӯъбаи таттткилотхои комсомоли КМ ИЛКҶ Точикистон,
шаҳри Душанбе; 1982-1984 - директори совхози ба номи Ю.Фучики ноҳияи Қалъаихумб; 1984-1987 - котиби аввали Кумитаи комсомоли ВМКБ; 1987-1992 - котиби дуюми Кумитаи ҳизби коммунисти ноҳияи Қалъаихумб.

Бояд илова намуд, ки соли 1992 Саидчон Носиров аз истеҳсолот чудо нашуда Академияи идораи давлатии Русиро бо тахассуси сиёсат- шинос хатм намудааст.

Фаъолияти меҳнатӣ ва хизматии Саидчон Носиров солҳои оянда чунин идома ёфтааст: 1992-1996 - муовини намояндаи Вилояти мухтори кӯҳистони Бадахшон дар назди Кабинети Вазирони Ҷумҳури Точикистон; 1996-2002 - котиби дуюм, котиби якуми Сафорати Ҷумҳурии Точикистон дар Ҷумҳурии Туркманистон; 2002-2003 - кор- манди раёсати кадрҳои Вазорати корҳои хоричии Ҷумҳурии Точикистон; сармутахассиси Шӯъбаи робита бо кишварҳои хоричии Дастгоҳи ичроияи Президенти Ҷумҳурии Точикистон.

Қобилияти ташкилотчигӣ ва донишу тачрибаи роҳбарии Саидчон Носировро ба назар гирифта, бо Фармони Президент аз 4 марти соли 2005 ӯ ба вазифаи масъулиятнок - Раиси ноҳияи Дарвози ВМКБ таъин гардид. Дар ин вазифа ӯ барномаи дурнамои ноҳияро таҳия намуда буд, ки дар он ҳамаи самтҳои рушди диёри азизаш, аз чумла беҳдошти муассисаҳои таълимӣ, ҳифзи саломатии мардум, таъминоти аҳолӣ бо қувваи барқ, инкишофи соҳаи занбӯриасалпарварӣ, бунёди боғу роғҳо муайян шуда буданд. Дар баробари ин яке аз самтҳои марказӣ дар бар- номаи Раиси ноҳия Саидчон Носиров ба дарачаи то давраи вайронсозиҳои «бозсозӣ» расондани соҳаи чорводорӣ ҳисоб меёфт. У ин соҳаро то даврае, ки шарафи чорводорони Сағирдашти Дарвоз дар минтақаи Осиёи Миёна ва тамоми давлати Шӯравӣ паҳн шуда буд, бо- яд мерасонд. Вале марги бемаҳал ҳамаи орзӯҳои ин марди дилсӯзи ди- ёрро, ки дар айни камолоту тадбиқи тачрибаи баланди созандагӣ қарор дошт, моҳи январи соли 2007 барканд.

САИДАЛӢ МУСОФИРОВ 4 январи соли 1954 дар ноҳияи Дарвоз ба дунё омада, баъди хотимаи таълими мактабӣ, солҳои 1973-1977 дар Донишгоҳи давлатии Точикистон (феълан Донишгоҳи давлатии мил- лии Точикистон) таҳсил намудааст.



Фаъолияти меҳнатии Саидалӣ Мусофиров соли 1977 аз директории филмотекаи назди Шӯъбаи маорифи ноҳияи Қалъаихумб ибтидо гирифта сипас чунин идома ёфтааст; солҳои 1977-1978 - котиби озоди кумитаи комсомоли совхози ба номи Ю.Фучик, ноҳияи Қалъаихумб; 1978-1980 - мудири сектори баҳисобгирии аъзоёни Комсомоли ленинии умумииттифоқ (ВЛКСМ) - Кумитаи ноҳияви комсомоли Қалъаихумб, ВМКБ; 1980-1881 - мудири шӯъбаи Кумитаи комсомоли ВМКБ; 1981-1984 котиби Кумитаи комсомоли ноҳияи Қалъаихумб, ВМКБ; 1984-1987 - муовини раиси ҷамъияти Тоҷикматлуботи ноҳияи Қалъаихумб; 1987-1988 - мудири бюрои ба кортаъминкунии назди комиҷроияи ноҳияи Қалъаихумб; 1988-1996 - сардори идораи суғуртаи ноҳияи Қалъаихумб (Дарвоз) 1996-2004 муовини аввали раиси ноҳияи Дарвоз; 2004-2007 - нозири давлатии Шӯъбаи назорати Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳури Тоҷикистон.

Дониши мукаммали касбӣ, қобилияти ташкилотчигиашро ба назар гирифта, бо Фармони Президент аз 19 феврали соли 2007 Саидалӣ Мусофиров ба вазифаи Раиси ноҳия Дарвоз таъин шудааст. Дар ин вази- фаи ниҳоят масъулу мураккаб ӯ дурнамои рушди ноҳияро, ки ҳанӯз Саидҷон Носиров тарҳрезӣ кардаву ба тадбиқи он шурӯъ намуда буд, бо назардошти иловаҳои аз воқеъияти замон бармеомада амалан ва бо қатъияти том пиёда хоҳад сохт.

## БОЗ ЧАНДЕ АЗ КОРГУЗОРОНИ ҲИЗБУ КУМИТАИ ИҶРОИЯ



РИЗО МИРЗОЕВ 4 июни соли 1936 дар деҳаи Бровги ноҳияи Қалъаихумб (Дарвоз) аз оилаи деҳқон ба дунё омадааст.

Баъди анҷоми таълими мактаби миёнаи рақами якуми маркази ноҳия ӯ як сол (1957-1958) дар донишкадаи педагогии шаҳри Кӯлоб таълим гирифт. Вале бо сабаби ба дӯш гирифтани таъминоти оилавӣ тарки хониш карда, солҳои 1958-1959 ба ҳайси телеграфисти шӯъбаи алоқаи ноҳияи Қалъаихуб фаъолияти мустақили меҳнатиашро оғоз намудааст. Қобилияти корӣ ва кӯшиши такмили мустақилонаи дониши касбиашро ба назар гирифта, ӯро ба сифати корманди Бонки давлатии ноҳияи Қалъаихумб тавсия намуданд.

Солҳои 1960-1966 Ризо Мирзоев дар вазифаи роҳбари гурӯҳи молиявӣ-қарзии Бонки давлатии ноҳиявии Қалъаихумбу Ванч кору фаъолият намудааст. Аз соли 1966 ба корҳои комсомолӣ ва ҳизбӣ ин- тихоб шуда, фаъолияти хизматиаш ин зайл сурат гирифтааст: солҳои 1966-1968 - мудири шӯъбаи ташкилии кумитаи комсомоли ноҳияи Қалъаихумб; 1968-1976 - инструктор (дастурдиҳанда), сипас мудири шӯъбаи ташкилии кумитаи ҳизби коммунисти ноҳияи Қалъаихумб. Дар ин муддат Ризо Мирзоев дар Донишгоҳи давлатии Точикистон таҳсил карда, онро соли1974 аз рӯии ихтисоси иқтисодчӣ хатм намуд. Ба сифати шунавандаи Мактаби олии ҳизбӣ дар шаҳри Тошканд солҳои 1976-1978 дониши касбӣ-назариявии худро мукаммал намуда- аст.

Фаълияти роҳбарии Ризо Мирзоев баъди анчоми таҳсили мактаби ҳизбӣ чунин идома ёфтааст: солҳои 1978-1983 - котиби дуюми куми- таи ҳизбии ҲК Точикистон дар ноҳияи Рӯшон; 1983-1985 - раиси Ку- митаи ичроияи Шӯрои депутатҳои халқии ноҳияи Рӯшон; 1985-1992 - сармутахассиси давлатӣ оид ба харид ва сифати маҳсулоти хочагии қишлоқи ВМКБ дар ноҳияи Қалъаихумб (Дарвоз); 1992-1994 - сардори гумруки ноҳияи Дарвоз; 1994-1996 - сармутахасси калони раёсати ки- шоварзии ноҳия; 1996-1998 - мудири шӯъбаи ёрии ичтимоӣ дар ноҳияи Дарвоз.

Ризо Мирзоев феълан раисии Шӯрои собиқадорони ноҳияи Дарвоз- ро ба ӯҳда дошта, тамоми донишу малака ва тачрибаи бисёрсолаи роҳбарии ҳизбӣ, шӯравию маъмурии хешро сарфи рушди диёри азизаш хоҳад кард.

АКМАЛ ҶӮРАХОНОВ соли 1941 дар деҳаи Кулумбаи Боло деҳшӯрои Сағирдашт таваллуд шудааст. Баъди хатми мактаби миёна, л соли хониши 1960/1961 ба сифати муаллими | ь мактаби 8-солаи ба поми «Байраки Сурх» кор • карда, солҳои 1961-1965 - дар факултаи иктисодии Донишгохи данлагии Тоҷикистон таҳсил намудааст. Баъди хатми Донишгоҳ фаъолияти кориаш чунин идома гирифтааст: шЕ *'Шш* ^0-11^011 1965-1967 иқтисодчии колхози «Сагирдашт»; 1967-1974 сариқтисодчии кол- хози номбурда; 1974-1982 мудири шӯъбаи молияи ноҳияи Қалъаихумб; 1982-1987 - Раиси агропром, чонишини аввали раиси комичроияи ноҳияи Қалъаихумб; 1987-1990 - директори совхози занбуриасалпарварии ноҳияи Қалъаихумб; 1990-1995 - дирек- тори совхози «Сағирдашт»; 1995-1999 - мудири сектори шӯъбаи фарҳанги ноҳияи Дарвоз.

**Акмал Ҷӯрахонов аз соли 1999 бо ба нафақа баромадан вазифаи ниҳоят мураккабу масъулиятталаб - чонишинии раиси ноҳияи Дарвозро ба дӯш дошта, барои рушди ноҳия хизмати беминнаташро дареғ надоштааст. Хизмати тӯлонии Корманди шистаи Точикистон Акмал Ҷӯрахонов бо чандин ифтихорномаҳои сатҳи олӣ қадр шудааст.**



**РАҲМАТ РАҲМАТУЛОЕВ 1 майи соли 1933 дар деҳаи Умараки ноҳияи Қалъаихумб аз хонаводаи деҳқон ба дунё омадааст. Пас аз хатми мактаби миёна, солҳои 1951-1952 ба сифати муаллими синфҳои поёнии мактаби зодгоҳаш - Умарак фаъолияти кориаш оғоз ёфтааст. Баъди хизмат дар сафи Қуваҳои Мусаллаҳи ИҶШС (солҳои 1952-1955) солҳои 1955-1956 шуғли муаллимиашро дар синфҳои поёнии деҳаи Хост идома дода, сипас ба корҳои истеҳсолӣ гузашт. Солҳои 1956-1959 ба сифати сардори звенои бригадаи коплексии (бисёрсамта) колхози «Роҳи Сталин», ноҳияи Қалъаихумб. Маҳз дар ин вазифа қобилияти баланди ташкилотчигиашро ба назар гирифта, ӯро ба мактаби ҳизбӣ тавсия доданд.**

**Фаъолияти собиқ шунавандаи мактаби ҳизбии назди КМ ҲК Точикистон (солҳои 1959-1960) Раҳмат Раҳматуллоев дар солҳои оянда чунин сурат гирифтааст: 1960-1962 - корманди порти Тирмиз, вилояти Сурхондарёи ҶШС Узбекистон; 1961-1962 - тарчумони ка- лони забони форсии Иттиҳодияи умумииттифоқии «Совфрахт» дар шаҳри Тирмиз; 1962-1969 - тарчумони калони забони форсии Иттиҳодияи умумииттифоқии «Союзвнештранс» дар шаҳри Тирмиз; 1969-1973 - тарчумони калони гурӯҳи мутахассисон-нефтчиёни назди Департаменти корҳои кофтуковию геологӣ - нефту газ дар шимолии Афғонистон (шаҳри Шибирғон), ҳамзамон дар вазифаи раисӣ аз на- мояндагии шӯъбаи чамъияти Дӯстии Шӯравӣ - Афғонистон дар назди гурӯҳи мутахассисони нефтчиёни Шӯравӣ; 1973 - нозири иттиҳодияи «Союзвнештранс» дар Тирмиз, муҳандиси корхони байниноҳиявии нуқтаҳои сузишворитаъминкунии мошинаҳо; 1973-1975 - сартехники Идораи лоиҳакашии «Коммунпроект»-и Точикистон; 1975-1978 - дастурдиҳандаи (инструктор) Архиви (бойгонӣ) ҳизбии Институти таърихи ҳизб дар назди КМ ҲК Точикистон; Муовини директори ин- ститути таърихи ҳизби коммунист дар назди КМ ҲК Точикистон. Маҳз дар ҳамин давра аз истеҳсолот чудо нашуда, Раҳмат Раҳматуллоев Донишгоҳи давлатии Точикистонро хатм намудааст.**

**Тачрибаи бои кории Раҳмат Раҳматулоевро бо мутахассисони хоричӣ ба**

ба хориҷи мамлакат тавсия намуданд. Солҳои 1980-1985 ӯ дар вазифаи котиби дуюми сафири ИҶШС дар Афғонистон чун тарҷумон дар КМ Ҳизби халқӣ-демократии Афғонистон - «Зона Центр», ки он замон ҳизби роҳбар ҳисоб меёфт, кору фаъолият дошт.

Раҳмат Раҳматуллоев аз соли 1986 то алҳол дар Институти таърихи ҳизб, назди КМ ҲК Тоҷикистон, ки аз соли 1991 бо унвони Институти тадқиқи сиёсии назди КМ ҲК Тоҷикистон тағйири ном намудааст, дар вазифаҳои ходими илмӣ, муовини директор доир ба корҳои хоҷагӣ ва аз соли 2006 муовинии директори институти номбурдаро ба ӯҳда дош- та, ба нафъи халқаш садоқатмандона хизмат мекунад.

Фаъолияти меҳнатӣ ва заҳмати тӯлонии Раҳмат Раҳматуллоев бо чандин мукофотҳои собиқ давлати Шӯравӣ ва собиқ Ҷумҳурии Демократии Афғонистон қадршиносӣ шудааст.

Албатта, ҳар он чи аз шарҳи ҳол ва кору фаъолияти кормандони ҳизбию шӯравии ноҳия дар боло оварда шуд ҳанӯз маълумоти пурра дар ин самт буда наметавонад. Кам нестанд шахсиятҳои маъруфу ко- розмудаи диёр аз қабили Ғ.Довутиев, Ғ.Ҷумъаев - котибони дуюми кумитаи ноҳияи Қальаихумби ҲК Тоҷикистон, П.Бафоев, А.Лазаренко, А.Азизбекова, Н.Мирзоев - котибони кумитаи ҳизби коммунисти ноҳия, Ҷ.Ёғиев - ҷонишини раиси кумитаи иҷроияи Шӯрои депутатҳои меҳнаткашони ноҳия, ҳамчунин аз кормандони фаъоли ин самт А.Нилобеков, Ҷ.Орзуев ва дигарон бояд ёдовар шуд, ки тамоми фаъолияти меҳнатии худро барои рушди ҷомеа сарф наму- даанд.

## ЁДЕ АЗ ШАХСИЯТҲОИ МАЪРУФИ НОҲИЯ

МУЛЛОХОЛ яке аз шахсиятҳои мӯътабари диёр аз рӯи маълумоти мавҷуда соли 1888 дар деҳаи Ғожи бекигарии Дарвоз аз оилаи кишо- варзи камбағал ба дунё омадааст. Дар синни 12 солагӣ бо даргузашта- ни падараш Одина оилашон боз бештар ба ҳаёти қашоқона рӯ ба рӯ гардид. Танқисии зиндагӣ Холро маҷбур сохт, ки барои пайдо кардани қути лоямуте ба хонаи амакаш, ки ба сарпарпастиаш умед баста буд ӯ дар деҳаи Курговад иқомат дошт, равад. Хол хато накарда буд, амакаш нисбати ӯ меҳрубонӣ зоҳир менамуд. Ҳангоми аз зеҳни тозаи ҷиянаш бохабар шудан ӯро ба тарбияи яке аз қориҳои Қуръони деҳа дод.

Дар муддати як сол ӯ тавонист, ки Қуръонро пурра аз бар кунад. Қории аз зеҳни пурраи ин писарбачча ба ваҷд омада, Холро ба назди яке аз мударрисҳои шиносаш ба Кӯлоб фиристод. Баъди азхуд намуда- ни донишҳои зарурии ин мадраса, мударрис тарбияю таълимашро ба ӯҳда гирифта, ӯро барои идомаи таҳсил ба яке аз мадрасаҳои Бухоро фиристод. Дар Бухоро аз сабаби дар назди шарикдарсонаш бартарӣ

**дoштан, ба ӯ бeштар Мулo гуфта мурoҷиат мeкарданд. Муллoхoл нoм гирифтанаш низ аз ҳамин арзи эҳтирoми шарикдарсoнаш барoмадааст. Баьди хатми мадраса дар Бухoрo чун арзи сипoс ба устoди раҳнамoяш ба сифати мударриси мадраса ба Кӯлoб баргашт ва устoдаш ӯрo ба ҷoи худ ба сифати сармударрис тавсия намуд.**

**Муллoхoл дар давoми 30 сoли фаьoлияти мударрисиаш дар Кӯлoб садҳo шoгирдoни нoмбардoрашрo тарбия намудааст. Албатта oвoзаи ин марди дoнишманди диёр дар тамoми бeкигарии Дарвoз паҳн шудаву бoиси ифтихoри ҳамдиёрoн гашта буд. Бeсабаб набуд, ки якe аз сар- ватмандoни Дарвoз Шoҳназрӣ тахмин oхири сoлҳoи 20-ум ӯрo ба диёр даьват карда, барoяш ҳаттo дар дeҳаи Тoғмай мадрасae бинo намуда- аст. Муллoхoл дар давраи хeлe мураккаби сoхтмoни таҳкурсии ҷoмeаи нав аз сабаби oбурӯю эьтибoри баланд дoштанаш ва хизмати бeминна- таш барoи савoдoмӯзии ҳамдиёрoн ба таьқиб (рeпрeссия) гирифтoр нашудааст. Бисёрe аз шoгирдoнаш дар маҳви бeсавoдию рушди маo- риф хизматгузoрӣ намудаанд. Хoтираи марди хирад Муллoхoл дар қалби ҳамдиёрoн ва таьрихи нoҳия бoқӣ хoҳад мoнд.**

**ШАИХИ ОДИНА низ якe аз oдамoни маьруфи бeкигарии Дарвoз буда, аз рӯи маълумoтҳoи шифoҳии мавҷуда сoли 1879, яьнe як сoл пас аз тасарруфи шoҳигарии Дарвoз аз тарафи амoрати Бухoрo, дар дeҳаи Кeврoни амлoкдoрии Қальаихумб ба дунё oмадааст. У маьлумoти иб- тидoирo дар Қалъаиҳусайн низ аввал дар Кӯлoб таьлим гирифта, сипас дар Бухoрo хатми мадраса намудааст. Дар байни аҳли уламoи амoрати Бухoрo нуфузи баландрo сoҳиб буда, ҳаттo бo аҳли дарбoр шинoсoӣ дoштааст. Гӯё бo фармoни амир аз андoз oзoд буда, барoи пeшравии алoқаи савдoии Дарвoз бo бeкигариҳoи дигар мусoидат намудааст. Ои- ди дараҷаи баланди инсoндӯстӣ ва мeҳмoннавoзии Шайхи Одина маьлумoту ривoятҳoи зиёдe дар хoтири куҳансoлoни диёр бoқӣ мoн- даст. Гӯё баьди аз Бухoрo баргаштан дар мавзeи Сари Оби Буружҳoи Кулумбаи Сағирдашт барoи мусoфирoн бинoe сoхта будааст, ки мусo- фирoн дар oнҷo шабрo рӯз намуда, идoмаи сафар мeкарданд.**

**МИРЗОРАҲМАТУЛЛОИ ФАЙЗУЛЛО аз oдамoни барӯманди Дарвoзи oхири асри XIX - нимаи аввали асри XX ҳисoб мeёбад. У сo- ли 1885 дар дeҳаи Уғрии бeкигарии Дарвoз ба дунё oмада, баьди ба бoлиғӣ расидану oиладoр шудан ба дeҳаи Равнoв кӯч баста, дар oнҷo иқoмати дoимӣ ихиёр намудааст.**

**Ғалабаи инқилoбрo дар Дарвoз Мирзoраҳматулло хуш пазируфта, дар барқарoршавии ҳoкимити Шӯравӣ дар ин диёри бoбoӣ ширкати бeвoсита дoштааст. Баьди чандe ба дeҳаи зeбoманзари Умарак, ки дар oн ҷo завҷaааш Авғoнбӣ Риoeва таваллуд шудааст, кӯчид. Ин дeҳаи ба маркази тумoни Дарвoз наздик барoи фаьoлияти Мирзoраҳматуллoи бo**

тамоми ҳастӣ дар дигаргунсозиҳои диёр ширкатдошта, хеле қуллай буд.

Мирзораҳматулло ва завчааш, ки ҳарду соҳиби хату савод буданд, фазандонашонро низ аз он бахравар гардонданд. Дар он давра табиист, ки талабот ба шахсони саводнок хеле зиёд буд. Аз инчост, ки Мирзораҳматуллои соли 1922 ба аъзогии ҳизби коммунист шомил шу- да, бо даъвати роҳбарияти ҳокимияти инқилобӣ ба корҳои роҳбарӣ чалб карда шуд. У муддате чанд дар Кумитаи инқилобӣ, деҳшӯро, ки- митаи ичроияи ноҳия кор карда, сипас раисии аввалин колхози ноҳияро ба ӯҳда гирифта, бо ғайрати том бартарии ин тарзи нави хочагидориро нишон дода тавонист. Ҳамзамон ӯ дар кори таъмини бе- хатарии сарҳад кори зиёдеро ба анчом мерасонд. Хусусан хизмати ӯ дар мубориза алайҳи дастаҳои ғоратгари аксулинқилоби Фузайл Мах- сум соли 1929 хеле зиёд аст.

Маҳз бо туфайли ин хизматгузорӣ барои мустаҳкам намудани Ҳокимияти Шӯравӣ Мирзораҳматуллои Файзулло ба боварии пурраи роҳбарияти шӯроҳо ва ҳарбӣ-инқилобии маҳаллию марказӣ ноил гашта буд. Бесабаб нест, ки роҳбарияти ҳукумати чумҳурӣ ӯро соли 1936 ба вазифаи ниҳоят масъулиятнок - тарчумон ва чонишини сардори «Зиддичосусӣ»-и («контрразведка») сарҳадбонони ноҳияи Шӯрообод таъин намуд. Дар ин вазифа ӯ то рӯзҳои вопасини хеш - моҳи октябри соли 1939 софдилона хизмат намудааст.

Мирзораҳматулло дар яке аз амалиётҳои зидди чосусӣ, ҳангоми сарҳадро вайрон намудани дастаи ғосибон, ки аз Афғонистон ба мавзеъҳои Даштичуму Шӯрообод гузашта, даст ба ғорати мардум зада буданд, бо ҳамяроқонаш часурию мардонагӣ нишон дода, душманро то ағбаи Сафедоб думболагирӣ намуданд. Ин ҳангом аз хунукӣ ӯ ба каса- лии варами шуш гирифтор шуда, баъди чанде дунёро падруд гуфтааст.

Бояд қайд кард, ки завчааш Авғонбӣ низ дар барқарор гаштан ва рушд ёфтани сохтори шӯравӣ дар ноҳияҳоии Қалъаихумбу Шӯрообод фаъолияти назаррасе дошт. Ин зани саводноку маънирас табъи шоирӣ дошт, ки худ соли 1924 ба ҳизби болшевик аъзо шуда буд, дар давраи душвортарини таъқиботи иртичопарастон ба занони диёр дарси савод медод. У борҳо ба ҳайси намояндаи халқ дар шӯрои чамоа, ноҳия ва вилояти Ғарм интихоб гардидааст.

Авғонбӣ Риоева чун вакил дар анчумани I Шӯроҳои ҶМШС Точикистон (1-12 декабри соли 1926) дар муҳокима ва қабул намудани ҳуччатҳои таърихии он саҳм гузоштааст. Ин зани чуръати мардона дош- та, дар анчумани III фавқулоддаи Шӯроҳои Точикистон ва ташкилёбии ҶШС Точикистон низ иштироки фаъол доштааст. У то соли 1936 дар вазифаҳои мухталифи ҳизбию маъмурӣ кору фаъолият дошт. Чӣ тавре дар боло ишора рафт, оилаи Мирзораҳматуллои Файзулло барои идомаи хизмат бо аҳли оилааш ба ноҳияи Шӯрообод кӯч баста буд. Баъди вафо-

ти ӯ завҷааш Авғонбӣ ба ин ҷои нави зиндагиашон, ки бо сокинони меҳрубону меҳнатқаринаш унс гирифта буду муносибати самимиашон аз муносибати хешию таборӣ кам набуд, иқомати доимӣ ихтиёр намуда, тамоми қувваташро ба тарбияи фарзандонаш: Таманно, Зуҳуршо, Султоншо, Искандаршо, Ҷавҳаршо, Бибиасмо, Гулҷон ва Аскаршо сарф намудаааст. Ҳамон тарбияи модари меҳрубон буд, ки ҳар кадоми онҳо фардони лоиқи даврон ба воя расида, ҳар кадоме ба ҳайси омӯзгор, олим, устоди варзиш, корманди давлатӣ, ҳизбӣ, низомӣ ифои вазифа намуда, хизмати беминнати хешро ба нафъи халқу Ватан бахшидаанд.



**ЗУҲУРШО РАҲМАТУЛЛОЕВ** 15 сентябри соли 1914 дар деҳаи Равнови бекигарии Дарвози аморати Бухоро аз оилаи марди кишоварзу ҳунарманд Мирзораҳматуллои Файзулло ва завҷааш Авғонбӣ ки бо ҳаёту фаъолияташон хонанда пештар шиносоӣ пайдо намуд, чашм ба олами ҳастӣ кушодааст. маълумоти ибтидоро аввал аз модару сипас дар нахустин мактаби шӯравии тумони Дарвоз соли 1925 гирифта, сипас дар интернати Ғарм идомаи таҳсил намудааст. Фаолияти меҳнатиаш аз соли 1926 ба сифати муаллим дар аввалин мактабҳои Қалъаихумбу Ванҷ оғоз ёфтааст. Чанде нагузашта, омӯзгори ҷавои ба Дорулмуаллимини шаҳри Тошканд роҳхат гирифт.

Моҳи октябри соли 1929 барои тезондани маъракаи маҳви бесаводӣ ва гузаштан ба алифбои лотинӣ, дар қатори дигар ҷавонони дар дохилу хориҷи ҷумҳурӣ идомаи таъсил дошта, нозири маорифи ҶШС Тоҷикистон Зуҳуршоро аз Тошканд бозхонда, ба сифати омӯзгор ба тумони Ҳоити вилояти Ғарм фиристод.

Солҳои 1934-1936 Зуҳуршо Раҳматуллоев дар як вақт мудирии маориф, директории мактаб ва котибии раиси кумитаи иҷроияи ноҳияи Қалъаихумбро ба ӯҳда дошта, табиист, ки дар маҳви бесаво- ди, ба таври оммавӣ ба таълим ҷалб намудани бачаҳои синни мактабӣ, рушди фарҳангӣ ва сохтмони колхозии ноҳия ҳиссагузории назаррас намудааст.

Соли 1936 Зуҳуршо Раҳматуллоев ба сафи Армияи Сурх даъват шу- да, то соли 1938 ба ҳайси курсант дар Омӯзишгоҳи низомии Смоленск таҳсилу тарбияи ҳарбӣ гирифтааст. Ҳангоми таҳсил дар он омӯзишгоҳи низомӣ, вазифаҳои командири взвод ва котибии ташкило- ти комсомолии таълимгоҳро ба ӯҳда доштааст.

Баъди аз хизмат соли 1938 баргаштан, Зуҳуршо фаъолияти меҳнатиашро дар вазифаҳои котибии ноҳияи Шӯрообод, котибии авва-

ли кумитаи комсомоли вилояти Кӯлоб идома бахшида, дар тарбияи чавонон, рушди кишоварзӣ, саноат, роҳсозӣ ва фарҳангӣ саҳмгузории чиддӣ намудааст.

Ҳучуми Германия фашистӣ ба Иттиҳоди Шуравӣ ва оғози Ҷанги Бузурги Ватанӣ дар қатори миллионҳо одамон Зуҳуршо Раҳматуллоевро бетараф гузошта наметавонист. Сарвари чавонони вилояти Кӯлоб бо бародаронаш Султошо ва Ҷавҳаршо аз аввалинҳо шуда барои ба чабҳа рафтан ариза доданд.

Зуҳуршо солҳо 1941-1944 дар фронтҳои (чабҳа) Ғарбӣ, Марказӣ, Белорусия барои озод кардани хоки муваққатан аз тарафи истилогарон ғасб шудаи Ватан мардонавор чангида, намунаи ибрати ҳамяроқон гашта буд. У дар ин майдони ҳарб низ чун ташкилотчии моҳир худро бо роҳбарияти чабҳа нишон дода тавонист. Ба сифати ёрдамчии сардо- ри шӯъбаи сиёсии дивизия оид ба кори комсомол, комиссари баталён, котиби ҳизбии полки савораи гвардиягӣ ифои вазифа намуда, дар ба- ланд бардоштани тарбияи ватандӯстии чанговарон, масъулиятшиносии онҳо дар ин давраи фочиабору ҳассос, ки вазифаи ааввалдарачаи ҳар фарди бо ору номус аз душмани наҳсу ғаддор тоза кардани хоки Ватан буд, хизмати босазое намудааст. У пас аз озод кардани вилояти Моги- лёви Белорусия, бо супориши Управленияи сиёсии Ҷабҳаи Ғарбӣ барои азнавбарқароркунии сохти колхозӣ, кушодани мактабҳои шӯравӣ саҳмгузорӣ намудааст.

Тирамоҳи соли 1944 Зуҳуршо Раҳматуллоев дар ҳолате, ки захми вазнин бардошта, дигар дар амалиёти ҳарбӣ иштирок дошта наметаво- нист, бо қарори кормандони масъули тиббии ҳарбӣ аз чабҳа озод шуда, сарбаландона ба Ватан баргашт.

Акнун фаъолияти меҳнатии собиқ чанговари точик дар чунин вазифаҳо чараён гирифт: мудири шӯъбаи тарғиби ташфиқи кумитаи ҳизбии ноҳияи Шӯрообод; котиби аввали кумитаи ҳизбии шаҳри Кӯлоб; котиби кумитаи вилояти Кӯлоби ҲК(б) Точикистон; раиси матлуботи вилояти Кӯлоб; котиби чамъияти «Дониш»-и вилояти Кӯлоб, сипас ко- тибии шӯбаи шаҳри Душанбеи ин чамъияти дар давраи Шӯравӣ бонуф- зро ба ӯҳда дошт. Бояд қайд намуд, ки Зуҳуршо Раҳматуллоев яке аз ав- валин ташкилотчиёни чамъияти «Дониш»-и чумҳурӣ ва Кумитаи чумҳуриявии якдилии мамлакатҳои Осиё ва Африқо маҳсуб мешавад.

То давраи ба нафақа баромадан Зуҳуршо Раҳматуллоев чун аъзои фаъоли управленияи Кумитаи шӯравии якдилии мамолики Осиё ва Африқо, Кумитаи Фонди сулҳи шӯравӣ, аъзои сексияи душанбегии Кумитаи Шӯрои собиқадорони чангу меҳнат, Шӯрои собиқадорони комсомоли Точикистон, аъзои раёсат ва правленияи чамъияти «Дониш»-и шаҳри Душанбе ва Ҷумҳурии Точикистон кору фаъолит намудааст.

Барои хизмати шоён собиқадори чангу меҳнат, Корманди фахрии фарҳанги ҶШС Точикистон Зуҳуршо Раҳматуллоев бо чандин

мукофотҳои баланди давлатӣ, ҳизбӣ ва низомӣ сарфароз гардидааст. У аз фаъолити гузаштаи хеш ифтихор дошт. То лаҳзаи охирини ҳаёти худ (23 апрели соли 1999), на фақат давлати пирӣ меронд, инчунин, чун барои таъмини ваҳдати комил ва рушди чомеаи воқеан демократӣ пайваста талот меварзид.



**РӮЗӢ РОЗИЕВ** соли 1910 дар миразории Водхуди амлокдории Ванч, бекигарии Дарвози аморати Бухоро дар оилаи деҳқон ба дунё омада, саводи ибтидоиро дар назди падарат , ки саводи китобхонӣ дошт, гирифтааст. Фаъолияти меҳнатиашро аз миёнаи солҳои 20-ум ба сифати хаткашони шӯъбаи алоқа оғоз намудааст. У аз деҳаи Курговади тумони Қалъаихумб то маркази волости Ванч хату дигар ҳуччати ба шӯъбаи алоқа дахлдорро мебурд ва аз ончо то ин нуқтаи алоқа меовард. Дарачаи саводнокиашро ба назар гирифта, ибтидои соли 1931 барои таҳсил дар Донишгоҳи давлатии осиёимиёнагӣ (САГУ) роҳхат доданд. Вале зарурияти эҳтиёч доштани Ҷумҳурии навтаъсиси Точикистонро ба мутахассисони соҳибсавод ба назар гирифта, баъди ду соли таҳсил ӯро ба чумҳурӣ даъват намуда, соли 1932 ба вазифаи муҳаррири рӯзномаи акнун таъсисшудаи ноҳияи Қалъаихумб таъйин намуданд. Вале аз сабаби мавчуд набудани дастгоҳи чопӣ, ӯ ба корҳои дигари ташкилии ҳизбӣ машғул шуда, фақат соли 1935 имконияти аз Душанбе ба қисмҳо чудо намудани дастгоҳ ва бо машаққати зиёде ба маркази ноҳия оварданаш даст дод. Аз ин чост, ки дар ба роҳ мондани чопи аввалин рӯзномаи ноҳиявӣ «Ҳаракати стахановчиён», заҳмати Рӯзӣ Розиев ҳалкунанда буд.

Рӯзӣ Розиев дар солҳои 30-юми нимаи аввали 50-уми асри гузашта дар вазифаҳои масъули ҳизбию маъмурии вилояти Ғарм, ноҳияи Оби Гарм ва Қалъаихумб кору фаъолият доштааст. Соли 1957 ба зодгоҳаш барои иқомати доимӣ баргашта, чанде дар дастгоҳи ичроияи ноҳияи Ванч кор карда ба нафақа баромад. Ин марди ниҳоят фурӯтану ботаҳаммул ва аз тамоми хусусиятҳои барои инсони комил бархурдор солҳои охири ҳаёташро дар Душанбе гузаронда, 4 июни соли 1986 аз чаҳон даргузашт.

**АБДУКАРИМ БОДАМАЕВ** соли 1903 дар деҳаи Садиқаи амлокдори Тавилдараи бекигари Дарвози аморати Бухоро ба дунё омадааст. Ҳанӯз аз кӯдакӣ ба доираи кору рӯзғордории ҳаёти сокинони деҳоти кӯҳистон кашида шуда, дар аввалин мактабҳои шӯравии таълими ибтидой саводи хату ҳисоби оддӣ гирифтааст. Вале зеҳни бурроюю хотираи хуб ӯро ба қатори беҳтарин саводнокони солҳои 20-уми деҳа баровcovered.



**Агар аз ибтидои оғози фаъолияти меҳнатиаш чун деҳқони оддӣ сарфи назар намоем, фаъолияти касбии Абдукарим Бодамаев чунин сурат гирифтааст: солҳои 1929-1936 - бригадири Точиктиллои («Таджикзолото») кони тиллои Сари Об; 1937-1944 - раиси колхози «Байрақи Сурх»-и деҳшӯрои Сағирдашт; 1944-1946 - раиси деҳшӯрои Сағирдашт; баъди гузаштан аз курси семоҳаи кормандони хочагӣ дар маркази вилоят - Ғарм, солҳои 1946-1951 - муовини раиси кумитаи ноҳияи Тавилдара; 1951-1953 - раиси колхози ба номи Маленкови ноҳияи Тавилдара; 1953-1955 раиси кумитаи ичроияи ноҳияи Тавилдара; 1955-1956 - раиси чамъияти матлуботи ноҳияи (райпотребобшество) Тавилдара; аз соли 1956 раиси колхози «Сағирдашт»-и ноҳияи Қалъаихумб.**

**Дар тамоми давраи фаъолияти кории хеш Абдукарим Бодамаев намунаи баланди меҳнатӣ нишон додааст. Санъати баланди роҳбарӣ ва ташкилотчигии ин марди масъулиятшинос дар солҳои раисии колхози «Сағирдашт»-ро ба ӯҳда доштанаш бараъло ба назар мерасид. Ин хочагии қафомандаро дар тамоми соҳаҳо ӯ тавонист ба пешқадамтарин хочагиҳои Вилояти мухтори Кӯҳистони Бадахшон ва яке аз колхозҳои намунавӣ дар Чумҳурии Точикистон бардорад.**

**Ҳамин меҳнати намунавиаш буд, ки меҳнаткашони вилоят ӯро дар ду даъват - даъватҳои 5-6 (солҳои 1958-1962, 1962-1966) ба Депутатии Шӯрои Олии ИЧШС(СССР) интихоб намоянд. Барои хизматҳои шоён Абдукарим Бодамаев ба чандин ордену медалҳои Иттиҳоди Шӯравӣ мукофотонида шудааст.**



**ИЗЗАТШО ҒАЙРАТОВ 8 январи соли 1934 дар деҳаи Саидони ноҳияи Қалъаихумб ба дунё омада, маълумоти миёнаи мактабиро дар зодгоҳаш, маълумоти миёнаи касбиро дар Омӯзишгоҳи педагогии шаҳрчаи Навободи ноҳияи Ғарм гирифтааст. Баъди адои хизмати ҳарбӣ (1956-1958), солҳои 1958-1963 дар факултаи иқтисодии Донишгоҳи давлатии Точикистон таҳсил дошта, онро аз рӯи ихтисоси «иқтисодиёти саноат ва хочагии халқ» аъло хатм намудааст. Сипас фаъолияти касбии ин мутахассиси чавон солҳои 1964-1969 ба ҳайси иқтисодчӣ дар ноҳияи Панч ва солҳои 1969-1973 - сардори идораи**

**Соли1973 Иззатшо Ғайратовро бо тавсияи роҳбарияти вилоят директори савхози «Сағирдашт» таъйин намуданд, ки дар ин вазифа ӯ 18 сол фаъолият доштааст. Дар ин давра саршумори чорвои майда то 40 ҳазор ва ҷорвои калони шохдор ба 2,5 ҳазор расондашудааст. Бо ташаббуси бевоситаи ӯ дар ҳудуди совхоз масоҳати боғҳои мевадиҳанда ба 35 гектар расонда шуд, ки аз мева совхоз то 40 ҳазор сӯм даромад мегирифт. Фаъолияти ояндаи меҳнатии ӯ чунин сурат гирифтааст: солҳои 1991-1994 - мудири шӯъбаи молияи ноҳияи Тавилдара; 1994-1996 ҷонишини директори совхози ба номи Телмани ноҳияи Кофарниҳон (феълан Ваҳдат); аз соли 1996 - директори хоҷагии ёрирасони назди АК АПБ-и Ҷумҳурии Тоҷикистон.**

**Барои меҳнати тӯлонии намунавӣ Корманди хизматнишондодаи хоҷагии қишлоқи Тоҷикистон Иззатшо Ғайратов бо ордени «Шараф» ва чандин медалу ифтихорномаҳои сатҳи олии давлати мукофотонида шудааст.**



**РАҶАБ САИДОВ 10 апрели соли 1937 дар деҳаи Саидони ноҳияи Қалъаихумб дар оилаи деҳқони чорвопарвар таваллуд шудааст. Баъди гирифтани маълумоти миёнаи мактабӣ ва баъди чанд муддати оғози фаъолияти фаъолияти меҳнатӣ дар зодгоҳ ӯ солҳои 1958-1963 адои хизмати ҳарбӣ намуда, сипас курси кутоҳмуддати ронандаи тракторро дар шаҳри Хоруғ гузашта, солҳои 1962-1964 ба ҳайси тракторчии колхози «Сағирдашт» кор кардааст. Вале шавқи касби чӯпонӣ, ки падараш аз рӯи он дар деҳа соҳибҳурмат гашта буд, ҳамоно боло мегирифт. Ин аз назари роҳбарияти колхозу деҳшӯро иинҳои буда наметавонист. Соли 1964 бо тавсияи онҳо Раҷаб Саидов сарчӯпон таъйин шуд. Дар ин вазифаи ниҳоят масъулу дар замони шӯравӣ ифтихорманд ӯ то ҳангоми ба нафақа баромадан (1997) хизмати намунавӣ кардааст.**

**Маҳз натиҷаи ҳамин заҳмати фидокоронааш буд, ки Устоди чорводории дараҷаи аввал Раҷаб Саидов бо орденҳои Ленин, «Инқилоби Октябр», чандин медалу ифтихорномаҳои дараҷаи баланди давлатӣ ва дипломҳои Ғолиби Намоишгоҳи комёбиҳои хоҷагии халқ мукофотони- да шудааст. Ин марди оддии заҳматкаш, ки то нафаси охирин (соли 2004 вафот кардааст) дар хизмати халқ будааст, дар саҳфаи таърихи диёр боқӣ хоҳад монд.**

**ТОҲИР ОДИНАЕВ соли 1938 дар деҳаи Чухкаки деҳшӯрои Сағирдашти ноҳияи Қалъаихумб (Дарвоз) ба дунё омада, баъди хатми**

**мактаби миёна ба шуғли чӯпонӣ оғози фаъолияти меҳнатӣ намуда, дар совхози «Сағирдашт», сипас дар хочагии ичоравии чорводории ба номи Абдукарим Бодамаев то ба имрӯз идомаи ин касб дорад. Меҳри касб, хизмати намунавияш ӯро ба баландиҳои шӯҳрат расондаанд. У ба ҳайси намояндагии халқ ба депутатии Шӯрои Олии ИЧШС интихоб гаштаву бо ордени Байраќи Сурхи Меҳнат мукофотонида шудааст.**

**Албатта, дар ноҳияи Дарвоз аз ибтидои барқарор намудани Ҳокимияти Шӯравӣ то ба имрӯз кам нестанд, ашхосе, ки дар сохтори ҳифзи ҳуқуқи мардум коргузорӣ дошта, дар рушди мақоми он саҳмгузорӣ намудаанд. Ҳар кадоме аз онҳо сазовори даҳҳо сафҳаи шарҳу муаррифии хизматҳояшон мебошанд. Вале мантиқу ҳачми китоб ҳамаи ин заруратро бардошта наметавонад. Чун намуна аз хизмати Азизбек Иноятуллоев ёдовар мешавем, ки заҳмати касбиаш ба давраи мушкили гузариш ба чомеаи навини давраи истиқлолияти воқеии Чумҳурии Точикистон рост меояд.**



**АЗИЗБЕК ИНАТУЛЛОЕВ 16 сентябри соли 1951 дар деҳаи Всхарв таваллуд ёфта, баъди хатми мактаби миёнаи деҳа ва Омӯзиtттгохи педагогии Ғарм солҳои 1970-1971 ба сифати муаллими мактаби рақами 11 оғози шуғли меҳнатӣ намудааст. Солҳои 1971-1973 дар сафи Қувваҳои мусаллаҳи Иттиҳоди Шӯравӣ хизмат намуда, солҳои 1973-1974 аз нав дар зодгоҳ идомаи касби муаллимӣ дошта, солҳои 1974-1979 дар факултаи ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии Точикистон таҳсил намудааст. Баъди хатми ои, солҳои 1979-1984 ба ҳайси муфаттиш дар ноҳияи Ванч ва солҳои 1984-2000 - раисии суди ноҳияи Дарвоз ва 2000-2005 - раиси суди ноҳияи Ванчро ба ӯҳда доштааст. Аз соли 2005 инчониб дар вазифаи раисии суди ноҳияи Дарвоз кору фаъолият дорад. У бо тамоми ҳастӣ дар хизмати ҳифзи ҳуқуқи ҳамдиёрон буда, бо туфайли заҳмати беминнаташ ба обрӯю эътибори баланд соҳиб шудааст.**

## ҚИССАЕ ЧАНД АЗ ШУҶОАТУ МАРДОНАГИИ ЗОДАГОНИ ДАРВОЗ ДАР НАБАРДУ МЕҲНАТ



**САЛОҲ МУҲАББАТОВ соли 1910 дар амлокдории Ванҷи бекигарии Дарвоз, аморати Бухоро ба дунё омадааст. Баъди гирифтани маълумоти ибтидоӣ, ин ҷавони боғайрат савияи дониши худро бо роҳи худомӯзӣ баланд бардошта, яке аз аввалин ташаббускорон ва таъсисдиҳандагони ташкилоти комсомолии Ванҷ соли 1925 (Ванҷ солҳои 1925-1926 дар ҳайати тумони Қалъаихумби вилояти Ғарм буд, 1926-1930 - волости Ванҷи ВМКБ. 1930-1933 воҳиди маъмурии ноҳияи Қалъаихумб, ки бевосита дар тобеъияти ҶШС Тоҷикистон буд, 29 майи соли ҳайати ВМКБ),ҳисоб меёбад. Дар сохтмони колхозии диёраш ҳиссагузории арзанда доштааст. Аз соли 1926 то 1969 (ба чуз давраи дар чабҳа буданаш) дар вазифаҳои мухталифи шӯравӣ бештар молияву савдои маҳаллию сатҳи чумҳуриявӣ кору фаъолият дошт.**

**Салоҳ Муҳаббатов аз нахустин рӯзҳои оғози Ҷанги Бузурги Ватанӣ ба чабҳа сафарбар шуда то рӯзҳои охирини он дар шадидтарин набардҳо иштирок дошта, намунаи мардонагӣ нишон додааст. Аз чумла ӯ ба ҳайси тарғибгари сиёсии (политрук) бригадаи 74-уми Гвар- дияи баҳрӣ-десантии баталиони Махачқалъа, дар муҳорибаи назди Москва корнамоӣ нишон додааст. Моҳи декабр ин бригада ба маҳалли Лихобории назди Москва омада, дар шафати қисмҳои дивизияҳои Панфилов, Латвия ва Дивизияи коммунистии пролетариати Москва мавқеъ гирифт, ки он вақт хатти мудофиа аз ҳамон чо мегузашт. Фар- мони ба ҳучум гузаштан - 6 декабри соли 1941 бо қатъияти том қӯшунҳои муҳофизи Москваро ба ҳаракат даровард. Бригада 74-уми баҳрӣ-десантии Махачқалъа, сарбозони немисро таъқибкунон ба дарёи Нарофомин расид. Вале дар ин чо немисҳо қувваи бузургеро ба кор андохта, хостанд ба ҳучум гузаранд. Муҳорибаи шадиде ба вуқӯъ пай- васт. Душман талафоти калон дода, нақшаи ҳучумаш барбод рафт. Ба- талиони Салоҳ Муҳаббатов қадами душманони манҳусро ки яке аз ёдгориҳои бузурги маданияти рус «Ясная Поляна» - мавзеи тавлиду иқомати нависандаи оламшумул Н.Н.Толстойро ишғол карда буданд, барканд. Ҳарчанд ба осорхона осеби чиддӣ расонда бошанд ҳам (хона-музейро ба саисхона табдил дода буданд), вале онро аз батамом вайроншавӣ, ки дар нақшаи душманон чой дошт, раҳо намуданд. Дар яке аз муҳорибаҳо Салоҳ Муҳаббатов сахт мачрӯҳ шуда, ба касалхонаи**

ҳарбӣ - госпитал афтид. Бо каме шифо ёфтан, ба талаби қатъии табибон гӯш надода, табобатро қатъ намуда, аз нав ба ҷабҳа баргашт. Борҳо дар ҳайати отряди зудамал ба воситаи парашют дар ақибгоҳи душман десант фуроварда, ҳамроҳи партизанҳои белорус ба душман зарбаҳои ҷонкоҳ задааст.

Салоҳ Муҳаббатов дар озод намудани шаҳрҳои Минск, Ленинград, Кронштадт, Кеннигсберг... ва билохира дар ишғол намудану гирифтани лонаи фашистон - Берлин саҳмгузрории бевосита доштааст. Баъди ғалабаи оламшумули Иттиҳоди Шӯравӣ аз болои фашизми Германия, ин ҷанговари тоҷик - дорандаи орденҳои «Байрақи Сурх», «Ситораи Сурх», «Шараф», ду ордени «Нишони фахрӣ», ду ордени «Ҷанги Бузурги Ватанӣ» ва чандин медалу ифтихорномаҳо Салоҳ Муҳаббатов ба Ватан баргашта, боз ба шуғли пешинаи худ дар Сталинобод - корманди молияву савдо идома бахшид.

Салоҳ Муҳаббатовро фақат чун марди ҳарбу меҳнат шинохтан ҳанӯз кам аст. У ва ҳамсараш Лола Муҳаббатова фарзандони лоиқи даврон тарбия намудаанд, аз байни онҳо ба хусус Гуландом ва Хуршед Муҳаббатовҳо номбародори асили падару модар гаштаанд (оиди фаъолияти онҳо хонанда дар ин китоб маълумот хоҳад гирифт).

Дар байни ҳазорон чавонону миёнсолоне, ки бо роҳи даъвати расмӣ ва ихтиёрӣ ба чанг рафта дар майдони набард шучоату далерӣ нишон додаанд, даҳҳо зодагони Дарвозро номбар кардан метавон. Дар байни онҳо Ғозӣ Ниёз ситораеро мемонад, ки бо гузаштани вақт ҳарчӣ бештар чилло дода, ба чашму дилҳо аёнтар мегардад.



ҒОЗӢ НИЁЗ 22 сол дошт (таваллудаш 1920), ки дар айни авчи алангаи даҳшатноки Ҷанги Бузурги Ватанӣ - баҳори соли 1942 дар қатори ҳазорҳо чавонони бо ору номуси точик ба чабҳа рафта, ба қасами хеш, ки то қатраи охирини хуни худ алайҳи душманони қаттоли мамлакати Шӯроҳо фашистони Германия чангида, нафақат Ватанро ҳифз, инчунин тамоми чаҳонро аз хавфи сирояти «вабои аср» - фашизм раҳо хоҳанд намуд, устувор истода то тамоман саркӯб намудани он дар лонааш ва таъмини Ғалабаи пурра ярок аз даст нагузоштааст[7]. У дар муҳорибаҳои шадидтарии солҳои 1942-1943 иштирок намуда, сабақу тачрибаи хеле баланди чангӣ бардошт. Ҳарчанд корномаҳои он чавони точик дар ин солҳо аз назари роҳбарони воҳидҳои хурду бузурги ҳарбӣ пинҳон намонда, ба чандин

**мукофотҳои баланди ҷанговарӣ соҳиб шуда бошад, ҳам, вале дар дав- раи оянדаи ҷанг санъати размандагии ӯ бештар сайқал гирифт.**

**Намунаи баланди шуҷоату қаҳрамонии ӯ борҳо ба таври расмӣ муаррифӣ шудаанд. Ҳамин шинохту боварӣ буд, ки соли 1943 Ғозӣ Ниёз дар қатори гурӯҳи махсуси сарбозону разведкачиён барои таъми- ни бехатарии конференсияи сарони давлатҳои каолитсияи зидди гитлерӣ ба пойтахти Эрон - Теҳрон фиристода шудааст. Он замон дас- таи ҷосусие, ки Гитлер барои нест кардани сарварони давлатҳои иттифоқчӣ: аз ИҶШС - И. В. Сталин, ШМА - Ф. Рузвелт, Англия - У. Черчилл тайёр карда, ба Теҳрон фиристода буд, амал мекард. Онро безарар кардан лозим буд. Ин вазифаро дар қатори шуҷоатмандтарин сарбозу разведчикҳо Ғозӣ Ниёз ба ҷо оварда, боз ба хатти пеши ҷабҳа сафарбар шуд.**

**Номи Ғозӣ Ниёз, корномаҳои ӯ ба фармондеҳони сатҳи балантарини ҷабҳа маълум буд. Беҳуда набуд, ки барои корнамоиҳои беамсолаш ӯ ду маротиба ба унвони олии ҳарбӣ - Қаҳрамони Иттифоқи Шӯравӣ пешниҳод шудааст. Доири ин пешниҳодот ҳуҷҷатҳои расмӣ дар Бой- гонии ҳарбии ИҶШС (феълан Федератсияи Русия) маҳфузанд. Дар яке аз онҳо, ки санадаш 18 апрели соли 1945 қайд шудааст, сардори (ко- мандири) қисми 547-ӯми армияи миномётӣ, дорандаи ордени лашкар- кашии Кутузов ва Қаҳрамони Итиҳоди Шӯравӣ Иванов чунин оварда- аст: «16 апрел фармон гирифтем, ки сангарҳои душманро рахна карда, ба соҳили ғарбии дарёи Одер гузарем. Ба туппарони ва борони беамо- ни тири душман, ки ҳар лаҳза ҷони ҷанговари зиёдеро ба фано мебурд нигоҳ накарда, Ғозӣ Ниёз аввалин шуда, ба соҳили ғарбии дарё гузашт ва барои мавқеъгирию амалиёти қӯшунҳои пиёдагард, ҷобаҷо намуда- ни тӯпҳои барои ба ҳуҷум гузаштан зарурӣ заминаи мусоид муҳайё намуд. Барои ин қаҳрамонӣ ва ҷавонмардӣ, ки дар қитъаи мазкур ғалабаи умумии моро таъмин карда тавонист, рафиқ Ғозӣ Ниёз Ҷамилович ба унвони олии Қаҳрамони Иттиҳоди Шӯравӣ пешниҳод мешавад ва ӯ ба чунин унвон чандин карат сазовору арзанда аст!»**

**Ному насаб, унвони командир ва қисми ҳарбӣ.**

**Санаи иншои ҳуҷҷат. Мӯҳру имзо.**

**Чунин корнамоиро ин фарзанди шуҷои тоҷик ҳагоми муҳосираву гирифтани Рейхстаг бори навбатӣ такрор намудааст. Тибқи баъзе маълумоти дар расонаҳои хабарии баъди пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ ба чоп расида, дар асоси маъҳазҳои дастрасшуда рӯи чоп дидаанд, маълум мегардад, ки Байроқи Ғалабаро 1 майи соли 1945 дар болои Рейхстаг на фақат разведчик - сержантҳо: М.А. Егорови рус ва М.В. Кантарияи грузин инчунин он рӯз 18-то байроқҳо дар болои Рейхстаг барафрохта шудаанд, ки яке аз онҳоро тоҷикписари дарвозӣ, команди- ри гурӯҳи панҷуми разведка Ғозӣ Ниёз партавафшон намудааст.**

**Ғозӣ Ниёз баъди Ғалаба ба Точикистони азиз баргашт. Сари синаи қаҳрамонро орденҳои Ленин, «Байрақи Сурх», шаш орденҳои «Ҷанги Ватанӣ»-и дарачаҳои гуногун 8 медалҳои чангӣ чилло медоданд. Ҷои нишонаи Ситораи тиллои унвони Қаҳрамони Иттифоки Шӯравӣ, ки ду бор пешниҳод шуда буд, холӣ меистод. Ин унвони олии шучоату шарафмандӣ, ки бояд баъди баргаштан ҳам ба ӯ мерасид, бо тақозои замон насиби соҳибаш нагашт. Қаҳрамоне, ки ба чуз ордену медалҳо 21 маротиба ба сипосномаи Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳи Шӯравӣ (бо имзои И. В. Сталин ва Г. К. Жуков) сарфароз шуда буд, бо айби бешарафону кӯрдилони худӣ аз унвони Қаҳрамонӣ маҳрум монд. Барои ин унвон дар он давраи фавқулъодда вазнин маълумоти зиёди шахсияти ва насабномавӣ ҳаматарафа таҳлил меёфт. Падари Ғозӣ Ниёз - Абдучамил Ниёзов, ки яке аз масъулини фаъоли барқароркунии Ҳокимияти Шӯравӣ буду бо иғвою дасисабозиҳо ӯро сиёҳ карда, беасос «душмани халқ» эълон карда буданд сабаби боздошту ба таъхиргузории номзадии дукаратаи ӯ гардид барои Қаҳрамонӣ.**

**Вале расмӣ набошад, ҳам халқ қаҳрамонии ӯро эътироф мекард. Бо як ҳисси ифтихор ташкил намудани тантанаи истиқболаш ҳангоми боз- гашт, худ эътирофи қаҳрамонии ӯ буд. Ин тантана дар филми режисё- ри номии Точикистон Борис Кимиёгаров «Ду қаҳрамон», ки ба қаҳрамонон Ғозӣ Ниёз ва Ҳодӣ Кенчаев бахшида буд, тачассум ёфта- аст. Ҳамчунин ба ин ду марди шучоъ шоири шаҳир Боқӣ Раҳимзода манзумае бо унвони «Ғозӣ ва Ҳодӣ» бахшидааст.**

**Баъди чанг Ғозӣ Ниёз ба шуғли дӯстдоштаи худ - актёрӣ дар театри академикӣ-драммавии ба номи Абулқосим Лоҳутӣ машғул шуд. У дар ин чода низ пешсаф буд. Қариб дар ҳамаи намоишномаҳои театрии баъдичангӣ то вопасин рӯзҳои худ (соли 1966) нақшҳои марказӣ бози- да, писанди тамошобинон гашта буд. Дар филмҳои ҳунарии «Қисмати шоир», «Марги судхӯр», «Парчами Кова» ва ғайра накшҳои ниҳоят чолибу хотирмон офаридааст. Расман ба Италия барои дар филмҳо нақш бозидан даъват шуданаш, далелест аз ҳунари волои ӯ дар чодаи шаҳодат медиҳад. Вале дар инчо ҳам баҳонаи «писари душмани халқ» буданаш монеаи аз рӯи ин ҳунари худодод ба арсаи байналмиллал ба- ромаданаш гардид. Ҳамаи ин тангназарию ҳасудию мунофиқии ҳамватанони пастфитрату аз худогаҳии миллӣ фасаххо дур дили бузур- гашро фишор меоварданд. Он чисми қавии Ғозӣ Ниёз, ки дар чабҳа 8 бор тир хурдаву борҳо оҳанрезаҳо сурохаш карда буданд, 3 маротиба бехудии тӯлониро (контузия) паси сар карда тавонист, вале ғами но- мусро, бардошт дода натавониста, соли 1966 дар айни рушди маҳорати касбӣ дили базурги қаҳрамон аз задан монд. Тақдир нагузошт, ки рӯзҳои «ҳақ ба ҳақдор расидан», яъне расман бекор кардани ҳукми но- одилона нисбати падарашро бинад.**

Яке аз собиқ ҷанговарони ҳамяроқи Ғозӣ Ниёз дар филми ҳунарии истеҳсоли Тоҷикистон рол бозидани ӯро дида, ҷасорати ҷангиашро дар мактубаш чунин ёдоварӣ намудааст: «Ҷасоратҳое, ки Ғозӣ дар майдонҳои набарди Ҷанги Бузурги Ватанӣ нишон медод, ками касон барои иҷрои онҳо қодир буданд. Ғозӣ командири гурӯҳи панҷуми разведка буду дар рафтори ӯ намунаи баланди ҷавонмардӣ мушоҳида мегашт. Дар сирату амалиёти вай истеъдоди бузурги лашкаркашӣ дида мешуд. Ғозӣ амсоли қаҳрамони афсонавие буд, ки садҳо маротиб кушта мешаваду боз зинда мегардад. Нақшҳое, ки Ғозӣ Ниёз дар филмҳо офаридааст, бори дигар онро дар назди ман боз ҳамчун қаҳрамони афсонавӣ нишон дод, ки борҳо тирборон бикунанд ва кушандаш ҳам боз аз нав зинда шуда, барои пешравии ҳаёт хизматҳои дигар нишон дода тавонад».

Ғозӣ Ниёз баъди марги нобаҳангомаш чанд муддате ба фаромӯшии том афтод. Вале дар солҳои 80-90-ум ба туфайли фарзандони таърихогоҳи миллат дар матбуот пораҳои зиндагиномаи ӯ чоп шуда, шахсияташ то андозае ба насли муосир муаррифӣ шуд. Дар бораи ин марди шуҷоъ дар «Тоҷикфилм» филми мустанади ҳолибе бо унвони «Ғозӣ Ниёз» ба навор гирифта шуд. Дар филм шахсиятҳои намоёни ҷумҳурӣ Сотим Улуғзода, Ҷалол Икромӣ, Ато Муҳаммадҷонов, Марат Орифов, Мушаррафа Қосимова ва дигар ҳамкорони рӯи саҳна ва ҳамяроқон аз паҳлуҳои гуногуни кору фаъолияти ин марди майдони ҳарбу меҳнат ёдовар шуда, ӯро бори дигар бо як ҳисси ифтихору самимият ба доираи васеъи тамошобинон шинос карданд.

Не, чунин қаҳрамонони асил ҳеҷ гоҳ аз хотираҳо зудуда нахоҳанд шуд. Чунин родмардон намирандаанд. Чӣ тавре дар оғоз ишора рафт, ҷилои чунин ситорагон бо мурури замон равшантар хоҳад шуд.



**ҒАЗО НАЗАРОВ** аз он зумраи зодагони Дарвоз аст, ки бо амри замону виҷдон дар даҳшатноктарин набардҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ иштирок намудаву даҳшати марговари онро аз наздик дидааст. У дар қатори ҳамдиёронаш Ҷӯраҷон Варваков, Шобек Амирбеков, Алихон Сияев ва дигарон аз рӯзҳои аввали ҷанг ба сафи қувваҳои ҳарбӣ даъват шуда, ба ҷабҳа фиристода шуданд. Ин ба хоҳиши ҷавонони бо нангу номуси кӯҳистон, ки мехостанд ҳар чӣ тезтар ба набард алайҳи душмани ғаддор ворид гарданд рост омад. Ғазо Назаров аз зумраи он ҷавононе буд, ки бо шунидани хабари ҷанг ба комиссариати ҳарбии ноҳия рафта, хоҳиши ба ҷабҳа фиристодан карда буданд.

У дар набардҳои назди Москва, шучоату далерӣ нишон дод. Ҳангоми ба ҳучуми қатъӣ гузаштани қӯшунҳои диловари шӯравӣ, соли 1943 Ғ. Назаров дар ҳайати полки 268 гвардиягӣ мечангид. Онҳо шаҳри Ригаро озод намуда, дар бешазори Латвия душманро думболагирӣ мекарданд. Дар яке аз муҳорибаҳо минае дар назди ӯ ва чанде аз ҳамяроқонаш таркида, се нафарашонро ба ҳалокат расонд, Ғ. Назарови сахт захм бардошта, муддате дар табобатхонаи ҳарбӣ (госпитал) муолича намуд. Баъди шифо ёфтан боз аз нав ба чабҳа рафта, дар ҳайати Полки 66-уми тирандозӣ алайҳи душмани ғаддор муборизаи беамонро идома дод. Ибтидои моҳи майи соли 1945 бо ҳамяроқонаш ба Бранденбург ворид шуда, душманро то лонааш - шаҳри Берлин ронда, ба муҳосираи охирин гирифтанд. Дере нагузашта, муқобилияти гитлерчиён шикаст ва Байрақи Ғалаба дар гунбази Рейхстаг танинандоз гардид, ки аз анчоми ин чанги пурдаҳшати тӯлонӣ дарак медод.

Ғолиби чанг, марди шучои кӯҳистон Ғазо Назаров, ки сари синаашро ордену медалҳо зеб медоданд, бо сари баланд ба диёраш - деҳаи Қалъаихумб баргашта, бо ҳамон ғайрати чанговарона ба меҳнати осоишта машғул шуд. Солҳои тӯлонӣ чун корманди узели алоқаи ноҳия дар вилоят мавқеи пешсафиро нигоҳ дошта, дар байни ҳамдиёрон ба обурӯю эътибори хоса соҳиб гашта буд[8].



ҲУСНИДДИН БАҲОДУРОВ соли 1915 дар деҳаи Ёгеди бекигарии Қалъаихумб дар оилаи шахсияти бофарҳанг ба дунё омадааст. Бо амри тақдир дар синни 6-солагӣ аз падар ятим монда, дар тарбияи бародари калониаш ба воя расидааст. Ба ҳайси яке аз хонандагони аввалини мактаби шӯравӣ дар Дарвоз маълумоти барои замон мувофиқ гирифта, ба сифати омӯзгори деҳаи авлодӣ оғози фаъолияти касбӣ намудааст. Вале оғози чанги хонумонсӯзӣ Ватанӣ ӯро водор сохт, ки ихтиёран ба чабҳа рафта, дар озод намудани кишвари барои тамоми халқҳои шӯравӣ умумӣ - ИҶШС саҳмгузории муносиб намояд.

Ҷанговари шучои точик Ҳусниддин Баҳодуров дар ҳайати полки 1633 - Дивизияи 280 тирандозии Фронти якуми Украина дар назди шаҳри Воронеж нахустин маротиба бо душман рӯ ба рӯ шуда, сабақи аввалини чангӣ гирифт. У дар қатори дигар чанговарон хоки аз тарафи душман ғасбшудаи Давлати Шӯравӣ, Полша ва дигар давлатҳои Евро- паи Шарқиро озод намудааст.

**Барои шучоату мардонагӣ дар набардҳо алайҳи фашистони истило- гар Ҳусниддин Баҳодуров бо ордени «Ситораи Сурх», «Ҷанги ватанӣ» - дарачаи II, медалҳои «Барои Ғалаба», «Барои гирифтани Берлин» ва ғайра мукофотонида шудааст. Баъди Ғалаб ин чанговари дар оташи набардҳо обутоб ёфта, ба диёр баргашт ва бо ҳамон чиддияти чанговарона барои тарбияи насли наврас камар баста, то охир ба ин касби пурифтихор содиқ мондааст. Маҳз ҳамин хизмати беминнату бурдборонааш эътибору эътирофи ӯро дар байни ҳамдиёрон бамаротиб боло бардоштааст. Ба унвони баланди ифтихорӣ - Муаллими хизмат- нишондодаи мактаби РСС Точикистон мушарраф гардидани Ҳусниддин Баҳодуров нишондиҳандаи заҳмати ӯст дар рушди маори- фи халқи ноҳия Дарвоз.**

**Баъди рӯи қоғаз омадани ин маълумоти ниҳоят мухтасар, ки табиист тамоми чабҳаҳои фаъолияти ин марди часури чангу меҳнат, дастнави- си очерки ниҳоят самимона эчодшудаи рӯзноманигори соҳибэчод, узви Иттифоқи рӯзноманигорони Точикистон Адабчон Амирчонов «Машъалафрӯз» ба дасти камина расид, ки ба тариқи иқтибос ба ин гуфтаҳо ҳамроҳ мекунем:**

**«Воқеаҳои солҳои охир, чанги бемаънии бародаркуши Точикистони азизаш дили ҳассоси ин марди начибро (Ҳусниддин Бодуров. - Ҳ.П.) хеле озурда карданд. Инро аз чакидаҳои хомаи ӯ, ки одатан барои худ шеър менавишт, ҳис карда метавонем:**

*Ҷаҳон шурид ё худ Тоҷикистон?*
*Баҳораш гашт чун барфи зимистон.*
*Гуноҳи кист, ин додаркушиҳо?*
*Магар ин ҳасту нестаст дар найистон?*

*Макони тоҷикеро тоҷике сӯхт,*
*Дили бедарди ӯро бо гам андӯхт.*
*Магар девона шуд ин марди гаддор?*
*Миёни тоҷикон ин дард афрӯхт.*

*Бародар бо бародар ҷанг дорад,*
*Дили модар аз ин гам занг дорад.*
*Наӣ ваҳшӣ, хаёлам одамӣ ту,*
*Ба дил ҳар одаме ҳам нанг дорад.*

*Аё Қӯргон, аҷаб ҳолат табо(ҳ) шуд,*
*Ҳамон ҳусне, ки будастат куҷо шуд?*
*Кунун мебинамат ҳолат хароб аст,*
*Дили пурмеҳри тоҷикро чиҳо шуд?*

*Худоё, раҳм кун бар ҳоли тоҷик,*
*Раҳон моро оз ин зулмоти торик.*
*Зи дасти кинадорон дар азобем,*
*Раҳо кун з-н балову дард мушрик.*

**Ҳама ин дарду алами куштору хунрезӣ ба дили ҳассоси ин марди закӣ таъсири ҳалкунанда расонд.**

**21 январи соли 1997 дар деҳаи Ёгед дили ӯ аз задан монд».**

**Афсӯс, ки ин марди начиб интиҳои чанги шаҳрвандию ба давраи созандагӣ ворид гаштани Ватани азизашро дида натавонист. Фарзандону наберагон ва шогирдони сершумораш, ки дар фазои осоиштагӣ ва созандагӣ зиндагию фаъолият мекунанд, мекӯшанд сазовори хотираи ин марди нексиришт, барои диёру Ватан хизмати беминнати хешро дареғ надоранд.**



**ҶӮРАҶОН ВАРВАКОВ зодаи деҳаи Ёгед, мисли дигар чавононе, ки дар солҳои 20-30 оғозу идомаи фаъолияти меҳнати доштанд, бо як ғуруri созандагӣ барои обод кардани диёр кӯшиш ба харч медод. Баъди гирифтани маълумоти барои он давра зарурӣ, ӯ соли 1940 ба ҳайси директори мактаби деҳаи Ёгед ифои вазифа дошт, ки ба сафи Қувваҳои мусаллаҳи Иттиҳоди Шӯравӣ даъват шуд. Яъне ҳангоми оғози чанг ӯ идомаи хизмати ҳарбӣ дошт ва бевосита ба чабҳа сафарбар шуд.**

**Ҷӯрачон Варваков дар ҳайати Фронти 1-уми Украина дар Қисми 3-юми махсуси танкӣ, ки бо номи «Контемировский» машҳур буд дар набардҳо бо часурию мардонагӣ нишон додааст. Барои корнамоиҳои чангӣ ӯ бо ордени «Ситораи Сурх» ва чандин медалу ифтихорномаҳо мукофотонида шудааст. Баъди ба диёр, ба ҳаёти осоишта баргаштан ин собиқ чанговари шучоъ бо ҳамон ғайрати чанговарона то ба нафақа баромадан хизмати диёру Ватан намудааст.**

**ЗИКРИХУДО БАРОТОВ. Хабари шуми оғози Ҷанги Бузурги Ватанӣ дар қатори дигар чумҳурию ноҳияҳои Ватани паҳновари Шӯравӣ дар деҳаи дурдасти кӯҳистони Ушхарви ноҳияи Қалъаихумб барқвор паҳн шуд. Ин хабар касеро аз зодагони деҳа бетараф гузошта натавонист. Ҳар кас нафрати худро ба тавре, ки метавонист изҳор ме- дошт. Мардони дар айни камолот буда ва чавонони болиғу навболиғ филфавр иштироки худро дар чабҳа алайҳи торумор намудани фа-**



шистони истилогар чун нақшаи аввалдараҷаи ҳаётӣ қарор доданд. Акнун лозим омад, ки досу каланди барзгариро бояд ба яроқ иваз кард. Бесабаб набуд, ки аз як деҳаи хурди кӯҳистони ҳамагӣ 20 хонавода доштаи Ушхарв дар ҷабҳа қариб 40 нафар ҷавонмардон ширкати бевосита доштааст.

Яке аз ҷавононе, ки дар оғози ҷанг ҳамагӣ 17 сол дошту баъди таҳсили мактаб дар қатори дигар ҳамдеҳагонаш корҳои серсоҳаи колхозро ӯҳда мекард, Зикрихудо Баротов буд. Ҳарчанд мехост аз рӯзҳои аввали ҷанг ба ҷабҳа равад, вале ноболиғиашро ба назар гирифта, фақат баъди як сол даъватномаи афсариаш доданд.

Ҷанговари тоҷик Зикрихудо Баротов аз моҳи январи соли 1943 то рӯзҳои охитрини ҷанг дар ҳайати Полки 271 Фронти Украина ҷангида, борҳо ярадор шуда бошад ҳам, баробари шифо ёфтан ба ҷабҳа мешитофт. Дар даҳшатноктарин набардҳо барои озод кардани Харков, Полтава, Каменско-Подолск, Ивано-Франково, Львов, Кривой Рог, Будапешт, Бухарест ва дигар шаҳру деҳоти Русия, Украина ва Европаи шарқӣ иштирок дошта, мардонагӣ нишон додааст. Шуҷоати ҷанговари тоҷик Зикрихудо Баротов бо орденҳои «Шараф» дараҷаи III, «Ҷанги Ватанӣ» - дараҷаи II ва чандин медалҳо қадрёбӣ шудааст.

Баъди Ғалаба ин марди аз мураккабтарин таҷрибаи зиндагӣ гузашта тамоми ҳаёташро ба таълиму тарбияи насли нави ҳамдиёрон сарф намудаст.



**ҶАНГИ ЁҒИЕВ.** Яке аз фаъолони дигаргунсозиҳои сотсиалистӣ, алалхусус сохтмони колхозӣ дар Дарвоз Ҷангӣ Ёғиевро низ оғози Ҷанги Бузурги Ватанӣ бетараф монда натавонист.

Ҷангӣ Ёғиев дар арафаи барқарор шудани Ҳокимияти Шӯроҳо, соли 1921 дар деҳаи Умараки амлокдории Қалъаихумби бекигарии Дарвозаз оилаи деҳқони камбизоат ба дунё омадааст. Соли 1932 баъди вафоти падараш дар тарбияи модар монда, ҳамин сол ба синфи якум рафта соли 1938 мактаби миёнаи нопурра - синфи 7-ро хатм намудааст. Аз сабаби набудани мутахассисон саводнок, ӯро ба ҳайси котиби колхози «НКВД»-и ноҳияи Қалъаихумб ба кор гирифтанд. Ҳуҷуми Германия фашистӣ ба

хоки Иттиҳоди Шӯравӣ Ҷангии чавонро бетараф монда наметавонист. У ихтиёрӣ ба чабҳа рафта, дар корзори мудҳиши чанг мардонавор корнамоӣ нишон додааст. Пеш аз ба чабҳа фиристодан дар қатори садҳо чавонони болаёқат аз моҳи декабри соли 1941 то моҳи августи соли 1942 дар Сталинобод, дар ҳайати полки 305 савораи ноҳияи Сталинобод тачрибаи таълими зарурии ҳарбӣ гирифтан ба чабҳа фиристода шуда, дар ҳайати Полки савораи 206 дар набардҳои шадид бевосита ширкат дошта, далерию мардонагӣ нишон додааст. Баъди дар яке аз муҳорибаҳо захми чиддӣ бардоштану дар касалхонаи саҳроӣ - ҳарбии (госпитал) рақами 177 шифо ёфтан, боз аз нав ба чабҳа баргашта, аз моҳи апрели соли 1943 то охири чанг дар амалиётҳои ҳарбӣ иштирок намуда, баъди Ғалаба боз муддати мадиде (то апрели соли 1946) дар ҳайати шӯъбаи дивизиони гвардиягии миномётии рақами 406 Дивизияи 20 танкии Звенигород идомаи хизмати ҳарбӣ доштааст.

Соли 1946 бо чандин нишонҳои сарисинагӣ чанговари собиқ Ҷангӣ Ёғиев ба диёр баргашта, ба шуғли меҳнати осоишта пардохтааст. Аз моҳи августи соли 1946 то декабри 1948 ба ҳайси корманди шӯъбаи тарғиботии (пропагандист), солҳои 1948-1949 - мудири шӯъбаи ҳарбии Кумитҳаи ҳизбии ноҳияи Қалъаихумб кор карда, сипас раисии колхози «НКВД»-ро ба ӯҳда доштааст. Солҳои минбаъда фаъолияти хизматиаш чунин чараён гирифтааст: солҳои 1949-1951 - мудири шӯъбаи таттткилотхои итифоқи касаба ва комсомоли кумитаи ҳизби коммунисти(б) ноҳияи Қалъаихумби вилояти Ғарм, солҳои 1951-1952 - котиби 3-юми кумитаи ҳизби коммунисти ноҳияи Нулванд, сипас то ба нафақа баромадан кормандии шӯъбаҳои мухталифи кумитаи ҳизбӣ ва шӯравии ноҳияи Қалъаихумбро ба ӯҳда доштааст.

Заҳмати тӯлонии собиқадори чангу меҳнат Ҷангӣ Ёғиев бо ордени «Нишони фахрӣ» ва чандин медалу ифтихорномаҳои дарачаи баланди давлатӣ қадршиносӣ ёфтааст.



**ҶУМЪА ҒАФУРОВ** яке аз чанговарони часур ва шахсиятҳои масъули низомӣ буда, бо заҳмати тӯлонӣ ва беминнати хеш дар байни ҳамдиёрон ва берун аз он ба обрӯю этибори хосса соҳиб гаштааст. У соли 1925 дар Кулумбаи Болои деҳшӯрои Сағирдашт ба дунё омада, мачлумоти мактабиро дар зодгоҳ ва интернати Тавилдара гирифта, фаъолияти меҳнатии хешро ба ҳайси деҳқон оғоз намудааст. Давраи наврасӣ ва ибтидои чавониат ба замони Ҷанги бузурги Ватанӣ рост омад, ки ширкати ӯро дар ин чанги хонумонсӯз зарурияти замон тақозо дошт.

**5 январи соли 1943 Ҷумъа ба чанг рафта, аслиҳаи меҳнатии кишоварзиашро ба яроқи чангӣ иваз намуд. У баъди 4 моҳи дар Бухоро аз таълимоти мукаммали ҳарбӣ гузаштан ба хати пешсафи чанг ба Фронти 1-уми Украина сафарбар шуд. Баталионе, ки дар ҳайати он чанговари чавони точик, Ҷумъа мечангид дар шаҳрҳои Житомир ва Киеви Украина пеши роҳи самти ҳучуми душманро мегирифт. 17 ок- тябри соли 1943 дар яке аз набардҳои пуршиддат ин сарбози точик чароҳати сахт бардошта, баъди 6 моҳи дар госпитали ҳарбии Киев табобат гирифтан, дар ҳайати полки танкии «Кутузов» боз ба сафи пеши чабҳа баргашт. Дере нагузашта барои шучоату мардонагӣ зоҳир намудан ва асир гирифтани ду сарбози душман Ҷумъа Ғафуров бо Ордени Шараф мукофотонида шуд. У дар қатори ҳазорон ҳамяроқонаш фашистонро аз хати сарҳади ғарбии қаламрави Иттиҳоди Шӯравӣ бароварда, дар озод намудани Полша, ки дар он чо низ чароҳат бардоштааст, саҳмгузорӣ дошта, сипас дар набардҳои дар Чехословакия сурат гирифта иштирок кардааст. 8-ми майи соли 1945 полки танкие, ки Ҷумъа Ғафуров дар ҳайати он мечангид, ба лонаи сиёсӣ ва ҳарбии фашизми Германия - Берлин ворид гашта, Ғалабаро ӯ дар он чо истиқбол намуд.**

**Сарбози далери точик Ҷумъа Ғафуров бачди Ғалаба боз чанд моҳ дар хизмати ҳарбӣ қарор дошта, 26 феврали соли 1946 бо ифтихори хоса чун саҳмгузори Ғалабаи Бузург ба Ватан баргашт. Ҳарчанд сари синаи ӯро ордену медалҳо чило медоданд, вале барояш аз ҳама ҳуччати муқаддас 12 ифтихорномаҳое буданд, бо имзои шахсии Сарфармондеҳи Олӣ И.В.Сталин барояш тақдир шудаанд, ҳисоб меё- банд.**

**Тачрибаи ҳарбӣ ва қобилияти ташкилотчигии сарбози собиқ Ҷумъа Ғафуровро ба назар гирифта, баъди якуним соли дар мақомоти роҳбарикунандаи ноҳиявии диёраш, ӯро бо тавсияи роҳбарияти ҳизби ва давлатии Ҷумҳурии Точикистон барои таҳсил ба Мактаби олии ми- лисаи шаҳри Тошкент фиристоданд. Баъди хатми таҳсил фаъолияти касбии Чумъа Ғафуров дар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ чунин чараён ги- рифтааст: солҳои 1950-1959 - сарваколатдори корҳои фаврии ВКД; 1959-1966 - сардори тартиботи колонияи якуми шаҳри Душанбе, чонишини сардори колонияи ҳафтуми пойтахт; солҳои 1966-1968 - корманди шӯъбаи сохтмон ва васлкунии ВКД. Баъди ба нафақа баро- мадан, соли 1968 низ тачрибаи бои ташкилотчигии полковник Ҷумъа Ғафуровро ба назар гирифта, ӯро ба ҳайси чонишинии директори Фаб- рикаи парандапарварии ноҳияи Ленин (феълан Рӯдакӣ) ба кор даъват намуданд. Дар ин вазифа низ тавонист дар рушди бемайлони ин кор- хонаи истеҳсолии дар чумҳурӣ бонуфуз саҳмгузории амиқ дошта бо- шад.**

**Имрӯзҳо ин марди шуҷои ҳарбу меҳнат, бо як ҷуссаи ҷавонмардона ва бардамии ба синну солаш номувофиқ дар ҳалқаи чор фарзандони маълумотнок ва қобилу лоиқи давронаш (Мавлуда, Бахтиёр, Аҳмадҷон ва Музаффар) давлати пирӣ ронда, худро чун аъзои фаъоли ҷомеа эҳсос намуда, дар тарбияи насли навин саҳмгузории бевосита дорад.**

**ТАЛИБ ХИНГОВ 16 октябри соли 1918 дар деҳаи Ғоҷ амлокдории Қалъаихумби бекигарии Дарвоз таваллуд ёфтааст. Дар мактаби деҳаи Тоғмай ва сипас Ҷорф таълим гирифта, фаъолияти касбии худро соли 1937 аз вазифаи сардори идораи таъминоти иҷтимоии ноҳия оғоз намудааст. Бо саршавии Ҷанги Бузурги ватанӣ, соли 1941 Толиб Хингов ба ҷабҳа сафарбар шуд. Дар муҳорибаи назди Москва, соли 1942 сахт захм бардошта, муддати 3 моҳ дар беморхонаи ҳарбӣ хобида, чун маъюби (инвалид) дараҷаи дуюм ба ноҳия баргашта, дар вазифаи пештара барқарор карда шуд. Вале баъди ду моҳ бо аризаи худ боз аз нав ҷабҳа рафта, то рӯзи Ғалаба дар муҳорибаҳои шадид шуҷоату мардонагӣ нишон додааст. Баъди бозгашт ин ҷанговари бо ордену чандин медалҳо мукофотонидашуда, ба вазифаи сардори идораи қабули пилла ва хушкондану ба давлат фурӯхтани он дар ноҳияи Қалъаихумб таъин гашта, то соли 1968 ин масъулиятро ба ӯҳда дошт. Аз соли 1968 то давраи ба нафақа баромадан (1975) ба ҳайси сардори идораи нонпазии ноҳия кору фаъолият дошт.**



**ҚОСИМ ЗИЁЕВ 15 декабри соли 1925 дар деҳаи Хеки ноҳияи Қалъаихумб таваллуд ёфта, моҳи январи 1986 дар ш.Душанбе вафот кардааст. Падараш - Сабуров Зиё соли 1929 бо тӯҳмати ҳасудон қурбони таъқиботи сиёсӣ гашта, ба ҳабс гирифта шудааст. Зиёев Қосим мактаби таҳсилоти миёнаро дар зодгоҳи худ хатм намуда, дар омӯзишгоҳи хоҷагии қишлоқи шаҳри Қурғонтеппа таҳсил намудааст. Соли 1943 дар синни 18-солагӣ ба хизмати аскарӣ даъват шуда, сараввал дар мактаби ҳарбии шаҳри Мичуринскро таҳсил намуда, сипас то ба охир расидани Ҷанги Бузурги Ватанӣ дар сафи қувваҳои мусаллаҳи Иттиҳоди Шӯравӣ хизмати Модар-Ватанро иҷро кардааст. Соли 1946 бо рутбаи капитан ба Ватан баргашта дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти кишвар ифои вазифа намуда, ҳамзамон дар шӯъбаи ғоибонаи факултаи агрономии Донишгоҳи кишоварзӣ таҳсил намудааст. Солҳои 1953-1956 корманди Раёсати суғуртаи ноҳияи Қалъаихумб, солҳои 1956-1958 сарвари Техникуми кишоварзии ноҳияи**

**Ғарм, солҳои 1958-1960 директори совхози зотпарварии ноҳияи Ғарм, солҳои 196601970 сарзоотехники Вазорати кишоварзӣ ва аз соли 1970 то охири умр дар вазифаҳои гуногун% чонишини мудир, сармуҳосиб ва сарагрономи фабрикаи мурғпарварии ноҳияи Ленин (феълан Рӯдакӣ) кору фаъолият намудааст. Зиёев Қосим дар тӯли фаъолияти меҳнатии худ ба халқу Ватан софдилона хизмат намуда, аз худ номи неке ба ёдгор гузоштааст. У дар тарбия ва ба воя расонидани даҳҳо му- тахассис, ки имрӯз дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти кишвар кору фаъолият доранд, саҳми зиёд гузоштааст. Барои хизматҳояш дар давраи ҶБВ ва фаъолияти меҳнатиаш бо чандин ордену медалҳо ва ифтихорномаҳои ҳукуматӣ сарфароз гардидааст.**

**Албатта ҳама он мардони шӯчои дар Ғалаба аз болои фашизми Германия саҳмгузорӣ доштаву дар чабҳаи меҳнат низ намунаи аҳли диёр будаанд, сазовори ҳамду саноянд. Месазад барои ҳар кадоме қиссаву достон бахшид. Гарчӣ мантиқу ҳачми китоб ин иқдоми хайрро бар- дошта наметавонад, вале аз чунин собиқадорони чангу меҳнат, баҳодурони истеҳсолот мисли Давлатбек Ниёзов, Анвар Муруввa- тов, Амиршо Иброҳимов, Ғазо Назаров, Иқбол Абдуллоев, М.Ҳусейнов, С.Холов, Д.Сайфуллоев, М.Нуров, А.Иброҳимов, Х.Раҳмонов, А.Чамаров, И.Муродов, Ботур Бердиев, Фазлихудо Дайхудоев ва дигарон бояд ёдовар шуд. Ин суратҳо, ки фақат зумрае аз мардони ҳарбу меҳнат аксёбӣ шудаанд, беҳтарин нишондиҳандаи заҳмату хизмати онҳост, барои ҳифзи Ватану рушди диёр.**



**Собиқадорони ҶБВ рӯзи 9 майи соли 1985.**



Гулгузорӣ ба лавҳаи хотиравии шаҳидони ҷанг.



**Давлатбек Ниёзов дар сафи пеши собиқадорони ҶБВ.**

## ЗИ МЕҲНАТ НОМДОРОНИ ДИЁРАНД



**ФОТИМА СӮФИХОНОВА 6 октябри соли 1928 дар деҳаи Паткунови ноҳияи Қалъаихумб чашм ба олами ҳастӣ кушода, баъди хатми мактаби 7-сола соли 1942 ба ҳайси колхозчӣ оғози шуғли меҳнат намудааст. Баъди 6 сол (1948) ғайрати фаъолонаи ӯро ба назар гирифта, сардории звенои кирмакпарвариро ба зиммааш гузоштанд. Аз ҳамон сол сар карда, кирмакпарварӣ пешаи аввалдарачаи ин зани меҳнатдӯст мегардад. У худ намунаи ибрат шуда, ҳар сол нақшаю ӯҳдадориҳои пилласупориро пурраю барзиёд ичро карда, аз ҳар қутти тухми кирмак нисбати нишондоди нақшавӣ 1,5-2 баробар зиёд пилла ба даст меовард. Аз рӯи маълумоти расмӣ ӯ аз соли 1960 то 1991 ҳамасола се қуттӣ тухми кирмак парвариш намуда, беш аз 300 килограммӣ пиллаи аълосифат мегирифт.**

**Бо ин меҳнати ҳалолу намунавии хеш Фотима Сӯфихонава дар ноҳия ва берун аз он ба обрӯю эътибори хоса соҳиб гашта буд. Бесабаб нест, ки ӯро ҳамдиёрон борҳо чун вакили худ дар зинаҳои гуногуни шӯроҳо интихоб намудаанд. Аз чумла се маротиба ба деҳшӯро, ду ма- ротиба ба шӯрои ноҳиявӣ, ду карат ба шӯрои вилоятӣ ва соли 1963 ба Шӯрои Олии чумҳурӣ вакил интихоб шудааст.**

**Эътирофи баланду расмии заҳмати бурдборонаи устоди пилла Фо- тима Сӯфихонова соли 1960 ба ӯ додани унвони олии ИЧШС - Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ ва дар оянда боз чандин ордену ме- дал ва ифтихорномаҳои сатҳи олии давлатӣ ҳисоб меёбад. Дар зарфи 35 соли шуғли пиллапарварӣ (то соли 1991) ин қаҳрамони меҳнат ба хазинаи истеҳсолии давлат ба ҳисоби умумӣ бештар аз 13 тонна пил- лаи аълосифат супурдааст.**

**Фақат ба дастовардҳои истеҳсолии ин зани меҳнатқарин баҳо додан, маънии то охир ӯро нашинохтан аст. Фотима Сӯфихонва ба замми заҳмати сангини кирмакпарвариро ба дӯш доштан, боз чун кадбонуи намунавӣ эътирофи расмӣ пайдо кардааст. Соли 1963 барои бештар аз даҳ фарзандро тарбия намудан, ӯ бо Укази Президиуми Шӯрои олии ИЧШС соли 1973 бо унвони олии ифтихори модарӣ - Қаҳрамонмодар сарфароз гардонида шудааст. Табиист, ки диёр аз чунин фарзандаш ифтихор дорад.**

**ҶАББОР ҒАФУРОВ аз зумраи он шахсиятҳои диёр аст, ки ба ту- файли меҳнати бурдборона дар ноҳияи Дарвоз ва берун аз он шӯҳрат**



пайдо кардаанд. У соли 1924 дар деҳаи Рубот, тумони (аз соли 1930 ноҳия) Қалъаихумби вилояти Ғарм (аз соли 1957 дар ҳайати ВМКБ) Ҷаббор аз ҷавонӣ нафақат шоҳиди дигаргунсозиҳои ҷомеаи нав, инчунин яке аз иштирокчиёни фаъоли дигаргунсозиҳои ҳаёти деҳот гашта буд. Вале ҳанӯз ин навовариҳо натиҷаи дилхоҳ надода Ҷанги Бузурги Ватании хонумонсӯз оғоз ёфт. Ҷаббор Ғафуроф дар қатори садҳо ҳамдиёрон ба ҷабҳа сафарбар шуд. Ин ҷанговари тоҷик дар ҳайати Ҷабҳаи якуми Белоруссия ҷангида, дар озод кардани Украина саҳмгузорӣ намудааст. Сипас дар набардҳои шаҳрҳои Бухарест, Варшава, Белград, Вена ва билохира дар муҳосираи Берлин ширкат дошта, шуҷоату мардонагӣ нишон додааст. Барои корнамоиҳои ҷангиаш бо ордени «Ситораи сурх», медалҳои «Барои шуҷоат», «Барои гирифтани Варшава» ва боз чанд медалу ифтихорномаҳо сарфароз гаштааст.

Соли 1946 сарбози шуҷоъ Ҷаббор Ғафуров ба диёр баргашта, машғули меҳнати осоишта шуд. Акнун ӯ бо ҳамон ғайрати ҷанговарона дар шӯъбаи алоқаи ноҳия ба ҳайси монтёри хати алоқа дар участкаи масъулиятталаби ағбаи Хобу Рубот идомаи фаъолият намуд. Ин нуқтаи кории ӯ аз дигар участкаҳои алоқа куллан фарқ мекард. Ағбаи Хобу Рубот зимистон хеле сербарфу аввали баҳор тармахез бу- да, симчӯб ё сими хати алоқа тез-тез осеб дида канда мешуд ва васл кардани нафақат мушкил инчунин хатарнок буд, ҳар лаҳза хавфи зери тарма мондан ё ғеҷида аз баландӣ ба дараи чуқур сарозер афтидан таҳдид мекард. Вале ба ҳамаи ин душвориҳо нигоҳ накарда, ҳисси масъулиятшиносӣ Ҷаббор Ғафуров намегузошт, ки лаҳзае алоқаи ВМКБ бо маркази Ҷумҳурӣ қатъ гардад.

Меҳнати пурсамари Ҷаббор Ғафуровро ба назар гирифта, тибқи Фармони (указ) Шӯрои Олии ИҶШС, соли 1971 бо унвони Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ сарфароз гардонида шудааст[9].

ЭЛИЧ НУРОВА 17 августи соли 1925 дар деҳаи Кургтовади тумони Қалъаихумби вилояти Ғарм ба дунё омада, хеле барвақт фаъолияти меҳнатиаш оғоз ёфтааст. Баъди ба пойтахт омадан солҳои 1946-1958 ба сифати фарроши заводи нонпазии рақами 1 шаҳри Сталинобод кор кардааст. Шӯҳрати меҳнатии ӯ солҳои 1958-1978, вақти ба ҳайси нон- паз дар фабрикаи номбурда ва аз соли 1978 дар вазифаи сардори бри- гадаи сехи нонпазии Иттиҳодияи истеҳсолии саноати нони Душанбе кор карданаш ба доираи ҷумҳуриявӣ ва умумииттифоқ баромад.



Элич Нурова яке аз ташаббускорони меҳнати коммунистӣ дар корхона буда, таъсири бурдборонаи он дар тамоми корхонаҳои чумҳурӣ эҳсос мешуд. Саҳми назарраси ин зани зарбдори меҳнат дар рӯшди саноати нон аз назари доираҳои роҳбарикунандаи чумҳурӣ ноаён буда наметавонист. Пешниҳоди коргарони Итиҳодияи истеҳсолии саноати нони Душанберо дигар коргарони пойтахт дастгирӣ намуда, номзадии Элич Нуроваро ба сифати намояндагӣ дар Шӯрои Олии Точикистон борҳо пешбарӣ ва интихоб кардаанд. У дар се мӯҳлат - даъватҳои 5-7 ба ҳайси деиутати Шӯрои олии ҷумҳурӣ, манфиати аҳли меҳнати пойтахтро дар ин органи олии қонунбарор ҳимоя кардаст.

Меҳнати намунавии Элич Нуроваро дар рушди саноати нони чумҳурӣ ба назар гирифта, соли 1970 тибқи Указе (фармон) Шӯрои Олии ИҶШС ин коргарзани меҳнатқарин ба унвони олии Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ сарфароз гардонида шуд. Хизмати босамари тӯлониаш инчунин бо ду ордени Ленин, чандин медалу Ифтихорномаи Президиуми Шӯрои Олии ҶШС Точикистон қадршиносӣ шудааст.

ҚУРБОНМАҲМАД САНГОВ соли 1946 дар Қалъаихумб таваллуд шудааст. Соли 1964 баъди гирифтани маълумоти синфи 9 ба омӯзишгоҳи касбӣ-техникии рақами 24 ноҳияи Орчоникидзеобод до- хил шуда ба тахассуси ронандаи мошинаю тракторчӣ онро хатм наму- да, ба сифати коргари трести «Точикстроймеханизатсия»-и Вазорати сохтмони чумҳурӣ оғози фаъолияти мустақилонаи корӣ намуд. Солҳои 1966-1970 дар техникуми индустриалӣ аз рӯи тахассуси чустучӯйкунанда сарватҳои табии таҳсил намуда, баъди хатми он соли 1970 ба ихтиёри управлениияи махсуси трести «Союзвзривпром» ба кор фиристода шуд. ки то имрӯз дар вазифаҳои тарконанда, ӯстои кӯҳии участкаи Қалъаихумб, аз январи соли 1982 то майи соли 1983 - прора- би учаткаи Шаҳритӯс, аз соли 1983 то соли 1999 - сардори Управлени сохтмони Точикистон, аз соли 1999 то алҳол вазифаи директори гене- ралии Иттиҳодияи аксионерии Точикистон (АООТ) «Точик- взривпром»-ро ба ӯҳда дорад. Соли 1976 аз истеҳсолот чудо нашуда Донишгоҳи далатии Точикистонро аз рӯи тахассуси муҳандис-геолог хатм намудааст.

Дар давоми фаъолияти бисёрсолаи худ дар ин корхонаи бонуфузи чумҳуриявӣ Қурбонмаҳмад Сангов дар кори соҳилмустаҳкамкунии да- рёи Панч, аз ноҳияи Ҳамадонӣ то ноҳияи Шаҳритӯс, таъмини ашёи хом барои корхонаҳои саноатӣ, аз чумла барои Комбинати сементи шаҳри Душанбе, соҳтмони роҳ ва каналу иншооти обёрикунанда дар

**ноҳияҳои мухталифи вилоятҳои Хатлон, Суғд ва ВМКБ хизмати беминнати худро дареғ надоштааст.**

**Барои хизмати намунавии тӯлонӣ Қурбонмаҳмад Сангов бо чандин ифтихорномаҳои сатҳи олии давлатӣ ва унвони ифтихории «Сохтмончии хизматнишондодаи ҶШС Точикистон» соҳиб шудааст. Тибқи қарори Ассотсиатсияи «Союзвзривпром» ба ин марди меҳнатқарин унвони «Тарконандаи ифтихории «Союзвзривпром» дода шудааст.**



**АЗИМҶОН ЮСУПОВ 15 декабри соли 1937 дар деҳаи Рузваи ноҳияи Дарвоз ба дунё омадааст. Баъди мактаби миёна солҳои 1953-1960 дар факултаи филологияи Донишгоҳи давлатии Точикистон ба ном Ленин (феълан Дониտттгохи давлати милли Точикистон) таҳсил намудааст.**

**Баъди хатми донишгоҳ фаъолияти меҳнатии Азимчон Юсупов солҳои 1960-1963 ба ҳайси муаллим, муовини директори мактаби миёнаи маркази ноҳия оғоз ёфтааст. Дониши мукаммал ва қобилияти ташкилотчигиашро ба иазар гирифта, ӯро ба кори комсомоли чумҳурӣ тавсия доданд. Солҳои 1963-1965 - дастурдиҳандаи (инструктор) шуъбаи ташвиқоту тарғиботии Кумитаи Марказии ЛКСМ Точикистон, 1965-1971 - мудири шӯъбаи корҳои варзишӣ-мудофиавӣ ва умумии КМ ЛКСМ Точикистонро ба ӯҳда доштааст. Солҳои 1971-1974 дар сафари хизмати хорича буда ба ҳайси мушовири Вазорати хочагии халқи ИҶШС дар Афғонистон адои вазифа намудааст.**

**Сипас фаъолияти хизматии Азимчон Юсупов ин тавр сурат гирифтааст: соли 1975 - директои мактаби рақами 57 ноҳияи Маркази шаҳри Душанбе; 1975-1988 - референти калони Управленияи корҳои Шӯрои Вазирони Точикистон, референти калон ва сармутахассиси шӯъбаи маданӣ-маишии Шӯрои Вазирони ҶШС Точикистон. Сипас мудирии шӯъбаи табъу нашр ва тарчумаи Девони Вазирони Ҷумҳуриро ба зим- ма дошт.**

**Аз соли 1994 вобаста ба тағйироти сохтори Дастгоҳи Президенти Ҷумҳурии Точикистон ӯ ба вазифаи мудири Шӯъбаи тарчума таъин шуда, то ба нафақа баромадан кору фаъолият намуд.**

**Хизмати намунавӣ ва тӯлонии узви Иттифоқи журналистони чумҳурӣ Азимчон Юсуповро ба назар гирифта, бо Фармони Президен- ти мамлакат таҳти рақами 1059 аз 4 сентябри соли 1998 ӯ бо унвони ифтихории «Корманди шоистаи Точикистон» сарфароз гардонда шуда- аст.**



**ИСКАНДАР ЧИЛЛАЕВ 11 марти соли 1940 дар деҳаи Сафедорони ноҳияи Қалъаихумб (Дарвоз) дар оилаи деҳқон ба дунё омадааст. Баъди хатми мактаби ҳафтсолаи зодгоҳаш солҳои 1953-1956 дар техникуми молия ва қарздиҳии шаҳри Сталинобод (Душанбе), 1951-1961 дар факултаи иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон таҳсил намуда, ба маълумоти олии касбӣ соҳиб шудааст. Фаъолияти меҳнатиашро баъди хатми донишгоҳ ба ҳайси лаборанти калони шӯъбаи иқтисодии Академияи илмҳои Тоҷикистон оғоз намуд. Охири соли 1961 ӯро ба кори комсомол даъват намуда, то охири соли 1964 ба ҳайси дастурдиҳандаи (инструктор) шӯъбаи идеологии Кумитаи марказии комсомоли Тоҷикистон, ташкилотчии комсомоли (комсорг) КМ Иттифоқи коммунистии комсомоли ленинӣ (ЛКСМ) Тоҷикистон дар назди идораи ҳудудӣ-истеҳсолии колхозию совхозии Ғарм, ноҳияи Ғарм котиби кумитаи комсомоли ноҳияи Ғарм, котиби КМ ЛКСМ Тоҷикистон, шаҳри Душанбе кору фаъолият намудааст.**

**Солҳои минбаъда фаъолияти меҳнатии Искандар Чиллаев дар чунин самтҳо сурат гирифтааст: солҳои 1964-1970 - дастурдиҳандаи шӯъбаи хоҷагии қишлоқи КМ ҲК Тоҷикистон; 1970-1973 - аспиранти Акаде- мияи илмҳои ҷамъиятии назди КМ ҲКИШ (ш.Москва); 1973-1974 - мудири Шӯъбаи илм ва техника, мактабҳои олӣ ва миёнаи махсуси умури корҳои Шӯрои вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон; 1974-1983 - ко- тиби аввали ҳизби коммунисти ноҳияи Панҷ; 1983-1987 - котиби авва- ли кумитаи ҳизби коммунисти ноҳияи Илич (сипас Ғозималик, феълан Хуросон); 1987-1992 - директори совхози ба номи Кирови ноҳияи Ле- нин (феълан Рӯдакӣ); 1992-1995 - ҷонишини раиси Кумитаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид баислоҳоти замин ва заминсозӣ, баъди қатъ намудани фаъолияти кумита, сардори шӯъбаи шартномабандии Вазо- рати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон; 1995 то ба нафақа баромадан - 2000 - мудири кулли Иттиҳодияи истеҳсолии «Пилла»-и Вазорати кишоварзии ҷумҳурии Тоҷикистон.**

**Аз рӯи зарурати истеҳсолӣ Искандар Чиллаев 1 феврали соли 2003 ба Маркази миллӣ-таълимии кишоварзии ҷумҳурӣ даъват шуда, то моҳи декабри соли 2005 ба ҳайси мутахассиси соҳа фаъолият намуда- аст.**

**Искандар Чиллаев ҳангоми таҳсил дар аспирантура рисолаи номзадиашро сари вақт анҷом дода, соли 1973 дифо намудааст. У муаллифи даҳҳо кору мақолаҳои илмӣ ва илмӣ-оммавист. Аз ҷумлаи корҳояш «Марҳилаи нав дар инкишофи демократия колхозӣ (1972), «Такмили**

идоракунӣ дар колхоз ва таъсири он ба самаранокии истеҳсолот (1974), «Мукаммалгардонии идоракунии истеҳсоли колхозӣ» дар маҷмӯаи «Асосҳои илмии идоракунии иқтисодиёти сотсиалистӣ» (М.,1973) ва ғайра ба талаби он замон рӯзмараю ҷавобгӯ буданд. Табиист, ки масъ-улияти вазифадории ҳизбию давлатии ба зиммаш дошта, ба муаллиф ҳарчӣ бештар ба корҳои тадқиқотӣ банд шудан имкон намедод.

Искандар Чиллаев се даъват (1975-1990) ба ҳайси депутат манфиати интихобкунандагонашро дар органи олии қонунгузори ҷумҳурӣ - Шӯрои Олии ҶШС Тоҷикистон пешниҳоду ҳимоя намудааст.

Хизмати намунавӣ ва тӯлонии орманди шоистаи Ҷумҳурии Тоҷикистон Искандар Чиллаев чун роҳбари кордону ҳамеша дар хиз-мати мардум буда, бо орденҳои «Байрақи сурхи меҳнат», «Дӯстии халқҳо», чандин медалу ифтихорномаҳои сатҳи олии давлатӣ қадршиносӣ шудааст. Ҳисси баланди масъулиятшиносии ӯст, ки ҳамеша дар сафи пеши фаъолони ҷомеа ҷой дорад.



Н

**АКБАРШО ИСКАНДАРОВ** соли 1951 дар деҳаи Кеврони ноҳияи Қалъаихумб (Дарвоз) таваллуд шуда, таълими синфи 8-ро дар макта-би зодгоҳ гирифта, сипас дар политехникуми ордени Байрақисурхдори ба номи Ю.А.Гагарин таҳсил кардааст. Баъди хатми он дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳи ИҶШС хизмат намуда-аст. Фаъолияти меҳнатии худро ӯ аз вазифаи геодезисти институти лоиҳакашӣ оғоз карда, баъди чанде соли 1972 ба ҳайси сармуҳандиси заминободкунии Управленияи кишоварзии Комиҷроияи ноҳияи Қалъаихумб таъин шудааст. Баъди аз истеҳсолот ҷудо нашуда, соли 1979 бо тахассуси «иқтисодчӣ» хатм намудани Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон, фаъолияти касбиаш чунин чараён гирифтааст: солҳои 1979-1980 - сариқтисодчии управленияи номбурда; солҳои 1980-1981 - нозири Кумитаи назорати халқии ноҳияи Қалъаихумб, сипас нозири (инспектор) омори давлатии ноҳия; 1982-1984 - дастурдиҳандаи (инструктор) шӯъбаи ташкилии кумитаи ҳизбии ноҳияи Қалъаихумб; 1984-1986 - дастурдиҳандаи шӯъбаи кишоварзӣ ва саноати хӯроквории Кумитаи ҳизби коммунисти ВМКБ (ш.Хоруғ); 1886-1987 - ҷонишини аввали раиси комиҷроияи Иттиҳодияи агросаноатии ноҳияи Ишкошим; 1987-1990 - котиби авва- ли Кумитаи ҳизби коммунисти ноҳияи Ванҷ.

Қобилияти ташкилотчиги Акбаршо Искандаровро ба назар гирифта, роҳбарияти ҷумҳурӣ ӯро соли 1990 ба вазифаи раисии Кумитаи иҷроияи Шӯрои депутатҳои меҳнаткашони ВМКБ тавсия намуданд, ки ин ҳамзамон вазифаи ҷонишинии Раиси Шӯрои Олии ҶШС

Точикистонро низ ҳисоб меёфт. Аз моҳи майи соли 1991 то ноябри со- ли 1992 дар вазифаи ниҳоят масъулиятнок - Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Точикистон ва ҳамзамон чанд муддате соли 1992 ба ҳайси ичрокунандаи вазифаи Президенти Ҷумҳурии Точикистон кору фаъо- лият бурдааст. Ин ба даврае рост омад, ки даргириҳои сиёсӣ чумҳуриро ба остонаи чанги шаҳрвандӣ (гражданӣ) кашида буданд. Дар чунин вазъияти ҳассос табиист, ки пурра лачоми роҳбарӣ ва масъ- улияти сатҳи олии идоракунии давлатиро ба даст гирифтан коре буд ниҳоят сангин. Акбаршо Искандаров то чое имкон дошт, тачрибаю ҳисси масъулиятшиносиашро истифода бурд. Вале дар ҳолате, ки со- хтори давлатӣ фалач шуда буд, онро фақат дар асоси талаботи ниҳоят чиддии риояи қонунҳои ба шароити нав чавобгӯ ба эътидол овардан мумкин буд. Ин чигили ниҳоят сарбастаи сиёсиро Сессияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Точикистон кушода тавонист. Дар ин сессия Раиси Шӯрои Олӣ - Сардори давлат Эмомалӣ Раҳмон интихоб шуда, таво- нист, ки ҳукумат ва органҳои ҳокимияти нав интихобшударо ба мачрои ба талаби замон мувофиқ равона созад.

Роҳбарияти нави Точикистон тачрибаи бои сиёсии Акбаршо Искан- даровро ба назар гирифта, ӯро ба корҳои дипломатӣ сафарбар намуд. Солҳои 1993-2001 - ба ҳайси нахустин Сафири Фавқулъода ва вако- латдори Ҷумҳурии Точикистон дар Туркманистон, 2001-2007 - Сафири Фавқулъода ва ваколатдори Ҷумҳурии Точикистон дар Ҷумҳурии Қазоқистон, ҳамзамон аз соли 2003 дар Муғулистон кору фаъолият на- мудааст. Барои мустаҳкам намудани алоқаи дӯстии байни Точикистону ин чумҳуриҳо бо мукофотҳои дарачаи баланди давлатии Туркманистон ва Қирғизистон мушарраф гаштааст.

Акбаршо Искандаров дар баробари фаъолияти гуногунсамтаи дипломатӣ ба корҳои илмӣ-тадқиқотӣ низ чиддан машғул аст. Соли 2003 дар Шӯрои диссертатсионии Академияи дипломатии Русия дар мавзӯи «Раванди интегратсионии давлатҳои Осиёи Марказӣ (дар мисо- ли Ҷумҳурии Точикистон ва Туркманистон» рисолаи илмӣ дифоъ на- муда, ба гирифтани унвони номзади илмҳои сиёсӣ ноил гардид. Доир ба масоили раванди интегратсионӣ ва таъмини бехатарӣ дар Осиёи Марказӣ чанд кори чиддие ба чоп расондааст. У муаллифи китоби «Чашмаҳои дӯстӣ: қайдҳои сафир» (М., 2000), мураттиби Мачмӯаи аф- кори мутафакирони адабиёти классикии точику форс - Корвони умр» (Алмато, 2004) рисолаҳои илмии Интегратсия дар Осиёи Марказӣ: чанбаҳои сиёсӣ» (Душанбе, 2007), «Давлатҳои Осиёи Марказӣ дар равандҳои интегратсионӣ» (Душанбе, 2007) ва ғайра мебошад. Ин амал далелест аз мақоми худро ёфтани Акбаршо Искандаров дар илми сиёсатшиносӣ. Дар арафаи анчоми рисолаи докторӣ қарор доштани ӯ ин хулосаро боз қавитар мегардонад.



**САЪДИ МАШИДОВ соли 1947 дар деҳаи Ҷорфи ноҳияи Қальахумб (Дарвоз) таваллуд шудааст. То синфи 7 дар зодгоҳаш қишлоқи Ҷорф хонда баъд таҳсилашро дар интернати назди мактаби №1-и ноҳия идома додааст. Баъди хатми таҳсили дабистони (миёна) ба омӯзишгоҳи тибби №1 шаҳри Душанбе дохил шуда бо ихтисоси дорушинос (фармасевт) соли 1965 фориғутаҳсил гашт. Бо роҳхат ба ноҳияи Ванҷ рафта аз соли 1965 то соли 1967 ба сифати сардори дорухонаи № 61-и ноҳия адои вазифа намудааст. Аз соли 1967 то соли 1970 дар сафи қувваҳои мусаллаҳи Иттиҳоди Шӯравӣ хизмат кардааст. Соли 1970 ба факултаи кимиёи Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи В.И.Ленин (ҳоло ДДМТ) дохил шуда, баъди хатми он бо роҳхат ба шаҳри Қурғонтеппа ба кор рафт. Солҳои 1975-1976 мудири қисми таълимии мактаби № 23, 1977-1978 ҷониттттини мудири шӯъбаи Кумитаи ҳизби коммунисти шаҳри Қурғонтеппа, солҳои 1980-1986 мудири шӯъбаи ҳизби коммунисти ноҳияҳои Вахш ва Коммунистӣ (ҳоло Бохтар) шуда кор кардааст. Аз соли 1986, инструктори Кумитаи вилоятии ҳизби коммунист, мудири бахщи идеологӣ ва солҳои соли 1990-1992 мушовир-мудири шӯъбаи робита бо ташкилоту созмонҳои ҷамъиятӣ ва муносибатҳои миллӣ, котиби Кумитаи ташкилии ҳизби коммунисти вилояти Қурғонтеппа адои вазифа намудааст. Солҳои 1993-1998, ёвари вазири нақлиёт, сардори раёсати кор бо кадрҳо ва корҳои махсус, муовини директори генералии «Тоҷикнақлиёт»-и Вазорати нақлиёт ва хоҷагии роҳҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон кор кардааст. Аз соли 1998 Саъдӣ Машидов мудири шӯъбаи оммавӣ-фарҳангӣ ва робита бо ҷавонони Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистонро ба ӯҳда дорад. Саъди Машидов муаллифи китобу дастурҳои: «Низоми ҳифзи иҷтимоии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи ҳозира» (ш.Душанбе соли 2004), «Ҳифзи иҷтимоии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон» (бо тағйироту иловаҳояш, ш.Душанбе соли 2006), «Асноди меъёрӣ ва ҳуқуқӣ дар бораи ташкили истироҳати тобистонаи кӯдакон ва наврасон» (ш.Душанбе соли 2006), «80-сол бо аҳли меҳнат» (ш.Душанбе соли 2006), «Ояндаи онҳо аз мо вобаста аст» (ш.Душанбе соли 2006), «Дар бораи иштироки иттифоқҳои касабаи Тоҷикистон нисбати ташкили истироҳату солимгардонии кӯдакону наврасон дар тобистони солҳои 2001-2005» (ш.Душанбе соли 2006). Хизматҳои Саъдӣ Машидов бо «Ифтихорномаи ҳизби Коммунисти иттиҳоди Шӯравӣ» (соли 1979), Ҳизби коммунисти Тоҷикистон (соли 1979), Ифтихорномаҳои Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон (1999, 2004), Ифтихорномаи Конфедератсияи умумии**

иттифоқҳои касабаи байналмилаллӣ (соли 2006) сарфароз гардидааст. Саъдӣ Машидов дар ҳама кору вазифаҳои ба ӯҳда дошта бо масъулияти пурра муносибат карда, сазовори эҳтироми ҳамагон гаштааст.

## ИФТИХОРИ ИЛМИ ТОҶИК ГАШТААНД



**ОДИЛ МАҶЛИСОВ.** Роҳи зиндагӣ ниҳоят мураккаб будааст, онро ҳар каси солимфикр ба хубӣ эҳсос менамояд. Вале он ҳам барои ҳама якрангу яквазн нест. Ҳастанд ва бисёранд онҳое, ки дар зери қаноти гарми падару модар аз ташвишу изтироби зиндагӣ бехабар ба воя мерасанду бо кӯмаки онҳо мачрои зиндагиро меёбанд. Бо туфайли такягоҳ доштан онҳо аз ҳар гуна мушкилии зиндагӣ ба осонӣ баромада метавонанд. Ҳамин тариқ, гӯё тақдир ҳама вақт дастгиру ёвари онҳост. Ҳаёти чунин ашхос гӯё дар таҳкурсии мувофиқе оғоз ёфта, аз рӯи нақшаи муайян пеш меравад. Вале як чиз мусалам аст: андак бори зиндагӣ қомати ин қабил одамонро хам хоҳад кард.

Ҳамчунин кам нестанд онҳое, ки аз нахустин рӯзи ба дунё омадан, ба гирдоби мушкилоти ҳаёт меафтанд ва то замони камолот барои зис- тан талош мекунанд. Аз ин афту дарафти зиндагӣ на ҳар кас дастболо шуда метавонад. Вале ҳастанд касоне, ки ғолиб мебароянд ва ҳатто дар чамъият низ мавқаи арзандаро соҳиб мешаванд.

Яке аз касоне, ки эҳтимолияти дар гирдоби ниҳоят шадиди рӯзгор ғарқу беному нишон шуданаш мумкин буд, вале тақдирашро ба дасти худ гирифта тавонист, Одил Мачлисов мебошад. Аз ин лиҳоз тачрибаи зиндагиаш ба ҳар фарди аз илму маърифат хабардор бояд фаҳмо ва ибратбахш бошад.

Бекигарии дурдасту мушкилгузари Дарвоз зимистони соли 1877- 1878 аз тарафи сарбозони амири Бухоро ғасбгардида, ба қаламрави аморати Бухоро ҳамроҳ карда шуд. Зулму истибдоди амалдорони амир бо сардории бек кам набуд, ки баъди чанде (соли 1895) бо хоҳиши сиё- сатмадорони чаҳонии нимаи дуюми қарни Х1Х - ибтидои қарни ХХ Англияю Русия ба сари халқи азият кашидаи он боз як фочиаи дигар бор шуд. Қаламрави таърихии шоҳигарии пештара ва бекигарии кунунӣ бо салоҳияти ин ду давлати қудратманд тақсим карда шуд. Соҳили чапи дарёи Панч ба Афғонистон ҳамроҳ карда шуда, қаламраи соҳили рости он бошад, дар дасти амири Бухоро боқӣ монд. Вале ин тақсимоти сунъӣ ва хати сарҳадӣ халқеро, ки мушкилиҳои табиат, анъанаҳои патриархалӣ ва ҳамбастагии ногусастании хунию авлодии

**дар тӯли қарнҳо пайвандёфтаро вайрон карда наметавонист. Алоқаи хешутаборӣ, дидорбинии тарафайн ҳамоно идома дошт. Гӯё қуввае на- буд, ки ин робитаҳоро халалдор мекарда бошад.**

**Ҷудоии сарҳадӣ набзи муқаррарии асримиёнагии зиндагиро тағйир надода, гӯё махсус ба таври сунъӣ нигоҳ медошт, ки мабодо худшино- сии миллӣ, ифтихори анъанавию таърихии он халқи маҳаллиро ба ҳамфикрию ҳамбастагии сиёсӣ, ки акси сиёсати мустамликадорист, бедор карда, ин сиёсатро халалдор насозад.**

**Зимистони соли 1908-1909, зиндагӣ бо ҳамон мароми пешин якран- гу дилгиркунанда мегузашт. Гӯё қуввае набуд, ки онро андаке бошад ҳам халалдор намояд. Ҳамон қашшоқии ҳузнангез, ҳамон шабҳои сар- ду дарози ноумедӣ. Ягона донаи умед ин расидан ба алафҳои хӯрданибоби баҳорӣ, ки ҳосили нави тут ҳеч набошад, мардумро аз мурдан мераҳониданд, ҳисоб меёфт... Вале тарси андозу андозситониҳое, ки қоидаҳои шариатии онро фаромӯш карда, мувофиқи иштиҳои амалдорони боло то амир, ки фақат аз ин ҳисоб зиндагии аз ташвиши рӯзгор эмину бовиқоронаи худро пеш мебур- данд, он орзӯҳои ниҳоят оддиву хоксоронаи мардумро, ки муддао фақат аз зинда мондан буд, талху маҳзун мегардонд.**

**Дар яке аз чунин рӯзҳои муқаррарӣ, Рустам ном чавоне аз соҳили рости Панч, аз деҳаи Ёгеди Дарвози қаламрави Бухоро ба чавондухтари соҳили муқобил аз деҳаи Орварди қаламрави Афғонистон дил бохта хонадор шуду бо амри тақдиру нони серӣ ба он деҳа, ба назди волидайни духтар кӯчид. Шояд дар ин интихоби чавон хоҳиши падару модари духтар, ки ба дастёре мӯҳточ буданд, ҳалкунанда бошад.**

**Соли 1910 дар ҳамон оилаи чавон фарзанде ба дунё омад, ки Оди- лаш ном гузоштанд. Шояд аз беадолатии замона дилгир шуда, бо ум- медиояндаи одилона бошад, ки ин номро чун фоли нек қабул наму- данд. Лек афсӯс, ки ин фол барои оила нек набаромад. Ҳанӯз ин тиф- лаки дӯстрӯ дидори падарро ба хубӣ эҳсос накарда, аз он чудо шуд. Шояд бо маслиҳати хонавода бошад, ки падари Одил барои пайдо на- мудани қути лоямуте ба Фарғона сафар карда, ҳамчун мардикор дар дари бое ба хизмат даромад. Аз чӣ бошад, ки ба зудӣ баргашта натаво- нист. Тифлаки акнун бӯи шири модару гармии бағали онро эҳсоскунанда ногаҳон аз ин меҳрубониҳои модар бо амри тақдир маҳрум монд. Марги нобаҳангом ин чавонзанеро, ки шояд бо ҳазор умеду орзӯ Одили хурдакакро калон ва хонаро обод карданӣ буд ба коми худ дар кашид.**

**Шояд аз шунидани чунин хабари нохӯш ё бо сабаби дигаре, падари Одили 3 сола дигар ба Дарвоз барнагашта, дар Фарғона иқомати доимӣ ихтиёр кард. Дере нагузашта ӯ аз нав хонадор шуд. Худи Одил Рӯстамович борҳо мегуфтанд, ки падараш то соли 1937 дар Фарғона**

**зиндагӣ карда, ҳамон сол фавтидааст. Худи ӯ боре ҳам кӯмаку меҳрубонии падарро надидааст. Шояд аз ҳамин чиҳат бошад, ки дар тарчумаи ҳоли худ дар бораи падараш хабари муфассале надодааст. Ҳатто борҳо ҳинни сӯҳбат мегуфтанд, ки фамилия, яъне Мачлисовро худаш вақти ба ҳаёти мустақил гузаштан интихоб намудааст.**

**Вале барои Одили кӯчаку бепарастор то болиғ шудану дар зиндагӣ роҳ ёфтан вақти бисёре лозим буд. Акнун он тифлаки дар чорроҳаи зиндагӣ монда, аз рӯзи дар пой рост истода тавонистанаш мачбур буд, ки худ сарҳисоби зиндагиро ёбаду чон ба саломат барад. Барои як бур- да нон ӯ подабонӣ мекард ва ба корҳои зиёди рӯзгордории хонаводаи худу ҳамсояҳо машғул мегашт. Ҳамин тариқ рӯзҳо якрангу якмаром, сарду ноором мегузаштанд. Одили 11 сола бо умеди беҳбудии аҳволу парастор пайдо намудан ба хонаи хешовандони падараш ба деҳаи Ёгед омад. Вале афсӯс, дар инчо низ кораш омад накард. Барои амакҳояш, ки худ базӯр рӯз мегузарониданд, «як нонхӯри иловагӣ» фақат боиси ташвиши нави рӯзгор мешуд. Шояд аз ин чиҳат бошад, ки писарбачча ноилоч ба дари бои деҳа Раҳматуллобек омада, ба сифати батрак (хиз- матгор) ба кор даромад. Баъди 4 соли хизмати пурмашаққат, ки ба ива- заш боре ҳам нони сериро надида буд, ба хизмати бои дигари деҳа - Бурхвалишо ба кор даромад. Вале зиндагии ин хизматгорбаччаи 14-15 сола ҳеч омад намекард. Устод Одил Рӯстамович борҳо хотирнишон менамуданд, ки дар ин синнусол қариб нимбараҳнаю пойлуч то ба Кашмири Ҳиндустон барои фурӯхтан раммаи бойро бурдааст.**

**Баъди ғалабаи Инқилоби Халқии Бухоро баъзе тағйирот дар ҳаёти Ҷумҳури Мухтори Шӯрави Сотсиалистии Точикистони навбунёд ба вукӯъ пайваста бошад ҳам, бисёр чигилҳои зиндагӣ ҳалли худро инти- зор буданд. Ҷавонони дар чорроҳаи зиндагӣ монда, роҳ мечустанд. Дар ин вақт Одили акнун ба сини 17-18 солагӣ расида, дар Сарои Камар ба сифати хизматгори бое кор мекард. Аз ҳамин чо, аз соли 1927 сар кар- да, Одили чавон ба ҳаёти мустақилонаю бошуурона қадам ниҳод. Ин рафтори тасодуфӣ набуда, бо амру қонуни ҳаёт ба амал омад.**

**Охири солҳои 20-аввали солҳои 30-ум давраи ибтидои эҳёи давлати чадиди точикон, давраи коллективонию индустрикунонии мамлакат, хулоса, давраи дигаргунсозиҳои чиддию бузурги иқтисодию ичтимоӣ дар мамлакат буд, ки он дар таҳти байроқу даъвати коммунистон ва Ҳокимияти Шӯроҳо қарор ёфта, чавононро дар зери ливои Комсомол барои ичрои нақшаҳои басо судманд даъват мекарданд.**

**Хизматгори дирӯза, Одили чавон соли 1928 чун узви фаъоли комсо- мол ба мачрои нави ҳаёт, ичрои нақшаҳои пешбинишудаи чомеаи нав чалб карда шуд.**

**Соли 1928 Одил Мачлисов барои таълим гирифтан ба хонаи бачаго- ни Душанбе роҳхат гирифта, баъдан таҳсилро дар мактаби комсомоло- ну чавонони пойтахти чумҳурӣ то соли 1930 идома дода, бо роҳхати**

**расмӣ ба Кумитаи марказии чамъияти Ҳилоли Аҳмар ба сифати корга- ри масъул фиристода шуд. Аз моҳи октябри соли 1932 то миёнаи соли 1933 Одил Мачлисов**

**Аз рӯи ин асар, ки муаллиф онро ба сифати рисолаи докторӣ пешниҳод кард, Одил Маҷлисов ба ин унвони баланди илмӣ соҳиб шуд. Аз ҳамин сол сарварии кафедраи таърихи ИҶШС ба зиммаи ӯ гу- зошта шуд. Солҳои роҳбарии ӯ (1967-1977) кафедраи мазкур ба яке аз марказҳои ҷиддии илмию таълимии донишкада ва ҷумҳурӣ табдил ёфт. Қариб тамоми кафедраҳои факултаи таърихи донишгоҳ дар заминаи ин кафедра таъсис ёфтаанд.**

**Олими пухтакору нуктасанҷ, профессор Одил Маҷлисов муаллифи чандин корҳои илмию методӣ дар ҷумҳурӣ ва берун аз он маълум мебошад. Чунин асарҳои олим монанди «Маводҳои кишваршиносӣ оид ба таърихи Тоҷикистон» (соли 1957), «Қаротегин дар арафаи барқарор гардидани Ҳокимияти Шӯравӣ» (соли 1959), китоби номбур- да - «Муносибатҳои аграрӣ дар Бухорои Шарқӣ асрҳои Х1Х-ибтидои ХХ» (соли 1967) ва ғайра, ки то ба имрӯз аҳамияти илмии худро гум накардаанд. Гузашта аз он, камина ҳангоми сафарҳои илмӣ дар марказҳои тадқиқотии Осиёи Миёна борҳо аз мутахасисони варзида шунидаам, ки китоби Одил Маҷлисов «Муносибатҳои аграрӣ» дар минтақа яке аз беҳтарин таҳқиқиқоти илмӣ аст.**

**Профессор Одил Маҷлисов бо тамоми маъно омӯзгор буд. Барои тарбияи шогирдон вақтро дареғ намедошт. Нисбати донишҷӯёни пешқадам самимияти хосса зоҳир мекард. Ё баръакс, нисбати донишҷӯёне, ки дар аз худ намудани нақшаҳои таълимӣ беэътиноӣ зоҳир мекарданд, муносибаташ ниҳоят сахту ҷиддӣ буд. Ин қабил донишҷӯён бешак аз имтиҳону санҷишҳои устод намегузаштанд. У аз фанни «Таърихи ИҶШС» дар курси 3 ва курси махсус дар гурӯҳҳои хатмкунанда дарс мехонд. Дар байни дониҷӯёни солҳои аввал чунин иборае васеъ паҳн шуда буд: «то аз имтиҳони профессор Одил Маҷлисов нагузарӣ, худро донишҷӯ ҳисоб накун». Маҳз барои Одил Маҷлисов шуда падару модарон бачаҳои барои факултаи таърих таё- рии пухта надоштаро тавсия намедоданд, чунки устод ба касе гузашт намекард.**

**Аз мактаби Одил Маҷлисов ҳазорон мутахассисони бо маънии том баландихтисос гузаштаанд, ки аксари онҳо дар соҳаҳои мухталифи омӯзгорӣ ва илмию фарҳангии ҷумҳурӣ ва берун аз он адои вазифа намуда, номбардори нахустин донишгоҳи Ватанамон ва устодони он, аз ҷумла профессор Одил Маҷлисов гаштаанд.**

**Устод дар одоби муошират низ роҳу равиши худро доштанд. Дар ҳеҷ ҳолат аз ҳақиқат рӯй наметофтанд ва онро то охир ҳимоя мекар- данд. Ин хислати устод барои ашхосе чун якравии номақбул ба назар мерасид, ки ҳатто баъзе ҳамкоронро аз ӯ то андозае дур мекард. Вале касоне, ки ӯро аз наздик мешинохтанд ба хубӣ эҳсос мекарданд, ки ин фақат ҳимояи беғаразонаи фикраш буду бас. Худи устод борҳо дар ҳузури мо мегуфтанд, ки «ҳеҷ дурӯягию дипломатиябозиро ёд наме-**

гирад». Бо мурури гузаштани вақт, каси бо устод шиносои наздик дошта, бо чунин хулосае меояд, ки ин хислати дар боло ишорагаштаи устод шаҳодатест аз чуръати баланди он. Фикри худро «зери теғу рӯи дор» дигар накардан, худ нишонаи хеле начибу ибратбахши инсо- нист. маҳз ҳамин хислати устод дар дили шогирдон нақши амиқе гу- зоштааст.

Шогирдон борҳо шоҳиди он шудаанд, ки профессор Одил Мачлисов манфиати умумро аз манфиати хеш боло мегузошт. Чоплусию лаббайгӯиро ниҳоят бад медид. У душмани ҳамагуна риокорию тамаъкорӣ буд.

Хизмати бебаҳои Одил Мачлисов дар тайёр намудани мутахассисон ва пешрафти илми чумҳурӣ аз тарафи ҳукумату доираҳои чамъиятӣ баҳои воқеӣ гирифтааст. Аз чумла ӯ бо унвонҳои баланди ифтихорӣ: Омӯзгори хизматнишондодаи мактабҳои Ҷумҳурии Точикистон (соли 1960); Ходими шоистаи илми Ҷумҳурии Точикистон(соли 1971) ва боз чандин нишону мукофотҳои баланди расмӣ қадр шудааст. Вале аз ҳама унвони баландро устод дар қадршиносии халқу шогирдонаш эҳсос ме- кард. Уро дар маркази чумҳурӣ шаҳри Душанбе ва берун аз он қариб тамоми хурду калон мешинохтанд, «домулло» - гуфта эҳтиромаш ме- карданд. Аз ин ӯ ифтихор дошт. Аз тақдир розӣ буд. Доимо таъкид ме- кард, ки маҳз ба туфайли Инқилоби Октябр ӯ ва ҳазорон ӯ баринҳо ба ачал ғолибу дар зиндагӣ роҳи дилхоҳ ёфтаанд.

Профессор Одил Мачлисов чун иштирокчии фаъоли бунёду та- шаккули Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Точикистон, то нафаси охирин дар хизмати халқу Ватан буд. Аз пешрави иқтисодию фарҳангии кишвар мефахрид. Ба муқобили хурдтарин зуҳуроти беэътинои касбӣ, зоҳирбинии идеологӣ, бетарафии сиёсию чамъиятӣ муборизаи оштинопазир мебурд. У ба воқеаҳои моҳи феврали соли 1990 дар Душанбе рух дода, чун фоли бад нигоҳ мекард. Онҳоро ама- ли зишту носавоб пиндошта, гӯё оқибати фочиабори онҳоро эҳсос менамуд. Инро аз асабонӣ гаштани устод пайхас намудан мумкин буд. Ба амалиёти хоинонаи роҳбарияти ҳамонвақтаи ҳизбию давлатӣ бо сардори Горбачёв, ки дар зери амали «бозсозӣ» ба харобсозии мамлакат даст зада буданд, бо ҳиси нобоварӣ ва нафрат менигарист. Пешгӯиаш амри воқеъ шуд.

Вафоти устод низ гӯё як аломат ё амали рамзии ба ӯ хос буд, ки аз эътиқоди инқилобпарастиаш гувоҳӣ медод. 7 ноябри соли 1990 соати 7 пагоҳӣ дили ин марди қавирӯҳу меҳнатқарин аз задан монд. Аз он вақт инчониб чои ӯ дар байни шогирдону ҳамкорон холист, вале кору раф- тори олим, мураббии баландмақом Одил Мачлисов дар дили онҳо ва тамоми ҳамдиёрон, наслҳои ояндаи таърихшиносон ва омӯзгорони чумҳурӣ абадан боқӣ хоҳад монд.



**ҚАНДИЛ ҶУРАЕВ. Дар байни халқе, ки садҳо зодагонаш ба қатори беҳтарин намояндагони таърихи тамаддуни умумибашарӣ мансубият доранд, шӯҳрат ёфтан падидаест ниҳоят мушкил. Ба он на ҳаргуна истеъдоди фавқулъодда роҳ меёбад.**

**Қандил Ҷӯраев аз чумлаи ашхосест, ки ин шӯҳрат насибаш гаштаасту ба қатори бузургномон роҳ ёфтааст. Ин подоши хизматҳоест, ки он фарди нотакрор аз ибтидо то интиҳои фаъолияташ сарфи нафъи халқу Ватан намудааст. Чунин мафҳумҳои дар назар то андозае муқаррарии шахсияту мақоми илмию чамъиятӣ дошта, монанди доктори илмҳо, профессор, ходими хизматнишондодаи илм, узви вобастаи Академияи илмҳои Точикистон ва ғайра, ки Қандил Ҷӯраев ба онҳо соҳиб шуда буд, наметавонанд инъикоси пурраи мақоми воқеии ӯ дар чомеа бошанд. Ба замми ин мақому унвонҳои баланди илмӣ доштан ӯ бо хоксорию фурӯтанӣ, дурбинию мулоҳизакорӣ, бо муҳаббати беандозаи худ нисбати халқу Ватан аз дигар намояндагони баландмақоми муосири худ фарқ мекард. У бо маънии том инсони комилу одил, олими дақиқназар, тарбиятгару омӯзгори асил буд.**

**Тачассуми ҳамаи хислатҳои накӯи инсонӣ дар вучуди ботинию зоҳирии Қандил Ҷӯраев амри тасодиф набуда, асоси табиию рӯҳонӣ, авлодию чисмонии худро дорост. У фарзанди табиати нотакрору ноо- олудаи кӯҳистони Точикистон, зодаи ду авлоди мӯътабари Дарвозу Қаротегин аст ва шояд бо ҳазрати Борбад қаробияти рӯҳонию хунӣ дошта бошад. Чунки барои Акашарифи Ҷӯра шудан хуну рӯҳи Борбадӣ бояд дошт.**

**Қандил Ҷӯраев 9 майи соли 1927 таваллуд шуда, умри тӯлонӣ надидааст, ҳамагӣ 63 сол. Аҳли мусулмону чаҳони исломӣ ин зинаи ҳаётро умри Пайғамбарӣ мегӯянд ва чун рамзи поксириштию фоли худодод маънидод мекунанд.**

**Қандил Ҷӯраев метавонист ҳамчун ҳофизу машшоқи моҳир мавқеи пешсафӣ ба даст орад. Ба ин бешак истеъдоди табии авлодӣ имконият медод. Вале ӯ роҳи дигар, роҳи хеле мушкилу аз диди худ барои халқаш нафъовартар, роҳи илму омӯзгориро пеша кард. Ҳамин ният ӯро баъди хатми мактаби миёна, соли 1944, соли мудҳиши идомаи Ҷанги Бузурги Ватанӣ ба даргоҳи нахӯстдонишкадаи олии чумҳурӣ - Донишкадаи давлатии омӯзгории шаҳри Душанбе ба номи Т.Г.Шевченко, ба факултаи табиатшиносию чуғрофия овард. Он за- мон ин чавони навхати толибилм намеданист, ки баъди чанд даҳсолае ин даргоҳ муваққатӣ ҳам бошад, номи ӯро хоҳад гирифт.**

**Шуғли ҷиддию кӯшиши қатъии олими оянда доири дарки қонуният табиатшиносию чуғрофӣ барои устодон пинҳон намонд. Бо тавсияи онҳо Қандили акнун донишкадаро бо баҳои аъло хатмкарда, барои таҳсилу таҳқиқи худро ба таври расмӣ идома додан соли 1948 ба шӯъбаи аспирантура роҳхат гирифта, дар Институти ҷуғрофияи Ака- демияи Илмҳои ИҶШС зери роҳбарии олимони намоёни ин муассисаи машҳури илмӣ рисолаи номзадии худро анҷом дода дифоъ намуд. Фаъолияти омӯзгориаш дар донишадаи худ тарбият ёфта - Донишка- даи омӯзгори пойтахт оғозу то дами вопасин идома ёфтааст. Зиёда аз 40 соли умри худро ӯ сарфи хизмати беминнати халқу Ватан намуда- аст, ки қисмати асосии он дар донишгоҳи мазкур сурат гирифтааст.**

**Фаъолияти меҳнатии Қандил Ҷӯраев ниҳоят васеъ ва сершоха аст, ки он тадқиқи махсусро талаб мекунад. Вале таҳлили нисбатан сатҳии се самти фаъолияти ӯ барои муайян намудани мавқеи устувори илмию омӯзгорӣ ва ҷамъиятию фардии он кофист, ки шахсияту симои таъри- хии он равшан мушоҳида гардад.**

**Ҳамчун олим Қандил Ҷӯраев дар таърихи илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Осиёи Марказӣ нақши басо назарраси худро дорад. Зиё- да аз 120 асарҳои илмӣ-тадқиқотӣ, илмӣ-методӣ ва таълимии ӯ ба проблемаҳои ниҳоят зиёди мухталифу умдаи илмӣ бахшида шудаанд. Вале ҳамаи онҳоро як равияи умумӣ - ҳамбастагии табиату ҷамъият, муайён намудани ресурсҳои табиию меҳнатӣ, дар заминаи интегратси- яи илмӣ-истеҳсолӣ баланд бардоштани иқтидори иқтисодии чумҳурӣ ба ҳам пайвастааст. Ин тарзи масъалагузории олим аз аввалин тадқиқоти ҷиддии ӯ «Шаҳри Сталинобод (тавсифи иқтисодӣ- чуғрофӣ)», ки ба сифати рисолаи номзадӣ пешниҳод шуда буд, мушоҳида мешавад. Дар ин асар аввалин шуда пойтахти чумҳурӣ аз диди комплексии физикӣ-чуғрофӣ, иқтисодию фарҳангӣ ва ғайра тадқиқи пурраи худро ёфтааст. Олим махсусан ба чунин масъалаҳо монанди истифодаи ресурсҳо меҳнатӣ, муҳофизати экологӣ, равнақи сохтмони манзилу биноҳои маъмурӣ-маданӣ, муассисаю корхонаҳои ба талаби табиию чуғрофии ин шаҳри куҳантаърихну навбунёди точикон мувофиқ диққат додааст.**

**Тадқиқотҳои минбаъдаи ин олими акнун пухтакору роҳу равиши худро дар илм ёфта, аксаран ба умдатарин масъалаҳои физгеография, чуғрофияи иқтисодӣ бахшида шудаанд. У кӯшидааст то нақшаи дур- намои раванду пайванди иқтисодии ноҳияҳои чумҳуриро вобаста ба шароитҳои табиию физгеографии онҳо муайян кунад ва дар ин замина фарқи худро доири чо ба чо гузоштани қувваю ресурсҳои истеҳолӣ пешниҳод намояд. Олими дақиқназар анъана, расму русуми сокинони маҳалҳо, ҳусни таваччӯҳи аҳолиро ба ин ё он навъи истеҳсолот, имко- нияти васеъшавию инкишофи он ва ғайраро дар ҳамбастагӣ бо проблемаҳои афзоиши босуръати аҳолӣ (демографӣ) медид. Натичаи**

чамъбасти тадқиқотҳои олим чун рисолаи докторӣ ба Институти чуғрофияи Академияи илмҳои СССР пешниҳод шуданд ва муаллиф соли 1973 ба ин унвони баланди илмӣ соҳиб гашт. Дар солҳои баъдина олим ба тадқиқи як қатор проблемаҳои муҳими чуғрофияи иқтисодӣ, физгеография, географии табиӣ даст зада ба баъзе кушоишҳои пуркимати илмӣ, аз чумла, бахшида ба муайян намудани самтҳои нис- батан фоидаовари иқтисодиёти деҳот ноил гашт.

Масоили умдаи имрӯзаи аҳамияти умумичаҳони пайдо намуда, ҳифзи табиат (экология) ҳанӯз аз ибтидои ба майдони васеи илм ворид гаштанаш дар маркази диққати Қандил Ҷӯраев чой ёфта, то нафаси охирин ӯ ба ин масъалаи глобалӣ тавачҷӯҳи хосса зоҳир мекард. Асарҳои ӯ: «Дар бораи ба ноҳияҳои табиӣ - иқтисодӣ тақсим кардани сарзамини Точикистон» (1961), «Баъзе масъалаҳои чойгиркунонӣ ва махсусгардонии хочагии қишлоқи чумҳурӣ» (1965), «Тараққиёт ва чойгиркунии географии саноати ҶШС Точикистон» (1966), «Аҳамияти иқтисодии обҳои Точикистон» (1971), «Проблемаҳои иқтисодӣ - чуғрофии чойгиркунӣ ва инкишофи қувваҳои истеҳсолкунандаи Точикистон» (1972), «Тараққиёти саноат ва масъалаҳои ба ноҳияҳои иқтисодӣ чудо намудани ҶШС Точикистон» (1975), «Баъзе масъалаҳои иқтисодӣ-чуғрофии муносибати байниҳамдигарии чомеа ва табиат» (1981), «Роҳҳои асосии тараққиёти иқтисодӣ-чуғрофии Қазоқистон ва чумҳуриҳои Осиёи миёна» (1983) ва ғайра гувоҳи хизмати олиманд дар ин самт.

Соли 1985 китоби Қандил Ҷӯраев «Масъалаҳои иқтисодӣ-чуғрофии робитаҳои тарафайни чамъият ва табиат» ба табъ расид, ки дар он муно- сибату ҳамоҳангии табиату чамъият дар масштаби глобалию минтақавӣ чун объекти тадқиқот қарор ёфтааст. Олим дар ин асар ҳамбастагии но- гусастании табиату чамъиятро нишон дода, махсусан ба муайян наму- дани ресурсҳои табиӣ ва меҳнатӣ, чо ба чо гузории қувваҳои истеҳсолкунанда, алоқаю нақлиёт, махсусгардонии иқтисодӣ-истеҳ- солии ноҳияҳо, тақсимоти чуғрофии меҳнат вобаста ба имкониятҳои чуғрофӣ, ҳифзи табиат, демографӣ ва ғайра. У прогресси иқтисодию ичтимоиро дар истифодаи оқилонаи ресурсҳои табиӣ медид.

Қандил Ҷӯраев мунтазам дар симпозиуму конференсияҳои байнал- миллалию минтақавӣ оиди масъалаҳои рӯзмарраи чуғрофия, иқтисодӣ, физгеография баромад мекард. Маърӯзаҳои илмии ӯ доири проблемаҳои глобалӣ (мансуб ба миқёси тамоми курраи замин) дар Чину Ҳинд, Маскаву Ленинград, Гурчистону Арманистон ва ғайра аз тарафи мутахассисон баҳои баланд гирифтаанд.

Қобили қайд аст, ки он нақшаҳои пешниҳод кардаи олим оиди ис- тифодаи оқилонаи захираҳои табиию меҳнатӣ, махсусгардонии ноҳияҳо, сохтмони комплексҳои агросаноатӣ, муносибати боэҳтиётона нисбати ихтисосмандони соҳаҳои мухталифи истеҳсолот ва ғайра ба

**талаботи расмии кунунию оянда чумхурӣ бахшида ҳамоҳангу чавобгӯянд. Таҳлили мунтазам ва доманадор доири мутаносибияту ҳамбастагии ногусастании инсону муҳити табиию чуғрофӣ чун офаридгори набототу ҳайвонот, одаму чамъияти инсонӣ дар олим дарки зарурияти омӯзиши геоэтнографияи точикон ва протсесси ташкилу ташаккули давлатдории онҳоро бедор кард. Яъне олими дақиқназар Қандил Ҷӯраев омӯзиши таърихии этнографии халқашро низ дар ҳамбастагӣ бо табиату муҳити чуғрофӣ медид. Тадқиқоти олим оиди геоэтнография ва ташкилу ташаккули нахустдавлатдории точикон аз нигоҳи табиию чуғрофӣ аввалин кӯшишест дар доираҳои илмии чумҳурӣ.**

**Гузориши масъалаҳо ва проблемаҳое, ки муаллиф ба онҳо даст зада- аст аз ниҳоят доманадорӣ ва сеҳпаҳлӯгии мавзӯъ дарак медиҳад. Шояд муаллиф мехост доири ин мавзӯъ дар оянда кори мукаммале ба анчом расонад, вале фавти нобаҳангому олим ба ин имкон надод. Аз рӯи тах- мин бояд ин кор чамъбасти тадқиқотҳои мавчудаи чуғрофияю геологӣ, таърихию этнографӣ, археологию антропологӣ ва дигар самтҳои илмие мешуд, ки бавосита ё бевосита ба ташаккули этникии (этногенези) точикон таъсир расондаанд ва дар тадқиқи комплексии он кӯмак карда метавонанд. Аз мантиқи умумии кор бармеояд, ки муаллиф бо дақиқсанчии фавқулодда кӯшидааст то геоэтнографияи точиконро ҳам дар доираи васеъ (макрочуғрофӣ) ва ҳам маҳдуд (микрочуғрофӣ), дар ҳамбастагӣ бо тағйиротҳои табиӣ-геологию биоботаникӣ тадқиқ наму- да, раванди этногенези онро бо пайдоишу нахустдавлатдории точикон пайвандад. Гузашта аз он самтҳои алоқамандии точиконро аз қадимтарин айём бо ҳамсоягони худ муайён намояд. Бояд қайд кард, ки ҳар давраи ин раванди таърихӣ дар алоҳидагӣ тадқиқи доманадору тӯлониро талаб мекунад ва аз ӯҳдаи ин кор фақат коллективи мутахас- сисон баромада метавонад.**

**Ба фикри олим пешравии қувваҳои истеҳсолкунанда ва муносибатҳои истеҳсолӣ, паҳншавӣ ё миграцияи аҳолӣ, аз худ наму- дани ноҳияҳои барои зисту зиндагӣ мувофиқ ба пайдоишу пойдорша- вии номҳои чуғрофӣ ва этникӣ сабаб шуданд. Вобаста ба ин термини «точик» низ бо таъсири муҳити чуғрофӣ ба вучуд омадааст. Муаллиф ҳудуди паҳншавии точикони қадимаро дар доираи макрочуғрофӣ му- айён намуда, қайд кардааст, ки он на фақат дар Осиёи Миёна, Эрону Афғонистон, инчунин Ҳиндустону шимолии Чин, ҳудуди имрӯзаи Рос- сия, Қафқоз, соҳилҳои баҳри Миёназаминро низ дар бар гирифтааст. Вобаста ба ин раванди омехташавии точикон бо дигар халқҳо аз дои- раи тадқиқи олим берун намондааст.**

**Табиист, ки дар чунин як тадқиқоти ҳачман начандон назаррас муаллиф наметавонист тамоми масъалаҳои ҳадафи омӯзиш қарорёфтаро ба пуррагӣ ҳал намояд. Муҳимаш барои наслҳои имрӯзаю оянда тарзи**

масъалагузории олим аст. Дар ин кори ба анчом нарасида меҳри беандозаи ӯ нисбати халқаш эҳсос мешавад. Васияти олим доири пурра омӯхтани ин масъала бешак лоиқи дастгирии чиддист.

Ба қалами Қандил Ҷӯраев инчунин васоити таълимӣ доир ба чуғрофияи Точикистон барои мактабҳои миёнаю миёнаи махсус ва чандин мақолаҳои методӣ тааллуқ доранд, ки барои такмили раванди таълим бетаъсир намонданд.

Қандил Ҷӯраев бо маънии том омӯзгор буд. У ба ин амали муқаддас аз рӯзҳои аввали фаъолияти меҳнатиаш сар карда, то охири ҳаёт содиқ монд. Солҳои тӯлонӣ дар факултаи чуғрофияи Донишгоҳи омӯзгории пойтахт ба шогирдон аз чуғрофияи иқтисодию ичтимоии Точикистону Осиёи Марказӣ сабақ медод. Курсҳои махсусе, ки шодравон ба донишчӯён пешниҳод мекард, ба таҳлилу тадқиқи масъалаҳои рӯзмарратарини чуғрофияи иқтисодӣ ва физгеография бахшида шуда буданд. У мунтазам ба шунавандагони курсҳои такмили ихтисоси му- аллимон бо лексияю сӯҳбатҳо доири масъалаҳои муҳимтарини соҳавӣ ва минтақавии саноату кишоварзӣ баромад мекард. Даҳҳо нақшаю васоитҳои таълимӣ ба қалами устод тааллуқ доранд ё зери роҳбарии бевоситаи он тайёр карда шудаанд. Ҳазорҳо шогирдон аз Қандил Ҷӯраев сабақ гирифта дар соҳаҳои мухталифи хочагии халқ, маорифу маданият, саноату кишоварзӣ, маъмурию сиёсӣ ифтихормандона адои вазифа доранд.

Хизмати устод Қандил Ҷӯраев дар тайёр намудани олимони чавон хеле чиддию назаррас мебошад. Имрӯз тадқиқотчии пухтаеро дарёфт кардан мушкил аст, ки аз кӯмаки ин олими пухтакору дақиқсанч баҳравар нагашта бошад. Дар зери роҳбарии бевоситаи устод чандин рисолаҳои илмӣ ба субут расида дифоъ шудаанд.

Қандил Ҷӯраев дар кадом вазифае ки набошад, санъати баланди роҳбарӣ нишон додааст. Солҳои 1957-1967 чун декан ӯ тавонист фа- култаи чуғрофияи донишкадаи омӯзгории пойтахтро ба дарачаи муҳимтарин маркази тайёр намудани омӯзгорони касбӣ мутахассисони самтҳои мухталифи илмӣ-тадқиқотӣ бардорад. Солҳои 1967-1970 ба сифати чонишини вазири маорифи чумҳурӣ доири мактабҳои миёнаи махсус, олӣ ва илм ӯ дар мустаҳкам намудани базаи таълимию илмии мактабҳои олӣ корҳои зиёдеро ба анчом расонд Бо ташаббуси ӯ дар донишкадаҳои олӣ тайёр намудани мутахассисон аз рӯи чандин тахассусҳои наву барои чумҳурӣ муҳим ба роҳ монда шуд. Дар корҳояш «Манбаи кадрҳои педагогӣ» (1972), «Тарбияи кадрҳо» (1976) ва ғайра муаллиф оиди рушди соҳаи омӯзгорӣ ва баланд бардоштани сифати таълиму тарбияи мутахассисони дарачаи олӣ маслиҳати барои замон ниҳоят муфид додааст.

Қобилияти баланди кордонию роҳбарии Қандил Ҷӯраев, алалхусус дар солҳои сарварии Донишкадаи омӯзгории пойтахтро ба ӯҳда дош-

**танаш (1970-1979, 1989-1990) ба чашм мерасад. Дар ин солҳо ӯ таво- нист беҳтарин олимону омӯзгоронро аз дигар ҷойҳо даъват карда дар донишгоҳи номбурда ба кор ҷалб намояд. У одамшинос буд, дар қабулу ҷо ба ҷо гузоштани кадрҳо ҳаргиз маҳалу ҷойро ба эътибор на- мегирифт. У интернатсионалисти воқеӣ буд ва бо тамоми ҳастӣ ин принсипро ҳифз мекард. Беҳуда нест, ки дар солҳои роҳбарии ӯ ин донишгоҳи бузург нафақат маркази муҳимтарини таълиму тарбия омӯзгорони оянда, инчунин, намунаи баланд амали принсипҳои интер- натсионализм ҳисоб меёфт.**

**Қандил Ҷӯрав ба тайёр намудани олимони оянда диққати махсус медод. Шӯъбаи аспирантураи донишгоҳ дар он солҳо ба яке аз марказҳои муҳимтарини тайёр намудани тадқиқотчиёну омӯзгорони мактабҳои олии ҷумҳурӣ табдил ёфт. Хатмкунандагони қобилиятноки барои идомаи таҳсил ва корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ба донишкадаю муассисаҳои илмии машҳури маркази умумииттифоқ фиристода ме- шуданд. Дар донишгоҳ шӯъбаю факултаҳои нав кушода шуданд. Биноҳои нави таълимӣ, хобгоҳҳо ба истифода дода шуданд. Базаи таълимии донишгоҳ ба талаби замон мувофиқ карда шуд.**

**Қандил Ҷӯраев чун депутати Шӯрои Олӣ даъватҳои VIII ва IX, Раи- си Шӯрои Олии ҷумҳурӣ даъвати X аз тамоми воситаҳои ба ӯ дастрас- буда барои пешрафти иқтисодии ҷумҳурӣ, илму фарҳанг, алалхусус маорифи халқ васеъ истифода мебурд.**

**Қандил Ҷӯраев нафақат ба туфайли илму омӯзгори шинохта буда- наш дар байни халқ ба эътибору эътирофи баланд соҳиб гашта буд. У, инчунин, бо хислатҳои ҳамидаи инсонӣ, ростқавлию хушмуомилагӣ, фурӯтанию хирадмандӣ ба дилу дидаи ҳамзамонон роҳ ёфта буд.**

**Роҳи тайкардаи ин марди шариф роҳе буд мураккабу ноҳамвор. У ҳам мисли бисёре аз бузургномон аз як тараф ба қадршиносии расмию мукофотҳои баланд ноил шуда бошад, аз тарафи дигар аз тӯҳмату бӯҳтонҳои меҳнатгурезони хирадкоста, мансабхоҳони кӯрдил эмин намонд. Ин носипосию қадрношиносиҳо гарчи дар дили бузурги ӯ чун бори сангин буданд, вале ҳурмату эҳтиромашро пеши ҳамзамонон паст карда натавонистанд. Чунон ки дар ин бора шоир гуфтааст:**

*Санги беарзиш агар косаи заррин шиканад,*
*Қиммати санг наафзояду зар кам нашавад.*

**У нақшаҳои зиёде дошт, мехост, ҳарчи бештар донишу таҷрибаи дар тӯли солҳо ғункардаашро ба нафъи халқаш, барои беҳбудии зиндагӣ, барои пешравии иқтисодию фарҳангии он сарф намояд. Вале афсӯс...**

**Бо итминони қавӣ бояд гуфт, ки авлодон, насли имрӯз ва фардои олимон нақшаҳои Қандил Ҷӯраевро амалӣ намуда, дар ин замина уфуқҳои нави илмӣ хоҳанд кушод.**



**ХУДОИ ШАРИФОВ** дар деҳаи Ҷорф (Жорф ҳам мегӯянд), ноҳияи Дарвози Бадахшони Тоҷикистон таваллуд шудааст. Соли таваллуди расмиаш 25-уми июни соли 1937 дақиқ нест; рӯзи таввалудашро ҳангоми шиноснома гирифтан худаш интихоб кардааст ва соли 1937, ба хотири ба аъзогии комсомол дар соли 1951 ба 14-солагӣ расидан қабул шуд. Санаи ба ҳақиқат наздики таваллудаш 18-уми августи соли 1938 аст, ки ба соли паланг мувофиқат дорад.

Падараш Муллошариф иисари Муҳаммадлатиф соли 1900 дар ҳамон деҳаи Ҷорф таваллуд шуда, соли 1946 дар кори ичбории канали Варзоб бемо- рии варами шиш бардошта, охири ҳамон сол дар манзили авлодиаш вафот ёфт. Падараш дар мадрасаҳои Чаёбу Рӯстоқи вилояти Тахори Афғонистон таҳсил карда, аз донишу фарҳанги суннатӣ баҳра ефта буд. Бародари падараш Мирзорауф ва бобояш Муҳаммадлатиф шахсо- ни мадрасадида ва соҳибмаълумот буданд. Умуман, ҳамаи аъзои мар- донаи хонаводаи Худоӣ Шарифов, аҳли таҳсилу савод буданд. Падари модараш Муллоибодуллои Дарвозӣ дар шаҳри Чаёби Тахори Афғонистон таҳсил карда, дар Бухоро касби дониш намуда, баъди оғози ошӯби замон ба Самарқанд омада, дар масчиди чомеи гузари Шайхулислом имом будааст. Соли 1937 ба таъқиботи зидди муллоҳо дучор шуда, дар ҳамон чо соли 1939 вафот кардааст.

Бобояш Муҳаммадлатиф соли 1931 аз бими кулак шудан ва таҳқиқи муддате қозии амлокдорӣ будан бо аҳли хонаводааш ба Дарвози Афғонистон кӯч баста, дар деҳаи Ҷегунии он чо соли 1933 чашм дар ниқоби хок додааст. Модараш Гулистон фарзанди Муллоибодуллоҳ соли 1912 дар ҳамон деҳаи Ҷорф таваллуд шуд ва соли 1990 дар деҳаи Камонгарони ноҳияия Ваҳдат чашм аз чаҳон пӯшид. Ба гуфтаи падар ва амакаш авлоди падариашон аз Даҳбеди Самарқанд омада, авлоди модариашон Хуросонӣ будааст. Ба ин хотир яке аз хоҳарҳои бобояш исми Моҳи Хуросон дошт.

Соли 1946 ба мактаб рафта ва то хатми синфи панчум соли 1951 дар мактаби деҳа таҳсил дошт. Ҳамон сол, ба сабаби озоре аз хонавода аз хона баромада рафт ва ба интернати (мактаби кӯдаконаи) шаҳраки На- вободи ноҳияи Ғарм шомил шуд. Дар ин мактаб таҳсили дабистонӣ ё ба истилоҳи он замон маълумоти миёнаро фаро гирифта, баъди хатми он соли1956 ба Донитттгохи давлатии Точикистон дар риштаи тахассу- си филология, муаллими забон ва адабиёти точик пазируфта шуд. Баъди хатми донишгоҳ бо пешниҳоди устод Ш.Ҳусейнзода раёсат ӯро

барои кор дар кафедраи адабиёти точик дар донишгоҳ гигоҳ дошт ва то соли 1966 ба ҳайси ёвари устод (ассистент) дар кафедраи адбиёти шӯравии точик машғул буд. Баҳори соли 1966 ба таҳсили рӯзонаи ас- пирантураи назди кафедраи таърихи адабиёти точик шурӯъ кард, усто- ди роҳнамояш проф. Ш.Ҳусейнзода буд. Моҳи июни соли 1970 рисо- лаи номзадӣ дар мавзӯи «Ташаккули афкори адабии точик дар асрҳои X-X1» ба анчом расонида, дифоъ кард. Аз соли 1969 то соли 1989 му- аллими калон ва баъдан дотсенти кафедраи таърихи адабиёти точик буд. Соли 1987 рисолаи докторӣ дар мавзӯи «Масъалаҳои назарии наср дар осори форсӣ-точикии марҳилаи классикӣ» бо матни ба забони русӣ ҳимоя кард.

Соли 1989 мудири кафедраи фолклор ва усули таълими адбиёт ин- тихоб шуда, то соли 1994 дар ин вазифа кор кардааст. Аз соли 1994 то имрӯз вазифаи мудири кафедраи таърихи адабиёти точикро ба ӯҳда до- рад. Солҳои 1993-1996 декани факултети филология, аз соли 1989 то соли 2003 раиси баҳши танқид ва адабиётшиноси Иттиҳодияи нави- сандагони Точикистон ва аз соли 1992 узви раёсати ҳамин иттиҳодия мебошад. Солҳои зиёд узви Шӯрои дифои рисолаҳои докторӣ дар Ин- ститути Рӯдакии АИ ва чонишини раис дар Шӯрои дифои рисолаҳои докторӣ дар донишгоҳи миллӣ буд. Инчунин, муддате ифтихори раи- сии бахши адабиёти Кумитаи чоизаҳои давлатии ба номи Рӯдакӣ ва узвияти Кумитаи чоизаи давлатии ба номи Ибни Синоро дар соҳаи улуми чамъиятӣ ба ӯҳда дошт.

Бунёди таваччӯҳ ба адаби ҳунарӣ ва шеър дар рӯҳияи Х. Шарифов асоси хонаводагӣ ва маҳаллӣ дорад. Дар айёми кӯдакии онҳо ҳанӯз ру- суми қадимии то аҳди шӯравӣ бунёди фарҳангии маҳаллиро ба ӯҳда доштанд. Дар ҳар маҳалла як-ду овозхон, қисса ва афсонагӯе зиндагӣ мекард, дар миёни мардум ахбори ривоятию динӣ интишоре дошт, ҳама масалу мақол, абёту ривояти зиёде медонистанд. Дар забони мар- дум дар ҳудуди 200 рубоӣ ва тарона мавчуд ва машҳур буд. Онҳоро дар сари гаҳвора, ба ҳангоми базму чашн, дар рӯзҳои мотам, дар роҳи сафар дар дараҳои тангу дароз ва мавридҳои дигар месуруданд ва ӯ онҳоро мешунид, тарбияти завқӣ меёфт. То имрӯз ин таронаҳо чун беҳтарин навоҳо завқу хуш дар ёди ӯ боқӣ мондаанд. Падараш то соли фавташ ба у 14 сура аз қисмати аҳири Қуръон, ки сураҳои кӯтоҳанд, ёд дода буд ва ягона мероси падар баҳраш ҳамин аст. Бародари падараш Мирзорауф дар шаҳри Кӯлоб таҳсили мадраса карда буд ва ба қавли худаш мухтасархон буд. Ин сухан чунин маъно дорад, ки ӯ мувофиқи расми замон «Ҳафтяк» (аз ҳафт яки ҳиссаи Қуръон), «Чаҳор китоб» (китоби роичи таълимии асосҳои мусулмонӣ), Хоча Ҳофиз ва ҳамин киоби «Мухтасар» (мухтасари вақоеъи Қуръон)-ро гирифта ба мутоли- аи «Девони»-и Мирзо Бедил расидааст, ки ошӯби замон сар зада, да- воми таҳсилашро қатъ кардааст. Ба ҳар ҳол амакаш аҳли китоб буд,

хати хуби форсӣ дошт ва ба ин муносибат ӯро Мирзо ҳам мегуфтанд. Бо дутор таронаҳои мардумиро паст-паст замзама мекард, девони но- пурраи Ҳофиз ва Бедилро дар даст дошт ва онҳоро хонда, абёти писан- дидаашро баланд қироат карда, ба аҳли оила мешунавонд ва маънӣ ме- кард. Мирзорауф бо лақаби «Мағмум» шеър менавишт ва дар ин чода худро шогирди Авлиёҳусайн медонист. Устод Х.Шарифов тарбияти хонаводагиро аз ҳамин амакаш гирифта, ҳавас ба шеъру маъниро аз ӯ пазируфтааст. Дар хона китоби «Қасас-ул-анбиё» доштанд ва амакаш шабҳо тирезаҳоро бо ҳаргуна латтаҳои ғафси рӯшноиногузар маҳкам карда (марзбонҳо шаб чароғ гиронданро манъ мекарданд), бо фарзан- дон ин китобро қироат мекард. «Қасас-ул-анбиё» нахустин китобест, ки ӯ мазмуни онро дар он айёми кӯдакӣ шунидааст.

Дар интернат ба чуз таҳсили дарс дигар машғулияте набуд. Аз ин рӯ ӯ андак-андак ба мутолиаи китобҳои бадеӣ одат карда тамоми вақти холиашро ба мутолиа сарф мекард. Дар баҳорон нимтанаи (фуфайкаи) пахтагини гармашро дар доманакӯҳи шаҳраки Навобод паҳн карда ки- тоб мехонд. Рафта-рафта ба мутолиаи китобҳои илмӣ сар кард. Мӯйсафеди русе мудири китобхонаи шаҳрӣ буд. У чавонро ба хондани китобҳои русӣ ташвиқ кард ва аз синфи нуҳум сар карда китобҳои ба- деии русиро мутолиа мекардагӣ шуд. Дар донишгоҳ ҳам ин одати мак- табиаш идома ёфт. Ҳатто замоне шариконаш ба таътили зимистона ме- рафтанд аз китобхона китобҳои зиёде оварда ба хондан машғул мешуд.

Қабл аз хатми донишгоҳ дар дил нақшае membarvarid, ки агар ҳангоми тақсимот ба Академияи илмҳо тавсия кунанд ба кори илмӣ машғул мешавад. Агар ба ягон ноҳия биравад, машқи касби нависандагӣ мекунад. Ғайри чашмдошт дар вақти тақсимот ректори донишгоҳ С.А.Рачабов гуфтанд, ки бо тавсияи профессор Ш.Ҳусейнзода Худоӣ Шарифов барои кор дар донишгоҳ нигоҳ дошта мешавад. Ҳол он, ки Ш.Ҳусейнзода дар оғоз намехостанд роҳбари ко- ри дипломиаш шаванд. Ҳамин тавр дар данишгоҳ барои тамоми замо- ни фаолият монд.

Машқи чиддии навиштан барояш аз рисолаи хатми донишгоҳ ба ис- ми «Низомӣ Арӯзии Самарқандӣ дар бораи шеъру шоирӣ» сар шуд. Аввалин мақолаи мустақилаш тақризе ба китоби С.Табаров «Пайрав Сулаймонӣ» дар рӯзномаи «Точикистони советӣ» чоп шуда буд. Дис- сертатсияи номзадиаш ба ҳачми 270 саҳифа номатбӯъ монд.

Дар оғози солҳои ҳафтодум ба навиштани мақолаҳо дар мавзӯи ада- биёти муосир машғул шуд. Аз охири он солҳо дар пайи чустучӯи як мавзӯи чиддӣ ва муносиби дар оянда рисолаи докторӣ шудан афтод. Аввал таҳқиқи фаъолиятҳои адабии Ибни Синоро барои ин ният муно- сиб донист, ки бояд аз се масъалаи мавзӯӣ иборат мебуд: назми Ибни Сино, насри тамсилии ӯ ва шарҳу таҳқиқи поэтикаи Арасту. Соли 1980 чашни ҳазорсолагии зодрӯзи Ибни Сино тибқи солшумории мелодӣ

буд, ки шароити чопи корҳоро ба вучуд меовард. Бо ин сабаб дар пайи чустучӯи осори адабии Ибни Сино шуд. Ҳосили кор ин шуд, ки «Фан- ни шеър»-и Арастуро аз забони русӣ ба точикӣ баргардонда, ба вай фасле аз муқаддимаи «Шифо» ва дигар асарҳои Ибни Сино, шарҳи Форобӣ, Ибни Рушд (Тарчумаи Ф.Деҳотӣ ва В.Сатторов) ва Насирид- дини Тӯсиро ба асари Арасту афзуда, бо исми «Фанни шеър» бо ҳамроҳии Ш.Ҳусейнзода чун китоби алоҳида чоп карданд. Ба ғайр аз ин рисолаҳои фалсафии Ибни Синоро дар таҳриру тавзеҳи сода бо но- ми «Пирӯзнома» чоп карданд. Ашъори Ибни Сино бо иловаи қасоиди арабиаш якчоя бо Ш.Ҳусейнзода ва К.Айнӣ бо ҳуруфи кириллӣ ва форсӣ ба номи «Авчи Зуҳал» чоп шуд. Дар охири кор мақола ва пажӯҳишҳои дар атрофи Ибни Сино анчомёфта дар китоби «Мақоми Ибни Сино дар шеъру адаби точик» чамъбаст шуданд.

Бо маслиҳати А.Н.Болдирев ва сабабҳои дигар аз нияти навиштани рисолаи докторӣ дар атрофи мавзӯи Ибни Сино даст кашид. Мулоҳизаҳо ӯро ба сари андешаи таҳқиқи мавзӯи насри оғози давраи нави адабиёти точик, яъне панчоҳ соли аввали садаи бистуми мелодӣ овард. Бо диди аввал чанд мақола дар бораи насри Айнӣ, Улуғзода, Икромӣ ва Раҳим Чалил навишта чоп кард. Аммо барои тадқиқи ин мавзӯъ дар навбати аввал заминаҳои миллии инкишофи насри бадеиро чустучу кардан лозим буд. Бо ин ният ба омӯхтани мероси насрии ада- биёти гузашта шурӯъ кард. Аммо ба зудӣ маълум шуд, ки ин кори бағоят бузурги вақтгиру заҳматталабест. Танҳо номгӯи китобҳои насрии марҳилаи классикии инкишофи адабӣ, яъне адабиёти асрҳои Х-ХУ (4-9 ҳичрӣ) дар ҳачми 200 саҳифа сар омад. Бо андешаи ин ки худи нависан- дагони қадим дар бора ин наср ва қонуни эчоду мақсади ҳунарии он чӣ гуна ақида ва назаре доштанд, дар пайи чустучӯйи афкори назарию ада- бии салафҳо афтод. Агар шеър таърифею қоидаеро дорост, барои наср аз санъати сухан чӣ гуна ҳиссае ва хосияте боқӣ хоҳад монд? Чамъоварии мавод маълум кард, ки бо як ҳавзаи бузурги афкори назарию адабӣ сару кор дорад. Ҳосили ин пажуҳиш рисолаи докторӣ дар мавзӯи «Масъалаҳои назарии наср дар осори форсӣ-точикии асрҳои Х-ХУ» (ба забони русӣ) буд, ки онро соли 1987 дифоъ намуд.

Соли 1992 китобаш «Каломии бадеъ» дар нашриёти «Адиб» аз чоп баромад. Аз соли 1980 то соли 1995 зиёда аз 10 китоб рӯи чоп оварда, силсила мақолаҳо дар мавзӯҳои адабиёти гузашта ва муосир навишта ба чоп расонд. Номгӯи китобҳои асосиаш ба ин тартиб аст:

1. Ҳикоёти латиф (дар ҳаммуаллифӣ). Мунтахаб аз «Бадоеъ ул-вақоеъ»-и Восифӣ (Душанбе, 1970).

2. Абӯалӣ ибни Сино. Авчи Зуҳал. Мачмӯаи шеърҳо. Таҳияи Ш.Ҳусейнзода, К.Айнӣ, Х.Шарифов (Душанбе, 1980).

3. Абӯалӣ ибни Сино. Пирӯзнома (бо ҳамроҳи Ш.Ҳусейнзода). (Душанбе, 1980).

4. Арасту, Форобӣ, ИбниСино, Ибни Рушд, Насриддини Тӯсӣ. Фан- ни шеър (бо ҳамкории Ш.Ҳусейнзода) (Душанбе, 1984).

5. Ҳусейнзода Ш., Шарифов Х. Мақоми Ибни Сино дар шеъру ада- би точик. (Душанбе, 1985).

6. Каломи бадеъ (Душанбе, 1992).

7. Услуб ва каломоти сухан. (Душанбе, 1985).

8. Шоир ва шеър. Мачмӯаи мақолаҳо. (Душанбе, 1998).

9. Озурдагон ва умедворон. (Душанбе, 2001).

10. Савти Ачам. (Душанбе, 2002).

11. Балоғат ва суханварӣ. (Душанбе, 2002).

12. Ҳакими суханвар. Бо ҳамқаламии А.Маниёзов. (Душанбе, 2003).

Такроран бо ҳуруфи арабӣ соли 2005.

13. Рози чаҳон. (Душанбе, 2004).

14. Назарияи наср. (Душанбе, 2004).

15. Назмшиносӣ (Бо ҳамроҳии У.Тоиров). (Душанбе, 2005).

16. Суннатҳои адабӣ (мачмӯаи мақолаҳо). (Душанбе, 2007).

Ба ғайр аз ин китобҳо «Мунтахаби «Тарчумон ул-балоға» ва «Ҳадоиқ ус-сеҳр», «Чаҳор мақола»-и Низомии Арӯзии Самарқандӣ, «Шоирони аҳди Сомониён» (бо ҳамроҳии А.Абдусаттор), «Баҳроми Чӯбин»-и Абӯалии Балъамӣ, «Ҳикояти латиф аз «Бадоеъ ул-вақоеъ»-и Восифӣ, «Таърихи адабиёти Эрон»-и Забеҳуллоҳи Сафо (хулосаи чилди аввал, бо ҳамроҳии А.Абдусаттор) ва чанде дигарро омода ва чоп кардаанд. Китоби «Дидор бо Гарморудӣ» бо кӯшиш ва пешгуфто- ри ӯ ва мачмӯаи Сайид Муҳаммад Хотамӣ «Гуфтугӯи тамаддунҳо ва фарҳанги эронӣ» низ бо муқаддимаи Х.Шарифов чоп шудаанд.

То имрӯз чор мачмӯаи мақолаҳояшон чоп шудаанд. Дар ин мачмӯаҳо мақолаҳои умумии назарӣ ва таҳқиқӣ чамъоварӣ ва чоп шу- даанд, ки зикри баъзе аз онҳо ба ин тартиб аст: Марҳилаҳои адабӣ ва методи эчодӣ, Функсияи маърифатии қасида, Таҳаввули мазмун ва ифода дар эчодиёти С.Улуғзода, Ислом ва адабиёти форсӣ, Муқаддимаи маснавиҳои Низомӣ, Маънавият ва чаҳони зоҳир дар на- зари Ҷомӣ, Муаммои ғазал, Камоли шеърӣ ва каломи бадеъ, Тачдиди назар ба адабиёти шӯравӣ, Нақди шеъри Рӯдакӣ, Бунёди мардумии ир- фони Шайх Камоли Хучандӣ, Нақд ва наққодӣ дар Точикистон, Шеъри Рӯдакӣ ва шакли байти адабиёти классикӣ ва ғайра.

Дар муддати Фаъолият ба рисолаи номзадӣ ва доктории 26 нафар устоди роҳнамо буданд.

ЮСУФ НУРАЛИЕВ 5 октябри соли 1936 дар деҳаи хурдакаки Даштизинги назди деҳшӯрои Нулванд ба дунё омадааст. Вале тақдир аз хурдӣ барояш талхии зиндагиро раво дида, хеле барвақт аз навози- ши падару модар, ки шояд тангии рӯзгор косаи умрашонро шикаста бошад, маҳрум сохтааст. Хешу табори наздики падар, ки ба шоҳони



Дарвоз соҳибмансаб будаанд, табиист, ки қисман баъди ба Бухоро ҳамроҳ намудани Дарвоз, қисман баъди ғалабаи инқилоб ба Афғонистон фирор намудаву дар ончо амалу сарпаноҳ ёфта буданд. Азчумла дар Дарвози Афғонистон то ҳол бо номи «авлоди Сабзи Алӣ» машҳурият доранд. Дар дарбори шоҳони Дарвоз намояндагони ин авлод Мирдодихудо ва Мирхокиро соҳибмансабу (мирохӯр) барӯманд буда, ифои хизмат доштанд. Аз намояндагони ин авлод дар солҳои Ҳокимияти Шӯравӣ Саломатшо, Меҳрубоншо ва дигарон дар қатори муҳочиршудагон ба водии Вахш рафта, бо туфайли меҳнати ҳалоли хеш соҳиби ҳурмату обурӯи баланд гаштаанд. Меҳрубоншо табъи шоирӣ дошта, ду мачмӯааш рӯи чоп низ дидааст. Дар ташаккули чаҳонбинии чамъитию илмии гиёҳшиноси машҳури оянда Юсуф Нуралиев ҳикояю сӯҳбатҳои амакаш яке аз аберагони Сабзи Али - Ғозӣ Калонов, ки шабҳои тӯлонии зимистон сурат мегирифтанд, нақши ҳалкунанда бозидаанд. Вале чунин шӯҳрати диёрро соҳиб будани он авлодон барои писарбачаи ҳассос Юсуф дар солҳои мудҳиши Ҷанги Бузурги Ватанӣ табиист, ки сабукие дода наметавонистанд.

Ба мушкилоти давраи тифлӣ, кӯдакию наврасӣ нигоҳ накарда, гӯё қувваи ноаёне ин писарбачаи кунчкову ҳассос Юсуфро, ки тақдир ё шояд нарасидани ғизо нисбати ҳамсолонаш чисмонан низ қафо мека- шид ба худ роҳи мушкилу пурифтихори илмро интихоб намояд. Ал- батта касби ояндаашро ҳоло дуруст эҳсос накунад ҳам омӯзиши таби- ат, ҳамбастагии он бо ҳайёти одамон то рафт бештар диққаташро чалб мекард.

Юсуф агар он дониши ниҳоят ибтидоиеро, ки аз амакаш Ғозӣ Кало- нов гирифта буд сарфи назар кунем, маълумоти аввâларо дар мактаби миёнаи рақами 7 деҳаи Нулванд гирифта, сипас дар мактаб-интернати давлатии шаҳраки Ғарм идома додааст. Соли 1955 бо баҳои аъло маълумоти миёнаи мактабӣ гирифт. Қайд кардан ба маврид аст, ки ҳарчанд дар номаи камол аз тамоми фанҳо баҳои панч дошта бошад ҳам, соҳиби медали тилло шуда натавонист. «Эҳтимоли сабаби бепара- стории ам буд, - менависад баъдҳо олим, - ки мактабро бо баҳои аъло тамом кардаму ба ман медали тилло надоданд. Ин доғи беадолатӣ ва ранчиши кӯдакӣ доғест дар дили ман аз бачагӣ то имрӯз». Вале бо мушкилӣ ҳам бошад, ҳамон сол ба факултаи муоличавии Донишкадаи тиббии давлати Точикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино дохил шуда, онро соли 1961 бомуваффақият хатм намуд. Ҳанӯз аз солҳои донишчӯӣ қобилияту чиддияти донишандӯзиашро ба назар гирифта, устодон ва роҳбарияти донишкада ӯро ба сифати муаллими формакология ба кор

**гирифтанд. Аз ҳамин давра фаъолияти мустақили касбиаш ибтидо гирифт.**

**Сабаби фанни фармакологияро интихоб намуданро омӯзгори чавон бадҳо чунин шарҳ додааст:**

**«Чаро пас аз итмоми институти тиббӣ, ман фанни фармакологияро (дорушиносӣ, доруофарӣ) касби асосии худ интихоб кардам? Бо ду са- баб: 1. Дар деҳае, ки ман зиндагӣ мекардам бо сабаби дар он солҳо на- будани табобатхона, ҳагоме касе ба ин ё он касалӣ гирифтор мешуд, бо маслиҳати калонсолони ҳаётдида мардуми он доимо аз гиёҳҳои шифоӣ истифода мебурданд. Мо кӯдакон ба онҳо дар чамъоварии гиёҳҳо ёрӣ расонида доимо кунчковона ба онҳо доири шифоии ҳар гиёҳ савол ме- додем. Ҷавоби онҳо пур аз торикиҳо буд ва барои асрори шифоии ҳар гиёҳро фаҳмидан аз хурдӣ орзӯи духтур шуданро мекардам. 2. Ҳангоми дар институт хонданам медидам, ки ҳар сол аксарияти бачаҳои кӯҳистон аз фанни фармакологи баҳои ду мегирифтанд. Бо ин сабаб аз курс ба курси дигар намегузаштанд, ё аз институт хорич ме- шуданд. Ин ҳолатро дида аз курси сеюм ман қасам хӯрдам, ки фарма- колог мешавам ва ҳеч гоҳ намегузорам, ки ягон кӯҳистонӣ ё точик аз ин фан баҳои ду бигирад. Дар ҳақиқат чунин шуд».**

**Юсуф Нуралиев солҳои 1961-1963 чун орденатор тачрибаи амалӣ гирифта, солҳои 1963-1966 аспиранти Донишгоҳи тиббӣ буд. Ҳарчанд ба- рои тадқиқот доири мавзӯи рисолавӣ «Фармакологияи зирк (барбарис)» дар кафедраи фармакалогияи донишкада барои ичрои ин мавзӯъ зами- наи мувофиқе мавчуд набошад ҳам бо заҳмати муттасил ва дастгирии дотсентони донишкадаи тиббӣ - мудири кафедраи микробиология У.В.Умаров ва мудири кафедраи биологияи донишкада А.И.Шуренкова дар муҳлати муяншуда, сентябри соли 1967 дар мавзӯи «Фармакалогияи зелол (зирк)» рисолаи номзади хешро бомуваффақият дифоъ намуда, баъди чанде чун дотсенти кафедра ифои вазифа намудааст.**

**Фаъолияти ояндаи олими фармакология Юсуф Нуралиевро ба хуло- сае овард, ки бояд тадқиқотро дар ин чода чиддан идома бахшад. Бо ин мақсад барои шиносоӣ пайдо кардан бо яке аз мутахассисони шӯҳрати чаҳонӣ дошта, академик С.В.Аничков, ки роҳбарии лабораторияи фар- макологии шаҳри Лениградро (феълан Санкт-Петербург) ба ӯҳда дошт ба ин шаҳри таърихӣ ва маркази муҳими илмӣ сафар кунад. Аз моҳи ок- тябри соли 1969 то моҳи сентябри соли 1974 ӯ бо тавсияи С.В.Аничков дар назди олими шинохтаи Руссия, мудири кафедраи фармакологияи Институти тиббӣ ва санитарии № 2 шаҳри Ленинград профессор Д.Д.Денисенко ба сифати докторант фаълияти тадқиқотир чиддан идома дод. Заҳмати шабонарӯзии олими точик Юсуф Нуралиев дар ин маркази муҳими илмӣ бор овард. Зери роҳбарии профессор Д.Д.Денисенко соли 1974 ӯ рисолаи доктории хешро дар мавзӯи «Фармакологияи Мумиё» сарбаландона дифоъ намуда ба чумҳурии азизаш баргашт.**

**Солҳои 1974-1996 - гиёҳшиноси аввалдарачаи чумҳурӣ Юсуф Нуралиев мудирии Шӯъбаи Фармакологияи тачрибавии (экспериментали̅) Институти гастроэнторологияи АИ ҶТ ва аз соли 1996 инчониб ба ҳайси ходими пешбари Шӯъбаи таърихи илми Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии АИ Ҷумҳурии Точикистон кору фаъолият дорад. Ҳамзамон ба сифати профессори кафедраи фармако- логияи Донишгоҳи тиббии ба ном Абуалӣ ибни Сино ба таълими донишчӯён машғул аст. Соли 2005 якчоя бо шогирдонаш Точинисо Зу- байдова, Мичгона Шарофова, Зебо Баҳромова Институти байналмил- лалии омӯзиши осори ибни Сино (Авитсенна) ва фармакологияро (ИПООСФ) таъсис доданд. Ҳоло ин институт бо ташаббуси олим бо марказҳои синошиносии Ҳиндустон, Фаронса, ИМА, Англия, Эрон, Узбекистон ва ғайра робитаҳои ҳамкорӣ дорад.**

**Ҳарчанд доираи илмии Юсуф Нуралиев ниҳоят доманадор аст, вале дар марказ панч самти зерин ба назар мерасад:**

**I. Дар таъсис ва рушди фармакологияи тачрибавии муосир. Аз солҳои 60-ум инчониб дар назди кафедраи фармакалогия, усулҳои ди- лу рӯда, гӯшти аз тан чудо (т У11го)-ро тадқиқ ва якқатор усулҳои ба тарзи омӯзиши таъсири доруҳои лозимиро амалӣ намудааст. Дар асоси тачрибаҳои бардавом усулҳои нави фармакологӣ: зидди илтиҳоботӣ (противовоспалительное) - соли 1970; усули нави захми меъда (дар ҳамкорӣ бо профессор П.П.Денисенко) - соли 1972; усули нави санчиши хосияти заҳршикани чигар - соли 1976; усули омӯхтани арақбарории организм (дар ҳамкорӣ бо Т.Зубайдова ва дигарон). Усулҳои номбурда чун «усули профессор Ю.Нуралиев» дар чандин марказҳои фармакологӣ мавриди истифода қарор доранд.**

**II. Дар омузиши гиёҳҳои шифоии Тоҷикистон. Ю.Нуралиев бо шогирдонаш хосияти шифоии қариб 100 гиёҳҳои Точикистон аз чумла: ишим, коснӣ, чойкаҳа, татум, зелол, чоқла, анчабир (геран), руян, чинорбарг, инчунин шифои мумиё, прополис ва ғайраро омӯхта, дар асо- си онҳо зиёда аз 20 доруи нави нодир ба мисли: сомонола, гепатопо- лис, гепатола (дар ҳамкорӣ бо профессори Фаронса Масъуди Миршоҳӣ ва Т.Зубайдова), Синолон барои муоличаи чигар. Доруҳои синобет, розибет, (дар ҳамкорӣ бо Б.Қурбонов), юнибет, фитобет (дар ҳамкорӣ бо М.Шарофова) барои муоличаи диабети қанд литолит (дар ҳамкорӣ бо Т.Зубайдова) барои муоличаи санги талхадон ва санги гурда), ан- гиона (дар ҳамкорӣ бо профессори Фаронса М.Миршоҳӣ ва М.Шарофова) ва ғайра маҳсули заҳмати ӯст.**

**Дар асоси доруҳои номбурда 7 рисолаи номзадӣ ва 1 рисолаи докторӣ аз тарафи шогирдони олим дифоъ шудаанд. Ҳоло 2 рисолаи докторӣ ва 3 рисолаи номзадӣ омадаи дифоъанд.**

**III. Дар бахши таърихи тибби тоҷик. Юсуф Нуралиев аввалин шуда дар таърихи тибби чаҳонӣ аз назари тибби муосир ба тачрибаи ин**

**мактаби тиббии ниёгон баҳои арзандаи илмӣ додаанд. У равиш, наза- рия, амалия ва ҳамбастагӣ бо табиат (экология) чӣ тавр пешгирӣ наму- дани бемориҳоро дар тибби Авесто аз лиҳози илмӣ таҳлилу маънидод намудааст. Олим дар ҳамкорӣ бо шогирдонаш тибби Авесторо ба як ситемаи тибби мустақил чудо намудааст, ки дар илм бо номи ӯ ва М.Миршоҳӣ муаррифӣ шудааст.**

**IV. Саҳм дар бахши сипошипосӣ. Намоёнтарин бахши осори про- фессор Ю.Нуралиевро китобу мақолаҳои бо забонҳои мухталиф дар ин самт ба чоп расидааш ташкил медиҳанд. Натичаи омӯзиш, таҳлил ва баҳои Ибни Синоро дар китобҳои «Тибби замони Авиcенна» бо забони русӣ. соли 1981), «Рисолаҳои тиббии ибни Сино» (бо забони русӣ, со- ли 1982). «Тибби замони Сомониён» (бо забони русӣ, соли 2002), «110 доруи Ибни Сино ё формотерапияи санги гурда» (Душанбе, 1998, 2002, 2004; Санкт-Петербург, 1999, 2001, 2002; Булғория, 2002, 2003; Теҳрон, 2005 ва ғайра), «Гиёҳдармони камарсустӣ» (М., 1996 - бо за- бони русӣ) ва ғайра дастраси хонандагону корафтодагон гаштаанд. Натичаи тадқиқоти тӯлонии олим дар самти синошиносӣ дар китоби бунёдии соли 2005 ба табъ расидани Юсуф Нуралиев чамъбасти худро ёфтааст. Ин тадқиқоти нодир аҳамияти умумибашариро дорост.**

**Юсуф Нуралиев дар омӯзиш ва чопи асарҳои классикони тибби точик саҳми арзанда гузоштааст. Соли 1989 дар ҳамдасти бо шодравон Ҷобулқо Додалишоев «Китоб ал-абнийя ал-ҳақоиқ ул-адвия»-и (дар шакли кӯтоҳ - «Ҳақоиқ ул-адвия») Абулмансур Муваффақ Алии Ҳиравиро бо унвони «Гиёҳномаи Абулмансур» бо пешгуфтор, тавзеҳоти мукаммал ва луғат ба чоп расондааст.**

**Профессор Ю.Нуралиев чун аъзои ҳайати таҳририя дар тайёр ва ба чоп расонидани «Энсиклопедияи советии точик» низ хеле назаррас аст.**

**V. Дар омӯзиши тибби халқӣ ё мардуми точик. Ин бахши тиб дар таҳқиқоти профессор Ю.Нуралиев мақоми махсус дорад. Даҳҳо мақолоти олим ба ин мавзӯъ бахшида шудаанд. Чун олим ва мутахас- сиси тибби муосир эшон хеле устодона ба самтҳои мухталифи тибби мардуми точикон баҳои муносиби илмӣ додааст. тибқи тадқиқоти ин табиби ҳозиқ тибби халқии точик аз тибби тоавестоӣ (асрҳои ХУ-Х1 то мелод) сарчашма гирифтааст. Аксари вожа ва номи рустаниҳои доруги он замон то ҳол дар байни точикон бо ҳамон шакли қадимашон маълу- мият доранд.**

**Профессор Юсуф Нуралиев бо даҳҳо маърӯзаҳои илмии худ дар анчуману симпозиумҳо, конфронсу гузоришҳои байналмиллалӣ (дар Олмон, Эрон, Ҳиндустон, Фаронса, Шведсия, ШМА, Русия, Белгия, Венгрия ва ғайра) тибби точикро муаррифӣ намудааст.**

**Олими точик Юсуф Нуралиев, доктори илмҳои тиб, профессор, ака- демики байналмиллалии муҳандисӣ (Москва, 1996), академики фахрии Академияи илмҳои тибби Ҷумҳурии Исломии Эрон (Теҳрон,1999), до-**

рандаи Медали тиллои Созмони умумичаҳонии моликияти интеллектуалӣ (Женева-Душанбе, 2003), муаллифи бештар аз 300 мақолоти илмӣ, 15 китоб, зиёда аз 20 патент мебошад. Мақолоти илмӣ ва китобҳояш бо забонҳои русӣ, англисӣ, форсӣ, арабӣ, булғорӣ дар хоричи чумҳурӣ ба чоп расидаанд. Се китоби муаллиф 7 маротиба дар Русия (шаҳрҳои Москва, Санкт-Петербург, Нижний Новгород) бо теъдоди қариб 1 млн. нусха дастраси мутахассисон, доираи васеи хонандагон ва дармонталабони русзабон гаштаанд.

Ҳарчанд ин олими тавонои точик берун аз кишвар маълумияти амиқ пайдо кардааст, вале диёри азизашро, табиист, ки дар ҳамбастагӣ бо Ватанаш Точикистон аз ҳама боло мегузорад. Ин муҳаббатро дар дастнависи мақолааш «Аз Дарвоз то Санкт-Петербург» чунин қаламдод намудааст:

«Роҳи зиндагӣ ва илм пай кардаам, аз Дарвоз то Санкт-Петербург. Дар яке аз зеботарин ва хушманзаратарин ноҳияи кӯҳистони Точикистон - Дарвоз таваллуд шуда, дар муҳити фарҳангӣ ва илми бузургтарин ва зеботарин шаҳри Русия - Санкт-Петербург ҳамчун олим ба воя расидаам.

Хушбахтии рӯзи ҳаёти ман дар зиндагӣ он рӯзе аст, ки ман онро дар Дарвоз ва ё дар Санкт-Петербург гузаронидаам.

Ҳар шаби фаромӯшнашавандаи ман он шабест, ки дар хобам худро дар Дарвоз ё дар Санкт-Петербург дидаам.

Дар лаҳзаҳои вазнинтарини зиндагиам ва дар тӯли тамоми сафарҳои дур аз Ватани азизам Точикистон, доимо ин ду макони дӯстдоштаамро ба ёд оварда худро орому хушҳол эҳсос менамудам».

Ҳоло ин олими шинохтаи миллат дар айни камолоти касбист ва мардуми диёру тамоми Точикистон барои эшон бурдбориҳои навини илмӣ хоҳонанд.



ЮСУФШО ЯЪҚУБОВ 16 ноябри соли 1937 дар деҳаи Равнови ноҳияи Қалъихумби вилояти Ғарм дар оилаи кишоварз чашм ба олами ҳастӣ кушода, маълумоти ибтидоиро дар ҳамин деҳа ва миёнаро дар мактаб-интернати деҳаи Саричашмаи вилояти Кӯлоб, ки баъди чанде ҳамаи аҳли хонаводa барои иқомати доимӣ ба ин вилоят кӯч баста буд. гирифтааст. Соли 1955 ба факултаи таъриху филологии Донишгоҳи давлати Точикистон (феълан Донишгоҳи миллӣ) дохил шуда, баъди хатми он, аз соли 1960 то ба ин дам, яъне муддати 48 сол боз дар як чо - Шӯъбаи бостоншиносии Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академи-

**яи илмҳои Ҷумҳурии Точикистон кору фаъолият бурда, аз коргузори (лаборант) калон то мудирии шӯъбаи мазкур, аз увончӯи оддӣ то док- тори илмҳои бостоншиносӣ, узви вобастаи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Точикистон сабзида расидааст.**

У дар димнаю нуқтаҳои Панчакенту Хулбук, Қаҳқаҳаю (Шаҳристон) Афросиёб, Тӯдаи Калону Тӯдаи Хурди ноҳияи Ашт, Чил- духтарону Уртақӯрғону Хоняйлови ноҳияи Уротеппа, қабристони қадимаи Маканимар дар ноҳияи Фархор, Ачинатеппаи ноҳияи Қӯрғонтеппа, оромгоҳҳои асри биринчи Вахши I ва II дар наздикии Бешаи Палангон ва ғайра ба ин кори заҳматталаб машғул шуда, тачрибаи ниҳоят зарурии касбӣ ба даст овард. Қобилияти амали мустақилона ва масъулияти касбии мутахассиси чавонро ба назар ги- рифта, соли 1962 роҳбарии экспедитсияи бостоншиносии Яғнобро ба зиммааш гузоштанд. У дар ин мавзеъ 10 нуқтаи муҳими ёдгории бос- тониро кашф кард.

Дар асоси маводи бостоншиносии Гардани Ҳисор, алалхусус ку- шоиши комплексии қасру майдони он, дар Осиёи Миёна аввалин шуда, вазъи ичтимоӣ, характери манзилсозӣ ва тарҳрезию санъати анъанавии меъмориро барои ин давраи таърихи кӯҳистони Суғд ва тамоми минтақа, ки қариб батамом норавшан буд, кашф гардид. Натичаи ин ковишҳои Гардани Ҳисорро акнун олими бо маънои пуррааш роҳу ра- виши худро ёфта - Юсуфшо Яъқубов дар рисолаи худ «Фархор дар асрҳои VII-VIII баъди милод», соли 1979 рӯи чоп дидааст, чамъбаст намуд. Хусусияти фарқкунандаи ин тадқиқот дар он аст, ки муаллиф танҳо ба тахлили маводи дар ҳафриётҳо ба дастовардааш қонеъ нашу- да, онҳоро дар муқоиса бо сарчашмаҳои нодири хаттӣ мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор додааст. Бесабаб набуд, ки ин тадқиқот ба асоси рисолаи номзадӣ гузошта шуда, онро соли 1970 дар Шӯрои диссертат- сионии Инстиитути шарқшиносии Академияи илмҳои ИҶШС дар шаҳри Москва бомуваффақият дифоъ намуд.

Солҳои 70-80-уми асри гузашта, доираи тадқиқоту ковишҳои саҳроии Юсуф Яъқубов боз доманадортар гардид. Ба ин қатор ҳафриётҳои Қалъаи Санчаршоҳ дар назди деҳаи Сучин ва қалъаи Наврӯзшоҳ назди деҳаи Навобод, инчунин Қалъаи Ҳисораки ноҳияи Масчоҳ ҳисоб меёбанд. Натичаи илмии ин ҳафриётҳо дар китоби соли
1988 ба табърасидаи олим «Бошишгоҳҳои давраи аввали асримиёнагии кӯҳистони Суғд» чамъбасту таҳлили воқеъии худро ёфтаанд. Яке аз хулосаҳои муҳими олим амиқтар муаян намудани ташаккули феода- лизм дар минтақа ҳисоб меёбад. То ин дам бисёре аз мутахассисон ба ақидае буданд, ки он ба асрҳои рост меояд, вале таҳлили амиқи маъхазҳо Юсуф Яъқубовро ба хулосае овард, ки ин падида дар минтақа хеле пештар - асрҳои Ш-ГУ амри воқеъ гаштааст. Аз қиммати илмии тадқиқоти номбурда далеле шаҳодат медиҳад, ки он соли 1988

ба ҳайси рисолаи докторӣ дар Шӯрои диссертатсионии Донишгоҳи давлатии Москва пешниҳод ва дифоъ карда шуд. Дар ин солҳо таҳти роҳбарии олим даҳҳо нуқтаҳои аҳамияти таърихӣ дошта кашф шудаву қисман ҳадафи ҳафриётӣ қарор ёфтаанд.

Соли 1991 Юсуф Яъқубов ба гурӯҳи олимони точик дар экспедитси- яи байналмиллалӣ ЮНЕСКО оиди «Роҳи абрешим» ширкат дошта, ба он роҳбарӣ намудааст. Муддати се сол (1997-1999) олим сардории гурӯҳи кории муштараки точикӣ-олмониро доири омӯзиши канданиҳо фойданок ба ӯҳда дошта, дар кӯҳҳои Мушистони Панчакент ва Такфо- ни ноҳияи Айнӣ тадқиқот бурдааст. Дар натича қариб даҳ пункти ис- тифодаи қадимии мису қӯрғошимро муайян намудааст.

Чашни 2700-солагии шаҳри Кӯлоб дар фаъолияти олим такони чиддӣ бахшид. Ҳафриёти қалъаи охириасримиёнагии дар маҳаллаи Чармгаро- ни поёни шаҳри Кӯлоб нишон дод, ки дар қисмати поёнии он қабати ма- дании мутааллиқи асрҳои 1-1У чой доштааст. Ҳафриёти солҳои 2001- 2006 нишон додаанд, ки ин шаҳр таърихи қадимаро дорад.

Юсуф Яъқубов дар асоси маъхазҳои ҳафриётӣ, хаттӣ ва асотирӣ паҳншавии ҳудудию чуғрофии чунин гурӯҳу қабилаҳои дар замонҳои қадим бо ҳам қаробияти нажодӣ доштаи эрониёну турониён ва скифҳоро ҳадафи таҳлил қарор дода, ба дастовардҳои назаррас низ соҳиб гаштааст. Мутахассисону хонандагони соҳибзавқ ин дақиқназари олимро дар китоби «Точикон», ки соли 1992 рӯи чоп ди- дааст эҳсос намуданд. Бояд қайд кард, ки ин асари муаллиф бо иловаҳои зарурӣ боз ду маротиба - солҳои 1994 ва 1999 аз нав чоп шу- да, дастраси доираи васеи хонандагон гаштааст. Дар ин самт ҳамчунин тадқиқоти калонҳачми олим «Дини Суғди қадим», ки соли 1996 дар нашриёти «Дониш» рӯи чоп дидааст, аз чиҳати илмӣ ниҳоят чолиб бу- да аз тарафи мутахассисон баҳои баланд гирифтааст.

Доир ба масоили мухталифи бостоншиносӣ ва таърихи қадимаи точикону дигар халқҳои минтақа бештар аз 10 китобу садҳо мақолоту гузоришҳои муаллиф рӯи чоп дидаанд. Чолибтарин мақолоти олимро бо забонҳои мухталиф тарчумаву дар Олмон, ИМА, Фаронса, Эрон, Афғонистон, Ҳиндустону Покистон ба табъ расидаанд.

Яке аз самтҳои муҳими фаъолияти илмӣ-амалии Юсуф Яъқуб таъли- фи китобҳои дарсӣ ҳисоб меёбад. У муаллифи китобҳои дарсии ба давраҳои қадиму асримиёнагӣ барои синфҳои 5 ва 6 мактабҳои миёнаи таълими ҳамагонӣ мебошад.

ЧУРАБЕК НАЗРИ, фарзанди Усто Назрии Дарвозӣ 23 июни соли 1946 дар деҳаи Навруҳои ноҳияи Ховалинги вилояти Кӯлоб (феълан вилояти Хатлон) чашм ба дунёи ҳастӣ кушодааст.

Аз ноҳияи Қалъаихумб кӯч бастани волидайни муҳаққиқу ҳунарманди ояндa Чӯрабеки Назрӣ ҳанӯз қариб даҳ сол қабл аз тавли-



даш сурат гирифтааст. Онҳо худ зодаи деҳоти Ғожу Тоғмайи Дарвоз буда, мушкилоти ҳаёти кӯҳистон, таъқиботи сиёсии дар он замон суръат гирифта, ин хонаводаи серфарзандро бо умеди беҳдошти рӯзгору ба по хезондани фарзандон соли 1937 баъди сарсониҳо деҳаи номбурдаро иқоматгоҳи доимӣ қарор доданд. Соли 1953 Усто Назрӣ бо аҳли хонавода ба деҳаи он замон номи Крупская дошта, феълан Оқчари колхози Ленини ноҳияи Восеъ ва баъди якуним сол ба шаҳри Душанбе кӯч бастааст.

Ҳамин тариқ, олими оянда, Ҷӯрабеки Назрӣ аз синфи се то ба охир дар шаҳри Душанбе таҳсили мактабӣ гирифта, баъди хатми он соли 1963, барои амалӣ гаштани орзӯи дерина - идомаи таълим аз рӯи илми адаб, ки ҳанӯз аз синфи шашуму ҳафтум падари босаводу маънирасаш дар қалбаш чо карда буд, дар бахши забону адабиёти факултаи таъриху филологияи Донишгоҳи давлатии Точикистон ба номи В.И.Ленин (феълан Донишгоҳи давлатии миллии Точикистон) дар қатори беҳтарин ғолибони озмун донишчӯ шуд. Панч соли давраи донишчӯи барояш нафақат аз беҳтарин олимони соҳа Шарифчон Ҳусейнзода, Додочон Точиев, Соҳиб Табаров, Саъдоншо Имронов, Худоӣ Шарифов ва дигарон сабақи илм гирифтан буд, инчунин ҳунари волои табиатан дар ниҳодаш чой дошта - хунёгарию овозхониро сайқал бахшид. Албатта пешсафии ин донишчӯ дар ҳарду самт барои роҳбарияти донишгоҳу устодон пинҳон буда наметавонист.

Баъди хатми донишгоҳ бо тавсияи раёсати он ва маслиҳати устодон мутахассиси умедбахш Ҷӯрабеки Назрӣ ба аспирантураи Шӯъбаи шарқшиносӣ ва осори хаттӣ дохил шуд. Албатта он замон барояш чанд роҳи ба қуллаҳои шӯҳрат расидан кушода буд. Шояд аз ҳамаи онҳо са- буктаринаш чодаи санъат мебуд, чунки ин сарвати ҳунарии худодод дар қалбаш чунон чӯш мезад, ки онро нигоҳ доштан номумкин буд. У худ ба худ фаввора мезаду ҳатто мутахассисону соҳибҳунарони машҳури он замонро ба ҳайрат меовард. Бисёриҳо пешаи ин соҳаро бо боварии том барояш пешгӯӣ мекарданд. Вале дар ин интихоби бешубҳа барояш мушкил, шавқи таҳқиқи мероси оламшумули ниёгони бузургном боло гирифт.

У дар солҳои аспирантӣ нафақат болои рисолаи номзадӣ - «Макта- бии Шерозӣ ва матни илмӣ-интиқодии маснавии «Лайлӣ ва мачнун»-и ӯ», чиддан кор мебурд, инчунин доири он масоили мубрами адабиётшиносӣ дар саҳифаҳои матбуоти даврӣ мақолаҳо ба табъ мера- сонд. Нашри мақолаҳои «Тобиши наве дар сабки куҳан», «Мактабӣ ва мероси адаби ӯ», «Мактабии Шерозӣ», «Меҳрии Ҳиротӣ» ва ғайра худ гувоҳи такопӯи илмии ин олими умедбахш буд.

Инак, заҳмати муттасили тадқиқотчии чавон зери роҳбарии акаде- мик Абулғанӣ Мирзоев натичаи дилхоҳ дод. Соли 1974 аз рӯи рисолаи номбурда дифои унвони илмӣ намуда, акнун чун олими дорандаи мад- раки расмӣ - номзади илм бо азми қавитар аз пеш чиддан ба фаъолия- ти илмии хеш идома бахшид. Ҳарчанд сафари хизматии ӯ баъди як со- ли дифои рисолаи номзадӣ бо сабаби сафари хизматӣ ба Афғонистон ба ҳайси тарчумони ҳарбӣ дар ҳайати намояндагии дастгоҳи Вазорати мудофиаи ИҶШС муваққатан қатъ шуда бошад ҳам, баъди бозгашт ва идомаи фаъолияти тадқиқотӣ аз соли 1976 дар Институти забон ва адабиёти АИ ҶТ боз чиддан идома ёфт. Пайи ҳам рӯи чоп дидани мақолаю асарҳои ӯ аз қабили «Устоди адаб ва санъаткори бузург», «То ба кай муболиға мекунем», рисолаҳои «Мактабии Шерозӣ ва достони «Лайлӣ ва Мачнун»-и ӯ» (Душанбе: Дониш, 1983, 12 чузъи чопӣ), «Лайлӣ ва Мачнун»-и Мактабии Шерозӣ» (тадқиқот ва таҳияи матни илмӣ-интиқодӣ бо ҳуруфи форсӣ, барориши Маркази мутолиоти Эронӣ. - Теҳрон, 1373 ҳ.ш., 20 чузъи чопӣ) ва ғайра аз қадамҳои қавии эшон дар ин чода дарак медод. Бояд қайд кард, ки эчоди достонҳои «Лайли ва Мачнун» дар адабиёти классикии форсу точик ба ҳукми анъана даромада буд. Аз ин лиҳоз таҳлили илмии достони безаволи Мактабии Шерозӣ дар муқоиса бо чунин шоҳасарҳои ҳамноми он, ки мутааллиқи эчоди Низомии Ганчавӣ ва Амир Хусрави Деҳлавӣ мебо- шанд, мӯшикофии хосаро тақозо дошт ва олим борикбинии худро ни- шон дода тавонист.

Ибтидои солҳои 80-ум қобилияти ташкилотчигии ходими калони илмӣ Ҷӯрабек Назриевро ба назар гирифта, сарварии Осорхонаҳои муттаҳидаи адабиёти назди Институти забон ва адабиёти АИ ҶТ ба зиммааш гузоштанд. Дар ин вазифа маҳорати ташкилотчигии олим аз мушоҳидаи роҳбарияти Академияи илмҳо берун буда наметавонист. Бесабаб набуд, ки ӯро моҳи марти соли 1991 ба ҳайси директор ва аз октябри ҳамин сол ба вазифаи масъули директори Институти мероси хаттии АИ ҶТ таъин намуданд. Фармони Раиси Шӯрои Вазирони Ҷумҳурии Точикистон баъди барҳам додани Институти шарқшиносӣ соли 1993 ва ба ихтиёри Институти мероси хаттӣ гузаштани Ганчинаи дастнависҳои шарқии ба номи А.Мирзоев, масъулиятшиносии илмӣ ва ташкилотчигии Ҷӯрабек Назриевро боз ба зинаи баландтар бардошт. Ба мушкилиҳои дарёфти воҳидҳои корӣ нигоҳ накарда ӯ тавонист, ки мутахассисони варзидаи ин самти илмиро нигоҳ дорад.

Гузаштан аз мактаби чиддии тадқиқотӣ ва боварӣ ба қобилияти ил- миию масъулияти ташкилотчигии хеш Ҷӯрабек Назриевро ба хулосае овард, ки бояд ба тадқиқоти воқеан бунёдӣ машғул шавад. Бо ҳамин ният ӯ муддати мадиде болои рисолаи докторӣ кор карда, билохира соли 1996 дар Шӯрои ҳимояи рисолаҳои доктории Институти забон ва адабиёти ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакии АИ ҶТ дар мавзӯи «Ривоёти

Библияву Қуръон рочеъ ба Сулаймон ва таҳаввули он дар адабиёти форсу точик» соли 1996 бомумуваффақият дифоъ намуда, ба ин унво- ни олии илмӣ соҳиб гардид. Таҳлили чанбаҳои мухталифи ин мавзӯи ниҳоят доманфарохи илмӣ олимро водор сохт, ки боз чандин масъалаҳои ҳалталаби ба ин мавзӯъ алоқамандро ҳадафи таҳқиқ қарор диҳад. Рӯи чоп дидани рисолаҳои «Сулаймоннома»-и Зулолии Хонсорӣ» (Тадқиқ ва таҳияи матни илмӣ-интиқодӣ бо ҳуруфи форсӣ. - Душанбе, 1986), «Қиссаи Сулаймон ва маликаи Сабо дар назми форсу точик» (Душанбе: «Пайванд», 1996), «Библейско-кораническая исто- рия царя Соломона и её преломление в персидско-таджикской литера- туре» (Душанбе, 1996) ва ғайра нишондиҳаи равшани заҳмати олим дар ин самти тадқиқотанд. Дар оянда доираи масоили мубрами илмие, ки ҳадафи тадқиқу таҳқиқи олим гаштаанд боз доманадортар шуд.

Дар айни замон истеъдодии ташкилотчигии олим дар ин давраи ниҳоят мураккаби даргириҳои сиёсию аланга гирифтани чанги шаҳрвандӣ сайқал меёфт. Аз ин чост, ки ба чуз бори илм ба Ҷӯрабек Назриев лозим меомад бори гарони роҳбари як маркази муҳими илмии чумҳурӣ, ки тибқи қарори Садорати (Президиум) АИ ҶТ аз 2 апрели соли 1998 аз Институти мероси хаттӣ ба Институти шарқшиносӣ ва мероси хаттии Академияи илмҳои Ҷуҳурии Точикистон тағйири ном карда буд, ба дӯш бардорад. Акнун мебоист пешбурди он равияе, ки дар доираҳои илмии умумибашарӣ «шарқшиносӣ»-аш меноманд ва дар чумҳурӣ олимони бузургном Садриддин Айнӣ, Бобочон Ғафуров,
А.А.Семёнов, Абулғанӣ Мирзоев, Муҳаммад Осимӣ таҳкурсии қавӣ гузошта буданд, дар сатҳи эътирофи байналмиллал таъмин карда таво- над. Бале, роҳбарият дар тавсияи ӯ ва аъзоёни академия дар интихоби доктори илм Ҷӯрабек Назриев хато накарданд.

Яке аз донишмандони маъруфи Институти шақшиносӣ ва мероси хаттӣ Амрияздон Алимардонов, ки фаъолияти роҳбарашро дақиқназарона мушоҳида кардааст. чунин менигорад:

«Натичаи ҳамин роҳбарияти оқилонаю дурусти сарвари Институт ва дилгармию заҳматкашии кормандони илмии ин маркази тадқиқотӣ буд. ки дар ин солҳои ногувор ҳам пажуҳишгоҳи мазкур як силсила асарҳои муҳими тадқиқотӣ ва матнҳои мукаммали осори гузаштагонро ба табъ расонид. Илова бар ин, кормандони илми Институт дар конфе- ренсияю кунгураҳои гуногуни байналмиллалӣ суханронӣ карда, натичаи чустучӯ ва пажуҳишҳои илмии худро дар мачмӯаҳои нашрияҳои мухталифи Ҷумҳури Исломии Эрон, Давлати Исломии Афғонистон, Ҷумҳурии Исломии Покистон, Федератсияи Русия, Қирғизистон, Қазоқистон, Фаронса, Финландия, Амрико ва ғайра ба табъ расонидаанд. Ин миқдор корҳои матншиносӣ ва тадқиқотии му- фассалу пурарзиш дар замонҳои мавчудияти Иттиҳоди Шӯравӣ низ су- рат нагирифта буд».[10] Ба ин бояд боз илова намуд, ки дар солҳои 90 ба

ин хазинаи дастнависҳо бештар аз 400 дастнависҳои нодир ворид шу- даву адади нусхаҳои дастнавис ба 5750 чилд расидааст. Ҳамчунин аз Сафорати Ҷумҳурии Исломии Эрон дар Ҷумҳурии Точикистон ба Ин- ститут 1500 китоби ниҳоят арзишманди чопӣ тӯҳфа шудааст. Нигаҳдошту истифодаи дастхатҳои нодир худ заҳмати гаронест, ки кормандони Институт ба ӯҳда доранд.

Ба ҳамаи ин боз бояд илова намуд, ки саҳми Ҷӯрабек Назрӣ дар таълифу таҳияи асарҳои дастчамъӣ ва мачмӯаҳои илмӣ кам нест. Дар ин чода таҳияи «Феҳристи нусхаҳои хаттии хазинаи дастхатҳои ба номи академик А.Мирзоев», «Нома ва номанигорӣ дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ», чопи панччилдаи «Гулшани Адаб», ҳаштчилдаи «Осор»-и Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ, «Таърихи Ҳумоюн»-и Гулшанӣ ва ғайра аз заҳмати олиме дарак медиҳанд, ки роҳбарии ин маркази аввалдарачаи шарқшиносиро дар чумҳурӣ то моҳи июли соли 2007-ум ба ӯҳда дошт.

Албатта заҳмати тадқиқоти илм ва роҳбарии Институт, ки қариб та- моми вақту қобилияти фаъоли кориро мегирифт, наметавонист, ки ҳунари худододи хунёгарии Ҷӯрабек Назриевро ба дарачаи «шуғли иловагӣ» фурорад. Барои табъи азалии ин мутрибу ҳофизи бо тамоми мафҳумаш миллӣ ҳато камтарин лаҳза имкон медод, ки маҳораташро баробари маҳорати беҳтарин ва машҳуртарин намояндагони касбии ин соҳа сайқал диҳад. У ҳанӯз аз давраи аспирантӣ дар атрофаш чунин мухлисону пайравонаш монанди Қурбоналӣ Раҳмонов, Ҷамшед Ис- моилов, Дона Баҳром, Рачабалӣ Шарифов, Ҷумъахон Сафаров, Сангалӣ Мирзоев, Гадоалӣ Салимов, Миралӣ Зокиров, Назарӣ Қурбонов, Ҷамшеди Комронӣ, Насриддин Каримов ва дигарон, ки ҳар кадом дар ин чода барои худ роҳу эътироф ёфтаанд. Аз чумла Қурбоналӣ Раҳмонов, Ҷамшед Исмоилов, Дона Баҳром худ ба дарачаи устодӣ расида, дар тамоми иқлими форсизабон шӯҳратёр гаштаанд. Дар чодаи овозхонӣ сабки Ҷӯрабек ба осонӣ эҳсос мешавад ва барта- рии ҳаводорону пайравони сершумораш аз рӯи минтақаю ноҳияҳои Точикистон муайян кардан хеле душвор аст Дар тамоми қаламрави чумҳурӣ ва берун аз он ба маҳорати ин ҳунарманд як хел эҳтиром до- ранд.

Ҷӯрабек Назрӣ ба ҳамаи унвону нишонҳои олии илмию ифтихорӣ дар муқоиса хеле барвақт соҳиб шудааст. Эшон доктори илм, узви во- бастаи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Точикистон, Узви Иттифоқи на- висандагони Ҷумҳурӣ, Арбоби шоистаи санъати ҶШС Точикистон, Корманди шоистаи Точикистон... Вале барояш аз ҳама унвони олӣ эҳтирому самимияти халқи бузургвораш нисбати ӯст.

МУҲАММАДШО ҚӮҚАНИЕВ соли 1960 дар деҳаи хушманзари Курговади ноҳияи Қалъаихумби (феълан Дарвоз) ВМКБ ба дунёи ҳастӣ чашм кушода, баъди хатми мактаби миёнаи таълими ҳамагонӣ



солҳои 1978-1983 дар Донишгоҳи давлатии Тоҳикистон таҳсил намуда аз рӯи иҳтисоси кимиёи ғайриорганикӣ соҳиби маълумоти олии касбӣ гаштааст.

Вале пеш аз оғози фаъолияти меҳнатӣ бо тавсияи устодонаш аз донишгоҳ, ки дар раванди идомаи таҳсил зеҳни буррою шавқи баланди донишандӯзӣ ва дарки илмиашро бехато мушоҳида карда буданд, чиддан пайроҳаи сангини илмро интихоб намуд. Соли 1983 ба шӯъбаи аспирантураи лабораторияи кимиёи синтетикии моддаҳои фаъоли биологии Институти химияи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Точикистон дохил шуда, ба тадқиқоти назариявӣ ва тачрибаи амалӣ пардохт. Баъди анчоми мӯҳлати аспирантура, ба ҳайси лаборанти калон, аз соли 1987 ходими хурд ифои вазифа дошт.

Соли 1992 олими чавон Муҳаммадшо Қӯқаниев, ки аз давраи аспи- рантура ба синтез ва омӯзиши химияи дигаргуншавии даврагии пайвастаҳои сулфур (олтингӯгирд) нигоҳдоранда сару кор дошт, рисо- лаи номзадии худро дар мавзӯи «Синтез ва мубаддалшавии 2-8,С- омехташуда-5-оксо-5Н-1,3,4-тиадиазоло[3,2-а] пиримидонҳо» («Синтез и превращения 2-8,С-замещенных-5-оксо-5Н-1,3,4-тиадиазоло[3,2-а] пиримидонов») бомуваффақият дифоъ намуда, чӣ хеле мегӯянд, ба ил- ми калон расман ворид шуд. Соли 1993 олими чавонро ходими калони илмӣ интихоб намуда баъди чанде соли 1996 мудирии лабораторияи химияи пайвастаҳои гетеросиклиро (ХГС) ба зиммааш гузоштанд. Ин масъулият ҳисси илмиашро боз балантар бардошт.

Муҳаммадшо Қӯқаниев соли 1997 заҳмати чандинсолаашро чамъбаст намуда, дар мавзӯи «Синтез и химические превращения кон- денсированных производных - 1,3,4-тиадиазола» рисолаи докторӣ ди- фоъ намуд. Соли 2001 ба унвони профессорӣ соҳиб гашт.

Олими чавон ҳанӯз хеле пештар тавонист лаборатирияи ХГС-ро дар арсаи байналмиллалӣ муаррифӣ намояд. У дар конфренсияю симпозиумҳо байналмиллалӣ аз дастовардҳои лаборатория ва нақшаи дурнамои он оиди рушди асосҳои назариявии ба даст овардани шабоҳати синтетикии моддаҳои фаъоли биологӣ бо маърӯзаю гузоришҳои чолиб баромад мекард. Маҳз ҳамин муаррифӣ буд, ки дар доираи нақшаи КНТП «Реактив» якчанд реактивҳои нодир ҳосил намуд. Ин дастоварди илмиаш бо медали ВКХХ ИЧШС қадр карда шуд.

Тадқиқоти олим дар самти беҳдошту муҳити зисти чомеа ва масои- ли истеҳсолоти кишоварзӣ низ назаррас аст.

Қӯқаниев чанд усули синтез истеҳсоли 1,3,4-тиадизолҳо ва конден- сатсия ба ҳаммонандии онҳоро пешниҳод намудааст. У аввалин шуда

синтези навъи нави моддаҳои фаъоли биологиро кашф намудааст, аҳамияти бағоят калони илмиро соҳибанд. Олим аввалин шуда се навъи системаи гетеросиклиро синтез намудааст.

Тадқиқоти муштараки Муҳаммадшо Қӯқаниев бо олимони амрикоӣ ва олмонӣ натичаи ниҳоят назаррас доданд. Бесабаб набуд, ки оиди ин дастовардҳо дар мачаллаҳои бонуфузи байналмиллалӣ чандин мақолаю гузоришҳо дар шарикмуаллифӣ ба табъ расиданд. Тадқиқоти ҳамдастӣ бо олимони Донишгоҳи ба номи Георг Августи шаҳри Геттингени Ҷумҳурии Федеративии Олмон соли 2004 натичаи ниҳоят муфид бахшиданд. Моҳҳои июл-октябри соли 2006 олим аз рӯи нақшаи ОРС^ (мудофиа аз яроқи кимиёӣ) дар Донишгоҳи Сурей ва ширкати химиёвӣ-форматсевтии Австро-Зеника дар Шветсия такмили ихтисос намудааст.

Муҳамадшо Қӯқаниев ба серкории илмии худ нигоҳ накарда, ҳамзамон ба фаъолияти чиддии омӯзгорӣ машғул аст. У чун олими комилу воқеӣ кӯшиш ба харч медиҳад, ки аз донишаш насли чавон баҳрабардор бошад. чун профессори кафедраи химияи ғайриорганикии Донишгоҳи миллӣ дар тайёр намудани мутахассисони баландихтисос саҳми чиддӣ гузоштааст. Таҳти роҳбарии ӯ даҳ нафар рисолаи номзадӣ ва ду рисолаи докторӣ дифоъ намуда, чанде шогирдон ба таҳқиқи рисолаҳои номзадию докторӣ машғуланд.

Муҳаммадшо Қӯқаниев муаллифи зиёда аз 200 корҳои илмӣ ва китобу дастурҳои методист. Аз чумла як рисолаи бунёдӣ, 5 китоби дарсӣ, 5 патенти илмии маҳсули заҳмати ӯ буда аз тарафи мутахассисони чумҳурию берун аз он баҳои баланд гирифтаанд.

Соли 2003 барои хизматҳояш дар чодаи илм Муҳаммадшо Қӯқаниев ба ордени «Шараф»-и дарачаи аввал тақдир шуда, соли 2004 ба узви вобастаи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Точикистон интихоб гардид.

Ҳоло ин олими бо тамоми мафҳумаш соҳибмактаб дар айни камолоти касбӣ қарор дошта, бо тамоми масъулият бори илм мекашад. Ҳамдиёрон ва тамоми ахли илми чумҳурӣ дар ин чода барояш бурдбориҳои навин хоҳонанд.



ИКРОМИДДИН МУҲИДДИНОВ 6 феврали соли 1933 дар колхози ба номи Ленини (участкаи «Роҳи Ленин»), деҳшӯрои Калинини ноҳияи Қӯрғонтеппа (феълан ноҳияи Бохтар)дар оилаи деҳқон, собиқ муҳочир аз диёри Дарвоз чашм ба дунёи ҳастӣ кушодааст. Падараш Муҳиддин Мансуров (1892-1936) зодаи деҳаи Ширги собиқ (то инқилоб) бекигарии Дарвози аморати Бухоро (феълан ноҳияи Дарвози ВМКБ) хеле барвақт ҳангоми 3 солагии

Икромиддин дар ҳолати тангдастӣ чаҳонро падруд гуфтааст. Акнун тамоми мушкилии рӯзғор ба дӯши модараш Қурбонбибӣ Валиева аф- тид. Вале умри модари меҳрубон низ вафо накарда соли 1944 вафот кард. Писарбаччаи дар чораҳҳаи зиндагӣ мондаро Интернати давлатии Қӯрғонтеппа ба оғӯш гирифта, аз соли 1943 то 1948 таълиму тарбияа- аш намуд. Сипас солҳои 1948-1952 Икромиддин дар Омӯзишгоҳи пе- дагогии шаҳри Қӯрғонтеппа идомаи таҳсил намуда онро бо баҳои «аъло» хатм намудааст.

Худи ҳамин сол шавқи дониш Икромиддин Муҳиддиновро ба фа- култаи таъриху филологияи Донишгоҳи давлати Точикистон овард. Дар солҳои донишчӯӣ (1952-1957) ҳанӯз аз соли дуюми рағбаташро ба донишҳои мардумшиносӣ (этнография) ба назар гирифта. тадқиқотчиёни намоёни соҳа Маҳмаднаим Раҳимов, Низом Нурчонов, Антонина Писарчик, Роза Неменова ва дигарон ӯро ҳангоми таътили тобистона ба сафарҳои тадқиқотии худ ҳамроҳ мекарданд. Ҳанӯз соли охири таҳсил ӯро ба сифати лаборанти калони Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши АИ ҶШС Точикистон ба кор гирифтанд. Солҳои донишчӯӣ бо ҳамаи фараҳу мушкилиҳояш ба тези паси сар шуданд. Акнун имконияти ба пуррагӣ шуғли тадқиқот бурдан дар ин муассисаи илмӣ низ барояш фароҳам омад.

Аз соли 1957 то соли 1990 Икромиддин Муҳиддинов тамоми зинаҳо: сарлаборант, ходими хурд (1958), ходимикалони илмӣ (1973) ва солҳои 1985-1990 - мудирии Шӯъбаи мардумшиносии (этнография) Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши АИ Ҷумҳурии Точикистонро ба ӯҳда доштааст. Дар ҳамин чо ӯ ҳамаи зинаҳои илмро гузаштааст. Соли 1972 зери роҳбарии олимони соҳа Н.А.Кисляков ва Л.Ф.Моногарова дар мавзӯи «Зироаткории точикони Вахону Ишкошим дар асри XIX - ибтидои асри XX» рисо- лаи номзадӣ ва соли 1985 дар мавзӯи «Хусусиятҳои этнографии зиро- аткории баландкӯҳи Помири Ғарбӣ ва музофотҳои ҳамсоягии он дар асри XIX - ибтидои асри XX» рисолаи докторӣ дифоъ намудааст.

Олим муддати тӯлонӣ ба чамъоварии маводи мардумшиносӣ машғул буда онро дар асоси тадқиқоти хеш гузоштааст. У солҳои 1954-1957 ва 1958-1960 оиди топонимика (лексикологияи пайдоиши номҳои чуғрофӣ), манзилсозӣ, маънавиёту оиладорӣ, ономастика (омӯзиши номҳои хос), тарзи зисту анъаноти рӯзғордории сокинони Ёгед маводи зиёде чамъоварӣ намуда ҳадафи таҳлил қарор дод. Соли 1958 оиди точикони аз ноҳияҳои кӯҳистон ба водии Вахш муҳочиршуда ва тағйиротҳои дар ҳаёти анъанавии онҳо ба вучудомадаро мавриди таҳлил қарор дод. Солҳои 1963-1966 дар мавзее ки аз рӯи нақша бояд зери Баҳри Норак мемонд, корҳои зиёди тадқиқотӣ гузаронд. Солҳои 1965 бо маводи чамъ намудааш сари

мавзӯи «Деҳа ва чои истиқоматӣ бо урфу одатҳояш» кор карда ба кӯшоишҳои назарраси илмӣ ноил гардид. Солҳои 1968-1970, 1972-1977, 1978-1980 оиди зироаткории анъанавии сокинони Помири Ғарбӣ, аз чумла обёрии заминҳои баландкӯҳ, коримуҳими тадқиқотиро анчом дод. Ҳамчунин дар ин давра оиди чорводорӣ, тақвими халқии ин мав- зеъ маводи ниҳоят зиёд чамъ намуда, солҳои баъдина онҳоро ҳадафи таҳлил қарор дод. Қайд намудан бамаврид аст, ки солҳои 1973-1975 Кӯлоб, водии Вахш, ноҳияи Орчоникидзеобод (феълан Ваҳдат) ҳадафи тадқиқоти олим қарор доштанд. Чунин тадқиқоти муттасилро олим дар солҳои оянда низ идома дод. Аз рӯи таҳлили маводи гирдоварда ӯ дар чандин конгрессу конфронсу симпозиумҳои чумҳуриявию байналмиллалӣ маърӯзаю гузоришҳо намудааст.

Икромиддин Муҳиддинов муаллифи даҳҳо кори рӯзмарраи тадқиқотӣ оиди мардумшиносии ватанист. Тадқиқоти ӯ «Кишоварзии точикони Вахону Ишкошими Помир асри XIX - ибтидои асри XX (очерки таърихӣ - мардумшиносӣ)» (М.,1975), «Хусусиятҳои хочагии зироаткории анъанавии халқҳои Наздипомир асрҳои XIX - ибтидои XX» (Душанбе, 1984), « Боқимондаҳои анъаноти қадимаи тоисломии кишоварзии Помири Ғарбӣ (асрҳои XIX - ибтидои XX)» (Душанбе, 1989) ва ғайра ба доираи васеи мутахассисону хонандагони қаторӣ маълуманд. Чанде аз корҳои муаллиф берун аз чумҳурӣ ба чоп раси- даанд.



ИСМОИЛ ДАВЛАТОВ 25 декабри соли 1946 дар деҳаи Сағирдашти ноҳияи Қалъаихумб дар оилаи деҳқон ба дунё омада- аст. Соли 1963 баъди хатми мактаби миёна ба техникуми омории (статистикӣ) шаҳри Орчоникидзеобод (феълан Ваҳдат) дохил шуда онро бо баҳои аъло хатм намуда таълими кас- биашро дар факултаи иқтисодии Донишгоҳи давлатии Точикистон идома дода онро низ со- ли 1969 бо нишондиҳандаҳои аъло хатм намуд. Қобилияти баланди донишандӯзӣ ва ҳавасмандии ӯро ба корҳои тадқиқотӣ ба назар гирифта, роҳбарияти факулта ӯро барои кор ба кафедраи иқтисоди сиё- сии донишгоҳ тавсия намуд.

Соли 1971 омӯзгори чавон Исмоил Давлатов ба аспирантура дохил шуда, чиддан ба тадқиқоти илмӣ машғул гардид. Баъди ба охир раси- дани мӯҳлати аспирантура ӯ ба ҳайси ассисент ва баъди чанде муалли- ми калон ифои вазифа намуд. Соли 1975 баъди дифои рисолаи номзадӣ дар мавзӯи «Интегратсияи иқтисодии чумҳуриҳои шӯравӣ» вазифаи чонишинии мудири кафедраро ба

Аз соли 1984 Исмоил Давлатов то соли 1986 ҳамчун ходими калони илмии кафедраи иқтисодиёти сиёсии ба номи Н.А.Вознесенский До- нишкадаи молиявӣ-иқтисодии Ленинград ба тадқиқи илмӣ чиддан машғул шуда, соли 1986 дар мавзӯи «Муносибатҳои интегратсионии байниминтақавӣ дар системаи ягонаи комплекси хочагии халқ» рисо- лаи докторӣ дифоъ намуд. Соли 1989 ӯ ба гирифтани унвони профессорӣ ноил гардид.

Исмоил Давлатов солҳои 1986-1988 дар вазифаи мудирии кафедраи иқтисоди сиёсии донишгоҳ кор карда, 29 июли соли 1988 дар асоси алтернативӣ ректори Донишгоҳи Давлатии Точикистон интихоб гар- дид. Дар пешниҳоди Вазири маорифи Ҷумҳурии Точикистон ба Куми- та марказии Ҳизби коммунисти Точикистон омадааст: «Дар чаласаи кушоди Шӯрои олимони Донишгоҳи давлатии Точикистон аз 1 июли соли 1988 рафиқ Давлатов И. ба вазифаи ректори Донишгоҳи давлатии Точикистон ба номи В.И.Ленин интихоб карда шуд.

Коллегияи Кумитаи давлатии ИҶШС доир ба маорифи халқ аз 29 июли соли 1998 рафиқ И.Давлатовро барои тасдиқ намудан дар вази- фаи ректори Донишгоҳи давлати Точикистон ба номи В.И.Ленин тав- сия медиҳад». Ба вазъи ниҳоят мураккаби давраи бозсозӣ нигоҳ накар- да, дар давраи роҳбари ӯ донишгоҳ ба дастовардҳои назарраси таъли- мию илмӣ соҳиб шуд.

Аз саҳмгузории илмии Исмоил Давлатов чунин тавсифномаи муди- ри кафедраи иқтисоди сиёсии факултаи иқтисодии ДДТ профессор М.Маҳмадназарбеков гувоҳӣ медиҳад: «Масъалаҳои муҳимтарину му- раккаби замон бо маънои томи ин сухан ҳама вақт дар доираи назари ӯ мебошад. Дар ҳамаи тадқиқотҳои илмии Исмоил Давлатов вусъати таҳқиқ назаррас аст_

Саҳми Исмоил Давлатов дар таҳлилу таҳқиқи механизми иқтисодии муносибатҳои байнирегионалӣ дар вусъати назарияи интегратсияи иқтисодии сотсиалистӣ хеле калон буда, бешак ӯ яке аз олимони ши- нохтаи илми иқтисодиёти республика аст.

Асари бузургҳачм ва асосии Исмоил Давлатов «Интегратсияи байнирегионалӣ дар системаи иқтисодии сотсиализим», ки ҳамчун ри- солаи докторӣ дифоъ гардид, ба масъалаҳои муҳимтарини назарияи иқтисодӣ бахшида шудааст. Дар он қонуниятҳои иқтисодии ташаккули Комплекси ягонаи хочагии халқ, бисёр проблемаҳои иқтисодии регионалӣ мавриди таҳлили амиқи илмӣ қарор гирифтааст...

Ин ҳама тезкорӣ ва саҳми зиёд дар илм аз он сабаб аст, ки ӯ ҳамеша дар чустучӯст ва муҳимтарин проблемаҳои иқтисодии рес- публика дар маркази диққати ӯст. Ягон масъалаи каму беш муҳими иқтисодӣ аз доитраи назару диққати ӯ берун нест. Ҳар як ҳодисаи иқтисодӣ дар мадди назари ӯ буда, бо эҳсоси баланди масъулиятшиносӣ ба ичро мерасад».

Исмоил Давлатов доир ба масоили мухталифи иқтисодӣ зиёда аз сад корҳои рӯзмарраи илмӣ таълиф намудааст.

Маҳз ҳамин фаъолияти корию ташкилотчигиашро ба назар гирифта, роҳбарияти чумҳурӣ 21 апрели соли 1990 ӯро ба вазифаи Вазири маорифи чумҳурӣ таъин намуданд. Дар қарори бюрои Кумитаи марказии ҲК Точикистон бо имзои котиби аввали КМ ҲК чумҳурӣ Қ.Маҳкамов аз 7 июни соли 1990 омадааст: «Бо қарори Шӯрои Олии ҶШС Точикистон № 18 аз 21 апрели соли 1990 оиди тасдиқи аъзои ҲКИШ рафиқ Давлатов И. розигӣ дода шавад».

Ҳамин пешсафии касбӣ ва ташкилотчигиаш буд, ки номзадии ӯро ба сифати президенти Ҷумҳури Точикистон пешниҳод намуданд. Албатта дар ин марраи ниҳоят муҳими сиёсӣ Раҳмон Набиев, шахсе, ки тачрибаи баланди сиёсӣ дошт, дар байни 9 нафар довталабон ғолиб омада ба мансаби Президентӣ ноил гардид. Чӣ қисмат ӯро насиб гардид низ ба ҳамагон маълум аст. Муҳим дар раванди он давраи ҳассос он аст, ки Исмоил Давлатов бо як чуръати ба худ хос ин масъулияти сангинро ба гардан гирифта, мамлакатро аз бӯҳрони шадиди сиёсию иқтисодӣ раҳонданӣ буд.

Сипас ӯ дар вазифаи муовини вазири маорифи Точикистон ифои вазифа намуд. Марги нобаҳангом (2000) риштаи ҳаёти ин марди илму сиёсатро дар айни камолоти касбӣ канда бошад ҳам, ному заҳматаш дар таърихи диёр абадан боқист.



МУҲАММАДАЛӢ МУЗАФФАРӢ 5 майи соли 1947 дар деҳаи Висхарви ноҳияи Қалъаихумб чашм ба олами ҳастӣ кушодааст. Мактаби 7-соларо дар зодгоҳаш ва Омӯзишгоҳи педагогии шаҳрчаи Навободи ноҳияи Ғармро соли 1965 хатм намуда барои дониши касбии олӣ гирифтан солҳои 1965-1970 дар факултаи филологияи руси Донишкадаи давлатии омӯзгории Шаҳри Душанбе ба номи Т.Г.Шевченко таҳсил намудааст.

Баъди хатми мактаби олии мазкур 1970 фаъолияти касбии Муҳаммадалӣ Музаффарӣ ба ҳайси ассистент дар ҳамин Донишкадаи давлатии омӯзгории Душанбе оғоз ёфт. Солҳои 1971-1972 дар сафи Қувваҳои мусаллаҳи Иттиҳоди Шӯравӣ хизмат намуда, сипас дар донишкадаи мазкур солҳои 1972-1977 ба сифати омӯзгор кору фаъолият дошт. Моҳи сентябри соли 1977 мутахассиси чавон Муҳаммадалӣ Музаффариро ба ҳайси унвончӯй ба Институти фалсафаи Академияи илмҳои Точикистон даъват намуда, моҳи декабри ҳамин сол ба сифати коромӯзи илмӣ ба Институти фалсафаи Академияи илмҳои ИҶШС ба

шаҳри Москва фиристоданд. Бо анчоми мӯҳлати коромӯзӣ ӯ барои до- хил шудан ба аспирантураи ҳамин институти тадқиқотии бонуфузи марказӣ тавсия гирифта, солҳои 1979-1982 ба ҳайси аспирант машғули таҳсилу таҳқиқи илмӣ шудааст.

Моҳи майи соли 1983 Муҳаммадалӣ Музаффарӣ дар Шӯрои илмии Пажуҳишгои фалсафаи АИ ИҶШС рисолаи номзадии хеш - «Фардияти инсон аз нигоҳи фалсафию таърихӣ» бомуваффақият дифо намуда, ба чумҳурии азизаш баргашт. Аз ҳамон лаҳза то кунун олим дар Институ- ти фалсафаи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Точикистон дар вазифаҳои ходим, ходими хурд, ходими калон, ходими пешбари илмӣ, сарходим, чонишини директор кору фаъолият дорад. Соли 1999 дар шаҳри Моск- ва рисолаи докториро ҳимоя намуд. Феълан вазифаи директории Мар- кази антропологияи Институти фалсафаи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Точикистонро ба ӯҳда дорад.

Муҳаммадалӣ Музаффарӣ дар чумҳурӣ, минтақаи Осиёи Марказӣ ва берун аз он ба равияи нави илмӣ - антропологияи системавӣ асос гу- зоштааст. Бо ташаббуси ӯ аввалин марказу мактаби антропология дар Ҷумҳурии Точикистон таъсис ёфтааст, ки роҳбариашро ба ӯҳда дорад. Дар ин замина омӯзиши фанни Антропология дар чанде аз макотиби олии чумҳурӣ ба роҳ монда шудааст.

Ҳарчанд дар тӯли тамоми фаъолияти кориаш тадқиқоти илмиро аз омӯзгорӣ чудо накарда бошад ҳам, вале дар раванди тадқиқоти антро- пологии олим ин самти фаълияташ аҳамияти махсус пайдо мекунад. Акнун фанни ӯ таълимдиҳанда, маҳз Антропология дар нақшаи таъли- мии чанде аз факултаҳои Донишгхи миллии Точикистон ва Донишгоҳи давлатии тибии Точикистон ворид гаштаю худи олим сабақгӯст.

Дар Институти такмили ихтисоси кормандони тибби Точикистон, ки дар он олими соҳибмактабу соҳибназар Муҳаммадалӣ Музаффарӣ мудирии кафедраи антропологияи системавиро ба ӯҳда дошта, аз Ан- тропологияи ситемавӣ дарс мегӯяд, чун намунаи баланди илмӣ - амалӣ дар кори тайёр намудани мутахассисони ба талаби замон чавобгӯ эъти- роф шудааст. Чунин курси таълимӣ дар кафедраи физиологияи норма- лии Донишгоҳи давлатии тиббии Точикистон аз тарафи олим ба роҳ монда шудааст.

Дорандаи чоизаи академии «Олимони машҳури Ҷумҳурии Точикистон», доктори илм, асосгузори антропологияи нормативӣ ё системавӣ Муҳамадалӣ Музаффарӣ муаллифи рисолаҳои «Фардият ва инсон» (1991), «Мадхали антропология» (1999), «Инсон ҳамчун объек- ти омӯзиш» (2000), «Антропологияи Ориёӣ» (2006) ва зиёда аз 100 мақолоти ба мубдатарин масоили антропологияи таърихӣ ва муосир бахшида мебошад. Ин олими соҳибравияро нақшаҳои зиёди тадқиқотӣ дар пеш аст. Ҳамдиёрон ва аҳли илми точик дар ин чода аз ӯ дастовардҳои зиёду навчӯию навгӯиҳо интизоранд.



ДИЛОВАР ЛАТИФОВ 1 декабри соли 1953 дар ш.Душанбе оилаи зиёӣ Назришо Латифов ба дунё омада, маълумоти миёнаро дар мактаби таҳсилоти умумии №53-и ш.Душанбе гирифта, соли 1971 ба Донишкадаи давлатии санъати Тоҷикистон ба номи М.Турсунзода дохил шудааст. Соли 1975 донишкадаи мазкурро бо ихтисоси «Корҳои маданию маърифатӣ, корманди клуб, роҳбари оркестри ҳаваскорони санъат» бо баҳои аъло хатм карда, аз ҳамон сол тибқи тақсимоти давлатӣ дар кафедраи корҳои маданию маърифатии Донишкадаи санъат оғози фаъолиятӣ намуд.

Соли 1980 ба аспирантураи Донишкадаи давлатии фарҳанги ш.Ленинград ба номи Н.К.Крупская дохил шуда, соли 1983 рисолаи номзадиашро дар мавзуи «Тарбияи интернатсионалии коргарчавонон тавассути фаъолияти маданию маърифатӣ» дифоъ намуд.

Сипас олими чавон Диловар Латифов ба Донишкадаи давлатии санъати Точикистон ба номи М. Турсунзода баргашта, аввал дар вази- фаи муаллими калони кафедраи корҳои маданию маърифатӣ ва баъд аз соли 1985 ба вазифаи мудири кафедраи корҳои маданию маърифатии Донишкадаи санъат интихоб шудааст. Соли 1988 соҳиби унвони илмии дотсенти кафедраи корҳои маданию маърифатӣ гардида, ҳамин сол ба вазифаи декани факултаи корҳои маданию маърифати Донишкадаи санъат интихоб гардид. Дар давраи фаъолияти роҳбарии ӯ дар факулта шӯъбаҳои тахассусии нав ташкил карда шуданд, сифати таълиму тарбияи донишчӯён беҳтар гардид. Тарбияи кадрҳои чавони соҳаи фаъо- лияти ичтимоию фарҳангӣ ва тахассусҳои эчодӣ хубтар ба роҳ монда шуд. Факултаи корҳои маданию маърифатӣ дар байни дигар факултаҳо дар чодаи ташкили раванди таълиму тарбияи мутахассисон дар сафи пеш буд. Дастаҳои ҳунарии факулта бо ҳисоботҳои эчодӣ мунтазам баромад мекарданд. Ансамбли тарона ва рақси «Бунафша»-и Дониш- када борҳо ба хоричи кишвар ба сафарҳои ҳунарӣ баромад.

Кори пурмаҳсул ва фаъолияти эчодкоронаи Д.Латифовро ба назар гирифта, роҳбарияти Донишкадаи санъат ӯро ба вазифаи ноиби ректор оид ба корҳои илм пешбарӣ намуд, ки ин пешниҳод аз тарафи Вазора- ти фарҳанг ҳамачониба дастгирӣ ёфт. Дар ин вазифа ӯ қариб 12 сол кор кард. Бояд зикр намуд, ки Д.Латифов дар ин вазифа низ ба боварии роҳбарияти соҳаи фарҳанг сазовор гашт. Бо ташаббусҳои эчодкоронаи ӯ кори илмӣ дар Донишкада рушду нумӯъ ёфта, чопи маводи илмӣ ва таълимию методӣ афзуд. Сатҳи нашри маводи илмию методӣ баланд гардида, фарогирии омӯзгорон бо кори илмию тадқиқотӣ бештар шуд.

Сафи кадрҳои илмию эчодӣ дар донишкада афзуд. Бори аввал дар таърихи чумҳурӣ дар назди Донишкадаи санъат аспирантура аз рӯи ихтисосҳои фарҳанг, санъат ва ассистентура стажировка таъсис ёфт.

Дар давраи фаъолияти роҳбарии ӯ 8 нафар устод рисолаҳои номзадӣ ва 3 нафар устод рисолаҳои докторӣ дифоъ намуда, ҳашт нафар устоди Донишкада унвони илмии дотсент ва профессорро мушарраф гарди- данд.

Д.Латифов мунтазам аз паи худомӯзӣ ва такмили ихтисос мебошад. У соли 2001 ба мақсади сайқал додани донишу маҳорати хеш ба вази- фаи ходими калони илмии кафедраи фарҳангшиносии татбиқӣ гузаш- та, моҳи июни ҳамон сол дар Донишгоҳи давлатии фарҳанг ва ҳунари ш.Санкт-Петербург рисолаи доктириро дар мавзӯи «Асосҳои ичтимоию педагогии ташаккули фарҳанги этникии чавонон (дар мисо- ли Ҷумҳурии Точикистон» дифоъ намуда, соли 2003 ба гирифтани ун- вони илмии профессори кафедраи фарҳангшиносӣ мушарраф гардид. Баъди дифои рисолаи докторӣ Д.Латифов ба Душанбе баргашта, дар вазифаи ноиби ректори донишкада оид ба илм фаъолияти хешро идома дод. Ин вазифаи масъулро олим то соли 2006 ба дӯш дошта, таҳти роҳбарии бевоситаи ӯ 3 нафар рисолаи номзадӣ дифоъ намудаанд ва чанде дар арафаи ҳимоя номзадии илм қарор доранд

Ҳамзамон Д.Латифов дар донишкада роҳбарии мавзӯи илмӣ - тадқиқотии кафедраи фарҳангшиносии татбиқиро оиди проблемаи «Хусусиятҳои фаъолияти ичтимоию фарҳангӣ дар Ҷумҳурии Точикистон» ба ӯҳда дорад. Дар доираи ин мавзӯъ рисолаҳои номзади- ву докторӣ дифоъ шуда, мақолаҳои зиёди илмӣ ба табъ расидаанд.

У аъзои иттиҳодияи таълимию методии макотиби олии фарҳанг ва санъати Федератсияи Россия оид ба таҳсилоти соҳаи эчодиёти бадеии халқ, фаъолияти ичтимоию фарҳангӣ ва захираҳои иттилоотӣ мебошад ва дар рушди соҳаҳои мазкур дар чумҳурӣ саҳми арзанда мегузорад.

Д.Латифов аз моҳи октябри соли 2005 дар вазифаи мутахассиси Маркази ислоҳоти системаи маорифи Точикистон, ки дар назди Ҳукумати Ҷумҳурии Точикистон амал мекунад, фаъолият дорад. Дар Марказ дар вазифаи мутахассиси маҳаллӣ доир ба маводи таълим ва аз моҳи феврали соли 2006 ба сифати мутахассиси Марказ оид ба мони- торинг ва баҳодиҳӣ кор мекунад.

Доираи фаъолияти илмии ӯ хеле гуногун буда, паҳлӯҳои мухталифи фаъолияти ичтимоию фарҳангиро фаро мегирад. Бо қалами ӯ зиёда аз шаст номгӯй кори илмию илми-методӣ аз чоп баромадааст. У ду моно- графия, чор васоити таълимию методӣ, зиёда аз 30 мақолаҳои илмӣ доир ба масъалаҳои мубрами фаъолияти ичтимоию фарҳангӣ ва амали- яи кори муассисаҳои фарҳангию таҳсилотӣ, дастурҳои таълимӣ барои донишчуён, аспирантон ва омӯзгорон таҳия ва аз дасти чоп бароварда- аст.

У мунтазам дар конфронсҳои илмию амалии байналмиллалӣ, минтақавӣ, чумҳуриявӣ, симпозиуму семинарҳо баромад мекунад: Д.Латифов дар таҳияи як зумра ҳуччатҳои меъёриву ҳуқуқии соҳаи маорифу фарҳанг саҳм гирифтааст. У дар ҳамкорӣ бо олимони варзидаи соҳа дар таҳияи «Барномаи комплексии тарбияи эстетикии ахлоқ», «Консепсияи инкишофи фарҳанги Точикстон», «Қонуни Ҷумҳурии Точикистон дар бораи фарҳанг», «Консепсияи фарҳанги этникӣ дар Ҷумҳурии Точикистон» ва дигар низомномҳои соҳавӣ саҳм гирифтааст.



БЕКМУРОД СИЯЕВ 1 октябри соли 1932 дар деҳаи Пунишори деҳшӯрои Нулванди ноҳияи Дарвоз дар оилаи кишоварз ба дунё омадааст. Баъди мактаби миёна солҳои 1952-1956 дар факултаи филологияи точики Донишкадаи омӯзгории ба номи Т.Г.Шевченко таҳсил намудааст. Солҳои 1956-1959 - аспиранти Донишкадаи номбурда (феълан ДДОТ ба номи С.Айнӣ) ва Донишгоҳи шаҳри Ленинград (Санкт-Петербург). Сипас фаъолияти меҳнатии Бекмурод Сияев ин тариқ чараён гирифтааст: солҳои 1959-1980 - лаборант, ходими хурд, ходими калони Институти забон ва адабиёти ба номи Рудакии АИ ҶШС Точикистон; 1980-1983 - дотсенти кафедраи забони точикии Донишгоҳи давлатии Точикистон ба номи В.И.Ленин (феълан Донигоҳи давлатии миллиии Точикистон); 1983-1987 - доктори кафедраи забон ва адабиёти дарии Донишгоҳи Кобул; 1987-1990 - дотсенти кафедраи забони точикии Донишгоҳи давлатии Точикистон; аз соли 1990 - мудири кафедраи забон ва адабиёти точики Донишгоҳи давлатии тиббии Точикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино.

Бекмурод Сияев соли 1964 дар мавзӯи «Хусусиятҳои феълии забони адабии форсӣ-точикӣ» рисолаи номзадӣ ва соли 2003 дар мавзӯи «Та- шаккули чонишинҳо ҳамчун ҳиссаи нутқ дар забони точикӣ-форсӣ» рисолаи докторӣ дифо намудааст. У доир ба масоили рӯзмарраи за- боншиносии точик зиёда аз 70 асару мақолот таълиф намудааст. Асарҳои муаллиф «Хусусиятҳои феълии забони адабии форсӣ-точикӣ асрҳои 1Х-Х» (1968), «Таърихи чонишинҳои забони точикӣ» (1972); «Ташаккули чонишинҳо ҳамчун ҳиссаи нутқ» (2003) ва ғайра аз саҳми олим дар ин равияи илмӣ шаҳодат медиҳанд.

ҚОСИМШО ИСКАНДАРОВ 27 августи соли 1953 дар деҳаи Кев- рони ноҳияи Қалъаихумб ба дунё омада маълумоти миёнаро дар зодгоҳаш гирифтааст. Солҳои 1974-1979 дар факултаи таърихи Донишгоҳи давлати Точикистон таҳсил намуда, баъди хатми он солҳои



1979-1981 ба ҳайси омӯзгори кафедраи фанҳои чамъиятии филиали Қӯрғонтеппаи Донишкадаи давлатии омӯзгории шаҳри Душанбе ба номи Т.Г.Шевченко оғозу идомаи фаъолияти касбӣ намуд. Солҳои 1981-1985 - бо сафари хизматӣ дар Ҷумҳурии Демократии Афғонистон кору фаъолият доштаст. Баъди бозгашт дар аспирантураи Институти шарқшиносии Академияи илмҳои ҶШС Точикистон солҳои 1985-1988 ба таҳсилу таҳқиқ машғул шуда, соли 1989 аз таърихи ҳаракати чавонони Афғонистон рисолаи номзадӣ дифоъ намуд. Солҳои 1989-1993 ба сифати ходими илмии Институти шарқшиносии АИ ҶТ ва солҳои 1993-1999 ба ҳайси ходими калон, ходими пешбар ва мудири сектори Институти иқтисодиёти чаҳонӣ ва муносибатҳои байналмиллалии АИ ҶТ кору фаъолият дошт. Аз соли 2000 ба Институти шарқшиносӣ ва мероси хаттии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Точикистон гузашта, феълан мудирии шӯъбаи тадқиқоти низои минтақавиро ба ӯҳда дорад.

Қосимшо Искандаров соли 2004 дар Шӯрои диссертатсионии Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академия илмҳои Ҷумҳурии Точикистон дар мавзӯи «Ҳаракатҳои чамъиятӣ-сиёсӣ дар Афғонистон нимаи дуюми асри XX» рисолаи докторӣ дифоъ намуд. Муаллифи даҳҳо китобу мақолоти илмист. У яке аз муаллифони китобҳои дарсии «Таърихи умумӣ» барои хатмкунандагони мактабҳои миёнаи таълимоти ҳамагонист.



ИДИБЕК ЗИЁЕВ 21 июли соли 1955 дар ноҳияи Дарвоз дар оилаи хизматчӣ таваллуд ёфтааст. Бо гирифтани маълумоти миёна дар мактаби рақами 1 маркази ноҳия ба шӯъбаи забони арабии Донишгоҳи давлатии Точикистон (феълан Донишгоҳи миллӣ) дохил шуда баъди хатми он, соли 1977 ба ҳайси тарчумони забони арабӣ дар Ҷумҳурии Ироқ оғози фаъолияти касбӣ намуда, ин вазифаро то соли 1980 ба ӯҳда доштааст. Баъди бозгашт аз сафари кории хоричӣ мутахассиси чавои то соли 1983 дар вазифаҳои муҳаррири хурд, муҳаррир, муҳаррири калони редаксияи фалсафа ва ҳуқуқи Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи советии точик кор кардааст. Солҳои 1983-1986 аз тарафи Вазорати мудофиа ба Ҷумҳурии Араби Сурия фиристода шуда ба сифати тарчумони забони арабӣ кору фаъолият бурдааст. Баъди адои ин хизмат солҳои 1996-1990 боз дар собиқ идораи кориаш - Сарредасияи Энсиклопедияи советии

точик идомаи фаъолият дошта, ҳамзамон соли 1990 ба шӯъбаи ғоибонаи аспирантураи кафедраи фалсафаи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Точикистон дохил шуда ба таққиқи ақоиди фалсафии алло-ма Муҳаммад Иқболи Лоҳурӣ иқдом намудааст.

Соли 1995 Идибек Зиёев таҳти роҳбарии олими шинохтаи точик Ка-роматулло Олимов дар мавзӯи «Муаммои инсон дар фалсафаи Муҳаммад Иқбол» рисолаи номзадӣ дифоъ намуда, ба доираи илмӣ чиддан ворид шуд. Аз ҳамин сол барои амалӣ гаштани донишу илми андӯхтааш дар кафедраи таърихи фалсафаи факултаи таърих (феълан факултаи фалсафаи Донишгоҳи давлатии миллии Точикистон ба ҳайси дотсент фаъолият намуда, ҳамоно идомаи таҳқиқоти илмӣ дошт. Ин кӯшиши чиддӣ ахиран бор овард. Соли 2005 Идибек Зиёев дар мавзӯи «Ҷаҳонбинии диннӣ-фалсафии Муҳаммад Иқбол» рисолаи доктории хешро ҳимоя намуда ба сафи олимони дар ин самт ба дарачаи олии илмӣ соҳибшуда ворид гардид. Ҳоло олим ба ҳайси сардори сарраёсат оид ба корҳои дини Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Точикистон кору фаъолият дорад.

Идибек Зиёев дар чандин симпозиуму коференсияҳои байналмилла-лӣ ва чумҳуриявӣ иштирок дошта бо маърӯзаи гузоришҳои рӯзмарраи илмӣ баромад кардааст. У муаллифи се рисола: «Муаммои инсон дар фалсафаи Муҳаммад Иқбол (1996 - бо забони русӣ), «Муаммои инсон дар фалсафаи Муҳаммад Иқболи Лоҳурӣ (1998), «Муҳаммад Иқбол ва тасаввуф» (2004) ва зиёда аз 50 мақолоти илмист.



ХУРШЕДҶОН ЗИЁЕВ 26 августи соли 1963 дар ноҳияи Қалъаихумб дар оилаи хизматчӣ ба дунё омадааст. Соли 1980 мактаби миёнаи рақами 1 маркази ноҳияро бо медали тилло хатм намуда, ба шӯъбаи забони арабии факултаи шарқшиноси Донишгоҳи давлатии точикистон дохил шуда, таҳсилоти онро низ соли 1985 бо баҳои аъло ба итмом расонда, солҳои 1985-1988 дар мамлакати араби Ливия ба ҳайси муҳандис - тарчумони Вазорати са-ноати дифоъи собиқ Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шӯравии Сотсиалистӣ оғози фаъолияти касбӣ намудааст.

Хуршедчон Зиёев баъди аз сафари хизмати хоричӣ баргаштан бо мақсади дар илм роҳи худро пайдо кардан солҳои 1988-1991 дар Шӯъбаи аспирантураи Институти фалсафа ва ҳуқуқи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Точикистон таҳсил дошта дар мӯҳлати муайяншуда, соли 1991 рисолаи номзадиашро дар мавзӯи «Ҷаҳонбини Баҳовуддини Валад ва нақши он дар ташаккули тариқати тасаввуфии мавлавия» ди- фоъ намуда расман ба олами васеи илм ворид гаштааст.

Солҳои 1991-1993 Хуршедҷон Зиёев дар вазифаҳои ходими хурд, ходим ва ходими калони илмии Институти фалсафа ва ҳуқуқи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон кору фаъолият намуда, соли 1993 ба ҳайси мудири кафедраи фанҳои ҷамъиятии Донишгоҳи давлати забонҳои Тоҷикистон интихоб гардида ин вазифаро то соли 1998 ба ӯҳда доштааст.

Қобилияти ташкилотчигии Хуршедҷон Зиёевро ба назар гирфта, аз моҳи августи соли 1998 ӯро ба вазифаи ноибии ректори донишкадаи номбурда таъйин намуданд. Дар боробари корҳои роҳбарию ташкилӣ олим ҷиддан таҳқиқоти илмӣ бурда, ахиран соли 2006 дар мавзӯи «Тариқати тасаввуфии мавлавия ва таҳаввули фалсафаи назарӣ ва амалии он (асрҳои XIII - ибтидои XX)» рисолаи докторӣ дифоъ намуд.

Хуршедҷон муаллифи зиёда аз 40 асари илмӣ дар равияҳои мухталифи фалсафа, фарҳанг, мардумшиносии ҳуқуқӣ ва усули таълим буда, пайваста шуғли таҳқиқу тадқиқи илмӣ дорад. Чунин тадқиқоти ӯ «Ҷаҳонбинии Баҳовуддини Валад» (бо забони русӣ, Душанбе, 1992), «Мавлавия ва таърихи таҳаввули он» (Душанбе, 2004) аз тарафи мутахассисон баҳои баланд гирифтаанд.

Ҳамдиёрон ва аҳли илмӣ ҷумҳурӣ ба ин олиму омӯзгори ҷавону дар илм роҳу равиши худро пайдокарда, бурдбориҳо мехоҳанд.



ТОҶИДДИН САЛИМОВ 23 июли соли 1968 дар деҳаи Қалъаи Ҳусайни ноҳияи Қалъаи хумб дар оилаи омӯзгор таваллуд шудааст. Соли 1993 факултаи байтории Донишгоҳи аграрии Тоҷикистонро бо баҳои аъло хатм намуда, роҳи мушкили илмро интихоб намуд Устодони қобилияти ӯро хуб санҷида, тавсия намуданд, ки ба кори тадқиқотӣ машғул шавад. Ҳамин тариқ дар Институти илмӣ-тадқиқотии байтории Тоҷикистон фаъолияти касбию меҳнатии олими оянда оғоз ёфт. Натиҷабардории тадқиқотии давраи аввали Тоҷиддин Салимов дифои рисолаи номзадии ӯ соли 1999 дар мавзӯи «Формолваксинаи омехта муқобили касалиҳои колибактериоз ва стафилококкози парандагон (фаъолияти антигению иммуногении он)» ҳисоб меёбад. Ин қадами ҷиддӣ ба ҷаҳони илм олими ҷавонро рӯҳбаланд намуд. Маҳз ҳамин рӯҳбаландию заҳмати тадқиқотӣ буд, ки дар як муддати нисбатан кӯтоҳ соли 2006 Тоҷиддин Салимов рисолаи доктории хешро дар мавзӯи «Пешгирӣ ва табобати касалиҳои бактериявии парандагон бо истифодаи доруҳои нави биологӣ ва кимиёвӣ дар шароити Тоҷикистон» дар Академияи ветеринарӣ (шаҳри Санкт-Петербург) бомувафаққият дифоъ намуда, ба баландтарин унвони олии

илмӣ ноил гашта, дар қатори пешсафтарин олимони ин соҳа чой гирифт. Албатта ин масълиятшиносии олими точикро боз бештар гардонд. Акнун дастовардҳои илмиаш ӯро ба олимони хоричи мамлакат муаррифӣ намуданд.

Точиддин Салимов солҳост, ки вазифаи мудирии Озмоишгоҳи касалиҳои паррандаро ба ӯҳда дошта, дар ин чода пайваста тадқиқоти илмӣ мебарад. У муаллифи 90 мақолаҳои илмӣ, дастурамалҳои илмию таълимист. Чунин корҳои анчомдодаи ӯ «Луғати мухтасари байторӣ», (соли 2002) ва «Фаъолияти кимиёвӣ ва биологии 1,3,4 - тиадиазол [3,2-а] пирамидинҳо» (2004), дар ҳаммуаллифӣ таълиф шудаанд, аҳамияти бағоят муҳими илмию амалӣ доранд. Олим ҳамчунин дорандаи 6 патенти (шаҳодатномаи аз кушоиши муҳими илмиро тасдиқ менамояд) барои хочагии халқ аҳамияти ниҳоят муҳим дошта мебошад. Аз соли 2004 ӯ ҳамзамон директории ЧДММ «Байтор»-ро ба ӯҳда дорад, ки аз фаъолияти баланди илмию истеҳсолиаш дарак медиҳад.

Точиддин Салимов дар айни ғайрати чавонӣ қарор дорад. Бешубҳа ӯро кушоишҳои нави илмӣ дар пеш аст. Дар ин чода ҳамдиёрон барояш бурдбориҳо мехоҳанд.



ДАВЛАТХОҶА ДОВУДӢ (ДОВУТОВ) 10 ноябри соли 1950 дар деҳаи Равнови ноҳияи Дарвоз чашм ба олами ҳастӣ кушодааст. Соли 1967 баъди таҳсили мактаби миёнаи №6 шаҳри Қӯрғонтеппа ба факултаи таърихи Дониттгохи давлатии Точикистон ба номи В.И.Ленин (феълан Донишгоҳи давлатии миллии Точикистон) дохил шуда, баъди хатми он мувофиқи роҳхат, ки бо назардошти қобилияти донишандӯзӣ ва завқи илмиаш ба Институти таърих, бостоншинсӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониш Академияи илмҳои ҶШС Тоҷикистон фиристода шуда буд, дар вазифаи лаборанти калон оғози фаъолияти касбӣ намуд. Солҳои 1974-1976 чун муҳаққиқ-тачрибаомӯз дар Шӯъбаи ленинградии Институти шарқшиносии Академияи илмҳои ИҶШС такмили ихтиссос намуд. Дар ин муддат зери роҳбарии муаррих, шарқшинос, мутахассиси таърихи Суғду сиккашиноси шинохтаи Иттиҳоди Шӯравӣ Олга Ива- новна Смирнова ба омӯзиши сиккаҳои суғдӣ машғул шуд. Бо тавсияи роҳбарияти Академия илмҳои Точикистон ва мутахассисони қобилияти ин тадқиқотчии чавонро пайхас намуда, Давлатхоча солҳои 1976-1979 дар ин маркази муҳими илмии номбаршудаи ленинградӣ дар шӯъбаи рӯзонаи аспирантура шуғли таҳсилу таҳқиқ доштааст.

Соли 1983 Давлатхочаи Довудӣ дар ҳамон Шӯъбаи ленинградии

Институти шарқшиносии АИ Иттиҳоди Шӯравӣ дар мавзӯи «Муомилоти пулӣ дар Панчакенти ибтидои асрҳои миёна (а. У-УШ)» рисолаи номзадии хешро дифоъ намуда (бояд қайд кард, ки аз мутахассисони точик дар ин самти муҳими илмӣ аввалин ҳисоб меёбад), дар доираи пештараи илмиаш - Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониш идомаи кору фаъолият намуда, феълан вазифаи корманди пешбари илмиро ба ӯҳда дорад.

23 феврали соли 2007 дар Шӯрои диссертатсионии Институти таърих, бастоншиносӣ ва мардумшиносии АИ ҶТ Давлатхочаи Довудӣ дар мавзӯи «Муомилоти пулӣ дар Хатлон (асрҳои V пеш аз милод - ибтидои XX милод)» рисолаи докторӣ дифоъ намуд.

Тадқиқоти Давлатхочаи Довудӣ ғолибан ба сиккашиносӣ, бостоншиносӣ, таърихи даврахои қадим ва асрҳои миёнаи минтақаи Осиёи Марказӣ, мунчумла Точикистон, бахшида шудаанд. Ба қалами олим 5 рисолаҳои илмӣ (дутоаш дар шарикмуаллифӣ) 2 китобча (яктоаш дар ҳаммуаллифӣ), бобҳои алоҳида дар тадқиқоти бунёдии таърихи халқи точик ва беш аз 150 мақолоти илмӣ ва илмию оммавӣ тааллуқ доранд.

Давлатхочаи Довудӣ бостоншиноси собиқадор буда, дар ҳафриёти 16 ёдгории бостонии Точикистон, аз чумла Гардани Ҳисор, Кум ва Сарводеи ноҳияи Айнӣ, Панчакенти қадим, Наврӯзшоҳи ноҳияи Панчакент, Ҳисораки Масчоҳ, Вашгириди Файзобод, Кофирқалъаи Колхозобод, Теппаи Шоҳи Шаҳритус, Ҳалқачари ноҳияи Хуросон, Ҳулбук, Чармгарони Поёни шаҳри Кӯлоб, Хонакоҳи Ховалинг ва ғайра бевосита ширкат доштааст.



МУҲАМАДНАИМ РАҲИМОВ 15 апрели соли 1922 дар деҳаи Сафедорони Дарвоз аз оилаи кишоварзи камбизоат ба дунё омадааст. У мисли дигар бачаҳои ҳамзамони кӯҳистониаш хеле барвақт, ҳанӯз аз айёми наврасӣ ба доираи шуғли кишоварзӣ кашида шуда ба заҳмати рӯзгору хочагидории колхозӣ бевосита шиносоӣ пайдо намуда, саводи аввалро низ дар мактаби навтаъсиси деҳа гирифтааст. Соли 1940 ба Сталинобод омада аввал ба гурӯҳи тайёрии пешаздонишчӯӣ, сипас дар курси аввали факултаи забон ва адабиёти Донишкадаи омӯзгории иойтахт таҳсил дошт, ки Германияи фашистӣ ба Иттиҳоди Шӯравӣ аҳдшиканона ҳучум намуда, тамоми аҳолии мамлакатро ба чанги хонумонсӯзи дарозмуддат кашид. Донишчӯи ҳассос Муҳаммаднаим моҳи декабри соли 1941 аз ин набарди озодихоҳӣ дар канор буда наметавонист. У бо аризаи худ ихтиёрӣ

ба ҷабҳа рафта дар мудҳиштарин набардҳои давраи аввали ҷанг бево- сита ширкат доштааст. Сержанти калон Муҳаммаднаим Раҳимов, дар муҳорибаи Сталинград аз душвортарин имтиҳони ҷавонмардӣ гузашта, дар қатори садҳо ҳазор ҷанговарони ҷасури шӯравӣ душманро ба ақибнишинӣ маҷбур карда, дар таъмин намудани амалиёти пешравии Қӯшунҳои шӯравӣ ва озод намудани шаҳру ноҳияҳои аз тарафи душ- ман муваққатан забтшуда саҳмгузорӣ намудааст. Шуҷоату мардонагаш дар ҷабҳаҳо бо чандин медалу ифтихорномаҳо қадр шудааст. Вале хилофи хоҳиши хеш ва бо амри тақдир то анҷоми ҷанг дар ҷабҳа буда натавонист. Дар яке аз муҳорибаҳо сахт захм бардошта, баъди чанд муддате дар табобатхонаи ҳарбии шаҳри Саратов муолиҷа намуданаш, тибқи қарори комиссия тиббӣ ӯро аз хизмати ҳарбӣ озод карданд ва барои идомаи табобат ба зодгоҳаш баргардонданд.

Баъди андаке шифо ёфтан ҷанговари собиқ Муҳаммаднаим Раҳимов ба омӯзгорӣ машғул шуда, мудирии кисми таълим ва директории мак- табро ба зимма дошт. Соли 1945 таҳсили чанд сол пеш қатъшударо дар Донишкадаи омӯзгории ба номи Т.Г.Шевченко идома дода, онро соли
1947 хатм намуд. Ин ба даврае рост омад, ки бо ташаббуси мардумши- нос, шарқшиносӣ бузург М.С.Андреев дар назди Донишкадаи омӯзгорӣ кабинети мардумшиносӣ таъсис дода шуда буд. Таи чанд сӯҳбат бо ин олими шинохта, М.Раҳимов зарурияти омӯзиши анъаноти зисти мардуми кӯҳистонро ба хубӣ эҳсос намуд. У барои амалӣ гашта- ни ин мақсадаш ба аспирантураи донишкадаи номбурда дохил шуда, таҳти роҳбарии М.С.Андреев ва сипас А.К.Писарчик дар мавзӯи «Зи- роаткории тоҷикони ҳавзаи Хингоби давраи тоинқилобӣ» рисолаи номзадӣ навишта, онро соли 1954 дифоъ намудааст. Бояд қайд кард, ки Муҳамаднаим Раҳимов аввалин тадқиқотчии тоҷик дар соҳаи мардумшиносӣ буд, ки ба ин унвони расмии илмӣ соҳиб гаштааст.

Соли 1957 рӯи чоп дидани тадқиқоти бешак бунёдии олим «Зироат- кории тоҷикони ҳавзаи дарёи Хингоб (очерки таърихӣ- мардумшиносӣ)» воқеаи назарраси илми мардумшиносии тоҷик ҳисоб меёбад. Албатта минбаъд тадқиқотҳои зиёди мардумшиносии ватанӣ рӯи чоп дидаанд, вале то ба имрӯз ва шояд минбаъд аҳамияти таровати илмии ин асар хеле барҷаста эҳсос хоҳад шуд.

Меҳри касб солҳои минбаъда олимро водор сохт, ки тарафҳои мух- талифи равияи мардумшиносиро ҳадафи таҳлил қарор диҳад. Натиҷаи ҷустуҷӯҳои тӯлонӣ ва таҳлили маводи бадастомадаи олим дар таълифи тадқиқоти дастҷамъии мардумшиносони ҷумҳурӣ «Тоҷикони Қаротегину Дарвоз», ки дар се бароріш ё ҷилд рӯи чоп дидааст, хеле барҷаста ба назар мерасад. Асарҳои таълифнамудаи олим «Ҳаёти нав ва идҳои нав», «Маросим ва идҳои ислом», «Ташаккул ва инкишофи расму оинҳои нав» ва ғайра аз тарафи мутахассисон баҳои баланд гирифтаанд. У фақат ба мардумшиносӣ маҳдуд нашуда, дар солҳои

(1963-1971) мудирии яке аз секторҳоии Шӯъбаи фалсафаи АИ ҶТ ба ӯҳда доштан масоили умдаи таърихи дину ақоиди мазҳабиро ҳадафи таҳлил қарор дода, чандин корҳоро ба чоп расонидааст.

Муҳаммаднаим Раҳимов муаллифи 10 китобу бештар аз 100 мақолоти илмист. Чандин асарҳои олим берун аз Точикистон, дар Русия, Украина ва дигар чумҳуриҳо рӯи чоп дидаанд. Дар чандин симпозиуму конфронсҳои байналмиллалию чумҳуриявӣ бо маърӯзаҳои чолиб баромад кардааст. Зери роҳбарии олим рисолаҳои номзадӣ дифоъ шудаанд. У дар тамоми фаъолияти меҳнатиаш илмро аз таълим чудо накардааст. Ҳангоми корманди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А.Дониш, Институти фалсафа ва ҳуқуқи АИ ҶТ будан дар мактабҳои олӣ ба шогирдон аз мардумшиносӣ ва таърих сабақ медод. Солҳои 80-90-ум бештар дар Донишгоҳи Давлатии Точикистон (Донишгоҳи миллӣ) шуғли омӯзгорӣ дошта, ба ҳазорон чавонон сабақи хешташиносӣ додааст. 28 октябри соли 1998 дили ин олим, марди ниҳоят ҳалиму хоксор дар синни 76 солагӣ аз задан монд, вале нақши он дар таърихи илми мардумшиносии точик зудуда нахоҳад шуд.



НАЗРИШО ЛАТИФОВ 25 марти соли 1930, деҳаи Бровги деҳшӯрои Вишхарви ноҳияи Қалъаихумби Ҷумҳурии Точикистон таваллуд шудааст. таърихнигори точик, номзади илмҳои таърих (1956), дотсент (1969). 30 майи соли 2002 дар шаҳри Душанбе вафот кардааст.

Баъди хатми мактаби миёнаи нопурраи рақами 36 ба номи К.Маркси деҳаи Бровг тахсил намудааст. Моҳҳои январ-сентябри солҳои 1944-1945 ба ҳайси ҳисобчии Ҷамъияти матлуботи ноҳияи Тавилдара ва 1945-1946 ба сифати муаллими синфҳои ибтидоии деҳшӯрои Калони ноҳияи Тавилдара кор кардааст.

Баъд аз анчом ёфтани Ҷанги Бузурги Ватанӣ, моҳи сентябри соли 1946 Назришо Латифов ба ш. Сталинобод омада, солҳои 1946-1947 дар курсҳои тайёрии назди Донишкадаи омӯзгории Сталинобод ба номи Т.Г.Шевченко ба сифати шунаванда таҳсил намудааст.

Соли 1947 пас аз хатми он соли 1947 ба факултаи таърихи Дониш- кадаи омӯзгории ш. Сталинобод ба номи Т.Г.Шевченко дохил шуд. Донишчӯи барандаи стипендия номи донишкадаро соли 1951 бо баҳои аъло хатм намуда, бо роҳхати донишкада ба аспирантураи назди до- нишкадаи номбурда аз рӯи ихтисоси таърих дохил шуда, зери роҳбарии шарқшиноси барчаста, директори Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии АИ навтаъсисёфтаи чумҳурӣ, ака- демик А.А.Семёнов чиддан ба тадқиқоти илмӣ машғул шуд. Соли 1956

дар мавзӯи «Оид ба масъалаҳои заминдории бекигарии Дарвоз дар охирҳои асрҳои XIX ва ибтидои асри XX» рисолаи номзадиро бомуваффақият дифоъ кард.

Пас аз хатми аспиратнтура солҳои 1955-1956 фаъолияти меҳнатиашро аввал дар вазифаи дастурдиҳандаи (инструктор) шӯъбаи пропаганда ва агитатсияи назди Кумитаи шаҳри Сталинободи (Душан- бе) Ҳизби Коммунисти Точикистон, баъдан чонишини мудири ҳамин шӯъба оғоз кард. Ҳамзамон дар курсҳои такмили ихтисоси шаҳри Ста- линобод ва Донишкадаи омӯзгорӣ дарс мегузашт. Олиму ташкилотчии чавон Назришо Латифов вазифаҳои ба зимааш гузоштаро сарбаландона ва ҳисси баланди масъулиятшиносӣ ичро мекард.

Моҳи сентябри соли 1956 Назришо Латифовро дар Донишкадаи по- литехникии ш.Душанбе ба вазифаи мудири кафедраи марксизм- ленинизм таъин намуданд. У ҳамзамон аз фанни таърихи ҲКИШ таълим медод. У аз ӯҳдаи ин вазифаи барои замон муҳим пурра баро- мада тавонист. Дар ҳамаи вазифаҳои масъули маъмурӣ ва созмондиҳӣ Н.Латифов бо тамоми мазмуни инсони комил, олими нуқтасанч шах- сияти накӯбин будани худро баръало зоҳир намуд.

Сатҳи баланди донишу маърифат, хоксорӣ, ростгӯӣ, поксифатӣ, ҳисси масъулиятшиносӣ, қобилиятҳои роҳбарию ташкилотчигии Назришоҳ Латифовро ба назар гирифта, бо тавсияи Комитети Марка- зии Ҳизби Коммунисти Точикистон соли 1957 ӯро ба вазифаи баланд - директори Донишкадаи омӯзгории ш. Кӯлоб ба номи А.Рӯдакӣ таъин намуданд. Алалхусус дар давраи сарварӣ ба ин донишкада ба Н.Латифов муяссар гардид, ки ҳайати олимону омӯзгорони тифоқу чӯяндаро муттаҳид сохта базаи илмӣ ва таълими кафедраҳоро мустаҳкам намояд. Маҳз дар давраи роҳбарии донишкадаро ба ӯҳда доштани ӯ асарҳои арзишманд дар соҳаҳои мухталифи илмҳои чамъиятшиносӣ, педагогӣ, дигар соҳаҳо рӯи чоп дида, бо ин васила то андозае талаботи донишчӯёнро бо маводи таълимӣ ва илмӣ таъмин на- мудан имконият фароҳам омад. Як зумра хатмкунандагони аспирантураҳо аз шаҳрҳои собиқ Иттиҳоди Шуравӣ ба донишкада ба кор омаданд, ки ин талаботро бо ихтисосмандони дарачаи олӣ дар до- нишкада то андозае ҳал намуд. Кафедраҳо ва шӯъбаҳои таълим сифати корро беҳтар намуданд. Ба фаъолияти илмӣ ва таълими донишкада чавонони лаёқатманд чалб карда шуданд.

Аз ҳисоби мутахассисони маҳаллӣ чандин нафар барои таҳсил ба аспирантураи пойтахт ва марказҳои илмии ИЧШС фиристода шуда бу- данд.

Дар ҳамкорӣ бо котиби ташкилоти ҳизбии донишкада Моёншоҳ На- заршоев, ноиб оид ба корҳои илмӣ ва таълим - Сафар Ниёзов, бисёр омӯзгорони соҳибтачрибаи ш. Кӯлоб ва кормандони ҳизбиву чамъиятӣ Н.Латифов чиҳати ободонии донишкада, баланд бардошатни нуфузи

он, таълиму тарбияи мутахассисон, такмили ихтисоси ҳайати илмиву омӯзгории донишкада хизматҳои босазое кардааст.

Назришо Латифов дар корҳои ҷамъиятӣ ҳам фаъол буд, чандин сол вакили мардумӣ интихоб шудааст. Солҳои 1958-1961 ба ҳайси намоян- даи мардумии шӯрои шаҳри Кӯлоб фаъолият кардааст. Бо ташаббуси ӯ дар саҳни Донишкадаи омӯзгорӣ ҳайкали Абу Адуллоҳи Рӯдакӣ қомат рост кард.

Соли 1960 Н.Латифов ба ҳайси мудири гурӯҳи лекторони шӯъбаи пропагандаи Комитети Марказии Ҳизби Коммунисти Тоҷикистон таъйин гардид. Аз моҳи феврали солҳои 1961 то моҳи июни соли 1969 дар ин вазифа фаъолият намуда, дар ташвиқу тарғиби қарору дастурҳои ҳизб дар байни мардум саҳми арзанда гирифт.

Солҳои 1969-1971 Н.Латифов вазифаи директории Институти илмӣ-тадқиқотии илмҳои педагогии Тоҷикистонро ба ӯҳда дошт ва баъд аз якуним соли корӣ бо қарори Коллегияи Вазорати маорифи ҷумҳурӣ ба вазифаи ноиби ректори Институти педагогии ш. Душанбе ба номи Т.Г.Шевченко оид ба шӯъбаи ғоибона гузаронида шуд. Аз моҳи марти соли 1971 то охири умр дар ин донишкада ба ҳайси дотсенти кафедраи таърих кор кардааст ва аз фанҳои таърихи сиёсии кишвар, курсҳои махсус оид ба таърихи маориф ҷумҳурӣ дарс гуфтааст.

Таҳқиқотҳои илмии Назришо Латифов ба масъалаҳои таърихи заминдорӣ дар бекигариҳои Дарвоз, роҳи тараққиёти ғайрикапиталистӣ, тарбияи насли наврас дар рӯҳи анъанаҳои миллӣ бахшида шудаанд. Доир ба ин масъалаҳо қарб 30 асару мақолаҳои илмӣ дорад. Олим иштирокчии як зумра конференсияву симпозиумҳои байналмиллалию иттифоқӣ ва ҷумҳуриявӣ мебошад. Яке аз лекторони фаъоли Ҷамъияти ҷумҳуриявии «Дониш»-и Тоҷикистон буд.

Дар ҳар ҷое, ки Назришо Латифов фаъолият доштааст, ӯро чун му- тахассиси кордон, ташкилотчии моҳиру босалоҳият, шахси масъули- ятшиносу роҳбари ғамхор мешинохтанд. У дар байни кормандон ва роҳбарияти ҷумҳурӣ, мутахассисони соҳаи илму маориф обурӯю нуфу- зи баландро соҳиб буд, бо пешниҳоду гузоришҳои мушаххаси худ дар рушди соҳаҳои мухталифи ҷомеа саҳмгузорӣ намудааст.

Хизмати босуботу тӯлонии Назришо Латифов бо нишони Аълочии маорифи халқи Ҷумҳурии Тоҷикистон, даҳҳо ифтихорномаҳои гуно- гун, Ордени «Нишони фахрӣ» (с.1960), медал барои меҳнати шоён (с.1964), медал барои меҳнати шуҷоатнок ва бо ифтихорномаи Прези- диуми Совети Олии РСС Тоҷикистон (солҳои 1958, 1964) ва ғайра қадр шудааст.

ЗОҲИР АҲРОРӢ (АҲРОРОВ) соли 1930 дар деҳаи Шкеви деҳшӯрои Ёгеди ноҳияи Қалъаихумб дар хонаводаи деҳқони камбизоат чашм ба дунёи ҳастӣ кушодааст. Баъди гирифтани маълумоти миёнаи



нопурра аз рӯи заруръият ба муаллимони нисбатан ихтисосманд ӯро дар қатори дигар талабагони болаёқат Зоҳир ва як нафар ҳамсабақаш барои идомаи таҳсил ба Омӯзишгоҳи педагогии Шулмаки (феълан Навобод) фиристода шуданд. Ин ба давраи ниҳоят мушкили баъдичангӣ - соли 1945 рост омад. Ба қаҳтӣ тоб наоварда рафиқи ҳамсабақаш бо сад ормон дар дил аз олам даргузашт. Зоҳирро аз омӯзишгоҳ ба интернати маркази вилоят - Ғарм фиристоданд. Бо машаққат бошад ҳам, ин имкон дод то чон ба саломат барад. Баъди чанде бо чамъе аз шарикдарсонаш ӯро ба мактаб интернати рақами 10 шаҳри Сталинобод (Душанбе) оварданд.

Хатми мактаби миёнаи Зоҳир Аҳроров бо таъсиёбии Донишгоҳи давлатии Точикистон рост омад. Ба ӯ ва чанде аз хатмкунандагони со- ли 1948 муяссар шуд, ки чун аввалин донишчӯёни ин донишгоҳи бо- нуфузи чумҳурӣ барои гирифтани маълумоти олӣ идомаи таҳсил намо- янд. Инак, солҳои таҳсил бо ҳамаи хубию мушкилиҳояш хотима ме- ёфт. Донишчӯи пешқадам Зоҳир Аҳроров, ки бахши филологияро бо баҳои аъло хатм намуд, бо тавсияи устодон ва роҳбарият ба ҳайси му- аллими Донишгоҳ оғози фаъолияти омӯзгорию илмӣ намуд. Муаллими чавон акнун аз фанни «Таърихи адабиёти точик» ба толибилмон бо як ифтихори хоса дарс мегуфт.

Баъди ду соли шуғли омӯзгорӣ дар донишгоҳ бо назардошти қобилияти тадқиқотӣ раёсати Академияи Илмҳои ЧШС Точикистон Зоҳир Аҳрориро барои кор ба Шӯъбаи адабиёт даъват намуда, баъди чанде ба Шӯъбаи шарқшиносӣ ва осори адабӣ гузарониданд. Сипас фаъолияти тадқиқоти ин корманди академия чунин сурат гирифтааст: Солҳои 1968-1970 - сафари хидматӣ дар Афғонистон; солҳои 1970- 1980 - мудири Шӯъбаи адабиёти Эрон ва Афғонистон; 1980-1981 - аз нав сафари хизматӣ ба Чумҳурии Афғонистон; Аз соли 1981 дар вазифаҳои мудири Шӯбаи Эрон ва Афғонистон, сипас мудирии Шӯъбаи Шарқи Миёна, баъдан ва то алҳол мудирии Шӯъбаи Эрон ва Афғонистони Институти шарқшиносӣ ва мероси хаттии Академияи илмҳои Чумҳурии Точикистонро ба ӯҳда дорад.

Дар тӯли фаъолияти кории хеш ба ғайр аз дифои рисолаи илмӣ чу- нин корҳо таҳқиқу таҳрир ва ба чоп таёр кардаву дастраси доираи ва- сеи мутахассисон ва мухлисони адабиёт гардондидааст: «Мушфиқӣ», «Қорӣ Абдулло», «Чомӣ», «Андарзномаи Чомӣ», «Осори Мушфиқӣ» (дар ду чилд), «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ (дар 9 чилд), «Панду қикматҳои Чомӣ», «Андарзномаи Фирдавсӣ», Фарҳанги мухтасари «Шоҳнома», Нашри дуюми илмии «Шоҳнома» (дар 9 чилд), Осори Соиб (дар

ҳамкорӣ бо Лоиқ Шералӣ), ҷилдҳои 1-2 ғазалиёт маснавиҳо, «Юсуф ва Зулайхо», «Субҳатулаброр», достони «Хусрав ва Ширин»-и Низомӣ, «Муш ва гурба»-и Ҳаким Баҳоӣ, достони «Саломон ва Абсол»-и Ҷомӣ, достони «Юсуф ва Зулайхо», «Адабиёти Эрон дар қарни XVIII» (дар се ҷилд) ва ғайра.

Зоҳир Аҳрорӣ дар даҳҳо симпозиуму конгрессу гузоришҳои байнадмиллалӣ ширкат намуда, шарафи шарқшиносии тоҷикро сарбаландона дифоъ намудааст.



НУРИДДИН САЛИМОВ соли 1940 таваллуд шуда, баъди таҳсили мактаби миёна, ба факултаи забон ва адабиёти Доникадаи давлатии омӯзгории Душанбе ба номи Т.Г.Шевченко дохил шуда, баъди хатми он соли 1965, бо тавсияи устодон дар назди кафедраи фалсафаи донишкадаи номбурда солҳои 1965-1968 чун аспирант шуғли таҳсилу таҳқиқ доштааст. Сипас фаъолияти кории ин мутахассиси ҷавон солҳои 1968-1984 ба сифати муаллим, дотсент, иҷрокунандаи мудири кафедраи коммунизми илмӣ, муовини декани факултаи математика оид ба корҳои тарбиявӣ сурат гирифтааст. Соли 1971 барои дарёфти унвони номзади илмҳои фалсафа дар мавзӯи «Сохтори иҷтимоии Тоҷикистон рисолаи илмӣ дифоъ намуд. Солҳои 1984-1989 ба кори ҳизбӣ гузашта, ба ҳайси мушовири Хонаи маорифи сиёсии КМ ҲК Тоҷикистон фаъолият кард.

Нуриддин Салимов аз соли 1989 аз нав ба кори омӯзгорӣ баргашта то соли 1993 дар вазифаҳои директори филиали Донишкадаи омӯзгории пойтахт дар шаҳри Қӯрғонтеппа ва бо таъсиси ин донишка- даи мустақил ба ҳайси ректор кор кард. Аз соли 1993 то рӯзҳои вопа- сини ҳаёт ба сифати профессор ва аз соли 1995 ба ҳайси мудири ка- федраи фалсафаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Қ.Ҷӯраев (феълан ба номи С.Айнӣ) фаъолият дошт.

Профессор Нуриддин Салимов муаллифи зиёда аз 200 корҳои чопӣ, аз чумла 15 китобу китобчаҳои илмӣ, илмӣ-оммавӣ ва таълимист. Китобҳои ӯ «Сохтори иҷтимоии Тоҷикистон (1975), «Қувваи пешба- рандаи ҷамъият» (1983), «60-солагии ташкилёбии Тоҷикистон» (1984), «Салибдорони навбаромад» (1989), «Баъзе проблемаҳои иҷтимоӣ- сиёсӣ дар замони бозсозӣ» (1991), «Ваҳдат-якдилӣ» (1997), «Фалсафаи зиндагӣ» (1997), «Фалсафаи ваҳдати миллӣ» (2000), «Асосҳои фалса- фа» (дар шарикмуаллифӣ, 1999) ва ғайра, ки дар онҳо зарурият ва нақшаи ваҳдати миллӣ, иҷтимоӣ дар инкишофи паҳлӯҳои иқтисодӣ, сиёсӣ, ҳуқуқӣ, фалсафӣ, ахлоқӣ ва маънавии Тоҷикистони

соҳибистиқлол ва вусъати ҳамкории он бо чумҳуриҳои собиқ ИҶШС ва Иттиҳодияи Ҷаҳонӣ ҳадафи таҳлил қарор ёфтаанд.

Нуриддин Салим дар чандин симпозиуму конфронсҳои байналмиллалӣ ва чумҳуриявӣ иштирок намуда бо маърӯзаҳои рӯзмарраи масоили фалсафаи муосир баромад кардааст. У дар мудати 25 сол (1969-1995) ба ҳайси шореҳи сиёсии радио ва телевизиони чумҳурӣ умдатарин воқеаҳои чаҳониро бо таҳлили возеҳ ба тамошоби-нону шунавандагон мерасонд. Хизмати ин олим, омӯзгор, Корманди шоистаи Точикистон дар тарбияи олимони чавон низ назаррас аст.



АСЛАМШО РАҲМАТУЛЛОЕВ 5 июни соли 1936 дар деҳаи Умараки ноҳияи Қалъихумб аз оилаи хизматчӣ ба дунё омада-аст. Баъди мактаби миёнаю хатми Омӯзишгоҳи педагогии шаҳри Кӯлоб соли 1956 ҳаваси донишандӯзи ӯро ба шӯъбаи таърихи факултаи таъриху филологияи Донишгоҳи давлати Точикистон ба номи В.И. Ленин овард. Фаъо-лияти назарраси таълимӣ, зеҳни буррою барвақт бедоршавии шавқи тадқиқи таърихи муосири донишчӯ Асламшо устодону роҳбарияти донишгоҳро ба хулосае овард, ки ӯро баъди хатми донишгоҳ соли 1961 дар ин маркази муҳимтарини илму таълим нигоҳ доранд. Бале, устодон хато накарданд. Аз оғози фаъолияти касбии хеш то ба имрӯз, яъне беш аз 45 сол ӯ ба ин даргоҳ содиқ буда, пайваста шуғли илму таълим дорад Дар ҳамин даргоҳ соли 1969 дар мавзӯи «Такомули сатҳи фарҳангӣ-техникии сокинони деҳоти точик (солҳои 1959-1965)» рисолаи номзадӣ дифоъ намудааст.

Аз оғози фаъолияти меҳнатии хеш дар Донишгоҳи давлатӣ (феълан Донишгоҳи миллӣ) то ба имрӯз Асламшо Раҳматуллоев дар вазифаҳои омӯзгор, омӯзгори калон, дотсент, котиби аввали кумитаи комсомол, ноиби декан, раиси иттифоқи касаба, котиби кумитаи ҲК, раиси муди- рияти чамъияти «Дониш», мудири кафедраи асосҳои назариявии фа- култаи омодасозии донишчӯёни бурунмарзӣ кору фаъолият доштааст.

Чун устоди варзида Асламшо Раҳматулоев дар чандин мактаби олии пойтахт аз фанни таърихи халқи точик ба донишчӯён дарс мегӯяд.

Аълочии мактабҳои ИҶШС, Корманди шоистаи Ҷумҳурии Точикистон Асламшо Раҳматуллоев дар қатори пешсафтарин муарри- хони чумҳурӣ қарор дорад. У муаллифи 18 китоб, азчумла 4 китоби дарсӣ, 200 мақолоти илмӣ, илмӣ-оммавӣ, публитсистӣ дастуру барномаҳои таълимӣ аз таърихи халқи точик ва курсҳои махсус барои мактабҳои олӣ мебошад. Таҳти роҳбарии олим рисолаҳои номзадӣ ди- фоъ шудаанд. У аз минбари симпозиуму конференсияҳои баналмилла-

лию ватанӣ бо маърӯзаю гузоришҳои рӯзмарра баромад кардааст. Асарҳои ӯ «Таърихи халқи точик» (Душанбе,1975), «Очеркҳои таърихи Точикистони Советӣ» (Душанбе,1989)», Мусобиқаи сотсиалистӣ дар деҳот» (Душанбе,1987), «Таърихи халқи точик. - Ҷ.1» (М., 2002), «Мактаби мардонагӣ ва ватандӯстӣ» (бо забони русӣ. - Душанбе, 2005) ва ғайра аз тарафи мутахассисону хонандагони сершумор баҳои баланд гирифтаанд.



СОБИР ХОҶАЕВ 13 июли соли 1928 дар деҳаи Рузвайи тумони Қалъаихумби (аз соли 1930 - ноҳияи Қалъаихумб) вилояти Ғарм (сипас дар ҳайати ВМКБ) дар оилаи заминдори миёнаҳол ба дунё омадааст. Ҳанӯз ҳангоми ҳафтмоҳа будан падараш Хоча Назаровро бо тақозои тақдир, аниқтараш бо тӯҳмату иғвоангезии аҳли ҳасуд, ки ҳассосияти сиёсии замонро ба нафъи худ истифода мебурданд, чун «феодал, кулак ва душмани синфӣ» соли 1929 ба ҳабс гирифта, қурбоии ин дассисабозиҳо гардонданд. Ягона муттакои зиндагӣ модараш низ соли 1934 чаҳонро падруд гуфт. Аз ҳамин давра то соли 1944 Собир дар хо- наи баччагони Қалъаихумб, сипас Шулмак таълиму тарбия гирифтааст. Бо тавсияи роҳбарияти хонаи бачагон соли 1944 барои таҳсил ба мак- таби авиатсия, ки он вақт дар Ленинобод фаъолият мекард, фиристода шуд, вале баъди қатъ шудани таҳсили гурӯҳи точикии он, барои идо- маи таҳсил ба Омӯзишгоҳи педагогии Ғарм (он вақт ноҳияи Шулмак, сипас шаҳрчаи Навобод) фиристода шуд. Баъди хатми он, солҳи 1947 таҳсилро дар Техникуми савдои шаҳри Душанбе идома дод. Бо таъси- сёбии Донишгоҳи давлатии Точикистон ба номи В.И.Ленин аз курси дуюми техникуми номбурда таҳсилро қатъ карда, ба факултаи таърихи Донишгоҳи давлатӣ дохил шуд. Баъди хатми бомуваффақияти он соли 1953 фаъолияти касбии мутахассиси дорандаи маълумоти олӣ чунин сурат гирифтааст:

Солҳои 1953-1954 - муаллими Омӯзишгоҳи педагогии Ғарм; 1954- 1964 - муҳаррир дар Нашриёти давлатии Точикистон (Таджикгосиз- дат); 1964-1967 - муовини сармуҳаррири нашриёти «Ирфон»; январ- марти 1967 - ходими калони илмии Институти таърихи ҳизб дар назди КМ ҲК Точикистон; 1967-1972 - мудири матбаа, мудири чанде аз шӯъбаҳои нашриёти «Ирфон»; 1972-1975 - сармуҳаррири нашриёти «Ирфон»; 1975-1978 - директори нашриёти «Ирфон».

Собир Хочаев солҳои 1978-1990 вазифаи директории нашриёти «Маъориф»-ро ба ӯҳда дошта, сипас то ба нафақа баромадан ба на- шриёти «Дониш» сарварӣ кардааст. У соли 1976 дар мавзӯи «Матбуот

ва рушди пахтакорӣ» рисола дифо намуда. ба гирифтани унвони номзади илмҳои таърих ноил гардид. У муаллифи даҳҳо кору мақолаҳои илмӣ-оммавӣ ва публитсистист. Хоҷаев С. мутарҷими китобҳои зиёди бадеӣ бо забони тоҷикӣ мебошад ва бо ин фаолити худ аъзои Иттифоқи нависандагони тоҷик шудааст.



ХУДОДАГӢ БОБИЕВ соли 1935 чашм ба олами ҳастӣ кушода, соли 1963 Донишкадаи давлатии шаҳри Душанбе ба номи Т.Г.Шевченкоро (феълан ДДОТ ба номи С.Айнӣ) хатм намудааст. Фаъолияти меҳнатии ӯ чунин ҷараён гирифтааст: солҳои 1963-1964 - муаллими мактаби миёнаи рақами 2 ноҳияи Данғара; 1964-1966 - аспиранти кафедраи фалсафаи Донишкадаи омӯзгории Душанбе; 1966-1980 - муаллими калони кафедраи фалсафаи Донишкадаи давлатии тибби ба номи Абуалӣ ибни Сино; 1980-1985 дотсенти кафедраи фалсафаи донишкадаи номбурда; 1985-1988 - мудири кафедраи назарияи сотсиализми ДДТТ; аз соли 1988 - дотсенти кафедраи фалсафа ва назарияи сотсиализми Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино. Худодагӣ Бобиев соли 1975 дар мавзӯи «Бардоштани дараҷаи маданӣ-техникии деҳқонони колхозӣ - қонунияти сохтмони коммунизм» рисолаи номзадӣ дифо намуда, муаллифи қариб 40 кору мақолоти илмӣ ва оммавист.



ЧИЛЛА МАРДОНОВ 2 феврали соли 1932 дар деҳаи Руботи ноҳияи Қалъаихумб (Дарвоз) таваллуд шудааст. Ҳанӯз дар айёми тифлӣ аз яксолагӣ аз меҳрубониҳои волидайн маҳрум гашта, то 12 солагӣ дар тарбияи аммааш буда, сипас солҳои 1944-1945 дар Хонаи бачагони ноҳияҳои Тавилдара ва Шулмаки вилояти Ғарм таълиму тарбия ёфта, солҳои 1945-1948 дар Омӯзишгоҳи педагогии Навобод таҳсил намудааст. Баъди хатми он ба фаъолияти касбӣ оғоз намуда солҳои 1948-1950 ба ҳайси муаллими мактаб дар деҳаи Хеки ноҳияи Қалъаихумб фаъолият доштааст. Чилла Мардонов солҳои 1950-1954 дар факултаи таърихи Донишкадаи омӯзгории шаҳри Душанбе ба номи Т.Г.Шевченко (феълан Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ) таҳсил дошта, баъди хатми аълои он ба сифати омӯзгори донишкадаи номбурда тавсия ва таъйин гардид. Солҳои 1955-1958 дар

сафи Қувваҳои Мусаллаҳи ИҶШС хизмат намуда, сипас фаъолиятии кориаш чунин сурат гирифтааст:

Солҳои 1958-1960 - омӯзгори Донишгоҳи давлатии омӯзгории шаҳри Кӯлоб; 1960-1964 - муаллими калони Донишкадаи давлатии омӯзгории шаҳри Душанбе ба номи Т.Г.Шевченко; 1964-1966 - аспиранти Донишгоҳи давлатии ба номи Н.Чернишевскийи шаҳри Саратов; 1966 - дифои рисолаи номзадии илмҳои иқтисодӣ; 1966-1984 - дотсенти кафедраи назарияи иқтисодии Донишкадаи хочагии қишлоқи Точикистон (феълан Донишгоҳи аграрии Точикистон). Аз соли 1984 дотсенти кафедраи иқтисодиёти сиёсии ДДОД (ДДОТ ба номи Қ.Ҷӯраев). Аз соли 2000-ум дотсенти Донишгоҳи давлатии миллии Точикистон.

Корманди шоистаи чумҳурӣ Чилла Мардонов муаллифи китоби «Кадрҳои баландихтисос ба деҳот» (Душанбе, 1975) ва зиёда аз 60 мақолоти рӯзмарраи илмӣ ва илмӣ-методист. Баъзе аз навиттттахояттт берун аз чумҳурӣ, дар натрияҳои илмии таҳрҳои Киев, Саратов ва ғайра ба чоп расидаанд.



ДАРВОЗИИ ҶӮРА (ҶӮРАЕВ) соли 1936 дар водии Дарвоз ба дунё омадааст. Номи Дарвозиро падари бузургворат, ҳофизи номдори миллат Шарифи Ҷӯра низ ба ифтихори ин диёри азизат додааст. Баъди хатми мактаби миёнаи №3 таҳри Дутанбе солҳои 1955-1960 дар факултаи таъриху филология Донитгоҳи давлати Точикистон таҳсили маълумоти касбӣ доттааст. Баъди хатми он ба ҳайси корманди масъули комсомол, ҳизби коммунист ва тӯроҳои сатҳи чумҳуриявӣ то ба нафақа баромадан (1994) кору фаъолият иамудааст. Номзади илмҳои таърих Дарвозӣ Ҷӯраев раисии Бунёди байналмиллалии «Акатариф»-ро ба ӯҳда дотта, таи чанд соли охир силсилаи китобу китобчаҳои самтҳои ҳунарии Ҳофизи номдори халқ Акатариф Ҷӯраев инъикоскунандаро аз тариқи Бунёди «Акатариф» ба чоп расондааст.

АМРИЯЗДОНИ АЛИМАРДОН (АЛИМАРДОНОВ) 2 моҳи нояб- ри соли 1938 дар деҳаи Равнови ноҳияи Қалъахумби (Дарвоз) округи Ғарм (аз соли 1939 вилояти Ғарм, баъди барҳам хӯрдани вилояти Ғарм аз соли 1956 ноҳияи Қалъаихумб ба ВМКБ ҳамроҳ карда тудааст) ба дунё омада, таҳсилоти ибтидоиро дар зодгоҳ ва дар таҳри Қӯрғонтеппа соли 1956 хатми маълумоти миёна намуда, солҳои 1956- 1961 донити олии тахассусиро дар факултети филологияи Донитгоҳи давлати Точикистон гирифтааст.



Дар давраи донишҷӯи қобилияти донишандӯзии Амрияздонро мушоҳида намуда, баъди бо баҳои аъло хатм намуданаш ӯро барои кор дар худи донишгоҳ тавсия намуданд, вале бо даъвати роҳбарияти Шӯъбаи шарқшиносӣ ва осори адабии (аз соли 1970 Институти шарқшиносӣ) Академияи Илмҳои Тоҷикистон ба сифати корманди илмӣ даъват намуданд. Солҳои 1963-1966 - дар аспирантураи Академияи илмҳо таҳсилу таҳқиқ дошта, баъди анҷоми мӯҳлати он дар пажуҳишгоҳи мазкур ба ҳайси ходими илмӣ идомаи фаъолият намуд.

Баъди дифои рисола барои дарёфти унвони илмӣ (1970) Амрияздон Алимардонов солҳои 1972-1987 - мудирии Шӯъбаи дастнависҳои шарқӣ ва таҳияи феҳристҳои нусахи хаттии пажуҳишгоҳи мазкур, солҳои 1987-1993 - кормандии пешбари илмӣ ва сарварии гурӯҳи тав- сифкунандагони нусахи хатӣ, аз соли 1993 вазифаи мудири Шӯъбаи нигаҳдорию танзими нусахи хаттӣ ва таҳияи феҳристҳои Институти шарқшиносӣ ва мероси хаттиро ба ӯҳда дорад.

Доираи таваҷҷӯҳи илмии Амрияздон Алимардонов хеле васеъ буда, таҳқиқи таърихи адабиёту фарҳанги даврони пешини форсу тоҷик, таърихи адабиёти форсизабони Ҳиндустону Покистон, матншиносӣ, нусхашиносӣ, робитаҳои адабии Мовароуннаҳру Ҳиндустон ва муно- сибати дини ислом ба риштаҳои гуногуни ҳунару фарҳангро фаро ме- гирад.

У доир ба паҳлӯҳои гуногуни масоили зикрёфта бештар аз 350 таҳқиқоту мақола дар Ҷумҳури Тоҷикистон ва мамолики хориҷ ба табъ расонида, матни як силсила асарҳо аз қабили «Ҳашт биҳишт»-и Амир Хусрав, «Тутинома»-и Муҳаммад Қодирӣ, Ашъори Носири Хусрав, Шавкати Бухороӣ, «Дурдонаҳои наср» (асрҳои Х-ХУ), «Тӯтинома»-и Нахшабӣ, матни илмию интиқодии «Иёри дониш» (бо таҳқиқоти му- фассал) ва ғайраро мунташир сохтааст.

Амрияздон Алимардонов яке аз тартибдиҳандагон ва ба нашр тай- ёркунандагони ҷилдҳои 5-8-уми феҳристи дастнависҳои шарқии АИ Тоҷикистон бо забони русӣ ва ҷилдҳои 1-4-ми «Феҳристи нусхаҳои хаттии форсии Институти шарқшиносӣ ва мероси хатии АИ Тоҷикистон», ки солҳои 1976-1979 дар Теҳрон бо хат ва забони форсӣ нашр гардидаанд, мебошад. Таҳқиқоту мақолоти олим доир ба нусхаҳои хаттӣ ва дастнависҳои нодир дар маҷаллаю маҷмӯаҳои гу- ногуни Тоҷикистону Русия, Эрон Озарбойҷон ва Итолиёю Фаронса рӯи чоп дидаанд.

Асарҳои тадқиқотии Амрияздон Алимардонов «Зиёу<u>дди</u>ни На<u>хш</u>абӣ ва «Тӯтинома»-и ӯ, «Сурат ва сирати Ибни Сино», «Анъанаи «Калила ва

Димна»-нависӣ дар таърихи адабиёти форсу тоҷик», «Адабиёти форсизабони Ҳинд дар қарнҳои ХУ1-ХУ11», «Абулфазли Алломӣ ва «Иёри дониш»-и ӯ», «Шавкати Бухороӣ», «Таърихчаи насри форсу тоҷик», «Муносибати дини мубини ислом ба мусиқӣ, рақс, суруд, санъати тасвирӣ ва хаттотӣ» ва ғайра аз тарафи мутахассисон хуш пазируфта ва дар доираи васеъи хонандагон маълумияти хоса доранд. Қайд кардан бамаврид аст, ки дар матншиносӣ кам андар ками мутахассисони Осиёи Марказӣ ба ин олими тоҷик баробар шуда метавонанд.

Алъон Амрияздон Алимардонов дар ҳамкорӣ бо гурӯҳе аз муҳаққиқон бо тавсияи нусахи адабии ганҷинаи дастнависҳои Академияи улуми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҳияи феҳристҳои онҳо ҷиддан машғул аст. Дар ин ҷода хонандагону мухлисони сершумори олим барояш бурдбориҳо мехоҳанд.



АБДУСАЛОМ МУҲАББАТОВ 10 феврали соли 1941 дар ноҳияи Дарвози вилояти Ғарм таваллуд шуда, мактаби миёнаро дар шаҳри Душанбе хатм намудааст ва фаъолияти меҳнатии худро ба ҳайси харрот дар заводи Комбинати бофандагии мошинии Тоҷикистон («Тоҷиктекстилмаш») оғоз намудааст. Солҳои 1962-1967 факултаи таърихи Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро хатм намуда, бо тавсияи устодон ва роҳбарияти донишгоҳ дар кафедраи коммунизми илмӣ ба ҳайси ассисент ва сипас муаллим барои кори илмию таълимӣ ҷалб шудааст. Баъди чанде ин мутахассиси ҷавон дар донишгоҳҳои Москва, Ленинград (феълан Санкт-Петербург) ва Киев такмили ихтисос намудааст.

Соли 1976 рисолаи номзадии хешро аз рӯи ихтисоси фалсафа дифоъ намуда ба ҳайси устоди донишгоҳ идомаи фаъолият намуд. Соли 1981 ӯро ба Донишгоҳи давлатии Москва ба номи Ломоносов барои таъли- ми гурӯҳи донишҷӯёни афғон аз фанни Коммунизми илмӣ даъват на- муданд. Барои хизмати намунавӣ ӯ ба гирифтани Ҳуҷҷати ифтихории ин донишгоҳи аввалдараҷаи Иттиҳоди Шӯравӣ ноил гаштааст.

Соли 1982 бо қарори бюрои КМ ҲК Тоҷикистон барои кор ба дастгоҳи КМ ҲК Тоҷикистон даъват карда мешавад ва то соли 1991 дар вазифаҳои лектор, мудири гурӯҳи лекторон, мушовири идеологӣ ифои вазифа намудааст.

Абдусалом Муҳаббатов солҳои 1991-1996 дар Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон вазифаи ноиби ректор оид ба кадрҳо ва масоили иҷтимоию тарбиявиро ба зимма дошта, дар замони фоҷиабори ҷанги шаҳрвандӣ намунаи баланди ташкилотчигию тарбиявӣ нишон додааст. У дар са-

фарбар намудани донитчўёну устодон барои чамъоварии пахта ба ноҳияҳои Ёвону Куйбитев татаббус нитон дод. Дар давраи ҳассоси даргириҳои сиёсии баъди пот хўрдани Иттиҳоди тўравӣ ӯ тавонист, ки Иттифоқи чавонон, Шӯрои занону духтарон, Шӯрои донитттчӯёнр дар хобгоҳҳо ва ғайра таткилоттҳои муфиди чамъиятиро аз нав барқарор намояд.

Фаъолияти намунавӣ ва қобилияти таткилотчигии Абдусалом Муҳаббатовро ба назар гирифта, роҳбарияти Донитгоҳи миллӣ ӯро соли 2001 ба вазифаи декании факултаи фалсафа таъин намуд. У таво- нист факултаи навтаъсисро дар як муддати кӯтоҳ (то соли 2004) ба дарачаи фаъолияти факултаҳои анъанавии донитгоҳ барорад. Аз соли
2006 ин таткилотчии моҳир мудири кафедраи Раванди сиёси Точикистонро ба ӯҳда дотта, то ба имрӯз тавонистааст ба дастовардҳои назарраси илмию таълимӣ ноил гардад.

Абдусалом Муҳаббатов муаллифи тадқиқотҳои зиёди илмӣ ва илмӣ- методист. асарҳои ӯ аз қабили «Шакл ва усулҳои тарбияи чавонон дар макотиби олӣ» (1993), «Самтҳои асосии корҳои тарбиявии чавонони донитчӯ» (1995), «Сиёсаттиносӣ», китоби таълимӣ барои макотиби олӣ. (2000), «Асосҳои сиёсаттиносӣ», китоби дарсӣ барои мактабҳои олӣ. (2006) ва аз тарафи мутахассисон баҳои баланд гирифтаанд.

Барои хизмати тӯлонӣ дар соҳаи илму тайёр намудани мутахассисо- ни баландихтисос Абдусалом Муҳаббатов бо ордени «Шараф» ва чан- дин ифтихорномаҳои сатҳи баланди чумҳурӣ қадр тудааст.



САВЛАТШОҲ МЕРГАНОВ 13 сентябри
/ \ соли 1937 дар деҳаи Ҷорфи ноҳияи
Қалъаихумб (Дарвоз) таваллуд шуда, то синфи
6 дар зодгох, сипас дар мактаб-интернати
таҳраки Навободи вилояти Ғарм маълумоти миёна гирифтааст. Соли 1955 ба факултаи таъриху филологияи Донитгоҳи давлатии Точикистон дохил туда, баъди соли дуюми таҳсил аз соли 1957 дар тӯъбаи паттуи факул- таи тарқтиносии Донитгоҳи давлатии тахри Ленинград (феълан Санкт-Петербург идомаи таҳсил намудааст. Баъди хатми он ба Сталино- бод (Дутанбе) баргатта, аввалан дар тӯъбаи тарқтиносии Донитгоҳи Давлатии Точикистон ба номи В.И.Ленин (феълан Донитгоҳи давлатии миллии Точикистон) оғози фаъолияти касбӣ на- муда, соли 1962 ба Институти тарқтиносӣ ва осори хаттии Академияи илмҳои Точикистон даъват туда, ҳамзамон то соли 1965 дар ин ду му- ассиса ба кори таълиму таҳқиқ матғул будааст.

ба Институти шарқшиносии АИ ИҶШС (Ш.Москва) фиристода шуда, баъди анчоми мӯҳлати коромӯзӣ (стажировка) ба аспирантураи ин му- ассисаи бонуфузи илмии Иттиҳоди Шӯравӣ дохил шуд. Вале бо амри зарурияти давлатӣ ин тадқиқотчии чавонро соли 1967 ба сафари хизматӣ ба Афғонистон (ба ҳайси сартарчумони гурӯҳи мушовирони шӯравӣ дар вазорати плонӣ ё банақшагирии Афғонистон) фиристо- данд. Дар он чо то соли 1972 ифои вазифа намуда, ба Ватан баргашт. Акнун имкон даст дод, ки аз корҳои тадқиқотии хеш натичабардорӣ карда, соли 1973 дар ҳамон Институти шарқшиносии АИ ИҶШС ш.Москва мавзӯи ниҳоят чолиб - «Хусусиятҳои забонӣ ва шеърии зарбулмасалҳои пашту»-ро ба сифати рисолаи номзадӣ дифоъ намояд.

Дар Институти шарқшиносии АИ Точикистон ин дафъа ҳам идомаи фаъолияташ тӯлонӣ нашуда, соли 1974 боз аз нав ба сафари хизматӣ ба Афғонистон фиристода шуда, то соли 1979 ба сифати сартарчумон ва ҳамзамон узви шӯъбаи иқтисодӣ кору фаъолият намудааст. Баъди боз- гашт ба ҳайси мудири шӯъбаи Институти шарқшиносии АИ Точикистон кор карда, баъди кушодани шӯъбаи пашту дар факултаи шарқшиносии Донишгоҳи давлатии Точикистон, соли 1980 ба сифати дотсенти ин шӯъба ба кор даъват шуда, то сафари навбатии хизматиаш ба Афғонистон солҳои 1988-1995 фаъолият намудааст. Сипас солҳои 1995- 2004 дар Кумитаи давлатии радио ва телевизиони Русия ба сифа- ти наттоқ ва тиҳиягари барномаҳои адабии радио - «Садои Русия» ба забонҳои пашту ва дарӣ то соли 2004 кору фаъолият кардааст. Ахиран аз соли 2004 боз ба Донишгоҳи давлатии миллии Точикистон баргаш- та, дар кафедраи номбурда ба шогирдон аз фанни забону адабиёти пашту сабақ медиҳад.

Савлатшоҳ Мерганов чун олими дақиқназару пухтакор муаллифи чандин китобу бештар аз 120 мақолоти илмию илмӣ - оммавӣ мебо- шад, ки дар Душанбе, Кобул ва Москва рӯи чоп дидаву ба доираи ниҳоят васеи хонандагон дастрас гаштаанд. Чопи рисолаи доктории эшон оиди калимаҳои нав дар забони муосири пашту, ки таи солҳои 60-80 асри гузашта чамъ оварда, ба риштаи таҳлил кашидааст, хеле чолиб буда, аз тарафи мутахассисон баҳои баланд гирифтааст. Олим дар чандин симпозиуму конфронсҳои байналмиллалӣ ва минтақавӣ бо маърӯзаҳои чолиб баромад карда, дастовардҳои илми точикро дар сам- ти паштушиносӣ ва дигар масоили умдаи адабиётшиносӣ муаррифӣ намудааст.

АБДУЛ МАҲМАДЗИЁЕВ 16 августи соли 1939 дар деҳаи Сангев- ни ноҳияи Қалъаихумб (феълан ноҳияи Дарвоз) ба дунё омада, солҳои 1947-1957 дар мактаби миёнаи деҳаи номбурда таҳсил намудааст. Идомаи таҳсилро барои гирифтани маълумоти олӣ солҳои 1958-1963 дар Доникадаи омӯзгории шаҳри Душанбе ба номи Т.Г.Шевченко



(феълан Донишгоҳи давлатии омӯзгории ба номи С.Айнӣ) гузашта, баъди бо баҳои аъло хатм намудани донишкада ба зодгоҳаш баргашта, ба ҳайси муаллим оғози фаъолияти касбӣ намуд. Вале дере нагузашта мутахассиси ҷавон ба хизмати ҳарбӣ даъват шуда, баъди адои он соли 1965 ба донишкадаи омӯзгори давлатии шаҳри Душанбе ба ном Т.Г.Шевченко даъват шуда, дар вазифаҳои лаборант сипас асистент кор кард. Бо пайдо шудани имкон омӯзгори ҷавон Абдул Маҳмадзиёевро барои такмили дониши касбӣ ва илмӣ ба ҳайси стажёр ба кафедраи энтомологияи Донишгоҳи давлатии Ленинград фиристоданд. Баъди гузаштани мӯҳлат (1967-1968), солҳои 1968-1971 дар аспирантураи кафедраи энтомологияи (илми ҳашаротшиносӣ) Донишгоҳи давлатии шаҳри Москва ба номи М.В.Ломоносов шуғли таҳсилу таҳқиқи илмӣ намуда, соли 1971 зери роҳбарии М.С.Андрианова дар мавзӯи «Ҳашароти зарарасони ҷангалҳои муҳофизати замин»рисолаи номзадӣ дифоъ намуда, ба донишкадаи худ баргашт.

Солҳои 1971-1980 Абдул Маҳмадзиёев ба ҳайси омӯзгор, омӯзгори калон, дотсент ва мудири кафедра, ҷонишини декани факултаи биоло- гиява химия доир ба илм ва тарбия, раиси иттифоқи касаба ва котибии ташкилоти ҳизби факулта кору фаъолият дошт. Қобилияти ташкилот- чигиашро ба назар гирифта, ӯро соли 1980 ба сифати декани факултаи биология ва химияи Донишкадаи давлатии ба номи Т.Г.Шевченко пешниҳод намуданд. Дар ин вазифаи барои мактаби олӣ ниҳоят мура- кабу масъул Абдул Маҳмадзиёев давраи нисбатан тӯлонӣ солҳои 1980-
1994 хизматгузорӣ дошт. У солҳои 1995 - 2006 мудирии кафедраи зоо- логияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории ба номи Қандил Ҷӯраевро (феълан Донишгоҳи давлатии омӯзгории ба номи С.Айнӣ) ба ӯҳда дошта барои рушди он кори зиёде ба сомон расондааст.

Абдул Маҳмадзиёев муаллифи 67 асарҳои илмӣ - тадқиқоти ва илмӣ - методӣ аз чумла 3 китоби дарсӣ барои мактабҳои таълимоти ҳамагонӣ, китоби дарсӣ иборат аз ду қисм, дар ҳачми 31 чузъи чопӣ ва як барномаи корӣ дар ҳачми 10 чузъи чопӣ барои мактабҳои олӣ ва даҳҳо мақолоти илмӣ мебошад.

Хизмати тӯлонии ғолиби чандкаратаи мусобиқоти сотсиалистӣ, иш- тирокчии Намоишгоҳи камёбиҳои хочаги халқи Иттиҳоди Шӯравӣ, аълочии мактабҳои олии ИҶШС Абдулло Маҳмадзиёев бо ордени «Шараф»-и дарачаи аввал қадрёбӣ шудааст.



РАҲМАТШО ДИЛОВАРОВ 1 июли соли 1939 дар деҳаи Умараки иоҳияи Қалъаихумби вилояти Ғарм (аз соли 1956 ноҳияи Қалъаихумб, сипас Дарвози ВМКБ) ба дунё омадааст. Баъди мактаби миёна ва техникуми зооветеринарии шаҳри Душанбе ба сифати сармутахассиси Шӯъбаи зооветеринарии деҳшӯроҳои водии Хумбов оғози фаъолияти мустақили меҳнатӣ намуда сипас то соли 1962 дар сафи Қӯшунҳои Иттиҳоди Шӯравӣ хизмат кардаст. Солҳои 1962-1966 дар факултаи табиатшиносӣ ва географияи Донишкадаи давлатии омӯзгории таҳри Дутанбе ба номи Т.Г.Шевченко таҳсил дотта баъди хатми он фаъолияти кориат чунин сурат гирифтаст: солҳои 1966-1967 - лаборант, ассистенти кафедраи географияи иқтисодию ичтимоии дониткадаи номбурда; 1967-1972 - котиби кумитаи комсомоли Дониткадаи омӯзгории ба номи Т.Г.Шевченко; 1972-1975 - аспиранти ҳамин дониткада; солҳои 1975-1991 - декани факултаи навтаъсиси географияи Дониткадаи номбурда; 1991-1995 - ноиби ректори Донитгоҳи давлатии омӯзгории Точикистон ба номи Қ.Ҷӯраев; 1996- 2005 - декани факултаи география ва ҳамзамон мудири кафедраи иқтисодӣ-ичтимоии факулта; аз моҳи марти соли 2005 - мудири ка- федраи иқтисодию ичтимоӣ ва технологияи соҳаҳои факултаи иқтисодиёт ва молияи Донитгоҳи давлатии миллии Точикистон.

Баъди дифои рисолаи номзадӣ соли 1975 дар мавзӯи «Истифодаи оқилонаи замин ва ташткили ҳудудии истеҳсолот» зери роҳбарии прфессор В.А.Поляркин дар назди Шӯрои дифоии Институти геогра- фияи Академияи илмҳои ИҶШС дар таҳри Москва ӯ дар баробари корҳои чиддан роҳбарӣ ва таткилотӣ ба тадқиқоти илм матғул туд.

Раҳматто Диловаров муаллифи зиёда аз 100 номгӯй корҳои илмӣ, илмӣ методию барномаҳо таълимӣ ва 4 рисолаи илмист. У дар зиёда аз 60 симпозиуму конфронс ва гузоритҳои илмии байналмиллалӣ, чумҳуривию байнидонитгоҳӣ тиркат дотта, бо маърӯзаҳои чолиб ба- ромад кардааст.

Корманди тоистаи чумҳурӣ Раҳматто Диловров бо ордени «Барои меҳнати тучоъ» ва чандин ифтихорномаҳои сатҳи баланди чумҳурӣ мукофотонида тудааст.

ҲИСОРИ ҶУРАЕВ 2 феврали соли 1941 дар таҳри Дутанбе дар оилаи ҳофизи матҳури чумхурӣ Акатариф Ҷӯраев ба дунё омада, баъди гирифтани маълумоти миёна солҳои 1958-1964 дар факултаи химияи Донитгоҳи давлатии Точикистон ба номи В.И.Ленин таҳсил намудааст. Фаъолияти касбиат чунин сурат гирифтааст: солҳои 1964-



1966 - ассистенти кафедраи химияи таҳлилии (аналитикӣ) ДДТ; 1966-1969 - аспиранти Института химияи ғайриорганикӣ; 1971-1978 - ходими калони илмии Института химияи АИ ҶШС Точикистон; 1978-1988 - мудири лаборатории фитохимияи Института гастроэнтерологияи АИ ҶТ; 1989-1991 - директори генералии Боғи миллии ҶТ; 1992-1995 - сафарҳои хизматӣ аз рӯи тахассуси фитохимия ва фитотерапефт дар Туркменистон, Эрон ва Югославия; аз соли 1996 - ходими калони илмии Института гастроэнтерологияи АИ ҶТ. Номзади илмҳои химия (1971), муаллифи зиёда аз 100 мақолоти илмӣ, ки дар китоби «Илми бостонӣ: саломатӣ ва шифоёбӣ» чоп шудаанд; 8 ихтироот ва 6 доруҳои дармонбахши дар асоси гиёҳҳо тайёршуда. Айни ҳол кӯшиш ба харч дорад то рисолаи докторӣ ва чопи чанде аз тадқиқоти



НАЗАР ХУДОИЕВ 15 феврали соли 1931 дар деҳаи Сангевни ноҳияи Қалъаихумб (Дарвоз) ба дунё омадааст. Соли 1957 факултаи чуғрофияи ДДОД ба номи Т.Г.Шевченкоро хатм намуда фаъолияти меҳнатии худро аз омӯзгории Омӯзишгоҳи педагогии шаҳраки Навободи ноҳияи Ғарм (феълан Рашт) оғоз намуда сипас чунин идома додааст: солҳои 1961-1964 - аспиранти ДДОД ба номи Т.Г.Шевченко; 1964-1975 - сарлаборант, ассистент, муаллими калони кафедраи чуғрофияи иқтисодӣ ва табиӣ 1976-1982 ва 1992-1998 мудири кафедраи чуғрофияи табии ДДОТ ба номи Қ.Ҷӯраев (феълан ба номи С.Айнӣ). Дотсент Назар Худоиев соли 1969 дар Донишгоҳи давлатии Тошкент аз мавзӯи «Яхбандиҳои қадиму кунунии Ҳисору Олой ва қаторкӯҳи Пётри I» рисолаи номзадии илмҳои чуғрофияро дифоъ намудааст. У муаллифи бештар аз 60 мақолоти илмию дастурҳои ме-

САЪДУЛЛО НАЗРУЛЛОЕВ 5 сентябри соли 1936 дар деҳаи Виш- харви Ноҳияи Қалъаихумб (Дарвоз) ба дунё омадааст. Соли 1958 фа- култаи таърихи Донишкадаи давлатии омӯзгории шаҳри Душанбе ба номи Т.Г.Шевченкоро (феълан ДДОТ ба номи С.Айнӣ) хатм намуда, фаълияти касбиаш чунин чараён гирифтааст: солҳои 1958-1961 - муал- лими мактаби миёнаи ноҳияи Орчоникидзеобод (феълан Ваҳдат): 1961-



1963 - аспиранти кафедраи таърихи ИҶШС Данишкадаи омӯзгори ба номи Т.Г.Шевченко; солҳои 1963-1995 - ассистент, муаллими калон, дотсент; 1985-1993 - чонишини декан; 1995-1998 - декани факултаи таърих; аз соли 1998 - дотсенти кафедраи таърихи халқҳои точикистони (феълан таърихи Точикистон) донишгоҳи номбурда. Номзади илмҳои таърих (1973), дотсент. Муаллифи «Сохтмони роҳҳо ва рушди нақлиёти Точикистондар панчсолаи сеюм (Душанбе, 1972), «Сохтмони роҳ ва рушди нақлиёт дар Тоҷикистон солҳои 1917-1941 (Душанбе, 1979, бо забони русӣ) ва чандин мақолот.



НУРОНШО ШОХУҶАЕВ 30 ноябри соли 1946 дар деҳаи Равнов, райони Қалаихумб (ҳоло Дарвоз) таваллуд шудааст. Баъди хатми мактаби миёна соли 1964 ба Донишгоҳи давлатии Точикистон, факультаи физика дохил шуда, баъди хатми он, соли 1969 бо роҳхати Вазорати Маорифи ҶТ дар Донишгоҳи Давлатии Точикистон то соли 1972 ба сифати корманди илмӣ кор кардааст. Аз соли 1972 ба институти Физикаю техникаи ба номи С.У.Умарови АИ ҶТ ба ҳайси корманди илмӣ оиди омӯзиши электроникаи квантӣ кор кардааст.

Соли 1973-1976 дар шӯъбаи аспирантураи АИ ҶТ ба таҳсилу таҳқиқ машғул шуда, баъди хатми он рисолаи номзадии хешро дар мавзӯи «Деформатсияи анизотропӣ ва алоқаи он ба характеристикаҳои нурафшонии гетероструктураҳои Оа1пА$Р/1пР» дар институти физи- каи АИ СССР (ФИАН) дифоъ намудааст. То соли 1994 дар институти физикаю техникаи АИ ҶТ ба вазифаи корманди хурди илмӣ ва ходими калони илмӣ кор кардааст. Аз соли 1994 дар Донишгоҳи Техникии Точикистон ба ҳайси дотсенти кафедраи «Шабакаи алоқа ва системаҳои комутатсионӣ» ва аз соли 2001 ва баъд мудирии ин кафед- раро ба ӯҳда дорад.

Дар баробари тадқиқоти илмӣ муттасил кори таълимӣ ва методӣ мебарад. У муаллифи зиёда аз 100 корҳои илмӣ-таълимӣ ва якчанд ихтироъҳо дар соҳаи электроника мебошад. Дар чандин конферен- сияҳои байналхалқӣ ва чумҳуриявӣ иштирок намуда, баромадҳои чолиб намудааст.



МУБОРАКШО МАХШУЛОВ 20 июни соли 1952 дар деҳаи Қальаихумби ноҳияи Қалъаихумб таваллуд шудаст. Соли 1968 мактаби миёнаро бо медали нукра хатм намуда, маълумоти олии касбиро дар факултаи иқтисодии Донишгоҳи давлатии Точикистон гирифтааст. Фаъолияти меҳнатиашро соли 1972 аз корманди хурди Академияи илмҳои Точикистон оғоз намуд. Курси такмили тахассусиро дар Институти Иқтисодии Академияи илмҳои ИЧШС (ш.Москва) гузашта, соли 1977 оид ба проблемаи ичтимоию иқтисодии регионалӣ рисолаи номзадӣ дифоъ карда, баъди чанде ба сифати ходими калони илмии Институти иқтисодиёти АИ ЧШС Точикистон ифои вазифа намудааст.

Муборакшо Махшулов аз соли 1981 ба кори комсомол гузашта дар вазифаҳои роҳбари гурӯҳи лекторон, мудири шӯъбаи кор бо чавонони соҳаи илми КМ Комсомоли Точикистон кору фаъолият бурдааст. Солҳои 1983-1986 дар Афғонистон сафари хизматӣ дошта, дар он чо ба ҳайси сармушовири КМ Ташкилоти комсомоли Умумииттифоқ кор карда, баъди бозгашт солҳои 1987-1991 дар дастгоҳи КМ Ҳизби ком- мунисти Точикистон фаъолият намудааст.

Сипас фаъолияти кории Муборакшо Махшулов чунин чараён ги- рифтааст: солҳои 1991-1995 - сармутахассис ва муовини мудири шӯъбаи савдо ва захираҳои моддии Шӯрои Вазирони Ҷумҳурии Точикистон, 1995-2001 - корманди масъули Вазорати иқтисодӣ ва алоқаи иқтисодии хоричии Ҷумҳурии Точикистон, Кумитаи давлатии чумҳурии Точикистон доир ба алоқа ва савдо, 2001-2007 - сардори Департаменти иқтисоди хоричӣ ва сиёсати савдои Вазорати иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Точикистон. Айни замон муовинии Директори гене- ралии ширкати инвеститсионӣ - Ҷамъияти аксионерии «Сомон капи- тал»-ро ба ӯҳда дорад.

Муборакшо Махшулов муаллифи зиёда аз 80 мақолоти илмӣ ва шарикмуалифи китоби дарсии «Асосҳои фаъолияти иқтисоди хоричӣ» (1998) мебошад. Китоби нави ӯ «Панорамаи Точикистон: экспорт, ин- веститсия ва туризм» омодаи чоп аст.

Барои хизмати шоён Муборакшо Махшулов бо ордени «Шараф»-и дарачаи аввал мукофотонида шудааст.

ДОДАР ХУМОРОВ 13 июли соли 1939 дар деҳаи Умараки ноҳияи Қалъаихумб (Дарвоз) аз оилаи кишоварз таваллуд шуда, баъди синфи 7 Техникуми зооветеринарии шаҳраки Навободи ноҳияи Ғармро(феълан Рашт) соли 1963 хатм намуда, дар ҳамон чо ба ҳайси лаборанти каби- нети физиология фаъолияти касбии хешро оғоз намудааст. Баъди хиз-



мат дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳи ИҶШС (1960-1963), солҳои 1963-1967 дар факултаи забон ва адабиёти тоҷики Донишкадаи давлатии омӯзгории шаҳри Душанбе ба номи Т.Г.Шевченко (феълан ДДОТ ба номи С.Айнӣ) таҳсил намудааст. Баъди хатми аълои донишкада фаъолияти меҳнатии мутахассиси ҷавон чунин чараён гирифтааст:

Солҳои 1967-1969 - ба ҳайси муаллими забону адабиёти мактаби рақами 8, ноҳияи Шаҳритус; ҷонишини директори мактабҳои рақами 9 ва 10 иоҳияи Панҷ; 1969-1970 ассистенти кафедраи фалсафаи Донишкади омӯзгории Душанбе ба номи Т.Г.Шевченко;1970-1973 - аспиранти ҳамин донишкада; 1973-1996 - ассистент, омӯзгор, омӯзгори калон, дотсенти кафедраи фалсафаи Донишкадаи омӯзгории Душанбе (Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Қ.Ҷӯраев).

Соли 1996 дотсент Додар Хуморов ба кафедраи фалсафа ва фарҳангшиносии Донишгоҳи давлатии тиҷоратии Тоҷикистон, ки ба тозагӣ таъсис ёфта буд даъват шуда, солҳои 1998-2000 ҷун иҷрокунандаи вазифаи мудири кафедра ва аз соли 2000 мудирии кафедраи номбурдаро ба ӯҳда дорад.

Додар Хуморов соли 1984 дар мавзӯи «Симои маънавии синфи коргари тоҷик» рисолаи номзадӣ дифоъ намуда ҷиддан дар самтҳои мухталифи фалсафаи муосир тадқиқот бурдааст. У муалифи се рисолаи илмӣ, (ба самтҳои мухталифи худшиносии миллӣ бахшида шудаанд), дастури таълимӣ аз фанни «Сиёсатшиносӣ», яке аз муаллифони китоби дарсии «Фалсафа» барои мактабҳои олӣ дар ду қисм ва беш аз 40 мақолоти илмию илмӣ оммавист. Олим алҳол ба тадқиқи яке аз масъалаҳои муҳими фалсафаи муосир - тамоили инкишофи миллат ва муносибатҳои миллӣ машғул аст.



АЛИМАҲМАД ХОЛОВ 16 феврали соли 1950 дар деҳаи Утхарви деҳшӯрои Нулванд, ноҳияи Қалъаихумб дар оилаи хизматчӣ таваллуд шудааст. Мактаби миёнаи №3 ҳамин ноҳияро, соли 1967 хатм карда, ҳамон сол ба факултаи химияи Донишгоҳи Давлатии Тоҷикистон дохил шуда, соли 1972 онро бо ихтисоси кимиёшинос хатм намуд. Ҳамон сол ба Институти Омӯзгории ба номи Т.Г.Шевченкои шаҳри Душанбе роҳхат гирифта, дар факултаи

химия ва биология ба ҳайси лаборанти калон оғози шуғли касбӣ намудааст.

Солҳои 1973-75 ба сифати лаборанти калон дар лабораторияи ташхиси рентгени Институти физикаю техникаи ба номи С.У.Умаров кор карда, соли 1975 ба аспирантураи Институти Кристаллографияи ба номи А.В.Шубникови Академияи илмиҳои ИҶСШ шаҳри Москва дохил шуда, дар мавзуъи «Тараққӣ додани методҳои ҳосил кардани кристаллҳо бо воситаи гармии лазерӣ» рисолаи номзадӣ таълиф намуда онро соли 1980 дифоъ намуда. Сипас бо роҳхати Академияи Илмҳои ИҶШС ба Институти физикаю техникаи ба номи С.У.Умаров ба кор омада, то ба имрӯз дар вазифаҳои ходими хурд, ходими калони илмӣ ва мудирилабораторияи физикаи кристаллҳо кор ва фаъолият дорад. Соли 1988 бо медали «Ихтироъкори Шӯравӣ» мукофотонида шудааст. У зиёда аз 100 мақола ва шаҳодатномаи муалифӣ дорад.



МАРҲАМАД ТӮТИЕВ 14 январи соли 1939 дар хонаводаи деҳқони деҳаи Зинги ноҳияи Қалъаихумб (Дарвоз) таваллуд шудааст. Баъди мактаби миёнаи нопурраи зодгоҳ солҳои 1957-1959 дар техникуми кооперативии шаҳри Ленинобод (Хучанд) таҳсил намуда, соли 1959 ба ҳайси мусоҳиби чамъияти «Точикматлубот»-и ноҳияи Қалъаихумб фаолияти меҳнатиаш оғоз ёфтааст. Баъди чанд моҳи корӣ ба сафи Қувваҳои мусаллаҳи иттиҳоди Шӯравӣ даъват шуда бо анчоми хизмат солҳои 1962-1967 дар Донишгоҳи давлатии Точикистон (феълан ДДМТ) таҳсил кардааст. Сипас бо тавсияи роҳбарияти факултаи иқтисодӣ ва донишгоҳ Марҳамад Тӯтиев дар кафедраи иқтисоди сиёсӣ оғози кор намуда, ҳамон сол (1967) ба аспирантураи Институти иқтисодии Академияи илмҳои Точикистон дохил шуд. Солҳои 1968-1969 - бо сафари хизмати дар Афғонистон фаъолият намуда баъди адои он, таҳсилу таҳқиқи аспирантиро дар назди Институти шарқшиносии АИ ИҶШС дар Москва идома додааст. Фаъолияти меҳнатии Марҳамад Тӯтиев дар оянда чунин сурат гирифтааст: солҳои 1973-1980 - корманди илмии Институтии иқтисоди АИ Точикистон; 1980-1984 - сафари хизматӣ дар Афғонистон; 1984-1995 - ассистент, муаллими калон, дотсенти Донишкадаи омӯзгории Душанбе - Донишгоҳи давлатии омӯзгории ба номи Қ.Ҷӯраев (феълан ДДОТ ба номи С.Айнӣ); 1995-2005 - дотсенти Донишкадаи политехникии Точикистон (феълан Донишгоҳи техникии Точикистон ба номи М.Осимӣ); аз соли 2005 - мудири кафедраи «Иқтисод ва идоракунӣ дар

Маҳсули чопии номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Марҳамад Тӯтиев зиёда аз 70 корҳои илмӣ, илмӣ-усули ва мақолотро дар бар мегирад. Рисолаю китобҳои муаллиф: «Хусусиятҳои хоси ташакулёбии сектори давлатӣ дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Исломии Афғонистон» (Душанбе, 1987), «Географияи иқтисодӣ ва ичтимои Точикистон» (Душанбе, 2004), «Географияи иқтисодии наклиёти Точикистон» (2006) аз тарафи мутахассисон баҳои баланд гирифтаанд.

Меҳнати тӯлонии илмӣ-омӯзгории Марҳамад Тӯтиев аз тарафи Ҳукумати Точикистон бо ордени «Шараф» қадрёбӣ шудааст.



ҚУДРАТУЛЛО МИРАКОВ соли 1953 дар деҳаи Сағирдашти ноҳияи Қалъаихумб ба дунё омадааст. Дар зодгоҳ оғози таълим, дар душанбе онро идома дода, мактаби миёнаи рақами 35 пойтахтро соли 1970 хатм намудааст. Солҳои 1970-1975 дар факултаи механиконии хочагии қишлоқи Донишкадаи хочагии қишлоқи Точикистон (феълан Донишгоҳи аграрии Точикистон) таҳсил дошта, ба маълумоти олии тахассусӣ соҳиб гаштааст. Хониши намунавиашро ба назар гирифта, роҳбарият ӯро барои кор дар донишкадаи номбурда тавсияю қабул намуданд.

Фаъолияти меҳнатии мутахассиси чавон Қудратулло Мираков солҳои 1975-1997 чунин оғозу чараён гирифтааст: Солҳои 1975-1981 - устоди ҳамин донишгоҳ; 1982-1985 - аспиранти кафедраи «таъмири мошинаҳо»-и Донишкадаи хочагии қишлоқи шаҳри Ленинград (феълан Санкт-Петербург); баъди дифои рисолаи номзадӣ аз мавзӯи «Баланд бардоштани эътимодияти мағзиҳои чафскунандаи қисмҳои тракторҳое, ки дар шароити иклими гарм ва хушк истифода мешаванд» («Повыше- ние надёжности манжетных уплотнительных узлов тракторов эксплуа- тируемых в условиях жаркого и сухого климата») дар донишкадаи ном- бурда (соли 1985) солҳои 1985-1994 - дотсенти факултаи механиконии кишовазии Дониtttгохи аграрии Точикистон; 1994-1995 - декани факул- таи механикаю технологии Донишгоҳи технологии Точикистон; 1995- 1997 - дотсенти кафедраи «Бехатарии фаъолияти ҳаётӣ»-и факултаи механиконии кишоварзииДонишгоҳи аграрии Точикистон.

Аз соли 1997 Қудратулло Мираков дар Донишкадаи такмили ихти- соси Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Точикистон ба ҳайси муовини сардори донишкада фаъолият дорад. У муаллифи беш- тар аз 50 номгӯй корҳои илмӣ ва илмию оммавист.

Дорандаи рутбаи полковники хадамоти гумрук Қудратулло Мира- ков барои хизмати намунавиаш бо нишони «Аълочии маорифи халқи Точикистон», ифтихорномаю мукофотҳо қадр шудааст.



ҚУРБОНҶОН КАБУТОВ 6 ноябри соли 1947 дар деҳаи Равнов чамоати Ёгед ноҳияи Қалъаихумби (Дарвоз) Точикистон таваллуд тудааст. Соли 1953 ба ноҳияи Кировобод (ҳоло Панч) муҳочир туд, соли 1965 мактаби миёнаро хатм намуда ба факултети физикаи донитгоҳи миллии Точикистон дохил туд. Соли 1970 донитгоҳро бо ихтисоси физики чисмҳои сахт хатм намуда, баъди ду соли хизмати афсарӣ, сентябри соли 1972 дар институти физикаю техникаи ба номи С.У.Умарови Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистои оғози туғли касбӣ намуда, то ба имрӯз дар хизмати ин пажӯҳитгоҳ содиқ мондааст.

Солҳои 1973-1975 ба ҳайси тачрибаомӯз, 1976-1979 дар аспиран- тураи институти ГИРЕДМЕНТ (т Москва) туғли таҳсилу тадқиқот дотт. Натичаҳои корҳои илмӣ ӯ соли 1982 ба мукофоти олимони чавони Ҷумҳури Точикистон дар соҳаи электроникаи квантӣ сазовор дониста туд.

Соли 1982 рисолаи номзадиро дар т.Масква дар соҳаи технологияи нимноқилҳо ва маводҳои электроника дифоъ намуд. Соли 1990 ба ҳайси ходими калони илмӣ (доцент) аз рӯи ихтисоси физикаи нимноқилҳо ва диэлектрикҳо интихоб тудааст.

Соли 1988 ихтисоси патенттиносиро соҳиб туда, дар вазифаҳои муҳандис (инженер), ходими илмӣ, мудири лаборатория ва чониtttини директор оид ба корҳои илмии институти физикаю техникаи ба номи С. У. Умарови АИ ҶТ кор кардааст. Аз якуми январи соли 2008 роҳбари корхонаи навтаъсиси «Маркazии пажуҳит ва истифодабарии манбаъҳои барқароpтавандаи энергия» ифои вазифа дорад.

Қурбончон Кабутов таҳқиқоти илмиро аз омӯзгорӣ чудо накарда, аз фанҳои физикӣ ва техникӣ дар Дониtttгоҳи соҳибкорӣ (1990-1995), Ин- ститути ҳарбии Точикистон (1995-2000) ва Донитгоҳи техникии Точикистон (аз соли 2000-ум) ба мутахассисони оянда сабақи касбӣ медиҳад.

У иттирокчии фаъоли конфронс ва форумҳои байналмилалӣ дар Ҳиндустон, Тайланд, Филиппин, Непал, Муғулистон, Эрон, Россия, Қазоқистон, Киргизистон, Туркманистон буда, доир масоили рӯзмараи илмӣ бо маърӯзаҳои чолиб баромад кардааст. Ҳоло олим бо коркард, сохтан ва омӯхтани чузъҳо ва дастгоҳҳои табдили энергияи офтоб ба гармӣ ва барқ матғул аст. 7 ихтироот ва зиёда аз 80 мақолаҳои илмӣ чоп намудааст.



ХУРСАНД ҚУРБОНОВ 17 майи соли 1940 дар деҳаи Саричангали ноҳияи Тавилдара ба дунё омадааст. таълими миёнаи мактабиро дар Тавилдара ва Интернати давлатии ноҳияи Ғарм гирифта, солҳои 1957-1958 ба ҳайси санитари табобатхонаи чумҳуриявии касалиҳои рӯҳии рақами 2 дар Тавилдара чой дошта кор карда, солҳои 1959-1963 дар шӯъбаи таърихи факултаи таъриху филологияи Донишгоҳи давлатии Точикистон ба ном В.И.Ленин (феълан ДДМТ) таҳсил намудааст. Баъди анчоми таҳсил дар вазифаҳои сарлаборант ва ходими хурди илмии Шӯъбаи фалсафаи АИ ҶШС Точикистон кор карда, сипас соли 1967 ба аспирантура дохил шуда бо анчоми мӯҳлати он (1970) дар шӯъбаи номбурда ба сифати ходими хурд, сипас ходими калони илмӣ ифои вазифа намудааст. Соли 1974 ба кори омӯзгорӣ ба Донишкадаи давлатии санъати чумҳурӣ (феълан донишкадаи ҳунарҳои зебо ба номи М.Турсунзода) даъват шуда. муддате дар вазифаи муаллими калон кор карда ҳамон сол ба кафедраи фалсафаи Академияи илмҳо даъват шуда ба ҳайси муаллими калон ва дотсент ифои вазифа намудааст.

Номзади илмҳои фалсафа, дотсент Хурсанд Қурбонов муаллифи чандин асару мақолоти илмист. Китоби ӯ «Таълимоти ислом оиди мафҳум ва мақсади ҳаёт» (1977) ва чандин китобчаю мақолоташ, ки дар онҳо муаллиф маънии ҳаёт ва дигар масоили умдаи динию фалсафиро ҳадафи таҳлил қарор додааст, чолибу нишонрасанд.



ҚОДИР БОТУРОВ соли 1953 дар деҳаи Ҷорфи ноҳияи Дарвоз дар оилаи хизматчӣ таваллуд шуда, баъди хатми мактаби миёна, соли 1970 ба шуъбаи физикаи Донишгоҳи Давлатии Точикистон дохил шуда, соли 1975 донишгоҳи мазкурро хатм намуд. Бо роҳхати Вазорати маориф Ҷумҳурии Точикистон ба Пажуҳишгоҳи физикаю техникаи Академии илмҳои чумҳурӣ ба кор шурӯъ кард. Соли 1977 барои баланд бардоштани маҳорат ва савияи илмӣ ба Пажуҳишгоҳи химия ва физикаи Академияи илмҳои Шуравӣ фиристода шуд. Соли 1980 ба аспирантураи ҳамон Пажуҳишгоҳ дар ш. Маскав дохил шуда, соли 1983 рисолаи номзадиро дар мавзӯи «Гузаришҳои релаксационӣ дар эластомерҳо» ҳимоя намуд. Номзади фанҳои физика ва математика. Баъди дифои рисолаи номзади ба кор ба Пажуҳишгоҳи физикаю техникаи Академияи илмҳои чумҳурӣ баргашта то соли 1985

ба ҳайси корманди хурди илмӣ фаъолият намуд. Натичаҳои илми ва тавсияҳо оиди дар амал истифода бурдани эластомерҳо дар 18 мақолаҳои илмӣ чамъ оварда шудаанд. 15 мақолаи илмӣ дар мачаллаҳои соҳавии давлатҳои собиқ Иттиҳоди Шуравӣ ва 3 мақола дар мачаллаҳои махсус оиди таҳлили структураҳои чисмҳои сахт, полимерҳо ва эластомерҳо аз чоп баромадаанд. Аз соли 1990 сармуҳандиси маркази илмӣ-тадқиқотии Вазорати ҳифзи табиат таъин шуд. Аз моҳи маи соли 1992 ба ҳайси сардори раёсати робитаҳои байналмиллалии Вазорати мазкур фаъолият дорад. Барои густариши ҳамкориҳо дар соҳаи беҳдошти муҳити зист дар Конфронси вазирони ҳифзи муҳити зист «Муҳити зист барои Аврупо» ки соли 2003 дар Киев баргузор гардид бо медали Георгий «Честь. Слава. Труд», «Золотая Фортуна» сарфароз гардид. Мувофиқи фармони Президенти Ҷумҳурии Точикистон Ҳамоҳангсози миллии Конвенсияи Орхус дар Ҷумҳурии Точикистон «Дастрас будани иттилоот, иштироки чомеъа ва дастрас будани адолати судӣ нисбат ба масъалаҳои муҳити зист» таъин шуда, аъзои ҳайати мушовараи Вазорати кишоварзӣ ва ҳифзи табиати Ҷумҳурии Точикистон мебошад.



ПИРУМШО ЗАЙДОВ 5 майи соли 1949 дар деҳшӯрои Қалъаихумби ноҳияи Қалъаихумб (Дарвоз) дар оилаи хизматчӣ ба дунё омадааст. Баъди мактаби миёна, соли 1967 ба факултаи агрономии Донишкадаи кишоварзии Кубани шаҳри Краснодар дохил шуда аз соли дуюми хониш - 1968 ба сафи Қувваҳои Мусаллаҳи ИҶШС даъват шудааст, баъди анчоми хизмати афсарӣ таҳсилро дар факултаи биологияи Донишгоҳи давлатии Точикистон ба номи В.И.Ленин (феълан ДДМТ) идома дод.

Баъди хатми он фаълияти касбии Пирумшо Зайдов ба тариқи зайл чараён гирифтааст: солҳои 1976-1980 - ассистенти кафедраи зоологияи ДДТ ва ҳамзамон аспиранти ғоибонаи Донишгоҳи давлатии Белорусия (шаҳри Минск); 1980-1985 - мудири шӯъбаи тачрибаомӯзии ДДТ; 1985- 1990 - муаллими калони кафедраи зоолологияи ДДТ; 1990-2003 - дот- сенти кафедраи зоология; аз соли 2003 - дотсенти кафедраи экология.

Пирумшо Зайдов соли 1986 дар шаҳри Боку аз мавзӯи «Сахтболҳои Қаторкӯҳи чанубии Дарвоз» рисолаи номзадӣ дифо намудааст. У му- аллифи зиёда а: «Пайдоиш ва ташаккули назарияи такомул (соли 1992, дар шарикмуаллифӣ), «Мифтоҳи ташхиси марҳалаҳои инкишофи ҳашарот» (дар ҳаммуаллифӣ, соли 1992), «Дастури методӣ барои

дарсҳои фарди аз зоология бесутунмуҳрадорон» ва ҳамчунин чанд барномаҳои намунавИ аз фанни экология ва ғайра мебошад.



НОЗИМШО ҲАСАНОВ 2 январи соли 1958 дар оилаи хизматчИ таваллуд шуда, мактаби миёнаи № 35-и ноҳияи Орҷоникидзеобод (феълан Ваҳдат) соли 1974 хатм намуда, солҳои 1974-1979 дар факултаи меъморИ-сохтмонии Донишкадаи политехникии Тоҷикистон таҳсил кардааст. Фаъолияти меҳнатиаш чунин оғозу идома ёфтааст;

Солҳои 1979-1983 ассистенти кафедраи меъморИИ донишкадаи номбурда; солҳои 1983-1986 ба ҳайси аспиранти Донишкадаи муҳандисӣ-сохтмонии ба номи В.В.Куйбишеви шаҳри Москва таълиму таҳқиқ бурда, соли 1987 дар мавзуи принсипҳои тарҳрезии биноҳои таҳсилотИ-истеҳсолИ барои шахсони нобино рисолаи номзадиро дифоъ намуда, аз соли 1987 то кунун ба ҳайси ассистент, муаллими калон, дотсенти Донишгоҳи Техникии Тоҷикистон кор ва фаъолият дорад.

Ҳамзамон аз соли 2007 сарварии Раёсати сиёсат дар соҳаи меъморИ ва шаҳрсозии Агентии сохтмон ва меъмории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба уҳда дорад.

Аз руи лоиҳаҳои таҳиянамудаи у дар манотиқи гуногуни Тоҷикистон бино ва иншоотҳои зиёде бунёд гардидаанд. Лоиҳаи бинои «Тоҷиксодиротбонк» дар ш.Душанбе, бинои маркази калонтарини савдои «Ҳоҷи Ҳаит» дар ш.Истаравшан, гимназия барои кудакони лаёқатманд дар ш.Турсунзода, бинои ошхонаи «Лаззат» дар ш.Ваҳдат, биноҳои маъмурИ дар н. Нурободу Мурғоб ва даҳҳо дигарон аз ҷумлаи лоиҳаҳои аъзои Иттифоқи меъморони собиқ Иттиҳоди ШуравИ ва Ҷумҳурии Тоҷикистон, узви Иттифоқи дизайнерон, Академияи меъмории ҶТ Нозимшо Ҳасанов мебошанд.



АМИРШО МАҲРАМОВ 10-августи соли 1954 дар деҳаи Ҷорф-и ноҳияи Қалъаихумб (Дарвоз) таваллуд шудааст. Таълими миёнаро дар деҳааш дар мактаби ҳамагони и №10 ба номи Ҷ. Ҷабаев гирифта, баъди хатми синфи даҳ соли 1971 ба университети Давлатии Тоҷикистон ба номи В.И.Ленин дар факултаи биология таҳсил намудааст. Баъди хатми УДТ с. 1976 фаолияти меҳнатиро солҳои 1976-1977 ҳамчун муаллими фанҳои биология ва химияи

мактаби 10-солаи № 38 Орджинкизобод (ҳозира ноҳияи Ваҳдат) оғоз намуд. Аз соли 1977 лабаранти калони боғи ҳаётшиносии Помир, соли 1978 Ходими хурди илмии лабораторияи мевапарварии Пажӯҳишгоҳи ҳаётшиносии Помир. Соли 1984-1986 ба аспирантураи АИ ҶТ дохил шуда, соли 1987 рисолаи номзадиашро дар мавзӯи «Парвариши лимуи Мейер дар минтақаи субтропикии Дарвоз» дар шаҳри Сухумии Ҷумҳурии Гурҷистон унвони номзади илмҳои кишоварзиро соҳиб шуд. Соли 1987 ходими илмӣ, аз соли 1990 ходими калони илмии Пажӯҳишгоҳи ҳаётшиносии Помир, аз соли 1997 то ҳол ходими пеш-бари илмӣ. Аз ҳамин сол вазифаи сардори пойгоҳи Роғаки ноҳияи Дар-вози пажӯҳишгоҳи ҳаётшиносии Помир АИ ҶТ ба ӯҳда дорад. Амиршо Маҳрамов аввалин шуда, дар шароити куҳистони Дарвоз дар баландии бештар аз 1150 метр аз сатҳи бахр парвариши дарахтони субтропикӣ ва ситрусиро аз чиҳати илмӣ асоснок намуд. Дар натичаи тадқиқотҳояш бори аввал ба пойгоҳи Роғак 120 хел ангур, 120 хел анор, 17 хел зардо-лу, 9 хел финдук, 5 хел унабӣ, 10 хел хурмо, 19 хел чормғз, 4 хел апел-син, 10 хел лиму, 3 хел мандарин, 3 хел грейтфрукт, 2 хел помпелмус, зиёда аз 15 дарахти ороиширо аз дигар гӯшаю канори собиқ Иттиҳоди Шуравӣ оварда дар шароити кӯҳистон мутобиқ кунонд. Ин хелҳои да-рахтон дар дигар ноҳияҳои Ҷумҳурии Точикистон ва Ҷумҳурии Исло-мии Афғонистони ҳамсоя барои парвариш аз тарафи Махрамов А. тав-сия шуда, паҳн гардиданд. Амиршо Маҳрамов муаллифи рисолаи «Парвариши зироатҳои ситрусӣ дар минтақаи субтропикии Дарвоз» ва зиёда аз 50 мақолаи илмию илмӣ-оммавӣ рочеъ ба зироатҳои ситрусӣ ва субтропики мебошад. У дорандаи шаҳодатномаи муалифии иттифоқӣ ва тавсияномаҳо буда, таҳқиқу инкишофи илми набототши-носии точикро идома медиҳад.



ИБРОҲИМ МИРЗОЕВ 10 декабри соли 1958 дар деҳаи Сағирдашти ноҳияи Дарвоз ба дунё омадааст. Баъди хатми факултаи иқтисодии Донишгоҳи давлатии Точикистон соли 1981 фаъолияти касбиаш чунин оғозу идома дорад: солҳои 1981-1984 - ассистенти кафедраи иқтисоди сиёсии Донишгоҳи давла-тии Точикистон; 1984-1985 - коромӯзи кафед-раи иқтисоди сиёсии Донишкадаи иқтисодӣ-молиявии шаҳри Ленинград (феълан Санкт-Петербург); 1985-1988 - аспиранти кафедраи иқтисоди сиёсии донишкадаи номбурда; 1988-1995 - муаллими калони кафедраи асосҳои назарияи иқтисодии Донишгоҳи давлатии миллии Точикистон; 1995-1997 - дотсенти кафед- раи муносибатҳои иқтисоди байналмиллалӣ ҳамин донишгоҳ.

Иброҳим Мирзоев соли 1988 рисолаи номзадиро дифо намуда, пайваста ба кори илмӣ машғул аст. У муаллифи зиёда аз 30 кору мақолоти илмӣ ва илмӣ-оммавист, ки онҳо бештар дар мавзӯҳои муҳочирати қувваи корӣ, робитаҳои хоричии иқтисодӣ, сиёсати гумрукии Ҷумҳурии Точикистон ва ғайра бахшида шудаанд. Ба ҳайси ҳаммуаллиф дар таълифи китоби дарсии «Инсон ва чомеа» (2000), мачмӯаи «Фаъолияти иқтисодии хоричӣ: таҳлили савдо ва инвиститсия дар Ҷумҳурии Точикистон» (2006) иштирок доштааст.

Иброҳим Мирзоев дар зиёда аз 20 конфронсу чамъомадҳои Ватани ва хоричӣ ширкат дошта, оиди фаъолияти мақомоти гумрукӣ дар муносибатҳои иқтисодии хоричӣ дар Ҷумҳурии Халқии Чин, Русия Қазоқистон, Қирғизистон, Узбекистон, Туркия, Озарбойчон, ШМА, Сингапур, Филиппин ва ғайра маърӯзаҳои чолиб намудааст. У аз соли 1997 дар мақомоти гумрукии Ҷумҳурии Точикистон вазифаҳои гуногунро ба ӯҳда дошта бошад ҳам, аз шуғли илмӣ-тадқиқотӣ каноракчӯӣ карда наметавонист. 13 феврали соли 2008 баъди бемории вазнин аз чаҳон даргузашт.



АМРИДДИН ШАРИФОВ соли 1936 дар деҳаи Сафедорони деҳшӯрои Сағирдашти ноҳияи Қалъаихумб таваллуд шуда, ҳанӯз дар айёми тифлӣ аз сарпарастию меҳрубониҳои падару модар маҳрум шуда, то синнимактабӣ дар тарбияи тағоят будааст. Баъди хатми Мактаб-интернати шаҳри Душанбе, дар факултаи химияи Донишгоҳи давлатии Точикистон маълумоти олии касбӣ гирифта, фаъолияти меҳнатиаш чунин чараён доштааст: солҳои 1961-1968 - муаллими химияи мактаби миёнаи таълимоти ҳамагонии рақами 15 шаҳри Душанбе; 1968-1971 аспиранти Институти химияи Академияи илмҳои Точикистон.

Аз соли 1971 Амриддин Шарифов ба ҳайси ходими илмӣ, ходими калони илмии Институти химия кору фаъолият намуда, дар мавзӯи «Хлорикуни пастҳароратии сунъӣ ва дар ҳолати пайвасткунии худии ниоби ва тантал» («Низкотемпературное хлорирование искусственных и при родных соединение ниобия и тантала») тадқиқотро идома дода, чандин мақола рӯи чоп расондааст. Соли 1989 дар Институти Химияи АИ Украина (ш.Киев) рисолаи номзадии хешро аз рӯи тахассуси «Хи- мияи ғайриорганикӣ» дифоъ намуда, дар оянда низ дар ин самт тадқиқоти худро идома бахшидааст.



ШЕРАЛИШО КАБИРОВ соли 1971 дар шаҳраки Қалайхумб дар оилаи хизматчИ-омузгор таваллуд шудааст. Таҳсилоти дабистонии умумиро дар мактаби миёнаи №1 ба номи Акашариф Ҷураеви ноҳияи Дарвоз гирифта, соли 1989 мактабро бо медали тилло хатм намудааст. Соли 1989 ба филиали дар шаҳри Душанбе будаи Донишгоҳи тиҷоратии Новосибирск (ҳоло Донишгоҳи тиҷоратии Тоҷикистон) ба факултаи идораи иқтисодиёт дохил шуда, онро бо баҳои аъло ба охир расонид. Солҳои 1993-1999 дар муассисаҳои гуногун - кооперативи «Сигнал», Ҷамъияти саҳҳомии «Техиик» ва Кумитаи давлатИ оид ба шартномаҳо, савдо ва захираҳои моддию техникИ вазифаҳои гуногуни роҳбариро ба уҳда доштааст. Соли 1999 сармутахассиси Вазорати иқтисод ва савдои ҶТ ва соли 2001 сардори идораи савдои биржавии масолеҳи саноатии Биржаи универсалии молу ашёи ҶТ таъйин шуд. Соли 2003 директори Департаменти хазинадории ҶСК «Ориёнбонк» ва баъдтар ба ҳайси муовини раиси ҶСК «Ориёнбонк» адои вазифа намудааст. Аз соли 2004 муовини аввали Директори генералии заводи алюминии тоҷик ва баъдтар директор оид ба тиҷорат ва коммертсияи КВД «Ширкати алюминии тоҷик» (ТАЛКО) аст. Соли 2003 дар мавзуи «Ташаккули асосҳои ташкилию иқтисодии инкишофи фаъолияти биржавИ дар шароити иқтисоди давраи гузариши Ҷумҳурии Тоҷикистон» рисолаи номзадИ дифоъ намудааст. Кабиров Шералишо муаллифи тадқиқоти «Ташаккули асосҳои ташкилию иқтисодии инки- шофи фаъолияти биржавИ» ва зиёда аз 10 мақолаҳои илмИ мебошад. Ка- биров Шералишо дар баробари адои вазифаи масъул фаъолияти сермаҳсули илмиро низ идома дода, дар тараддуди таълиф ва таҳияи ри- солаи докторист.



ШЕРАЛИ РАҲМАТУЛЛОЕВ, соли 1954 дар деҳаи Бровги ноҳияи Қалаихумб (Дарвоз) дар оилаи деҳқон таваллуд шудааст. Маълумоти аввалро дар зодгоҳаш гирифта, баъди хатми синфи 8 соли 1970-1972 таҳсилро дар мактаби №1-и ноҳия ба номи Акашариф Ҷураев идома дод. Соли 1972 баъди хатми мактаб ба факултаи педиатрии Донишкадаи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи АбуалИ ибни Сино дохил шуда, соли 1978 онро бо муваффақият хатм намудааст. Баъди хатми Донишкадаи тиббИ ба ноҳияи Орҷоникидзеобод (феълан Ваҳдат) ба

кор фиристода шуд. Солҳои 1978-1982 - устоди омӯзитттгохи тиббии ноҳия, солҳои 1982-1988 - мудири шӯъбаи тифлони беморхонаи марказии ноҳия, солҳои 1988-1997 муовини сардухтури беморхонаи ноҳияи Орчоникидзеобод. Ш.Раҳматуллоев солҳои 1997-1999 сармутахассиси Вазорати тандурустӣ оиди табобати модарон ва кӯдакон, аз соли 1999 то имрӯз муовини сардори Раёсати тандурустии ш. Душанберо ба ӯҳда дорад. Ш.Раҳматуллоев бо медали «Барои хизмати шоён» сарфароз гардида, духтури дорои дарачаи олии касбӣ, ҳамоҳангсози барномаи «Ғизои табиии кӯдакон»-и Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Точикистон мебошад. Шералӣ Раҳматуллоев дар мавзӯи «Масоили ичтимои ва тиббию ташкилии ғизои табиии кӯдакон дар Точикистон» рисолаи номзади таълиф намуда, дар асоси тавсия ва пешниҳодоти ӯ дар ҳамин соҳа Қонуни Ҷумҳурии Точикистон «Дар бораи ҳимояи ғизодиҳии табиии кӯдакон» қабул шудааст (соли 2006). Муаллифи бештар аз 20 мақола, тавсияномаҳо, инчунин, сертификатҳои ташкилотҳои байналмиллалии ИК1СБҒ, 1СЭС, 1БҒЛК ва ғайра мебошад. Меҳнати самимию софдилонаи Раҳматуллоев Ш. бо Ифтихорномаҳои шӯрои генералии Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақили Точикистон, Ҳизби халқии демократии Точикистон ва ғайра қадр шудааст.



САЪДИИ ҚОСИМӢ 7 июли соли 1969 дар деҳаи Паткуноби ноҳияи Қалъаихумб (Дарвоз) ба дунё омада, баъди хатми Донишкадаи давлати омӯзгории Точикистон ба номи Қ.Ҷӯраев (феълан ДДОТ ба номи С.Айнӣ) ба тариқи зайл фаъолияти корӣ пеш бурдааст: солҳои 1992-1993 - лаборанти калони кафедраи усули таълими забону адабиёти донишгоҳи номбурда; 1993-1994 - коромӯзи назди Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АИ ҶТ; 1994-1997 - аспиранти ДДОТ ба номи Қ.Ҷӯраев; 1998 2006 ассистент, муаллими калон, чонишини декан, декани факултаи филологияи точик. Аз соли 2006 дотсент. Соли 1998 дар Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АИ ҶТ дар мавзӯи «Бадеияти латифаҳои халқии точикӣ» рисолаи номзадӣ дифоъ намудааст. Муаллифи зиёда аз 30 мақолоти рӯзмараи илмӣ мебошад.

ШОДИБЕГ ҚОДИРОВ 5 феврали соли 1972 дар деҳаи Камчаки деҳшӯрои Сағирдашт ба дунё омадааст, баъди хатми мактаби миёнаи рақами 2 солҳои 1985-1989 дар факултаи моливӣ-иқтисодии Донишгоҳи давлати Точикистон (феълан ДДМТ) бо тахассуси «иқтисодчӣ» таҳсил дошта. соҳиби маълумоти олии касбӣ шудааст.



Соли 2000 бо анчоми мӯҳлати аспирантӣ дар назди кафедраи назарияи иқтисодии Дониттгохи давлатии миллии Точикистон рисолаи номзадӣ дифо намудааст. Соли 2006 магистратураи факултаи «Менечмент дар соҳаи маориф»-и Мактаби олии москвагии илмҳои ичтимоиву иқтисодӣ (филиали якчояи Донишгоҳи Манчестер (Англия) ва Академияи хочагии халқи Русия)-ро хатм намудааст.

Шодибег Қодиров муаллифи 5 китоби дарсӣ барои донишчӯён, унвончӯёну мутахассисон, 7 асари илмӣ-оммавӣ ва беш аз 10 мақолоти илмӣ доир ба масоили иқтисодию маориф мебошад. Ин олими чавону умедбахш фаъолияти илмию омӯзгориро тавъам шумурда, дар чанде аз мактабҳои олии чумҳурӣ, аз чумла Донишгоҳи давлатии миллии Точикистон, Донишгоҳи давлатии тичорати Точикистон, Донишгоҳи иқтисодии Точикистон аз назарияи иқтисод ва омор ба донишчӯён сабақ медиҳад.



ҶИВОНШО ФОЗИЛОВ соли 1972 дар деҳаи Чухкаки ноҳияи Қалъаихумб (Дарвоз) ба дунё омада, баъди мактаби миёна ва хизмати ҳарбӣ (1990-1992) солҳои 1992-1998 дар факултаи геологияю маъдан таҳсил намудааст. Баъди хатми он чун ассистенти кафедраи минералогия ва петрографияи Донишгоҳи давлатии миллии Точикистон фаъолият намуда, солҳои 2001-2004 ба сифати аспиранти шӯъбаи ғоибонаи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Точикистон таҳқиқоти илмӣ бурда, соли 2004 пеш аз мӯҳлат рисолаи номзадиашро дар мавзӯи «Стратиграфияи қабатҳои ангиштдори триас ва юраи Помир-Олой» дифо намуд. Солҳои 2003-2006 муовинии декан оид ба шӯъбаи ғоибона, корҳои табиявӣ ва масоили ичтимоӣ ва аз соли 2006 муовинии декан оид ба кори таълими шӯъбаи ғоибонаи факултаи геологияю маъдани ДДМТ ба ӯҳда дорад.

Олиму омӯзгори чавон Ҷивоншо Фозилов муаллифи зиёда аз 20 корҳои чопӣ буда, ичрои нақшаҳои чиддии илмӣ дар пеш дорад.

КОМИЛШО ИСОЕВ 11 майи соли 1965 дар деҳаи Даштилучи ноҳияи Дарвоз таваллуд шуда, баъди хатми мактаби миёна соли 1982 ба ҳайси коргари совхози «Сарҳадчӣ» дар ноҳияи Дарвоз фаъолияти меҳнатии худро оғоз намудааст. Соли 1983 ба факултаи биологияи



Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи В.И.Ленин доҳил шуда, аз соли дуйюми хониш соли 1984 ба хизмати ҳарбӣ даъват шуда, баъди анҷоми он солҳои 1986-1990 боз дар донишгоҳ идомаи таҳсил доштааст. Баъди ба маълумоти олии касбӣ соҳиб шудан фаъолияти кории мутахассиси ҷавон ин тариқ сурат гирифтааст: солҳои 1990-1992 - лаборанти калони кафедраи зоологияи ДДТ; аспиранти ДДМТ аз ихтисоси энтомология; 1996-1999 - ассистенти кафедраи зоологияи; 1999-2007 - муаллими калони кафедраи зоологияи ДДМТ; аз 21 майи соли 2007 - дотсенти кафедраи зоологияи ДДМТ.

Дотсенти ҷавон Комилшо Исоев муаллифи қариб 30 корҳои илмӣ ва илмӣ-методӣ аст.



ТОЛИБИ РОЗИ (ШАРИПОВ) 10 январи соли 1950 дар ш. Душанбе таввалуд шудааст. Аз соли 1958 то 1969 дар мактаби миёна таҳсил намуда, аз соли 1970 то 1975 донишҷӯи факултети механика ва риёзии Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистон буд. Соли 1975 дипломи Донишгоҳро дар риштаи риёзии амалӣ касб намуда ба ҳайси муҳандис-барноманавис ба Донишгоҳи техникии Тоҷикистон даъват шуд. Аз соли 1976 то соли 1992 дар Донишгоҳи техникӣ ҳамчун устоди улуми компютер ба донишҷуён дарс медод. Аз соли 1979 то соли 1983 дар Донишгоҳи энергетикии шаҳри Маскав дар кафедраи АСУ ТП аспирантураро анҷом дода ба унвони «Беҳинасозии алгуҳои идоракунии раванди технологии тавлиди хлори моеъ» рисола менависад. Дар мавзуъи рисола 26 номгӯ мақола нашр намуда маърӯзаҳо кардааст. Аз соли 1990 то ҳол масъулияти мудирияти Маркази компютерии Бунёди забони тоҷикӣ-форсиро дар шаҳри Душанбе ба дӯш дорад. Аз октябри соли 1998 то июни соли 2003 ҳамчун ходими калони илмии Институти забон ва адабиёти академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон кор мекард. Дар соли 1999 бо ҳамроҳии ширкати «ВаЫ1оп-Т» ва фонди «Ошёни баланд»-и ба номи М. Турсунзода мактаби технологияи компютериро барои мактаббачагони шаҳри Душанбе таъсис дода, муддирияти омӯзишии ин мактабро ба ӯҳда дорад. Аз соли 1976 то ҳоло машғули корҳои пажуҳишӣ бобати сохтани истилоҳоти компютерӣ ва таълифи китоб ва дастурҳои омӯзишии технологияи компютерӣ ба забони тоҷикӣ аст.

Муаллифи 4 китоб: «Вожаномаи компютерӣ», «Вожаномаи Интернет» ва дастури методӣ барои муаллимони мактаби миёна аз фанни «Информатика» ва «Фарҳанги англисӣ-точикӣ» бо ҳаммуаллифии Парвона Ҷамшедов мебошад. Соли 1995 бобати таълифи китоби «Вожаномаи компютер» чоизаи Бунёди забони форсии точикӣ ба номи Мавлавиро касб намудааст. Соли 2003 дар шӯрои диссертационии Институти забон ва адабиёти академияи илмҳои Ҷумҳурии Точикистон дар мавзӯи «Лексикаи компютерии забони точикӣ» рисолаи номзадӣ дифоъ кард.

Аз апрели соли 2006 ба ҳайси раиси Кумитаи истилоҳоти Академияи илмҳои Ҷумҳурии Точикистон кору фаъолият дорад. Дар зарфи фаъолият сайти интернетии пурмӯҳтавои Кумитаи истилоҳот бунёд шуда, дастраси тамоми дӯстдорони фарҳанги точик гардид. Аввалин нусхаи ибтидоии пайкараи забони точикӣ тарҳрезӣ ва бунёд шуд. Дар сайт ҳамчунин пайкараи устод Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, устод Лоиқ Шералӣ ва Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ эчод ва дастраси оламиён гашт. Бо кӯшиши Толиб Шарипов бори аввал луғатҳои гуногун сохта дар шабакаи интернет дастраси умум гаштаанд.



ФАРАНГИС ШАРИПОВА 10-уми октябри соли 1970 дар деҳаи Қалъаихумби дар оилаи адабиётшиноси маъруф Худоӣ Шарипов ба дунё омадааст. Соли 1992 факултети филологияи Донишгоҳи давлатии миллии Точикистонро хатм намудааст. Дар риштаи таърихи забони форсӣ-точикӣ таҳқиқот бурда, соли 2002 рисолаи номзадиро зери унвони «Хусусиятҳои лексикӣ-семантикии «Кашф-ул-маҳчуб»-и Алӣ Хучвирии Ғазнавӣ» дифоъ намудааст. Аз соли 2000-ум то соли 2006 ба ҳайси устоди кафедраи таърихи забон ва типологияи ДДМТ фаъолият намудааст. Солҳои 2006 -2007 вазифаи мудири кафедраи забони англисӣ ва баъдан кафедраи Филологияи точик ва журналистикаи Донишгоҳи Байналмилалии Точикистонро ичро намудааст. Аз сентябри соли 2007 ба ҳайси проректори аввал оид ба корҳои таълими Донишкадаи технологияи инноватсионӣ ва коммуникатсионии Точикистон фаъолият менамояд.

Фарангис Шарипова ҳоло дар соҳаи илми забоншиносии умумӣ ва забони осори насри ривоятии асрҳои миёна омӯзишу пажӯҳиш карда, нияти идома додани пешаи падар олими шинохтаи точик Худоӣ Ша- рифро барои худ шиор намудааст.

ШОСАФАР АКОБИРОВ 3 -ми майи соли 1968 дар деҳаи Камчаки деҳшӯрои Сағирдашт ба дунё омадааст. Баъди гирифтани маълумоти



миёна, солҳои 1986-1988 дар сафи Қувваҳои мусаллаҳи Иттиҳоди Шӯравӣ хизмат кардааст. Солҳои 1989-1995 дар факултаи географияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Точикистон ба номи Қ. Ҷӯраев (феълан ДДОТ ба номи С.Айнӣ) таълим гирифта, баъди хатми аълои он солҳои 1995-1996 ба ҳайси ассистенти кафедраи Географияи иқтисодӣ ва ичтимоӣ донишгоҳи номбурда оғози фаъолияти касбӣ карда, дар назди ҳамин кафедра солҳои 1996-1999 аз аспирантура гузаштааст. Аз соли 1999 дар кафедраи Географияи иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва демография ба ҳайси ассистент, муаллими калон кор карда, алҳол мудирии кафедраи номбурдаро ба ӯҳда дорад. Ш.Акобиров соли 2007 дар мавзӯи «Ташкили ҳудудии истеҳсолоти кишоварзӣ ва самтҳои рушди он (дар мисоли минтақаи Вахши ҶТ)» рисолаи номзадӣ дифоъ кардааст. У муаллифи 25 мақолоти илмӣ, як китобу китобча доири мавзӯи тахассусии худ мебошад. Ин олими чавонро ки акнун ба пайраҳаи мушкили тадқиқотӣ ворид гаштааст, бурдбориҳои илмӣ дар пешанд.

ЗӮҲРО РАУФОВА 21 декабри соли 1944 дар деҳаи Ҷорфи ноҳияи Дарвоз ба дунё омадааст. Мактаби миёнаро дар шаҳраки Навободи
1*3»
ноҳияи Ғарм (феълан Рашт) хонда, соли 1963
Щ
ба УДТ ба номи Ленин (ДМТ) факултаи филология дохил шуда, онро соли 1968 бо муваффақият хатм кардааст. Аз соли 1970 то соли 1972 методисти хонаи эчодиёти халқ кор кардааст. Соли 1972 муаллимаи Донишгоҳи тиббӣ, аз соли 1973 дар Донишкадаи давлатии ҳунарҳои зебои Точикистон ба номи



М.Турсунзода ба вазифаи муаллим, муаллими калон кор кардааст. Аз соли 2003 мудири кафедраи филология, ичрокунандаи вазифаи дотсенти ДДҲЗТ бо номи М.Турсунзода. Барои фаъолият дар ҳаёти Донишкада ва чумҳурӣ ва хизмати шоён дар пешрафти маориф, бо якчанд ифтихорномаҳои Вазорати маориф ва Вазорати фарҳанг, «Аълочии маорифи халқи Ҷумҳурии Точикистон», «Аълочии фарҳанги Точикистон» сарфароз гардидааст. Зӯҳро Рауфова муаллифи мақолаҳои зиёд, дастурҳои методӣ ва таълимӣ буда, дар таҳияю нашри осори Алии Ҳамадонӣ саҳмгузор аст.

ОЛИМШО ҚАНДАКОВ 23 апрели соли 1968 дар деҳаи Пунишор, деҳшӯрои Нулванди ноҳияи Дарвоз ба дунё омада, баъди хатми



мактаби миёнаи №3 ноҳияи Дарвоз соли 1985 ба Донишгоҳи тиббии ба номи Абуалӣ ибни Сино дохил шуда онро бо муваффақият хатм намудааст. Солҳои 1986-1988 дар сафи қувваҳои мусаллаҳи ИҶШС хизмат кардааст. Аз соли 1995 то соли 2002 дар беморхонаи клиникавии ҷумҳуриявии ба номи Дяков ба ҳайси духтур кор карда, аз соли 2002 то ба ҳол дар Беморхонаи клиникавии ёрии таъҷилии шаҳри Душанбе кору фаъолият дорад. Соли 2007 рисолаи иомзадиашро дар мавзӯи «Ногузароии шадиди рӯдаи ғафс, ки сабаби омосӣ дорад» бо муваффақият ҳимоя намуда номзади илми тиб гардидааст. Зиёда аз 20 мақолаи илмиаш дар нашрияҳои ватанӣ ва хориҷӣ ба чоп расидаанд. Ду кори ратсионализаторӣ пешниҳод кардааст. Дар баробари кори табобатӣ дар кафедраи бемориҳои ҷарроҳии донишгоҳи тиббии ба номи Абуалӣ ибни Сино ба табибони оянда сабақ медиҳад.



НУРМАҲМАД КАБИРОВ 30 апрели соли 1969 дар деҳаи Сағирдашти ноҳияи Қалъаихумб (Дарвоз) аз оилаи коргар таваллуд шуда, баъди хатми аълои мактаби миёнаи рақами 2, солҳои 1986-1987 фаъолияти меҳнатии хешро ба ҳайси муаллими мактаби рақами 38 деҳаи Чухкаки ноҳия оғозу идома бахшидааст. Солҳои 1987-1989 дар сафи қувваҳои мусаллаҳи ИҶШС хизмат карда баъди адои он - солҳои 1989-1995 дар Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон таҳсил наму- дааст. Сипас фаъолияти кории ин мутахассиси ҷавон чунин ҷараён гирифтааст: солҳои 1995-2003 - ассистенти кафед- раи кимиёи ғайриузвии (ғайриорганикӣ) факулаи кимиёи ДДМТ; 2003-2004 - котиби илмии қисми илмӣ-тадқиқотии донишгоҳ; аз соли 2004 - чонишини ноиби ректор оид ба корҳои илмии ДДМТ.

Нурмаҳмад Кабиров солҳои 1997-2001 ба ҳайси аспиранти шӯъбаи ғоибона рисолаи номзадиашро дар мавзӯи «Пайвастаҳои комплексии- рений (V) бо 3-этил-4-метил-1,2,4-триазолтиол-5» таҳти роҳбарии оли- мони шинохтаи ҷумҳурӣ профессор А.О.Аминчонов ва дотсент С.М. Сафармамадов анчом дода, моҳи марти соли 2005 онро бомуваффақият дифо намуд. У муаллифи зиёда аз 30 мақолоти илмист, ки чанде аз онҳо дар шаҳрҳои Москва, Плес, Иваново, Кокчетав ва ғайра рӯи чоп дидаанд.



АБДУҒАФОР ШАРИФОВ дар деҳаи Ҷорфи Ноҳияи Дарвоз, мувофиқи шиноснома, 16 сентябри соли 1945 таваллуд шудааст. Ин санаро ҳангоми шиносномагирӣ комиссияи тиббӣ бо чен кардани вазну қомат муайян кардааст. Аз рӯи гуфтаи амакаш Мирзо Рауф зодрӯзаш охири майи соли 1946 - соли саг будааст. Бародари хурдии Худой Шарифов.

Соли 1952 ба мактаби ҳафтсолаи деҳа ба номи Ҷамбул Ҷабаев (ҳоло мактаби миёнаи ба номи Ш.Ҳакимов) рафта, баъди хатми он, таҳсилро дар интернати назди мактаби миёнаи ба номи Саъдӣ Шерозӣ дар маркази ноҳия идома додааст. Маҳз дар ҳамин давра бо тавсияи бародараш ва муаллимонаш Давлатчон Зайниддинову Азимчон Юсуфов асарҳои Айнӣ, Улуғзода, А.С.Пушкин, М.Лермонтов, М.Твен ва дигаронро ба забонҳои точикию русӣ мутолиа намуд. Ҳамин одат солҳои таҳсил дар факултаи таърихи Донишгоҳ низ идома ёфт ва ин барои хуб аз бар намудани забони русӣ мусоидат намуд. Соли 1966 маърӯзаи А.Шарифов дар мавзӯи «Таълимоти ахлоқии зардуштия» дар байни корҳои илмии донишчӯён беҳтарин дониста шуда, барои иштирок дар конференсияи илмии Донишгоҳҳои Осиёи Миёна дар ш. Алмаато тавсия шуд. Дар шаҳри Алмаато низ маъруза хуб пазируфта шуда, бо ифтихорнома қадр шуд.

Баъди хатми Донишгоҳ соли 1967 ба Кумитаи Марказии комсомоли Точикистон ба кор қабул шуд. Моҳи марти соли 1968 барои кор ба ка- федраи навтаъсиси «Таърихи дину илҳод»-и Донишгоҳ даъват шуда, соли 1970 ба аспирантураи Шӯбаи фалсафаи АИ Точикистон дохил шуд. Баъди бемории сахт таҳсилро қатъ намуда барои кор ба Доира- тулмаорифи точик ё ба истилоҳи ҳамонвақта ба Энсиклопедияи Сове- тии Точик ба сифати муҳаррири калони илмӣ ба кор даромад. Баъди чанде мудири Редаксияи фалсафа ва ҳуқуқи ЭСТ таъйин шуд. А.Шарифов на танҳо дар чамъоварӣ,таҳия, тарчума ва таҳрири мақолоти энсиклопедия саҳми зиёд дорад, балки муаллифи бисёр мақолаҳои чилдҳои мухталиф аз қабили «Гегель» (бо Ғ.Ашуров), «Мактабҳои фалсафӣ», «Зардуштия», «Маздакия», «Қутбиддини Шерозӣ» ва ғайра низ мебошад. Ҳамин давра китобҳои О.Кременсова «Одоби муошират» ва В.Брутян «Фалсафаи Давида Ғолиб»-ро аз русӣ ба точикӣ тарчума кардааст.

Аз соли 1980 ходими калони илмии Пажӯҳишгоҳи фалсафаи АИ Точикистон (то соли 1991 Шӯбаи фалсафа). А.Шарифов муаллифи беш аз 70 мақолаи илмӣ ва илмӣ-омавӣ аз қабили «Мубориза и идеявии за- мони Борбад», «Ҳикмати ақлонии Кашфи Буручердӣ», «Назаре ба фал- сафаи аҳди Сосониён», «Тарақии чомеа аз диди Низомуддавла Мал-

кумхон», «Муносибати Абубакри Розӣ ба дин», «Мутафаккири сайёҳ Зайнулобуддини Шервонӣ» ва ғайра ба забонҳои русӣ ва тоҷикӣ ме- бошад. У муҳаррири «Асарҳои мунтахаби Ибни Сино» (ҷ.2, 4, Д 1980, 1984), «Осори фалсафии Носири Хусрав» (Д. 2003), тарчумаи русии «Зод-ул-мусофирин» (Д. 2006; тарчумаи М.Диноршоев), «Осори Хоча Аҳрор ва пайравонаш» (Д. 2004), Осори Ибни Сино (ч.1 ба забони русӣ, 2005) мебошад. А.Шарифов аъзои ҳайати таҳририяи (котиби масъул) нашри Осори даҳчилдаи Ибни Сино ба забонҳои точикӣ ва русӣ буда, дар ин кори хайру хеле муҳим саҳмгузор аст.



ДИЛОВАРШО ҶУРАЕВ 10 феврали соли 1946 дар шаҳри Душанбе ба дунё омада, солҳои 1964-1969 дар Донишкадаи политехникии Одесса аз рӯи ихтисоси «Технологияи моддаҳои ғайриорганикӣ ва нуриҳои химиявӣ» таҳсил намуда, фаъолияти касбиаш чунин чараён гирифтааст: 1970-1987 - мутахассиси калон, сармутахассиси шӯъбаи химиконӣ, референти калони шӯъбаи кишоварзии Вазорати хочагии қишлоқи ҶШС Точикистон, муовини раиси Иттиҳодияи илмӣ-истеҳсолии чумҳуриявӣ «Точикселхозхимия», котиби озоди кумитаи ҳизбии Вазорати Хочаги қишлоҳи ҶШС Точикистон; 1986-1987 - котиби озоди кумитаи Госагропроми ҶШС Точикистон; 19871991 - муовини аввал, раиси кумитаи агропроми шаҳри Душанбе ва ноҳияҳои тобеи чумҳурӣ; 1991-1992 - президенти консерни «Душанбе»; 1992-1993 - муовини вазири кишоварзии ҶТ доир ба алоқаҳои иқтисодӣ-хоричӣ; 1994-1995 - сардори намояндагии шаҳри Душанбе дар Минск; 1995 - 2000 - ноиби президенти корпоратсияи маркетингии «Евроазияпром». Аз соли 2000 дар муассисаю ташкилотҳои ғайридавлавтӣ фаъолият дорад.



САИДХОҶА АЛИЗОДА дар ноҳияи Қалъаихумб ба дунё омада, дар Донишгоҳи давлати омӯзгории шаҳри Душанбе ба номи Т.Г.Шевченко таҳсил намудааст. Баъди хатми он солҳои 1975-1980 ба сифати муаллими забону адабиёти мактаби миёнаи рақами 2 деҳшӯрои Сағирдашти ноҳияи Қалъаихумб кор карда, солҳои 1980-1983 баҳайси лаборант, баъдан ходими илмии Институти шарқшиносии АИ Ҷумҳури Точикистонро ба ӯҳда доштааст. Солҳои 1983-1986 бо роҳхати

Вазорати хоричии Точикистон ва Вазорати тандурустии Иттиҳоди Шӯравӣ дар хизмати сафари хоричӣ буда, вазифаи тарчумонии гурӯҳи табибони шӯравиро дар Вазорати сиҳатии оммаи Ҷумҳурии Афғонистон ба ӯҳда дошт. Баъди бозгашт Саидхоча Ализода солҳои 1986-1991 вазифаи муовинии раёсати хоричи ва муносибатҳои байнал- миллалии АИ Ҷумҳурии Точикистонро ба зимма дошта, дар корҳои ташкилии Форумҳои аввал ва дуввуми точикони чаҳон фаъолона шир- кат намудааст. Фаъолияти касбии ӯ солҳои 1991-1993 дар чамъияти «Фарҳанг» ва солҳои 1993-2006 ба ҳайси директори маъмурии Ташки- лоти байналмиллалии Ожонсии Рушди инкишофи Осиёи Миёна сурат гирифтааст.

Шуғли тадқиқоти илмӣ барои Саидхоча Ализода новобаста ба самтҳои мухталифи фаъолияти хеш чои марказиро ишғол менамояд. Қариб 20 мақолоти чиддии илмӣ, ки ба самтҳои гуногуни фаъолияти Фахри Ҳиравӣ, Зеҳнии Кобулӣ, Вайсии Ҳиравӣ, Вафоии Ҳиравӣ, Зеҳнии Кобулӣ, Имлои Бухороӣ, Ишқии Ҳиротӣ ва ғайра бахшидааст аз борикбинии касбии эшон далолат мекунад.



**ҒОЗИБЕК ГАДОЕВ** соли 1950 дар оилаи коргар ба дунё омада, баъди синфи 8-ум солҳои 1964-1968 дар Омӯзишгоҳи педагогии шаҳраки Навободи ноҳияи Ғарм таҳсил намудааст. Солҳои 1969-1972 дар сафи Қувваҳои мусаллаҳи Иттиҳоди Шӯравӣ хизмат намуда, баъди адои он солҳои 1972-1976 дар Донишка- даи давлатии омӯзгории шаҳри Душанбе ба номи Т.Г.Шевченко таҳсил ва маълумоти олии касбӣ гирифтааст. Баъди хатми он, аз соли 1976 инчониб дар факултаи таърихи донишка- даи мазкур (феълаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Точикистон ба номи С.Айнӣ) ба ҳайси ассистент, муаллим, муаллими калон, муовини декани факултаи таърих ифои вазифа дош- тааст. Имрӯзҳо Аълочии маорифи халқи Ҷумҳурии Точикистон, омӯзгори калон, Ғозибек Гадоев - муаллифи зиёда аз 50 корҳои чопӣ, шуғли таълимию илмии худро идома мебахшад.

Дар зумраи олимони диёри Дарвоз Додарбек Исматов (биолог), Давлат Наботов (риёзишинос), Беҳрӯз Содиқов (физик), Фозилбек Нодиров (ҳуқуқшинос) ва чанде дигаронро ном бурдан мумкин аст, вале доир ба кору фаъолияти илмиашон маълумоти зарурӣ дастрас на- гашт.

## СУХАНВАРОНИ ДАРВОЗӢ (асри навину муосир)

**МУҲАММАДЛИҚО** [11] **соли 1887 дар деҳаи Ёгеди бекигарии Дар- вози аморати Бухоро ба дунё омадааст. Ҳангоми кӯдакии шоири оянда падари деҳқону камзаминаш Нодиршоҳ бо аҳли хонавода ба мавзеи нисбатан васеи серзамину об - Равнов кӯч баста, зиндагии муқимӣ их- тиёр намудааст. Рағбати писари ҳассосаш Муҳамадлиқоро ҳанӯз аз хурдсолиаш пайхас намуда, падараш ӯро барои маълумоти ибтидоӣ гирифтан ба назди яке аз муллоҳои бонуфузи Равнов Мулло Хӯчадод бурд. Дар давоми як соли сабақгирӣ писарбаччаи хушзеҳн озод хонда- ну навиштани хатти арабиро азхуд намуда, минбаъд донишандӯзиаш ба тариқи худомӯзӣ сурат гирифтааст. Маҳз зеҳни худодод сабаб шуд, ки дар як муддати кӯтоҳ асосҳои улуми анъанавии шаръӣ, тафсиру таъвили Қуръони мачиду ҳадисҳои Пайғамбар(с.), таълимоти мазоҳиби дини ислому чараёнҳои онро азбар карда, бо адабу арӯз шиносоии амиқ дошта бошад. Инро донишмандони бо Муҳаммадлиқо шиносоӣ дошта борҳо қайд кардаанд.**

**Муҳаммадлиқо аз рӯи далелҳои дар дасти мутахассисони ба доираҳои адабии Дарвози тоинқилобӣ ва солҳои аввали Ҳокимияти Шӯравӣ сарукор дошта, ҳарчанд бевосита таҳсили мадрасаи бонуфузи шаҳрҳои марказӣ накарда бошад ҳам, аз рӯи доираи чаҳонбинии ил- мию динӣ аз аксари хатмкардагони мадраса боло меистод. Маҳз ҳамин овозаи донишмандӣ ва эътирофи он дар дарбори худи амир Олимхон буд, ки Муҳамадлиқоро расман аз андози ушр озод намудаанд.**

**У пайваста мекӯшид, ки аз дониши андӯхтааш ҳамдиёрон баҳравар гарданд. Бо ташаббуси ин марди фозил чанд чавонони таҳсилкарда шарик шуда, дар деҳа мактаб сохтанд, ки он қариб тамоми иштиёқмандони донишро фаро гирифта буд.**

**Муҳамадлиқо хеле барвақт ба шуғли эчодӣ шеър оғоз намудааст. Дар ашъораш набзи замон инъикос меёфт. Шояд ҳанӯз хеле барвақт ба соҳибдевонӣ расида бошад. Вале аз рӯи маълумоти дастраси мутахас- сисон буда, дар синни 35 солагӣ (соли 1910) девони мукаммали ашъо- рашро тартиб додааст.**

**Шоири ҳассос, ки ба зиндаги қашшоқонаи ҳамдиёронаш аз наздик шиносоӣ доштаву нисбати истисмори феодалони маҳаллӣ ва маъмуро- ни марказӣ, ки аз тарафи ҳукумати подшоҳии Русия дастгирӣ меёфтанд нафрат дошт. Маҳз ҳамин муносибат буд, ки ӯ аз ғалабаи Инқилоби Шӯравӣ то андозае хушнуд будани худро пинҳон намедошт. Бесабаб нест, ки ҳаддалимкон аз ин ҳукумат дастгирию пуштибонӣ ҳам карда- аст. Кӯшиш ба харч додааст, ки молу амвол ва зану фарзанди ҳамдиёронро аз торочи аксулинқилобчиён (босмачиён) нигоҳ дорад. Табиист, ки дар байни раҳгумкардагони сиёсӣ одамони саводноку**

**суханфаҳму эътиқодмандони назми баландпояи тоҷик ва худи Муҳаммадлиқо кам набуданд. Шоир бо василаи сухан онҳоро ба адлу адолатхоҳӣ даъват мекард.**

**Вале замонаи ниҳоят ноҳамвору фоҷиабори солҳои 20-30, ки аз сохтмони ҷомеаи нав манфиатҷӯёни кӯрдил истифода бурданӣ шуда, аз ҳеч тӯҳмату бӯҳтони хонумонсӯз ва разилию қотилӣ рӯй наметофтанд ин шоири шаҳири диёр эмин монда наметавонист. Ин тоифа махсусан дар солҳои бо ном «Инқилоби маданӣ», ки ҳадафи воқеию ниҳоиаш барои аҳли заҳмат ниҳоят савобу рӯзмарра буд, мехостанд нуфузи аҳли саводи гузаштаро на фақат суст, инчунин ба сифати қувваи зидди шӯравӣ муаррифӣ намоянд. Дар он гиру дорҳои бемаънӣ на ҳар кас бегуноҳи худро ҳифз карда метавонист. Тӯҳмати ду-се ашхоси аз ир- фон дуру ғаразманди дар шинохти адлу инсоф кӯр басанда буд, ки обрӯмандтарин шахсият чун «душмани халқ» эълон шуда ба гирдоби фано афтад.**

**Эҳсоси ҳамин хафв Муҳаммадлиқоро маҷбур намуд, ки ибтидои солҳои сиюм бо аҳли хонавода муваққатан ба соҳили чапи дарёи Панҷ**
**- ба қаламрави Афғонистон муҳоҷират ихтиёр намояд. У уммед дошт, ки баъди чанде ҳаёт маҷрои муътадили худро меёбад ва баъди чанд муддати интизорӣ ба диёр хоҳад баргашт. Баъди интизории бесаброна бо маслиҳати дӯстону дастгирии намояндагони ҳукумати Шӯравӣ боз ба диёр баргашт. Вале ин хурсандии дар байни ёру дӯст, хешу ақрабо дар оғӯши диёр буданаш дер давом накард. Солҳои 1937-1938 маши- наи ин маъракаи таъқиботи сиёсӣ боз бо суръати баландтар ба гардиш даромада, мардуми зиёди бегуноҳро он аждаҳои тақдир ба коми худ бештар мекашидагӣ шуд.**

**Аз тӯҳмати кӯрдилону ҳасудон, ки худ баъди чанде лаънаткардаи халқ шуданд, хавф бурда, шоири бургноми диёр ягона роҳи халосиро дар гурехтану муваққатан дар кӯҳу камар зистанро авлотар шуморид. Чанд муддате ӯ бо аҳли хонавода дар ғорҳои атрофи Равнов рӯз гуза- ронида бо фаро расидани айёми сармо пинҳони ба деҳоти Ёхсую Шуг- нови ноҳияи Ховалинг, Болодараи ноҳияи Даштиҷум ва ноҳияи Шӯробод (Шӯрообод) рафта дар хонаҳои дӯстони боэътимодаш зиндагӣ ба сар бурда, тамоми вақташро ба мутолиаи китоб ва эҷоди шеър сарф мекард.**

**Бо ин минвол Муҳаммадлиқо қариб ду сол дар ҳолати пинҳонӣ рӯз гузаронда, бо умеди даргузашти ин давраи ниқоят му<u>шк</u>или тангдастӣ дандон ба дандон монда тоқат мекард. Вале беҳбудии сиёсӣ баояш фаро намерасид. Оқибат ӯ маҷбур шуд, ки тарки ёру диёр ва зану фарзанд намуда, бо ба Афғонистон панаҳ барад. Аз хавфи он, ки мабодо аз зиндагиаш даракдор шудани акнун навдавлатони маҳаллӣ барои хонаводаю наздикони дар диёр мондааш хавфе таҳдид накунад, шоир аз соҳили дарёи Панҷи назди Дарвози шӯравӣ дуртар ҷои иқомати доимӣ ихтиёр на-**

муда, ҳатто тахаллуси шоириашро низ тағъйир дод (акнун ба чои Мирзо Лиқо Ато ё Атоиро интихоб намуд). Дар ашъори Муҳамадлиқо таъсири афкору андешаҳои Носири Хусрав, Ҷалолудини Балхӣ, Саъдии Шерозӣ ва Ҳофизи Шерозӣ мушоҳида мегардад. Бояд қайд кард, ки дар кадом деҳаи Афғонистон чараён гирифтани ҳаёти минбаъдаи Муҳаммадлиқо, кадом фаъолияти меҳнатиро интихоб карданаш (тахмин меравад, ки ба таълиму тадрис машғул будааст) то кунун аниқ нашудааст. Маълум нест, ки баъди таҳияи девони сеюми хеш боз маҳсули эчодаш чӣ будаа- сту кисмату даргузашташ чи навъ чараён гирифтааст.

Баъди ба Афғонистон фирорӣ шудани Муҳамадлиқо ба сари зану фарзандони нокомаш чӣ мушкилиҳое наомадааст. Вале онҳо завчаи меҳрубонашро бо ду писару чаҳор духтараш ноумеду рӯҳшикаста кар- да натавонистанд. Онҳо ба ҳамаи махрумияту сахтиҳои айём тоб овар- да тавонистанд. Писаронаш Алимардону Алифармон Лиқоевҳо тавас- сути саъю талоши бардавом маълумоти зарурӣ гирифта, чун шахсиятҳои номдору маъруфи минтақаи Дарвозу Тавилдара ва Қӯрғонтеппа эътироф шуданд. Табъи худододи авлодӣ онҳоро низ аз айёми тифлӣ дастгир будаву аз дониши баланди шаръию дунявӣ ва илми ҳамқадами замон баҳравар гардонидааст. Онҳо низ соҳибашъор будаву маҳсули ниҳоят пухтаву пурэъчози эчодашонро ба фарзандон ба мерос мондаанд. Духтарони шоир - Яккабубӣ (сокини шаҳри Қӯрғонтепа) ва Хӯчабубӣ (Сокини ноҳияи Дарвоз) Лиқоеваҳо, ки бо шукри тақдир дар қайди ҳаётанду ҳамагӣ маълумоти ибтидоию миёнаи нопурра доранд бо табъи шоириву маънирасии худ ҳатто ихтисосман- дони адабиёти классикиро дар ҳайрат мегузоранд.

Аз мероси адабии Муҳаммадлиқо ёдовар шуда, бояд қайд кард, ки ӯ яке аз шоирони баркамолу сермаҳсули замон дар адабиёти точики охи- ри асри XIX - нимаи аввали асри гузашта будааст. чӣ хеле дар боло ишора рафт соҳиби се девон буданаш ҳақиқати маҳз буда, боз осори парокандааш хеле зиёд ба даст омадааст. борҳо иваз намудани тахал- луси шоириаш дар ин чода мушкилӣ эчод мекунад. Аз осори ӯ он чӣ то кунун дастрас шудааст, аз ду девони ашъор ва шеърҳои парокандааш иборат мебошад. Ин миқдор ашъор то синни 60-солагиаш ба табъ ра- сидааст (аз рӯи баъзе тахминҳо чаҳонро падруд гуфтани шоир ба солҳои 70-ми асри гузашта рост меояд) Аз рӯи маълумоте, ки дар бай- ни мардуми таҳчоӣ паҳн шудааст, пеш аз ба Афғонистон фирор карда- ни Муҳаммадлиқо китоби назмиашро дар бағали чавони дарвозие, ки ҳангоми убур кардани Панч ғарқ гардида буд сарҳадбонони Шӯравӣ пайдо кардаанд. Қисмати ин китоб то кунун номаълум аст. Ҳамчунин дар ноҳияҳои Шӯробод, Даштичум ва Ховалинг шеърҳои парокандаи ӯ, дар дасти фарзандони собиқ дӯстони шоир нигоҳ дошта мешаванд.

Чанде аз намунаҳои ашъори чаззоби шоирро ҳофизони маъруфи халқӣ Одина Ҳошим, бародарон Файзалӣ ва Мадвалӣ Ҳасанов, Риз-

воншо Эҳмолшо ва дигарон оҳанг баставу дар маъракаҳои месароиданд. Намунаи онҳо, ки масраъҳои дилнишини Муҳаммадлиқо мебошанд, ки ҳофизони точик онҳоро замзама мекунанд.

*Зоеъи умрам, ки андар коҳиши дунё гузашт,*
*Аз ҷавонӣ то ба пирӣ дар гаму гамҳо гузашт...*
*Ман дар ин дунё ба дил чандин ҳавасҳо доштам,*
*Дар дилам чандин ҳавасҳо монду ин дунё гузашт...*

Ё чунин мисраъҳои шоир магар бетаъсир буда метавонанд?

*Бар ҳоли худ, эй аҳли вафо, зор бигирям,*
*Бояд, ки ба худ андаку бисёр бигирям.*
*Ҳам умр зи каф рафту нашуд ҳосили ман ҳеҷ,*
*Аз фитнаи даврони ситамгор бигирям.*
*Дар баҳри гами фурқати ҷонона чу гарқам,*
*Шайдояму аз дурии дилдор бигирям.*
*Мансур ба сари дор шуд аз сирри аналҳақ,*
*Аз аҷз ман андар қадами дор бигирям.*
*Мебояд аз ин дори фано рафт тиҳидаст,*
*З-ин умру аз ин меҳнати бисёр бигирям.*
*Эй дӯст, Лицо, ҳарду ҷаҳон бе ту наҷӯяд,*
*Ҷӯёи туам, баҳри ту, эй ёр, бигирям.*

Боиси таассуф аст, ки то кунун, агар аз баъзе қайдҳои С.И.Климчитский ва А.Ҳабибов сарфи назар кунем, тадқиқоти нисбатан сазоворе дар бораи ин шоири тавоно мавчуд нест. Акнун, дар замони истиқлолият ба зарурати худогоҳии миллӣ вақти он расидааст, ки ба ашъори чунин адибони шоистаи бо амри тақдиру таърих ба гӯшаи фаромӯшӣ афтида рӯ оварем ва чойгоҳи онҳоро дар адабиёт таъйин намоем.



**АВЛИЁҲУСАЙНИ ДАРВОЗӢ (МАҒМУМ)** аз адибони оҳири асри XIX - нимаи аввали асри XX Дарвоз аст, ки дар қаламрави Бухорои Шарқӣ ва Афғонистон шӯҳрати хосса пайдо кардааст.

Авлиёҳусайн бин Мирмуҳаммад Саидбег, валади Мир Ҳокимбег ки бо тахаллуси Мағмуми Дарвозӣ ба доираи васеи ҳаводорони назми точик шинос аст, соли 1873 дар деҳаи Кеврони шоҳигарии Дарвоз (аз соли 1878 - бекигарии Дарвози аморати Бухоро) ба дунё ома-

**дааст. Авлиёҳусайн писари шоири маъруф Саидбеги Дарвозӣ мебошад, ки соли 1893 рӯй дар ниқоби хон ниҳодааст.**

**Баъди гирифтани маълумоти зарурӣ дар зодгоҳ, таҳсилоти хешро дар яке аз мадрасаҳои Бухоро идома додааст. Баъди ғалабаи инқилоби Бухоро ва тағйироти сиёсию ичтимоӣ ва фарҳангии чомиа, ба тақозои мафкураи нав ба решаи суннатҳои анъанавӣ халали чиддие ворид кар- да шуд. Солҳои 20 - ибтидои 30-ум бенизомии сиёсӣ, идеологӣ ва ичтимоӣ авч гирифта, ба ҳадди чанги шаҳрвандӣ расид ва дар маркази ин гирудорҳои шадиди сиёсию ҳарбӣ мубориза байни қувваҳои инқилобӣ ва аксулинқилобӣ (босмачигӣ) зарур доштанд. Табиист, ки қувваҳои ҳар ду тараф аз хорич ёрии зарурӣ мегирифтанд. Ин бенизо- мии тӯлонӣ ва хавфи аз тарафи органҳои қудратии Ҳокимияти Шӯроҳо чун душмани инқилобу дигаргунсозиҳои сотсиалистӣ гунаҳкор карда- ну ба маҳкама кашидан Авлиёҳусайнро ба қароре овард, ки Ватани худро тарк намуда, ба Афғонистон фирор кунад.**

**Муҳаббати бепоён нисбати зодгоҳ шоири ҳассосро нагузошт, ки аз қаламрави Дарвози Афғонистон, ки то соли 1895 қисмати бекигарии Дарвоз - воҳиди ягонаи маъмурии аморати Бухоро ҳисоб меёфт, дур равад. У дар деҳаи Ҷумарчи поён зиндагии муқимӣ ихтиёр намуд. Вале баъди чанде аз истеъдоди худододи шоир ва шӯҳрати ӯ дар тамоми қаламрави Бадахшони Афғонистон огаҳӣ ёфта амири кишвар ӯро соли 1944 ба марказ, ба Кобул хонд.**

**Авлиёҳусайн ба эҳтирому эҳсони баланди амир ноил гашта, баъди чанд муддате розигии амирро гирифта, ба тарафи бозмондагонаш ба Бадахшон баргашта, дар вилояти Бағлон вопасин рӯзҳои худро паси сар карда, дар синни 72 солагӣ, соли 1942 /43 ба дасти ачал гирифтор омада, дунёро падруд гуфт. Оромгоҳаш дар шаҳри нави Бағлон аст.**

**Бо тақозои тақдир девони мукаммали таълифнамудааш, ҳангоми муҳочират - соли 1929 / 30 ба дасти яке аз соҳибмансаби чоҳиле афти- да, нобуд карда шудааст. Хушбахтона шоир кори эчодиро дур аз диёр низ идома дода, як девони тозаи ашъори худро китобат намудааст.**

**Ба маврид аст қайд намоем, ки нусхаи мачмӯаи ашъори Авлиёҳусайн таҳти унвони «Девони мукаммал аз Мағмуми Дарвозӣ», ки соли 1943 бо дасти худи шоир навишта шудааст, тавассути писараш Мустафоқул ва наберааш Субҳонқул, ки сокини Файзободи Афгони- стон будаанд, ба дасти ҳамдиёри шоир олими шинохтаи точик Савлатшоҳи Мерган ҳангоми яке аз сафарҳои кориаш соли 1967 ба Афғонистон расидаву эшон онро бо тавзеҳоти мукаммале омодаи чоп намудааст[12].**

**Барои шиносоии хонанда бо ашъори дилчаспи ин шоири волотабъи Дарвози охири асри XIX - нимаи аввали асри XX чун намуна фақат як ғазал бозгӯй менамоем:**

*Дӯш зи пеши дидаам маҳваши гулцабо гузашт,*
*Чобуку тунд аз назар мисли дами сабо гузашт.*
*Гуфтамаш аз чӣ нестат раҳм ба сӯи ошицон?*
*Лаб накушуд бар сухан, чашм ба пушти по гузашт.*
*Гирякунон бигуфтамаш: эй маҳи маҳрубони ман,*
*Лутф намову афв кун, он чӣ зи ман хато гузашт.*
*Гуфт: ҳар он ки дод дил дар хами зулфи гулрухон,*
*Бар сари молу ҷону дил по зада беибо гузашт.*
*Гуфтамаш, аз фироци ту, дар гами иштиёци ту,*
*Дорӣ хабар, ки эй санам бар сари мо чиҳо гузашт?*
*Ҳар кӣ занад ба зулфи ту даст далервор агар,*
*Нест кам аз касе, ки ӯ аз дами аждаҳо гузашт.*
*Магмуми мустамандро хонди шабе ту аз карам,*
*Аз сари фахр торакам аз цамару Суҳо гузашт.*

**Бо итминони комил арза медорем, ки рӯи чоп дидани девони шоири баркамоли точик - Авлиёҳусайни Дарвозӣ, армуғони пурарзиши маънавиест барои хонандаи ҳассоси форсу точикзабон.**



**МУЪМИН ҚАНОАТ, яке аз нобиғаҳои назми муосири точик 20 майи соли 1932 дар деҳаи Курговади ноҳияи Қалъаихумб дар оилаи кишоварз ба дунё омада, маълумоти миёнаро дар зодгоҳ ва олиро солҳои 1951-1956 дар факултаи таъриху филология, шӯъбаи филологияи точики Донишгоҳи давлатии Точикистон гирифтааст.**

**Истеъдоди баланди шоири оянда ҳанӯз дар солҳои донишчӯияш равшан эҳсос мешуд. Баъди хатми донишгоҳ фаъолияти корӣ ва эчодии шоири чавон чунин чараён гирифтааст: 1956-1961 мудири шӯъбаи назми маҷаллаи «Шарқи сурх» («Садои Шарқ»); 1961-1966 - котиби масъули мачаллаи «Шарқи сурх»; 1966-1968 - муҳаррири калони нашриёти «Ирфон»; 1968-1976 - чонишини раиси правления Иттифоқи нависандагони Точикистон; 1976-1991 - котиби аввали Иттифоқи нависандагони Точикистон; аз соли1978 то аз байн рафтани Иттиҳоди Шӯравӣ - котиби Иттифоқи нависандагони ИҶШС[13].**

**Мӯъмин Қаноат яке аз адибони тавонои Иттиҳоди Шӯравӣ буда, соҳиби шӯҳрати ниҳоят баланд гаштааст. Ин шоири нававар дар назми оламгири точику форс муаллифи зиёда аз 30 мачмӯаи ашъор буда, дар онҳо нафақат беҳтарин аньанаҳои назми классикӣ, инчунин,**

**пешқадамтарин падидаҳои адабиёти ҷаҳонӣ бо обу ранг ва мантиқи ба талаби замон мувофиқ таҷассум ёфтаанд. Чунин маҷмӯаҳо аз қабили «Шарора», «Ситораҳои замин», «Достони оташ» «Корвони нур» «Ки- тоби захмин», «Нур дар қуллаҳо» ва ғайра ба забонҳои гуногун чоп шуда мақбули доираи васеи хонандагони Иттиҳоди Шӯравӣ ва берун аз он гаштаанд. Барои достони «Мавҷҳои Днепр» шоир соли 1966 са- зовори мукофоти Комсомоли ленинии Тоҷикистон шуд. Достони «Су- руши Сталинград»-и шоир номи ӯро дар тамоми Иттиҳоди Шӯравӣ машҳур гардонд. Ин достон чун асари намунавии ҳарбӣ-ватандӯстӣ баҳо гирифтааст. Ҳамчунин «Тоҷикистон - исми ман» аз тарафи мута- хассисону доираи васеи хонандагон дастоварди балантарини достоно- фарии муосири тоҷик эътироф шудааст.**

**Дар тавсифи мухтасари (аннотатсия) китоби муаллиф «Сурӯши Ста- линград. Тоҷикистон - исми ман. Достонҳо» (Душанбе: «Ирфон»,1979) омадааст: «Сурӯши Сталинград» ва «Тоҷикистон - исми ман» аз беҳтарин достонҳои муосир мебошанд. Дар ҳардуи ин достонҳо натанҳо имконияти навшавии жанри достон, балки имконияти эҷодии шоир Мӯъмин Қаноат ҳам равшан падидор гаштааст. У тавонистааст анъанаҳои ҳазорсолаи достонро бо дархостҳои тозаи вақт бо ҳам био- мезад ва достонҳои замонӣ биофарад. Шоир дар сари ин кор нафақат аз сарчашмаи достонҳои худӣ об хӯрдааст, балки аз файзи чашмаи досто- ни халқҳои дигар низ шодоб гаштааст.**

**М.Қаноат қаҳрамони достонҳояшро шаҳоматнок менигорад, ҳиссиёт, олами маънавӣ ва дилу нияти онҳоро бо суханҳои тозаву тар бозгӯ мекунад, лаҳзаҳои фоҷианоки ҳаёт ва ҷоннисории онҳоро барои хушбахтии халқу Ватан ниҳоятан шадид ва пуртаъсир ба қалам медиҳад. Он қаҳрамонҳо дар ҳар арса ва дар ҳар асру замон тасвир шу- да бошанд, тимсоли ҳаёт бар муқобили марг, тимсоли нур бар муқобили зулмат ҳастанд».**

**Муаллиф соли 1977 барои ин ду достон ба гирифтани Ҷоизаи давла- тии ИҶШС сазовор дониста шуд. Барои достони «Гаҳвораи Сино», ки ба 1000-солагии нобиғаи илм бахшида шудаст, шоири баркамолу соҳибравияи тоҷик соли 1980 соҳиби Ҷоизаи давлатии ҶШС Тоҷикистон ба номи А.Рӯдакӣ гардид.**

**Устод Мӯъмин Қаноат дар офаридани шеърҳои иҷтимоиву лирикӣ низ бо навовариии худ фарқ мекунад. Барои чунин мисраъҳоро офари- дан фақат истеъдоди азалӣ бояд дошт:**

## АҲСАНТ БА ОДАМ

*Як моҳваше дар лаби дарёчаи кӯҳӣ Аз об баромад.*
*Гӯё зи паси абри чу симоб сафеде Маҳтоб баромад.*
*Рӯ дидаму ин сония дар чашм аён шуд -*
*Ногаҳ табаци гул.*
*Лаб дидаму ин сония аз чашм ниҳон шуд -*
*Ногаҳ вараци гул.*
*Аз ҳар сари мӯи сияҳаш рехт ба пояш! -*
*Ҳамчун дури галтон - Сад цатраи тобандаи дарёчаи кӯҳӣ - Сад цатраи рахшон.*
*Бо ин ҳама хубию бузургӣ шуда тасвир Дар цатраи обе.*
*Метофт аҷаб цатра ба рухсораи покаш Бо ранги гулобӣ.*
*Эй пайкари покиза чу як цатраи обе,*
*Эй зебиши олам!*
*Бо он, ки туро зода, парӣ ном надодаст,*
*Аҳсант ба одам!*

## БА ҲАВОДОРОНИ ЗАБОНИ ТОҶИК

*Қанд ҷӯӣ, панд ҷӯӣ, эй ҷаноб,*
*Ҳар чӣ меҷӯӣ, биҷӯ.*
*Бекарон баҳрест, гавҳар беҳисоб,*
*Ҳар чӣ меҷӯӣ, биҷӯ.*
*Форсӣ гӯӣ, дарӣ гӯӣ варо,*
*Ҳар чӣ мегӯӣ, бигӯ.*
*Лафзи шеъру дилбарӣ гӯӣ варо,*
*Ҳар чӣ мегӯӣ, бигӯ.*
*Баҳри ман танҳо забони модарист,*
*Ҳамчу шири модар аст.*
*Баҳри ӯ ташбеҳи дигар нест, нест,*
*Чун кӣ меҳри модар аст.*
*З-ин сабаб чун шӯхиҳои дилбарам*
*Дӯст медорам варо,*
*Чун навозишҳои гарми модарам Дӯст медорам варо!*

**Осори Мӯъмин Қаноат маълумияти васеи байналмиллалӣ гирифта, борҳо бо забонҳои булғорӣ, олмонӣ, полякӣ,чехӣ, афғонӣ, юнонӣ, ҳиндӣ ва масоири дигар забонҳо тарчумаю нашр гардидааст.**

**Устод Мӯъмин Қаноат чун ходими сиёсӣ ва маданӣ дар тамоми саросари Иттиҳоди Шӯравӣ ва берун аз он шӯҳрат дошта, ба ҳайси Депутати Шӯрои Олии ИҶШС, аъзои КМ Ҳизби коммунисти Точикистон, Раиси точикистонии чумҳуриявии Кумитаи ҳифзи сулҳ, аъзои Президиуми Кумитаи Умумииттифоқии ҳифзи сулҳ, аъзои Кумита оиди чоизаҳои Ленинӣ ва Давлатии ИҶШС доир ба адабиёт, санъат ва меъморӣ кору фаъолият намудааст. Барои ин фаъолияти касбӣ ва чамъятиаш бо чандин ордену медалҳо ва ифтихорномаҳои байналмиллалию Ватанӣ мукофотонида шудааст. Хизмати устод Мӯъмин Қаноатро дар равнақи адабиёти точик ва рӯшди назариявии он ба назар гирифта ӯро ба узвияти вобастаи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Точикистон интихоб намудаанд. Устод чун муноди сулҳ ва тарғибгари адабиёти оламшумули точику форс ба бисёр кишварҳои чаҳон сафар карда аз боби сулҳи пойдор ва аз нерӯи рӯҳпарвари назми точик суханронӣ намудааст.**

**Ҳамдиёрон ва тамоми дӯстдорони назми волои точику форс ба ин устоди нотакрор бурдборӣ ва муваффақиятҳо орзӯманданд.**



**САРВАРИ АМИРҶОН 12 ноябри соли 1938 дар деҳаи Ёгеди ноҳияи Дарвоз ба дунё омадааст. Ба шарҳи ҳоли ин шоири тавоно, ки бо амри талхи тақдир хеле бармаҳал зиндагиро падруд гуфт, шинос шуда, хизмати дар назди халқи диёр доштаи падараш Амирчон Мухторов пеши назар меояд. Ин марди шариф, ки хизматаш дар рӯшди маорифи диёри Дарвоз хеле назаррас аст дар ташаккули чаҳонбинӣ ва касби адабии писараш Сарвари Амирчон саҳми муҳиме гузоштааст.**

**Сарвар ҳангоми таҳсил дар мактаби миёнаи деҳа ва баъдан Омӯзишгоҳи педагогии Ғарм ба адабиёт шавқи хоса пайдо карда, аз падараш Амирчон Мухторов сабақи адабӣ ва машқи шоирӣ мегирифт. Бо тавсияи падар маълумоти олиро дар факултаи таъриху филологияи Донишгоҳи давлатии Точикистон гирифтааст. Баъди хатми донишгоҳ дар соли 1961 вазифаҳои гуногунро дар рӯзномаҳои «Комсомолии Точикистон»-у «Маориф ва маданият ба дӯш дошт. Аз чумла дар вазифаҳои ходими адабӣ, мудири шӯъба, чонишини муҳаррири рӯзномаи «Комсомоли Точикистон», корманди рӯзномаи «Маориф ва маданият» кору фаъолият намудааст.**

**Аввалин шеърҳои Сарвари Амирчон ҳанӯз ҳангоми дар омӯзишгоҳ таҳсил карданаш дар рӯзномаҳо ба табъ расидаанд. Мачмӯаи шеърҳояш «Баҳор мехоҳам», «Лаъл», «Гулҳои тирамоҳ» ва ғайра ба дили ҳавасмандони зиёди адабиёти муосир роҳ ёфта, аз қадамҳои қавии ин шоир дар шоҳроҳи адабиёти Ватан гувоҳӣ медоданд. Марги бемаҳал 27 марти соли 1986 риштаи ҳаёти ин шоири дар авчи камолоти эчодӣ бударо барканд. Ашъори ба мерос гузоштааш ёди ӯро дар қалби азизон ва хонандагонаш нигоҳ доштааст.**

**Инак, намунае аз ашъори саршор аз меҳри зиндагии шоир:**

## ШАМСИ ХИРАД

*Аё шамси хирад, дар мулки дил дашту даман афрӯз,*
*Ба саҳни рӯзгорон, лутф бинмо, рӯҳи ман афрӯз.*
*Дилеро аз яхистон бо дами гармат раҳоӣ бахш,*
*Чароги лолаи бе доги дилро дар чаман афрӯз.*
*Зи ҳарфи сард гардад хотири аҳбоб озурда,*
*Дили ҳамсӯҳбатон аз гармии лутфи сухан афрӯз.*
*Ба маҳфилҳо раҳат чун аз раҳи умеду дилгармист,*
*Ба анвори накӯиву муҳаббат анҷуман афрӯз.*
*Раҳо аз зулмати танҳоӣ деҳ мардони танҳоро,*
*Ба нури ишқу сидқу лутфи ёрон ҷону тан афрӯз.*
*Бисӯз аз реша нахли бевафоиро ба боги мо,*
*Ба оина вафодорӣ ниҳоди марду зан афрӯз.*
*Ғам аз дунё бадар бурдан агарчанде бувад мушкил,*
*Умеди некрӯзиро ба ҳар байтулҳазан афрӯз.*

## БОЗ МАЪЛУМОТЕ ЧАНД АЗ АДИБОНИ МУОСИР

**Дар баробари адибони намоёни миллат аз зодагони Дарвоз, боз ҳастанд онҳое, ки хонандагон бо чакидаҳои хомаашон аз рӯи маҷмӯаҳою матбуоти даврагӣ шиносоӣ доранд. Дар ин қатор маълумоти хеле фишурда оиди чунин ашхоси соҳибқаламро низ овардан ба маврид аст:**



**АДАБҶОНИ АМИРҶОН - зодаи деҳаи Ёгед 1943. Соли 1961 мактаби миёнаро хатм карда, солҳои 1961-1962 ба ҳайси техник-гидролог дар Қалъаихумб оғози шуғли меҳнат намудааст. Солҳои 1962-1965 дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳи Иттиҳоди Шӯравӣ хиз-**

мат кардааст. Баьди хатми Донишгоҳи давлатии Точикистон соли 1970, чанде дар мактаб ба сифати омӯзгор кор кардан, солҳои 1971-1992 дар вазифаҳои гуногуни ҳизбии вилоятӣ ва ноҳиявӣ кору фаьолият доштааст. Дар ин раванди фаьолият, солҳои 1975-1977 дар Мактаби олии ҳизбии шаҳри Тошканд таҳсил намудааст. Солҳои 1992-2003 - корманди ҳукумати Дарвоз.

Адабчони Амирчон дар тӯли фаьолияти касбии хеш ҳамеша шуғли навиштани очерку ҳикояҳои бадеию воқеӣ ва машқи шеьр доштааст. У муаллифи мачмӯаи очеркҳои хеле чолиб - «Меҳнат шараф аст» мебошад. Навиштаҳояш дар мачмӯаҳои дастчамьӣ борҳо ба табь расидаанд.



ШАРИФБЕК АЗИЗӢ (АЗИЗОВ) 18 майи соли 1955 дар деҳаи Сағирдашти ноҳияи Қальаихумб таваллуд шудааст. Соли 1981 факултаи ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии Точикистон (феьлан Донишгоҳи давлатии миллӣ Точикистон)ро хатм карда, дар вазифаҳои гуногуни ҳифзи ҳуқуқ ифои вазифа намудаст. Ҳоло дорандаи рутбаи майёри милиса дар қисми навбатдории минтақаи Сағирдашт кору фаьолият мекунад.

Завқи бадеии Шарифбек Азизӣ ҳанӯз аз солҳои мактабхонӣ бедор шуда, дар давраи донишчӯӣ (солҳои 70-ум) чанде аз чакидаҳои хомаашро дар матбуоти даврӣ бачопрасонидааст. Дар солҳои 90 чиддан машғули касби нависандагӣшуда, дар як муддати кӯтоҳ худро чун адиби касбӣ муаррифӣ кардааст.

Мачмӯаҳои узви Иттифоқи нависандагони Точикистон Шарифбек Азизӣ «Дурахши алмос» (2004), «Порикоб» (2005), ки дар онҳо қиссаҳои мочароии «Чосус», «Дурахши алмос», «Оҳ, Тамара!», «Пораи қанд» ва «Порикоб» аз тарафи ҳаводорони насри точик хуш пазируф- таву баҳои баланд гирифтаанд. Чанде аз чакидаҳои хомааш бо ҳаммуаллифии бародараш Ҳокими Азиз таьлиф шудаанд. Ба тозагӣ мачмӯаи нави нависанда «Парвоз» аз чоп баромад. Ҳамчунин чанд ро- ману повести ин адиби акнун ба шоҳроҳи адабиёти точик воридшуда дар дасти чопанд. Ҳамдиёрон ва тамоми хонандагони точик дар ин чода барояш бурдбориҳо мехоҳанд.

ҲОКИМИ АЗИЗ (ҲОКИМБЕК ҲОМИДОВ) 20 июни соли 1960 дар деҳаи Сағирдашти ноҳияи Қальахумб ба дунё омадааст. Баьди хатми факултаи филологияи Донишгоҳи давлатии Точикистон фаьо- лияти хизматиаш бештар дар Кумитаи радио ва телевизиони Точикистон ва ҳамзамон дар вазифаҳои сармуҳаррири ҳафтаномаҳои



«Навигарихои экран» ва «Чунбиш» чараён гирифтаст. Ҳамчунин ӯ дар ҳафтаномаҳои «Адабиёт ва санъат», «Алиф», «Озодӣ ва инкишоф» низ ҳамкорӣ доштааст. У муаллифи намоишҳои маъмулу маъруфи телевизионии «Сӯҳбати мардона», «Дар меҳмонии адиб», «Розҳо ва созҳо», «Нури хирад», «Олами китоб» мебошад. Шавқи бадеӣ дар вучудаш хеле барвақт, ҳанӯз аз овони мактабхонӣ бедор шуда, навиштаҳояш рӯи чоп медиданд.

Алҳол узви Иттиҳодияи журналистон ҲокимиАзиз вазифаи сармуҳарририи мачаллаи «Маърифати омӯзгор»-ро ба ӯҳда дорад. Мачмӯаҳои ӯ «Гуфтугӯ бо Лоиқ» «Қадам аз пайи қалам», ки соли гузашта (2006) чоп шудаанд аз ворид шудани ин адиби умедбахш соҳиби роҳу равиши худ ба майдони адабиёти точик, гувоҳӣ медиҳанд.

Ҳокими Азиз батаҳқиқ ва пажӯҳиши осори ниёгон ва ҳамзабонони хоричи кишвар низ таваччӯҳи хосса дорад. Соли 2006 мачмӯаи шеърҳои шоири маъруфи Эрон Масъуди Сипандро бо увони «Мадади ишқ» ба чоп расонд. Соли равон (2007) мачмӯаи шоири маъруфи афғон Латифи Пидром «Варои кӯҳистон»-ро дар таҳияи ӯ нашриёти «Нодир» аз чоп баровард. Ба ифтихори 800-солаги Мавлоно мачмӯаи илмиеро дар ҳаммуаллифии Чамолиддин Саидзода бо номи «Нақши хаёл ва ороишоти ҳунарӣ дар шеъри Мавлоно» ва китоби «Андарзҳои «Масна- вии маънавӣ»-ро дар ҳамкорӣ бо Мирзо Солеҳ мураттаб сохта ба чоп расонид.

Ҳокими Азиз мачмӯаҳои «Гуфтугӯ бо устод Шакурӣ», «Гуфтугӯ бо устод Қаноат», «Сӯҳбати мардона», «Дар сӯҳбати адибон»-ро омодаи чоп намудааст. Чӣ тавре дар боло ишора рафт У бо ҳамқаламии бо ба- родараш Шарифбек Азизӣ чанд асари чолибе дар жанри мочаро (де- тектив) эчод кардааст. Ин адиб дар айни камолоти эчодист, ҳамдиёрону хонандагони сершумори точик ба ӯ дар ин пайроҳаи му- раккаби касбӣ дастовардҳои тозаву асарҳои чашмрастаре интизоранд.

Дар ин радиф лозим аст, ки чунин соҳибқаламони ҳунари эчод доштаро низ муаррифӣ намоем:

ЧУМЪАИ МАХШӮЛ соли 1953 дар деҳои Саидони деҳшӯрои Сағирдашт ба дунё омадааст. Соли 1975 Донишгоҳи давлатии Точикистонро хатм намуда, ба ҳайси муаллим, муовини директор, директори мактаб, мушовири шӯъбаи маорифи ноҳияи Дарвоз кору фаъолият намудааст. Феълан кормандии Чамъияти Ҳилоли Аҳмари Точикистонро дар ноҳияи Дарвоз ба ӯҳда дорад. Шеърҳояш дар саҳифаҳои матбуот ба табъ расидаанд.

**САБЗИНАИ СОДИҚИЁН зодаи деҳаи Ёгед соли 1952. Донишка- даи омӯзгории шаҳри Душанбе ба номи Т.Г.Шевченкоро (феълан ДДОТ ба номи С.Айнӣ) соли 1972 хатм намуда, шуғли омӯзгорӣ дорад. Шеърҳояш дар рӯзномаҳо ва маҷмӯаҳои дастҷамъи ба чоп расидаанд.**

**Ҳамчунин бояд аз табъи баланди шоирии зодагони диёр Муллохӯҷа, Мирзорауфи Латиф, Абдуллои Дӯст, Абдурраҳмони Сулаймон ёдовар шуд, ки чакидаҳои хомаашон дар саҳифаҳои мат- буоти ноҳияю вилоят ба табъ расидаанд.[14]**

## ДАР ХИЗМАТИ РУШДИ МАЪРИФАТ

**Хонандаи ҳассос аз қисмати аввали китоб дарёфт, ки таълиму тар- бияи адабӣ ва огоҳию ифтихор аз фарҳанг дар байни мардуми Дарвоз таърихи дерина дорад. Бесабаб набуд, ки аз ин диёри кӯчаки кӯҳистон даҳҳо широни соҳибдевон, маорифпарварон, мударрисони мадрасаҳо ва дигар донишмандон ба саҳнаи илму ҳунар қадам ниҳодаанд. Дар ин боб маълумоти мухтасар аз рӯзгори чанде аз омӯзгорони дар рушди маориф саҳмгузор оварда мешавад. Баъзе аз омӯзгорони иштирокчии Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941-1945 дар рушди мактабу маорифи замони баъди чанги саҳми сазовор гузоштаанд ва дар боби гузашта муаррифӣ шудаанд. Вале нигаҳ доштани поси хотири беҳтарин омӯзгороне, ки умри худро сарфи таълиму тарбияи наслҳои дирӯзаю имрӯзаи сокинони ноҳия намудаанд, шахсиятҳое, ки шогирдонашон номбардорони диёру миллат гаштаанд, талаб мекунад, ки боз аз заҳмату хизмати чанде аз пешқадамони ин соҳа ёдовар шавем.**

**ХАЙРУЛЛО РАҲИМОВ яке аз поягузорони маорифи халқи ноҳияи Дарвоз буда, баъди гирифтани маълумоти ибтидоӣ, маълумоти касбиро дар курси кӯтоҳмуддати муаллимтайёркунӣ гирифта, аз соли 1925 оғози фаъолияти омӯзгорӣ намудааст. Чанде пас вазифаҳои муҳарририи рӯзномаи «Болшевики Тавилдара» ва методистии шӯъбаи маорифи ноҳияро ба зимма доштааст. Соли 1945 Омӯзишгоҳи педаго- гии Ғармро ғоибона хатм карда, дар деҳаҳои Сайёд, Ғундара, Лухч ва Сағирдашт ба ҳайси муаллим, мудири мактаб кору фаъолият бурда, то охири умр (20 марти соли 1969 дар деҳаи Сағирдашт аз олам гузашт) ба ин заҳмати омӯзгорӣ содиқ мондааст.**

**Хизмати намунавии ин омӯзгори асилро дар рушди маорифи халқи ноҳияи Қалъаихумб (Дарвоз) ба назар гирифта, роҳбарияти ҷумҳурӣ бо тавсияи Вазорати маориф соли 1964 Аълочии маорифи халқи ҷумҳурӣ Хайрулло Раҳимовро ба унвони фахрии «Муаллими хизматнишондо- даи ҶШС Тоҷикистон» сазовор гардонд. У ҳамчунин дорандаи чандин**

**ифтихорнамаю мукофотҳои сатҳи баланди давлатӣ буд. Насли калону миёнаи соҳибмаълумоти деҳоти номбурда, ки худ дар касбу кори гуногун фаъолият доштаву соҳибэҳтиром гаштанд, бо сипосу ифтихори бепоён номи устодашон Хайрулло Раҳимовро ба забон меоранд. Ин сипосгузориро наслҳои оянда низ идома хоҳанд дод.**



**ЮСУФ ҚУДРАТОВ соли 1909 дар деҳаи Рохарви амлокдории Ванч, бекигарии Дарвози аморати Бухоро дар оилаи деҳқон Қудратбеки Нусайчӣ ба дунё омадааст. У то 8-солагӣ дар тарбияи падару модар буд. Саводи ибтидоии диниро дар назди муаллим (муллои маҳаллӣ) Тӯфабеки Саломатшо гирифтааст. Завқи баланду эҳсоси дониши адабиёт аз хурдсолӣ пайгираш буд. Дар андак муддат хату савод омӯхта, мустақилона ба мутолиаи классикони адабиёти форсу точик Ҳофиз, Саъдӣ, Ҷомӣ, Бедил ва дигарон машғул шудааст.**

**Соли 1923 Аскарони инқилобӣ қалъаи Ванчро аз амалдорони амора- ти Бухоро озод намуданд. Дигаргунсозиҳо ҳамоно ба худ роҳ меёф- танд. Яке аз самараҳои Инқилоб ва таъсису барқароршавии сохтори шӯравӣ барои халқи кӯҳистони Ванч кушода шудани мактаби усулу услуби таълимоти нав буд ҳисоб меёфт. Дар нахустмактаби ин диёр 24 нафар фарзандони аҳли заҳмат фаро гирифта шуданд, ки яке аз онҳо Юсуф буд.**

**Юсуф Қудратов баъди хатми аълои мактаби ибтидоӣ, бо тавсияи роҳбарияти кормандони маориф, соли 1926 барои идомаи таҳсил ба шаҳри Душанбе фиристода шуд. Ду соли таҳсил дар марказ савияи до- нишашро хеле баланд бардошт. Соли 1928 ба Дорулмуаллимини шаҳри Тошкент роҳхат гирифт. Дар он чо ӯ бо Сотим Улуғзода, Мирзо Турсун- зода, Баҳодур Искандаров, Почочонов ва дигарон ҳамсабақ шуда, дар корҳои чамъиятии ин маркази барои Точикистон муаллимтайёркунӣ фаъолона иштирок дошт. Баъди хатми он аз моҳи майи соли 1930 дар ноҳияи Қалъаихумбу волости Ванч ба кори омӯзгорӣ машғул шуд.**

**Солҳои 30-юм фаъолияти касбии Юсуф Қудратов чунин сурат гирифтааст: соли 1930 - мудири хонаи бачагони ноҳияи Қалъаихумб, 1930-1932 - нозири шӯъбаи маорифи ноҳияи Қалъаихумб, 1932-1937 - мудири кур- си муаллимтайёркунии ноҳияи Қалъаихумб. Солҳои 1937-1939 дар техникуми бинокории шаҳри Сталинобод низ таҳсил намудааст.**

**Фаъолияти ояндаи Юсуф Қудратов аз соли 1939 то соли 1970 ба ҳайси муаллими мактаби миёнаи ба номи Крупскаяи маркази ноҳияи Ванч, ки ҳоло чун мактаби миёнаи ба номи Юсуф Қудратов номгузорӣ шудааст, кору фаъолият дошт.**

**Хизмати тӯлонии ин омӯзгори асилро Давлати Шӯравӣ ба назар гирифта, бо чунин мукофотҳо қадршиносӣ намудааст: 20 октябри соли 1951 бо медали «Барои меҳнати шоён», 5 августи соли 1960 бо ордени Ленин, 18 августи соли 1965 бо унвони ифтихории «Муаллими хиз- матнишондодаи чумҳурӣ», медал «Барои меҳнати шучоатнок дар Ҷанги Бузурги ватании солҳои 1941-1945».**

**Юсуф Қудратов аввалин шуда аз ноҳияи Ванч соли 1946 бо нишони «Аълочии маорифи халқ» сарфароз шудааст. У дар асоси қарори Кумитаи ҳизбии ВМКБ ҲК Точикистон, Кумитаи ичроияи Шӯрои депутатҳои меҳнаткашони ВМКБ аз 13 апрели соли 1970 ба Китоби фахрии ВМКБ дохил шудааст.**

**Кору фаъолияти дурахшони Юсуф Қудратов дар таърихи маорифу фарҳанги ноҳияҳои Қалъаихумбу Ванч абадӣ пойдор хоҳад монд.**

**АМИРҶОН МУХТОРОВ соли 1904 дар деҳаи Ёгеди бекигарии Дарвози аморати Бухоро чашм ба олами ҳастӣ кушода, ба кори деҳқонӣ аз замони кӯдакӣ машғул шудааст. У саводи авваларо дар на- зди тағояш, сипас дар аввалин мактаби деҳа, ки соли 1927 кушода шу- да буд, гирифтааст. Саводи барои ҳамон замон нисбатан мувофиқу қобилияти ташкилотчигиашро ба назар гирифта, соли 1929 котибии деҳшӯроро ба зиммааш гузоштанд. Ҳамин сол Амирчон Мухторовро ба курси кӯтоҳмуддати такмили ихтисоси кормандони шӯро ба марка- зи вилоят - Ғарм фиристоданд. Аз ончо баргашта баъди андак муддат ӯ ҳамроҳи чанде аз чавонони майли идомаи хондан дошта, аз чумла Ша- рофиддини Сайид, Раҳмоналии Рио, Амронмаҳмади Бобӣ (аз Ёгед), Кишвари Шогадо (аз Кеврон), Гул Ёрмаҳмад (аз Зев), Ҷӯрабеки Носир, Ғуломалӣ Азиз (аз Рузвай), Ҳотами Маҳкам (аз Паткуноб), Бобо Назар ва Бобо Амон (аз Ванч) озими Сталинобод шуда, соли 1930 курси му- аллимтайёркуниро гузашта, барои замон кори ниҳоят муҳим - омӯзгориро пеша намуданд. Муаллимон дар байни ҳамдеҳагон ба эҳтироми баланд соҳиб буданд. Инро худи Амирчон Мухторов баъдҳо чунин ба қалам додааст:**

**«Ягона сабукӣ ба мо он буд, ки халқи меҳнатӣ дар ҳақиқат нисбат ба муаллимон меҳру садоқати бепоён доштанд. Моро дар ҳама чо бо эҳтирому меҳрубонӣ истиқбол мекарданд, бо ҳар як масъалаи нофаҳмо ба мо мурочиат мекарданд, ҳамеша барои муҳофизатамон тайёр бу- данд. Ба ҳамаи ин некиҳо мо танҳо бо як чиз чавоб мегардонидем. Ба фазандон ва худи онҳо савод омӯзондан. Дар ин бобат ҳеч чизро дареғ намедоштем».**

**Бояд қайд кард, ки Амирчон Мухторов маҳорати хуби дастхатхонӣ дошта, классикони адабиётро бисёр мутолиа мекард. Аз онҳо ҳикмати зиёде дар ёд нигоҳ медошт. Худ низ машқи шеър мекард. Мавзӯи ашъ- ораш аз васфи дӯстӣ, муҳаббати бепоён нисбати Ватан, ишқи беғубори**

инсонӣ ва ғайра иборат буд. Вале афсус, ки ба чуз шеърҳои пароканда ва он чӣ дар «Фолклори Дарвоз» омадааст, аз навиштаҳояш чамъоварӣ нашудаанд. У худ низ кӯшиши бевосита ба шеърнависӣ машғул шудан намекард. Касби омӯзгориро аввадарача меҳисобиду ба эчоди шеър баъзан, ҳангоме ки ба ин ё он муносибат илҳомаш чӯш мезад, мисраъҳоро рӯи дафтар меовард. Тамоми насли нисбатан калону миёнаи деҳаи Ёгед шогирдону дастпарварони «Аълочии маорифи халқи чумҳурӣ» Амирчон Мухторов мебошанд. Ин марди фозил, омӯзгори асил 4 феврали соли 1991 дар синни 87 солагӣ аз олам гузашт. Ёди ӯ дар қалби шогирдон ва ҳамдиёронаш ҳамеша боқӣ хоҳад монд.

**АКОБИРШО АБДУЛЛОЕВ** яке аз омӯзгорони пешқадами солҳои 30-юму 50-уми ноҳияҳои Қалъаихумбу Ванч ҳисоб меёфт. Ифтихору масъулиятшиносии касбӣ ва муҳаббати бепоёни ӯро нисбати шогирдон, алалхусус хонандагон аз оилаҳои камбизоат ва ятимону бепарасторон ба назар гирифта, директории интернати навтаъсиси Ванчро ба зиммааш гузоштаанд. Заҳмати чиддии касбӣ ва самимияти Акобиршо Абдуллоев нисбати шогирдон ҳангоми фаъолият доштанаш дар идораҳои роҳбарикунандаи маорифи халқи ноҳияҳои Шуғнону Рӯшон ва мудирии кабинети методии шӯъбаи маорифи комичроияи ВМКБ-ро ба зимма доштанаш бараъло эҳсос мешуд. Ба зиммаш гузоштани сарварии Омӯзишгоҳи педагогии шаҳри Хоруғ низ далелест аз фаъолияти намунавии ин омӯзгори асил.

Ҳанӯз соли 1945 соҳиб шудан ба унвони ифтихории «Муаллими шоистаи мактабҳои ЧШС Точикистон» ва боз чандин ифтихорномаву мукофотҳои сатҳи баланди давлатӣ аз эътибору эътирофу заҳмати софдилонаи Акобиршо Абдуллоев дар рушди маорифи халки ВМКБ, хосатан ноҳияи Дарвоз дарак медиҳад.



**ҶИВОНШО МИРЗОЕВ** соли 1910 дар деҳаи Умараки амлокдории Қалъаихумби бекигарии Дарвоз, аморати Бухоро ба дунё омада, нахустин маълумоти ба талаботи давра мувофиқро ӯ аз мударрису маорифпарвари диёр - Охуни Мулло Нашхабӣ гирифтааст. Бо ташаббуси бевоситаи Ҷивоншо дар зодгоҳаш соли 1931 мактаби ибтидоӣ таъсис ёфт, ки мудириашро ба зиммаи ӯ гузоштанд. Соли 1937 дар Сталинобод курси 7 моҳаи муаллимтайёркуниро гузашта, дар деҳаҳои Сангевн, Зинг, Анчирак идомаи шуғли омӯзгорӣ намуд. Баъди чанде бо тавсияи роҳбарияти ноҳия ӯро директори мактаби 7-солаи навтаъсиси деҳаашон -Умарак таъйин намуданд.

**Ҷанги Бузурги Ватанӣ фаъолияти омӯзгории Ҷивоншо Мирзоевро муваққатан боздошт. Муаллими чавон метавонист аз имконияти ба чабҳа сафарбар накардани муаллимони деҳот истифода бурда, шуғли савобу осиштаи омӯзгориро идома диҳад. Вале фочиаи ба сари Ватан омада, ӯро бетараф нигоҳ дошта наметавонист. соли 1943 бо аризаи худ ихтиёрӣ ба чабҳа рафта, Дар мудҳиштарин набардҳои Курск, Во- ронеж, Белгород, Харков, Киев ширкат намуда, шучоату диловарӣ ни- шон додааст. Соли 1944 баъди бардоштани ду чароҳати вазнин, Ко- миссияи тиббӣ лозим донист, ки фаъолияти чангиашро қатъ намуда, барои идомаи муолича ба зодгоҳаш баргардад.**

**Баъди андаке шифо ёфтан ҶивоншоМирзоев боз аз нав барои идо- маи касби дӯстдоштааш - омӯзгорӣ камар баста, ба ҳайси муаллим, мудири қисми таълимию илмӣ, методист, нозири шӯъбаи маориф, ди- ректори мактаб ва мактаб-интернат кору фаъолият доштааст. Ҳамзамон такмили касбии хешро идома дода, соли 1957 факултаи чуғрофияи Донишкадаи омӯзгории пойтахт ба номи Т.Г.Шевченкоро (феълан Донишгоҳи давлатии омӯзгории ба номи С.Айнӣ) хатм наму- дааст.**

**Аз солҳои 70-ум Ҷивоншо Мирзоев фаъолияти омӯзгории хешро дар ноҳияҳои Вахшу Колхозобод идома дода, ба сифати муаллим, дирек- тори мактаб ва мактаб-интернат кор карда, садҳо шогирдони ба талаби замон мувофиқро тарбия намудааст. Ҳоло шогирдон дар вазифаҳои мухталиф: кормандони хочагӣ, техникӣ, омӯзгорӣ, сиёсӣ, давлатӣ, фарҳангӣ ва ғайра кору фаъолият дошта, бо ифтихору сипоси том аз устодашон ёд мекунанд. У ҳамеша мекӯшид, ки аз тачрибаи ниҳоят ғаниаш омӯгорони чавон баҳрабардорӣ намоянд. Бесабаб набуд, ки бо хоҳиши мутахассисони чавон ӯ машғулиятҳо гузаронида усулҳои пешқадами таълимро, ки аз тачрибаи бевоситаи тӯлониаш бармеома- данд тарғиб мекард. Машғулиятҳояш хеле самимӣ ва ҳадафрас буданд. Дар ҳар кадом мактабе, ки ӯ кор мекард, беихтиёр ба маркази тачрибаандӯзии омӯзгорони ноҳия табдил меёфт.**

**Ҷивоншо Мирзоев тамоми ҳаёташро ба кори барояш пуршарафи омӯзгорӣ бахшидааст. 23 январи соли 1993 дили қавии ин омӯзгори асил аз задан монд. Марқадаш дар шаҳрчаи Гулистони ноҳияи Колхо- зобод чой дорад, ки ба зиёратгоҳи шогирдон ва тамоми фарҳангогаҳони зодгоҳи азалӣ ва ин диёри вопасинаш табдил ёфтааст.**

**Хизмати тӯлонӣ ва бурдборонаи собиқадори чангу меҳнат Ҷивоншо Мирзоев бо орденҳои «Ситораи Сурх», «Шараф» ва 10 медал, нишони «Аълочии маорифи халқ» ва чандин ифтихорномаҳои сатҳи баланди давлатӣ қадрёбӣ шудааст.**

**ҶОНМАҲМАД ҶОРУБОВ соли 1912 дар деҳаи Курговади ам- локдории Қалъаихумби бекигарии Дарвоз дар оилаи деҳқон таваллуд**

шудааст, маълумоти аввaлapo ҳамон чо гирифтааст ва баъд аз он барои идома додани таҳсил ба Омӯзишгоҳи омӯзгории Ғарм меравад. Пас аз анчоми таҳсил ба зодгоҳи хеш баргашта, аввал дар деҳаи Курговад, баъд аз он ба деҳаи Кеврон ба вазифаи Директори мактаб-интернати навташкил таъйин гардида, шогирдони зиёдеро тарбия намудааст, ки онҳо аз ӯ ба некӣ ёд мекунанд ва аз зумраи ин шогирдон Хочаев Собирчон, Ҳусейнов Мирзо ва дигарон мебошанд, ки дар чабҳаҳои гуногуни ҳаёти халқ саҳмгузорӣ доштаанд. Устод Ҷонмаҳмад инчунин дар деҳаҳои Курговад, Ҷорф, Тоғмай ва Пошхарв ҳамчун омӯзгор ва Мудири мактаб солҳои дароз фаъолият карда, шогирдони зиёдеро тарбия намудааст.

**ЗАРИФ ШАРИФОВ соли 1913 дар деҳаи Кеврони амлокдории Қалъаихумби бекигарии Дарвози аморати Бухоро ба дунё омадааст. У яке аз нахустомӯзгорони касбии маҳаллист. Баъди хатми мактаби зодгоҳ соли 1929 рохи донишро пеша карда ба Бухоро рафтааст. Муддати 6 сол дар омӯзишгоҳ ва дорулмуаллимини Бухорову Самарқанд сабақ гирифта, сипас дар Донишкадаи омӯгории Сталинобод идомаи таҳсил доштааст. Баъди хатми он соли 1938 бо роҳхати Вазорати маорифи халқи Точикистон, ба Қалъаихумб баргашта, муддати се сол ба сифати нозири (инспектор) шӯъбаи маорифи ноҳия ифои хизмат намуда, сипас директории мактаби 7-солаи деҳаи Рузвайро ба ӯҳда доштааст.**

**Бо таъсиси нахустин мактаби миёнаи маркази ноҳия дар соли 1945 Зариф Шарифовро директори ин мактаб таъйин намуданд. Дар ин вазифа то соли 1957 фаъолият намуда, сипас бо хоҳиши худ ба зодгоҳаш - деҳаи Кеврон баргашта, дар он чо низ то соли 1964 сарварии мактаби миёнаро бо масъулияти том ба дӯш гирифтааст.**

**Хизмати намунавӣ ва тӯлонии омӯзгори асил, собиқадори соҳаи маориф - Зариф Шарифов бо ордени «Нишони фахрӣ» ва чандин ифтихорномаву мукофотҳои сатҳи баланди давлатӣ қадршиносӣ шудааст.**



**ҒОЗӢ ЗИЁЕВ 13 марти соли 1920 дар деҳаи Хеки ноҳияи Қалъаихумб дар оилаи деҳқон таваллуд ёфта, баъди хатми синфи 8-ум ба курси думоҳаи муаллимтайёркунии ноҳия дохил шудааст. Баъди хатми ин курс аз соли 1937 то оғози Ҷанги Бузурги Ватанӣ фаъолияти муаллимиро адо кардааст. Соли 1941 ба хизмати аскарӣ даъват гардида, соли 1942 аз он озод карда шудааст. У солҳои 1943-1946 Омӯзишгоҳи педагогии н.Шулмак (Навобод) собиқ вилояти Ғармро ғоибона ба итмом расонида, аз соли 1937 дар вазифаҳои муаллим,, мудири мактаб,,**

методисти шӯъбаи маориф ва аз соли 1952 то 1962 мудири маорифи ноҳияи Қалъаихумб фаъолият намудааст. Солҳои 1963-1965 ҳамчун котиби кумитаи ичроияи ноҳияи Ванч ва аз 1965 то 1968 котиби ичроияи ноҳияи Қалъаихумб ифои вазифа кардааст. Соли 1964 ба шӯъбаи ғоибонаи факултаи ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии Точикистон дохил шуда, 17 июни 1968 аз олам чашм пӯшид. Барои хизматҳои софдилона ва фаъолияти меҳнатиаш дар соҳаи маориф бо чандин ифтихорномаҳои Шӯрои олии ИҶШС, Президиуми Шӯрои олии РСС Точикистон, ордену медалҳои «Барои меҳнати зарбдор», «Барои шучоат», «Аълочии маорифи халқ» ва ғ. сарфароз гардонида шуда, дар тӯли чандин солҳо депутати ноҳиявӣ ва вилоятӣ интихоб гардидааст.



**МАҲМАДАЛӢ НАБИЕВ** яке аз собиқадорони шинохтаи соҳаи маорифи ноҳияи Қалъаихумб (Дарвоз) буда, тамоми фаъолиташро ба тарбияи насли наврас бахшидааст. Баъди хатми Омӯзишгоҳи педагогии Ғарм солҳои 1947-1955 ба ҳайси муаллими мактаби рақами 4, чонишини директори мактаби рақами 10, мудири кабинети методии шӯъбаи маорифи ноҳияи Қалъаихумб, нозири шӯъбаи маорифи вилояти Ғарм, мудири маорифи иоҳияи Тавилдара, ҷонишини мудири шӯъбаи маорифи вилояти Ғарм кору фаъолият доштааст.

Маҳмадалӣ Набиев солҳои 1955-1957 дар вазифаи директори макта- би рақами10 Қалъаихумб кор карда, сипас солҳои 1957-1959 шунаван- даи Мактаби ҳизбии шаҳри Тошкент будаст. Солҳои минбаъда фаъо- лияти касбии Маҳмадалӣ Набиев чунин чараён гирифтаст: Солҳои 1961-1964 - раиси хочагии «Гулистон», 1964-1970 - директори макта- би миёнаи рақами 1 ноҳияи Қалъаихумб; аз соли1970 то ба нафақа ба- ромадан директори мактаби миёнаи рақами 49 ноҳияи Ленин (феълан ноҳияи Рӯдакӣ).

Дар ҳар кучое, ки кор кардааст, ҳамеша манфиати умумро нисбати манфиати худ боло гузошта, софдилона хизмати мактабу маориф намудааст. Барои хизмати намунавӣ ба нишонаҳои «Аълочии маорифи ИҶШС», «Аълочии маорифи Точикистон», унвони фахрии «Муаллими хизматнишондодаи Ҷумҳурии Точикистон» ва чандин медалу ифтихорномаҳо сарфароз гардонида шудааст.

**АҲТАМ ҶӮРАХОНОВ** 2 октябри соли 1926 дар деҳаи Кулумбаи Болои деҳшӯрои Сағирдашт дар оилаи деҳқон ба дунё омадааст. Таълими 7-солаи мактабиро аввал дар зодгоҳ сипас дар мактаб интер- нати давлатии ноҳияи Тавилдара гирифта, аз соли 1942 ба ҳайси муал-



лими синфҳои ибтидои оғози фаъолияти касбӣ намудааст. Аз раванди кори таълимӣ чудо нашуда ғоибона Омӯзитттгохи педагогии ноҳияи Ғармро хатм намудааст. Солҳои 1949-1952 котибии аввали кумитаи комсомоли ноҳияи Ғарм ва солҳои 1053-1954 бошад котибии кумитаи комсомоли вилояти Ғармро ба ӯҳда доштааст. Баъди таъҳсил дар Мактаби ҳизбии назди КМ ҲК Точикистон дар шаҳри Дуқанбе (солҳои 1954-1957) солҳои 1957-1964 дар вазифаи котиби ташкилоти ҳизбии колҳози «Сағирдашт» кор карда, ҳамзамон чун шунавандаи шӯъбаи ғоибона, Мактаби ҳизбии шаҳри Тошкентро соли 1964 хатм намудааст.

Аз соли 1971 сар карда Аҳтам Ҷӯрахонов боз ба шӯғли дустдоштаи худ - омӯзгорӣ баргашт. Дар муддати зиёда аз 17 соли (1971-1987) сар- варии мактаби миёнаи рақами 17 деҳаи Лухчи деҳшӯрои Сағирдаштро ба ӯҳда доштанаш ин таьлимгохро ба яке аз беҳтарин мактабҳои ВМКБ табдил дод. Садҳо шогирдонаш, ки дар вазифаҳои масьули соҳаҳои хочагии халқ, корҳои давлатию фарҳангии чумҳурӣ ҳиссагузоранд, аз устод ифтихору арзи сипос доранд. У соли 1987 ба нафақа баромада бошад ҳам то рӯзҳои вопасини ҳаёт (соли 1999 дар синни 73 солагӣ ва- фот кард) фаьолияти чамъиятчигиашро идома медод.

Заҳмати намунавии омӯзгори асил Аҳтам Ҷӯрахонов бо ордени Ле- нин ва чандин мукофотҳои сатҳи баланди давлатӣ қадршиноси шуда- аст.

МАЗОРЙ УСМОНОВ 6 -ми ноябри соли 1932 дар деҳаи Ҷорфи ноҳияи Қальаихумби собиқ вилояти Ғарм дар оилаи деҳқон таваллуд шудааст. Дар синни 12 солагӣ бепарастор монда, дар хонаи кӯдакони шаҳраки Навобод таьлиму тарбия гирифта, сипас солҳои 1947-1951 дар Омӯзишгоҳи педагогии ҳамин шаҳраки вилояти Ғарм таҳсил кар- дааст. Баьди гирифтани маьлумоти олии касбӣ дар факултаи таьрихи Донишкадаи давлатии омӯзгории шаҳри Душанбе ба номи Т.Г.Шевченко солҳои 1951-1955 фаьолияти меҳнатиаш ба тариқи зайл чараён гирифтааст:

Солҳои 1955-1957 - чонишини директори мактаби рақами 1 ноҳияи Қальаихумб, 1958-1961 - котиби дуюми ва якуми Кумитаи комсомоли ноҳияи Қальаихумб, солҳои 1961-1963, 1965-1975 ва 1987-1993 - му- дирии шӯьбаи маории ноҳияияи номбурдаро ба ӯҳда доштааст. Дар ин фосила, солҳои 1975-1987 - ба ҳайси раиси Кумитаи назорати халқии ноҳия кору фаьолият бурда, баьди ба нафақа баромадан солҳои 1993- 2006 мушовирии кабинети методии шӯьбаи маорифи ноҳияи Дарвозро ба зимма дошт. Хизмати бисёрсолаи Аьлочии маорифи халқи ИҶШС

**Мазорӣ Усмонов бо чандин мукофоти сатҳи баланди давлатӣ қадр шудааст.**



**ОЛИМ КАБИРОВ соли 1935 дар деҳаи Бровги ноҳияи Қалъаихумб чашм ба дунёи ҳастӣ кушодааст. Мактаби миёнаро соли 1954 дар шаҳраки Навободи вилояти Ғарм хатм намуда, фаъолияти меҳнатии хешро ба ҳайси муаллим ҳамон сол дар мактаби 7-солаи деҳшӯрои Шулмак оғоз намудааст. Вале даъват ба сафи Қувваҳои мусаллаҳи шӯравӣ ӯро аз кори педагогӣ муваққатан боздошт.**

**Олим Кабиров солҳои 1958-1963 дар Донишкадаи омӯзгории Душанбе ба номи Т.Г.Шевченко таҳснл намуда, баъди хатми он то соли 1965 дар шаҳри Қӯрғонтеппа идомаи касби омӯзгорӣ дошт. Сипас ба зодгоҳаш баргашта аз соли 1965 то соли 1975 вазифаҳои нозири маориф, директори мактабҳои миёнаи рақами 4 ва рақами 1-ро ба зимма доштааст. Соли 1975 бори дуюм ба вазифаи нозири (инспектор) шӯъбаи маорифи ноҳияи Қалъаихумб (Дарвоз) таъйин шуда, то нафаси охирин - 4 апрели соли 1991 дар ин вазифа фаъолият намудааст.**

**Аълочии маорифи халқи ИҶШС ва Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дорандаи чандин медалу ифтихорномаҳо Олим Кабиров, чун яке аз беҳтарин мутахассисони соҳаи маорифи ноҳия эътироф шуда, дар байни ҳамдиёрон ба обрӯю эътибори хоса соҳиб гашта буд.**

**МАҲМУД ТОШЕВ, ки фаъолияти омӯзгориаш баъди хатми Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон соли 1959 дар деҳаи Хулмонии ноҳияи Ғарм оғоз ёфта солҳои тӯлонӣ ба ҳайси ҷонишини директори мактаби миёнаи рақами 1 ноҳияи Қалъаихумб, муаллим, директори мактаби миёнаи рақами 12 кору фаъолият дошта, яке аз пешқадамони соҳаи маорифи ноҳия эътироф шудааст.**

**МУРОД ХОЛОВ роҳи ифтихорманди омӯзгориро тай намудааст. У аз соли 1948 ба ҳайси муаллими физикаю математикаи мактаби миёнаи рақами 1 кор кардааст. Дониши касбиашро ҳангоми таҳсил аввал дар Институти муаллимӣ (солҳои 1951-1953), сипас дар факултаи математикаи Донишкадаи омӯзгории Душанбе ба номи Т.Г.Шевченко (феълан ба номи С.Айнӣ), ки дар ҳамбастагӣ бо кори омӯзгорӣ соли 1965 хатм намудааст, сайқал додааст.**

**Фаолияти меҳнатии хешро Мурод Холов солҳои 1951-1974 сарфи чунин вазифаҳо намудааст: котиби кумитаи комсомоли ноҳи, нозири шӯъбаи маориф, сарвари мактаб, раиси колҳози «Гулистон»-и ноҳия.**

Аз соли 1974 то вопасин лаҳзаи ҳаёт чонишинии директори мактаби миёнаи рақами 8 деҳаи Кевронро ба ӯҳда доштааст.

Дорандаи чандин нишонҳои фахрию ифтихорномаҳо Мурод Холов бо меҳнати ҳалолу намунавии худ дар таърихи маорифи халқи ноҳия боқӣ хоҳад монд.



**ШОРАҲИМ ҲАКИМОВ** 15 марти соли 1930 дар деҳаи Вишхарви ноҳияи Қалъаихумб таваллуд шуда, аз мехрубниҳои падару модар ҳанӯз дар давраи тифлӣ маҳрум шуда, аввал дар хонаи баччагони деҳаи Кеврон, баъдан дар хонаи баччагони Тавилдара таълиму тарбия гирифтааст. Баъди хатми омӯзитттгохи педагогии Шулмаки вилояти Ғарм соли 1948 барои кор ба Қалъаихумб роҳхат гирифт. Фаолияти омӯзгориаш ҳамин сол ба ҳайси муаллими мактаби ибидоии рақами 18 деҳаи Зев оғоз ёфта, баъди як сол ба мактаби деҳаи Рузвай гузашт. Солҳои 1950-1954 дар факултаи забону адабиёти точики Донишкадаи омӯзгории шаҳри Сталинобод (Душанбе) таҳсил намуда, солҳои 1954-1959 ба ҳайси муаллими забон ва адабиёти мактаби рақами 1 маркази ноҳияи Қалъаихумб кор кардааст. Солҳои 1959-1961 вазифаи нозирии шӯъбаи маорифи ноҳияро ба ӯҳда доштааст. Аз соли 1961 то ба нафақа баромадан(соли 1991) дар муддати 30 сол ба ҳайси сарвари мактаби 8-сола сипас миёнаи пурраи деҳаи Ҷорф кору фаъолият доштааст. Барои ҳамин мактаби деҳа ба номи ин марди начиб номгузорӣ шудааст. У то дами вопасин (соли 2001) тачрибаи бои зиндагии хешро барои равнақи хочагидории деҳааш сарф кардааст. Хизмати намунавии собиқадори касбӣ, Аълочии маорифи халқ, омӯзгори асил Шораҳим Ҳакимов, ки борҳо ба ҳайси намояндаи халқ дар мақомоти маҳаллии ҳукумат интихоб гардидааст, бо чандин нишону ифтихорномаҳои сатҳи давлати қадрёбӣ шудааст.



**ҶОН АСКАРОВ**, зодаи деҳаи Рубот соли 1958 Омӯзишгоҳи педагогии Ғарм, сипас соли 1964 Донишкадаи омӯзгории шаҳри Кӯлобро хатм намудааст. Ба касби омӯзгорӣ ифтихорӣ беандоза дошта, пайваста, санъти касбиашро сайқал медод. Маҳз ҳамин фаъолияти намунавии омӯзгорӣ ва қобилияти ташкилотчигиаш буд, ки ба вазифаи директории мактаби калонтарин - мактаби рақами якуми маркази ноҳия таъин намуданд. Аълочии маорифи халқи ИҶШС, Аъло-

чии маорифи халқи ҶШС Точиткистон, ғолиби чандин мусобиқаҳои сотсиалистӣ Ҷон Аскаров ба туфайли фаъолияти намунавии хеш дар байни зиёиёни ноҳия обрӯю эътибори баландро соҳиб гаштааст.



**САЪДУЛЛО МАҲМАДУЛЛОЕВ**, 1 марти соли 1938 дар деҳаи Висхарви деҳшӯрои Вишхарв дар оилаи кишоварз ба дунё омада, маълумоти ибтидоӣ ва 7-соларо дар мактабҳои Висхарв ва Хурк гирифтааст. Сипас соҳиби маълумоти касбӣ соли 1958 дар Омӯзишгоҳи педагогии ноҳияи Ғарм (шаҳраки Навобод) ва соли 1968 дар Донишкадаи давлатии омӯзгории шаҳри Душанбе ба номи Т.Г.Шевченко гаштааст. Аз оғоз то анҷоми фаъолияти меҳнатиаш (1958 - 2003) дар соҳаи маориф ба ҳайси муаллим, мудир ва директори мактаби деҳаҳои Хурк, Убағну Бровг гузаштааст.

Хоҳишуарзи сипоси ҳамдиёронро ба назар гирифта, барои хизмати намунавии ин омӯзгори асил, Вазорати маорифи Ҷумҳурии Точикистон бо қарори худ аз 30 июни соли 2007 таҳти рақами 179 ба мактаби таҳсили ҳамагонии № 11 деҳаи Висхарв додани номи Саъдул- ло Маҳмадуллоевро ба таври расмӣ тасдиқ намудааст.

Албатта, метавон аз ному фаъолияти намунавии боз даҳҳо омӯзгорони асил ба мисли Ҳусайн Алиев, Заробек Абдуллоев, Давлатҷон Зайниддинов, Палвон Одинаев, Нусрат Исматов, Мир- зо Довутиев, Раҳмуддин Рауфов ва дигарон ёдовар шуд, ки дар диёр бо туфайли заҳмати бурдборонаи хеш мақоми хосса пайдо кардаанд. Аз рӯи маълумоти мавчуда соли 1987 дар ноҳия 568 омӯзгор ба 4511 нафар хонанда сабақ медоданд, сабақи дониш, илм ва зиндагӣ. Аз онҳо 9 нафар бо унвони муаллими калон, 3 нафар муаллим-методист, 2 на- фар муаллими хизматнишондодаи чумҳурӣ, 53 нафар дорандаи нишо- ни сарисинагии «Аълочии маорифи халқи ҶШС Точикистон» ва 3 на- фар «Аълочии Маорифи ИҶШС» буданд. Албатта то кунун ба сафи он кордидаву корозмудагон боз даҳҳо устодони равшанибахши маърифат ворид гаштаанд, вале мантиқи кор ва маҳдудияти ҳачми он имкон намедиҳад, ки фаъолияти тамоми он пешсафон ҳадафи таҳлил қарор ёбад. Бо итминони комил бояд иброз дошт, ки доири ин шуғли ниҳоят савобу ифтихорманди чомеа дар ҳамбастагӣ бо рӯшди фарҳангии диёр дар оянда очерки мукаммал ё тадқиқоти махсусе таълиф хоҳад шуд. Ин иқдомро аҳли қалам, шогирдону наберагон - посдорони хотираи он поягузорону байрақбардорони маорифи ноҳия ба ичро хоҳанд расонд.

# САҲМИ ДАРВОЗ ДАР РУШДИ САНЪАТИ МИЛЛӢ

**Ҳавзаи фарҳангии Дарвоз бе муболиға дар таърихи маданияти халқи точик мақоми хосса дорад. Вале мутаассифона ҳанӯз ин самти ниҳоят муҳими таърихи фарҳанги точик, мисли адабиёти ин диёри бе муболиға кони ҳунар ҳадафи таҳлилу таҳқиқи махсус қарор наёфтааст. Кайҳо вақти он расидааст, ки анъанаҳои таърихии равнақи овозхонию хунёгарии касбӣ, ташаккули хусусиятҳои хоси санъату санъатварии ин ҳавза пурра омӯхта шуда, дарачаи таъсири он дар рушди санъати миллӣ таъйин гардад. Зарурати ин иқдом то андозае барои таҳқиқи пурраи таърихи маданияти халқи точик эҳсос мешавад.**

**Пӯшида нест, ки фарҳанг, хосса суруду мусиқии точик таърихи чандҳазорсола дорад. Шояд ба баландтарин пояҳои назми оламшумул расидани шеъри точикӣ ба ривочи санъати мусиқӣ ва овозхонӣ вобаста бошад. Агар ин санъати гӯшнавози мусиқӣ намебуд, гимнҳо ё сурудаҳои «Авесто»-й бо ин рабту низому вазну қофияи хосса офарида намешуданд. Матни асили он гуфтаҳои бо мизони хиради кайҳонӣ баркашида, ки баъдан дар ҳачми 21 чилд китобат шудаанд, агар ба чаҳорчӯбаи нафосати овозию мусиқӣ мувофиқат намекард, метавонист дар тӯли садсолаҳои то китобат шудан ба таври шифоҳӣ дар ин ҳачм аз забон ба забон гузарад? Ин ду падидаи ҳунарӣ тавъаму ҳамбаста буда, ҳеч гоҳ дар алоҳидагӣ рушд нахоҳанд кард.**

**Ҳунари мусиқӣ ва сурудхонии халқи эронитабор, дар замони Ҳахоманишҳо (558-330 пеш аз милод) хеле пеш рафта бошад ҳам, вале дар аҳди Сосониён ба эътибору этирофи умумибашарӣ соҳиб шудааст. Аз давраи асосгузори ин сулола Ардашери Бобакон(224 - 241) сар кар- да, шеъру суруд дар аҳди дигар намояндагони ин хонадон сайқал ёфта- аст. Бурди Сосониён дар он буд, ки онҳо мекӯшиданд, то аз дастовардҳои илмию фарҳангии дигар кишвару халқҳо, ҳар он чӣ юно- ниёну ҳиндуён, бобулиёну мисриён, суриёну румиён ва ғайра офарида- анд, баҳра бардоранд, такмил диҳанду бо диду усули хеш тавсиа бах- шанд. Махсусан дар давраи ҳукмронии Хусрави Анушервон (530/31 - 578), Хусрави Парвиз (590-627/28) санъати шеъру мусиқӣ ва ҳунарҳои нафиса ба дарачаи муқоисанашаванда пеш рафта буданд. Дар замони салтанати Хусрави Парвиз омӯзишу тарғиби шеъру мусиқӣ ба ҳукми қонун соҳиб шуда буд. Дар донишгоҳи машҳури Ш ундишопур ҳунармандон нотакрор, монанди Борбад, Саркаш, Саркаб, Ромтин, Озодвори Чангӣ, Гесӯи Навогар, Бомшод ва дигарон ба шогирдон аз нозукиҳои санъати навозандагию сарояндагӣ сабақ медоданд.**



**БОРБАДИ МАРВАЗӢ (589-638, бо ақидаи дигар - 585-628) - шоҳи мутрибони Аҷам, санъати овозхонӣ ва мутрибиро ба чунон ҷойгоҳи баланде бардошт, ки беҳтарин савту суруди баъди ӯ ба вуҷуд омадаро «лаҳни Борбадӣ» мегуфтанд. Касе низ дар асрҳои баъдина ба баландтарин дастовардҳо дар ин ҷода ноил мешуд, худро аз камтарин пайравону шогирдони Борбад мешумурд.[15]**

**Гарчи дар мавриди муайян намудани зодгоҳи Борбад фикрҳои гуногун мавҷуданд, аксари мутахасисоии таърих бар ин ақидаанд, ки ин ҳунёгари нотакрор аз рӯи тасаввури таърихии муҳити ҷуғрофии маъхазҳои мӯътамади хаттӣ, дар деҳаи Нусайи Дарвоз ба дунё омада, маҳз дар ҳамин муҳити биҳиштосои кӯҳистон эҳсоси азалии он даҳои ояндаи ҳунёгарӣ бедор шудааст. Ин ҳам далелест барои тақвияти хулосаи қисмати аввали китоб аз ин лиҳози, ки Каррон (Дарвози қадим) то истилои арабҳо яке аз ҳавзаҳои муҳими фарҳангии тоҷикон буда, дар ташаккули маданияти ин халқи бостонӣ, аз ҷумла санъати мусиқию овозхонӣ мақоми хосса доштааст.**

**Вале табиист, ки ба зинаҳои баландтарини ҳунари воло расидан фақат муҳити фарҳангии шаҳрҳои азим мусоидат мекунад. Ташаккули нобиғаи нотакрори санъати мусиқӣ ва овозхонии тоҷик Борбад дар яке аз марказҳои муҳими маъмурӣ ва фарҳангии Хуросон шаҳри Марв су- рат гирифтааст. Аз ин рӯ, дар сафаҳоти таърихи пурғановати халқамон ӯ чун Борбади Марвазӣ шӯҳрат пайдо намудааст.**

**Бояд қайд кард, ки то имрӯз дар тамоми ҳудуди қадимии шоҳигарии Дарвоз ва дигар навоҳии Бадахшону Қаротегину Кӯлоб нигоҳ доштани аньанаҳои суннатии замони борбадӣ дар эҷоди суруду мусиқӣ далели аз ин макон ба дунё омадани Борбади Марвазӣ мебошад. Маҳз дар ин ма- кон тавлиду тавсиа гирифтани мактаби мусиқию овозхонии Акашарифи Ҷӯра далелест аз маншаи борбадӣ. Албатта, ҳаддалимкон омӯхтани рушди фарҳангӣ, хоссатан санъати мусиқию овозхонӣ дар ҳавзаи Дарво- зи даврони шоҳигарӣ ва бекигарӣ барои таҳқиқи нисбатан пурраи таърихи ин равияи муҳими маданияти давраҳои бостонӣ, асримиёнагию навини халқи тоҷик аз аҳамияти ҷиддӣ холӣ нахоҳад буд. Вале ин ко- рест, ки зимоми масъулияташро бояд мутахассисони соҳа ба даст ги- ранд. Аз ин рӯ маълумоти дар ин китоб ба хонанда пешниҳодшуда, аз очеркҳои ниҳоят мухтасари шарҳи ҳолии ҳунармандони машҳури асри гузашта ва ибтидои асри нави (асри XXI) диёр беш буда наметавонад.**

**ШАРИФ ҶӮРАЕВ, ки чун нишонаи эътирофу эътибори санъати волояш дар байни халқ бо номи Акашариф шӯҳрат пайдо карда буд,**

**соли 1894 дар маркази бекигарии Дарвоз - Қалъаихумб дар оилаи деҳқон ба дунё омадааст. Дилбастагӣ ба мусиқию суруд барои ин ҳунарманди оянда тасодуфӣ набуда, пайванди ирсию бобоӣ дошт. Бо- бояш Исо ва падараш Ҷӯра, гарчи касби деҳқонӣ доштанд, аз ин шуғли ниёгон канорагирӣ намекарданд. Ҳангоми каме аз заҳмати деҳқонӣ фориғ шудан, машқи дутору сетор ё дигар асбоби мусиқӣ намуда, сурудҳои дилнавози анъанавиро замзама мекарданд. Писарбаччаи ҳассос Шариф табиист, ки ин машқи падарро мушоҳида мекард, ҳиссиёти азалии дар ниҳодаш буда то рафт бештар ҷӯш мезад, баъзан ба лаби руди шаффофу пуртуғёни Хумбов рафта, пинҳонӣ бо овози ба- ланд матни сурудҳои аз падараш ва дигар ҳамдеҳагонаш шунидаро ме- суруду худ ҳаловат мебурд. Ҳанӯз дар синни 5-солагӣ тамоми асбобҳои маъмулии маҳаллиро навохтан метавонист.**



**Ин ҳиссиёти қалбаш барои тамоми сокинони Қалъаихумб пинҳон намонд. Агар баъзеҳо онро ҳавасу бозии муваққатии кӯдагона пиндо- ранд, барои ононе, ки аз суруду мусиқии асил хабардор буданд, дар ин чода дар оянда устодии писари Ҷӯраро пешгӯӣ мекарданд. Бесабаб на- буд, ки яке шоирони соҳибдевони Дарвоз, шоири маъруфи Бухорои Шарқӣ, донишманди нозукиҳои санъати мусиқӣ ва овозхонӣ Иззатшоҳ дар ниҳоди писарбачча нуҳуфтани мавчи санъати асилро эҳсос намуда, ӯро ба тарбияи худ гирифт.**

**Аз рӯи маълумоти мавчуда, Иззатшоҳ (таваллудаш солҳои 1863 / 64 ва вафоташ 1921 тахмин шудааст) дар яке аз мадрасаҳои Бухоро маълумот гирифтааст. Дар он чо ба маҳфилҳои адабию ҳунарӣ шиносоӣ пайдо карда, борҳо аз сӯҳбати бузургтарин мутатафакири қарни XIX точик Аҳмади Дониш, санъати мусиқӣ ва овозхонии Бобочалол Носирзода, Бобо Ғиёс Абдуғанизода, Қорӣ Кароматӣ Дил- каши танбӯрӣ, Ҳомидхочаи Савтӣ, аз суннату савтҳои волои суруду мусиқии классикӣ бархурдор гаштааст. Баъди ба зодгоҳ баргаштан Иззатшоҳ, нафақат ба тарғиби ғояҳои маорифпарварӣ ва эчоди шеър, инчунин ба омӯзишу такмили анъанаҳои мусиқӣ ва овозхонии диёр машғул шуд.**

**Акашариф Ҷӯраев ҳатто ҳангоми ба зинаҳои баландарини касбии худ расидану дар чумҳури шӯҳрати хосса пайдо кардан, дар ҳар ниша- сти дӯстон аз устодаш Иззатшоҳ бо як самимияту сипос ёдовар мешуд. Боре ҳангоми сӯҳбат соли 1959 бо донишманди маъруф Мирзобароти Забирзода ин ҳунарманди забардаст аз устодаш Иззатшоҳ ёдовар шуда гуфтааст: «... Иззатшоҳ дар навиштани шеър ба классикон пайравӣ карда, боз ҳам ба омӯхтани ганчинаи гаронбаҳои ин ганчур мекӯшид. Кулбааш макони маҳфилҳои адабӣ ва шеъру суруд қарор дошт.**

**У баъди ҳамаро аз хона гусел кардан, дар оромии шаб зери пилтаи (шамъи. - Ҳ.П.) равғанӣ ба шеърнависӣ сар мекард. Баробари эчоди шеъре онро ба ман мехонд. Аз ман хоҳиш мекард, ки ба шеър оҳанги халқӣ бандам. Дар вақти хондани ман устод ба талаффуз кардани ҳар як мисраи шеър диққат медод ва агар хато мекардам, танбӯрро аз дас- там гирифта, ҳарчанд ашӯлахон ҳам набуд, лекин бо ҳамон овози ғафсе, ки дошт, дуруст талаффуз кардани калимаро ёд медод. Ана, ҳамин хел устод доштам, ки то ҳол ҳамаи гапҳо ва шеърҳои ӯ дар ёди ман мондааст...»[16].**

**Шариф аз ин устоди воқеан дониши ниҳоят фарохи назариявию ама- лии мусиқӣ дошта, равишҳои мураккаби сознавозӣ, сеҳри панчтору сетору танбӯр, табақабандии овозҳои хонандагиро аз худ кард. Дар 11- 12 солагӣ ба маъракаҳои расмӣ, тӯю сурҳо даъват шуда, бо маслиҳати устодаш матни барои ҳар маърака оҳангбастаи мувофиқро месуруд. Ҳамин тариқ, истеъдоди ин ҳунарманди чавон ниҳоят ба тезӣ сайқал меёфт. Шиносоӣ бо санъатварони дигари шинохтаи Дарвозу Қаротегин**

**аз қабили Мирмуҳаммади Мадрасаӣ (устоди сабки мавригӣ), Лаълшоҳ (шоир ва донандаи сабки рокхонӣ) Каримхон, ки аз нозукиҳои суруду мусиқии классикӣ бархурдор буд, Бозичаи танбурнавозу сарояндаи мумтоз, Эшони Ҳодии Хушбош (донандаи нозукиҳои дувоздаҳмақом ва рокхон, мулаққаб ба Хотирхушбош) барои Шарифи акнун соҳибҳунар бетаъсир нагузашт.**

**Дар ташаккули ҳунари волои сарояндагию навозандагии Шарифи Ҷӯра хизмати дигар устодаш Мирзо Ғулом, ки қариб дар айёми балоғат ба ӯ шиносоӣ пайдо карда буд, ниҳоят муассир буд. Мирзо Ғулом тибқи сафарҳои чандкаратаи худ ба Самарқанду Бухоро аз мактаби чиддии мусиқию суруд гузашта, асоси мусиқии классикию сароянда- гиро аз устодони санъати марвихонӣ ва дигар сабкҳои мардумию классикӣ Рачабалӣ Назарзода, Қорӣ Начм, Қорӣ Сироч, Қорӣ Камол, Мирзоаточони Танбӯрӣ Абдулазиз Махдуми Хонанда ва дигарон омӯхта буд. Мирзо Ғулом дар ҳақиқат устоди олами овозхонӣ ва мусиқии асили точикӣ буд. Маҳз ба туфайли ҳамкорӣ бо ӯ Шариф Ҷӯраев ба ашъори баландмазмуни шоирони диёр Иззатшоҳ, Точуддавла, Ғиёсӣ Мирзо Ҳусайн, Баҳрини Дарвозӣ ва дигарон оҳанг баста, бо як маҳорати тозаи санъатварӣ суруда мешуданд.**

**Авчи баланди ташаккули санъати Шариф Ҷураев ва чун ҳунарманди миллӣ ба ғалабаи инқилобу барқарор гаштани Ҳокимияти Шӯравӣ дар Бухорои Шарқӣ рост омад. Баъди таъсиси Ҷумҳурии Мухтори Шӯравии Сотсиалистии Точикистон (1924) ва дигаргунсозиҳои маъмурӣ Қалъаихумб ба ҳайати вилояти Ғарм ворид шуд, табиист, ки маркази вилоят барои равнақи ҳунар имконияти бештар медод. Беса- баб набуд, ки ҳунармандони тамоми ноҳияҳои акнун дар тобеъияти маъмурии вилоят буда, бо воситаҳои гуногун ба маркази он чалб ме- шуданд, якеро аз рӯи зарурат даъват мекарданд, дигаре ихтиёран барои кори табъи дили худро ёфтан ба он чо мерафт. Албатта Шариф Ҷӯра хеле пештар аз ин дигаргунсозиҳо дар минтақаи Бухорои Шарқӣ шӯҳрат пайдо карда буд, ба зарурати ташкили дастаи ҳунарӣ, ки таҳти сарварии Мирзо Ғулом чамъ омада буд, ба Ғарм даъват шуд. Дар ҳайати дастаи «Ғарм» ҳофизону навозандагони моҳир Искандарбек, Нуруллои Ниёз, Сайдамири Бобизода, хонандагону раққосон аз қабили Чол Сулама, Сафари Ғижжакӣ, Қандаки раққос ва дигарон ҳунарнамоӣ доштанд. Шариф Ҷӯра дар ҳайати ин даста мақоми махсус пайдо кард. Соли 1926 ӯ бо устодаш Мирзо Ғулом дар чаласаи якуми муассисони Ҷумҳурии Точикистон иштирок намуда, ҳамчун ҳунарманди асил дар пойтахти чумхурӣ шинохта шуд. Ин гардиши куллие буд дар ҳаёт ва мақоми касбии ин ҳунарманди нотакрор. Худи ҳамон сол ӯро мутахас- сисони ин соҳа барои иштирок дар Олимпиадаи якуми мусиқии точикони Осиёи Миёна, ки дар маркази чумҳурӣ баргузор гардид тав- сия доданд. Ин ҳодисаи муҳими шиносоии мутахассисон ва аҳли завқи**

ҳунар бо шахсият ва маҳорати Акашариф Ҷӯраев буд, ки ғолиби Олимпиада ҳам шуд.

Шариф Ҷӯраев ҳамоно дар дастаи «Ғарм» фаъолияти худро идома медод. Баъди ҳунарнамоии нав дар Озмуни дуввуми мусиқии точикон соли 1935 дар Сталинобод ӯро чун беҳтарин мусиқидону ғолиби озмун ба ҳайси сарвари гурӯҳи ҳунарии радиои Точикистон таъйин наму- данд. Соли 1936 дар фестивали умумишӯравӣ иштирок карда, дар ра- дифи беҳтарин ҳунармандон шинохта шуд. Бесабаб набуд, ки соли 1937 дар Москва беҳтарин сурудҳои ӯ «Усмаш намехом», «Соқӣ- соқичон», «Ширинчон» ва «Рок» дар қарта сабт шуда дастраси шуна- вандагони сершумор гардиданд. Ҳамин сол дар озмуни ромишгарони ИҶШС иштирок намуда, сурудҳои «Чорзарб», «Уфари Ироқ», «Уфари Сохта, «Ироқи Дарвоз» ва ғайраро пешниҳод кард, ки аз тарафи дова- рони озмун баҳои баланд гирифтанд. Ҳамин тариқ, ромишгари точик Шариф Ҷӯра шарафи санъати точикро ба мақоми баланди Иттиҳоди Шӯравӣ ва байналмиллалӣ баровард.

Дар сурудҳои Шариф Ҷӯраев бештар анъанаҳои қадимию асримиёнагӣ бо таронаҳои ба давраи навину муосири халқи точик оме- зиш ёфта, чун дурри суфта ва марвориди ба ҳам пайваста ба дилу дида медурахшиданд. Сурудҳои «Соқиномаи Дарвоз», «Чашми хумор», «Хами зулф», «Чашми соқӣ», «Агар ба гулшан», «Ҷӯрачонам», «Дода- ракам», «Бе ёр набошед», «Усмаш намехом», «Марвича», «Фалак», «Нозанин» ва боз даҳҳо, ки худ оҳанг мебасту менавохту месуруд, беҳтарин намунаҳои санъати сарояндагии точики солҳои 20-30-юм дар марҳилаи аввали мавчудияти замони шӯравӣ буданд.

Шариф Ҷӯраев эҳсоси баланди набзи замон дошт. Корҳои бузурги дигаргунсозии чомеа, корнамоии халқи шӯрави дар давраи Ҷанги Бу- зурги Ватанӣ ва азнавсозиҳои баъдичангӣ, ба Акашариф таъсири худ- ро гузоштанд. Таронаҳои «Халқи далер», «Суруди меҳнат», «Оинаи дил», «Эй Ватан», «Аэроплан», «Капитан Гастелло», «Байрақи озодӣ» ва монанди ин далели равшани ба талаби замон чавоб гуфтани ҳофизи халқӣ мебошанд. Шариф Ҷӯраев барои Ғалаба алайҳи фашиз- ми Германия ҳиссаи худро гузоштааст. У барои сохтани самолёти «Артисти Точикистон» шахсан 15 ҳазор сӯм ва 22 ҳазор суми аз сафарҳои ҳунариаш чамъовардаро ба Хазинаи Ҷанги Бузурги Ватанӣ гузарондааст.

Дар ҳақиқат офаридаҳои афсунгари Акашариф дар сурудҳои «Қалъабандӣ», «Ташниз», «Роғӣ», «Ба Мачнун», «Чорбоғи боло», «Са- наме», «Пахтачин», «Ман ҳофизи халқам», «Ширинчон», «Ошиёни Булбулон», «Нолаи булбул», «Менола дилам», «Ба кучо равам зи дар- дат», суитаҳои рақсию овозии «Чорзарб», «Наврӯзи баҳорон», «Тӯи Кӯлоб» ва ғайра чун фавораи хушкнашавандаи санъати волою сеҳрофарин, аз қалби ӯ бурун гашта, ба чӯи ҳунар табдил ёфт ва ҳамаи

кишварҳои соҳиби забони нinfobi точикию форсиро шодоб гардонд. Са- фари ҳунарии Шариф Ҷӯраев соли 1942 ба Эрон дар ҳақиқат ба на- моиши санъати миллии точик дар ин кишвари ҳамзабону ҳамфарҳанг табдил ёфт. Қариб 80 барномаи консертии дар шаҳрҳои Теҳрон, Машҳад, Гургон, Сорӣ ва дигар шаҳру маҳалҳои Эрон пешкаши мух- лисон кардаи ӯ чун намоиши дастоварди олии ҳунари хунёгарии фор- сизабонони дунё қабул шуд. Ҳунари волои Шариф Ҷӯраев чун ишти- рокчии фаъоли даҳаҳои адабиёт ва санъати Точикистон дар Москва (солҳои 1949, 1957) тамошобинони сершумору гуногунзабони пойтах- ти Давлати Шӯравиро тасхир кард. Чунин сафарҳои бобарори дастаҳои ҳунарии Шариф Ҷӯраев солҳои 1950-1952 дар чумҳуриҳои Туркмани- стон, Узбекистон ва Қирғистон, соли 1958 дар кишвари Афғонистон намоиши дастовардҳои бузурги санъати мусиқию овозхонии точик ҳисоб ёфта, шӯҳрати ҳунармандро боз бештар афзуданд.

Акашариф Ҷӯраевро фақат чун ҳунарманди мусиқии миллӣ ва овоз- хони мумтоз шинохтан маънои донистани комили ин нобиғаи санъатро надорад. Хизмати ӯ дар бунёд ва ташаккули дастаҳои ҳунарӣ, коллективҳои эчодӣ, роҳбарии бадеии давлатию муассисавӣ чун тара- фи дигари фаъолияти касбии ин шахсияти нотакрори олами ҳунар ниҳоят чашмрасу то кунун аз лиҳози илмӣ таҳлилталаб мебошад. Равнақи эчодии Филармонияи давлатӣ, ки соли 1929 таъсис ёфта буд, бо иштироки бевоситаи Акашариф Ҷӯра суръат гирифт. То имрӯз дар таърихи маданияту хотираи калонсолони чумҳурӣ ва точикзабонони минтақа шӯҳрати ҳунармандони Филармонияи давлатӣ дар солҳои 40- ум Ашура Носирова (раққоса), Муҳиддин Мавлонов, Кимсан Маҳкамов, Чол Сӯлама, Пир Садир, Фотима Куинова, Раъно Ғолибова, Мирбобо Зиё Нуруллои Ниёз ва дигарон равшану барчаста эҳсос ме- шавад. Маҳз ба туфайли заҳмату роҳнамоии Акашариф Ҷӯраев дар солҳои 50-ум ба саҳнаи точик Зулфиқор Исмоилов, Абдулло Назриев, Иброҳим Кобулиев, Шумқор Одинабеков, Аминчон Акбаров, Муқим Ҷӯраев, Барот Яхшиев, Зулайхо Каримова, Абдураҳмон Ёров, Саломатшоҳ Шоназриев ворид гаштанд, ки онҳо шӯҳрати Филармония Давлатиро боз болотар бардоштанд. Аз ҳунари ин ворисони ҳақиқии санъати классикии точик натанҳо тамошобинони пойтахт, инчунин заҳматкашони саҳроҳои колхозӣ, коргарони корхонаҳои саноатӣ, тибқи сафарҳои ҳунариашон баҳрабардорӣ доштанд. Акашариф Ҷӯраев дар рушди қисмати мусиқӣ ва суруди дастаи ҳунарии Театри драмма- вии ба номи Лоҳутӣ саҳми хосса гузоштааст. Бастакори машҳури шӯравӣ С.Баласанян дар тайёр намудани операҳои «Шӯриши Восеъ», «Коваи оҳангар», «Лайлӣ ва Мачнун», А.Ленский дар балети «Ду гул» ва дигар бастакорон дар таълифи асарҳои мусиқӣ барои намоишҳои операвӣ ва балет бо Шариф Чураев ҳамкории зич дошта, аз равишҳои ичрокунандагӣ ва офаридаҳои мусиқии ӯ васеъ истифода намудаанд.

Акашариф Ҷӯраев ба тамоми унвонҳои ифтихории замони худ соҳиб шудааст. «Ҳунарманди Халқии Ҷумҳурии Точикистон» (1944) «Ҳофизи мардумии Точикистон» (1947), орденҳои «Нишони фахрӣ» (1941, 1949), ордени Ленин (1957) чандин медалу ифтихорномаҳои бешумори сатҳи олии умумииттифоқӣ ва чумҳурӣ нишондиҳандаи қадршиносии ҳунари волои ӯст. Вале барояш аз ҳама унвони баланд этирофу эътибори дар байни халқ ёфтааш буд. Уро бо ифтихору самимияти баланд Акашариф ном мебурданд[17]. Ин нобиғаи санъати точик соли 1966 дар синни 72- солагӣ чаҳонро падруд гуфт ва ёдаш дар таърихи миллату дили мардум боқист ва бо гузашти вақт боз қавитар мегардад.

Бале, хизмати Борбади сонӣ - Акашариф барои рушди санъати халқи точик бебаҳост.

ПИР САДИР 15 майи соли 1911 дар деҳаи Дашти Лучи амлокдории Қалъаихумби бекигарии Дарвоз ба дунё омадааст. Таҳсили ибтидоиро дар назди мударриси деҳа охуни Муллонасрулло гирифтааст. Сабақи аввали овозхонӣ ва машшоқиро аз амакаш Собир омӯхта, сипас онро дар назди ҳунарманди намоён Ота Мирмуҳаммад такмил додааст.



*Пир Садир (дар марказ) бо ансамбли оилави*

Чун сарояндаи касбӣ ҳунари Пир Садир дар давраи сохтмони шоҳроҳи Сталинобод - Хоруғ сайқал ёфтааст. Дар ҳайати кружоки худфаъолиятӣ, ки ба он Бобои Суннат, Сайдамири Бобӣ, Хосияти Шоҳбол ва дигарон шомил буданд, дар қитъаҳои алоҳидаи роҳ, дар лаҳзаҳои истироҳати кӯтоҳмуддат, бештар шабона дар гирди гулхан консерт ороста, хотири роҳсозонро болида нигоҳ медоштанд.

Соли 1941 бо даъвати устод Акашариф Ҷӯраев ба пойтахт рафта, дар «Дастаи (ансамбл) кӯҳистон»-и назди Филармонияи давлатии Тоҷикистон, ки роҳбариашро устод ба ӯҳда дошт, фаъолият намуда, дар ҳайати он дар Даҳаи якуми адабиёт ва санъати тоҷик дар саҳнаи Москва ҳунарнамоӣ кардааст.

Соли 1946 Пир Садир бо тавсияи Акашариф Ҷӯраев ба ҳайси директории театри вилояти Ғарм таъйин гардид. Дар солҳои роҳбарии ӯ те- атри номбурда, ба яке аз марказҳои ҳунари ҷумҳурӣ табдил ёфта буд. Дар назди театр дастаи ҳунармандии баччагона таъсис дода шуд. Дар ин театр шогирдонаш, ҳофизони оянда, Саломатшо Шоназриев, Зулай- хо Раҳимова, Шумқор Одинабеков ва дигарон ба саҳнаи калони ҷумҳуриявӣ ва берун аз он роҳ ёфтаанд.

Пир Садир соли 1950 ба зодгоҳаш Дарвоз даъват шуда, роҳбарии хонаи маданияти маркази ноҳияро ба ӯҳда гирифт. Тӯли фаъолияташ дар Қалъаихумб дар азназаргузарониҳои ноҳиявию вилоятӣ ва ҷумҳуриявӣ бештар аз 70 маротиба бо барномаҳои ҳунарӣ баромад кардааст. Дараҷаи баланди ҳунарӣ ва ташкилотчигиашро ба назар ги- рифта, 29 августи соли 1963 ӯ бо унвони ифтихории Ҳофизи халқии Тоҷикистон қадршиносӣ шудааст.

Хизмати Пир Садир дар нигаҳдошту равнақи анъанаи хунёгарии ди- ёр «Сабки хумбӣ» ва тарғиби он хеле назаррас аст. Ин ҳунарманди мардумӣ 23 августи соли 1993 аз олам даргузашт.

АБДУЛЛО НАЗРЙ, яке аз нобиғаҳои санъати мардумии Тоҷикистони муосир 26 июни соли 1930 дар деҳаи Рузвайи ноҳияи Қалъаихумб дар оилаи хизматчӣ Назрии Бобӣ ба дунё омадааст. Ба та- шаккули ҷаҳонбинӣ ва санъати ҳунарии Ҳофизи соҳибмактаби оянда, муҳити зист ва хонаводагӣ таъсири ҳалкунанда гузошт. Маълум аст, ки ҳанӯз аз замонҳои хеле қадим, алалхусус дар замони Борбад шуғли на- возандагию сарояндагӣ қадршиносии хосс дошт. Ин анъана аз насл ба насл гузашта то замони мо ҷаззобияти худро нигоҳ медорад. Мардуми деҳаҳои Мадраса, Рузвай ва маркази маъмурии Дарвоз - Қалъаихумб ҳамеша дар ин ҷода пешсаф буданд. Аз рӯи мушоҳидаи таърихӣ дар деҳоти атрофи Қалъаи Кӯҳна бештар сабки мавригӣ ва маддоҳӣ роиҷ буд. Мутрибону сарояндагон аз хонаводаҳои қадимӣ Мирмуҳаммади мадрасагӣ, Назри Бобии рузваӣ, Миршабу Иммат ва бобои Одина дар тамоми Дарвоз ва берун аз он шӯҳрат пайдо карда буданд. Дар Қалъихумб бошад, сабки Хумбӣ, ки аз савту оҳангҳои классикӣ таркиб ёфта, ҳунари дарборӣ ҳисоб мешуду ҳамеша дар ҷараёну такомул ва таҳаввул буд.

Сарояндагону навозандагон ва донандагони мусиқии шифоҳии тоҷик Искандарбек, Саидамири Бобӣ, Пир Садир, бобои Суннат, Ша- риф Ҷӯра аз пайравони ин шуғли воло буда, дар таъсиси дастаҳои



ҳунарии солҳои 20-50-ум ширкати фаъол доштанд. Оҳангу сурудҳои ҳофизи хушсалиқаи тоҷик Абдулло Назрӣ ва пайравону шогирдони сершумораш маҳз аз ҳамин мактаб баҳра бардоштаанд.

Ҳаёту фаъолияти Абдулло Назрӣ аз рӯи талаби замону зарурати зиндагӣ чараён гирифтааст. Баъди хатми мактаби 7-сола (1943), ки ба давраи мушкилии Ҷанги Бузурги Ватанӣ рост омад, нарасидани омӯзгорони соҳибтаҷриба, роҳбарияти маорифи ноҳияро ба хулосае овард, ки чанде аз беҳтарин хатмкардагонии синфи 7-ро ба сифати омӯзгори синфҳои ибтидоӣ сафарбар намояд. Дар қатори онҳо Абдулло низ буд. Ҳарчанд касби омӯзгорӣ маъқулаш буд, ҳиссиёти табиӣ ва шавқи дарки мусиқӣ ва овозхонӣ ҳамеша ниҳодашро ба ҷӯш меовард. Аз рӯи сабтҳои патефонӣ сурудҳои устодони санъат Ҳоҷӣ Абдулазиз, Бобохон Левиев (Левича) Шоҳназар Соҳибов, Фазлиддин Шаҳобов, Шариф Ҷӯра ва дигаронро гаштаю баргашта мешуниду худ ба онҳо тақлид мекард. Ҳамин тариқ, аввал хеле бечуръатона баъди чанде нис- батан бебокона дар маъракаҳои маҳаллӣ ширкату маҳоратсанҷӣ мекард.

Қобилияти сарояндагӣ ва навозандагии ин санъаткори ҷавонро мушоҳида карда, салоҳиятдорони Шӯъбаи маданияти ноҳия ӯро ба дас- таи ҳаваскорони хонаи маданияти колхоз шомилу пайваста дар чорабиниҳои ноҳиявӣ, вилоятӣ иштирокашро таъмин менамуданд. Ва-

ле ин машғулият ҳанӯз характери касбӣ надошта дар доираи худфаъолиятии бадеӣ мегузашт. Омӯзгорӣ ҳамоно шуғли аввалдарача ҳисоб меёфт. Барои такмили фаъолияти тахассусӣ Абдулло Назрӣ солҳои 1944-1948 дар шӯъбаи ғоибонаи Омӯзишгоҳи педагогии шаҳрчаи На- вободи вилояти Ғарм таҳсил намудааст. Солҳои 1951-1954 давраи бештар ба доираи касбӣ кашидани ҳунарманди халқӣ Абдулло Назрӣ ҳисоб меёбад. Дар ин солҳо ӯ ба ҳайси роҳбари дастаи ҳаваскорони Хонаи маданияти ноҳияи Қалъаихумб дар чандин азназаргузарониҳои вилоятӣ ва чумҳуриявӣ иштирок карда, ҳудро чун ҳунарманди умед- бахш муаррифӣ намудааст. Бесабаб нест, ки ӯ соли 1954 барои ишти- роки фаъол дар азназаргузаронӣ ва саҳми арзанда дар пешрафти ҳаваскории бадеӣ соли 1954 бо Ифтихорномаи Президиуми шӯрои Олии ҶШС Точикистон мукофотонида шудааст. Ҳамин сол чатттни 30- солагии таъсисёбии ҶМШС Точикистон тачлил гардид. Абдулло Назрӣ дар ҳайати дастаи вилояти Ғарм дар он иштирок дошт Ҳунарнамоии ӯ мутахассисонро ба хулосае овард, ки ин ҳунарманди умедбахшро ба пойтахт даъват кунанд.

Дар фаъолияти касбии Абдулло Назриев соли 1955 гардиши муҳиме рӯй дод. У ба ҳайси солист - вокалисти дастаи кӯҳистонии Филармо- нияи давлатии Точикистон ба Сталинобод қабул шуд. Акнун ӯ брига- даи консертиеро, ки дар он ҳунармандони варзида Шумқор Одинабе- ков, Зулайхо Раҳимова, Карим Раҳимов Мирбобо Зиёев, Барот Раҳимов, Иқбол Юсупова, Барно Аҳмадова, Абдураҳмон Ёров, Сало- матшо Шоназриев, Сайлон Золшоева, Улфатмо Мамаданбарова ва ди- гарон шомил буданд, сарварӣ мекард. Ин дастаи ҳунари бо барномаи ниҳоят рангоранг, ки дар асоси беҳтарин анъаноти хунарии халқ қариб дар тамоми ноҳияҳо, маркази колхозу совхозҳои чумҳурӣ сафарҳои ҳунарӣ дошта, тамошобинонро шефтаи маҳорати хеш мекард. Роҳбари даста Абдулло Назрӣ бо сабки хоси худ ва овози ширадори нотакро- раш дар қатори беҳтарин ҳунармандони чумҳурӣ шинохта шуд. Сафарҳои ҳунарии ӯ дар ҳайати устодони санъати точик барояш мак- таби ҳақиқии ҳунарӣ гаштанд. Аввалин сафари ҳунарии Абдулло На- зри бо устодаш Акашариф Ҷӯра, Шоиста Муллочонова, Барно Аҳмадова ва дигарон ба ноҳияҳои гуногуни чумҳурӣ соли 1951 рух дод. Сафари дувуми ӯ бо Акашариф Ҷӯраев соли 1961 баргузор шуд. Дар он Раъно Ғолибова, Аҳмад Бобоқулов, Зафар Нозимов ва дигарон ширкат доштанд. Ин ҳамсафариҳо бо устоди бузурги санъати точик Акашариф Ҷӯраев барояш мактаби маҳорату имтиҳони чиддӣ буданд. Нишондиҳандаи эътирофи расмии санъати волои Абдулло Назрӣ бо Указի Президиуми Шӯрои Олии ҶШС Точикистон аз 26 августи соли 1955 ба ӯ додани унвони «Ҳофизи халқии Точикистон» ҳисоб меёбад.

Устод Абдулло Назрӣ борҳо ба мамолики хоричӣ сафари ҳунарӣ дошта, санъати мусиқӣ ва овозхонии точикро муаррифӣ намудааст. Аз

**чумла сафарҳои Афғонистон, Эрон, Руминия, Гонконг ва ғайра, ки сурудҳои ширадораш тамошобинонро мафтун сохта, онҳо дақиқаҳо рост истода бо кафкӯбии бардавом истиқболаш гирифтаанд барои ин устоди санъат ва таърихи намоиши ҳунари миллӣ фаромӯш- нашавандаанд. Сурудҳо дар ичрои ӯ, чӣ бо оҳангӣ халқӣ, чӣ бо оҳанги классикӣ, ки аксаран бо такмили худаш садо медоданд ва чӣ сурудҳои худ оҳанг бастааш бо як маҳорати нотакрор ичро мешуданд. Гумон мерафт, маҳз ин сурудҳо барои овози ниҳоят буррою гӯшнавози ӯ офа- рида шуда, бо ин фасоҳати хосса дигар касе он сурудҳоро хонда наме- тавонад.**

**Сурудҳои он устоди нотакрори саҳнаи точик «Асри ман», «Ишқи Лайлӣ», «Аз пилла шуд», «Нолаи дил», «Ёри ман», «Гиряи ошиқ», «Меҳри Ватан», «Халқи бузургворам», «Нигорам», «Сиёҳчашм», «Дилбари чон», «Мустачод», «Мискин», «Рок» ва боз даҳҳо ғазал аз ашъори шоирони классикӣ, ки худ оҳанг бастааст, бо гузашти айём боз чолибтару дилнишинтар садо дода, чун пайвандгари ҳунари мақомхонии қарнҳои гузаштаю даврони муосир ба назар мера- санд.Зиёда аз 200 суруди расман сабт гардидаю ба фонди тиллоии санъати мусиқӣ ва овозхонии миллӣ ворид гашта, ёдгореанд аз заҳмати устод дар равнақи санъати точик.**



*Абдулло Назриев дар фестивали бахшида ба 2700-солагии ш.Кулоб*

**Сюитаҳои созӣ-овозии офаридаи устод Абдулло Назрӣ бо маслиҳату ҳамкории бастакорни номии точик Х.Абдуллоев, Ф.Одинаев, С.Ҳамроев, З.Зулфиқоров «Ба меҳнат» («Таронаи меҳнат»), «Наврӯзи баҳор», «Мурғи саҳар», «Нолаи ошиқон», «Дӯстӣ-ваҳдат», «Шашзарб» ва ғайра, ки ба матни шоирони классикӣ ва муо- сири точик Ҳофиз, Саьдӣ, Хусрави Деҳлавӣ, Ҳилолӣ, Ҷомӣ, Турсунзо- да, Аминзода, А.Баҳорӣ, С.Амирчон, Шаҳрия ва ғайра рӯи саҳна ома- даанд, дастоварди бузурги саньати муосири миллӣ ҳисоб меёбанд. Фаьолияти устод дар Кумитаи давлатии садо ва симои Точикистон, дар ансанбли «Мақомхонон»-и ба номи Фазлиддин Шаҳобов солҳои1963- 1981 намоиши бархурдории комили ӯст аз нозукиҳои саньати волои суннатӣ ва классики халқи точик «Шашмақом». Дар ин ҳамкори бо ус- тодони «Шашмақом» Файзулло Бобоқулов, Шоҳназар Соҳибов, Барно Исҳоқова, Нӯьмон Тоштемиров, Нисон Шоулов, Аҳмад Бобоқулов, Карим Қосим, Лола Баракаева, Нукра Раҳматова, Меҳрӣ Исқоқбоева, Барот Яхшиев, Абдучалил Ҳошимов ва дигарон овози нотакрори табиӣ ва ҳунари хоси устод Абдулло Назрӣ возеҳан эҳсос мешуд.**

**Аз назари мутахассисон ӯ яке аз беҳтарин пайравони сабки мавригӣ буда, дар қатори устодаш Акашарифи Ҷура дар нигаҳдошту рушди на- вини ин сабки аз қаьри таьрих реша гирифта, хизмати пурарзише анчом додааст. Ҳамчунин ӯро бояд чун устоди сабкҳои хумбӣ, шикаӣ, савтҳои базмӣ, роғӣ, фалакӣ ва ғайра бояд шинохт. Бино ба хулосаи яке аз донандагони саньати мусиқӣ ва овозхонии ниёгон ӯстод Мӯьмин Қаноат, Абдулло Назрӣ худ соҳибмактаб буда, сабки ӯ аз саб- ки аньанавии мардуми кӯҳистон фарқ мекард ва бештар ҳирфаӣ буда, чанбаи қавии умумиллӣ ва классикӣ дошт.**

**Хизмати устод дар тарбияи насли миёна навини саньаткорони точик кам нест. Бисёре аз шогирдон, ки худ ба дарачаи устодӣ расидаанд, аз мактаби бузурги Абдуллои Назрӣ сабақгир будаанд. Шодравон Одинаи Ҳошим, Ризваншоҳ Иҳмолшоев, Ахмадшоҳ, Улфатшоев, Бобочон Ҳасанов, ва боз даҳҳо нафар ҳунармандоне, ки ифтихори саньати миллӣ гаштаанд, барои ба ин дарачаҳои баландтарини касбӣ расидан, аз устод Абдулло Назрӣ ҳамешагӣ изҳори ифтихору сипоси беандоза доранд. Аз шогирдон ёдовар шуда, ба маврид аст дар ин қатор боз фарзандонаш Исмоилу Давлат Назриевҳо ва чиянаш Назруддин Неъматулоевро ном бурд, ки дар ин чода ворисі ҳақиқӣ ва номбардори устоданд.**

**Устод Абдулло Назрӣ солҳои 1994-1997 дар Омӯзишгоҳи мусиқии ба номи А.Бобоқулов ва Донишкадаи ҳунарҳои зебои ба номи М.Турсунзода ба ҳайси омӯзгори кафедраи овозхонии аньанавӣ, шо- гирдони зиёдеро тарбия намудаву ба шоҳроҳи саньат фотиҳа додааст. У худ то вопасин рӯзҳои ҳаёт (баҳори соли 2006) саҳнаро тарк накарда, бо ҳамон овози гушнавози нотакрораш дар хизмати халқ буд.**

**Хизмати намунавии Ҳофизи халқии Точикистон, дорандаи чандин**

унвонҳои ифтихорӣ Абдулло Назрӣ дар рушди санъати миллии Точикистон бо орденҳои «Нишони фахрӣ», «Дӯстӣ» ва чандин медалу ифтихорномаҳои сатҳи олии давлатӣ қадршиносӣ шудааст. Вале барояш баландтарин мояи ифтихор эҳтирому самимияти халқи диёру тамоми Точикистон ҳисоб меёфт.



**МУҚИМ ҶӮРАЕВ** 11 январи соли 1932 дар шаҳрчаи Ғарми ноҳияи Ғарм ба дунё омада, баъди анчоми таҳсили мактаби миёнаи рақами 3 шаҳри Сталинобод (Душанбе) соли 1950 ба шӯъбаи вокалии Консерватория шаҳри Москва дохил шуд. Вале аз сабаби беморӣ, соли 1953 онро хатм накарда ба Сталинобод баргашт. Муқим Ҷӯраев азбаски маҳорати мусиқидонию овозхониро аз падараш Ҳофизи машҳури точик Акашариф Ҷӯраев омӯхта буд, ин ҳунарро дар Филармония давлатии Точикистон, ки аз ҳамон соли 1953 ба ҳайси ҳунарманди яккахон (солист) оғози кор намудааст (дар ин кохи ҳунар то соли 1990 идомаи фаъолият доштаст) сайқал медиҳад.

Ин ҳунарманд дар Фестивали умумичаҳонии чавонон дар Москва соли 1957 ширкат дошта, ба гирифтани Медали тиллои фестивал шарафёб гардид. Аз соли 1957 то соли 1990 дар дастаҳои (ансабл) мухталифи Филармонияи давлатии Точикистон ҳунарнамоӣ карда, дар рӯшди санъати точик саҳмгузории муайяне доштааст. Хизмати тӯлонии ин марди ҳунар бо чандин мукофотҳои баланди давлатӣ қадр шудааст.

Ҳофизи мардумӣ то вопасин лаҳзаҳои ҳаёт (28 ноябри соли 1996) дар хизмати халқи азизаш буд.



**ДОНА БАҲРОМ** дар деҳаи Чухкак, деҳшӯрои Сағирдашти ноҳияи Дарвоз дар оилаи деҳқон ба дунё омадааст. Баъди хатм мактаби миёна, солҳои 1967-1973 дар факултаи филологияи Донишгоҳи давлатии Точикистон таҳсил кардааст. Солҳои 1974-1975 дар сафи Қувваҳои мусаллаҳи ИҶШС хизмат намуда, солҳои 1975-1980 дар мактаби миёнаи таҳсилоти ҳамагонии ба номи Чайковский ба ҳайси муаллим, чонишини директор оид ба корҳои таълиму тарбия кору фаъолият доштааст. Азбаски дар хурдӣ ба мусиқию сурудхонӣ шавқи беандоза пайд( кардаву машқи ин шуғл дошт, ҳанӯз дар солҳои мактабхониң

**донишчӯияш дар қатори беҳтарин ҳунармандони диёр нуфузу эътибор пайдо карда буд. Солҳои омӯзгориаш пайваста нозукиҳои санъати классикии созию овозиро меомӯхт, ҳарчӣ бештар ба раванди эчодии нобиғаҳои санъати анъанавии диёру чумҳурӣ Акашариф Ҷӯра, Абдул- ло Назрӣ ва дигар ҳунармандони шинохта диққат дода, тақлид мекард, вале дар айни замон роҳи худро мечуст. Дастовардҳои худро дар азназаргузарониҳои дастаҳои худфаъолиятии сатҳи ноҳия, вилоятӣ ва чумҳурӣ пешкаши мутахассисону мухлисон мегардонд.**

**Натичаи ҳамин заҳмату чустучӯҳо буд, ки ҳунарманди чавон Дона Баҳром ба саҳнаи калон роҳ ёфт. Соли 1980 ӯро ба Кумитаи радио ва телевизиони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Точикистон ба ҳайси солист-вокалист дар ҳайати гурӯҳи ҳофизони шашмақомхон ба кор гириф- танд. Муддати мадиде нагузашта ӯ дар байни устодони тачрибаи ниҳоят баландӣ касбӣ дошта, эътибору нуфузи хосса пайдо намуд.**

**Акнун Дона Баҳром нафақат сурудҳои маълуму анъанавиро бо як фасоҳати баланди ба худ хос ичро мекард, балки бештар мекӯшид сурудҳои худ оҳанг бастаро пешкаши мухлисони сершумораш гардо- над. Оҳангу сурудҳои ӯ офарида аз яктараф анъанаи классикиро дар худ нигоҳ доранд, аз тарафи онҳо вобаста ба талаби замон такмил ёф- таву ниҳоят чаззоб ба қалби сомеон роҳ меёбанд.**

**Аз чунин падидаҳои хос ба баъзе аз достонҳои «Шоҳнома» оҳанг бастани ӯст. Дона Баҳром яке аз ҳунармандони ниҳоят сермаҳсули чумҳурист. У дар муддати на он қадар тӯлонии фаъолияти касбиаш зиёда аз 250 офаридаҳои ҳунарии худро ба фонди тилоии радио сабт намудааст. Оҳангҳои ба шеърҳои М.Қаноат «Бародарам», Гулназар «Точикистонам туй», Лоиқ «Таронаи муҳаббат», Ш.Ҳусейнзода «Та- ронаи сулҳу бародарӣ», Н.Яздон «Шарораи хомӯшӣ» аз шумори дастовардҳои волои касбии ӯст. Филми телевизиониаш, ки соли 1988 ба тамошобинон пешкаш шуд, беҳтарин асари намоиши сол дар теле- визион гардид.**

**Дона Баҳром яке аз беҳтарин тарғибкунандагони санъати миллии точик дар мамолики хоричист. У дар се сафари ҳунариаш ба Афғонистон, чор сафараш ба Эрон, ва сафарҳои дигараш ба Русия Ҷопон, Фаронса, Белгия, Голландия, Германия, Ироқ, Туркия ва ғайра нозукию фасоҳат ва чаззобияти санъати мусиқию овозхонии точикро намоиш додааст. Барои хизмати намунавӣ дар рӯшди фарҳангӣ, соли 1991 ба унвони баланди расмӣ «Ҳунарпешаи хизматнишондодаи Точикистон» соҳиб гаштааст.**

**Дона Баҳром дар байни ҳунармандон бо истеъдоди фитрӣ ва соҳибқаламии худ фарқ мекунад. Мақолаю очеркҳо, шеъру таронаҳояш аз қабили «Қанди порсӣ», «Асрори қалъаи Қаҳ-қаҳа», «Оби сари кӯҳи мо», «Суханро вазну тамкини дигар бояд», «Шоҳи камарбаста» «Фалак, фалакӣ, фалаксарой...» ва ғайра дар саҳифаи матбуоти даврӣ чоп шудаву**

мақбули хонандагон гардидаанд. У муаллифи китобҳои «То ба Юнон бурдаанд хокистари Дарвозро» (2000), «Дастагуле аз баҳори андеша» (2005), «Тавоно бувад...» (2006) буда, инчунин албоми «Сафари ишқ»-ашро пешкаши мухлисони сершумораш гардондааст.

Дона Баҳром дар айни камолоти эчодӣ қарор дорад, ҳамдиёрон ва тамоми мухлисони сершумораш аз ҳамаи гӯшаю канорҳои Точикистон дар фаъолияти серпаҳлуи ин ҳунарманди асил дастовардҳои навинро интизоранд.



**НАЗРУДДИН НЕЪМАТУЛЛОЕВ** 1 майи соли 1955 дар оилаи омӯзгор ба дунё омадааст. Баъди хатми мактаби миёнаи рақами 1 маркази ноҳия солҳои 1972-1976 дар Донишкадаи санъати Точикистон (феълан Донишкадаи ҳунарҳои зебо) ба номи М.Турсунзода таҳсили касбӣ доштааст. Баъди анчоми бомуваффақияти таҳсил, бо роҳхати Вазорати маданият (фарҳанг) ба зодгоҳаш Дарвоз омада солҳои 1976-1977 ба ҳайси муаллими Мактаби мусиқии бачагонаи ноҳия оғози фаъолият дошт. Солҳои 1977-1979 дар сафи Қувваҳои Мусалаҳи Иттиҳоди Шӯравӣ хизмат намудааст. Баъди хизмати ҳарбӣ то соли 1998 дар мактаби мусиқии номбурда, фаъолият бурдааст.

Соли 1998 дар ҳаёту фаъолияти касбии Назруддин Неъматуллоев гардиши куллӣ рух дод. Бо маслиҳати Президенти кишвар ӯ ба Душан- бе даъват шуда, то кунун дар дастаи овозадори «Дарё» идомаи ҳунари худододи авлодӣ дорад.

Дилбохтагии Назруддин ба мусиқию суруд амри тасодуф набуда, аз муҳити зисту тарбиявиаш маншаъ гирифтааст. Ҳанӯз аз айёми тифлӣ бо маълумияти касбии тоғояш Абдулло Назрӣ ифтихор дошт. Аз 10- 11-солагиаш навохтанро ёд гирифта, дар мактаб ва маракаҳои маҳаллӣ бо овози гӯшнавоз ва сурудҳои дилнишинаш то рафт бештар мақбули мухлисон гаштаву ҳунари худро сайқал медод. Дар ибтидои сабзиши касбӣ ба ӯ падараш Неъматулло Исматуллоев, пасон Илёсиддин Ғиёсиев ва Мирмаҳмад Мирзоев, ки худ маракаорою ҳунарманди касби овозхонӣ буданд, роҳнамоӣ доштанд. Вале олами сеҳрангези санъатро бароям устод Абдулло Назрӣ, ки кушишу дилбастагии чиянашро дар ин пайроҳаи ҳунар бо қаноатмандии том эҳсос намуда буд, кушод.

Соли 1979 Назруддин дар озмуни ҳофизони чумҳурӣ иштирок на- муда, ба гирифтани яке аз чоизаҳо мушарраф гардид. Вале барои ба қуллаҳои баланди касбӣ расидан боз вақту заҳмати зиёдеро паси сар кардан лозим омад. Солҳои 80-ум ӯ дар ҳама озмуну азназаргузарониҳои чумҳуриявӣ иштирок намуда, дар байни мухлисон

то рафт бештар маълумият пайдо мекард. Баъди ба Душанбе ба кор даъват шудан, имконияти ҳунарманди акнун роҳу равиши худро дар ин чода пайдо карда боз бештар суръат гирифт.

Аълочии телевизион ва радио, Ҳунарманди шоистаи Ҷумҳурии Точикистон Назруддин Неъматуллоев дар радиову телевизион бештар аз 40 суруд сабт кардааст. Сурудҳои оҳангбастааш «Даргоҳи ҳунар» шеъри Ҳофиз, «Ширинсухан»-и Заҳирӣ, «Тири ишқ»-и Ҳасани Деҳлавӣ, «Ватан»-и Тилло Пӯлодӣ, «Ба деҳқондухтар»-и С.Султон, «Таронаи наврӯз»-и Меҳмон Бахтӣ ва боз даҳҳо суруди дигар ба фонди тиллоии Радио ва телевизиони точик ворид гаштаанд.



**ИСМОИЛ НАЗРӢ.** Муҳити хонаводагии ҳофизи воқеан халқӣ Абдулло Назрӣ дар деҳаи Рузвайи Дарвоз, ки Исмоил дар он ба дунё омадааст, дар воқеъ маҳфили ҳунарист. Исмоил низ ҳалқаест дар ин занчири ногусастании ҳунари ачдодӣ. Аз ин муҳит фазилати ҳунариаш ибтидо ва густариш ёфтааст. Ҳанӯз мактаббачаи синфи се буд, ки аз маъракаҳои базмии деҳа ба маркази ноҳия ва аз он чо ба маркази чумҳурӣ даъват шуда, ба саҳнаи баланди касбӣ шиносоии амиқ пайдо кард. Соли 1967 Исмоили 16 сола дар Фестивали умумииттифоқии шаҳри Сочӣ иштирок варзида, санъати баланди точикро аз чунин саҳнаи баланд муаррифӣ намудааст. Бесабаб набуд, ки дар ин марака ӯ ба гирифтани итихорномаи дарачаи II лоиқ дониста шуд. Ҳамин сол ӯ чун роҳбаладi дастаи санъаткорони хонаи пионерон (пешоҳангон) дар чашнвораҳои суруду мусиқӣ ба шаҳрҳои Боку, Сочи ва Туапсе сафари ҳунарӣ дошта, аз натичаи он баҳабардорӣ намудааст.

Исмоил аз солҳои мактабхонӣ ба ашъори нобиғаҳои назми класси- кии точик дилбастагии хоса пайдо карда, шеъри зиёде аз ёд медонисту мекӯшид ба онҳо оҳанг бандад. Вале аз оҳангҳои падараш оҳанги самимитару дилнишинтареро дарнамеёфт. Устод инро эҳсос мекарду ифтихораш аз ҳунари писар боз бештару қавитар мешуд. Падар аз он мефахрид, ки писар идомабахши маҳз равия, усул ва мактаби ӯст. Ба ин ҳамсадоии овози падару писар низ мусоидат мекард. Солҳои донишчӯӣ дар факултаи филологияи точики Донишгоҳи давлатии омӯзгории ба номи Т.Г.Шевченко барои Исмоил сабақи бузуги дарки мазмуни кало- ми волои адибони бузургноми точик гардид. Дар тамоми давраи донишчӯияш Исмоил ба дастаи ҳунарии факулта роҳбарӣ мекард ва дар донишкада доимо мавқеи пешсафиашро таъмин мекард. Дар азна- заргузаронии ҳунарии донишчӯёни Умумииттифоқ дар Тошкент ва Москва(1970) баромади Исмоил хеле хуш пазируфта шуда бо «Ифти-

**хорнома»-и Намоишгоҳи комёбиҳои хочагии халқи ИҶШС мушарраф гардид.**

**Дониши мукаммали Исмоилро ба назар гирифта, бо тавсияи роҳбарият баъди хатми Донишкадаи омӯзгорӣ ӯро ба ҳайси омӯзгори ин нахустмактаби олии чумҳурӣ ба кор гирифтанд. Акнун ба ғайр аз масъулиияти омӯзгорӣ инчунин тарбияи дастаи ҳаваскории донишкадаро ба ӯҳда гирифт. Бо ташаббуси ӯ дар донишкада клуби ҳунарии «Наргис» таъсис ёфт, ки дар як муддати кӯтоҳ нафақат дар байни макотиби олӣ инчунин дар миқиёси чумҳурӣ маълумият пайдо намуд. Имрӯз баъзе аз дастпарварони ин дастаи ҳунарӣ ба саҳнаи баландӣ касбӣ роҳ ёфтаанд.**

**Исмоил Назрӣ борҳо дар ҳайати устодони санъати чумҳурӣ сафари хоричӣ намудааст. Моҳи октябри соли 1973 дар ҳайати 20 нафар устодони санъат аз чумла падари бузургвораш Абдулло Назрӣ, ҳунармандони мардумӣ Шоиста Муллочонова, Муслима Боқиева ва дигарон ба кишвари ҳамсояи Афғонистон дошта, санъати баланди мусиқӣ ва овозхонии точикро муаррифӣ намудааст. Соли 1992 дар ҳайати 5 нафар ҳунармандони точик бо роҳбарии Ҳунарманди мардумии Точикистон Мастона Эргашова ба Гонконг сафар карда, чун қосиди санъати волои точик борҳо ба аҳсану кафкӯбии бардавоми тамошобинон ноил гаштааст. Вале ҳамаи дастовардҳои ҳунарӣ ӯро аз шуғли омӯзгорӣ дур карда натавонистанд.**

**Маҳз ҳамин дастовардҳои ҳунарӣ ва омӯзгорӣ буд, ки баъди таъсиси Консерваторияи миллии Ҷумҳурии Точикистон аз соли 2004 санъаткори шинохтаи чумҳурӣ Исмоил Назриро ба ин донишкадаи бонуфузи касбӣ ба ҳайси устоди кафедраи овозхонии анъанавӣ даъват намуданд. У ҳамчунин ба хонандагони мактаби назди Академияи мақом аз нозукиҳои ансамбл сабақ медиҳад. Табиист, ки сабақгирони мактаби ин ҳунарманди халқӣ ба қуллаҳои баланди санъати миллӣ хоҳанд расид.**



**ДАВЛАТ НАЗРИЕВ баъди Исмоил дуввумин номбардори яке аз нобиғаҳои саъати миллии точик устод Абдулло Назрӣ мебошад, ки аз мактаби бузурги падари бузургвор маншаъ гирифта, мекӯшад ин меросу анъанаи ачдодиро пос дошта, ба зинаҳои нави касбӣ бардорад. У соли 1964 чашм ба олами ҳастӣ кушода, аз айёми тифлӣ ба дунёи санъат ворид гаштааст. ҳангом таҳсил роҳбарии кружоки худфаъолиятии мактабро ба ӯҳда дошт, ки аъзоёнаш дар чандин озмуну фестивалҳои ноҳиявӣ ва шаҳрӣ иштирок дошта, соҳиби диплому чоизаҳо гардидаанд.**

**Баъди хатми Донишкадаи давлатии санъати Тоҷикистон ба номи М.Турсунзода, соли 1985 ба Иттиҳодияи сафарию консертии «Тоҷикгосконсерт» даъват шуда, дар ҳайати ансамбли созию овозии «Суғдиён» оғози фаъолияти касбӣ намуд. Шавқи навовариаш буд, ки дар ансамбл сурудҳои «Ду ошиқ»-и бастакор Т.Александров, «Агар ба гулшан»-и Акашариф Ҷӯраев, «Эй ҷони иман асират»-и Боймуҳаммад Ниёзовро ба тарзу лаҳни эстрадӣ дароварда, ба тамошобинони Ватанӣ, Белоруссия, Узбекистон, Украина, Русия ва ғайра пешкаш намуд.**

**Фаъолияти касбии Давлат Назриев дар ҳайати Ансамбли давлатии рақсӣ ва овозии «Зебо» ба равнақи тоза соҳиб шуд. Сурудҳои рақсии ӯ аз қабили «Нози ту», «Ба ман оред», «Соқии чаман», «Сабзак лаби ҷӯй» ва ғайра аз ба суруди тоҷикӣ таровати нав бахшидани ӯ дарак медиҳад. Дар ҳайати ин ансамбл сафарҳои ҳунарии ӯ ба Русия, Афғонистон, Маҷористон, ва ширкаташ дар барномаҳои «Кӯпруки телевизионӣ» («Телемост») Москва-Дуйсбург барояш нишондиҳандаи дастоварди ҷиддӣ ҳисоб меёбанд.**

**Маҳз дастовардҳои ҳунарии Давлат боис шуд, ки соли 1993 ӯро ба дастаи овозхонони Ансамбли давлатии «Лола» ба номи Ғаффор Валаматзода даъват намуданд. Дар ҳайати ансамбл ӯ дар озмуни байналмиллалии «Ҳунарҳои зебо», ки дар Покистон баргузор шуда буд, ба гирифтани медали тилло ноил гардид. Сурудҳои дар ҳайати ин ансамбл эҷод намудаи ӯ «Шаби маҳтоб», «Кабки дарӣ», «Дилбарам» ва дигарҳо шӯҳрати эҷодиашро баландтар бардоштанд. Ҳамзамон ӯ роҳбарии дастаи ҳунарии «Чорзарб»-и Бунёди байналмиллалии «Акашариф»-ро ба ӯҳда дошта, дар рушди фаъолияти он хизматгузорӣ мекунад.**

**Ҳунарманди шоистаи Ҷумҳурии Тоҷикистон Давлат Назриев кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки бо як маҳорати тоза ба санъати овозхонии халқии тоҷик таҳаввулоти ба талаби замон мувофиқ ворид созад. Усули ба худ хоси овозхонии ин санъаткори асил дар сурудҳояш равшан эсос мешавад.**



**САЛОМАТШОҲ ШОНАЗРИЕВ дар деҳаи Зинги ноҳияи Қалъаихумб таваллуд шуда, маълумоти ибтидоии мактабиро дар зодгоҳаш гирифта, ҳунари овозхонии худро низ ба ҳамдеҳагон ҳангоми мактабхонӣ, чун аъзои кружоки ҳаваскорӣ дар ин ҷо намоиш додааст. Истеъдоди табииашро ба назар гирифта, сарвари Театри халқии вилояти Ғарм Пир Садир ӯро ба назди худ даъват намудааст. Баъди чанде барои такмили фаъолияти**

**касбӣ бо тавсия устодонаш Пир Садир ва Шариф Ҷӯра ба Душанбе рафта ду сол дар Омӯзишгоҳи мусиқӣ таҳсил намуда аз он чо ба ҳайси навозанда ба Театри драммавии шаҳри Ленинобод ба номи А.С.Пушкин роҳхат гирифт. Баъди як сол аз он чо бо тавсияи Акашариф Ҷӯраев ба Филармонияи давлатии Точикистон даъват карда шуд. Дар ин маркази ҳунар ӯ бо ҳамсараш раққосаи нозукхиром Ҳунарманди хизматнишондодаи Ҷумҳурии Точикистон Зулайхо Каримова зери сарпарастии Абдулло Назрӣ ва дигар устодон дар қатори ҳунармандони шинохтаи санъати Точикистон Зафар Нозимов, Карим Раҳим, Шумқор Одинабек ва дигарон кору фаъолият намудааст.**

**Садоқати Ҳунарпешаи шоистаи Точикистон Саломатшоҳ Шоназриев ба ҳунари навозандагӣ ва овозхонии анъанавии халқаш қавӣ буда, хизмати беминнати хешро дар ин чода дареғ надоштааст..**



**АБДУРАҲМОН ЁРОВ соли 1910 дар деҳаи Курговади амлокдории Қалъаихумб, бекигарии Дарвози аморати Бухоро дар оилаи деҳқони кабизоат ба дунё омада, аз хурдсоли ба доираи заҳмати кишоварзӣ кашида шудааст. Баъди гирифтани маълумоти ибтидоӣ фаъолияти касбиашро соли 1932 ба ҳайси муаллими мактаби деҳаи Хост оғоз намудааст. Баъди чанд муддат ҳаминсол ӯро ба сифати мудири мактаби ибтидоии деҳаи Пшихарв таъйин намуданд. Ин вазифаро то соли 1937 бо иавбат дар деҳаҳои Пшихарву Курговад ба ӯҳда дошт. Сипас то соли 1945 дар вазифаҳои дастурдиҳандаи (инструктор) идораи маорифи сиёсӣ, нозири мактабҳои ибтидоӣ, мудири шӯъбаи маориф, директори мактаби деҳаи Курговад кору фаъолият доштааст.**

**Фаолияти меҳнатии минбаъдаи Абдураҳмон Ёров чунин чараён гирифттааст: солҳои 1945-1952 - мудири шӯъбаи муассисаҳои мадании ноҳия; 1952-1956 - корманди театри мусиқии вилояти Ғарм, сараввал ба ҳайси директор, сипас актёр; 1956-1973 - яккахон (солист) ансамбли суруд ва рақс, ташкилотчии корҳои консертӣ, яккахон-вокалисти Фи- лармонияи давлатии Точикистон.**

**Абдураҳмон Ёров ҳунарманди асил буда, дар ин чода, бо ҳофизони номӣ Акашариф Ҷӯра, Абдулло Назрӣ ҳамкорӣ дошта роҳу равияи худро пайдо карда буд. Бештар ба сурудҳои ҳачвӣ майл дошта, бо як маҳорати нозук дар толор ё чои дигари консертнамоишдиҳӣ тамошобинонро бо ҳазлҳои рӯзмарраю ҳадафраси худ хушҳолу мафтун мегардонд.**

**РИЗВОНШО ИҲМОЛШОЕВ соли 1931 дар деҳаи Ёгеди шоҳияи Қалъаихумб дар оилаи деҳқон ба дунё омадааст. Баъди хатми мактаби**



7-солаи зодгоҳ, маълумоти касбиро дар Омӯзишгоҳи ҷумҳуриявии маданию маърифатии ноҳияи Ленин (феълан Рудакӣ) гирифтаст. Солҳои аввали фаъолияти меҳнатиаш ба ҳайси мудири китобхонаи деҳа, баъдан мудири китобхонаи маркази ноҳия кор кардааст. Аз соли 1961 то алҳол мудирии Хонаи фарҳангии деҳаи Ёгедро ба ӯҳда дорад.

Ризвоншо Иҳмолшоев баовозхонию навозандагӣ ҳанӯз аз солҳои мактабхонӣ шуғлдошта, ҳунарашро пайваста такмил медод. Сабку услуби сарояндагиаш ба устодон Акашариф Ҷӯраев ва Абдулло Назриев қаробат дорад. Иштирокчии даҳҳо азназаргузаронию фестивалҳои санъати бадеӣ, ғолиби чандин озмунҳост.

Соли 1973 ин марди ҳунар унвони ифтихории Ҳофизи халқии ҶШС Тоҷикистон мушарраф гаштааст. У ҳамчунин устои моҳирест дар тайёр кардани асбобҳои мусиқӣ аз қабили намудҳои гуногуни тор, рубоб, най, ғижжак, дутор, сетор ва ғайра.

## УСТОДОНИ ТЕАТРУ КИНО ВА САНЪАТИ ТАСВИРИИ ТОҶИК



**АҲМАДШО УЛФАТШОЕВ** Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон 30-ми сентябри соли 1945 дар деҳаи Кеврони ноҳияи Қалъаихумб (Дарвоз) дар оилаи деҳқони колхозӣ ба дунё омадааст. маълумоти 7-солаи мактабиро дар зодгоҳ ва касбиро солҳои 1959-1964 дар Омӯзишгоҳи мусиқии шаҳри душанбе бо ихтисоси «чангнавоз» гирифта, ҳамон сол ба ҳайси навозанда дар Театри драммавии ба номи А.Лоҳутӣ фаъолияти касбиаш оғоз ёфтааст. Солҳои 1964-1967 дар сафи Қувваҳои мусаллаҳи ИҶШС хизмат намуда баъди адои он солҳои 1967-1971 ба ҳайси роҳбари мусиқии дастаи ҳаваскорони шаҳри Орҷоникидзеобод (феълан Ваҳдат) кор кардааст.

Шавқи такмили ҳунар Аҳмадшо Удфатшоевро соли 1971 ба шӯъбаи «Актёр ва кино»-и Донишкадаи санъат ба номи М.Турсунзода бурд. Баъди хатми он солҳои 1975-1982 дар театри бонуфузтарини ҷумҳурӣ

- Театри академикӣ-драммавии ба номи А.Лоҳутӣ ба сифати актёр хизмат кард. Қобилияти ташкилотчигии ин актёри чавонро ба назар гирифта, соли 1982 масъулияти директории театрро ба зиммааш гузоштанд. Табиист, ки ин вазифаи маъмурӣ имконияти касбии санъаткори шинохтаро маҳдуд мекард. Аз ин лиҳоз ӯ аз соли 1987 пурра ба фаъолияти актёрӣ гузашта, дар қатори беҳтарин ҳунармандони соҳа то ба имрӯз дар рӯшди санъати точик саҳмгузорӣ дорад.

Нақшаҳои дар ин муддат рӯи саҳна, экрани телевизиону кино овар- даи ӯ бо ҳассосияти худ ба қалби тамошобинон роҳ ёфтаанд. Нақшҳои офаридаи Аҳмадшо Улфатшоев Рӯстам аз спектакли «Рӯстам ва сӯҳроб»и драммнавис Ғ.Абдулло, Рӯдакӣ аз драммаи «Рӯдакӣ»-и С.Улуғзода, Ёдгор аз «Дохунда»-и С.Айнӣ, Баҳром аз «Баҳроми Ҷӯбина»-и Т.Аҳмадхонов, М.Горкий аз «Шамъи маърифат»-и Ғ.Абдулло, Сомонхудот аз «Сомонхудот»-и С.Аюбӣ, Шоҳ Парвиз аз «Борбад»-и Ҷ.Қуддус, амир Абдулаҳад аз «Алломаи Адҳам»-и С.Улуғзода, Шоҳ Эгей аз «Медея», Шоҳ Вуштосп аз «Зардушт»-и Н.Табаров Шоҳ Албаня аз «Шоҳ Лир»-и В.Шекспир, Бой дар «Бой ва хизматгор»-и Ҳ.Ниёзӣ, Ҳочӣ Нӯъмон дар «Ишқи араб»-и П.Мерьеме ва боз даҳҳо нақши марказӣ буда на ба ҳар ҳунарманди ҳатто озмуда даст медиҳанд.

Нақшҳои дар кино бозидаи ин ҳунарманди точик аз қабили Мир дар филми «Мир», Остонақул дар филми «Восеъ», Судя дар филми «Хезед суд меояд!», Қурбонов дар филми «Сароби биҳишт». Раис дар филми «Маҳдӣ», Вазир дар филми «Шоҳин», Котиби райком дар филми «Дар орзӯи падар» ва ғайра, инчунин даҳҳо филму намоишҳои телевизионӣ, ки дар онҳо нақшҳои Искандари Мақдунӣ, Спитамену амсоли онҳо офарида шудаанд, радиоспектаклҳо... ба фонди тиллоии театру кино ва телевизиону радиои чумҳурӣ ворид гаштаанд.

Артисти хизматнишондодаи Точикистон (1994), Ҳунарпешаи халқии Точикистон (2001), дорандаи чандин ифтихорномаҳои сатҳи олии давлатӣ Аҳмадшо Улфатшоев дари айни камолоти эчодӣ қарор дорад. У дар рушди ояндаи санъати касбӣ ва миллии точик боз даҳсолаҳо саҳмгузорӣ хоҳад дошт.



**МАҲМАДАЛИ МУҲАММАДИЕВ** соли 1946 дар деҳаи Ҳушарваки ноҳияи Қалъаихумб ба дунё омада, баъди хатми мактаби миёна дар маркази ноҳия, чанде пас аз оғози фаъолияти меҳнатӣ шавқи ҳунар ӯро ба даргоҳи Академияи театру кинои шаҳри Москва бурдааст. Соли 1971 ин донишкадаи бонуфузи ИҶШС хатм намуда, фаъолияти касбиашро чун актёри кино дар ҶШС Молдавия ибтидо гузоштааст.

Ҳунари хоссаи ӯ боис шуда, ки дар аксари муассисаҳои филмистеҳсолкунии Ҷумҳурии Шӯравӣ ӯро ба ичрои ин ё он нақши аз диди таҳиягарон барояш мувофиқ даъват менамуданд ва ин ҳамкориаш баъди пош хӯрдани ИҶШС низ идома дорад. Вале фаъолияти касбиаш ба ҳайси актёр, драммнавис, таҳиягар асосан дар Театри драммавии ба номи А.Лоҳутӣ сурат мегирад. Дар таъсису рушди Театри чавонони Точикистон ба номи М.Воҳидов низ саҳмгузории назаррас намудааст.

Нақшҳои офаридаи Маҳмадалӣ Муҳаммадиев дар филмҳои «Одам пӯсташро иваз мекунад», «Шикори охирин» (Точикфилм), «Хайр кабудии тобистон», «Тали мамнӯъ» (Узбекфилм), «Соя», «Ситораҳо дар шаб» (Туркманфилм) ва боз чандин филмҳои истеҳсоли мосфилм ва ғайра аз тарафи мутахассисон баҳои баланд гирифтаанд. У барандаи чоизаи кинофестивали байналмиллалӣ дар Москва мебошад. Нақшҳои Маҳмадалӣ Муҳамадиев дар филму барномаҳои телевизионии Ватанӣ аз қабили «Парвози хушдоманам», «Сабзабаноз», «Фиреби хаёл» («Иллюзия»), «Қисмат», «Чакидаҳо», «Шифо» ва ғайра аз санъати баланду хосаи ин ҳунарманди шинохтаи чумҳурӣ далолат мекунад.



**ЛОЛА МУҲАББАТОВА (НИЁЗОВА)** яке аз чеҳраҳои шинохтаи ҳунарии чумҳури солҳои 40-70-уми қарни сипаришуда ҳисоб меёбад. У фаъолияти касбии худро аз соли 1940 ба ҳайси ҳунарпешаи (дастаи) ансамбли рубобчидухтаони Филармонияи давлатии Точикистон оғоз намудааст. Иштирокчии Даҳаи санъати Точикистон дар Москва, (соли 1940) Лола Муҳаббатова давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ (соли 1944) дар ҳайати дастаи ҳунармандони точик, ки ба он М.Шогадоев роҳбарӣ мекард, дар чабҳа ба чанговарони шучои Ватан барномаҳои консерти нишон додааст. У узвияти ии дастаи бонуфузи ҳунарро то соли 1948 ба чо овардааст. Солҳои 1953-1954 Лола Муҳаббатова ҳамчун ёрдамчии режисёри баргардонӣ (дубляж) дар киностудияи «Точикфилм» фаъолият намудааст. Дар филмҳои «Бо амри дил», «Вақти зангирии писар расид», «Майдони парвоз», «Хокистари сӯзон» ва ғайра нағшҳо офаридааст. Лола Муҳаббатова солҳои 1964-1962 директории кинотеатрҳои «8-уми март», «Зарафшон»-ро ба ӯҳда доштааст. Ин зани корозмуда бо шавҳари меҳрубонаш Салоҳ Муҳаббатов фарзандони соҳибҳунар тарбия намуда ба воя расондаанд. Аз чумла Гуландом ва Хуршедчонро ба хонандагон бояд муаррифӣ намуд.



**ХУРШЕД МУҲАББАТОВ 30 декабри соли 1947 дар шаҳри Сталинобод (Душанбе) ба дунё омада, фаъолияти меҳнатии худро соли 1965 ба ҳайси ёвари (ассистент) оператор оғоз намуда, сипас дар вазифаи оператори телевизион кор карда, маҳорати эчодии умедбахш нишон дода тавонистааст. Вале баъди хатми омӯзишгоҳи савдо соли 1970 ин шуғли хешро ба кормандии кооператсияи Точикматлубот иваз мекунад. Дониши олии касбии худро оиди ин соҳа дар факултаи иқтисоди Донишгоҳи давлатии Точикистон гирифта, тамоми ҳаёт ба ин касб содиқ мондааст. У чанд муддат дар вазифаҳои роҳбарикунандаи шӯъбаи воридоту содироти Иттиҳодияи Точикматлуботро ба ӯҳда дошт. Аз соли 1986 то соли 2000-ум дар вазифаи намояндагии Кооператсияи Точикматлубот дар шаҳри Москва кору фаъолият намудааст. Дар доираҳои ҳукуматии шаҳри Москва ва Иттиҳодияи кооператсияи Федератсисияи Русия (Центрсоюз) ба обрӯю эътибори баланд соҳиб гашта буд. Вале марги нобаҳангом риштаи ҳаёти ин марди доимо дар Масква дар хизмати ҳамватанон бударо хеле**



**ГУЛАНДОМ МУҲАББАТОВА соли 1949 ба дунё омада, баъди гирифтани маълумоти миёна дар шаҳри Душанбе, дар Институти давлатии Умумииттифоқии киноматография таҳсили касбӣ дошта, онро соли 1972 бо тахассуси киношинос-муҳаррир хатм намудааст.**

**Аз ибтидои ба арсаи шуғли касбӣ қадам гузоштан, Гуландом Муҳаббатова тамоми истеъдоди эчодии худро ба кинои точик бахшида, то имрӯз дар киностудияи «Точикфилм» кору фаъолият менамояд. Чун узви коллегияи таҳририяи студия дар офариниши дурдонаҳои ҳунарӣ саҳмгузори чиддӣ намуда, ҳамеша дар маркази рӯйдоду дастовардҳои эчодии студия қарор дорад.**

**Гуландом Муҳаббатова чун филмноманавис ва коргардони нақшу равияи худро дошта, дар байни мутахассисони соҳа мақоми хосса пай- до кардаст. Аввалин асари мустақилонаи ӯ филми мустанади «Ғозӣ Ниёз» далели равшани ин хулоса буда метавонад. Дар давраи мушкил- тарин фаълоияти «Точикфилм», солҳои 1991-1998 ин ҳунарманди касбӣ сармуҳарририи онро ба ӯҳда дошт ва ҳамзамон офариниши филмҳои мустақилонаи худро идома додааст. Асрҳои ӯ «Менолад ди- лам», «Сафири сулҳ», «Косаи давр», «Сарзамини ман». «Орзуҳои кӯдакона» филмҳои беҳтарини мустанади киностудяи «Точикфилм»**

махсуб мешаванд. Ин филмҳо дар чандин чашнвораҳои байналмиллалии кинонамоишдиҳӣ ба гирифтани чоизаҳо ноил гаштаанд. Филми пурраметражи ҳунарии «Овора», ки муаллиф соли 2005 ба навор гирифтааст, намоишгари истеъдоди баланду серпаҳлӯи ӯст. Бесабаб нест, ки ин филм бо чоизаҳои Президенти Тотористон барои тасвири ғояҳои башардӯстӣ дар кино, Ҷоизаи чашнвораи якуми байналмиллалии кишварҳои мусулмон («Минбари заррин», Қазон, соли 2005), чоизаи махсус барои нахустасар (дебют) дар Ҷашнвораи байналмиллалии «Кинои нав - асри XXI» (Россия, Смоленск, соли 2005), чоиза барои мурочиати инсондӯстона ба аҳли башар дар чашнвораи 7-уми байналмиллалии «Шарқ - Ғарб» (ш. Боку), Дипломи чашнвораи байналмиллалии «Аннаи муқаддас» (Москва, соли 2005), Гран-прии Ҷашнвораи дуюми кинои кишварҳои Осиёи Марказӣ, Парвози эчод» барои филми беҳтарини бадеӣ (Тошкент, соли 2006), ва ғайра ноил гардида ба фонди тиллоии филми точик ворид шудааст.

Ҳунарманди соҳибэчоди точик, кинодрамматург, режиссёр, муовини директори киностудияи «Точикфилм» Гуландом Муҳаббатова барои хизмати намунавӣ бо ордени «Дӯстӣ» ва чандин ифтихорномаҳои сатҳи баланди расмӣ мукофотонида шудааст. У дар айни авчи камолоти эчодӣ қарор дорад ва барои рушди кинематографияи миллӣ бо чиддияти том хизматгузорӣ хоҳад кард.



**АМИРҲАЙДАР ДАВЛАТОВ** соли 1938 дар деҳаи Ёгеди ноҳияи Қалъаихумб дар оилаи деҳқон ба дунё омада, баъди синфи 7-ум дар Омӯзишгоҳи педагогии ноҳияи Ғарм идомаи таҳсил доштааст. Пасон меҳри санъат ӯро ба шӯъбаи актёрии Донишкадаи давлатии санъати шаҳри Тошкент бурдааст. Баъди хатми он ҳунарманди чавон, Амирҳайдар аз соли 1964 фаъолияти ҳунарии худро дар Театри вилоятии шаҳри Хоруғ оғоз намудааст. Ин ҳунарманди хушсалиқа дар муддати кӯтоҳ мухлисони зиёде пайдо карда, соҳиби обрӯю эътибори хосса гардид. Маҳорати ташкилотчигиашро ба назар гирифта, роҳбарияти вилоят ӯро ба ҳайси мудирии шӯъбаи маданияти шаҳри Хоруғ таъйин намуданд. Дар ин вазифа тавонист, ки дар рушди маданияти шаҳр саҳми босазое дошта бошад.

Вале ахиран ҳисси масъулиятшиносии касбӣ боло гирифта, Амирҳайдар Давлатов боз ба шуғли дӯстдоштааш актёрии театр бар- гашт. Дар қатори нақшҳои чиддии касбӣ ин ҳунармандманди комил боз чандин саҳнаҳои ҳачвӣ офарида, дар бардоштани шарафи театри вилоятӣ саҳми назаррасе гузоштааст. Чун ҳунарманди бастакор, ба

чандин сурудҳои ба сабки анъанавии Бадахшон хос буда, оҳанг баста-аст. Соли 1999 дили ин марди начиб, Ҳунарманди хизматнишондодаи Ҷумҳурии Точикистон аз задан бозмонд. Мазораш дар қабристони зодгоҳаш ба зиёратгоҳи ҳамдиёрону мухлисони сершумораш табдил ёфтааст. Бо дархости ҳамдеҳагон, Хонаи фарҳангии Ёгед ба хотири ёдбудаш ба Хонаи фарҳангии Амирҳайдар Давлатов номгузорӣ шудааст.



**ЗИЁРАТШО ДОВУТОВ** рассом, Арбоби санъати Точикистон (1996), узви Иттиҳоди рассомони СССР ва Точикистон. 10 феврали с. 1946 дар деҳаи Равнови ноҳияи Дарвоз таваллуд шудааст. Соли 1966 Омӯзишгоҳи рассомии Точикистон ба номи М. Олимов ва соли 1971 Омӯзишгоҳи олии рассомӣ-санъатии ш. Москваро хатм намудааст. Аз соли 1971 то соли 1999 дар Омӯзишгоҳи рассомии Точикистон ба номи М. Олимов ба сифати муллими фанни санъати ороишгарӣ кор кардааст. Аз с. 1999 инчониб дар Фонди бадеъии Иттиҳоди Рассомони Тоҷикистон фаъолият дорад. Дар жанри чеҳранигорӣ (портрет), тасвири манзараҳои табиат, шахсиятҳои таърихӣ, лаҳзаҳои гуногун аз зиндагии мардуми деҳот ва мавзӯъҳои дигар як силсила мусаввараҳои чолиб ва арзишманд офаридааст. Санъатшиносон ва рассомони ватанӣ ва хоричӣ ба асарҳои ӯ баҳои баланд додаанд. Як қатор нигоришоти ӯ аз чониби осорхонаҳои маъруфи ватанӣ ва хоричӣ харида шуда, ба намоишгоҳи доимӣ гузошта шудаанд. Аз чумла асарҳои ӯ «Чеҳраи донишчӯ», «Кишвари паҳноварам», «Чеҳраи дугона» дар Нигористони Третякови ш. Москва ва асарҳои ӯ «Чеҳраи сарбоз», «Абуалӣ ибни Сино», «Намадмолӣ» дар Осорхонаи миллии Точикистон ба номи К. Беҳзод дар намоишгоҳи доимӣ гузошта шудаанд. Дар хазинаи Осорхонаи миллии Точикистон ба номи К. Беҳзод якчанд асари дигари ӯ маҳфуз мебошанд. Асари ӯ «Донишчӯ» соли 1972 дар яке аз мачаллаҳои санъатшиносии Лаҳистон ҳамчун беҳтарин намунаи санъати тасвирии Шӯравӣ чоп шудааст. Дар як қатор мачмӯаҳои санъатшиносӣ, ки ба дастовардҳои беҳтарин рассомони Иттиҳоди Шӯравӣ бахшида шуда буданд, асарҳои Зиёратшо Довутов аз қабили «Сари чашма», «Баҳри Норак», «Нафткорони Балчувон» ва асарҳои дигари ӯ дохил шуданд. Ба асарҳои ӯ бадеъияти баланд, тобиши мавзуни рангҳо, маънавияти амиқ хос аст.

Ороиши бадеъии чандин осорхонаҳо ва дигар муассисаҳои оммавӣ - фарҳангӣ ба мисли Осорхонаҳои Садриддин Айнӣ, Мирзо Турсунзода ва Абулқосим Лоҳутӣ дар ш. Душанбе, Осорхонаи Саидалӣ Вализода дар ш. Кӯлоб, Осорхонаи Восеъ дар Ховалинг, Осорхонаи санъати

**амалӣ дар деҳаи Қаратоғи ноҳияи Ҳисор, меҳмонхонаи Точикистон, Сирки Давлатии Точикистон, Қасри Иттифоқҳои касаба, Чойхонаи миллӣ дар шаҳри Владимири Россия ва бисёр иншоотҳои дигар аз чониби Зиёратшо Довутов ичро карда шудааст.**

**Рассом дар ороиши бадеъии чандин намоишгоҳҳои байналхалқии Точикистон саҳми арзанда гузоштааст. Аз чумла ӯ с. 1985 ба Ҳиндустон сафар намуда, Намоишгоҳи дастовардҳои хочагии халқ ва маданияти Точикистонро ороиши бадеъӣ додааст. Ҳамин Намоишгоҳ с. 1987 дар Афғонистон баргузор шуд ва ороишгари бадеъии он З. До- вутов буд. Соли 1989 дар пойтахти Муғулистон ш. Уланбатор Намоишгоҳи дастовардҳои маорифи халқии Точикистон баргузор гар- дид. Ороиши бадеъии онро ин рассоми моникалам ба ӯҳда дошт. У дар ороиши бадеъии Амфитеатр, ки ба муносибати 80-солагии ш. Душанбе сохта шуда буд, иштирок кардааст. Алҳол ин устоди кори хеш бо офа- ридани мусаввараи мачлиси вузаро дар ҳузури Исмоили Сомонӣ машғул аст.**

## ПАҲЛАВОНЙ ШУҒЛИ АҶДОДЙ БУВАД

**Шояд мушкилиҳои аз табиати кӯҳистон бармеомада бошад, ки тани солиму қувваи чисмонӣ дар Дарвоз ва мулкҳои атрофу акнофи имрӯз дар ҳамбастагии маъмурии Вилояти мухтори кӯҳистони Бадахшонро ташкилдиҳанда ва ё фаҳмиши ҳудудӣ-чуғрофии Помирро дар барги- ранда барои инсон аз ҳама болотар қадр мешавад. Ин дар тамоми қаламрави таърихӣ ё классикии Дарвоз равшан эҳсос мешавад. Бесабаб нест, ки вақти баҳо додан ба ин ё он хислатҳои хоси авлодӣ аввалан ду нишондиҳандаро дар як радиф мегузоранд: 1) соҳибилмию хирадмандӣ, 2) нишондиҳандаҳои баланди варзишӣ. Ҳарчанд намудҳои варзиш аз қабили чавандозӣ, пойгаҳи асптозон, шиноварӣ, вазнбардорӣ, чавгонбозӣ ва ғайра хеле зиёданд, вале гӯштин аз ҳама боло меистад. ба гӯштин чун ба касби ифтихорманд муносибат меку- нанд. Аз ин чост, ҳар кас ҳангоми сӯҳбат мекӯшад аз зӯрӣ ё паҳлавонии ачдодонаш ёдовар шуда, бо як ифтихори хосса соатҳои да- роз аз қувваозмоию ғолиб омадани бобокалони паҳлавонаш бар паҳлавони аз мулки дигар омада, ҳикоят намояд.**

**Аз рӯи анъана дар майдони пеши Қалъа дар идҳои Наврӯзи ва дигар чамъомадҳои расмию баъзан ғайрирасмии бо хоҳиши давлатманде бар- гузор мешуда, албатта ду намуди мусобиқа: гӯштингирию бузкашӣ до- ир мешуд. Бояд қайд кард, ки аз қадим бо назардошти гузаронидани чунин мусобиқаҳо дар пеши арк (қалъа) майдони мувофиқ (майдони варзиш) месохтанд. Вайронаҳои чунин майдон дар пойтахти қадимаи Дарвоз - Қалъаи кӯҳна баръало ба назар мерасанд. Дар ин мусобиқаҳо**

вабаста ба нуфузи соҳибмулк ва дарачаи инъомбахшии он паҳлавонону човандозон аз мулкҳои гирду атроф омада қувваозмоӣ мекарданд. Аз хурд то калон касе ба ин бетарафӣ зоҳир намекард. Гузашта аз он мардум ин рӯзҳоро бо як бесабрии хосса интизор мешуданд. Ҳатто чанд моҳ пеш, ҳангоми омину фотеҳаи баъди хӯрок барои ғолибияти паҳлавонони диёрашон даст ба дуо мебардоштанд.

Дар ҳақиқат сокинони муқимии диёр паҳлавонони зиёдеро дар хотираи худ нигоҳ медоранд. Онҳоро чамъ овардану китобе дар ин чода таълиф намудан табиист, ки барои таблиғи ин шуғли ифтихорӣ барои тарбияи варзишии чавонон аз аҳамият холӣ нахоҳад буд. Вале он чӣ ба хонанда пешниҳод мешавад аз маълумоти сатҳӣ оиди фаъолияти баъзе аз паҳлавонони давраи нави диёр беш набуда, фақат намунаест аз чиддияти муносибати зодагони Дарвоз нисбати ин шӯғли аз часорату мардонагӣ даракдиҳанда.



**ДАВЛАТПАҲЛАВОН.** Давлат Шарифзода, паҳлавони овозадорӣ даврони шоҳигарӣ ва сипас бекигарии Дарвоз аз рӯи маълумоти шифоҳии ҳамдиёрони куҳансол соли 1855 дар деҳаи зинги амлокдории Қалъаихумби шоҳигарии Дарвоз ба дунё омадааст. Табиист, ки ҳавою обу ғизои шифобахши кӯҳистон барои ҳама сокинонаш солимии чисмонӣ медод, вале Давлат аз дигар чавонони ҳамдиёраш бо чисми бузургу солим ва нирӯи фавқулъода қавии худ фарқ мекард. Ва аз гуфтаи шоҳидони ҳол хулоса кадан мумкин аст, ки нафақат падараш - Паҳлавоншариф тануманд будааст, инчунин модараш Моҳиолам низ зани қавипайкар буда, дар шароити зарурӣ ба корҳои вазнини хочагидорӣ, аз қабили чуфтронию хирманкӯбӣ машғул мешудааст. Хоҳару бародари Давлатпаҳлавон Хотун ва Маликшоҳ низ дар паҳлавонӣ ном бароварда буданд. Дар байни ҳамдиёрон ҳатто ривояте вучуд дорад, ки гӯё боре хоҳараш дар либоси мардона, дар ҳолате, ки бародараш ӯро нашинохтааст, бо Давлат қувваозмоӣ намуда, ӯро қариб аз пой афтонда будааст.

Давлатпаҳлавон аз хурдӣ ба тамоми намудҳои варзиш, аз қабили бузкашӣ, шиноварӣ, сангбардорӣ, чаҳидану давидан, чавгонбозӣ ва ғайра қувваозмоӣ карда, доимо дастболо мешуд, вале гӯштин гӯё баро- яш шуғл, балки санъати худодод буд. Ҳамчунин ӯ ҳунари навозанда- гию овозхонӣ дошта, нозукиҳои онро баробари ҳунармандони касбӣ аз бар карда буд.

Дар Дарвоз ва мулҳои дигари ҳамчавори кӯҳистони он ривояте машҳур буд, ки гӯё паҳлавонони ҳамеша дастболоро Ҳазрати Хочаи

**Хизр назар кардаву дар тахтапушташон дасти худро гузошта, фотиҳа медода бошад. Баъзеҳо, агар дар бораи чунин паҳлавоне гап равад, ҳатто бовар кунонданӣ мешуданд, ки гӯё дар пушташ изи панчаҳои Ҳазрати Хизрро бараъло дидааст. Ана ҳамин ривоятро ба Давлатпаҳлавон низ нисбат медоданд.**

**Дар дарбори шоҳи (баъдан бек) Дарвоз вазифаи махсуси паҳлавони дарбор вучуд надошта бошад ҳам, Давлатро чун паҳлавони шоҳ муаррифӣ мекарданд. Соли 1895 дар иди наврӯз Давлатпаҳлавон тамоми паҳлавонони номдори ба Дарвоз омадаро мағлуб намуда, аз тарафи бек чун тӯҳфа ӯро «чакмани мирӣ» пӯшондаанд. Баъди ин маърака расман ба номаш унвони паҳлавонӣ ҳамроҳ шуда, акнун ҳама Давлатпаҳлавонаш ном мебурданд. Аз рӯи ривоятҳои мавчуда худи ҳамин сол овозаи паҳлавониаш дар тамоми аморати Бухоро паҳн шуда буд. Аз Бухоро чанд талошманде ба Дарвоз омада, хоҳиши бо ӯ қувваозмоӣ намуданро пешниҳод намудаанд. Бек махсусан дар ин кор даст доштани амирро фаҳмида, фармудааст, ки меҳмононро дар муддати се моҳ барои қувват гирифтан обу зиёфати хосса дода, баъд маъракаи довталабӣ оранд. Вале ин кӯшиш ягон нафари онҳоро дастболо карда натавонист. Аз рӯи сӯҳбати шоҳиди қариб садсола, пиразан Гулӣ, яке аз паҳлавонони бухороӣ барои аз ҳалуки сахту часпони Давлатпаҳлавон раҳоӣ ёфтан, гӯё ба ронҳои пояш, ки одатан вақти гӯштингирӣ почаҳои эзорро баланд мекашанд, равғани зағир молидааст. Вале ин тадбир низ ӯро аз мағлуб шудан раҳо карда натавонистааст.**

**Барои бо ӯ қувваозмоӣ кардан аз Афғонистону Бадахшон, Кӯлобу Балчувон, Қаротегину дигар мулкҳо паҳлавонони номдор меомаданд, вале чун анъана Давлатпаҳлавон дастболо мешуд. Аз рӯи қоидаи маъмул паҳлавони номиро бо рақибонаш дар охири маърака, баъди анчоми қувваозмоии дигар паҳлавонон ба майдон даъват мекарданд. Буданд ҳолатҳое, ки Давлатпаҳлавон бо ҳамаи 12-15 довталаби аз дур омада, бо навбат қувваозмоӣ мекард ва бар ҳама рақибон дастболо ме- шуд.**

**Ҳамдиёрон самимияти хешро ба ин паҳлавони номдор бо ҳар восита мехоҳанд баён намоянд. Яке санги бузурги 200-300 кило вазн доштаро нишон дода мегӯяд, ки Давлатпаҳлавон онро аз дигар чо ба чои ҳозираaш овардааст, дигаре ба дарахти туте ишора намуда, бовар ме- кунонанд, ки дар вақти тутпаз, бо хоҳиши пиразане бо як лагад ба та- нааш задан ӯ тамоми тути он дарахтро резондааст. Аз рӯи нақли пира- марди ҳамдеҳаи паҳлавон Шокир Наврӯзов боре Давлатпаҳлавон шӯхиомез халтаи 6 пуд (96 килограмм) вазн доштаро бо дандонхояттт газида то осиёб бурдааст. Ба ҳамин монанд бо рафиқонаш гарав баста, чанд халтаи ғаллаи вазни умумиашон 18 пуд (288 кг) бударо пуштора ба осиёб бурдааст. Чунин нақлу ривоятҳо кам нестанд. Ҳамаи ин гуфтаҳо дар назари аввал чун муҳобот ба гӯш расанд ҳам, вале дар**

**онҳо ҳақиқати воқеӣ ва ормони мардумӣ нуҳуфтаст. Давлатпаҳлавон бо ҳама зӯри бозӯ одами оддӣ ва самимӣ буда, дар тамоми корҳои ваз- нини ҳамдеҳагонаш ширкат дошта, баробари 4-5 марди ҳузарб кор ме- кардааст.**

**Хизмати Давлатпаҳлавонро дар рушди анъанаҳои варзишии диёр ба назар гирифта, Ҳукумати ВМКБ ва роҳбарияти ноҳияи Дарвоз бо қарори худ аз 25 июли соли соли 2005, таҳти рақами 327 оиди чашн гирифтани 150-солагии зодрӯзи паҳлавони номии Дарвоз дар рӯзҳои 19-20-уми августи соли 2005 қарор қабул кард. Ин иқдоми ниҳоят хайр такони чиддие дар тарғиби таърихи анъанаҳои варзишии диёр ва по- сдории хотираи он абармарди варзиш буд.**

**ЗИЁРАТШОҲПАҲЛАВОН соли 1898 дар маркази амлокдории Қалъаихумби бекигарии Дарвози аморати Бухоро дар оилаи мударрис ва муншии беки Дарвоз ба дунё омадааст. Саводи ибтидоиро дар назди падар гирифта, сипас мадрасаи Қалъаихумбро хатм намуда, дар хаттотӣ ном баровардаст. Фавти барвақту нобаҳангоми падараш Мул- ло Муҳаббатшоҳи Мулло Шариф паҳлавони оянда Зиёратшоҳро мачбур сохт, ки хеле барвақт мушкилоти ҳаёти хонаводагиро ба дӯш бардорад.**

**Қаду қомати бузург, чисми қавӣ ба Зиёратшоҳ имкон дод, ки, ҳанӯз дар айёми наврасӣ аз марди майдон будани худ дарак диҳад. Ҳангоми базморой ва гузаронидани мусобиқаҳои гӯштин ӯ ҳарифони тачрибадори худро бо як боварии ба худ хос мағлуб менамуд. Аз чуссаи бузурги паҳлавон чунин далели шоҳидон гувоҳӣ медод, ки ҳатто дар айёми пиронсолагиаш солҳои 50-60-уми асри гузашта дар мағозаҳои ноҳия либоси ба андозаи худ мувофиқро ба зӯр пайдо ме- кард. Азбаски ба андозаи пояш пойпӯши мувофиқ ёфтан мушкил буд, бештар чоруқи аз пӯсти оҳуи нағз молишёфта мепӯшид. Калӯши андо- заи охирини пӯшидани намадмӯзаи русӣ (валенка) барои поилуч- пӯшиаш мувофиқат мекард.**

**Зиёратшоҳ хеле чавон бо духтари Ҳамид тӯқсабо издивоч намуда, соҳиби ду писар - Ҳукуматшоҳ ва Саломатшоҳ ва чаҳор духтар: Туронбибӣ (ҳамсари Ҳофизи халқии чумҳурӣ Абдулло Назрӣ), Ҳуронбибӣ, Қумрихон, Давлатбибӣ шудааст. Писаронаш мисли падар хеле барвақт паҳлавони соҳибмайдон шудаанд. Нахӯстписараш Ҳукуматшоҳ дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ шаҳид шудааст. Писари дув- вумаш - Саломатшоҳ, ки боре ҳам дар гӯштин мағлубиятро надида буд, бо амри тақдир дар яке аз мусобиқаҳо соли 1958 ҳангоми афтон- дани ҳариф пояшро шикаста, аз уфунияти хун фавтидааст.**

**Зиёратшоҳпаҳлавон нафақат дар майдони Дарвоз, инчунин дар та- моми бекигариҳои Бухорои Шарқӣ, қисми шимолии Афғонистон, Ба- дахшон борҳо дастболо шуда буд. Дар солҳои баъди инқилоб то охири**

солҳои 40-ум дар мусобиқаҳои расмӣ бо паҳлавонони водии Кӯлоб, Қаротегин, навоҳии ВМКБ борҳо зафар ёфта, чунин бартарии худро дар майдон нишон додааст. Доир ба зафару майдондории ин паҳлавони кӯҳистон маълумотҳо хеле зиёданд. У ба гӯштин чун ба санъат муно- сибат мекард. Ҳаракати худро бо навои сози навозандагон мувофиқ карда гӯштин мегирифт.

Бояд қайд кард, ки чорабиниҳои сиёсию маданӣ, мусобиқаҳои варзишӣ, аз чумла мусобиқаҳои гӯштин бештар дар маркази вилоятҳо гузаронида мешуданд. Ноҳияи Қалъаихумб он вақт воҳиди маъмурии вилояти Ғарм ҳисоб меёфт ва табиист, ки ба маъракаҳои варзишии он варзишгарони ин ноҳия даъват мешуданд. Аз рӯи маълумоти шоҳидон
- шунавандагони шӯъбаи ғоибонаи Омӯзишгоҳи педагогии Ғарм, боре мусобиқаи гӯштингирӣ ба сафари ӯ барои аз маркази вилояти Ғарм ба Қалъаихумб барои бурдани моли савдои давлатӣ ё бо мафҳуми барои он замон маъмули «улав» (улавкашӣ) рост омад. Дар он бар аксари паҳлавонони Дарвоз яке аз паҳлавонони номии Точикобод дастболо гашта, ба майдон баромадани Зиёратшоҳпаҳлавонро талаб намуд. Паҳлавони дарвозӣ дар як талош ҳарифро ба осонӣ ба тахтапушт аф- тонд. Ба ин қувваи бозӯи паҳлавон ҳарифаш қоил шуда, то ҳукми сар- довар худаш ӯро ба оғуш кашида табрик намудааст. Издиҳоми тамо- шобинон, ки худро дошта натавониста барои табрикаш ба майдон да- ромада буданд, бо як самимият чанде аз онҳо домани яктакашро бар- дошта, тӯҳфаҳои ба он партофтаи мухлисонашро нигоҳ медоштанд. Ҳангоми аз майдон баромадан маълум шуд, ки фақат аз соати дастию кисагӣ, ки дар он вақт тӯҳфаи қимматбаҳо ҳисоб меёфт ба домани як- такаш 47 дона партофтаанд. Вале ҳангоми ба номаш оростани зиёфат бо хоҳиши паҳлавон бо як миннатдории хосса онҳоро ба соҳибонашон, ки аксаран муаллимону аз аҳли зиё будаанд баргардондааст. Чунин қиссаҳо аз гӯштини Зиёратшоҳпаҳлавон бо паҳлавонони Афғонистону водии Кӯлобу Қаротегин ва ғайра хеле зиёданд.

Зиёратшоҳпаҳлавон аз тамоми ноҳияю вилоятҳои ҳамчавор шогир- дони зиёдеро тарбия намуда ба майдони васеи гӯштини миллии точик баровардааст. Аз байни шогирдонаш паҳлавонони номӣ Иматшоҳпаҳлавони ванчӣ, Шарифпаҳлавон, Кавгпаҳлавон аз Хумбиварӣ, Аҳмади Бачачон, Акбари Исломбек, Ризвонпаҳлавони ванчӣ, Муҳаммадипаҳлавони ҳушарвакӣ, Мирзоқадами умаракӣ, Талбонпаҳлавон, Мирзоавлиё ва боз даҳҳо нафари дигар аз мактаби варзишии ин паҳлавони номии диёр гузаштаанд.

Зиёратшоҳпаҳлавон соли 1964 дар сини 66-солагӣ чаҳонро падруд гуфтааст. Ҳоло чойнамози паҳлавон ва маҳсии аз пӯсти оҳу тайёр шу- дааш, ки ба шогирдаш Ризвонпаҳлавони ванчӣ тӯҳфа кардааст, чун ёд- гории бебаҳо нигоҳ дошта мешаванд.



**ИСКАНДАРШОПАҲЛАВОН.** Искандаршо Раҳматулоев 5 ноябрн соли 1919 дар деҳаи Равнови бекигарии Дарвоз ба дунё омада, шуғли гӯштинро хеле барвақт, аз давраи кӯдакӣ пеша кардааст. Дар рӯзҳои ид, ки одатан бе мусобиқаи гӯштингирӣ намегузаштанд, на фақат ба ҳамсолонаш, инчунин ба чавонони дар синну сол аз худ калон гӯштин гирифта дастболо мешуд.

Чун узви дастаи яккачини варзишии вилояти Кӯлоб ва дастаи варзишии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба гӯштини миллӣ, чемпиони чандинкаратаи мусобиқаҳои чумҳурӣ, ғолиби Спартакиадаҳои минтақавии Осиёи Миёна ва Қазоқистон солҳои 1951, 1952, 1953, дорандаи ду медали тиллои мусобиқаҳои умумииттифоқӣ Искандаршо дар таърихи варзиши чумҳурӣ мақоми хосса дорад. Дар Точикистон ва берун аз он як навъи ҳалуке, ки паҳлавон онро хеле моҳирона истифода мекарду ҳатман ба ғалаба мерасид, расман дар варзиши гӯштин чун «Ҳалуки искандарӣ» қабул шудааст.

Дар давраи нисбатан тӯлонии устодии варзиши Донишкадаи омӯзгории шаҳри Кӯлобро ба ӯҳда доштан, Устоди варзиш, Мураббии хизматнишондодаи ҶШС Точикистон Искандаршо Раҳматуллоев тавонист, шарафи варзишии онро дар миқёси чумҳурӣ ва берун аз он баланд бардорад. Даҳҳо шогирдонаш байрақбардори варзиши миллӣ гаштаанд. Чемпиони чаҳон Саидмӯъмин Раҳимов аз дастпарварони мактаби ин устоди варзиш мебошад.

Паҳлавони шинохтаи миллат Искандар Раҳматулоев боз чандин ҳунари дигар аз қабили наққошию бинокорӣ, навозандагӣ дар асбобҳои мухталифи миллиро низ ба худ касб карда буд.



**МУҲАММАДИПАҲЛАВОН.** Муҳаммадӣ Шокиров соли 1920 дар деҳаи Ҳушарваки бекигарии Дарвоз таваллуд ёфтааст. Хатмкардаи Донишкадаи давлатии омӯзгории пойтахт буда, 48 соли фаъолияти кориашро ба ҳайси омӯзгор гузаронидааст. Ҳоло мактаби рақами 42 деҳаи Ширг чун сипоси ҳамдиёрон ба омӯзгори асил, Муаллими хизматнишондодаи чумҳурӣ М.Шокиров номгузорӣ шудааст.

Муҳаммадӣ Шокировро ҳамдиёрон ва берун аз ноҳия чун паҳлавони номӣ мешиносанд. У борҳо дар мусобиқаҳои гӯштини миллӣ дар чумҳурӣ ва берун аз он дастболо шуда, шарафи варзишии диёр ва та-

